ISSN 2219-5408

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ

Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ



ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА

Издание Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни

HERALD OF THE PEDAGOGICAL UNIVERSITY

Publication of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni

№ 5 (124)

Душанбе – 2026

Маҷалла соли 1978 таъсис ёфтааст

Маҷалла ба феҳрасти маҷаллаву нашрияҳои илмии пешбари тақризшаванда, ки натиҷаи асосии рисолаҳо барои дарёфти унвони илмии номзад ва докторони илм дар онҳо бояд интишор гардад, шомил шудааст

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июни соли 2026 таҳти № 495/МҶ-97 ба қайд гирифта шудааст

Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии «Намояи иқтибоси илмии Русия» (НИИР) шудааст, ки дар сомонаи Китобхонаи миллии маҷозӣ ҷойгир аст

ISSN 2219-5408

Суроға: *734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*
Тел.: *(+992 37) 224-36-91*
Факс: *(+992 37) 224-13-83*
Почтаи электронӣ: *vestnik.tgpu@gmail.com*
Сомонаи маҷалла: *www.vestnik.tgpu.tj*

Сармуҳаррир: ***Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло*** *– доктори илмҳои таърих, профессор, ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ*
Муовини сармуҳаррир: ***Раҷабзода Сироҷиддин Икром*** *– доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба корҳои илмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ*
Котиби масъул: ***Муборакиён С. М.***

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

Бозорзода Нуриддин Шодипур *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Каримзода Шуҳрат Бозор *- доктори илмҳои филологӣ, дотсент*
Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир *- доктори илмҳои филологӣ, дотсент*
Қосимов Олимҷон Ҳабибович *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Муллоев Шариф Боқиевич *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Саидмуроди Хоҷазод *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Саломиён Муҳаммаддовуд Қаюм *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Худойдодов Аъзам Овлододович *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Элбоев Вафо Ҷурақулович *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Абдурашитов Фозил Маматович *- доктори илмҳои таърих, профессор*
Ёқубов Юсуфшо *- доктори илмҳои таърих, профессор, академики АМИТ*
Қурбонзода Хоналӣ *- доктори илмҳои таърих, профессор*
Пирумшоев Ҳайдаршо *- доктори илмҳои таърих, профессор, узви вобастаи АМИТ*
Расулиён Қаҳҳор Расул *- доктори илмҳои таърих, профессор*
Сайнаков Сайнак Парпишоевич *- номзади илмҳои таърих, дотсент*
Ҳақназаров Абдуназар *- доктори илмҳои таърих, профессор*
Ҳусайнов Аҳмадҷон Қурбонович *- доктори илмҳои таърих, профессор*

© ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2026

Журнал основан в 1978 году

Журнал включен в Перечень ведущих рецензируемых научных журналов и изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени доктора и кандидата наук

Журнал зарегистрирован Министерством культуры Республики Таджикистан 10 июня 2026 года за №495/ЖР-97

Журнал включен в «Российский индекс научного цитирования» (РИНЦ), размещенный на платформе Национальной электронной библиотеки

ISSN 2219-5408

Адрес: *734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*

Тел. : *(+992 37) 224-36-91*

Факс: *(+992 37) 224-13-83*

Электронная почта: *vestnik.tgpu@gmail.com*

Сайт журнала*: www.vestnik.tgpu.tj*

Главный редактор: ***Ибодуллозода Ахлиддин Ибодулло*** *- доктор исторических наук, профессор, ректор ТГПУ им. С. Айни*

Зам. главного редактора: ***Раджабзода Сироджиддин Икром*** *- доктор химических наук, профессор, проректор по научной работе ТГПУ им. С. Айни*

Ответственный секретарь: ***Муборакиён С. М.***

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Бозорзода Нуриддин Шодипур *– доктор филологических наук, профессор*
Гаффоров Абдушукур Одинашоевич *- доктор филологических наук, профессор*
Каримзода Шухрат Бозор *- доктор филологических наук, доцент*
Косими Саъди Абдулкодир *- доктор филологических наук, доцент*
Касимов Олимджон Хабибович *- доктор филологических наук, профессор*
Муллоев Шариф Бокиевич *- доктор филологических наук, профессор*
Саидмуроди Ходжазод *- доктор филологических наук, профессор*
Саломиён Мухаммаддовуд Каюм *- доктор филологических наук, профессор*
Салихов Шамсиддин Аслиддинович *- доктор филологических наук, профессор*
Худойдодов Аъзам Овлододович *- доктор филологических наук, профессор*
Джаматов Самиддин Салохиддинович *- доктор филологических наук, профессор*
Элбоев Вафо Джуракулович *- доктор филологических наук, профессор*
Абдурашитов Фозил Маматович *- доктор исторических наук, профессор*
Якубов Юсуфшо *- доктор исторических наук, профессор, академик НАНТ*
Курбонзода Хонали *- доктор исторических наук, профессор*
Пирумшоев Хайдаршо *- доктор исторических наук, профессор, член-корр. НАНТ*
Расулиён Каххор Расул *- доктор исторических наук, профессор*
Сайнаков Сайнак Парпишоевич *– кандидат исторических наук, доцент*
Хакназаров Абдуназар *- доктор исторических наук, профессор*
Хусайнов Ахмаджон Курбонович *- доктор исторических наук, профессор*

© ТГПУ имени С. Айни, 2026

The journal was founded in 1978

The Journal is included in the List of the leading peer reviewed scientific journals and publications, which should publish the main scientific results of dissertations for Doctor of science and Candidate of science degrees.

The Journal is registered by the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan from June 10, 2026 under No.495/JR-97

The Journal is included in the database of «Russian Science Citation Index» (RISC), placed on the platform of the National Digital Library

ISSN 2219-5408

Address: *734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
Phone: *(+992 37) 224-36-91*
Fax: *(+992 37) 224-13-83*
E-mail: *vestnik.tgpu@gmail.com*
Journal website: *www.vestnik.tgpu.tj*

Editor-in-chief: ***Ibodullozoda Ahliddin Ibodullo*** *- Doctor of Historical Sciences, Professor, Rector of the TSPU named after S. Ayni*
Deputy Editor-in-chief: ***Rajabzoda Sirojiddin Ikrom*** *- Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Research at TSPU named after S. Ayni*
Executive Secretary: ***Muborakiyon S. M.***

THE EDITORIAL BOARD:

Bozorzoda Nuriddin Shodipur *– Doctor of Philological Sciences, Professor*
Gafforov Abdushukur Odinashoevich *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Karimzoda Shuhrat Bozor *- Doctor of Philological Sciences, Docent*
Qosimi Sadi Abdulqodir *- Doctor of Philological Sciences, Docent*
Qosimov Olimjon Habibovich *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Mulloev Sharif Bokievich *- Doctor of Philological Sciences , Professor*
Saidmurodi Khojazod *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Salomiyon Muhammaddovud Qayum *- Doctor of Philological Sciences , Professor*
Solehov Shamsiddin Asliddinovich *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Khudoydodov Azam Ovlododovich *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Jamatov Samiddin Salohiddinovich *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Elboev Vafo Juraqulovich *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Abdurashidov Fozil Mamatovich *- Doctor of Historical Sciences, Professor*
Yakubov Yusufsho *- Doctor of Historical Sciences, Professor, Academician of NAST*
Qurbonzoda Khonali *- Doctor of Historical Sciences, Professor*
Pirumshoev Haydarsho *- Doctor of Historical Sciences, Professor, Corr. member of NAST*
Rasuliyon Kahhor Rasul *- Doctor of Historical Sciences, Professor*
Saynakov Saynak Parpishoevich *– Candidate of Historical Sciences, Docent*
Haqnazarov Abdunazar *- Doctor of Historical Sciences, Professor*
Husaynov Ahmadjon Qurbonovich *- Doctor of Historical Sciences, Professor*

© TSPU named after S. Ayni, 2026

МУНДАРИҶА / СОДЕРЖАНИЕ

ЗАБОНШИНОСӢ / ЯЗЫКОЗНАНИЕ

Ғаффоров А. О.
Баъзе мулоҳизаҳо атрофи ибораҳои забони тоҷикӣ 8
Абдусамадзода Э. А.
Вижагиҳои савтии ҷойномҳои Моваруннаҳру Хуросон дар асрҳои IX-X 14
Сулаймонов И. О.
Баъзе омилҳои ба тағйироти маъноӣ дучор омадани сифат дар ғазалиёти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ 22
Юнусӣ А.
Омилҳои рушду заволи забон ва адабиёти тоҷикӣ (форсӣ) дар нимҷазираи Ҳиндустон 30
Раҳмонов Б. Н.
Хусусиёти маъноӣ ва корбурдии вожаи “маъшуқ” дар ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ 36
Холназариён Р. М.
Баъзе хусусиятҳои фонетикии лаҳҷаи Лахш 41
Ниёзода Ш. И.
Ҷойгоҳи мутазод дар ташаккули сабки ашъори боқимондаи Абушакури Балхӣ 46
Тураев Б. Б.
Бозтоби номвожаҳои ҷуғрофии суғдии водии Зарафшон дар ғазалиёти Хоҷа Ҳофиз 54
Зоитова М. М.
Воҳидҳои луғавии марбут ба либос ва пояфзор дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и С. Айнӣ 60
Нематова Д. А.
Таҳқиқи пасвандҳои каммаҳсул дар осори Лоиқ Шералӣ 65
Раҳимов Н. Ё.
Доир ба вожаи «бозӣ» ҳамчун истилоҳи соҳаи варзиш дар матни хабар 75
Мансурова Ф. М.
Муқоисаи шаклҳои хурдиву навозиш дар системаи сифатҳои забонҳои тоҷикӣ, вахонӣ ва англисӣ 80
Рустамзода Ш. Р.
Анализ элиминации лакун в англоязычном переводе «Бустона» Саади 89
Султонова О. Т.
Фразеосемантический анализ выражения эмоций человека в таджикском, русском и английском языках 96
Нодирова С. С.
Словообразование прилагательных в таджикском и английском языках (на материале художественной прозы С. Айни) 102
Бобоалиева З. П.
Танаввуи тарҷумаи як матн ба кӯшиши чанд мутарҷим ва арзёбии онҳо 108
Саидова М. А.
Хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ҷонишинҳои номуайянии “some”, “any” ва “every” дар забони англисӣ 113
Усмонзода Ш.
Универсальные и культурно-маркированные зооморфизмы в паремиологии таджикского, русского и английского языков 119
Ҳасанов Ғ. Ҷ.
Таҳлили сохтории истилоҳоти овошиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ 129
Шарифходжа С. А.
Крылатые выражения в русском, таджикском, узбекском и английском языках (на примере сходства) 136
Ҷурабаева Р. И.
Консепти «мать - mother - модар» дар забонҳои русӣ, англисӣ ва тоҷикӣ (дар мисоли осори М. Горкий, Ҷ. Э. Стейнбек ва Л. Шералӣ) 142

Бахтиёри И. З.
Феълҳои ёридиҳандаи will ва shall ҳамчун воситаи грамматикии ифодаи модалият дар забони англисӣ 148
Бидонов М. Х., Ашуров Н. М.
Хусусиятҳои семантикии номи рустаниҳои шифобахш дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ 153
Маликов А. Р.
Нақши пешвандҳои «бо-» ва «бар-» дар ташаккули сифатҳои сохта ва муодилҳои лексикии онҳо дар забонҳои фаронсавӣ ва русӣ 161
Маҳмадбекова Г. З.
Вижагиҳои услубии корбурди истилоҳоти илмӣ дар низоми умумии таҳқиқоти забоншиносӣ 169
Ганиева М. А.
Таджикский сочинительный союз «ва» как средство связи в сложносочинённых предложениях и его французский эквивалент 176
Намозова Ш. Ҳ. , Тӯраҳасанов Қ. Ш.
Назаре ба истилоҳоти дизайнерии аслӣ ва бахшҳои мухталифи он дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ 184
Бойматова Д. М.
Омӯзиши воҳидҳои фразеологии фаронсавӣ аз нуқтаи назари ҷанбаҳои этимологӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ 193
Бобоева Г. И.
Лингво-когнитивные параметры концептуализации внутреннего мира человека в таджикском и русском языках 199

АДАБИЁТШИНОСӢ / ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ

Элбоев В., Муборакиён С.
Зикри Робиаи Балхӣ дар «Илоҳинома»-и Аттори Нишопурӣ 206
Хуррамова Б. Қ.
Ҷараёни амалиёт ва категорияи замон дар достонҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва драмаҳои Шекспир 213
Ҳамроев Р. З.
Назаре ба вижагиҳои шеъри устод Мирзо Турсунзода 221
Шарифзода Ё. Ш.
Ҷанбаҳои ғоявӣ, бадеӣ ва услубии рубоиёт дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ 228
Саидов А. Т.
Адиб, воқеияти замон ва равандҳои мафкуравӣ 237
Миралиева С. Т.
Бозтоби муқаддасот дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода 245
Тоҳирзода С. Т.
Назари Симин Донишвар ба инсон ва фарҳанг 251
Аҳмадзода М. А.
Ташаккул ва рушди насри занони тоҷик дар нимаи дувуми садаи XX 257
Зайдуллозода С. З.
Мавқеи жанри нӯшбод ва шугун дар эҷодиёти Гулрухсор 263
Маҳмудова Ш. А.
Сарчашмаҳои «Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ» 270
Арбобова М. М.
Афоризм ҳамчун жанри адабӣ ва мавқеи он дар адабиётшиносӣ 277
Қурбонова З. Б.
Ҷараёни зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии Шамсӣ Собир 284
Қосимов Ҷ. С., Ҷобиров Д. Ю.
Баррасии сабки ашъори Урфии Шерозӣ 291
Саидов М. С.
Саҳми зиёиёни эронитабор дар рушди адабиётшиносии тоҷик (солҳои 20-50-уми асри XX) 297

Самизода Н. Ш.
Таъсирпазирии Саид Холзода аз “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт”-и Муҳаммад Авфии Бухоро 305
Азизов Ф. Ш., Хоҷазод С.
Нақши шоумен, модератор ва интервюер дар таҳияи ток-шоу 312

ИЛМҲОИ ТАЪРИХ / ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ

Новиков С. В., Турсунов Т. Х.
Историческое наследие Сибири и Центральной Азии в прессе Российской Федерации как фактор конструирования межгосударственного сотрудничества 319
Мусоев А. Қ.
Рушди иқтисодии вилояти Қӯрғонтеппа дар солҳои 1924-1960 327
Ғуломшоев С. А.
Омӯзиши этнографияи ВМКБ дар замони шуравӣ 335
Эмомов М.
Таҳаввулот ва рушди низоми осорхонаҳо дар шароити Истиқлоли давлатӣ 341
Раҳимзода Д. М.
Таърихи сиёсӣ ва сохти давлатдории Аморати Бухоро дар охири асри XVI – нимаи аввали асри XVIII 348
Одинаев С. Г.
Ҳолати соҳаи роҳу алоқаи ноҳияи Москва дар солҳои 50-60-уми асри XX 356
Ҳомидова Қ. Ҳ.
Таърихи молиёт дар охири асри XIX ва аввали асри XX дар Бухорои Шарқӣ 364
Музаффарова Б. Х.
Ҷанбаи иҷтимоиву таърихии инқилоби рақамӣ дар Ҳиндустон 370
Азаматзода Ғ.
Таърихнигории нахустин нашрияҳои ҳаракати ҷавонони Тоҷикистон дар солҳои 1930–1955: таҳлили сохторию мундариҷавӣ ва таҳаввули доираи мавзуӣ 378
Фаттоҳзода С.
Таҳаввули консепсияҳои ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Империяи Русия дар таърихнигорӣ: аз «рисолати тамаддунсоз» то арзёбиҳои давраи истиқлол 385

ТДУ 811.21/22-3 (753)

БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО АТРОФИ ИБОРАҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Ғаффоров А. О.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Ибораҳо, ки ба гурӯҳи воҳиди шаклӣ ва маъноӣ мансубанд, аз рӯйи қонуну қоидаҳои забони муайян ташкил шуда, барои ташаккули ҷумла ҳамчун мавод истифода мешаванд ва дорои вижагиҳои хоси худ мебошанд. Ин вижагиҳо ибораҳоро аз ҷумла ва дигар аносири луғавӣ фарқ кунонида, зарурати ба таври мустақил таҳқиқ шудани онро ба миён мегузоранд.

Таҳқиқи ибора махсусан барои забонҳои аналитикӣ аҳаммияти муҳим дорад. Забони тоҷикӣ низ хусусияти аналитикӣ дорад. Дар бештари ҳолатҳо дар забони тоҷикӣ маънои дастурӣ (грамматикӣ) ва луғавии калима тавассути робитаи он бо дигар калимаҳо равшан мешавад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқу баррасӣ намудани вижагиҳои хоси ибора махсусан барои забони тоҷикӣ то чӣ андоза ҳам арзиши назариявӣ ва ҳам амалиро дорост.

Омӯхтан ва баррасӣ намудани масъалаҳои дастури забони тоҷикӣ аз нуқтаи назари ибора бешубҳа натиҷаҳои хуб дода метавонад.Омӯхтани ибора баҳри боз ҳам рушантар муайяну муқаррар намудани қавоиду қонунҳои ҳаракати доимии забони ҳозира, ба инобат гирифтани ҷунбиши сохтории он, пайдоиши аломатҳои нахустини ҳаводиси нави забонӣ, муайян кардану нишон додани аз доираи истеъмол баромадани баъзе қолабҳои забонӣ ва монанди инҳо шароити мусоид фароҳам меоварад.

Ба андешаи забоншиноси данягӣ И. Лунгеруд, ки дар таҳқиқи қонунҳои грамматикаи забон немисӣ мақоми хоса дорад, аҳаммияти ибораро барои таълимоти наҳв зарур шуморида, қайд мекунад, ки “фақат дар доираи ибора қолаб ва сохти забони ҳозираро муқаррар намудан мумкин аст” [9, с. 15]. Чунин нуқтаи назар оид ба ибора, қайд мекунад, Е. А. Крашеннинникова “боз аз он ҷиҳат барои илми грамматика имкониятҳои васеъ муҳайё менамояд, ки вай то чӣ дараҷа мураккаб будани муносибати тарафайни унсурҳои забон, ба доираи якдигар даромадани соҳаҳои мухталифи лингвистика, омехта шудани дараҷаҳои гуногуни забонро нишон медиҳад” [8, с. 159-160].

Омӯхтани наҳви ибораҳо аҳаммияти амалӣ низ дорад. Омӯзиши ибора имкон медиҳад, ки асоси забон ҷуқур аз худ карда шуда, хусусиятҳои он ҳаматарафа таълим дода шавад. Кулли омӯзгорон ва забоншиносони чӣ ватанӣ ва чӣ хориҷӣ бар он назаранд, ки ибораҳои наҳвӣ қариб тамоми вижагиҳои сохти забонро инъикос менамояд. Аз ин ҷиҳат онҳо ҳамчун сарчашмаи аз бар намудани забон маҳсуб мешаванд. Гузашта аз ин, масоили ибора ҳамчун воҳиди мустақили наҳв диққати аксари забоншиносони хориҷӣ ва ватаниро ба худ ҷалб карда омадааст, зеро ин соҳаи муҳимми забон ба қадри зарурат мавриди таҳқиқи амиқ қарор нагирифтааст. Умуман, масоили моҳияти дастурии забон, ҳаҷми ибора, маънои он, муносибати ибора ба ҷумла ва калима ва дигар хусусиятҳои ибора дар забоншиносии хориҷӣ ва ватанӣ ба як таҳқиқи мукаммалу тоза ниёз дорад. Вобаста ба ин, ақидаи забоншинос А. Мирзоев чунин аст: “...яке аз вазифаҳои таърихнопазири тадқиқи соҳаи синтаксиси забони тоҷикӣ аз он иборат аст, ки тип ва гурӯҳҳои мухталифи ибораҳо ба таври мураттаб, ҳаматарафа омӯхта шаванд. Ибораҳои феълӣ яке аз ҳамин гуна гурӯҳҳо мебошанд, яъне чунин ибораҳое, ки калимаи асосиашон феъл буда, калимаҳои тобеъашон ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ тааллуқ дорад.Дар забони тоҷикӣ ибораҳои феълӣ ҳам аз рӯйи сохт ва ҳам аз рӯйи маъно типи мураккабтарин ва гуногунтарини ибораҳо ба шумор мераванд. Мо чунин ягонагии грамматикиро ибораҳои содаи феълӣ меномем, ки мувофиқи қоидаи забони тоҷикӣ аз ду калимаи мустақилмаъно ташкил ёфта, муносибатҳои синтаксисиеро ифода менамоянд” [11, с. 5].

Бояд гуфт, ки дар низоми (системаи) ҳиссаҳои нутқ феъл дар ташаккули ибораҳо бисёр фаъол аст. Ба феъл дигар ҳиссаҳои нутқ, монанди исм, сифат, шумора, ҷонишин, масдар, ҳол, сифати феълӣ ва зарф пайваст шуда метавонанд. Ҳолати пайваст шудан, тарз ва шаклҳои алоқа, инчунин муносибатҳои маъноии ин категорияҳои калимаҳо бо феъл гуногунанд. Ибораҳои феълӣ ифодакунандаи муносибатҳои гуногуни наҳвӣ (объектӣ, масоҳавӣ, замонӣ, маконӣ, мақсадӣ, хилофӣ, сабабӣ ва ғ.) мебошанд. Сохти грамматикии забони тоҷикӣ таҳқиқи чуқуру амиқи ибораҳои феълиро талаб мекунад, чунки аввалан, ибораҳо яке аз мавзуъҳои ҳанӯз камомухташудаи наҳви забони тоҷикӣ мебошад, сониян таҳқиқи чуқуру

амиқи ибораи феълӣ барои равшан ва ҳал кардани баъзе масъалаҳои дастурии забони тоҷикӣ бешубҳа мусоидат хоҳад кард. Инчунин, таҳқиқи ибораҳои феълӣ, ки аз калимаҳои мустақилмаъно ташкил меёбанд, омӯхтани ҳиссаҳои мустақилмаъно ва таркиби луғавии забонро низ мефаҳмонанд. Омӯхтани ибораи феълӣ боз аз он ҷиҳат зарур ва муфид аст, ки он имкон медиҳад, ки асоси забон ҷуқур ва ҳаматарафа фаҳмида ва таълим дода шавад. Баррасӣ намудани ибораҳои феълӣ чи аз рӯйи сохт ва чи маъно барои забони тоҷикӣ муҳим аст. Дар баробари ин, ҳангоми таҳқиқи ибораҳои феълӣ бояд ҳалли чунин масъалаҳо дар мадди авввал бошад: таҳлилу баррасӣ намудани сохти ибораи феълӣ; муайян кардани алоқаи наҳвӣ ва маънои ҷузъҳо (компонент)-ҳои ибора; муқаррар намудани қонуниятҳои пайвастшавии калимаҳо дар таркиби ибора ва ғайра.

Мо роҳҳои ифодаи муносибатҳои наҳвиро таҷдиди назар карда, тарзҳои дарк намудани ҳолатҳои ҷудогонаи воқеияти объективӣ ва ифодаи мураккаби диалектикии ин навъи ибораҳоро дар забон мушоҳида мекунем, зеро “на фикр, на забон худ ба худ олами махсусро ба вуҷуд намеоваранд... онҳо зуҳури ҳаёти воқеӣ мебошанд” [10, с. 7].

Дар ҳақиқат, ибораҳои феълӣ аз рӯйи сохтору ифодаи муносибатҳои наҳвӣ ва маънои грамматикӣ рангорангу сершумор ва серистеъмол мебошанд. Ин навъи ибораҳоро дар Грамматикаи илмӣ ҳам аз ҷиҳати сохтору қолаб ва ҳам маънову муносибатҳои грамматикӣ таҳқиқу баррасӣ менамоянд. Аслан, онҳо тавассути воситаҳои алоқаи грамматикӣ: пешоянд, пасоянд ва ҳамроҳӣ корбаст мешаванд. Аз ин рӯ, онҳоро, ибораҳои феълии пешояндӣ, ибораҳои феълии пасояндӣ ва ибораҳои феълии алоқаи ҳамроҳӣ низ ном мебаранд. Аз ин ҷост, ки мағз ва ҷавҳари наҳвии забонро воситаҳои алоқаи грамматикӣ ташкил медиҳанд, чунки “дар қоидаи пайвасти калимаҳо, дар қонунияти ташкили хелҳо ва гурӯҳҳои гуногуни ибораҳо хусусияти миллии забон равшан намоён мегардад” [11, с. 153]. Ба ибора танҳо алоқаи тобеъ хос аст, зеро ибора ҳамеша аз ҷузъи асосӣ (калимаи тобеъкунанда) ва ҷузъи тобеъ (калимаи тобеъшаванда) иборат буда, дар он як ҷузъ ба ҷузъи дигар тобеъ мешавад. Дар алоқаи тобеи ибораҳо калимаҳо (компонентҳои ибора) байи якдигар дар муносибати вобастагӣ мебошанд. Дар ин алоқа як ҷузъи воҳиди наҳвӣ асосӣ буда, ҷузъи дигар ба он аз ҷиҳати грамматикӣ тобеъ шуда, онро аз ягон ҷиҳат шарҳу эзоҳ медиҳад. Дар ташаккули ибораҳои феълӣ чунин навъи воситаҳои алоқа, асосан истифода мешаванд: 1) алоқаи пешояндӣ; 2) алоқаи пасояндӣ; 3) алоқаи пешояндию пасояндӣ; 4) алоқаи ҳамроҳӣ; 5) алоқаи ҷуфт.

Бояд гуфт, ки дар байни ин навъи алоқаҳо - алоқаи пешояндӣ ва ҳамроҳӣ чи дар забони адабии тоҷик ва чи дар забони адабии муосири тоҷикӣ дар ташаккули ибораҳои феълӣ сермаҳсулу серистеъмоланд. Алоқаи пешояндӣ дар забони тоҷикӣ аз ҷиҳати доираи истифода васеъ аст, чунки миқдори пешояндҳо, махсусан пешояндҳои номӣ фаровон аст.

Пасояндҳо низ ҳамчун воситаи алоқа дар сохтани ибораҳои феълӣ фаъоланд. Бо вуҷуди ин, дар сохтани ин навъи ибораҳо доираи истифодаи пасоянди **–ро** маҳдудтар аст. Ҳатто гурӯҳе аз забоншиносон бар он назаранд, ки гӯё пасоянди **–ро** дар сохтани ибораҳо иштирок намекунад, яъне вай монанди пешояндҳо ва пасояндҳои дигар воситаи синтаксисии байни ҷузъҳои ибора ҳисоб намешавад. Муносибати грамматикии вай танҳо дар ҷумла намоён мешавад. Аммо бояд қайд кард, ки пасоянди **–ро** хусусияти иборасозӣ низ дорад. Вақте ки ҷузъи тобеи ибора исми хос аст ва ё ҷонишини шахсист, пасоянди **–ро** чун воситаи алоқаи грамматикӣ намоён мешавад, масалан: **Дилбарро дидан, онҳоро хондан** ва ғайра. Вобаста ба ин, дар Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик чунин нуктаи ҷолиб зикр гирифтааст: “Пасоянди **–ро** дараҷаи баланди абстраксияи грамматикиро аз сар гузаронидааст. Вай маънои луғавӣ надорад, нисбат ба дигар пасояндҳо серистифода бошад ҳам, на ҳамеша ҳамчун воситаи грамматикии иборасоз намоён мешавад. Ин пасоянд хусусияти худро ҳамчун воситаи алоқаи грамматикии байни ҷузъҳои ибора, одатан дар ҷумла зоҳир мекунад. Бинобар ин, дар ҷумла дар як маврид ҳамчун воситаи алоқаи грамматикии байни ҷузъҳои ибора ва дар мавриди дигар ҳамчун артикл воқеъ мегардад” [5, с. 24].

Дигаре аз воситаҳои алоқаи грамматикӣ, ки дар ташаккули ибораҳои феълӣ серистеъмол аст-алоқаи ҳамроҳӣ мебошад. Алоқаи ҳамроҳӣ чунин воситаи алоқаест, ки вай бе ягон бандак ва ё калимаҳои ёридиҳанда сурат мегирад. Ин навъи воситаи алоқаи грамматикӣ дар Грамматикаи илмӣ то андозае баррасӣ шудааст. Алоқаи ҳамроҳӣ воситаи асосии алоқа дар байни ҷузъҳои ибора мебошад, ки он тавассути тартиби калима ва интонатсия сурат мегирад. Калимаи асосӣ ва тобеи ин навъи ибораҳо бо мавқеъ, маъно, вазифа ва муносибатҳои грамматикии ибораҳо муайян карда мешавад. Аксари ҳиссаҳои нутқ ба сифати ҷузъи тобеи ин навъи ибораҳо ширкат меварзанд. Дар ифодаи муносибатҳои наҳвии ибораҳои феълӣ маънои луғавии ҷузъи тобеъ мавқеи намоён дорад. Ин аст, ки ҳангоми таҳқиқи ибораҳои феълӣ ба назари эътибор гирифтани маънои ҷузъи тобеъ муҳим

аст,чунки ибораҳои феълӣ, умуман ибораҳо аломати ашё, ҳодисаҳо, равандҳои ҳодисаҳои реалӣ, муҳити атрофи моро инъикос намуда истода, на танҳо пайвасти дастурӣ, инчунин пайвасти луғавию маъноӣ низ мебошанд. Маънои луғавии калимаҳо бошад омили муҳимми пайваст шудани ҷузъҳои ибора ва шарти асосии ифодаи муносибатҳои гуногуни наҳвӣ маҳсуб меёбанд. Ҷузъи асосии ибора бошад дорои маънои категорияи морфологӣ, роҳу воситаҳо ва қолабҳое мебошад, ки дар тули асрҳо ташаккул ёфта, устувор гардидаанд ва маҳз дар заминаи мансубияти морфологии ҷузъи асосӣ таснифоти гурӯҳбандии луғавию дастурии ибораҳо ба вуҷуд омадааст: ибораи феълӣ, ибораи исмӣ, ибораи сифатӣ ва ғайра. Ба ҳамин минвол, дар сурат гирифтани пайвастаҳои тобеи калимаҳо аломати аз ҳама муҳим тааллуқ доштани ҷузъи асосӣ ба ягон ҳиссаи нутқи мустақилмаъно мебошад.Калимаи асосии ибора дорои маънои аломати (категория) морфологӣ, тарзу воситаҳо ва қолабҳоест, ки дар тули қарнҳо инкишоф ёфта, мустаҳкам гардидаанд. Маҳз ҳамин қолабҳо имконият медиҳад, ки ҷузъи асосии ибора бо ҷузъи тобеъ алоқа барқарор намояд. Алоқаманд шудани ҷузъҳои ибора дар дохили ҷумла бо омилҳои маъноӣ (семантикӣ), калимасозӣ ва ғайра, ки бо якдигар алоқаи зич доранд, зич марбут аст.

Дигар ин ки барои ташаккули ибораҳои феълӣ се омили асосиро бояд ба инобат гирифтан муҳим ва зарур аст: 1) будани ду калимаи мустақилмаъно; 2) дар байни ин ду калимаи мустақилмаъно будани яке аз хелҳои алоқаи тобеъ (ба истиснои алоқаи мувофиқат); 3) ин ду вожаи мустақилмаъно тавассути алоқаи тобеъ бояд муносибати (маънои) грамматикиеро ифода намояд. Вобаста ба ин, ҳарчанд байни ибора ва аъзои ҷумла алоқаи дутарафа дида шавад ҳам, аммо онҳо аз ҳамдигар фарқ доранд. Вақте ки ибора дар ихтиёри ҷумла қарор дорад, ҷузъҳои он мувофиқи ифодаи матлаби фикр метавонанд аз якдигар дур афтода, ҳар кадом як аъзои ҷумларо ташкил медиҳад. Ин рӯйдод, ба хусус дар доираи ибораҳои феълӣ ба осонӣ мушоҳида мешавад. Гоҳо аъзои ҷумла аз рӯйи тарзи ифодааш ба ибора мутобиқат менамояд.

Ибора ҳамчун воҳиди мустақили наҳв, чи тавре ки болотар ишора кардем, бо вижагиҳои хоси худ аз дигар аносири луғавӣ: аз ҷумла, аз синтагма, аз таркиб ва аз аъзои ҷумла фарқ мекунад. Чунонки А. Мирзоев зикр мекунад: “ибора барои сохтани ҷумла ба сифати мавод хидмат карда, фақат дар ҷумла ва тавассути ҷумла вазифаи коммуникативӣ пайдо мекунад” [11, с. 14].

Ҳам ибора ва ҳам ҷумла ба хусусиятҳои лексикиву дастурӣ моликанд. Масалан, ҷумла воҳиди коммуникативӣ, воҳиди робитаи ахбор аст. Дар нисбати ибора воҳиди предикативист, яъне дорои аломатҳои объективию субъективии грамматикии шахсу шумора, модалият, замон, оҳанг (интонатсия) ва модалият аст. Яъне, “тору пуди ҳар як ҷумлаи грамматикиро предикат созмон медиҳад” [11, с. 7]. Ин аломатҳои грамматикӣ ба ибора хос нестанд.

Гарчанде ки байни ибора ва синтагма робитаи зич мавҷуд аст, аммо онҳо аз ҳамдигар ба куллӣ фарқ мекунанд. Синтагма воҳидест, ки дорои вижагиҳои наҳвию овошиносӣ (фонетикӣ) буда, танҳо дар ҷараёни талаффуз ва нутқ ба вуҷуд меояд. Яъне ба тақтеи оҳанги талаффуз як калима, як таркиб ва ҳатто як ҷумла метавонад синтагмаро ташаккул бахшад. Аммо ибора барои ҷумла мавод аст, қолабест, ки дар шакли калимаҳои аз ҷиҳати сохт ва маъно алоқаманд намоён мешавад ва дар таркиби нутқ порча, ҳисса ва ё унсури воқеиятро инъикос менамояд. Дар ишора ба ин масъала фикри академик В. В. Виноградов ҷолиби диққат аст: “Таълимоти ибора ва таълимоти синтагма ба ҷиҳатҳои гуногуни сохти наҳви забон мутааллиқанд ва муносибатҳои гуногунро нисбат ба забон фарз мекунанд: аз ҷузъҳо ба кул (ибора) ва аз кул ба ҷузъҳо (синтагма). Онҳо ба таври диалектикӣ дар сохти маъноии нутқ муттаҳид мегарданд. Ғайр аз ин, ибора ба воситаи тафсил ёфтани ягон ҳиссаи нутқ ташкил меёбад, синтагма бошад аз ҷумла бо аъзоҳои он ҷудо мешавад” [2, с. 247].

Ҳангоме ки ҷузъҳои ибора ба ихтиёри ҷумла даромада, аз ҳамдигар дур мемонанд, ба синтагмаҳои гуногун дохил мешаванд, дар ин маврид фарқи байни ибора ва ҷумла боз ҳам равшатар намоён мегардад. Аммо вазифаи ибора дар ҷумла гуногун аст. Ибораҳо ба ихтиёри ҷумла даромада, аз ҷиҳати тартиби калима, аз рӯйи шаклҳои морфологӣ ва дигар вижагиҳои грамматикӣ дигаргуниеро аз сар мегузаронад. Аммо ин тағйиротҳо, одатан, ба ибора ҳамчун воҳиди махсуси наҳвии забон таъсире намерасонанд. Инчунин, дар байни ибора ва синтагма боз як тафовути муҳимме ба чашм мерасад. Дар ҷумла ибора вазифаҳои гуногун дорад. Аммо синтагма дар ҷумла ҳамеша ва дар ҳама ҳолат як вазифаро бар уҳда дорад: синтагма порчаи алоҳидаи ҷараёни нутқро, ки аз ҷиҳати маъно ва овоз ягона мебошад, инъикос менамояд.Дигар ин ки агар синтагма порчаи якҷояи муттаҳиди нутқи зинда бошад, пас ибора –ин қолаби абстракти махсуси забони муайян аст, “агар ҳақиқати синтагма дар ташаккул ва садодиҳии конкрети он бошад, пас ҳақиқати ибора дар қолаби абстракти он аст” [2, 254]. Аз

ин ҷо чунин хулоса кард, ки ибора аз калимаҳои мустақилмаънои аз ҷиҳати грамматикӣ ва маъно алоқаманд сохта мешавад.

Дуруст аст, ки дар забоншиносии тоҷик ибораҳо кайҳо боз мавриди таҳлили баррасӣ қарор гирифта, дар тули чандин солҳо доир ба ин воҳиди муҳимми грамматика асару монографияҳо ва мақолаҳои зиёде ба вуҷуд омадаанд. Дар ин ҷо асару монография ва мақолаҳои забоншиносон Д. Т. Тоҷиев, М. Н. Қосимова, А. Халилов, А. Мирзоев, Б. Камолиддинов, С. Абдураҳимов, М. Акрамов, Ҳ. Солиев, А. Алиев, А.О. Ғаффоров, М. Б. Нағзибекова, Х. М. Камолов, М. Ғозиева, , С. О. Хоҷаева, С. Х. Қурбонов, М. Темурова, С. М. Расулов ва дигаронро метавон ном бурд. Аммо бояд қайд кард, ки ҳарчанд дар атрофи таълимоти ибора корҳои зиёде ба анҷом расонида шуда бошад ҳам, ин масоили зарурии соҳаи наҳви забони тоҷикӣ ба қадри даркорӣ мавриди таҳлилу баррасии амиқ қарор нагирифтааст.

Аҳаммияти муҳимми ин воҳиди мустақили наҳвиро ба назар гирифта, аксари забоншиносон бар он андешаанд, ки дар қойидаҳои пайваст шудани калимаҳо, дар қонунҳои ташкил ёфтани навъ ва хелҳои гуногуни ибораҳо хусусияти милли забон барҷаста ва равшан намоён мешавад. Айни ҳол чунин меҳисобанд: “ягонагии грамматикие, ки мувофиқи қонуну қоидаи забони муайян бо роҳи пайваст шудани ду ва зиёда калимаҳои мустақилмаъно ташкил ёфта, муносибати синтаксисиеро ифода мекунад, ибора номида мешавад” [4, с. 6].

Аз рӯйи фаҳмиши мо, худи номи ибора бояд имконияти монанд кардани ибораро бо дигар аносири луғавӣ истисно кунад. Болотар низ ишора кардем, ки дар ташаккули ибора бояд камаш ду калими мустақилмаъно ширкат варзад, ин ҳам бошад марзи хурдатарини ҳаҷми ибора маҳсуб мешавад. Аз ҷониби дигар, масалан **гулоб** ва **гули об** ҳаммаъноянд, чунки аз ду калимаи мустақилмаъно сохта шудаанд. Бо вуҷуди ин, **гулоб** ба ибора дохил намешавад. Аммо **гули об** ибора аст. Ҳарчанд вай мисли **гулоб** ҳамон як мафҳуми мураккабро фаҳмонад ҳам, аммо ҷузъҳои он ин мафҳумро дар мавриди ҷудо-ҷудо нишон медиҳад, яъне унсурҳои ибора (калимаҳо) ҷудо-ҷудо сурат гирифта, вале унсурҳои калима (морфемаҳо) якҷоянд. Аз ин ҷо бармеояд, ки ҷудошаклӣ хоси ибора буда, дар он як ҷузъ (компонент) ба ҷузъи дигар тавассути воситаҳои гуногуни грамматикӣ тобеъ шуда, онро аз ягон ҷиҳат шарҳу тавзеҳ медиҳад.

Маълум аст, ки ибора бо калима танҳо аз рӯйи вазифа шабеҳи ҳамдигаранд, чунки онҳо чун воситаи ишораи ашёҳо, ҳодисаҳо, равандҳо (протсесҳо), аломатҳо барои ташаккули ҷумла ҳамчун мавод (материал) истифода мешаванд. Аз ин ҷиҳат ибораҳо на танҳо дар таркиби ҷумла ҳамчун аносири сохти он, балки берун аз он ҳамчун воҳиди лексикию семантикӣ (луғавию маъноӣ) омӯхта мешаванд.

Ибора аз ҷумла низ фарқ мекунад, мафҳуми ибораро бо мафҳуми ҷумла айниятдор ҳисобидан номумкин аст. Ибора воҳиди дастурии ду ва зиёда калимаҳои мустақилмаъное мебошад, ки аз тамоми хусусиёти асосии ҷумла маҳрум аст. Ибора воҳиди томи алоқаи забонӣ шуда наметавонад, вай танҳо дар дохили ҷумла тавассути ҷумла ба низоми (системаи) коммуникативии забон дохил мешавад. Ибора мисли калима мафҳуми ягонаро мефаҳмонад ва ба соҳаи воситаҳои номинативии забон, яъне воҳидҳои ишораи ашё, протсессҳо ва ҳодисаҳо, аломатҳо мутааллиқ аст. Вобаста ба ин ибора аз ҷумла дида бо калима шабеҳият дорад. Ба ибора чунин аломатҳои хоси ҷумла, мисли категорияҳои шахсу шумора, сиға, замон, модалият, ки боиси ташаккули нисбии ахбор мегарданд, хос нестанд. Инчунин муносибатҳоеро, ки бо ифодаи тасдиқ ва ё инкори ягон далели воқеият тааллуқ доранд, дар қисмати ҷумла баррасӣ мекунанд. Дар баробари ин, ба ибора оҳанг (интонатсия)-и ахбор, ки аломати асосии шакли ҷумла ба ҳисоб меравад, мансуб нест. Аз гуфтаҳои боло ба бардоште расид, ки муносибатҳои предикативӣ хоси ибора нестанд, чунки пайвастҳое, ки мубтадову хабарро ташкил медиҳанд, танҳо дар таркиби ҷумла ба вуҷуд меоянд.

Ибораҳои озод (синтаксиси)-ро бо ибораҳои фразеологӣ як чиз донистан мумкин нест. Онҳо хусусиятҳои хоси фарқкунандагӣ доранд. Ибораҳои луғавӣ (яъне ифодаҳои фразеологӣ, ягонагиҳои фразеологӣ ва таркибҳои фразеологӣ), ки аз рӯйи сохт ва маъно устуворанд, дар бахши наҳв омӯхта намешаванд, балки соҳаи алоҳидаи забоншиносиро ташкил медиҳанд. Таълимоти ибораҳои синтаксисӣ ва фразеологӣ барои илми забоншиносӣ зарур буда, тавассути ин ду аносири луғавӣ хусусиятҳои хоси забон зоҳир мешавад. Чунин факт ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки давра – давра, қисм-қисм, яъне гурӯҳ-гурӯҳ ибораҳои озод ба ибораҳои фразеолгӣ табдил гардида, аз рӯйи сохт ба калима наздик мешаванд, ки ин баҳри равшан намудани он вижагиҳои хоси ибораҳои озод, ки онҳоро ба калима наздик мекунонад, аҳаммияти бузург дорад. Ба ҳамин тариқа, ибора аз ду калимаи мустақилмаъно кам нест, ки яке аз онҳо аз ҷиҳати грамматикӣ ва маъно вазъияти асосиро ишғол менамояд. Шакли алоқа бошад яке аз навъҳои муносибатҳои наҳвӣ (атрибутивӣ, объективӣ ва детерминативӣ) –ро,

ки барои сохти ибора тааллуқ дорад, таъйин менамояд. Гузашта аз ин, ба пиндори инҷониб, чунин ифодаҳо, таркибу пайвастҳои зайл ибораи наҳвиро ташкил намедиҳанд: пайвасти калимаҳои мустақил тавассути пешоянду пасоянд (дар хона, то бегоҳ, вайро...); навъҳои мухталифи вожаҳои мураккаб (сарбаланд, ким-чӣ, сип-сиёҳ, хоҳ-нохоҳ, дувоздаҳ...); исму сифатҳо, шумораву ҷонишинҳо, зарфу феълҳо ва дигар категорияҳои калимаҳои таркибӣ, ки зоҳиран ҳамчун ибора намоён мегарданд (дам ба дам, пай дар пай, бисту панҷ, чӣ тавр, ба даст даровардан, дар вақти, баъд аз он ки, монанди ин ки...); такрори вожаҳо: зуд-зуд, оҳиста-оҳиста, гулдур-гулдур...); таркибҳои чида (китобу дафтар; ҳам ангур, ҳам себ; на гул, на булбул; анор, анҷир, бодом...); пайвастҳои мубтадову хабар (баҳор омад, барф борид, тобистон гарм буд...); калимаҳое, ки хабарҳои мураккабро ташкил додаанд (омада истодааст, донишҷӯ аст, хондан гирифт...); ифодаҳои фразеологӣ (бахти сафед, рӯзи сиёҳ, гурги борондида, қути лоямут...); тааркибу пайвастҳои туфайлӣ (ба пиндори инҷониб, бе гумони шубҳа, ба гуфти бародарам...); пайвастҳои калимаҳои модалӣ ва дигар калимаҳо: фақат донад, бояд хонад, шояд равад, мабодо наояд...); пайвасти нидо бо дигар калимаҳо (эй мардум, офарин дӯстам, ваҳ чӣ зебое...) ва пайвасти ҷонишини **худ** (худи шумо, худи ҳамон рӯз, худи китоб...).

Вобаста ба ин, таҳлилу баррасӣ намудани ибора аз он ҷиҳат аҳаммияти бузурги илмӣ ва амалӣ дорад, ки он баҳри риштаҳои дигари забоншиносии тоҷик тарзу восита ва нигоҳи тоза муҳайё мекунад: “Омӯзиши ибораҳои озод барои илми грамматика имкониятҳои васеъ фароҳам меоварад. Вай нишон медиҳад, ки муносибати байни унсурҳои забон то чи андоза мураккабанд; соҳаҳои гуногуни забоншиносӣ ба доираи якдигар даромада, масъалаҳои мухталифи забон дар сатҳои гуногун ба ҳамдигар печидаанд. Агар маҷмуи тамоми таносуби гуногуни категорияҳои морфологӣ, ибораҳо ва таълимоти ҷумларо аз назар гузаронем ва робитаи байни онҳо ба мушоҳида гирифта шавад, маълум мегардад, ки дар забон системаи мураккабтарини унсурҳои ба ҳам печидаву омехтае мавҷуданд, ки бо риштаҳои ноаёни муносибатҳои лингвистӣ ҳамаи воқеияти забонро пурра мегардонанд” [11, с. 17].

Ҳамин тариқ, дар бунёди фикру мулоҳизаҳо ва андешаҳое, ки дар ин ҷо пиромуни ибораҳои наҳвӣ ибрози назар кардем, метавон гуфт, ки ибора аз тамоми дигар воҳидҳои наҳвӣ, яъне аз ҷумла, аз синтагма, аз калима, аз таркиб, аз аъзои ҷумла комилан фарқ мекунад, ҳарчанд бо онҳо робитаи зичу муайяне дорад. Ибора чун воҳиди мустақили наҳв дорои хусусиятҳои луғавию дастурӣ (лексикию грамматикӣ) буда, чунонки болотар ишора гардид, ҳамзамон бо луғатшиносӣ, бо сарф, бо овошиносӣ, бо имло, бо услуб, бо маданияти нутқ алоқаи зич дорад ва сарчашмаи муҳимми омӯхтани забон дониста мешавад ва сазовори таҳқиқу омӯзиши ҷиддии доимист.

Адабиёт

1. *Виноградов В. В Русский язык. Грамматическое учение о слове. Учебное пособие. 4-е изд. - М., 1947. – 720 с.*
2. *Виноградов В. В. Понятие синтагмы в синтаксисе русского языка // В кн. “Вопросы синтаксиса современного русского языка”. - М., 1950. – С. 247.*
3. *Гарипова Н. Д. Таджикские первичные предлоги в историческом освощениии. - М.: АКД, 1985.*
4. *Грамматика русского языка. Т.2. Синтаксис. Ч.1. – М.: Изд-во АН СССР, 1960. – 702 с.*
5. *Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ибора ва синтаксиси ҷумлаҳои сода. Ҷ. II. – Душанбе: Дониш, 1986. - 371 с.*
6. *Ғаффоров А. О. Ибораҳои феълӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик. Душанбе: Меҳроҷ-Граф, 2023. - 182 с.*
7. *Джураев Р. Очерки по истории грамматики таджикского и персидского языков. - Душанбе: Ирфон, 1972. - 172 с.*
8. *Крашеннинникова Е. А. Новое в немецкой грамматике. Вып.3. - М., 1963. – С. 159-160.*
9. *Ljungrud J. Zur Nominalflexon in der deutschen Littetur-sprache nach 1900. Lund, 1955.*
10. *Мирзоев А. Ибораҳои феълии замонӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик. Душанбе: Дониш, 1972. - 241 с.*
11. *Мирзоев А. Масъалаҳои ибора дар забони тоҷикӣ. - Душанбе: Деваштич, 2002. - 306 с.*
12. *Неменова Р. Л. Предлоги в таджикском языке. - Сталинабад, 1954. - 39 с.*
13. *Рустамов Ш. Мушкилоти синтаксис. - Душанбе: Маориф, 1988. - 331 с.*

БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО АТРОФИ ИБОРАҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар мақолаи мазкур мулоҳизаҳои муаллиф атрофи ибораҳои забони тоҷикӣ баён гардидааст. Ҳангоми таҳқиқи масъалаи матраҳшаванда муаллиф бар он назар аст, ки омӯхтан ва баррасӣ намудани масъалаҳои грамматикаи забони тоҷикӣ аз нуқтаи назари ибора бешубҳа натиҷаҳои хуб дода метавонад. Назарияи ибора барои таҳқиқгари забон имконоти нави баррасӣ ба вуҷуд оварда, мусоидат мекунад, ки муҳаққиқ ба табиату хусусият ва қонуну қоидаҳои ҷумла ва ибора ба таври

дигар таҷдиди назар кунад. Аз ин ҷост, ки омӯхтани ибора баҳри боз ҳам равшантар муайяну муқаррар намудани қавоиду қонунҳои ҳаракати доимии забони ҳозира, ба инобат гирифтани ҷунбиши сохтории он, пайдоиши аломатҳои нахустини ҳаводиси нави забонӣ, муайян кардану нишон додани аз доираи истеъмол баромадани баъзе қолабҳои забонӣ ва монанди инҳо шароити мусоид фароҳам меоварад. Ниҳоят, муаллиф зикр менамояд, ки таҳқиқу баррасии ибора ва хусусиятҳои грамматикии он ҳам дар забони адабии тоҷик ва ҳам дар забони адабии муосири тоҷикӣ баҳри кушодани вижагиҳои хоси забони осори мансури даврaҳои гуногуни таърихӣ ва давраи нав дар устувордошт, такомул ва рушди забони адабии тоҷик мусоидат хоҳад кард.

Калидвожаҳо: ибора, ибораи синтаксисӣ, ибораҳои фразеологӣ, синтагма, таркиб, алоқаи тобеъ, воситаи грамматикӣ, ҷузъи тобеъ, муносибатҳои синтаксисӣ.

НЕКОТОРЫЕ РАЗМЫШЛЕНИЯ СЛОВОСОЧЕТАНИЙ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

В данной статье представлены размышления автора об словосочетаниях таджикского языка. Исследуя рассматриваемую проблему, автор полагает, что изучение и обсуждение грамматических проблем таджикского языка с точки зрения словосочетаний, несомненно, может дать хорошие результаты. Теория словосочетаний открывает новые возможности для исследователей языка и помогает им по-новому взглянуть на природу, особенности, закономерности и правила предложений и словосочетаний. Таким образом, изучение словосочетаний создает благоприятные условия для более четкого определения и установления правил и закономерностей постоянного движения современного языка, учитывая его структурные изменения, появление первых признаков новых языковых явлений, выявление и показ выхода некоторых языковых закономерностей из сферы употребления и тому подобное. В заключение автор отмечает, что изучение и рассмотрение фразы и ее грамматических особенностей как в таджикском литературном языке, так и в современном таджикском литературном языке, с целью выявления специфических особенностей языка произведений Мансура различных исторических периодов и новой эпохи, будет способствовать стабильности, совершенствованию и развитию таджикского литературного языка.

Ключевые слова: фраза, синтаксическая фраза, фразеологические фразы, синтагма, структура, подчинительный союз, грамматический средства, придаточная часть, синтаксические отношения.

SOME REFLECTIONS ON PHRASES IN THE TAJIK LANGUAGE

This article presents the author's reflections on phrases in the Tajik language. In exploring this issue, the author believes that studying and discussing grammatical issues in the Tajik language from the perspective of phrases can undoubtedly yield beneficial results. Phrases theory opens up new possibilities for language researchers and helps them take a fresh look at the nature, characteristics, patterns, and rules of sentences and phrases. Thus, the study of phrases creates favorable conditions for more clearly defining and establishing the rules and patterns of the constant evolution of modern language, taking into account its structural changes, the emergence of the first signs of new linguistic phenomena, the identification and demonstration of the emergence of certain linguistic patterns from the sphere of usage, and so on. In conclusion, the author notes that the study and consideration of the phrase and its grammatical features both in the Tajik literary language and in the modern Tajik literary language, with the aim of identifying the specific features of the language of Mansur's works of different historical periods and the new era, will contribute to the stability, improvement and development of the Tajik literary language.

Keywords: phrase, syntactic phrase, phraseological phrases, syntagma, structure, subordinating conjunction, grammatical device, subordinate clause, syntactic relations.

Дар бораи муаллиф
Гаффоров Абдушукур Одинашоевич
Доктори илмҳои филологӣ, профессор,
мудири каф. методикаи таҳсилоти ибтидоӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: gafforovabdushukur68@gmail.com

Об авторе
Гаффоров Абдушукур Одинашоевич
Доктор филологических наук, профессор,
зав.кафедрой методики начального обучения
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: gafforovabdushukur68@gmail.com

About the author
Gafforov Abdushukur Odinashoevich
Doctor of Philological Sciences, Professor,
Head of the Department of primary education methods
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, 121
E-mail: gafforovabdushukur68@gmail.com

ТДУ 811.222.1'373.21

ВИЖАГИҲОИ САВТИИ ҶОЙНОМҲОИ МОВАРОУННАҲРУ ХУРОСОН ДАР АСРҲОИ IX-X

Абдусамадзода Э. А.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Муқаддима. Асрҳои IX-X дар саҳифаи таърихи пурифтихори миллати тоҷик, хосатан дар масири рушди забоншиносии тоҷик давраи тиллоӣ ва рушду ташаккули забони форсӣ-тоҷикӣ ба шумор меравад. Ин марҳилаи рушд ва ташаккул ба давраи салтанати Сомониён рост меояд ва пешрафту шукуфоии асосии ин низоми давлатдорӣ тавассути соҳибони ин сулола амалӣ гардида буд. Бозтоби ошкорову бевоситаи ин марҳилаи забоншиносӣ ва рушду таҳаввули овозиро дар номҳои ҷуғрофии Мовароуннаҳру Хуросони бузург, ки ҷузъи асосӣ ва таркибии давлати Сомониён буд, баръало мушоҳида кард.

Омӯзиш ва таҳқиқи ҷузъиётҳои овоии ҷойномҳои Мовароуннаҳру Хуросони дар асрҳои IX-X имкон фароҳам меоварад, ки натанҳо роҳҳои рушду таҳаввул овозии забони тоҷикӣ, балки равандҳои забоншиносии қавмӣ (этнолингвистика) ва ҳичрати қамҳо дар аҳди Сомониён дақиқ карда мешавад.

Методи таҳқиқ. Омӯзишу баррасии вижагиҳои овозии номҳои ҷуғрофии Мовароуннаҳру Хуросон дар асрҳои IX-X раванди пажуҳиши амиқ ва пайгиронаеро тақозо менамояд, ки аз гирдоварии гунаҳои навишти ҷойномҳо дар осори хаттӣ дар мисоли «Ҳудуд-ул-олам», «Таърихи Бухоро»-и Муҳаммад Наршахӣ, «Давлати Сомониён: тоҷикон дар асрҳои IX-X»-и Нуъмон Неъматов, «Донишномаи Сомониён» (ҷилдҳои 1-2) сурат гирифта, дар раванди пажуҳиш аз усулҳои муқоисавӣ - таърихӣ, оморӣ ва методи таҳлили сифатӣ – тавсифӣ истифода гардидааст.

Қисмати асосӣ. Ҳамеша ва дар ҳама давру замон густариш ва пайвандҳои амиқи забонӣ тавассути ҳодисаҳои забонӣ, махсусан овоӣ, ки то имрӯзҳо ба мо омада расидаанд ва имконият фароҳам меоваранд, ки сабабҳои умумиятдошта ва дар айни замон асолати ҳар як забон бо чашми сар дида шавад, дорои арзиш ва қимати баланди илмианд. Ин вазъият ҳомили ҳар забоне буд ва дар оянда идома меёбад ва дорои решаҳои таърихии муштарак мебошад, аммо дар раванди рушд ва таҳаввули худ дучори тағйироти чашмгир гаштаанд ва мегарданд.

Аз таърих маълум аст, ки забони тоҷикӣ яке аз гурӯҳи забонҳои ҳиндуэронӣ мебошад, ки дар навбати худ решаҳояш ба оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ мерасад. Ҳарчанд аз гирудорҳо ва сарнавиштҳои таърихӣ дур мешавем, бештару бештар далоили номувофиқативу тағйироти забонӣ дар дохил ва ҳам миёни оилаи забонҳои ҳиндуэронӣ норушану нофаҳмотар мегардад. Дигаргуниҳо ва тағйироте, ки сохтори давлатӣ, махсусан таърихнависҳо, ки гузаштаро ба манофеи худу ояндаро бо хаёлҳои бофта зиннат медиҳанд, соҳибони забонро низ аз маълумоти объективии илмӣ роҳгум меандозанд ва ё аз воқеиятҳои таърихӣ ва замони нав дуртар месозанд. Баъзан ин раванд дониста амалӣ карда мешавад, маҳз барои рушду мустақилият ва тавону обирӯ бахшидан ба этносҳо, аз ҷумла забон ба хотири нишон додани қудрат ва асолати фарҳангӣ.

Барои забоншиносии муосир ва соҳибони забони тоҷикӣ бархурдор будан аз воқеаҳои таърихии забони худ хеле муҳим мебошад, зеро донишҳои таърихӣ имкон медиҳанд, ки равандҳо, далоили рушду таҳаввул ва бархурду танишҳои зиёди забонӣ дуруст омӯхта шуда, шарҳ дода шаванд. Тасаввуроти илмии таърихӣ миёни воқеаҳои гузашта ва паёмадҳои забоншиносии онҳо ҳифз карда шавад ва таваҷҷуҳи пажуҳандагон ба таъриху забону адабиёт ҷалб карда шавад.

Дар ин росто, пеш аз ҳама барои забоншинос бархурдор будан аз равандҳои таърихие, ки дар овошиносӣ (фонетика), фонология ва масъалаҳои дастури забони тоҷикӣ (грамматика) муҳим арзиёбӣ мегардад. Биноан, афзалият додан ба фанҳои муҳиму асосӣ, махсусан фанҳои овонигорӣ (фонетика) ворид намудан аз манфиат холӣ нест, зеро онҳо дар бознигарии ҳаводиси гузаштаи илм тавассути тағйирпазирии овоӣ саҳми беназир мегузоранд.

Фонетика ҳамчун илм ба омӯзиши таркиби овозии забон (овоз, ҳарф, ҳиҷо, зада ва интонатсия) машғул буда, вазифаи асосиаш фароҳам овардани шароит барои омӯзиши воҳидҳои маънодори забон мебошад. Омӯзиши шакли хаттии забон хоси макотиби ҳамагонист, маҳз аз ҳамин сабаб дар фаҳмиши соҳибони забон, махсусан гӯяндагони забони

адабӣ нутқи зиндаи шифоҳӣ муносибати дуюмдараҷа сурат мегирад. Бинобар ин, бояд омӯзиши шаклҳои овозӣ ва хаттии забон бояд баробар омӯхта шаванд, то мушкилоти мавҷуда баробар ҳаллу фасл гардад. Ин нуктаро забоншиноси тоҷик, фонетист Т.Н. Хаскашев баён намудааст: «Фонетика таркиби овозии забон – овозҳо, ҳиҷо, зада ва оҳангро меомӯзад... Вазифаи асосии фонетика фароҳам овардани шароит барои омӯзиши воҳидҳои маънодори забон аст. Дар мактабҳои ҳамагонӣ бештар ба шакли хаттии забон диққат дода мешавад, ки ин баъзан дар фаҳмиши гӯяндагон нутқи зиндаи шифоҳиро ба дараҷаи дуюм мегузорад. Бинобар ин, барои рафъи ин мушкилот омӯзиши мутавозин ва баробари шаклҳои овозӣ ва хаттии забон зарур аст» [12, с.8].

Ҷанбаҳои овозии забон барои соҳибони он чизи бегона ба ҳисоб намеравад, зеро хусусияти овозии забон ба соҳибони он аз табиат бидуни хоҳишу иродаи шахс таҳмил гардидааст. Садо ва овозҳои дар табиат баамаломада барои дарки атроф ва рамзгузориву шинохти муҳити атроф ва иттилооти забонӣ барои инсон хидмат мекунад. Барои он ки забони овозӣ (фонетика – А.Э.) тавассути ҷанбаҳои психофизиологӣ ба организми инсон вобаста ва шартгузорӣ гардидааст, серҷабҳа ва дорои зиддиятҳои овонигорӣ (фонетикӣ) ҳамчун самт ва соҳаи забоншиносӣ мебошад.

Нахустин маротиба, табиати психофизиологии овозҳо ва зиддияти онҳоро забоншиноси машҳури рус, асосгузори мактаби забоншиносии Қазон Иван Александрович Бодуен де Куртен асоснок намудааст. Иван Александрович исбот намудааст, ки овозҳо аз як ҷониб ҷиҳати физиологии талаффуз ва аз ҷониби дигар дар рӯҳияи инсон ҳамчун нишона ё рамз вуҷуд доранд. Худи Иван Александрович дар як матлабаш сари ин масъала иброз доштааст: ««Антропофоника» (фонетикаи физиологӣ – Э.А.) ба омӯзиш ва таҳқиқи овозҳо аз нуктаи назари физиологӣ ва акустикӣ, мисли падидаҳои соф табиӣ машғул мебошад. Аммо овозҳои забон танҳо падидаҳои табиӣ нестанд; онҳо ба фаъолияти рӯҳии инсон ва шинохти муҳит алоқаманданд ва ҳамчун воситаи мубодигар афкор хидмат мекунад» [5, с. 117].

Дар забоншиносии англисӣ, омӯзиши фонетикаро Даниел Ҷонз, яке аз фонетистони шуҳратманд аз асосгузорони фонетикаи таҷрибавии Британияи кабир дар бораи ҷанбаҳои назариявии омӯзиши фонемаҳо таҳқиқоти бунёдӣ анҷом дода, дар пажуҳиши худ нишон додааст, ки чи гуна овозҳои табиӣ ба рамзҳои забонӣ ва иттлоотӣ табдил меёбанд. Аз ҷумла, зикр мекунад: «Овози забонӣ падидаи ҷисмонист, ки аз ҳаракати узвҳои нутқ тавлид мешавад ва тавассути мавҷҳои савтрасон ба гӯш мерасад. Аммо дар дарки инсон, ин овозҳо ба гурӯҳҳои муайяни рамзӣ муттаҳид мегарданд ва вазифаи онҳо фарқ кардани маъно ва шинохти иттилоот мебошад... Бе ин ҷанбаи психологӣ овозҳо танҳо садоҳои одии табиат боқӣ мемонанд» [15, с.9].

Маълум аст, ки системаи овозҳои забони адабии зинаи аввали инкишофи забонро (зинаи якум осори хаттии асрҳои IX-X. – А.Э.) бо тамоми ҷузъиёташ муайян кардану барқарор намудан ғайриимкон аст. Ба андешаи забоншинос М.Н. Қосимова «Ягон асари дар асрҳои IX-X китобатшуда то имрӯз ба мо маълум нест. Дигар ин, ки алифбои забони арабӣ ҳамаи хусусиятҳои фонетикии забони адабии тоҷикро бо ҷузъиёташ инъикос карда наметавонист ва ба ин имконият ҳам надошт. Зеро ин алифбо барои забони арабӣ хос ва мувофиқ кунонида шуда буд. Бо вуҷуди ин дар бораи баъзе вижагиҳои савтӣ метавон муҳокима ронд» [10, с.34].

Маълум аст, ки дар забони адабӣ ҳашт садонок мавҷуд буд, ки онҳо бо ёрии ҳарфҳои алиф, **вов**, **йо** ифода мешуданд. Ҳарфи алиф садонокҳои **а, о, и, э, у**-ро, ҳарфи **вов** садонокҳои **у, е**-ро, ҳарфи **йо** садонокҳои **и, э**-ро ифода мекарданд. Масалан, дар калимаҳои абр, бор, або, арз, орд, бобо, боғбон ҳарфи алиф ифодагари овозҳои **а** ва **о**, дар калимаҳои имдод, имкон, икром, ирсол овози **и** ва дар калимаи урду овози **у**-и аввал аст. Дар калимаҳои шир, шер, ширин, дидан, фиребидан, дер, дерин, дере, шабе, шахсе овозҳои **и** ва **э**-ро ҳарфи **йо** ифода намудааст. Дар калимаҳои дур, сур, орзу, олу, ору, паҳлу, рӯз, сӯхтан, дӯхтан овозҳои **у** ва **е**-ро ҳарфи **вов** ифода мекунад. Дар мобайни калима садонокҳои кӯтоҳи **а, и, у** (масалан, дар калимаҳои даст, дард, давом, равон, шитоб, китоб, шутур) навишта намешаванд, барои дуруст хондани калимаҳо баъзан аломатҳои ҳарака (фатҳа, касра, замма) корбаст мешуданд. Аз рӯйи ин мисолҳо метавон чунин садонокҳоро навишт: **а, о, и, ӣ, у, у***(**у**-и дароз, кашишдор), **е, э.**

Системаи овозҳои ҳамсадои ин давра аз овозҳои забони муосир фарқи куллие надорад. Ба ҳамсадоҳои забони тоҷикӣ овозҳои **б, в, г, ғ, д, ж, з, й, к, қ, л, м, н, п, р, с, т, ф, х, ҳ, ч, ҳ, ш** ва золи аҷамӣ дохил мешуданд. ҳамсадоҳое, ки ҳарфҳои со (со-и мусалласа), сод, зод, золи арабӣ, ҳо-и ҳуттӣ, итқӣ, изғӣ ва айн ифода мекарданд, барои забони тоҷикӣ бегона буданд,

лекин дар калимаҳои иқтибосии забони арабӣ навишта мешуданд, зеро алифбои арабӣ пурра қабул шуда буд. Яке аз вижагиҳои тафовутдошта дар низоми ҳамсадоҳо аз он иборат буд, ки овозе, ки золи аҷамиро ифода мекард, дар ин асрҳо ҳоло боқӣ буд ва аз золи арабӣ фарқ дошт. Золи аҷамӣ, ки дар забони порсии бостон овози т(t) буд, минбаъд ба зол(z) ва дар давраи нав, яъне порсии нав, ба д(d) табдил меёбад, лекин дар баъзе калимаҳо дар асрҳои IX-XII ин овоз боқӣ мемонад (дар баъзе исмҳо, феълҳову шаклҳои гуногуни замонии он ва пешояндҳо). Масалан: Дар баъзе исмҳо: гунбаз (гунбад), пазир (падир), озар (одар) ва ғайра.

Ҳамин тариқ, дар ин асрҳо дар савтиёт ё фонетика баъзе хусусиятҳои савтӣ нигоҳ дошта шудаанд. Азбаски алифбои арабӣ қабул шуда буду ифодаи овозии ҳарфҳои арабӣ ба савтиёти забони тоҷикӣ бегона буданд, чанд ҳарф дар забони тоҷикӣ ифодагари як фонема шуда буданд. Масалан, овози з-ро чаҳор ҳарф - зо, зол, зод, изқӣ; овози с-ро се ҳарф – син, со-и мусалласа, сод; овози т-ро ду ҳарф - то ва итқӣ; овози ҳ-ро ду ҳарф - ҳо-и ҳавваз ва ҳо-и ҳуттӣ ифода мекарданд. Дар ин асрҳо ҳоло ҳарфҳое, ки овозҳои **г, ж, п**, **ч**-ро ифода кунанд, мавҷуд набуданд. Дар асрҳои минбаъда ин ҳарфҳоро ба алифбо ворид карданд.

Дар ин пажуҳиш сухан дар мавриди вижагиҳои савтии ҷойномҳои Мовароуннаҳру Хуросон дар асрҳои IX-X, ки ба даврони давлатдории Сомониён рост меояд, меравад. Бояд гуфт, ки дар умум, ҷойномҳои осори хатии даврони давлатидории Сомониён истифодашуда аз нигоҳи теъдод ба 1185 номгӯй мерасад, ки аз ин миқдор 450 адад ҷойном дорои вижагии савтӣ буда, дар давраҳои рушду таҳаввули забоншиносӣ ва зимни гирифториҳои таърихию фаоҳангӣ дучори тағйироти фонетикӣ гардиданд ва чанде аз онҳоро дар поён меоварем:

1. Дар осори ин асрҳо мо баъзан таъсири забони гуфтугӯй ва забони шеваҳоро мебинем, масалан, табдили фонемаи **о** ба **у**; фонемаи **б** ба **в, ф**; фонемаи **ш** ба **ҷ**; фонемаи **р** ба **л**…:

-б=в (табдили овозҳои «**б**» ба «**в**»): **Асадобод** / **Асадовоз** [Asadābād / Asadāvāz], номи шаҳре дар ғарби вилояти Ҳамадон. Ин ҷойном ин дар сарчашмаҳои таърихию ҷуғрофӣ ва луғатҳо бо тафовутҳои овозии зерин мустаъмал аст: дар шакли «Асадовоз» [11, с.51], «Асадобоз» [9. с.195], инчунин ба гунаҳои «Саҳадобод», «Саидобод», «Саъдобод» ва «Сайъобод». Дар лаҳҷаи маҳаллӣ ин минтақа гунаи ихтисоршуда ва таҳаввулёфтаи он дар шакли «Саъдво» [3, с.253] мустаъмал мебошад.

Баб<u>а</u>н / **Ба<u>в</u>ан** [Baban / Bavan], шаҳри азиме маркази Ганҷрустоқ. Ин ҷойном дар осори хаттӣ, махсусан сарчаҳмаҳои таърию ҷуғрофӣ ба гунаи «Биван» низ корбурд дорад [6, с. 247]. Дар таркиби ин ҷойномҳо таҳаввули савтии фонемаҳои **б=в** дучор омадааст.

Ин тағйироти савтӣ ва гуногуншаклии фонемагӣ, ки мубодилаи фонемаҳо б//в дар унсурҳои **-обод/ -овоз**-и ҷузъҳои ҷойномҳои **Асадобод** / **Асадовоз** ва табдили фонемаҳои **б=в** дар таркиби ҷойноми **Баб<u>а</u>н** / **Ба<u>в</u>ан** аз ҷараёни тағйирпазирӣ ҳодисаҳои фонетикии забонҳои эронӣ ва таъсири дигар забонҳо гувоҳӣ медиҳад.

-з=д (табдили овозҳои «**з**» ба «**д**»): **Қубо<u>з</u>иён** / **Қуво<u>д</u>иён** [Qubāziyān/Quvādiyān] - номи шаҳр ва мавзеи таърихӣ дар ғарби вилояти Балхи Афғонистони кунунӣ. Ин ҷойном дар харитаҳои ҷуғрофӣ ва сиёсии муосир дар шакли «Қубодиён» мустаъмал буда, феълан яке аз ноҳияҳои ҷанубии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар таркиби фонемагии ин ҷойном натанҳо табдили фонемаҳо «**з**» ба «**д**», ҳамзамон гузариши фонемаҳои «**б**» ба «**в**» дар сохтори фонемагии он мушоҳида мегардад. Яъне дар сохтори фонемагии ҷойномҳои **Қубозиён -> Қуводиён ->**, ки шакли имрӯзаи он **Қубодиён** мебошад, ду ҳодисаи фонетикӣ дучор омадааст.

-б=в / б=ф (табдили овозҳои «**б**» ба «**в**» ва «**б**» ба «**ф**»): **Ха<u>б</u>о<u>б</u>** / **Ха<u>в</u>о<u>ф</u>** [Xabāb / Xavāf], номи деҳа дар ҳудуди давлати Сомониён будааст ва дар ин бора сарчашмаҳом муътамади илмӣ маълумот медиҳад. Дар ин ҷойном ду ҳодисаи табдили савтии фонемаи «**б**» ва табдили он ба ҳамсадоҳои лабудандонии «**в**» ва «**ф**», ки миёни ин фонемаҳо муносибати ҳамнишинӣ мавҷуд мебошад, дучор омадааст.

Ивазшавии ҳамсадоҳо дар аввал ва ҳиҷоҳои мобайни ҷойномҳо ба мушоҳида мерасанд:

-ф=б ё **п=ф**: (табдили овозҳои «**ф**» ба «**б**» ё «**п**» ба «**ф**»): **Ис<u>ф</u>аҳон** / **Ас<u>б</u>аҳон** [Isfahān / Isfahān] – номи яке аз шаҳрҳои куҳани аҳди Сомониён ва маркази вилояти аз лиҳози илму фарҳанг пешрафта дар ҳудуди Ҷумҳурии исломии Эрон. Шакли бостонии номи он Спаҳан / Исфаҳон [Spahan / Isfahān] зикр ёфтааст. Дар аҳди Сомониён ва қаблтар аз он бо назардошти тағйири фонемаи «**п**» ба «**ф**» (p -> f) ҷойном аз шакли «**Испаҳон**» ба ба гунаи «**Исфаҳон**» тағйир кардааст. Шакли «Асбаҳон» гунаи муарраб (арабишуда)-и «Исфаҳон» аст, ки бо ин ном асосан дар сарчашмаҳои арабӣ вомехурад.

Намунаи дигари чунин тағйироти фонемаҳо дар мубодилаи овозҳои лабии таркиби ҷойноми Исфизор / Асбузор / Аспузор / Асфузор / Сабзор / Сабзавор мебошад. Ин мавзеи

ҷуғрофӣ тибқи маълумоти сарчашмаҳои таърихию ҷуғрофии асрҳои IX-X ноҳияе дар ҳудуди Хуросони бузург мавқеъ доштааст. Таркиби овозии ин ҷойном дучори чандкаратаи тағйироти фонетикии гардида, тағйири овозии **п** = **б** = **в** = **ф** аз сар гузаронидааст.

Ҳамин тариқ, тағйири фонемаҳои иаркиби ҷойномҳои «Исфаҳон» ва «Исфизор» нишон медиҳад, ки табдили овозҳои лабӣ ва лабудандонии (**ф** = **б** = **п** = **ф**), ки дар фонетика ҳамсадоҳои ҳамнишин ном бурда мешаванд, яке ҳодисаҳои фаъоли савтӣ дониста мешавад ва дар топонимияи забонҳои эронӣ, махсусан топонимияи ашҳи Сомониён мушоҳида гардиданд. Маҳз тавассути ин табодули овозӣ (**п** -> **ф** ва **б** -> **в/ф**) гунанокии ҷойномҳо дар осори таърихию ҷуғрофӣ мустаъмал гардиданд.

-б=в: (табдили овозҳои «**б**» ба «**в**»): Дар қабати номҳои ҷуғрофии қаламрави давлати Сомониён ҷойноми **Бичапур** / **Вичапур** [Bijapur / Vijapur] ҷойгоҳи махсус дорад. Ин ҷойном дар осори таърихӣ ба шаклҳои мухталиф мустаъмал аст. Тағйири таркиби офозии ин ҷойном «Бичапур» ба «Вичапур» маҳсули ҳодисаи овозии фонемаҳои аввали ин гунаҳо мебошад, ки зимни ин ҳодисаи савтӣ ҳамсадои ҷарангноки «**б**» ҳамсадои беҷаранги «**в**» (ҳамсадоҳои ҷуфт ном бурда мешаванд - АЭ) табдил ёфтаанд.

Ҷойноми таърихии **Бодғис** / **Водғис** / **Водгис** [Bādγis/Vādğis/Vādgis] дар ҳудуди давлати Сомониён буда, дар осори таърихӣ ва сарчашмаҳои ҷуғрофӣ дар се шакл дучор меояд. Дар гунаҳои мухталиф мустаъмал будани ин ҷойном натиҷаи якчанд таҳаввули мураккаби овозӣ мебошад. Дар марҳилаи аввал ҳамсадои аввали он «**б**» ба «**в**» ҷойи худро иваз карданд, ки дар натиҷа шакли **Водғис** мустаъмал гардид. Сипас, фонемаи «**ғ**» ба «**г**» табдил ёфта, шакли **Водгис** рӯйи кор омаданд. Маҳз ҳамин силсилаи тағйироти овози сабаб шуданд, ки шаклҳои Бодғис / Водғис / Водгис дар осори таърихию ҷуғрофии аҳди Сомониён мустаъмал гарданд.

Таҳлили ҷойномҳои Бичапур / Вичапур ва Бодғис / Водғис / Водгис шаҳодат медиҳанд, ки ҷойномҳои мавриди таҳқиқ, ки дар осори таърихӣ – ҷуғрофии аҳди Сомониён арзи ҳастӣ доранд, таҳти таъсири қонуниятҳои дохилии забон ва ҳодисаҳои фонетикии қарор гирифтаанд. Ин гунанокӣ ва шаклҳои гуногуни мавриди истеъмол дар манбаъҳои хатии асри IX-X шаҳодат аз он медиҳанд, ки низоми овозии давр таъсири мутақобилаи худро гузошта, марҳилаи ташаккул ва таҳаввули устувори худро дар даврaҳои таърихӣ сипарӣ намудааст.

-б=р: (табдили овозҳои «**б**» ба «**р**»): **Бишаҳр** / **Ришаҳр** [Bišahr / Pišahr], номи яке аз шаҳракҳои таърихӣ дар осори хаттии аҳди Сомониён. Дар ин ҷойном ҳодисаи савтӣ ҷойивазкунии фонемаи «**б**» ба «**р**» дар аввали номи табдил ёфта, дар натиҷа гунаи дигари ҷойном Ришаҳр мустаъмал гардидааст.

-б=ф: (табдили овозҳои «**б**» ба «**ф**»): **Бож** / **Фар** / **Фоз** / **Фор** [Bāž / Far / Fāz / Fār], номи яке аз деҳаҳои таърихиест, ки дар осори хаттии давраи Сомониён мақом дорад. Дар натиҷаи ҳодисаи савтӣ дар аввали номи ин ҷойном овози «**б**» ба «**ф**» табдил ёфтааст. Маҳз дучор гардидани ҷойном ба ҷараёни фонетикӣ шаклҳои гуногуни ҷойномро ба ҷо гузоштааст: Бож / Фар / Фоз / Фор.

-ш=с ва **х=ҷ**: (табдили овозҳои «**ш**» ба «**с**» ва «**х**» ба «**ҷ**»): **Иштихан** / **Истихан** / **Иштиҷан** [Ištixan/Istixan/Ištijan], номи шаҳр буда, дар осори хаттии салтанати Сомониён корбурд гардидаанд. Дар натиҷаи ҳодисаи савтӣ дар байни ин ҷойном овози «**ш**» ба «с» ва «х» ба «ҷ» табдил ёфта, шаклҳои зерини ҷойноми мазкур, чун: Иштихан / Истихан / Иштиҷан арзи ҳастӣ кардааст.

Дар раванди таҳаввули таърихи забони тоҷикӣ табдили ҷонемаҳои «**ш**» ба «с» ва «х» ба «ҷ» дар ҷойномҳои аҳди Сомониён яке аз падидҳои ниҳоят муҳимми фонетикӣ маҳсуб меёбад, ки ин фараёнро дар мисоли ҷойномҳои Иштихан / Истихан / Иштиҷан мушоҳида кардан мумкин аст.

-д=з: (табдили овозҳои «**д**» ба «**з**»): **Кабуданҷкас** / **Кабузанҷкас** [Kabudanĵkas / Kabuzanĵkas], номи мавзеи номаълум буда, дар осори хаттии асри IX-X мустаъмал буда, дар натиҷаи ҳодисаи савтӣ дар байни ин ҷойном овози «**д**» ба «**з**» табдил ёфта, шаклҳои зерини ҷойноми мазкур, чун: Кабуданҷкас / Кабузанҷкас арзи ҳастӣ кардааст.

-х=ҳ: (табдили овозҳои «**х**» ба «**ҳ**»): **Аҳарун** / **Аҳарун** / **Аҳорун** / **Охарун** / **Ҳарун** [Aharun / Aharun / Ahorun / Oxarun / Harun], номи мавзее аз қаламрави навоҳии Чағониён [Абдуллоев, Ҷуғрофиё, с. 226], ки дар асрҳои миёна байни Кофарниҳону Чағониён воқеъ буд. Ахарун дар маъхазҳои таърихии Осиёи Миёна дар шаклҳои «Аҳарун», «Охарун», «Аҳорун», «Ҳарун» зикр ёфтааст [2, с. 162].

-с=ш ва **с=ш**: (табдили овозҳои «**с**» ба «**ш**» ва «**с**» ба «**ш**»): **Ахсикат** / **Ахшикас** / **Ахсикас** / **Хашкат** / **Хушекат** / **Ахшикат** / **Аммохискас** / **Ахскаб** / **Ахсикант** [Axsikat /

Axšikas / Axsikas / Xaškat / Xušekat / Axšikat / Ammoxiskas / Axskab / Axsikant], номи яке аз шаҳрҳои Мовароуннаҳри водии Фарғона, ки чанд муддат пойтахти он буд. Феълан аз ин шаҳр чанд вайронае боқӣ мондааст. Ахсикат дар шакли «Ахшикас» [13, с.28], «Ахсикас» [6, с.1513], «Хашкат», «Хушекат», «Ахшикат» [4, с. 577], «Аммохискас», «Ахсикаб», «Ахсикант» [7, с.65] низ мавриди корбурд қарор дорад.

Буст / **Бушт** [Bust / Bušt], номи шаҳр буда, дар осори хаттии аҳди Сомониён зикр гардида, дар натиҷаи ҳодисаи савтӣ дар байни ин ҷойном овози с (s) ба ш (š) табдил ёфта, ҷойноми мазкур дар шаклҳои Буст / Бушт арзи ҳастӣ кардааст.

-б=п=ф: (табдили овозҳои «**б**» ба «**п**» ба «**ф**»): **Бушанг / Пушанг / Пушанҷ / Фушанҷ** [Bušang / Pušang / Pušanĵ / Fušanĵ], номи ноҳия дар Мовароуннаҳр. Дар ин ҷойном ҳодисаи сезинагии фонетикӣ: **б → п → ф** дучор омадааст.

-в=ф: (табдили овозҳои «**в**» ба «**ф**»): **Вағкас** / **Фаъкат** / **Фағкас** / **Фағкат** [Vağkas / Fa'kat / Fağkas / Fağkat], номи шаҳрак дар давлати Сомониён. Ҳодисаи фонетикии мавриди назар тавассути ҳамсадоҳо бечаранги лабудандонии «**в**» ба «**ф**» ба амал омада, гунаҳои дигари ҷойноми Вағка**с** рӯйи кор омаданд.

-в=б: (табдили овозҳои «**б**» ба «**в**»): **Вишгирд** / **Вашгирд** / **Бишкард** / **Висагирд** / **Вишҷирд** / **Вошгирд** / **Вошҷирд** [Višgird / Vašgird / Biškard / Visagird / Višjird / Vāšgird / Vāšĵird] ва амсоли инҳо, ки, асосан, тағйирот ё табдилёбии фонемаҳои ҳамсадоҳо дар аввали ҷойномҳо ба назар мерасанд. Маҳз ҳамин табдили фонемаҳо боис гардиданд, ки гунаҳои дигари ҷойном пайдо гарданд.

3). Табдилёбии ҳамсадоҳо дар мобайн ва охири ҷойномҳо низ ба мушоҳида расиданд, ки ин табдили фонемаҳо дар шаклгирии гуна ва шаклҳои дигари ҷойномҳо мусоидат карданд.

а) **нг=нҷ** (**табдили овозҳои** «**нг**» ба «**нҷ**»): **Бушанг** / **Пушанг** / **Пушанҷ** / **Фушанҷ** [Bušang / Pušang / Pušanĵ / Fušanĵ], номи ноҳия дар ҳудуди давлати Сомониён.

б) **т=с** (**табдили овозҳои** «**т**» ба «**с**»): **Ваъкат** / **Фағкас** / **Фағкат** [Va'kat / Fağkas / Fağkat], номи шаҳрак; Ардалонкат / Ардалонкас [Ardalānkat / Ardalānkas], яке аз шаҳркаҳои Шоши Мовароуннаҳр [7, с. 321]. Ин ном дар маъхазҳои таърихӣ, махсусан «Ҳудуд-ул-олам» ба сурати «Ардалонкас» дучор меояд [14, с.373];

в) **к=н** (табдили овозҳои «**к**» ба «**н**»): **Вадок / Вадон / Вазок** [Vadāk / Vadān / Vazāk], номи рӯд;

г) **о=и** (табдили овозҳои «**о**» ба «**и**»): **Анбор / Анбир** [Anbār / Anbir], яке аз шаҳрҳои бостонии Хуросон дар ноҳияи Ҷузҷон [9, с.168]. Дар осори ҷуғрофӣ ба гунаи «Анбир» корбаст мегардад [2, с. 268], ки он ба Сари Пули феълӣ мутобиқат дорад [6, с.266];

ғ) **б=п** (табдили овозҳои «**б**» ба «**п**»): **Андароб / Андароба / Андароп** [Andarāb / Andarāba / Andarāp], номи макони сукунат, деҳа, ки ба чандин макон мансубият дорад. Андароб дар доманаи шимолии Ҳиндукуш мавқеъ дорад. Андароб дар шаклҳои «Андароба», «Андароп» низ мустаъмал аст [Ёқут, ҷ.1, с. 372];

д) **д=т** (табдили овозҳои «**нг**» ба «**нҷ**»): **Ваҳруд / Ваҳрут** [Vahrud / Vahrut], номи рӯд дар ҳудуди давлати Сомониён;

е) **к=н**: (табдили овозҳои «**к**» ба «**н**»): **Вадок / Вадон / Вазок** [Vadāk / Vadān / Vazāk], номи рӯд;

ё) **з=д**: (табдили овозҳои «**з**» ба «**д**»): **Вазор / Вадор** [Vazāk / Vadār], номи русто;

ж) **р=л** (табдили овозҳои «**р**» ба «**л**»): **Варволиз / Валволиҷ / Вазолин** [Varvāliz / Varvāliĵ / Vazālin], номи шаҳр;

з) **г=ҷ** (табдили овозҳои «**г**» ба «**ҷ**»): **Вошгирд / Вошҷирд** [Vāšgird / Vāšĵird], номи ноҳия дар асари «Шоҳнома» дар шаклҳои Вишгирд / Вашгирд / Бишкард / Висагирд / Вишҷирд / Вошгирд / Вошҷирд зикр ёфтааст ва дар ҳудуди имрӯзаи Файзобод воқеъ будааст ё номи пешинаи мавзеи имрӯзаи Файзободи Ҷумҳурии Тоҷикистон Вашгирд, Висагирд мебошад. Дар ҳамин мисол дар ду ҳолат тағйироти савтӣ ба назар мерасад: дар аввал (**в=б**) ва дар мобайн (**г=ҷ**): Вишгирд / Вашгирд = Бишкард, Висагирд=Вишҷирд, Вошгирд=Вошҷирд;

и) **ғ=г=ҷ**: (табдили овозҳои «**ғ**» ба «**г**» ба «**ҷ**»): **Арғон / Аргон / Арҷон / Арракон** [Arğān / Argān / Arĵān / Arrakān], яке аз шаҳрҳои сарзамини Порс маҳсуб меёбад [6, с.1858]. Арғон дар сарчашмаҳои таърихию ҷуғрофии асримиёнагӣ бо шаклҳои «Аргон», «Арракон», «Арҷон» [6, с.1657] истифодаи фаровон дорад.

к) **б=в** (табдили овозҳои «**б**» ба «**в**»): **Ардабил / Ардавил** [Ardabil / Ardavil], шаҳри куҳан дар қисмати шимолу ғарби Эрон. Ардабил дар маъхазҳои илмӣ ба гунаи «Ардавил» [14, с.1589], «Ардубил», «Ардуил» [Локҳарт, с.54] мавриди корбурд қарор дорад.

л) **с=т** (табдили овозҳои «**с**» ба «**т**»): **Арёмиcан** / **Раёмиcан** / **Рометан** / **Ромисана** / **Ромисаниях** / **Ромисина** / **Ромитан** [Aryāmisan / Rayāmisan / Rāmetan / Rāmisana / Rāmisaniyah / Rāmisana / Rāmitan], номи шаҳр ва амсоли инҳо.

Набояд аз хотир дур намуд, ки ин дигаргуниҳо зери таъсири қонуниятҳо ва ҳаводиси таърихию фонетикӣ ва табиию физиологӣ ба амал меоянд, ки раванди баамалойии мустақил доранд ва ҳеҷ кас наметавонад бо иродаи худ ва ё ҷамъияте сади роҳи он шавад ва ё ин тағйирпазириро мутавафқиф созад. Танҳо таҳқиқу пажуҳишҳо ва муқоисаи таркиби фонетикии онҳо шаклҳои таърихӣ ва тағйирёфтаи онҳоро кушода медиҳанд.

2. Тағйирёбии ҳамсадоҳо дар аввал, мобайн ва охири ҷойномҳо дар натиҷаи таъсири забони арабӣ сурат гирифта, чандин ҷойномҳо шакли арабиро (муарраб) гирифтаанд: Пайканд // Пайганд // Байканд // Байканд // Байгандод // Боканд, номи шаҳр дар ҳудуди Бухоро, имрӯз низ бо номи Пайканд вуҷуд дорад. Дар шакли Байконрӯд номи дарёро ифода мекунад; Ҷойноми Шопурком // Шофурком // Шофирком // Шофрикоми имрӯза, ки дар ҳудуди вилояти Бухоро воқеъ аст, дар натиҷаи тағйироти савтӣ чандин маротиба тағйири ном кардааст. Ҳоло ҳам номи дарё (гидронимия) ва ҳам номи шаҳру ноҳия (ойконим) дар истеъмол аст; Систон // Нимрӯз // Сагзистон // Сагистон // Сакон // Сиҷистон // Сиҷзистон, номи сарзамин дар осори таърихӣ ва ҷуғрофӣ, ки муарраб аст ва амсоли инҳо. Агар ба маъно ва сохтори номвожаи ҷуғрофии Шофирком нигарем ин ҷойном аз нигоҳи сохт мураккаб буда, аз ҷузъҳои шо – шоҳ, фир – шакли дигаршудаи пур ва ҷузъи кон – шакли дигари -канд иборат буда, ба маънои деҳа ё шаҳре, ки писари шоҳ бунёд кардааст, далолат мекунад. Ҷойноми Систон, ки дар сарчашмаҳо бо унвонҳо Нимрӯз/Сагзистон/Сагистон/Сакон/Сиҷистон/Сиҷзистон низ ёд мешавад, ба маънои мавзеъ ё макони сакойҳо далолат мекунад.

3. Тағйирёбии анҷомаҳои ҷойномсозро дар нисбати номвожаҳои ҷуғрофии асарҳои таърихӣ ва ҷуғрофии ин аҳд дидан мумкин аст, ки ин ҷо низ таъсири савтиёти забони арабӣ дида мешавад: Абрад+кас//Абрад+кат, шаҳрак, Даҳ+кас // Даҳ+кат, ин ҷойном имрӯз бо унвони Даҳкат дар ҳудуди ноҳияи Деваштиҷи вилояти Суғди Тоҷикистон мавҷуд аст ва ишора ба даҳ хонавода мекунад, зеро яке аз маъноҳои ҷузъи -кат хона ҳам ҳаст.

Дар шаклгирии ҷойномҳои Араскан / Адрасканд, Арбинҷан / Рабанҷан / Рабанҷон / Ранбанҷан, Арғон / Аргон / Арҷон / Арракон, Ардабил / Ардавил / Ардубил / Ардуил низ чунин тағйироти савтӣ рух додааст, ки дар натиҷа ин ҷойном дар ҳамин шакл омада расидааст.

Хулоса. Дар осори таърихӣ ва ҷуғрофии аҳди Сомониён ҷойномҳое ба мушоҳида мерасанд, ки дорои тағйироти савтии таърихианд ва бо ҳамон шакли тағйирёфтаи худ то замони мо баъзеи онҳо расидаанд. Нисбат ба тағйирот дучор шудани ҷойномҳои таърихӣ ҳодисаи таърихӣ мебошад. Зеро таъсири забони арабӣ ба ҳаёти мардуми мо беш гардид, хоҳ ё нохоҳ таъсири он дар талаффуз ҳам дида мешавад, зеро бисёр овозҳои забони форсии тоҷикӣ дар забони арабӣ талаффуз намегарданд ва он шакли арабиро касб мекунад, яъне муарраб мешавад. Муарраб гардидани ҷойномҳо дар натиҷаи талаффуз карда натавонистани ҳамсадоҳои форсии тоҷикӣ рух додааст ва дар байни ҷойномҳои ин давр ҷойномҳои зиёд муарраб гардида дар сарчашмаҳои таърихӣ ва ҷуғрофӣ инъикос ёфтаанд ва дар нишон додани воқеаҳои таърихӣ дар шакли муарраб гардидаашон мусоидат карда, баъдан боз тағйири шакл кардаанд.

Адабиёт

1. *Абдуллоев С. Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён / С. Абдуллоев [Матн]. – Хуҷанд: «Раҳим Ҷалил», 2001. – 424 с.*
2. *Абдуллоев, С. Фарҳанги Сомониён / С. Абдуллоев [Матн]. – М.: Шуъбаи чаҳоруми нашриёти ҳарбӣ, 2001. – 598 с.*
3. *Албирӣ, Боботоҳир Доирату-л-маорифи бузурги исломӣ. Иборат аз 10 ҷилд. Ҷилди 8. / Б. Албирӣ [Матн]. – Теҳрон, 1377. – 1540 с.*
4. *Берунӣ Абурайҳон. Осору-л-боқияА. Берунӣ [Матн]. – Душанбе: «Ирфон», 1990. – 432 с.*
5. *Бодуэн де Куртенэ И.А. Избранные труды по общему языкознанию. Т. 1. [Матн]. – М.: Изд-во АН СССР, 1963. – 384 с.*
6. *Деҳхудо, Алиакбар. Луғатнома/Алиакбар Деҳхудо. Ҷ.5. [Матн]. – Теҳрон: «Сирус», 1330 (1951). – 450 с.*
7. *Донишномаи Сомониён. Ҷ.1. [Матн]. – Хуҷанд: «Нури маърифат», 2008. – 513 с.*
8. *Ёқути Ҳамавӣ. Муъҷаму-л-булдон. Дар панҷ ҷилд. Ҷилди 1. [Матн]. – Байрут: «Дор солир», 1979. – 520 с.*

9. *Истархӣ Абуисҳоқ Иброҳим. Масолик ва малолик / Иброҳим Абуисҳоқ Истархӣ // Бо кӯшиши Эраҷи Афшор [Матн]. – Теҳрон: «Бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб», 1347. – 334 с.*
10. *Қосимова, М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX-X). Ҷилди 1./М.Н. Қосимова [Матн]. – Душанбе: «Муборизa», 2007. – 490 с.*
11. *Муқаддасӣ, Муҳаммад. Аҳсану-т-тақосим. Тарҷумаи Алинақии Мунзавӣ/Муҳаммад Муқаддасӣ [Матн]. – Теҳрон, 1361. – 362 с.*
12. *Хаскашев, Т.Н. Фонетикаи забони адабии тоҷик/Т.Н. Хаскашев [Матн]. – Душанбе: «Маориф», 1989. – 198 с.*
13. *Хоразмӣ, Муҳаммад. Сурату-л-арз/М. Хоразмӣ. Ба кӯшиши Ҳонис Фун Мажик [Матн]. – Вена, 1345/1926.*
14. *Ҳудуд-ул-олам [Матн]. – Душанбе: «Бухоро», 2014. – 588 с.*
15. *Ҷонз, Д. Фонема: табиат ва истифодаи он (Phoneta: Its nature and Use)/Д. Ҷонз [Матн]. – Кембриҷ: «W. Heffer & Sons Ltd», 1950. – 267 с.*

ВИЖАГИҲОИ САВТИИ ҶОЙНОМҲОИ МОВАРОУННАҲРУ ХУРОСОН ДАР АСРҲОИ IX-X

Мақола ба пажуҳиши вижагиҳои савтии ҷойномҳои Мовароуннаҳру Хуросон дар асрҳои IX-X, ки ба давраи давлатдории Сомониён рост меояд, бахшида шудааст. Дар мақола қонуниятҳои дохилии ташаккул ва таҳаввули забони тоҷикӣ дар марҳилаи таърихии худ дар заминаи омӯзиши вижагиҳои фонетикии ҷойномҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ҳангоми таҳқиқи масъала аҳаммияти назариявӣ ва амалии ҳодисаҳои фонетикӣ ва таъсири онҳо дар низоми ҷойномҳои аҳди Сомониён дар заминаи омӯзиш ва бознигарии назарияҳои бунёдии забоншиносони барҷастаи мамолики хориҷ И.А. Бодуен де Куртене ва Даниел Ҷонз сурат гирифта, натичаҳои назаррас ба даст омаданд. Муаллиф дар мақола ба масъалаи мураккаби барқарорсозии низоми овозии забони адабии муосири тоҷик дар асрҳои IX-X ва таъсиру маҳдудиятҳои алифбои арабӣ дар мунъакис намудани вазъияти пурраи савтиётӣ дар заминаи пажуҳишҳои профессор М.Н. Қосимова ва Т.Н. Хаскашев баррасӣ намудааст. Таваҷҷуҳи асосии муаллифи мақола ҳангоми таҳқиқ ба табдили овозҳои такиби ҷойноҳо ва пайдо гардидани гунаҳои нави номҳо, ки аз 1185 ҷойноми мавриди таҳқиқ 450 ҷойном дорои видагиҳои савтӣ мебошанд, равона гардида аст. Намунаи як мисол ва таҳлили ҷойноми **Асадобод / Асадовоз**, ки сарчашмаҳои таърихию ҷуғрофӣ ва луғатҳо бо тафовутҳои овозии зерин мустаъмал аст: дар шакли «Асадовоз», «Асадобоз», ҳамчунин дар шаклҳои «Саҳадобод», «Саидобод», «Саъдобод» ва «Сайъобод» ва дар лаҳҷаи маҳаллӣ ин минтақа гунаи ихтисоршуда ва таҳаввулёфтаи «Саъдво» мустаъмал мебошад, натиҷаи илмии назаррас маҳсуб меёбад.

Калижвожаҳо: давлати Сомониён, вижагиҳои савтӣ, ҷойномҳои Мовароуннаҳру Хуросон, таҳқиқи забоншиносӣ, таърихӣ – ҷуғрофӣ, ҷойном, осори луғавӣ, ҳодисаҳои фонетикӣ, тавофутҳои савтӣ, фонемаҳои ҳамнишин.

ЗВУКОВЫЕ ОСОБЕННОСТИ ТОПОНИМОВ МАВЕРЕННАХРА И ХОРАСАНА В IX-X ВЕКОВ

Статья посвящена исследованию звуковых особенностей Мавереннахра и Хорасана в С веков, что относится к периоду государственности Саманидов. В статье на основе изучения фонетических особенностей топонимов рассмотрено внутренние законы развития и эволюция таджикского языка в своем историческом периоде. При исследовании проблемы теоретического и практического значения фонетических явлений и их влияния на систему топонимов государства Саманидов на основе изучения и пересмотра фундаментальных теорий выдающихся лингвистов зарубежных стран И.А. Бодуена де Куртене и Даниел Джонза получены значительные результаты. Автор в статье рассматривает вопросы трудности восстановления звуковой системы таджикского литературного языка в IX-X веков, а также влияния и ограничения арабского алфавита в полном отражении звуковой системы на основе исследований профессоров М.Н. Косимовой и Т.Н. Хаскашева. В ходе исследования основное внимание автора уделено трансформации звуков топонимических составов и появлению новых типов названий, что из 1185 рассматриваемых топонимов 450 из них имеют звуковые особенности. Пример и анализ одного топонима Асадобод / Асадовоз, используемого в историко-географических источниках и словарях со следующими звуковыми отличиями: в форме «Асадовоз», «Асадобоз», а также в формах «Сахадобод», «Саидобод», «Саъдобод» и «Сайъобод», и в местном диалекте используется сокращенная и преобразованная форма названия этого региона «Саъдво», что считается значимым научным результатом.

Ключевые слова: государство Саманидов, звуковые особенности, топонимы Мавереннахра и Хорасана, лингвистический анализ, историко-географические названия, топоним, лексические произведения, фонетические явления, звуковые отличия, родственные фонемы.

SOUND CHARACTERISTICS OF THE TOPONYMS OF MAWERENNAHR AND KHORASAN IN THE 9TH-10TH CENTURIES

This article examines the sound characteristics of Mawarennahr and Khorasan in the 10th-11th centuries, which corresponds to the Samanid statehood. Based on the study of the phonetic characteristics of toponyms, the article examines the internal laws of development and the evolution of the Tajik language in its historical period. Research into the theoretical and practical significance of phonetic phenomena and their influence on the toponymic system of the Samanid state, based on the study and revision of the fundamental theories of eminent foreign linguists I.A. Baudouin de Courtenay and Daniel Jonze, yielded significant results. The author examines the difficulties of reconstructing the sound system of the Tajik literary language in the 9th-10th centuries, as well as the influence and limitations of the Arabic alphabet in fully reflecting the sound system, based on the research of Professors M.N. Kosimova and T.N. Khaskashev. The author's study focuses on the sound transformation of toponymic compounds and the emergence of new types of names. Of the 1,185 toponyms examined, 450 have sound features. An example and analysis of one toponym, Asadobod / Asadovoz, is used in historical and geographical sources and dictionaries with the following sound differences: in the forms «Asadovoz», «Asadoboz», as well as in the forms «Sahadobod», «Saidobod»», «Sa'dobod», and «Sai'obod». In the local dialect, the abbreviated and transformed form of the name of this region, «Sa'dvo», is used. This is considered a significant scientific finding.

Keywords: Samanid state, sound features, toponyms of Maverannahr and Khorasan, linguistic analysis, historical and geographical names, toponym, lexical works, phonetic phenomena, sound differences, related phonemes.

Дар бораи муаллиф
Абдусамадзода Эрач Абдусамад
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забон
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров, 16
E-mail: erajjon-1988@mail.ru

Об авторе
Абдусамадзода Эрадж Абдусамад
Кандидат филологических наук, доцент кафедры языкознания и истории языка
Кулябский государственный университет им. Абуабдуллох Рудаки
734025, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С. Сафаров, 16
E-mail: erajjon-1988@mail.ru

About the author
Abdusamadzoda Eraj Abdusamad
Candidate of philology, associate professor of the department of linguistics and history of the language
Kulob State University named after A. Rudaki
734025, Republic of Tajikistan, Kulyab, st. S. Safarov, 16
E-mail: erajjon-1988@mail.ru

ТДУ 811.511.2

БАЪЗЕ ОМИЛҲОИ БА ТАҒЙИРОТИ МАЪНОЙ ДУЧОР ОМАДАНИ СИФАТ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ МАВЛОНО ҶАЛОЛИДДИНИ БАЛХӢ

Сулаймонов И. О.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқаддима. Ашъори Ҷалолиддини Балхӣ аз ҷиҳати сарвати луғавӣ, обуранги бадеӣ ва ғунҷоиши маъно беназир аст. Чунин хусусият бештар ба ғазалиёти ӯ, ки дар "Девони кабир" фароҳам омадааст, хос мебошад. Мавлонои Балхӣ барои офаридани маъонии бикр ба интихоби калимаву ибораҳои муносиб бештар эътибор додааст. Истифодаи имкониятҳои луғавию маъноии вожаҳо дар забони шеър, аз як тараф, мутобиқи қонуну меъёрҳои забон сурат бигирад, аз тарафи дигар, онҳо ба риояи талаботи қоидаҳои мустаъмали каломи мавзун низ нигаронида шуда, барои таъмини таносуби шакл ва мазмун хизмат кардаанд. Ин аст, ки корбурди маҷозу истиора ва киноя ташбеҳот ҳамчун категорияи маъноии забон ва ҳам ба сифати саноеи бадеӣ дар шеъри ӯ ба кор рафта, ҷиҳати образноку дилпазир ва ҷаззоб баён намудани фикр мусоидат кардааст. Шоир гуфтори мухтасару ҳадафманд ва дар айни замон забони оммафаҳмро басо меписандад. Барои ноил гардидан ба чунин тарзи баён хуб донистани забони зиндаи халқ ва моҳиронаву бамаврид кор бастан аз воситаҳои забонӣ ба ӯ даст додааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Як падидаи аҷиби забоние, ки дар назми Мавлоно мунтазам ба чашм мехӯрад, бо ҳам омезиш додани меъёрҳои забони адабӣ ва нутқи гуфтугӯӣ маҳсуб меёбад. Ин ҷиҳат барои дар забони шеъри ӯ мақоми хосса пайдо кардани баъзе вижагиҳои нутқ, алалхусус ҳодисаи эллипсис, ки риояи қонуни сарфаҷӯии забон бо он зич иртибот дорад, замина гузоштааст. Муҳаққиқон ин падидаро чунин тавзеҳ додаанд: "Эллипсис (ellipsis – афтидан, фурӯгузор шудан) фурӯгузор шудани унсурҳои ҷудогонаи нутқ, ки онро вобаста ба мазмуну мундариҷаи матн барқарор кардан мумкин аст" [1, с. 420]. Ҳамчунин бино ба маълумоти "Словарь – справочник лингвистических терминов": "Эллипсис ҳамчун як амсилаи услубӣ барои пурзӯр гардидани ҷозибанокии баён, таъсири оҳанги нутқи зинда ва ифоданокии бадеии сухан ба кор бурда мешавад" [12, с. 536]. Чунин хусусиятҳои нутқ бо сабки хоссаи Ҷалолиддини Балхӣ омезиш ёфта, дар бобати ифодаи сухани ҳадафманду кӯтоҳ, муассиру ҷолиб ва дар айни замон дилнишину гуворо кумак кардааст. Ин паҳлуи услуби баёни Мавлоно моро барои таҳқиқи мавзуи мазкур водор намуд.

Тавсифи мухтасари омӯзиши илмии масъала. Оид ба моҳияти падидаи забонии эллипсис ва зарурати корбурди он дар матнҳои бадеӣ В.А. Капранов таҳти унвони "Эллипсис в языке таджикско-персидской литературы" (1980) мақолаи калонҳаҷме ба табъ расонидааст. Ӯ доир ба масъалаи шаклҳои ифодаёбии эллипсис дар забони осори бадеӣ таваққуф намуда, зуҳуроти аз матни ибораву ҷумла афтидани калимаҳои мустақилмаъно (исмҳо, сифатҳо, феълҳо) ва номустақилмаъно (пешояндҳо, пасояндҳо, пайвандакҳо, нидоҳо)-ро бо қонунҳои сарфаҷӯӣ ва харҷи камтари энергия, ки хоси нутқи инсон аст, марбут медонад [7, с.4-5]. Қайд кардан ҷоиз аст, ки масоили марбут ба ҳодисаи эллипсис мавзуи доманадор буда, "таҳқиқи амиқи ин масъала ба омузиши васеи осори адабиёти тоҷику форс иртибот дорад. Ба назар чунин менамояд, ки дар уқёнуси нопайдоканори ин адабиёт таҳқиқро аз осори муҳимтарини адибони классикӣ оғоз кардан ба мақсад мувофиқ аст" [7, с.5-6]. Муҳаққиқи мазкур эллипсисро ба 5 навъ: 1) фурӯгузор шудани калима дар матн, 2) эллипсис дар ибораҳои қолаби ***исм+сифат***, 3) эллипсис дар ибораҳои қолаби исм+исм, 4) эллипсис дар воҳидҳои фразеологӣ, 5) эллипсис дар калимасозӣ гуруҳбандӣ намудааст. Масалан, дар робита ба фурӯгузор шудани пешоянд (***ба, дар***) вай ин байтро аз ашъори Мавлавӣ далел овардааст:

Он ба меҳри хонашинӣ меравад,
Тоҷире дарёву хушкӣ медавад [6, с.6].

Дар бобати афтидани унсурҳои калимасоз аз таркиби калима В.А.Капранов чунин таъкид кардааст: "аз таркиби калима афтидани пасванд боиси сохта шудани калимаи нав намешавад, чунки он сирф хусусияти контекстуалӣ дошта, бо калимасозӣ иртибот надорад [7, с.19].

Мутаассифона, мураттибони "Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ" (М.Бобомуродов ва З.Мухторов, 2016) зимни тавзеҳи моҳияти "эллипсис" танҳо бо тавзеҳи умумии ин истилоҳ ва овардани чанд мисол қонеъ шудаанд [1, с.420]. Мураттибон - Д.Э.Розенталь,

М.А.Теленкова бошанд, дар “Словарь – справочник лингвистических терминов” (1976) [12] мафҳум ва маънои истилоҳи мазкурро то андозае васеътар тавзеҳ додаанд: “Эллипсис - афтидани унсури гуфтор, ки дар матн ё вазъияти нутқ ба осонӣ барқарор карда мешавад” [12, с.536]. Зикр карда мешавад, ки “эллипсис ҳамчун воситаи услубӣ барои ба нутқ бахшидани қувватнокӣ, оҳанги зинда, ифоданокии бадеӣ” [12, с.536] дар матнҳои бадеӣ ба кор бурда мешавад. Истисно аз ин дар фарҳанги мазкур таъкид карда мешавад, ки “ҷумлаҳои аз ҷиҳати таркиб нопурра, ки дар онҳо набудани хабари онҳо бо феъл ифода ёфтааст, чун меъёр қабул карда мешаванд” [12, с.201].

Афтидани аъзои ҷумла дар таркиби ҷумлаҳои сода низ бо зуҳуроти эллипсис қаробат дорад. Дар матн, хусусан дар нутқи диалогӣ бо як калима ифода ёфтани ҷумла маънои ноқис будани фикр ё сохтори ҷумларо надорад, зеро муҳаққиқон дар нутқи диалогӣ бо як калима, як ибора ва ё ҷумлаҳои кутоҳ баён намудани матлабро зуҳуроти қонунӣ арзёбӣ намуда [7, с.289], “Ҷумлаи содае, ки дар он яке аз аъзоҳо ва ё якчанд аъзои он зикр нашудааст, нопурра ном дорад. Аъзои зикрнашудаи ҷумлаи содаи нопурра дар матн ва вазъияти сухан тасаввур карда мешавад. Ҷумлаҳои нопурра бештар дар гуфтугӯ истифода бурда мешаванд “ [5, с.59].

Эллипсис бо падидаи забонии конверсия ё худ транспозитсия робитаи зич дорад, зеро дар заминаи роҳи калимасозии морфологӣ – синтаксисӣ, ки бо ҳодисаи гузариш аз як ҳиссаи нутқ ба ҳиссаи нутқи дигар иртибот дорад, бисёр сифатҳо ба исм мегузаранд ва парадигмаҳои онро қабул мекунанд. Дар забони тоҷикӣ дар натиҷаи ба ҷои исми ибораи изофии қолаби исм+сифат истифода шудани сифат як зуҳуроти муқаррарии субстантиватсия шудани сифатҳо мебошад [10, с.9-10; 14, с.177-183]. Дар ҳолати афтидани исм сифати чунин ибораҳо бевосита тамоми вазифаҳои исмро иҷро мекунанд: *марди* ***пир*** *–* ***пир****, одами* ***бемор – бемор****, бузи* ***кал – кал*** ва амсоли инҳо.

Зуҳуроти ба эллипсис монанд дар адабиётшиносӣ бештар бо падидаи фурӯгузор шудани ягон овози таркиби калима ва тарки изофат иртибот дорад, ки аввалӣ бо истилоҳи ***сакта*** (завоид) ва дувумӣ бо истилоҳи ***факки изофат*** маъмул мебошад. Ба вуқуъ омадани чунин ҳодиса бо қавоиди шеър, ифоданокии баён ва суфтаву равон талаффуз кардари калимаҳо дар матн марбут мебошад. Чунончи, дар мисоли якум фурӯгузор шудани ҳамсадои ***д*** дар вожаи ***балан//баланд*** ва дар мисоли дувум тарк шудани бандаки изофӣ – ***хирмани гиёҳ – хирман гиёҳ*** мушоҳида карда мешавад:

1.Доир ба сакта: *Бахти гуҷишк ин тариқи боз шуд,*

Чун уқоби бас ***балан (д)*** *парвоз шуд* (М.Шералӣ) [6, с.225].

2.Доир ба факки изофат:

Як даста гули димоғпарвар,

Аз сад ***хирман (и) гиёҳ*** *беҳтар* (Низомӣ) [6, с.225].

Мураттибони “Луғати русӣ – тоҷикӣ” (1985) истилоҳи эллипсисро мухтасаран чунин тавзеҳ додаанд: “эллипсис – истилоҳи лингвистӣ: афтодани ягон аъзои ҷумла” [8, с.225].

Мақсади таҳқиқ. Ҳадафи асосии ин мақола таҳқиқи пурраи ифодаёбии ҳодисаи эллипсис дар ашъори Мавлоно набуда, балки тавассути таъсири ин падида (зимни аз матн афтидани исмҳо) ба таҳаввулоти маъноӣ дучор омадани сифатҳои аслӣ, ки ҷузъи тобеи ибораҳои исмии изофӣ маҳсуб меёбанд, ба шумор меравад. Барои равшан гардидани матлаб овардани ин байтро аз як ғазали шоир зарур медонем:

Дардеҳ ***майи хому*** *бин, ки моро,*

Дар маҷлисе ***хоми дигар*** *омад* [17, с.167].

Яқин аст, ки дар байти фавқ дар таркиби ибораи ***майи хом*** калимаи ***хом*** сифати аслӣ мебошад ва ибораи мазкур аз лиҳози таркиб ва маъно пурра аст, ***хом*** ҷузъи тобеъ ё муайяншавандаи ибораи ***майи хом*** мебошад. Ин вожа ба маънии аслии луғавии худ: “нопухта, норасида”, амсоли ***меваи хом, меваи нопухта, меваи норасида*** корбаст шудааст. Вале мақсади мубоҳисаи мо на дар ин мисраъ, балки дар мисраи дуюм дар ибораи ***хоми дигар*** ифода шудааст. Вожаи ***хом*** бе тағйири сохтори морфологии худ ба маънову вазифаи нав соҳиб шудааст. Чунин амал дар натиҷаи чанд ҳодисаи забонӣ ба вуқуъ пайвастааст: а) ҷузъи асосии ибораи ***хоми дигар*** исми ***одам*** аст, ки он зикр наёфтааст ва мавҷудияти онро аз калимаи ***хом*** дарк мекунем, яъне ибораи ***одами хоми дигар*** ба эллипсис рӯ ба рӯ шуда, исми он – ***одам*** фурӯгузор шудааст: ***хоми дигар***; б) вожаи ***хом*** маънои маҷозӣ касб намуда, он мафҳуми *одами* ***бетаҷриба,*** *одами* ***камтаҷриба***ро инъикос намудааст; в) барои тағйир ёфтани маънои луғавию грамматикии калима ҳодисаи конверсия ё транспозитсия боис гардидааст. “Бе ҳеҷ гуна морфемаҳои калимасоз аз як ҳиссаи нутқ ба дигаре гузаштани калимаҳоро усули калимасозии морфологӣ - синтаксисӣ меноманд” [3, с.126]. Дар намунаи

баррасишуда мо ҳодисаи аз сифат ба исм гузаштани калимаи ***хом***-ро мушоҳида мекунем, ки он як навъи исмшавӣ ё субстантиватсия шудани ҳиссаҳои дигари нуткро собит месозад. Айни ҳамин падидаро дар намунаи зерин мушоҳида кардан мумкин аст, ки вожаи ***хом*** ҳам дар мақоми сифат ва ҳам дар мавқеи исм баромад кардааст:

Шароби хом *биёвар ба пухтагон дардеҳ,*

Ман аз куҷо, ғами ҳар ***хоми қалтабон*** *зи куҷо* [17, с.23].

Методҳои таҳқиқ. Барои ноил шудан ба ин мақсад аз методҳои маъруфи забоншиносӣ амсоли таҳлили луғавӣ, таҳлили грамматикӣ, таҳлили баъзе нозукиҳои забонию услубии матн, муқоиса ва монанди инҳо истифода бурда шуд. Чунончи, усулҳои таҳлил ва муқоиса дар бобати муайян намудани нақши эллипсис дар матни асари бадеӣ ва муносибати он бо дигар

Дар робита ба масъалаи таҳқиқшаванда ҳамин гуна ҳолатро В.А.Капранов ба маърази таҳқиқ гирифта менигорад, ки "Сифатҳои аслӣ дар натиҷаи ба зуҳуроти эллипсис дучор омадан метавонанд субстантиватсия шуда, ба маънои исмӣ (предметӣ) – муайяншавандаи ибора корбаст шаванд". Яъне, ҳам ҳодисаи гузариш ва ҳам падидаи эллипсис барои дигаргун шудани маънои луғавию грамматикии калима мусоидат кардаанд. Мавсуф барои тақвият бахшидан ба андешаҳои худ аз "Бӯстон"-и Саъдӣ ин қитъаро чун намуна манзур кардааст:

Чу нопухта омад зи сахтӣ ба ҷӯш,

Яке гуфташ аз чоҳи зиндон: "Хамӯш!"

Ба ҷой овар, ***эй хом****, шукри Худой,*

Ки чун мо ***найӣ хом*** *бар дасту пой* [Саъдӣ. 7, с.11].

Дар заминаи транспозитсия сохта шудани калимаҳои нав, хусусан оид ба зуҳуроти субстантиватсия шудани калимаҳо Ш.Муҳаммадиев (2009) дар заминаи маводди адабиёти классикӣ ва адабиёти муосир таҳқиқоти муҳим анҷом дода, нисбат ба дигар ҳиссаҳои нутқ имкониятҳои бештар доштани сифатҳоро қайд кардааст [10, с.9-12].

Баръакси ин зуҳуротро дар мисоли вожаи ***лаъл*** мушоҳида кардан мумкин аст. Ин калима аслан исм буда, он шакли арабӣ гирифтаи вожаи эрониасли ***лол*** ба маънои "санги қиматбаҳои сурхранги дурахшон, ки навъи аълои он бо номи "лаъли Бадахшон" машҳур аст", мустаъмал мебошад.

Лаъл *дар кӯҳ бувад, гавҳар дар қулзуми талх,*

Аз пайи ***лаълу гуҳар*** *ин бихӯрам, он бикашам*[17, с.320].

Аз паси кӯҳе барову ***сангҳоро лаъл кун****,*

Бори дигар ғураҳоро пухтаву ангур кун [17, с.416].

Аломати сурхии ранг боис гардидааст, ки ***лаъл*** маънои маҷозӣ пайдо кунад: ***лаъл*** – маҷозан: ранги сурх, сурх [15, с.597] ва бештар маънии ранги сурхи лабро ифода намояд:

Чу анқо кӯҳи Қоферо ту паррон бинӣ аз ишқаш,

Агар он кӯҳ хабар ёбад, зи ***лаъли*** *ёри айёрам* [17, с.167].

Истисно аз ин ***лаъл*** ба маънои киноявӣ молик гардида, дар робита ба санъати ташбеҳ мафҳуми ***лаби маъшуқа***ро, ки сурхранг аст, ифода намудааст. Чунончи, дар ибораи ***лаъли сухандон*** лаъл маҷозан ба маънои "лаб" корбаст шудааст:

Чун қанду шакар ояд, пеши ту кӣ мебояд?

Бар қанду шакар хандад он ***лаъли сухандонат*** [17, с.46].

Ба маънии ***лаби сурх*** корбаст шудани вожаи ***лаъл***ро калимаи мураккабсохти ***лаълинлаб*** тақвият бахшидааст:

Биё, эй ёри ***лаълинлаб****, дилам гум шуд аз ин қолаб,*

Дилам доғи шумо дорад, яқин пеши шумо бошад [17, с.123].

Мафҳуми ранги сурх бо ранги сурхи май – шароб иртиботи маъноӣ дорад, ки ин маънӣ дар ибораи *рухи* ***майранг*** (сурхранг) чунин инъикос ёфтааст:

Сурати лутфи сақаллоҳ тӯӣ дар ду ҷаҳон,

Рухи ***майранг*** *намо то ҳамагон данг шавем* [15, с.330].

Зимни мафҳуми ранги гул - ***гулранг*** ҳам аксаран дар ташбеҳ ***ранги сурх*** дар назар дошта мешавад:

Соқиё, арбада кардем, ки дар ҷанг шавем,

Майи ***гулранг*** *бидеҳ, то ҳама якранг шавем* [17, с.330].

Лола ранги сурх дорад, тавассути он сифати субстантивии ***лоларӯ*** сохта шудааст:

Нак нишони ***лоларӯе, лоларӯйе, лоларӯ****,*

Бар рухи ман заъфарону заъфарону заъфарон [17, с.421].

Шоир қаробати маъноию таносуби баёнро зимни ифодаи ***бодаи лаъл*** (майи сурх), ***ранги лола*** (лоларӯ) ва ***гули сурх, ранги заъфарон, гули зард рухи ҳамчун зар*** шабоҳати ашёро бо симои инсон хеле олӣ таҷассум намудааст:

Ҳунук он дам, ки биёрӣ сӯи ман ***бодаи лаъл***,

Бидурахшад зи шарораш ***рухи ҳамчун зари*** *ман* [17, с.412].

Гули сурху гули зард *аз хиҷидӣ,*

Аз сари шох бирезад ба замин [17, с.437].

Арғувон - вожаи тоҷикиасл маъруф ба маънои "дарахте, ки гулҳои бағоят сурх дорад; маҷозан: сурх [15, с.87]. Мавлоно мафҳуми ранги сурхро бо ***арғувон*** ташбеҳ додааст**,** ки он мутаносибан бо ранги сурхи рухсор ва хамр шабоҳат дорад, ин гуна ифода намудааст:

Сина чу бӯстон кунад дамдамаи баҳори ман,

Чеҳра чу арғувон *кунад,* ***хамри чу арғувони*** *ман* [17, с.39].

Ақиқ - калимаи иқтибосии арабиасл аст ба маънои "1. навъе аз сангҳои қиматбаҳо, ки сурхранг ва зарди норанҷист; 2. киноя аз сурхии лаб, шароби сурхранг, ашки хунин", [15, с.113]. Дар шеъри Мавлоно ранги бодаву ақиқ ташбеҳи муносиб шуда, мафҳуми ранги сурхро ифода намуда, дар мисраи дуюми байти зерин мафҳуми сифатӣ ва дар ибораи ақиқи кон ба маънои ҷавоҳир ба кор рафтааст:

Бода бинӯшу мот шав ҷумлаи тан ҳаёт шав,

Бодаи чун ақиқ *бин, ёди* ***ақиқи кон*** *макун* [17, с.400].

Дар мисоли дигар шабоҳати ранги сурх тавассути ибораҳои ***лаби лаъл*** ва ***ақиқи Яман*** тасвир ёфтааст:

Чанг фародаст кард, лаб ғазал оғоз кард,

К-эй ***лаби лаъли*** *туро, банда* ***ақиқи Яман*** [17, с.444].

Вожаҳоии ***лаъл, арғувон, ақиқ*** дар мисолҳои боло ба ҳодисаи адъективатсия дучор шудаанд, онҳо аслан исманд, ки вобаста ба ранги худ – сурх маънои сифтӣ пайдо карда, дар вазифаи сифат корбаст шудаанд.

Ширин дар луғат – "1. дорои маззаи қанд ва шакар"; 2. латиф, дилкаш, мулоим, нарм, нозук, гуворо (16, с.590) маънидод шудааст. Дар бораи сифати аслӣ будани калимаи ***ширин*** ҷои шубҳа нест:

Оби ширинам *нададӣ, то ки хон густурдаӣ,*

Дасту поям бастаӣ, то дасту по бишнохтам [17, с.304].

Дар намунаи зерин дошад, ***ширин*** маънои "хуш, гуворо, форам"-ро ифода кардааст:

Ситеза кун, ки зи хубон ситеза ***ширин*** *аст,*

Баҳона кун, ки бутонро баҳона оин аст [17, с.58].

Дар таркиби ибораи ***ҷони ширин***, ки дар забони адабии имрӯза ва нутқи гуфтугӯӣ унсури хеле серистеъмол мебошад, ин вожа маънои "азиз, дилкаш ва латиф"-ро доро буда, ба маънои мусбати маҷозӣ ба кор рафтааст:

Эй, ки асли ҷумла ***ширинон*** *туруш,*

Ҷони ширинам *фидои он туруш* [17, с.177].

Вожаи сифатии ***ширин*** дар натиҷаи ба зуҳуроти гузариш (транспозитсия) дучор омадан ҳам маънои луғавӣ ва ҳам маънои грамматикии худро тағйир дода, ба исми хос гузашта, номи тоҷикии занонаро ифода кардааст:

Хусравон хоки кафашро, ба Худо, тоҷ кунанд,

Ҳар кӣ ***Ширин****и туро дилшуда чун Фарҳод аст* [17, с.56].

Басе санг андар ӯ банду чу содиқ буд, механдид,

Чаро ***Ширин*** *нахандад хуш, ки аз Хусрав нисор омад* [15, с.162].

Ба ҳамин падида монанд бисёр сифатҳои аслии тоҷикиасл ва иқтибосии арабие, ки дар забони адабӣ маъмуланд, илова ба вазифаи маъмулияшон имрӯзҳо дар забони адабии ҳозира ба сифати унсурҳои ономастикӣ ва ё исми хоси шахс дар истеъмол мебошанд: **а) вожаву номвожаҳои эрониасл**: 1) *номҳои занона*: ***зебо*** (хушрӯй) - Зебо, ***беназир*** (бемисл, беҳамто) – Беназир, ***дилбар*** (маҳбуба) – Дилбар, ***моҳрӯ*** (хубчеҳра) – Моҳрӯ, ***маҳваш*** (зебо) – Маҳваш, ***гулрӯ*** – Гулрӯ, ***гулчеҳра*** – Гулчеҳра, ***фарзона*** – Фарзона, ***барно*** (ҷавон) – Барно, ***тобон*** (намоён)– Тобон, ***мастона*** (мисли маст) - Мастона ва ғайра; 2) *номҳои мардона*: ***равшан*** (рӯз, соф, офтобӣ) - Равшан, ***сангин*** (аз санг сохташуда; маҷозан: душвор, мушкил) – Сангин, ***фаррух*** (хушбахт, хуштолеъ) – Фаррух, ***дилшод*** (беғам) – Дилшод, ***шерафкан*** (паҳлавон, азимҷусса) – Шерафкан, ***бедил*** (ошиқ, шайдо) – Бедил, ***хуррам*** (хуш, шод) – Хуррам, ***меҳрубон*** (хушмуомила, самамӣ) – Меҳрубон, ***пир*** (солхӯрда) – Пир, ***гадо*** (талбанда, камбағал, қашшоқ) - Гадо ва монанди инҳо. б) Вожаву номвожаҳои арабиасл: номҳои

мардонаву занона: ***азиз*** (боарзиш, пурқимат, муҳтарам, нодир) – Азиз (а), ***мунир*** (тобон, зебо) – Мунир (а), ***карим*** (бокарам, саховатманд) – Карим, ***қодир*** (тавоно, ниpуманд) – Қодир, ***қаҳҳор*** (сахтгир, золим, ҳоким, ғолиб) – Қаҳҳор, ***латиф*** (нозук, нарм, хушрӯ, гуворо, накукор) – Латиф (а), ***акбар*** (бузург, калонтар) – Акбар, ***маҷнун*** (ҷиннӣ, девона) – Маҷнун, ***оқил*** (боақл, хирадманд) - Оқил (а), ***зариф*** (хушфаҳм, зирак, латиф) – Зариф (а) ва монанди инҳо.

Муносибати байни исм ва сифат хеле тулонию қадимӣ мебошад. “Сабаби бештар ба исм дохил шудани сифат дар он аст, ки он аз ҳамаи ҳиссаҳои дигари нутқ ба исм наздиктар мебошад. Сифат бе исм вуҷуд надорад. Сифатҳо аломатҳоеро ифода мекунанд, ки хоси ин ё он предмет мебошанд. Дар ин гуна мавридҳо он аломат ба дараҷае маълум мешавад, ки баробари ифодаи он предмети вай ҳам пеши назар меояд. Ин гуна сифатҳо ҷои исмро озодона ишғол намуда, ба вазифаи вай омадан мегиранд” [5, 127]. Ин нуктаро Ш.Рустамов низ таъкид кардааст, ки дар натиҷаи ба исм гузаштан сифатҳо ҳатман ба парадигмаҳои исм молик мегарданд, яъне категорияҳои исмро қабул мекунанд [13]. Чунончи, тамоми аломату нишонаҳои гузаришро дар намунаҳои зерин мушоҳида кардан мумкин аст:

-пасвандҳои ҷамъсози исм: ***-он (-гон, -ён), -ҳо***-ро қабул кардаанд: ***бечора+гон, бекас+он, ташна+гон, бегона+гон, моҳрух+он, моҳрӯ+ён, маст+он, сармаст+он, девона+гон, хуб+он, тиҳидаст+он, бадгумон+ҳо*** ва ғайра.

Ҷаҳон гар рӯ туруш дорад, чу маҳ дар рӯйи ман хандад,
Ки ман ҷуз ***мири маҳрӯ****ро намедонам, намедонам* [17, с.211].
Маҳрӯ *чу туе бояд, эй моҳ, ғуломи ту,*
То бар ҳама ***маҳрӯён*** *мечарбаду менозад* [17, с.130].

-артикли номуайянии ***–е*** қабул кардаанд: ***ошно+е, беҳунар+е, бехабар+е, симтан+е, симбар+е, зишт+е, айёр+е, гулрухон+е, кӯр+е*** ва мисли инҳо.

Ман ***симтане*** *хоҳам, ман ҳамчу мане хоҳам,*
Безорам аз он ***зиште****, к-ӯ симу дирам дорад* [17, с.128].
Гулрухоне *зи адам рақскунон омадаанд,*
К-анҷуми чарх нисори қадами эшон шуд [17, с.142].

-ба монанди исмҳо пеш аз худ ҷонишинҳои ишоратию таъинӣ гирфтаанд: ***он зишт, он паричеҳра, он парирухсор, он рубобӣ, ин мискин, ҳар муфлис****,*

Бар ***он зишт*** *бихандед, ки ӯ ноз намояд,*
Бар он ёр бигирйед, ки аз ёр буридаст [17, с.74].
Хамӯш кардам, хамӯш кардам, ки девони шеъри ман,
Зи шарми ***он паричеҳра*** *ба истифғор меояд* [15, 98].

-сифатҳои субстантӣ пеш аз худашон пешояндҳои аслӣ гирифтаанд: ***аз парирӯён****,* ***зи нобино, зи ногӯё****,*

Бихон бар шишаи дил ин азимат,
Ки фарёд ***аз парирӯён*** *барояд* [17, с.132].
Хамӯш бошам, бувад, к-ин ғам барафтад,
Ғалат ғуфтам, ***зи ногӯё*** *гурезад* [17, с.134].

-сифатҳои исмшуда пасоянди ***–ро*** қабул кардаанд: ***нармдилеро, бегонагонро,***

Нармдилеро *ба чӣ арзад, ки ӯ,*
Паст кунад сад дили девонаро [17, с.33].

-қабл аз худ калимаҳои нидоӣ гирифта, мухотаби ҷумла шудаанд: ***эй симбар****,* ***эй малулон****,* ***эй шуҳракамар, эй сабзапӯшон****,* ***эй аблаҳ****,*

Эй симбар*, ба ман назаре кун закоти ҳусн,*
К-ин чашми ман пур аз дуру рухсор пурзар [17, с.51].
Дар хоб шавед, ***эй малулон****,*
В-ин хилватро ба мо супоред [17, с.112].

Намунаҳои дар боло баррасишуда гувоҳи он аст, ки сифатҳои сохторашон гуногун – сода, сохта, мураккаб имконияти ба исм гузаштанро доштаанд:

-сифатҳои сода: ***хом, зебо, гадо, пир, ҷавон, ошно, ташна,зишт, айёр, мискин, зариф, латиф, акбар, малул, аблаҳ, аҳмақ, золим*** ва ғ.

-сифатҳои сохта: ***бедил, бечора, бекас, нобино, ногӯё, ширин, девона, бино, донишманд, хирадманд, рубобӣ*** ва ғ.

-сифатҳои мураккаб: ***дилбар, дилдор, гулрӯ, гулранг, майранг, лоларӯ, паричеҳра, парирухсор, парирӯ, симтан, симбар, сармаст, сабзпӯш, нармдил, бадгумон, тиҳидаст*** ва ғ.

Зикр кардан бамаврид аст, ки “сифатҳое, ки ба исм мегузаранд, хусусияти сифатияшонро комилан гум намекунанд, ин ҳолат ҳам дар маъно, ҳам дар шаклҳои морфологӣ ва ҳам дар муносибати вай бо дигар калимаҳо зоҳир мегардад. Сифатҳои предметонидашуда ҳам предмет ва ҳам аломати онро дар якҷоягӣ ифода мекунанд” [14, с.128]. Ҳамин хусусият дар мавриди ҷузъи асосии ибораҳои изофиро ташкил додани сифатҳои субстантивӣ ва сифатҳои дигарро ба худ тобеъ кардани он басо равшану возеҳ ба назар мерасад. Чунончи, сифатҳои аслии ба исм гузаштаи пир, гулрухон, золим, хушхӯ, хаста, дилбар ва ғайра бандаки изофӣ қабул карда, ҳамчун исм ибораҳои изофӣ сохтаанд: ***пири заифи бимонда барҷо***, ***гулрухони моҳпайкар***, ***золими бадғавр, хушхӯи бадхӯ, хастаи бемор***, ***дилбари айёр*** ва ғайра.

Дароварон ба рақсу тараб ба як ҷуръа,
Ҳазор ***пири заифи бимонда барҷо****ро* [17, с.40].
Ман нашканам ҷуз ҷаврро, ё ***золими бадғавр****ро,*
Гар заррае дорад намак, габрам агар он бишканам [17, с.191].

Як хосияти аҷиби сифатҳо дар он зоҳир мешавад, ки ба монанди исмҳо бо феълҳои ёридиҳанда муносибати маъноӣ барқарор намуда, дар сохтани феълҳои таркибии номӣ фаъолона саҳм мегиранд: ***тиҳӣ доштан***, ***сер шудан, бедилу бедаст кардан, маст кардан***, ***хиҷил шудан, хушк шудан*** ва мисли инҳо:

Ҳин, чашм фурӯ банд, ки он чашм ғаюр аст,
Ҳин, меъда ***тиҳӣ дор****, ки лутест муҳайё* [17, с.11].
Саг ***сер шавад****, ҳеҷ шикоре набигирад,*
К-аз оташи ҷуъ аст такупӯйи тақозо [17, с.11].
Нест кунад, ҳаст кунад, ***бедилу бедаст кунад****,*
Бода диҳад, ***маст кунад****, соқии хаммор маро* [17, с.37].

Хулоса. Ба ҳамин тариқ, дар доираи мақолаи мазкур оид ба чанд омили ба таҳаввулоти маъноӣ дучор гардидани сифатҳои аслӣ дар заминаи маводди ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ, ки дар “Девони Кабир” [17] баррасиҳо сурат гирифт. Натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки сифатҳои аслӣ дар ашъори Мавлоно дар мавридҳои зерин ба таҳаввулоти маъноӣ дучор омадаанд:

1.Зимни ҳодисаи эллипсис аз таркиби ибораҳои исмии қолаби ***исм+сифат*** ҷузъи асосӣ (исм) ё калимаи муайяншаванда фурӯгузор мешавад, дар натиҷа сифат ё худ аломати ашё ба ҷои худи ҳамон ашё баромад карда, хосияти исмӣ пайдо мекунад.

2.Мавриди дигари ба таҳаввули семантикӣ дучор омадани сифатҳои аслӣ бо зуҳуроти транспозитсия (конверсия; роҳи калимасозии морфологӣ-синтаксисӣ) иртибот дорад. Ду навъи зуҳуроти гузариш аз як ҳиссаи нутқ ба ҳиссаи дигари нутқ – субстантивасия (ба исм гузаштан) ва адйективатсия (ба сифат гузаштан) ба мушоҳида расид. Сифатҳои аслӣ ба парадигмаҳои исм соҳиб шуда, маънои луғавию грамматикии нав (исмӣ, предметӣ) пайдо мекунанд. Сифатҳои ба исм гузашта ибораҳои исмии изофӣ месозанд ва калимаҳои дигарро ба худ тобеъ мекунанд.

3.Сифатҳои аслӣ дар натиҷаи маънои маҷозӣ ва ташбеҳӣ гирифтан, бо феълҳои ёридиҳанда ҳамроҳ омадан ва амсоли инҳо, дар баробари нигоҳ доштани маънии аслии луғавии худ, соҳиби маънои маҷозӣ шуда, сермаъно мегарданд.

4.Бояд таъкид кард, ки чунин вожаҳо ҳамеша маънои аслии сифатии худро нигоҳ медоранд. Як қисми сифатҳои аслии тоҷикӣ ва иқтибосии арабӣ чи дар гузашта ва чи дар забони адабии ҳозираи тоҷик ҳамчун исми хос истифода бурда мешудаанд.

5.Натиҷаҳои таҳқиқро омӯзгорон ва донишҷӯёни зинаҳои гуногуни ихтисосҳои филолгӣ дар дарсҳои назариявӣ ва амалии фанҳои забони адабии ҳозираи тӣоҷик, услубшиносӣ, таҳлили лингвистии матн, ҳусни баён; дар таҳияи мақолаҳои аналогӣ, навиштани корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатм истифода бурда метавонанд.

Адабиёт

1. *Бобомуродов М., Мухторов З. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ./ М.Бобомуродов, З. Мухторов. -Душанбе: ДМТ, 2016. - 428 с.*
2. *Буриев Ш. Лексическая синонимия в ”Маснавии маънави” Джалолиддина Руми. Автореф. дис. канд филол. наук./Ш.Буриев. –Душанбе, 2002. -22 с.*
3. *Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди 1. Фонетика ва морфология. –Душанбе: Дониш, 1985. –356 с.*
4. *Ғаффоров Р. ва диг. Услубшиносӣ (китоби дарсӣ барои синфҳои 10-11). Р.Ғаффоров, С.Ҳошимов, Б.Камолиддинов. –Душанбе: Маориф, 1995. -192 с.*

5. *Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 2. Синтаксис. –Душанбе: Маориф, 1995. -336 с.*
6. *Зеҳнӣ Т. Санъати сухан. Турақул Зеҳнӣ. –Душанбе: Ирфон, 1979. – 328 с.*
7. *Капранов В.А. Эллипсис в языке таджикско-персидской литературы./ В.А.Капранов // Забоншиносии тоҷик. –Душанбе: Дониш, 1980. –С. 3-20.*
8. *Луғати русӣ – тоҷикӣ. Зери таҳрири М.С.Осимӣ. –М: Русский язык, 1985. -1280 с.*
9. *Маъсумӣ Н. Асарҳои мунтахаб. Ҷилди 2. / Н. Маъсумӣ. –Душанбе: Ирфон, 1980. -352 с.*
10. *Муминов А. Полисемия дар забони тоҷикӣ./ А.Муминов. –Душанбе, 1972. -152 с.*
11. *Муҳаммадиев Ш. Субстантиватсия в таджикском литературном языке. Автореф. дис. канд. фил. наук./ Ш. Мухаммадиев. –Душанбе, 2009. -24 с.*
12. *Розенталь Д.Э., Теленкова М.А. Словарь – справочник лингвистических терминов./ Д.Э.Розенталь, М.А.Теленкова. –М.: Просвещение, 1976. – 536 с.*
13. *Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик./ Шарофиддин Рустамов. –Душанбе: Дониш, 1972.*
14. *Рустамов Ш. Исм./ Шарофиддин Рустамов. –Душанбе: Дониш, 1981.*
15. *Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. –М.: Советская энсиклопедия, 1969. -949 с.*
16. *Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. Советская энсиклопедия –М.: 1969. -949 с.*
17. *Ҷалолиддини Румӣ. Девони Кабир. Ҷилди аввал./ Румӣ Ҷалолиддин. –Душанбе: Адиб, 1992. -448 с.*

БАЪЗЕ ОМИЛҲОИ БА ТАҒЙИРОТИ МАЪНОЙ ДУЧОР ОМАДАНИ СИФАТ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ МАВЛОНО ҶАЛОЛИДДИНИ БАЛХӢ

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи баъзе омилҳои ба таҳаввулоти маъноӣ дучор омадани сифатҳо дар асоси маводди ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ бахшида шудааст. Муаллиф бо овардани мисолҳои зиёд аз маҳорати баланди сухансароӣ доштани шоир ёдовар шуда, қайд мекунад, ки дар матни ғазалиёти Мавлоно зимни маънои маҷозӣ пайдо кардан ва ба ҳодисаи эллипсис гирифтор шудан аломати ашё ба ҷои худи ашё истеъмол мешавад (**хом, пир, кӯр**). Як гуруҳи дигари вожаҳо бошанд, дар заминаи ташбеҳ ва маҷоз, бо вуҷуди исм будан ҳамчун ҳамчун сифат кор фармуда шудаанд, ки дар чунин ҳолат навъи дигари падидаи гузариш – адъективатсия (ба сифат гузаштани вожаҳо) мушоҳида карда мешавад (**лаъл, арғувон, ақиқ** (сурх). Бисёр калимаҳои сифатӣ дар мақоми исм ба кор рафта, категория ва парадигмаҳои исмро қабул мекунанд (**бекасон, ташнагон; симтане, зиште).** Нақши сифатҳои субстантӣ дар ташаккули исмҳои хоси ифодагари номи шахс низ қобили зикр аст (**ширин** (бомазза) **– Ширин** (исми хос), **маҷнун** (девона) **– Маҷнун** (ном, лақаби Қайс). Сифатҳои аслии ба исм гузашта қобилияти иборасозӣ доранд ва ҳамчун муайяншаванда вожаҳои дигарро ба худ тобеъ мекунанд **(хастаи бемор, дилбари айёр)**. Сифатҳои аслӣ ба монанди исмҳо бо феълҳои ёридиҳанда ҳамроҳ омада, бо онҳо дар муносибати маъноӣ қарор гирифта, феълҳои таркибии номӣ сохтаанд **(тиҳӣ доштан, сер шудан)**. Қайд кардан ҷоиз аст, ки ба таҳаввулоти маъноӣ дучор омадани сифатҳо ва тағйир ёфтани маънои луғавӣ ва грамматикии онҳо раванди муваққатӣ ва контекстуалӣ мебошад.

Калидвожаҳо: сифат, сифати аслӣ, таҳаввулоти маъноӣ, эллипсис, маънои маҷозӣ, ибора, ибораҳои исмии изофӣ, ибораҳои сифатӣ.

НЕКОТОРЫЕ ФАКТОРЫ, ОБУСЛОВЛИВАЮЩИЕ СЕМАНТИЧЕСКИЕ ИЗМЕНЕНИЯ ИМЁН ПРИЛАГАТЕЛЬНЫХ В ГЕЗЕЛЯХ МАВЛОНО ДЖАЛОЛИДДИНА БАЛХИ

Данная статья посвящена исследованием некоторых факторов развития значений имён прилагательных на основе материала газелей Джалолиддина Балхи. Автор опираясь на многочисленных фактов упоминая об высокой творческой мастерстве поэта, отмечает, что под влиянием языковых явлений, как метафоры, сравнении, эллипсиса, разновидностей конверсии (или транспозиции) признаки предмета используются вместе самого предмета (**хом** - неспелый, незрелый, неопытный; **пир** - старый, старик, предводитель) **кӯр** - невидевший, слепой). Другая часть, особенно предметные слова, под воздействием метафоры и сравнения, наоборот вступают в качестве имён прилагательных образуя адъективные слова (**лаъл, арғувон, ақиқ** (сурх). Большой часть качественные прилагателные принимая категории числа, неопределённости и парадигми имён существительного выпольняют роль самого предмета **(бекасон** - одинокие**, ташнагон** - жаждущие**; симтане** -красивая**, зиште** - плохой, некрасивый и т.д.). Роль субстантивных прилагательных очень высока в формировании собственных имён принадлежащей человеку (**ширин –** (сладкий) **– Ширин** (собственная женская имя), **маҷнун** (псих, идиот) **– Маҷнун** (собственный мужское имя). Субстанты как и предметные слова образуют изафетные сочетание, в которых как определяющий подчиняют себе определяемого из числа других частей речи **(хастаи бемор** (уставший больной)**, дилбари айёр** (умная, находчивая красавица). Субстантивные слова наряду с вспомогательными глаголами образуют именные глаголы **(тиҳӣ доштан, сер шудан).** Следует отметить, что развитие семантики качественных прилагательных и их лексико-грамматические изменения в вышеуказанных случаев являются временным и котекстуальным процессом.

Ключевые слова: прилагательное, качественное прилагательное, развитие значения, эллипсис, переносное значение, словосочетание, именные изафетные словосочетания, адъективные словосочетания.

SOME FACTORS CONTRIBUTING TO SEMANTIC CHANGES IN ADJECTIVE IN THE GHAZAL OF MAWLANA JALALLUDDIN BALKHI

This article explores some factors development of semantics or meaning of the adjective based on the materials of the ghazel of Jalaluddin Balkhi. Drawing on numerous examples and emphasizing the poet's high level of creative mastery, the author notes that, under the influence of such linguistic phenomena as metaphor, simile, ellipses and various types of conversion (or transposition), the attributes of an object are used instead of the object itself (хом-immature, unripe, inexperienced; пир-old, elder, spiritual guide; кӯр – blind). Another, particularly words denoting objects, under the influence of metaphor and simile, conversely, function as adjectives, forming adjectival words (лаъл, арғувон, ақиқ - red). A large number of qualitative adjectives, by acquiring the categories of number and definiteness and the paradigms of nouns, perform the function of the object itself (бекасон – the lonely, ташнагон – the thirsty; симтане –the beautiful; зиште – the ugly, unattractive, etc.). The role of substantivized adjectives is very significant in the formation of proper names (ширин – "sweet" – Shirin, a female proper name; маҷнун – "mad, insane"– Majnun, a male proper name. Substantivized words denoting objects, form izafet constructions, in which the modifier governs a modified element belonging to another part of speech (хастаи бемор- a tired sick person, дилбари айёр - a clever beauty. Substantivized words, together with auxiliary verbs, also form nominal verb constructions (тиҳӣ доштан, сер шудан). It should be noted that the development of the semantics or meaning of qualitative adjectives and their lexical-grammatical changes in the cases mentioned above are temporary and context-dependent process.

Keywords: adjective, qualitative adjective, semantic development, ellipsis, metaphor, word combination, nominal izaphet phrases, adjectival phrases.

Дар бораи муаллиф
Сулаймонов Искандар Одинаевич
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забон ва адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: sulaimonov58@mail.ru

Об авторе
Сулаймонов Искандар Одинаевич
Кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: sulaimonov58@mail.ru

About the author
Sulaymonov Iskandar Odinaevich
Candidate of philology, Associate professor at the Chair of Tajik Language and Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: sulaimonov58@mail.ru

ТДУ 82.035:821.512.145

ОМИЛҲОИ РУШДУ ЗАВОЛИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИКӢ (ФОРСӢ) ДАР НИМҶАЗИРАИ ҲИНДУСТОН

Юнусӣ А.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода

Забони тоҷикӣ (форсӣ) яке аз пуркудраттарин забонҳои адабӣ ва фарҳангии Шарқ ба шумор меравад, ки беш аз ҳаштсад сол дар сарзамини Ҳиндустон нақши бузург дошт. Тоҷикӣ (форсӣ) на танҳо василаи муошират илмию идорӣ буд, балки забони эҷод, тафаккур ва иртиботи фарҳангҳо гардид. Таҳқиқи равандҳои рушду таназзули ин забон дар Ҳиндустон барои дарки таърихи фарҳангӣ ва ҳувияти муштараки форсизабонон аҳаммияти бузург дорад.

Аз замони Ғазнавиён то охири асри XIX тоҷикӣ (форсӣ) забони илму маориф, маъмурият ва адабиёт дар саросари Ҳиндустон буд. Шоирон, уламои динӣ, котибон ва давлатдорон онро василаи ягонаи муошират фарҳангӣ қарор доданд. Дарбори султонҳои Деҳлӣ, Лаҳор, Лакҳнав ва Агра мактабҳои бузурги форсишиносӣ шуданд.

Тоҷикӣ (форсӣ) тавассути истилоҳот, адабиёт ва суннатҳои забонӣ ба забонҳои маҳаллӣ, аз ҷумла урду, панҷобӣ, банголӣ ва маратҳӣ таъсири амиқ гузошт. Забонҳои ҳиндӣ садҳо вожаи тоҷикӣ (форсӣ)-ро қабул карданд, ки то имрӯз зиндаанд.

Дар тули қарнҳо тоҷикӣ (форсӣ) воситаи ягонаи иртибот байни олимону шоирон аз Самарқанд, Ҳирот, Деҳлӣ ва Лаҳор буд. Ин забон на танҳо як системаи забонӣ, балки муҳити иҷтимоӣ ва арзишманд буд, ки ҳувияти фарҳангии муштаракро ташкил дод.

Пайдоиши робитаҳои забонии байни Хуросону Эрон ва Ҳиндустон ба қарнҳои қадим бармегардад. Ҳануз дар давраи Ҳахоманишиён ҳудудҳои шимолии Ҳиндустон бо сарзамини Хуросону Эрон дар иртибот буданд. Бо омадани сулолаи Ғазнавиён (асри XI) ва баъдан Ғуриён забони тоҷикӣ (форсӣ) мақоми расмӣ пайдо кард ва дар дарборҳо, мадрасаҳо ва идораҳои давлатӣ истифода мешуд. Тавре ки муҳаққиқ Абдулҳай Ҳабибӣ зикр мекунад: “Вуруди тоҷикӣ (форсӣ) ба Ҳиндустон бо ҳамлаҳои Маҳмуди Ғазнавӣ оғоз гардид, аммо зуд аз забони фатҳкунандагон ба забони аҳли илм ва адаб табдил ёфт” [20, с. 23].

Дар замони Султон Маҳмуд ва писараш Масъуд тоҷикӣ (форсӣ) ба Ҳиндустон ҳамчун забони идорӣ ва мадраса ворид шуд. Барои шоирон, донишмандон ва котибони эронӣ як муҳити нави фарҳангӣ дар Лаҳор ва Деҳлӣ ба вуҷуд омад. Дар ин замина забоншиноси англис Босворт С.И. мегӯяд: “Дарбори Ғазнавиён дар Лаҳор нахустин маркази бузурги фарҳанги тоҷикӣ (форсӣ) дар Ҳиндустон гардид, ки шоиронеро мисли Масъуд Саъд Салмон ба худ ҷалб кард” [4, с. 211].

Шоирони форсизабон дар Лаҳор ва Панҷоб ашъори сершуморе навиштанд, ки мавзуъҳои миллӣ, мазҳабӣ ва инсонӣ дар бар мегирифт. Дар ин бора муҳаққиқи эронӣ Сафдар Ҳусейн менависад: “Масъуд Саъд Салмон аввалин шоирест, ки дар хоки Ҳиндустон ба тоҷикӣ (форсӣ) шеър гуфт ва ранҷу шодии мардумро инъикос кард” [17, с. 28].

Пас аз Ғазнавиён сулолаи Ғуриён (1150-1215) забони тоҷикӣ (форсӣ)-ро дар тамоми сохтори давлатӣ ва маъмурӣ расмӣ кард. Ин давра бо ташкилёбии мактабҳо ва китобхонаҳои давлатӣ фарқ мекунад.

Маҳз ҳамин нуктаро забоншиноси ҳиндӣ Аҳмад Юсуф дар асари хеш “Таърихи забони тоҷикӣ (форсӣ) дар Ҳиндустон” зикр намуда, иброз медорад, ки ин забон дар он давра ҳамчун забони расмӣ қарор гирифт ва тамоми аснод бо ин забон навишта мешуданд. Ӯ мегӯяд: “Дар замони ҳукмронии Ғуриён забони тоҷикӣ (форсӣ) ҳамчун забони давлатӣ муқаррар гардид ва ҳуҷҷатгузорӣ дар ҳамин забон сурат мегирифт” [23, с. 61].

Ин тадбир боис шуд, ки забони тоҷикӣ (форсӣ) ба забони таҳсил дар мадрасаҳо ва муошират илмӣ табдил ёбад.

Бо таъсиси Салтанати Деҳлӣ (1206-1526) забони тоҷикӣ (форсӣ) расман забони девон ва идорӣ гардид. Дар ин давра, забони тоҷикӣ (форсӣ) дар ҳамаи бахшҳои давлатдорӣ ва фарҳанг мавқеи устувор пайдо кард. Муҳаққиқони англис Итон ва Ричард М. ба ҳамин нукта ишора карда, мегӯянд: “Салтанати Деҳлӣ забони тоҷикӣ (форсӣ)-ро забони расмии давлат

қарор дод, ки ин боиси решадор гардидани он дар фарҳанги идории Ҳиндустон гардид” [5, с. 52].

Дарбори султон Илтутмиш ва Балбан марказҳои муҳимтарин забони тоҷикӣ (форсӣ) буданд. Дар ин давра ҳазорон китоб, рисола ва девон ба забони тоҷикӣ (форсӣ) навишта шуданд. Дар баробари ин, дар мадраса ва ҳатто бозорҳо хариду фурӯш бо ин забон сурат мегирифт. Ба ин нукта ишора намуда, забоншиноси ҳиндӣ Нурулҳасан иброз медорад: “Дар давраи султонҳои Деҳлӣ тоҷикӣ (форсӣ) забони расмии девонҳо, мадрасаҳо ва ҳатто бозорҳо буд” [19, с. 49].

Забони тоҷикӣ (форсӣ) тавассути донишмандон, орифон ва шоирон ба мардум расид. Аз ҷумла Амир Хусрави Деҳлавӣ, Низомуддин Авлиё, Ҳасан Сиҷзӣ ва дигарон бо осори тоҷикӣ (форсӣ)-и худ заминаи адабии нав эҷод карданд. Ҷаҳонгир Насирӣ мегӯяд: “Амир Хусрави Деҳлавӣ бо омезиши тоҷикӣ (форсӣ) ва ҳиндӣ сабки нави адабиро дар адабиёти Ҳинд асос гузошт” [12, с. 61].

Шеъру насри ӯ на танҳо паёми ирфонӣ дошт, балки пули равшан миёни ду фарҳанг: тоҷикӣ (форсӣ) ва ҳиндӣ буд.

Дар мадрасаҳои Деҳлӣ, Лаҳор ва Мултон китобҳои динӣ ва илмӣ ба тоҷикӣ (форсӣ) таълиф мешуданд. Асарҳои “Ҳидоят-ун-наҳв”, “Шарҳи Шамсия”, “Мухтасар-ул-виқоя” ва ғайра ба забони тоҷикӣ (форсӣ) таълим дода мешуданд. Ба ибораи дигар, “Забони тоҷикӣ (форсӣ) дар Ҳиндустон нақши забони лотиниро дар Аврупо дошт, яъне забони илм, ҳуқуқ ва илоҳиёт буд.

Умуман, тоҷикӣ (форсӣ) аз асри XI то асри XV дар Ҳиндустон аз забони дарборӣ ба забони илм ва фарҳанг табдил ёфт. Ин марҳила пояи асосии шукуфоии минбаъдаи забони тоҷикӣ (форсӣ) дар давраи Темуриён гардид.

Тавре ки муҳаққиқи эронӣ менависад: “Агар давраи Ғазнавиён ва Ғуриён оғози кор бошад, пас давраи Темуриён авҷи беназири забони тоҷикӣ (форсӣ) дар Ҳиндустон аст” [18, с. 123].

Империяи Темуриён, ки аз соли 1526 бо ҳукмронии Бобур оғоз ёфт, ба паҳншавии бештари фарҳанги тоҷикӣ (форсӣ) такони нав бахшид. Худи Бобур шоир ва нависандаи форсизабон буд. “Бобурнома”-и ӯ намунаи олии насри форсӣ дар таърихи Осиёи Ҷанубӣ аст. Тавре ки забоншиноси бахши ҳиндӣ Абдулҳай Ҳабибӣ қайд менамояд: “Бунёди забон ва адабиёти тоҷикӣ (форсӣ) дар дарбори Темуриёни Ҳинд бо қалами Бобур асос ёфт” [21, с. 89].

Бобур, ки аз насли Темуриён буд, ба фарҳанги тоҷикӣ (форсӣ) арҷ мегузошт ва забони тоҷикӣ (форсӣ)-ро забони асосии адабиёт ва идорӣ қарор дод. Дар ин замина, муҳаққиқони англис Тэкстон ва Вилер менависанд: “Дарбори Бобур ба нусхаи хурди Ҳироти Темурӣ, яъне маркази форсигӯйи шеър, наср ва таърихнигорӣ табдил ёфт” [11, с. 15].

Шоҳ Акбар (1556-1605) яке аз бузургтарин ҳимоятгарони забони тоҷикӣ (форсӣ) буд. Ӯ онро забони расмии тамоми империя қарор дод. Дар ин давра осори беназире ба тоҷикӣ (форсӣ), аз ҷумла “Акбарнома” ва “Айни Акбарӣ”-и Абулфазл Алломӣ таълиф гардид. Ин нуктаро муҳаққиқи эронӣ Ризо Зиёуддин дар китоби хеш “Нуфузи форсӣ дар Ҳинд” зикр менамояд: “Дарбори шоҳ Акбар забони тоҷикӣ (форсӣ)-ро ба забони ҳукумат, дониш ва андеша табдил дод” [14, с. 122].

Ё ҷойи дигар забоншиноси ҳиндӣ Маҳендра Синҳ қайд менамояд, ки забони тоҷикӣ (форсӣ) дар даврони шоҳ Акбар ба авҷи аълои худ расид: “Дар давраи Акбар забони тоҷикӣ (форсӣ) забони идорӣ ва фарҳанг гардид. Ин давра оғози асри тиллоии адабиёти тоҷикӣ (форсӣ) буд” [24, с. 74].

Абулфазл муаллифи “Акбарнома” ва “Айни Акбарӣ”-ду асари муҳимтарин таърихии тоҷикӣ (форсӣ) дар Ҳиндустон мебошад. Абдурраҳим Хонхонан бошад, шоири бузурги форсигӯ буд, ки шеъри тоҷикӣ (форсӣ) ва ҳиндиро бо ҳам пайваст. Муҳаққиқи эронӣ Ҷаҳонгир Насирӣ дар ин замина мегӯяд: “Абдурраҳим Хонхонан миёни дарбориён пули иртиботи тоҷикӣ (форсӣ) ва ҳиндӣ буд [12, с. 104].

Ин нуктаро Ричардс муҳақиқи англис хуб ишора мекунад: “Асарҳои Абулфазл намунаи олии насри тоҷикӣ (форсӣ) мебошанд, ки дар Ҳиндустон эҷод шудаанд” [8, с. 102].

Дар даврони Шоҳ Ҷаҳон (1628-1658) забони тоҷикӣ (форсӣ) ба авҷи камол расид. Ин давра бо сохтмони Тоҷмаҳал ва рушду тавсеаи илм, шеър ва хаттоӣ машҳур аст.

Ин нуктаро забоншиноси рус Коновалов А.В. дар асари хеш “Даврони форсии Темуриён” чунин қайд менамояд: “Дар замони Шоҳ Ҷаҳон забони тоҷикӣ (форсӣ) дар Ҳиндустон дар бахшҳои меъморӣ, шеър ва низоми идорӣ ба авҷи шукуфоии худ расид” [2, с. 88].

Гарчанде дар замони Аврангзеб (1658-1707) тоҷикӣ (форсӣ) ҳанӯз ҳам забони расмӣ буд, аммо бо заиф шудани ҳимояти дарбор, тадриҷан таъсири он кам шуд. Дигар забонҳо, махсусан урду ҷойи онро гирифт. Ҳусейн Насриддин мегӯяд: “Пас аз Аврангзеб дастгирии расмии тоҷикӣ (форсӣ) кам гардид ва нуфузи урду афзоиш ёфт” [26, с. 56].

Дар асрҳои XVI-XVII тоҷикӣ (форсӣ) на танҳо дар Ҳиндустон, балки дар тамоми Осиёи Ҷанубӣ, Афғонистон, Туркистон ва Эрон забони умумии муошират буд. Темуриён тоҷикӣ (форсӣ)-ро воситаи дипломатия ва илм медонистанд. Тавре ки Субраҳманям Санҷай менависад: “Забони тоҷикӣ (форсӣ) ҳамчун забони фарҳанг ва ҳокимият дар саросари Осиёи Ҷанубӣ ва Марказӣ нақши минтақавии ягона дошт” [10, с. 131].

Дарбори Темуриён садҳо китобхона дошт. Асарҳои илмӣ, фалсафӣ, тиббӣ ва таърихӣ ба тоҷикӣ (форсӣ) таълиф мешуданд. Китобхонаи Шоҳ Ҷаҳон ва Ҷаҳонгир аз бузургтарин китобхонаҳои Шарқ буданд.

Сайид Алии Нақавӣ дар ин замина менависад: “Китобхонаҳои шоҳи Темуриён ганҷинаҳои бемонанд аз матнҳои тоҷикӣ (форсӣ) буданд” [16, с. 55].

Дар давраи Темуриён забони тоҷикӣ (форсӣ) ба авҷи аълои худ расид. Он забони давлатдорӣ, илм, дин ва адабиёт гардид. Дар айни замон, ҳамин давра пояи ташаккули урду ва дигар забонҳои ҳиндӣ гардид, ки аз тоҷикӣ (форсӣ) вожаҳо, сабк ва услуб гирифтанд. Давраи Темуриён давраи тиллоии забони тоҷикӣ (форсӣ) дар Ҳиндустон аст, ки таъсири он то имрӯз боқӣ мондааст. Пас аз вафоти подшоҳ Аврангзеб (1707) империяи Темуриён тадриҷан заиф гардид. Шоҳони минбаъда дигар он қудрати сиёсӣ ва фарҳангиро надоштанд, ки забони тоҷикӣ (форсӣ)-ро ҳифз намоянд. Абдулғафур мегӯяд: “Баъд аз марги Аврангзеб давлати Темуриён пароканда шуд ва забони тоҷикӣ (форсӣ), ки забони девон буд, ҳомии худро аз даст дод” [22, с. 41].

Бе пуштибонии дарбори марказӣ, тоҷикӣ (форсӣ) танҳо дар марказҳои илмӣ ва хонаҳои уламову шоирон зинда монд. Бо заъфи Темуриён ва боло рафтани таъсири мардуми маҳаллӣ забонҳои ҳиндӣ ва урду ба майдон баромаданд. Урду, ки омехтаи тоҷикӣ (форсӣ), арабӣ ва ҳиндӣ буд, тадриҷан ҷойи тоҷикӣ (форсӣ)-ро гирифт. Бо поёни давраи Темуриён ва заъфи ҳукумати марказӣ дар Ҳиндустон, забони тоҷикӣ (форсӣ), ки асрҳои зиёд забони расмӣ ва илмӣ буд, тадриҷан ҷойгоҳи худро аз даст дод. Аз охири асри XVIII вақте ки нуфузи англисҳо тавассути Ширкати Ҳиндустони Шарқӣ густариш ёфт, забони англисӣ ва баъдан урду ба майдон ворид шуданд.

Бисёре аз муҳаққиқон бар онанд, ки таназзули забони тоҷикӣ (форсӣ) дар Ҳиндустон натанҳо натиҷаи сиёсати мустамликавӣ, балки натиҷаи тағйироти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ низ буд. Бо вуруди мустамликадорони англис ба Ҳиндустон аз охири асри XVIII забони тоҷикӣ (форсӣ), ки то он замон забони расмӣ, илмӣ ва фарҳангии тамоми Шибҳқора маҳсуб меёфт, ба марҳалаи нави таърихии худ ворид гардид. Ин давра на танҳо оғози нуфузи забони англисӣ буд, балки ибтидои сустшавии ҷойгоҳи забони тоҷикӣ (форсӣ) низ ба ҳисоб мерафт.

Пас аз ҷангҳои Пласи (1757) ва Буксур (1764) ҳукумати Британия тадриҷан ин кишварро зери назорати худ гирифт. Ҳукумати мустамликадории Британия барои таҳкими нуфузи хеш сиёсати сиёсати нави забониро ҷорӣ карданд, ки мақоми тоҷикӣ (форсӣ)-ро аз байн бурд. Дар соли 1835, бо пешниҳоди Лорд Маколей забони англисӣ забони расмии маориф ва маъмурият гардид.

Робинсон Франсиз дар китоби хеш “The British Empire and the Decline of Persian in India” (Империяи Британия ва таназзули забони тоҷикӣ (форсӣ) дар Ҳиндустон”) менависад: “Соли 1837, ҳукумати Британия расман забони тоҷикӣ (форсӣ)-ро бо забони англисӣ дар идораҳои Ҳиндустон иваз намуд” [9, с. 56].

Ин иқдом боиси таназзули шадиди забонҳои шарқӣ, аз ҷумла тоҷикӣ (форсӣ) гардид. Тоҷикӣ (форсӣ) дигар барои ҷойи кор, маориф ва хизмати давлатӣ лозим набуд ва тадриҷан аҳаммият худро аз даст дод. Ин тағйир боис гардид, ки омӯзиши забони тоҷикӣ (форсӣ) дар мактабҳо манъ ё маҳдуд гардад. Дар ҷойи онҳо мактабҳои нав ба забони англисӣ таъсис дода

шуданд. Дар натиҷа, насли нав бештар ба хондани китобҳои англисӣ ва забонҳои маҳаллӣ, аз ҷумла ҳиндӣ ва урду рӯ овард.

Сайид Алии Нақавӣ муҳаққиқи забони ҳиндӣ дар ин замина менависад: “Қарори соли 1837 мелодӣ тире буд бар тани забони тоҷикӣ (форсӣ) дар дастгоҳи давлати Ҳинд” [16, с. 102].

Забоншиноси ҳиндӣ Рамеш Чандра Шарма дар мақолаи худ “Мероси тоҷикӣ (форсӣ) ва аз байн рафтани он дар Ҳиндустони муосир” менависад: “Сиёсати маорифи мустамликавӣ забони тоҷикӣ (форсӣ)-ро ба таври системавӣ канор гузошт ва онро забони куҳна ва носозгор бо ҷаҳони муосир муаррифӣ кард” [24, с. 91].

Англисҳо низ системаи нави маорифро ҷорӣ карданд, ки бар асоси забони англисӣ буд. Дар натиҷа, омӯзиши тоҷикӣ (форсӣ) аз мадрасаҳо ва донишгоҳҳо хориҷ гардид. Дар ин замина забоншиноси англис Меткалф менависад: “Ҷорӣ шудани таҳсил бо забони англисӣ тоҷикӣ (форсӣ)-ро канор гузошт, ки то асрҳо забони илм буд” [7, с. 89].

Ин тадбир на танҳо омӯзгорон ва донишмандонро аз омӯзиши забони тоҷикӣ (форсӣ) боздошт, балки китобхонаҳои зиёди тоҷикӣ (форсӣ) низ ба гӯшаи фаромӯшӣ супурда шуданд.

Ҳамид Самадӣ муҳаққиқ ва забоншиноси ҳиндӣ ин нуктаро бо таассуф чунин изҳор медорад: “Бо густариши мактабҳои англисӣ китобхонаҳои тоҷикӣ (форсӣ) холӣ монданд ва донишмандон бекор шуданд” [13, с. 74].

Бо тағйири тарзи зиндагӣ ва болоравии синфи нави таълимгирифтагони англисзабон, забони тоҷикӣ (форсӣ) аз ҷомеаи шаҳрӣ канор рафт. Он бештар забони уламои суннатӣ ва шоиронӣ ирфонӣ боқӣ монд.

Дар ин замина, забоншиноси рус Киселёв И.М. дар китоби хеш “Сиёсати забоншиносии Ҳиндустони Британия” менависад: “Забони тоҷикӣ (форсӣ) дар ҷомеа мавқеашро аз даст дод, зеро табақаи нави иҷтимоӣ муваффақиятро бо донистани англисӣ мепайваст” [1, с. 117].

Дар нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XIX дар бисёр вилоятҳо, аз ҷумла Бангола, Деҳлӣ ва Лакҳнав забони тоҷикӣ (форсӣ) аз идораҳо хориҷ карда шуд ва ҷойи онро англисӣ гирифт. Ин амал на танҳо як тағйироти маъмурӣ, балки тағйироти фарҳангиву сиёсӣ низ буд.

Аз миёнаи асри XIX шумораи шоирон ва нависандагони форсизабон дар Ҳиндустон хеле коҳиш ёфт. Ба ҷойи он урду, ҳиндӣ ва англисӣ ба забонҳои асосии адабиёт табдил ёфтанд. Забони урду, ки решаҳои амиқ дар тоҷикӣ (форсӣ) дошт, ба унвони забони адабӣ ва муоширатӣ баромад кард. Урду бо хатти настаълиқи тоҷикӣ (форсӣ) навишта мешуд ва бисёре аз калимаҳои тоҷикӣ (форсӣ) дар он ҷой доштанд, вале ба тадриҷ хусусиятҳои мустақил пайдо кард. Шарма Девдат ин нуктаро дар асари хеш ба таври хуб таъкид мекунад: “Бо суқути империяи Темуриён забони урду рушд кард ва тоҷикӣ (форсӣ) тадриҷан маҳдуд шуд [25, с. 86]. Ин раванд боиси он гардид, ки бисёре аз шоирон ва нависандагони форсизабон ба урду гузаштанд, то осорашон шунаванда дошта бошад.

Раҳимпур муҳаққиқи эронӣ дар китоби хеш “Таърихи адабиёти форсӣ дар Ҳинд” менависад: “Дар асри XIX шоирони форсизабони Ҳиндустон ё ба Эрон муҳоҷират карданд ё ба хомӯшӣ рӯй оварданд” [15, с. 126].

Пас аз соли 1837 тамоми ҳуҷҷатҳои давлатӣ ба англисӣ ё урду навишта мешуданд. Тоҷикӣ (форсӣ) аз девонҳо, додгоҳҳо ва идораҳо комилан хориҷ шуд.

Фишер М. забоншиноси англис менависад: “ Тоҷикӣ (форсӣ) пас аз як насл аз манзараи идории Ҳиндустон комилан нопадид гардид” [6, с. 92].

Дар асри XX забони тоҷикӣ (форсӣ) қариб ба таври комил аз маориф ва бахши идорӣ нопадид шуд. Бо вуҷуди ин, адабиёти тоҷикӣ (форсӣ) дар баъзе марказҳои фарҳангӣ, мисли Лакҳнав, Деҳлӣ ва Ҳайдаробод боқӣ монд.

Ба ибораи дигар, таназзули тоҷикӣ (форсӣ) дар Ҳиндустон натиҷаи як қатор омилҳои мураккаб буд:

1. Фурӯпошии сиёсати Темуриён;
2. Таввақҷуҳ ба забонҳои маҳаллӣ (урду, ҳиндӣ);
3. Ҷорӣ шудани сиёсати забонии Британия;
4. Тағйири системаи маориф ва фарҳанг;

5. Тағйири табақаҳои иҷтимоӣ ва арзишҳои нав.

Умуман, таназзули забони тоҷикӣ (форсӣ) дар Ҳиндустон на шикасти адабӣ, балки натиҷаи тағйири қудрати сиёсӣ ва фарҳангӣ буд. Бо вуҷуди ин, таъсири забони тоҷикӣ (форсӣ) то имрӯз дар луғат, шеър ва фарҳанги Ҳиндустон боқӣ мондааст.

Адабиёт

1. *Киселёв И.М., Лингвистическая политика Британской Индии. — Москва, 2002, с.117.*
2. *Коновалов А.В. Персидский мир Моголов. — Москва, 2001. — с.88.*
3. *Юнусӣ А. Монография: Поэтикаи зарбулмасалу мақолҳои ҳиндӣ ва тоҷикӣ. – Душанбе: "Эр-граф", 2023. — 212 с.*
4. *Bosworth C.E. The Ghaznavids, Their Empire in Afghanistan and Eastern Iran. Edinburgh, 1963. — p.211.*
5. *Eaton, Richard M., India in the Persianate Age: 1000-1765, 2019. P.52*
6. *Fisher, Micheal H., The Politics of the British Raj and Indian Languages, Delhi, 1987. — p.92*
7. *Metcalf, Thomas R., Ideologies of the Raj, Cambridge, 1995. — p.89*
8. *Richards, John F., The Mughal Empire, Cambridge, 1993. — p.102*
9. *Robinson, Francis. The British Empire and the Decline of Persian in India, London, 1982. — p.56*
10. *Subrahmanyam, Sanjay, Europe' India, Harvard, 2017. — p.131*
11. *..Thackston, Wheeler M., The Baburnama: Memoirs of Babur, Prince and Emperor , Oxford, 1996. — p.15*
12. جهانگیر نصیری، ادبیات فارسی در شبه قاره، تهران، 2003، ص.61-
13. حمید صمدی، فرهنگ و زبان فارسی در دوره استعمار، دهلی، 1988، ص.74-
14. رضا ضیاءالدین ، نفوذ فارسی در هند، تهران، 1995، ص.122-
15. رحیم پور، تاریخ ادبیات فارسی در هند، کراچی، 1978، ص.126-
16. سید علی نقوی، فرهنگ مغول و فارسی، لکهنو، 1989، ص.55-
17. صفدر حسین، ادبیات فارسی در پنجاب، لاهور، 1975، ص.28-
18. محمد تقی بهار، سبک شناسی، جلد دوم، تهران، 135، ص.123-
19. نورالحسن، نفوذ زبان فارسی در هند، حیدرآباد، 1971، ص.49-
20. عبدالحی حبیبی، تاریخ زبان فارسی در افغانستان و هند، کابل 1969و صفحه 23-
21. عبدالحی حبیبی، تاریخ ادبیات فارسی در هند، کابل، 1970، ص.89-
22. عبدالغفور، زبان فارسی در هند پس از مغولان، دهلی، 1959، ص.41-
23. अहमद यूसुफ़, भारत में फ़ारसी भाषा का इतिहास, दिल्ली, 1988. पृ. 61
24. सिंह, महेंद्र, मुग़ल काल में फ़ारसी साहित्य, आगरा, 1990. पृ.74
25. शर्मा, देवदत्त,, भारत में फ़ारसी भाषा का पतन, दिल्ली, 1980. पृ.86
26. हुसैन नसीरुद्दीन, भारत में उर्दू का विकास, अलीगढ़, 1977. पृ. 56

ОМИЛҲОИ РУШДУ ЗАВОЛИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИКӢ (ФОРСӢ) ДАР НИМҶАЗИРАИ ҲИНДУСТОН

Мақолаи мазкур равандҳои таърихӣ, сиёсӣ ва иҷтимоиро, ки ба рушд ва таназзули забони тоҷикӣ (форсӣ) дар Ҳиндустон таъсир расондаанд, ҳамаҷониба таҳлил мекунад. Дар асоси сарчашмаҳои тоҷикӣ (форсӣ), ҳиндӣ, англисӣ, русӣ нишон дода мешавад, ки тоҷикӣ (форсӣ) аз асрҳои миёна то давраи Темуриён забони давлатдорӣ, маориф ва адабиёти Ҳинд буд, вале дар давраи мустамликаи Британия мавқеи худро аз даст дод. Бо вуҷуди ин, дар Ҳиндустони муосир равандҳои эҳё, тадрис ва таҳқиқоти илмӣ имконият медиҳанд, ки тоҷикӣ (форсӣ) ҳамчун мероси фарҳангӣ ва воситаи робита бо кишварҳои форсизабон дубора ҷойгоҳи худро пайдо кунад.

Калидвожаҳо: рушд, таназзул, забони тоҷикӣ (форсӣ), таҳлил, давраи Темуриён, забони давлатдорӣ, маориф, адабиёт, Ҳинд.

ФАКТОРЫ РАЗВИТИЯ И УПАДКА ТАДЖИКСКОГО (ПЕРСИДСКОГО) ЯЗЫКА И ЛИТЕРАТУРЫ НА ИНДИЙСКОМ ПОЛУОСТРОВЕ

В статье проводится комплексный анализ исторических, политических и культурных факторов, определивших расцвет и упадок таджикского (персидского) языка в Индии. На основе источников на таджикском (персидском), хинди, английском и русском языках показано, что таджикский (персидский) язык с средневекового периода до эпохи Тимуридов был языком администрации, науки и литературы. Однако в колониальной период его статус значительно ослаб. Однако в современной Индии процессы возрождения, обучения и научных исследований позволяют таджикскому (персидскому) языку вновь обрести свое место в качестве культурного наследия и средства общения с персоязычными странами.

Ключевые слова: расцвет, упадок, таджикский (персидский) язык, анализ, эпоха Тимуридов, язык администрации, образование, литература, Индия.

FACTORS OF THE DEVELOPMENT AND DECLINE OF THE TAJIK (PERSIAN) LANGUAGE AND LITERATURE ON THE INDIAN SUBCONTINENT

This article presents a comprehensive analysis of the historical, political, and cultural factors that determined the rise and decline of the Tajiki (Persian) language in India. Based on sources in Tajik (Persian), Hindi, English, and Russian, it is shown that Tajiki (Persian) was the language of administration, science, and literature from the medieval period to the Timurid era. However, its status significantly weakened during the colonial period. However, in modern India, the processes of revival, education and scientific research are allowing the Tajiki (Persian) language to regain its place as a cultural heritage and a means of communication with Persian-speaking countries.

Keywords: flourishing, decline, Tajiki (Persian) language, analysis, Timurid era, language of administration, education, literature, India.

Дар бораи муаллиф
Юнусӣ Аҳтамшоҳ
Н.и.ф., дотсенти кафедраи филологияи Шарқи Дур
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Ф. Мухаммадиев 17/6
E-mail: azamjonyunusi@mail.ru

Об авторе
Юнуси Ахтамшох
К.ф.н., доцент кафедры Дальневосточной филологии
Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода
734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6
E-mail: azamjonyunusi@mail.ru

About the author
Yunusi Ahtamshah
Candidate of Philological Sciences, associated professor of the Department of Far Eastern philology
Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda
734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str.
E-mail: azamjonyunusi@mail.ru

ТДУ 809.155.0

ХУСУСИЁТИ МАЪНОЙ ВА КОРБУРДИИ ВОЖАИ “МАЪШУҚ” ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ

Раҳмонов Б. Н.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқаддима. Хоҷа Шамсиддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ яке аз бузургтарин ғазалсароёни адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ба шумор меравад, ки осори ӯ саршор аз маъонии ирфонӣ, ошиқона ва фалсафии зиндагӣ мебошад. Дар маркази ҷаҳони бадеии ғазалиёти ӯ вожаи «маъшуқ» қарор дорад, ки на танҳо ба маънои дӯстдошта ва маҳбуби инсонӣ, балки ҳамчун рамзи зебоӣ, ҳақиқат, камол ва ҳатто ишқи илоҳӣ истифода шудааст. Ҳофиз бо маҳорати баланди суханварӣ ин вожаро дар маъниҳои гуногун ба кор бурда, ба он тобишҳои тоза ва амиқи маънавӣ бахшидааст.

Дар ғазалиёти Ҳофиз «маъшуқ» гоҳо симои инсонӣ дорад — ёре дилрабо, нозанин ва бемеҳр ва гоҳо маънои ирфонӣ гирифта, ба зоти Худованд ишора мекунад. Ин гуногунмаъноӣ ва рамзофарӣ боис гардидааст, ки ашъори Ҳофиз барои хонандагон ва муҳаққиқон ҳамеша ҷолиб ва қобили тафсир бошад. Вожаи «маъшуқ» дар осори ӯ на танҳо воситаи баёни эҳсосоти ошиқона, балки абзори ифодаи андешаҳои ирфонӣ ва ҷаҳонбинии шоир низ мебошад.

Аз ин рӯ, омӯзиши хусусиятҳои маъноӣ ва услуби корбурдии вожаи «маъшуқ» дар ғазалиёти Ҳофиз аҳаммияти илмӣ ва адабӣ дорад. Таҳқиқи ин мавзуъ имкон медиҳад, ки ҷойгоҳ ва нақши рамзҳои ирфонӣ, муносибати ошиқу маъшуқ ва вижагиҳои услубии баёни шоир амиқтар шинохта шаванд. Ҳадафи ин пажӯҳиш баррасии маъноҳои гуногуни вожаи «маъшуқ», хусусиятҳои услубии истифодаи он ва нақши ин вожа дар офариниши мазмуну тасвирҳои бадеии ғазалиёти Ҳофиз мебошад.

Маводди асосии таҳқиқ аз «Девони ғазалиёти Ҳофиз» иборат буда, байтҳое мавриди баррасӣ қарор мегиранд, ки дар онҳо вожаи «маъшуқ» ва вожаҳои марбути он истифода шудаанд.

Ҳангоми таҳқиқ аз нусхаҳои илмӣ ва шарҳҳои девони Ҳофиз, инчунин, аз осори муҳаққиқони соҳаи адабиётшиносӣ, забоншиносӣ ва услубшиносӣ истифода бурда шуд.

Дар раванди таҳқиқ аз **методҳои** зерин истифода шудааст:

А) Методи тавсифӣ – барои шарҳу тавсифи маъно ва хусусиятҳои луғавии вожаи «маъшуқ».

Б) Методи маъношиносӣ – барои муайян намудани маъноҳои аслӣ ва маҷозии вожа дар матни ғазалҳо.

В) Методи баррасии матнӣ – барои таҳлили корбурди вожа дар муҳити матн ва ошкор намудани тобишҳои маъноӣ.

Таҳқиқи мазкур барои дарки амиқтари ҷаҳони маънавӣ ва бадеии Ҳофиз, омӯзиши хусусиятҳои маъноии луғоти ирфонӣ ва ошиқона, ҳамчунин, барои таҳқиқоти минбаъдаи забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ аҳаммияти назарӣ ва амалӣ дорад.

“Маъшуқ” сифати арабӣ аст, ба маънои “дӯстдошташуда”; дар форсӣ исм аст, маъхуз аз арабӣ - “дӯстдошта”. Касе ва ё чизе, ки онро дӯст медоранд ва он ки аз касе дилрабоӣ кунад ва дилбар [9, ҷ. 5, с. 3405]. “Маъшуқа” шакли муаннаси “маъшуқ” аст ва инҳо аз муштаққоте мебошанд, ки аз решаи “ъашақа” гирифта шудааст.

Вожаҳои дилдор, ҷонон, ҷонона, маҳбуб ва амсоли инҳо низ ба маънии маъшуқ ва маъшуқа истифода мешавад.

Дар ғановатмандии забон омилҳои гуногуне таъсир мерасонанд, ки аз ҷумлаи муҳимтарини онҳо усули калимасозӣ ва иқтибос мебошад. Ин нуктаро профессор Т. Шокиров низ хеле бамаврид зикр кардааст: “Таркиби луғавии ҳар як забон 5 омили ғаномандӣ дорад, ки яке аз онҳо ворисияти он мебошад. Маҳз ба шарофати ворисияти таркиби луғавӣ вожаҳои забон аз насл ба наслу аз давра ба давраи дигар мегузаранд. Дар ин ҷода саҳми иқтибосот муҳим аст. Мусаллам аст, ки иқтибосшавии калимаҳо дар забонҳои гуногуни дунё як падидаи муқаррарӣ ва табиӣ ба назар мерасад, вале онҳо бо кадом роҳ ва восита ворид мегарданд ва дар забони дигар кадом мавқеъ ва ҷойгоҳро пайдо менамоянд, ин масъалаест, ки пайваста дар зери таваҷҷуҳи забоншиносон қарор дорад. Аз ин ҷост, ки воаҳо бозгӯи таъриханд [14, с. 24]. Яке аз чунин вожаҳо маъшуқ аст, ки асрҳо ин ҷониб яке аз

серистеъмолтарину маъмултарин воҳиди луғавии забони тоҷикист”. Ин вожа тақрибан аз замони фатҳи Осиёи Марказӣ тавассути арабҳо (асрҳои 7-8) ва интишори дини ислом дар сарзамини муҳовараи ориёӣ вориди забон ва фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ гардидааст.

Маъшуқ, ки дорандаи ишқ аст ва ишқ на танҳо эҳсос, балки воситаи воситаи шинохт ва расидан ба Ҳақ аст. Маъшуқ нафақат шахс, балки ҳақиқати мутлақ аст. Тавассути ишқ инсон аз олами зоҳир ба олами ботин роҳ меёбад ва ишқ аст, ки инсонро ба камоли маънавӣ мерасонад.

Дар ашъори Ҳофиз вожаҳои “маъшуқ” ва “маъшуқа” бо вуҷуди аз як реша ва муродифмаъно будан дар суханпардозии адабии Ҳофиз ва корбурду зарофати маъноӣ то андозае аз ҳам фарқ мекунанд ва аҳаммияти рамзӣ дорад.

Тибқи таҳлилҳо майдони маъноии вожаи “маъшуқ” хеле васеъ буда, он ба маънои маъшуқи заминӣ маҳдуд намешавад. Истилоҳи “майдони маъноӣ” дар маъношиносӣ ифодагари робитаҳои маъноии калимаҳо, танзими дохилӣ ва гурӯҳбандии онҳо мебошад. Бинобар ин, барои ҳалли масъалаи майдони маъноӣ забоншиносон дар таҳқиқоти худ, пеш аз ҳама, ба сохтори маъноӣ таваҷҷуҳ намуда, онро ҳамчун як низоми қонунманд, ки ба андеша, ҷаҳонбинӣ ва дарки олами атроф алоқамандии мустаҳкам дорад, нишон дода, мавриди таҳлил қарор додаанд [2, с. 74].

“Маъшуқ” дар ғазалиёти Ҳофиз шахс ё мавҷудест, ки ошиқи ӯ мебошад ва ағлаб мафҳуми куллитар ва баъзан муҷаззо дорад.

Гоҳе аз тобиши маъноии шеър инсоне заминӣ, яъне ёри зеборӯй ва маҳбуби дилҳо бештар мавриди таваҷҷуҳ аст, чунончи:

Миёни ошиқу маъшуқ фарқ бисёр аст,
Чу ёр ноз намояд, шумо ниёз кунед (ғазали 244).

Яъне, агарчи баъзан ошиқу маъшуқ ҳаммаъно фаҳмида мешавад, вале дар асл, чунин нест, балки ошиқ фоъил асту маъшуқ мафъул; ва маъшуқ озодӣ дар ноз кардан дорад, зеро аҳли ниёз нест, вале ошиқ ниёзманд аст, бино бар ин, нози маъшуқро бояд бо ниёз ва фурӯтанӣ посух диҳад.

Ё ҷои дигар машғул шудан ба маъшуқу майро василаи оромиш ва рафоҳу беғамӣ меҳисобад:

Аз қилу қоли мадраса ҳоло дилам гирифт,
Якчанд низ хидмати маъшуқу май кунам. (ғазали 351)

Гоҳе аз тобиши маъноии шеър бармеояд, он ҷо маъшуқ вуҷуде маънавӣ аст, яъне Худо, ҳақиқат ва зебоии мутлақ мавриди таваҷҷуҳ аст, мисли:

Гул дар бару май дар кафу маъшуқ ба ком аст,
Султони ҷаҳонам ба чунин рӯз ғулом аст...
Ҳофиз манишин бе маю маъшуқ замоне,
К-айёми гулу ёсаману “Иди сиём” аст. (ғазали 46)

Ин ҷо “Иди сиём”, яъне, иди Рамазон (иди саъиди Фитр) аст, ки одоби хосси худро дорад ва дар мисроъи мазкур майу маъшуқ бо одобу сунани иди Рамазон муқобил на, балки мукаммили ҳам нишон дода шудааст, ки баёнкунандаи маънии ирфонӣ доштани вожаи “маъшуқ” мебошад. Дар ҷои дигар шоир мефармояд, ки:

Сояи маъшуқ агар афтод бар ошиқ чӣ шуд?
Мо ба ӯ муҳтоҷ будем, ӯ ба мо муштоқ буд. (ғазали 206)

Дар ин ҷо ошиқ ҳамеша худро ниёзманди маъшуқ медонад, аммо шоир мегӯяд, маъшуқ ҳам бо ошиқ майл дорад. Ин сифати Худост, ки ба бандагон майл дорад ва ба доди онҳо мерасад ва иҷобаткунандаи даъвати онҳост, бе он ки ниёз дошта бошад. Ӯ ишқи худро аз азал дар қалби бандагон ҷой кардааст. Дар байти зерин Ҳофиз тавсияҳои худро чунин иброз доштааст:

Коми худ охири умр аз маю маъшуқ бигир,
Ҳайфи авқот, ки як сар ба батолат биравад. (ғазали 222)

Ишқи заминӣ худ норавост, вале ишқи самовӣ баръакси он мебошад ва монеъи хирад намешавад. Аз ин ҷиҳат, ин ҷо манзур ирфонӣ мебошад. Дар ин байти дигар Ҳофиз дар тавзеҳи ҳолати ошиқу маъшуқ мефармояд ва мегӯяд:

Миёни ошиқу маъшуқ ҳеч ҳоил нест,
Ту худ ҳиҷоби худӣ, Ҳофиз, аз миён бархез. (ғазали 266)

Дар ишқи заминӣ монеъҳо зиёданд, аммо ин ишқи осмонист, монеъаи берунӣ надорад. Дар ишқи илоҳӣ фақат ахлоқи разила, мисли худпарастиву ҳавову ҳавас монеъи наздикшавии ошиқ (инсон) ва маъшуқи азалӣ (Худо) шуда метавонад. Бино бар ин, агар

инсон ахлоқи нописанди хешро канор гузорад ва ба самти маъшуқ ҳаракат кунад, дигар ҳеҷ монеъе дар роҳ нахоҳад буд, чунончи:

Моҷарои ману маъшуқи маро поён нест,

Ҳар чи оғоз надорад, напазирад анҷом. (ғазали 310)

Вожаи “маъшуқ” дар гуфтори Ҳофиз фоқиди ҷинсият аст, яъне, ҳам барои мард ва ҳам барои зан ба кор меравад, бинобар ин, ағлаб барои ишора ба мавҷуде фаротар аз замону макон низ фаҳмида мешавад, чун рамзи ирфонӣ дарк карда мешавад. Бузургии Ҳофиз низ маҳз дар ҳамин рух менамояд, ки ӯ бо калима ва мафҳумҳо хуб бозӣ мекунад ва мухотаби ӯ бо ҳар завқу салиқа ва тарзи ҷаҳонбинӣ, ки дорад, бардошти ба худ муносиб ва мувофиқро ҷӯё мешавад ва дармеёбаду лаззат мебарад. Ин хусусият сабаб шудааст, ки гуфтори ӯ ҳар чи бештар ҷанбаи маҷозӣ-ирфонӣ бигирад.

“Маъшуқа”, ки муаннаси “маъшуқ” мебошад, корбурди нисбатан камтаре дорад ва нисбат ба “маъшуқ” бори маъноии шахситар ва заминитар дорад. Маъмулан, зани зеборӯй, ки мавҷуди заминист, мавриди назар аст, чунончи:

Бахти Ҳофиз гар аз ин гуна мадад хоҳад кард,

Зулфи маъшуқа ба дасти дигарон хоҳад буд. (ғазали 205)

Дар байти мазкур шоир мегӯяд: Агар тақдири ман ҳамин гуна тақдири маҳрумсоз бошад, неъмати ишқу дилбастагӣ, ки бояд насиби ман мебуд, ба дигарон мерасад.

Ё мефармояд:

Сарф шуд умри гаронмоя ба маъшуқаву май,

То аз онам чӣ ба пеш ояд, аз инам чӣ шавад. (ғазали 228)

Яъне, умри азиз дар роҳи маъшуқаву май сарф шуд, интизор дорам, ки аз маъшуқа чӣ насиби мо мешавад ва аз май чӣ бар сари мо меояд.

Ё ҷои дигар мегӯяд:

Эй, ки дар кӯчаи маъшуқаи мо мегузарӣ,

Бар ҳазар бош, ки сар мешиканад девораш. (ғазали 277)

Ё мефармояд:

Ё Раб, ин қофиларо лутфи азал бадрақа бод,

Ки аз ӯ хасм ба дом омаду маъшуқа ба ком. (ғазали 310)

Яъне, ба сабаби мушойиъати лутфи илоҳӣ ба корвон душман ба дом афтоду маъшуқа ба коми мо шуд.

Вожаи маъшуқ ва маъшуқа дар калимасозӣ низ фаъол буда, ҳангоми калимасозӣ ҳар чи бештар руҳияи форсӣ-тоҷикӣ мегирад. Мураккабтарину печидатарин роҳи калимасозӣ дар забони форсӣ-тоҷикӣ роҳи мураккаби калимасозист. Новобаста аз он ки муҳаққиқ Ф. Ҷурабекзода ба анҷом шудани корҳои мондагоре дар ҳавзаҳои илмии забоншиносии тоҷик ишора дорад: “Калимасозии исмҳои мураккаб собиқаи зиёди таърихӣ дошта, қолибҳои онҳо дар даврaҳои гуногун аз тарафи муҳаққиқон муайян шудаанд. Аз ҷумла, агар оид ба забони форсии миёна В.С. Расторгуева ва Д. Саймиддинов корҳои мондагоре ба анҷом расида бошанд, оид ба забони имрӯзаи форсӣ ва тоҷикӣ низ корҳои муайяни илмӣ сурат гирифтаанд, ки дар ташаккули масоили назариявии соҳа нақши калон доранд” [13, с. 144]. На ҳама вижагиҳои калимасозии мураккаб дар забони тоҷикӣ ошкор ва муқаррар карда шудааст.

Вожаи маъшуқ ҳангоми калимасозӣ аз ифодаи маънии шахс ва ҷинсият дур меравад ва ғолибан майл ба сифат ва ғайри он мекунад:

Дидӣ, дило, ки охири пириву зуҳду илм,

Бо ман чӣ кард дидаи маъшуқабози ман. (ғазали 400)

Ё намунаи дигар:

Сухани ғайр магӯ бо мани маъшуқапараст,

К-аз ваю ҷоми маям нест ба кас парвое. (ғазали 490)

Вожаи “маъшуқа” бештар дар таркибу ибораҳое меояд, ки ҳаводис ба ишқи заминӣ ё ҳикоёти иҷтимоъӣ, сӯхтанҳову дилбохтанҳо ишора мекунад.

Бо вуҷуди ин, метавонад бардошти мо маънавӣ ва дар сатҳи рамзӣ (ба унвони ҷилвае аз ҷамоли илоҳӣ) қарор бигирад, вале бори ирфонии он аз “маъшуқ” камтар аст.

Натиҷа. Ин мухтасаргуфтор на танҳо нишондиҳандаи бузургии Лисонулғайб, балки дараҷаи гуфтор фаҳмиш ва корбурди забон дар ин аср мебошад. Агар Рӯдакиву Фирдавсӣ ин забонро зиндаву поянда карданд, пас, бешубҳа Саъдиву Мавлоно ва Ҳофизу Бедил бо қудрати сухан ба он руҳ бахшиданд ва оламгираш карданд, чунонки он бо адабиёти ғановатмандаш фаротар аз марзи ҷуғрофии Эрони таърихӣ ошиқу дилбохтагони худро дорад ва аз рӯйи ишқу алоқа омӯхта мешаваду омӯзонида мешавад.

Муҳокима. Таҳқиқи хусусиятҳои маъноӣ ва корбурдии вожаи «маъшуқ» дар ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ нишон медиҳад, ки ин вожа дар осори шоир фақат ба маънои маҳбуби заминӣ маҳдуд намешавад. Ҳофиз вобаста ба муҳтавои ғазал ва мақсади бадеии худ ба вожаи «маъшуқ» маъно ва тобишҳои гуногуни маъноӣ мебахшад. Дар баъзе мавридҳо маъшуқ симои ёри зебову дилрабо буда, дар мавридҳои дигар он рамзи камолоти маънавӣ, ҳақиқат ва ё ишқи илоҳӣ намудор мешавад.

Дар ғазалиёти Ҳофиз вожаи «маъшуқ» бештар дар муҳити калимаҳои ирфонӣ ва ошиқона ба назар мерасад. Ин ҳолат баёнгари он аст, ки шоир тавонистааст, миёни ишқи воқеӣ ва ишқи ирфонӣ пайванди маънавӣ эҷод намояд. Бо истифода аз ташбеҳ, истиора, рамз ва киноя Ҳофиз образи маъшуқро рангоранг ва таъсирбахш офаридааст. Маҳз чунин маҳорат ҷойгоҳи Ҳофизро ба мартабаи баланди суханварӣ иртиқо дода, ӯро чун “рамзошнои маънӣ” ва “лисонулғайб” муаррифӣ кардааст.

Ҳамчунин, маълум гардид, ки вожаи «маъшуқ» дар девони Ҳофиз бо муродифоте чун «ёр», «ҷонон», «нигор», «дӯст» ва «маҳбуб» робитаи наздики маъноӣ дорад. Ин гуна гуногунбаёнӣ сабаби ғановати услубӣ ва таъсирнокии сухани шоир гардидааст.

Аз таҳлил бармеояд, ки корбурди вожаи «маъшуқ» дар ғазалиёти Ҳофиз хусусияти бисёрқабата дошта, маънои он вобаста ба матн тағйир меёбад. Маҳз ҳамин хусусият яке аз омилҳои амиқӣ ва ҷозибаи бадеии ғазалҳои Ҳофиз гардидааст.

Хулоса. Дар натиҷаи таҳқиқ муайян гардид, ки вожаи «маъшуқ» дар ғазалиёти Хофизи Шерози ҷойгоҳи муҳим дошта, яке аз вожаҳои мифтоҳии ҷаҳонбинии шоир ба шумор меравад. Ин вожа дар осори Ҳофиз, на танҳо маънои луғавии маҳбубро ифода мекунад, балки ҳамчун рамзи ишқ, зебоӣ, камолоти маънавӣ ва ҳақиқати ирфонӣ низ хидмат менамояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки Ҳофиз дар истифодаи вожаи «маъшуқ» маҳорати баланди суханварӣ нишон дода, тавассути санъатҳои бадеӣ тобишҳои гуногуни маъноиро ба вуҷуд овардааст. Корбурди фаровони муродифот ва таъбирҳои наздик ба «маъшуқ» низ барои ғанӣ гардидани забон ва услуби ғазалҳои шоир мусоидат намудааст.

Ҳамин тавр, омӯзиши хусусиятҳои маъноӣ ва услубии корбурдии вожаи «маъшуқ» имконият медиҳад, ки паҳлуҳои муҳимми андешаи бадеӣ, ҷаҳонбинии ирфонӣ ва услуби эҷодии Ҳофиз амиқтар дарк карда шаванд.

Адабиёт

1. *Баҳор М. Сабкшиносӣ (талхиси Сайидабӯтолиби Миробидинӣ) / М. Баҳор. – Душанбе: Бухоро, 2012. – 570 с.*
2. *Даминзода М. З. Доир ба мафҷуми майдони маъноӣ ва шаклҳзои он / М. З. Даминзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2025, - № 5 (119). С. 74-81.*
3. *Девони ғазалиёти Ҳофиз, ба тасҳеҳи Парвиз Нотили Хонларӣ / Парвиз Нотили Хонларӣ. – Теҳрон, 1359 ҳ.ш. – 989 с.*
4. *Забони адабии ҳозираи тоҷик (лексика). – Душанбе, 1981. – 191 с.*
5. *Зеҳнӣ Т. Аз таърихи лексикаи забони тоҷикӣ / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Дониш, 1987. – 234 с.*
6. *Қосимова М. Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX-X). Ҷилди 1 / Н. М. Қосимова. – Душанбе, 2012. – 566 с.*
7. *Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н. Маъсумӣ. - Душанбе, 2011. - 385 с.*
8. *Мирбобоев А. Муқаддимаи филологияи эронӣ / А. Мирбобоев. – Душанбе, 2015. – 342с.*
9. *Нафисӣ Алиакбар. Фарҳанги Нафисӣ (5 ҷилд) / Алиакбар Нафисӣ. - Теҳрон: Китобфурӯшии Хайём, 1355. - 4022 с.*
10. *Оранский И. М. Введение в иранскую филологию / И. М. Оранский. - Москва, 1988.*
11. *Хоҷаев Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI / Д. Хоҷаев. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг. – 2013. – 344 с.*
12. *Ҳасандӯст Муҳаммад. Фарҳанги решашинохтии забони форсӣ, ҷилди 1 / Муҳаммад Ҳасандӯст. – Теҳрон: Осор. – 1393. – 585 с.*
13. *Ҷурабекзода Ф.Ҷ. Вижагиҳои вожагонӣ ва калимасозии осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: дис. н.и.ф.: 10.02.01 [матн] / Ф.Ҷ. Ҷурабекзода – Душанбе, 2024. – 186с.*
14. *Шокиров Т. С. Таркиби луғавии забон ва омилҳои ғаномандии он / Т. С. Шокиров // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2025, - № 3 (116). С. 24-28.*

ХУСУСИЁТИ МАЪНОӢ ВА КОРБУРДИИ ВОЖАИ “МАЪШУҚ” ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ

Дар ашъори Ҳофиз вожаҳои “маъшуқ” ва “маъшуқа” бо вуҷуди аз як реша ва муродифмаъно будан дар суханпардозии адабии Ҳофиз ва корбурду зарофати маъноӣ то андозае аз ҳам фарқ

мекунанд ва аҳаммияти рамзӣ доранд. Ин мухтасаргуфтор на танҳо нишондиҳандаи бузургии Лисонулғайб, балки дараҷаи гуфтор фаҳмиш ва корбурди забон дар ин аср мебошад. Агар Рӯдакиву Фирдавсӣ ин забонро зиндаву поянда карданд, пас, бешубҳа Саъдиву Ҳофизу Мавлоно бо қудрати сухан ба он руҳ бахшиданд ва оламгираш карданд, чунонки он бо адабиёти ғановатмандаш фаротар аз марзи ҷуғрофии Эрони таърихӣ ошиқу дилбохтагони худро дорад ва аз рӯи ишқу алоқа омӯхта мешаваду омӯзонида мешавад.

Калидвожаҳо: маъшуқ, маъшуқа, ишқ, маънӣ, адабиёт, мафҳум, ирфон, ҷинсият, рамз.

ЗНАЧЕНИЕ И ИСПОЛЬЗОВАНИЕ СЛОВА «МАЪШУК» В ГАЗАЛИЯТЕ ХАФИЗА ШИРАЗИ

В стихах Хафиза слова «маъшук» и «маъшука» («любимый» и «любимая»), несмотря на общий корень и синонимичность, несколько различаются в литературной речи Хафиза, семантическом употреблении и нюансах и имеют символическое значение. Эта статье свидетельствует не только о величии Хафиза, но и об уровне речи, понимания и использования языка в этом веке. Если Рудаки и Фирдоуси сделали этот язык живым и устойчивым, то, несомненно, Саади, Хафиз и Мавлана дали ему жизнь и покорили мир силой речи, подобно тому, как он, благодаря своей богатой литературе, имеет своих поклонников и почитателей за пределами исторического Ирана, и его изучают и преподают, основываясь на любви и связи.

Ключевые слова: возлюбленный, возлюбленная, любовь, смысл, литература, понятие, мистика, гендер, символ.

THE MEANING AND USE OF THE ARTICLES "MASHUK" IN THE GAZALIYAT OF HAFIZ SHIRAZI

In Hafiz's poems, the words "mashuk" and "mashuka" ("beloved" and "loved one"), despite sharing a common root and being synonymous, differ somewhat in Hafiz's literary expression, semantic usage, and nuances, and carry symbolic meaning. This brevity testifies not only to the greatness of Lisonul-Ghayb but also to the level of speech, understanding, and use of language in this century. If Rudaki and Ferdowsi made this language vibrant and resilient, then undoubtedly Saadi, Hafiz, and Mevlana gave it life and conquered the world with the power of speech, just as, thanks to its rich literature, it has its admirers and admirers beyond the borders of historical Iran, and is studied and taught based on love and connection.

Keywords: beloved, love, meaning, literature, concept, mysticism, gender, symbol.

Дар бораи муаллиф
Раҳмонов Бахтиёр Нурмаҳмадович
Номзади илми филология, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: zobit@list.ru

Об авторе
Рахмонов Бахтиёр Нурмахмадович
Кандидат филологических, наук, доцент кафедрой теории и практики языкознания Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: zobit@list.ru

About the author
Rahmonov Bakhtiyor Nurmahmadovich
Candidate of philology, docent of the Departament of theory and Practice of Linguistics
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: zobit@list.ru

ТДУ 800.879+801.313 (575.3)

БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ФОНЕТИКИИ ЛАҲҶАИ ЛАХШ

Холназариён Р. М.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқаддима. Аз таърих маълум аст, ки дар гузашта раванди аз ҳам ҷудошавии лаҳҷаҳо ва ба забонҳои мустақил табдил ёфтани онҳо зуд-зуд ба амал омадааст. Шеваю лаҳҷаҳои ҳар як забон маҳсули даврaҳои гузашта мебошанд. Онҳо дар марҳалаҳои гуногуни таърихӣ ноҳамвор ва номутаносиб тараққӣ карда, ҳар кадом дар ин ё он сурат то замони мо омада расидаанд.

В. С. Расторгуева дар асари хеш «Таҷрибаи ба таври муқоиса омӯхтани лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ» (Опыт сравнительного изучения таджикских говоров) (1964) шеваҳои забони тоҷикиро ба чор гурӯҳ: 1) шимолӣ, 2) марказӣ (мобайнӣ), 3) ҷанубӣ ва 4) ҷануби шарқӣ ҷудо намуда, шеваи ҷанубиро бо як қатор аломатҳояшон ба шеваҳои шимолӣ, марказӣ ва ҷануби шарқӣ муқобил мегузорад [6, с. 91]. Ӯ дар таснифот ва муқобилгузорӣ, пеш аз ҳама, ба системаи садонокҳо, ки таърихан аз як манбаъ ибтидо мегиранд, такя кардааст. Назар ба қайди ин олим ҳамчун меъёр қарор додани садонокҳои таърихан қафои «и», «ӣ» ва «о», яъне ҷуфти садонокҳои таърихан дарозу кутоҳ ва вови маҷҳул бо сабабҳои зайл хеле мувофиқ ба шумор меравад: 1) вай дар мисоли лаҳҷаҳои тоҷикӣ хатти асосии тараққиёти қисми муҳимми системаи забон – вокализмро нишон медиҳад; 2) вай дар теъдоди зиёди калимаву морфемаҳо пешниҳод мешавад ва аз ин рӯ баробари бо лаҳҷа шинос шудан ба чашм мехӯрад; 3) он комилан изоглоссҳои аниқ медиҳад [10, с. 41].

Тавре ки дар муқаддимаи китоби «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ, ҷилди I» (1980) зикр гардидааст, шеваи ҷанубӣ дар марказ аз ҷануби Тоҷикистон, яъне дар ҳавзаи рости дарёи Панҷ (Амударё), Вахш (бо шохобҳои Сурхобу Хингоб), Қизилсуи ҷанубӣ (бо шохобаш Ёхсу) ва Кофарниҳон паҳн шудааст. Мавзеъҳои ин водиҳо, ки бо номҳои Вахиёи Поён, Рашт (Қаротегин), Кӯлоб ва Ҳисор машҳуранд, аз бобати ҷойгиршавии аҳолӣ хеле барвақт сурат гирифтаанд.

Шеваи ҷанубӣ чор гурӯҳи лаҳҷаҳоро дар бар мегирад: 1) раштӣ (бо гунаҳои раштӣ ва вахёӣ-раштӣ), 2) кӯлобӣ (бо гунаҳои шимолӣ, ҷанубӣ, ғарбӣ ва кӯлобии Ҳисор), 3) роғ ва 4) Бадахшон (Ғорон, Ямг ва ғ.) Лаҳҷаи тоҷикони минтақаи Лахш аз рӯйи таснифоти дохилии шеваи ҷанубӣ ба шохаи вахёӣ-раштӣ нисбат дорад. Аммо ба сабаби дар шароити дузабонӣ ривоҷ ёфтани лаҳҷаи Лахш он аз лаҳҷаҳои сирф раштӣ ва вахёӣ-раштӣ бо баъзе вижагиҳои худ фарқ мекунад, ки ин дар сохтору маъноҳои воҳидҳои гуғавӣ ва номҳои ашхос ҳам мушоҳида мешавад.

Сарфи назар аз ин, лаҳҷаи тоҷикони Лахш бо низоми овозӣ ва грамматикии худ дар ваҳдати лаҳҷаҳои дигари шеваи ҷанубӣ қарор дорад. Номҳои ашхос инъикоскунандаи ҳамин раванди ҳамоҳангӣ мебошанд, ки дар ин мақола фақат хусусиятҳои фонетикии онҳоро аз назар мегузаронем.

Маводҳо ва усулҳои таҳқиқот. Лаҳҷаи тоҷикони ноҳия, мисли шеваи анубӣ дорои шаш овози садонок (и, е, а, ъ, у, о.) мебошад. Яке аз вижагиҳои муҳимтарини шеваи ҷанубӣ, аз ҷумла лаҳҷаи тоҷикони Лахш, мавҷудияти садоноки қатори қафо, ғайрилабӣ ва ноустувор мебошад, ки дар шевашиносӣ онро ба аломати шартии «ъ» менависанд. Дар бораи ин садонок дар асарҳои таҳқиқотӣ, хосатан пажуҳишҳои лаҳҷашиносӣ маълумоти муфассал дода шудааст. М. С. Андреев (1930) лаҳҷаҳои забони тоҷикиро ба ду гурӯҳ – ҷануби шарқӣ ва шимоли ғарбӣ тасниф карда, овози мазкурро ҳамчун аломати якуми фарққунандаи гурӯҳи ҷануби шарқӣ ба қалам додааст, ки он ба ивази «у»-и таърихан кӯтоҳ истифода мешавад. Баъдтар ин маълумот дар навиштаҳои В. С. Расторгуева, Р. Л. Неменова, А. З. Розенфелд, Ю. И. Богорад ва дигарон такмил ёфтааст. Агар В. С. Расторгуева дар китоби худ «Таҷрибаи ба таври муқоиса омӯхтани лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ» (1964) мувофиқати таърихии садонки «ъ»-ро бо «у»-и кӯтоҳ зикр карда бошад [6, с. 91], дар ҷилди якуми «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» (1980) хусусиятҳои миқдорию сифатии садоноки «ъ» дар асоси озмоиши лабораторӣ батафсил баён гардидааст. Аз ҷумла, вижагиҳои сифатии ин фонема чунин тасвир шудааст: «Фонемаи мазкур (садоноки «ъ» – Р.Х.) дар вазъиятҳои мухталифи фонетикӣ дар ҳиҷоҳои кушодаи безада, дар ҳиҷоҳои пӯшидаи заданоку безада мушоҳида мешавад. Вай бинобар

майл доштан ба ихтисоршавии зиёд дар аввал ва охири калима дар ниҳояти камӣ дучор мешавад» [5, с. 45].

Дар лаҳҷаи мардуми минтақаи мавриди назар садоноки ғайрилабии қатори қафо, бардошти миёна «ъ» бо фонемаи кӯтоҳи «у» мувофиқат мекунад.

Антропонимҳо ҳамчун ҷузъи таркибии лексикаи лаҳҷаи тоҷикони Лахш аз фарогирии фонемаи мазкур истисно нестанд. Ҳарчанд ки мувофиқи маълумоти монографияи «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» садоноки «ъ» дар ҳолатҳои муайян овозҳои «и» ва «а»-ро низ иваз карда метавонад (мисли зъмин < замин, мън < ман ва ғ.), аммо дар номҳои ашхос танҳо мувофиқат, асосан, ба фонемаи кӯтоҳи «у» хос мебошад. Дар гуфтугӯ гоҳо дар ду вариант истифода мешавад. Намунаи чанд мисол:

Зълфия // Зулфия < Зулфия, Съраё // Сураё < Сурайё, Гълхон // Гулхон < Гулхон, Пардагъл // Пардагул < Пардагул (занона), Қърбон // Қурбон < Қурбон, Мърод // Мурод < Мурод (мардона) .

Дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ, аз ҷумла дар шохаи он – лаҳҷаи тоҷикони Лахш аз таркиби овозҳои ав ба вуҷуд омадани садоноки устувори «у» ҳодисаи муқаррарӣ ба шумор меравад. Мисли рузан < равзан, руған < равған, рушан < равшан, нубат < навбат.

Вале дар антропонимия ин қонунияти овозӣ риоя намешавад.

Дар номҳои мардона: Дар номҳои занона:

Равшан < Равшан Ҷавҳар < Ҷавҳар

Мавлон < Мавлон Гавҳар < Гавҳар

Равзан < Равзан Саври< Саврӣ

Аз ин раванд танҳо номи занонаи Санавбар дар лаҳҷаи Лахш истисност, зеро аксаран дар шакли «Санобар» истифода мешавад.

Дар лаҳҷаи тоҷикони Лахш садоноки «и» пас аз ҳамсадоҳои пасизабонии чуқури *қ, ғ, х* то андозае ба қафо кашида шуда, аз ҷиҳати тарзи талаффуз ба *ы*-и сабуки русӣ наздик шавад ҳам, сифти худро гум намекунад. Масалан, хырс < хирс, ғылоф < ғилоф, қылық // қылығ < қилиқ, қызық // қызиқ < қизиқ (шӯх), хыёл < хиёл, ғышт < хишт, қышлоқ < қишлоқ, ғыром < ғиром ва ғ.

Ин ҳолат дар антропонимия низ мушоҳида мешавад. Ба мисли Р^{и}воҷ // Ривоҷ < Ривоҷ, Қ^{и}лич // Қилич < Қилич, Қ^{и}ём // Қиём < Қиём, Қ^{и}мат // Қимат < Қимат, Соб^{и}р // Собир < Собир, Орт^{и}қ // Ортиқ < Ортиқ, З^{и}ёрат // Зиёрат < Зиёрат С^{и}диқ // Сидиқ < Сидиқ, Х^{и}дир // Хидир < Хидир ва ғ.

Садоноки **и** ҳамчун фонемаи ноустувор дар гӯиши сокинони Лахш сифатан тағйир ёфта, бо садоноки **ъ** мувофиқат менамояд: шъкам (шикам), шъкор (шикор), търеза (тиреза), бъши (бишин) ва ғ. Садоноки **ъ** дар лаҳҷаи мавриди назар дар таркиби як қатор калимаҳои хоси шева низ истифода мешавад: хъмърч – қури алов, фърт – қулт, лъмб – калон ва ғ.

Фонемаи **у**, асосан, хоси шеваҳои шимолӣ ва ҷанубӣ бошад ҳам, аз нигоҳи мувофиқати таърихӣ як хел нест. Чунончи, фонемаи мазкур дар шеваи шимолӣ чун дар забони адабӣ бо «у»-и таърихан кӯтоҳ мувофиқат намояд (буз, курта, гул, бузург), дар шеваи ҷанубӣ ба ивази «ӯ»-и забони адабӣ (гуш, руз, муза, хъшру), «у»-и таърихан дароз (вови маъруф) (дуд, дур, дору, каду хун) ва «о» пеш аз ҳамсадоҳои димоғии *м, н* (нун, хуна, хумак) меояд. Ин аст, ки «у»-и шеваи ҷанубӣ нисбат ба «у»-и шеваи шимолӣ устувортар буда, ба ихтисорот кам дучор мешавад [10, с.59].

Дар лаҳҷаи тоҷикони Лахш мавқеи фонемаи «у» устувор буда, дар бисёр мавридҳо бо «ӯ»-и забони адабӣ (вови маҷҳул) мувофиқат мекунад: руз < рӯз, хурд < хӯрд, гуш < гӯш, гушт < гӯшт.

Дар номгузорӣ низ мавқеи фонемаи «**у**» устувор аст. Намунаи чанд мисол: Руза, Рузиқъл, Рузӣ, Тутӣ, Фируз, Ашур, Бурӣ, Нумон, Дусталӣ, Бустон, Зуро // Зуҳро, Мудин, Муъмин, Тура, Ҷура.

Фонемаи **а** садоноки бардошти поён, ғайрилабӣ ва ноустувор аст. Тобиши асосии фонемаи **а** дар лаҳҷаи Лахш дар ҳолати зерин мушоҳида мешавад: а) дар аввали калима дар ҳиҷои кушоди безеда: агар, агане (вагарна), ахир; б) дар ҳиҷои заданок ва пӯшидаи безада: дар, сар, кар, зардак (сабзӣ) гардан ё каддан; в) дар ҳиҷои кушодаи пеш аз зада ва заданок дар ҳамшафатии ҳамсадоҳои ҷарангнок ва бечаранг: бача, дара, тоза ва ғ.

Ин фонемаи дар ҳиҷоҳои кушодаи заданок ва безада миқдоран тағйир ёфта меистад ва ба ин васила дар як шароити фонетикӣ ду навъ тобиши акси якдигарро ифода менамояд: аз як тараф, баъзан кашишдор ва фарох талаффуз ёфта, хусусияти хос пайдо кунад, аз тарафи дигар, айнан дар ҳамин вазъият кӯтоҳ талаффуз шуда, чунон ки дар забони адабӣ ва

гуфтугӯй дида мешавад, ҳолати муқаррарии худро нигоҳ медорад: пърсида:гӣ // пурсидагӣ, хонд***ā***гӣ // хондагӣ, ***ā***дир // адир, ш***ā***риф // шариф, ҳ***ā***лим // ҳалим.

Натиҷаҳо. Муҳаққиқи шинохтаи лаҳҷашиносӣ Ғ. Ҷӯраев (1965) чунин хусусият, яъне дар ҳиҷои кушодаи безада дароз талаффуз гардидани овози «а»-ро дар лаҳҷаи Қамишқурғони ноҳияи Ашт зикр карда, онро ба таъсири забони узбекӣ вобаста менамояд. Ҷ. Мурватов низ ҳамин гуна далелро барои лаҳҷаҳои тоҷикони атрофи Андиҷон ишора кардааст [4, с. 13]. Ин ҳодиса барои лаҳҷаи тоҷикони минтақаи Лахш низ хос мебошад.

Азбаски дар Лахш тоҷикону қирғизон омехта зиндагӣ мекунанд, ба ин асос мо метавонем гӯем, ки сурати дароз талаффуз шудани овози «а» дар лаҳҷаи тоҷикони минтақаи Лахш ба таъсири забони қирғизӣ, ки аз гурӯҳи забонҳои туркист, вобаста аст.

Дар номгузорӣ низ ин қонуният риоя мешавад, вале дар ҳолати муқаррарӣ бештар аст: Ша***ā***риф // Шариф, За***ā***риф // Зариф, Ҳа***ā***лим // Ҳалим, Ҳа***ā***мид // Ҳамид, Са***ā***лим // Салим, Ра***ā***шид // Рашид, Ҳ***ā***ким // Ҳаким, Ва***ā***лӣ // Валӣ, На***ā***йим // Найим ва ғ.

Мавриди тазаккур аст, ки дар лаҳҷаи тоҷикони Лахш фонемаи **а** дар ҳиҷои кушодаи безада бештар бо садоноки **ъ** мувофиқат менамояд: *пъгайи – пагоҳӣ, дърума(д) – даромад, бъланд – баланд.*

Садоноки **е** чун дар забони адабӣ овози нимфарох, бардошти мобайн, қатори пеш, ғайрилабӣ ва ноустувор буда, дар лаҳҷаи сокинони ноҳия ба тағйирот кам дучор мешавад: *бед, сел, хез, мева, зелол, девор, бемор.* Бо вуҷуди ин, ҳолатҳои ба **и** табдил ёфтани **е** дар лаҳҷаи тоҷикони Лахш ба назар мерасад. Ин ҳолати фонемаи е, асосан, баъд аз ҳамсадои ҷарангдори б дар охири калима рӯй медиҳад: *сешанбӣ (сешанбе),чоршанбӣ (чоршанбе), шанбӣ (шанбе) фарбӣ (фарбеҳ), ҳасан-ҳъсен (тиру камон)*

Аммо дар номҳои ашхоси сокинони ноҳия мавқеи ба **и** табдил ёфтани **е** якранг нест. Масалан, Ниматуло (Неъматулло), Самӣ(ъ) (Самеъ), Малиҳ (Малеҳ), Рафӣ (Рафеъ), Солиҳ (Солеҳ).

Фонемаи «**қ**» пеш аз фонемаҳои **с, т, л, б** ба «**х**» мубаддал мешавад: вахт < вақт, ихбол // иғбол < иқбол, махсат < мақсад, нахт < нақд, тахсим < тақсим, тахсир < тақсир. Чунин бадалшавӣ дар номҳои ашхос ҳам мушоҳида мегардад: Махсат // Мақсад < Мақсад, Тахсирҷон // Тақсирҷон < Тақсирҷон, Хушвахт // Хушвақт < Хушбахт, Ихбол // Иғбол // Иқбол < Иқбол.

Фонемаи «ж»**,** дар маҷмуъ, дар шеваи ҷанубӣ камистеъмол буда, бештар ба фонемаи «ч» табдил меёбад. Мисли ҷола < жола, миҷа < мижа ва ғ. Дар номгузорӣ мисоли ин номи Мижгона мебошад, ки ба сурати Миҷгона истеъмол мешавад.

Дар баъзе калимаҳои арабӣ овозҳои ҳалқии рӯякии «айн» (ع) ва «ҳо-и ҳуттӣ» (ح), ки хоси забони арабӣ мебошанд, истифода гардида,дар лаҳҷаи Лахш нисбатан суст талаффуз мешаванд. Овозҳои мазкур дар ҳайати воҳидҳои луғавии арабӣ ба лаҳҷаи Лахш ворид шудаанд: каъба, маърака, феъл, ҳаким, каҳр, лаҳм, хърмат, мъҳоҷир, ақл ва ғайра [2, с. 14]. .

Муҳокима. Дар таркиби воҳидҳои луғавӣ ва номҳои ашхоси сокинони Лахш, тақрибан, ҳамаи ҳодисаҳои фонетикӣ, ки барои калимаҳои дигар хос мебошанд, инъикос меёбанд. Аз ҷумла, ҷойивазкунӣ (метатеза) яке аз ҳодисаҳои маъмули фонетикӣ ба шумор меравад. Чунончи: ҷойивазкунии *р* бо *й:* файрот < фарёд, дайро < дарё ё худ ҷойивазкунии *в* бо *ҳ:* гаҳвар < гавҳар, гавҳора < гаҳвора ва м. ин.

Дар антропонимия бештар ҷойивазкунии чунин ҳамсадоҳо мушоҳида мешавад: *р* бо *й:* Майрам < Марям, *в* бо *ҳ:* Гаҳвар < Гавҳар, *з* бо *р:* Нарзило < Назрулло, Нарзӣ < Назрӣ, Нарзиқъл < Назриқул.

Афтидани як ё якчанд овоз дар номгузории шеваи мардуми минтақа назаррас мебошад:

Афтидани овози *ҳ:* Манучер < Манучеҳр, Гълчира – Гулчера < Гулчеҳра, Раим – Раҳим < Раҳим, Тоир – Тоҳир < Тоҳир, Солийа - Солиҳа < Солеҳа, Соиб – Соҳиб < Соҳиб, Қаор - Қаҳор < Қаххор, Баодур – Баҳодур < Баҳодур; коҳиш ёфтани фонемаи **в**: Сана(в)бар – Сано(в)бар < Санавбар; коҳиш ёфтани **ъ**: Ҷумабек // Ҷимабек – Ҷумабек < Ҷумъабек.

Бояд тазаккур дод, ки дар аввали калима афтидани ҳамсадои **ҳ** бештар дар лаҳҷаҳои ҷануби шарқӣ мушоҳида магардад. Ин фонема дар лаҳҷаҳои ҷанубии Кӯлоб, бадахшонӣ ва роғии шеваи ҷанубӣ ва ҳамчунин ванҷии шеваи ҷануби шарқӣ умуман мавқеъ надорад. Дар лаҳҷаи тоҷикони Лахш, мисли лаҳҷаи дарвозии шеваи ҷанубӣ моҳияти фонемаи **ҳ** хеле суст гардида, талаффузи он сурати фавқуттабиӣ мегирад: *афт // ҳафт, амра // ҳамроҳ, афта // ҳафта,аридан // ҳаридан (ғаш, карда; аррос задан)*

В.С. Расторгуева суст шудани моҳияти фонемаи «ҳ»-ро дар лаҳҷаҳои Дарвоз ва соҳили чапи Рашт (яъне, лаҳҷаи вахиёӣ-раштӣ – Х.Р.) ва ҳамчунин чун фонема тамоман соқит

гардидани онро дар лаҳҷаҳои роғӣ, ванҷӣ ва бадахшонӣ ба эҳтимоли таъсири забонҳои помирӣ вобаста менамояд, чунки барои забонҳои помирӣ фонемаи мазкур хос намебошад [10, с. 61].

Забони гуфтугӯии тоҷикӣ дар як ҷо омадани ду садонокро намепарварад. Бинобар ин, барои сабук шудани талаффуз дар байни садонокҳо овозҳои ҷудогона, аз қабили фонемаҳои р, ҳ, й, в пайдо мешаванд.

Дар он номҳое, ки овози **ҳ** дар байни ду садонок (а-и, и-а, и-о, о-и) афтидааст, ҳамсадои иловагии ҷудокунандаи «й» пайдо мешавад: Моҳия < Моҳ+и+й+а, Зоир// Зойир < Зоҳир, Нийол, Ниҳол < Ниҳол, Зоит // Зойит < Зоҳид, Иброим // Ибройим < Иброҳим, Соиб // Сойиб < Соҳиб.

Бадалшавии овозҳо, ки бештар бо ҳамсадоҳои ҷуфт рӯй медиҳад, мушоҳида мешавад:

б > в: Абдулло > Авдуло, Офтоб > Офтов, Маҳтоб > Мāтов;

ф > в: Афзалшо > Авзалшо д > т: Мурод > Мърот // Мъród // Мурот, Муҳаммад > Мамад // Мамат // Маҳмат // Маҳмад, Хадича > Хат[и]ча // Хадича, Мақсад > Махсат // Махсад // Мақсат.

Хулоса. Мавриди тазаккур аст, ки марҳилаи ҷамъбастҳои илмии шеваҳои забони тоҷикӣ, пурраю ҳаматарафа тадқиқ кардани тамоми шеваҳои забони тоҷикӣ, муайян намудан, интишор ва муносибати онҳоро бо лаҳҷаву забонҳои дигар тақозо мекунад. Бинобар ин, омӯхтани лаҳҷаҳои алоҳидаи забони тоҷикӣ ва муносибати онҳо бо дигар забонҳо, ки «таърихи инкишофи онҳо то кунун аз назари илм нисбат ба баъзе бахшҳои забоншиносӣ берун мондааст» [7, с. 89], дар ҳалли як қатор масъалаҳои назариявӣ ёрӣ мерасонад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки хусусиятҳои фонетикии номҳои ашхоси сокинони ноҳия, умуман дар нутқи шифоҳӣ зоҳир мешаванд. Дар нутқи хаттӣ аксар кӯшиш мешавад, ки меъёри ягонаи забони адабӣ риоя гардад.

Таҳлилу баррасии вижагиҳои овозии лаҳҷаи мардуми Лахш нишон медиҳад, ки онҳо дар доираи қонунҳои фонетикии лаҳҷа истифода мешаванд ва инъикоскунандаи ҳодисаҳои фонетикӣ мебошанд.

Адабиёт

1. *Гафуров, О. Лично-собственные имена в таджикском языке / О. Гафуров. - Душанбе, 1964. - 265 с.*
2. *Каримова, М. Ташаккул ва инкишофи лексикаи лаҳҷа дар шароити дузабонӣ (дар асоси маводди лексикаи лаҳҷаи тоҷикони ноҳияи Лахш) (матн) / М. Каримова: автореф. дис. номз. – Душанбе, 2018. - 21 с.*
3. *Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷ.1. Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 2007.-242 с.*
4. *Мурватов, Ҷ. Шеваи тоҷикони атрофи Андиҷон. / Ҷ. Мурватов. – Душанбе: «Дониш», 1974. - 187 с.*
5. *Неменова, Р. Л., Ҷӯраев Ғ. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ (Фонетика, лексика). Ҷилди 1. / Р. Неменова. – Душанбе: «Дониш», 1980. -331 с.*
6. *Расторгуева, В. С. Опыт сравнительного изучения таджикских говоров. / В. Расторгуева. – М.: Наука, 1964. -188с.*
7. *Холназаров, Р.М. Баъзе паҳлуҳои фаъолияти илмии профессор Ғаффор Ҷӯраев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, 2024, №3 (110). - С. 89-92.*
8. *Хоркашев, С. Баррасии лингвистии гурӯҳҳои мавзуии таркиби луғавии лаҳҷа / С. Хоркашев. – Душанбе: Маориф, 2014. – 234 с.*
9. *Ҷӯраев, Ғ. Баъзе қайдҳо доир ба шеваи Ворух // Ахбороти АФ РСС Тоҷикистон. Шуъбаи фанҳои ҷамъиятӣ. – Душанбе: «Дониш», 1965, №1(39). - С. 96-106.*
10. *Ҷӯраев, Ғ., Холназаров Р.М. Лаҳҷашиносӣ / Ғ. Ҷӯраев. – Душанбе: Матбааи ҶДММ «Сомон-граф», 2020. – 192 с.*
11. *Эшниёзов, М. Диалектологияи тоҷик. / М. Эшниёзов. - Қисми I. – Душанбе, 1977. -113 с.*

БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ФОНЕТИКИИ ЛАҲҶАИ ЛАХШ

Мақола доир ба вижагиҳои фонетикии лаҳҷаи тоҷикони ноҳияи Лахш, ки дар муҳити дузабонӣ (тоҷикию қирғизӣ) сурат гирифтаанд, баҳс мекунад. Масъалаҳои ҷамъбасти илмии шеваҳои забони тоҷикӣ, пурраю ҳаматарафа тадқиқ кардани тамоми шеваҳои забони тоҷикӣ, муайян намудан, интишор ва муносибати онҳоро бо лаҳҷаву забонҳои дигар тақозо мекунад. Аз ин ҷиҳат, омӯхтани лаҳҷаҳои алоҳидаи забони тоҷикӣ ва муносибати онҳо бо дигар забонҳо дар ҳалли як қатор масъалаҳои назариявӣ ёрӣ хоҳад расонд. Мавриди тазаккур аст, ки лаҳҷаи Лахш тибқи таснифоти охири шеваҳои тоҷикӣ ба гурӯҳи лаҳҷаи раштӣ ва лаҳҷаи вахиёӣ - раштии шеваи ҷанубии забони

тоҷикӣ мансуб буда, баррасии хусусиятҳои фонетикии он яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Инчунин, дар раванди рушд ва пешрафти ҷомеа лаҳҷаҳо муваффақият ва комёбиҳои бадастовардаи мардумро дар худ инъикос намуда, бо ҳаёт ва таърихи мардуми он робитаи ногусастанӣ дорад.

Калидвожаҳо: хусусиятҳои фонетикии лаҳҷаи тоҷикони Лахш, лаҳҷаи вахиёӣ-раштӣ, номҳои ашхос, фонема, ҳодисаҳои фонетикӣ, таснифоти лаҳҷаҳои тоҷикӣ, садоноҳҳои устуво ва ноустувор, ҳамсадоҳо, системаи садонокҳо.

НЕКОТОРЫЕ ФОНЕТИЧЕСКИЕ ХАРАКТЕРИСТИКИ ДИАЛЕКТА ЛАХШ

В статье рассматриваются фонетические особенности таджикского диалекта Лахшского района, сложившегося в двуязычной среде (таджикской и киргизской). Вопросы научного подытоживания диалектов таджикского языка, в свою очередь, требуют полного и всестороннего исследованиявсех говоров данного языка на предмет их определения, распространения и отношения с другими диалектами и языками. Исходя из этого, изучение отдельных говоров таджикского языка и их отношения с другими языками может пролить светна решение ряда теоретических вопросов. Стоит отметить, что лахшский диалект, согласно новейшей классификации таджикских стилей, относится к группе диалектов рашти и диалект вахий относится к южному стилю таджикского языка, и изучение его фонетических особенностей считается одним из важнейших вопросов. Кроме того, в процессе развития и прогресса общества диалекты отражают успехи и достижения народа и неразрывно связаны с жизнью и историей его народа.

Ключевые слова: фонетические особенности лахшского таджикского диалекта, вахийои-раштский диалект, личные имена, фонемы, фонетические явления, классификация таджикских диалектов, устойчивые и неустойчивые гласные, согласные, система гласных.

SOME PHONETIC CHARACTERISTICS OF THE LAKHSH DIALECT

This article examines the phonetic characteristics of the Tajik dialect of the Lakhsh region, which developed in a bilingual environment (Tajik and Kyrgyz). The task of scientifically synthesizing the dialects of the Tajik language requires, in turn, a full and comprehensive study of all the language's sub-dialects-specifically regarding their identification, geographical distribution, and relationships with other dialects and languages. Consequently, the study of individual Tajik sub-dialects and their relationships with other languages can shed light on the resolution of a number of theoretical issues. It is worth noting that, according to the latest classification of Tajik styles, the Lakhsh dialect belongs to the Rashti and Vakhi dialects. The Vakhi dialect belongs to the southern style of the Tajik language, and the study of its phonetic characteristics is considered one of the most important issues. Moreover, as society develops and progresses, dialects reflect the successes and achievements of a people and are inextricably linked to the life and history of their people.

Keywords: phonetic features of the Lakhshi Tajik dialect, Vakhi-i-Rasht dialect, personal names, phonemes, phonetic phenomena, classification of Tajik dialects, stable and unstable vowels, consonants, vowel system.

Дар бораи муаллиф
Холназариён Руҳулло Муҳаммад
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: kholnazarov.ruhullo@mail.ru

Об авторе
Холназариён Рухулло Мухаммад
Кандидат филологических наук, доцент кафедры теории и практики языкознания
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: kholnazarov.ruhullo@mail.ru

About the author
Kholnazariyon Ruhullo Muhammad
Candidate of Philological Sciences, Chair of Theory and Practice of Linguistics
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 121
E-mail: kholnazarov.ruhullo@mail.ru

ТДУ 809.155.0

ҶОЙГОҲИ МУТАЗОД ДАР ТАШАККУЛИ САБКИ АШЪОРИ БОҚИМОНДАИ АБУШАКУРИ БАЛХӢ

Ниёзода Ш. И.
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

Муқаддима. Аз ашъори боқимондаи Абушакури Балхӣ қариб сад байт ва аз маснавии нотамоми «Офариннома»-и ӯ то замони мо ҳамагӣ 328 байти пароканда, ки баъзе порчаҳои он дар байни ҳамдигар робитаи мантиқӣ надоранд, омада расидааст. Бо вуҷуди ин, эҷодиёти шоир фарогири афкори ахлоқии воло буда, муаллифро дар замони худ (асри X) ва баъд аз он чун адиби донишманду хирадманди хирадситой ва инсонгароӣ, тараннумгари илму дониш муаррифӣ намудааст.

Маводҳо ва усулҳои тадқиқот. То имрӯз «Офариннома»-и Абушакури Балхӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта нашудааст ва ин корро мо дар мақола хостем таҳқиқ намоем. Ҳангоми таҳқиқи мавзуи мазкур методи таҳлилӣ-муқоисавии луғат ва унсурҳои таърихӣ истифола гардид, ки тавассути чунин методҳо ҷойгоҳи мутазод дар ташаккули сабки ашъори Абушакури Балхӣ ва заминаҳои муайян гардид.

Ҳадафи мақола нишон додани таркибу сохтор, мазмуну шарҳи ҳар як калимаю истилоҳоти истифода намудаи Абушакури Балхӣ дар «Офариннома» ва ҷойгоҳи мутазод дар ашъори шоир.

Дараҷаи омӯзиши мавзуъ: Дар бобати ҷамъоварии ашъори пароканда, таҳлил ва таҳқиқи ашъори Абушакури Балхӣ, дастраси ҳаводорони адабиёт гардонидани он адабиётшиносон А. Абдусатторов [1], А. Маликзод [6], Ш. Холиқзода [13] ва диг. саҳми назаррас доранд.

Доир ба назарияи антонимҳо, хусусиятҳои гуногуни онҳо ва истеъмоли калимаҳои зидмаъно дар забони осори бадеӣ забоншиносон М. Муҳаммадиев [9], Р.Ғаффоров [3], Ҳ.Талбакова [12], Ҳ.Маҷидов [7], М.Саломиён [11], М.Бобомуродов, З.Мухторов [2] ва дигарон изҳори андеша намудаанд.

Муҳаққиқон ба сабки суханварӣ ва забони ашъори Абушакури Балхӣ баҳои баланд дода, яке онро «содаву равон ва ширину дилнишин» [13, с.99] номида, дигаре доир ба қимати баланди илмию адабӣ ва ахлоқӣ доштани ягона маснавии ӯ қадршиносона чунин навиштааст: «Забони маснавии «Офариннома»-и шоир аз содагиву лаззатбахшӣ бархӯрдор аст. Зеро ҳадафи шоир дар ин маснавӣ баён намудани маъниҳои ахлоқии инсонсоз аст, на намоиши ҳунар ва такаллуфоти шоирона. Бинобар ин, шоири ҳаким дар гузиниши вожагони содаву пурғунҷоиш мулоҳизакорона рафтор намудаву маъниҳои бузургро дар ҳар байти маснавӣ ҷой намудааст. Ҳар байтеро, ки аз ин маснавӣ бармегузинем, бо таъбиру калимаҳои хеле содаву маъмулӣ мазмуни баланди ҳакимонаро матраҳ намудааст [6, с.53].

Лексикаи ашъори ӯ бо ғаномандии қабатҳои луғавию маъноӣ, бо корбурди калимаҳои услуби баланд, ки махсуси забони адабии китобиянд, бо халқият ва бадеияти олии баён аз дигар осори панду ахлоқӣ ба куллӣ фарқ карда меистад.

Қисми асосӣ: Абушакури Балхӣ дар замони ташаккулёбии босуръати забони дарӣ, ки ба он сиёсати фарҳангпарваронаи Сомониён мусоидат карда буд, зиндагӣ ва эҷод кардааст. Дар матни осори пароканди боқимондааш корбасти вожагони сирф тоҷикӣ (дарӣ, форсӣ) бартарӣ дошта, шоир ба истеъмоли вомвожаҳо ҳинни зарурат муроҷиат намудааст. Бо мақсади таъмини бадеияти сухан ва рангорангию дилнишинии сухан аз воҳидҳои лексикологие ҳамчун сермаъноӣ, муродифати калимаҳо, ба хусус мутазод (антонимҳо) фаровон кор гирифтааст. Муҳим будани корбурди унсурҳои луғавии зидмаъноро дар забони жанрҳои ғиноӣ ба мушоҳида гирифта М.Саломов, барҳақ, менависад, ки «Антонимҳо дар забон яке аз муҳимтарин категорияи лексикӣ ба шумор рафта, барои шинохти ашёҳо, мафҳумҳо, ҳодисаву воқеаҳое, ки хусусияти зидмаъноӣ доранд, мусоидат менамоянд. Муҳимтарин унсуре, ки дар замири вожаҳои антонимӣ нуҳуфтааст, ин муносибати семантикии зидмаъноии онҳост» [11, с.62].

Зуҳуроти зидмаъноӣ ба сифати як навъи санъати бадеӣ дар адабиётшиносӣ низ мустаъмал мебошад ва он дар осори илмӣ ва фарҳангномаҳои соҳавӣ бо истилоҳи тазод ва мутазод маъмуланд. Чунончи, Х.Шарифов ин падидаро тазод номгузорӣ намуда, ба он истилоҳи мутобиқаро илҳоқ баста чунин навиштааст: «Маънои ***тазод*** ба якдигар зид будан

аст. Маънои ***мутобиқа*** ба ҳам баробар, мутобиқ кардани ду чиз аст. Дар илми бадеъ кор фармудани калимаҳои зидди якдигарро дар сухани бадеӣ тазод, мутобиқат ё тибоқ мегӯянд. Ин гуна тазодҳо дар гуфтугӯ ҳам зиёд кор фармуда мешаванд» [14, с.259]. Бояд афзуд, ки мафҳуми истилоҳи ***тазод*** дар адабиёт нисбатан васеъ буда, зимни он ҳама гуна ҳодиса, ҳолату авзоъе, ки бо муқобилгузорӣ иртибот дорад, фаҳмида мешавад. ***Антонимҳо*** бошанд, ҳамчун воҳиди забонӣ барои ташаккули тазодҳои муқаррарӣ заминаи созгор ба ҳисоб мераванд.

Чунон ки К. Исмонов қайд мекунад, дар тавзеҳи маънои луғавии калимаҳо дар фарҳангнигории асримиёнагии арабҳо мутазод нақши муҳим дорад [4, с.10]

М.Муҳаммадиев ва Ҳ.Талбакова оид ба тафовути ин ду истилоҳ изҳори андеша намуда навиштаанд, ки «Баъзан ба ҷои ***антоним*** калимаи ***тазод***ро истеъмол менамоянд. Аммо дар лексикология (забоншиносӣ) ***тазод*** ва ***антоним*** вазифаҳои гуногун доранд. Шоир, нависанда ва ё гӯянда барои тасвири ҳолат, воқеа ва лаҳзаҳои гуногун ҷумлаҳое меоварад, ки дар таркиби онҳо калимаҳои антонимӣ нестанд, аммо аз ҷиҳати маъно хусусияти тазодӣ доранд. ***Антоним*** истилоҳи забоншиносӣ аст ва ба маънои луғавии калима вобаста мебошад» [10, с. 48-49].

Профессор Ҳ.Маҷидов танҳо антонимҳои луғавиро ***мутазод*** номида, менависад, ки «онҳо олами воқеиро дар шакли воҳидҳои ифоданоки луғавӣ акс мекунанд. Аз ҳамин нуқтаи назар маъниҳои ба ҳам зидди калимаҳои гуногун ва ё маъноҳои ба ҳам зидди худи яке калимаи ҷудогона ***мутазо***д ва ё ***антоним*** номида мешавад [7, с.86]. Ш. Исматуллоҳ низ аз ҳамин истилоҳ кор гирифта, онро ин тавр тавзеҳ додааст: «Мутазодҳо ё худ калимаҳои зидмаъно дар ҳама ҳолатҳо чун натиҷаи муқоисаи одӣ нестанд ва он муқоиса дар заминаи муқобилгузорӣ дар худ хосият, аломатҳо ва амалу ҳаракатҳои зидмаъноро таҷассум мекунад» [15, с.100].

Дар пайравӣ ба Ҳ.Маҷидов муҳаққиқи осори Манучеҳрии Домғонӣ Ҳ.А. Муслимзода низ антонимҳоро мутазод номида, дуруст қайд кардааст, ки «Мутазод ва таркибҳои мутазодӣ барои барҷаста ифода намудани фикр ва таъмини фасоҳату балоғати калом хизмат карда, одатан аз ду ҷузъ зиёд намешаванд. Хусусият ва вазъияту табиати мутазодҳо ҳаминро тақозо мекунанд» [8, с.135]. Ӯ дар ҷойи дигар меафзояд, ки «Муқобилгузорӣ, одатан, дар асоси муқоиса сурат мегирад. Ба ибораи дигар, мутазод аксар вақт дар заминаи муқоиса ба вуҷуд меоянд» [8, с.135].

Холикова, Ш. К Муаллиф бар асоси таҳлили байтҳои боқимондаи «Офариннома» ба хулосае меояд, ки муаллифи ин асар бо оҳанги таълимӣ муҳимтарин масъалаҳои ахлоқ ва маорифро дар замони худ равшан мекунад, ки барои замонҳо ва наслҳои баъдӣ низ муҳим ва бебаҳо мебошанд [14, с.128-134].

Наҷмудинзода, Р. Х. Қайд мекунад, ки агар ба таърихи забонамон ба таври иҷмолӣ назар афканем, донишмандони забоншинос марҳилаҳои тайкардаи забони тоҷикиро ба се давраи калони таърихӣ тақсим кардаанд: форсии бостон, ё забони аҳди Ҳахоманишӣ, форсии миёна ё паҳлавӣ ва ниҳоят форсии нав, ки дар таърихҳо ва матнҳои классикӣ бо номи форсӣ, порсӣ, порсии дарӣ, тоҷикӣ ёд гардидааст [19, с.73].

Дар забоншиносии тоҷик доир ба ҳодисаҳои омонимӣ дар асоси таҳқиқоти забоншиноси рус, муҳаққиқони маъруфи тоҷик ва дигарон кори илмӣ бурда бошанд ҳам, то ҳол баъзе норавшаниҳо ҷой доранд. Чуноне, ки Тоҳирӣ М.Т. дар асоси таърифҳо ва мисолҳои забоншиносон тафовут ва умумияти калимаю омониҳои полисимӣ ва омоформу паронимҳои ба омоним наздикро таҳлил кардааст.

Ба назари мо, раванди муқобилгузории маъно вобаста ба мазмуну мундариҷаи матн дар мавриди зарурӣ мавриди муқоиса қарор мегирад. Масалан, дар байни калимаҳои ***об*** ва ***оташ*** муносибати зидмаъноӣ табиатан ҷой дорад ва он ҷанбаи фалсафӣ дошта, аз замони офариниш то ба ин дам ин ду модда мафҳумҳои ба ҳам зидро ифода мекунанд, ки ин ҷиҳат бе муқоиса ҳам равшан аст. Аммо аз нигоҳи Абушакури Балхӣ на ҳар шахси дар об буда шиновар аст ва обошно касест, ки аз об наметарсад, вале муқоисаи зиддияти тарафайни ***оташ*** бо ***об,*** ки он оштинопазир аст**,** барои дарки маънӣ ва бадеияти сухан мусоидат кардааст:

Касе, к-андар об аст, обошност,
Аз ***об*** *ар ҷу* ***оташ*** *натарсад, равост* [6, с.75].

Бояд зикр намуд, ки истилоҳ ҳар қадар шаклу таркибҳои мухталифи овозии зиёд дошта бошад, он ба ҳамон андоза барои дарки матлаб халал ворид месозад. Аз ҳамин лиҳоз, мо шакли ягонаву умумишудаи истилоҳоти лингвистии мазкур – ***антоним-ро*** ҷонибдорем.

Антонимҳо ё калимаҳои зидмаъно дар ашъори пароканда ва маснавии нотамоми «Офариннома» асосан дар атрофи ду қутби маъноии ба ҳам зид – рафтору кирдори ***наку*** ва ***зишт, некӣ*** ва ***бадӣ*** мавриди истеъмол қарор гирифтаанд. Азбаски ин асар ҷанбаи панду ахлоқӣ дорад, дар он хирад, илму дониш ва хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ситоиш мешаванд. Тасвири моҳияти ашёву ҳаводис ва маънои калимаҳо бе муқобилгузорию қиёснамоӣ имконнопазир аст. Барои он ки хонанда мақсади шоирро зудтар дарк намояд ва матлаби ӯ равшантар инъикос ёбад, хосияти ашё, хислату характерҳо пурратар нишон дода шаванд, сухангӯ корбурди антонимҳоро салоҳ медонад.

Истифодаи шаклҳои луғавии калимаҳо зимни ифодаи муқобилгузорӣ дар «Офариннома» афзалият дорад. Чунончи: ***нек – бад, суд – зиён, рост – дурӯғ, рӯз – шаб, об – оташ, шакар – заҳр, талх – ширин, гарм – сард, замин – фалак, зишт – неку, дӯст – душман, шубон – гург, динор – санг, шоҳ – дарвеш, хос – ом, фароз – фуруд, баланд – паст, пинҳон – ошкор, андак – фузун*** ва ғайра, ки онҳо аз ҷиҳати маъно ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ мансуб мебошанд.

Масалан, танҳо дар як байти зерини Абушакури Балхӣ ду ҷуфти антонимҳои луғавии исм: ***заҳр – позаҳр, дармон – дард*** ва ду ҷуфти антонимҳои сифат: ***гарм – сард, талх - ширин*** мутаносибан ба кор рафта, дар таркиби матн муайянкунандаи чида шуда омадаанд:

Сухан ***заҳру позаҳру гарм*** *асту* ***сард,***

Сухан ***талху ширину дармону дард*** [5, с. 67].

Дар ашъори Абушакур ва «Офариннома»-и ӯ зуҳуроти антонимшавии калимаҳои гуногунсохтор низ ҷой дорад: ***андӯҳ*** (сода) – ***шодӣ*** (сохта), ***тавонгар*** (сохта) – ***дарвеш*** **(сода),** ***неку*** (сода) – ***бадхӯ*** (мураккаб), ***заҳр*** (сода) – ***позаҳр*** (мураккаби рехташуда), ***пинҳон*** (сода)– ***тобон*** (сохта), ***гург*** (сода) – ***харгӯш*** (мураккаб), ***сабуксанг*** (мураккаб) – ***гарон*** (сода), ***тиҳидаст*** (мураккаб) – ***тавонгар*** (сохта), ***ҷаҳондида*** (мураккаб) – ***нодида*** (сохта), ***булӯр*** (сода) – ***санги хоро*** (таркибӣ), ***рӯбоҳ*** (сода) **–** ***шери нар*** (таркибӣ; дар қолаби ибора), ***дурӯғ*** (сода) – ***рост гуфтан*** (таркибӣ) ва монанди инҳо.

Холиқова Ш. Қайд мекунад, ки омузиши мероси ғании эҷодии Абушакури Балхӣ моро водор месозад, ки ба саволи дараҷаи таъсири у дар ташаккул ва инкишофи баъзе навъҳои назм дар адабиёти давраи Сомониён чавоб диҳем. Комилан возеҳ аст, ки мо бо омӯзиши ашъори Балхӣ имкони нодире ба даст меорем, ки баъзе хусусиятҳои адабиёти давраи баррасишавандаро дар маҷмуъ муайян намоем. Таҳлили эҷодиёти Балхӣ бешубҳа калиди дарки равияҳои асосии таҳаввули жанри тахҳқикшавандаро ба мо медиҳад ва барои муайян кардани сарчашмаҳои баъзе падидаҳои адабиёти тоҷику форси замони ҳозира кумак мекунад.

Имконияти бо ҳам муқобил афтодани маъноҳои вожагони сохторашон якхела (сохта бо сохта, мураккаб бо мураккаб, таркибӣ бо таркибӣ) низ кам нест, чунончи: ***доно – нодон, некӣ – бадӣ, пирӣ – ҷавонӣ, шикебоӣ – ношикебоӣ, фарохӣ – тангӣ, дуруштӣ – сахтӣ, дурустӣ дуруштӣ, сахтӣ – хуррамӣ, зердаст*** – ***забардаст***, ***пирӣ пазируфтан – ҷавон мондан*** ва амсоли инҳо.

Акнун антонимҳои дар фавқ зикрёфтаро вобаста ба мансубияташон ба ҳиссаҳои нутқ дида мебароем:

Антонимҳои луғавии исм. Чунин навъи антонимҳо дар эҷодиёти Абушакури Балхӣ дар муқобилгузории маънои исмҳои моддии шахс ва моддию маънии ғайришахс, аз қабили ***шоҳ – дарвеш, замин – фалак, рӯз – шаб, суд – зиён, шакар – заҳр, динор – санг, заҳр – позаҳр, об – оташ, булӯр – санги хоро*** ва ҳоказо ба чашм расид. Чанд намуна:

Замин (номи сайёра; сатҳи хок) – ***фалак*** (осмон, сипеҳр; улвият, авҷу баландии чизе; қазову қадар**).** ***Замин*** маъвои одамон (поко) аст, ки нисбат ба ***фалак*** (осмон, улвият, арш - маъвои малоик**)** аз он ҷиҳат дар муносибати зидмаъноӣ қарор гирифтаанд, ки ҷойгоҳи яке ***пастӣ*** **(**замин**)**, вале маъвои дигаре ***баландӣ*** **(**фалак**)** бошад ҳам, агар хӯю хислат нек бошад, он ҳар ду муқаддам маҳсуб мешаванд:

Бувад хӯйи покону хӯйи малак,

Чи андар ***замину*** *чи андар* ***фалак*** [5, с. 66].

Динор (пули тило, зар) – ***санг*** **(**ҷисми сахти кӯҳӣ**)**. Муқобилмаъноии ин ду исм дар қадру қурби онҳо нисбат ба ҳамдигар ва дар нақшу мақомашон дар зиндагии одамон муайян карда мешавад. Чунончи:

Чи ***динору*** *чи* ***санг*** *зери замӣ,*

Ҳар он гаҳ, к-аз ӯ н-оядат хуррамӣ [5, с. 75].

Булӯр (санги софу шаффоф монанди шиша) – ***санги хоро*** (санги сахти кӯҳӣ, гранит). Объекти муқобилгузорӣ вожаи ***булӯр*** буда, он маънои «нозукӣ» (шиша)-ро ифода мекунад, вале дар шеър он маҷозан ба маънои «душмани нотавон» корбаст шуда, бо ***санги хоро*** (рамзи пурқувватӣ, дуруштӣ, сахтӣ) дар абёти зерин антоним шудааст:

Шунидам, ки душман бувад чун ***булӯр,***
Чу гоҳи шикастан наёбӣ, машӯр.
Пас он гаҳ чу хоҳӣ, ки бишканӣ,
Чунон кун, ки бар ***санги хоро*** *занӣ* [5, с. 69].

Суд **(**фоида, манфиат, нафъ**)** – ***зиён*** **(**зарар, осеб**).** Ҳадаф аз муқобил гузоштани ин ду калима он аст, ки шахс аз тарзи гуфтори хуб манфиате мебинад ва ё баръакс, аз гуфтори зишт ба ӯ осебе мерасад ва беҳтар он аст, лафзи бад бар забон наояд:

Сухан, к-андар ӯ ***суд*** *на, ҷуз* ***зиён,***
Набояд, ки ронда шавад бар забон [5, с. 67].

Шакар (фишурдаи найшакар; маҷозан: ширинӣ) – ***заҳр*** **(**моддаи кушанда, самм**)**. Шакар ҷанбаи қувватбахшӣ дорад, вале заҳр қобилияти кушандагӣ, ин ду аломат зиддияти маъноӣ доштани онҳоро нишон медиҳад. Абушукур дар корбурди ин вожаҳо бар он назар аст, ки шакаре, ки душман медиҳад, таъсири онро ҳамчун заҳр бояд ҳисобид. Чунончи:

Зи душман, гар эдун, ки ёбӣ ***шакар,***
Гумон бар, ки ***заҳр*** *асту ҳаргиз мах* ***(в)****ар* [5, с.69].

Антонимҳои грамматикии исм. Калимаҳои гуногунсохтор – сохта ва мураккаб, нисбат ба ҳамдигар дар муносибати антонимӣ қарор гирифта, аз лиҳози маъно дар мақоми исмҳои шахс, исмҳои маънӣ ва моддӣ омада дар муносибати антонимӣ қарор мегиранд.

Тавонгар (зӯр, пурқувват; бой, давлатманд) – ***дарвеш*** **(**бенаво, қашшоқ, гадо; қаландар, зоҳид, тақводор**)** – ***тиҳидаст*** **(**дастхолӣ; маҷозан: камбағал, қашшоқ, нодор). Вожаи аввал – ***тавон*** **+** ***гар*** дар шакли сохта, вале калимаи аз ҷиҳати маъно ба он муқобил – ***дарвеш*** дар шакли сода **(**рехта**)** воқеъ шуда, антонимшавии исмҳои шахсро таъмин намудааст. Зимнан вожаи мураккабсохти ***тиҳидаст***, бо калимаи ***дарвеш*** дар муносибати синонимӣ қарор гирифта, бо ***тавонгар*** антоним шудааст:

Тавонгар *барад офарин солу моҳ,*
Ва ***дарвеш*** *нафрин барад бегуноҳ* [5, с.70].
Бияфзояд аз хоста ҳушу рой,
Тиҳидаст*ро дил набошад ба ҷой* [5, с.70].

Дар сохтани исмҳои маънӣ нақшӣ пасванди ***-ӣ*** калон мебошад, ки тавассути он аз сифатҳои пир, ҷавон, нарм, дурушт, сахт, фарох, танг, нек, бад, шод, хуррам, шикебо ва ғайра аломату хосиятҳои ашёву ҳодисот нисбат ба ҳамдигар зидмаъно шудаанд: ***пирӣ – ҷавонӣ, дурустӣ – дуруштӣ, нармӣ – дуруштӣ, фарохӣ – тангӣ, некӣ – бадӣ, шикебоӣ – ношикебӣ*** ва ҳоказо. Ин антонимҳо барои инъикос намудани дараҷаи синнусолӣ, вазъи ботинию равонӣ, эҳсосот ва хислатҳои ба ҳам муқобили одамон ба кор рафтаанд. Ҳолатҳои ба ҳам зид на танҳо барои муқоисаи ашёву ҳаводис, балки барои дақиқан нишон додани аломатҳои як ва ё якчанд предмет мусоидат кардааст. Чанд мисол:

Пирӣ **(**солхӯрдагӣ, куҳансолӣ**)** – ***ҷавонӣ*** **(**шабоб, барноӣ**)**:

Ҷавон то-ш ***пирӣ*** *наёяд ба рӯй,*
Ҷавонӣ *биёмург наздики ӯй* [5, с. 83].

Некӣ **(**хубӣ, нағзӣ; кори хайр**)** – ***бадӣ*** **(**зарар, осеб, зиён**)**:

Бар оғолиши ҳар ду оғоз кард,
Бадӣ *гуфту* ***некӣ*** *ҳама роз кард* [5, с.77].

Дурустӣ **(**тамомӣ, комилӣ; ростӣ, ростқавлӣ; солимӣ, сиҳҳатӣ**)** – ***дуруштӣ*** **(**сахтӣ, дағалӣ; тундхӯӣ, бадмуомилагӣ**)**:

Дуруст аст посух, лекин дуруст,
Дурустӣ дуруштӣ *намояд нахуст* [5, с. 75].

Нармӣ (мулоимӣ, оҳистагӣ, бурдборӣ) – ***дуруштию сахтӣ*** (дағалӣ, тундхӯӣ):

Ба ***нармӣ*** *чу гардан ниҳад рӯзгор,*
Дуруштию сахтӣ *наёяд ба кор* [5, с. 70].

Шодӣ **(**хушҳолӣ, хурсандӣ, хуррамӣ**)** – ***андӯҳ*** **(**ғам, ғусса, аламу дард, ҳузн**)**; ***фарохӣ*** **(**вусъат, кушодӣ, паҳноӣ) – ***тангӣ*** **(**камвусъатӣ; маҷозан: сахтӣ, душворӣ, мушкилӣ, муҳтоҷӣ**)**:

Аз ***андӯҳ шодӣ*** *диҳад осмон,*
Фарохӣ *зи* ***тангӣ*** *бувад бегумон [5, с. 68].*

Антонимҳои луғавии сифат. Сифатҳои аслии зерин, ки аломату хусусияти ашёро ифода мекунанд, дар шакли луғавии худ нисбат ба якдигар антоним шудаанд: ***талх*** **(**маззаи ногувор, тунду тез; маҷозан: бад, дурушт**)** – ***ширин*** **(**маззаи қанд ва шакар; латиф, дилкаш, нозук, мулоим, нарм**)**, ***сабуксан*****г (**арзон чизи сабук; камбаҳо; беқадр**)** – ***баҳояш гарон*** **(**пурқимат, гаронбаҳо**)**, ***гарм*** **(**ҳарорати баланд**) – *сард*** **(**ҳарорати паст**)**, ***кучак*** **(**хурд**)** – ***бузург*** **(**калон**)**, ***дурӯғ*** **(**сухани норост, ғайриҳақиқӣ, кизб**)** – ***рост*** **(**муқобили чап; мустақим, шакли амудӣ; дуруст, саҳеҳ, ҳақ, ***нек*** **(**хуб, нағз, хуш**)** – ***бад*** **(**зишт, ганда**)**, ***ошкор*** **(**зоҳир, падидор, намоён**)** – ***ниҳон*** **(**пинҳон, махфӣ, пӯшида**)**. Чанд мисол:

Муқобилгузории ***маззаи*** талх бо ширин:

Чу пухта шавад ***талх ширин*** *шавад,*

Ба дониш сухан гавҳарогин шавад [5, с. 67].

Антоним шудани хислатҳои мусбату манфии инсон:

Дурӯғ *обу озарм камтар кунад,*

В-агар ***рост*** *гӯйӣ, кӣ бовар кунад* [5, с. 72].

Ба некӣ шавад чашм равшан туро,

Зи ҳар ***бад*** *бувад* ***нек*** *ҷавшан туро* [5, с. 72].

Антонимҳои ***баланд*** ва ***паст*** ба маънои аслӣ аломати масоҳату масофа ва фосилаи байни ашёро нисбат ба ҳамдигар нишон медиҳанд. Онҳо маҷозан дар муқобилгузории мақому дараҷа ва мартабаи одамон, қимат ва ё арзиши ашё низ ба кор мераванд:

Кушода шавад кор чун сахт баст,

Кадомин ***баланд*** *аст нобуда* ***паст*** [5, с. 68].

Як хусусияти антонимҳои сифатӣ дар он аст, ки онҳо бештар дар таркиби ибораҳои исмӣ меоянд. Чунончи: *шоҳи* ***бадхӯ*** *– бахти* ***неку***:

Киро кор бо шоҳи ***бадхӯ*** *бувад,*

На озарму на бахти ***неку*** *бувад* [5, с. 72].

Антонимҳои луғавии феъл ва зарф. Ин гурӯҳи лексикии антонимҳо дар «Офариннома» сермаҳсул нест. Масалан, феълҳои таркибии номӣ, ки ҷузъи номии онҳоро ҳиссаҳои номӣ **(**исм, сифат) ташкил медиҳанд, дар маснавӣ зидмаъно шуда омадаанд***: пирӣ пазируфтан – ҷавон мондан, дурӯғ омадан – рост гуфтан, пинҳон будан – тобон будан:***

Ҳама чиз ***пирӣ пазирад****, бидон,*

Магар дӯстӣ, к-он ***бимонад ҷавон*** [5, с. 68].

Як оҳу, ки аз як ***дурӯғ оядо,***

Ба сад ***рост гуфтан*** *напироядо* [5, с.72].

Бад андар дил арчи ***пинҳон бувад****,*

Зи пешонии мард ***тобон бувад*** [5, с. 68].

Дар намунаи зерин аломати миқдории ашё бо зарфҳои миқдору дараҷаи андак ва фузун, ки бо ҳамдигар дар муносибати зидмаъноӣ қарор доранд, ба чашм мерасад: ***андак*** (кам) – ***фузун*** (зиёд, бисёр):

Або себ рангин ба об андарун,

Сипоҳ ***андак****у рою дониш* ***фузун*** [5, с. 81].

Яке аз вазифаҳои муҳимми зарф ифода намудани мафҳуми аломати амал мебошад, ки мо онро дар ашъори шоир зимни ба зуҳуроти адвербализатсия дучор омадани калимаҳои сифатии антонимии ***хуб*** ва ***зишт*** мушоҳида карда метавонем:

Зи гуфтору кирдор в-аз хӯи хеш,

Касе надравад ***хуб,*** *чун* ***зишт*** *кишт* [5, с.73].

Антонимҳои фардию услубӣ. Ин гурӯҳи антонимҳо характери субъективию услубӣ дошта, вобаста бо салоҳдиди муаллифи асар ва ё гӯянда бо истифода аз саноеи бадеии маҷозу ташбеҳ ва ё имкониятҳои нутқи гуфтугӯӣ ташаккул меёбанд. Чунин навъи антонимҳоро таҳқиқ намуда М.Саломиён дуруст нигоштааст, ки «Шоирони ғазалсарои тоҷик низ зимни баёни андешаҳои худ ба таври муқоисаю муқобилгузорӣ аз итн гурӯҳи вожаҳо моҳирона истифода кардаанд. Масалан, вожаи «шер» бо вожаҳои «рӯбоҳ», «оҳу»; «гов» бо «хар»; «гург» бо меш»; вожаи «паланг» бо «харгӯш» ва монанди инҳо ҳамеша дар муносибати антонимӣ қарор мегиранд» [11, с.86]. Чунин навъи муқобилгузориро Абушакури Балхӣ дар маснавии худ хеле барвақттар бо мақсади баланд гардидани бадеияти сухан ва пурқувват шудани дараҷаи муассирию таъсирбахшии он истифода бурдааст. Дар ин замина рафтору хислатҳои ҳайвонот бо одамон ва ҳайвонот бо ҳайвонот, ки аксаран хусусияти тамсилӣ доранд, муқоиса ва ба ҳам муқобил гузошта шудааст. Орзую ҳавас хосияти нафс аст,

ки он монанди ***гург*** қаноатро намедонад, бинобар ин, нозири нафс ақл ё хирад аст, ки ба шубон шабоҳат дода шудааст:

Хирад подшоҳе бувад меҳрубон,
Бувад орзу ***гургу*** *ӯ чун* ***шубон*** [5, с. 66].

Ё ин ки ***гург*** рамзи зӯрӣ ва нотарсию ҷасорат буда, ***харгӯш*** нисбат ба рамзҳои бечораҳолию нотавонӣ ва буздилию тарсончакӣ дар матн ба кор рафтааст:

Кунад душман оҳуи кучак бузург,
Ба ***харгӯши*** *ту барниҳад номи* ***гург*** [5, с. 69].

Тавассути симои ***рӯбоҳ*** рамзи зиракию кордонӣ, маккорӣ, хиёнат ва дигар хислатҳо, ба воситаи образи ***шер*** бошад, ҳокимият, қудратмандию тавоноӣ, зӯрмандию паҳлавонӣ ва ғайра дар забони осори манзум ва мансури бадеӣ инъикос меёбад:

Чу ***рӯбаҳ****ро кушт хоҳӣ, нигар,*
Нахонӣ ба номаш магар ***шери нар*** [5, с.70].

Антонимҳои ҷуфтистеъмол. Антонимҳои ҷуфт хусусияти устуворӣ дошта, ба ибораҳои фразеологӣ монанд мебошанд. Онҳо тавассути пайвандаки пайвасткунанда у **(-ю)** ба ҳамдигар алоқаманд шуда як мафҳумро ифода кардаанд. Чунончи: ***ошкору ниҳон*** – ҳама гуна ҳодиса:

Бараҳна будӣ, к-омадӣ дар ҷаҳон,
Набуд бо ту чиз ***ошкору ниҳон*** [5, с.74].

Мафҳуми «фосилаи муайян» дар ҷуфти зидмаънои ***сару бун*** **(**аввалу охир**)** хусусияти рехтагӣ – фразеологӣ касб намуда, зимни он мафҳуми аз аввал то охир ва аз оғоз то анҷом дар назар дошта шуда, зуҳуроти муқоиса ва муқобилгузорӣ ба ин тариқа ифода ёфтааст:

Сару бун *чун* ***сару буни*** *пингон,*
Андарун *чун* ***бурун*** *бо тангон* [5, с. 63].

Дар мисраи дувуми байти боло калимаҳои ***андарун*** ва ***берун*** антоним буда, тавассути онҳо ду макони нисбат ба ҳам муқобил: дохил ё ботини чизе ва зоҳир ё беруни чизе мавриди муқоиса қарор гирифтааст.

Дар ҷуфти антонимии ***неку бад*** мо намунаи муқобилгузории ду хислати ба ҳам зидро зимни ифодаи маънои яклухт – ҳама гуна хислатҳо мушоҳида мекунем:

Касе, к-ӯ ба некусухан шод нест,
Бар ӯ ***неку бад*** *ҳар чи бошад якест* [5, с.67].

Ҳамин гуна яклухтии маъноро дар калимаҳои ҷуфти зидмаънои ***дӯсту душман*** – **ҳама** низ дида мешавад:

Або ***дӯсту душман*** *набояд кушод,*
Ба фарзанд мӯбад чунин кард ёд [5, с.74].

Зимни ҷуфти ***шабу рӯз***, ки мафҳуми замонӣ доранд, маънои «ҳамеша, мудом, доимо» дар назар аст:

Киро дӯст меҳмон бувад ё на дӯст,
Шабу рӯз *тимори меҳмон накуст* [5, с.76].

Ҷуфти ***ситаду дод*** (ситонидан – гирифтан; дод (додан – муқобили гирифтан) таркиби фразеологӣ ба маънои «доду гирифт; муомила дар савдо, тиҷорат; харидуфурӯш»:

Ситаду дод *макун ҳаргиз ҷуз дастодаст,*
Ки пасодаст хилоф ораду улфат бибарад [5, с.59].

Ҷуфти муқобилмаънои з***истану мурдан*** дар шакли масдар ифода ёфта, ба маънои ***«бетафовутӣ»*** дар сухани гӯянда ба кор рафтааст:

Зистану мурданат *якест маро,*
Ғалбакан дар чи боз ё чи фароз [5, с.61].

Хулоса. Ба ҳамин тариқ, аз баррасии маводди фароҳамомада бармеояд, ки барои падидаи антонимия ва ё мутазод муқобил гузоштани маъноҳои луғавии калимаҳо муҳим будааст. Вожаҳои муқобилмаъно барои таъсирбахш ва пуробуранг баромадани каломи мавзун, вобаста ба услуби баёни шоир дар шеъри Абушакури Балхӣ ба кор рафтаанд. Антонимҳо имконият додаанд, моҳияти ашёву ҳодиса ба ҳақиқат наздик тасвир ёбанд. Дар бисёр ҳолатҳо антонимҳои ҷуфтистеъмол барои ифодаи як мафҳум хизмат карда, тобиши фразеологӣ пайдо намудаанд.

Адабиёт

1. *Абдусатторов А. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ / Х. Шарифов, А. Абдусатторов. – Душанбе: Адиб, 2007. – 480 с.*
2. *Бобомуродов Ш. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ. / Ш.Бобомуродов, З. Мухторов. – Душанбе: ДМТ, 2016. – 428 с.*

3. *Ғаффоров Р. Калимаҳои антонимӣ ва хусусиятҳои онҳо / Р. Ғаффоров // Мактаби советӣ. – 1977. – №12. – С. 25-27.*
4. *Исмонов К. Андешаҳои забоншиносӣ дар нахустин фарҳангномаи арабӣ – «Китоб-ул-айн» К. Исмонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2020. – №3. – С.11-15.*
5. *Кабиров Ш. Луғати омонимҳои забони тоҷикӣ. – Душанбе: Маориф, 1992. – 239 с.*
6. *Маликзод А. Абушакури Балхӣ / А. Маликзод. – Душанбе, 2023. – 90 с.*
7. *Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик / Ҳ. Маҷидов. Қисми 1. – Душанбе: ДМТ, 2007. – 243 с.*
8. *Муслимзода Ҳ.А. Вижагиҳои луғавию маъноии осори Манучеҳрии Домғонӣ / Ҳ.А. Муслимзода. – Душанбе, 2023. – 168 с.*
9. *Муҳаммадиев М. Маълумоти мухтасар дар бораи омоним, антоним ва синонимҳо ҳамчун категорияи лексикӣ / М. Муҳаммадиев. Маҷмуаи илмӣ. Серияи фанҳои филологӣ. Нашри 2. – Сталинобод, 1959. – С.95-98.*
10. *Муҳаммадиев М. Лексикаи забони адабии тоҷик: Маводди таълимӣ / М. Муҳаммадиев, Ҳ.Талбакова, Ю. Нурмаҳмадов. – Душанбе: ДМТ, 1997. – 192 с.*
11. *Саломиён М. Вижагиҳои луғавӣ ва маъноии забони ғазалиёти шоирони асрҳои XII-XIV / М. Саломиён. – Душанбе: ДМТ, 2020. – 158 с.*
12. *Талбакова Ҳ. Луғати антонимҳои забони адабии тоҷикӣ. / Ҳ. Талбакова. – Душанбе, 2000. – 129 с.*
13. *Холиқзода Ш. Абушакури Балхӣ ва осори ӯ / Ш. Холиқзода. – Душанбе: Кондор, 2013. – 112 с.*
14. *Холикова Ш. Абушакур Балхи и некоторые споры в литературе эпохи Саманидов / Ш. Холикова // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – 2012. – №4/2(84). – С.173-178.*
15. *Холикова Ш.К. Вопросы нравственности и воспитания в поэзии Абушакура Балхи / Ш. К. Холикова // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. – 2018. – №1(249). – С.128-134.*
16. *Ҳасани Султон. Забони давлатии Сомониён / Султон Ҳасан. – Душанбе: Дониш, 2020. – 586 с.*
17. *Шарифов Х. Назмшиносӣ / Х. Шарифов, У. Тоиров. – Душанбе: Ҳоҷӣ Ҳасан, 2015.-384 с.*
18. *Ширинбонуи Исматуллоҳ. Дафтари ишқ (Баъзе хусусиятҳои лексикӣ-семантикии ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ) / Исматуллоҳ Ширинбону. –Душанбе: Ирфон, 2007. – 144 с.*
19. *Наҷмудинзода Р.Х. Корбурди истилоҳоти забоншиносӣ дар марҳилаи ташаккули забони адабии тоҷикӣ / Р. Х. Наҷмудинзода // Вестник института языков. – 2021. – №3(43). – С. 67-73.*

ҶОЙГОҲИ МУТАЗОД ДАР ТАШАККУЛИ САБКИ АШЪОРИ БОҚИМОНДАИ АБУШАКУРИ БАЛХӢ

Дар мақолаи мазкур вижагиҳои зуҳур ва корбурди антонимия ҳамчун яке аз воситаҳои муҳимми баёни бадеӣ дар ашъори боқимондаи Абушакури Балхӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф бо такя ба ашъори пароканда ва маснавии нотамоми «Офариннома» нишон медиҳад, ки антонимҳо ё калимаҳои зидмаъно дар сохтори маъноӣ ва услубии осори шоир ҷойгоҳи махсус доранд. Онҳо бештар дар доираи ду қутби маъноии муқобил – некӣ ва бадӣ, рафтору кирдори ҳамида ва зишт – ба кор рафта, барои ифодаи ғояҳои ахлоқию тарбиявӣ хизмат менамоянд.Дар мақола таъкид мешавад, ки хусусияти пандуахлоқии осори Абушакури Балхӣ заминаи мусоид барои истифодаи густурдаи антонимия фароҳам меорад. Тавассути муқобилгузории мафҳумҳо ва қиёси маъноӣ, шоир ба равшантар ифода намудани андеша, пурратар нишон додани хислатҳои инсонӣ ва таъсирбахш гардидани матни бадеӣ ноил мегардад. Ҳамзамон, навъҳои гуногуни антонимҳо, аз ҷумла антонимҳои луғавӣ, ҳамреша ва услубӣ, дар ташаккули низоми маъноӣ ва поэтикии ашъор нақши муҳим мебозанд.Натиҷаи таҳқиқ нишон медиҳад, ки антонимия на танҳо воситаи тасвир, балки унсури муҳимми ташаккули сабки фардии шоир ба шумор рафта, ба ғановати маъноӣ ва таъсиргузории осори ӯ мусоидат мекунад.

Калидвожаҳо: антонимия, мутазод, муқобала, услуб, поэтика, маъно, Офариннома, Абушакури Балхӣ, луғатшиносӣ.

РОЛЬ АНТИТЕЗЫ В ФОРМИРОВАНИИ СТИЛЯ СОХРАНИВШИХСЯ ПРОИЗВЕДЕНИЙ АБУШАКУРА БАЛХИ

В данной статье рассматриваются особенности проявления и функционирования антонимии как одного из важнейших средств художественного выражения в сохранившихся произведениях Абушакура Балхи. Автор, опираясь на разрозненные стихотворения и незавершённую поэму «Офариннама», показывает, что антонимы, то есть слова с противоположным значением, занимают особое место в смысловой и стилевой структуре творчества поэта. Антонимы преимущественно используются в рамках двух противоположных смысловых полюсов – добра и зла, благих и дурных поступков — и служат выражению нравственно-воспитательных идей. Подчёркивается, что нравоучительный характер произведений Абушакура Балхи создаёт благоприятную основу для

широкого использования антонимии. Посредством противопоставления понятий и смысловых сопоставлений поэт достигает более ясного выражения мысли, более полного раскрытия человеческих качеств и усиления художественного воздействия текста. Вместе с тем различные виды антонимов, включая лексические, однокоренные и стилистические, играют важную роль в формировании смысловой и поэтической системы произведений. Результаты исследования показывают, что антонимия выступает не только как изобразительное средство, но и как важный элемент формирования индивидуального стиля поэта, способствующий смысловому богатству и выразительности его произведений.

Ключевые слова: антонимия, антитеза, противопоставление, стиль, поэтика, значение, Офариннамэ, Абушакури Балхи, лексикология.

THE ROLE OF ANTITHESIS IN THE FORMATION OF THE STYLE OF THE SURVIVING WORKS OF ABUSHAKUR BALKHI

This article examines the features of the manifestation and functioning of antonymy as one of the most important means of artistic expression in the surviving works of Abushakur Balkhi. Relying on scattered poems and the unfinished poem *«Ofarinnama»*, the author shows that antonyms, i.e., words with opposite meanings, occupy a special place in the semantic and stylistic structure of the poet's oeuvre.Antonyms are predominantly used within two opposing semantic poles—good and evil, virtuous and immoral actions—and serve to express moral and didactic ideas. It is emphasized that the instructive nature of Abushakur Balkhi's works creates a favorable basis for the extensive use of antonymy.Through the opposition of concepts and semantic comparisons, the poet achieves clearer expression of thought, a more complete revelation of human qualities, and a stronger artistic impact of the text. At the same time, various types of antonyms, including lexical, derivational (same-root), and stylistic ones, play an important role in shaping the semantic and poetic system of the works.The results of the study show that antonymy functions not only as a figurative device but also as an important element in the formation of the poet's individual style, contributing to the semantic richness and expressiveness of his works.

Keywords: antonymy, antitheses, opposition, style, poetics, meaning, Ofarinnama, Abushakur Balkhi, lexicology.

Дар бораи муаллиф
Ниёзода Шаҳнозаи Искандар
Докторант аз рӯи ихтисос (PhD)
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 21
E-mail: niezzodasahnoz@gmail.com

About the author
Niyozoda Shahnozai Iskandar
PhD candidate
Institute of Language and Literature named after Rudaki NAST
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21
E-mail: niezzodasahnoz@gmail.com

Об авторе
Ниёзода Шахнозаи Искандар
Докторант по специальности (PhD)
Институт языка и литературы имени Рудаки НАНТ
734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 21
E-mail: niezzodasahnoz@gmail.com

ТДУ 491.550.0

БОЗТОБИ НОМВОЖАҲОИ ҶУҒРОФИИ СУҒДИИ ВОДИИ ЗАРАФШОН ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ХОҶА ҲОФИЗ

Тураев Б. Б.
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

Муқаддима. Андалеби бӯстони маънавии маърифати лоязолӣ, бузургтарин шоири ғазалсарои форсу тоҷик Шамсиддин Муҳаммад Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ аз ҷумлаи адибон ва мутафаккирони беназиру барҷаста ва оламшумулест, ки осори гаронбаҳо ва нотакрораш ҳафтсад сол аст, ки зинатбахш ва зинатафзои ганҷинаи адабиёти ҷаҳонӣ гардида ва шахсияти мутабаррикаш ҳамчун яке аз тавонотарин шоирони сарояндаи ашъори лирикӣ шинохта шудааст. Ин аст табъу лутфи худododи лисонулғайб Хоҷа Ҳофиз, ки дар ғазалиёти хеш мартабаи инсонро то ба баландтарин дараҷаи камолу шараф барошта ва бадин васила хуршеди каломи маънавии ин пири ошиқони порсигӯй самойи қалбҳои огоҳи аҳли башарро мунаввар ва дар вуҷудашон оташи ишқро барафрӯхта ва дарёи андешаи нотакрори ин нобиғаи асрҳо ва замонҳо марзҳои ташналаби маънавиёти халқҳо ва миллатҳоро басо сероб гардонидааст. Ва бесабаб ҳам нест, ки яке аз бузургтарин намояндагони адабиёти ҷаҳонӣ, шоири шаҳири асри XIX -и олмонӣ И.В. Гёте (Ҳуте) нисбати бузургии каломи Хоҷа Ҳофиз ва ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти ҷаҳонӣ, аз самими қалби огоҳи хеш чунин гуфтааст: «Эй Ҳофиз, сухани ту ҳамчун абадият бузург аст, зеро онро оғоз ва анҷом нест. Каломи ту чун гунбади осмон танҳо ба худ вобастааст ва нимаи ғазали ту бо матлаъ ва мақтааш фарқе наметавон гузошт, чи ҳамаи он дар ҳадди ҷамол ва камол аст.

Ту он сарчашмаи файзбахши шеъру нишотӣ, ки аз он ҳар лаҳза мавҷе аз паси мавҷи дигар берун метаровад».

Байти зерини шоир ва шарқшиносу мутафаккири маъруф аллома Шиблии Нуъмонӣ гуфтаҳои И.В. Гётеро хеле хуб таъкидан тасдиқ мекунад:

Гар худовандӣ ҳавас дорӣ дар иқлими сухан,
Бандагии Ҳофизи Шероз мебоист кард.

Маводҳо ва усулҳои таҳқиқот. Ниҳоят, Хоҷа Ҳофиз барои баёни матлаби шарифи хеш, ҷиҳати таъсирпазирии сеҳри сухани мавзун ва ҷаззобияти мавзуи ғазалиёташ ба хонанда, дар баробари киноёт, талмеҳот, ташбеҳу истиороту маҷози ҳайратангез ва дигар санъатҳои бадеии шеърӣ, аз номвожаҳои ҷуғрофиёӣ, яъне воҳидҳои луғавии ифодакунандаи мавзеъу маҳалҳо, шаҳру вилоёт, кишварҳои гуногун ва этнонимҳои марбут ба тамаддунҳои мухталиф низ васеъ истифода кардааст. Аз ҷумла, дар қатори дигар номвожаҳои ҷуғрофиёии дар «Девони ғазалиёт» - и Хоҷа Ҳофиз мавриди зикр қароргирифта, бозтоби ду номвожаи ҷуғрофиёии шарқиэронии суғдӣ ва як ибора – топоними дар шакли ибораи изофӣ шаклгирифтаи маъруф, дар се ғазали шоир хеле ҷолиб буда, мавриди зикр ва баррасӣ қарор додани мавзуи бозтоби таҳлили луғавию маъноӣ ва то андозае решашиносии ҷойномҳои зерин, дар ин конфронси хеле ва хеле бонуфузи байналмилалӣ аз фоида холӣ нахоҳад буд. Чунончи, аз рӯи тартиб дар матлаъи ғазали маъруфи саввуми «Девони ғазалиёт» -и Хоҷа Ҳофиз, нашри Душанбе, «Ирфон», 1983, с. 33 (муқоиса аз рӯи ду нашри муътамади девони шоир аз нусхаҳои Муҳаммад Қазвинӣ ва Қосим Ғанӣ (194)) бо номи «**Агар он турки шерозӣ**» (вазни ғазал “ҳазаҷи мусаммани солим”, яъне чаҳор бор мафоъӣлун: v - - - аст) ки аз машҳуртарин суруди порсӣ буда, аз замони эҷодаш то ба имрӯз, яъне зиёда аз 700 ин ҷониб ақлҳоро мафтуну дилҳоро волаву шайдо кардааст, дар байти аввали ғазали мазкур дар мисраи дуввуми он ду номвожаи ҷуғрофиёии шаҳрноми (ойконим) дар тамаддунҳои башарӣ хеле ва хеле маълуму машҳури аслан шарқиэронии суғдии **Самарқанд** [*Samarqánd*] ва **Бухоро** [*Buxoró*], ки ҳарду ин азизшаҳрҳо ки гаҳвораҳои таърихии тамаддуни тоҷикон масуб мешаванд, мавриди зикр ва бозтоб дар девони Хоҷа Ҳофиз гардидаанд. Аз ҷумла:

Агар он турки шерозӣ ба дас орад дили моро,
Ба холи ҳиндуяш бахшам **Самарқанду Бухороро**.
Бидеҳ соқӣ, маи боқӣ, ки дар ҷаннат нахоҳӣ ёфт,
Канори оби Рукнободу гулгашти Мусаллоро [8, с. 18-33].

Чуноне ки таърихи башарият худ гувоҳ аст, шаҳри Самарқанд аз қадимтарин шаҳрҳои машриқзамин буда, таърихи беш аз 2500 – 3000 соларо доро мебошад ва қадимтарин пойтахти давлати гузаштагони тоҷикон суғдиёни қадим буд ва Суғди Қадим ба ҳайси

саввумин кишвари бузурги ориёӣ дар китоби «Авесто» дарҷ гардидааст. Ва он ҳам шаҳри дуввумӣ - шаҳри азизи Бухоро, ки дар давлати Суғди Қадим, баъди пойтахти Суғд шаҳри Самарқанд дуввумин шаҳри бузурги суғдинишини Суғди Қадим буд, ки он низ модаршаҳри тамаддуни тоҷикон буда (Самарқанду Бухоро дар баробари шаҳрҳои дигари таърихии тоҷикон Балху Ҳирот ва Марву дигар шаҳрҳои дар асл ориёинишини Ворорӯду Хуросони Бузург марзҳои нумӯи забони дарии тоҷикӣ буданд ва маҳсуб мешаванд), дар оғози асрҳои миёна (дар даврони исломӣ), хеле қабл аз вуруди ғазнавиҳо ва дигар қабилаҳои туркӣ ба Осиёи Миёна пойтахти нахустин давлати тоҷикон дар даврони исломии қуруни вусто буд, бо номи давлати бузурги фарҳангпарвар ва тамаддунофари Сомониён (ва оромгоҳи мутабаррики шоҳ Исмоили Сомонӣ - бунёдгузори давлати Сомониён, яъне давлати тоҷикон ҳам, ки зиннатбахши шаҳри азизи Бухорост, дар маркази ин шаҳр қарор дорад).

Натиҷаҳо. Номвожаи ҷуғрофиёӣ ва ё шаҳрноми (ойконими) **Самарқанд** (< суғ. буд. *Sm'rknδh => Sm'rk'nδ => Sm'rk'nδ'=> S'm'rk'nδ'=> Samarkanδ // Samarkant* > ва муарраби он *Samarqánd*). Аз ҷумла, дар "Шоҳнома"- и безавол низ Ҳаким Фирдавсии тӯсӣ ин ҷойном (шаҳрном), яъне Самарқандро ҳафт маротиба мавриди истифодаи худ қарор додааст, аз ҷумла:

Ҳаме гуфт: « - Моро **Самарқанду Чоҷ**,
Бибояд гирифтан бад-ин муҳру тоҷ» [16, с. 625].
Чу ин карда шуд, номи Яздон бихонд,
Зи шаҳри **Самарқанд** лашкар биронд [15, с. 248].

Ҷойном ва ё шаҳрноми (ойконим) **Самарқанд** *[Samarqánd]* (< *Sm'rknδh*) низ аз шумори топонимҳои шарқиэронии дуҷузъаи суғдии аз нигоҳи сохт шаклан мураккаб буда, аз ҷузъҳои маънодори < суғдии буд. *Sm'r + k'nδ* шакл гирифта ва дар навбати худ ҳарду ҷузъи ҷойноми мазкур, дар алоҳидагӣ дорои маънои мушаххас мебошанд. Барои таҳлили этимологии (решашинохт) вожаҳо ва ҷойномҳои қадимаи шарқиэронӣ, бавижа номвожаҳои шарқиэронии суғдӣ ва маънидоди онҳо, донистани забонҳои шақиэронии қадиму миёна ва нав хеле муҳим мебошад. Алалхусус барои ташреҳ ва таҳқиқу баррасии воҳидҳои луғавии бозмондаи забони суғдӣ, донистани тамоми вижагиҳои дастурии забони суғдии нав, яъне суғдии яғнобӣ хеле муҳим ва зарур аст.

Ниҳоят, дар такя ба бозмондаи як лаҳҷаи забони суғдии қадим, яъне забони суғдии яғнобӣ (мустаъмал дар водии Яғноб ва дигар манотиқи ҷумҳурӣ) оид ба топоними навбатии шарқиэронии суғдиасли Самарқанд (ҳарчанде, ки перомуни топоними мазкур баъзе аз муҳаққиқони тоҷику эронӣ, русу аврупоӣ, амрикоӣ ва ҷаҳон, аз рӯи имкони фаҳму дарки хеш баъзе ишораҳо кардаанд) метавон чунин ишора кард, ки ҷойноми мазкур аз нигоҳи сохт, мисли ҷойномҳои суғдии дар боло зикршуда, шаклан вожаи мураккаб мебошад ва аз ҷузъҳои шарқиэронии суғдии *Sm'r => Smár* (шакли метотезашуда, яъне тағйиришаклкардаи вожаи қадимаи < суғ. буд. *Zm'r => Zmár* – замин; дар тоҷикӣ - форсӣ ҳамрешаи он "**марз**"- замин) "замин" (дар забони суғдии қадим ва суғдии яғнобӣ, барои ифодаи маънои "замин" се шакли навишту талаффузи муродифиҳамгунаи < суғ. *zm'r; zmn* ва *zāy // zayha* - "марз, замин" мустаъмал буд ва мустаъмаланд; барои маълумоти бештарниг. ба «Фарҳанги суғдӣ» -и Б. Қариб (Теҳрон, 1374 (1995) 517с.)) ва вожаи < суғ. *knδ, k'nδ // knt, k'nt*; тоҷ. *kánd* - "шаҳр" ва муарраби он, яъне арабишудаи он "қанд" (*qand*), яъне ба маънои том "шаҳр дар замин", "шаҳр дар рӯи замин", "шаҳри замин", яъне "калонтарин шаҳр дар рӯи Замин" ва ё мантиқан "модари шаҳрҳои антиқӣ" мебошад.

Оид ба маънидоди ҷойноми Самарқанд ақидаҳои муҳаққиқони забоншинос яксон нест, аз ҷумла муаллифи «Луғати этимологии забони русӣ» (1986) М. Фасмер маънии ҷойноми Самарқандро аз ҳиссаҳои зерин: вожаи эронии *asmara* «сангӣ» ва калимаи суғдии *knd, kndh* (баръакс, на *knd* ва *kndh* – и шакли талаффузи ғарбиэронигирифта, балки дурусташ < *суғ. knt, k'nt // knδ, k'nδ* Т.Б.Б.) донистааст [15, с. 152].

Муаллифи «Ғиёс - ул - луғот» Муҳаммад Ғиёсуддин меорад, ки «...маънои Самарқанд, аз ба ҳам омадани унсурҳои «самар» ва «ганд» ба маънои «хароб» аст» [7, с. 435].

Инчунин иддае аз забоншиносони ӯзбек (Камолиддинов) бе ҳеҷ далели забоншиносӣ овардаанд, ки «номи Самарқанд баргирифта аз ҷузъҳои « семиз» ва «канд», ба маънои «шаҳри фарбеҳ» аст (вой ба ҳоли чунин «олим»- и бародар, нисбати тақдири номҳои таърихӣ ва вожаҳо – Т.Б.Б.) (баргирифта аз мақолаи ҷавобии Ҳазрат Сабоҳӣ, бо номи «Самарқанд магар Семизкент буд?! - ҷавобия ба «андеша» -и бебунёди «семизкент» // Адабиёт ва санъат, 09.05.1991).

Дар сарчашмаҳои асримиёнагӣ оид ба шарҳи маънои ҷойноми Самарқанд, мутаассифона ба ҷуз нақлу ривёти мардумии саршори ахбори сиёсии рӯзгори ҳокимони давру замонҳо, дигар мадраки илмии ҷавобгӯи илми решашинохтии вожаҳо вуҷуд надоранд.

Дар сарчашмаҳои хаттии юнонӣ номи шаҳри Самарқанд дар шакли ифодаи юнонии он, яъне дар шакли *Marakanda* дарҷ гардидааст. Аз ҷумла, эроншиноси машҳури англис, суғдишинос В.Б. Ҳеннинг дунболи маънидоди ҷойноми Самарқанд ва пайдо кардани шакли навишти ибтидоии ин топоним, ба сарчашмаҳои юнонӣ мурочиат карда, чунин навиштааст: «... *Maracanda* { *Arr, Curt*}, шакли талаффузи номи пойтахти Суғдиён, яъне ҳамон шаҳри қадимаи дар замони антиқа хеле бузургу машҳури Самарқанд, ки аз ҷониби Александри Македонӣ забт гардида буд. Ҷузъи аввали ҷойноми мазкур, яъне ҷузъи аввали ду ҳамсадои ҷуфти ҳамхони суғдии * *Sm*- дар талафузи юнонӣ ба ҳамсадои юнонии "М" ихтисор гардида, дар натиҷа ҳамсадои аввали топоним- ҳамсадои "S" пурра аз талаффуз ва навишт афтида аст (дар замони аъроб бошад, шакли юнонии «Мараканда» ба худ шакли талаффуз ва навишти арабии «Мароқанд» - ро мегирад, Т.Б.Б.) [22, с. 54]».

Муҳаққиқи шинохтаи аврупоӣ Х. Трембли ҳам фикри хеле ҷолиберо ба миён гузошта, ишора мекунад, ки : « - Шакли ибтидоии топоними Самарқанд, ҳамоно *Zmarakanδa* мебошад, ки аз шакли эронии қадимаи **zmarkanδā // zmarkantā* – " шаҳр дар замин" (Loc. Sg. Аз реш. эр.**zam*) сарчашма гирифтааст [23, с.136].

Воқеан ақидаи Х. Трембли, бар хилофи ақидаи бебунёди муҳаққиқи рус П.Б. Луре ва дигарон дурусттарин пешниҳод ва андешаи илмӣ мебошад, чунки дар забони суғдӣ, дар баробари вожаи маъмули *zāy* (< суғ. *Zayha*) – "замин", боз муродифи он, дар шакли *zmn =>zm(r) (=>* яғн.; тоҷ.- *marz =>marza)* вуҷуд дорад. Аз ҷумла, дар «Фарҳанги суғдӣ» омада: *zy C zāy (zy)=> z'y, z'yh* - замин *; zm, zmnyh =>zmny, zmpy C zambē Gen. acc. –w => zmb, znp(h)* - замин; соҳил, канор [23, с. 461- 469].

Ва ҳам дар марзи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар қисмати болооби водии Зарафшон (минтақаи кӯҳистонии собиқ Суғди Қадим) возеҳан дар деҳаи Вашани ноҳияи Айнӣ мавзее бо номи *Zmarγá* - марғзамин, замини марғзор, замини чаманзори сералаф; дар марзи водии Яғноб (водие ки мардуми деҳоти он то ба имрӯз бо забони қадимаи ниёгони тоҷикон – забони суғдӣ ҳарф мезананд) дар деҳаи Марғтимайн мавзее бо номи *Zmáryti sár* – болои заминҳои марғзор, яъне болои заминҳои чаманзору сабзазор ва дар деҳаи баландкӯҳи Воруи музофоти шаҳри Панҷекат бо номи *Zmáry* - замини марғзор вуҷуд доранд, ки метавонанд исбот ва далели гуфтаҳо ва ҳукми боло бошанд.

Номвожаи ҷуғрофӣ ва ё шаҳрноми шарқиеронии суғдии навбатие, ки дар радифи шаҳрноми Самарқанд, дар ғазали мазкур мавриди истифода ва бозтоб аз ҷониби Хоҷа Ҳофиз қарор гирифтааст, ҷойноми Бухоро мебошад. Мисли ҷойноми Самарқанд, дар бораи маънидоди ойконими (шаҳрном) Бухоро низ байни муҳаққиқин андешаи ягона вуҷуд надорад. Яъне ҳар донишманде тавонистааст аз рӯйи имкон ва фаҳму дарки масъала ҷойноми Бухороро мавриди тавзеҳу ташреҳи худ қарор бидиҳад. Аммо то кунун ба мо муяссар нашуда, ки шарҳи нисбатан дурусти ҷойноми шарқиэронии суғдии Бухороро пайдо кунем.

Дар баробари номи шаҳри Самарқанди бостонӣ, номи шаҳри қадимаи Бухоро ҳам ба сифати дуввумин шаҳри бузурги давлати Суғди Қадим дар «Шоҳнома» - и Фирдавсӣ низ ёд мешавад. Устод Абулқосим Фирдавсӣ ҷойноми (шаҳрном-ойконим) **Бухороро** (< суғ. *Pwγ'r* => ва ё < суғ. *Pwγ'r'* => *Pwγārā* => *Puxār* => *Puxārā* ва муарраби он Buxārā) дар "Шоҳнома" – и худ ҳамагӣ дувоздаҳ маротиба мавриди бозтобӣ қарор додааст, аз ҷумла:

Ба шаҳри **Бухоро** ниҳоданд рӯй,
Чунон сохта лашкари ҷангҷӯй [17, с. 625].
Сипоҳ аз **Бухоро** чу паррон тазарв,
Ба як ҳафта омад сӯи шаҳри Марв [17, с.617] ва ғайра.

Ҷойноми **Бухоро** низ аз шумори топонимҳои шарқиэронии суғдӣ буда, аз нигоҳи шакли қадимаи хеш вожаи суғдии мураккаби дуҷузъа (***pw+γ'r)*** мебошад (< суғ. *Pwγ'r* => ва ё < суғ. *Pwγ'r'* => *Pwγārā* => *Puxār* => *Puxārā* ва муарраби он Buxārā). Баъд аз пойтахти давлати бузурги Суғди Қадим шаҳри Самарқанд, шаҳри Бухоро гаҳвораи таърих, фарҳанг ва тамаддуни қадимаи тоҷикон маҳсуб мешавад, ки дар даврони суғдиёни қаблазисломӣ остонҳои бузурги оини буддоӣ буданд. Вале нодида набояд гирифт, ки то ривоҷу равнақёбӣ ва густариши оини буддоӣ, дар Суғди Қадим (бо таъсири фарҳанги ҳиндуориёӣ) дар Суғди Қадими оғози таърих, мисли дигар марзҳои тамаддунҳои ориёӣ, қадимтарин оини тамаддунҳои ориёӣ, яъне оини митроӣ (офтобпарастӣ) ва маздоясниии қаблаззардуштӣ амал

мекард. Бинобар ҳамин тарҳи биноҳо ва архитектураву шакли меъмории биноҳои маъмурӣ, қасру кӯшкҳо, мазорҳову ибодатхонаҳо ва хонаҳои истиқоматии шаҳрҳои бузурги марзҳои таърихии тоҷикон, ба мисли Бухоро (пойтахти давлати Сомониёни тоҷик), Самарқанд (аз оғози таърих пойтахти давлати ниёгони тоҷикон, яъне суғдиён - Суғди Қадим), Марв (маркази Хуросони дар асл тоҷикнишин) ва тамоми марзҳои Осиёи Марказиву марзҳои Эрону Афғонистон рӯ ба офтоб буда, бисёре аз биноҳои таърихӣ шакли офтобро доранд. Далели равшани он бинои хеле зебову боҳашамати оромгоҳи шоҳ Исмоили Сомонӣ мебошад, ки меъморону биносозони асримиёнагии тоҷик онро аз рӯйи тарҳи санъати мемории ориёии митроӣ (офтобпарастии қадим, ба эҳтироми Митро - дар тасаввуроти қадимаи пешазисломӣ, яъне худои Офтоб) сохтаанд. Ва билохира метавон ба чунин хулоса расид, ки маънои ба ҳақиқати том наздики ҷойном, ва ё шаҳрноми Бухоро (< суғ. *Pwγ'r* => ва ё < суғ. *Pwγ'r'* => *Pwγārā* => *Puxār* => *Puxārā* ва муарраби он Buxārā), аз диди решашиносӣ (8169 pwγ'r S puxār (*coin of)* Bukhara - Sogdica. 8.4 p9; MDii A- 5, 4, 8, 15, 17, p181,183; MDiii p37,28; 41.5 R N;Frye, Notes on the early coins of Transoxiana 1949, 26.9 - [23, с.329]) «Маъбади Митро», «Маъбади Хуршед», яъне «Маъбади Офтоб», яъне "макони ибодатгоҳи бузург, ба эҳтироми Митро - худои Офтоб"дар тасаввури ниёгони қаблазисломии ниёгони мо мебошад.

Муҳокима. Муаллифи «Фарҳанги суғдӣ» эроншинос ва суғдишиноси шаҳири эронӣ хонум Бадруззомони Қариб (аз шогирдони Пури Довуд ва В. Б. Ҳеннинг) дар саҳифаи 329 - и фарҳанги худ як маротиба ҷойноми "Бухоро" оварда, аммо онро шарҳ надодааст [23, с.329].

Ниҳоят саввумин номвожаи ҷурофии қаламрави Суғди бостонии шомили водии Зарафшон, ки дар «Девони ғазалиёт» -и Хоҷа Ҳофиз мавриди бозтобӣ қарор гирифтааст, обном, яъне ба истилоҳи байналмилалии урупоии ономастика - гидроними «Ҷӯи Мӯлиён» мебошад, ки дар шакли ибораи изофӣ мустаъмал аст. Топоним - ибораи изофии маъруфи «Ҷӯи Мӯлиён» дар мисраи дуввуми байти ҳаштуми ғазали маъруфи «Сина моломоли дар даст, эй дареғо, марҳаме!» мавриди истифода қарор гирифтааст. Аз ҷумла:

Одамӣ дар олами хокӣ намеояд ба даст,
Оламе дигар бибояд сохт в - аз нав одаме.
Хез, то хотир бад - он турки самарқандӣ диҳем,
К-аз насимаш: «Бӯи **ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме**».
Гиряи Ҳофиз чӣ санҷад пеши пеши истиғнойи ишқ,
К-андар ин дарё намояд ҳафт дарё шабнаме [8, с.497; 20,с.568].

Аз рӯи тартиби шумори абёти ғазали мазкур, дар байти ҳаштум ибораи "турки самарқандӣ" киноя аз маҳбуба аст, мисли "турки шерозӣ", "шамъи Чигил" ва ғайра. Хоҷа Ҳофиз гуфторро тафсил надода, танҳо хулосаи хешро овардааст. Вай ҳаммаслаконро даъват мекунад, ки биёед ба фикри ёди маъшуқа бошем, маъшуқае, ки аз насими форами кӯйи ӯ **бӯи ҷӯи Мӯлиён** меояд. Хоҷа Ҳофиз насими форами куйи ёрро ба насими боди форами мавзеи маъруфи қадимаи як шохоб аз рӯдхонаи Зарафшонро, ки сарчашмаи худро аз рӯдхонаи Зарафшон гирифта, бо номи «Ҷӯи Мӯлиён» ва бо ҳамин ном марзҳои Самарқанду Бухороро убур кардаву ҷорист ва дар аҳди бостону замони давлатдории суғдиён аҳди подшоҳии сомониёни ориёинажод мавзеи шикоргоҳу ҷойи фароғату истироҳати шоҳаншоҳӣ буд, монанд кардааст, яъне ташбеҳ додааст, ки хеле ҷолиб аст. Тафсилоте, ки пеш аз байти ҳаштуми ғазали мавриди назар хонанда боя бифаҳмад, ин аст, ки оламу одами нав сохтан ва «ба ҳикмат ин муаммо» - ро кушодан имконпазир нест. Бинобар ин худро ба кӯйи ишқ задан беҳтар аст.

Ҳамчунон дар мисраи дуюм нахустмисраи қасидаи машҳури одамушшуаро устод Рӯдакии Панҷекатӣ («Бӯи ҷӯи Мӯлиён») хеле ба маврид иқтибос шудааст. Иқтибоси мисраи қасидаи устод Рӯдакӣ бесабаб нест. Хоҷа Ҳофиз бо ин роҳ ба гузаштаи пурифтихори Варорӯду Хуросони Бузург ва умуман паҳнои эронзамини таърихӣ, замони ободиву осудагии он ишорат карданист, ки шоирон ва суханварон дар васфи он байту ғазал ва қасидаҳои ғарро месуруданд. Хоҷа Ҳофиз бо ин роҳ замони худ ва замони фарҳангпарвари Рӯдакиро ба ҳам муқобил гузоштааст.

Дар мақтаи ғазал гуфта мешавад, ки гиряи субъект (шоир), ки дар роҳи расидан ба висоли ёр сурат мегирад, дар муқобили нозу истиғнои (тавонгарӣ, бениёзӣ, ғанӣ, пурғановат) ишқ қобили санҷишу муқоиса нест, зеро ин қатра (шабнам) асту он баҳри нопайдоканор. Ва ҳар чанд ки оби дида, яъне ашки чашмони ошиқ ба ҳафт баҳр (дарё) монанд аст, дар пеши баҳри нопайдоканори ишқ ба андозаи як қатра шабнам аст [2, с. 9-11; 51-54].

Хулоса, шарҳу тавзеҳ ва маънидоди дурусти номвожаҳои ҷуғрофиёӣ, ба сифати воҳидҳои луғавии комилан газанднопазиру устувори забонҳои башарӣ, эҳтиром ба таърих ва

фарҳангу тамаддуни гузаштаи худ ва ҳамзамон арзи эҳтироми одамвор ба таърих ва фарҳанги тамаддуни умумибашарӣ аст. Чунки арзишҳои тариху фарҳанги тамаддуни умумибашарӣ болотару қиматтар аз марзбандиҳои сиёсӣ мебошанд.

Адабиёт

1. *Айнӣ С. Луғати ниматфсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик / С. Айнӣ .- Куллиёт.- Ҷ. 12.- Душанбе.- 1976.- 362с.*
2. *Ансор Муҳаммад. Китоби «Шарҳи 42 ғазали Ҳофиз» / Муҳаммад Ансор.- 1994.- 127с.*
3. *Бартольд В.В. Сочинения, т.1.- Москва: Издательство восточной литературы, 1963.- 671с.*
4. *Баҳор Меҳрдод. Пажӯҳише дар асотири Эрон / М. Баҳор.- Теҳрон, 1362.- 659с.*
5. *Боғбедӣ Ҳ. Сутраи иллат ва маълули кирдор / Матни буддоӣ ба забони суғдӣ / Бо инзимоми «Дастури забони суғдӣ»/ Ҳ. Боғбедӣ.- Чопи аввал.- Теҳрон: Интишороти Асотир, 1388.- 232с.*
6. *Гумилёв Л.Н. Древние тюрки.- Москва 1967.- 469с.*
7. *Ғиёсуддин Муҳаммад. Ғиёс- ул - луғот/ Муҳаммад Ғиёсуддин.- ҷ. 1.- Душанбе: Адиб.- 1987.- 585 с.*
8. *Девони Ҳофиз / Тасҳеҳи Доктор Ҳусайн Илоҳии Қумшаӣ ва хатти Ғуломҳусайни Амирхонӣ.- Чопи чаҳорум.- Теҳрон: Интишороти Суруш, 1370 ҳ.ш.-534 с*
9. *Луре П.Б. Историко- лингвистический анализ согдийской топонимии/ П.Б. Луре.- Дисс. канд. филол. наук.- Санкт – Петербург,2004.- 305с.*
10. *Наршахӣ Муҳаммад. Таърихи Бухоро / Муҳаммад Наршахӣ.- Теҳрон: Тӯс, 1363.-761с.*
11. *Саймиддинов Д. Форсии бостон / Д. Саймиддинов. - Душанбе, 2007. - 190 с.*
12. *Тураев Б.Б. Таърихи як вожа ва ё «Яғноб» чӣ маъно дорад (таҳлили решашиносӣ) / Б.Б. Тураев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (маҷаллаи илмӣ).-Душанбе, 2025, №4(117). - С. 16-21.*
13. *Тураев Б.Б. Таҳлили этнолингвистии баъзе аз этнотопонимҳои водии Зарафшон / Б.Б. Тураев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (маҷаллаи илмӣ).-Душанбе, 2025, №2(115). - С. 24-29.*
14. *Тӯраев Б.Б. Микротопонимияи водии Яғноб / Б.Б.Тӯраев.- Душанбе: Ирфон.-2019. - 271 с.*
15. *Фасмер М. Этимологический словарь русского языка.- Т.- 3.- Москва: Прогресс. - 1986.-753с.*
16. *Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома.Ҷ.1 / Абулқосим Фирдавсӣ -Душанбе: Шарқи озод, 2025. - 792 с.*
17. *Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома. Ҷ.2 / Абулқосим Фирдавсӣ. - Душанбе: Шарқи озод, 2025. - 704 с.*
18. *Хромов А.Л. Суғд ва суғдиён / А.Л. Хромов // Садои Шарқ.-2007.-№ 11. - С.137.*
19. *Ҳасанзода А. Ҷойвожаҳои қаламрави Сомониён / А. Ҳасанзода.- Душанбе: Нури маърифат.- 2018. – 557 с.*
20. *Ҳофизи Шерозӣ. Куллиёт / Ҳофизи Шерозӣ (Мураттиби китоб ва муаллифи сарсухан Ҷ. Шанбезода).- Душанбе: Ирфон, 1983.- 672 с.*
21. *Gharib B. Sogdian dictionary: Sogdian-Persian-English. -Tehran, 1374 (1995). - 517 p.*
22. *Henning W. B., 1985- Mitteliraniskh // handbukh der Orientalistik. 1. Abteiling, 4.Bd: Iranistik.1.Abschnitt. Linguisik / W.B. Henning- Leiden- Köln 20- 130 (p. 54).*
23. *Markwart Y., Wehrot and Arang / Y. Markwart/- Leidan, 1938,p.- 152.*
24. *Tremblay X., 2001- Pour une Histoire dela Serindie / X. Tremblay- Wien p.- 169-170.*
25. *Zeimal E.W. The political history of Transocsiana // The Cambridje historiy of Iran, vol / 3 (1), col. E. Yarshater, Cambrije, 1938,p.- 61.*

БОЗТОБИ НОМВОЖАҲОИ ҶУҒРОФИИ СУҒДИИ ВОДИИ ЗАРАФШОН ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ХОҶА ҲОФИЗ

Дар мақола ба таври мухтасар сухан дар бораи таҳлилили луғавию маъноӣ ва решашиносии (этимологӣ) номвожаҳои ҷуғрофии суғдии қаламрави водии Зарафшони таърихӣ меравад, ки дар ду ғазали Хоҷа Ҳофиз мавриди бозтобӣ қарор гирифта ва то ба имрӯз мавриди таҳлили дуруст ва маънидоди дақиқи решашашиносӣ қарор нагирифтаанд. Хоҷа Ҳофиз бо он меҳру муҳаббати самимие,ки нисбат ба марзи таърихии аждодии хеш, яъне марзи Ваторӯду азизшаҳрҳои тамаддунзои ориёии Самарқанду Бухоро ва мавзеи дилрабову дилфиреби таърихии Ҷӯйи Мӯлиён ва накҳати обу ҳавои онро дар ғазалҳои хеш хеле дилписанд ба қалам додааст. Дар ин мақола муаллиф ҷойномҳои аслан баромадашон шарқиэронии суғдии Самарқан, Бухоро ва Ҷӯйи Мӯлиёнро мавриди таҳлилу таҳқиқи лингвистӣ қарор дода, онҳоро аз нигоҳи луғавию маъноӣ ва этимологӣ тавзеҳи тозае додааст.

Калидвожаҳо: Хоҷа Ҳофиз, куллиёт, девони ғазалиёт, номвожаҳои ҷуғрофиёӣ, ойконимҳо, топоним, таҳлил, маъно, решашиносӣ, Бухоро, Самарқанд.

ОТРАЖЕНИЕ СОГДИЙСКИХ ГЕОГРАФИЧЕСКИХ НАЗВАНИЙ ЗАРАФШАНСКОЙ ДОЛИНЫ В ГАЗЕЛЯХ ХОДЖА ХАФИЗА

В данной статье кратко рассматривается лексико-семантический и этимологический анализ географических топонимов, встречающихся в произведениях Ходжи Хафиза, в частности, в двух его газелях, посвященных исторической территории водораздела Зарафшана. Эти топонимы, такие как

Бухара, Самарканд и другие, до сих пор не подвергались должному анализу и точной этимологической интерпретации. Особое внимание уделяется этимологии географических имен (ойконимов и топонимов), таких как названия городов, стран и местностей. Ходжа Хафиз с той искренней любовью и привязанностью, которую он испытывал к исторической земле своих предков — Вараруду, а также к дорогим городам арийской цивилизации Самарканду и Бухаре и к живописной исторической местности Джуйи Мулиён с её благоухающим воздухом, — очень выразительно и проникновенно отразил всё это в своих газелях. В данной статье автор подвергает лингвистическому анализу топонимы Самарканд, Бухара и Джуйи Мулиён, происходящие из восточноиранского согдийского языка, и предлагает их новое толкование с лексической, семантической и этимологической точек зрения.

Ключевые слова: Ходжа Хафиз, куллият, диван газелей, географические наименования, ойконимы, топонимы, анализ, значение, этимология, Бухара, Самарканд.

REFLECTION OF THE SOGDIAN GEOGRAPHICAL NAMES OF THE ZARAFSHAN VALLEY IN THE GHAZELS OF KHOJA HAFIZ

This article briefly examines the lexico-semantic and etymological analysis of geographical toponyms found in the works of Khwaja Hafiz, specifically in two of his ghazals dedicated to the historical region of the Zeravshan watershed. These toponyms, such as Bukhara, Samarkand, and others, have not yet undergone thorough analysis or precise etymological interpretation. Special attention is given to the etymology of geographical names (oikonyms and toponyms), such as names of cities, countries, and regions. Khoja Hafiz, with the sincere love and deep affection he felt for the historical land of his ancestors—Varorud, as well as the cherished cities of the Aryan civilization, Samarkand and Bukhara, and the charming historical site of Juyi Muliyan with its fragrant air—beautifully and vividly portrayed all of this in his ghazals. In this article, the author conducts a linguistic analysis of the toponyms Samarkand, Bukhara, and Juyi Muliyan, which originate from the Eastern Iranian Sogdian language, and offers a new interpretation of them from lexical, semantic, and etymological perspectives.

Keywords: Khwaja Hafiz, Kulliyat, Diwan of Ghazals, geographical names, oikonyms, toponyms, analysis, meaning, etymology, Bukhara, Samarkand.

Дар бораи муаллиф
Тураев Бурҳон Бузургович
Номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи забони тоҷикӣ ва забоншиносии қиёсӣ
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, х. Рӯдакӣ, 21
E-mail: turaev66@mail.ru

Об авторе
Тураев Бурхон Бузургович
Кандидат филологических наук, ведущий научный сотрудник отдела истории таджикского языка и сравнительного языкознании
Институт языка и литературы имени Рудаки НАНТ
734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 21
E-mail: turaev66@mail.ru

About the author
Turaev Burkhon Buzurgovich
Candidate of Philological Sciences, leading employee of the language department
Institute of Language and Literature named after Rudaki NAST
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21
E-mail: turaev66@mail.ru

ТДУ 811.222.1'374 (575.3)

ВОҲИДҲОИ ЛУҒАВИИ МАРБУТ БА ЛИБОС ВА ПОЯФЗОР ДАР «ЛУҒАТИ НИМТАФСИЛИИ ТОҶИКӢ БАРОИ ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИК»-И С. АЙНӢ

Зоитова М. М.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Таҳияи луғатномаҳо дар таърихи луғатшиносии миллати тоҷик таърихи дерин дорад ва то имрӯз садҳо луғатнома фазои маънавии моро мунаввар месозад. Яке аз донишмандони забардасти миллати тоҷик устод С. Айнӣ аст, ки эшон ба луғатнигорӣ машғул шуда, таҳти унвони «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» (минбаъд - Луғатнома) асареро эҷод кард, ки аз рӯйи мазмуну муҳтаво пуробуранг аст. Қобили зикр аст, ки “забони адабии давраи нав ба номи устод С. Айнӣ вобастагӣ дошта, ӯ забони ададбии нави тоҷикиро ба андозае фасеҳ, мавзун, шевову гуворо ва умумифаҳм кардааст, ки инро тамоми мардуми тоҷик ҳатто форсизабонони олам эътироф намудаанд” [2, с. 79].

Агар ба таркиби ин “Луғатнома” назар афканем, хоҳем дид, ки як қисмати муҳимми калимаҳои шарҳёфта аз лаҳҷаҳои забонамон мебошанд, ки устод онҳоро худашон ҷамъоварӣ кардаанд. Дар ин асар муаллиф калимаҳои халқиро мутобиқи алифбои ҳамонвақта танзим карда, шарҳи хуби лексикографӣ додааст, ки дар шинохти воҳидҳои луғавии лафзӣ мусоидат мекунанд ва инро ба умеде анҷом додаанд, ки онҳо дар ҷойи худашон ба кор раванд ва манфиатҳои забонии нависандагонро таъмин намоянд.

Воҳидҳои луғавии халқӣ-гуфтугӯйӣ дар «Луғатнома»-и устод Айнӣ ба қабатҳои гуногуни вожагонӣ мансубанд. Аз ҷумла, калимаҳои мансуб ба либос, асбоби рӯзгор, бемориҳо, дарахтон, гиёҳҳо, марбут ба фаъолияти шахс, бозиҳои кӯдакон, замон ва макон, соматизмҳо, калимаҳои хешовандӣ, хурокворӣ, ҳунарҳои мардумӣ, сохтмон ва хонасозӣ, маҳсулоти гуногун ва ғайраҳо. Зимни баррасии лаҳҷаи ҳардурӣ муҳақиқ М. Эшниёзов ба малъалаи тақсими калимаҳои шевагӣ ба соҳаҳо чунин менигорад, ки «азбаски доираи истеъмоли калимаҳои касбу ҳунар танг аст, барои ҳамаи намояндаи як шева низ фаҳмо шуда наметавонад. Ҳамин тавр, дар шеваи ҳардурӣ низ як гурӯҳ калимаҳои соҳавӣ мавҷуданд, ки онҳо пеш аз ҳама ба соҳибони он касбу ҳунар ва машғулият фаҳмо мебошанд» [15, с. 108].

Воҳидҳои луғавии мансуб ба лаҳҷа, ки устод С. Айнӣ дар тули солиёни зиёде гирд оварда, дар луғатномаашон ҷой додаанд, ҷойгоҳи махсус доранд ва аз рӯйи соҳаҳо онҳо гуногун буда, яке аз онҳо либос ва пойафзор мебошад. Дар таҳқиқоти гуногуни олимон зимни баррасии вожагон ба масъалаи либосвожаҳо ҳам аҳаммият дода мешавад, аммо М. Ҳалимова доир ба ин масъала рисолаи махсус бо номи «Либосвожаҳо дар забони тоҷикӣ «(Дар асоси маводди лаҳҷаи Хуҷанд ва маҳалҳои атрофи он) [12] баррасӣ анҷом дода, хусусиятҳои вожагонии сарулибосро таҳқиқ карда, онҳоро ба вожаҳои умумихалқӣ ва хоси шева гурӯҳбандӣ намуда, зимни нишон додани моҳияти этнолингвистии онҳо мансубияташонро ба ҷинсият, истифолаи олоти истеҳсолӣ, урфу одатҳо, анвои рангҳо муайян карда, роҳҳои сохташавии онҳоро баррасӣ менамояд, ки аҳаммияти баланди илмӣ дорад. Ин гуна калимаҳо дар «Луғатнома» хеле зиёданд. Онҳо аз рӯйи сохт сода, сохта ва мураккаб буда, мутобиқи истифодаашон мо онҳоро ба ду гурӯҳ тақсим намудем: ҳазмшуда ва ҳазмнашуда.

Дар **гурӯҳи аввал** калимаҳоеро ворид кардан мумкин аст, ки баъд аз тадвини луғатнома чандин даҳсола дар хизмати аҳли илму фарҳанг будаанд ва аз тарафи аҳли забон истифода шуда бошанд ҳам, то имрӯз хусусиятҳои лаҳҷавиашонро гум накардаанд. Ба ин қабил калимаҳои **абра, адрас, бахя, буғча, гулдӯзӣ, дастмол, дастрӯмол, дарз, яктак, яктаҳ, эзор, чакман, патак, хиштак, ка лабанд, остар, такбанд, фаровез** ва ғайра шомил мебошанд.

Ба гурӯҳи дуюм вожаҳое мансубанд, ки то ҳол пурра умумихалқӣ нашудаанд. Онҳо ба масъалаҳои гуногуни марбут ба ҳунарҳои мардумӣ аз қабили дузандагӣ ва амалу корҳои дар он зарур – чен карда андоза гирифтан, интихоби порчаҳои матоъҳо барои курта, камзул, палос, гилем, қолин, дастпӯшак, тукма, парда, пояфзол, ришта ва ғайра вобастаанд. Аз

ҷумла: **абрапӯстин** *пӯстини аз мӯйинаи аъло дӯхташуда*[1]*;* **ангала** *тугмаи гиребон, тугма;* **ангула** *сӯрохчаи курта ва камзӯл аст;* **банорас** як *[навъ] бофтаи майданақши сиёҳу сафед аст;* **баҳла** *дастпӯшаки чармин;* **буб** *палос; гилем, қолин;* **буғҷома** *чодиреста, ки кӯрпа ва кӯрпачаҳоро дар вай баста монанд;* **буроиш** андоза *гирифта буридани либосворӣ;* **вусла** *пайванд, ямоқ;* **гуйангала** *сӯрохии тукмагузаронӣ;* **гуланор** *як хел парчаи бофтаи фабрикист, ки гулҳояш сурхи баланд мебошад;* **кулӯча** *либоси аскарӣ, ки (сарбозҳо) дар зери шинел мепӯшанд;* **чиғда-чиғда** *либос ё чизҳои бофта, ки бештарини ҷоҳояш дарида бошад;* **ғито** *пардае, ки рӯи чизеро пӯшонда аст.*

Дар байни калимаҳои ин гурӯҳ дар луғатнома вожаҳое вомехуранд, ки то ҳол дар байни аҳолии ҷумҳуриамон маълум нашудаанд ва хеле зебо буда, барои умумихалқӣ шудан арзандаанд. Аз ҷумла, вожаи **ҳуҷла** «*пардае, ки дар паси он арус нишинад, чимилиқ*». Ин калима дар забони адабии тоҷикӣ роиҷ нест ва ҳатто дар ФЗТ [10] дида нашуд, аммо «Персидско-русский словарь» [8] дар шакли «حجله hэджле//häджл خانه هحجله hэджлехане حجله گاه hэджлегоh - красиво убранная комната, предназначенная для новобрачных, спальня новобрачных» [8, с. 493], ки аз истифодаи он дар забони имрӯзаи форсии Эрон гувоҳӣ медиҳад. Аз ин рӯ, ин калимаро шояд устод С. Айнӣ аз забони эрониёни муқими Бухоро, ки «дар давраҳои гуногун аз қаламрави тобеи шоҳигарии Эрон ба Бухоро ихтиёран куч бастанд» ва имрӯз «дар дохили шаҳри Бухоро, асосан, дар маҳаллаи Ҷӯбор ва гузарҳои Чакар, Абдуллохоҷа, Чуқурмаҳалла, Вақф, Ҳавзи баланд ва аз маҳаллаҳои атрофи Бухоро дар Афшормаҳалла, Тотормаҳалла, Шергирон, Шалғамхурон, Кунҷи Қалъа, Работи Қозӣ, Вазиробод ва шаҳри Когон, ки дар 12 километраи қисмати ҷанубу шарқии шаҳри Бухоро воқеъ гардидааст, зиндагӣ ба сар мебаранд» [7, с. 3-4] сабт кардааст.

Вожаи **қурта** **قرطه** дар «Луғатнома» ба маънои «гӯшвора» омадааст, аммо дар ФЗТ [10, с. 706] ба маънои «пӯшок, либоси таг, пероҳан, курта» тафсир шуда, аз Абулқосим Фирдавсӣ мисол оварда мешавад ва дар ҳамин Фарҳанг дар шакли **كرته** чун «пероҳан, пӯшоки якқабати таг» шарҳ ёфта, аз Абдураҳмони Ҷомӣ шоҳид оварда мешавад. Дар ду шакли навиштаи Фарҳанг – **قرطه** ва **كرته** ба як маъно далолат карда, то имрӯз ба ҳамон маъно дар забони адабии тоҷикӣ мавҷуд аст, аммо маълум мешавад, ки дар маводди устод С. Айнӣ маънои предметиашро гум накарда бошад ҳам, ашёи тамоман дигарро ифода мекунад. Ин калима дар фарҳангҳои мавҷудаи мансуб ба адабиёти классикӣ, фарҳанги мансуб ба забони санскит, забони авесто, паҳлавӣ, яғнобии дар дастраси мо буда, ба маънои «гӯшвора» дида нашуд. Ҳатто дар «Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро» [4] ба маъное, ки устод С. Айнӣ пешниҳод мекунанд, сабт накардидааст. Ин гувоҳи он аст, ки устод С. Айнӣ онро аз намояндаи лаҳҷае сабт намудааст, ки он маънӣ (гӯшвора) танҳо дар гӯйиши он маҳал боқӣ мондааст. Ба маънои «гӯшвора» дар «Луғатнома» вожаи халқӣ-гуфтугӯии **кажа** كژه низ омада, дар шакли «гушвораест, ки дар ҳалқ аст» тафсил шудааст, ки онҳоро метавон ба дилектизмҳои хосаи маҳдудистеъмол марбут донист

Баъзе аз вожаҳои ин қабати луғавӣ сермаъно мешаванд. Калимаи **пешгир** дар тафсири «Луғатнома» ба маъноҳои 1. *лӯнгии камарча ва тугмадор аст, ки бар сари синаи бачагон банданд, то ки дар вақти ширхурӣ либоси худро наолоянд. 2. пешбастаи пушткушода аст, ки ходимони тиббӣ дар беморхонаҳо пӯшанд. 3. умуман порчае, ки дар вақти кор барои аз чирку убор нигоҳдории либоси худ аз тарфи пеш банданд*, шарҳу эзоҳ ёфтааст. Шакли давраи классикии ин маъно бо вожаи **пешдоман**, ки дар «Фарҳанг» дар шакли «порчае, ки дар вақти кор ва хурокпазӣ аз доман поён мебанданд» [10, с. 56] шарҳ ёфтааст, дар «Луғатнома» низ ба ҳамин маънӣ дода мешавад [1, с. 293] ва бо вожаи «**пешбанд**»-и маъмул дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ [14, с. 478] муродиф мебошад. Дар «Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро» ба маънои «порчае, ки дар вақти кор дар пеш мебанданд» ду калима **пешбанд** ва **пешгир** сабт ёфтааст ва лексемаи **пешгир** ба маънои «қисме аз ҷувоз» маънидод мегардад. [4, с. 186], ки гирдгардиши ин карлимаҳо бо маъноҳои муродифӣ ва полисемӣ гувоҳӣ медиҳанд. Аз рӯйи семантикаи *миёнабанд* дар» Луғатнома» вожаи **яккабанд** низ оварда шудааст, ки бо маъниҳои калимаи **пешгир, пешбанд** ва **пешдоман** фарқ мекунад.

Вожаи **кулӯта** ба ду маъно *1. кулоҳи гӯшадор аст, ки гӯшаҳояш гӯшҳоро мегирад ва он гӯшҳоро бо камарчае аз таки манаҳ мебандад.* Маънои дуюми **кулӯта** дар «Луғатнома»

[1]Шарҳи калимаҳо аз худи устод С. Айнӣ мебошанд, ки мо онҳоро бо ихтисор ва курсив меорем.

«*лӯнда, гирда*» буда, ***риши кулӯта****-риши лӯнда* шарҳ ёфтааст. Дар асоси ин калима дар луғатномаи мазкур вожаи **кулӯтапӯшак** ба ду маъно омадааст: 1. *кулоҳи думдори занона аст, ки дар замони пеш занон мӯи худро аз даруни думи он гузаронида ба пуштошон мепартофтанд. 2. бачаи қурбоқаи ҳанӯз думаш наафтода, ки вайро* ***кафлезак*** *ҳам гӯянд; вай канори астарро бо канори абраи ҷома баҳам пайванд диҳанд*. Аз шарҳи муаллиф маълум аст, ки калимаи **кулӯтапӯшак** бо маъноҳои мазкур дар гузашта будааст ва имрӯз истифода намешаванд. Аммо мутобиқи маълумоти «Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро» имрӯз калимаи мазкур дар шакли тағйирёфтаи **култапӯшак** ба ду маънои мазкур маъмул аст [4, с. 130]. Ҳамчунин, калимаи **кача** аз рӯйи ду маъно шарҳ ёфтааст:1. ангуштарини бенигин ва бенигинхона. 2. сангча, шаба, ё чизи дигар, ки вайро дар даст пинҳон карда бозӣ кунанд. Ин калимадар фарҳангҳои дастраси мо дида нашуд.

Дар ифодаи ҷома калимаҳое дида мешаванд, ки ба анвои он далолат мекунанд: **девҷома** *пӯстинест, ки тарафи мӯйдорашро бар рӯй карда дӯхтаанд. 2. ҷомаи пашмин аст, ки ба тарафи рӯяш торҳои мӯй ва пашм овезон аст*; **тириз//тирез** *як порчаи сегӯшаи дарозрӯяи ҷома аст, ки дар ду паҳлуяш андохта мешавад*; **яктаҳкурта** *асосан яктаҳ (ҷомаи беастар) буда, ба даруни вай монанди гиребони курта як гиребон илова мекарданд, ки ин гиребонро кушода мондан ва бо тугма бастан мумкин буд. Агар баста шавад, ба назари бинанда чунин менамуд, ки дар зери яктаҳ курта ҳам ҳаст*; **гуппича** *куртаи абра‑астардори серпахтаи кутоҳ.*

Қисми дигари вожаҳои ин гурӯҳ барои ифодаи кулоҳ, сарбанд, сарпӯш ва ғ. омадаанд: **калабанд** *рӯйбанд, сарандоз*; **якшоха** *кулоҳ ва калапӯши бар сар кағ ниҳодашуд*.

Калимаҳои мансуб ба пояфзол, ки имрӯз истифода намешаванд чандон зиёд нестанд. Масалан, калимаи **кемухт** дар «Луғатнома» ба маънои *чарми донадор, ки аз пӯсти сарғини хар тайёр мекунанд*, шарҳ ёфтааст. Бо ин калима вожаи **кемухтӣ** *мансуб ба* ***кемухт (кафши кемухтӣ,*** *ё ин ки кемухтмонанд)* низ сохта шудааст, ки навъи пояфзол ва анҷири сиёҳи пусташ донадорро мефаҳмонад. Ҳамчунин, калимаҳои **қабқоб** *кафши чӯбин*; **тагчарм** *пойафзори тагаш аз чарм, подош*; **сарипоӣ** *кафшест, ки бе маҳси пӯшанд*; **ғарч** кафш ё мӯзае, ки ҳамеша садои ғарч - ғарч медиҳад; **почила** 1. *чизест, ки вайро ба по баста, барфро зер кунанд, то ки барои равандагон аз рӯи барф пайраҳа пайдо шавад. 2. навъе аз пойафзор.*

Барои тайёр кардани пойафзор маводди гуногун лозим аст, ки бо калимаҳои зерин ифода меёбанд: **кафак** *чарми сахтест, ки дар таги мӯза ва кафш дар баробари панҷаи по дӯзанд ва ғайра*; **шал** *чарми тунуки нозук, ки барои хушнамудӣ дар байни ду чарми кафш, мӯза ва ё зини асп монда дӯзанд.*

Ҳамчунин, барои ифодаи маводди анвои дигари либос вожаҳои зерин дида мешаванд: **ғӯзагул** *як нақшаест дар кашидадӯзӣ ва сураткашӣ, ки ба гули ғӯза монандӣ дорад*; **қумош** *пӯшокӣ, рахти хона ва монанди инҳо;* **кайтун** *абрешими борикбофта, ки ба ҷои зеҳ ба гирдогирди ҷомаҳо ва чакманҳо дӯзанд;* **каҷин** *абрешими дараҷаи дуюм аст, ки аз пилла мекашанд* (дараҷаи якумро **чортор** меноманд); **шовшула** *тароҳест, ки аз ҷиҳати зебиш дар канори порчаҳо гузоранд (дар канори рӯмолҳо, масалан, дар канори рӯмоли ғиҷим).*

Ҳамин тариқ, калимаҳои халқӣ-гуфтугӯии марбут ба либос ва пойафзор қабати махсусест, ки дар «Луғатнома» мавқеи махсус дошта, истифодаи онҳо аз манфиат холӣ нест.

Адабиёт

1. *Айнӣ С. Куллиёт [Матн] / С. Айнӣ. Ҷ. 12. -Душанбе, 1976. –564 с.*
2. *Анварзода М.А. Таҳлили сохтори ва маъноии вожаҳои кишоварзӣ (дар асоси маводди "Ёддоштҳо" – С. Айнӣ) // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2020, №1 (84). – С. 79-85.*
3. *Маҳмудов М. Ҷураев Ғ., Бердиев Б. Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ [Матн] / М. Маҳмудов, Ғ. Ҷураев, Б. Бердиев. Чопи якум. - Душанбе, 2012. – 842 с. Чопи дуюм с – Душанбе, 2017. – 910 с.*
4. *Маҳмудов М., Бердиев Б. Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро [Матн] / М. Маҳмудов, Б. Бердиев. –Душанбе: Дониш, 1989. – 280 с.*
5. *Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик [Матн] / Ҳ. Маҷидов. – Ҷ. 1. Луғатшиносӣ. – Душанбе, 2007. – 243 с.*
6. *Мурватов Ҷ. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ [Матн] / Ҷ. Мурватов. -Душанбе: Дониш, 1979. С. 3-79.*

7. *Носиров С. Лаҳҷаи эрониҳои Бухоро (дар мисоли лаҳҷаи эрониҳои маҳалаи Зарободи шаҳри Когон) [Матн] / С. Носиров. –Душанбе:Ирфон, 2015. – 256 с.*
8. *Персидско-русский словарь. Под ред. Ю. А.Рубинчика [Матн] /. -М.: Сов. Энциклопедия. Т. 1.1983. -1632 с. Т. 2. 1983. – 1632 с.*
9. *Рахматуллозода С. Словообразования имён существительных в южных и юго-восточных говорах таджикского языка [Текст] / С. Рахматуллозода. -Душанбе, 2016. – 232 с.*
10. *Фарҳанги забони тоҷикӣ. (аз асри Х то ибтидои асри ХХ) Ҷ. II. [Матн]. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – 949 с.*
11. *Хоркашев С. (Раҳматуллозода С.). Баррасии лингвистии гурӯҳҳои мавзуии таркиби луғати лаҳҷа [Матн] / С. Хоркашев. -Душанбе: Дониш, 2014. –233 с.*
12. *Ҳалимова М. Либосвожаҳо дар забони тоҷикӣ (Дар асоси маводди лаҳҷаи Хуҷанд ва маҳалҳои атрофи он) [Матн] / М. Ҳалимова. –Хуҷанд, 2014. –154 с.*
13. *Ҷураев Ғ. Системаи лексикаи лаҳҷавии забони тоҷикӣ [Матн] / Ғ. Ҷураев. Душанбе: «Дониш Граф», 2017. – 319с.*
14. *Шеваи ҷануби забони тоҷикӣ. Ҷилдҳои 1-5. [Матн]. -Душанбе: Дониш, 1979-1982.*
15. *Эшниёзов М. Шеваи ҳардурӣ [Матн] / М. Эшниёзов. -Душанбе: Ирфон, 1967. – 230 с.*
16. *Юсупова С. А. Таҳлили луғавӣ-семантикӣ ва сохтории воҳидҳои луғавии марбут ба наботот дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ [Матн] / С. А. Юсупова: Дис. н.и.ф. – Душанбе, 2019. – 167 с.*

ВОҲИДҲОИ ЛУҒАВИИ МАРБУТ БА ЛИБОС ВА ПОЯФЗОР ДАР «ЛУҒАТИ НИМТАФСИЛИИ ТОҶИКӢ БАРОИ ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИК»-И С. АЙНӢ

Масоили таҳқиқи таркиби луғавии луғатномаҳо аз ҳар ҷиҳат мубрам аст, зеро дар онҳо қабатҳои гуногуни луғавӣ ва маъноиро дидан мумукин аст, ки барои таҳқиқ маводди фаровон дода метавонанд. Бо таваҷҷуҳ ба он ки устод С.Айнӣ дар асараш «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» аз калимаҳои марбут ба забони зиндаи халқ зиёд истифода кардааст, месазад дар бораи онҳо таҳқиқ анҷом дод. Дар ин мақола роҷеъ ба калимаю истилоҳоти марбут ба либос ва пойафзор, ки дар асари мазкур мақоми хос доранд иҷмолан таҳқиқ анҷом мегирад. Онҳо аз рӯйи сохт сода, сохта ва мураккаб буда, мутобиқи истифодаашон ду гурӯҳ тақсим намудем: ҳазмшуда ва ҳазмнашуда. Дар гурӯҳи аввал калимаҳоеро ворид мешаванд аст, ки то имрӯз хусусияти лаҳҷавиашонро гум накардаанд: абра, адрас, бахя, буғча, гулдӯзӣ, дастмол, дастрӯмол, дарз, яктак, яктаҳ, эзор, чакман, патак, хиштак, ка лабанд, остар, такбанд, фаровез ва ғайра. Ба гурӯҳи дуюм вожаҳое мансубанд, ки то ҳол пурра умумихалқӣ нашудаанд. Аз ҷумла: абрапӯстин, ангала, ангула, анорас, баҳла, буб, буғҷома, буроиш, вусла, гуйангала, гуланор, кулӯча, ҷиғда-ҷиғда, ғито ва ғайра.

Калидвожаҳо: воҳиди луғавӣ, С. Айнӣ, либосу пойафзор, лаҳҷаҳои тоҷикӣ, сохти калима.

ЛЕКСИЧЕСКИЕ ЕДИНИЦЫ, ОТНОСЯЩИЕСЯ К ОДЕЖДЕ И ОБУВИ В «КРАТКОМ ТОЛКОВОМ СЛОВАРЕ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА» С. АЙНИ

Изучение лексического состава словарей актуально во всех отношениях, поскольку позволяет выявить в них различные лексические и семантические слои, которые могут предоставить богатый материал для исследований. Учитывая, что С. Айни использовал в своем труде «Полуподробный таджикский словарь таджикской литературы» множество слов, относящихся к живому языку народа, он решил провести их исследование. В данной статье будет проведено всестороннее исследование слов и терминов, связанных с одеждой и обувью, которые занимают особое место в этой работе. Они бывают простыми, конструктивными и сложными по структуре, и мы разделили их на две группы в зависимости от их использования: освоенные и неосвоенные. В первую группу входят слова, не потерявшие своих диалектных характеристик и по сей день: абра, адрас, бахя, буғча, гулдӯзӣ, дастмол, дастрӯмол, дарз, яктак, яктаҳ, эзор, чакман, патак, хиштак, ка лабанд, остар, такбанд, фаровез и др. Вторая группа включает слова, которые еще не стали общеупотребительными. К ним относятся: абрапӯстин, ангала, ангула, анорас, баҳла, буб, буғҷома, буроиш, вусла, гуйангала, гуланор, кулӯча, ҷиғда-ҷиғда, ғито и другие.

Ключевые слова: лексическая единица, С. Айни, одежда и обувь, таджикские диалекты, словообразование.

LEXICAL UNITS RELATED TO CLOTHING AND FOOTWEAR IN THE «CONCISE EXPLANATORY DICTIONARY OF THE TAJIK LANGUAGE» BY S. AINI» BY S. AYNI

The issues of studying the lexical composition of dictionaries are relevant in every respect, because in them it is possible to see various lexical and semantic layers, which can provide abundant material for research. Considering that in his work "Semi-detailed Tajik Dictionary for the Tajik Literary Language" S. Aini used a lot of words related to the living language of the people, it is worth conducting a study on them.

This article will conduct a comprehensive study of the words and terms related to clothing and footwear, which have a special status in this work. They are simple, constructed, and complex in structure, and we have divided them into two groups according to their use: assimilated and unassimilated. The first group includes words that have not lost their dialectal characteristics to this day: abra, adras, bahya, bugcha, gulduzı, dastmol, dastrumol, darz, yaktak, yaktah, ezor, chakman, patak, xishtak, ka laband, ostar, takband, farovez, etc. The second group includes words that have not yet become fully common. These include: abrapustin, angala, angula, anoras, bahla, bub, bugjama, buronish, vusla, guyangala, gulanor, kulucha, jigda-jigda, ghito and others.

Keywords: lexical unit, S. Ayni, clothing and footwear, Tajik dialects, word formation.

Дар бораи муаллиф
Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовнана
Номзади илми филология, муаллими калони кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: mzoitova@list.ru

Об авторе
Зоитова Мохира Махмадюсуфовна
Кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры теории и практики лингвистики
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: mzoitova@list.ru

About the author
Zoitova Mohira Mahmadyusufovna
Candidate of philological sciences senior lecturer of the Department of Theory and Practice of Linguistics
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: mzoitova@list.ru

ТДУ 809.155.0

ТАҲҚИҚИ ПАСВАНДҲОИ КАММАҲСУЛ ДАР ОСОРИ ЛОИҚ ШЕРАЛӢ

Нематова Д. А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Калимасозӣ аз омилҳои муҳимми ғанӣ гардидани таркиби луғавии забон аст, маҳз бо ҳамин роҳ захираи луғавиии забон бо калимаҳаи нав пурра мегардад. Вожаҳое, ки дар натиҷаи табаддулоти илму маданият ва иҷтимоӣ ба вуҷуд меоянд, ба сохти грамматикӣ ва қонунияти дохили забон бояд мутобиқат кунанд. Бояд зикр намуд, ки ҷараёни калимасозӣ ва васоити калимасоз ба меъёрҳои грамматика иртиботи мустаҳкам доранд. Дар қисмати морфология ҳар як ҳиссаи нутқ дорои роҳу усул ва пешванду пасвандҳои хосси худ мебошанд.

Дар забони тоҷикӣ исмҳо роҳу равиши гуногуни калимасозӣ доранд. Тарзи асосӣ ва муҳимми калимасозии исм тарзи морфологӣ мебошад. Дар навбати худ тарзи морфологии калимасозӣ бо ёрии пешванду пасвандҳо сохта шудани исмҳо ва калимасозии исмҳои мураккаб аст. Бо ёрии пешванду пасвандҳо сохта шудани исмҳо, яке аз роҳҳои асосӣ ва сермаҳсули калимасозии исм ба шумор меравад. Исмҳои наве, ки бо ёрии вандҳо аз калимаҳои дигар сохта мешаванд, бо маънои худ аз калимаи аввала фарқ мекунанд. Дар забони тоҷикӣ гарчи нақши пасвандҳо дар калимасозии исмҳо фарох аст, вале аз тарафи дигар ҳамаи пасвандҳои калимасоз як хел мавқеъ надоранд. Қисми зиёди пасвандҳои исмсоз аз замонҳои пешин то ҳол нақши калимасозиашонро нигоҳ доштаанд ва ҳоло ҳам вожаҳои зиёд месозанд, вале баъзеии онҳо дар калимасозӣ хеле кам ба назар мерасанд. Бинобар ин, пасвандҳои исмсозро вобаста ба дараҷа ва мавқеи истеъмолашон ба пасвандҳои сермаҳсул, каммаҳсул ва бемаҳсул ҷудо мекунанд, ки барои сохтани исмҳо ба таври васеъ истифода мешаванд.

Пасвандҳои бемаҳсул ва каммаҳсул дар калимаҳое мушоҳида мешаванд, ки дар давраҳои гузашта бештар истеъмол мешуданд, вале ҳоло баъзеашон аз истифода баромадаанд. Масалан: пасванди ***-лох*** дар калимаҳои ***девлох, рӯдлох, оташлох*** архаистӣ шудаанд. Пасванди ***-но*** низ яке аз пасвандҳои бемаҳсул буда, аз сифат исми макон месозад. Дар ашъори Лоиқ бо ин пасванд вожаи «***фарохно***» як маротиба ва вожаи «***дарозно***», умуман. истифода нашудааст. Инчунин, пасванди ***-ия*** низ танҳо дар калимаи тоҷикии «***баҳория***» мушоҳида шуд, ки дар қиёси калимаҳои арабӣ сохта шудааст. Масалан, «***шукрия***», ки дар осори Лоиқ, умуман, ба мушоҳида нарасид. Вазифаи асосӣ ва муҳимми ҳар як пасванд аз он иборат аст, ки вай ба калимаи сохтааш чӣ гуна маъно мебахшад.

Зимни таҳқиқи хусусиятҳои морфологии роҳҳои калимасозӣ дар осори Лоиқ Шералӣ дар алоҳидагӣ таҳлил намудани ҳар як пасвандро риоя намудем, то барои равшан шудани нақши калимасозии ин ё он пасванд заминаи мусоид фароҳам ояд. Тавре маълум аст, пасвандҳои калимасози забони тоҷикӣ дар асарҳои бадеӣ хеле серистифодаанд. Бинобар ин, мо тасмим гирифтем, ки истифодаи пасвандҳои ***каммаҳсул*** ва ***бемаҳсулро*** дар осори устод Лоиқ Шералӣ мавриди пажуҳиш қарор диҳем.

Аз таҳқиқи мавод маълум гардид, ки аз пасвандҳои каммаҳсул ва бемаҳсуле, ки дар китобҳои «Забони адабии ҳозираи тоҷик» [3] ва «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» [2] доир ба онҳо маълумот дода шудааст ва дар забони тоҷикӣ вуҷуд доранд, чанде аз онҳо дар эҷодиёти Лоиқ Шералӣ, умуман, истифода нашудаанд. Аммо баъзеашон каммаҳсул бошанд ҳам, серистеъмол гардидаанд ва мо имкон дорем, ки ба ин пажуҳиш бештар диққат диҳем.

Пасванди *-она* (*-ёна*) дар исмсозӣ каммаҳсул буда, аксари исмҳо бо пасванди ***-она*** аз сифат гузаштаанд. Ин пасванд аз исмҳои мушаххас ва маънӣ исме месозад, ки *асбоб, музд, туҳфа ва инъомро мефаҳмонад:* ***този+ёна, шоми+ёна, бобо+ёна, моҳ+она, муҳр+она, котиб+она, тӯй+ёна, хизмат+она, ид+она, байъ+она, шукр+она, ҳариф+она, худо+ёна,*** шоди+ёна.

Инчунин, ин пасванд дар сарчашмаҳои илмӣ чун пасванди сифатсоз ва зарфсоз низ ёдрас гардидааст [ЗАҲТ, 1973; ГЗАҲТ,1985]. Дар ашъори Лоиқ Шералӣ бо ин пасванд зиёда аз 40 калимаро ба қайд гирифтем, ки танҳо 8 калима: калимаҳои тӯёна 2 маротиба (с. 13, 360), шукрона 4 маротиба (с.29,192, 805), маҳрона 1 маротиба (с. 433), шодиёна 1 маротиба (с.904), субҳона 1 маротиба (с.13), пешона 3 маротиба (с.41, 587, 1040), ҷонона (7 маротиба),

моҳона 1 маротиба (1144) ба вазифаи исм ва 14 вожа: вожаҳои ҷовидона (с.58, 62, 82, 152, 259, 439, 680), фохирона (с.86), омирона (с. 86), сабукболона (с.115), фақирона (с.126), пирона (с.136,1381), шодона с.181 (с.138), шоирона (8 маротиба), тифлона (с.258, 575, 638, 666), ошубгарона (с.273), гургона (с.501), риндона (с.256), худоёна (с.95,300), ошиқона (635), бешармона (143), шоҳона (37,902), мастона (13 маротиба), ғарибона (75, 809), паямбарона (237), кӯр-кӯрона (354), маҳрамона (526,362), ғоибона (363), шермардона (437), қаҳрамонона (437), дилбарона (570), бебокона (738), дуздона (764, 837, 895), бедардона (1012), шерона (1085), шабона (1185) ба вазифаи сифат ва зарф корбурд шуда, инчунин вожаҳои мардона, ҷавонона ва худоёна дар таркибҳои: ғурури мардона, сукути мардона, лофи мардона, аҳди мардона, азми мардона, руҳи мардона, вафодории мардона, руҳи ҷавонона, ҳусни худоёна, умри худоёна, дидори худоёна, шеъри худоёна ва ғазали шодиёна истифода гардидаанд, ки ба вазифаи сифат омадаанд.

Туёна ҳадяи туй.

Гули бодом мешукуфад ба нахуст,
Чу пайғамбари оғози баҳор.
Бод ҳар сӯй давад мастомаст,
Талабад аз ҳама «***Туёна*** биёр!» [6, с. 13].

Неъмати худро замин ***туёна*** орад баҳри халқ,
Лек худ нӯшад яхоб.
Ҳар куҷо туясту шодӣ, нағмаи чангу рубоб,
Фахр месозад замин дар зери по.
Дида неъматҳои худро дар сари хон беҳисоб [6, с. 360].

Вожаи ***шукрона*** муродифи калимаҳои сипосгузорӣ, миннатдорӣ, изҳори ташаккур мебошад. Шоир калимаи «***шукрона***»-ро дар унвонии шеъраш «***Шукронае барои Душанбе***» истифода намудааст:

Мисли фарзанде, ки орад ҳадяҳо бар модараш.
Мекунам ***шукрона***и қисмат, ки ҳоло зиндаам,
Зиндаам дар гардиши айёму чархи чанбараш [6, с. 192].

Дар унвонии шеъри дигаре низ вожаи «***Шукрона***»-ро мавриди корбурд қарор додааст:

Ба он модар, ба он манзар,
Ҳазорон шукру миннат бод,
Ки зери гунбади аҳзар,
Туро баҳри дили ман зод [6, с.805].

Маҳрона дар луғат чунин шарҳ ёфтааст: мувофиқи қонуни шариати ислом пули нақд ва молу матоъ, ки дар вақти никоҳ барои арус ба зиммаи домод муқаррар карда мешавад.

Дилам сӯзад, ки андар кишвари ишқ,
Ту на аз ошиқи девона гаштӣ.
Намонди хориҷ аз ҳадди падар пой,
Фидои ҷаъбаи ***маҳрона*** гаштӣ [6, с.432].

Шодиёна бо вожаи муждагонӣ ҳаммаъно мебошад.

Ҳадяи шоири намакхурда,
Ғазали ***шодиёнаи*** нав буд [6, с.904].

Субҳона хуроке, ки ҳангоми субҳ мехуранд; ношто.

Ҳар кас, ки на хештаншиносе бошад,
Бо модари хеш носипосе бошад.
Имрӯзаи мост зодаи дирӯза,
Субҳонаи мо зи нони посӣ бошад [6, с.1188].

Аз таҳқиқи мавод маълум гардид, ки морфемаи –она //-ёна дар осори адиб серистеъмол буда, дар калимасозии исм, сифат ва зарф корбаст гардидаанд.

Пасванди -*акӣ* дар калимасозии исм, сифат ва зарф корбурд шуда, аз морфемаҳои муштараквазифаи забони тоҷикӣ маҳсуб меёбад. Тавре аён гардид, ин морфема дар калимасозии сифат ва зарф фаъолтар мебошад. Пасванди ***-акӣ*** дар исмсозӣ бемаҳсул буда, дар забони тоҷикӣ ба воситаи он аз калимаи тақлидӣ номи амал сохта шудааст: тарс+акӣ, ки ин вожаро дар осори Лоиқ вонахӯрдем.

Дар шеъри шоир вожаи Рӯдакӣ 37 маротиба дида мешавад, ки ба назари мо ду зинаи калимасозиро гузаштааст. Дар зинаи аввал аз вожаи рӯд бо пасванди -ак вожаи Рӯдак ва дар зинаи дуюм аз асоси Рӯдак бо пасванди –ӣ калимаи Рӯдакӣ сохта шудааст, ки мансубиятро ба асоси калима нишон медиҳад. Бо ин пасванд дар осори Лоиқ Шералӣ вожаҳои зӯракӣ (2

бор) ва хасакӣ (1маротиба) вомехӯранд, ки ба вазифаи зарф ва сифат омадаанд. Калимаи "***хасакӣ"***-ро дар унвонии шеъраш «Дӯстони хасакӣ» корбурд намудааст.

Дар Самарқанду Бухорои шариф бар тоҷикон,
Дода бас асноди қалби ***зӯракӣ.***
Бар ҷигаргоҳи нумӯи ориён,
Захмҳо зад кордҳои ***зӯракӣ*** [6, с.105].

Муҳаққиқ Хоркашев С. доир ба вазифа ва хусусияти калимасозии морфемаи ***–акӣ*** чунин нигоштааст: «Бархе аз вожаҳо, ки бо пасванди ***–акӣ*** сохта шудаанд, дар байни исму сифату зарф муштаракан истифода мешаванд. Ин хусусият дар бархе аз лаҳҷаҳои шеваи ҷанубии забонамон дида мешаванд, ки инро метавон аз ҷиҳатҳои фарқкунанда ба қалам дод». [16, с. 47].

Пасванди – *када*. Андешаҳои муҳаққиқони забоншинос доир ба пасванди **- *када*** як хел нест. Муҳаққиқ О. Қосимов дар бораи унсури морфологии *када* чунин ибрози назар намудааст: «-***када*** дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ на пасванд ва на нимванд буда, он воҳиди лексикии мустақил мебошад. ***Када*** дар шакли алоҳида ба маънои «хона, манзил, бино» баромад карда метавонад. Ҳамчун асоси калимасоз низ истеъмол ёфтааст» [5, с 44]. Морфемаи мазкур дар садаи 15 ҳам бемаҳсул буда, муҳаққиқ Калонова М. дар ашъори адибони классикӣ Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Совақӣ бо ин пасванд сохта шудани калимаҳои майкада, оташкада ва буткадаро ба қайд гирифтааст: «Вожагони ***майкада***, ***оташкада*** ва ***буткада*** хоси динҳои зардуштиву буддоӣ буда, дар забони имрӯзаи тоҷикӣ чандон роиҷ нестанд...» [4, с. 282]. Маълум мегардад, ки дар адабиёти классикӣ ин морфема ҳамчун калимаи мустақилмаъно истифода гардида, ҳамчунин, ба сифати пасванди калимасоз низ истеъмол шудааст. Муҳаққиқ А.Тоирзода низ дар осори Шамсиддин Шоҳин бо ин пасванд сохта шудани ҳамагӣ 3 калима: майкада, ғамкада ва хилваткадаро ба қайд гирифтааст, ки ба бемаҳсул будани ин морфема далолат мекунад [13, с. 79].

Морфемаи ***–када*** ба сифати пасванд дар забони адабии ҳозираи тоҷик каммаҳсул буда, аз имсҳои модӣ ва маънӣ исми макон сохтааст. Аз ашъори Лоиқ бо ин пасванд 7 вожа: *деҳкада* 1 маротиба (с.1331), *донишкада* як маротиба (с.559) *майкада* се маротиба (с.349, 727, 1347), *дорукада* 2 маротиба (с.1339), *ғамкада* 1 маротиба (с.1160), *душманкада* 1 маротиба (с.843) *мотамкада* як маротиба (с.1323)-ро ба қайд гирифтем, ки аз ҳунари волои калимасозии устод дарак медиҳад. Аммо калимаҳои оташкада, зиёраткада, буткада ва парастишкада, ки дар таркиби луғавии забонамон вуҷуд доранд, дар осори устод ба чашм нарасид.

Деҳкада: хонае, ки дар деҳа воқеъ аст.

Дар девори мақбараи Рӯдакӣ дар Панҷрӯд
Устухонатро зи баъди даҳ сада,
Ёфтанд аз зери хоки ***деҳкада*** *[6, с. 133]*.
Ту ҳамехостӣ Қуръон хонам,
Ки аз ӯ маърифате боло нест.
Ту ҳамехостӣ мулло бошам,
Баски дар ***деҳкада*** як мулло нест [6, с. 1331].

Донишкада ду маънӣ дорад: 1. маҳал ва ҷойи гирифтани таълим; 2. муассисаи таълимӣ-мактаби олӣ, ки барои яке аз соҳаҳои илму фан ва фарҳанг мутахассисони олидараҷа тайёр мекунад.

Таҳсил ба ***донишкада*** хуб аст, гуворост,
Ёрон ба дили якдигарӣ ғам нагузоранд.
Ин ҷо на касе ҳорису не дар ғами дунёст,
Ишқ аст, ҷавонист, азизаш бишуморанд [6, с. 559].

Мотамкада. Муродифи ин вожа мотамсаро мебошад, ки дар ҳар ду калима ба маънои маҳалли азодорӣ, хонаи ғам аст.

Ало ***мотамкада***, ғамхори ту ку?
Ало зулматсаро, анвори ту ку.
Гирифтам, хирманатро бод карданд,
Агар оташпарастӣ, ори ту ку? [6, с. 1323].

Майкада ба маънои ҷойи шаробфурӯшӣ ва шаробнушӣ, муродифи вожаи майхона аст.

Ин чӣ шаҳрест, ки аз зилзилаи рашъа дар ӯ,
Қасрҳо, кунгураҳо, ***майкадаҳо*** аз ҳам рехт.
Ҳама бигрехт ба ҳар сӯй чу посӯхтае,

Хокбоде шуду хоки ҳамаро дарҳам бехт [6, с.349].

Дорукада муродифи дорухона. Ҷойи таҳия ва фурӯши дору.

Аз худу аз зиндагонӣ ғамзада,
Баҳри доруе наё ***дорукада*** [6, с.1339].

Ғамкада бо калимаи ғамхона муродиф аст, кулбаи эҳзон, маҳалли ғам.

Ҳамқисмати ҳар суру азо бояд буд,
Дар ***ғамкадаҳо*** тарабфизо бояд буд [6, с.1160].

Душманкада яъне хонаи душман. Калимаи душманкадаро дар луғатҳо вонахӯрдем. Ба назари мо ин унсури калимасозро истифода намуда, вожаи мазкурро худи шоир сохтааст, ки боиси пуробурангӣ ва тарзи ифодаи хосси адиб гаштааст.

Ором нахоҳад шуд ***душманкадаи*** дунё,
Аз хеш наосояд кулфатзадаи дунё [6, с.843].

Пасванди *-ор.* Пасванди калимасози -ор аз пасвандҳое мебошад, ки адибони гузаштаи мо дар мавриди калимасозӣ аз ин пасванд фаровон истифода кардаанд. Аммо морфемаи мазкур дар даврaҳои гуногуни тараққии забони адабӣ, аслан, каммаҳсул буда, гоҳе хусусияти бемаҳсулӣ нишон додааст. Дар осори Лоиқ Шералӣ бо ин пасванд 12 вожаро вохурдем, ки адиб онро дар мавридҳои зерин корбурд намудааст:

а) аз асоси замони гузаштаи феъл исми амал ва ҳолат сохтааст, ки натиҷаи амал ё ба амале дучор шуданро ифода менамояд. Аз калимаҳои бо ин морфема сохташуда вожаи рафтор **(**6 маротиба), гуфтор (12 маротиба), куштор (2 маротиба**)**, сухтор (1 маротиба), гирифтор (12 маротиба), дидор (104 маротиба), мурдор, (1 маротиба), кирдор (6 маротиба), хостор (1 маротиба)-ро ба қайд гирифтем, вале истифодаи калимаи падидор мушоҳида нашуд. Аз вожаҳои зикргардида калимаи ***дидор*** дар осори адиб нисбат ба калимаҳои дигар зиёдтар истифода шуда,серистеъмол гардидааст.

Хатоҳое зи ман рафта.
Хатоҳое *ба* ***рафтор***у ба ***гуфторам***.
Хатоҳое ба кирдору ба афкорам.
Ки бар доғи гуноҳонам,
Гирифторам, гирифторам [6, с.218].

Манам шайдои ***гуфтори*** Саноӣ,
Намоз орам ба ***гуфтори*** Саноӣ [6, с.1153].

Дар ин ҳарвонагаҳ чун зиндаӣ, Лоиқ?
Дар ин ***кушторгоҳ*** чун зиндаӣ, Лоиқ? [6, с.478].

Гар зи оташбозии ҷаҳди шумо,
Хонаю девони Пабло даргирифт,
Пештар з-ин ***сӯхтор***,
Сӯхт бунёди шуморо шеваи тасхири ӯ [6, с.381].

Рафтам ман аз бари ту ***дидор*** то қиёмат,
Рафтам ман аз сари ту ***дидор*** то қиёмат! [6, с.983].

Морфемаи ***-ор*** бо асоси замони гузаштаи феъл омада, калимаи ***мурдор*** сохтааст, ки ба ду маънӣ 1. ҷасади мурдаи бӯйгирифтаи инсон ва ё ҳайвон; 2. он чи хурданаш ғайриравост, чизи нопок, ифлос истифода мешавад.

Он чӣ ман дар чор фасли сол,
Як соли ҳаёти хештан дидам,
Шумо сад сол баъди сари ман,
Гарчи доред нируи паридан,
Гарчи доред нируи ба ***мурдоре*** расидан,
Меҳнати ин умри кӯтоҳи маро,
Ҳаргиз намебинед! [6, с.700].

Асоси вожаи ***кирдор*** (рафтор, амал) калимаи *кард* буда, бо -ор ҳамроҳ шуда, шакли кирдорро гирифтааст:

Ҳар ҳарф, ки дар китоби ашъорам буд,
Шарҳи диламу номаи ***кирдорам*** буд. [6, с.1371].

Аз асоси замони гузаштаи феъл исми шахс сохтааст, ки онро аз рӯйи амал ва шуғл яъне касбу кор мефаҳмонад: ***харидор, хостор:***

Ҳар печухами мӯят сад лонагаҳи дил буд,
Дар чашми ***харидорон*** яктои ҷаҳон будӣ. [6, с.608].

Гаҳе ёру гаҳе бор аст дунё,

Гаҳе тору гаҳе дор аст дунё.
Надонад қимати мардон, ҳарчанд,
Харидор асту бозор аст дунё. [6, с.1235].

Вожаи хостор ба маънии хоҳиш, талаб кардан, касе, ки чизеро талаб мекунад, талабгор истифода мешавад:

Чашмҳоят роҳҷӯи кишвари афсона буд,
Ормонат ***хостори*** ошиқи девона буд. [6, с.724].

б) аз асоси замони ҳозира ***параст*** пасванди ***-ор парастор*** сохтааст, ки 4 маротиба (с. 536, 916, 1226, 1266) корбурд шудааст.

Ало, дилошною дилбари ман,
Ду-се рӯзе ***парастори*** сари ман. [6, с. 1226].

в) пасванди ***-ор*** бемаҳсул буда, танҳо дар як мавқеъ аз исм исме сохтааст, ки мафҳуми ашёро ифода намудааст Ин калима дар осори Лоиқ 9 маротиба корбурд шудааст: дастор 1) аммома, салла; 2) порчаи матоъ, ки бо он рӯйи таомҳоро мепушонанд; 3) порчае, ки хурокворӣ ё меваҳоро дар он мепечонанд ё мегузоранд, яъне дастархон; 4) рӯймол, миёнбанд . Ин вожа дар осори устод бо ду маънӣ: ҳам ба маънии аммома ва ҳам ба маънии дастархон истифода гардидааст.

Кулоҳи чархи гардун печиши нав,
Гирифт аз печи ***дастори*** Саноӣ. [6, с.1153].
Дар сари паймонаи май,дар сари ***дасторхон***,
Мо қасам хурдем дар роҳи садоқат бешумор! [6, с.262].

Пасванди *-гор* дар забони адабии ҳозираи тоҷик каммаҳсул буда, ба воситаи он аз исм ва асосҳои феъл исмҳои ифодакунандаи шахс сохта мешавад. Муҳаққиқ Хоркашев С. доир ба пасванди **–гор** чунин менигорад: «Ин морфема собиқаи зиёди таърихӣ дошта, давраи пайдоишаш мисли пасванди –гар мебошад. Дар адабиёти классикӣ фаровон истифода мешавад. Аз ҷумла, дар осори Саъдии Шерозӣ:

Пеши касе рав, ки талабгори туст,
Ноз ба он кун, ки харидори туст.

Ин пасванд дар шеваи ҷануби шаркӣ назар ба забони адабӣ ва шеваи ҷанубӣ каммаҳсул аст. Барои ба ин ақида омадан моро доираи танги истифода ва теъдоди ками калимаҳои бо ин морфема сохташуда дар ин шева водор намуд» [16, с. 51-52].

Дар забони адабии тоҷикӣ бо пасванди -гор аз исмҳои маънӣ исми нав сохта мешавад, ки шахсро аз рӯйи амалиёту машғулияташ ифода мекунад: хизматгор, мададгор, ситамгор. Дар баробари ин, ба воситаи ин пасванд аз асоси замони ҳозираи феъл исме сохта мешавад, ки шахсро аз рӯйи ихтисосу машғулият ҳолат ва ба таъсири амале мондани шахсро нишон медиҳад.

Дар осори устод Лоиқ бо морфемаи **-гор** сохта шудани 17 калима ба назар расид. Асоси калимаҳои сохта аз забони тоҷикӣ ва арабӣ мебошанд. Ин пасванд бо вожаҳои тоҷикии **рӯз, ёд, соз, омӯз, ком, хост, парвард, омурз, раст, пайванд, ситам, носоз** (дар зинаи дуюми калимасозӣ), ки ба исму асосҳои феъл мансубанд, пайваст шуда калимаҳои нав сохтааст, ки аз рӯйи басомади истифодаашон фарқ мекунанд. Аз ҷумла, рӯзгор (124 маротиба), ёдгор (61 маротиба), созгор (6 маротиба), омӯзгор (4 маротиба), комгор (4 маротиба), хостгор (4 маротиба), омурзгор (2 маротиба), пайвандгор (1 маротиба), ситамгор (4 маротиба). Дар калимаи носозгор (4 маротиба) асоси калимасоз вожаи сохтаи **носоз** аст, ки дар ин ҳолат як зинаи калимасозиро гузашта, дар зинаи дуюм бо –гор калимаи нави **носозгор** ба вуҷуд омадааст. Дар калимаи Парвардигор (2 маротиба) овози “и” ва дар вожаи растагор (1 маротиба) овози “а” чун овозҳои иловагӣ ба кор рафтанд, ки ба қонунҳои савтиёт мансуб аст. Мисолҳо дар шеъри шоир:

Бо калимаи ***рӯзгор:***
Кай шавад ***рӯзгор*** беҳ моро?
Рӯзгоро, забун манеҳ моро [6, с.1358].

Бо калимаи ***ёдгор***:

Бо азми ҷазм рӯзу шабон кор мекунанд,
Аз санг нанг ҷуставу аз об обрӯ.
Созанд то ба ***ёдгор*** аз хок кохи нур,
Ҷанганд бо табиати мағрур рӯ ба рӯ. [6, с.507].

Бо калимаи ***ситамгор***:

Дили ман сӯхтан омӯхтааст,

Аз шару шуру ***ситамгории*** ишқ.[6, с.734].
Бо калимаҳои ***омӯзгор, рӯзгор*** ва ***созгор***:
Бо дуои мусафедони худотарсу баор,
Бесавод, аммо саводомӯзи сад ***омӯзгор***.[6, с.210].
Ҷаҳони мо ҷаҳони ***созгоре*** буд,
Ҳамеша пурбаҳоре буду зебо ***рӯзгоре*** буд.[6, с.231].
Бо калимаи ***носозгор***:
Гули ҳасрат паёми навбаҳор аст,
Валекин қисматаш ***носозгор*** аст [6,с.1218].
Бо калимаи ***растагор***
Дар олами сояравшани боғ,
Будем ду тан зи ***растагорон*** [6, с.690].
Бо калимаи ***Парвардигор***
Ё ки дар ҷонамози фарсуда,
Зикри Аллоҳ мекунад дар дил?
Ё зи ***Парвардигор*** мехоҳад,
Ки зи ҷаннат диҳад варо манзил.[6, с.127].
Бо калимаи ***омурз:***
Ту азбаски малак будӣ, дар ин дунё, дар он дунё,
Худо ***омурзгори*** ту, малоик низ ёри ту. [6, с.162].
Бо калимаи ***комгор:***
Гумном мекушанд маро номдорҳо,
Ном мебаранд маро ***комгорҳо***. [6, с.833].

Вожаи ***пайвандгор*** муродифи калимаи ***пайвадгар*** аст, ки барои дуруст омадани вазни шеър ба ҳодисаи савтӣ дучор омадааст.

Кафшергар, ки аз нигаҳаш барқ меҷаҳад,
Пайвандгори оташу барқ аст бегумон. [6, с.506].

Бо калимаҳои исмии арабии **мадад, талаб, халал, сабаб** ва **халос** илҳоқ гардида, вожаҳои нав ба вуҷуд овардааст, ки дар ин ҳолат ҳам басомади истифодаашон гуногун аст: мададгор (11 маротиба), талабгор (6 маротиба), халалгор (2 маротиба), сабабгор (2 маротиба), халосгор (1 маротиба). Мисолҳо дар шеъри шоир:

Бо калимаи **мадад**:
Рустаму Кова нигаҳдорат бод!
Руҳи Фирдавсӣ ***мададгорат*** бод![6, с.473].
Як мадади фотиҳаи модарон,
Беҳ зи ***мададгории*** соҳибсарон.[6, с.157].
Бо калимаи ***талаб*** ва ***халос***
Дар он маврид, ки лофи ишқ гӯянду раҳат гиранд,
Наёбӣ аз ***талабгорони*** худ ошиқтаре аз ман.[6, с.1097].
Дар хобҳои мудҳишу саҳмину тираам,
Мебинамат, ки ҳозирӣ ҳамчун ***халосгор***.[6, с.672].
Бо калимаи ***Парвард:***
Раҳми ***Парвардгори*** мо омад,
Нури Ҳақ бар диёри мо омад [6, с.927].
Бо калимаи ***халал***
На боки садди раҳ доранд, на боке аз ***халалгорон***
Ду ҷӯёи раҳи фардо-ману дарё, ману дарё [6, с.841].
Бо калимаи ***сабаб:***
Марҳабо, воситаи хушдилу хуррам шуданам,
Марҳабо, панди ***сабабгори*** мукаррам шуданам [6, с.565].

Аз мисолҳои овардашуда маълум мегардад, ки ин пасванд дар осори Лоиқ Шералӣ нисбатан сермаҳсул ва серистеъмол мебошад.

Пасванди *-ча*. Морфемаи ***-ча*** ду хусусият дорад. 1. Ба калимаи исмӣ тобиши хурдию навозишӣ медиҳад. 2. Чун пасванди калимасоз барои пайдоиши маънои дигари калима боис мешавад. Ба ақидаи Ш. Рустамов вай аввал ҳамчун морфемаи шаклсоз ба калима васл шуда бошад ҳам, рафта-рафта маънои хурдии калима барҳам хурда ва ё суст шуда, калима маънои нав гирифтааст: олуча, мӯрча, ҳиссача [12, с.131]. Х. Ҳусейнов рӯйи ин андеша аст, ки “Хусусияти ифоданокии -ча дар он аст, ки вай ба калимаи мафҳуми умумидошта ҳамроҳ

гардида, ба маънои онҳо ифодаи хурдӣ мебахшад” [17, с.82]. С. Низомова Ин пасвандро синоморфема муаррифӣ менамояд, аммо хусусиятҳои муродифии онро нишон намедиҳад. Ин муҳаққиқ ҳам хусусиятҳои шаклсозию калимасозии онро таҳлил менамояд [8].

Дар осори Лоиқ бо ин пасванд калимаҳои зерин ба назар расид: ***забонча, (461), дарёча (584) себча (764) қаламча (823, 1173), камонча (832) ғарча (998), дебоча (1360), номзадча, (92), докторча (92) дарича (3 маротиба) ва бозича (6 маротиба).***

Ин калимаҳоро агар дар матни шеъри устод Лоиқ Шералӣ аз назар гузаронем, хоҳем дид, ки онҳо ҳам калимасозу ҳам шаклсоз мебошанд. Дар шаклсозӣ на танҳо маънои хурдию навозиш, балки масхараю истеҳзо низ дорад. Ба ин абёт назар менамоем:

Як забону сад ***забонча*** дорад ӯ,
Сайд бар сайёди худ биспорад ӯ. [6, с.461].
Лаби ***дарёчаю*** оби зулолаш,
Даруни об қадди навниҳолаш.[6, с.584].

Вожаҳои ***номзадча*** ва ***докторча***ро дар шеъри «Ифтихор ва Эътироз» корбаст намудааст, ки аз ҷаҳонбинии бевусъати баъзе номзадҳою докторон гила дорад:

…Имрӯз ҳазор афсӯс, ***номзадчаҳое***,
Ки аз савлаташон осиё мегардад,
Докторчаҳое, ки аз ҳайбаташон замин меларзад,
Оҷизанд бирасанд ба кунҳи эъҷози онон....[6, с.92].

Калимаи ***ғарча*** ба шахс далолат мекунад ва шахсро аз рӯйи сифату аъмолаш нишон медиҳад, ки дар ин ҳолат хусусияти калимасозӣ бо шаклсозӣ ба ҳам омадаанд:

Аз шомҳои тираву торик бок нест,
Аз ***ғарчаҳои*** тирадарун дилшикастаам. [6, с.998].

Дар калимаҳои қаламча, дарича, бозича бештар хусусияти ашё буруз мекунад ва хоситяи маънои нав доштани асосҳои калимаҳо ниҳон аст:

Накошта ***қаламчае***, қалам-қалам ҳамекунад,
Ба дасти сад табарзане дарахти пурҷавонаро. [6, с.823].
Аблаҳе гар ***даричаам*** бишкаст,
Тозатар шуд ҳавои хонаи ман. [6, с.244].
Мо кӯдаконем бо ҳама ақлу закои хеш,
Бозичаҳои нав ба нав эҷод мекунем. [6, с.267].

Пасванди *-вор*. Ин пасванд дар калимасозии исм ва зарф корбурд мешавад. Дар манбаъҳо ҳамчун пасванди сифатсоз ва зарфсоз қайд шудааст.

Аммо дар эҷодиёти Лоиқ бо ин пасванд вожаҳоеро пайдо намудем, ки ба вазифаи исм омадаанд*: **гӯшвор, газвор, тоқивор, сазовор, сӯгвор** ва **шоҳвор.***

Ҷудо гаштам ман аз он кӯҳҳо чун маъдани хоме,
К-аз он созанд ханҷар, сипар ҳам ***гӯшвори*** зар. [6, с.115].
Гадоӣ кардӣ аз ҳар хонае як пора ***газворе,***
Нахуст аз модарони серфарзанде,
Сипас аз пири ботадбиру солоре.
Нахуст аз ***тоқивори*** мурдаи бодавлату бонанг,
Сипас аз махзани бори аруси бахтбедоре. [6, с.129].
Бипазад з-оташи ишқаш на ҳама ошиқи хом,
На ҳама марди харидор ***сазовори*** зан аст. [6, с.153].
Рез борон, рез борон!
Ончунон ки резад ашки ***сӯгворон***. [6, с.280].
Мебарад бар сари торе ҷиҳози духтарашро,
Дар миёни порчаҳои ***шоҳвору*** кимхо. [6, с.580].

Инчунин, калимаҳои зиёде ба назар расид, ба монанди: умедвор, заминвор, сӯгвор, ғазалвор, шаҳвор, гирдобвор, девонавор, парвонавор, машшотавор, бофандавор, шедвор, нурвор, бузургвор, кӯрвор, барқвор, наъравор, кӯдаквор, дарёвор, ки дар вазифаи сифат ва зарф истеъмол шудаанд.

Нигаҳҳои ***ғазалворат*** маро кушт,
Суханҳои асалдорат маро кушт. [6, с.1293].
Ганҷи ***шаҳворам*** ту бошӣ,
Бахти бедорам ту бошӣ. [6, с.134].
Бо он фурутаниву бо он шикастанафсӣ,
Фарди ***бузургвори*** даврони мо ту ҳастӣ. [6, с.379].

Гоҳ мисли сабза мерӯям барои офтоб,
Гоҳ пинҳон ***шедвор*** аз чашми мардум мешавам. [6, с.192].
Чу ***дарёвор*** будӣ ошуби ҷонам,
Дуоям кун, ки ***дарёвор*** мирам [6, с.1318].
Боз ҳам ***умедворам*** дар ёди халқ монӣ,
Чун қаҳрамони миллат, эй қаҳрамони меҳнат. [6, с.41].
Акнун даруни синаам ҷуз оҳи сард нест,
Бидруд ҷонфишонии ***парвонавори*** ман. [6, с.301].

Пасванди *-ворӣ*. Ин морфема, асосан. аз пасванди ***–вор*** ва пасванди ***-ӣ*** таркиб ёфтааст ва дар калимасозӣ каммаҳсул мебошад. Пасванди номбурда аз исм исмҳое месозад, ки маводди маҳсулот ва мафҳуми дар асос ифода ёфтаро мефаҳмонад: либосворӣ,озуқаворӣ, хурокворӣ ва ғайра, аммо Лоиқ ин пасвандро ҳамагӣ дар калимаи ***бузургворӣ***, ки ба сифати шахс далолат дорад, дар ҳайати феъли таркибии *бузургворӣ кардан* истифода намудааст:

Бузург бошӣ, биёву ***бузургворӣ*** кун,
Вагарна рав ба деҳи хешу харсаворӣ кун! [6, с.1423].

Пасванди *-навард* ин морфема вожаи мустақил бошад ҳам, дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ба танҳоӣ исмеъмол намешавад. Ин пасванд дар таркиби вожаҳои: ***ҳавонавард, баҳрнавард, кӯҳнавард, саҳронавард, дарёнавард, моҳнавард*** истифода мешавад ва ба пасванди исмсоз будани он далолат мекунад. Лоиқ Шералӣ бо ин пасванд дар эҷодиёти худ ҳамагӣ се калимаро мавриди корбурд қарор додааст*:* ***раҳнавард***, (1 маротиба) ***кайҳоннавард*** (8 маротиба) ***гардуннавард*** (1 маротиба).

Ман дар ин раҳ ***раҳнавардии*** аввалин ё охирин не,
Дар миёни ибтидою интиҳо,
Чида-чида меравам гулҳои раҳро. [6, с.9].
Шоирони асри фатҳи осмон,
Ҷумла дар парвоз мебошанд бо ***кайҳоннавардон***. [6, .379].
Он яке гардунааш ***гардуннавард*** аст,
Сар ба гардун судааст. [6, с.148].

Варианти –вар Дар сарчашмаҳои илмӣ ҳамчун пасванди сифатсоз дарҷ шудааст. В. С. Расторгуева ҳамчун пасванди муштарак дар калимасозии исм ва сифат корбурд шудани ин морфемаро қайд кардааст: «Дар забони форсии миёна ин пасванд дар шакли var//ovar мавҷуд буда, барои калимасозии исму сифат хидмат мекунад» [10, с.36]. Муҳаққиқ Валиев Ҷ. бо морфемаи ***-вар*** дар осори Абдулҳамид Самад сохта шудани 9 калимаро ишора карда вобаста ба ифодаи маънои луғавии асосҳояшон гурӯҳбандӣ намудааст [1, с.38].

Мо бо ин пасванд аз ашъори адиб 13 калимаро ба қайд гирифтем, ки ба вазифаи исму сифат корбурд шудаанд: суханвар (с.100, 855, 894), донишвар (с.156, 539), забонвар (1262), ҳунарвар (459, 696), сарвар (26 маротиба), баҳравар (с.4, 544), шуълавар (7 маротиба), номвар (с. 94, 477, 1082), комвар (1082), камонвар (с.330), дидавар (с.987), шиновар (с. 464, 600), ҳақвар (с. 485, 987), ки ба вазифаи исму сифат корбурд шудаанд. Таҳқиқи маводди мавриди омӯзиш нишон медиҳад, ки маҳорати калимасозии адиб пайваста такмил ёфта, ба назари мо, вожаи ***забонвар***ро худи адиб сохта, вожаҳои комвар, дидавар ва ҳақварро аз таркиби луғавии забонамон моҳирона ва бамаврид истифода намудааст.

Дар диёри сухан ***суханвар*** нест,
Сӯхт ҳар кас, ки ошиқи сухан аст. [6, с.855].
Забон чӣ гуна густарӣ агар туӣ ***забонваре*****?**
Паём бар кӣ мебарӣ агар туӣ паямбаре? [6, с.1082].
Сталин гуфтам аз ҷони ***ҳунарвар***,
Ҳунар нокора буд, нокоратар шуд. [6, с.459].
Шиновар шав, биҷӯ з-он дурри ноёб,
Муборак бод ҳусни ҷовидонӣ.[6, с.600]
Як сухани бонамаки модарон,
Беҳ зи ҳама ҳикмати ***донишварон***. [6, с.156].
Омухт ба мардум ҳунари ***шуълавариро***,
Бо хасм ситезидану пирӯзгариро. [6, с.66].
Чун набуд ***дидаваре***, ҳақназаре бар дари халқ,
Барфу борони бало рехт ба фарқи сари халқ. [6, с.987].
Офарин ***номварон*** бар дари ин ***комварон***,
Офарин симу зарон дар бари ин хокираҳон [6, с.1082].

Бегунаҳ нест дар ин фоҷеа ҳар бегунаҳе,
Гунаҳашро бинамояд назари ***ҳақвари*** халқ [6, с. 987].

Хулоса, нақши калимасозӣ дар такмили таркиби луғавии забон хеле назаррас буда, инсонҳо дар масири асрҳо барои қонеъ кардани ниёзи худ аз қолибҳои ба шакл даромада истифода карда, вожаҳои зиёдеро тариқи вандҳо сохтаанд. Ин аст, ки вожасозӣ ҳамчун муҳимтарин василаи ғанӣ гаштани таркиби луғавии забон ба ҳисоб меравад. Махсусан, сохтани калимаҳо тавассути вандҳо аз воситаҳои асосии калимасозии забон мебошад. Чунонки аз маводди гирдоварда бармеояд, якчанд пасвандҳоеро, ки мо дар мақола мавриди омӯзиш қарор додем, сермаҳсул ва фаъол нестанд.

Дар мақолаи мазкур мо 10 пасвандҳоеро, ки дар забони адабии тоҷикӣ мавҷуд буда, каммаҳсул ва бемаҳсул дониста шудаанд ва дар осори Лоиқ Шералӣ корбурд гардидаанд ба мисли: ***-она (ёна), -акӣ, -када, ор, -гор, -ча, -вор, -ворӣ, -навард, -вар*** мавриди пажуҳиш қарор дода, таҳлил намудем.

Аз тадқиқи осори Лоиқ Шералӣ бармеояд, ки ӯ аз имконияти калимасозӣ бо унсурҳои каммаҳсулу бемаҳсул фаровон ва моҳирона истифода намуда, дар офаридани калимаҳои нав низ комёб шудааст ва ҳамин тавр дар рушди таркиби луғавии забонамон саҳми назаррас гузоштааст.

Адабиёт

1. *Валиев Ҷ. Калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад / Ҷ. Валиев. - Душанбе: 2024.-202с.*
2. *Граматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик //Ҷилди 1.Фонетика ва морфология.-Душанбе: Дониш 1985. -356 с.*
3. *Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика ва морфология. - Душанбе: Маориф, 1973. қисми 1: Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологии мактабҳои олӣ. – 464 с.*
4. *Калонова М. Пажуҳиши луғавӣ-маъноӣ ва сохтории вожагони забони тоҷикӣ дар назми асри XIV (дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Совақӣ) / М. Калонова. - Душанбе, 2024. – 418 с.*
5. *Касимов О. Деривация в «Шахнаме» Абулкасима Фирдавси. [текст] /О. Касимов.- Душанбе, 2006.-186с. С.44.*
6. *Лоиқ Ш. Куллиёти ашъор. / Ш. Лоиқ. – Душанбе, 2001*
7. *Лоиқ Ш. Куллиёт ҷилди 1. Ашъор./ Ш. Лоиқ. Адиб, 2008. - 560 с.*
8. *Низомова С. Ф. Калимасозии пасвандҳо дар забони адабии тоҷикӣ (дар асоси маводди насри бадеӣ ва публисистии С.Айнӣ) / С. Ф. Низомова. - Душанбе, 2021. – 145 с.*
9. *Пейсиков Л. Очерки по словообразованию персидского языка.[Текст] /Л. Пейсиков. - М., 1973. - 210 с.*
10. *Расторгуева В. С. Среднеперсидский язык. [Текст] / В. Расторгуева- М., 1966. - 160 с.*
11. *Рустамов Ш. Ба исм гузаштани сифат // Ш. Рустамов, Мактаби советӣ. 1970. №3.- С.114.*
12. *Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи торҷик // Ш. Рустамов.- Душанбе: Дониш, 1972. – 79 с.*
13. *Тоирзода А. Вожасозии исм дар осори Шамсиддин Шоҳин / А. Тоирзода. – Душанбе, 2025. - 180 с.*
14. *Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. - М.: Сов. Энцик., 1969. – 951 с.*
15. *Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. - М.: Сов. Энцик., 1969. – 947 с.*
16. *Хоркашев С. Калимасозии исм бо пасвандҳо //С. Хоркашев, Душанбе, Ирфон 2010.- 143 с.*
17. *Ҳусейнов Х. Забон ва услуби "Одина"-и устод Айнӣ / Х. Ҳусейнов. –Душанбе, Инфон, 1973, 254 с.*

ТАҲҚИҚИ ПАСВАНДҲОИ КАММАҲСУЛ ДАР ОСОРИ ЛОИҚ ШЕРАЛӢ

Аз таҳқиқи маводди осори Лоиқ маълум гардид, ки роҳи морфологии калимасозӣ ба воситаи пешванду пасвандҳо дар сохта шудани вожаҳо назаррас мебошад. Ҳадафи мақола аз он иборат аст, ки нақши вожасозӣ дар ғанӣ гардонидани таркиби луғавии забон муҳим буда, адиб Лоиқ Шералӣ дар осори худ тавонистааст аз анъанаҳои калимасозӣ ба таври фаровон корбурд намояд, инчунин бо истифода аз пешванду пасвандҳо дар сохтани калимаҳои зиёд муваффақ шудааст. Дар мақола мо даҳ пасвандҳои каммаҳсулеро, ки дар куллиёти адиб истифода гардида, дар корбурди унсурҳои луғавии морфологӣ ва рушду нумуи таркиби луғавии забон созгор мебошанд, мавриди пажуҳиш қарор додем. Дар забони тоҷикӣ гарчи нақши пасвандҳо дар калимасозии исмҳо фарох аст, вале аз тарафи дигар ҳамаи пасвандҳои калимасоз як хел мавқеъ надоранд. Қисми зиёди пасвандҳои исмсоз аз замонҳои пешин то ҳол нақши калимасозиашонро нигоҳ доштаанд ва ҳоло ҳам вожаҳои зиёд месозанд, вале баъзеии онҳо дар калимасозӣ хеле кам ба назар мерасанд. Бинобар ин, мо пасвандҳои каммаҳсулро вобаста ба дараҷа ва мавқеи истеъмолашон, ки барои сохтани исмҳо ба таври васеъ истифода мешаванд, аз ашъори устод Лоиқ Шералӣ баррасӣ намудем.

Калидвожаҳо: Лоиқ, забон, пасванд, калима, морфология, калимасозӣ, каммаҳсул, бемаҳсул, адиб, таҳқиқ.

ИССЛЕДОВАНИЕ МАЛОПРОДУКТИВНЫХ СУФФИКСОВ В ТВОРЧЕСТВЕ ЛОИКА ШЕРАЛИ

Исследование произведений Лоика Шерали показало, что морфологический способ словообразования с помощью префиксов и суффиксов играет значительную роль в формировании лексики. Цель статьи заключается в демонстрации важной роли словообразования в обогащении словарного состава языка. Поэт Лоик Шерали в своем творчестве умело использовал традиции словообразования и преуспел в создании множества новых слов с помощью аффиксации. В данной статье мы проанализировали десять малопродуктивных суффиксов, использованных в собрании сочинений поэта, которые способствуют функционированию морфологических элементов и развитию лексического состава языка. Несмотря на то, что в таджикском языке роль суффиксов в образовании существительных велика, не все словообразовательные суффиксы имеют одинаковый статус. Большинство суффиксов, образующих существительные, сохранили свою роль с древних времен и до сих пор активно участвуют в словообразовании, однако некоторые из них встречаются крайне редко. В связи с этим, мы рассмотрели малопродуктивные суффиксы из поэзии Лоика Шерали в зависимости от степени и сферы их употребления в образовании имен существительных.

Ключевые слова: Лоик, язык, суффикс, слово, морфология, словообразование, малопродуктивный, непродуктивный, литератор, исследование.

A STUDY OF LOW-PRODUCTIVITY SUFFIXES IN THE WORKS OF LOIQ SHERALI

The study of Loiq Sherali's literary heritage reveals that the morphological method of word formation through prefixes and suffixes plays a significant role in vocabulary creation. The purpose of this article is to highlight the crucial role of word formation in enriching the language's lexicon. The poet Loiq Sherali effectively utilized word-building traditions in his works and succeeded in creating numerous words using various affixes. In this article, we examined ten low-productivity suffixes found in the poet's collected works, which contribute to the use of morphological elements and the overall development of the language's vocabulary. Although suffixes play an extensive role in noun formation in the Tajik language, not all word-forming suffixes hold the same position. While many noun-forming suffixes have maintained their productive role since ancient times, some are now rarely encountered. Therefore, we analyzed these low-productivity suffixes in the poetry of Loiq Sherali, focusing on their usage and frequency in the formation of nouns.

Keywords: Loiq, language, suffix, word, morphology, word formation, low-productivity, non-productive, writer, research.

Дар бораи муаллиф
Нематова Дилафрӯз Амоновна
Омӯзгори кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: dilafruz@hotmail.com

Об авторе
Нематова Дилафруз Амоновна
Преподаватель общеуниверситетской кафедры таджикского языка
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: dilafruz@hotmail.com

About the author
Nematova Dilafruz Amonovna
Lecturer at the University-wide Department of the Tajik Language
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: dilafruz@hotmail.com

ТДУ 811.222.1'373.46:796

ДОИР БА ВОЖАИ «БОЗӢ» ҲАМЧУН ИСТИЛОҲИ СОҲАИ ВАРЗИШ ДАР МАТНИ ХАБАР

Раҳимов Н. Ё.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Калимаҳои аслии забони тоҷикиро муҳаққиқон ба замонҳои қадим мансуб медонанд. Чунин калимаҳо «пойдевори ҳастӣ» ва «асоси таркиби луғавӣ»-и забонамонро ташкил дода [6, с. 88; 5, с. 45], «аз ҷиҳати баромади таърихии худ, асосан, ба забонҳои ғарбии эронӣ баробар тааллуқ доранд» [4, с. 23] ва манбаи асосии ба вуҷуд омадани воҳидҳои нави луғавӣ дар забон ба ҳисоб рафта, дар ғанӣ гардидани таркиби луғавии забон нақши муҳим доранд. Онҳо «бо қабатҳои таърихии худ, хосиятҳои фарқкунандаи лингвистӣ ва мансубияти лексикию грамматикӣ» аз дигар вожаҳои таркиби луғавии забонамон фарқ мекунанд. Таркиби чунин калимаҳо «таърихан гуногун буда, дар байни онҳо баробари вожаҳои мансуб ба қабати ҳиндуаврупоӣ, калимаҳои умумиэронӣ ва сирф тоҷикиро мушоҳида кардан мумкин аст» [3, с. 161]. Муҳаққиқон миқдоран кам будани чунин калимаҳоро зикр намуда, умумиистеъмолию мафҳумҳои муҳимми ҳаётиро ифода намудан, решагию аз як ё ду ҳиҷо иборат будан, имкони зиёди калимасозӣ доштан ва устуворию пойдориро аз хусусиятҳои муҳимми чунин онҳо донистаанд [3, с. 162; 7, с. 76]. Хусусияти дигар калимаҳои аслӣ «дар он зоҳир мешавад, ки бештаринашон дар забонҳои дигари эронӣ бо баъзе тағйироти овозӣ дучор мешаванд» [8, с. 16].

Ҳангоми таҳқиқи истилоҳоти соҳаи варзиш, пеш аз ҳама, пажуҳишу баррасии истилоҳоти аслии тоҷикӣ дар ин соҳа амри воқеӣ мебошад, зеро чунин калимаҳо ҷавҳари асосии забонро ташкил дода, ҳамчун захираи фаъоли луғавӣ аз дигар воҳидҳои луғавии забон бо серистеъмол буданашон фарқ мекунанд, «асоси калимасозии забонро ташкил дода аз нигоҳи тобишҳои услубию маъноӣ низ ғанӣ ҳастанд» [10, с. 25; 11, с. 24]. Албатта, калимаҳои аслӣ ба истилоҳи соҳаи варзиш табдил ёфта, сермаъноӣ, хусусият ва тобишу ҷилоҳои услубиеро, ки ҳамчун калимаи умумиистеъмоли забон доро мебошанд, аз даст медиҳанд. Баъзан онҳо ҳатто аз маъноҳои умумиистеъмоле, ки дар забон доранд, дур мегарданд ва бо ин маъноҳои худ муносибати омонимӣ зоҳир намуда, танҳо барои ифодаи мафҳумҳои мушаххаси соҳаи варзиш ба кор бурда мешаванд [6, с. 142]. Дар ин пажуҳиши илмӣ мехостем, дар бораи мавқеи калимаи аслии умумиисеъмоли бозӣ ҳамчун истилоҳи соҳаи варзиш дар матни хабар андеша баён намоем

Бозӣ ҳамчун калиами аслӣ умумиистеъмол буда, дар луғат ба маънои «саргармӣ бо чизе, машғулияти хурсандиовар, машғулияти шавқу ҳавасангез ҳамчун қиморбозӣ, шатранҷбозӣ ва ғ., машғулияти ғайриҷиддӣ; 2. ҳила, фиребу найранг; кори аҷиб; 3. маҷ. ҳаракат, ҷунбиш, рақс» [13, с. 197], «машғулияти шавқу ҳавасангез ё амали дигар барои андармонӣ, дамгирӣ ва ё мусобиқа (аз қабили шоҳмотбозӣ, билиярдбозӣ, теннисбозӣ, лухтакбозии бачагон ва ғ.); 2. иҷрои нақш дар филму теарту сирк; ҳунарнамоӣ; 3. маҷ. ҳаракат, ҷунбиш; 4. маҷ. рақс, усул; 5. маҷ. ҳила, найранг; фиреб; 6. ҳазл, шӯхӣ; 7. маълум кардан ва баровардани бурдҳо ба вомбарг ва лоторея (ба воситаи қуръакашӣ ва ғ.)» [14, с. 219] шарҳ дода шудааст. Ин вожа ҳамчун истилоҳи варзиш бо калимаи мусобиқа хусусияти синонимӣ зоҳир карда, ба маънои «ба ягон навъи варзиш шуғл варзидан» кор фармуда мешавад, аммо ҳар дуи ин истилоҳ дар соҳаи варзиш ҳамеша ҳамдигарро иваз карда наметавонанд. Бозӣ одатан дар гурӯҳи варзишҳои даставӣ, ки тавассути навъҳои мухталифи тӯб ё шайба ҷараён мегиранд, корбаст мешавад. Ба монанди: бозии футбол, бозии волейбол, бозии теннис, бозии хоккей ва ғайра. Корбасти калимаи мусобиқа дар хелҳои варзиши тан ба тан, анвои мухталифи пойга ва монанди инҳо роиҷ мебошад: мусобиқаи гӯштин, мусобиқаи аспдавонӣ, мусобиқаи бокс [15, с. 369; 16, с. 37-38]:

Ин бозӣ дар доираи даври 5-уми Лигаи дуюми қаҳрамонҳои Осиё дар гурӯҳи «D» сурат гирифта, бо натиҷаи 4:0 ба фоидаи меҳмонон анҷом ёфт [1, 27 ноябр].

Ҳамчун истилоҳи соҳаи варзиш калимаи бозӣ аз маънои умумиистеъмоли худ дур нарафтааст, балки инкишофи маъно кардааст. Бозӣ аз ҷумлаи истилоҳотест, ки ба воситаи он ибораистилоҳоти зиёд сохта мешавад. Дар ин мавриди он ҳамчун муайяншаванда маънои мушаххас мегирад ва матлаб дақиқтару возеҳтар ифода меёбад. Аз ҷумла, дар маводди мавриди таҳқиқи мо бо калима бозӣ чунин ибораистилоҳот ба назар расиданд:

Бозии ҷавобӣ. Чунин навъи мусобиқаест, ки баъди мусибиқаи якуми байни дастаҳо доир мегардад. Одатан, агар бозии аввал дар варзишгоҳи яке аз дастаҳо сурат гирад, бозии ҷавобӣ дар варзишгоҳи дастаи рақиб баргузор мешавад. Дар бозии ҷавобӣ бартарии байни ду даста беҳтару бештар аён мегардад:

«Истиқлол» дар бозии ҷавобӣ ҳам аз «Ан-Наср» шикаст хӯрд, вале умед барои гузаштан ба даври дигар ҳаст [1, 27 ноябр].

Бозии ниҳоӣ ё бозии финалӣ. Бозии охирини мусобиқаи варзишӣ бо мақсади муайян кардани ғолиби мутлақ чунин ном бурда мешавад. Дар он ду даста (ду варзигар ё иштирокчӣ)-е, ки дар тамоми марҳилаҳои қаблӣ иштирок намуда ғолиб омадаанд, мусобиқа менамоянд. Дар бозии ниҳоӣ маълум мегардад, ки унвони асосии мусобиқа (чемпион ё қаҳрамони мусобиқа)-ро кӣ соҳиб мешавад. Маҳз соҳиб шудан ба чунин унвон мусобиқаро ниҳоят шиддатнок намуда, ба воқеаи ниҳоят муҳим табдил медиҳад. Ба ибораи дигар, бозии финалӣ ё ниҳоӣ бо мақсади муайян намудани чемпиони мусобиқа доир гардида, даври ниҳоии мусобиқа ба ҳисоб меравад. Дар он ду даста ё ду варзишгари беҳтарин иштирок менамоянд. Онро бозии ҳалкунанда ё тақдирсоз низ меноманд:

Бозии ниҳоии Ҷоми Тоҷикистон-2025 имрӯз, 10 декабр, соати 18:00 дар Маҷмааи варзишии Кумитаи андози шаҳри Душанбе баргузор мегардад [2, 10 декабр]; Дар бозии финалии Мусобиқаи кушоди ҷумҳуривӣ оид ба волейбол дар ноҳияи Восеъ дастаҳои «Регар ТадАЗ»-и шаҳри Турсунзода ва шаҳри Душанбе бо ҳам рақобат карданд, ки дастаи волейболбозони «Регар ТадАЗ»-и шаҳри Турсунзода бар дастаи шаҳри Душанбе ғолиб омада, сазовори Ҷоми Ваҳдати миллӣ ва Шоҳҷоиза — автомобили тамғаи «Мерседес-бенз» гардиданд [2, 10 декабр].

Бозии интихобӣ. Мусобиқае мебошад, ки бо мақсади интихоби беҳтарин варзишгарон, даста ё иштирокчиён барои ширкат дар мусобиқа ё даври асосӣ ва ё мусобиқаи сатҳи нисбатан баланд баргузор мегардад. Мақсади асосии чунин бозиҳо муайян намудани варзишгарон ё дастаҳои беҳтарин ба мусобиқаи сатҳи баланд ва барканор кардани онҳое, ки ба меъёрҳо мувофиқ настанд, аз иштироки минбаъда ба ҳисоб меравад. Масалан, бозиҳои интихобии Чемпионати ҷаҳон оид ба футбол чунин бозиҳое мебошанд, ки байни дастаҳо бо мақсади ба даст овардани ҳуқуқи иштирок дар қисми ниҳоии мусобиқа, доир карда мешавад:

Конфедератсияи футболи Осиё кишварҳоеро, ки бозиҳои интихобии Ҷоми футзали Осиё-2026-ро мизбонӣ мекунанд, эълон намуд [2, 14 июн].

Бозиҳои олимпӣ. Дар соҳаи варзиш маҷмуи мусобиқаҳои калонтарин байналмилалӣ ба ҳисоб рафта, дар чор сол як маротиба зери роҳбарии Кумитаи байналмилалии олимпӣ доир мешаванд. Медалу ҷоизаҳои дар Бозиҳои олимпӣ бадастовардаи варзишгарон, комёбии беназири соҳаи варзиш маҳсуб меёбанд. Анъанаи доир гардидани Бозиҳои олимпӣ аз Юнони Қадим ҳамчун ҷузъи фарҳанги динӣ сарчашма гирифтааст. Ин бозиҳо дар мавзеи Олимп, ки барои юнониҳо муқаддас диниста мешуд, бапо мегардиданд. Номи бозиҳо низ ба шарафи ҳамин мавзеи муқаддас ниҳода шудааст. Аз ҷумла, дар даврааи аз соли 776-и пеш аз мелод то соли 393-и мелодӣ 292 Олимпиада баргузор шудааст. Олимпиадаи 293-юм аз тарафи императори Рим Феодоси I барҳам дода шуда, баргузории чунин бозиҳо ҳамчун чорабинии, ки хусусияти бутпарастӣ дошт, мамнуъ эълон мегардад. Дар охирҳои асри XIX бо ташаббуси ходими ҷамъиятии Фаронса Пйер де Кубертен Бозиҳои муосири олимпӣ аз нав эҳё карда шудаанд. Дар замони имрӯза Бозиҳои олимпӣ ду хел мешаванд: Бозиҳои тобистонаи олимпӣ, ки дар чор сол як маротиба аз соли 1896 инҷониб (ба истиснои солҳои ҷангҳои ҷаҳонии якум ва дуюм) баргузор мешаванд. Бозиҳои зимистонаи олимпӣ соли 1924 ташкил карда шудаанд, ки аввал дар ҳамон соли доир гардидани Бозиҳои тобистонаи олимпӣ ташкил карда мешуданд. Баъдан аз соли 1994 замони баргузории Бозиҳои зимистонаи олимпӣ нисбат ба Бозиҳои тобистонаи олимпӣ ду сол қафо бурда шуд [9]:

Яке аз дастовардҳои бузурги варзишгарони тоҷик дар соли гузашта се медали биринҷӣ дар Бозиҳои олимпии Порис буд [2, 14 июн].

Бозиҳои паралимпӣ. Мусобиқаҳои варзишии сатҳи байналмилалӣ барои шахсони маҷруҳро чунин меноманд. Мувофиқи таомул ин навъи бозиҳо пас аз Бозиҳои олимпӣ доир мешаванд. Аз соли 1988 инҷониб Бозиҳои паралампӣ дар ҳамон муассисаҳои варзишие ба роҳ монда мешаванд, ки Бозиҳои олимпӣ доир гардидаанд. Дар ин бора байни Кумитаи байналмилалии олимпӣ ва Кумитаи байналмилалии паралимпӣ аз соли 2001 созишномаи дахлдор низ имзо шудааст. Бозиҳои тобистонаи паралимпӣ аз соли 1960 ва Бозиҳои зимистонаи паралимпӣ аз соли 1976 доир мешаванд. Баргузории чунин бозиҳо бо номи нейрохирурги англис Людвиг Гуттман алоқаманд аст, ки одатҳои садсолаҳои боқимондаро

нисбат ба чунин шахсон аз байн бурда, варзишро ба ҷараёни офият ёфтани шахсоне, ки бемории ҳароммағз азият мекашиданд, ворид намуд:

Бозиҳои паралимпии Осиё бо шаҳомати хосса ифтитоҳ ёфта, имсол дар онҳо зиёда аз 1 500 варзишгар аз 35 давлат дар 11 намуд... иштирок доранд [2, 14 июн].

Бозии дӯстона. Чунин чорабинии варзишие мебошад, ки берун аз доираи мусобиқоти нақшавӣ (зӯрозмоӣ, чемпионат, ба даст овардани кубок ва амсоли ин) баргузор мегардад. Барои иштирокчиёни бозии дӯстона – варзишгарони алоҳида ё дастаҳо натиҷа муҳим нест, зеро он ба мавқеи варзишгар ё даста ба ҷадвали рейтингӣ ягон таъсир намерасонад. Бозиҳои дӯстона одатан дар навъҳои даставии варзиш бозиҳои тамринӣ ба ҳисоб меравад. Онҳо ба мураббиён барои интихоби бозигарон қабл аз мусобиқаҳои асосӣ имкон фароҳам меоранд. Барои дастаҳои мунтахаб, ки аъзои онҳо дар дастаҳои мухталиф бозӣ мекунанд, барои ба ҳамдигар дуруст бозӣ кардани бозигарон имкон фароҳам меоранд. Бозиҳои дӯстонаи варзишӣ бо мақсади ба даст овардани маблағ, дастгирии ягон соҳаи варзиш ва бо ниятҳои хайриявӣ доир гардида метавонанд [11]:

Рӯзи 22 май дар Варзишгоҳи марказии Душанбе байни собиқадорони футболи Тоҷикистон ва Русия бозии дӯстона баргузор шуд [1, 23 май].

Бозии плей-офф (аз англисии play-off – «бозӣ барои хориҷ шудан ё тарк кардани мусобиқа»). Марҳилаи ҳалкунандаи мусобиқаи варзишӣ ба ҳисоб меравад, ки дар мавсими муқаррарӣ аз рӯйи системаи олимпӣ доир мегардад: мағлуб мусобиқаро тарк менамояду ғолиб онро давом медиҳад. Ҳамин тавр, мусобиқа то муайян гардидани чемпион идома меёбад. Чунин тарзи бозӣ шиддатнокии мусобиқаҳоро таъмин намуда, дар бисёр навъҳои варзиш, ба монанди хокей, футбол, баскетбол ва ғайра истифода мегардад:

«Регар-ТадАЗ»-и шаҳри Турсунзода – дорандаи Ҷоми Тоҷикистон-2024 рақобати худро аз бозии плей-офф барои роҳ ёфтан ба ҷадвали асосии мусобиқа бо дастаи “Аҳал”-и Туркманистон оғоз мекунад [1, 10 июн].

Калимаи бозӣ бо номи навъҳои мухталифи варзишҳои даставӣ низ истифода шуда, иборaистилоҳ месозад. Агар дар танҳоӣ он маънои нисбатан умумиро ифода намояд, бо навъҳои варзиш ҳамчун муайяншаванда омада, маънои мушаххас мегирад. Ба монанди бозии футбол, бозии волейбол, бозии баскетбол, бозии теннис ва ғайра:

Бар асоси омори ФИФА, шумораи онҳое, ки дар ҷаҳон фаъолона ба бозии футбол машғуланд, беш аз 265 миллион марду занро ташкил медиҳад [2, 22 май]; Маҷмуи майдончаҳо аз майдони бозии волейбол барои синфҳои поёнӣ, майдони бозии волейбол барои синфҳои болоӣ, майдонча барои баргузории дарси омодагии дифои ҳарбӣ ва майдони замонавии футболи хурд бо сабзаи сунъӣ иборат буда, бо маблағгузории мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Истаравшан ва дастгирии кумитаи падару модарон дар давоми як сол бунёд карда шуд [2, 22 май]; Бозии теннис барои беҳтар кардани кори чашм низ воситаи асосӣ ба ҳисоб меравад [2, 16 сентябр].

Илова бар ин, бо пасванди -гар аз калимаи бозӣ истилоҳи бозигар (бозингар) офарида шудааст. Дар забони адабиёти классикӣ низ ин калима дар шакли бозигар истифода мешудааст. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» низ дар ҳамин шакл ҷой дода шуда, «он кӣ дар ягон бозӣ маҳорат дорад, монанди дорбоз, шатранҷбоз ва ғ., бозингар» [13, с. 195] маънидод гардидааст. Ҳамчун истилоҳи соҳаи варзиш бозигар ё бозингар ба маънои «шахсе, ки дар ягон бозии варзиш маҳорат дорад» [15, с. 370-371; 16, с. 38-39] ба кор бурда мешавад. Он дар матни хабарҳо дар ҳар ду шакл ба назар мерасад:

Соли 2025 ҳар дастаи Лигаи олӣ метавонад ҳадди аксар ҳафт бозигари хориҷиро бо дархости худ ворид кунад, аммо танҳо панҷ легионер дар як вақт имкон дорад дар майдон бошад [2, 03 январ]; Дар яке аз шаҳр ё ноҳияи (? – ноҳияҳои) Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон барои тарбия ва омодагии бозингарони ҷавон Академияи футбол бунёд мешавад [2, 04 феврал].

Шояд саволе ба миён ояд, ки барои чӣ калимаи бозигар дар забони адабии муосири тоҷик дар шакли бозингар роиҷ гардидааст? Ба андешаи мо, ин хусусияти сирф фонетикӣ буда, бо мақсади осон гудани талаффуз сурат мегирад, зеро калимаи бозӣ бо садоноки [ӣ] тамом мешавад ва баъди ин садонок талаффузи ҳамсадои [г], ки пасванди -гар бо он сар мешавад, мушкил мебошад. З-ин рӯ, барои осонии талаффуз дар байни калимаи бозӣ ва пасванди -гар ҳамсадои [н] гузошта шуда, он дар шакли бозингар қобили истеъмол шудааст. Бозингар ё бозигар бо баъзе тобишҳои маъноӣ бо варзишгар ҳаммаъно бошад ҳам, ин ду калима ҳамдигарро пурра иваз карда наметавонанд, зеро мавҳуми ифодакунандаи варзишгар

нисбатан васеъ мебошад, бозингар ба мисли бозӣ танҳо дар хелҳои даставии варзиш, ки тӯб ё шайба ҷараён мегиранд, қобили истифода буда метавонад.

Ҳамчунин, аз калимаи бозӣ бо феъли ёвари кардан истилоҳи таркибии бозӣ кардан сохта мешавад, ки ба маънои «ба варзиш машғул шудан, ҳунари варзишии худро нишон додан, мусобиқа кардан» истеъмол мегардад:

Дар дақиқаҳои иловагӣ яке аз футболбозони тоҷик дар майдончаи ҷаримавӣ бо даст бозӣ кард ва барои ин довар ба дарвозаи тими Тоҷикистон зарбаи ёздаҳметрӣ таъин намуд [1, 15 апрел].

Аз баррасии мисолҳо чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки калимаи умумиистеъмоли бозӣ на танҳо дар соҳаи варзиш ҳамчун истилоҳ ба кор бурда мешавад, балки дар офаридани истилоҳти сохтаву ибораистилоҳот нақши муҳим дорад.

Адабиёт

1. *Агентии иттилоотии "Азия-Плюс", соли 2025 [Манбаи электронӣ]. – URL: https://asiaplustj.info/ (санаи мурочиат: 10.03.2026).*
2. *Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон "Ховар", соли 2025 [Манбаи электронӣ]. – URL: https://khovar.tj/lenta-novostey/ (санаи мурочиат: 09.03.2026).*
3. *Бобомуродов, Ш., Мухторов, З. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ / Ш. Бобомуродов, З. Мухторов. – Душанбе: 2016. – 428 с.*
4. *Забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1982. Қ. 1. – 464 с.*
5. *Кабиров, М., Воҳидов, А. Забони адабии ҳозираи тоҷик / М. Кабиров, Воҳидов, А. – Самарқанд, 2010. – 160 с. – С. 45*
6. *Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе: Деваштич, 2007. – Ҷ. 1. – 244 с.*
7. *Мирзоева, М. М., Абдуллаева, М. М. Исконные слова в заголовках таджикской и английской прессы / М. М. Мирзоева, М. М. Абдуллаева // Вестник Педагогического университета. – Душанбе, 2019. – №5 (82). – С. 72-77.*
8. *Мухторӣ, Қ. Хусусиятҳои луғавию услубии ашъори Рӯдакӣ / Қ. Мухторӣ. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 130 с.*
9. *Олимпийские игры [Электронный ресурс] – URL: https://ru.wikipedia.org/wiki (режим доступа: 18.01.2026)*
10. *Сафаров, Ҳ. О. Хусусиятҳои луғавию грамматикии сарлавҳа дар рӯзнома (дар асоси маводди матбуоти солҳои 2000-2013). Дисс... номз. илм. филол. / Ҳ. О. Сафаров. – Душанбе, 2014. – 172 с.*
11. *Сафаров, Х. О. Стилистические особенности заголовка в газете / Х. О. Сафаров. – Душанбе: Пойтахт, 2017. – 180 с.*
12. *Товарищеский матч [Электронный ресурс] – URL: https://ru.wikipedia.org/wiki (режим доступа: 18.01.2026).*
13. *Фарҳанги забони тоҷикӣ. Дар зери таҳрири М. Ш. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Ҳошим, Н. А. Маъсумӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ. 1. – 962 с.*
14. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Тартибдиҳандагон С. Назарзода, А. Сангинов, Р. Ҳошим, Ҳ. Рауфзода. Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М. Ҳ. Султон. – Душанбе, 2008. – Ҷ. 1. – 950 с.*
15. *Ҷумъаев. М. Баъзе ҷанбаҳои ташаккули истилоҳоти тоҷикиасли соҳаи варзиш дар забони матбуот / М. Ҷумъаев / Осор. – Душанбе: Ирфон, 2015. – С. 359-381.*
16. *Ҷумъаев. М. Баъзе масъалаҳои забони матбуот / М. Ҷумъаев. – Душанбе: Аржанг, 2016. – 164 с.*

ДОИР БА ВОЖАИ «БОЗӢ» ҲАМЧУН ИСТИЛОҲИ СОҲАИ ВАРЗИШ ДАР МАТНИ ХАБАР

Дар пажӯҳиши илмӣ роҷеъ ба калимаи аслии тоҷикии бозӣ ҳамчун истилоҳи соҳаи варзиш сухан меравад. Таъкид карда мешавад, ки калимаҳои аслӣ ба истилоҳи соҳаи варзиш табдил ёфта, сермаъноӣ, хусусият ва тобишу ҷилоҳои услубиеро, ки ҳамчун калимаи умумиистеъмоли забон доро мебошанд, аз даст медиҳанд. Аз он ҷумла, вожаи бозӣ ҳамчун истилоҳи соҳаи варзиш муродифи калимаи мусобиқа ба кор бурда шуда, маънои «машғул шудан ба ягон навъи варзиш»-ро ифода менамояд, вале ин ду истилоҳ дар варзиш на ҳамеша ҳамдигарро иваз карда метавонанд. Бозӣ одатан дар варзишҳои даставӣ, ки бо анвои мухталифи тӯб ё шайба ҷараён мегиранд истифода мешавад. Дар варзишҳои тан ба тан, навъҳои мухталифи пойга ва амсоли инҳо одатан калимаи мусобиқаро ба кор мебаранд. Ба андешаи муаллиф, ҳамчун истилоҳи соҳаи варзиш калимаи бозӣ аз маънои умумиистеъмоли худ дур нарафтааст, балки инкишофи маъно кардааст. Бозӣ аз ҷумлаи истилоҳотест, ки ба воситаи он ибораистилоҳоти зиёд сохта мешавад. Аз баррасӣ чунин натиҷа ҳосил мегардад, ки

калимаи умумиистеъмоли бозӣ на танҳо дар соҳаи варзиш ҳамчун истилоҳ ба кор бурда мешавад, балки дар офаридани истилоҳти сохаву ибораистилоҳот нақши муҳим дорад.

Калидвожа: забон, таркиби луғавии забон, калимаҳои аслӣ, калимаи умумиистеъмол, тобишҳои услубӣ, бозӣ, мусобиқа, чорабинии варзишӣ.

О СЛОВЕ «БОЗӢ» («ИГРА») КАК СПОРТИВНОМ ТЕРМИНЕ В НОВОСТНЫХ ТЕКСТАХ

В научном исследовании речь идет о таджикской исконной лексеме «бозӣ» («игра») как спортивного термина. Подчеркивается, что исконные слова, превращаясь в спортивные термины, утрачивают свою многозначность, специфику и стилистические оттенки и окраски, которыми они обладали как общеупотребительные слова в языке. В частности, слово «бозӣ» («игра») используется в спорте как синоним слова «мусобиқа» («соревнование»), означающего «заниматься каким-либо видом спорта», но в спорте эти два термина не всегда взаимозаменяемы. Слово «бозӣ» («игра») обычно используется в командных видах спорта, в которых используются различные виды мячей или шайб. В единоборстве, парных видах спорта, различных видах гонок и тому подобном обычно используется слово «мусобиқа» («соревнование»). По мнению автора, слово «бозӣ» («игра») в спортивной сфере не вышло за рамки своего общеупотребительного смысла, а, наоборот, расширило свое значение. «Бозӣ» («игра») – один из терминов, посредством которого образуется множество терминов в виде словосочетания. В результате анализа делается вывод, что общеупотребительное слово «бозӣ» («игра») не только широко применяется в спортивной сфере как термин, но и играет важную роль в формировании производных терминов и терминов-словосочетаний.

Ключевые слова: язык, лексический состав языка, исконные слова, общеупотребительное слово, стилистические оттенки, игра, соревнование, спортивное мероприятие.

ABOUT THE WORD "BOZI" ("GAME") AS A SPORTS TERM IN NEWS TEXTS

The research examines the Tajik original lexeme "bozi" ("game") as a sports term. It emphasizes that, when transformed into sports terms, original words lose their ambiguity, specificity, and the stylistic nuances and connotations they possessed as commonly used words in the language. In particular, the word "bozi" ("game") is used in sports as a synonym for the word "musobiqa" ("competition"), meaning "to engage in some kind of sport", but in sports, these two terms are not always interchangeable. The word "игра" is typically used in team sports that use various types of balls or pucks. In martial arts, paired sports, various types of racing, and the like, the word "musobika" ("competition") is commonly used. According to the author, the word "bozi" ("game") in sports has not gone beyond its common usage but, on the contrary, has expanded its meaning. "Bozi" ("game") is one of the terms that forms many other phrases. The analysis concludes that the commonly used word "bozi" ("game") is not only widely used in sports as a term but also plays an important role in the formation of derivative terms and phrases.

Keywords: language, vocabulary of the language, native words, common word, stylistic nuances, concept, game, competition, sporting event.

Дар бораи муаллиф
Раҳимов Нарзулло Ёқубович
Муаллими калони кафедраи мутолеоти аврупоӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17
E-mail: mehriob@mail.ru

About the author
Rakhimov Narzullo Yakubovich
Senior Lecturer, Department of European Studies
Tajik National University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue, 17
E-mail: mehriob@mail.ru

Об авторе
Рахимов Нарзулло Якубович
Старший преподаватель кафедры европейских исследований
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе проспект Рудаки, 17
E-mail: mehriob@mail.ru

ТДУ 82/89+802.0

МУҚОИСАИ ШАКЛҲОИ ХУРДИВУ НАВОЗИШ ДАР СИСТЕМАИ СИФАТҲОИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, ВАХОНӢ ВА АНГЛИСӢ

Мансурова Ф. М.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садридин Айнӣ

Муқаддима. Дар забоншиносии муосир омӯзиши категорияҳои грамматикӣ ва семантикӣ дар заминаи муқоисавии забонҳои гуногуннизом яке аз самтҳои азалиятнок ба шумор меравад. Дар забонҳои мавриди таҳқиқ категорияи **хурдиву навозиш** на танҳо хусусияти забонӣ, балки ҷанбаҳои амиқи фарҳангӣ ва равониро низ дар бар гирифта, омӯзиши ин категория дар мисоли забони **тоҷикӣ** (ҳамчун забони давлатӣ ва адабӣ), забони **вахонӣ** (ҳамчун яке аз забонҳои қадимаи эронии шарқӣ) ва забони **англисӣ** (ҳамчун забони типи германӣ ва байналмилалӣ) имкон медиҳад, ки қонуниятҳои муштарак ва тафовутҳои ҷолиби ин забонҳо ошкор карда шаванд.

Махсусан, дар системаи сифатҳо ифодаи тобишҳои маъноии хурдӣ, навозиш, эҳтиром ва ё баръакс воситаи муҳимми ғанӣ гардонидани захираи луғавии забонҳои мавриди таҳқиқ ва ифоданокии нутқ ба ҳисоб меравад. Дар хусуси сифатҳои ифодакунандаи хурдиву навозиш як қатор олимони ватаниву хориҷӣ таҳқиқотҳои илмӣ анҷом додаанд, ки якчандтои онҳоро дар зер ёдовар мешавем.

Ш. Ниёзӣ дар асари хеш «Исм ва сифат», С. Ҳалимов ва К. Шукурова дар асари «Забони адабии ҳозири тоҷик», Б. Ниёзмуҳаммадов дар асари хеш «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» ва дигарон дар осори хеш бахшида ба грамматикаи забони тоҷикӣ оид ба калимасозии сифат, махсусан шаклҳои хурдию навозиши он қайдҳои ҷолиби диққат намудаанд.

Маводҳо ва усулҳои таҳқиқот. Дар хусуси маводди таҳқиқот мо дар мақолаи хеш якчанд сарчашмаҳои маводди тадқиқотиро истифода бурда, дар натиҷаи кори хеш муаян намудем, ки онҳо ба ду навъи зерин тақсим шудаанд.

Якум ин истифодаи бевоситаи осори бадеӣ буда, намунаҳо аз адабиёти муосири тоҷик ба монанди осори Садриддин Айнӣ: Ғуломон, Одина, Духтари оташ, Шодӣ-и Ҷалол Икромӣ, Одамони ҷовид, Ҳикояҳо-и Раҳим Ҷалил ва тарҷумаи онҳо ба забонҳои англисӣ ва вахонӣ.

Дар осори бадеии дар боло номбаршуда муаллифони он барои ҳарчи зебову рангоранг гардонидани нутқи хеш ва образнок кардани осори гаронбаҳои хеш аз зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ ва сифатҳои ифодакунандаи хурдию навозиш фаровон истифода бурдаанд, ки мо баъзеи онҳоро дар мақолаи хеш дар шакли муқоисавӣ таҳлилу баррасӣ кардаем.

Дуюм аз луғату фарҳангҳо ба таври фаровон истифода намуда, аз Фарҳанги забони тоҷикӣ ва фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, аз луғати вахонӣ-русӣ-тоҷикӣ-и С.Стеблин – Каменский ва ҳамчунин аз луғатҳои этимологӣ ва истилоҳии забони англисӣ (*Oxford English Dictionary*, *Merriam-Webster*).

Оид ба усулҳои таҳқиқот бошад қайд карданием, ки дар ҷараёни кори мазкур маҷмуи усулҳои муосири забоншиносӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки якчандтои онҳоро дар зер қайд мекунем:

Масалан «**Усули муқоисавӣ-типологӣ»:** ин усули асосиест, ки барои ошкор кардани мувофиқатҳо ва тафовутҳо дар сохтори шаклҳои хурдиву навозиши сифатҳо байни се забон хизмат мекунад. Ҳангоми таҳлилу баррасии сифатҳои ифодакунандаи хурдию навозиш дар забони тоҷикӣ имкони муқоисаи онҳоро ба даст оварда, баъзе тафовутҳои морфологии онҳоро дар кори хеш нишон додем.

Усули таҳлили морфологӣ: усули таҳлили морфологӣ бошад, барои ҷудо кардани пасвандҳои калимасоз ва муайян кардани тарзи пайвастшавии онҳо ба асоси сифат мебошад. Семантикаи сифатҳои ифодакунандаи хурдию навозиш дар забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ва вахонӣ муқоиса карда шуда, таҳлилу баррасӣ карда шудаанд.

Усули тасвирӣ (дескриптивӣ): Барои шарҳу тавзеҳи ҷанбаҳои маъноии сифатҳои хурдиву навозиш дар заминаи контекстҳои гуногун.

Усули таҳлили этимологӣ: ин усул бошад барои муайян кардани пайдоиши баъзе пасвандҳои муштараки тоҷикӣ ва вахонӣ ва муқоисаи онҳо бо решаҳои забони англисӣ. Дар вақти таҳлилу баррасии ин қисмат ба мо маълум гардид, ки аксарият пасвандҳои ифодакунандаи хурдию навозиш дар забони вахонӣ аз забони тоҷикӣ сарчашма мегиранд.

Натиҷаҳо ва муҳокима. Ҳангоми омӯзиш ва таҳқиқи муқоисавии шаклҳои хурдиву навозиши сифатҳои забонҳои тоҷикӣ, вахонӣ ва англисӣ натиҷаҳои таҳқиқот нишон дод, ки ҳар се забонҳои мавриди таҳқиқ дорои имкониятҳои фарохи ифодаи хурдиву навозиш буда, вале тарзи ифодаи онҳо аз ҳамдигар фарқ мекунад:

Дар забони тоҷикӣ: Воситаи асосии ифодаи хурдиву навозиш ин пасвандҳои «**-ак»** ва «**-ча»** буда, пасванди «**-ак»** бештар хусусияти навозишӣ ва эҳсосӣ дошта, дар ҳоле ки пасванди «**-ча»** бештар ба андозаи ашё ва предмет ишора мекунад. Муҳаққиқ Маликов А. дар хусуси калимасозии сифат ва сифатҳои ифодакунандаи хурдиву навозиш дар яке аз мақолаҳои хеш маълумоти ҷолиби диққат дода, тафовути онҳоро дар забонҳои тоҷикию форсавӣ нишон додааст.

Дар забони вахонӣ: Системаи пасвандҳои хурдиву навозишсоз бо сабаби қадима будани забон гуногунранг буда, пасвандҳои «**-әк»** ва «**ӯк»** (масалан, дар сифатҳои тавсифкунандаи ранг ва ҳаҷм) нақши калидӣ мебозанд. Ҳангоми гузаронидани таҳқиқот доир ба мавзуи мазкур мушоҳида гардид, ки дар забони вахонӣ шаклҳои хурдиву навозиш бештар дар нутқи шифоҳӣ ва фолклор маҳфуз мондаанд.

Дар забони англисӣ: дар забони англисӣ бархӯрд бештар **аналитикӣ** буда, гарчанде пасвандҳои «**-ish»** (*reddish* — сурхчатоб) ва «**-y/-ie»** (*sweetie, dearie*) мавҷуданд, аксаран истифодаи калимаҳои ёридиҳандаи *little, tiny, small* дар якҷоягӣ бо сифат афзалият дошта метавонанд.

Сифат ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ дар забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ва вахонӣ дорои хусусиятҳои семантикӣ-маънои, сарфӣ ва наҳвӣ буда, дар забонҳои номбурда бо исм алоқаи зич дорад. Агар дар забонҳои фавқуззикр исм предмет ва ё ашёро ифода кунад, сифат ҳамчун ифодагари чигунагии исмҳо хизмат мекунад.

Таҳқиқ ва пажуҳиши сифат дар забонҳои тоҷикӣ, вахонӣ ва англисӣ диққати як қатор олимони ватанию хориҷиро ба худ ҷалб намудааст. Оид ба масоили мазкур саҳми як қатор забоншиносон ба монанди Рубинчик Ю. А., Берёзин И.Н., Расторгуева В. С., Бертельс Е.Э., Жирков Л., Рустамов Ш., Маъсуми Н., Ниёзӣ Ш., Бернс А.С., Раҳим А., Томашек В., Гейгер В., Зарубин И. ва дигарон назаррас мебошад.

Таҳқиқи сифат дар забони тоҷикӣ таърихи пурғановати хушро доро буда, дар ин хусус аввалин мулоҳизаҳо ба нимаи асри XIX тааллуқ дошта, дар ин хусус Берёзин И.Н. қайд менамояд, ки бо исм танҳо сифатҳои аслӣ ва баъзан вақт сифатҳои мураккаб омада метавонанд.

Дар забони вахонӣ бошад аз ҷониби забоншинос Берн А.С. дар нимаи аввали асри XIX (аниқтараш соли 1835) аввалин мулоҳиза атрофи таҳқиқоти сифат пайдо шуда, дар такмили минбаъдаи морфологияи забони вахонӣ барои забоншиносон А. Раҳим (дар соли 1866), Р.Шоу (дар соли 1876), Томашек В., Гейгер В. ва Зарубин И. нақши муассир гузошт.

Пахалина Т.Н. дар саҳифаи 46-и асари хеш «Ваханский язык» оид ба сифат маълумоти мукаммал дода, қайд мекунад, ки «Аксарият сифатҳои вахонӣ сода буда, аз ҷиҳати зоҳирӣ аз исм фарқ намекунанд» *[18, с. 342]*.

Яъне муаллиф бар он ақидааст, ки дар забони вахонӣ сифатҳо аксаран бо исм якхела буда, бандакҳои сифатсоз низ хеле камистеъмол мебошанд. Бинобар ин, қайд кардан зарур аст, ки сифатҳо дар ҳолати аслии худ дар шакли ҷамъ намеоянд ва ҳамзамон аз рӯйи падеж низ тағйир намеёбанд.

Дар хусуси тағйир ёфтани сифат дар забонҳои мавриди таҳқиқ (тоҷикӣ, вахонӣ ва англисӣ) қайд кардан зарур аст, ки дар ҳарсеи забонҳо сифат дар ҷинс ва шумора бетағйир мемонад:

Забони тоҷикӣ *Фирӯза медонад, ки **мардҳои ганда** дар гирду атроф бисёранд...[8, с. 12]*

Забони вахонӣ - *Фируза дишт, ки да-дар гирдут пич шак ӟаиш тқә [8, с. 12]*

Забони англисӣ-*.Firuza knows that there are many bad men around. ...[8, с. 12]* -

Қайд кардан ба маврид аст, ки забони вахонӣ комилан ба гурӯҳи забони помирӣ дохил шуда, аз забони тоҷикӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Ҳамзамон бинобар сабаби дастрас нагардидани адабиёти бадеии тарҷумашуда аз забони тоҷикӣ ба забони вахонӣ минбаъд ҷумлаҳоро худамон тарҷума намуда, таҳлилу баррасӣ менамоем. Ҳамчунин лозим донистем барои фаҳмотар шудани ҷумлаи забони вахонӣ барои хонанда, онро калима ба калима шарҳ диҳем. Калимаи Фируза – исми хос, дишт – медонад, тқә – бисёр, да-дар шак – ганда, ӟаиш - мардҳо ва гирдут пич – дар атроф-ро ифода менамоянд. Дар забони вахонӣ калимаи ***шак*** маънои «бад, нохуб. ганда»-ро медиҳад.

Фарқияти дигаре дар ҷумлаҳои забони англисӣ ва вахонӣ аз забони тоҷикӣ дар он аст, ки дар ҷумлаи асл сифати «**ганда**» истифода шуда, ин сифат пас аз исми «**мардҳо**» гузошта шудааст, аммо дар тарҷумаи забони англисӣ сифати «***bad-бад, ганда***» пеш аз исми «***ten-мард, одам***» ва дар тарҷумаи вахонӣ калимаи ифодакунандаи сифати «**шak**» пеш аз исми «***ҙаиш***» гузошта шудааст.

Яке аз асосгузорони омӯзиши забонҳои минтақаи Помир (дар даврони Шуравӣ) Зарубин Иван Иванович оид ба сифат маълумотҳои ҷолиби диққат додааст. Маҳз ӯ аввалин шуда, оид ба сифат ва сохтори ӯ дар забони вахонӣ маълумоти мукаммал дода, қайд кардааст, ки дар забони вахонӣ сифатҳо бо исмҳо ҳамшакланд.

Мутахассисони машҳури забони вахонӣ Александ Леонович Грюнберг дар асари хеш «Языки Восточного Гиндукуша. Ваханский язык (1976)», ки бо Стеблин-Каменский навиштаанд, дар бораи сифат «Имя прилагательное» ҷолибтарин маълумотро пешкаш намудаанд, ки то ҳол манбаи асосии забоншиносон маҳсуб меёбад.

Муаллифон дар саҳифаи 560-и асари мазкур оид ба сифат чунин қайд мекунанд: «Дар асл, сифатҳои вахонӣ сода буда, аз исм дар падежи номиналии шакли танҳо фарқи морфологӣ надоранд»: ***lup – калон, palm – муллоим, ʒeqly – хурд*** *[5, с. 668]*.

Дар забони англисӣ низ сифат ва омӯзиши он яке аз бахшҳои калидии грамматикаи ин забон ба шумор меравад. Дар ин забон ба монанди забонҳои тоҷикӣ ва вахонӣ сифат ҷинс ва шумора надорад.

Забоншиносони муосири англис ба монанди Рендолф Квирк (Randolph Quirk), Сидни Гринбаум (Sidney Greenbaum) ва Отто Есперсен (Otto Jespersen) ва дигарон оид ба сифат ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ маълумотҳои зарурӣ додаанд.

Дар забони англисӣ ба монанди забонҳои тоҷикӣ ва вахонӣ сифат дорои шакли ҷамъ набуда, новобаста дар кадом шакл омадани исм, сифат дар шакли шакли танҳо мемонад.

Дар марҳилаи муосири рушди забоншиносии муқоисавӣ, таҳқиқоти забоншиносон бо таваҷҷуҳи амиқ ба масъалаҳои семантикаи луғавӣ, омӯзиши сохтори маъноии калимаҳои сермаъно, таснифи таркиби луғавии забон аз рӯи гурӯҳҳои мавзуӣ ва майдонҳои семантикӣ, инчунин муайян кардани тағйироти маънои калимаҳо дар асоси маводди воқеӣ фарқ мекунанд.

Тавре маълум аст, рушди маъноии калима аз таърих ва таҳқиқоти этимологии он вобаста аст. Таҳлили этимологӣ имкон медиҳад, ки табиати мураккаби таҳаввули маъноии калима ошкор гардад.

Яке аз хусусиятҳои дигари сифат дар забони адабии ҳозираи тоҷик, ки марбут ба номи мақола аст, аз он иборат аст, ки дар натиҷаи бо сифати аслӣ ба ҳам омадани хосиятҳои грамматикӣ ба монанди хурдӣ, навозиш, камӣ ва эҳтиёт изҳор мегардад. Дар забони тоҷикӣ гурӯҳи сифатҳои хурдӣ ва навозишро ифода мекардагӣ камии аломати предметро фаҳмонанд ҳам, аз дараҷаҳои қиёсии сифат бо он фарқ мекунанд, ки дар онҳо протсесси муқоиса дида намешавад.

Дар забонҳои тоҷикӣ, вахонӣ ва англисӣ ифодаи хурдӣ ва навозиш дар сифатҳо яке аз хусусиятҳои ҷолиби диққат буда, ин шаклҳо дар забонҳои мавриди таҳқиқ на танҳо андозаи чизеро хурд, бали метавонанд дар худ муносибати меҳрубонона, эҳтиром ва ҳазлу шӯхӣ низ дошта бошанд.

Дар забони тоҷикӣ ҳам ин шаклҳо бидуни муқоисаи аломати предметҳо аз ҳолати одӣ кам будан ва ё ба дараҷаи одӣ нарасидани аломатро мефаҳмонанд. Ин гуна сифатҳо дар таҳти унвони сифатҳои камӣ ё сифатҳои ноқис, хурдӣ, таҳсину навозишро ифода мекардагӣ номбар карда мешаванд, ки дар забони вахонӣ ва англисӣ низ мавзуи мазкур ҷолиби диққат буда, тавассути воситаҳои морфологӣ сурат мегирад.

Дар забонҳои тоҷикӣ, вахонӣ ва англисӣ ин раванд тавассути воситаҳои морфологӣ (пасвандҳо) ва воситаҳои синтаксисӣ (тавассути такрори калимаҳо ва калимаҳои ёрирасон) ки берун аз муқоиса сустшавӣ, камият ё навозишро дар натиҷаи ба сифати аслӣ ҳамроҳ шудан ифода мекунанд, ифода мегардад.

Дар забони тоҷикӣ пасвандҳои ифодакунандаи хурдиву навозиш инҳоянд:

Пасванди «**-ча**».

Забоншиносон Ниёзмуҳаммадов Б., Тоҷиев Д., Ниёзӣ Ш. дар асари хеш “Забони тоҷикӣ (Грамматикаи забони тоҷикӣ барои мактабҳои олӣ, қ.1)” қайд менамоянд, ки ба дараҷаи одӣ нарасидани аломати предмет дар натиҷаи ба сифати аслӣ ҳамроҳ омадани суффикси **–ча** ифода карда мешавад [15, с. 60].

Ҳамчунин муҳаққиқ А. Маликов дар мақолаи хеш таҳти унвони «Проблема изучения прилагательного и его словообразования в таджикском и французском языках» қайдҳои ҷолиби диққат намуда, оид ба пасвандҳои ифодакунандаи хурдиву навозишсоз гуфта мегузарад. Муаллиф қайд менамояд, ки аломати камии ашё берун аз муқоиса тавассути пасвандҳои **«-ча», «-ак», «-тоб**» сурат мегирад [12, с.84].

Пасванди «**-ча»** ба сифат ҳамроҳ шуда, аломати предметро суст мекунад. Масалан, ранги сурх аломати одии предметро ифода менамояд, аммо бо илова намудани пасванди «**-ча»** мо аломати пешинаро тасаввур накарда, балки сустшавии он ё ин, ки ба дараҷаи пешина нарасидани онро дар назар дорем, яъне аломати баъдина аз пешина суст, ё ба ибораи дигар сурхи бенур мебошад.

Дар забони тоҷикӣ пасванди «**-ча»** бештар бо сифатҳои рангҳоро ифода мекардагӣ омада, дар забони вахонӣ ин айнан бо пасванди «**-ча**» ифода меёбад.

Мисол: **забони тоҷикӣ**-*«Ранги **заҳирчаи** рӯи вай ҳоло аз таъсири май андак сурх шуда буд ва беором меваю нон мехоид» [22, с. 283].*

Забони вахонӣ– *«Яв ранги зарфирон ҷэ таъсири шробн камтурук сӯкр виткут сам-сам мивают ҳучущ ити» [22, с. 283].*

Забони англисӣ- *«The color of the chain on his face had just now turned slightly red from the effects of the wine, and he was restlessly eating fruit and bread» [22, с. 283].*

Дар мисоли мазкур сифати ифодакунандаи камии «заҳирча» истифода шуда, ин ба ҳолати «зардгун, пажмурда ва беҳол» будани касе ё чизе далолат мекунад.

Мисоли дигар: **забони тоҷикӣ** *«Дар аввали кор ордбирёни бо қиём омехташуда **сурхча** мешудааст ва баъд аз кафзанӣ ва муштмолии бисёре ранги сафед пайдо мекардааст [1, с. 25].*

Забони вахонӣ - *«Дэ авал хишпай ярк дэ қиёмн қтэвиткин сукр**ӯк** вост ян тқэ қтэт латут ки ди дӯшти яв ранг рухн вост».*

Забони англисӣ - *«Initially, the roasted flour mixed with syrup turns reddish, and after significant beating and kneading, it acquires a white color» [1, с. 25].*

Дар ҷумлаи асл сифати «сурх»-и ифодакунандаи ранг бо пасванди шакли хурдисози «-ча» истифода шуда, дар тарҷумаи забони вахонӣ бо пасванди **«-ək»,** ки бештар ба ҷойи пасванди **«-ча»**-и тоҷикӣ меояд, истифода шудааст.

Дар саҳифаи 49-и асари Ваханский язык, муаллиф дар боби калимасозии исм ва сифат пасвандҳои шакли хурдиву навозишсозро шарҳ дода, **«-ək/-ik/»**-ро ифодакунандаи хурдиву навозиши исмҳо ва **«-čá»**-ро бошад танҳо пасванди ифодакунандаи хурдии исм мешуморад *[18, с. 49]*.

Пасвандҳои мазкур серистеъмол буда, онҳоро дар шеър, тарона, зарбулмасалу мақолҳо, дар нутқи гуфтугӯӣ ва ғайра бештар вохӯрдан мумкин аст:

1. swor sk-a rúya.
   ti monánd-əm gótəy.
   ti dilék bə kənorá.

2. brənǰék bə boliqá,
   wáxt-i tiramó vítəy,
   pətr cə nán-ən vit ǰədá.

Барои дар шакли асл нигоҳ доштани асолати шеър ва ишораҳои фориқ, ки дар болои ҳарфҳо гузошта мешаванд, зарур донистем мисолҳои мазкурро дар шакли мавҷуда гузорем. Дар бандҳои шеърии мазкур, дар мисраи сеюми банди якум исми «**dilək**» истифода шуда, маънои «**дилак**»-ро медиҳад.

Ҳамчунин дар мисраи аввали банди дуюм калимаи «brənjék» истифода шуда, аз исми «биринҷ» ва пасванди «-ак» иборат мебошад. Мисолҳо аз асари Языки восточного гиндукуша «Ваханский язык (тексты, словарь грамматический очерк)» гиритфа шудааст *[5, с. 25]*.

Ба дараҷаи одӣ нарасидани аломати предметҳо боз ба воситаи ба охири дараҷаи одӣ ҳамроҳ шудани калимаи **«тоб»** низ ифода меёбад *[15, с. 61]*.

Дар забони тоҷикӣ пасванди мазкур одатан барои сохтани сифатҳои ифодакунандаи ранг ба монанди **сурхтоб, сиёҳтоб, зардчатоб** ва ғайра истифода мешавад. Агар ба забони вахонӣ назар афканем, маълум мегардад, ки ин гуна маъноҳо дар ин забон бо роҳҳои дигар

ифода мешаванд.

Яъне калимаи **«тоб»** ба сифати аслӣ ҳамроҳ омада, маънои асосии калимаро аз ҷиҳати миқдори аломат тағйир медиҳад, ки дар забони вахонӣ пасванди ҳаммаънои «**тоб**» мавҷуд нест.

Дар забони англисӣ бошад дар муқоиса бо забони вахонӣ калимаҳое, ки дар тоҷикӣ бо ин пасванд ифода гардидаанд, бештарашон бо пасванди **«-ish»** ифода меёбанд.

Масалан: **забони тоҷикӣ**-«*Як сайёд орзу доштаст, ки рӯбоҳи* ***бӯри сиёҳтоб*** *ба даст оварад» [21, с. 97].*

забони вахонӣ – *«И шәкорчи орзу кӯрк ки и нӯхчири* ***ракщи щыŵранг*** *бә даст вызымд» [21, с. 97].*

Забони англисӣ-*A hunter dreamed of catching a* ***blackish- brown*** *fox[21, с. 97]..*

Дар забони англисӣ пасванди **«-ish»**-ро метавонем ба сифати «dark (тира)» ё «black (сиёҳ)» илова кунем. Яъне барои ифодаи «бӯри сиёҳтоб» истилоҳи «darkish brown» ё (blackish brown) истифода мекунем.

Масалан дар вақти **«сиёҳ»** ё **«заррин»** гуфтан, предметеро тасаввур мекунем, ки сифати ранги муайян дорад, аммо дар вақти бо **«тоб»** ҳамро омадани ин калимаҳо предметҳои мазкур маънои ба ранги сиёҳу зарин пурра молик набуда, фақат дорои тобиши ин гуна рангҳо буданро ифода мекунад. Калимаи **«тоб»** бештар барои ифодаи рангҳои гуногуни предметҳо ба кор бурда мешавад, аммо баъзан барои ифодаи хусусиятҳои гуногуни одамон низ истифода мешавад, ки дар ин маврид бо калимаи **«монанд»** ҳаммаъно мегардад:

забони тоҷикӣ-*«Аз ин воқеа ман ҳаминро пай бурдам, ки барои дар Бухоро шуҳрат ёфтан ва шогирд ҷамъ кардан он қадар муллои хуб будан шарт набудааст, балки як дараҷа ҳунарманд ва* ***фиребгартоб*** *будан шарт будааст [1, с. 58]*

забони вахонӣ .- *Ацут воқеан узм айути диштум,ки брои бә қадр ŵоцак шогирд ҷам цәрак дә Бухоро,муллои баф йымяк тум зарыр наст, амо хила ҳунармандәт* ***фандгуйранг*** *йымяк дәркор»*.

Забони англисӣ- - *«From this event, I realized that to gain fame and gather students in Bukhara, it was not necessary to be such a good mullah; rather, it was necessary to be a bit of a* ***craftsman*** *and a bit of a deceiver» [1, с. 58].*

Ҳамчунин дар забони тоҷикӣ пасванди **«-ча»** ва калимаи **«тоб»,** якҷоя ба сифат васл шуда, ба сифати одӣ нарасидани аломати предметро мефаҳмонанд.

Масалан: **забони тоҷикӣ**- *Офтоби ба ғуруб наздик шуда истода ба селоби малларанги дарё шуъла афканда, ранги онро* ***сурхчатоб*** *нишон медод [21, с. 404].*

- **забони вахонӣ** - «Ири бә қибла қрибвиткин и силоби ғӯти дәрёрәш шӯлаш рути, яв рангш сӯкрранг дисовдиш» *[21, с. 404].*

Забони англисӣ- - *«The sun, approaching its setting, cast its rays upon the muddy-brown flood of the river, making its color appear* ***reddish****» [21, с. 404].*

Баҳамоии пасвандҳои **«-ча»** ва **«-тоб»** тобиши маъноӣ дошта, барои таъкиди норасогии аломати предмет истифода бурда мешаванд. Агарчи ҳардуи ин пасвандҳо ба норасогии аломати предмет ишора кунанд ҳам, мазмунан онҳоро тамоман як ҳисобидан мумкин нест, чунки ҳар яке ба тобиши махсусе, ки дар асл ифода менамояд, соҳибанд. Яъне истифодаи онҳо дар забони тоҷикӣ мазмунан ҳамдигарро пуркуввat мекунанд, ки на дар забони вахонӣ ва на дар забони англисӣ ингуна истифодабарӣ вуҷуд надорад.

Дар хусуси пасванди **«-тоб»** муҳаққиқ Маликов А. дар мақолаи хеш чунин фикру андешаронӣ намуданд: «Ҳамчунин дар забони тоҷикӣ ба дараҷаи одӣ нарасидани аломати предетҳоро ба воситаи илова намудани калимаи **«тоб»** ба дараҷаи одии сифат ифода мекунанд. Пасванди мазкур ба сифати аслӣ ҳамроҳ шуда, маънои асосии калимаро аз ҷиҳати миқдори аломат тағйир медиҳад. Оид ба калимаи **«тоб»** на дар ҳама грамматикаҳои забони тоҷикӣ забоншиносон фикру андешаҳои хешро иброз намудаанд» *[12, с. 56].*

Ҳамчунин дар забони тоҷикӣ пасванди хурдисози «**–ина»** мавҷуд буда, аз ҷиҳати маъно бо пасвандҳои болоӣ якхела мебошад.

Мисол:**забони тоҷикӣ**- *«Раиси совети қишлоқ одами* ***сурхинарӯй*** *ва фарбеҳакак, ки чи гуна як дафтареро варақ зада менишаст, ҷавонро дида бо рӯи пур аз табассум ва шодмони зуд аз ҷояш бархост» [22, с. 38].*

забони вахонӣ- - *«Раиси совети қишлоқ и халги* ***сӯкрруйәт*** *фәрбиӯк ки нәйунгут и дафтари врақәш ди. Ҷвони видиӯт бә чераи хышт шодмонӣ тиз цә ҳы ҷайн гӯзд»*

Яке аз навъҳои дигари аломати предмет, ки ба камият ва навозиш далолат мекунад, забоншиносон тавассути пасванди «**-ак»** ташкил шудани онро нишон медиҳанд.

Пасвандҳои «**-ак, -ча»** метавонанд дар сифат бо ду вазифа истеъмол шаванд: **шаклсоз** ва **калимасоз**. Дар мақолаи мазкур мо танҳо оид ба вазифаи шаклсозии онҳо сухан меронем.

Пасванди «-ак (як)» дар забони тоҷикӣ ба сифат ҳамроҳ шуда, ба аломати предмет тобишҳои гуногун мебахшад.

Масалан маънои хурдӣ:

забони тоҷикӣ*«…дар пеши дарвоза саҳни* ***тангаке*** *ҳам дошт…»[1, с. 48* **забони англисӣ***].– «*Дә дрвозашхн и ҷайи тангӯк бә ту *».*

забони англисӣ *– «...it also had a narrow courtyard in front of the gate...» [1, с. 48].*

Пасванди «**-ак»** метавонад ба сифат ҳамроҳ шуда, баробари хурдиро фаҳмондан, маънои навозишро низ ифода кунад.

Мисол: **забони тоҷикӣ** *«Аз машина як духтарчаи* ***сиёҳчашмаки*** *хурдсол сар бароварда, ба Нуралӣ нигоҳ кард» [28, с. 63].*

Забони вахонӣ- «*Цә мошинун и прчодуки шывчӯжмӯки ӣқлай сар ниҳовди Нуралии дидигди» [28, с. 63].*

Забони англисӣ *«A small girl with dark eyes leaned out of the vehicle, gazing at Nurali» [28, с. 63].*

Дар ҷумлаи забони тоҷикӣ бо пасванди «-ак» ва сифати таркибии «сиёҳчашм» вожаи «***сиёҳчашмак***» сохта шуда, маънои навозишро додааст. Ин вожа дар тарҷумаи англисӣ бо таркибҳои «*A small girl with dark eyes*» тарыума гардидааст, ки агар мо онро тарҷумаи таҳтуллафз намоем маънои «Духтари хурде бо чашмони сиёҳ»-ро медиҳад.

Боз пасванди «**-ак»** ба сифат тобиши нотавонӣ, истеҳзо, пастӣ ва таҳқирӣ ҳам илова карда метавонад.

Мисол**:забони тоҷикӣ-** *«Оқсақол, ки як мардаки ғафси пурзӯре буд, Бибиробиаи* ***харобакро*** *чун кӯдак бардошта ба канор бурд» [8, с. 98].* **– забони вахонӣ-«**Оқсақол ки и ӟайӯки баҷи бәқват ту, Бибиробияи хәробӯки кыдакранг уч куртут тәр кнор юти» *[8, с. 98]***.**

Забони англисӣ– *«The elder, a burly and strong individual, lifted the thin Bibirobia as if she were a child and moved her to the side» [8, с. 98].*

Пасванди «**-акак»**. Дар забони тоҷикӣ пасванди «-акак» ба сифат ҳамроҳ шуда, ба маънои хурдӣ ва навозиш далолат кардани аломати предметро ифода мекунад:

забони тоҷикӣ- *«Бегоҳӣ боронаки* ***нағзакак*** *шуду ҳама ҷоро тозаю тар кард» [9, с. 5]*

забони вахонӣ- - *«Пишини ŵырӯки* ***бафӯк*** *витут кылиҷай тозаут хайч кӯрт» [9, с. 5].*

Забони англисӣ– - *«A pleasant evening rain fell, leaving everywhere fresh and moist» [9, с. 5].*

Дар хусуси пасванди мазкур Ш. Ниёзӣ дар асари хеш «Исм ва сифат дар забони тоҷикӣ» чунин қайд мекунад: «Суффикси -ак, -акак бо сифатҳо омада ба он маънои навозиш ё хурдӣ медиҳад» *[5, с.41]*.

Пасванди **«-акак»** дар мисолҳои зерин бо сифат якҷоя омада, баробари хурдиро ифода намудан, ба камият ва ихчамии аломат ишора мекунад:

забони тоҷикӣ- «*Латофат гуфтани набера дорам. Аз падару модар* ***хурдакак*** *мондагӣ»[22, с. 60]*.

вахонӣ- - *«Латофат нунг и нәпыс жынун.****ӣәқлайӯк*** *цә хы тат нанун врухк.» [22, с. 60]*.

- Забони англисӣ–*«I have a granddaughter called Latofat, who was left without parents at a* ***very young age****» [22, с. 60].*

Ин суффикс бо сифат омада калонӣ-навозишро ифода менамояд:

забони тоҷикӣ-*«-Тайёр!-гуфт таъкид карда мӯйсафед. –Дилбар ҳам* ***калонакак*** *шуда мондааст» [9, с. 108].*

забони вахонӣ- -- *«- Тәёр!-ҳати муйсфид.Дилбар бә* ***лупӯк*** *виткут врӯхк.» [9, с. 108].*

Забони англисӣ–- *«-Ready! — the elder insisted. — Dilbar, too, has become* ***quite a big girl*** *now» [9, с. 108].*

Дар ҷумлаҳои мазкур дар тоҷикӣ калимаи калонакак истифода шуда, он аз сифати «калон» ва пасванди «-акак» иборат мебошад, ки тарҷумаи он ба вахонӣ тавассути вожаи «***лупӯк***» ифода гардидааст. Дар англисӣ бошад ин вожа тавассути ибораи ***quite a big girl*** тарҷума шуда, баъзан чунин номувофиқатиҳо байни забонҳои мавриди таҳқиқ дида мешавад.

Суффикси **–акак** маънои сифатро қувват медиҳад, таъкид мекунад:

забони тоҷикӣ - «*Нағзакак* *саришта кун, дар як рӯз ҳамаашро исроф карда нобуд накун» [2, с. 340].*

забони вахонӣ - *«****Бафӯк*** *атёт цар,кы яви исроф дә и рвор кы му нус.і» [2, с. 340]. –*

- **Забони англисӣ –** *«Take **good care** of it; don't squander it all in one day» [2, с. 340]*.

Дар ҷумлаҳои мазкур дар қисмати забони тоҷикӣ тавассути пасванди ифодакунандаи шакли хурдиву навозишсози «-акак» ва сифати «нағз» вожаи «нағзакак» сохта шуда, этиётқорона фармон додани хешро нишон медиҳад. Ин вожа дар забони вахонӣ тавассути калимаи «***Бафӯк***» ифода гардидааст, ки ин ба сифат ягон алоқаи хос надошта, дар он хусусияти сифатсозь дида намешавад. Дар забони англисӣ бошад ибораи «***good care***» истифода шудааст, ки маънояш «мошини нағз» мебошад, ки ин низ ба калимаи ва тарыумаи асл ягон алоқамандӣ надорад.

Дар забони тоҷикӣ низ сифатҳои таъкидӣ метавонанд да баробари зиёдии аломатро ифода карданашон, камӣ, сустӣ, хурдӣ ва навозишро низ ифода кунанд, ки мо дар хусуси онҳо дар дигар навбатҳо сухан хоҳем ронд.

Ҳарчанд сифатҳои таъкидӣ табиатан дараҷаи зиёди аломатро ифода кунанд ҳам, гоҳо бо мақсади навозиш ва таъкид суффиксҳои **–акак** ё зарфҳои миқдору дараҷаро қабул мекунанд.

Хулоса. Мавзуи сифатҳои ифодакунандаи хурдиву навозиш яке аз қисматҳои ҷолиби забоншиносӣ ба шумор рафта, диққати як зумра забоншиносонро ба худ ҷалб намудааст. Сифатҳои ифодакунандаи хурдиву навозиш на танҳо ҳаҷми ашё, балки муносибати эҳсосии гуяндаро низ ифода мекунад.

Дар рафти таҳқиқот маълум гардид, ки дар забони тоҷикӣ категорияи хурдиву навозиш тавассути пасвандҳо сохта шуда, пасвандҳо ҳамзамон ҳам ба исм ва ҳам ба сифат ҳамроҳ шуда метавонанд.

Забони вахонӣ, ки яке аз забонҳои қадимаи эронии шарқӣ маҳсуб меёбад дар муқоиса бо забони тоҷикӣ ва англисӣ хусусиятҳои хоси худро доро мебошад. Дар забони вахонӣ мисли забони тоҷикӣ дар сохтани сифатҳои ифодакунандаи хурдиву навозиш суффиксатсия нақши асосиро бозида, вале баъзан ҳолатҳо аз усули такрори калимаҳо ба монанди забони тоҷикӣ низ истифода мешавад, аммо бо талаффузи хоси помирӣ.

Дар забони англисӣ бошад нисбат ба забонҳои тоҷикию вахонӣ каме фарқ дорад. Новобаста аз мавҷуд будани пасвандҳо дар ин забон, англисҳо бештар дар сохтани сифатҳои ифодакунандаи хурдиву навозиш аз сифатҳои муайянкунанда истифода мебаранд.

Дар ҳар сеи забонҳои фавқуззикр ин гуна сифатҳо на танҳо ҳаҷм, балки ба тағйири контексти психологӣ таъсир расонида, эҳсосоти шахсро дигаргун месозанд, ки мо то қадри имкон дар мақолаи хеш оид ба сохтор ва фарқияти чунин сифатҳо гуфта гузаштем.

Адабиёт

1. *Айнӣ С. Ёддоштҳо, қисми 1, 2./ С. Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – 352 с.*
2. *Айнӣ С. Куллиёт, ҷилди 3./ С. Айнӣ. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1960. – 630 с.*
3. *Берёзин И. Н. Грамматика персидского языка / И. Н. Берёзин. – Казань: Типография Казанского Университета, 1853. – 480 с.*
4. *Бертельс Е. Э. Учебник персидского языка / Е.Э. Бертельс. – Ленинград: Институт живых восточных языков им. А. С. Енукидзе, 1932. – 412 с.*
5. *Грюнберг А. Л., Стеблин-Каменский И.М. Языки Восточного Гиндукуша. Ваханский язык (Тексты, словарь граммтический очерк) Москва. 1976. – 668 с.*
6. *Жирков Л.И. Персидский язык. Элементарная грамматика / Л.И. Жирков. – М.: Изд. Ин – та востоковедения при ЦИК СССР, 1927. – 207 с.*
7. *Зарубин, И.И. Материалы и заметки по этнографии горных таджиков. Долина Бартанга / И. И. Зарубин. Сборник // Музея атропологии и этнографии при Российской Академии наук., 1917. - Т.5. – С.100-101.*
8. *Икромӣ Ҷ. Духтари Оташ /Ҷ. Икромӣ.– Душанбе: Адиб, 2009. – 557 с.*
9. *Икромӣ Ҷ. Шодӣ, қ. 1/ Ҷ. Икромӣ.– Душанбе: Адиб, . – 557 с.*
10. *Крылова И. П., Гордон Е.М. Грамматика современного английского языка / И. П.Крылова, Е.М.Гордон. – Москва, 2003. – 220 с.*
11. *Маликов, А. Шаклҳои хурдӣ, навозиш ва камият дар сифатҳои забони тоҷикӣ ва муродифи онҳо дар забони фаронсавӣ / А.Маликов // Паёми донишгоҳи миллӣ. – Душанбе, 2024. - №3 - С.55-61.*
12. *Маликов, А. Проблема изучения прилагательного и его словообразования в таджикском и французском языках / А.Маликов // Вестник педагогического университета. – 2025. - №1 (114). - С. 81–89.*
13. *Матробиён, С.Қ., Мирбобоев, А. Ганҷи Вахонзамин. Маҷмуаи осори мардумӣ. / С. Қ. Матробиѐн, А. Мирбобоев. – Душанбе, 2015. – 159 с.*

14. *Ниёзӣ, Ш. Исм ва сифат дар забони тоҷикӣ / Ш. Ниёзӣ. – Сталинобод: Нашр. АФ РСС Тоҷ., 1954. – 50 с.*
15. *Ниёзмуҳаммадов Б., Тоҷиев Д., Ниёзӣ Ш. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ / Б. Ниёзмуҳаммадов, Д.Тоҷиев, Ш. Ниёзӣ – Сталинобод, 1956. –260 с.*
16. *Ниёзмуҳаммадов Б. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. (лексикология, фонетика ва морфология) / Б.Ниёзмуҳаммадов. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 396 с.*
17. *Ниёзмуҳаммадов Б., Тоҷиев Д., Ниёзӣ Ш. Грамматикаи забони тоҷикӣ*
18. *Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ / Б. Ниёзмуҳаммадов, Д.Тоҷиев, Ш. Ниёзӣ – Сталинобод, 1956. –260 с.*
19. *Пахалина Т.Н. Ваханский язык. Москва, изд.Наука, 1975. – 341 с.*
20. *Пахалина, Т.Н. Сравнительно - историческая морфология памирских языков / Т. Н. Пахалина. – Москва: Наука, 1987. – 263 с.*
21. *Расторгуева В.С. Опыт сравнительного изучения таджикских говоров. / В. Расторгуева. – М.: Наука, 1964. – 188 с.*
22. *Расул Ғамзатов. Доғистони ман. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 300 с.*
23. *Раҳим Ҷалил.. Одамони ҷовид / Ҷ. Раҳим–Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон. 1954. – 478 с.*
24. *Раҳим Ҷалил. Ҳикояҳо / Ҷ. Раҳим– Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон: 1984. – 480 с.*
25. *Рубинчик, Ю.А. Грамматика современного персидского литературного языка / Ю.А. Рубинчик. – М.: Восточная литература, 2001. – 584 с.*
26. *Рустамов Ш. Таснифоти ҳиссаҳои нутқ ва мавқеи исм [Текст] / Ш. Рустамов. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 90 с.*
27. *Языки восточного гиндукуша «Ваханский язык (тексты, словарь грамматический очерк)». – Москва, 1976. – 666 с.*
28. *Сотим Улуғзода. Навобод: Роман. — Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1953. – 398 с.*

МУҚОИСАИ ШАКЛҲОИ ХУРДИВУ НАВОЗИШ ДАР СИСТЕМАИ СИФАТҲОИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, ВАХОНӢ ВА АНГЛИСӢ

Мақолаи мазкур ба муқоисаи шаклҳои хурдиву навозиш дар системаи сифатҳои забонҳои тоҷикӣ, вахонӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои морфологӣ ва семантикии пасвандҳои ифодакунандаи хурдиву навозиш, роҳҳои ифодаи меҳр ва камшавии сифатҳо дар забонҳои муқоисашаванда таҳлил гардидааст. Дар забоншиносӣ ифодаи хурдӣ ва навозиш дар сифатҳо ба яке аз қисматҳои ҷолиби диққат мансуб буда, дар солҳои охир аз ҷониби забоншиносон, махсусан дар шакли муқоисавӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. Забонҳои тоҷикӣ, вахонӣ ва англисӣ аз чунин хусусиятҳои забонӣ орӣ набуда, ин шаклҳо дар забонҳои номбурда бидуни муқоисаи аломати предметҳо аз ҳолати одӣ кам будан ва ё ба дараҷаи одӣ нарасидани аломатро ифода мекунанд. Чунин сифатҳоро дар забон метавон таҳти унвони сифатҳои камӣ, нокис, хурдӣ, таҳсину офарин ва ғайра номбар кард. Муаллиф дар таҳқиқоти хеш умумият ва тафовутҳои забониро дар ифодаи аломати ашё муайян намуда, дар забонҳои тоҷикӣ, вахонӣ ва англисӣ ҷумлаҳоро таҳлилу баррасӣ кардааст.

Калидвожаҳо: сифат, шаклҳои хурдкунандаву навозишӣ, забоншиносии муқоисавӣ, хусусиятҳои морфологӣ, семантика, дараҷаи аломат, забонҳои тоҷикӣ, вахонӣ ва англисӣ.

СРАВНЕНИЕ УМЕНШАТЕЛНЫХ И ЛАСКАТЕЛНЫХ ФОРМ В СИСТЕМЕ ПРИЛАГАТЕЛЬНЫХ ТАДЖИКСКОГО, ВАХАНСКОГО И АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКОВ

Данная статья посвящена сопоставлению уменьшительно-ласкательных форм в системе прилагательных таджикского, ваханского и английского языков. В работе анализируются морфологические и семантические особенности суффиксов, выражающих уменьшительность и ласкательность, а также способы передачи нежности и снижения интенсивности признака в сопоставляемых языках. В лингвистике выражение уменьшительности и ласкательности в именах прилагательных относится к одним из наиболее примечательных аспектов, который в последние годы активно исследуется языковедами, особенно в сопоставительном плане. Таджикский, ваханский и английский языки не лишены данных лингвистических особенностей; в указанных языках эти формы выражают меньшую степень признака по сравнению с обычным состоянием или недостижение признаком обычной нормы без прямого сравнения свойств предметов. Такие прилагательные в языке могут классифицироваться под терминами «прилагательные уменьшительности», «недостаточности», «ласкательности» и другие. Автор в своём исследовании определяет языковые сходства и различия в выражении признаков предметов, анализируя и рассматривая конкретные предложения в таджикском, ваханском и английском языках.

Ключевые слова: имя прилагательное, уменьшительно-ласкательные формы, сопоставительная лингвистика, морфологические особенности, семантика, степень признака, таджикский, ваханский и английский языки.

A COMPARATIVE STUDY OF DIMINUTIVE AND REVERENTIAL FORMS WITHIN THE ADJECTIVAL SYSTEMS OF THE TAJIK, WAKHI, AND ENGLISH LANGUAGES

This article is devoted to the comparison of diminutive-reverential forms within the adjectival systems of Tajik, Wakhi, and English. The paper analyzes the morphological and semantic characteristics of suffixes expressing diminutiveness and affection, as well as the methods of conveying tenderness and the reduction of attribute intensity in the compared languages. In linguistics, the expression of diminutive and reverential (affectionate) meanings in adjectives is considered one of the most remarkable aspects of study. In recent years, it has been actively researched by linguists, particularly through a comparative lens. The Tajik, Wakhi, and English languages are not devoid of these linguistic features. In these languages, such forms express a lower degree of an attribute compared to its normal state, or represent an attribute that has not reached its standard level, without a direct comparison of the objects' properties. In linguistics, these adjectives can be classified under terms such as "diminutive," "deficient," "affectionate," and others. In this research, the author identifies linguistic similarities and differences in the expression of object attributes by analyzing and examining specific sentences in Tajik, Wakhi, and English.

Keywords: adjective, diminutive and affectionate forms, comparative linguistics, morphological features, semantics, degree of quality, Tajik, Wakhi, and English languages.

Дар бораи муаллиф
Мансурова Фарида Мансуровна
Омӯзгори кафедраи умумидонишгоҳии забонҳои хориҷӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: faridamansurovna1@gmail.com

About the author
Mansurova Farida Mansurovna
Lecturer of the Department of Foreign Languages
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: faridamansurovna1@gmail.com

Об авторе
Мансурова Фарида Мансуровна
Преподователь кафедры иностранных языков
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: faridamansurovna1@gmail.com

УДК 811.21/.22+811.111

АНАЛИЗ ЭЛИМИНАЦИИ ЛАКУН В АНГЛОЯЗЫЧНОМ ПЕРЕВОДЕ «БУСТОНА» САДИ

Рустамзода Ш. Р.
Таджикский национальный университет

Введение. Современные исследования в области лингвокультурологии и переводоведения демонстрируют устойчивое внимание к расхождениям между языковыми картинами мира. В условиях интенсивного межкультурного взаимодействия передача культурно обусловленных смыслов приобретает методологическую значимость и предполагает воссоздание иной картины мира средствами другого языкового сознания.

Несмотря на значительный объём исследований, теория лакунарности остаётся нестабильной: отсутствует чёткое разграничение лакуны, имплицитности и безэквивалентности, не описаны механизмы их функционирования в художественном переводе. Язык выступает как многослойная семиотическая система, структурирующая когнитивный и культурный опыт, что обусловливает неизбежность межъязыковой асимметрии, затрагивающей «когнитивную базу, менталитет, эмоциональную сферу и кинетические средства, характеризующие представителей той или иной лингвокультурной общности» [13, с. 1]. Перевод в этой ситуации сталкивается с различиями способов концептуализации реальности, что актуализирует лакуну как форму проявления межъязыковой и межкультурной асимметрии.

Теоретическое осмысление лакунарности восходит к работам Ж.-П. Вине и Ж. Дарбельне, введших термин ‘**lacune**’ для обозначения отсутствия эквивалента [2]. В российской лингвистике проблема лакунарности получила широкое развитие в работах Е.А. Эйнуллаевой, А.А. Махонина, Д.М. Макарова, М.Д. Бекасова, Б.В. Дашидоржиева, О.В. Сухановой, О.М. Акай, Т.В. Маршевой, Я.Е. Андреевой и др., где она рассматривается в рамках переводоведения, лингвокультурологии и когнитивной парадигмы.

Исследования показывают, что, несмотря на длительную разработку, термин «лакуна» сохраняет интерпретационную неопределённость [4, с. 1]. В научном дискурсе представлен широкий спектр номинаций, от нейтральных до образно-метафорических («тёмные места», «бреши», «белые пятна», «заусеницы») [8, с. 10], что свидетельствует об отсутствии концептуального единства. Терминологическая вариативность свидетельствует не о богатстве описаний, а о методологической несогласованности. Использование разнотипных обозначений, от дескриптивного *gap* до метафорически нагруженных конструкций – «заусенцев», «антислов», «реалий», «этноэйдем» и выражения «random hole in a pattern» [3, с. 31], указывает на многомерность явления, не редуцируемого к отсутствию номинации. Лакуна функционирует как лингвокультурный конструкт, формирующийся на пересечении языковой системы, когнитивных структур и культурной специфики. Это требует перехода от описательных моделей к интерпретационным, учитывающим функциональную нагрузку лакуны в тексте. В результате речь идёт не столько о вариативности терминов, сколько о недостатке универсального аналитического инструментария.

Актуальность настоящего исследования определяется необходимостью теоретического и прикладного осмысления механизмов передачи культурно обусловленных смыслов при переводе классической восточной литературы на английский язык. Научная новизна состоит в систематизации стратегий репрезентации лакун в англоязычной переводческой традиции. Гипотеза заключается в том, что выбор переводческого решения определяется не только языковой компетенцией, но и глубиной интерпретации имплицитных смыслов, структурирующих поэтику Саади.

Объектом исследования являются лингвокультурные лакуны в текстах «Бустона» Саади. Предметом выступают способы их интерпретации и элиминации в англоязычных переводах. Целью исследования является выявление закономерностей функционирования лакун и стратегий их элиминации в переводе. Для достижения цели решаются следующие задачи: уточнение теоретического статуса лакуны и выявление способов её элиминации в анализируемом материале.

Методология основана на интеграции герменевтического и лингвокультурологического подходов, позволяющих рассматривать лакуну как

интерпретационную категорию. Сравнительно-переводческий, компонентный и семантический анализ выявляют трансформации смысловой структуры текста при реализации различных стратегий элиминации лакун.

Обсуждение и результаты исследования. Соотношение лакунарности и безэквивалентной лексики остаётся дискуссионным. В работе Ф.М. Турсунова последняя трактуется расширительно и включает разнородные единицы от семантических лакун и фразеологических единиц до структурных экзотизмов, сокращений, звукоподражательных слов и междометий [11, с. 295]. Такой подход представляет спектр межъязыковой асимметрии, однако размывает границы между качественно различными явлениями и препятствует выделению лакуны как самостоятельной категории.

Представляется более продуктивным придерживаться иерархического подхода (имплицитность → лакунарность → безэквивалентность) О.М. Акай [1, с. 13], разграничивающая когнитивный, культурный и языковой уровни. Имплицитность определяется как невыраженность значимой информации при её сохранении в когнитивном и аксиологическом опыте. В межкультурной коммуникации она проявляется как семантический дефицит. Лакунарность занимает промежуточное положение, тогда как безэквивалентность представляет её частный случай. Такая схема обеспечивает аналитическую точность и устраняет смешение уровней, что очень принципиально для интерпретации художественного текста, где лакунарность проявляется не только на уровне лексики, но и в глубинных «скрытых» структурах смысла в когнитивно-дискурсивной перспективе.

Позиция М.Д. Бекасова подтверждает некорректность отождествления лакун с безэквивалентной лексикой, согласно которой «с точки зрения перевода непродуктивно приравнивать лакуны к безэквивалентной лексике» [4, с. 8], что коррелирует с выдвигаемой нами гипотезой о лакуне как структурно организованной зоне семиотического напряжения, инициирующей смысловое развертывание в переводе.

Как справедливо отмечает О. М. Акай, «термин “лакуна” в лингвистике сохраняет инвариант значения, свойственный этой лексической единице в нетерминологическом употреблении», однако сама по себе эта прозрачность «не обеспечивает необходимой точности и однозначности в языке науки» [1, с. 4]. Это обусловливает необходимость пересмотра традиционных трактовок. В рамках настоящего исследования лакуна рассматривается как индикатор концептуальной и культурной асимметрии, отражающий несовпадение способов категоризации действительности в различных лингвокультурах.

В переводоведении лакуна приобретает принципиальную значимость, поскольку указывает не на простое отсутствие эквивалента, а на расхождение культурно обусловленных моделей концептуализации. Позиция Б.В. Дашидоржиева интерпретирует её как проявление национальной специфики, одновременно выступающее «основным препятствием взаимодействия и… своеобразным фактором межкультурной коммуникации» [6, с. 3]. Тем самым лакуна функционирует как зона максимальной смысловой концентрации, где культурное различие становится продуктивным.

Системно-семантическая трактовка М.Д. Бекасова определяет «межъязыковую лексическую лакунарность как отсутствие системного лексического или фразеологического обозначения для некоторого понятия в одном языке сравнению с другим языком» [4, с. 1]. Данное определение точно очерчивает уровень номинации, однако оставляет вне поля зрения когнитивные и аксиологические измерения, что существенно сужает его эвристический потенциал при анализе художественного перевода. В данном контексте лакуна становится инструментом выявления имплицитных смыслов и культурных расхождений.

Лингвокультурологический подход усиливает интерпретационный потенциал понятия: анализ переводных художественных текстов выявляет культурную коннотацию и актуализирует лакуну как операциональную единицу [3, с. 3]. Она выявляет зоны напряжения между исходной и принимающей культурами и создаёт условия для реконструкции глубинных смысловых структур.

В художественном тексте лакунарность проявляется не только на языковом уровне, но и в когнитивных и ценностных моделях. Речь идёт о «ценностно-смысловом пространстве языков», формируемом «как чисто лингвистических, так и внеязыковых факторов развития человеческой культуры, мышления человека и его языка» [5, с. 4]. Лакуна в этом случае репрезентирует расхождение концептуальных систем, определяющих специфику лингвокультур.

Продуктивной является интерпретация лакунарности как несовпадения концептуальных сеток. Лакуна выступает не «пустотой», а следствием структурного напряжения между системами, где «наличие семемы» сочетается с отсутствием средства выражения [10, с. 85]. Она указывает на невозможность прямой вербализации смысла в иной лингвокультуре и отражает несоответствие когнитивных и языковых структур.

Следовательно, лакуна представляет собой точку пересечения концептуального, когнитивного и аксиологического уровней, где проявляется различие способов категоризации реальности. Она выступает одновременно как индикатор межъязыковой асимметрии и механизм выявления глубинных культурных различий в процессе перевода.

В переводческой практике это порождает выбор между стратегиями элиминации и компенсации. Первая ориентирована на редукцию культурной специфики, вторая направлена на её сохранение и реконструкцию посредством заимствования, экспликации и расширения. Обе стратегии инициируют перераспределение смыслов и трансформируют текстовую конфигурацию в принимающей культуре.

Перевод в этой перспективе предстает не как простая трансляция, а как переконфигурация смыслов, где лакуна функционирует как механизм, балансирующий между утратой и восполнением. В зоне когнитивного и аксиологического напряжения раскрывается продуктивная природа лакунарности как принципа межкультурной интерпретации.

В обозначенной перспективе тексты «Бустон» и «Гулистон» Саади Шерози выступают пространством актуализации лакун, обусловленных расхождением концептуальных, ценностных и символических систем, что находит подтверждение в характеристике «Гулистона» как шедевра мировой литературы, насыщенного образно-символическими и имплицитными смыслами [9, с. 62].

Лакуна рассматривается как инструмент выявления различий языковых картин мира, позволяя переводчику реконструировать культурно специфические смыслы. Как отмечает Я.Е. Андреева, «все, что воспринимается реципиентом перевода как непонятное, является сигналом присутствия в тексте лакун определенного типа» [3, с. 30].

С.М. Магомедова связывает происхождение лакун с комплексом исторических, социальных, религиозных и культурных факторов [8, с. 10]. Данное положение подтверждает множественность механизмов их формирования и необходимость дифференцированных стратегий перевода. В текстах Саади это проявляется особенно отчётливо. Суфийская лексика отражает не лексическую нехватку, а системное расхождение духовных кодов, требующее специфических переводческих решений.

Практическая значимость подхода заключается в анализе трансформаций лакун в переводе. Так, единицы типа «Алҳамд», «бисмиллаҳ», «Байтулҳаром», «дарвеш» и др. репрезентируют религиозно-культурные понятия, не имеющие прямых соответствий в английском языке. Их лакунарность обусловлена как отсутствием эквивалентной номинации, так и несоответствием духовных картин мира исходной и принимающей культур.

В когнитивном аспекте термин «Алҳамд» в поэзии Саади: «В-агар рафту осори хайраш намонд, Нашояд паси маргаш «Алҳамд» хонд» [12, с. 95] представляет собой свернутый религиозно-культурный фрейм с высокой степенью когнитивной компрессии. Он активирует три уровня: литургический (отсылка к формуле *al-ḥamdu li-llāh* и Суре аль-Фатиха), ритуальный (погребальная дуа) и этико-социальный (оценка жизненного итога). Здесь речь идет не о лексеме, а о когнитивной структуре высокой культурной плотности, что позволяет квалифицировать её как носитель абсолютной лакуны в англоязычной лингвокультуре. Проблема заключается в отсутствии соответствующего фрейма как ментальной схемы.

Перевод Дж.М. Викенса: «Praise be!»: «And if he’s gone and left no traces of his good, ‘Praise be!’ should not be intoned now he’s dead!» [14, с. 20] реализует стратегию функционального уподобления. Лакуна формально закрывается за счёт денотативного соответствия. Однако смысл сужается, сохраняется лишь хвалебная формула без ритуального и ценностного контекста. В результате снижается когнитивная плотность высказывания и возникает прагматическая неопределённость в англоязычном восприятии, поскольку теряется связь между формулой восхваления и погребальной ситуацией.

Иная стратегия реализована у Дж.С. Деви, сохраняющего форму «Al-hamd»: «If he went and no offerings nor good left instead, The “Al-hamd” on his dying ought not to be read!» [15, с. 22]. Здесь применяется транслитерационная консервация. Лакуна переносится в текст как инокультурный элемент. Это способствует сохранению когнитивной насыщенности

исходного фрейма, одновременно смещая интерпретационную нагрузку на адресата перевода.

В итоге выявляются два типа лакунарной трансформации: имплицитная редукция фрейма (Дж.М. Викенс) и консервация лакуны с отсроченной интерпретацией (Дж.С. Деви). В теоретическом измерении данный пример подтверждает, что элиминация лакуны представляет собой континуум когнитивных преобразований, от семантической редукции до сохранения интерпретационной избыточности.

Термин «Бисмиллоҳ» в «Бустоне» Саади демонстрирует более сложный тип лакунарности, чем «Алҳамд», поскольку проблема здесь не сводится к отсутствию прямого перевода. Речь идёт о различии в том, как само действие осмысляется в разных культурах. С точки зрения когнитивной лингвистики это ритуальная формула, которая не просто называет, а запускает действие как часть сценария. Она соотносится с идеей перформативов Дж. Остина, но выходит за её пределы, так как функционирует внутри устойчивого религиозно-культурного контекста.

В контексте «**Чу бисмиллаҳ оғоз карданд ҷамъ, Наёмад зи пираш ҳадисе ба самъ»** [12, с. 234] единица «Бисмиллоҳ» функционирует как когнитивный триггер фрейма «совместная трапеза», где его произнесение маркирует переход от подготовительной фазы к фазе действия. Следовательно, она выступает оператором переключения сценария.

Отсутствие эквивалентного перформативного механизма в англоязычной культуре позволяет квалифицировать данный случай как когнитивно-прагматическую лакуну, затрагивающую не только семантику, но и структуру действия. Анализ переводческих решений выявляет две стратегии её элиминации.

В переводе Дж. С. Деви в примере «**When all at the board, the “bismillah” began, He heard not the phrase from the feeble old man»** [15, с. 83] зафиксирована транслитерационная компенсация (bismillah). Знак сохраняется как культурно маркированная единица и вводится в принимающую систему как новый интерпретационный элемент, что обеспечивает сохранение перформативного статуса при увеличении когнитивной нагрузки.

У Дж.М. Викенса: «**But when the party began with ‘In God’s Name!’ No words from the old man reached Abraham’s ear»** [14, с. 71] применяется семантическая замена (In God’s Name!), передающая пропозициональное содержание при утрате прагматической функции. Перформатив редуцируется до экспрессивного высказывания, что приводит к деактивации сценарного фрейма совместного действия. Данный сдвиг считается как частный случай прагматической нейтрализации ритуально-дискурсивной модели.

Сопоставление показывает, что транслитерация сохраняет структуру сценария при усложнении интерпретации, тогда как калькирование обеспечивает доступность формы при утрате прагматической функции. В целом перевод перформативных единиц демонстрирует, что лакунарность затрагивает уровень когнитивной сценарности, где утрата элемента ведёт к переконфигурации всего фрейма ситуации.

Проведённый анализ позволяет констатировать системную природу когнитивных лакун, проявляющихся в переводах суфийской поэзии как устойчивый структурно-семантический феномен. В этой связи термин «Байтулҳаром» в «Бустоне» репрезентирует сакрально-пространственный тип лакунарности.

Лексема «Байтулҳаром» не обозначает исключительно референт (Кааба), а представляет собой когнитивный конструкт, включающий три компонента: топологический (центр сакрального пространства), нормативный (режим регуляции поведения), ритуальный (локус культовых практик). В контексте «**Бад-ӯ гуфт солори Байт-ул-ҳаром, Ки эй ҳомили ваҳй, бартар хиром!»** [12, с. 45] активируется фрейм сакрального режима пространства с иными онтологическими и поведенческими параметрами. Отсутствие аналогичной концептуализации в англоязычной системе позволяет квалифицировать данный случай как когнитивно-пространственную лакуну абсолютного типа.

Переводческие стратегии демонстрируют различную степень её элиминации. В переводе Дж.С. Деви: «To him spoke the chief of the Kaba divine: “Oh Gabriel! may higher enjoyment be thine!» [15, с. 6] реализуется стратегия адаптивной конкретизации (the Kaba divine), при которой сохраняется референциальная отнесённость при одновременной редукции компонента «харам», несущего семантику запретности и нормативной исключительности. В результате сакральный фрейм редуцируется до топонимического обозначения без регулятивного измерения.

У Дж.М. Викенс: «**He, Custodian of the House of Sanctity, addressed him thus: 'Stride**

higher, O Bearer of Revelation!» [14, с. 7] используется дескриптивная экспликация, восстанавливающая сакральный признак через семантическое развертывание (House of Sanctity). Однако при этом также утрачивается компонент запретного режима, структурно закреплённый в понятии «харам».

Обе стратегии показывают, что лакуна не устраняется полностью и в переводе всегда остаётся частично нераскрытый смысл. В одном случае ослабляется идея запретности, в другом не полностью восстанавливается сакральное содержание. В результате фрейм «сакрального пространства» теряет свою регулятивную функцию и превращается в более статичное религиозное обозначение. Иначе говоря, лакуна затрагивает способ организации культурного пространства. Утрата одного ключевого признака приводит к перестройке всей смысловой модели.

В «Бустон» и «Гулистоне» Саади лексема «дарвеш» занимает заметное положение в суфийской аксиологической системе. В суфийском дискурсе она подвергается когнитивной рекатегоризации: социальный статус трансформируется в этико-духовный идеал, обозначающий «духовную нищету, то есть зависимость от Бога» [7, с. 10].

В бейте «**Ту бар тахти султонии хеш бош, Ба ахлоқи покиза дарвеш бош»** [12, с. 140] лексема «дарвеш» функционирует как нормативный предикат, задающий модель поведения, а не социальную принадлежность.

Перевод Дж.С. Деви: «**Save in ruling your subjects, no path you possess; Not in rosaries, carpets, nor mendicant's dress** [15, с. 39] демонстрирует смещение концепта через акцент на внешнем признаке (*mendicant's dress*). В результате происходит когнитивная инверсия: внутренне-этическая категория преобразуется в внешне-материальный маркер. Суфийское ядро, основанное на приоритете внутреннего состояния, редуцируется до визуального атрибута.

С позиции теории лакун это следует квалифицировать как частичную элиминацию с концептуальной деформацией: формальное соответствие сохраняется, однако семантическое ядро смещается. Утрачивается базовая оппозиция суфийской антропологии – *зоҳир / ботин* (внешнее / внутреннее). В оригинале «дарвеш» относится к категории *ботин*, тогда как в переводе он реконструируется через *зоҳир*. Итак, выделяется тип трансформации, определяемый как когнитивная инверсия концепта, при которой направление смысловой деривации меняется с внутреннего на внешнее.

Заключение. Лакуна интерпретируется не просто «пробел» в языке, а как проявление концептуальной асимметрии между лингвокультурами. Наш анализ показывает, что процесс элиминации лакун рассматривается как сложная когнитивно-дискурсивная деятельность, реализуемая через два ключевых механизма: заполнение и компенсацию. Такие лакунарные зоны устроены по-своему и проявляются во фреймах, образах, сценариях и устойчивых моделях поведения. Переводческие приёмы (калькирование, транслитерация, конкретизация, экспликация) часто либо упрощают смысл, либо сдвигают его, а иногда и меняют его направление. Поэтому лакуна показывает, где именно расходятся лингвокультурные способы осмысления действительности.

Литература

1. *Акай О.М. Феномен грамматической лакунарности: когнитивный и лингвопрагматический аспекты: дис. д-ра филол. наук: 10.02.19 / Акай Оксана Михайловна. – Ростов-на-Дону, 2020. – 408 с.*
2. *Акай О.М. Онтологические и гносеологические особенности межъязыковых и внутриязыковых лакун / О.М. Акай // Вестник ЮУрГУ. Серия «Лингвистика». – 2019. – Т.16, № 3. – С. 5-10.*
3. *Андреева Я.Е. Лингвокультурные лакуны в художественном тексте и способы их элиминирования (на материале переводов произведений Г. Ш. Яхиной на китайский язык**):** автореф. дис. канд. филол. наук: 10.02.20 / Андреева Яна Евгеньевна. – Тюмень, 2022. – 26 с.*
4. *Бекасов М.Д. Переводческий аспект лакунарности (на материале английского и русского языков): автореф. дис. канд. филол. наук: 10.02.20 / Бекасов Михаил Дмитриевич. – Москва, 2012. – 21 с.*
5. *Вахитова Т.Ф. Лексические лакуны как фрагмент национальной языковой картины мира (на материале казахского и русского языков): автореф. дис. канд. филол. наук: 10.02.20 / Вахитова Танзиля Фанисовна. – Уфа, 2019. – 28 с.*
6. *Дашидоржиева Б.В. Лакуна как феномен межкультурной коммуникации (на примере бурятско-русского взаимодействия): автореф. дис. канд. филол. наук: 24.00.01 / Дашидоржиева Баирма Владимировна. – Чита, 2011. – 24 с.*

7. *Карл В.Э. Суфизм / В.Э. Карл. – Пер. с англ. А. Горькавого. – М.: Фаир-пресс, 2002. – 320 с.*
8. *Магомедова С.М. Эмотивные лакуны в разноструктурных языка (на материале английского и аварского языков): автореф. дис. канд. филол. наук: 10.02.20 / Магомедова Саидат Магомедовна. – Махачкала, 2013. – 20 с.*
9. *Рустамзода Ш.Р. Таснифи семантикии воҳидҳои фразеологии «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ / Ш.Р. Рустамзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2025. – №3(116). – С. 62-69.*
10. *Савицкая Е.В. Английские языковые лакуны в свете интралингвистического подхода: автореф. дис. канд. филол. наук: 10.02.04 / Савицкая Екатерина Владимировна. – Самара, 2015. – 23 с.*
11. *Турсунов Ф.М. Сопоставительное исследование безэквивалентной лексики в лингвокультурном и переводческом аспектах (на материале английского и таджикского языков): дис. д-ра филол. наук: 10.02.20 / Турсунов Фаёзджон Мелибоевич. – Душанбе, 2016. – 358 с.*
12. *Шакурзода О. «Бӯстон» ё «Саъдинома»-и Саъдӣ бо шарҳи вожаҳову абёти душвор / О. Шакурзода. – Душанбе: Главная научная редакция ТНЭ, 2021. – 720 с.*
13. *Эйнуллаева Е.А. Лакуны в структуре языковой личности и их заполнение в межкультурной коммуникации (на примере английского и русского языков): автореф. дис. канд. филол. наук: 10.02.20 / Эйнуллаева Екатерина Александровна. – Москва, 2003. – 28 с.*
14. *The Bustan of Sa'di / Translated by G.M. Wickens. – Toronto: University of Toronto Press, 1978. – 344 p.*
15. *The Garden of Fragrance: Bostan of Sadi / Translated by G.S. Davie. – London: Kegan Paul, Trench, 1882. – 372 p.*

АНАЛИЗ ЭЛИМИНАЦИИ ЛАКУН В АНГЛОЯЗЫЧНОМ ПЕРЕВОДЕ «БУСТОНА» САДИ

Статья посвящена лакунарности в художественном переводе, теоретически неустойчивой категории современной науки. Проблема обусловлена отсутствием чёткого разграничения лакуны, имплицитности и безэквивалентности, а также недостаточной разработанностью их когнитивных механизмов. Исследование опирается на лингвокогнитивный и лингвокультурологический подходы, рассматривающие лакуну как индикатор концептуальной асимметрии и элемент структурной организации смысла. Материалом анализа выступают тексты «Бустон» Саади и их англоязычные переводы. Методология включает герменевтический, сравнительно-переводческий, компонентный и семантический анализ. В работе выявляются различные типы лакун, таких как когнитивные, перформативные, сакрально-пространственные, аксиологические и устанавливаются закономерности их трансформации при переводе. Показано, что такие переводческие стратегии, как транслитерация, калькирование, конкретизация, экспликация, выступают не средствами устранения лакуны, а механизмами её когнитивной реконфигурации. Впервые в таджикском языкознании обосновывается, что элиминация лакун представляет собой континуум когнитивных преобразований, включающий редукцию, деформацию и инверсию концептов, что приводит к переконфигурации исходных фреймов и изменению смысловой организации текста. Делается вывод о том, что лакуна представляет собой не «пустоту», а зону смыслового напряжения, отражающую глубинные различия между культурами.

Ключевые слова: лакунарность, элиминация, компенсация, перевод, «Бустон», фрейм, инверсия, безэквивалентная лексика, концептуализация, когнитивная асимметрия.

ТАҲЛИЛИ БАРТАРАФКУНИИ ЛАКУНА ДАР ТАРҶУМАИ АНГЛИСИИ «БӮСТОН»-И САЪДӢ

Мақола ба масъалаи лакунанокӣ дар тарҷумаи бадеӣ ҳамчун категорияи аз диди назариявӣ ноустувори забоншиносии муосир бахшида шудааст. Моҳияти масъала дар набудани фарқгузории равшани мафҳумҳои лакуна, имплиситнокӣ ва эквивалентнокӣ, инчунин дар сатҳи нокифояи таҳқиқи механизмҳои когнитивии онҳо ифода меёбад. Таҳқиқот ба равишҳои лингвокогнитивӣ ва лингвокултурологӣ такя мекунад, ки лакунаро ҳамчун нишондиҳандаи асимметрияи консептуалӣ ва унсури ташкили сохтории маъно шарҳ медиҳанд. Маводди таҳлил «Бӯстон»-и Саъдӣ ва тарҷумаҳои англисии он маҳсуб меёбад. Методология таҳлили герменевтикӣ, муқоисавию тарҷумавӣ, компонентӣ ва семантикиро дар бар мегирад. Навъҳои когнитивӣ, перформативӣ, ирфонӣ-фазоӣ ва аксиологӣ муайян гардида, қонуниятҳои табдили онҳо дар раванди тарҷума нишон дода шудаанд. Манзур гардидааст, ки транслитератсия, калка, конкретизатсия ва экспликатсия лакунаро бартараф намекунанд, балки ҳамчун механизмҳои реконфигуратсияи когнитивии он баромад мекунанд. Собит мегардад, ки элиминатсияи лакунаҳо континууми табдилоти когнитивӣ буда, редуксия, деформатсия ва инверсияи консептҳоро шомил буда, боиси азнавсозии фреймҳо ва сохтори маъноӣ мегардад. Хулоса он аст, ки лакуна на «холигӣ», балки як минтақаи тавсеаи маъноӣ буда, тафовути амиқи фарҳангиро таҷассум мекунад.

Калидвожаҳо: лакунанокӣ, бартарафкунӣ, чуброн, тарҷума, «Бӯстон», фрейм, инверсия, лексикаи беэквивалент, консептуализатсия, асимметрияи когнитивӣ.

ANALYSIS OF LACUNA ELIMINATION IN THE ENGLISH TRANSLATION OF SAADI'S «BUSTAN»

The article is devoted to lacunarity in literary translation as a theoretically unstable category of contemporary linguistics. The problem stems from the lack of a clear distinction between lacuna, implicitness, and equivalence deficiency, as well as insufficient development of their cognitive mechanisms. The study is based on linguocognitive and linguocultural approaches, which interpret lacuna as an indicator of conceptual asymmetry and an element of the structural organization of meaning. The material includes Saadi's *Bustan* and its English translations; the methodology involves hermeneutic, comparative-translational, componential, and semantic analysis. Cognitive, performative, sacral-spatial, and axiological types of lacunae are identified, and regularities of their transformation in translation are established. It is shown that transliteration, calque, concretization, and explication do not eliminate lacunae but rather function as mechanisms of their cognitive reconfiguration. It is argued that lacuna elimination constitutes a continuum of cognitive transformations, including reduction, deformation, and inversion of concepts, leading to the reconfiguration of narrative frames and semantic structure. The study concludes that lacuna is not a "void" but a zone of semantic tension reflecting deep cultural asymmetry.

Keywords: lacunarity, elimination, compensation, translation, «Bustan», frame, inversion, non-equivalent vocabulary, conceptualization, cognitive asymmetry.

Об авторе
Рустамзода Шодимурод Рустам
Кандидат филологических наук, доцент общеуниверситетской кафедры английского языка
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17
E-mail: muallififarhang@gmail.com

About the author
Rustamzoda Shodimurod Rustam
Candidate of philological sciences, associate professor of the comprehensive university English Department
Tajik National University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17
E-mail: muallififarhang@gmail.com

Дар бораи муаллиф
Рустамзода Шодимурод Рустам
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии забони англисӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17
E-mail: muallififarhang@gmail.com

УДК 81'373.7:811-112

ФРАЗЕОСЕМАНТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ВЫРАЖЕНИЯ ЭМОЦИЙ ЧЕЛОВЕКА В ТАДЖИКСКОМ, РУССКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Султонова О. Т.
Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана

Введение. Эмоции как фундаментальный компонент человеческого опыта играют ключевую роль в формировании языковой картины мира. Фразеологические единицы (ФЕ) с эмоциональной семантикой представляют собой устойчивые словосочетания, основанные на историческом и культурном опыте носителей языка. Они аккумулируют субъективные оценки, национальные ценности и культурные коннотации, что придаёт им высокую выразительность. Анализ таких единиц позволяет установить механизмы концептуализации и вербализации эмоциональных состояний, проследить особенности языкового кодирования базовых чувств в различных культурах.

Методы и материал исследования. Методологическую основу исследования составляют положения современной теории фразеологии, семантики и когнитивной лингвистики, а также лингвокультурологический и эмотивный подходы к изучению языка. В работе используются общенаучные методы анализа, синтеза, классификации и интерпретации. Среди частноязыковых методов применяются: описательный, сопоставительный, компонентный и контекстуальный анализ, а также элементы когнитивно-дискурсивного подхода. Эмпирическая база исследования включает фразеологические словари таджикского, русского и английского языков, двуязычные лексикографические источники, а также примеры из классической художественной литературы и современных текстов.

Изучение ФЕ, репрезентирующих эмоции, сформировалось как междисциплинарное направление на стыке семантики, когнитивной лингвистики, лингвокультурологии и психологии. Данные идиомы отражают не только спектр человеческих чувств, но и национально обусловленное видение мира, систему ценностей и культурные сценарии поведения [9, с. 48]. Сопоставительное изучение эмоциональной фразеологии позволяет выявлять как универсальные механизмы концептуализации психических состояний, так и культурно-специфические модели их вербализации [17, с. 112].

Проведённый обзор показывает, что таджикская фразеологическая традиция создала прочную структурно-семантическую базу, русская школа разработала концептуальный аппарат эмотивности, а западная, центральноазиатская и англоязычная лингвистические традиции предложили эффективные когнитивные и лингвокультурологические подходы. Однако системного сопоставительного анализа эмотивной фразеологии таджикского, русского и английского языков до сих пор не проводилось. Остаётся открытым вопрос о культурно-специфических моделях эмоциональной концептуализации в таджикской фразеологии. Настоящее исследование призвано заполнить этот пробел.

Исходя из этого, мы считаем необходимым провести семантический анализ устойчивых выражений с эмоциональным компонентом в трёх разноструктурных языках и выявить сходства и различия между их значениями. Данные фразеологизмы играют немаловажную роль для выражения широкого спектра чувств. Весь исследуемый материал можно разделить на группы в соответствии с его семантическими особенностями.

I. Фразеологизмы, связанные с позитивными эмоциями. Ниже анализируются положительные эмоции, вербализуемые различными образными средствами. В плане их семантики можно наблюдать как сходства, так и различия.

1. Эмоция: хушбахтӣ / счастье / happiness. Данное состояние в таджикском языке выражается ФЕ «сари касе ба осмон расидан» – ощущение высшей степени благополучия [14, с. 26]. Его русский эквивалент «быть на седьмом небе» означает состояние сильнейшего душевного подъёма, а английский вариант «to be on cloud nine» – эйфорическое чувство. Во всех трёх языках используется метафора высоты и полёта для обозначения высокой интенсивности радости. При этом таджикский образ имеет сакральный оттенок, русский вариант выражает эмоционально насыщенный подъём, а английский – более абстрактен.

2. Эмоция: шодӣ / радость / joy. Она передается в таджикском языке посредством оборота «аз шодӣ ба пӯсти худ нағунҷидан» – радость, «не умещающаяся» в человеке [14, с.

450]. Его русский аналог «прыгать от радости» указывает на реакцию, проявляющуюся в активном физическом действии, а английское соответствие «to walk on air» передает ощущение лёгкости и невесомости. В рассматриваемых ФЕ радость связывается с телесным откликом и изменением физического состояния: в таджикском – это образ эмоционального «расширения», в русском – акцент на двигательной активности, в английском – метафора парения.

3. Эмоция: муҳаббат / любовь / love. Это чувство в таджикском языке выражается идиомой «дил ба касе гарм будан» – устойчивое чувство привязанности и сердечного тепла [14, с. 355]. Его русский эквивалент «сердце замирает» отражает трепет и волнение. В английском языке используется оборот «to fall head over heels in love», передающий стремительное, всепоглощающее влечение. Сердце здесь выступает центральным образом, олицетворяющим источник чувств. В таджикском фокус смещен на стабильное тепло, в русском – на момент эмоционального трепета, в английском – на динамичность и романтическую порывистость.

4. Эмоция: роҳат / комфорт / comfort. Данная эмоция передаётся в таджикском языке фразеологизмом «ҳузури ҷон» – состояние внутреннего душевного покоя [14, с. 623]. Его русский эквивалент «как у Христа за пазухой» означает ощущение абсолютной защиты и безопасности. Английским аналогом является выражение «to be snug as a bug in a rug» – состояние уюта. В трёх языках подчёркивается чувство покоя и снятия напряжения. Однако таджикский вариант ориентирован на духовно-душевный комфорт, русский – на религиозно окрашенную идею покровительства, а английский – на бытовой, приземленный уют.

5. Эмоция: завқ / восторг / delight. Она выражается в таджикском языке фразеологизмом «тафсида рафтан» – состояние почти экстатического наслаждения [14, с. 177]. В русском языке ему соответствует выражение «прийти в восторг» – переживание сильного эмоционального подъёма. Соответствием в английском языке выступает оборот «to be over the moon» – крайне высокая степень восхищения. Восторг во всех случаях связан с интенсивным возбуждением. В таджикском выражение приближено к экстатическому состоянию, в русском акцент сделан на интенсивности, а в английском используется гиперболизированный пространственный образ.

6. Эмоция: оромӣ / спокойствие / calmness. Эта эмоция в таджикском языке передаётся фразеологизмом «хашми худро фурӯ бурдан» – эмоциональное «остывание», возвращение к равновесию [14, с. 267]. Русский вариант «сохранять ледяное спокойствие» транслирует образ предельной хладнокровности. В английском языке данное состояние передаётся через «to be as cool as a cucumber» – естественная невозмутимость. В сопоставляемых языках подчёркивается полное самообладание и контроль над собой. Таджикское выражение описывает процесс подавления негативных вспышек, русский связывает спокойствие с метафорой холода, а английский – с образом органической, природной устойчивости.

7. Эмоция: умедворӣ / надежда / hope. В таджикском языке посредством фразеологизма «умед бастан» выражается идея ожидания чего-либо с верой в лучшее [14, с. 213]. Его русский эквивалент «жить надеждой» представляет её как внутреннюю опору. В английском существует аналог «to pin one's hopes on (something/someone)» – активно возлагать надежды на кого-то/что-то. В этих трёх языках категория соотносится с позитивным проектированием будущего. В таджикском превалирует образ терпеливого ожидания, в русском – внутренний экзистенциальный ориентир, в английском – деятельная, направленная проекция.

II. Фразеологизмы, связанные с негативными эмоциями

1. Эмоция: ғазаб / гнев / anger. Данное состояние в таджикском излагается фразеологизмом «аланга гирифтан» – погружение в состояние сильного раздражения [13, с. 18]. Его русский аналог «кипеть от злости» указывает на накопленное внутреннее напряжение. В английском языке гнев выражается фразеологизмом «to see red» – вспышка ярости через зрительный образ. В трёх языках данные фразеологизмы используют маркеры жара, вспышки или утраты контроля для создания образности. В таджикском акцент сделан на самом состоянии, в русском – на процессе его закипания и накопления, а в английском – на внезапной визуальной реакции.

2. Эмоция: хашм / гневный / angry. В таджикском языке передаётся фразеологизмом «тафсида рафтан» – быть охваченным пылающим гневом [14, с. 177]. Его русским

эквивалентом является «загореться гневом» (стремительное нарастание эмоции), а в английском языке аналогом выступает оборот «burning with anger» – внутренняя пылающая злость. В рассматриваемых лингвистических системах огонь является центральной метафорой интенсивности. В таджикском языке данный образ подчёркивает духовно-психологическое «пламя», в русском – кинестетическую динамику, а в английском – телесно-зрительную картину.

3. Эмоция: ғам / грусть / sadness. Печаль в таджикском языке передаётся фразеологизмом «дили касеро сиёҳӣ пахш кардан» – омрачение сердца, тоска [14, с. 388]. Её аналогом в русском языке можно считать идиому «тоска зелёная» – глубинное, затяжное состояние уныния, а в английском эквивалентом является оборот «(to be) down in the dumps» – погружённость на эмоциональное «дно». Предложенные фразеологизмы выражают состояние подавленности и безысходности. При этом в таджикском языке образ обозначает драматическое «затемнение» чувств, в русском дается цветовая характеристика глубокой тоски, а в английском используется метафора падения (спуска).

4. Эмоция: ранҷиш / обида / offense. Обида в таджикском языке репрезентируется фразеологизмом «димоғи касеро сӯзондан» – жгучее внутреннее раздражение [14, с. 410]. Его русский аналог – «дуться как мышь на крупу» – ироническое обозначение уязвленного самолюбия. В английском языке эквивалентом можно считать оборот «to be miffed» – лёгкая, сдержанная обида. В этих различных по своей структуре языках ФЕ выражают реакцию на воспринимаемую несправедливость. Отличия: таджикский акцентирует физиологическую (носоглоточную) напряжённость, русский насмешливо оценивает внешнее поведение, английский – нейтрализует и сглаживает интенсивность эмоции.

5. Эмоция: ноумедӣ / разочарование / disappointment. Разочарование в таджикском языке передаётся фразеологизмом «дасту дил шустан» – внутренний разрыв с ожиданиями, отказ от продолжения усилий [13, с. 305]. Его русский аналог – «остаться с носом» – оказаться обманутым в ожиданиях. В английском языке идея передаётся оборотом «to be left high and dry» – остаться беспомощным, без поддержки. Все три ФЕ обозначают крах надежд. Разница состоит в том, что в таджикском языке упор делается на внутреннем надломе, в русском присутствует оттенок бытовой насмешки, а в английском – образ вынужденной изоляции.

6. Эмоция: шарм / стыд / shame.Стыд в таджикском языке передаётся фразеологизмом «хиҷил мондан» – ощущать моральное бремя вины [14, с. 272]. Его русский эквивалент «готов сквозь землю провалиться» отражает острое самоосуждение. В английском языке это состояние передаётся устойчивым сочетанием «to be ashamed of oneself» – переживание внутренней вины. Во всех сопоставляемых языках идиомы выражают стремление отстраниться от ситуации, скрыться. Их семантическое своеобразие заключается в том, что таджикский вариант подчёркивает этическое бремя, русский гиперболизирует желание физически исчезнуть, а английский фокусируется на рациональной саморефлексии.

7. Эмоция: шарманда / позор / disgrace.Позор в таджикском языке выражается фразеологизмом «шармандаи ҳарду олам кардан» – абсолютная утрата чести и достоинства [13, с. 432; 14, с. 432]. Его русским эквивалентом можно считать оборот «быть посмешищем» – стать объектом насмешек. Английский аналог «to be a laughing stock» выражает ту же идею: быть поводом для всеобщего осмеяния. В трёх языках ФЕ обозначают ситуацию публичного, социально значимого осуждения. Семантическое отличие состоит в том, что таджикский вариант связывает позор с метафизической утратой чести, русский – акцентирует социальную роль жертвы насмешек, а английский – передает аналогичную деструктивную ситуацию через ироничный бытовой образ (столб/колодка для наказаний).

III. Фразеологизмы, связанные с состояниями нейтральной и смешанной оценочности

1. Эмоция: ҳайрон шудан / шок / shock. Шок в таджикском языке выражается фразеологизмом «дар ҳайрат афтидан» – сильное потрясение [14, с. 570]. В русском языке его аналог «как гром среди ясного неба» подчеркивает внезапное, резкое воздействие. В английском языке значение передается словом-фразеологизмом «to be thunderstruck» – ошеломлённость. В трёх языках акцентируется внезапность и парализующий эффект явления. При этом таджикский вариант сосредоточен на психофизиологической реакции, в русском используется природная метафора стихийного удара, а в английском – визуально-физический образ поражения молнией.

2. Эмоция: ҳайрат / удивление / surprise. Удивление в таджикском языке передаётся фразеологизмом «ангушти ҳайрат газидан» – древний жест-реакция на неожиданное [13, с. 26]. Его русский эквивалент – «челюсть отвисла» – гиперболическое обозначение крайнего изумления. Английское соответствие – «to be flabbergasted» – состояние сильнейшего удивления, повергшего в ступор. В исследуемых языках удивление маркируется через мимическую и телесную реакцию. Отличия заключаются в том, что таджикский вариант опирается на традиционный восточный жест (кусание пальца), русский использует гротескную анатомическую метафору, а английский передает когнитивный тупик.

3. Эмоция: муқобилат / внутренние противоречия / inner conflict. Внутренний конфликт в таджикском языке передаётся фразеологизмом «бо касе чап шудан» – быть в натянутых отношениях, пойти наперекор [14, с. 358]. Его русский семантический аналог в данном контексте – «быть не в ладах с самим собой» или «душа разрывается» (если речь идет о внутреннем разладе), однако исходный пример «противоречить» указывает скорее на рациональное несоответствие. Английским аналогом можно считать фразеологизм «to be at odds with someone/oneself» – разногласие. Во всех сопоставляемых языках кодируется состояние рассогласования. Отличие заключается в том, что таджикский вариант передает идею конфронтации через пространственный образ («левой стороны»), русский формулирует ментальный или эмоциональный сбой, а английский подчёркивает психологическое противостояние сторон.

4. Эмоция: танҳоӣ / одиночество / loneliness. Одиночество в таджикском языке выражается оборотом «танҳоӣ кашидан» – выносить, терпеть состояние изоляции [14, с. 168]. Его русский аналог «один как перст» создает образ абсолютного отчуждения. Английским эквивалентом выступает устойчивое сочетание «to be all alone» – полная социальная изолированность. В трёх языках одиночество характеризуется как вынужденное обособление. Разница заключается в том, что в таджикском языке акцент сделан на экзистенциальном и духовном страдании, в русском – на ярком визуальном образе единственного пальца, а в английском – на констатации пространственной отделённости.

5. Эмоция: мутакаббир / высокомерие / arrogance. Высокомерие в таджикском языке передается фразеологизмом «тумшуқи касе дар осмон будан» – образ крайней заносчивости [14, с. 205]. Его русский аналог – «задрать нос» – демонстративное презрение к окружающим. Английский эквивалент «to have one's nose in the air» означает игнорирование людей. Во всех трёх случаях чувство превосходства выражается через пространственную дистанцию и положение головы. Таджикский вариант усиливает представление об удалённости от земного мира («клюв в небесах»), русский фиксирует конкретный физический жест спеси, а английский подчёркивает социальное дистанцирование.

Представленный корпус фразеологизмов показывает, что таджикский, русский и английский языки разделяют универсальные концептуальные модели:

1. метафоры высоты и полёта для выражения счастья и восторга;
2. образы огня и жара для репрезентации гнева;
3. метафора холода для демонстрации самообладания;
4. образы бремени, тяжести и изоляции для кодирования одиночества и стыда.

На этом фоне отчётливо проявляется культурная специфика: таджикская эмотивная фразеология тяготеет к духовно-нравственным и этическим категориям, русская – к драматизму, экспрессивной гиперболе и иронии, а английская – к прагматичным, пространственным и эмпирическим образам.

Позитивные эмоции в трёх языках чаще всего репрезентируются через модели высоты, лёгкости и внутреннего тепла, тогда как негативные – через огонь, тяжесть, падение и социальное осуждение. Особый интерес представляют соматические коды (сердце, лицо, нос, палец), которые позволяют проследить, какие части тела становятся культурными «экранами» для проекции эмоций в каждой традиции.

Таким образом, в ходе исследования выявлены универсальные и специфические черты фразеологических единиц, выражающих эмоции в таджикском, русском и английском языках. Во всех трёх лингвокультурах устойчивые сочетания активно используются для вербализации базовых чувств. Эти единицы опираются на универсальные когнитивные механизмы – метафоризацию и символизацию чувственного опыта.

Уникальные культурные и исторические факторы напрямую влияют на формирование фразеосистемы каждого языка. В таджикском заметно сильное влияние традиционных восточных ценностей и этико-религиозных представлений. Русская эмоциональная

фразеология тесно связана с богатой литературной традицией и психологизмом, что обусловливает её высокую экспрессивность. Английский язык демонстрирует тенденцию к прагматичности, лаконичности, а также к широкому использованию телесно-поведенческих и пространственных метафор.

Влияние этнокультурных факторов проявляется в расхождении внутренних образов. Метафоры, связанные с природой, предначертанием и духовностью, более характерны для таджикской фразеологии; в русском языке значимую роль играют концепт «души» и идея внутренней драмы; английская традиция чаще опирается на рациональные, бытовые и пространственные ориентиры.

Проведённая классификация ФЕ по типам эмоций, а также по степени их экспрессивности и характеру оценочности позволяет описать системную организацию эмотивной фразеологии в сопоставляемых языках. Полученные результаты представляют ценность для межкультурной коммуникации, теории и практики перевода, а также для методики преподавания иностранных языков. Учёт эмоциональной окраски и культурных коннотаций идиом способствует предотвращению коммуникативных сбоев и сохранению прагматического эффекта оригинального высказывания. Кроме того, исследование вносит вклад в развитие сопоставительной лингвистики, углубляя представления о языковой картине мира и менталитете различных народов.

Литература

1. *Азимова М. Н. Сопоставительно-типологический анализ фразеологической системы таджикского и английского языков : автореф. дис. ... д-ра филол. наук : 10.02.20 / М. Н. Азимова. – Душанбе, 2006. – 49 с.*
2. *Апресян Ю. Д. Лексическая семантика: синонимические средства языка / Ю. Д. Апресян. – М. : [б. и.], 1974. – 367 с.*
3. *Бабкин А. М. Русская фразеология, ее развитие и источники / А. М. Бабкин. – 2-е изд. – М. : URSS, 2009. – 344 с.*
4. *Зохидов А., Осимова Б. Фарҳанги воҳидҳои фразеологии лаҳҷаи Хуҷанд / А. Зохидов, Б. Осимова. – Хуҷанд : Нури маърифат, 2013. – 392 с.*
5. *Землякова К. В. Факторы семантической сочетаемости предикатов с фразеологическими характеризаторами качества процесса / К. В. Землякова // Вестник Южно-Уральского государственного университета. Серия: Лингвистика. – 2012. – № 25(284). – С. 64–69.*
6. *Камская М. В. Фразеологизмы для выражения эмоций / М. В. Камская // Наука. Техника. Технологии (Политехнический вестник). – 2022. – № 2. – С. 236–239.*
7. *Зюзя Е. В. Эмоции и потребности человека / Е. В. Зюзя // Эпоха науки. – 2024. – № 41. – С. 245–248.*
8. *Маджидов Х. К. Фразеология современного таджикского языка : учеб. пособие для филол. фак. / Х. К. Маджидов. – Душанбе : ТГУ, 1982. – 104 с.*
9. *Маматов А. Лингвокультурологическое изучение фразеологических единиц / А. Маматов // Foreign Languages in Uzbekistan. – 2021. – № 2.*
10. *Маслова В. А. Лингвокультурология / В. А. Маслова. – М. : Академия, 2001. – 208 с.*
11. *Степанова Е. Д. Фразеологизмы как средства выражения эмоций в английском и русском языках в когнитивном аспекте / Е. Д. Степанова // Филологический аспект. – 2023. – № 5(97). – С. 214–220.*
12. *Трофимова Е. В. Семантика фразеологизмов, выражающих отрицательные эмоции в англоязычной картине мира / Е. В. Трофимова, Е. А. Афонская // Вестник Донецкого национального университета. Серия Д: Филология и психология. – 2024. – № 5. – С. 104–114.*
13. *Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехта (фарҳанги фразеологӣ). Ҷ. 1 / М. Фозилов. – Душанбе : [б. и.], 1963. – 290 с.*
14. *Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехта (фарҳанги фразеологӣ). Ҷ. 2 / М. Фозилов. – Душанбе : Ирфон, 1964. – 300 с.*
15. *Хушенова С. В. Изафетные фразеологические единицы таджикского языка / С. В. Хушенова. – Душанбе : Дониш, 1971. – 190 с.*
16. *Шаховский В. И. В начале была... эмоция / В. И. Шаховский // Мир лингвистики и коммуникации : электронный научный журнал. – 2008. – № 11. – С. 19–23.*
17. *Opryshko A. Theoretical foundations of comparative analysis of phraseological units of different structural languages / A. Opryshko // Aktual'nì pitannâ gumanìtarnih nauk. – 2022. – Vol. 48, № 2. – P. 112–122. – DOI 10.24919/2308-4863/48-2-17.*
18. *Wierzbicka A. Emotions across languages and cultures: diversity and universals / A. Wierzbicka. – Cambridge : Cambridge University Press, 1999. – 349 p*
19. *Jamshedov P. Tajik–English dictionary with Tajiki language grammar rules / P. Jamshedov. – Dushanbe : Ejod Press, 2008. – 978 p.*

ФРАЗЕОСЕМАНТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ВЫРАЖЕНИЯ ЭМОЦИЙ ЧЕЛОВЕКА В ТАДЖИКСКОМ, РУССКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Настоящее исследование выполнено в русле лингвокультурологии и когнитивной лингвистики и посвящено сопоставительному анализу фразеологической репрезентации эмоций в трёх неблизкородственных языках: таджикском, русском и английском. Его основная цель заключается в выявлении как универсальных так и культурно-специфических механизмов вербализации чувств через анализ лексико-семантических и лингвокультурологических характеристик соответствующих фразеологизмов. Результаты выявили универсальные когнитивные модели (метафоры высоты, огня, холода) при выражении базовых эмоций, однако их фразеологическое воплощение культурно специфично. Таджикский язык опирается на духовно-нравственные образы, русский на гиперболу и драматизм а английский на прагматичные поведенческие сценарии. Таким образом, анализ подтверждает культурную детерминированность эмотивной фразеологии. Практическая значимость результатов заключается в их применении в межкультурной коммуникации, переводоведении и лингводидактике.

Ключевые слова: эмоция, экспрессия, культура, сопоставление, лингвистика, межкультурная коммуникация.

ТАҲЛИЛИ ФРАЗЕОСЕМАНТИКИИ ИФОДАИ ЭҲСОСОТИ ИНСОН ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ

Тадқиқот дар соҳаи забоншиносии фарҳангӣ (лингвокультурология) ва забоншиносии маърифатӣ анҷом дода шуда, ба муқоисаи ифодаи фразеологии эҳсосот дар се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бахшида мешавад Ҳадафи тадқиқот муайян кардани хусусиятҳои универсалӣ ва фарҳанги мушаххаси воҳидҳои фразеологӣ бо семантикаи эҳсосӣ ва тавсифи сохтори майдонҳои фразеосемантикии онҳост. Натиҷаҳо нишон доданд, ки дар ифодаи эҳсосоти асосӣ моделҳои когнитивии универсалӣ (метафораҳои баландӣ, оташ ва сардӣ) амал мекунанд, аммо таҷассуми фразеологии онҳо ба фарҳанг хос аст. Забони тоҷикӣ бештар ба тасвирҳои маънавию ахлоқӣ, забони русӣ ба муболиға ва драматизм, забони англисӣ ба сенарияҳои рафторӣ такя мекунад. Ҳамин тариқ, таҳлил вобастагии фарҳангии фразеологияи эмотивиро тасдиқ мекунад. Натиҷаҳоро метавон дар муоширати байнифарҳангӣ, тарҷумашиносӣ ва таълими забон истифода бурд.

Калидвожаҳо: эҳсосот, ифода, фарҳанг, муқоиса, забоншиносӣ, муоширати байнифарҳангӣ.

PHRASEOSEMANTIC ANALYSIS OF HUMAN EMOTION EXPRESSION IN TAJIK, RUSSIAN AND ENGLISH LANGUAGES

The study in the field of linguoculturology and cognitive linguistics compares phraseological representation of emotions in three languages: Tajik, Russian and English. Its aim is to identify universal and culture specific mechanisms of verbalising feelings by analysing linguocultural features of phraseological units. The results reveal universal cognitive models, metaphors of height, fire and cold, in the expression of basic emotions, while their phraseological realisation is culturally specific. Tajik draws on spiritual imagery, Russian on hyperbole and dramatism, and English on behavioural scenarios. Thus, the analysis confirms cultural conditioning of emotive phraseology. The findings can be applied in intercultural communication, translation and language teaching.

Keywords: emotion, expression, culture, comparison, linguistics, intercultural communication.

Об авторе
Султонова Орзу Турсуновна
Ассистент кафедры иностранных языков и межкультурных отношений
Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана
734400, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Борбад 48/5
E-mail: sorzu@mil.ru

Дар бораи муаллиф
Султонова Орзу Турсуновна
Ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ ва робитаҳои байнифарҳангӣ
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
734400, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Борбад 48/5
E-mail: sorzu@mil.ru

About the author
Sultonova Orzu Tursunovna
Assistant of the department of Foreign Languages and Intercultural Relations
International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan
734400, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Street, 48/5
E-mail: sorzu@mil.ru
ORCID: 0009-0007-7767-0570

УДК 881.112(43.7)

СЛОВООБРАЗОВАНИЕ ПРИЛАГАТЕЛЬНЫХ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ (НА МАТЕРИАЛЕ ХУДОЖЕСТВЕННОЙ ПРОЗЫ С. АЙНИ)

Нодирова С. С.
Кулябский государственный университет имени А. Рудаки

Словообразование как один из центральных разделов языкознания играет важную роль в формировании и развитии лексической системы языка. Через словообразовательные процессы отражаются не только структурные особенности языка, но и специфика национального мировосприятия, культурно-исторические условия и когнитивные модели носителей языка. В этой связи сопоставительное изучение словообразования в языках различного типологического строя приобретает особую научную значимость.

Таджикский и английский языки принадлежат к разным языковым семьям и характеризуются различными типологическими параметрами. Таджикский язык, относящийся к иранской группе индоевропейских языков, представляет развитую систему аффиксации и аналитических конструкций. Английский язык, в свою очередь, является аналитическим языком с высокой продуктивностью конверсии и словосложения. Эти различия особенно ярко проявляются в словообразовании знаменательных частей речи. Словообразовательная система английского языка существенно отличается от таджикской как по набору продуктивных моделей, так и по их функциональной нагрузке.

В английском языке словообразование тесно связано с морфологией и лексикологией, поскольку затрагивает как формальную структуру слова, так и его значение. Английский язык относится к аналитическому типу, что обусловливает активное использование немаркированных словообразовательных средств, прежде всего конверсии и словосложения, а также сравнительно ограниченное, но стабильное применение аффиксации [11, с. 18]. Словообразовательная система таджикского языка характеризуется высокой степенью регулярности и семантической прозрачности. Основным и наиболее продуктивным способом словообразования является аффиксация, в рамках которой активно используются суффиксы и, в меньшей степени, префиксы [8, с. 172].

Проблема перевода прилагательных занимает важное место в теории и практике художественного перевода. Прилагательные, являясь носителями качественной, оценочной и эмоционально-экспрессивной информации, играют значительную роль в создании художественного образа. В произведениях С. Айни прилагательные в таджикском языке активно используются для характеристики персонажей, описания их внутреннего мира, социальной среды и национального колорита. Например: *«Одина лоғар, азияткашида, либоси кӯҳнаву дарида ва чашмони ғамгин буд» [2, с. 197] (Одина был худой, измученный, в старой рваной одежде, с печальными глазами).* В этом фрагменте прилагательные *«худой», «измученный», «старой», «рваной», «печальными»* выполняют несколько функций. В частности эти прилагательные характеризуют внешний вид героя, передают его социальное положение, создают эмоционально-экспрессивный образ бедного и угнетённого человека. Сопоставительный анализ перевода прилагательных с таджикского языка на английский позволяет выявить как универсальные, так и национально-специфические особенности словообразования и функционирования данной части речи, модели, особенно в сфере глагольной лексики.

Словообразование прилагательных представляет собой одну из наиболее продуктивных и показательных областей морфологической системы языка. В художественном тексте прилагательные выполняют не только номинативную, но и ярко выраженную экспрессивно-оценочную функцию, способствуя созданию образности, характеристике персонажей и передаче авторской модальности. В этой связи особый интерес представляет сопоставительное исследование словообразовательных особенностей прилагательных в таджикском и английском языках на материале переводов художественной прозы Садриддина Айни, классика таджикской литературы.

Среди знаменательных частей речи прилагательное обладает особыми словообразовательными свойствами, поскольку оно непосредственно соотнесено с категорией признака и активно участвует в оценочной и экспрессивной номинации. В сопоставительном аспекте анализ прилагательных позволяет выявить типологические

различия между языками синтетического и аналитического строя [9, с. 53]. Например: *«He served a group from the Ajul clan in Khorasan, and he was a clever, handsome, knowledgeable slave – Ӯ дар хизмати гурӯҳе буд аз бани Аҷул дар Хуросон ва ӯ ғуломе буд зирак, хушманд ва бофарҳанг…»* [15, с. 101].

В сопоставительном аспекте, из приведенного выше предложения видно, что в английском языке прилагательные располагаются перед существительным *clever, handsome, knowledgeable slave*, тогда как в таджикском переводе они следуют после существительного *ғуломе буд зирак, хушманд ва бофарҳанг*. Это отражает типологические различия между языками аналитического и синтетического строя, а также особенности их словообразовательной и синтаксической организации. Суффиксация является наиболее продуктивным способом образования прилагательных в таджикском языке. Данный способ охватывает как исконные, так и заимствованные основы, обеспечивая формирование широкого круга качественно-оценочных, относительных и абстрактных признаков. Суффиксальные модели отличаются семантической прозрачностью и высокой частотностью, особенно в художественной речи. В прозе С. Айни суффиксальные прилагательные активно используются как средство социально-психологической характеристики персонажей, а также для выражения оценочности, экспрессии и авторского отношения. Наиболее продуктивными являются суффиксы: ***-ӣ, -гӣ, -она, -гин, -манд, -он, -нок, -вор, -пеша*** и др. Суффикс ***-гӣ*** образующий **абстрактные отвлечённые существительные и прилагательные,** связанные с действием или качеством [6, с. 174]. Например: *иғвогар**ӣ*** – provocation (провокция, интрига): *«Бухорхудот бо роҳи иғвогарӣ ба гӯши Наср гуфт… – In hlaning a provocation, Bukhor Khudat told Nasr…»* [15, с. 93]. В данном случае суффикс ***-гӣ*** придаёт слову значение процесса или формы поведения, подчеркивая негативную социальную направленность действия.

Суффикс ***–ӣ*** образующий относительные прилагательные, указывающие на принадлежность, связь или отношение к абстрактному понятию. Например: *таърих**ӣ*** – *historical (исторический)*: *«Дар ҳамин вақт як хуруҷи бисёр калон рӯй дод, ки дар олами ислом сабаби табаддулоти таърихӣ шуд… – During this period a very great rebellion occurred , the reason for a historical coup d`etat…»* [17, с. 94]. Здесь прилагательное «*таърихӣ»* обозначает характер события, относя его к сфере истории, без субъективной оценки.

*«Як ҳиндуи салла**нок**, як судхӯри гузарро, як хасиси чирки дандонхӯр! – гуфт Раҳим дар ҷавоб»* [4, с. 32]. В приведённом примере суффикс *-нок* в таджикском языке используется как оценочно-характеризующий словообразовательный формант, придающий слову ярко выраженную экспрессивно-негативную семантику. Слово «*салланок*» образовано по модели: *салла* (имя существительное) + ***-нок*** (суффикс) = *салланок* является субстантивированным прилагательным. В нейтральных контекстах суффикс -нок выражает значение «обладающий признаком».

Однако в художественной речи, особенно у С. Айни, суффикс ***-нок*** часто приобретает оценочно-экспрессивную функцию, усиливая негативную характеристику лица. В слове «*салла+нок*» значение выходит за рамки прямого «человек в салле» и приобретает смысл: лицемерный, показной, лжерелигиозный человек, человек, прикрывающийся внешними атрибутами благочестия.

В данном примере *салланок* входит в однородный ряд оскорбительных номинаций, усиливающих отрицательный образ персонажа: «*ҳиндуи салланок»* лицемерный «чалмоносец», *судхӯри гузарро* (алчный ростовщик), *хасиси чирки дандонхӯр* (скупец до отвратительности).

Таким образом, суффикс ***-нок*** служит средством социальной и моральной оценки; усиливает сатирическое и обличительное звучание высказывания; участвует в создании экспрессивной характеристики персонажа, типичной для реалистической прозы С. Айни. С точки зрения словообразования и стилистики суффикс ***-нок*** в таджикском языке является продуктивным суффиксом. В художественном контексте он активно используется для: метафоризации признака; переноса внешней характеристики на морально-этическую оценку. В слове «*салланок*» происходит: семантическое расширение, оценочная деривация, экспрессивная субстантивация (прилагательное функционирует как имя лица).

Суффикс ***-ӣ*** в таджикском языке является одним из наиболее продуктивных словообразовательных средств и используется для образования относительных прилагательных, наречий, а также абстрактных форм, выражающих обобщённое значение признака или качества. В художественной речи он нередко участвует в формировании

пословичных и фразеологических конструкций, обладающих высокой степенью семантической свернутости. Например*: «Чи зарар дорад, «шавад обӣ, нашавад лалмӣ» гӯён ман аз вай ҳуҷра мепурсам* [4, с. 6] – *«Nothing ventured, nothing gained»* [16, с. 35].

В данном высказывании формы обӣ и лалмӣ образованы от существительных ***об*** (вода) и ***лалм*** (богарное земледелие) при помощи суффикса ***-ӣ***. Суффикс ***-ӣ*** придаёт данным словам значение качественно-относительного признака, обозначающего результат или характер действия: *орошаемый* / *неорошаемый*.

В английском языке суффиксального эквивалента ***-ӣ***, способного передать данное обобщённое значение в столь же компактной форме, не существует. Поэтому при переводе используется *функционально-эквивалентный фразеологический* перевод: *«Nothing ventured, nothing gained*». Данный перевод даёт пословичную модальность, заложенную в форме с суффиксом ***–ӣ.***

Таким образом суффикс ***-ӣ*** в таджикском языке выполняет важную роль в формировании обобщённого, пословичного смысла, который при переводе на английский язык передаётся не морфологически, а идиоматически.

Суффикс ***-манд*** в таджикском языке является одним из продуктивных словообразовательных формантов, участвующих в образовании качественных прилагательных. Его основная семантическая функция заключается в выражении значения обладания определённым признаком, свойством или качеством, преимущественно относящимся к интеллектуальной, нравственной или социальной характеристике личности. В художественной прозе С. Айни данный суффикс активно используется как средство портретной и оценочной характеристики персонажей, что делает его особенно значимым объектом сопоставительного анализа в переводческом аспекте. В частности, прилагательные с суффиксом ***-манд*** служат для экспликации устойчивых личностных качеств героя, подчёркивая не ситуативное, а постоянное, социально значимое свойство. Например: *«Ӯ дар хизмати гурӯҳе буд, аз бани Аҷул дар Хуросонва ӯ ғуломе буд зирак, хуш**манд** ва бофарҳанг – He served a group from the Ajul clan in Khorasan, and he was aclever, handsome, knowledgeable slave* [16, с. 96]. В данном контексте, в английском переводе данное словообразовательное значение не воспроизводится морфологически, а передаётся лексико-синтаксическими средствами, о чем в своих исследованиях отмечает русский лингвист О.Д. Мешков[11, с. 56].

Английские прилагательные «*clever*» и «*knowledgeable*» передают отдельные семантические компоненты таджикского «*хушманд*», однако не отражают в полной мере значение устойчивого обладания качеством, заложенное в суффиксе ***-манд***. Это свидетельствует о том, что при переводе происходит разложение целостного словообразовательного значения на несколько лексических единиц, что является типичным проявлением переводческой трансформации при сопоставлении синтетического таджикского и аналитического английского языков [9, с. 72].

Наряду с суффиксальным способом словообразования прилагательных немаловажное значение имеет префиксально-суффиксальные образования. Хотя префиксация в таджикском языке менее продуктивна, в сочетании с суффиксами, она образует ряд экспрессивных прилагательных, например: *но+тарс+она*(бесстрашно);*бе+савод+ӣ(безграмотно)*;*бе+қувват+ӣ(безсильно)*[4, с. 75]; *но+тарошид+а(небритый)* [4, с. 79]. Подобные образования часто используются в художественной прозе С. Айни для социальной характеристики персонажей и описания их положения в общества, например: *«…аз паи ман омадан гирад ва худам аз пеши девори ҳавлӣ оҳиста- оҳиста **нотарсона** қадам партофта рафтан гирифтам* [4, с. 51] - *…follow my lead. I cjntinued my way gradually and bravely staying close to the walls of the houses»* [16, с. 75]; *«Ӯ бесавод буд, лекин бесаводии худро аз ҳама, ҳатто аз ман ҳам, ки бо писараш ошнои наздик буда, пинҳон медошт* [4, с. 65] – *Illiterate as he was. He managed to conceal his **lack of education** even from me, his son`s close friend»* [16, с. 85].

В таджикском языке широко представлены составные прилагательные аналитического типа с префиксом ***бо-, бе-, хуш- ,*** например*: босавод, бетамиз, хушахлоқ, беандоза. «…пароканда шудани устодон ва коргарони моҳири он зулми аз ҳад зиёд ва андозҳои **бе**андоза буд» – The person people abandoned their place of excellent productivity, from which the talented master craftsmen scattered, was that unbearable oppression and immeasurable taxes* [16, с. 94].

Суффиксация является наиболее продуктивным способом образования прилагательных в таджикском языке. В художественной прозе С. Айни широко

представлены прилагательные с суффиксами ***-ӣ, -нок, -манд, -он, -вор, -гин*** и др. Например*: дониш – дониш+манд* (образованный, ученый); *умед – умед+вор* (надеющийся); *ғам – ғам+гин* (печальный). В тексте романа «Дохунда» С. Айни встречаем следующее: *«Ӯ марди донишманд ва боирода буд»[1, с. 58] (Он был образованным и волевым человеком),* где прилагательное *донишманд(образованный)* образовано суффиксальным способом и выражает устойчиво - качественную характеристику персонажа. Более продуктивным является также и префиксально-суффиксальный способ словообразования прилагательных в прозе С.Айни, *например: но+дон+ӣ. «…бинобар ин шарм дошта чашмашро аз вай канда худро ба нодонӣ задан, лекин ба гӯшаи чашм ҳаракатҳои ӯро таъқиб мекарданд»*[4, с. 32]. ***Обсуждение.*** Суффиксация является одним из наиболее продуктивных способов словообразования в английском языке. С помощью суффиксов образуются существительные, прилагательные, глаголы и наречия. В английском языке прилагательные не изменяются по родам, числам и падежам, что усиливает роль деривационных средств в выражении семантических оттенков [9, с. 12].

В английском языке прилагательные активно образуются при помощи суффиксов ***-ful, -less, -ous, -ive, -able, -al, -ic***. Эти суффиксы обладают широкой сочетаемостью и позволяют передавать различные оттенки значения, в том числе оценочные и модальные. Данные суффиксы придают словам качественно-оценочный или относительный характер [11, с. 32].

В переводах произведений С. Айни под редакцией А. Мамадназарова, английские суффиксальные прилагательные часто используются как эквиваленты таджикских производных форм: *умед+вор – hope+ful, пур+ғам – sorrow+ful, илмӣ – scientif+ic* [16, с. 72].

В художественной прозе С. Айни часто встречаются прилагательные, которые образуются от глагольных основ и выражают состояние, результат или способность к действию. Например: ***-able / -ible*** *(readable, visible – хонданӣ, намоён),* ***-ing*** *(interesting – шавқовар, exciting - ҳаяҷоновар),* ***-ed*** *(tired, bored – хаста, дилгир).* Суффиксы ***-ing*** и ***-ed*** широко употребляются и выполняют важную функцию в выражении субъективной оценки.

В текстах произведений таджикского писателя С.Айни имеют место образование прилагательных от прилагательных при помощью суффиксов ***-ish***, ***-like*** выражающих оттенки значения. Наример: ***-ish***: *reddish – сурхчатоб, childis – кӯдакона;* ***-like****: childlike – кӯдакмонанд, lifelike – зиндамонанд.* Указанные суффиксы используются для выражения приблизительности или сходства.

Префиксация в английском языке чаще всего служит средством модификации значения прилагательного. В английском языке основную группу префиксов составляют:

а) отрицательные***: un- , in- , im-, dis-*** и т.д. Например: *unemployed – бекор, unmerciful – бераҳм, unhappy – бадбахт, unpleasant -нохуш, unaware – бехабар, unable – нотавон / қодир набудан, unknown – номаълум, incredible - боварнокарданӣ / аҷиб, inactive – ғайрифаъол;*

б) оценочные и интенсивные: ***over-, under-, super-.*** Например*: overconfident – аз ҳад зиёд худбовар; superhuman – фавқулодда инсонӣ, undercover – пинҳонӣ, махфӣ.* [16, с. 119]. Необходимо отметить, что префиксация в английском языке не меняет часть речи, но значительно расширяет семантический диапазон прилагательных.

В отличие от таджикского языка, английский активно использует сложные прилагательные типа *strong-willed, kind-hearted, hard-working*. Так, таджикское сочетание *бо+ирода* в английском переводе часто передается как *strong-willed*, что отражает аналитический характер английской деривации.

Одним из ключевых способов образования прилагательных в английском языке является словосложение, особенно в современной английской речи. Например*: well-known, old-fashioned, dark-green.*

Наиболее распространенным в английском языке являются модели типа Adj + N + -ed *(kind-hearted, strong-willed),* N + Adj *(snow-white),* Adj + Adj *(bitter-sweet).* Данные конструкции нередко используются для передачи таджикских аналитических прилагательных.

В художественной прозе С. Айни производные прилагательные выполняют важную изобразительно-оценочную функцию. Они способствуют созданию социально-психологического портрета персонажей, передают авторское отношение и отражают национально-культурную специфику таджикского языка.

В английских переводах нередко наблюдается тенденция к нейтрализации экспрессии, что обусловлено как типологическими особенностями языка перевода, так и нормами англоязычного художественного стиля.

В таджикском языке некоторые прилагательные в большинство предложениях выступают в качестве существительного, особенно это наблюдается в художественной прозе С. Айни. Например: *Бинобар он Мулло Вафо газалҳои худро ба он чавонон ёд кунонд* [2, с. 125]. В даном предлолении наблюдается процесс переход прилагательного *чавонон* в другую часть речи - существительного.

От основы настоящего времени таджикского глагола с помощью суффикса ***-анда*** и образуется причастие, слова, созданные по этой модели, уже не воспринимаются как причастия и вышли из этой грамматической категории. Слова *«намоянда» (представитель) и «ронанда» (водитель),* хотя и появились сравнительно позднее, также относятся к этой группеПроцесс перехода прилагательного в существительного в таджикском языке наблюдается и в других произведениях С. Айни, особенно в романе «Дохунда». Например: *сонибчамол, хуб, бад, неку, хирадманд, донишманд, тарсончак, содалавн, калон, нокас*. Эти прилагательные путем суффиксации перешли в существительное.

На основе анализа материалов художественной прозы С. Айни выявлено, что при переводе прилагательных часто применяются структурно-семантические трансформации, направленные на адекватную передачу значения и стилистической функции исходных единиц. Полученные результаты могут быть использованы в дальнейших сопоставительных исследованиях, а также в практике художественного перевода и преподавании сравнительной грамматики таджикского и английского языков.

В связи с проведенным сопоставительном анализе необходимо отметить, что расширенный анализ словообразования прилагательных в таджикском и английском языках на материале художественной прозы С. Айни позволяет глубже раскрыть типологические особенности данных языков и специфику их деривационных систем. Установлено, что таджикский язык характеризуется высокой продуктивностью суффиксального и аналитического словообразования, тогда как английский язык демонстрирует разнообразие сложных и описательных слов.

Литература

1. *Айни С. Дохунда / С. Айни. - Душанбе, Ирфон, 1984. - 429 с.*
2. *Айни С. Куллиёт Ҷ1. / С. Айни. – Сталинобод, 1958. – 329 с.*
3. *Айни С. Мактаби кӯҳна / С. Айни. – Душанбе. 2010. - 56 с.*
4. *Айни С. Марги судхӯр / С. Айни. - Душанбе: Ирфон, 1978. — 120 с.*
5. *Амосова, Н.Н. Этимологические основы словарного состава современного английского языка / Н.Н. Амосова. – М.: Изд-во лит-ры на иностр. языках, 1956.*
6. *Арнольд, И. В. Лексикология современного английского языка / И. В. Арнольд. — М.: Высшая школа. 1959. - 329 с.*
7. *Гинзбург Р. З., Хидекель С.С., Князева Г.Ю., Санкин А.А. Лексикология английского языка / Р. З. Гинзбург, С.С. Хидекель, Г.Ю. Князева, А.А. Санкин. - М., 1979. - 269 с.*
8. *Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди 1. – Душанбе: Дониш, 1985. – 358 с.*
9. *Каращук, П.М. Словообразование английского языка / П.М. Каращук. – М.: Высшая школа, 1977. – 210 с.*
10. *Кубрякова, Е.С. Словообразование. Лингвистический энцикло педический словарь / Е.С. Кубрякова. - М.: Большая российская энциклопедия, 2002. - 511 с.*
11. *Мешков, О.Д. Словосложение в современном английском языке / О.Д. Мешков. – М.: Высшая школа, 1985. – 177 с.*
12. *Рустамов, Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик. / Ш. Рустамов. – Душанбе: -Дониш, 1972. – 79 с.*
13. *Смирницкий, А.И. Морфология английского языка / А.И. Смирницкий. - М., 1959. – 176 с.*
14. *Шанский, Н.М. Очерки по русскому словообразованию и лексикологии / Н.М. Шанский. – М.: Учпедгиз, 1959.– 245 с.*
15. *Aini, S. Temur Malik – Tajik People`s Hero. Muqanna`s Rebellion (Translated by A. Mamadnazarov) / S. Aini.Dushanbe: R-graph, 2022. – 156pp(на тадж. и англ. яз.)*
16. *Aini, S. The Death of the Usurer. The Executioners of Bukhara (Translated by A. Mamadnazarov) / S. Aini. – Dushanbe: "R-graph", 2024. – 296pp.*
17. *Marchand, H. The categories and types of present-day English word-formation/ H. Marchand. – Weisbaden: 1960. Munchen: Otto Harrassowitz, 1969. – 545 pp.*

СЛОВООБРАЗОВАНИЕ ПРИЛАГАТЕЛЬНЫХ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ (НА МАТЕРИАЛЕ ХУДОЖЕСТВЕННОЙ ПРОЗЫ С. АЙНИ)

Словообразование прилагательных в таджикском и английском языках представляет собой сложную и многогранную систему, основанную преимущественно на морфологическом способе

деривации. В статье рассматриваются основные особенности перевода прилагательных при передаче художественной прозы Садриддина Айни с таджикского языка на английский язык. Анализируются структурно-семантические, словообразовательные и стилистические трудности перевода производных и непроизводных прилагательных. Особое внимание уделяется адекватности передачи оценочных, экспрессивных и культурно маркированных прилагательных, а также различиям в словообразовательных моделях таджикского и английского языков. В статье автор особое внимание уделяет аффиксальному способу словообразования как наиболее продуктивному способу формирования прилагательных в английском и таджикском языках. Приводятся многочисленные примеры из художественной прозы С. Айни как в английском переводе так и в языке оригинала, отражающие специфику функционирования производных прилагательных.

Ключевые слова: словообразование, прилагательное, таджикский язык, суффиксация, словосложение, деривация.

КАЛИМАСОЗИИ СИФАТҲО ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ (ДАР АСОСИ НАСРИ БАДЕИИ С. АЙНӢ)

Калимасозии сифатҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ низоми мураккаб ва гуногунҷабҳаеро ташкил медиҳад, ки асосан ба усули морфологии дериватсия такя мекунад. Дар мақола хусусиятҳои асосии тарҷумаи сифатҳо ҳангоми интиқоли насри бадеии Садриддин Айнӣ аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ баррасӣ мегарданд. Душвориҳои сохторию семантикӣ, калимасозӣ ва услубии тарҷумаи сифатҳои тавлидӣ ва ғайритавлидӣ таҳлил карда мешаванд. Ба мувофиқати интиқоли сифатҳои арзёбӣ, ифодаӣ ва аз ҷиҳати фарҳангӣ нишондор, инчунин ба фарқиятҳои моделҳои калимасозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ диққати махсус дода мешавад. Муаллиф дар мақола ба усули аффиксалии калимасозӣ ҳамчун воситаи самараноктарин ва сермаҳсултарини ташаккули сифатҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аҳаммияти махсус медиҳад. Мисолҳои сершумор аз насри бадеии С. Айнӣ ҳам дар забони асл ва ҳам дар тарҷумаи англисӣ оварда шудаанд, ки хусусиятҳои фаъолияти сифатҳои тавлидиро инъикос менамоянд.

Калидвожаҳо: калимасозӣ, сифат, забони тоҷикӣ, суффиксгузорӣ, таркиби калима, дериватсия.

WORD-FORMATION OF ADJECTIVES IN THE TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES (BASED ON THE FICTIONAL PROSE OF S. AINI)

The word-formation of adjectives in the Tajik and English languages constitutes a complex and multifaceted system based predominantly on the morphological method of derivation. The article examines the main features of translating adjectives when rendering Sadriddin Aini's fictional prose from Tajik into English. It analyzes the structural-semantic, derivational, and stylistic difficulties in translating derivative and non-derivative adjectives. Special attention is paid to the adequacy of conveying evaluative, expressive, and culturally marked adjectives, as well as the differences in the derivational models of the Tajik and English languages. The author places special emphasis on the affixal method of word-formation as the most productive way of forming adjectives in both English and Tajik. Numerous examples from S. Aini's fiction, presented in both the English translation and the original language, are provided to reflect the specific functioning of derivative adjectives.

Keywords: word formation, adjective, Tajik language, suffixation, compounding, derivation.

Об авторе
Нодирова Сайёра Салимшоевна
Кандидат филологических наук, и.о.доцент кафедры иностранных языков
Кулябский государственный университет имени Абуабдулло Рудаки
735360 Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафаров, 16
E-mail: bsabrina1978@internet.ru

About the author
Nodirova Sayora Salimshoevna
Candidate of Philological Sciences, acting associate professor of the Department of foreign languages
Kulyab State University named after A. Rudaki
734025, Republic of Tajikistan, Kulyab, st. S. Safarov, 16
E-mail: bsabrina1978@internet.ru

Дар бораи муаллиф
Нодирова Сайёра Салимшоевна
Номзади илмҳои филологи, и.в. дотсенти кафедраи забонҳои хориҷӣ
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
735360 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров, 16
E-mail: bsabrina1978@internet.ru

ТДУ 82.03

ТАНАВВУИ ТАРҶУМАИ ЯК МАТН БА КӮШИШИ ЧАНД МУТАРҶИМ ВА АРЗЁБИИ ОНҲО

Бобоалиева З. П.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода

Тарҷумаи бадеӣ аз дергоҳ то кунун яке аз самтҳои бунёдӣ дар густариши робитаҳои фарҳангӣ миёни миллатҳо шинохта мешавад. Зеро дар фароянди тарҷума матн аз як низоми забонию фарҳангӣ ба низоми дигар интиқол меёбад ва дар ин самт тарҷумон на танҳо ба интиқоли маъно, балки ба бозофаринии сохторҳои забонӣ, зебоишинохтӣ ва гуфтумонии матни аслӣ мепардозад. Аз ин лиҳоз, тарҷумаро наметавон амале сифр забонӣ донист, балки онро бояд як фаъолияти тафсирӣ ва эҷодӣ низ шуморид, ки зери таъсири дониш, ҷаҳонбинӣ, таҷриба ва завқи ҳунарии тарҷумон қарор дорад.

Дар ин миён яке аз падидаҳои қобили таваҷҷуҳ дар таҷрибаи тарҷумаи ҷаҳонӣ, ин рӯй овардани чандин мутарҷим ба тарҷумаи як асари воҳид аст. Ин амр аз як сӯ ба арзиш ва ҷойгоҳи волои он асар далолат мекунад ва аз сӯи дигар нишон медиҳад, ки ҳар тарҷума бозхоние тоза ва тафсире дигаргун аз матни аслӣ мебошад. Ба ибораи дигар, ҳар тарҷумон бо такя бар дарки хеш аз асар ва бар асоси завқи бадеӣ, дониши забонӣ ва шеваи нигариши худ, ба офариниши матне даст мезанад, ки ҳарчанд аз як сарчашма бархостааст, аммо метавонад аз дигар тарҷумаҳо тафовутҳои чашмгир дошта бошад. «Тарҷума анвои гуногун дошта, ҷиҳати дарк ва таснифи вижагии онҳо асосҳо ва заминаҳое зиёде мавҷуд аст. Ин асосҳо ва ё заминаҳоро метавон ба шакли нутқ, ҳаҷми иттилоот, сифати тарҷума, хислат ва ё хусусияти маводди тарҷумашаванда ва ба навъу хусуситяҳои дигар табақабандӣ намуд. Ҳамзамон, мафҳуми намудҳои тарҷума пеш аз ҳама бо хусусиятҳои жанри маводде, ки объекти интиқоли байнизабонӣ ба шумор меравад, тааллуқ дорад [8, с. 244]. Ҳамзамон, ин воқеият шаҳодат аз он аст, ки ҳеҷ тарҷумаеро наметавон бозтоби ниҳоӣ ва мутлақи матни аслӣ донист, зеро ҳар тарҷумон бар асоси дарки хоси худ аз асар роҳбурдҳо ва шеваҳои вижаеро дар ҷараёни тарҷума ба кор мегирад. Дар натиҷа тарҷумаҳои гуногуни як асар метавонанд дар сатҳҳои луғавӣ, дастурӣ, услубӣ ва ҳатто тафсирӣ аз ҳамдигар фарқиятҳои назаррас дошта бошанд. Дар робита ба ин, Юджин Найда ба масъалаи муодилият диққат дода, тарҷумаро ҳамчун кӯшиши эҷоди наздиктарин муодили маъноӣ ва табиӣ дар забони мабдаъ муайян мекунад [14]. Дар воқеъ, як матн метавонад дар тарҷумаҳои гуногун шаклҳои мухталифи баёнро пайдо кунад, ки ҳар кадом дараҷаи муайяни наздикӣ ба матни аслро ифода мекунад.

Дар тарҷумашиносии муосир, омӯзиш ва муқоисаи танаввуи тарҷумаи як асар аз аҳаммияти хос бархӯрдор аст, зеро чунин таҳқиқот имкони шинохти дақиқтари роҳбурдҳои тарҷумонӣ, шеваҳои муодилгузинӣ, мизони вафодорӣ ба матни асл ва чигунагии бозтоби хусусиятҳои услубии асари мавриди назарро фароҳам меоварад. Илова бар ин, таҳлили муқоисавии тарҷумаҳо метавонад нақши омилҳои фарҳангӣ, таърихӣ ва иҷтимоиро дар шаклгирии матни тарҷумашуда ошкор намуда, заминаи муносиберо барои арзёбии бартарӣ ва маҳдудиятҳои ҳар тарҷума муҳайё созад.

Бо ин мақсад, дар ин мақола кӯшидем таҳлили забоншиносии танаввуи тарҷумаи як ҳикояро аз романи «Қиёмат»-и Чингиз Айтматов, ки аз ҷониби мутарҷимон Рустам Ваҳҳобзода ва Истад Қосимзода аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ сурат гирифтааст, анҷом диҳем.

Дар таҷрибаи тарҷумаи бадеии тоҷик танаввуи тарҷумаи як матнро метавон дар фароянди тарҷумаи осори нависандаи қирғиз Чингиз Айтматов мушоҳида кард. Мутарҷимони тоҷик ривояту ҳикоя, суруду афсона ва матнҳои ҷаззобро аз дохили асарҳои воҳиди ин адиб интихоб намуда, ҷудо аз асар дар шакли мустақил тарҷума кардаанд. Ин амр ба танаввуъ ва аз ҷониби чанд нафар тарҷума шудани осори нависанда ба забони тоҷикӣ замина гузоштааст. Ба андешаи мо, тамоюли вариантнокии тарҷумаҳои осори адиб ба ду омил рабт доранд:

1. Пораҳои матн ва ҳикояву афсонаҳои ҷолибро тарҷумони аввал аз дохили қисса ва романҳои Чингиз Айтматов интихобан тарҷума намуда, дар матбуоти даврӣ ва ё дар маҷмуае ба нашр расонидааст ва сипас мутарҷими дигар он асарро ба таври комил тарҷумаю дар шакли китоб чоп кардааст;

2. Ҳикояҳоҳои таълифнамудаи нависандаро ду мутарҷим мустақилона тарҷума намудаанд.

Омили аслии ин амали мутарҷимонро бояд дар он донист, ки баъзе аз қисматҳои қисса ва романҳои нависанда дар худ саҳнаҳои ҷолиб доранд, ки дар алоҳидагӣ метавонанд матлабе ё паёмеро дар бар бигиранд ва дар шакли асари алоҳида дар жанрҳои гуногун ба нашр расанд.

Пажӯҳишҳо нишон доданд, ки ба забони тоҷикӣ ду варианти матни комили тарҷумаи қисса ва романҳои Чингиз Айтматов ба мушоҳида нарасид, аммо ҳикояҳои адибро ба сурати комил ду тарҷумон тарҷума кардаанд. Дар ин мақола маҳз ҳамин масъала, яъне тарҷумаи ҳикояи «Шестеро и седьмой», ки аз дохили романи машҳури нависанда «Қиёмат» («Плаха») [4] аз ҷониби ду мутарҷим тарҷума шудааст таҳлил, муқоиса ва арзёбӣ намоем.

Дар рафти нигоштани мақолаи илмии худ мо аз маҷмуи методҳои илмӣ-амалӣ истифода намудем, ки ҳар кадоми онҳо ҷанбаи муайяни муносибати матни мабдаъ ва матни мақсадро муайян менамоянд. Масалан, методи муқоисавӣ (контрастивӣ) ба воситаи ин усул воҳидҳои забонӣ дар забони асл ва забони мақсад аз ҷиҳати лексикӣ, грамматикӣ ва услубӣ муқоиса карда шуд. Методи семантикиро барои таҳлили дақиқи интиқоли маъно ва муайян намудани ҳолатҳои тағйир, илова ё гумшавии маъно истифода намудем. Методҳои лексикӣ-стилистикӣ ва грамматикиро бошад, барои баррасии интихоби вожаҳо, таркиби ҷумла ва воситаҳои услубии матн кор гирифтем. Ҳамзамон, методи функсионалӣ-иртиботиро, ки дараҷаи баробарии таъсири иртиботии матни асл ва тарҷумаро муайян менамоянд, истифода шуд. Ҳамин тавр, истифодаи маҷмуи ин методҳо заминаи илмии боэътимодро барои таҳлили ҳамаҷонибаи сифати тарҷумаи асари мазкур фароҳам овард.

Ба монанди ҳамаи осораш Чингиз Айтматов дар раванди нигоштани романи «Қиёмат» («Плаха») низ аз адабиёти шифоҳӣ истифода намудааст. Дар рафти тасвири воқеаҳо шиддатнок ва пуробуранг намудани ин асар адиб ҳикояи гурҷии «Шестеро и седьмой»-ро меовард. Нахуст, ин ҳикояро Рустам Ваҳҳобзода бо номи «Шашёрон ва ҳафтумин» тарҷума намуда, сипас дар шакли комил аз ҷониби Истад Қосимзода романи мазкур тарҷума мешавад, ки дар зер вижагии ин ду тарҷумаи як ҳикояро меорем.

Ду тарҷумаи як ҳикоя. Нахуст диққати моро дар раванди таҳлил ва арзёбии танаввуи ин ҳикоя тарҷумаи номи он аз ҷониби мутарҷимон ба худ ҷалб намуд. Рустам Ваҳҳобзода унвони ҳикояро, ки «**Шестеро и седьмой**» аст, ба тоҷикӣ бисёр ҷолиб баргардон намуда, онро «**Шашёрон ва ҳафтумин**» тарҷума намудааст, ки ҳам ба нусхаи асл шабоҳат дорад ва ҳам мантиқан аз нигоҳи калимасозии забони тоҷикӣ дуруст аст. Зеро сухан дар бораи шаш нафар шахси ҳамақидаву бо ҳадафи ягона ва як нафар шахсе, ки зоҳиран ҳампаймони онҳо аст, меравад. Аммо, Истад Қосимзода онро «**Шаш тан ва ҳафтумаш**» тарҷума намудааст, ки ба андешаи мо, тобиши маъноӣ он мавҳум буда, мавзуъеро, ки ҳикоя дар бар мегирад, баён карда наметавонад. Аз ҷиҳати имлоӣ бандакҷонишини «**аш**» соҳибиятро мефаҳмонад ва мафҳуми «**ҳафтумаш**» тааллуқ ба касе буданро дорад. Дар ин ҷо суоле ба миён меояд, ки ба кӣ ва «ҳафтумаш» аз кист? Шояд тарҷумон «ҳафтумаш» ба «шаш тан» тааллуқ доштанро дар назар дорад, аммо агар тарҷумон «ҳафтумин» ва ё «ҳафтум» мегуфт мафҳум буда, ишора ба шахс мекард. Аммо, феълан, калимаи «ҳафтумаш» ин ҷо мавҳум аст. Мазид бар ин дар чанд ҷои дигар тарҷумон онро ба тариқи «**шаш тан ва ҳафтуминаш**» [5, с. 102] ва «**ҳафтумин**» [5, с. 108] тарҷума намудааст, ки ба мақсад наздиктар аст:

Матни асл:

«Так начиналось прощальное песнопение семерых, вернее шестерых и **седьмого**» [4, с. 64].

Р. Ваҳҳобзода:

«Чунин оғоз ёфт хониши суруди видоии ҳафтнафарон, аниқтараш шашёрон ва **ҳафтумин**» [11, с. 303].

И. Қосимзода:

«Ҳамин тавр шуруъ шуда буд суруди хайрбоди ҳаф тан, аниқтараш шаш тан ва **ҳафтуминаш**» [5, с. 102].

Исми қаҳрамони марказии ҳикоя дар нусхаи асл Гурам Джохадзе аст, Р. Ваҳҳобзода Гурам Ҷохадзе [11, с. 303] тарҷума намуда, таркиби дуюми номро тариқи усули транслетератсия ба забони тоҷикӣ мутобиқ намудааст. И. Қосимзода номро ба сурати зайл овардааст: Хуррам Ҷохадзе [5, с. 102]. Тарҷумон таркиби аввали номи гурҷиро ба қаринаи тоҷикии Хуррам иваз намудааст ва таркиби дуюмро тариқи овоӣ Ҷохадзе тарҷума кардааст.

Баҳси дарку фаҳми тарҷума бештар дар фароянди фарқи усулҳо ва равишҳои тарҷума ба миён меоянд, ки яке аз ин масъалаҳо тарҷумаи сифатӣ мебошад [9, с. 247].

Тарҷумаи аввал дар замони шуравӣ (соли 1989) анҷом ёфта буд ва тарҷумаи дуюм дар даврони Истиқлол (соли 2006), ки бешак, аз ҷиҳати забонӣ, бояд дигаргуниҳо миёни ин ду тарҷумаи як ҳикоя, ки дар даврaҳои мухталифи таърихӣ анҷом дода шудаанд, вуҷуд дорад. Аммо ин далел бисёр ҷолиб аст, ки забони тарҷумаи ҳикоя аз ҷониби Р. Ваҳҳобзода он қадар ба замони шуравӣ мутобиқ нест, баръакс ба хусусият ва вижагии забони адабии имрӯз шабоҳат дорад. Масалан, тарҷумон фақат дар ду маврид калимаҳои иқтибосии «гражданӣ» ва «Советӣ»-ро истифода намудааст, ки онҳро И. Қосимзода ба сурати «шаҳрвандӣ» ва «Шуравӣ» тарҷума намудааст.

Шоёни зикр аст, ки дар тарҷумаи ҳар ду мутарҷим ҳикоя равону фасеҳ аст ва дар ҳар ду маврид ҳам, метавон кори мутарҷимонро хуб арзёбӣ кард. Танҳо дар баъзе мавридҳо тарҷумаҳо аз якдигар бартарият ё фарқ доранд. Аз ҷумла, И. Қосимзода бештар ба тариқи таҳтуллафз тарҷумаашро сомон додааст, вале ин маънои манфиро надорад, баръакс он ҷойҳоеро, ки Ч. Айтматов шарҳу тавзеҳ додааст, И. Қосимзода низ комилан мушаххас намуда, тарҷума кардааст.

Р. Ваҳҳобзода дар ин мавридҳо баръакс, матлабро муъҷаз ва хулоса намуда, тарҷума менамояд. Масалан, дар гузашта чӯпони аспон будани Гурам Джохадзеро нависанда махсусан зикр мекунад, ки маҳорати баланди идора намудани асп аз ҷониби ӯ ва хуб донистани кӯҳу саҳро низ аз натиҷаи таҷрибаи кории ӯ бо аспон аст. И. Қосимзода онро айнан «даҳмарда-чӯпони аспарвар» [5, с. 97] тарҷума мекунад, вале Р. Ваҳҳобзода мухтасаран «чӯпон» [11, с. 299] тарҷума кардааст. Аммо бояд гуфт, ки дар ҳар ду маврид ҳам, асли мақсад аз забони А ба забони Б интиқол ёфтааст.

Дар баъзе мавридҳо баръакс, мақсади матни асл дар тарҷумаи Р. Ваҳҳобзода муваффақтар тарҷума гаштааст нисбат ба И. Қосимзода. Масалан, дар бораи мақсади ба дастаи Гурам дохил шудани чекист Сандро, ки дар матлаби асл «рискуя быть раскрытым» [4, с. 60] аст, дар тарҷумаи Р. Ваҳҳобзода «таваккал намуда» [5, с. 300] омодааст, вале дар тарҷумаи И. Қосимзода «мурданивор метарсад» [11, с. 300] баргардон шудааст, ки маънои нусхаи аслро дода наметавонад ва дар тасаввуроти хонанда образи Сандро ба мисли шахси тарсӯ зоҳир мегардад. Ҳамин гуна нодуруст тарҷума шудани маънои мантиқии воқеаро дар рафти фирори гурӯҳи Гурам, ки аспонашон бо суръати баланд медавиданд, тасвир ёфтааст. Сандро дар ҳамин вазъият худро қасдан аз асп меафтонад: «Когда они на бешеном скаку достигают берега и бросаются в реку, чекист сваливается с коня возле зарослей: у него якобы обрываются подпруга» [4, с. 61]. Дар тарҷумаи Р. Ваҳҳобзода: «Вақте ки даста бо дави ҷунуномез ба соҳил расида, худро ба дарё мезанад, чекист миёни буттаҳо аз болои асп меафтад: гӯё забартанги зин меканад» [11, с. 300]. И. Қосимзода: «Чекист дар буттазоре оҳиста аз асп мефурояд, гӯё ки аили аспаш канда шудааст» [5, с. 97] тарҷума намудааст, ки маъно ва шиддатнокии воқеаро дар нусхаи тарҷума наметавон мушоҳида кард.

Аз назари ҳаҷм ҳикоя худ он қадар бузург нест, аммо Р. Ваҳҳобзода ду ҷумла ва ду сархатеро ҳазф кардааст, ки дар тарҷумаи И. Қосимзода он маҳфуз аст. Аз ҷониби Р. Ваҳҳобзода ихтисор шудани ҷумлаи «И вот развязка этой истории – она взволновала меня больше всего...» [4, с. 61] комилан аз рӯи мантиқ аст, зеро ба назари мо, сабаби ҳазф он аст, ки ҳикояро дар дохили роман Авдий қисса мекунад ва дар ин ҷумла фикру хулосаҳои ӯ дарҷ гардидааст. Р. Ваҳҳобзода ин ҳикояро аз дохили роман гирифта, дар шакли мустақил тарҷума ва нашр намудааст.

Сархатҳоеро, ки Р. Ваҳҳобзода ҳазф намудааст, дар аввалӣ Ч. Айтматов вазъиятеро, ки чекист Сандро дар он қаррор дорад, шарҳ медиҳад ва дар сархати дуюм ақидаҳои фалсафии нависанда дарҷ гардидаанд, ки онро метавон тарона ва ё лавҳае номид, ки дар тарҷумаи И. Қосимзода маҳфуз мондаанд.

Хуллас, тарҷумаи ҳикояи мазкур аз ҷониби ҳар ду тарҷумон ба забони тоҷикӣ бисёр хуб ба анҷом расидааст, ки воқеан метавон ба унвони як таълифи тозаву нав ба забони тоҷикӣ арзёбӣ кард. Ин тарҷума тавонистааст, моли адабиёти қирғизро, ки дастоварди адабиёти рус низ ба ҳисоб меравад, дастоварди адабиёти тоҷик созад. Вақте ки ҳикояро қиёсан бо тарҷумаҳо мутолиа мекунем, мебинем, ки чи гуна тарҷумаҳои тоҷикӣ дар ифода ва риояи андешаҳо бо ҳамтои русияш мепайвандад. Балки дар тасаввур ва эҳсоси ҳолати қаҳрамони қисса ба нуқтаи матлубе мерасад, ки то хатми тарҷума аз он поён намеояд. Яъне тарҷумонон он ҳамбастагии зоҳирӣ (шаклӣ) ва ботинии (маънавӣ) ҳикояи адиби қирғизро дар тарҷума комилан риоя намуда, тафаккур ва эҳсоси суннатии Ч. Айтматовро дар шинохт

ва бозгӯи воқеият хеле дақиқназарона ва ҳунармандона равшан ифода намудаанд. Мутарҷимон дар тасаввури ҳолат ва моҳияти сарнавишти қаҳрамони асар маҳорати фавқулодда доштаанд, ки тарҷумаашон дар натиҷа бо соҳиби ҳикоя Ч. Айтматов рақобати солими ҳунарӣ дорад.

Хулоса, аз нигоҳи илмӣ тарҷума шудани як матн аз ҷониби мутарҷимони зиёд ҳодисаи нодир ва падидаи писандида шумурда мешавад. Дар адабиёти ҷаҳон камтар осореро метавон пайдо кард, ки ба як забон аз ҷониби мутарҷимони зиёде тарҷума шуда бошад. Хушбахтона, наҳзати тарҷумаи тоҷикӣ аз ин гуна падидаҳо холӣ нест ва мавриди бисёр писандида ва қобили қабули ин амр метавонад тарҷума гардидани ҳамин ҳикояи мавриди нақди мо бошад.

Таҳқиқ дар ин мавзуъ ва баёни бартариҳо ва костиҳои як матн бар матни дигар бисёр нуктаҳоро рӯшан месозад ва дар ин замина дар натиҷаи қиёсу мушоҳидаҳо метавон як матни хуберо ба даст овард. Ин нукта низ бисёр ҷолиб аст, ки мутарҷимони баъдӣ аз кори ҳамкисватони худ огаҳ буданд ва дониста ба ин амр даст задаанд ва дақиқан, онҳо иддаоеро низ бо варианти тарҷумаашон ҳамроҳ доранд. Аз ин рӯ, таваққуф дар ин масъала метавонад моро ба нуктаҳои бисёр муҳим бирасонад.

Адабиёт

1. *Абдуманнонов, А. Нуқтаи назар / А. Абдуманнонов. – Душанбе: Адиб, 1990. – 240 с.*
2. *Абдуманнонов, А. Оқибати саҳлангорӣ / А. Абдуманнонов // Адабиёт ва санъат. – 1985. – 27 июн.*
3. *Алексеева, И. С. Введение в переводоведение / И. С. Алексеева. – Академия, 2012. – 316 с.*
4. *Айтматов, Чингиз. Плаха. И дольше века длится день: Роман и повесть / Чингиз Айтматов. – Рига: Лиесма, 1986. – 606 с.*
5. *Айтматов, Чингиз. Қиёмат. Роман. Тарҷумон Истад Қасимзода / Чингиз Айтматов. – Душанбе: Адиб, 2006.– 474 с.*
6. *Ансори, М. Фарҳанги номи сухан / Марҷон Ансорӣ – Теҳрон: Ширкати Ифтихор, 1384. – 304 с. (ба забони форсӣ).*
7. *Бархударов, Л. С. Язык и перевод. Вопросы общей и частичной теории перевода / Л. С. Бархударов. – М.: Изд. ЛКИ, 2010. – 240 с.*
8. *Бобоалиева, З. П. Таснифи матнҳои манзум ва равишҳои тарҷума / З. П. Бобоалиева, А.Ф. Аминӣ //Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – №5. (118) – Душанбе, 2025. – 358 с. – С. 244-251.*
9. *Бобоалиева З., П. Тасниф ва табақабандии тарҷума // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – №6. (119) – Душанбе, 2025. – 375 с. – С. 247-254.*
10. *Влахов, С. И. Непереводимое в переводе / С. И. Валахов, С. П. Флорин. – Изд. 4. – Валент, 2009. – 306 с.*
11. *Тазкираи адабиёти советӣ барои кӯдакон. Наср, ҷилди 2. – Душанбе: Адиб. 1989. – 432 с.*
12. *Федоров, А. В. Основы общей теории перевода (лингвистические проблемы) / А. В. Федоров. – М.: Высшая школа, 1983. – 303 с.*
13. *Хисомул, Хатиб. Перевод и сопоставительная литература / Хатиб Хисомул // Язык и литература (ежегодник) – Тегеран, 2002. – №15-18. (на перс. яз.).*
14. *Nida, E. A. Toward a Science of Translating / E. A. Nida. – Leiden, 1967. – 331 p.*
15. *Newmark, Peter. Approaches to Translation. Oxford; New York: Pergamon Press, 1981. 200 p.*

ТАНАВВУИ ТАРҶУМАИ ЯК МАТН БА КӮШИШИ ЧАНД МУТАРҶИМ ВА АРЗЁБИИ ОНҲО

Дар мақола масъалаи танаввуи тарҷумаи як матн аз ҷониби чанд мутарҷим ва арзёбии сифати тарҷумаи онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф бо такя ба назарияҳои муосири тарҷумашиносӣ ва усулҳои муқоисавӣ, семантикӣ, лексикӣ-стилистикӣ ва функсионалӣ тарҷумаҳои ҳикояи «Шестеро и седьмой»-ро аз романи «Қиёмат»-и Чингиз Айтматов, ки аз ҷониби Рустам Ваҳҳобзода ва Истад Қосимзода ба забони тоҷикӣ тарҷума шудаанд, таҳлил менамояд. Дар раванди таҳқиқ вижагиҳои интихоби воҳидҳои луғавӣ, тарҷумаи унвон, исмҳои хос, сохтори ҷумлаҳо ва дараҷаи нигоҳдории мазмуну услуби матни аслӣ муайян гардидаанд. Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки ҳар ду тарҷума аз ҷиҳати интиқоли мазмун ва таъсири бадеӣ муваффақ буда, хусусиятҳои инфиродии мутарҷимонро инъикос менамоянд. Муайян гардид, ки Рустам Ваҳҳобзода бештар ба мутобиқсозии услубӣ майл дошта, Истад Қосимзода усули нисбатан таҳтуллафзро истифода кардааст. Таҳлили муқоисавӣ собит намуд, ки омӯзиши вариантҳои гуногуни тарҷума барои ошкор намудани бартарӣ ва маҳдудиятҳои ҳар тарҷума, такмили таҷрибаи тарҷумонӣ ва рушди назарияи тарҷума аҳаммияти муҳим дорад.

Калидвожаҳо: тарҷумаи бадеӣ, танаввуи тарҷума, муқоисаи тарҷумаҳо, арзёбии тарҷума, Чингиз Айтматов, романи «Қиёмат», ҳикоя, мутарҷимон, Рустам Ваҳҳобзода, Истад Қосимзода.

СОПОСТАВИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ И ОЦЕНКА ПЕРЕВОДОВ ОДНОГО ТЕКСТА, ВЫПОЛНЕННЫХ РАЗНЫМИ ПЕРЕВОДЧИКАМИ

В статье рассматривается проблема вариативности перевода одного текста, выполненного несколькими переводчиками, а также даётся оценка качества их переводов. Опираясь на современные теории переводоведения и сравнительный, семантический, лексико-стилистический и функциональный методы анализа, автор исследует переводы рассказа «Шестеро и седьмой» из романа Чингиза Айтматова «Плаха», выполненные на таджикский язык Рустамом Ваххобзодой и Истадом Косимзодой. В ходе исследования выявлены особенности выбора лексических единиц, передачи заглавия и собственных имён, построения синтаксических конструкций, а также степень сохранения содержания и стилистических особенностей оригинального текста. Результаты исследования показывают, что оба перевода являются успешными с точки зрения передачи содержания и художественного воздействия, отражая при этом индивидуальные особенности переводчиков. Установлено, что Рустам Ваххобзода в большей степени склонен к сжатию текста и стилистической адаптации, тогда как Истад Косимзода чаще использует более буквальный и детализированный способ перевода. Сравнительный анализ подтвердил, что изучение различных вариантов перевода имеет важное значение для выявления достоинств и ограничений каждого перевода, совершенствования переводческой практики и дальнейшего развития теории перевода.

Ключевые слова: художественный перевод, вариативность перевода, сопоставление переводов, оценка перевода, Чингиз Айтматов, роман «Плаха», рассказ, переводчики, Рустам Ваххобзода, Истад Косимзода.

COMPARATIVE ANALYSIS AND EVALUATION OF TRANSLATIONS OF A SINGLE TEXT PRODUCED BY DIFFERENT TRANSLATORS

This article examines the issue of translation variability in the rendering of a single text by different translators and evaluates the quality of their translations. Drawing on contemporary translation studies theories and employing comparative, semantic, lexical-stylistic, and functional methods of analysis, the author investigates the Tajik translations of the story “The Six and the Seventh” from Chingiz Aitmatov’s novel “The Scaffold” (“Plakha”), produced by Rustam Vahhobzoda and Istad Qosimzoda. The study identifies the specific features of lexical choice, the translation of the title and proper names, the construction of syntactic structures, and the degree to which the content and stylistic characteristics of the source text have been preserved. The findings demonstrate that both translations are successful in terms of conveying the content and artistic impact of the original while reflecting the individual characteristics of the translators. The analysis reveals that Rustam Vahhobzoda tends to employ textual compression and stylistic adaptation, whereas Istad Qosimzoda more frequently adopts a literal and detailed translation strategy. The comparative analysis confirms that the study of different translation variants is essential for identifying the strengths and limitations of each translation, improving translation practice, and contributing to the further development of translation theory.

Keywords: literary translation, translation variability, comparison of translations, translation evaluation, Chingiz Aitmatov, “The Scaffold” (“Plakha”), short story, translators, Rustam Vahhobzoda, Istad Qosimzoda.

Дар бораи муаллиф
Бобоалиева Зебониссо Пирмуродовна
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносӣ
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6
E-mail: zebonnisobobo@gmail.com

Об авторе
Бобоалиева Зебониссо Пирмуродовна
Кандидат филологических наук, доцент кафедры сопоставительного языкознания и переводоведения
Таджикский международный университет иностранных языков имени С. Улугзода
734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мухаммадиева 17/6
E-mail: zebonnisobobo@gmail.com

About the author
Boboalieva Zebonisso Pirmurodovna
Candidate of philology, associate professor of the department of Comparative Linguistics and Translation Studies
The Tajik international university of foreign languages named after S. Ulughzoda
734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev street, 17/6
E-mail: zebonnisobobo@gmail.com

ТДУ 811.111(36)

ХУСУСИЯТҲОИ ГРАММАТИКӢ ВА МАЪНОИИ ҶОНИШИНҲОИ НОМУАЙЯНИИ “SOME”, “ANY” ВА “EVERY” ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Саидова М. А.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Ҷонишинҳои номуайян (indefinite pronouns) ва миқдорнишондиҳандаҳо (quantifiers) дар забони англисӣ қисми муҳимми системаи грамматикӣ ба шумор мераванд. Онҳо барои ифодаи миқдор ё шумораи номуайяни ашё, шахс ё падида истифода мешаванд. Аз ҷумла, калимаҳои **“some”, “any” ва “every”** дар гуфтор ва навиштор хеле серистеъмол буда, вобаста ба сохтори ҷумла ва навъи он маъноҳои гуногун мегиранд. Мақсади ин мақола таҳлили хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ин се воҳиди забонӣ мебошад.

Дар забони англисӣ як қатор ҷонишинҳо мавҷуданд, ки дар ифодаи маънои нутқ нақши ёрирасон мебозанд. Ҷонишинҳо қисми нутқ буда, барои ифодаи ашё, шахс ва хусусиятҳои онҳо бе такрори номашон истифода мешаванд. Онҳо метавонанд дар ҷумла вазифаҳои гуногун, аз ҷумла ҳамчун субъект, предикатив, объект ва муайянкунанда (attribute) баромад намоянд. К.Усмонов дар диссертатсияи худ оиди вазифаҳои ҷонишинҳои номуайянӣ **“some”** ва **“any”** маълумоти мушаххас дода, изҳор намудааст “Ҷонишини номуайянӣ **“some”** мавҷудияти чунин миқдору аломатро тасдиқ менамояд. Баръакс **“any”** мавҷудияти миқдору аломати номуайянро инкор месозад ё худ ба он равшанӣ андохтанӣ мешавад” [6, с. 139].

Ҷонишинҳои **“some”, “any”** ва **“every”** ба гурӯҳи ҷонишинҳои номуайян (indefinite pronouns) дохил шуда, ба таври номуайян миқдор ё мавҷудияти предметро бе муайянсозии дақиқ ифода мекунанд.

Ҷонишинҳои номуайянӣ дар забони англисӣ яке аз унсурҳои муҳимми грамматикӣ ва маъноӣ ба шумор мераванд. Онҳо дар ҷумлаҳои тасдиқӣ, саволӣ ва инкорӣ истифода мешаванд ва қоидаҳои муайяни истифодабарӣ доранд. Ин ҷонишинҳо метавонанд дар дархостҳо, пешниҳодҳо ва ҳолатҳои гуногуни муоширатӣ маъноҳои мухталиф ифода намоянд.

Бояд зикр намуд, ки вазифаҳои онҳо бо исмҳои ҳисобшаванда ва ҳисобнашаванда алоқаманд буда, инчунин таҳлили муқоисавии истифодаи онҳо бо **“some”** ва **“any”**-ро дар бар мегиранд. Дар забони тоҷикӣ онҳо одатан ҳамчун **“якчанд”, “ягон”, “каме”, “баъзе”** тарҷума мешаванд.

Аз таҳқиқот бармеояд, ки ҳангоми истифодаи ҷонишинҳои номуайян дар ҷумлаҳои саволӣ, шартӣ ва муқоисавӣ, гӯянда метавонад муносибати мусбатро бо **“some”** ва муносибати номуайян ё манфиро бо **“any”** ифода намояд. Л. Александров дар асари худ оид ба ҷонишинҳои номуайян чунин қайд кардааст: “Ин ҷонишинҳо ҳангоми ба сифати предмет кор фармудани нутқи англисиро ‘иқтисодӣ’ мегардонанд. Ба ҷойи такрор кардани номҳои ашё, забони англисӣ бо нигоҳ доштани сохтори дақиқи синтаксисӣ калимаҳои кӯтоҳи **“some”** ё **“any”**-ро истифода мебарад” [2, с. 86].

Ҳамин тавр, истифодаи фарқкунандаи ҷонишинҳои **“some”** ва **“any”** дар як контекст ба гӯянда имконият медиҳад, ки андешаҳои худро равшантар ва дақиқтар баён намояд. Дар ҳолате ки ҷонишини номуайянии **“some”** мавҷудияти воқеии ашё ё падидаро ифода мекунад, ҷонишини **“any”** бошад бештар дар доираи маъноии умумӣ ва номуайян истифода шуда, на ҳамеша мавҷудияти воқеиро пешбинӣ мекунад.

Ба вуҷуд омадани чунин тафовут ба гӯянда имкон медиҳад, ки қисме аз маълумотро дар шаклҳои гуногун пешниҳод намояд ва мавҷудияти предметро дар сатҳи эҳтимолӣ ё гипотетикӣ ифода кунад. Дар натиҷа, гуфтор ба шунаванда имкони интихоби маъно ва дарки чанд ҷанбаи матнро медиҳад.

Ҷонишини номуайянии **“some”** метавонад дар ҷумла бо чунин маъноҳо истифода шавад:

1. ***якчанд, чанд то, теъдоде*** *(пеш аз исмхои шумурдашаванда*): *He bought* ***some*** *newspapers.- Вай* ***якчанд*** *рузнома харид [4, с. 65]*.

2. ***каме, андаке*** (*пеш аз исмхои шумурданашашнда тарҷума намешавад): Would you like to drink* ***some*** *water?* [11, с. 55]. - *Об нӯшидан мехоҳӣ?* [7, с. 55].

3. ***бархе аз; чанде аз, баъзе:****… music lessons were given by Miss Temple to* ***some*** *of the elder girls.* [11, с. 73]. - ***…*** *инчунин мусиқӣ, духтархонум Темпл онро ба* ***баъзе*** *калонсолдухтарон меомузонид, идома ёфт* [7, с. 46].

4. ***ягон, ягон то, ягон хел***: *There must be* ***some*** *way of doing it [11, с. 351]. -* ***Ягон*** *рохи ичро бояд бошад [7, с. 347]*.

5. ***кадом шахсе, касе***: ***Some*** *fool has locked the door.* ***Кадом як*** *аблах дарро кулф кардааст. [4, с. 72]*.

6. ***тақрибан, андак***: ***Some*** *of the money was stolen. –* ***Андаки*** *(як қисми) пулро дуздидаанд* [6, с. 139].

Дар дигар заминаҳо ивазшавии шаклҳои омехташудаи ҷонишинҳо бо дигар калимаҳо ба назар мерасад, ки ҷонишинҳои номуайянии таркибиро ба вуҷуд меорад. Ҷонишини номуайянии “***some”*** метавонад бо калимаи ***“body”*** тарҷумааш дар забони тоҷикӣ ***“бадан”*** мебошад, якҷоя шуда ***"somebody”*** як ҷонишини номуайянии дигареро ташкил диҳад, ки дар бисёри мавридҳо бо тарҷумаҳои “**касе”, “шахсе”, “*Ким- кӣ*”, “як шахсе”, “нафаре”** истифода бурда мешавад.

Somebody *is waiting for you. –* ***Ким- кӣ*** *шуморо интизор аст [6, с. 140].*

She was speaking with ***somebody****. -Ӯ бо* ***касе*** *гуфтугӯ мекард [6, с. 140].*

Зарфи **“else”** пас аз ҷонишинҳои номуайян бо шахс, ашё, падидаҳои зикршуда ягон иловаеро дар назар дорад: *And first I must beg you to set Hannah at liberty, and get* ***somebody else*** *to wait on you* [11, с. 536]. *-Ва аввал ман бояд аз шумо илтимос кунам, ки Ҳаннаро озод кунед ва* ***каси дигарро*** *шумо интизор шавед* [7, с. 533].

Ҳамчунин ҷонишини ***some*** бо калимаи махсуси ***“where”*** дар забони тоҷикӣ тарҷумааш **“дар куҷо”** мебошад ва одатан дар ҷумлаҳои саволи истифода мешавад, якҷо шуда, тарҷумаи *“****ягон ҷо****”*-ро ташкил медиҳад: *Be seated* ***somewhere****; and until you can speak pleasantly, remain silent*[11, с. 7]- *бирав* ***ягон ҷо*** *бинишин ва то даме хушадаб буданро наомӯзӣ, хомӯш бош* [7, с. 5].

Дар мисолҳои овардашуда ҷонишини номуайянии “somewhere” ба забони тоҷикӣ ҳамчун “ягон ҷо” тарҷума шудааст. Бо вуҷуди ин, дар баъзе мавридҳо ҳангоми тарҷумаи асарҳои бадеӣ дида мешавад, ки ин ҷонишин дар матни англисӣ мавҷуд аст аммо дар тарҷумаи тоҷикӣ он ба таври мустақим ифода наёфтааст: *...the step was contrary to my nature and habits: but I think her occupation touched a chord of sympathy* ***somewhere*** [11, с. 76]. - *Ин ҳама ба табиати ман ва ҳам ба хулқу хӯи ман мухолиф буд. Шояд иштиёқмандии ӯ нисбати китоб кадом як тори ҳамоҳангро андар дилам нохун зад: охир ан низ хонданро дӯст медоштам,…* [7, с. 48].

Ҷонишини номуайянии ***“some”*** бо калимаи “***thing”*** якҷоя шуда, ҷонишини “***something”*** яъне ***“якчанчиз”*** ё ***“чизе”*** тарҷума шуда барои исмҳои беҷон истифода мешавад. Бо истифода аз ҷонишини “***something”*** гӯянда ба воқеият ишора мекунад, ки суҳбат дар бораи кадом мавзуъ меравад ба гӯянда маълум аст, гарчанде ки номаш зикр нашудааст. *Have you seen* ***something****? again demanded Bessie.* [11, с. 23]. - *...ё* ***ягон чиз*** *ба назаратон тофт?-аз нав пурсид Бесси* [7, с. 15].

...a sound filled my ears, which I deemed the rushing of wings; something seemed near me; [11, с. 22]. *-...гӯшҳоямро садое монои хиш-хиши пару болҳо анборид: манн ҳузури кадом як касеро ҳис мекардам, чизе маро фишор медод,...*[7, с. 15].

Ҷонишини номуайянии “***something”*** дар забони англисӣ хеле серистеъмол аст, аммо дар забони тоҷикӣ тарҷумааш на ҳама вақт ба назар мерасад: *Jane, I don’t like cavillers or questioners; besides, there is* ***something*** *truly forbidding in a child taking up her elders in that manner* [11, с. 7]. - *Ҷен нуқтагирию истинтоқро тоқат надорам; комилан нафратовар аст вақте кӯдак калонсолон ин гунна гап мезанад* [7, с. 5].

My look or ***something*** *else must have struck her as offensive, for she spoke with extreme though suppressed irritation* [11, с. 54]. - *Яқин нигоҳи ман ба назари ӯ густухона тофт, зеро дар суханони ӯ оташи ниҳоии ниҳони садо дод* [7, с. 34].

Инчунин ***“some”*** метавонад бо калимаи ***“one”*** ҳамчун шумора дар забони англисӣ истифода мешавад якҷоя шуда ***“Someone”***-ро ба вуҷуд орад, ки маънои ***“касе “*** ё ***“ягон кас”***-ро дорад: ***Someone*** *is crying in the street -* ***Касе*** *дар кӯча гириста истодааст [4, с. 67]*.

Someone *is waiting for you called at the door-* ***Касе*** *шуморо дар назди дар интизор аст [2, с. 64]*.

Аслан ҷонишини номуайянии “***Someone”*** дар шакли танҳо истифода бурда мешавад. Яъне феъли асосие, ки баъд аз “***Someone”*** меояд ҳатман дар шакли танҳо бошад: ***Someone*** *must answer to teacher’s question - Бояд* ***ягон кас*** *ба саволи муаллим ҷавоб диҳад [4, с. 74].*

Ҷонишини “***Some”*** бо калимаи ***“rsault”*** якҷоя истифода шуда, маънои муаллак, задан, пуштак заданро ба вуҷуд меорад: *She was so tied that she wanted a* ***somersault*** *on the grass- Вай чунон монда буд, ки мехост дар болои алаф* ***муаллақ занад***. [1, с. 113].

Ҷонишини номуайянии “***some”*** бо калимаи “***time”*** вобаста ба маъноияшон дар баъзан мавриҳо ҷудо ва дар баъзан мавридҳои дигар якҷоя навишта мешавад.

Агар мақсади ҷумла *“ягон муддат”* **ё** *“якчанд вақт”* **ва ё *“Чанде”* бошад дар ин ҳолат ҷонишини** “***Some”*** бо “***time”*** ҷудо аз ҳам навишта мешавад. Агар “***ягон вақт***” тарҷума шавад, дар ин ҳолат якҷоя бе пасванди **“s”** навишта мешавад ва агар таҷумааш ***“баъзан”*** ё ***“гоҳ-гоҳ”*** бошад он вақт бо ***“s”*** якҷоя навишта мешавад: *My mother said that she must* ***some time*** *to think – Модарам гуфт вай бояд* ***якчанд вақт*** *фикр кунад* [4, с. 102].

Some time *before daylight something took one of the bails that were behind him* [10, с. 62]. - ***Чанде пеш*** *аз дамидани субх чизе хураи пахлун завракро гирифт.* [9, с. 63].

We should have dinner together ***sometime****- Мо бояд ягон вақт дар ҳаётамон якҷоя хӯрок хурем* [6, с. 112].

Sometimes *someone would speak in a boat* [10, с. 31]. - ***Гахгох*** *дар поён он заврақ овози сухбат мебаромад* [9, с. 32].

Пасвандҳои ҷонишини “***one***” ва “**body**” аз ҷиҳати маъно аслан якхелаанд, бинобар ин онҳоро ба осонӣ иваз кардан мумкин аст. Бо вуҷуди ин, ҷонишинҳое, ки бо “**body**” тамом мешаванд, нисбат ба онҳое, ки бо “***one***” анҷом мешаванд, бештар забони гуфтугӯй ҳисобида мешаванд. Онҳо танҳо барои ишора ба одамон истифода мешаванд. Яке аз муҳақиқони тоҷик Туйғунов Н.Ҳ дар таҳқиқоти худ нисбати ҷонишини номуайянии ***“some”*** нуқтаҳои хеле ҳам заруриро ишора намуда, баён кардааст “Ҷонишини ***“some”*** метавонад дар ҷумлаҳои саволӣ низ истифода шавад агар хоҳиш ё пешниҳодеро ифода кунад” [8, с. 42]. *Can you bring* ***some*** *water, please?* [11, с. 40].- *Лутфан каме об меовардед?* [7, с. 43].

Shall I get you ***some*** *coffee. - Ба шумо қаҳва оварам?* [6, с. 70].

Ҷонишини номуайянии **“any”** вобаста ба маъно барои пурсидани “***чизе”*** ё “***шахсе”*** дар ҷумлаҳои пурсишӣ ва дар ҷумлаҳои инкорӣ пас аз ҳиссачаи инкории ***“not”*** ё ин ки ***“n’t”*** истифода мешавад . Аз мушоҳидаҳо маълум шуд, ки ҷонишини номуайянии ***“any”*** ҳамчун ҷонишини сифатӣ ва ҷонишини исмӣ дар чумлаҳо истифода мешавад: *He doesn’t have* ***any*** *job. - Ӯ ягон коре надорад* [6, с. 140]..

I like flowers, but I haven’t ***any*** *now. – Ман гулҳоро дӯст медорам, вале ҳоло* ***ягон*** *хелашро надорам* [6, с. 140].

Дар ҷумлаҳои шартӣ бошад ҷонишини ***“any”*** бо калимаи **“if”** бо мақсади истифода бурдани калимаи ***“ягон”*** ё ***“кадоме”*** ба кор бурда мешавад, чунки амалӣ шудани ҷумлаҳои шартӣ маълум нест, яъне ба мисли ҷонишин номуайян мебошад. Зубайдов Ҳ дар таҳқиқоти худ оид ба ҷонишинҳои номуайянӣ вобаста ба ифода намудани шахс, ашё ва ё аломатҳои номаълуму номуайян шарҳ дода, қайд намудааст, “Ҷонишини *“**ягон**”* нисбат ба дигар ҷонишинҳои ин гуруҳ серистеъмолтар буда, метавонанд ҳам бо исмҳои ҷондор ва ҳам беҷон омада, маънои умумият ё номуайянии мутлақро ифода намояд” [5, с. 143].

Инчунин ҷонишини ***“any”*** дар ҷумлаҳои ҳикоягӣ низ кор фармуда мешавад. Дар ин бора К.Усмонов дар диссертатсияи худ чунин зикр намудааст **“**Ҷонишини **“any”** метавонад дар ҷумлаҳои тасдиқӣ истифода шавад. Дар ин ҳолат он тавассути вожаи “дилхоҳ” тарҷума карда мешавад” -*Take any flower you like. – Гули дилхоҳатро гир* [6, с. 143]

Ҷонишини ***“any”*** ба мисли ҷонишини ***“some”*** бо калимаи ***“one”, “body”, “thing”*** пайваст шуда, ҷонишинҳои номуайянии таркибиро тавлид месозад, аммо дигар паҳлуҳоро дорост, яъне фикри манфиро ба вуҷуд меорад. Ин ҷонишинҳо “***anyone - ягон кас”, “anybody - ҳеҷ кас”, “anything - ягон чиз”*** дар ҷумлаҳои, саволҳои умумӣ, ҷумлаҳои шартӣ масалан ҷумлаҳое, ки дар он калимаи “агар..., дар ҳолате” вуҷуд дошта бошад. Инчунин дар ҷумлаҳои ҳикоягӣ ба мазмуни ***“дилхоҳ кас”, “ҳаркас” ва “ҳарчиз”*** истифода мешаванд: *He never wants* ***anyone*** *to carry anything* [10, с. 28]. - *Вай ҳеҷ гоҳ намехост, ки касе чизе барад* [9, с. 28].

Did ever anybody see such a picture of passion! [11, с. 13]. - *Оё ягон кас чунин тасвири ишкро дида бошад* [7, с. 9].

Ҷонишини номуайянии “***every”*** яке аз аъзои он гуруҳи махсуси ҷонишиноҳои номуайяни буда, дорои маънои ***“ҳама” “ҳар”*** мебошад. Дар ҷумла баъд аз ҷонишини “***every”*** одатан исм ва баъдан феъл омада, ҳарду дар шумораи танҳо кор бурда мешаванд: - ***…****long*

room, with great deal tables, two at each end, on each of which burnt a pair of candles, and seated all round on benches, a congregation of girls of ***every*** *age,* [11, с. 66]. - *Дар ҳар ду канори ҳуҷра дутоӣ мизи санавбарӣ мусаттаҳ меистод, рӯи онҳо шамъе чанд месӯхт, андар атроф бошад, бар чавкиҳо духтарҳонум дӯшизагони бисёре, аз нуҳ-даҳсола то бистсола, намояндагони* ***ҳама*** *синн менишастанд* [7, с. 66].

I ate what I could, and wondered within myself whether ***every*** *day's fare would be like this* [11, с. 80]. - *Ман барои маҷбуран хӯрдан кӯшиш мекардаму аз худ мепурсидам: наход ба мо* ***ҳар*** *рӯз ҳамин гунна хӯрок медода бошанд* [7, с. 50].

Аз ҳарду мисолҳо маълум шудааст, ки ҷонишини номуайянии "***every"*** як нақши хеле заруриеро дар ҷумла дорад. Ҳ.Зубайдов оид ба вазифаи ҷонишини ***"every"*** чунин ишора намудаанд "ҷонишини "***every"*** барои ифодаи куллият ва фарогирии якхелаи ашёву шахс хизмат мекунад. Он ҳамеша пеш аз исм омада, онро муайян мекунад" *[5, с 144]. ...but continually:* ***every*** *nerve I had feared him, and every morsel of flesh in my bones shrank when he came near*[11, с. 9] - …у ба ман наздик нашуда, аз бимаш хар тори асабам ва хар тори рагам меларзид[7, с. 8]

Нависандагон ва забоншиносони тоҷик кӯшиш ба харҷ додаанд, ки аз захираи фарҳанги калимаҳо барои мафҳумҳои муосирро сохтан истифода баранд, то ки ҳангоми тарҷума намудани асарҳои бадеӣ, таърихӣ ва ё классикӣ мантиқи асарро вайрон накунанд. Бинобар ин тарумаи ҷонишини "***every"*** дар баъзан мавридҳо ба назар мерасад: *The garden was a wide inclosure, surrounded with walls so high as to exclude* ***every*** *glimpse of prospect* [11, с. 74]. - *Боғ бо панҷараи чунон баланде инҳисор шуда буд, ки аз болои он фаросӯ нигаристан ҳеҷ имкон надошт* [7, с. 46].

Ҷонишини номуайянии "***every"*** бо дигар калимаҳо омехта шуда, ҷонишинҳои нави "***everyone - ҳама", "everybody - ҳаркас"*** *ва "****everything -ҳарчиз"*****-ро** ба вуҷуд меорад, ки дар забони англисӣ хеле хуб истифода шуда, ҳатто метавонанд дар ҷумла ҳамчун аъзои мустақил корбурд шаванд. "Ин ҷонишинҳо метавонанд ҳамчун аъзои мустақили ҷумла истифода шаванд (ҳамчун мубтадо, пуркунанда)" [8, с. 44] - *I'll let* ***everybody*** *at Lowood know what you are, and what you have done* [11, с. 47]. - *Ман нотарсона дар Ловуд ба хама хикоя хохам намуд, ки шумо чигуна одамед ва бо ман чй тарз муносибат кардед!* [7, с. 32]

Is ***everyone*** *here today? Имрӯз* ***ҳама*** *инҷост?* [1, с. 113]

I remember ***everything*** *from when we first went together* [10, с. 11]. - *Ман аз он рузе, ки мо аввалин бор хамрох ба бахр рафтем,* ***хама чизро*** *ёд дорам* [9, с. 12]

Ин ҷонишинҳо мафҳуми шумораи пурраи шахс, ашё ва ҳодисаро равшан месозанд. Инчунин метавонанд дар ҳама намуди ҷумлаҳо корбурд шаванд. Дар ҷумлаҳои инкорӣ бошад мувофиқ ба қоидаи додашудаи забони англисӣ ҳиссачаи инкории "***not***" пеш аз ин ҷонишинҳо гузошта мешавад: *Not everyone is here - На ҳама дар ин ҷоянд [1, с. 113].*

Not ***everybody*** *likes classical music - На ба ҳама мусиқӣ писанд аст. [1, с. 113]*

Not ***everything*** *is as simple as it seems - На ҳама чиз он қадар сода аст, ки менамояд.*

Хулоса, дар забони англисӣ шумораи ҷонишинҳои номуайян (indefinite pronouns) тақрибан то 31-то мерасад, ки онҳо вобаста ба вазифаи грамматикӣ ва маъноӣ ба гурӯҳҳои гуногун ҷудо мешаванд. Қисми зиёди ин ҷонишинҳо вазифаи иваз намудани исмро иҷро мекунанд, яъне онҳо ба ҷойи номҳои ашё, шахс ё падидаҳо истифода шуда, такрори онҳоро дар нутқ пешгирӣ менамоянд. Гурӯҳи дигари онҳо хусусияти маъноӣ дошта, бештар барои ифодаи номуайянӣ, умумият ё миқдори ғайримуайян хизмат мекунанд.

Ҳамчунин, як гурӯҳи дигари ин ҷонишинҳо ба сифати муайянкунанда (adjective-like function) истифода мешаванд, зеро онҳо пеш аз исм омада, онро тавсиф ё маҳдуд мекунанд. Аз ин рӯ, баъзан онҳоро ҳамчун "ҷонишинҳои сифатмонанд" низ ном мебаранд. Ин гурӯҳ дар системаи грамматикаи забони англисӣ нақши муҳим дошта, байни ҷонишин ва сифат робитаи функсионалӣ ба вуҷуд меорад.

Ин ҷонишинҳо қобилияти истифода дар шакли танҳо ва ҷамъро доранд, ки ин хусусият онҳоро дар муоширати забонӣ чандир ва серистеъмол мегардонад. Илова бар ин, як қисми ҷонишинҳои номуайян дорои шаклҳои умумӣ ва соҳибӣ мебошанд, ки тавассути воситаҳои пайвандкунанда ё дар заминаи контекстӣ истифода бурда мешаванд.

Дар маҷмуъ, ҷонишинҳои номуайян яке аз унсурҳои муҳимми системаи грамматикии забони англисӣ ба шумор рафта, дар ифодаи маъноҳои номуайян, умумӣ ва фарогир нақши асосӣ мебозанд ва истифодаи дурусти онҳо барои ташкили нутқи дақиқ ва табиӣ аҳаммияти калон дорад.

Адабиёт

1. *Акбулатова, Р. К. Субстантивация в английском и таджикском анализ: дис. ...канд.филол. наук: 10.02.20/ Акбулатова Рано Камаловна. – Душанбе, 2020. - 165 с.*
2. *Александров А. В. Синтаксическое фушционирование группыпростых неопределённых местошлений в современном английском языке (опыт вероятностно-структурного анализа). - Лт канд.филол. наук. - Л.,1969,т.I. – 257 с.*
3. *Бадашша Л. Н. Предложно-ш-ленные сочетания for + шля приглаголе в структуре англшских предложений. - Дис канд.филол. наук. - Горький,1973. – 168 с.*
4. *Ганшина, М., Василевская Н. Английская грамматика/М. Ганшина, Н.Василевская. – М.: Просвещание, 1964. – 471 с.*
5. *Зубайдов Ҳ. Хусусиятҳои морфологӣ ва маъноии ҷонишинҳои номуайянӣ дар забони англисӣ/ Ҳ.Зубайдов // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон.- Душанбе: ДДОТ, 2017.- №5. - С. 142-146.*
6. *Усмонов К. Ҷонишинҳои номуайянӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ: дис. ...канд.филол. наук: 10.02.20/ Усмонов К. - Душанбе, 2016. – 160 с.*
7. *Ҷен Э. (тарҷ. Аз русӣ Салими Зарафшонфар) / Шарлотта Бронте. – Душанбе: Истиқбол, 2010. – 412 с.*
8. *Туйғунов, Н. Ҳ. Грамматикаи забони англисӣ / Н.Ҳ. Туйғунов. – Душанбе: Эр-граф, 2013. – 184 с.*
9. *Ҳемингвей Э. Пирамард ва баҳр / Э Ҳемингвей. – Душанбе, 2014. – 167 с.*
10. *Ernest H. The old man and the sea / H. Ernest. – Dushanbe, 2014. – 167 p.*
11. *Jane E edited with an introduction of M. Smith. - Oxford University Press, 1975. – 496 p.*

ХУСУСИЯТҲОИ ГРАММАТИКӢ ВА МАЪНОИИ ҶОНИШИНҲОИ НОМУАЙЯНИИ “SOME”, “ANY” ВА “EVERY” ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур аз тарафи муаллиф оиди хусусиятҳои граматикӣ ва семантикӣ, омӯзиши ҷонишинҳои номуайянии забони англисии “some”, “any” ва “every”, инчунин роҳҳои истифодаи онҳо дар ҷумлаҳои забони англисӣ нишон дода шудааст. Дар ин таҳқиқот маълум карда шуд, ки ҷонишинҳои номуайянӣ яке аз ҷонишинҳои серистеъмол дар забони англисӣ ба ҳисоб рафта, бинобар ин, оиди маъно ва қоидаҳои грамматикии ин навъи ҷонишинҳо таҳлилҳо гузаронида шудааст. Муҳаққиқ оиди чӣ гуна истифода шудани ин ҷонишинҳо дар нутқ ва хусусияти ҳамоҳангии онҳо бо исмҳои шуморидашаванда ва шуморидашаванда илова бар ин ҳолатҳои номуайян будани шахс ва ашё таҳқиқ намудааст. Дар ин таҳқиқот муаллиф роҷеъ ба таркибёбии ин ҷонишинҳо таввасути пасвандҳои “body”, “one”, “thing” “where” бо истифодаи мисолҳо аз асарҳои бадеӣ таври муфасал маълумот ироа намудааст. Муаллиф тафовутҳои нозуки маъноии байни ҷонишинҳои муродифро таҳлил намуда, ба хатогиҳои маъмулии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши ин мавзуъ таваҷҷуҳ зоҳир мекунад. Таҳқиқи ҷонишинҳои номуайян барои фаҳмидани сохтори забон ва дуруст истифода бурдани воҳидҳои грамматикӣ аҳаммияти калон дорад. Натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот барои амиқ нишон додани сохтори синтаксисии забони англисӣ ва баланд бардоштани сифати таълими он аҳаммияти муҳим доранд.

Калидвожаҳо: ҷонишини номуайянӣ, ҷумлаҳо, забони англисӣ, ҷонишинҳои таркибӣ, исм, хусусиятҳои сохторӣ, ҷумлаҳои саволӣ.

ГРАММАТИЧЕСКИЕ И СМЫСЛОВЫЕ ОСОБЕННОСТИ НЕОПРЕДЕЛЕННЫХ МЕСТОИМЕНИЙ «SOME», «ANY» И «EVERY» В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ.

В данной статье автор представляет исследование грамматических и семантических особенностей неопределенных местоимений английского языка **“some”, “any”** и **“every”,** а также способов их использования в английских предложениях. В ходе исследования было установлено, что неопределенные местоимения являются одними из наиболее часто используемых местоимений в английском языке, и поэтому был проведен анализ значения и грамматических правил этих типов местоимений. Исследователь изучал, как эти местоимения используются в речи и их совместимость с исчисляемыми и неисчисляемыми существительными, а также случаи неопределенности лиц и дополнений. В данном исследовании автор подробно описывает образование этих местоимений с использованием суффиксов “body”, “one”, “thing” “where”, приводя примеры из художественной литературы. Автор анализирует тонкие семантические различия между относительными местоимениями и обращает внимание на распространенные ошибки, допускаемые студентами при изучении этой темы. Изучение неопределенных местоимений имеет большое значение для понимания структуры языка и правильного использования грамматических единиц. Результаты исследования имеют большое значение для углубленного изучения синтаксической структуры английского языка и повышения качества его преподавания.

Ключевые слова: неопределенное местоимение, предложения, английский язык, составные местоимения, существительное, структурные особенности, вопросительные предложения.

GRAMMATICAL AND MEANINGFUL FEATURES OF THE INDEFINITE PRONOUNS “SOME”, “ANY” AND “EVERY” IN ENGLISH

In this article, the author presents a study of the grammatical and semantic features of the English indefinite pronouns "some," "any," and "every," as well as the ways they are used in English sentences. The study found that indefinite pronouns are among the most frequently used pronouns in English, and therefore an analysis of the meaning and grammatical rules of these pronoun types was conducted. The researcher studied how these pronouns are used in speech and their compatibility with countable and uncountable nouns, as well as cases of indefinite person and object. In this study, the author describes in detail the formation of these pronouns using the suffixes "body", "one", "thing" and "where", citing examples from fiction. The author analyzes the subtle semantic differences between relative pronouns and highlights common mistakes students make when studying this topic. Studying indefinite pronouns is essential for understanding language structure and the correct use of grammatical units. These research findings have significant implications for the in-depth study of the syntactic structure of the English language and for improving the quality of its teaching.

Keywords: indefinite pronoun, sentences, English language, compound pronouns, noun, structural features, interrogative sentences.

Дар бораи муаллиф
Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна
Номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷӣ
Донишгоҳи давлати молия ва иқтисоди Тоҷикистон
734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимова, 64/14
E-mail: mavzunsaidova857@gmail.com

Об авторе
Саидова Мавзуна Абдулхакимовна
Кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры иностранных языков
Таджикский государственный университет финансов и экономики
734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14
E-mail: mavzunsaidova857@gmail.com

About the author
Saidova Mavzuna Abdulkhakimovna
Candidate of Philological Sciences, senior teacher of the Department of Foreign Languages
Tajik State University of Finance and Economics
734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova street, 64/14
E-mail: mavzunsaidova857@gmail.com

УДК 811.111'373:811.161.1'373

УНИВЕРСАЛЬНЫЕ И КУЛЬТУРНО-МАРКИРОВАННЫЕ ЗООМОРФИЗМЫ В ПАРЕМИОЛОГИИ ТАДЖИКСКОГО, РУССКОГО И АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКОВ

Усмонзода Ш.
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни

Паремиологический фонд любого языка представляет собой уникальный лингвокультурный феномен, аккумулирующий многовековой коллективный опыт этноса и эксплицирующий базовые ценностные ориентиры национальной картины мира. В системе паремиологических единиц особое место занимают пословицы и поговорки, содержащие зооморфные образы, которые функционируют как универсальные когнитивные инструменты концептуализации человеческих качеств, социальных отношений и жизненных ситуаций. Зооморфная метафора в паремиологии служит эффективным средством категоризации действительности, позволяя через конкретно-образное представление животного мира транслировать абстрактные понятия и моральные императивы.

Актуальность настоящего исследования детерминирована несколькими факторами. Во-первых, интенсификация глобализационных процессов и расширение межкультурных контактов актуализируют проблематику понимания культурно-специфических кодов, встроенных в паремиологические системы различных языков. Во-вторых, зооморфные образы в пословицах представляют собой конвергенцию универсальных антропоморфических проекций и культурно-маркированных символических значений, что требует глубокого типологического осмысления. В-третьих, Тейлор Дж. также отмечает, что: «сопоставительный анализ паремиологических систем разноструктурных языков вносит существенный вклад в развитие теории языковой картины мира и лингвокультурологии как интегративной научной дисциплины» [13, с. 56].

Научная новизна исследования заключается в комплексном сопоставительно-типологическом анализе зооморфной символики в паремиологии трёх лингвокультур, принадлежащих к различным языковым семьям и цивилизационным ареалам. Впервые предпринята попытка систематизации интерлингвальных паремиологических универсалий и культурно-специфических зооморфизмов с позиций когнитивной лингвистики и лингвокультурологии. Разработана типология зооморфных образов в англо-русско-таджикской паремиологии на основе критериев частотности, семантической валентности и аксиологической маркированной. Объектом исследования выступают паремиологические единицы английского, русского и таджикского языков, содержащие зооморфные компоненты. Предметом анализа являются типологические особенности функционирования зооморфных образов в трилингвальной паремиологической картине мира, а также механизмы концептуализации животного мира в различных лингвокультурах.

Цель настоящей работы состоит в выявлении и описании универсальных и культурно-маркированных зооморфизмов в паремиологических системах английского, русского и таджикского языков, установлении общих и специфических параметров репрезентации анималистического кода культуры. Достижение поставленной цели предполагает решение следующих задач: 1) систематизировать теоретико-методологические основания исследования зооморфизмов в паремиологии; 2) выявить корпус зооморфных паремий в трёх языках и провести их структурно-семантический анализ; 3) определить интерлингвальные паремиологические универсалии в репрезентации животного мира; 4) установить культурно-маркированные зооморфные образы и описать специфику их семантики.

Теоретические основания исследования зооморфизмов в паремиологии

Алиева З.Х. пишет: «Паремиология как специализированная отрасль лингвистики изучает структурно-семантические, функциональные и прагматические характеристики пословиц и поговорок — устойчивых вербальных формул, транслирующих традиционную народную мудрость» [1, с. 23]. Русский учёный Смирнов В. А. отмечает: «В рамках лингвокультурологической парадигмы паремиологические единицы рассматриваются как концентрированные манифестации культурных кодов, сквозь призму которых этнос категорирует и оценивает окружающую действительность» [11, с. 58]. Пословицы представляют собой сложные семиотические образования, функционирующие одновременно на нескольких уровнях, Иванов А. В. упоминает: «лингвистическом (как фразеологические

единицы особого типа), когнитивном (как концептуальные структуры, организующие опыт) и культурном (как трансляторы ценностных систем и мировоззренческих установок)» [5, с. 89].

Британский паремиолог Смит Дж. утверждает, что: «Дефиниция пословицы в современной паремиологии базируется на комплексе дифференциальных признаков: краткость формы, устойчивость структуры, во производимость в речи, дидактическая направленность, образность выражения, афористичность содержания и анонимность авторства» [12, с. 34]. Поговорки отличаются от пословиц отсутствием завершённого назидательного смысла и обобщающего характера — они представляют собой образные выражения, придающие речи экспрессивность, но не содержащие законченного суждения или моральной сентенции. Вместе с тем граница между пословицами и поговорками нередко оказывается проницаемой, что обусловливает дискуссионность их демаркации в теоретической паремиологии.

Паремиологическая картина мира - это фрагмент общеязыковой картины мира, вербализованный средствами паремиологического фонда и репрезентирующий коллективные представления этноса о фундаментальных аспектах бытия: человеке и его качествах, социальных отношениях, морально-этических нормах, природных явлениях, труде и его результатах. Петров С.В. пишет: «Зооморфный компонент паремиологической картины мира занимает центральное место, поскольку животные служат наиболее доступными и универсальными референтами для метафорической концептуализации человеческой природы и социальной реальности» [9, с. 45].

Зооморфизм в лингвистике определяется как антропоцентрический когнитивный механизм, основанный на проекции характеристик животного мира на человеческую сферу с целью категоризации, оценки и интерпретации социальных и психологических феноменов. А. И. Максимов пишет, что: «Зооморфная метафора представляет собой концептуальную структуру, в которой исходная область (животное) служит средством осмысления целевой области (человек, его качества, поведение, отношения). Данный механизм укоренён в базовых когнитивных процессах аналогии и метафорического мышления, универсальных для человеческого сознания» [7, с. 80].

В паремиологическом дискурсе зооморфизмы функционируют как компактные символические коды, аккумулирующие культурно-релевантную информацию о стереотипных качествах, приписываемых определённым животным. По мнению Роберт Д. он пишет так: «Эти стереотипы формируются на основе наблюдений за поведением животных, их ролью в хозяйственной деятельности, присутствием в мифологических и фольклорных нарративах» [10, с. 89]. Важно подчеркнуть, что зооморфные символы не являются прямым отражением биологических характеристик животных, но представляют собой культурные конструкты, варьирующиеся в различных лингвокультурных традициях.

Браун Л. Отмечает, что: «Когнитивная лингвистика рассматривает зооморфную метафору как проявление концептуальной метафоры человек - это животное, где атрибуты и паттерны поведения представителей фауны проецируются на антропологическую сферу» [2, с. 167]. Данная концептуальная метафора реализуется через множественные частные метафоры, специфицирующие конкретные качества: хитрость - это лиса, трусость - это заяц, верность - это собака и т.д. Паремиологические единицы служат вербальными манифестациями этих концептуальных структур, фиксируя их в устойчивых формулах традиционной мудрости.

Сопоставительная типология в применении к паремиологии нацелена на выявление универсальных и идиотических параметров организации пословичного фонда различных языков. Типологический анализ предполагает сопоставление не отдельных паремиологических единиц, но системных характеристик паремиологических корпусов: тематической структуры, доминантных концептуальных метафор, аксиологических шкал, структурно-синтаксических моделей. Смит Дж. утверждает, что: «В контексте исследования зооморфизмов типологический подход позволяет установить: инвентарь животных, репрезентированных в паремиологии сопоставляемых языков; частотность упоминания различных животных; семантические поля, ассоциируемые с конкретными зооморфизмами; аксиологическую маркированность зооморфных образов; структурно-синтаксические модели паремий с зооморфными компонентами» [12, с. 90].

Методологическую основу исследования составляет комплекс взаимодополняющих методов и приёмов лингвистического анализа. Структурно-семантический метод

применяется для описания формальной организации паремий и выявления семантических компонентов зооморфных образов. Когнитивно-концептуальный метод направлен на реконструкцию концептуальных структур, лежащих в основе зооморфных метафор, и установление когнитивных моделей, по которым осуществляется метафорический перенос. Лингвокультурологический метод позволяет интерпретировать зооморфизмы как манифестации культурных кодов, отражающих ценностные системы и мировоззренческие установки этносов.

Сопоставительно-типологический метод является ведущим в данном исследовании, обеспечивая систематическое сравнение паремиологических систем трёх языков по единым параметрам и критериям. Метод компонентного анализа используется для вычленения семантических признаков, составляющих содержание зооморфных символов. Количественно-статистический метод применяется для установления частотности различных зооморфизмов и определения их релевантности в паремиологических картинах мира, сопоставляемых лингвокультур.

Материалом исследования послужили паремиологические единицы английского, русского и таджикского языков, эксцерпированные из авторитетных паремиологических сборников, словарей пословиц и поговорок, а также корпусов устной народной речи. Общий объём проанализированного материала составляет свыше 300 паремий, содержащих зооморфные компоненты. Критерием отбора служило наличие в структуре паремии лексемы, обозначающей животное, либо зооморфного образа, имплицитно присутствующего в семантике пословицы. Выборка включает как высокочастотные паремии, активно функционирующие в современной речи, так и архаичные формулы, сохранившиеся в фольклорных записях.

Выбор именно этих трёх языков для сопоставительного анализа обусловлен их принадлежностью к различным языковым семьям и цивилизационным ареалам, что обеспечивает репрезентативность типологических обобщений. Английский язык представляет германскую группу индоевропейской семьи и западноевропейскую культурную традицию с присущими ей ценностями индивидуализма, прагматизма и рационализма. Русский язык относится к славянской группе и репрезентирует восточноевропейскую культуру с характерными для неё коллективистскими ориентациями, эмоциональностью и фаталистическими элементами мировосприятия. Таджикский язык принадлежит к иранской группе индоевропейской семьи и воплощает персидско-центральноазиатскую культурную традицию, синтезирующую аграрные ценности, исламскую духовность и классическую персидскую поэтическую мудрость [1, с. 56].

Сопоставительный анализ паремиологических корпусов трёх языков позволяет выделить группу зооморфных образов, которые характеризуются высокой частотностью во всех исследуемых лингвокультурах и обнаруживают значительное сходство в семантике и символических коннотациях. Эти интерлингвальные паремиологические универсалии отражают общность человеческого опыта взаимодействия с животным миром и универсальные когнитивные механизмы метафорической концептуализации.

Орнито морфизмы (птица как символ свободы и осторожности)

Птица представляет собой один из наиболее универсальных зооморфных образов в паремиологии всех трёх языков. Петров С. В. пишет, что: «Орнито морфная символика базируется на способности птиц к полёту, что концептуализируется как свобода, независимость, трансцендентность земных ограничений» [9, с. 48]. Одновременно птица символизирует осторожность, прагматичность и умение довольствоваться достижимым благом.

Английская паремия «A bird in the hand is worth two in the bush» эксплицирует принцип разумного прагматизма, предписывающий ценить реально достигнутое выше гипотетически возможного. Данная пословица имеет структурные и семантические параллели в русском языке: «Лучше синица в руках, чем журавль в небе», где противопоставление синицы (малой, но реальной птицы) и журавля (большой, но недосягаемой птицы) актуализирует ту же аксиологическую оппозицию между наличным и желаемым. Таджикская паремия «Аз қафас мурғ ба ҳар ҷо, ки равад бустон аст» (Птица из клетки, куда ни полетит, везде сад) акцентирует иной аспект орнитоморфной символики - обретённую свободу и позитивное восприятие освобождения от ограничений [6, с. 77].

Универсальность птицы как паремиологического символа обусловлена её присутствием в хозяйственной практике (домашняя птица), природном окружении (дикие птицы) и

мифопоэтических традициях всех исследуемых культур. Вместе с тем конкретные виды птиц и нюансы их символики могут варьироваться: в русской паремиологии акцентируется оппозиция «синица - журавль», в английской - более абстрактная категория «птица в руке - птицы в кустах», в таджикской - образ освобождённой из клетки птицы, что отражает культурно-специфические акценты в концептуализации свободы и благоразумия.

Орнито морфизмы в трёх языках демонстрируют высокую степень семантической конвергенции при сохранении культурно-обусловленных нюансов. Английские паремии с птицами тяготеют к утилитарно-прагматической интерпретации: птица как объект охоты или домашнего хозяйства, символ практической выгоды. Русские орнито морфизмы более метафоричны и включают элементы философского обобщения: птица как символ недостижимой мечты, свободы духа, непостоянства. Таджикские паремии часто связывают птицу с поэтической образностью, восходящей к персидской классической литературе, где птица символизирует поэта, возвышенную любовь, духовное стремление [4, с. 100].

Канинизм (собака как эталон верности и преданности)

Собака занимает центральное место в паремиологических системах всех трёх языков как символ верности, преданности и полезности человеку. Канинизмы в паремиологии отражают многотысячелетний опыт одомашнивания собаки и её роль как компаньона человека, помощника в хозяйственной деятельности и охранника жилища.

В английской паремиологии собака репрезентируется преимущественно в позитивном аксиологическом ключе. Тейлор Дж. Пишет, что: «Пословица «A good dog deserves a good bone» (Хорошая собака заслуживает хорошей кости) эксплицирует принцип справедливого вознаграждения за верность и полезность. Формула «A dog is a man's best friend» (Собака — лучший друг человека), хотя и не является собственно пословицей в строгом смысле, широко функционирует в англоязычном дискурсе как паре миоид, выражающий ценность верности и бескорыстной привязанности» [13, с. 78]. Английские канинизмы акцентируют утилитарную полезность собаки и её роль в обеспечении безопасности и комфорта человека. Он также, отмечает, что: «Пословица «Every dog has his day» (У каждой собаки свой день) метафорически выражает идею, что каждый субъект, даже находящийся в подчинённом положении, может пережить момент успеха или признания. Это отражает демократические тенденции англосаксонской культуры, где признаётся потенциальная ценность каждого индивида независимо от его социального статуса» [13, с. 80].

Русская паремиология демонстрирует более амбивалентное отношение к собаке. Петров С. В. пишет: «Наряду с признанием её положительных качеств (Собака - друг человека), присутствуют пословицы, где собака выступает в негативных или нейтральных контекстах: «Собака лает, караван идёт» -формула, выражающая пренебрежение к бессильной критике и призыв не обращать внимания на недоброжелателей» [9, с. 45]. Здесь собака метонимический обозначает мелких завистников или критиков, чьё мнение не должно влиять на действия уверенного в себе человека или коллектива. Смирнов В.А. утверждает, что: «Русские канинизмы отражают сложность социальных коннотаций собаки в традиционной культуре: с одной стороны, собака — верный помощник и охранник, с другой - существо, занимающее промежуточное положение между домом и улицей, чистым и нечистым пространством. Пословица «Как собака на сене: сама не ест и другим не даёт» фиксирует негативный стереотип эгоистичного поведения, препятствующего другим получить благо, которое самому субъекту не нужно» [11, с. 52].

Гаффоров М. А. в своей книге пишет, что: «Таджикская паремия «Саг мечакад, корвон мегузарад» представляет собой прямой структурно-семантический аналог русской пословицы «Собака лает, караван идёт», что свидетельствует о возможных культурных заимствованиях или типологической конвергенции» [3, с. 98]. В таджикской культуре, испытавшей влияние ислама, отношение к собаке амбивалентно: признаётся её полезность как охранника и помощника в скотоводстве, но одновременно существуют ритуальные ограничения, связанные с религиозными предписаниями о «нечистоте» собаки. Интерлингвальная универсальность собаки как паремиологического символа детерминирована её уникальным статусом в человеческой культуре. Вместе с тем культурные различия проявляются в нюансах аксиологической маркированной: англоязычная паремиология тяготеет к безусловно позитивной оценке собаки, тогда как в русской и таджикской традициях присутствует более амбивалентное отношение, отражающее сложность социальных коннотаций данного зооморфизма и влияние религиозных факторов.

Актинизм (лошадь как символ трудолюбия и надёжности)

Лошадь представляет собой ещё один интерлингвальный паремиологический символ, репрезентированный во всех трёх исследуемых языках. Эквинизмы в паремиологии отражают фундаментальную роль лошади в хозяйственной жизни, транспорте и военном деле традиционных обществ. Лошадь концептуализируется как воплощение трудолюбия, выносливости, верности и благородства. Английская пословица «A horse stumbles that has four legs» (Конь о четырёх ногах, да спотыкается) имеет точный структурно-семантический параллелизм в русской паремиологии: «Конь о четырёх ногах, да спотыкается». Данная формула выражает идею универсальности человеческих (и шире - любых) несовершенств: даже наиболее надёжные и сильные субъекты подвержены ошибкам и слабостям. Семантическая идентичность английской и русской версий этой пословицы позволяет предполагать либо общее индоевропейское происхождение, либо культурное заимствование в историческую эпоху. Эта паремия функционирует как средство смягчения критики при обнаружении ошибок у компетентного и надёжного человека. Она апеллирует к универсальному человеческому опыту несовершенства и призывает к снисходительности, подчёркивая, что ошибки естественны даже для тех, кто обычно демонстрирует высокую компетентность. Метафора лошади здесь особенно релевантная, поскольку лошадь в традиционных обществах воспринималась как образец надёжности и предсказуемости в работе.

Английские эквинизмы часто акцентируют практические аспекты использования лошадей. Смит Дж. Пишет, что: «Пословица «Don't put the cart before the horse» (Не ставь телегу впереди лошади) метафорически выражает принцип соблюдения правильной последовательности действий, логического порядка в решении задач» [13, с. 86]. Эта паремия отражает прагматическую ориентацию англосаксонской культуры на эффективность и рациональность в организации деятельности.

В русской паремиологии лошадь также занимает значимое место, что обусловлено её критической ролью в крестьянском хозяйстве и транспорте. Русские эквинизмы часто содержат элементы социальной критики или философского обобщения. Иванов А. В. пишет, что: «Пословица «Дарёному коню в зубы не смотрят» эксплицирует принцип благодарности и неприличия критической оценки подарка» [5, с. 150]. Эта паремия базируется на практике оценки возраста и здоровья лошади по состоянию её зубов - проверка, уместная при покупке, но неэтичная в ситуации дарения.

В таджикской паремиологии лошадь также занимает значимое место, что обусловлено традициями скотоводства и важностью лошади в горных условиях Центральной Азии. Таджикские пословицы акцентируют верность и надёжность лошади, а также необходимость заботы о ней как о ценном помощнике. В книге Гаффарова М. А. пишется, что: «Паремия «Ба аспи нағз як қамчин, ба аспи бад сад қамчин» (Хорошей лошади - один удар кнута, плохой - сто ударов) эксплицирует идею различия в мотивационных потребностях в зависимости от качеств субъекта» [3, с. 78]. Универсальность эквинизмов в трёх паремиологических системах отражает общность аграрно-скотоводческого уклада традиционных обществ и сходство в восприятии лошади как незаменимого спутника человека.

Культурно-маркированные зооморфизмы в трилингвальной паремиологии

Наряду с универсальными зооморфными образами, паремиологические системы трёх языков содержат культурно-специфические зооморфизмы, семантика и аксиологическая маркированность которых существенно варьируются в зависимости от этнокультурных факторов. Эти различия детерминированы географическими условиями, особенностями фауны, историческим опытом взаимодействия с животными и мифопоэтическими традициями.

Лупинизм (волк в русской паремиологических традициях)

Смит Дж. Отмечает, что: «Волк представляет собой культурно-маркированный зооморфизм, семантика которого значительно различается в исследуемых лингвокультурах» [13, с. 145]. В русской паремиологии волк занимает центральное место как символ опасности, хищности, но одновременно силы и независимости. Обилие латинизмов в русской паремиологии обусловлено широким распространением волков в лесных и степных зонах России и их значимой ролью в крестьянской жизни как угрозы для скота и людей. Пословица «Волков бояться - в лес не ходить» эксплицирует ценностную установку на смелость, решительность и готовность к риску как условие достижения цели. Семантическая

структура данной паремии включает импликатуру: лес - это место потенциальной опасности (где водятся волки), но одновременно источник необходимых ресурсов; страх перед опасностью парализует деятельность; преодоление страха - необходимое условие продуктивной жизни. Волк здесь метонимический репрезентирует все виды рисков и угроз, с которыми сталкивается человек в своей деятельности. Данная паремия широко функционирует в современном русском дискурсе как средство мотивации к действию в ситуациях неопределённости и риска. Она апеллирует к традиционной русской ценности смелости и способности действовать в условиях опасности. Смирнов В.А. пишет, что: «Лес в русской культуре - амбивалентное пространство: источник ресурсов (дрова, грибы, ягоды, дичь), но одновременно место опасности, неизвестности, потенциального хаоса» [11, с. 50].

Русская паремиология содержит множество других лупинизмов, акцентирующих различные аспекты волчьей природы. Пословица «Сколько волка ни корми, он всё в лес смотрит» выражает идею неискоренимости базовых инстинктов, привязанностей и ценностных ориентаций. Эта паремия применяется к людям, которые, несмотря на благоприятные обстоятельства или помощь со стороны, не меняют своих фундаментальных установок и стремятся вернуться к прежнему образу жизни. Волк здесь символизирует дикую природу, не поддающуюся одомашниванию, независимость и верность своей сущности. Сирнов В.А. также отмечает, что: «Пословица «С волками жить - по-волчьи выть» эксплицирует принцип необходимости адаптации к социальному окружению, даже если оно не соответствует собственным ценностям или моральным стандартам» [11, с. 56]. Эта паремия отражает прагматическое признание власти социального контекста над индивидуальным поведением. Она может использоваться как для оправдания конформизма, так и для критики морального релятивизма.

В английской паремиологии волк репрезентирован значительно менее широко, что обусловлено более ранним исчезновением волков из британской фауны. Пословица «A wolf in sheep's clothing» (Волк в овечьей шкуре) актуализирует семантику обмана, лицемерия, скрытой опасности. Браун Л. Утверждает, что: «Данная паремия имеет библейское происхождение и отражает христианскую аллегорию лжепророков, маскирующих свою деструктивную сущность под видом благочестия. В современном употреблении она применяется к любым случаям умышленного сокрытия истинных намерений» [2, с. 201].

В таджикской паремиологии волк также присутствует как символ опасности и хитрости, но его частотность ниже по сравнению с русской традицией. Это объясняется меньшей релевантностью волка в горных аграрных условиях Таджикистана, где основные угрозы для скотоводства исходили от иных хищников или природных факторов.

Урсинизм (медведь как специфически русский паремиологический символ)

Медведь представляет собой один из наиболее культурно-специфических зооморфизмов, доминирующий в русской паремиологии и практически отсутствующий в английской и таджикской традициях. Урсинизмы в русской паремиологии отражают уникальность медведя как символа русской культуры и национального самосознания. Медведь в русской лингвокультуре амбивалентен: он воплощает силу, мощь, но одновременно неуклюжесть, грубость и непредсказуемость. В работе Николаева И. В. пишется, что: «Пословица «Медведь на ухо наступил» метафорически обозначает отсутствие музыкального слуха и эстетической чувствительности» [8, с. 56]. Образ медведя, наступающего на ухо, актуализирует семантику грубости, тяжести и разрушительного воздействия. Данная паремия функционирует как эвфемистическое средство для мягкой критики отсутствия музыкальных способностей. Медведь здесь символизирует антипод изящества и тонкости, воплощая стихийную природную силу, несовместимую с культурной рафинированностью. Другие русские паремии с урсинизмами акцентируют силу медведя: «Сильный как медведь» - сравнение, подчёркивающее исключительную физическую мощь. Медведь в русской культуре - эталон силы, превосходящий все другие образцы. Это отражает реальный опыт столкновений с медведями в лесных регионах России, где медведь воспринимался как наиболее опасный хищник. Иванов А. В. пишет, что: «Медведь в русской мифопоэтической традиции занимает особое место как тотемное животное, «хозяин леса», объект табуирования» [5, с. 189]. Само слово «медведь» представляет собой эвфемистическую замену табуированного имени и означает «мёд ведающий».

В английской паремиологии медведь встречается спорадически и не обладает столь мощной символической нагрузкой. Пословица «Don't sell the bear's skin before you've caught the bear» (Не продавай шкуру медведя, пока его не поймал) предостерегает от

преждевременных расчётов на ещё не достигнутый результат. Это заимствованная паремия, восходящая к континентально-европейским источникам, что объясняет её периферийный статус в английском паремиологическом фонде.

В таджикской паремиологии медведь практически отсутствует, что обусловлено его малой распространённостью в горных регионах Центральной Азии. Несмотря на это, можно встретить пословицу в книге Корогли Х. Г. и там пишется: «- Аз хирс мӯи, аз бураҳна пустин чун баркан» (с медведя шерсть, с голого - шубу не снимешь; ср. русск. «Голую овцу не стригут»)» [7, с. 82]. Данный факт иллюстрирует зависимость паремиологических зооморфизмов от фаунистических реалий и культурно-исторического опыта этноса.

Фелинизм (кошка как амбивалентный символ)

Кошка представляет собой зооморфизм с вариативной семантикой в трёх исследуемых лингвокультурах. В английской паремиологии кошка ассоциируется преимущественно с любопытством, независимостью и осторожностью. Джонсон М. в своей книге пишет, что: «Пословица «Curiosity killed the cat» (Любопытство убило кошку) предостерегает от чрезмерного любопытства и вмешательства в чужие дела» [4, с. 192]. Образ кошки здесь актуализирует её поведенческую характеристику - склонность к исследованию окружающего пространства, которая может привести к опасным последствиям.

Английская паремия «A cat in gloves catches no mice» (Кот в перчатках не поймает мышей) эксплицирует принцип необходимости прямых, непосредственных действий для достижения результата. Робертс Д. утверждает, что: «Перчатки на лапах кошки символизируют избыточную деликатность, боязнь «запачкать руки», что препятствует эффективной деятельности» [10, с. 120]. Данная паремия отражает прагматическую ориентацию англосаксонской культуры, ценящей практическую результативность.

В русской паремиологии кошка репрезентируется как символ хитрости, ловкости и скрытности. Николаев И.В. пишет, что: «Пословица «Чует кошка, чьё мясо съела» выражает идею, что виновник всегда осознаёт свою вину и испытывает тревогу по поводу возможного разоблачения» [8, с. 62]. Кошка здесь метафорически обозначает человека, совершившего проступок и пытающегося скрыть его, но внутренне переживающего за последствия. Русская паремиология также фиксирует амбивалентность кошки: «Кошка скребёт на свой хребет» (о том, кто своими действиями навлекает на себя неприятности).

В таджикской паремиологии кошка имеет более периферийный статус, хотя и присутствует в некоторых пословицах как символ хитрости. В книге «Персидские пословицы и поговорки» Корогли Х.Г. пишет, что: «Паремия «Агар гурба гӯшт наёбад, мегӯяд: - Имрӯз рамазон аст» (Если кошка не раздобыла мяса, она говорит: «Сегодня пост - рамазан») выражает идею вынужденного унижения перед недостойными людьми в критической ситуации» [7, с. 84]. Меньшая значимость кошки в таджикской паремиологии может объясняться иной ролью этого животного в традиционном быту и возможным влиянием исламской культуры.

Лаконизм (лев как символ величия в таджикской культуре)

Лев представляет собой культурно-специфический зооморфизм, доминирующий в таджикской паремиологии и отражающий влияние персидской классической литературной традиции. В персидско-таджикской культуре лев (шер) занимает центральное место в символической иерархии животного мира как воплощение царственности, доблести, силы и благородства. Эта символика восходит к древнеперсидской монархической традиции, где лев служил геральдическим символом власти.

Таджикская пословица «гурбаи ноумедшуда ба шер ҷанг мезанад» (Кошка без надежды готова биться со львом) выражает идею, что человек, оказавшийся в отчаянном положении и не имеющий особого выхода, может вести себя очень решительно и энергично ради сохранения своей жизни и безопасности. Лев здесь символизирует превосходство, мастерство и уверенность. Контраст между кошкой (малым, слабым существом) и львом (царём зверей) максимально акцентирует отчаянность ситуации. Данный зооморфизм отсутствует в повседневном опыте таджиков (львы не водятся в Центральной Азии), но присутствует как культурный архетип, транслируемый через классическую персидскую поэзию и фольклор. В произведениях Фирдоуси, Саади, Хафиза лев фигурирует как символ героической доблести, царского достоинства, справедливой силы. Эта литературная символика интегрирована в таджикский паремиологический фонд, создавая ситуацию, когда культурно заимствованный символ функционирует наравне с зооморфизмами, основанными на непосредственном опыте.

В английской паремиологии лев также присутствует, но преимущественно в устойчивых выражениях и паре миоидах, восходящих к библейским источникам или средневековой геральдике. Формула «The lion's share» (львиная доля) означает наибольшую или несправедливо большую часть чего-либо. Это выражение восходит к басне Эзопа, где лев, участвуя в совместной охоте с другими животными, присваивает всю добычу, используя своё превосходство в силе.

В русской паремиологии лев практически отсутствует как активный символ, что объясняется его нерелевантностью для русской природной среды и культурного опыта. Львиная символика в русской культуре носит преимущественно заимствованный характер и связана с геральдикой, литературными источниками или зоопарковым опытом, но не с непосредственным взаимодействием в природной среде.

Заключение. Проведённый сопоставительно-типологический анализ универсальных и культурно-маркированных зооморфизмов в паремиологических системах английского, русского и таджикского языков позволяет сформулировать ряд существенных выводов теоретического и прикладного характера. Исследование выявило диалектическое единство универсальных когнитивных механизмов концептуализации животного мира и культурно-специфических параметров репрезентации зооморфных образов в паремиологии. Интерлингвальные паремиологические универсалии (птица, собака, лошадь) отражают общность базовых когнитивных процессов метафорического мышления и сходство хозяйственно-культурного опыта традиционных аграрных обществ. Эти зооморфизмы присутствуют во всех трёх исследуемых языках с высокой частотностью и обнаруживают значительное сходство в базовой семантике, что делает их потенциальными «мостами» межкультурного понимания. Вместе с тем даже универсальные зооморфизмы демонстрируют культурно-обусловленные нюансы в аксиологической маркированный, символической валентности и прагматических функциях, что свидетельствует о сложности и многомерности паремиологической семантики.

Английская паремиология тяготеет к утилитарно-прагматической интерпретации зооморфизмов, акцентируя практическую полезность животных и рациональность взаимодействия с ними. Русская паремиология характеризуется большей метафоричностью и философской глубиной зооморфных образов, часто включающих элементы социальной критики и экзистенциального обобщения. Таджикская паремиология синтезирует непосредственный хозяйственный опыт с культурно заимствованной символикой из персидской классической традиции, создавая уникальный симбиоз практического и поэтического в репрезентации животного мира. Данные различия отражают не только специфику хозяйственного уклада и природных условий, но и глубинные культурные ценности и мировоззренческие установки этносов.

Культурно-маркированные зооморфизмы (волк, медведь, кошка, лев) демонстрируют существенную вариативность в семантике, частотности и символической значимости в зависимости от географических, экологических и культурно-исторических факторов. Волк доминирует в русской паремиологии как амбивалентный символ опасности и свободы, занимает периферийное положение в английской традиции и имеет ограниченное присутствие в таджикской паремиологии. Медведь является специфически русским паремиологическим символом, практически отсутствующим в английском и таджикском корпусах. Лев, напротив, централен для таджикской паремиологии как культурно заимствованный архетип, но периферийен для русской и функционирует в английской преимущественно через литературные и геральдические коннотации. Эти различия убедительно демонстрируют зависимость паремиологических зооморфизмов от фаунистических реалий и непосредственного опыта взаимодействия этноса с животным миром, а также способность паремиологии интегрировать культурно заимствованные символы в собственную систему значений, что свидетельствует о динамичности и адаптивности паремиологических систем.

Литература

1. Алиева, З. Х. Таджикские пословицы и поговорки: культурно-исторический аспект / З. Х. Алиева. - Душанбе: Издательство Озод, 2020. - 298 с.

2. Браун, Л. Cultural Dimensions of Proverbial Wisdom / Л. Браун. - Oxford: Oxford University Press, 2021. - 412 с.

3. Гаффаров, М. А. Персидские пословицы / М.А. Гаффаров, В. А. Гордлевский. – Москва, 1913. – 200 с.

4. Джонсон, М. Comparative Analysis of Animal Symbolism in Proverbs. / М. Джонсон. - New York: Academic Press, 2022. - 456 с.

5. Иванов, А. В. Культурные аспекты использования образов животных в пословицах / А. В. Иванов. - М.: Издательство «Наука», 2023. 367 с.

6. Короглы, Х. Г. Персидские пословицы и поговорки / Х. Г. Короглы. – Москва: Восточная литература, 1961. – 200 с.

7. Максимов, А. И. Исторические корни символики животных в пословицах / А. И. Максимов // Исторический журнал. 2023. № 4. С. 78–92.

8. Николаева, И. В. Культурные особенности в символике животных / И. В. Николаева // Вестник Томского государственного университета. 2020. № 3. С. 56–70.

9. Петров, С. В. Символика животных в русских и английских пословицах / С. В. Петров // Вестник Московского университета. Серия 12: Языкознание. 2022. № 3. С. 45–58.

10. Robert, D. The Influence of Geography on Proverbial Imagery / D. Robert. - Cambridge: Cambridge University Press, 2022. - 378 с.

11. Смирнов, В. А. Символика животных в традиционной культуре / В. А. Смирнов // Фольклор и мифология. 2023. № 2. С. 45–60.

12. Смит, Дж. The Role of Proverbs in Cultural Identity / Дж. Смит. - London: Cultural Studies Press, 2023. - 345 с.

13. Тейлор, Дж. Proverbs and Cultural Identity: A Cross-Cultural Perspective / Дж. Тейлор. - London: Routledge, 2021. - 298 с.

УНИВЕРСАЛЬНЫЕ И КУЛЬТУРНО-МАРКИРОВАННЫЕ ЗООМОРФИЗМЫ В ПАРЕМИОЛОГИИ ТАДЖИКСКОГО, РУССКОГО И АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКОВ

В статье проводится сравнительно-типологический анализ общих зооморфизмов и их национально-культурных особенностей в паремиологических системах таджикского, русского и английского языков. Автор рассматривает пословицы и поговорки как важные лингвокультурные единицы, посредством которых через образы животных отражаются человеческие качества, социальные отношения и нравственные ценности. Особое внимание уделяется выявлению интерлингвальных универсалий, включая орнито морфизмы, канинизмы и эквинизмы, а также культурно-специфических зооморфизмов, таких как лупинизмы, урсинизмы, фелинизмы и леонизмы, характерных для исследуемых языковых культур. Результаты исследования показывают, что, несмотря на принадлежность рассматриваемых языков к различным ветвям индоевропейской языковой семьи и существенные различия их историко-культурного развития, в их паремиологических системах наблюдается значительное сходство базовых зооморфных символов. Эти символы отражают универсальный человеческий опыт взаимодействия с животным миром. В то же время отчётливо проявляются национально-культурные особенности каждой языковой общности. Так, для английских пословиц характерна прагматическая направленность, для русских философская глубина и социально-критическая оценка действительности, тогда как таджикские пословицы демонстрируют органичное сочетание практического опыта с богатыми поэтическими традициями.

Ключевые слова: паремиология, зооморфизмы, лингвокультурология, когнитивная метафора, культурные универсалии, зооморфные образы, национально-культурные особенности.

ЗООМОРФИЗМҲОИ УМУМӢ ВА НИШОНАДОРИ ФАРҲАНГӢ ДАР ПАРЕМИОЛОГИЯИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақола таҳлили муқоисавӣ-типологии зооморфизмҳои умумӣ ва вижагиҳои фарҳангӣ миллии онҳо дар низоми паремиологии забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ анҷом дода шудааст. Муаллиф зарбулмасалу мақолҳоро ҳамчун воҳидҳои муҳимми лингвофарҳангӣ баррасӣ намуда, нишон медиҳад, ки тавассути образҳои ҳайвонот хислатҳои инсонӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ ва арзишҳои ахлоқӣ инъикос мегарданд. Таваҷҷуҳи махсус ба ошкор намудани умумиятҳои интерлингвалӣ, аз ҷумла орнитоморфизмҳо, канинизмҳо ва эквинизмҳо, инчунин зооморфизмҳои фарҳангӣ-хос, аз қабили лупинизмҳо, урсинизмҳо, фелинизмҳо ва леонизмҳо, ки барои фарҳангҳои забонии мавриди таҳқиқ хусусияти вижа доранд, равона шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки новобаста аз мансубияти забонҳои мавриди омӯзиш ба шохаҳои гуногуни оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ ва тафовути муҳити таърихию фарҳангии онҳо, дар паремиологияи ин забонҳо монандии назарраси рамзҳои асосии зооморфӣ мушоҳида мешавад. Ин рамзҳо таҷрибаи умумии инсониятро дар раванди ҳамзистӣ ва ҳамкорӣ бо олами ҳайвонот инъикос менамоянд. Ҳамзамон, хусусиятҳои фарҳангӣ-миллии ҳар як ҷомеа низ ба таври возеҳ таҷассум меёбанд. Аз ҷумла, самтгирии прагматикӣ дар зарбулмасалҳои англисӣ, моҳияти фалсафӣ ва танқиди иҷтимоӣ дар зарбулмасалҳои русӣ, инчунин ҳамгироии таҷрибаи амалӣ бо анъанаҳои бойи бадеиву шеърӣ дар зарбулмасалҳои тоҷикӣ ба мушоҳида мерасад.

Калидвожаҳо: паремиология, зооморфизмҳо, лингвофарҳангшиносӣ, метафораи когнитивӣ, умумиятҳои фарҳангӣ, образҳои зооморфӣ, хусусиятҳои миллӣ-фарҳангӣ.

UNIVERSAL AND CULTURALLY MARKED ZOOMORPHISMS IN THE PAREMIOLOGY OF TAJIK, RUSSIAN, AND ENGLISH LANGUAGES

The article presents a comparative typological analysis of common zoomorphism's and their national-cultural features in the paremiological systems of the Tajik, Russian, and English languages. Proverbs and sayings are examined as important linguocultural units through which human qualities, social relationships, and moral values are represented by means of animal imagery. Special attention is paid to the identification of interlingual universals, including ornithomorphisms, caninisms, and equinisms, as well as culturally specific zoomorphisms such as lupinisms, ursinisms, felinisms, and leonisms that are characteristic of the linguistic cultures under study. The findings demonstrate that despite the affiliation of these languages with different branches of the Indo-European language family and the significant differences in their historical and cultural backgrounds, their paremiological systems reveal a considerable similarity in fundamental zoomorphic symbols. These symbols reflect the universal human experience of interaction with the animal world. At the same time, distinct national and cultural characteristics are clearly manifested. English proverbs tend to exhibit a pragmatic orientation, Russian proverbs are marked by philosophical depth and social criticism, whereas Tajik proverbs represent a synthesis of practical experience and rich poetic traditions.

Keywords: parasitology, zoomorphism's, linguocultural studies, cognitive metaphor, cultural universals, zoomorphic imagery, national and cultural features.

Об авторе
Усмонзода Шохрух
Доктор философии (PhD) по языкознание, доцент кафедры английского языка как вторая специальность
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: shohrukh.usmonov@mail.ru

About the author
Shohrukh Usmonzoda
Doctor of Philosophy (PhD) in Linguistics, Associate Professor at the University-Wide Department of English as a Second Specialty
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: shohrukh.usmonov@mail.ru

Дар бораи муаллиф
Усмонзода Шоҳрух
Доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи забоншиносӣ, дотсенти кафедраи забони англисӣ ҳамчун ихтисоси дуюми
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: shohrukh.usmonov@mail.ru

ТДУ 809.155.0+802.0

ТАҲЛИЛИ СОХТОРИИ ИСТИЛОҲОТИ ОВОШИНОСӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Ҳасанов Ғ. Ҷ.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Истилоҳот ва истилоҳсозӣ дар забоншиносии муосир яке аз бахшҳои асосии илми вожашиносӣ (лексикология) гардидааст. Беҳуда нест, ки дар риштаи омӯзиш ва баррасии худи илм ё ба истилоҳи дигар - илмшиносӣ дар маҳфилҳо ва симпозиумҳои байналмилалӣ пажӯҳиши вожаҳо ва таъсири онҳо ба барномарезии илмӣ мавриди баҳсҳои амиқ қарор гирифтааст. Вале мутаассифона, то ҳанӯз дар забоншиносӣ аҳаммияти истилоҳ ва истилоҳсозӣ ба дараҷаи кофӣ коркард нашудааст ва айни ҳол мо дар марҳилаи ибтидоии вожасозиву истилоҳофаринӣ қарор дорем.

Забон бевосита ба фаъолияти ҳаррӯзаи инсон робитаи ногусастанӣ дошта, таркиби луғавии он пайваста рушд меёбад ва бой мегардад. Чунин рушди забон ду омил дорад. Омили якум инкишофи забонҳо, аз ҷумла забони англисӣ робитаҳои фарҳангию иқтисодии соҳибзабонон бо халқу миллатҳои дигар бошад, омили дуюм - аз ҳисоби калимаҳои кӯҳнаи мавҷудаи забон сохтани калима ё истилоҳоти нав ба шумор меравад [10, с. 22-29].

Чун дигар забонҳои дунё, забони англисӣ низ истилоҳот ва вожагони соҳавии худро доро мебошад, ки ба туфайли дигаргун гардидани шакл ё сохтори онҳо таркиби луғавиаш бой мегардад.

Бахши «фонетика» яке аз бузургтарин ва муҳимтарин бахшҳои забоншиносӣ маҳсуб ёфта, истилоҳотеро дар бар мегирад, ки танҳо дар соҳаи фонетика ба кор мераванд. Таҳлили сохторӣ ё таркибии ин бахш то ҳол мавриди таҳлили ҷудогона қарор нагирифтааст ва моро ин ҷо зарур аст, ки сари он андешаи худро баён намоем. Нахуст бояд таъкид намуд, ки истилоҳоти ин бахш дар навбати худ ба *сода (simple)*, *сохта (derivative)*, *мураккаб (complex)* ва таркибӣ (compound) ҷудо мешаванд, ки аз ҳар яки онҳо дар зер ба таври муфассал ёдовар хоҳем гардид [5, с. 41-43].

Истилоҳоти сода (simple terms). Ин гурӯҳи истилоҳот танҳо аз як реша иборат буда, дар таркиби худ ягон унсури ёрирасон - пасванду пешванд надоранд, ба монанди *sound (овоз), accent (лаҳн), stress (зада), style (услуб), speech (нутқ), organ (узв), palate (ком), slit (роғ), tongue (забон), lip (лаб), lung (шуш), throat (ҳалқ), gullet (гулӯ), breath (нафасбарорӣ), tooth (дандон), tip (нӯги забонча), mouth (даҳон), phoneme (фонема), blade (қисми пеши забон), row (қатор), line (қатор), long (дароз), short (кӯтоҳ), active (фаъол), vowel (садонок), consonant (ҳамсадо).* Чӣ тавре ки аз истилоҳоти овардашуда аён гардид, аксарияти онҳо дар навишт ва гуфтор фаъол буда, дар тавлиди овоз нақши муҳим мебозанд ва илова ба ин вожаҳои фаъоли забон низ ба шумор мераванд [3, с. 19-26].

Истилоҳоти сохта (derivative terms). Пеш аз он ки мо сари масъалаи истилоҳоти сохтаи фонетикӣ -и забони англисӣ андеша баён намоем, моро зарур аст, ки ба «таърихча»- и навъ ё усулҳои асосии истилоҳсозӣ ё калимасозии ин забони тавоно ва нерӯманд назар афканем. Дар забони англисӣ, терминҳо асосан бо ёрии тарзу роҳҳои зерин сохта мешванд: [10, с.27-29].

1. Воситаи луғавӣ-маъноӣ
2. Воситаи наҳвӣ (синтаксисӣ)
3. Воситаи сарфӣ (морфологӣ)

Яке аз усулҳои муқаррарии истилоҳсозӣ дар бахши фонетика усули сарфӣ (морфологӣ) ба шумор меравад. Дар ин усул истилоҳоти фонетикӣ тавассути аффиксатсия, яъне ҳамроҳ гардидани аффиксҳо ба реша ё асоси калима, бунёд мешаванд. Бо истифода аз ин усул дар забони тоҷикӣ шумораи зиёди истилоҳҳои фонетикӣ сохта шудаанд, ки онҳо хусусиятҳои гуногуни овозҳо ва равандҳои талаффузиро ифода менамоянд. Барои мисол метавон гуфт, ки бо илова шудани пасванди **-нок** ба решаҳои *садо* ва *овоз* истилоҳҳои *садонок* ва *овознок* ҳосил мегарданд. Дар ин навъи усули истилоҳсозӣ, истилоҳоти нав тавассути роҳҳои зерин сохта мешаванд.

Масалан тавассути аффиксҳо (маънои аффикс: часпандашуда, басташуда; морфемаи ёрирасон қисми калимаест, ки барои шаклану мазмунан тағйир додани маънои луғавӣ ё грамматикии реша (асос) ва ё барои ифодаи муносибати байни калимаҳо дар ибора ё ҷумла

хизмат мекунад. Аффикс номи умумии ҳамаи морфемаҳо, ғайр аз реша аст) ва воситаи сохта шудани истилоҳоти нав мебошад [7, с. 22-24]. Ин усул боз навъҳои зерини худро доро аст. Аз ҷумла:

а) *Сохтани истилоҳоти сохтаи фонетикӣ бо ёрии пешвандҳо*. Дар илми забоншиносӣ сохта шудани истилоҳоти навро тавассути пешванд «префиксатсия- дар авали калимаҳои решагӣ чун воситаҳои калимасозу шаклсоз ҳамроҳ шуда омадани префиксҳо» вохӯрдан мумкин аст. Пешвандҳо як ҷузъи ҷудонашвандаи истилоҳот ба шумор рафта, пеш аз реша омада, қобилияти дигар намудани маънии истилоҳро доранд. Пас, дар зер мо аз он истилоҳоти сохтае ёдовар мегардем, ки танҳо тавассути пасванд сохта шудаанд. Ин навъи истилоҳот хеле маъмул буда, дар таркиби худ яке аз унсурҳои ёрирасон пешванд ё пасванд ва ё ҳар дуро доро мебошанд. Теъдоди пешвандҳо ва пасвандҳои истилоҳсози забони англисӣ сершумор буда, мо танҳо онҳоеро ёдовар мешавем, ки дар сохтани истилоҳоти сохтаи фонетика иштирок намудаанд [6, с.22-29].

-dis. Пасванди мазкур аз забони лотинӣ ворид гардида, дар бисёр ҳолатҳо ҳамҷуфти пасванди –de ба шумор меравад. Аслан ин пешванд пеш аз асосҳои феълҳо омада исму сифат месозад. Мо метавонем онро ҳамчун пешванди каммаҳсул муаррифӣ намоем. Шумораи терминҳое, ки ба воситаи ин пешванд сохта шудаанд зиёд нестанд, ба монанди: *disarticulation (ба овозҳо ҷудо кардан), discrimination (тафовут (-и падидаҳои овоӣ)), disorder (харобӣ, нуқс), dissimiliar (фарқ ва ё мутафовит), dissimilation (бешабоҳатӣ, монанд набудан), distress (иллат, нуқс)*.

-mis-. Ин пешванд дар забони англисии давраи қадим аслан феълҳое месохтанд, ки маъниҳои «набудан, аз даст додан, норасоӣ, нодуруст, нуқс, иллат доштанд» -ро ва ҳоло ҳам ба ҳамин маъниҳо корбаст мешаванд. Қолаби сохташавии ин гурӯҳи истилоҳот бо иштироки пешванди номбурда чунин аст: *Prefix+ Verb Stem+Suffix = Noun or Verb (Пешванд+ асоси феъл= исм ё феъл)*. Теъдоди ин навъи истилоҳот он қадар беш нест ва пешванди мазкурро метавон каммаҳсул номид, ба монанди: *mispronounce (ғалат/нодуруст талаффуз кардан), mispronunciation (талаффузи ғалат/нодуруст; талаффузи ғалати калима), mistake (иштибоҳ, саҳв, ғалат) [8,с.34]*.

б) Сохтани истилоҳоти сохтаи фонетикӣ бо пасвандҳо. «Суффиксатсия – ҳамроҳ шудани суффиксҳо ба реша ё ба асоси калимаҳо ҳамчун воситаҳои калимасоз ва шаклсоз»-ро низ дар бештари ҳолатҳо муродифи «калимасозӣ тавассути пасванд» меҳисобанд. Пасвандҳо низ амсоли пешвандҳо як ҷузъи ҷудонашавандаи истилоҳот ба шумор рафта, пас аз реша меоянд. Онҳо низ метавонанд, ба истилоҳ маънии нав зам намоянд ва ё куллан онро тағйир диҳанд. Мо дар зер он истилоҳоти сохтаеро ёдовар мегардем, ки тавассути ин пасванд сохта шудаанд:

-tion-. Пасванди номбурда яке аз сермаҳсултарин пасвандҳои истилоҳсози забони англисӣ буда, тавассути он як қатор истилоҳоти фонетикӣ ташкил ёфтаанд. Аслан ин пасванд дар таркиби вожаҳои аз забонҳои романӣ иқтибосгардида, ба захираи луғавии забони англисӣ ворид шудааст. Як нуқтаро бояд таъкид намуд, ки бештари истилоҳот ё вожаҳои бо ин пасванд сохташуда маънии мавҳумиро доштанд. Истилоҳоти ба воситаи ин пасванд сохташуда дар қолаби маъмули *Noun +vowel or consonant + suffix –Исм +садонок ё ҳамсадо +пасванд* ифода мешванд. Миқдори терминҳои мазкур хеле зиёд буда, мо ин ҷо бо овардани танҳо як қатори онҳо маҳдуд мегардем: *acceleration (суръат), accentuation (задагузорӣ), accommodation (монандшавӣ), actualization (фаъолшавӣ ё фаъолгардӣ), affrication (африкатшавӣ- овози пайваста, ки ба махраҷҳои алоҳида ҷудо нашудааст), alternation (бадалшавӣ), notation (нотатсия), application (истифода, корбурд), articulation (артикулятсия, тарзи талаффуз), aspiration (нафас), assimilation (ассимилятсия, монандшавӣ), association (муттаҳидшавӣ, якшавӣ), centralization (марказшавӣ, ҷамъшавӣ), classification (гурӯҳбандӣ, таснифот), coarticulation (якҷоя талаффузшавӣ), collocation (ҷойгиршавӣ), communication (алоқа), commutation (дигаргунӣ, тағйирот), concatenation (алоқаи мутақобила), configuration (шаклгирӣ), conversation (гуфтугӯ), declaration (изҳорот, баён), deforestation (буридани ҷангал), diphthongization (дифтонгшавӣ-ба ҳам пайваста омадани ду садонок дар як ҳиҷо), dissimilation (диссимилятсия- тағйири яке аз ду овози якхела ё ба ҳам наздик дар калима), distribution (тақсимот), glottalization (ҳалқумӣ), hesitation (лаппиш, ҷунбиш), imitation (тақлид, такрор), information (ахбор), intonation (оҳанг), iteration (такрор), labialization (талаффузи лабӣ-дар талаффузи баъзе овозҳо гирда ё ба пеш моил шудани лабҳо), labio-dentalization (лабудандонӣ), nasalization (талаффузи димоғӣ), labio-velarization (лабупасикомӣ), laryngealization (ҳалқшавӣ), monophthongization*

(монофтонгшавӣ), nasalization (талаффузи димоғӣ), neutralization (бетарафӣ, бетаъсирӣ), palatalization (палатализатсия, комишавӣ- талаффузи нарми ҳамсадоҳо), preservation (нигоҳдошт), phonation (тавлиди овоз), phonologization (фонологизатсияшавӣ), prevarication (дуршавӣ), pronunciation (талаффуз), reduplication (такроршавӣ), segmentation (сегментатсия), specialization (ихтисос), truncation (кӯтоҳкунӣ), underspecification (ишоранамоӣ), vocalization (вокализатсия-табдили ҳамсадо ба садонок) [4,с.11-31].

-or-. Ин пасванд аслан исмсоз буда, дар давраи миёнаи забони англисӣ чун пасванди иқтибосшуда аз забонҳои романӣ ба вуҷуд омадааст. Як нуқтаро бояд тазаккур дод, ки имрӯз нақши он дар сохтани истилоҳоти сохтаи бахши фонетикӣ чандон назаррас нест, зеро пасванди номбурда дар замони иқтибосшавиаш асосан аз асосҳои феъл исм месохт, аммо алҳол ин тарзи истилоҳсозиашро аз даст додааст. Дар бештари ҳолатҳо *-or-* муродифи пасванди *–er-* мебошад ва ҳоло сермаҳсул гардидааст. Пасванди мазкур дар қолаби "*Verb +Suffix" (Феъл +Пасванд* истилоҳ месозад, вале миқдори онҳо нисбатан кам аст, масалан: *articulator (талаффузкунанда, артикулятор), coordinator (ҳамоҳангсоз), functor (коргар), initiator (ташаббускор), segmentator (асбоби фонетикӣ)*.

-able. Пасванди мазкур аз забони лотинӣ ворид гардида, дар сохтани истилоҳоти сохтаи фонетикӣ начандон фаъол аст. Дар забони англисӣ пасванди номбурда мисли забони лотинӣ аз асосҳои феъл сифат месозад ва дар чунин қолаб ифода мешавад: *Verb + Suffix (Феъл +Пасванд)*. Масалан: *acceptable (қобили қабул, мақбул), moveable (ҳаракаткунанда).*

Истилоҳоти мураккаб *(compound terms).* Истилоҳҳои мураккаб аслан тавассути ду ва ё зиёда реша ё асос сохта мешаванд, аммо дар баъзе ҳолатҳо дар таркиби худ пешванд, пасванд ва ё инфикс низ гирифта метавонанд. Теъдоди ин навъи истилоҳот хеле зиёд аст ва мо танҳо маъмултарини онҳоро чун намуна меорем. Бархе аз ин истилоҳот бо ёрии воситаи грамматикӣ.

1. Noun stem (асоси исм) +Noun stem (асоси исм) = Noun (исм). Чунин *навъи* қолаби истилоҳсозӣ асосан дар заминаи як ҳиссаи нутқ исмҳои мураккаб месозад, ба монанди: *labionasals (лабудимоғӣ), labiodentals (лабудандондонӣ), monosyllable (калимаҳои якҳиҷо), multisyllable (калимаҳои серҳиҷо), polysyllabic (серҳиҷо), mediopalatal (миёникомӣ), glided-vowel (садонокҳои ноустувор), retroflexion (ретрофлексия, қатшавӣ), lyringoscope (ҳалқнамо, ҳалқбин)), windpipe (сурхрӯда), airstream (ҷараёни ҳаво),*

2. Adjective stem (асоси сифат) +Adjective stem (асоси сифат) = Adjective (сифат). Ин хели қолаби истилоҳсозӣ бошад аз сифатҳо сохта мешавад: *forelingual (пешизабонӣ), backlingual (бехизабонӣ).*

3. Noun stem (асоси исм) + Adjective stem (асоси сифат) = Adjective (сифат). Дар сохтани ин навъи иистилоҳот ду ҳиссаи мустақилмаънои нутқ, яке исм ва дигаре сифат иштирок намуда, сифати мураккаб месозанд, мисли*: alveolopalatal (алвеоли комӣ)* [13, с.16-22].

Чи тавре, ки аз мисолҳои овардашуда аён гардид, дар сохтани истилоҳҳои фонетикии забони англисӣ аз як тараф унсурҳои ёрирасон-пешванду пасванд ва аз тарафи дигар қолабҳои маъмули истилоҳсоз нақши муҳим мебозанд. Бояд қайд намуд, ки на ҳамаи ҳиссаҳои нутқ ба истиснои исм, сифат ва феъл дар сохтани истилоҳи фонетикӣ иштирок менамоянд. Маҳз ба воситаи сохтани терминҳои нави соҳавӣ таркиби луғавии забони англисӣ бой мегардад.

К. Брянский забоншиноси рус ба он назар аст, ки "Масъалаи истилоҳ ва истилоҳшиносӣ имрӯз яке аз мавзуъҳои калидии луғатшиносӣ маҳсуб меёбад. Ҳамаи он чизе, ки ба муайянсозӣ ва омӯзиши умумии маънои истилоҳ, инчунин рушду такомул ва тағйирёбии он дар забон вобаста аст, забоншиносиро бо дигар соҳаҳои илм ва бо таърихи моддиву маънавии башарият мепайвандад" [4, с. 52].

Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки истилоҳ ва истилоҳшиносӣ дар забонҳои мавриди тадқиқ мавқеи муҳимро ишғол намуда, моро водор месозад, ки доир ба масъалаҳои ин риштаи таҳқиқ диққати махсус зоҳир намоем.

Инчунин муҳаққиқи чинӣ Ҷанг Лей дар рисолаи худ "Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ" доир ба истилоҳ чунин қайд менамояд: "Истилоҳ дар таркиби луғавии дилхоҳ забон мавқеи муҳимеро ишғол намуда, дорои як қатор хусусиятҳои фарқкунандаи функсионалӣ, генетикӣ - таркибӣ, луғавӣ – маъноӣ, морфологӣ, калимасозӣ ва услубӣ-номинативӣ мебошад. Яке аз хусусиятҳои муҳимми истилоҳот таркиб ва сохтори махсуси онҳо ба ҳисоб меравад.

“Маҳз дар натиҷаи тараққиёти илму техника ҳар як бахши мушаххаси ҷомеа дорои фонди истилоҳии хоси худ шудааст. Ҳар як истилоҳ воҳиди забонест, ки дорои мазмуни мушаххаси илмӣ буда, бо нишонаҳои вижаи худ аз калимаҳо ба куллӣ фарқ мекунад”. [12, с. 173].

Инчунин муҳаққиқони тоҷик Ш. Рустамов, Р. Ғаффоров менигоранд, ки “муқоисаи омӯзиши системаи истилоҳоти забонҳои гуногун ба худ аломати хосро доро мебошанд. Барои таҳлили муқоисавии истилоҳоти ҳар ду забон муайянкунии муносибати таърихии истилоҳоти соҳаи фонетика ва гурӯҳбандии луғавӣ – семантикӣ ва сохтории онҳо муҳим аст. Бояд таъкид намуд, ки тафовутҳо дар байни ҳар ду забон ҷой доранд” [6, с. 19-25].

Дар забонҳои мавриди таҳқиқ метавонд истилоҳоти фонетикиро ба ду гурӯҳ ҷудо намуд:

Гурӯҳи аввал истилоҳоти фонетикие мебошанд, ки як морфемаи решагӣ дороанд, метавонд барои мисол чунин калимаҳоро истифода намуд: овоз, ҳиҷо, лаб, ком, нутқ, забонча, димоғ дар забони англисӣ: sound, phoneme, syllable, lip, palate, speech, uvula, nose ва ғайраҳо.

Маврид ба зикр аст, ки дар забони англисӣ истилоҳоте ба назар мерасанд, ки аз ҷиҳати сохт содаанд ва дар забони тоҷикӣ сохта ва ё баръакс. Масалан дар забони англисӣ: vowel intonation metathesis guttural classification. Дар забони тоҷикӣ: садонок, оҳанг, ҷойивазкунӣ, ҳалқӣ гуруҳбандӣ ва ғ.

Ба гурӯҳи дуюм калима ё истилоҳоте шомиланд, ки аз як асос ва морфемаҳои калимасоз иборат мебошанд. Бояд қайд кард, ки ба истилоҳҳои англисии ин гурӯҳ на ҳамеша тарзи истилоҳсозии забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад, зеро агар калима дар забони англисӣ морфемаи калимасоз қабул кунад, он дар забони тоҷикӣ дар шакли таркибӣ ё мураккаб меояд; *талаффуз кардан – талаффуз = to pronounce – pronunciation, articulation; бадал – бадалшавӣ = alter – alternation, interchange, gradation.*

Яке аз роҳҳои ғановати захираи луғавии ҳар ду забон тавассути ду усули сарфӣ (морфологӣ), яъне сохтани истилоҳоти фонетикӣ ба шумор меравад.

а) *калимаҳои сохта* – сохтани калима ё истилоҳи нав тавассути ба реша ҳамроҳ намудани пешванду пасванд: с*адонок, ҳамсадо, зада, ҷарангдор, беҷаранг, димоғӣ, ҳалқӣ, ларзиш, кушода, баста; syllable, intonation, pronunciation, voiced, voiceless, reduction, phonation, agreement, assimilation, alternation.*

б) *калимахои мураккаб* – ду ва ё зиёда реша ба ҳам омада истилоҳи мураккабро ташкил медиҳанд: *овознависӣ, садопардахо, монандшавӣ, ҷойивазкунӣ, бадалшавӣ, ҳиҷосозӣ; vocal cords, nasal cavity, lower vowel, middle vowel, high vowel* ва ғайра. Дар забони англисӣ қисми зиёди ин гуна истилоҳот бо дефис навишта мешавад.

Конверсия. Ин усули истилоҳсозӣ дар ҳар ду забон маъмул аст; *syllable – to syllable, stress –to stress, interchange – to interchange; lip – to lip; ҳиҷо – бо ҳиҷо хондан, талаффуз намудан, зада- зада гузоштан, бадалшавӣ- бадал намудан, иваз намудан, лаб- бо лаб талаффуз намудан* ва ғайра.

Ихтисора. Усули ихтисора бошад, дар ҳар ду забон ҳам он қадар фаъол нест. Инро бояд ишора кард, ки ин қолаби истилоҳсозӣ дар забони тоҷикӣ бо таъсири роҳи калимасозии забони русӣ ба вуҷуд омадааст.

Чи тавре дар боло ишора кардем, аффиксатсия ё усули сарфии калимасозӣ (сохтани истилоҳ бо пешванд ва пасванд) Дар ҳар ду забон хеле фаровон ба кор меравад ва дар ташаккули калима ё истилоҳ саҳми муҳим дорад. Пеш аз ҳама дар ин равand ҷойгоҳи ҳиссаи номии нутқ -исм хеле муҳим аст, зеро дар ҳар ду забон маҳз бо роҳи ба решаи исм илова кардани пешванду пасванд истилоҳи нав ба вуҷуд меояд.

Дар асоси маводди таҳлилшуда ҳамаи қолабҳои истилоҳоти марбут ба соҳаи фонетикаро метавон тавассути шаклҳои зерин ба таври равшан нишон дод.

А. Дар забони тоҷикӣ истилоҳҳои овошиносӣ аз рӯи 6 қолаб сохта мешаванд.

	Қолаби 1. исм+пасванд.=исм	
-нок	садо – садонок	vowel (гласный)
-ча	забон – забонча	uvula (язычок)
	Қолаби 2. исм+пасванд.=сифат	
	димоғ – димоғӣ	nasal (назальный)
-ӣ	ҳалқ-ҳалқӣ	guttural (гортанный)
	лаб-лабӣ	labial (губной)
	Қолаби 3. исм+пасванд.=сифат	

	кушод –кушода-	opened (открытый)
-а	баст – баста-	closed (закрытый)
	Қолаби 4.пешванд+исм.=сифат	
бе-	ҷаранг –бечаранг	unvoiced/voiceless (глухой)
	Қолаби 5. имс +исм +пасванд. = исм	
-ҳо	садо+парда+ҳо – садопардаҳо	vocal cords (голосовые связка)
	Қолаби 6. феъл +пасванд. = исм	
-а	зад-зада	stress (ударение)
-иш	ларз-ларзиш	vibration (вибрация)

Б. Дар забони англисӣ истилоҳҳои марбут ба фонетика бар пояи ҳафт қолаби асосӣ ташаккул меёбанд.

	Қолаби 1. pref.+ adj.=noun (пешванд. +сифат. = исм)
syl-	syllable-ҳиҷо (слог)
	Қолаби 2. prefix.+ noun+sufix=adj. (пешванд.+исм+пас.= сифат)
un-	unvoiced –бечаранг (глухой)
	Қолаби 3. verb+ suff.=noun (феъл+пасванд.= исм)
-ion	intonation-оҳанг (интонация)
	articulation-талаффуз (артикуляция)
	assimilation-монандшавӣ (ассимиляция)
	vibration-ларзиш (вибрация)
	dissimilation-ҷудошавӣ (диссимиляция)
	syllabification-ҳиҷочудокунӣ (слогоделение)
	classification –гурӯҳбандӣ (классификация)
	pronunciation-талаффуз (произношение)
-tion	gradation-бадалшавӣ (чередование)
	reduction –тахфиф (редукция)
-ment	agreement – мувофиқат (согласование)
	Қолаби 4. noun+ suff.=noun (исм+пас. = исм)
-ion	transcription –овознависӣ (транскрипция)
	Қолаби 5. noun+ suff.=adj. (исм+пасванд. = сифат)
-less	voiceless –бечаранг (глухой)
-ed	voiced – ҷарангдор (звонкий)
-al	guttural – ҳалқӣ (гортанный)
	labial – лабӣ (губной)
-ive	plosive –тарканда (взрывной)
	fricative –роғӣ (щелевой)
	Қолаби 6. noun+ noun+suff.=adj. (исм+исм+пас. = сифат)
-al	labiodental – лабудандонӣ (губно-зубной)
	Қолаби 7. verb+ noun+suff.=adj. (феъл+исм+пас. = сифат)
-al	interdental – байнидандонӣ (межзубный)

Чунон ки ба мушоҳида расид, дар сохтани истилоҳоти марбут ба соҳаи фонетика дар забонҳои муқоисашаванда пешвандҳо он қадар фаъол нестанд.

Калимаҳои мураккаб. Ба назар расид, ки дар ҳар ду забони муқоисашаванда дар тарзи сохтани калимаҳо ё истилоҳоти мураккаб фарқият дида мешавад. Дар ҳар ду забон ҳам аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ калима ё истилоҳи мураккаб сохта мешавад. Одатан истилоҳҳои мураккаб аз ҷузъи мустақилмаъно ташкил меёбанд. Дар зер мо қолабҳои мураккабшавии истилоҳоти мансуб ба фонетикаро дар ҳар ду забони муқоисашаванда сохташударо нишон медиҳем:

Истилоҳоти мураккабе, ки дар забони тоҷикӣ аз ду реша иборат мебошанд:

Намунаи № 1. исм +исм +пас=исм: *садопарда – vocal cords (голосовые связки);*

Намунаи № 2. исм + феъл+ пас=исм: *овознависӣ – transcription (транскрипtсия), монандшавӣ -assimilation (ассимиляция), бадалшавӣ - alternation, gradation, interchange (чередование), ҳиҷосозӣ - syllabicity (слогообразование)*

Намунаи № 3. исм + исм +феъл+ пас=исм: *ҷойивазкунӣ- metathesis (метатеза), ҳиҷоҷудокунӣ- syllabification (слогоделение)*

Намунаи № 4. зарф +исм =исм: *серҳиҷо- polysyllabic (многосложный)*

Истилоҳҳои мураккабе, ки дар забони англисӣ аз ду асос сохта шудаанд:

Намунаи № 1. noun+noun =noun Исм+исм =исм: *vocal -cords –садопардаҳо (голосовые связки), syllabi-city- ҳиҷосозӣ (слогообразование), metathesis- ҷойивазкунӣ (метатеза)*

Намунаи № 2. verb + verb =noun (феъл +феъл = исм): *interchange –бадалшавӣ (чередование)*

Намунаи № 3. verb +noun =noun (феъл +исм = исм): *alternation -бадалшавӣ (чередование)*

Чунон ки мисолҳои ба таҳлилрасида нишон медиҳанд, усули мазкури истилоҳсозӣ яке аз роҳҳои инкишофи таркиби луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба шумор меравад.

Ҳамин тавр, аз таҳлили вожаҳо ва истилоҳоти фонетикии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ метавон ба чунин натиҷа расид, ки истилоҳҳои ин ду забон аз ҷиҳати маъно ба ҳам наздиканд, вале аз ҷиҳати сохторӣ миёни онҳо фарқиятҳо низ ба назар мерасанд. Яке аз вижагиҳои фарққунандаи истилоҳсозӣ дар ин ду забон он аст, ки дар забони тоҷикӣ усули ихтисора чандон роиҷ нест, дар ҳоле ки дар забони англисӣ бо ҳамин роҳ истилоҳҳои зиёде сохта мешавад. Метавон қайд намуд, ки ташаккул ва дигаргуншавии сохтори фонетикаи забони англисии давраи қадим, миёна ва муосир ҳарфҳо ва овозҳо нақши калидиро бозидаанд.

Адабиёт

1. *Бархурдаров Л. С. Очерки по морфологии современного английского языка Л. С. Бархурдаров. – М.: Наука, 1975. – 298 с.*
2. *Беляева Т. М. Практическая грамматика английского языка / Т. М. Беляева. – М.: Высшая школа, 1989. – 211 с.*
3. *Блох М. Я. Теоретические основы грамматики / М. Я. Блох. – Москва: Высшая школа, 2002. - 353 с.*
4. *Брянский К. История английского языка. – Т Т. I, II. / К. Брянский. – М.: Высшая школа, 1955. – 421 с.*
5. *Бузургзода Л., Ниёзмуҳаммадов Б. Грамматикаи забони тоҷикӣ / Л. Бузургзода. – Сталинобод: нашрияи давлатии Тоҷикистон, 1944. - 218 с.*
6. *Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. ҷ.1. - Душанбе, 1983. - 353 с.*
7. *Давлатбеки Х. Ташаккул ва таҳаввули илми забоншиносии форсу тоҷик дар асрҳои миёна. / Х. Давлатбеки. –Душанбе: Диловар-ДДМТ, 1998. – 152 с.*
8. *Ильиш Б. А. История английского языка., / Б. А. Ильиш. – Л.: Просвещение, 1972. - 443 с.*
9. *Ильиш Б. А. Строй современного английского языка., / Б. А. Ильиш. – Москва: Высшая школа, 1958. - 290 с.*
10. *Қосимова М. Н. Истилоҳоти қадимаи тоҷикӣ (маълумоти мухтасар) / М. Н. Қосимова - Душанбе: Сино, 2007. - 172 с.*
11. *Ҷосеф Райт. Таърихи забони англисӣ. Райт. Ҷосеф– Лондон: Матбаи марказӣ, 1967. – 190 с.*
12. *Рустамов Ш. Таснифоти ҳиссаҳои нутқ ва мавқеи исм / Ш. Рустамов. -Душанбе: Ирфон, 1972. - 345 с.*
13. *Ҷанг Лей, Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ: / Ҷанг Лей. - Душанбе: Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, 2023. – 186 с.*
14. *Джаматов С. С. Фарҳанги истилоҳоти овошиносӣ / С. С. Джаматов. – Душанбе, 2017. - 220 с.*

ТАҲЛИЛИ СОХТОРИИ ИСТИЛОҲОТИ ОВОШИНОСӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур сухан доир ба масоили истилоҳоти фонетика дар забонҳои муқоисашаванда меравад. Муаллиф дар тадқиқоти худ ба таҳлили сохтор ва таркиби истилоҳоти овошиносӣ дар ду забон яъне тоҷикӣ ва англисӣ диққат дода, ба чунин натиҷаҳо расидааст: 1. Монандӣ дар сохтори истилоҳот. 2. Тафовут дар шаклсозӣ. 3. Хусусияти сохтории истилоҳот. 4. Мутобиқшавии истилоҳот. Инчунин мавсуф қайд менамояд, ки сохтори истилоҳоти овошиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, сарфи назар аз фарқиятҳои сохторӣ, дорои пояи умумии илмӣ мебошад. Забони англисӣ бештар хусусияти ихтисор ва содагардонӣ дорад, дар ҳоле ки забони тоҷикӣ ба тавзеҳ ва тарҷумаи маъноӣ майл дорад. Чунин фарқиятҳо ба хусусиятҳои типологии ҳар ду забон вобастаанд. Дар мақола хусусиятҳои луғавӣ ва роҳу усулҳои асосиву муқоисавии истилоҳсозиву истилоҳгузинӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва хусусиятҳои фарққунандаи онҳо муайян карда шудааст. Асосан он фарқиятҳо дар ҷобаҷогузории ибораистилоҳот мавриди тарҷумаи истилоҳи соҳаи фонетика мушоҳида гардид.

Калидвожа: истилоҳсозӣ, лексикӣ, вожа, калимаҳои решагӣ, калимасозӣ, пешвандҳо, маъноӣ, синтаксисӣ, морфологӣ, илмшиносӣ.

СТРУКТУРНЫЙ АНАЛИЗ ФОНЕТИЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье рассматривается вопрос фонетических терминов в сопоставимых языках. В своем исследовании автор сосредоточился на анализе структуры и состава фонологических терминов в двух языках, таджикском и английском, и пришел к следующим результатам: 1. Сходство в

структуре терминов. 2. Различия в образовании. 3. Структурные особенности терминов. 4. Совместимость терминов. Автор также отмечает, что структура фонетической терминологии в таджикском и английском языках, несмотря на структурные различия, имеет общую научную основу. Английский язык более склонен к сокращениям и упрощениям, в то время как таджикский — к пояснениям и семантическому переводу. Такие различия обусловлены типологическими особенностями обоих языков. В статье определены лексические особенности, а также основные и сравнительные методы терминообразования и терминологического отбора в таджикском и английском языках, а также их отличительные черты. В основном, были отмечены различия в расположении терминологических фраз при переводе терминов в области фонетики.

Ключевые слова: терминология, лексика, лексика, корневые слова, словообразование, предлоги, смысловые, синтаксические, морфологические, научные.

STRUCTURAL ANALYSIS OF THE PHONETICS TERMS IN THE TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

In this article, the issue of phonetic terms in comparable languages is considered. In his study, the author focused on analyzing the structure and composition of phonological terms in two languages, Tajik and English, and arrived at the following results: 1. Similarity in the structure of terms. 2. Differences in formation. 3. Structural features of terms. 4. Compatibility of terms. The author also notes that the structure of phonetic terminology in Tajik and English, despite structural differences, shares a common scientific basis. English is more prone to abbreviations and simplifications, while Tajik is more inclined to clarifications and semantic translations. These differences are due to the typological features of both languages. The article identifies lexical features, as well as the main and comparative methods of term formation and terminological selection in the Tajik and English languages, as well as their distinctive features. Primarily, differences in the arrangement of terminological phrases when translating phonetic terms are noted.

Keywords: terminology, lexical, vocabulary, root words, word formation, prepositions, semantic, syntactic, morphological, scientific.

Дар бораи муаллиф
Ҳасанов Ғаффор Ҷаъмаевич
Ассистенти кафедраи назарияи тарҷума ва услубшиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: hasanovgg-25@list.ru

About the author
Hasanov Ghaffor Jamaevich
Assistent of the chair of theory of translation and stylistic
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: hasanovgg-25@list.ru

Об авторе
Хасанов Гаффор Джаъмаевич
Ассистент кафедры теории перевода и стилистики
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: hasanovgg-25@list.ru

ТДУ 81'373.72:81'373.69:811-112

КРЫЛАТЫЕ ВЫРАЖЕНИЯ В РУССКОМ, ТАДЖИКСКОМ, УЗБЕКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ (НА ПРИМЕРЕ СХОДСТВА)

Шарифходжа С. А.
Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан

Известно, что на протяжении веков судьбы народов Средней Азии тесно переплетены. «Историю этих двух народов, таджиков и узбеков, можно образно сравнить с двумя мощными ветвями, отходящего от ствола единого дерева». Несмотря на различие языков оба народа связаны многовековой совместной жизнью, жизнью на одной территории, или смежных. У обоих народов прослеживается общность сложившихся типов хозяйства, быта, культуры и т.д. Поэтому, как справедливо отмечает А.Ю. Якубовский «… трудно отделить истории Таджикистана от истории Узбекистана» [12, с. 62].

И в условиях действительности народам Средней Азии характерно наличие тесных политических, экономических и культурных контактов. Эти контакты проявляются непосредственно во взаимном обогащении узбекского и таджикского языков, особенно словарного состава.

Анализируя пословицы и поговорки народностей Средней Азии, а именно таджиков и узбеков, невольно обращаешь внимание на то, что при всем их многообразии, огромном количественном составе, своеобразии выражения в каждом из языков, обнаруживаешь заметное сходство между пословицами, и количество сходных пословиц довольно значительное, имеющее определенную систему.

Безусловно, даже в этом случае, в случае четко просматриваемого сходства, будут обнаружены различия, отображающие специфический быт, нравы, обычаи, этнографические реалии, орудия труда, наряды, характер географической среды, ландшафт, животный мир, растительный мир и т.д. И все же мы найдем в пословицах нечто общее, что при пристальном рассмотрении выстраивается в стройную систему, существующую на основе определенных закономерностей.

Обращает на себя внимание то, что чаще всего такая закономерность прослеживается в случае, если речь идет о понятиях, носящих общечеловеческий характер. В этом не трудно убедиться, сравнивая пословицы различных народов, выражающие понятие дружбы; здесь одна и та же мысль, имея различное словесное оформление, выражается одинаковыми образами.

Поскольку художественная литература является основным источником, по которому изучается история развития литературного языка, процесс взаимодействия и взаимообогащения языков средствами выражения. «Писатели переводили большое количество пословиц и поговорок из литератур других народов и включали в свои произведения. А также поэты и писатели, для которых язык дари(форси) не был родным языком использовали пословицы и поговорки из своего родного языка» [8, с. 94].

По этому поводу С. Айни говорил: «Вам хорошо известно, что мы и узбеки братья. Мы пьем воду из одной реки, мы едим один и тот же хлеб, носим одинаковую одежду, обычаи и обряды наших народов сходны» [1, с. 210]. Обращаясь к произведениям С. Айни, писателя нашей эпохи, который писал на двух языках – таджикском и узбекском, мы сталкиваемся с отдельными примерами того, что узбекские пословицы используются в таджикском тексте и наоборот – таджикские пословицы в узбекском тексте. Правда, С. Айни в том и другом случаях снабжает пословицы комментированным переводом. При параллельном употреблении происходит взаимный отбор пословиц и расширение сферы их употребления, а также их использование придает разговорной речи большую живость, образность, выразительность.

Не удивительно поэтому, что в обоих языках мы находим много пословиц и поговорок, имеющих буквальное сходство, несмотря на коренное различие таджикского и узбекского языков – таджикский язык относится к иранской группе, а узбекский – к тюркской. При большом своеобразии таджикских и узбекских пословичных речений обнаруживается довольно обширный, общий для того и другого языка фонд фразеологических единиц. В пословицах и поговорках этих двух народов выпукло проявляется общность традиций, культуры, обычаев, реалий, мировоззрения. Можно наглядно проследить такое явление,

когда пословицы и поговорки на узбекском языке употребляются таджиками наряду со своими–таджикскими. Особенно широко это явление представлено в районах таджикско-узбекского двуязычия, что отмечается рядом исследователей: Р. Амоновым [2, с. 52], Я. Калонтаровым [5, с. 48], Б. Тилавовым [7, с.126]. Литературные произведения прошлых веков также свидетельствуют о том, что издавна существовало широкое параллельное употребление таджикских и узбекских пословиц в таджикско-узбекской среде.

Таким образом, сопоставляя таджикские и узбекские пословицы и поговорки, можно выделить общую часть, присущую как таджикам, так и узбекам. Эти пословицы стали общими для обоих народов и это понятно, т.к. быт, хозяйственная деятельность, исторические условия жизни обоих народов, тесно связанных экономическими, историческими и культурными контактами, имели и имеют много общего.

Среди пословиц, которые можно отнести к прямым эквивалентам в таджикском и узбекском языках, выделяется группа пословиц, полностью совпадающих и по содержанию и словесному выражению:

Вақт – ғанимат (дорожите временем)

Сукут – аломати ризо (Молчание – знак согласия)

Аввал таом, баъд калом (Сначала угощение еда), а разговор потом)

В такого рода пословицах используются слова арабского происхождения, бытующие как в таджикском, так и в узбекском языках.

В качестве прямых эквивалентов можно выделить и пословицы, полностью совпадающие по содержанию, различающиеся только грамматическими формами и служебными словами:

Тадж: «Дар таги коса нимкоса»

Узбек: «Косанинг тагида – нимкоса» - Под чашей еще меньшая чаша (о подоплеке какого-нибудь дела)

Тадж: «Ҷавоби аҳмақ – сукут»

Узбек: «Аҳмаққа жавоб – сукут» - Ответ глупцу – молчание

Среди пословиц подобного рода встречаются идентичные по содержанию и представляющие как бы перевод с одного языка на другой, т.е. кальку:

Тадж: «Шутур калон – яғираш ҳам калон»

Узбек: «Туя ката – яғири ҳам ката»

- Верблюд велик, но рана спине верблюда тоже велика

Тадж: «Нон ҳам нон, нонреза ҳам нон»

Узбек: «Нон ҳам нон, увоғи ҳам нон»

Хлеб – это хлеб, хлебные крошки – тоже хлеб

Большую группу составляют пословицы идентичные в том и другом языке по смыслу, идейному содержанию, но отличающиеся по образному и словесному оформлению.

Тадж: «Дарди бадро давои бад» - От дурной болезни дурное лекарство.

Узбек: «Аччиқни аччиқ кесар» - Горькое горьким уничтожается.

Тадж: «Мувофиқи ҳезум бандина» - По дровам и веревка.

Узбек: «Эшагига яраша тушови» - Каков осёл, таковы и путы.

Приведенный материал подтверждает вывод о том, что территориальная, экономическая, политическая, культурная общность соседних народов (в нашем случае таджиков и узбеков) приводит к взаимному обогащению словарного состава, включая и такие фразеологизмы, как пословицы и поговорки, часть из которых имеет буквальное сходство, а большинство идентичны по идейно – смысловому содержанию при различных образах – словесном оформлении [5, с. 109].

Существование идентичных не только по содержанию, но и своему словесному оформлению половиц и поговорок в таджикском и узбекском языках представляется закономерным и вполне объяснимым явлением, т.к. эти народы имели многовековые контакты, имели много общего в образе жизни, обрядах, экономике, культуре и т.д. Но как объяснить существование сходных пословиц у народов далеких по своему географическому расположению и говорящих на языках, относящихся к различным семьям и группам и исторически не имевших каких – либо контактов? Просматривая сборники пословиц и поговорок различных народов мира, невольно обращаешь внимание на частое совпадение в них пословиц и поговорок, несмотря, на то что эти народы территориально разобщены и исторически не имели общения друг с другом и находятся на разных ступенях общественного развития. Поскольку пословицы и поговорки являют собой суждения,

отражающие жизненные явления, явления окружающей действительности со всеми присущими им противоречиями. Взаимоотношениями между людьми, предметами и явлениями, то естественно ожидать, что все эти взаимосвязи находят свое отражение в языке в форме сконцентрированного «сбитого в один ком» суждения, содержащего глубокий житейский смысл, ради чего создается и функционирует пословица, передавая из поколения в поколение нравственно – социальный опыт. Сходство пословиц и поговорок у разных народов основывается на существовании общих представлений, обусловленных объективно сходными условиями развития человеческого общества. Поэтому сходство пословиц прослеживается особенно наглядно тогда, когда в них выражены истинно народные понятия, носящие общечеловеческий характер, такие понятия как: труд, дружба, любовь, правда, зло, ложь, знание и др.

Сравнивая пословицы и поговорки различных народов, выражающих понятия дружбы, чести, любови и достоинство, то можно проследит такую закономерность как общность человеского характера. В этом не трудно убедиться, например:

Русская: «Старый друг лучше новых двух»

Английская: «Настоящий друг – это друг в беде»

Таджикская: «Все хорошо новое, а друг – старый»

Узбекская: «Жизнь без друга – пища без соли»

Арабская: «Верного друга не продают и за тысячи»

Башкирская: «Одежду хвали новую, а друга старого»

Грузинская: «Приобретай нового друга, да и не забывай старого»

Чеченская: «Друг лучше старый, а шуба – новая»

Туркменская: «Лучший друг старый, лучший халат новый»

Индийская: «Только тот друг, на кого можно положиться в беде»

Китайская: «Друзья лучше старые, одежда – новая»

Монгольская: «И мудрому человеку нужен друг и сильному человеку нужна поддержка»

Все приведенные пословицы адекватны по идее и аналогичны по содержанию, хотя в большей или меньшей степени различаются по словарному составу. Особенно знаменательно, что такая общность обнаруживается в пословицах различных народов, говорящих не на родственных друг другу языках.

Или же возьмем другой пример в качестве иллюстрации: **русское речение:** «Когда рак на горе свистнет», или «Когда на сосне груши будут».

Второе выражение употребляется реже, но в том, же значении, более распространено в русском языке первое пословичное изречение. Оба они употребляются для того, чтобы выразить мысль заведомо нереального, невозможного совершения действия, т.к. в них представлены такие ситуации, которые в любых условиях являются нереальными. Подобные пословичные изречения мы находим и **в английском языке**, но здесь выбрана другая нереальная ситуация и выражена она с помощью других языковых средств, но не менее образно.

When pigs fly- когда свиньи будут метать

When the devil will blind – когда дьявол ослепнет

If the sky falls, we shall catch larks-если небо упадет, мы будем ловить жаворонков

В таджикском языке мы найдем подобное выражение в виде:

То думи шутур ба замин расидан – когда хвост верблюда вырастит до земли, или Вақти гули най – когда камыш покроется цветами.

Этим выражениям тоже не откажешь в выразительности, яркой образности и они тоже выражают нереальную ситуацию.

Подобные присловья можно обнаружить и в других языках:

В корейском: «Когда вареная курица закудахчет»

В японском: «Когда жареные бобы зацветут»

В турецком: «Когда рыба на тополь залезет»

В индонезийском: «Когда у кошек рога вырастут»

В монгольском: «Когда у зайца вырастут рога, а у теленка клыки» и т.д.

Во всех приведенных примерах в языке образными средствами выражены настолько невозможные действия, что они не оставляют сомнений в их невыполнимости и поэтому легко запоминаются как словесный образ.

Или другой пример. В русском языке широко распространена пословица: Сапожник ходит без сапог.

Аналогичное утверждение мы находим и в английском языке, только в несколько в ином варианте: The cobbler's wife is worst shoed -жена сапожника обута хуже всех.

В таджикском языке: Бофанда мурд, кафан наёфт – ткач умер, а для себя не выткал савана, или Кулолгар ба мундӣ об мехӯрад – гончар пьет воду из черепка.

В китайском: а) Продающий веер обмахивается рукой

б) В доме плотника нет скамейки

в) У ворот прорицателя черти песни поют

(в старом Китае прорицателей приглашали отгонять от дома нечистую силу).

В японском: «Красильщик в некрашеных шароварах ходит»

В афганском: «В доме гончара не найдешь целой посуды»

В бенгальском: «У кровельщика крыша дырявая» и т.д

Смысл приведенных пословиц, а точнее логическая форма их содержания, абсолютно совпадают. Все они по – своему утверждают одно и то же: производитель материальных благ сам остается без этих благ или не может этими благами пользоваться.

Приведенные пословицы – результат наблюдений, почерпнутых из реальных жизненных ситуаций и фактов, настолько часто повторяющихся, что они дают возможность сделать обобщение, выраженное в художественной форме. Внутреннее логическое содержание этих пословиц совпадает, различаются же они использованными местными реалиями, связанными с климатом, географическим положением, культурой быта и т.д. Однако логическое содержание для всех пословиц данного ряда общее.

В таком же соотношении находятся и пословицы типа русской: «На безрыбье и рак – рыба», «В поле и жук – мясо»

В таджикском: «Аз беамакӣ хара амак, аз бенамакӣ санга намак»

Если нет дяди, то и осёл – дядя,

Если нет соли, то и камень – соль.

Вьетнамская: «Нет рыбы – почитают и краба»

Армянская: «Нет коня и осёл сгодится»

Персидская: «Где нет фруктов, там и свекла за апельсин сойдет»

В древнеиндийском: «Где нет деревьев и касторовый куст – дерево»

Примеры, взятые из разных языков, снова подтверждают, что характер отношений между явлениями остается один и тот же, меняется словесный образ, набор образов, связанных с местными особенностями, здесь при сравнении отчетливо проявляются реалии, отражающие местный колорит, с включением географических, климатических природных и этнографических особенностей.

Выбрана обобщенная жизненная ситуация, когда один предмет может быть замене другим, правда с известными издержками, но в предложенной ситуации — это необходимый выход, возможный вариант поведения. Здесь в какой – то мере можно усмотреть выражение оптимизма, иногда на грани лукавой улыбки, т.к. во всех ситуациях замена далеко не равноценная. В каждом случае как бы домысливается: «Что же поделаешь – приходится мириться, в данной ситуации пока выход такой».

Изученный материал показывает, что фразеологизмы в виде пословиц и поговорок во многом совпадают не только в сравниваемых нами трех языках: русском, таджикском, узбекском и английском, но и при более масштабном сравнении. В чем же дело? Почему такое явление встречается в языке разных народов? Специалисты – паремиологи по-разному решают этот вопрос. В.П. Аникин [3, с. 56], А.М. Жигулев [4, с.121], М. Шахнович [11, с. 98] объясняют сходство пословиц и поговорок этническим и языковым родством народов; Ю.М. Соколов [6, с. 76] объясняет это явление заимствованиями, обусловленными хозяйственными и культурными контактами; определенная часть исследователей стоит на точке зрения, объясняющей данное сходство одинаковых ступенях общественного развития.

Литература

1. *Айни С. Ёддоштҳо. - Душанбе, 2009. - 680 с.*
2. *Амонов Р. Очерки эҷодиёти даҳанакии халқ. - Душанбе, 1960. – 346 с.*
3. *Аникин В.П. Поговорка. В кн.: Словарь литературных терминов. - М.: Изд-во "Просвещение", 1974. – С. 272-274.*
4. *Жигулёв А. М. Русские народные пословицы и поговорки. - М., 1965. – 360 с.*

5. *Калонтаров Я. И. Таджикские пословицы в аналогии с русскими. - Душанбе: Ирфон, 1965. - 534 с.*
6. *Соколов Ю. М. Русский фольклор. 3-е изд. – МГУ им. М.В. Ломоносова, 2007. - 544 с.*
7. *Тилавов Б. Поэтика таджикских народных пословиц и поговорок. - Душанбе: Дониш, 1967. - 123 с.*
8. *Турсунов Ф. М. Лексико-семантический анализ и особенности перевода пословиц и поговорок произведений Ф. Мухамадиева на материалах таджикского и русского языков. – Душанбе, 2006. - 135 с.*
9. *Фазилов М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ. Ҷ. 1. - Душанбе: Ирфон, 1975. - 368 с.*
10. *Хисомов К. «Зарбулмасалу мақолҳо» Дастурамал оид ба ҷамъ кардани эҷодиёти даҳанакии халқ. – Душанбе, 1960. - С. 152-157.*
11. *Шахнович М. Краткая история собирания и изучения пословиц и поговорок // «Советский фольклор». - 1936. - № 4,5. – С. 299-363.*
12. *Якубовский А. Ю. История народов Узбекистана, т.1: с древнейших времён до начала 16 века. Т., 1950.*

КРЫЛАТЫЕ ВЫРАЖЕНИЯ В РУССКОМ, ТАДЖИКСКОМ, УЗБЕКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ (НА ПРИМЕРЕ СХОДСТВА)

В статье рассматривается сходство пословиц и поговорок разных народов основываясь на существовании общих представлений, обусловленных объективно сходными условиями развития человеческого общества. Сходство пословиц прослеживается особенно наглядно тогда, когда в них выражены истинно народные понятия, носящие общечеловеческий характер, такие понятия как: труд, дружба, любовь, правда, зло, ложь, знание и др. Мы находим много пословиц и поговорок, имеющих буквальное сходство, несмотря на коренное различие таджикского и узбекского языков – таджикский язык относится к иранской группе, а узбекский – к тюркской. При большом своеобразии таджикских и узбекских пословичных речений обнаруживается довольно обширный, общий для того и другого языка фонд фразеологических единиц. В пословицах и поговорках этих двух народов выпукло проявляется общность традиций, культуры, обычаев, реалий, мировоззрения. Приведенные пословицы – результат наблюдений, почерпнутых из реальных жизненных ситуаций и фактов, настолько часто повторяющихся, что они дают возможность сделать обобщение, выраженное в художественной форме. Внутреннее логическое содержание этих пословиц совпадает, различаются же они использованными местными реалиями, связанными с климатом, географическим положением, культурой быта и т.д. Однако логическое содержание для всех пословиц данного ряда общее.

Ключевые слова: пословица, поговорка, этнография, интерпретация, фольклор, народ, развитие человеческого общества.

ИБОРАҲОИ ЛАФЗӢ БО ЗАБОНҲОИ РУСӢ, ТОҶИКӢ, УЗБЕКӢ ВА АНГЛИСӢ (БАР АСОСИ НАМУНАИ МОНАНДӢ)

Дар мақола монандии ибораҳои лафзӣ ва ҳикмати халқҳои гуногун дар асоси мавҷудияти тасаввуроти умумӣ, ки ба шароити объективии рушди ҷомеаи инсонӣ вобаста аст, баррасӣ карда мешавад. Монандии гуфтаҳо хосатан дар он сурат ба назар мерасад, вақте дар онҳо ҳикмати ҳақиқии халқ бо хусусияти умумиинсонӣ ифода ёфта бошад, ба монанди: меҳнат, дӯстӣ, муҳаббат, ҳақиқат, бадӣ, дурӯғ, дониш ва ғ. Мо, масалҳои зиёдеро пайдо мекунем, ки сарфи назар аз фарқияти куллии забонҳои тоҷикӣ ва узбекӣ шабоҳати аслӣ доранд. Забони тоҷикӣ ба гурӯҳи эронӣ ва узбекӣ ба гурӯҳи туркӣ тааллуқ дорад. Бо хосияти зиёди нуткҳои масалҳои тоҷикӣ ва узбекӣ фонди воҳидҳои фразеологӣ, ки барои ҳарду забон хеле васеъ ва умумӣ аст, ошкор карда мешавад. Дар масалҳои ин ду халқ умумияти анъанаҳо, фарҳанг, расму оинҳо, воқеиятҳо, ҷаҳонбинӣ ба таври возеҳ зоҳир мешавад. Масалҳои овардашуда натиҷаи мушоҳидаҳое мебошанд, ки аз ҳолатҳои воқеии ҳает ва далелҳо гирифта шудаанд, ки он қадар зуд-зуд такрор мешаванд, ки онҳо имконият медиҳанд, ки дар шакли бадеӣ ҷамъбаст карда шаванд. Мазмуни мантиқии дохилии ин масалҳо якхела аст, аммо онҳо бо воқеиятҳои маҳаллии истифодашуда, ки бо иқлим, мавқеи ҷуғрофӣ, фарҳанги рӯзгор ва ғайра алоқаманданд, фарқ мекунанд. Аммо, мазмуни мантиқии ҳамаи масалҳои ин қатор умумӣ аст.

Калидвожаҳо: масал, мақол, этнография, тафсир, фолклор, халқ, рушди ҷомеаи инсонӣ.

IDIOMS IN RUSSIAN, TAJIK AND ENGLISH (BASED ON THE SIMILARITY OF PROVERBS) (BASED ON THE SIMILARITY)

The article examines the similarity of proverbs and sayings of different peoples based on the existence of common ideas caused by objectively similar conditions of human society development. The similarity of proverbs is especially evident when they express truly folk concepts of a universal nature, such as labor, friendship, love, truth, evil, lies, knowledge, etc. We find many proverbs and sayings that have literal similarities, despite the fundamental difference between Tajik and Uzbek languages – Tajik belongs to the Iranian group, and Uzbek belongs to the Turkic group. With the great originality of Tajik and Uzbek

proverbial utterances, there is a rather extensive fund of phraseological units common to both languages. The commonality of traditions, culture, customs, realities, and worldviews is evident in the proverbs and sayings of these two peoples. These proverbs are the result of observations drawn from real–life situations and facts that are so often repeated that they make it possible to make a generalization expressed in an artistic form. The internal logical content of these proverbs coincides, but they differ in the local realities used, related to climate, geographical location, culture of everyday life, etc. However, the logical content for all the proverbs of this series is common.

Keywords: proverb, saying, ethnography, interpretation, folklore, people, development of human society.

Об авторе
Шарифходжа Саодат Амирходжа
Доцент кафедры иностранных языков
Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саида Носира, 33
E-mail: sharifkhojaevas@mail.ru

About the author
Sharifkhoja Saodat Amirkhoja
Associate professor of the Foreign Department
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir street 33
E-mail: sharifkhojaevas@mail.ru

Дар бораи муаллиф
Шарифхоҷа Саодат Амирхоҷа
Дотсенти кафедраи забонҳои хориҷӣ
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Саид Носир, 33
E-mail: sharifkhojaevas@mail.ru

ТДУ 81'27:811-112:82.09

КОНСЕПТИ «МАТЬ - MOTHER - МОДАР» ДАР ЗАБОНҲОИ РУСӢ, АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ (дар мисоли осори М. Горкий, Ҷ. Э. Стейнбек ва Л. Шералӣ)

Ҷурабаева Р. И.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар солҳои охир таваҷҷуҳи муҳаққиқон ба омӯзиши тасвири забонии ҷаҳон ва хусусиятҳои консептуалии фарҳангҳои гуногун ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Махсусан, пажуҳишҳои марбут ба таҳлили мафҳумҳо (консептҳо) дар осори адибон ва нависандагон ҷойгоҳи муҳим пайдо кардаанд. Чунин таҳқиқот имкон медиҳанд, ки сохтор ва мазмуни мафҳумҳои муайян, роҳҳои инъикоси онҳо дар шуури инфиродӣ ва миллӣ, инчунин нақши онҳо дар ташаккули тасвири забонии ҷаҳон муайян карда шавад.

Омӯзиши мафҳумҳо барои дарки амиқтари ҷаҳонбинӣ, арзишҳои фарҳангӣ ва таҷрибаи таърихии миллатҳо аҳаммияти калон дорад. Дар асл, ҳар як мафҳум маҷмуи андешаҳо, тасаввурот ва арзёбиҳои ҷамъшудаи шахс ва ҷомеаро дар бораи падида ё ашёи муайян таҷассум менамояд. Аз ҳамин ҷиҳат, таҳлили мафҳумҳои миллӣ ва фарҳангӣ ба муайян намудани хусусиятҳои ҳувияти миллӣ ва тасвири забонии олам мусоидат мекунад.

Бо вуҷуди он ки истилоҳи «консепт» имрӯз дар маркази таваҷҷуҳи бисёр муҳаққиқон қарор дорад, то ҳол таърифи ягона ва умумии он пешниҳод нашудааст. Масалан, В.И. Карасик ва Г.Г. Слишкин консептро ҳамчун ташаккули равонӣ медонанд, ки арзишҳо ва тасвири ҷаҳонро дар худ таҷассум менамояд [5, с. 35]. Ба андешаи В.В. Колесов, консепт моҳияти маъноии калимаро инъикос намуда, тавассути рамзҳо, тасвирҳо ва шаклҳои гуногуни маъноӣ зоҳир мегардад [3, с. 23]. В.П. Москвин бошад, ба хусусияти фарҳангӣ ва рамзии консепт таваҷҷуҳ намуда, онро бо воситаҳои шифоҳии ифода ва сохтори луғавию маъноӣ алоқаманд медонад [4, с. 138].

Дар забоншиносии муосир одатан ду ҷанбаи асосии консепт ҷудо карда мешаванд: консептуалӣ ва образӣ. Ҷанбаи консептуалӣ ба таъриф, хусусиятҳо ва сохтори маъноии мафҳум марбут аст. Ҷанбаи образӣ бошад, тавассути тасвирҳои визуалӣ, шунавоӣ, ламсӣ ва дигар таҷрибаҳои ҳиссӣ дар шуури инсон таҷассум меёбад. Илова бар ин, ҳар як консепт ҷанбаи арзишӣ низ дорад, зеро он муносибати инсон ва ҷомеаро нисбат ба падидаи муайян инъикос мекунад [2, с. 5].

Дар таҳқиқоти мазкур мо консептро ҳамчун воҳиди равонӣ ва фарҳангӣ баррасӣ менамоем, ки тасаввуроти инсонро дар бораи худ, ҷомеа ва воқеияти атроф муттаҳид сохта, дар забон таҷассум меёбад. Маҳз тавассути чунин воҳидҳо таҷрибаи маънавӣ ва фарҳангии ҷомеа аз насл ба насл интиқол меёбад.

Объекти асосии таҳқиқот романи «Модар»-и Максим Горкий мебошад. Барои муқоисаи воситаҳои ифодаи мафҳуми «mother – мать – модар» дар забони англисӣ инчунин романҳои Ҷон Стейнбек «The Grapes of Wrath» ва «East of Eden» интихоб гардиданд. Ин интихоб тасодуфӣ нест. Ҳар се асар ба масъалаҳои оила, муносибатҳои байни наслҳо ва нақши зан-модар таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, барои омӯзиши консепти «модар» маводди арзишманд пешниҳод мекунанд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки мафҳуми «mother – мать – модар» дар фарҳангҳои гуногун дорои аҳаммияти умумимиллӣ ва ҳатто умумибашарӣ мебошад. Он дар як радиф бо чунин мафҳумҳои бунёдӣ, монанди «ватан», «оила», «муҳаббат», «озодӣ» ва «дӯстӣ» қарор дорад. Маҳз ҳамин умумият заминаи муколама ва ҳамдигарфаҳмии фарҳангҳоро фароҳам меорад.

Дар романи М. Горкий бештар аз ҳама вожаҳои «мама», «мамаша», «мать» ва «матушка» истифода шудаанд. Ҳар яке аз ин воҳидҳо на танҳо маънои луғавӣ, балки муносибати эҳсосӣ ва иҷтимоиро низ инъикос мекунанд. Дар романҳои Стейнбек бошад, калимаҳои «mother», «ma» ва «mum» ба назар мерасанд. Ҷолиб он аст, ки шаклҳои гуфтугӯии «ma» ва «mum» танҳо дар романи «The Grapes of Wrath» дучор мешаванд, ки дар он муносибатҳои гарм ва наздики оилавӣ нақши марказӣ доранд. Баръакс, дар романи «East of Eden», ки мавзуи ҷудоӣ ва дуршавии фарзандон аз модарро инъикос мекунад, чунин шаклҳо амалан истифода намешаванд.

Ин мушоҳида нишон медиҳад, ки интихоби воситаҳои забонӣ тасодуфӣ нест. Баръакс, онҳо ҷаҳонбинӣ ва муносибати адибро нисбат ба образи модар ифода мекунанд. Масалан, дар осори Стейнбек мафҳуми «mother» бештар бо меҳрубонӣ, гармии оилавӣ ва шахси азиз

алоқаманд аст. Дар романи Горкий бошад, образи модар на танҳо ҳамчун рамзи муҳаббат, балки ҳамчун нерӯи ахлоқӣ, дастгирӣ ва фидокорӣ дар муборизаҳои иҷтимоӣ зуҳур мекунад.

Ҳамин тариқ, таҳлили муқоисавии консепти «mother – мать – модар» нишон медиҳад, ки сарфи назар аз тафовутҳои фарҳангӣ ва забонӣ, дар меҳвари ин мафҳум арзишҳои умумии инсонӣ қарор доранд. Вале тарзи таҷассум ва воситаҳои ифодаи онҳо дар ҳар як фарҳанг хусусиятҳои хоси худро нигоҳ медоранд, ки маҳз ҳамин омил омӯзиши консептҳоро барои забоншиносӣ ва фарҳангшиносӣ муҳим мегардонад.

Ҷанбаи дигари таҳқиқот ба омӯзиши мазмун ва хусусиятҳои маъноии мафҳуми «mother – мать – модар» дар ҷаҳонбинии адибон бахшида шудааст. Таҳлил нишон медиҳад, ки ин мафҳум дар осори мавриди омӯзиш яке аз консептҳои калидӣ ба шумор меравад. Дар аксари мавридҳо он дорои арзёбии мусбат буда, бо чунин арзишҳо, ба мисли ғамхорӣ, меҳрубонӣ, қувваи маънавӣ ва дастгирӣ пайваст мебошад.

Дар ҳақиқат, ҳам нависандагони рус ва ҳам адибони англисзабон дар осори худ симои зан-модарро дар мақоми баланд қарор додаанд. Образи модар дар ин асарҳо на танҳо ҳамчун узви оила, балки ҳамчун сарчашмаи меҳру муҳаббат, нерӯи маънавӣ ва асоси ҳастии инсонӣ тасвир мешавад. Ин муносибат ба мақоми модар на танҳо дар адабиёт, балки дар фарҳанг ва ҷаҳонбинии халқҳои гуногун низ ҷойгоҳи махсус дорад. Беҳуда нест, ки дар фарҳанги исломӣ мақоми модар ба дараҷае баланд дониста шудааст, ки тибқи ҳадиси маъруф «ҷаннат зери қудуми модарон аст».

Дар адабиёти тоҷик низ симои модар мақоми хос дорад. Аз ҷумла, Лоиқ Шералӣ дар силсилаи ашъори «Модарнома» бо эҳсоси баланд ва маҳорати шоирона бузургӣ, фидокорӣ ва муқаддасоти модарро васф кардааст. Осори ӯ бори дигар собит месозанд, ки модар яке аз арзишҳои волои маънавии ҷомеаи инсонӣ мебошад.

Дар романи «Модар»-и Максим Горкий мафҳуми «модар» пеш аз ҳама бо ғамхорӣ ва дилсӯзӣ алоқаманд аст. Қаҳрамони асосӣ - Пелагея Ниловна - на танҳо нисбат ба фарзанди худ, балки нисбат ба тамоми атрофиёнаш муносибати модарона дорад. Дӯстони писарашро низ ҳамчун фарзандони худ қабул мекунад, ба онҳо ҳамдардӣ менамояд ва дар лаҳзаҳои душвор пуштибон мешавад. Аз ҳамин ҷиҳат, ғамхорӣ дар роман танҳо як эҳсоси шахсӣ нест, балки ба арзиши умумии инсонӣ табдил меёбад.

Вақте ки Николай қиссаи зиндагии пурдарди худро нақл мекунад, Пелагея ба ӯ ҳамон гуна раҳм мекунад, ки модар ба фарзанди худ ҳамдардӣ мекунад. Ҳамин муносибатро мо нисбат ба Наташа низ мебинем. Муаллиф нишон медиҳад, ки меҳру муҳаббати модарӣ метавонад аз доираи оила берун рафта, нисбат ба дигарон низ зоҳир гардад. Дар ин ҷо модар ҳамчун рамзи меҳрубонӣ, шафқат ва инсонгароӣ таҷассум меёбад.

Дар романҳои Ҷон Стейнбек тасвири модар гуногунтар аст. Аз як тараф, образи модари меҳрубон, ғамхор ва фидокор пешкаш мешавад, ки ба тасаввуроти маъмулии инсонҳо дар бораи модар мувофиқат мекунад. Аз ҷониби дигар, нависанда ҳолатҳоеро низ нишон медиҳад, ки дар онҳо модар аз иҷрои рисолати худ дур мондааст. Чунин образҳо одатан арзёбии манфии муаллифро ба вуҷуд меоранд, зеро набудани меҳру ғамхорӣ нисбат ба фарзандон ҳамчун камбудии ҷиддии ахлоқӣ нишон дода мешавад.

Дар асарҳои Стейнбек ғамхорӣ ва меҳрубонӣ аз муҳимтарин хусусиятҳои симои модар мебошанд. Масалан, Фей ҳамчун зане тасвир мешавад, ки барои дигарон сарчашмаи оромӣ ва тасаллӣ аст. Ӯ омода аст ба дарди дигарон шарик шавад, онҳоро дастгирӣ намояд ва мисли модар нисбат ба онҳо муносибат кунад. Дар чунин ҳолатҳо модарӣ на танҳо робитаи хунӣ, балки ҳолати рӯҳӣ ва ахлоқӣ низ мебошад.

Ҷолиб он аст, ки мафҳуми модар дар баъзе мавридҳо ҳатто ба падидаҳои табиат нисбат дода мешавад. Стейнбек доманакӯҳҳои Габиланро ба оғӯши модари дӯстдошта монанд мекунад. Ин муқоиса нишон медиҳад, ки дар шуури инсон модар бо эҳсоси амният, оромӣ ва гармӣ пайванди ногусастанӣ дорад.

Ғайр аз ин, дар осори Стейнбек модар ҳамчун шахси қавӣ ва такягоҳи оила низ тасвир мешавад. Вай на танҳо меҳрубон, балки дорои иродаи устувор мебошад. Модар қодир аст дар шароити душвор оиларо муттаҳид нигоҳ дорад, низоъҳоро ҳал кунад ва барои фарзандон намунаи устуворӣ бошад. Аз ин рӯ, симои модар дар ин асарҳо ба рамзи субот ва бақои оила табдил меёбад.

Дар романи Горкий бошад, мафҳуми «модар» ҷанбаҳои дигарро низ фаро мегирад. Дар баробари меҳрубонӣ ва ғамхорӣ, он бо эҳсосоти изтироб ва тарс низ алоқаманд аст. Ин ҳолат пеш аз ҳама ба вазъи иҷтимоии занони табақаи коргар вобаста мебошад. Модарони роман

аксаран дар фазои фишор, ноадолатӣ ва тарси доимӣ зиндагӣ мекунанд. Пелагея Ниловна низ дар оғози асар ҳамчун зани хоксор, тарсончак ва мутеи муҳити худ тасвир мешавад.

Бо вуҷуди ин, рушди минбаъдаи образ нишон медиҳад, ки паси ин заъфи зоҳирӣ нерӯи бузурги ботинӣ нуҳуфтааст. Тадриҷан ӯ на танҳо мушкилоти шахсии худро паси сар мекунад, балки сабабҳои ранҷу азоби мардумро дарк намуда, ба муборизаи иҷтимоӣ ҳамроҳ мешавад. Ҳамин тавр, симои модар дар романи Горкий аз доираи анъанавии модари ғамхор берун рафта, ба рамзи бедории маънавӣ, шуури иҷтимоӣ ва қувваи инсонӣ табдил меёбад.

Дар маҷмуъ, таҳлил нишон медиҳад, ки мафҳуми «mother – мать – модар» дар осори М. Горкий ва Ҷ. Стейнбек дорои мазмуни бисёрқабата мебошад. Гарчанде ки дар ҳар ду ҳолат меҳрубонӣ, ғамхорӣ ва муҳаббат меҳвари асосии ин консептро ташкил медиҳанд, ҳар як нависанда вобаста ба ҷаҳонбинӣ ва ҳадафҳои эҷодии худ ҷанбаҳои муайяни онро бештар равшан месозад. Маҳз ҳамин гуногунрангии маъноӣ омӯзиши консепти «модар»-ро барои таҳқиқоти забоншиносӣ ва фарҳангшиносӣ муҳим ва арзишманд мегардонад.

Дар романҳои англисзабон консепти «mother – мать – модар» на танҳо бо меҳру муҳаббат ва ғамхорӣ, балки бо эҳсоси изтироб барои фарзанд низ пайваст аст. Нависандагон борҳо нишон медиҳанд, ки нигаронӣ ҷузъи ҷудонашавандаи модарӣ мебошад. Модар ҳамеша аз сарнавишти фарзандаш хавотир аст ва ҳатто дар ҳолатҳое, ки сабаби воқеии тарс вуҷуд надорад, эҳсоси нигаронӣ ӯро тарк намекунад. Аз ҳамин рӯ, дар асарҳои Ҷ. Стейнбек тарси аз даст додани фарзанд, хавотирӣ барои ояндаи ӯ ва эҳсоси масъулият ҳамчун ҷузъҳои муҳимми консепти «модар» зуҳур мекунанд.

Дар баробари ин, мафҳуми модар дар романҳои Стейнбек бо тасаввуроти кӯдак дар бораи модар ҳамчун шахси пок, муқаддас ва бегуноҳ алоқаманд аст. Вақте ки ин тасаввурот шикаста мешавад, барои кӯдак зарбаи равонии ҷиддӣ ба вуҷуд меояд. Ба ҳамин сабаб, ҳолатҳои ошкор шудани камбудиҳои ахлоқии модар дар асарҳо ҳамчун фоҷиаи шахсӣ ва маънавӣ тасвир мешаванд.

Ҷузъи дигари муҳимми консепти мазкур мафҳумҳои «бахшидан» ва «рисолати зиндагӣ» мебошанд. Дар бисёр ҳолатҳо ҳаёти модар ҳамчун раванди пайвастаи тарбия, нигоҳубин ва хизмат ба фарзандон нишон дода мешавад. Қаҳрамонҳои зан бештари нерӯ, эҳсосот ва орзуҳои худро барои фарзандон сарф мекунанд. Аз ин ҷиҳат, модарӣ на танҳо нақши иҷтимоӣ, балки рисолати ахлоқӣ ва маънавӣ низ арзёбӣ мегардад.

Ҳамчунин, дар романҳои англисӣ эҳтиром ба модар ҷойгоҳи махсус дорад. Модароне, ки фарзандони солим ва шоистаро ба воя мерасонанд, дар ҷомеа сазовори эҳтиром ва обрӯи баланд мебошанд. Ин нишон медиҳад, ки дар шуури ҷомеа арзиши модар пеш аз ҳама бо меҳнат, масъулият ва фидокории ӯ вобаста аст.

Яке аз ҷузъҳои дигари консепти «модар» ифтихор аз фарзандон мебошад. Дар асарҳои Стейнбек ин хусусият борҳо зоҳир мегардад. Модарон муваффақият, пешрафт ва ҳатто хусусиятҳои ҷисмонии фарзандони худро мояи ифтихор медонанд. Ҳамин маъно дар романи «Модар»-и Максим Горкий низ ҷойгоҳи намоён дорад. Пелагея Ниловна аз писари худ ифтихор мекунад, суханони ӯро бо эҳтиром мешунавад ва тадриҷан дар симои Павел шахсияти бузург ва муборизро мебинад. Барои ӯ писар на танҳо фарзанд, балки таҷассумгари арзишҳое мебошад, ки ӯ ба онҳо эътиқод дорад.

Дар романи Горкий консепти «модар» инчунин бо мафҳуми ҳамдардӣ алоқаманд аст. Модар наметавонад нисбат ба ранҷу азоби фарзандаш бетараф бошад. Масалан, ҳангоми муҳокимаи судии Павел, Пелагея тамоми дарду изтироби писарашро бо дили худ эҳсос мекунад. Ҳамин гуна эҳсосот дар образи Людмила низ дида мешаванд, ки ҷудоӣ аз фарзандро ҳамчун яке аз сахттарин озмоишҳои зиндагӣ қабул мекунад.

Дар романҳои Стейнбек низ ҳамин ҷузъ мушоҳида мешавад. Модар ҳангоми ранҷ кашидани фарзанд азоб мекашад ва дарди ӯро ҳамчун дарди худ қабул мекунад. Дар яке аз саҳнаҳо, вақте ки падар духтарашро ҷазо медиҳад, модар ин ҳодисаро бо ҳолати шадиди равонӣ аз сар мегузаронад. Муаллиф ба воситаи чунин тасвирҳо робитаи амиқи эҳсосии модар ва фарзандро нишон медиҳад.

Дар романи Горкий ибораҳои «қалби модар» ва «меҳри модар» бисёр истифода шудаанд. Ин таркибҳо тасодуфӣ нестанд. Онҳо рамзи муҳаббати беғаразона, меҳрубонӣ ва садоқати модар мебошанд. Қалби модар дар роман ҳамчун сарчашмаи фаҳмиш, раҳмдилӣ ва қувваи маънавӣ тасвир мешавад. Маҳз ҳамин муҳаббат ба Пелагея имкон медиҳад, ки дар роҳи мубориза ва озмоишҳои зиндагӣ устувор боқӣ монад.

Дар романҳои Стейнбек мавзуи кӯдакони бемодар низ ҷойгоҳи муҳим дорад. Нависанда борҳо таъкид мекунад, ки набудани модар дар зиндагии кӯдак эҳсоси холигӣ, танҳоӣ ва маҳрумиятро ба вуҷуд меорад. Қаҳрамонҳое, ки аз меҳру муҳаббати модарӣ бенасиб мондаанд, аксар вақт худро нотамом ё маҳрум ҳис мекунанд. Дар чунин ҳолатҳо муаллиф ҳисси раҳму ҳамдардии хонандаро бедор намуда, аҳаммияти муҳимми модарро дар ташаккули шахсият нишон медиҳад.

Ҷолиб он аст, ки мафҳуми раҳм дар романи Горкий низ мавҷуд аст, аммо бештар ба модароне марбут мебошад, ки фарзандони худро аз даст додаанд. Дар чунин саҳнаҳо андӯҳи модар ҳамчун дарди амиқ ва ҷубронопазир тасвир мешавад. Аз даст додани фарзанд барои ӯ на танҳо талафоти шахсӣ, балки фоҷиаи тамоми ҳастӣ мебошад. Ба воситаи ин образҳо Горкий на танҳо эҳсосоти модариро инъикос мекунад, балки муносибати интиқодии худро нисбат ба воқеияти иҷтимоии замон низ нишон медиҳад.

Дар баробари образҳои мусбат, Стейнбек симои модари манфиро низ офаридааст. Намунаи равшани он Кэти аз романи «Шарқи Адан» мебошад. Ӯ намехоҳад модар шавад, нисбат ба фарзандонаш муҳаббат эҳсос намекунад ва баъд аз таваллуд онҳоро тарк мекунад. Муаллиф чунин рафторро ошкоро маҳкум менамояд. Дар асар пайваста таъкид мешавад, ки даст кашидан аз фарзандон хилофи моҳияти воқеии модарист.

Ҳамин тариқ, таҳлил нишон медиҳад, ки консепти «mother – мать – модар» дар осори М. Горкий ва Ҷ. Стейнбек дорои сохтори бисёрқабата мебошад. Дар меҳвари он ғамхорӣ, муҳаббат, ҳамдардӣ, ифтихор аз фарзандон ва масъулияти модарӣ қарор доранд. Дар айни замон, вобаста ба ҷаҳонбинӣ ва ҳадафҳои эҷодии ҳар як нависанда, ҷанбаҳои алоҳидаи ин консепт бо шеваҳои гуногун инъикос меёбанд. Маҳз ҳамин гуногунрангии маъноӣ ба образи модар умқи фарҳангӣ ва арзиши универсалӣ мебахшад.

Таҳлили романҳои Ҷон Э. Стейнбек нишон дод, ки меҳвари консепти «mother – мать – модар»-ро дар забони англисӣ лексемаи «mother» ташкил медиҳад, дар ҳоле ки воҳидҳои «ma» ва «mum» ҳамчун шаклҳои муродифӣ ва гуфтугӯии он амал мекунанд. Ин шаклҳо на танҳо вазифаи номгузорӣ доранд, балки дараҷаи наздикӣ, самимият ва муносибати эҳсосии байни фарзанд ва модарро низ ифода менамоянд.

Дар фарҳанги тоҷик низ мафҳуми модар мақоми махсус дорад. Ин андеша дар осори бисёр адибон ва шоирон инъикос ёфтааст. Аз ҷумла, Лоиқ Шералӣ дар ашъори худ модарро ҳамчун рамзи муҳаббат, фидокорӣ ва сарчашмаи зиндагӣ васф менамояд:

Ту монанди замин танҳоӣ, модар,

Ту монанди замин яктоӣ, модар [6, с. 34].

Дар ин абёт модар ба замин монанд карда мешавад, ки сарчашмаи ҳаёт ва бақои инсон аст. Чунин тасвирҳо нишон медиҳанд, ки дар ҷаҳонбинии тоҷикон модар на танҳо узви оила, балки арзиши олии маънавӣ маҳсуб меёбад.

Мавзуи модар дар эҷодиёти Лоиқ Шералӣ ҷойгоҳи марказӣ дорад. Шоир бо маҳорати баланди бадеӣ зиндагӣ, орзуҳо, заҳмат ва муҳаббати модари тоҷикро тасвир намуда, образи ӯро ҳамчун рамзи меҳнатдӯстӣ, сабру таҳаммул ва фидокорӣ нишон медиҳад. Дар ашъори ӯ модар на танҳо тарбиятгар, балки нигоҳдорандаи арзишҳои миллӣ ва ахлоқии ҷомеа мебошад.

Таҳлили муқоисавии осори М. Горкий, Ҷ. Э. Стейнбек ва Лоиқ Шералӣ нишон медиҳад, ки сарфи назар аз тафовутҳои фарҳангӣ ва забонӣ, дар меҳвари консепти «модар» арзишҳои муштарак қарор доранд. Дар ҳамаи асарҳои мавриди таҳқиқот мафҳуми модар бо ғамхорӣ, муҳаббат, ҳамдардӣ, масъулият ва ифтихор аз фарзандон алоқаманд аст. Ҳамзамон, тарзи инъикоси ин ҷанбаҳо вобаста ба ҷаҳонбинӣ ва муҳити фарҳангии ҳар як муаллиф хусусиятҳои хоси худро дорад.

Дар романҳои Стейнбек модар бештар ҳамчун такягоҳи оила ва шахси дорои иродаи қавӣ тасвир мешавад. Дар романи Горкий бошад, образи модар бо бедории иҷтимоӣ ва иштироки фаъол дар муборизаҳои ҷамъиятӣ пайваст мегардад. Дар осори Лоиқ Шералӣ модар пеш аз ҳама ҳамчун сарчашмаи муҳаббат, баракат ва ҳикмати зиндагӣ зуҳур мекунад.

Таҳлил ҳамчунин нишон дод, ки ҷанбаи арзёбии консепт дар ҳамаи асарҳои мавриди назар нақши муҳим дорад. Образи модари меҳрубон, ғамхор ва масъулиятшинос ҳамеша баҳои мусбат мегирад, дар ҳоле ки бепарвоӣ нисбат ба фарзандон ё сарфи назар кардани вазифаҳои модарӣ ҳамчун падидаи номатлуб арзёбӣ мешавад. Ин ҳолат аз универсалӣ будани меъёрҳои ахлоқии вобаста ба мақоми модар шаҳодат медиҳад.

Ҳамин тариқ, омӯзиши воситаҳои забонии ифодаи консепти «mother – мать – модар» дар осори М. Горкий, Ҷ. Э. Стейнбек ва Лоиқ Шералӣ имкон дод, ки хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии ин консепт дар се муҳити фарҳангӣ муайян карда шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки консепти «модар» дорои хусусияти умумибашарӣ буда, дар айни замон вобаста ба анъанаҳои миллӣ ва ҷаҳонбинии муаллифон бо ҷанбаҳои махсус ғанӣ мегардад.

Дар маҷмуъ, образи модар дар адабиёти рус, англис ва тоҷик ҳамчун яке аз муҳимтарин арзишҳои ахлоқӣ ва фарҳангӣ баромад мекунад. Маҳз ҳамин хусусият консепти «модар»-ро ба яке аз консептҳои марказии тасвири забонии ҷаҳон табдил медиҳад ва аҳаммияти омӯзиши онро барои таҳқиқоти забоншиносӣ ва фарҳангшиносӣ тақвият мебахшад.

Адабиёт

1. *Горький, М. Мать. М.: Совет. Россия, 1979. - 320 с.*
2. *Карасик, В. И. Языковой круг : личность, концепты, дискурс. М., 2004. - 390 с.*
3. *Колесов, В. В. Философия русского слова. СПб.: Петерб. востоковедение, 2004. - 240 с.*
4. *Москвин, В. П. Спорные проблемы семантики: рецензия / В. П. Москвин, Н. Ф. Алефиренко // Вопр. языкознания. 2000. № 6. - С. 137-140.*
5. *Слышкин, Г. Г. Лингвокультурный концепт как системное образование // Вестн. Воронеж. гос. ун-та. Сер. «Лингвистика и межкультурная коммуникация». 2004. № 1. - С. 29-34.*
6. *Шералӣ Л. Дасти дуои модар: Силсилаи шеърҳо (Барои наврасон ва ҷавонон). // Лоиқ Шералӣ. – Душанбе: «Адиб», 1990. - 112 с.*
7. *Шералӣ Л. Хоки Ватан/ Лоиқ Шералӣ.-Душанбе, 1981.- 180 с.*
8. *Шералӣ Л. Куллиёт. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 1 (китоби якум) / Лоиқ Шералӣ. Мураттибон: номзади илми филология Баҳриддин Ализода (Алиев), Ромиш Шералӣ. – Хуҷанд, 2001. - 722 с.*
9. *Шералӣ, Л. Куллиёт. иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 1. Ашъор / Лоиқ Шералӣ: Мураттибон: Баҳриддин Алавӣ ва Ромиш Лоиқзода. – Душанбе: Адиб, 2008. – 560 с.*
10. *Steinbeck, J. E. The Grapes of Wrath. L.: Penguin Books, 1992. 476 p.*
11. *Steinbeck, J. E. East of Eden. L.: Penguin Books, 2000. 602 p.*

КОНСЕПТИ «МАТЬ - MOTHER - МОДАР» ДАР ЗАБОНҲОИ РУСӢ, АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ (дар мисоли осори М. Горкий, Ҷ. Э. Стейнбек ва Л. Шералӣ)

Дар мақолаи мазкур оид ба консепти «мать - mother - модар» дар забонҳои русӣ, англисӣ ва тоҷикӣ (дар мисоли осори М. Горкий, Ҷ.Э. Стейнбека ва Лоиқ Шералӣ) сухан меравад. Муаллиф дар мақолаи худ масъалаи консепти модарро дар асоси манбаъҳои илмӣ ва адабиёти бадеӣ мавриди таҳқиқу муқоиса қарор додааст. Консепти модар дар осори нависандагони англису рус ва тоҷик мавқеи бузург дошта, аз бузургии модар онҳо ёдовар мешаванд. Шоирону нависандагон дар осори худ перомуни модар бисёр шеъру рубоӣ ва ғазалҳои мондагор нигоштаанд, аммо то он ҷое, ки шоири ширинбаёни тоҷик Лоиқ Шералӣ дар бобати бузургии модар сароидааст ва навиштааст, ҳеҷ шоиру нависандае ба дараҷаи ӯ насароидааст. Дар мақолаи мазкур роҷеъ ба консепти модар бар пояи маводди осори нависандагони англису рус ва тоҷик таҳқиқот анҷом пазируфтааст ва он ба се забон мавриди муқоиса қарор дода шудааст. Бояд ишора намуд, ки консепти модар дар осори ин нависандагон бо маҳорати баланди шоирӣ инъикос ёфтааст ва он ҳам аз бузургии зан-модар шаҳодат медиҳад.

Калидвожаҳо: консепт, модар, забоншиносии шинохтӣ, забоншиносии маърифатӣ, грамматика, муқоиса, таҳқиқ, забони англисӣ, забони тоҷикӣ, забони русӣ.

КОНЦЕПТ «МАТЬ - MOTHER - МОДАР» В РУССКОМ, АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ (на примере произведений М. Горького, Дж. Э. Стейнбека и Л. Шерали)

В данной статье рассматривается понятие «мать - mother - модар» в русском, английском и таджикском языках (например, в произведениях М. Горького, Дж. Э. Стейнбека и Лоика Шерали). В статье автор исследовал и сравнил понятие матери на основе научных источников и литературных произведений. Концепт матери занимает видное место в произведениях английских, русских и таджикских писателей, и они упоминают величие матери. Поэты и писатели написали множество стихов, рубаи и газелей о матери в своих произведениях, но ни один поэт или писатель не воспевал величие матери на таком же уровне, как красноречивый таджикский поэт Лоик Шерали. В данной статье проведено исследование концепт матери на основе произведений английских, русских и таджикских писателей, и проведено его сравнение на трех языках. Следует отметить, что концепт материнства нашла отражение в произведениях этих писателей с большим поэтическим мастерством, что также свидетельствует о величии женщины-матери.

Ключевые слова: концепт, мать, когнитивная лингвистика, культурологическая лингвистика, грамматика, сравнение, исследование, английский язык, таджикский язык, русский язык.

THE CONCEPT OF "МАТЬ - MOTHER - МОДАР" IN RUSSIAN, ENGLISH, AND TAJIK LANGUAGES (based on the works of M. Gorky, J.E. Steinbeck and L. Sherali)

This article examines the concept of «мать - mother - модар» in Russian, English, and Tajik (for example, in the works of M. Gorky, J.E. Steinbeck, and Loiq Sherali). In this article, the author explores and compares the concept of mother based on scholarly sources and literary works. The concept of mother occupies a prominent place in the works of English, Russian, and Tajik writers, and they all allude to the greatness of motherhood. Poets and writers have written numerous poems, rubai, and ghazals about motherhood in their works, but no poet or writer has extolled the maternal greatness to the same level as the eloquent Tajik poet Loyk Sherali. This article examines the concept of motherhood in the works of English, Russian, and Tajik writers, and compares it across the three languages. It is noteworthy that the concept of motherhood is reflected in the works of these writers with great poetic skill, which also testifies to the greatness of motherhood.

Keywords: concept, mother, cognitive linguistics, cultural linguistics, grammar, comparison, research, English, Tajik, Russian.

Дар бораи муаллиф
Ҷурабаева Райҳона Исмонҷоновна
Ассистенти кафедраи назарияи тарҷума ва услубшиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: jurabaeva7770@gmail.com

Об авторе
Джурабаева Райхона Исмонджоновна
Ассистент кафедры теории перевода и стилистики
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: jurabaeva7770@gmail.com

About the author
Jurabaeva Rayhona Ismonjonovna
Assistant of the Department of Translation Theory and Stylistics
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: jurabaeva7770@gmail.com

ТДУ 811.111’366.58

ФЕЪЛҲОИ ЁРИДИҲАНДАИ WILL ВА SHALL ҲАМЧУН ВОСИТАИ ГРАММАТИКИИ ИФОДАИ МОДАЛИЯТ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Бахтиёри И. З.
Донишкадаи байналмилалии Данғараи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Дар забони англисӣ феълҳои ёридиҳандаи **will** ва **shall** на танҳо барои ифодаи замони оянда истифода мешаванд, балки метавонанд маъноҳои гуногуни модалиро низ ифода намоянд. Феъли “will” ба ғайр аз ифода кардани замони оянда маъноҳои модалии хоҳиш, илтимос, эҳтимолият, азм ва раддияро ифода намояд. Феъли “shall” бошад, дар баробари ифода кардани замони оянда маъноҳои модалии водоркунӣ, уҳдадорӣ, таҳдид ва баъзан таклиф ва дархостро ифода менамояд.

Мақсади ин мақола таҳлили маъниҳои дастурии феълҳои **will** ва **shall** мебошад.Барои омӯзандагони дилхоҳ забон донистану аз худ кардани замонҳои феълӣ шарти аввалиндараҷа мебошад. Ба андешаи мо агар мо замонҳои феълиро ҳангоми суханронӣ дуруст ва дар мавқеи худ истифода бурда натавонем, мусоҳиб аз мақсади аслии мо воқиф намегардад ва ё дар оҳанги гуфтори мо як ноҷӯрие ба миён меояд.

Барои ба пурра огоҳӣ пайдо кардан аз замонҳои феълӣ диққати бештарро аввалан бояд ба донистани паҳлуҳои гуногуни худи феъл равона созем, зеро дар китоби забони адабии ҳозираи тоҷик феъл ҳамчунин мураккабтарин ҳиссаи нутқест, ки дар доираи васеи маъноӣ ва муносибати грамматикӣ дорад, ки он дар шаклҳои феълӣ , тарзҳо, намудҳо, сиғаҳо ва замонҳои феъл ифода меёбад [4, с. 450].

Дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ доир ба ҷанбаъҳои гуногуни феъл олимон ва донишмандон корҳои зиёди илмиро ба сомон расонидаанд, аммо оид маъниҳои модалии феълҳои ёридиҳандаи **will** ва **shall** дар забони англисӣ ва муодилҳои онҳо дар забони тоҷикӣ таҳқиқоти махсуси илми рӯи кор наомадааст, ки аз мубрамияти мавзуи пажуҳиши мазкур гувоҳӣ медиҳад.

Пеш аз он ки дар оид ба маъноҳои модалии феълҳои ёридиҳандаи **will** ва **shall** ҳарф занем, тасмим гирифтем дар бораи замони ояндаи одӣ маълумоте ироа намоем, зеро замони мазкур бо ёрии феълҳои ёридиҳандаи will ва shall сохта мешавад, аммо ифодаи маъноҳо нисбат ба феълҳои ёридиҳандаи **will** ва **shall,** ки дар баёни азму ирода ва водоркунӣ истифода мешаванд, тафовут доранд.

Дар забони англисӣ замони ояндаи одӣ барои баён намудани амалҳои ғайридавомдор, ки дар оянда баргузор мегарданд, истифода мешаванд. Чунончӣ:

They **will finish** the work tomorrow morning.

Онҳо пагоҳ саҳар корро тамом мекунанд.

She **will arrive** next Sunday.

Вай якшанбеи оянда мерасад.

Бояд зикр намуд, ки замони ояндаи одӣ бо ёрии феълҳои ёридиҳандаи **will** ва **shall** сохта мешавад, ки пас аз ин феълҳои ёридиҳанда масдари аслии феъл бе ҳиссачаи **“to”** меояд.

Феъли ёридиҳандаи **will** зуд – зуд бо ‘ll мухтасар карда мешавад. Ҳамин тариқ дар забон англисии ғайрирасмӣ феъли замони ояндаи одии **“to discuss” “муҳокима кардан”** одатан ба тариқи зерин тасриф карда мешавад:

Бидуни ихтисор	Бо ихтисор
I will discuss.	I ‘ll discuss.
You will discuss.	You ‘ll discuss.
He will discuss.	He ‘ll discuss.
She will discuss.	She ‘ll discuss.
It will work.	It ‘ll work.
We will discuss.	We ‘ll discuss.
They will discuss.	They ‘ll discuss.

Дар ин тасрифкунӣ феълҳои бо мубтадоҳои I – ман ва We – мо истифода шуда, маъмулан ба шахси якум тааллуқ доранд; феълҳои бо мубтадои You – ту бошад ба шахси

дуюм ва ҳам ба шахси дуюми ҷамъ тааллуқ дорад; ва феълҳои бо мубтадоҳои he – ӯ, she – вай, it - он, вай бошанд маъмулан ба шахси сеюм мансуб мебошанд.

Замони ояндаи одӣ, ки яке аз шаклҳои замони оянда мебошад, дар нутқи расмӣ (ахборотӣ, матбуотӣ, мукотибаҳои расмӣ) барои ифодаи амалу ҳолати минбаъда хизмат менамояд [11, с. 47].

The Prime Minister will speak on TV at 5 p.m.

Соати 5 – и бегоҳ сарвазир дар телевизион баромад мекунад. (Хабарҳои рӯзномавӣ)

The Prime Minister is going to speak on TV today.

Имрӯз сарвазир дар телевизион баромад мекунад. (нутқи даҳонӣ)

Ҳангоми истифода бурдани феълҳои ёридиҳандаи **will** ва **shall** ба расмӣ ва ғайирасмӣ будани он низ бояд таваҷҷуҳ зоҳир намуд. Барои забони англисии расмӣ қоидае мавҷуд аст. Он баён менамояд, ки дар замони ояндаи одӣ феъли ёридиҳандаи **shall** бо шахси якуми танҳо ва ҷамъ истифода мешавад ва феъли ёридиҳандаи **will** бошад, дар забони англисии муосир бо ҳамаи шахсҳо истифода бурда мешавад. Монанди феъли ёридиҳандаи **will** феъли ёридиҳандаи **shall** ёридиҳандаи модалӣ аст [3, с. 380].

Аз суханҳои боло маълум мегардад, ки дар забони англисии расмӣ замони ояндаи одии феъли “to work” “кор кардан” метавонад ба тариқи зерин тасриф шавад:

I shall work.	Ман кор мекунам (хоҳам кард).
You will work.	Ту кор мекунӣ (хоҳӣ кард).
He will work.	Ӯ кор мекунад (хоҳад кард).
She will work.	Вай кор мекунад (хоҳад кард).
It will work.	Он (вай) кор мекунад (хоҳад кард).
We shall work.	Мо кор мекунем (хоҳем кард).
They will work.	Онҳо кор мекунанд (хоҳанд кард).

Ҳатто дар забони англисии ғайирасмӣ феъли ёридиҳандаи “**shall”** одатан дар шахси якум барои саволҳое, ки дар он хоҳиш барои иҷозат гирифтан равона мегардад, истифода мешавад [9, с. 187]. Ҷумлаҳои боло далели гуфтаҳои болост.

Shall I call the Prime Minister?	Ба сарвазир занг занам?
Shall we go to the museum?	Ба осорхона биравем?

Дар ин хусус истифодаи **will** барои шахси якуми замони ояндаи одӣ дар забони англисии расмӣ қобили қабул шумурда мешавад. Бинобар ин, ба истиснои саволҳое, ки дар он хоҳиш барои иҷозат ишора карда мешавад, ҳам феъли ёридиҳандаи **will** ва ҳам **shall** метавонад барои шахсони якуми танҳо ва ҷамъи замони ояндаи одӣ истифода шавад.

I shall agree or I will agree.

We shall succeed or we will succeed.

We shall hurry or we will hurry.

I shall follow or I will follow [7, с. 536].

Ман розӣ мешавам (Ман розӣ хоҳам шуд).

Мо комёб мешавем (Мо комёб хоҳем шуд).

Мо шитоб мекунем (Мо шитоб хоҳем кард).

Ман мефаҳмам (Ман хоҳам фаҳмид).

Қоидаҳои барои истифодаи феълҳои **will** ва **shall,** ки барои замони ояндаи одӣ ба кор бурда мешаванд, ҳамчунин барои замонҳои ояндаи дигар низ истифода мебаранд. Дар бобати сохтани ҷумлаҳои саволии замони ояндаи одӣ ва дар китоби грамматикаи забони англисии Каушанская В.Л чунин ҷумлаҳо оварда шудааст.

Shall / will I work?	Оё ман кор мекунам (хоҳам кард)?
Will he work?	Оё ӯ кор мекунад (хоҳад кард)?
Will she work?	Оё вай кор мекунад (хоҳад кард)?
Shall / will we work?	Оё мо кор мекунем (хоҳем кард)?
Will you work?	Оё шумо кор мекунед (хоҳед кард)?
Will they work?	Оё онҳо кор мекунанд (хоҳанд кард)?

Каушанская В.Л. низ дар китоби худ истифодаи феъли ёридиҳандаи will – ро барои шахсҳои якуми танҳо ва ҷамъ қобили қабул донистааст. Барои ҷумлаҳои инкории ин замон низ дар шакли пурра ва мухтасар як қолаби муайяне вуҷуд дорад, ки Аракин В.Д. дар китоби худ “Практический курс английского языка” чунин тарзи сохтани ҷумлаҳои инкориро пешниҳод намудааст:

I shall not (shan’t) go to the country next Saturday.	Ман рӯзи шанбеи оянда ба мамлакат меравам.
We shall not (shan’t) go to the country	Мо пагоҳ ба мамлакат меравем.

tomorrow.	
He, she, you, they will not (won't) go for a walk next week. [1, с. 1280]	Ӯ ҳафтаи оянда ба сайругашт меравад.

Агар ба ҷумлаҳои саволӣ – инкории ин замон назар афканем бараъло маълум мешавад, ки феъли ёридиҳандаи **will** пеш аз мубтадо меояд ва калимаи **not** пас аз мубтадо ҷой мегирад, аммо ҳангоми истифодаи шакли мухтасари онҳо, шакли мухтасаршудаи **not** фавран пас аз феъли ёридиҳанда ҷой мегирад. Ҷумлаҳои зерини саволӣ – инкории дар шакли ихтисор ва бидуни ихтисор овардашуда суханҳои болоро тақвият мебахшад.

Will she not notice us?

Won't she notice us? [5, с. 385]

You will not wash the windows.

Won't you wash the windows? [8, с. 280]

Акнун ба баръакс истифода шудани феълҳои ёридиҳандаи **will** ва **shall** дар шахсу шумора рӯ меоварем. Дар забони англисии расмӣ қоидае мавҷуд аст. Он муқаррар мекунад, ки бо мақсади баён намудани хоҳиш, илтимос, эҳтимолият, азм ва раддия феъли ёридиҳандаи **will** дар шахси якуми танҳо ва ҷамъ истифода мешавад. Феъли ёридиҳандаи **shall** бошад дар шахсҳои дуюм ва сеюм ба кор бурда мешавад. Ин баръакси истифодаи феъли ёридиҳандаи **will** ва **shall, ки** дар боло барои шахсу шумораҳо дар замони ояндаи одӣ шарҳ додем, мебошад. Истифодаи феъли ёридиҳандаи **will** дар шахси якум барои баён намудани азму ирода равона мегардад. Истифодаи феъли ёридиҳандаи **shall** бошад, дар шахсҳои дуюм ва сеюм барои изҳор кардани водоркунӣ ва фишор ба кор меравад. Чунончӣ: барои феъли **"to work" " кор кардан",** тасрифкунии одие, ки азму ирода ва водоркуниро изҳор мекунад, ба тариқи зерин мебошад:

I will work.	Ман кор мекунам (азм).
You shall work.	Ту кор мекунӣ (таҳдид).
He shall work.	Ӯ кор мекунад (таҳдид).
She shall work.	Вай кор мекунад (таҳдид).
It shall work.	Он (вай) кор мекунад. (таҳдид).
We will work.	Мо кор мекунем (азм).
They shall work.	Онҳо кор мекунанд (таҳдид). [2, с. 69]

Дар ин тасрифкунӣ, баёнҳои I **will** work ва We **will** work маънои "Ман қарори кор кардан" – ро дорам ё "Мо тасмим гирифтем, ки кор кунем"- ро доранд. Дар муқоиса баёнҳои You **shall** work ва They **shall** work маънои " Шуморо барои кор кардан маҷбур мекунанд." Ё "Онҳоро барои кор кардан маҷбур мекунанд." - ро доранд. Ҷумлаҳои зерин гуфтаҳои болоро тақвият мебахшад.

We will pass the exam. (determination)

I will go home. (determination)

I will help you. (determination)

We will earn the money. (determination)

You shall finish the work on time. (compulsion)

They shall buy the tickets. (compulsion)

He shall be our guide. (compulsion)

She shall call us. (compulsion) [6, с. 381]

Мо имтиҳонро месупорем. (азм)

Ман ба хона меравам. (ирода)

Ман ба ту кӯмак мерасонам. (азм)

Мо пул кор мекунем. (ирода)

Шумо дар вақташ корро ба охир мерасонед. (таҳдид)

Онҳо чиптаҳоро мехаранд. (водоркунӣ)

Ӯ роҳбалади мо мешавад. (таҳдид)

Вай ба мо занг мезанад. (водоркунӣ)

Илова бар ин, тасмим гирифтем дар зер бо истифода аз ҷадвал ҳамаи маъноҳои модалии феълҳои мавриди таҳқиқро нишон диҳем:

Феъли "shall" ва маъниҳои модалии он ва роҳҳои тарҷумаи онҳо ба забони тоҷикӣ

Ифодаи маъно	Тарҷумаи тоҷикӣ	Мисол (англисӣ)	Тарҷума (тоҷикӣ)
1.Водоркунӣ/фармон (қоида)	бимонанд, бояд вогузор карда шавад	*Candidates shall remain in their seats.*	*Номзадҳо то чида гирифта шудани коғазҳо дар ҷояшон бимонанд.*
2. Уҳдадорӣ/манъкунӣ	набояд (равад),	*He shall not go, I*	*Вай набояд равад (ӯ уҳдадор*

	уҳдадор аст	*wish him to remain.*	*аст, ки наравад).*
3. Таҳдид/аҳд/таъкид	бояд	*You shall send $200.*	*Ту бояд дусад доллар фиристӣ.*
		He shall go with you.	*Ӯ бояд ҳамроҳи ту равад.*
4. Таклиф/дархост	чӣ гуфтед?, карда медодед, а?	*Let's look at it again, shall we?*	*Биёед ба он бори дигар назар андозем, чӣ гуфтед?*

Феъли "will" ва маъниҳои модалии он ва ва роҳҳои тарҷумаи онҳо ба забони тоҷикӣ

Ифодаи маъно	Тарҷумаи тоҷикӣ	Мисол (англисӣ)	Тарҷума (тоҷикӣ)
1. Хоҳиш/ирода	хостан (мехоҳад)	*He will take you home.*	*Ӯ мехоҳад туро ба хона барад.*
2.Раддия/берағбатӣ (won't)	нахостан (намехоҳем)	*We won't lend you any more money.*	*Мо ба ту дигар пул қарз додан намехоҳем.*
3. Илтимос (бо *you*)	мефиристонед-мӣ?, марҳамат	*Will you post this letter for me, please?*	*Ба ҷои ман ҳамин мактубро мефиристонед-мӣ?*
4. Эҳтимолият/гумон	бошад даркор, хӯрдагист	*This will be your birthplace.*	*Ин ҷои таваллуди шумо бошад даркор.*
5. Азм/ният	кардан (сарф карданием)	*We will do all in our power...*	*Мо тамоми қуввааамонро сарф карданием.*

Ҳамин тавр, таҳлил нишон медиҳад, ки феълҳои ёридиҳандаи **will** ва **shall** танҳо воситаи ифодаи замони оянда нестанд. Феъли "will" метавонад маъноҳои модалии хоҳиш, ирода, илтимос, эҳтимолият, азм ва раддияро ифода кунад ва феъли shall метавонад маъноҳои модалии водоркунӣ, уҳдадорӣ, таҳдид ва баъзан таклиф ва дархостро ифода кунад. Дар фарҷом бояд тазаккур дод, ки феълҳои ёридиҳандаи **will** ва **shall** маъниҳои дастурии модалият ва замони ояндаи одиро ифода мекунанд.

Адабиёт

1. *Арзуманов, С.Д. Русско – таджикский словарь/ С.Д. Арзуманов, Х.А. Ахрори, Бегбуди и др. – М. Ж Русский язык, 1985. – 1280 с.*
2. *Беляева, Е.И. Модальност в различных типах речевых актов/ Е.И. Беляева. – ФН. - №3 1985. – 69 с.*
3. *Mary, A. Free English grammar/ A, Marry. – Москва, 1970. – 380 с.*
4. *Грамматикаи забони ҳозираи тоҷик. Қисми 1. – Душанбе: маориф, 1973.- 450 с.*
5. *Грамматикаи забони ҳозираи тоҷик. Қисми 1. – Душанбе: Дониш, 1985.- 385 с.*
6. *Каушанская, В. Л. / A grammar of English language/ В.Л. Каушанская, Р.Л. Ковнер, О.Н. Кожевникова и др.- Москва, 2014. – 381 с.*
7. *Аракин, В. Д. Практический курс английского языка. В.Д. Аракин. Сентр Владос, 2005 – 536 с.*
8. *Калонтаров Я.И. Русско Таджикского – руский словар лингвистических терминов / Я.И. Калонтаров, В.А. Капран.- / Б Рахмонов. – 280 с.*
9. *Рахмонов, Б. Лексикого – грамматический осеббености глагола / Б. Рахмонов. – Душанбе, 2017. – 187 с.*
10. *Раҳматуллозода, С. Р., Валиев, Ҷ. А. Вазъи инкишофи калимасозӣ дар забони тоҷикии ибтидои асри XX / С. Р. Раҳматуллозода, Ҷ. А. Валиев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2022. – № 5 (100). – С.53-58.*
11. *Комилов, М. М. Тарҷумаи хаттӣ : китоби дарсӣ барои донишҷӯёни макотиби таҳсилоти олии касбӣ / М. М. Комилов, Н. М. Давлатзода. – Душанбе : ЭР-граф, 2026. – 296 с.*

ФЕЪЛҲОИ ЁРИДИҲАНДАИ WILL ВА SHALL ҲАМЧУН ВОСИТАИ ГРАММАТИКИИ ИФОДАИ МОДАЛИЯТ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Мақолаи мазкур ба таҳлили маъноҳои модалии феълҳои will ва shall дар забони англисӣ бахшида шудааст. Дар мақола зикр карда мешавад, феълҳои маврди назар на танҳо ҳамчун воситаи ифодаи замони оянда, балки ҳамчун ифодакунандаи маънои модалӣ ба кор бурда мешаванд. Дар натиҷаи таҳқиқ муайян карда шуд, ки феъли "will" метавонад маъноҳои модалии хоҳиш, ирода, илтимос, эҳтимолият, азм ва раддияро ифода кунад ва феъли shall бошад, метавонад маъноҳои модалии водоркунӣ, уҳдадорӣ, таҳдид ва баъзан таклиф ва дархостро ифода кунад. Ҳамчунин дар мақола ба таври муфассал роҳҳои тарҷумаи ҳамаи маъноҳои модалии феълҳои мавриди назар нишон дода шудаанд. Ҳар воситаи луғавӣ ва иборае, ки дар забони тоҷикӣ истифода бурда мешавад, онро муодили маъниҳои модалии феъли забони англисӣ метавон қаламдод намуд.

Калидвожаҳо: модалият, маънои модалӣ, феъли ёридиҳанда, хоҳиш, ирода, илтимос, эҳтимолият, азм, раддия, водоркунӣ.

ВСПОМОГАТЕЛЬНЫЕ ГЛАГОЛЫ WILL И SHALL КАК ГРАММАТИЧЕСКОЕ СРЕДСТВО ВЫРАЖЕНИЯ МОДАЛЬНОСТИ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

Данная статья посвящена анализу модальных значений глаголов will и shall в английском языке. В статье отмечается, что рассматриваемые глаголы используются не только как средство выражения будущего времени, но и для передачи модальных значений. В результате исследования было установлено, что глагол will может выражать такие модальные значения, как желание, волеизъявление, просьба, вероятность, решимость и отказ, в то время как глагол shall может выражать побуждение, обязательство, угрозу, а иногда предложение и просьбу. Также в статье подробно представлены способы перевода всех модальных значений рассматриваемых глаголов. Каждая лексическая единица и фраза, используемая в таджикском языке, может рассматриваться как эквивалент модальных значений английского глагола.

Ключевые слова: модальность, модальное значение, вспомогательный глагол, желание, волеизъявление, просьба, вероятность, решимость, отказ, побуждение.

THE AUXILIARY VERBS “WILL” AND “SHALL” AS GRAMMATICAL MEANS OF EXPRESSING MODALITY IN THE ENGLISH LANGUAGE

This article is devoted to the analysis of the modal meanings of the verbs “will” and “shall” in the English language. The article notes that these verbs serve not only as a means of expressing the future tense, but are also used to convey various modal meanings. As a result of the study, it was revealed that the verb will can express modal meanings of desire, volition, request, probability, determination, and refusal. Meanwhile, the verb shall can express modal meanings of compulsion, obligation, threat, and sometimes suggestion and request. Furthermore, the article provides detailed ways to translate all the modal meanings of these verbs. Every lexical item and phrase used in the Tajik language can be considered an equivalent to the modal meanings of the corresponding English verbs.

Keywords: modality, modal meaning, auxiliary verb, will, shall, desire, volition, request, probability, determination, refusal, compulsion.

Дар бораи муаллиф
Бахтиёри Исматуллои Зуҳурзода
Муаллими калони кафедраи молия, гумрук, ҳуқуқ ва забонҳои хориҷӣ
Донишкадаи байналмилалии Данғараи
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Данғара, кӯчаи Исмат Шариф, 3
E-mail: zuhurzodabz90@gmail.com

Об авторе
Бахтиёри Исматуллои Зухурзода
Старший преподаватель кафедры финансов, таможни, права и иностранных языков
Дангаринский международный институт при Международном университете туризма и предпринимательства Таджикистана
Республика Таджикистан, р. Дангара, улица Исмата Шарифа, 3
E-mail: zuhurzodabz90@gmail.com

About the author
Bakhtiyori Ismatulloi Zuhurzoda
Senior Teacher of the Department of Finance, Customs, Law and Foreign Languages
Danghara International Institute of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan
Republic of Tajikistan, Danghara District, Ismat Sharif St., 3
E-mail: zuhurzodabz90@gmail.com

ТДУ 811.222.1'373.2:582

ХУСУСИЯТҲОИ СЕМАНТИКИИ НОМИ РУСТАНИҲОИ ШИФОБАХШ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Бидонов М. Х., Ашуров Н. М.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқаддима. Рустаниҳои шифобахш яке аз қадимтарин воситаҳои табобатии инсоният буда, дар ташаккули фарҳанг, ҷаҳонбинӣ ва таҷрибаи зиндагии халқҳо нақши муҳим доранд. Номҳои ин гурӯҳи рустаниҳо дар баробари аҳаммияти ботаникӣ ва тиббӣ доштан, хусусиятҳои забонӣ, этномадании ҷомеа ва тарзи дарки муҳити атрофро низ инъикос менамоянд. Аз ин рӯ омӯзиши хусусиятҳои номинатсионии рустаниҳои шифобахш яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносии муосир, бахусус номшиносӣ ва лингвомаданиятшиносӣ ба ҳисоб меравад.

Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ рустаниҳои шифобахш бо номҳои гуногуни илмӣ ва мардумӣ ифода меёбанд. Ин номҳо дар натиҷаи равандҳои таърихии рушди забон, таъсири омилҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва маърифатӣ ба вуҷуд омадаанд. Қисми зиёди онҳо дар асоси хусусиятҳои зоҳирӣ, таъсири шифобахш, макони сабзиш, шабоҳат ба инсон ё ҳайвонот ва дигар аломатҳои фарқкунанда номгузорӣ шудаанд.

Мавод ва усули тадқиқот. Дар забоншиносии муосир масъалаи номгузорӣ яке аз самтҳои муҳимми таҳқиқоти лексикологӣ ва ономасиологӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ барои тадқиқоти масаъалаи мазкур аз маводҳои зерин истифода карда шуд: Зоҳидов Ҳ. “Канзи шифо”, Нуралиев Ю. Н. “Лекарственные растения. Целебные свойства фруктов и овощей”, Ходжиматов М. «Дикорастущие лекарственные растения Таджикистана» Кузнецова М. А. “Сказания о лекарственных растениях”, А. В. Суперанская “Общая терминология», Анненков Н. И. “Ботанический словарь” ва дигарон.

Дар раванди таҳқиқот мавод бо мақсади таъмини дақиқӣ ва боэътимодӣ аз рӯйи меъёрҳои муайян интихоб ва гурӯҳбандӣ карда шуд. Ҳар як воҳиди лексикӣ аз ҷиҳати маъно, сохтор ва вазифаи номинативӣ мавриди омӯзиш қарор гирифт.

Барои иҷрои вазифаҳои таҳқиқотӣ як қатор усулҳои илмии забоншиносӣ истифода бурда шуданд. Аз ҷумла, **усули тавсифӣ** барои шарҳи хусусиятҳои лексикӣ ва семантикии номҳои рустаниҳои шифобахш, **усули муқоисавӣ** барои муайян намудани умумият ва фарқиятҳои номгузорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, инчунин **усули таҳлили семантикӣ** барои ошкор намудани сохтори маъноии воҳидҳои забонӣ истифода гардид. Илова бар ин, **усули этимологӣ** барои таҳқиқи пайдоиш ва таърихи ташаккули баъзе номҳои рустаниҳо ба кор бурда шуд. Ҳамчунин **усули таҳлили компонентӣ** барои ҷудо ва баррасии ҷузъҳои маъноии калимаҳо ва **усули муқоисаи тарҷумавӣ** барои муайян намудани муодилҳои байнизабонӣ истифода гардид.

Натиҷаҳо ва муҳокима. Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки номгузории рустаниҳои шифобахш дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дорои хусусияти ангезавӣ буда, ба таҷрибаи амалии инсон ва дарки ӯ аз муҳити табиӣ такя мекунад. Тавре ки А. В. Суперанская таъкид менамояд, номгузорӣ натиҷаи фаъолияти маърифатии инсон буда, дар он дониш, таҷриба ва ҷаҳонбинии мардум инъикос меёбад [9, с. 20]. Аз ин рӯ, номҳои рустаниҳои шифобахш на танҳо вазифаи номбаркунӣ, балки вазифаи фарҳангӣ ва маърифатиро низ иҷро менамоянд.

Маълум гардид, ки қисми зиёди номҳои мардумӣ дар асоси хусусиятҳои зоҳирӣ ва функсионалии рустаниҳо ба вуҷуд омадаанд.

Ин натиҷа ба ақидаи Т. Н. Иванова мувофиқат мекунад, ки вожаро воситаи асосии номинатсияи ашё ва ҳодисаҳои воқеият медонад [4, с. 239]. Дар ҳақиқат, аксари номҳои таҳлилшуда хусусиятҳои хоси рустаниҳоро инъикос намуда, барои фарқгузории онҳо аз дигар намудҳо хизмат мекунанд.

Муқоисаи маводди забонӣ нишон медиҳад, ки новобаста аз фарқиятҳои сохтории забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, бисёр принсипҳои номгузорӣ хусусияти умумизабонӣ ва умумимаърифатӣ доранд. Ин ҳолат аз ягонагии таҷрибаи маърифатии инсон ҳангоми дарки олами наботот шаҳодат медиҳад. Ҳамзамон, мавҷудияти номҳое, ки ба урфу одат, эътиқод ва фарҳанги миллӣ вобастаанд, хусусиятҳои этномадании ҳар як халқро инъикос менамояд. Ин натиҷаҳо бо андешаҳои Ю. Нуралиев, Ҳ. Зоҳидов, К. Ҳайдаров ва Ҷаҳони Азонзод дар бораи

робитаи зичи номҳои рустаниҳо бо таҷрибаи тибби мардумӣ ва фарҳанги миллӣ ҳамоҳанг мебошанд [3; 7; 13; 14].

Дар асоси ақидаҳои забоншиносон метавон гуфт, ки истилоҳи «рустаниҳои шифобахш» мафҳуми сермаъно буда, дорои муродифҳои зиёде аст. Ба ҷуз мафҳуми номбурда, дар айни замон, онро «гиёҳҳои дорӯӣ», «гиёҳҳои давоӣ», «гиёҳҳои муолиҷавӣ», «гиёҳҳои шифобахш», «рустаниҳои дорӯӣ», «рустаниҳои давоӣ», «рустаниҳои муолиҷавӣ», «алафҳои шифобахш», «алафҳои дорӯӣ», «алафҳои муолиҷавӣ» низ номидан мумкин аст.

Ба шумори рустаниҳои шифобахш асосан гиёҳҳои худрӯй ва коштанӣ, ки фақат барои табобати захму бемориҳои гуногун ба кор мераванд, дохил мешаванд: *адрасмон, испанд, дармана, бобуна, чойкаҳак, бӯймодарон, зуф, печак, газна, гули хайрӣ* ва ғ. Ба ғайр аз ин гурӯҳҳои алоҳидаи гиёҳҳоро, ки одатан инсон ба мақсадҳои дигар истифода мебараду мувофиқи тасаввуроти ӯ бевосита рустаниҳои шифобахш шуморида намешаванд, низ дар тибби мардумӣ фаровон истифода мебаранд. Аз ин рӯ олимони соҳаи тиб, аз он ҷумла донишмандони тоҷик Ю. Нуралиев, Ҳ. Зоҳидов, [3, с. 10]: К. Ҳайдаров, Ҷаҳони Азонзод ва дигарон дар таҳқиқоти худ онҳоро низ ба қатори рустаниҳои шифобахш дохил кардаанд [13, с. 17]:

1. Дегафзорҳо аз тухму баргу появу решаи гиёҳҳо, ки ҳамчун илова ба таркиби ғизоҳои рӯзмарраи мардумон даромадаанд: *зира, кашнич, шибит, зирк, қоти сиёҳ, вешим, ғор, дорчин, мурч, қаламфур, испанох, шулха, райҳон* ва ғ.

2. Рустаниҳои техникӣ, ки узвҳои алоҳидаи онҳо пас аз коркарди саноатӣ ҳамчун маҳсулоти хӯрокӣ истифода мешавад: *зағир, индов, пахта, кунҷид, маъсар, настаран, пиёзи ансул, занҷабил* ва ғ.

3. Донишмандони риштаи гиёҳдармонӣ, ки аз онҳо дар боло ёд кардем, ба хусус Нуралиев Ю., инчунин вижагиҳои дармонбахшии барг, мева, тухму дон, тана, пӯстлоху решаи гиёҳҳои алафӣ ва дарахту буттаҳоеро, ки ҳосилашон ғизои анъанавӣ аст, зикр намуда, онҳоро ҳамчун рустаниҳои шифобахш номбар мекунанд. Чунончи: *ангур, анор, анҷир, арзан, бодом, боқило, гандум, гелос, олуболу, бодинҷон, бодиринг, офтобпараст* ва ғ.

4. Гиёҳҳои заҳрнок, аз қабили: *бангидевона, банҷ, беданҷир, бедгул, бодоми талх, кӯкнор, кучула, лолахасак, шавкарон* ва ғ. Чунки ба хулосаи муҳаққиқон аксари гиёҳҳои заҳрнок дорои пайвастагиҳои кимиёие ҳастанд, ки хусусияти шифоӣ доранд.

Хусусиятҳои умумии номинатсионии рустаниҳои шифобахш дар таснифоти олимон.

«Вожа ҳамчун воситаи номинатсияи (номгузории) пеш аз ҳама ашё ва ҳодисаҳост» – таъкид мекунад забоншинос-англисшиноси рус Т. Н. Иванова [4, с. 239]. Номи рустаниҳо, ба вижа рустаниҳои шифобахш, дар байни мардум хеле маъруфанд ва аз замонҳои бостон то имрӯз қариб, ки бетағйир корбурд мешаванд. Чунки бештари онҳо барои инсон на танҳо сарчашмаи ғизо буданд, балки боз барои табобати одамон ва ҳайвоноти хонагӣ аз решу захм, газидагию шикастагӣ ва бемориҳо ба кор мерафтанд. Азбаски «номгузорӣ бо вижагиҳои равонӣ ва ҷаҳонбинии номгузор алоқаманд аст» [9, с. 20], дар ҳар маҳал боз номҳои маҳаллии рустаниҳои шифобахш мавҷуд буданд, ки аз номҳои китобӣ-илмӣ фарқ доштанд. Дар натиҷа дар забони ҷудогона барои як рустанӣ варитаҳои ниҳоят зиёди номҳо ба вуҷуд меомаданд, ки ҳаргиз қобили қабул набуд. Ин рӯйдод дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ низ мавҷуд буд ва ин раванд ҳанӯз давом дорад. Масалан, варитаҳои номи **ангат** (Hippophae rhamnoides L.) дар забони тоҷикӣ: *ангад, ангаз, ангак, ангед, ангид, ангакхор, ангатхор, гулкитак, палоҷ, сангор, сафедхор, сарканак, чунг, хингбед, хиншуд, хори ангак, хори ангад, хори сафед, хори чангак, хори ҷангал, ҷинхор* [12, с. 197].

Ё ки варитаҳои номи **jimsonweed** «банги девона» (Datura stramonium L.) дар забони англисӣ: *thornapple, Jimson weed, Jimson-weed datura, thora apple, stramonium, devil's cucumber, devil's snare, devil's trumpet, devil's weed, moonflower, Thorn-apple, zombie cucumber* [2, с. 8].

Аз ин рӯ ба низоми ягона даровардани номгузорӣ ва таснифоти мукаммали номгӯйи набототи курраи Замин ҳамеша дар мадди назари донишмандони риштаи рустанишиносӣ буд ва ҳаст.

Номгузории умумӣ ва таснифи ҳамаҷонибаи наботот бар асоси забони лотинӣ аз тарафи Карл Линней (1707-1078) сурат гирифтааст. Азбаски аксари номҳои маълуми рустаниҳо ҳанӯз аз давраҳои атиқа (Юнони бостон, Руми бостон) ба забонҳои юнонию лотинӣ шакл гирифта буданд, зарурати номгузории рустаниҳои нав кашфшуда ба миён омад. К. Линней бар замми таснифи номгӯйи рустаниҳои ба илми замонаш маълум, инчунин аз забонҳои дигар истилоҳоти заруриро ба лотинӣ тарҷума карда номҳои нав сохтааст, ки аз ҷиҳати вожаву иборасозӣ аз амсилаҳои пешинаи лотинӣ фарқе надоштанд. Зеро ин номҳо бо

номи қаҳрамонон ва рӯйдодҳои асотири юнонию румӣ вобаста буданд. Ҳамин тавр, дар садаи нуздаҳуми милодӣ номгузории байналмилалии лотинӣ дар илми ботаника комилан шакл гирифт. Номҳои илмии лотинии гиёҳҳои шифобахш асосан аз як вожа иборат мешавад, агар фақат мафҳуми зод (ҷинс)-ро ифода кунад: *Solanum L.* «сагангур», *Adonis L.* «адрасмон», *Matricaria L.* «бобуна», *Amygdalus L.* «бодом», *Crataegus L.* «дӯлона» ва ғ. Чӣ хеле ки гуфтем, мафҳумҳои ҷинсии бархе аз номҳои лотинӣ бо асотири Юнону Рими бостон, махсусан бо номҳои худоёну қаҳрамонон вобаста аст. Масалан, *Achillea L.* «бӯймодарон» бо номи паҳлавони юнонӣ Ахиллес, *Adonis L.* «адрасмон», ба ҷавони зебо, набераи шоҳи Кипр Адонис, *Amygdalus L.* «бодом» бо номи олиҳаи навҷавону шармгини финикӣ Амигдала, *Mentha L.* «пудина» бо номи нимхудо (нимфа) Минта, *Artemisia L.* «афсантин» ба қавле ба номи олиҳаи Юнон Артемида робита дорад. Ба қавли дигар истилоҳи *Artemisia* аз номи маликаи Кария – Артемизия, ки аз корбурди афсантин аз беморӣ шифо ёфта буд, ба вуҷуд омадааст. Дар асл бошад, ин истилоҳ аз вожаи юнонии *artemes* «солим» пайдо шудааст [6, 207]. Ҳамин тавр, *Crataegus L.* «дӯлона» аз юнонии *cratanos* «пурзӯр, пойдор»; *Datura L.* «банги девона» аз форсии *тотура* «банги девона»; *Urtica L.* «газна» аз лотинии *urere* «сӯзондан»; *Allium L.* «пиёз» аз келтии *all* «сӯзонанда» пайдо шудааст. *Rosa L.* «садбарг, гули сурх» ба қавле аз форсии бостон **varada-* «гули сурх» ба юнонӣ гузашта *rhodon* шудааст ва аз юнонӣ ба лотинӣ гузашта ба *rosa* табдил ёфтааст. Ба қавли дигар аз номи ҷазираи Родос ё ки аз вожаи келтии *rhodon* «сурх» баромадааст [6, 215]. Номҳои илмии лотинии гиёҳҳои шифобахш мувофиқи номенклатураи бинарии Линней аз ду вожа иборатанд ва ҳамзамон мафҳуми зоду намудро ифода мекунанд. Аз ин рӯ, истилоҳоти илмӣ дар забони лотинӣ бо номҳои дуҷузъа пешниҳод мегарданд, ки дар он мафҳуми зод бо исм ва тавсифи намуд бо сифат ифода мегардад: *Solanum nigrum L.* «сагангури сиёҳ», *Adonis turkestanicus L.* «адрасмони туркистонӣ», *Matricaria suaveolens L.* «бобунаи хушбӯй», *Amygdalus communis L.* «бодоми муқаррарӣ», *Crataegus oxyacantha L.* «дӯлонаи хордор». Дар ин ҷо, масалан, «сагангур» – номи зод, яъне номи умумии ин рустанӣ буда, «сиёҳ» – тавсифи намудии он аст. Яъне «сагангури сиёҳ» намуде аз «сагангур» аст.

Дар номгузории лотинӣ дар баробари номҳои дуҷузъа номҳои нисбатан мураккабтар вомехӯранд, ки бо атрибутивҳои дорои варитаи шакл ва навъи рустаниҳо пешниҳод мешаванд. Масалан: *Amygdalus communis var. amarus* «бодоми муқаррарии талх», *Amygdalus communis var. dulcis* «бодоми муқаррарии ширин», *Amygdalus communis var. fragilis* «бодоми муқаррарии зудшикан», *Capsicum frutescens var. grossum* «қаланфури бисёрсолаи ширин» ва ғ.

Дар номҳои илмии рустаниҳо унвони муаллифоне, ки номи таксонро кашф кардаанд, нишон дода мешавад. Масалан: *Artemisia absinthium L.* «афсантин», *Artemisia turanica Krasch.* «шибоғ», *Allium giganteum Rgl.* «хурёк». Дар ин мисолҳо номҳои мусаннифон К. Линней, И. М. Крашенников ва Э. Л. Регель дар шакли кӯтоҳ зикр шудаанд. Баъзан дар номи рустаниҳо номи ду мусанниф омаданаш ҳам мумкин аст, он гоҳ номи мусаннифи нахустин дар қавсайн оварда мешавад: *Nuphar lutea (L.) Smith.* «нилуфари зард». Яъне мусаннифи нахустин К. Линней буда, афзалияти ӯро мусаннифи дуюм Т. Смитинанд тасдиқ карда, насаби худро илова намудааст.

Хусусиятҳои номинатсионии рустаниҳои шифобахш дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ.

Рустаниҳои шифобахши забони тоҷикӣ дар тибби анъанавии классикӣ ва имрӯза хеле номҳои арабӣ, ҳиндӣ ва юнонию лотинӣ доранд, ки дар ин миён номҳои юнонию лотинӣ тавассути забони арабӣ иқтибос шудаанд. Дар забони англисӣ ҳам номҳои юнонию лотинӣ бисёранд, вале иқтибоси ин номҳо аввал тавассути забони фаронсавӣ ва сипас бевосита аз лотинӣ сурат гирифтааст.

Дар забони англисӣ, ба ғайр аз иқтибос аз забонҳои дигар, ду роҳи асосии номгузории рустаниҳо мавҷуд аст, ки барои забони тоҷикӣ низ мувофиқ аст:

1) номгузорӣ ба тарзи бевосита;
2) номгузорӣ ба тарзи муштарак (бо маҷоз, транспозитсия ва ғ.).

Номинатсияи гиёҳҳои шифобахш ба тарзи бевосита дар асоси нишонаҳои ангезавии зерин сурат мегирад:

ифодаи ранг (*зардиспанд, гулзардак, гули зардак, сиёҳбодом, сиёҳарча, сурхарча, бехдору, бехи сафед, сафедбех, сафедхор, хори сафед, хингбед, сиёҳавранҷ, сафедван, бехи сафед, сафедбех, решаи сафед, сафедреша, сафедзира, зираи сафед, сиёҳҷорӯб, сурхшибоғ, сурхшивоқ, афшони сурх, дӯлонаи сурхак, ёсумани сафед, зардчӯба, зардчой, зилоли сурх, сурхак, сиёҳол, зираи сиёҳ, қоти сиёҳ, сиёҳқот, момисои сурх, сиёҳолу, баҳмани сурх, гулранг, гулобӣ, пупанохи зард, сурхмарв, зардак, шабри зард, сапедфоғира, занбаки сапед, камбаки*

сапед, савсани осмонгунӣ, гули сурх, гулисурх, сурхгул, себаргаи сурх, себаргаи сафед, сиёҳак, сияҳак, сиёҳалаф, сиёҳдона, сурхбарг, бехи зардрӯй, тахачи сафед, сафедтахач, гули хайрии сурх, гули кабудак, осмонгулак, сурхҷорӯб, шибоғи сафед, сафедшибоғ, сурхчӯба, сурхпой, хокистарак, black nightshade, black-berried nightshade, black henbane, white lipped aconite, black myrobalan, white weed, yellow horn poppy, yellow gentian, black mulberry, yellowcup);

таъсири давоӣ (*сафрогиёҳ, кирмрез, алафи гармича, дилафрӯз*);

соҳаи корбурд (*нишоллобех, собунак, собуналаф, собунакбех, собунакгиёҳ, дастапечак, пиллапечак, печаки пилла, печаки дастагӣ, бушоли ғизоӣ, ошкаду, палавкаду, чӯпончой, рафидахор, нонхоҳ, ширеш, сиреш, medicinal fennel, soap wort*);

захрнокӣ (*харзаҳра, марги моҳӣ*);

хӯроки ҷонварон ё парандагон (*олучаи хирсак, алафи гунҷишк, гунҷишкгиёҳ, хӯрди пилон*);

огоҳӣ аз хатар (*банги девона, алафи газанда, сӯзанда, газанда, почадарон, забонсӯзак, забонсӯзонак, сагкуш, мастак, мастӣ, часпак, эзорчаспак, часпакхор, часпакхор, говкушак, zombie cucumber, stinging nettle*);

шабоҳат бо андоми ҷонварон ё парандагон (*мӯрчагул, пойзоғ, парчазоғ, бандкана, канадона, канакунҷид, бобунаи говак, бобунаи говчашм, кукухор, хори куркурикаррок, канаалаф, кайкалаф, говдума, думи гов, думговак, говдум, думи говак, думговӣ, говзабон, хори сагак, сагакхор, гули сӯфитурғай, филгӯш, забони барра, гӯши хар, гӯши хирс, харгӯшак, гули харгӯшак, харгӯш, сагпистон, думи асп, думасп, аспдумак, пойи кафтар, мӯрчахор, мӯрчахорак, чашми гӯсола, гӯсолачашмак, чашми гов, гули говак, шабушак, шутурпой, шутурпай, сапали шутур, ox-eve daisy, horse beans, dogwood, lamb's foot, colt's foot, ass's foot, cat's foot, crowfoot,*);

шабоҳат ба андоми инсон, антропоморфизмҳо (*каллакарам, майвизачи ришдор, мардумгиёҳ, гули одамрӯ, кампиргулак, панҷангушт, панҷагул, чанголак, алафи чанголак*);

шабоҳат ба рустаниҳои маъмул (*гандумак, ҷавак, ҷавзак, мурудбурс, зардолубурс, хорғӯза, ғӯзахор, ғӯзахорак, зағиргиёҳ, зағиркаҳак, зағирак, кунҷидак, кӯкноргиёҳ, шамшодгулак, сарв-арча, thorn-apple, тутак, тутғӯзук, тутғӯзак, сиёҳтутак, удбурс, саврак, шалғамак, талхагулак, гули гандум, кадубарг*);

зооморфизмҳо барои ифодаи нишонаҳои «қалбакӣ», «ёбоӣ», «дурӯғин» (*сагангур, ангури сагак, рӯборазак, рӯбоҳангур, рӯбоҳтурбак, алафи қурбоққа, болиштаки хирс, гули гург, говҷорӯб, чатри мор, девкулоҳ, кафши аҷина, бодиринги ҷайра, гули қурбоққа, ҷайрабодиринг, шири харак, ширихарак, чойихарак, гули барра, ширгулак, ҷомаи ғук, ҷулвазағ, мушхор, хори муш, хирсгиёҳ, гиёҳи хирс, девсупуст, нони калоғ, харбузаи сагак, харбузаи рӯбоҳ, шилхаи сагак, ширсаг, hound's berry, devil's-flax, toadflax, milk vetch, milk vetch root, tragacanth milk vetch, horse sorrel*);

шабоҳат бо чизҳое, ки ба ҳаёти инсон алоқаманданд (*бандваш, сабадсарак, сабадгул, тасбеҳак, сӯзанак, сӯзанкаҳ, гаҳворакаду, кулоҳгул, кулоҳгулак, сипарчагул, пардаарусак, аруси пуштпарда, ресмони бенавоён, мехак, гули мехак, мехчагул, ширмолқурут, латтахор, атргул, тугмачагул, панирак, гули панирак, гули тугма, ҷӯгихалта, халтаи лӯлӣ, сабадчагул, butter-and-eggs, shepherd's bag, shepherd's purse, shepherd's scrip, shepherd's sprout, pepper-and-salt, pick-pocket, pick purse, poor man's parmacettie, buttercup*);

макони сабзиш (*хори ҷангал, гулхайрии даштӣ, лалмипудина, ҳулбаи кӯҳӣ, пудинаи кӯҳӣ, пудинаи ҷабалӣ, бозрӯйи кӯҳӣ, райҳони кӯҳӣ, сарви кӯҳӣ, мурчи обӣ, қаламфури обӣ, пилпили обӣ, фулфули обӣ, пудинаи боғӣ, ҳулбӯйи обӣ, зардаки саҳроӣ, газари даштӣ, сабзии саҳроӣ, себаргаи чаманӣ, сиреши кӯҳӣ, марминҷони боғӣ, пудинаи даштӣ, Bunge mountain mint, garden balm, water pepper, marsh-pepper, arctic root, sea poppy, field caraway, garden cress,*);

тарзи сабзиш (*пудинаи лалмӣ, маҳсари ёбоӣ, сабзии худрӯй, сабзии ёбоӣ*);

нишонаҳои миқдорӣ (*ҳафтбанд, садпайванд, садпайвандак, шашкокул, гули дуранг, гули дурӯ, гули дуоташа, себарга, ҳазорсарак, ҳаштдаҳон,чилбанд, чилбуғум, ҳазорчашм, чормағз, дарахти чормағз, гули дурӯ*);

нишонаҳои сифатӣ (*зарингиёҳ, гармдору, зуфои хушк, пистаи хандон, паҳнбарг, ситораи хунукак, чӯбдона, golden root*);

шакл (*лӯндакзира, каҷакгул, каҷгулак, гули гарданкаҷ*);

андоза, бузургӣ (*говпечак, great mullein, great nettle, big-sting nettle*);

маза, бӯй (*бодоми талх, бодоми ширин, бӯгинакҷорӯб, бӯгинак, бушоли хушбӯй, пӯши бӯгин, бӯёнак, мушкбӯя, мушкинбӯй, нозбӯ, дори ширин, ширинбӯя, ширинбех, ширинбия, ширинмия, суси ширин, суси талх, талхак, талхакбӯя, шӯргиёҳ, шӯрхома, ширинкаҳ, кадуи талх, талхаккаду, bitter almond, ҷавзбӯё, ҷавзи бӯё, туршак, туруша, тезуған, ширинуған*);

қобилияти хориҷ кардани моддаи моеъ, нигоҳ доштани намӣ (*ширгиёҳ, ширгиё, гиёҳи ширдор, тармева, ширак, исфедакшир*);

амали худвижа (*офтобгардон, офтобпараст, сангдавак, роҳдавак, раҳдавак, офтобпарастак, хурпараст, офтобгардак*);

этноним ва топонимҳо (*розиёнаи румӣ, дарманаи румӣ, дирамнаи румӣ, шиҳи румӣ, ҷавзи мисрӣ, беди тӯронӣ, бодиёни чинӣ, бушоли олтойӣ, мугулчой, зираи форсӣ, зуфои мисрӣ, зираи румӣ, кулоҳгули ҳисорӣ, ҷавзи ҳабаша, росани шомӣ, занҷабили шомӣ, чиннигул, кабобаи чинӣ, гули форсӣ, гули раштӣ, тути фарангӣ, карафси румӣ, Armenian sweatweed, Armenian marsh-mallow, Indian almond, Chinese anise, Oriental sesame, British inula, English walnut, Black Sea walnut*);

антропонимҳо (*бобоодам, ҳасанак, ҳасани маст, райҳони сулаймонӣ, сикандар, искандарус, маҷнунбурс, харбузаи абуҷаҳл, ҳиндувонаи абуҷаҳл, Jimson weed, Jimson-weed datura, Bunge mountain mint, Jacob's ladder, Lady's purse*);

шугун, бовар, маросим ва ривоятҳои мардумӣ (*ҷинхор, аҷинахорак, шонаи аҷина, шайтонкоса, алафи балогардон, ҳазориспанд, хонасӯзак, дегкафонак, devil's cucumber, devil's snare, devil's trumpet, devil's weed, Jupiter's bean, palma Christi, Saint-Mary thistle, Lady's thistle, Marian thistle, Mary thistle, St. John's wort, perforate St. John's wort, common St. John's wort, witches herb, witches pouches*);

муносибат ва тавсифҳои хешутаборӣ, ҷинсӣ ва ғайраи одамон (*падарарусак, son-before-father, mother's heart*).

Номинатсияи гиёҳҳои шифобахш ба тарзи муштарак бо маҷоз (метафоризация ва идиомизация) дар забонҳои муқоисашаванда аз якдигар қариб фарқе надоранд. Ин роҳи номгузорӣ на бо номҳои аз рӯйи тарзи мавҷудияти рустаниҳо баромада, балки бештар бо номҳои аз рӯйи намуди зоҳирии объект ташаккулёфта алоқаманданд. Аз ҳамин сабаб гӯё ба назар мерасад, ки номҳои маҷозӣ ва хусусиятҳои ростинаи (реалии) рустаниҳо бо ҳам робитае надоранд. Масалан, дар забони англисӣ: *forget-me-not* (айнан: маро фаромӯш накун) – «марзангӯш, Myosotis micrantha Pall. ex Lehm.», *flame nettle* (айнан: газнаи оташгун) – «колеус (рустании бисёрсолаи гиёҳӣ ё буттагӣ аз лабгулҳо, ки дар кишварҳои гармсер мерӯяд ва аз лӯндабехаш нишоста мегиранд; дар кишвари мо рустании ороишӣ аст), Coleus forskohlii», *venus'slookingglass* (айнан: оинаи Зуҳра) – «оинаи Зуҳра, легузия (рустании яксолаи ороишӣ аз минтақаи баҳри Миёназамин), Legouzia speculum-veneris (L.) Chaix.», *ox-eye daisy* (айнан: гули марворидаки барзаговчашм, гули минои барзаговчашм) – «бобунаи говак, бобунаи говчашм, Leucanthemum vulgare Lam», *snap-dragon* (айнан: гази аждар) – «аждардаҳон, гули хандон, антирринум, Antirrhinum orontium L.», *cupid's dart* (айнан: тири Купидон) – «катананхе (рустании яксолаи ороишӣ аз минтақаи баҳри Миёназамин), Catananche lutea L.», *arrowroot* (айнан: тир+реша) – «маранта (рустании гармсер, ки аз решааш нишоста – крахмал мегиранд, Maranta arundinacea L.), аррорут (arrowroot) – орди нишоста, ки аз решаи банан, маранта, маниок ва ғ. мегиранд», *unicorn-plant* (айнан: гиёҳи яккашох) – «ноҳуни иблис, мартиния (гиёҳи яксолаи шифобахш, ки дар кишварҳои гармсер мерӯяд), Martynia annua», *butterfly-pea* (айнан: шабпарак+нахӯдак) – «клитория (рустании ҳамешабаҳори гармсер; ороишӣ ва шифобахш аст), Clitoria ternatea L.», *hare's-foot clover* (айнан: себаргаи пойи харгӯш) – «себаргаи киштзор (танҳо дар Аврупо мерӯяд), Trifolium arvense L.» [2, с. 5].

Аз ин мисолҳо бармеояд, ки баъзе аз номгузориҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ба ҳам мувофиқат мекунанд: *ox-eye daisy* (гули минои барзаговчашм) – *бобунаи говчашм*, *snap-dragon* (гази аждар) – *аждардаҳон*.

Дар забони тоҷикӣ бахши бузурги номҳои рустаниҳои дорӯй тавассути маҷоз ба вуҷуд омадаанд. Бояд гуфт, ки дар ташаккули ин гуна номҳо маҷоз бо тамоми намудҳояш: истиора (метонимия), маҷоз (метафора), маҷози мурсал (синекдоха) ба кор рафтааст. Масалан: *пойзоғ* (адрасмон), *сарканак* (ангат), *хорогӯш* (афсантин), *косаи гадо* (банҷ), *гурбабед* (бед), *бӯймодарон*, *офтобпараст*, *сагкуш* (забонсӯзонак), *филгӯш* (зӯф), *забони барра* (зӯф), *гӯши хар* (зӯф), *ширихарак* (коҳу), *чойихарак* (коҳу), *хонасӯзак* (қоқу), *дегкафонак* (қоқу), *думи говак* (говдум), *говзабон* (говдум), *марги моҳӣ* (говдум), *ҳасани маст* (говдум), *бобоодам* (мушхор), *ҷомаи ғук* (обсабз), *ҷулвазағ* (обсабз), *панҷангушт*, *пардаарусак*, *пойизоғ* (парпӣ), *роҳдавак*, *раҳдавак* (роҳдавак), *девзабон* (роҳдавак), *саломалек*, *саломалайкум* (саломалек), *мӯбофак* (тугмачагул), панирак (тугмачагул), ҳаштдаҳон (тугмачагул), бобонаррак (хома), *дегчашинонак* (хома), *халтаи лӯлӣ* (ҷағ-ҷағ), *аспдумак* (чилбанд), *пойи кафтар* (чилбанд), *ҳазорчашм* (чойкаҳак) [3, с. 15].

Дар номинатсияи рустаниҳои шифобахши забонҳои ва англисӣ рӯйдоди лингвистии *транспозитсия* арзи вуҷуд дорад. Транспозитсия (*лот*. «ҷойивазкунӣ, ҷойбадалкунӣ») дар

забоншиносӣ гузаштани воҳидҳои луғавӣ аз як ҳиссаи нутқ ба дигараш бо нигоҳ доштани маънои лексикӣ аст [11, с. 164]. Ҳангоми таҳлил зуҳуроти зерини транспозитсионӣ мушоҳида гардид: 1) ҷойивазкунии ҷузъҳо дар истилоҳҳои мураккаб ва ибораҳо, ва 2) ташаккул ёфтани номҳо дар пояи ибораҳои *вожагардонишуда*ро мефаҳмонад. Инҳо ибораҳои исмшуда (субстантивизированный) мебошанд, ки дорои алоқаи дохилии синтаксисӣ, бо задаи ягонаи асосӣ бар ҷузъи синтаксисии забардаст ва дорои тартиби вобастаи вожаҳоанд.

Бояд гуфт, ки намуди аввали транспозитсия дар номҳои рустаниҳои шифобахши забони англисӣ мушоҳида нагардид. Бинобар ин оиди намуди дуюми транспозитсия – вожагардонӣ гуфтугӯ хоҳем кард.

Дар асл *вожагардонӣ* (лексикализация) табдил ёфтани унсури алоҳидаи забон (решаву асосҳо, вожагунаҳо) ё ки таркибу ибораҳо ба вожаи ҷудогонаи мустақилмаъно мебошад. Ё ки ин унсурҳо ба воҳиди устувори фразеологӣ – ибораи рехта (идиома) ё фразеологизм, ки ҳамчун муодили вожаи ҷудогона хизмат мекунад, табдил меёбанд. Дар рафти ташаккули номҳо «вожагардонӣ (лексикализатсия) ва маҷоз (идиоматизатсия) саранҷом мустақилияти семантикии онҳоро таъмин мекунанд» [11, с. 144-145].

Маънои луғавии фразеологизме, ки дар раванди вожагардонӣ ташаккул ёфтааст, аз маънои луғавии бахшҳои таркибиаш фарқ мекунад. Дараҷаи фарқият метавонад ба таври фарох гуногун бошад, яъне агар маҳсули вожагардонӣ ибораи рехта (идиома) бошад, маънои он аз маънои бахшҳои таркибиаш барнамеояд. Вале агар маҳсули вожагардонӣ таъбири фразеологӣ бошад, он гоҳ маънои он аз маънои бахшҳои таркибиаш бармеояд.

Акнун барои таъбирҳои фразеологӣ мисол меорем ва нишон медиҳем, ки маънои таъбир аз маънои вожаҳои таркиби он бармеояд: *flame nettle* (колеус): маънои *flame nettle* «газнаи оташгун» аст, *колеус* як навъ рустании газнамонанд мебошад ва он «газнаи оташгун» аст. Ҳамин гуна, маънои *ox-eye daisy* «гули минои барзаговчашм» навъе аз бобуна аст ва он «бобунаи говчашм» мебошад. Дарвоқеъ номи «бобуна говчашм» низ худ таъбири фразеологист ва навъе аз «бобуна»-ро мефаҳмонад.

Ин тарзи номинатсия дар худ ҳолатҳои романтикиро низ таҷассум мекунад, ки аз эҳсосот бармехезад ва он чун анъана бо сиғаи амрӣ ифода мегардад. Чунончи, *love-in-a-mist* (айнан: тормеғро дӯст доред) «сиёҳдона, Nigella damascena L.», *love-lies-bleeding* (айнан: дурӯғи хуншорро дӯст доред) «матинҷи думдор, Amaranthus caudatus L.», *look-up-and-kiss-me* (айнан: ҷустуҷӯ кунед ва маро бибӯсед) ё ки *jump-up-and-kiss-me* (айнан: биҷаҳед ва маро бибӯсед) «гули одамрӯ, Viola tricolor L.» [2, с. 11]; [7, с. 164].

Ҷойивазкунии ҷузъҳои номҳои таркибиро дар мисоли забони тоҷикӣ вижагиҳои худро дорад. Яъне дар номҳои рустаниҳои шифобахши забони тоҷикӣ транспозитсия бо ҳама гуногуниҳояш мушоҳида мегардид. Нахуст ҷойивазкунии ҷузъҳоро дида мебароем:

1. Дар ин намуди транспозитсия ҷузъҳои номҳои мураккаб ҷойи худро иваз мекунанд, вале маънои луғавӣ бетағйир мемонад: *говдума – думговак* (Verbascum thapsus L.), *гулхайрӣ – хайригул* (Althaea officinalis L.), *гулхор – хоргул* (Rosa fedtschenkoana Regel.), *пойзоғ – зоғпоя* (Gentiana Olivieri Griseb.), *хорғӯза – ғӯзахор* (Xanthum strumarium L.) [12, с. 97].

2. Бо ин роҳи сарфию наҳвӣ тариқи ҷойивазкунии ҷузъҳо ибораи изофӣ ба исми мураккаб табдил меёбад: *бодиринги ҷайра – ҷайрабодиринг* (Capparis spinosa L.), *гиёҳи хирс – хирсгиёҳ* (Tordylium officinale L.), *гули мехак – мехчагул* (Dianthus barbatus L.), *гули сурх – сурхгул* (Rosa damascena Mill.), *гули хайрӣ – хайригул* (Althaea officinalis L.), *гӯши хар – харгӯш* (Plantago major L.), *думи асп – аспдумак* (Equisetum arvense L.), *думи гов – говдум* (Verbascum thapsus L.), *зираи сиёҳ – сиёҳзира* (Carum carvi L.), *кадуи талх – талхаккаду* (Citrullus colocynthis (L.) Schrad), *печаки дастагӣ – дастапечак* (Convolvulus subhirsutus Regel et Schmalh.), *тахачи сафед – сафедтахач* (Artemisia sieversiana Willd.), *хори муш – мушхор* (Arctium tomentosum Mill.), *хори сагак – сагакхор* (Bidens tripartita L.), *хори хасак – хасакхор* (Tribulus terrestris L.), *чашми гӯсола – гӯсолачашмак* (Centaures cyanus L.), *шибоғи сафед – сафедшибоғ* (Artemisia leucodes Shrenk) [12, с. 48]; [14, с. 246];.

Вожагардонӣ дар забони тоҷикӣ низ ба тариқи маҷоз сурат мепазирад. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар номҳои рустаниҳои шифобахши забони тоҷикӣ ибораҳои рехта (идиомаҳо) мавқеи асосӣ доранд.

Дар мисолҳое, ки дар боло оварда будем, намунаи идиома инҳоянд: *марги моҳӣ* (говдум), *косаи гадо* (банҷ), *халтаи лӯлӣ* (ҷағ-ҷағ), *пойи кафтар* (чилбанд), *ҷомаи ғук* (обсабз), *venus's lookingglass* (легузия), *forget-me-not* (марзангӯш), *butterfly-pea* (клитория) ва ғ. Чӣ хеле ки мушоҳида мекунем, маънои ин ибораҳо аз маънои вожаҳои таркибашон барнамеояд.

Хулоса. Таҳқиқи хусусиятҳои семантикии номи рустаниҳои шифобахш дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нишон дод, ки номгузории ин гурӯҳи воҳидҳои луғавӣ раванди мураккаби

забонӣ ва фарҳангӣ мебошад. Номҳои мардумии рустаниҳо натиҷаи таҷрибаи бисёрасраи мардум дар соҳаи табобат, кишоварзӣ ва мушоҳидаи муҳити табиӣ мебошанд. Муайян гардид, ки омилҳои асосии ташаккули номҳои рустаниҳои шифобахш ранг, шакл, хусусиятҳои шифобахш, шабоҳат ба инсон ва ҳайвонот, макони сабзиш, мазза, бӯй ва дигар хусусиятҳои зоҳирӣ мебошанд. Дар баробари ин, воситаҳои маъносозӣ, аз ҷумла метафора, метонимия, синекдоха, идиомасозӣ ва вожагардонӣ дар ташаккули чунин номҳо нақши муҳим доранд. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар таҳқиқоти минбаъдаи номшиносӣ, лингвомаданиятшиносӣ, лексикология, забоншиносии муқоисавӣ ва таҳияи фарҳангҳои фитонимӣ истифода шаванд.

Адабиёт

1. *Аникина Т. В. Словообразовательная структура фитонимической лексики в английском и русском языках // Научный результат. Вопросы теоретической и прикладной лингвистики. – Т. 4, № 4, 2018. – С. 3-13.*
2. *Анненков Н. И. Ботанический словарь: Справочная книга для ботаников, сельских хозяев, садоводов, лесоводов, фармацевтов, врачей, дрогистов, путешественников по России и вообще сельских жителей / Н. И. Анненков. – СПб.: Императорская Ак. наук, 1878. – 646 с.*
3. *Зоҳидов Ҳ. Канзи шифо. Муҳаррир Аҳмад Қаҳҳор. – Д.: Ирфон, 1991. – 720 с.*
4. *Иванова И. П. Теоретическая грамматика современного английского языка: Учебник / И. П. Иванова, В. В. Бурлакова, Г. Г. Почепцов. – М.: Высш. школа, 1981. – 285 с.*
5. *Кобенко Ю. В. Русско-немецко-английский словарь лекарственных растений Сибири / Ю. В. Кобенко. – 2-е изд., испр и расш. – Томск : Изд-во ТПУ, 2020. – 50 с.*
6. *Кузнецова М. А. Сказания о лекарственных растениях / М. А. Кузнецова, А. С. Резникова. – М.: Высшая школа, 1992. – 272 с.*
7. *Нуралиев Ю. Н. Лекарственные растения. Целебные свойства фруктов и овощей (Из опыта народной, древневосточной и современной медицины). Издание 2-е, исправленное. – Д.: Маориф, 1989. – 288 с.*
8. *Русско-английский биологический словарь: более 35 000 терминов / К. У. Дамблтон. – Москва-Минск-Киев: Технические словари, 2000. – 524 с.*
9. *Суперанская А. В., Подольская Н. В., Васильева Н. В. Общая терминология: вопросы теории. Изд. 6-е. – М.: Книжный дом «ЛИБРОКОМ», 2012. – 248 с.*
10. *Флора Таджикской ССР. Т. 10. Сложноцветные (колена Цинариевые, Мутисовые, Цикориевые). – Л.: Наука, 1991. – 620 с.: ил.*
11. *Харитончик З. А. Лексикология английского языка: Учебное пособие. – Минск: Выш. шк., 1992. – 229 с.*
12. *Ходжиматов М. Дикорастущие лекарственные растения Таджикистана. – Д.: Главная научная редакция Таджикской советской энциклопедии, 1989. – 364 с.*
13. *Ҳайдаров К. Ҳ. Растаниҳои шифобахши Тоҷикистон [Хайдаров К. Х. Лечебные растения Таджикистана]. – Д.: Ирфон, 1986. – 47 с.+55 с. расм.*
14. *Ҷаҳони Азонзод. Рустаниҳои шифоӣ ва ғизоӣ: Асосҳои фармаконутритсиология [Джахони Азонзод. Лекарственные и пищевые растения: Основы фармаконутрициологии] / Ҷ. Азонзод. – Д.: Адиб, 2010. – 688 с.*
15. *A Reference Guide to Medicinal Plants: Herbal Medicine Past and Present. John K. Crellin and Jane Philpott. – Durham and London: Duke university press, 1990. – 552 p.*
16. *Mand their uses. Ben-Erik van Wyk, Michael Wink. – Johannesburg: Briza publications; Wallingford: CABI (CAB International); First edition, first impression, 2004; Second edition, first impression, 2017. – 520 p.*
17. *Medicinal Plants Used in Traditional Persian Medicine. Edited by Hartwig Schulz, Seyed Ahmad Emami, Farsad Nadjafi. – Wallingford: CABI (CAB International), 2023. – 480 p.*

ХУСУСИЯТҲОИ СЕМАНТИКИИ НОМИ РУСТАНИҲОИ ШИФОБАХШ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Рустаниҳои шифобахш (рустаниҳои дорӯӣ, гиёҳҳои шифобахш ва ғ.) дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар баробари номҳои илмии бостонӣ доштан инчунин номҳои мардумӣ доранд. Ин номҳои мардумӣ дар варитаҳои ниҳоят зиёд зоҳир мегарданд. Таҳлили номҳои мардумии рустаниҳои шифобахш дар забонҳои муқоисашаванда нишон дод, ки онҳо дар заминаи вожагардонӣ ва маҷоз (маҷоз, истиора, маҷози мурсал, ибораҳои рехта) ташаккул ёфтаанд. Нишонаҳои ангезавии ташаккули номҳои мазкур муайян карда шуданд, ки аз ҷумла ифодаи ранг, соҳаи корбурд, огоҳӣ аз хатар, шабоҳат бо андоми ҷонварон ё парандагон, антропоморфизмҳо, зооморфизмҳо, шабоҳат ба рустаниҳои маъмул, шабоҳат бо чизҳое, ки ба ҳаёти инсон алоқаманданд, макони сабзиш, этнонимҳо, топонимҳо ва ғ. мебошанд.

Калидвожаҳо: рустаниҳои шифобахш, номгузорӣ, забони лотинӣ, гиҳҳо, вожагардонӣ, таъбирҳои фразеологӣ.

СЕМАНТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ НАЗВАНИЙ ЛЕКАРСТВЕННЫХ РАСТЕНИЙ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В таджикском и английском языках лекарственные растения (лекарственные травы и т. д.) имеют, помимо древних научных названий, народные названия. Данные народные названия встречаются в огромном количестве вариаций. Анализ народных названий лекарственных растений в сравниваемых языках показал, что они формировались на основе лексикализации и метафоризации (метафора, аллегория, синекдоха, идиома). Были выявлены мотивирующие признаки образования этих названий, включая выражение цвета, области применения, предупреждение об опасности, сходство с конечностями животных или птиц, антропоморфизмы, зооморфизмы, сходство с обычными растениями, сходство с предметами, связанными с человеческой жизнью, место произрастания, этнонимы, топонимы и т. д.

Ключевые слова: лекарственные растения, номинация, латинский язык, метафора, травы, лексикализация, фразеологические выражения.

SEMANTIC FEATURES OF MEDICINAL PLANT NAMES IN TAJIK AND ENGLISH

In Tajik and English, medicinal plants (herbs, etc.) have, in addition to their ancient scientific names, popular names. These popular names occur in a huge number of variations. An analysis of the popular names of medicinal plants in the compared languages showed that they were formed through lexicalization and metaphorization (metaphor, allegory, synecdoche, idiom). Motivating features of the formation of these names were identified, including color expression, areas of application, danger warning, resemblance to animal or bird limbs, anthropomorphisms, zoomorphisms, similarity to common plants, similarity to objects associated with human life, place of growth, ethnonyms, toponyms, etc.

Keywords: medicinal plants, nomination, Latin, metaphor, herbs, lexicalization, phraseological expressions.

Дар бораи муаллифон

Бидонов Муҳаммадзоҳир Хушвахтович
Унвончӯи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: muhammdoir@mail.ru

Ашуров Намозалӣ Муҳамадалиевич
Унвончӯи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: namozali84@mail.ru

Об авторах

Бидонов Мухаммадзохир Хушвахтович
Соискатель кафедры языкознания и сравнительной типологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: muhammdoir@mail.ru

Ашуров Намозали Мухамадалиевич
Соискатель кафедры языкознания и сравнительной типологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: namozali84@mail.ru

About the authors

Bidonov Muhammadzohir Khushvakhtovich
Applicant at the Department of Linguistics and Comparative Typology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: muhammdoir@mail.ru

Ashurov Namozali Muhammadalievich
Applicant at the Department of Linguistics and Comparative Typology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: namozali84@mail.ru

ТДУ 81'367.623:811.222.8:811.133.1

НАҚШИ ПЕШВАНДҲОИ «БО-» ВА «БАР-» ДАР ТАШАККУЛИ СИФАТҲОИ СОХТА ВА МУОДИЛҲОИ ЛЕКСИКИИ ОНҲО ДАР ЗАБОНҲОИ ФАРОНСАВӢ ВА РУСӢ

Маликов А. Р.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқаддима. Калимасозӣ дар ҳама давру замони инкишофи забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ яке аз роҳҳои муҳимтарин ва сермаҳсултарини таркиби луғавии онҳо ба шумор меравад. Ба ҳамагон маълум аст, ки забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ таърихи дуру дароз ва пурғановати хешро дошта, ҳамзамон дорои ёдгориҳои беназири луғавию грамматикӣ мебошанд. То имрӯз на ҳамаи он ғановатмандии забонҳои номбурда аз лиҳози грамматика, калимасозӣ ва ҳусни сухан дар шакли муқоисавӣ мавриди таҳқиқи муҳаққиқон қарор дода шудаанд. Агарчи доир ба баъзе хусусиятҳои калимасозии ин ё он категорияи грамматикӣ дар забони тоҷикӣ, ҳамзамон дар шакли муқоисавӣ бо забонҳои дигар корҳои назаррасе анҷом дода шудааст, вале ҳануз ҳам дар доираи муқоисаи забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ корҳои зиёде нобасомон боқӣ мондаанд.

Гарчанде ки забоншиносон ва муҳаққиқони забон оид ба калимасозии сифат фикру андешаҳои хешро баён карда бошанд ҳам, пешвандҳои сифатсозро аз ҷиҳати дараҷаҳои калимасозиашон ба гурӯҳҳо ҷудо накарда, ҳатто дар доираи муқоисаи онҳо дар забонҳои тоҷикию фаронсавӣ корҳо дар сатҳи ангуштшумор қарор доранд.

Сифат ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ роҳу воситаҳои гуногуни калимасозӣ, шаклсозии худро дорад, ки ба воситаи онҳо калимаҳои нав, шаклҳои гуногун сохта мешаванд. Дар забоншиносии муқоисавӣ омӯзиши пешвандҳои сифатсоз аҳаммияти хоси худро доранд. Дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ барои сохтани маъноҳои нав нақши пешвандҳо муассир буда, махсусан барои ифода кардани муқобилият, инкор ва ё соҳиб будан ба чизе ё касе бо ин роҳ ифода мегардад.

Маводҳо ва усулҳои таҳқиқот. Дар рафти таҳияи мақолаи хеш мо зарур донистем то аз маводҳо ва усулҳои таҳқиқоти зерин доир ба таҳқиқи муқоисавии пешванди «бо-»-и забони тоҷикӣ ва муодилҳои он дар забонҳои фаронсавӣ ва русӣ истифода барем.

Асоси маводҳои таҳқиқотии кори мазкурро воҳидҳои луғавӣ ва лексикии аз осори адабиёти муосири тоҷик ва дигар миллатҳо ба монанди «Мактаби кӯҳна», «Одина»-и Садриддин Айнӣ, «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромӣ, «Доғистони ман»-и Расул Ғамзатов, «Бегона»-и Албер Камю. Тарҷумаи осори бадеии зикргардида бо забонҳои тоҷикӣ, фаронсавӣ ва русӣ дастрас гардида, мо таҳлили муқоисавии вожаҳои марбут ба кори таҳқиқотии хешро дар ин забонҳо дида баромадем.

Дар рафти таҳияи мақолаи хеш тавонистем аз усули тавсифӣ фаъолона истифода намуда, барои шарҳи хусусиятҳои морфологии пешванди «бо-» ва албатта ҳамзамон аз усули муқоисавӣ барои пайдо кардани муодилҳои он дар забонҳои фаронсавӣ ва русӣ фаъолона истифода намудем.

Ҳангоми таҳлил ва муқоисаи вожаҳое, ки пешванди «бо-»-ро дар бар мегиранд, муайян гардид, ки дар осори адибони муосири тоҷик чунин вожаҳо серистеъмол буда, дар забони фаронсавӣ ва русӣ барои пайдо кардани муодилҳои онҳо маводди адабиёти бадии мазкур саривақтӣ ва муфид гардиданд. Асарҳое, ки аз тоҷикӣ ба фаронсавӣ, русӣ ва ё баръакс баргардон шудаанд, имкон медиҳанд, ки муодилҳои функсионалии онҳо дар амал дида шаванд.

Ҳамчунин барои пайдо кардани вожаҳои ҳаммаънои калимаҳое, ки дар тоҷикӣ бо пешванди «бо-» сохта шудаанд аз луғатҳои фаронсавӣ ва русӣ фаровон истифода бурда шуда, тарҷумаи амиқи онҳо дастрас гардидаанд.

Ҳамчунин доир ба усулҳои муқоисавӣ-типологӣ ҳаминро қайд карданием, ки ин усул асосӣ буда, барои муайян кардани умумият ва тафовутҳо байни пешванди «бо-» ва муодилҳои он дар забонҳои гуногунсохт хизмат мекунад.

Натиҷаҳо ва муҳокимаҳо. Натиҷаҳои бадастомадаи таҳлили муқоисавиро ба инобат гирифта, дар он қонуниятҳои забонӣ шарҳ дода шудаанд. Барои мавзуи таҳлили пешванди сифатсози «бо-» ва муодилҳои он дар забонҳои фаронсавӣ ва русӣ, натиҷаҳоро метавон ба таври зерин гурӯҳбандӣ кард:

1. Натиҷаҳои таҳлили семантикӣ. Таҳқиқоти гузаронидаи мо нишон медиҳад, ки пешванди «бо-» дар забони тоҷикӣ яке аз пешвандҳои сермаҳсул буда, ба гурӯҳи пешвандҳои бисёрфункионалӣ дохил гардида, дар забонҳои фаронсавӣ ва русӣ муодилҳои гуногун дорад.

2. Натиҷаҳои соҳибият. Дар забони тоҷикӣ пешванди «бо-» барои сохтани сифат аз исм истифода шуда, дар забонҳои русӣ ва фаронсавӣ бештар ба сифатҳои пасванддор рост меоянд.

Муҳокимаҳо нишон медиҳанд, ки таҳлили муқоисавии пешванди «бо-» дар забонҳои мавриди таҳқиқ яке аз мавзуъҳои ҷолиби диққат буда, пешванди мазкур маънои соҳибиб ва восита буданро ифода мекунад.

Вазифаи грамматикии пешванди мазкур дар он аст, ки он асосан дар забони тоҷикӣ ҳамчун пешванди калимасоз мавриди истифода қарор мегирад. Ҷиҳати калимасозии пешванди мазкур низ серистеъмол буда, бо ёрии он сифатҳои гуногун сохта мешавад.

Дар хусуси сифат ва калимасозии он як қатор муҳаққиқон дар осори хеш қайдҳои ҷолиби диққат намуда, фарқияту монандиҳои онҳоро нишон додаанд. «Маврид ба зикр аст, ки таҳқиқи муқоисавии таркиби калима ва калимасозӣ дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ яке аз шохаҳои нисбатан ҷавон буда, солҳои охир ривоҷ пайдо намудаву ташаккул ёфта истодааст» [14, с.64].

Сифат ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ дар забонҳои тоҷикӣ, фаронсаӣ ва русӣ тарзу воситаҳои гуногуни калимасозӣ, шаклсозӣ (хурдию навозиш)-и хоси худро дорад, ки ба воситаи онҳо калимаҳои нав, шаклҳои гуногун сохта мешаванд. Агар дар забони тоҷикӣ дар калимасозии сифат пасвандҳо ва пешвандҳо хеле серистеъмол бошанд, пас дар забони фаронсавӣ калимасозии сифат ба ғайр аз корбурди пешванду пасвандҳо аксар вақт ба воситаи калимаҳои махсус ё муайян ифода мешавад.

Пешванди «бо-» дар сохтани сифатҳо яке аз пешвандҳои сермаҳсул буда, аммо баръакси пешванди «бе-» ба ягон аломат ва хусусият молик будани ашё ва предметро ба монанди ***бономус – honnête/digne, бомаданият – cultivé, civilisé, ботамкин – calme, posé, боодоб – pjli, curtois, ботаҷриба – expérimenté, боистеъдод – talentueux, босавод – lettré, savant, боҳикмат – sage, болаёқат – compétent/capable*** ва ғайра ифода мекунад. Мисол: *«Ҳавлию қӯрғони вай қалъаи ҳоким барин деворҳои баланд, дару дарвозахонаҳои* ***бошукӯҳ*** *дошт» [11, с. 42]. - «La maison du baï, telle une forteresse, était entourée d'un mur solide, avec des portes* ***immenses****» [24, с. 52]. - «Дом бая, как крепость, обнесен был толстой стеной с* ***великолепными высокими*** *воротами» [10, с. 36].*

Вожаи «**бошукӯҳ**» аз ду қисмат пешванди «**бо**-»-и ифодагари соҳибият ва исми «**шукӯҳ**», ки маънои ҳашамат, азим-ро медиҳад, таркиб ёфтааст. Сифати «**бошукӯҳ**» вобаста ба контексти мавҷуда маъноҳои гуногунро доро буда, вақте сухан дар бораи иморатҳои азим ва зебо, барои тасвир кардани кӯҳҳои баланд, дарёҳои хурӯшон, барои ифода кардани маросим ё ҷашнҳои дар сатҳи баланд баргузор мегарданд, ҳамчунин барои нишон додани сифатҳои хоси инсоне, ки дорои виқор, салобат ва обрӯи хос аст, истифода бурда мешавад.

Муаллифи асар бо истифода аз сифати «бошукӯҳ» азамат ва зебоии дарвозаи яке қаҳрамонони асарро тасвир намуда, онро ба қалъаи ҳокимон, ки дарвозаҳои онҳо аслан барои муҳофизат ва нишон додани фарҳангу азамати соҳибхона тасвир меёбанд, нишон додааст. Дар тарҷумаи фаронсавии ҷумлаи мазкур бошад мутарҷим аз вожаи «***immense***» истифода намудааст. Сифати «***immense***» дар забони фаронсавӣ аз лотинӣ сарчашма гирифта, маъноҳои «бениҳоят калон», «беканор», «васеъ»-ро медиҳад. Хусусияти дигари сифати «***immense***» дар он аст, ки дар забони фронсавӣ барои ҳарду ҷинс (мардонаю занона) як хел истифода мешавад, зеро дар забони фаронсавӣ вобаста ба сифат қоидае мавҷуд аст, ки агар сифат дар ҷинси мардона бо «***e***»-и талаффузнашаванда ба итмом расад, дар ҷинси занона бетағйир мемонад.

Дар хусуси таҳлили муқоисавии вожаҳои «***бошукӯҳ***» ва «***immense***» қайд карданием, ки вожаи тоҷикии «***бошукӯҳ»*** ба калимаи сохта дохил гардида, аз пешванду исм таркиб ёфтааст, аммо вожаи «***immense»***-и фаронсавӣ бошад як воҳиди комили луғавӣ буда, маънои мутлақи «***бузургӣ***»-ро дода, ягон таркиби иловагӣ ба монанди пешванду пасванд надорад.

Дар тарҷумаи русии ҷумлаи мазкур вожаҳои «***великолепными высокими*** *воротами*» истифода шудааст, ки агар мо онро тарҷумаи таҳтуллафз намоем, дар ин ҷо вожаи «***великолепными***» тарҷумаи «бошукӯҳ, пурҳашамат» ва вожаи «***высокими***» маънои «баланд»-ро медиҳад. Яъне новобаста аз он, ки сифати «***великолепный***» худ маънои зебоӣ ва

ҳашамат-ро медиҳад, тарҷумон боз барои фаҳмотар гардидани маънои асл аз сифати «***высокий***» низ истифода кардааст.

Пешванди «**бо-**» бо исми «**мулоҳиза**» ва «**одоб**» сифатҳои «**бомулоҳиза**» ва «**боодоб**» месозад, ки вожаҳои мазкур дар забони тоҷикӣ барои тасвири хислатҳои ҳамидаи инсонӣ истифода мешаванд. Масалан вожаи «бомулоҳиза» ба шахсе далолат мекунад, ки пеш аз гуфтани сухане ва анҷом додани коре хуб фикр карда, ҷанбаҳои гуногуни масъаларо баррасӣ карда, оқибатбинӣ мекунад. Вожаи «**боодоб**» бошад ба шахсе далолат мекунад, ки ӯ дорои одоби ҳамида буда, тартиботи ҷамъиятиро риоя карда, нисбат ба дигарон эҳтироми хоса дорад. Мисол: *«Истад умуман авони **бомулоҳиза**, вазнин ва **боодоб** буд, лекин агар касе ба иззати нафси ӯ расад, зуд оташин мешуд ва худро гум карда мемонд» [11, с. 53]. - «Istad était un jeune homme **raisonable**, sérieux et **poli**, mais il ne pouvait supporter les offences qui le mettait hors de lui» [24, с. 66]. - «Истад бил юноша **рассудительный**, серьёзный, **вежливый**. Но если кто обижал его, он не мог сдержаться и выходил из себя» [10, с. 45].*

Дар забони тоҷикӣ муаллиф тавассути сифатҳои «**бомулоҳиза**» ва «**боодоб**» хислатҳои ҳамидаи яке аз қаҳрамонони асар (Истад)-ро тасвир кардааст. Мутарҷим дар забони фаронсавӣ сифатҳои мазкурро тавассути вожаҳои «**raisonable**» ва «**poli**» тарҷума карда, онҳо муодилҳои наздики калимаҳои тоҷикии «**бомулоҳиза**» ва «**боодоб**» мебошанд. Калимаи «**raisonable**» ба сифати сохта дохил шуда, аз исми «**raison**» ва пасванди сифатсози «**-able**» таркиб ёфтааст. Сифати «**poli**» бошад ба сифати сода дохил шуда, бар хилофи вожаи тоҷикии «**боодоб**», ки ба сифати сохта дохил мешавад, дар забони муосири фаронсавӣ ҳамчун воҳиди ягонаи луғавӣ қабул карда шудааст.

Агар ба таҳлили муқоисавии вожаҳои мазкур дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ назар афканем, маълум мегардад, ки дар забони тоҷикӣ барои сохтани чунин сифатҳо модели пешванд+исм ба кор бурда шуда, дар забони фаронсавӣ бошад, бештар модели исм+пасванд ё истифодаи сифатҳои сода маъмуланд.

Дар тарҷумаи забони русӣ бошад мутарҷим вожаҳои «**рассудительный**» ва «**вежливый**» истифода бурда, вожаи «**рассудительный**» ба шахсе далолат мекунад, ки дорои ақли солим буда, дар амал ва гуфтораш ба мантиқ такя мекунад. Тарҷумаи тоҷикии вожаи мазкур «**бомулоҳиза, оқибатбин, андешаманд**» буда, ба сифати сохта дохил гардида, аз исми «**суд** – **қазоват**, **ҳукм**», феъли «**рассуждать** – **мулоҳиза кардан**» ва пасванди сифатсози «**-телнь-**» сохта шудааст.

Вожаи «**вежливый**» бошад шахсеро тасвир мекунад, ки нисбат ба дигарон хушмуомила ва боэҳтиром аст. Муодили тоҷикии вожаи «**вежливый**» сифатҳои «**боодоб, хушмуомила, муаддаб**» мебошад, ки мутарҷим калимаҳои мувофиқ ба тарҷумаи аслро возеҳу равшан истифода бурдааст.

Бо пешванди «бо-» ва исми «фазилат» сифати «бофазилат» сохта шуда, вожаи мазкур ба шахсе далолат мекунад, ки дорои фазл, илм, дониш ва ахлоқи намунавӣ мебошад. Мисол: *«Дар ҳақиқат дар бораи одами нек ва **бофазилат**, хусусан дар бораи зани наку ва доно ҳар андоза гуед ҳам, кам аст» [11, с.204]. - «Et en effet, lorsqu'on évoque un être doué de toutes les qualités, surtout s'il s'agit d'une femme **très intelligente**, il semble toujours que l'on reste en dessous de la vérité» [24, с.246]. - «И правда, сколько ни говори о хорошем человеке, а особенно если это женщина **одаренная и умная**, все кажется недостаточным» [10, с.168].*

Муаллиф тавассути вожаи «бофазилат» сифатҳои яке аз қаҳрамонони асарро тасвир карда, мутарҷим дар забони фаронсавӣ ҳамчун муодили сифати «***бофазилат***» ибораи «***très intelligente***»-ро истифода кардааст, ки ба забони тоҷикӣ «хеле боҳуш» ё «ниҳоят зирак» тарҷума мешавад. Таркиби ибораи мазкур аз зарфи миқдор ва дараҷаи «***très – хеле, бисёр, ниҳоят***», ки ҳамеша барои пурзур кардани маънои сифат истифода мешавад ва сифати ҷинси занонаи «***intelligente***» иборат буда, маънои дорои ақли расо, қобилияти дарк кардан ва таҳлил намуданро дорад.

Яъне агар мо ба таҳлили муқоисавии маъноҳои вожаи «***intelligent***» назар афканем, ин вожа аз лотинӣ гирифта шуда, муодилҳои он дар забони тоҷикӣ метавонанд ҳам калимаҳои сода ба монанди «**зирак, доно**» ва ҳам калимаҳои сохтаи моделҳои пешвандӣ ба монанди «**боақл, бофаросат**» бошанд.

Дар тарҷумаи забони русӣ бошад мутарҷим аз вожаҳои «***одаренная»*** ва ***«умная***» истифода кардааст, ки ин ду вожа дар забони русӣ метавонанд ҳамчун сифатҳои ифодакунандаи сатҳи зеҳнӣ ва тавоноии фитрии инсон истифода шаванд.

Бо пешванди «бо-» ва исми «сафо», ки маънои «покӣ, рӯшанӣ, тароват»-ро медиҳад, сифати «босафо» таркиб ёфта , маънои пок, рӯшан, беғубор ва тароватбахш-ро медиҳад.

Мисол: *«Як субҳи **босафои** гарм кифоя, ки сабзапӯш гардад. Як саҳари хуррам кифоя, ки гулпӯш шавад» [18, с. 106]. - «... un seul matin **clair** et chaud suffit à le couvrir de verdure. Un seul matin joyeux suffit à le faire fleurir» [23, с. 94]. - «И одного теплого **светлого** утра хватает, чтобы оно покрылось зеленью. Одного радостного утра хватает, чтобы оно зацвело» [9, с. 33].*

Муаллифи асар тавассути сифати «босафо» зебоӣ ва фараҳбахшии табиатро мехоҳад тасвир кунад. Мутарҷим дар забони фаронсавӣ барои муодили вожаи «босафо» калимаи «clair»-ро истифода карда, ин вожа дар навбати худ метавонад ҳамчун исм, сифат ва зарф истифода шавад. Агар мо вожаҳои «босафо» ва «clair»-ро таҳлили муқоисавӣ кунем, онҳо дар баъзе мавридҳои муодили наздики ҳамдигар шуда метавонанд. Ҳамчунин набояд фаромӯш кард, ки вожаи «**clair**» дар забони фаронсавӣ сифати сода буда, бархилофи муодили тоҷикии худ «**босафо**» бидуни пешванд сохта мешавад.

Дар тарҷумаи русии ҷумлаи мазкур бошад барои муодили вожаҳои тоҷикӣ ва фаронсавии «**босафо**» ва «clair» калимаи «***светлый***» истифода шуда, он аз решаи «**свет-нур**», пасванди «**-л-**» ва бандаки сифатсози «**-ый**» таркиб ёфтааст.

Ҳамчунин пешванди «бо-» ва исми «маза» сифати «бомаза» сохта, дар дараҷаи олии сифат истифода бурда шуда, он аз намунаи мураккаби калимасозӣ ба ҳисоб рафта, дар сохтани ин вожа ҳам пешванд ва ҳам пасванд нақши муҳим доранд. Мисол: ***«Вай** ҳамроҳи қатрахои **охирин ва бомазатарини шароб дар тахи чом маро интизор аст»** [18, с.130]. - «Ma poésie m'attend au fond de mon verre, avec les dernières, **les plus douces** gouttes de vin...» [23, с.114]. - «*Она дожидается *меня на дне бокала вместе с последними,* самы**ми сладкими** *капельками вина» [9, с.40].*

Дар тарҷумаи тоҷикӣ вожаи «бомазатарин» истифода шуда, мутарҷим нӯшокиеро, ки ҳангоми истеъмол ҳаловати зиёд мебахшад, тасвир кардааст. Ин вожа дар забони фаронсавӣ тавассути калимаҳои «**les plus douces**» ифода гардида, аз артикли муайянии шумораи ҷамъи «**les**», зарфи миқдории «**plus**», ки дараҷаи қиёсиву олии пеш аз сифат меоянд ва сифати ҷинси занонаи «**douces**» дар шакли ҷамъ, ки маънои «ширин»-ро медиҳад, истифода шудааст.

Яке аз фарқиятҳои ҷолиб дар таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои мазкур дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ дар он аст, ки дараҷаи олӣ дар забони фаронсавӣ бо усули аналитикӣ, яъне бо ёрии калимаҳои ёрирасони **les+plus** сохта шуда, ин сохтор дар забони тоҷикӣ бо усули синтетикӣ, яъне бо илова кардани пасванди «-тарин» сохта мешавад. Фарқияти дигар дар он аст, ки дар ибораи «**douces**» ҷинси занона ва шумораи ҷамъ истифода шуда, дар забони тоҷикӣ сифатҳо дар ҷинс ва шумора бетағйир мемонанд.

Дар забони русӣ низ ба монанди забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ дар тарҷумаи ҷумлаи мазкур вожаҳои «самы**ми сладкими**» истифода шуда шудаанд, ки инҷо мисли забони фаронсавӣ усули аналитикӣ истифода шуда, он бо ёрии калимаҳои ёрирасони «самы**ми**» ва сифати «**сладкими**» сохта шудааст.

Ҳамчунин пешванди «бо-» ва исми «истеъдод» сифати «боистеъдод» сохта, он метавонад бо илова кардани пасванди дараҷасози «-тар» дараҷаи муқоисавии сифатро ташкил кунад. Вожаи «боистеъдодтар» ба шахсе далолат мекунад, ки нисбат ба каси дигар қобилият, ҳунар ва истеъдоди бештар дорад. Вожаи мазкур ба намунаи мураккаби калимасозии морфологӣ дохил гардида, дар он ҳам пешванд ва ҳам пасванд иштирок мекунанд. Мисол: *«Ман ба падар мегуфтам:-Албатта, ту аз ман дида, хирадмандтар, **боистеъдодтар** ва бузургтарӣ» [18, с.186]. - «Je dis à mon père:-Bien sûr, tu es plus sage, **plus talentueux**, plus grand que moi» [23, с.159]. - «**Я говорил отцу: - Конечно, ты мудрее, талантливее, крупнее меня»** [9, с.57].*

Тавассути вожаи мазкур муаллифи асар ишора ба он мекунад, ки падари яке аз қаҳрамонони асар нисбат ба фарзандаш қобилият, ҳунар ва истеъдоди бештар дорад, ки тарҷумон низ дар забони фаронсавӣ таркибҳои «**plus talentueux**» истифода намуда, ин сифат аз ҷинси мардона, ки аз исми «**talent-истеъдод**» ва пасванди «-ueux» сохта шудааст, иборат мебошад. Дар забони русӣ бошад тарҷумон айнан калимаи «**талантливее**»-ро истифода намуда, ба решаи калимаҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ алоқамандӣ ва монандии зич дорад.

Бо пешванди «бо-» ва исми «виқор» вожаи «бовиқор» таркиб ёфта, ба маънои дорои «**виқор, тамкин, сангинӣ** ва **ҳайбат**» истифда мешавад. Мисол: *«Аммо дарахтони пир ва биноҳои калон сахт ба замин часпида, мустаҳкам ва **бовиқор** қад кашида меистоданд» [18, с.194-195]. - «Mais les vieux arbres et les grands édifices, **fiers** et **solides**, demeuraient fermement accrochés au sol» [23, с.166]. - «**Но прочно и гордо стояли, крепко вцепившись в землю, старые деревья и большие дома»** [9, с.60].*

Дар ҷумлаи тоҷикӣ вожаи бовиқор на ба инсон, балки ба ашё нисбат дода шуда, дарахтону биноҳо тасвир ёфтаанд. Мутарҷими фаронсавӣ барои пурра сохтани маънои васеи «бовиқор» истифодаи ҷуфти «fiers et solides»-ро, ки дар тоҷикӣ маънои «мағрур ва устувор»-ро медиҳанд муносиб донистааст.

Ҳарчанд дар забонҳои фаронсавӣ ва русӣ барои вожаи «бовиқор»-и тоҷикӣ калимаи дақиқ пайдо нагардидааст, аммо тарҷумонҳо бо истеъдоди баланди хеш тавонистаанд аз вожаҳои «fiers» ва «гордо» истифода намуда, баландии объектҳоро нишон диҳанд.

Пешванди «**бо-**» ҳамчунин бо исми «**ҳаловат**» сифати «**боҳаловат**»-ро ташкил намуда, маънои «**лаззат**, **хушӣ**, **роҳат** ва **ширинӣ**»-ро ифода мекунад. Ин вожа дар збони тоҷикӣ барои тавсифи чизҳое истифода мешавад, ки ба исонҳо ҳиссиёти некӣ ва қаноатмандӣ мебахшанд. Мисол: *«Il était **commode** quand maman était là» [22, с. 34]. - «Вақте модарам дар ин ҷо зиндагӣ мекард, квартира **бароҳат** ва **боҳаловат** буд» [3, с. 32].*

Дар мисоли мазкур мо зарур донистем, ки аввал ҷумлаи аслро ва баъдан тарҷумаи тоҷикии онро ҳамчун мисол гузорем. Бинобар ин, дар забони асл вожаи «**commode**» истифода шуда, муаллиф тавассути ин калима, ки дар навбати худ ҳам исм ва ҳам сифат истифоа мешавад мувофиқ ва бароҳат будани хонаро дар асоси зинда будани модараш нишон додааст.

Имрӯзҳо вожаи «**комод**»-ро ҳатто дар забонҳои тоҷикӣ ва русӣ барои ифодаи «**чевон**»-и кашовудор ва ҳамчунин барои ифодаи «**мебел**» истифода мебарем, ки дар ин маъно ҳамчун исм истифода мешавад.

Дар тарҷумаи тоҷикии ҷумлаи мазкур мутарҷим барои комил кардани маънои «**commode**»-и фаронсавӣ аз калимаҳои ҷуфти «**бароҳат** ва **боҳаловат**» истифода бурдааст. Хулоса вожаҳои «**commode**» ва «**боҳаловат**» калимаҳоеянд, ки дар онҳо эҳсоси мусбӣ, қаноатмандӣ ва оромӣ таҷассум ёфтааст.

Бо пешванди «бо-» ва исми «ақл» вожаи «боақл» сохта шуда, мусбат ва устувор будани нишонаҳои ақлонии инсонро нишон медиҳад: *«Cet homme, Messieurs, cet homme est **intelligent**» [22, с. 142]. - Дар назди шумо, ҷанобон, –одами комилан **боақл**» [3, с. 133].*

Муаллифи асар дар забони асл аз вожаи «**intelligent**» истифода намуда, тавассути он иқтидори зеҳнии яке аз қаҳрамонони асарро нишон медиҳад. Дар тарҷумаи тоҷикии ҷумлаи мазкур мутарҷим ба ғайр аз калимаи «**боақл**» вожаи «комилан»-ро низ истифода намудааст, ки дар ҷумлаи асл дида намешавад. Хулоса аз таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои мазкур маълум мегардад, ки вожаи «**боақл**» нисбат ба вожаи «**intelligent**» дорои доираи васеи маъноӣ буда, калимаи «**intelligent**» танҳо ба қобилияти фикрӣ ишора кунад, вожаи «**боақл**» дар ҷумлаи мазкур ба пурагии шахсият ва комил будани он ақли ӯ ишора менамояд.

Пешванди «бар-» ба гурӯҳи пешвандҳои каммаҳсул дохил гардида, дар сохтани сифатҳои **баркамол**, **барзиёд**, **бармаҳал**, **баркалон** ва ғайра истифода мегардад. Сифатҳое, ки тавассути пешванди мазкур сохта мешаванд бештар маънои «**боло**», «**бартарӣ**», «бар зиёди чизе»-ро ифода мекунанд. Ҳамчунин бо пешванди «**бар-**» сифатҳое сохтан мумкин аст, ки ифодагари мавқеъ ва ҷойгоҳ, ба монанди «**барҷаста**», «**бармаҳал**», ифодагри ҳолат ва сифат, ба монанди «**баркамол**», «**бардам**», «**барҳаво**» ва ифодагари муносибат ва натиҷа, ба монанди «**баргузида**», «**барҳақ**» бошад. Мисол: *«Ба духтарак раҳмам омад, дадеш! - гуфт занак. - Монед, бо духтарамон гардад чӣ? Лоақал ягон сол-ду сол дар ҳамин ҷо бошад, ҳусну ҷамолаш боз **баркамолтар** мешавад» [11, с. 239]. - «Cela fait pitié! Laissons-la chez nous, qu'elle vive avec notre fille, au moins un an ou deux.. . Elle n'en deviendra que **plus jolie**» [24, с. 286]. - «Жалко девочку, отец! Оставим ее у нас, пусть живет с дочкой... Хоть годик, хоть два... А там она еще **красивей** станет» [9, с. 195].*

Дар ҷумлаи асл (тоҷикӣ) вожаи **баркамол** истифода шуда, муаллиф тавассути сифати мазкур раҳму шавқати яке аз қаҳрамонони асарро нисбат ба қаҳрамони дигар тасвир кардааст. Вожаи «**баркамол**» аз нигоҳи сохт ва таркиби морфологӣ ба гурӯҳи калимаҳои сохта дохил гардида, он аз пешванди «**бар-**» ва исми «**камол**», ки аз арабӣ иқтибос гардида, маънои «**пуррагӣ**», «**пухтагӣ**» ва «**интиҳо**»-ро дорад, таркиб ёфтааст. Дар асоси бадеӣ вожаи «баркамол» бештар барои тасвири шахси идеалӣ истифода шуда, зери мафҳуми вожаи мазкур шахсоне дохил мегарданд, ки соҳиби илму адаб ва ҷаҳонбинии васеъ ҳастанд.

Муаллифи роман дар забони асл сифати «баркамол»-ро истифода бурда, мутарҷим ҳангоми баргардон дар забони фаронсавӣ онро бо ибораи «***plus jolie***» тарҷума кардааст, ки агар мо онро тарҷумаи таҳтуллафз намоем маънои «**зеботар**»-ро медиҳад, ки аз зарфи миқдории «***plus***»-и ифодакунандаи дараҷаи қиёсии сифат ва сифати «***jolie-зебо, хушрӯй, қашанг, латиф***» таркиб ёфтааст.

Ҳамзамон дар тарҷумаи русии роман ҷумлаи мазкур дорои дараҷаи қиёсии сифати «***красивей***» буда, ин далолат ба он мекунад, ки ба забони фаронсавӣ на аз забони тоҷикӣ, балки аз забони русӣ тарҷума гардидааст, зеро дар ҳарду забонҳои (фаронсавӣ ва русӣ) нисбат ба тоҷикӣ мувофиқат бештар ба назар мерасад.

Илова бар ин пешванди «бар-» вазифаи пайвасткунандаи исм ба исмро низ иҷро карда метавонад. Масалан вожаи «сарбарфалак» аз нигоҳи сохтор ва таркиби луғавӣ ба калимаи мураккаб дохил гардида аз исми «сар», бандаки изофӣ ё пешванди «-бар-» ва исми «фалак - осмон» таркиб ёфтааст:

«Қуллаи сарбарфалак **наздик** *метобад маро,*
Бинам аз домони кӯҳ, гӯё ки дастам мерасад...» [18, с. 114].
«Toute proche parait une cime ***lointaine****,*
D'en bas on la croirait à portée de la main...» [23, с. 101].
«- Вершина ***далекая*** кажется близкою.
С подножья посмотришь — рукою подать*...» [9, с. 35].*

Дар мисоли мазкур пешванди «**-бар-**» нақши пайвасткунандаи исм ба исмро иҷро карда, дар забони тоҷикӣ вожаи «**сарбарфалак**» ҳамчун сифати мураккаб барои тасвири кӯҳҳо, биноҳои боҳашамат ё ин, ки дарахтони баланд истифода мешавад. Агар мо тарҷумаи сифати «**сарбафалак**»-ро дар тарҷумаи фаронсавӣ ва русии асар дида бароем, мутарҷимон ин вожаро дар забони русӣ тавассути калимаи «**далекая**» ва дар забони фаронсавӣ тавассути калимаи «**lointaine**» баргардон кардаанд.

Вожаи «**далекая**»-и русӣ маънои «дур, дурдаст»-ро дода, аз решаи «**даль**», ки маънои асосии калимаро дар бар мегирад, ки масофаи зиёдро ифода мекунад, пасвандҳои «-ек», ки барои сохтани сифат аз исм хизмат мекунад ва бандаки «-ая», ки нишондиҳандаи ҷинси занона аст, иборат мебошад. Дар тарҷумаи ҷумлаи фаронсавӣ бошад ба ҷойи сифати «**сарбарфалак**» калимаи «**lointaine**» истифода шудааст, ки тарҷумааш айнан ба монанди забони русӣ «**дур, дурдаст**» мебошад. Таркиби калимаи мазкур бошад аз исми «**Loin**», пасванди калимасози «**-ain**» ва пасванди ифодакунандаи ҷинси занонаи «**-е**» иборат мебошад.

Хулоса таҳлили муқоисавии пешвандҳои сифатсози «бо-» ва «бар-» дар заминаи забонҳои тоҷикӣ, фаронсавӣ ва русӣ муайян мекунанд, ки ин морфемаҳо на танҳо вазифаҳои гуногуни грамматикӣ, балки барои маънидод кардан низ истифода бурда мешаванд. Дар забонҳои мавриди таҳқиқ пешванди «бо-» ва муодилҳои он барои сохтани калимаҳои нав истифода бурда шуда, вале тарзи ифодаи онҳо аз ҳам ба куллӣ фарқ мекунанд. Масалан дар забони тоҷикӣ пешванди «бо-» бештар барои функсияи калимасозии синтетикӣ истифода шуда, муодили фаронсавии он баъзан тавассути пешванди калимасози «con- / com- / col-», ки аз лотинӣ сарчашма мегиранд, истифода мегардад. Ҳамчунин базан калимаҳои фаронсавие ҳастанд, ки муодили вожаҳои тоҷикии ифодашуда таавассути пешванди «бо-» буда, аммо бо дигар пешвандҳо ва ҳаттодар баъзе ҳолат тавассути калимаҳои махсус сохта мешаванд.

Пешванди «бар-» дар забони тоҷикӣ дар муқиса бо пешванди «бо-» бештар хусусияти феълӣ ва самтиро дошта, ҳамзамон дар сохтани сифатҳои гуногун истифода мешаванд, ки мо дар дохили кори хеш оид ба ин масъала равшанӣ андохтаем. Дар асоси мисолҳои овардашуда аз адабиёти бадеии тоҷик ва варианти баргардоншудаи онҳо ба фаронсавию русӣ таҳлилу баррасӣ намуда, тафовут ва монандиҳои онҳоро нишон додаем.

Адабиёт

1. *Айнӣ С. Одина / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1988. - 163 с.*
2. *Айнӣ С. Мактаби кӯҳна. Повест / С. Айнӣ. – Душанбе: Истиқбол, 2010. – 56 с.*
3. *Албер Камю. Бегона / Л. Албер. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 150 с.*
4. *Амлоев А. Я. Словообразование имён существительных в художественной прозе Фазлиддина Мухаммадиева [Текст]:Дисс.канд. фил. наук. – Душанбе, 2014.- 229 с.*
5. *Балабас Н.Н. К вопросу о префиксальном способе словообразования в современном французском языке (на материале аутентичной прессы и словарных дефиниций толковых словарей)/ Н.Н. Балабас//Гуманитарные, социально-экономические и общественные науки. – 2015. – № 9. – С. 300 – 303.*
6. *Балабас Н.Н. Усечение как средство пополнения словарного состава французского языка (на материале современной французской прессы). Вестник МГОУ. Серия « Лингвистика ». 2015. № 3. М. Изд-во МГОУ, С.54–60.*
7. *Валиев Ҷ.А. Калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад. – Душанбе: ДДОТ, 2024. – 202 с.*
8. *Гак В.Г. Сравнительная типология французского и русского языков, М.: Просвещение, 1989. – 288 с.*
9. *Гамзатов Р. Мой Дагестан / Р. Гамзатов. – М.: Художественная литература, 1985. – 92 с.*

10. *Икрами Дж. Дочь огня / Дж. Икрами. – Москва: Известия, 1985. – 455 с.*
11. *Икромӣ Ҷ. Духтари Оташ / Ҷ. Икромӣ. – Душанбе: Адиб, 2009. – 557 с.*
12. *Исмоилов, И. Мавқеи суффикси –она дар калимасозии зарф [Матн]:И. Исмоилов// Мактаби советӣ.-1964.-№2. – С.13-16;*
13. *Катагощина Н.А. Как образуются слова во французском языке. М.: Дом Книга, 2006. 112 с.*
14. *Маликов А.Р. Калимасозӣ тавассути пасванди «-вор» дар забони тоҷикӣ ва муродифоти он дар забони фаронсавӣ /А.Р. Маликов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе – 2025. – №4 (117). – С. 64-69.*
15. *Ниёзӣ, Ш. Исм ва сифат дар забони тоҷикӣ / Ш. Ниёзӣ. – Сталинобод: Нашр. АФ РСС Тоҷ., 1954. – 50 с.*
16. *Ниёзмуҳаммадов, Б. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷикӣ. Фонетика ва морфология. [Матн]: Иборат аз 2 қисм/ Б. Ниёзмуҳаммадов, Ш. Ниёзӣ, Л. Бузургзода.Қ.1.- Сталинобод: Нашриёти давлатии адабиёти таълимӣ-педагогии Тоҷикистон, 1959. – 108 с.*
17. *Низомова, С.Ф. Калимасозии сарфӣ дар "Хамса"-и Низомии Ганҷавӣ [Матн] / С.Ф. Низомова. - Душанбе, 2002. – 180 с.*
18. *Расул Ғамзатов. Дағистони ман. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 300 с.*
19. *Рахматуллозода С. Словообразования имён существительных в южных и юго-восточных говорах таджикского языка/ С. Рахматуллозода. – Душанбе, 2016. – 239 с.*
20. *Рустамов, Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн]: / Ш. Рустамов. – Душанбе, 1972. – 76 с.*
21. *Aïni S. La mort de l'Usurier. Nouvelles Traduites du tadjik et du russe par S. Borodine et V. Voinot. Les éditeurs français réunis 24, rue Racine. – Paris (VI^{e}) 1957. – 70 p.*
22. *Albert Camus. L'Etranger / C. Albert. – France: Gallimard, 1942. – 145 c.*
23. *Gamzatov R. Mon Daghestan / R. Gamzatov.– Moscou: Edition du Progrès, 1971. – 253 p.*
24. *Ikrami Dj. La Fille du Feu/ Dj. Ikrami.– Moscou: Édition progrès, 1966. – 608 c.*

НАҚШИ ПЕШВАНДҲОИ «БО-» ВА «БАР» ДАР ТАШАККУЛИ СИФАТҲОИ СОХТА ВА МУОДИЛҲОИ ЛЕКСИКИИ ОНҲО ДАР ЗАБОНҲОИ ФАРОНСАВӢ ВА РУСӢ

Калимасозӣ яке аз роҳҳои пурғановати захираи луғавии забонҳо маҳсуб ёфта, он дар ҳама давру замони инкишофи забонҳои тоҷикӣ, фаронсавӣ ва русӣ яке аз роҳҳои муҳимтарин ва сермаҳсултарини таркиби луғавии онҳо ба шумор меравад. Забон баробари рушди ҷомеа тараққӣ мекунад ва мардум бошад барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти хеш калимаҳои зиёдеро тавассути роҳҳои гуногун истифода мебаранд. Пешвандҳои калимасоз дар забонҳои мавриди таҳқиқ ба сермаҳсул, каммаҳсул ва бемаҳсул дохил гардида, муаллиф то қадри имкон кӯшиш ба харҷ додааст аз байни онҳо пешвандҳои сермаҳсули забони тоҷикиро интихоб намуда, онҳоро ба фаронсавӣ ва русӣ таҳлилу муқоиса намояд. Таҳқиқоти мазкур нишон медиҳад, ки барои ба даст овардани тарҷумаи дурусти мафҳумҳои дорои пешвандҳои мазкур бояд на танҳо шакли калима, балки контексти маъноии ҳар як забонро ба назар гирем. Муаллиф барои муайян кардани мавқеъ ва истифодаи пешвандҳои забонҳои тоҷикӣ, фаронсавӣ ва русӣ кӯшиш намуда, онҳоро ҳам дар забони асл ва ҳам дар забонҳои тарҷумашуда аз фаронсавӣ ва русӣ ё баръакси ҳол муқоиса кардааст.

Калидвожаҳо: тарҷума, муқоиса, бемаҳсул, сермаҳсул, таҳлил кардан, тарҷума кардан, муқоиса кардан, муайянӣ, номуайянӣ, тафовут.

РОЛЬ ПРЕФИКСОВ «БО-» И «БАР-» В ФОРМИРОВАНИИ ПРОИЗВОДНЫХ ПРИЛАГАТЕЛЬНЫХ И ИХ ЛЕКСИЧЕСКИЕ ЭКВИВАЛЕНТЫ В ФРАНЦУЗСКОМ И РУССКОМ ЯЗЫКАХ

Словообразование считается одним из богатейших путей пополнения словарного запаса языков. На всех этапах развития таджикского, французского и русского языков оно является одним из важнейших и наиболее продуктивных способов формирования их лексического состава. Язык развивается параллельно с прогрессом общества, и люди для удовлетворения своих коммуникативных потребностей используют множество слов, образованных различными способами. Словообразовательные префиксы в исследуемых языках подразделяются на продуктивные, малопродуктивные и непродуктивные. Автор приложил усилия, чтобы выбрать среди них наиболее продуктивные префиксы таджикского языка и провести их сравнительно-типологический анализ с французским и русским языками. Данное исследование показывает, что для достижения точного перевода понятий, содержащих указанные префиксы, необходимо учитывать не только внешнюю форму слова, но и смысловой контекст каждого конкретного языка. Автор предпринял попытку определить статус и особенности функционирования префиксов в таджикском, французском и русском языках, сопоставляя их как в языке оригинала, так и в переводах с французского и русского языков, и наоборот.

Ключевые слова: перевод, сопоставление, непродуктивный, продуктивный, анализировать, переводить, сравнивать, определённость, неопределённость, различие.

THE ROLE OF THE PREFIXES "Бо-" AND "Бар-" IN THE FORMATION OF DERIVED ADJECTIVES AND THEIR LEXICAL EQUIVALENTS IN FRENCH AND RUSSIAN

Word formation is considered one of the richest ways to replenish the vocabulary of languages. At all stages of the development of the Tajik, French, and Russian languages, it remains one of the most important and productive methods for shaping their lexical composition. Language evolves in parallel with social progress, and individuals utilize a multitude of words formed through various methods to satisfy their communicative needs. Word-forming prefixes in the languages under study are classified as productive, semi-productive, and unproductive. The author has endeavored to select the most productive prefixes of the Tajik language to conduct a comparative-typological analysis with the French and Russian languages. This research demonstrates that to achieve an accurate translation of concepts containing these prefixes, it is necessary to consider not only the morphological form of the word but also the semantic context of each specific language. The author has attempted to determine the status and functional characteristics of prefixes in the Tajik, French, and Russian languages, comparing them both in the source language and in translations from French and Russian, and vice versa.

Keywords: translation, comparison, unproductive, productive, analyze, translate, compare, definiteness, indefiniteness, difference.

Дар бораи муаллиф
Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович
Номзади илмҳои филологӣ, и.в.дотсенти кафедраи забони франсавӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: kafedra.usnt@mail.ru

Об авторе
Маликов Абдулвохид Расулджонович
Кандидат филологических наук, и.в.доцента кафедры французского языка
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: kafedra.usnt@mail.ru

About the author
Malikov Abdulvohid Rasuljonovich
Candidate of Philological Sciences, a.p. of docent at the Department of French language
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: kafedra.usnt@mail.ru

ТДУ 811.11+811.21 (22-54)

ВИЖАГИҲОИ УСЛУБИИ КОРБУРДИ ИСТИЛОҲОТИ ИЛМӢ ДАР НИЗОМИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТИ ЗАБОНШИНОСӢ

Маҳмадбекова Г. З.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқаддима. Дар муқаддимаи мақола мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, омӯзиши фикру андешаҳои мухталиф роҷеъ ба мавзуи мақола, баррасии адабиёти марбут ба мавзуи таҳқиқшаванда, мушкилот ва навгониҳои таҳқиқ таҳлилу баррасӣ гардидааст. Дар замони истиқлол, ки ҳама гуна матнҳои мухталифи илмӣ мавриди тарҷума қарор дода мешавад, вижагиҳои услубии корбурди истилоҳоти илмӣ дар партави милликунонии забон ва истилоҳоти илмӣ яке аз масъалаҳои аввалиндараҷаи забони миллии тоҷикӣ ба ҳисоб меравад.

Мавод ва усули таҳқиқот. Таҳлилу баррасии мақолаи мазкур дар асоси маводди ҷамъоваришудаи соҳаи электроэнергетика, ки солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамчунин дар низоми забони тоҷикӣ мавқеи хос пайдо намудааст, яке аз масоили асосии низоми истилоҳоти илмии соҳаи электроэнергтика маҳсуб дониста мешавад. Истилоҳоти мавриди таҳқиқ ба таври усули муқоиса дар забонҳои гуногунсохтор гузаронида шуд. Дар баробари ҳамаи ин дар мақолаи мазкур саъю кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки истилоҳоти илмии байналмилалии забонҳои хориҷӣ аз нигоҳи маъноиву мансубияти забонӣ ва решашиносӣ мавриди таҳлилу баррасии амиқ қарор дода шавад, ки аҳаммияти илмиву назарии хешро то имрӯз аз даст надодааст.

Натиҷаи таҳқиқ. Пас аз таҳлилу баррасиҳо ба чунин натиҷаҳо расидем, ки истилоҳот ҳамчун бахши меҳварии матни тахассусӣ бояд маънои ягонаи илмӣ доша бошад, зеро аз рӯйи меъёри истилоҳ ва истилоҳсозӣ якмаъногии истилоҳоти илмӣ хоси истилоҳ ба шумор меравад. Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки дар тарҷума меъёрҳои ягонагии услуби истифодаи истилоҳ шарти асосӣ маҳсуб дониста мешавад.

Муҳокима таҳлили маъноии истилоҳоти соҳаи электроэнергетикаро дар худ фаро мегирад. Дар муҳокима пешниҳоду тавсияҳое ишора шудааст, ки дар ташаккули марҳилаҳои ояндаи соҳаи мазкур мусоидат намуда, дар бою ғанӣ сохтани захираи луғавии истилоҳоти илмӣ мавқеи калидиро касб намудаанд.

Чунин сабку услуби истифодаи истилоҳоти илмии тахассусӣ дар ҳамаи соҳаҳо дар тарҷумаи матнҳои соҳавӣ низ таъсири амиқ мерасонад. Зеро ҳангоми тарҷумаи истилоҳоти байналмилалии соҳаҳои мухталиф мафҳум ва маънии истилоҳоти илмӣ аз байн меравад, ки ин боиси харобии маънии аслӣ мегардад. Бинобар ин, меъёри тарҷуманашавандагии истилоҳоти илмӣ яке аз шартҳои асосии қонуну қавоиди истилоҳот мебошад.

Забон ба ҳайси низоми мураккаби амалкунанда мебошад. Фаъолияти забон дар муносибати воқеии одамон, яъне дар нутқ вобаста ба соҳаи фаъолият интихобӣ тавсиф меёбад. А. В. Федоров дар китоби худ «Асосҳои назарияи умумии тарҷума» чунин андешаро пешниҳод менамояд: «Дар илм ҳамчун низоми донишҳо оид ба қонунмандиҳои рушду инкишофи табиат ва ҷомеа, натиҷаи раванди тафаккур, афкори илмӣ, ки пойбанди қонуни мантиқ аст, тавассути истилоҳоти илмӣ таҷассум меёбад.

Бо дарназардошти ин масъалаи муҳим метавон чунин ибрози андеша намуд, ки дар ҳама давру замон асоси мутуни мухталифи илмиро истилоҳоти илмӣ ташкил медиҳад, ки дақиқии мафҳуми матн ба истилоҳот робитаи ногусастанӣ дорад. Зеро истилоҳот мақоми баланди илмиро соҳиб буда, берун аз матн низ маънии ягонаву соҳавии хешро дақиқу равшан баён менамоянд. М. Н. Кожина дар таҳқиқоти диссертатсионии худ таъкид менамояд, ки низоми услуби илмӣ дар он зоҳир меёбад, ки воситаҳои забонии дар он истифодашаванда аз рӯйи маъноҳои умумӣ ба ҳам алоқаманд мебошанд. Чунин умумият ва робитаи василаи забонӣ, ки ба нутқи илмӣ хос аст, хусусиятҳои сифатии нутқи услуби илмиро ба миён меорад [9, с. 84].

Дар ҳақиқат тарҷумаи матнҳо ва дар баробари тарҷума пайдо намудани муодили якрангу якнавохти истилоҳоти илмии тахассусӣ дар забони илмҳои мухталиф ҷойгоҳи хоссаро касб намуда, барои ташаккули илм дар ҷомеа ба ҳайси як воситаи ташаккули соҳаҳои мухталифи ҷомеа нақши муҳим дошта, ҳар соҳаи илм бошад, истилоҳоти илмии махсуси худро дорад, ки забони онро то андозае дақиқу равшан менамояд. Бинобар ин, ҳар яке аз соҳаҳои мухталифи ҷомеа дорои қавонину қавоиди махсуси хеш буда, вижагиҳои

забонии худро доро мебошад. Дар забоншиносӣ чунин низоми хоси соҳаи илмро забони илм ном мебаранд. Бояд таъкид намуд, ки мафҳуми забони илм дар забоншиносии тоҷик падидаи нав буда, дар ҳар як соҳа бо тарзи ба худ хос роҳандозӣ карда мешавад. Мафҳуми забони илм маҷмуи забони соҳаҳои мухталифи ҷомеаро дар худ фаро мегирад, ки асоси ин гуна забони илмро истилоҳоти илмии соҳаҳои мухталиф ташкил медиҳад.

Тавре донишманди тоҷик С. Назарзода дар осори илмии хеш таъкид менамояд, «…масъала ва мушкилоти истилоҳоти илмӣ, истилоҳгузинӣ, аз ҷумла принсипҳои илмии ташаккули истилоҳоти нави иҷтимоӣ-сиёсии забони тоҷикӣ ва дигар ҳамзабонони мо қаробати зиёде ба ҳам доранд» [12, с. 13-14].

Масалан, тавре муҳаққиқон Қ. Ш. Тӯраҳасанов, Ш. Намозова дар «Истилоҳоти кандакорӣ дар забони тоҷикӣ ва фаронсавӣ» ва Т. Мискинова дар «Усулҳои мухталифи истилоҳсозии биологӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ» ном мақолаҳои хеш таъкид менамоянд, маҷмуи истилоҳоти соҳавӣ ба монанди худи забон ҳамеша дар рушду инкишоф мебошанд. Зеро ҳар як падидаи нави маънавӣ дар паси худ мафҳумҳои илмиеро ба миён меорад, ки ин ҳама мафҳумҳои илмӣ бо истилоҳоти илмӣ ифода карда мешавад, ки ҳамаи ин дар навбати худ заминаҳои асосии бавуҷудоии забони илмро ташкил медиҳад [14, с. 120-129; 11, с. 129-138]

Бо дарназардошти масъалаҳои фавқуззикр истилоҳоти илмии тахассусӣ дар ҳамаи соҳаҳо мавқеи муҳим дошта аз аввали рушду инкишоф ва роҳу воситаҳои ташаккули худ мақоми баландро касб намуда буд. Аз ин нуқта назар, истилоҳот ва забони илм ва дар ин замина мақоми тарҷума дар ташаккули забон ва истилоҳоти илмӣ таваҷҷуҳи аҳли улуми адабиву забоншиносиву истилоҳшиносиро ба худ ҷалб намуда буд. Бинобар ин дар забонҳои миллӣ ба раванди тарҷумаи осори илмии тахассусӣ аҳаммияти ҷиддӣ дода шуда, дар интихоби истилоҳоти илмӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир мегардид. Ҳамчунин муодили истилоҳоти илмӣ дар забонҳои гуногунсохтор мавриди омӯзиш қарор дода шуда, шарҳу тавзеҳи онҳо аз нигоҳи илмӣ дақиқу равшан ба роҳ монда шуданд. Ҳамин нуқта низ хеле ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки истилоҳоти байналмилалӣ дар бештари ҳолатҳо маънии умумии худро дар тамоми забонҳо нигоҳ медоранд. Дар замони ҷаҳонишавии тамаддунҳо ва забони илму фарҳанги ҷаҳонӣ истилоҳоти илмӣ низ ба чунин мушкилот рӯ ба рӯ шуданд. Вале дар ҳама ҳолат матни тарҷума бояд маънии аслиро пурраву мукаммал ифода намояд [1, с. 23-24]. Зеро истилоҳоти илмӣ дар муқоиса бо калимаҳои маъмулии забон бо чанд хусусияти хеш фарқ доранд. Аввалан бояд таъкид намуд, ки истилоҳоти илмӣ хусусияти якмаъноиро дар худ доро мебошанд. Яъне истилоҳоти илмӣ дар ҳама ҳолат дорои як маъно мебошад, ки чунин якмаъноӣ берун аз матн низ зоҳир меёбад. Дигар хусусияти истилоҳ ин соҳавӣ будани он аст, ки аз калимаҳои маъмулӣ куллан фарқ мекунанд. Масъалаи хушоҳангии тарзи талаффуз низ дар истилоҳоти илмӣ яке аз масъалаҳои муҳим маҳсуб дониста мешавад. Аз ин хотир тарҷумони осори илмӣ бояд дар раванди тарҷума ба маънии аслии матн таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар интихоби истилоҳоти илмии соҳавӣ дақиққор бошад. Зеро истилоҳот бо якмаъногӣ ва соҳавӣ будани худ дар матнҳо ва осори илмӣ ҷойгоҳи хоссаро касб намуда, дақиқии матни илмӣ ба он робитаи ногусастанӣ дорад. Истифодаи истилоҳоти илмии соҳавӣ дар бахшҳои илмҳои мухталиф яке аз заминаҳои ба вуҷуд омадани забони илм ба ҳисоб меравад. Аз ҷониби дигар мавриди истифода қарор додани истилоҳоти тахассусӣ боиси мураккабии забон ва услуби баён мегардад.

Тарҷумони осори илмии тахассусӣ бояд дониши чуқури луғатомӯзӣ дошта бошад, ки дар тарҷума истилоҳоти мувофиқу муносибро пайдо намуда, мафҳуму маънии матнро ба хонанда дуруст дастрас намояд.

Дар тарҷумаи матнҳои соҳаҳои мухталиф тарҷумон бояд аз захираи бои луғавии хеш, ки ҳамаи соҳаҳои илмро фаро мегирад, самаранок истифода намояд. Ҳангоми тарҷума ҳамчунин бояд чунин шарту шароитҳоро риоя намояд, ки ба фоидаи кор хоҳад буд [3]:

1. Дақиқу равшан баён намудани маънии истилоҳоти илмӣ дар матни осори илмҳои мухталиф;
2. Доштани захираи бои луғавӣ дар маҷмуи истилоҳоти мухталифи соҳавӣ;
3. Ба таври илмӣ ва мантиқӣ дарк намудани матни илмӣ ва бо роҳу воситаҳои мухталиф дуруст тарҷума кардани матни илмӣ;
4. Ҳангоми тарҷумаи осори илмиву таърихӣ мавриди истифода қарор додани истилоҳоти илмии мувофиқ;
5. Дарки дурусти маънии умумии матни тахассусӣ ва дар ин замина ба таври мантиқӣ тарҷума кардани матн;

6. Молик будан ба донишҳои илмиву услубӣ ва тавонистани тарҷумаи мавзуӣ.

Дар тарҷумаи матни осори илмии мухталиф тарҷумаи калима ба калима ҷоиз набуда, балки додан ва ё ифода намудани мааънои умумии матн шарти зарурӣ аст**.** Яъне ҳангоми тарҷумаи матнҳои илмӣ-техникӣ бояд услуби муайяни тарҷума риоя карда шавад. Дар матнҳои илмӣ-техникӣ ягонагии тазу услуби истифодаи истилоҳоти илмӣ шарти асосӣ ба ҳисоб меравад, ки ин ба гуногунандешӣ хотима мебахшад. Зеро истифодаи мухталифи маънии истилоҳоти илмӣ услуби тарҷумаро коста гардонида ба духурагии маъно ва мафҳуми истилоҳоти илмӣ оварда мерасонад [13, с. 134-143].

Баъзе хусусиятҳо ва меъёрҳое, ки ҳангоми тарҷумаи матни осори илмӣ бояд муроот карда шавад, инҳо мебошанд: маънои истилоҳии ягонаи мафҳумҳои илмӣ, маънои услубии истилоҳоти илмӣ, ифодаи шаклҳои маъноӣ, тартиби батанзимдарории истилоҳоти илмии тахассусӣ дар матн.

Дар тарҷумаи матнҳо ва осори илмии тахассусӣ маънии аслии матн бояд аз ҳар ҷиҳат нигоҳ дошта шавад. Барои ин ба ҳар як тарҷумони касбӣ лозим ва зарур аст, ки дониши фарохи луғавӣ дошта услуби истифодаи истилоҳоти илмиро хуб ба роҳ монад. Дар ҳолати пайдо накардани муодили тоҷикии он бояд аз шарҳу тавзеҳи он мавриди истифода намуд, ки ба фоидаи кор хоҳад буд. [2, с. 13-15]. Навъҳои умдаи тағйироти маъноӣ – дастури метавонад дар худ чунин хусусиятҳоро фарогир бошад [7]:

-тарҷумаҳои антонимии матни тахассусӣ;

-тарҷумаи калима ба калимаи осори илмӣ;

-ивазкунии семантикӣ.

Ҳангоми тарҷумаи матнҳо ва осори илмӣ лозим ва зарур аст, ки аз калимаҳои куҳнаву таърихӣ ва дигар мафҳумҳои нав истифода намуд, кис афту сифати тарҷумаи матнро хубтару беҳтар мегардонад. Тарҷумаи матнҳои илмӣ бояд дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шавад [7, с. 109]. Тарҷумаи матнҳо ва истифодаи истилоҳот дар як вақт барои ғанигардонии захираи луғавии забон мусоидат менамояд. Он барои ташаккули фаъолонаи андешаҳо ва вазъи ҷаҳонбинии донишҷӯён замина муҳайё месозад. Вале матни илмии соҳавӣ бояд бо истилоҳоти хоси худ муҷаҳҳаз бошад.

Бархударов А. С. пешниҳод менамояд, ки танҳо бо аз худ намудани воситаҳои асосӣ, мафҳумҳои илмӣ ҳангоми тарҷумаи ин ё он истилоҳ, ки ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ тааллуқ дорад, метавон дар бораи мутобиқати тарҷума ҳарф зад [4]. Ҳаминро бояд дар назар дошт, ки барои забони англисӣ вазифаҳои гуногуни ҳиссаҳои нутқ хос мебошад, ки барои интиқоли маънои ин ё он истилоҳ ба дигар забонҳо душвориҳои муайян пеш меорад. Бешубҳа яке аз шартҳо дар интихоби маънои дурусти истилоҳ ин матн ба ҳисоб меравад. Вале ҳангоми тарҷумаи адабиёти техникӣ на ҳамеша матни забонӣ мавриди истифода қарор дода мешавад. Тавсифи техникӣ, шиносномаи техникӣ, истифода ва таъмир, рӯйихати воситаҳои нақлиётӣ, ҷадвалҳои гуногун, ҳисобҳо, ноқисиҳо ва ғ.

Тарҷумаи ин навъ матнҳо дар худ душвориҳои зиёдеро фаро мегирад: ҳамаи ин ҳуҷҷатҳо чун қоида шарҳи мухтасарро талаб менамояд. Дар ин маврид, забоншинос-тарҷумон бояд ҳамон соҳаеро омӯзад, ки ба ҳамон адабиёти тарҷумашаванда дахл дошта бошад. Фарз кардем, дар раванди тарҷумаи ҳуҷҷатҳои техникӣ дар рӯйихат калимаи *«poll shoe»* вохурд. Луғати мухтасари соҳавии энергетикӣ ибораи «пойафзолҳои қутбӣ»-ро пешниҳод менамояд, ки барои тарҷумон бидуни омодагии махсуси техникӣ ин истилоҳ номафҳум мебошад. *«Пойафзолҳои қутбӣ»* ва ё *«нӯги қутбӣ»* ин як қисми муҳаррики дорои ҳамеша баркдошта, ки тавассути он барқи ҳамешагӣ мегузарад [9, с. 84].

Ҳангоми интихоби матн лозим аст, ки маърифатнокӣ ва иттилоотии онҳо ба эътибор гирифта шавад. Масалан: «*The transformer is a device for changing the electric current from one voltage to another. It is used for increasing or decreasing voltage. Therefore, the function of a transformer is to change voltage and current of an alternating system to meet requirements of the equipment used. It is known to be simple in elementary principle, and in construction that is it involves no moving parts. Transformers change voltage through electromagnetic induction. The principal parts of a transformer are an iron core and, usually, two coils of insulated windings. One of them is called primary, another is called the secondary. The primary coil is connected to the source of power. The secondary coil is connected to the load. Thus, the primary is the coil to which power is supplied. The secondary is the coil from which power is taken. In scientific terms to produce an alternating magnetic flux in the iron core an alternating current must be passed through the primary coil. This flux is considered to induce electromotive force in both primary and secondary coils. The secondary coil is open – circuited. Current flows in the secondary coil when*

the latter is connected to the external circuit or load. The flow of current in the secondary coil tends to reduce the flux in the core. Transformers are placed inside a steel tank usually with oil to improve the insulation and to cool the device» [2, с. 78].

Чунин истилоҳот аз «*transformer – трансформатор —трансформатор, voltage – напряжение – шиддат, magnetic flux – магнитный поток – ҷараёни магнитӣ, core-type transformer – стержневой трансформатор – трансформатори сутуншакл, shell-type transformer – броневой трансформатор – трансформатори зиреҳпӯш»* [2, с. 77], шарҳи маъниро талаб менамояд, яъне эҳтимоли тарҷумаи ноқис ва нодуруст ҷой дорад, зеро то ҳол як меъёри ягонаи истилоҳот дар соҳаи фавқуззикр дақиқу равшан нагардидааст. Доир ба ин ҳодисаи маъмулии забонӣ бояд бигӯем, ки дар рафти тарҷума истилоҳоти зиёди нави илмӣ ба миён меояд, ки ҳар кадоме аз онҳо мафҳумҳои дақиқу равшанеро ифода менамоянд. Вобаста ба ин масъалаи муҳимми забонӣ дар забонҳои гуногунсохтор андешаҳои мухталиф ва пешқадам аз ҷониби олимону донишмандони рус ва хориҷӣ (В. В. Алимов, Е. Бужарека, У. Вайнрах, Е. М. Верещагин, Э. Хауген, В. В. Климов ва ғ) таҳлилу баррасӣ гардидааст [16, с. 122-134].

Тибқи фикру андешаи У. Вайнрах дар зери мафҳуми интерференсия «аз маънои аслии истилоҳот дур рафтани мафҳумҳои илмиро дар назар доранд, ки ба миён омадани он дар ҳар гуна забон ногузир аст. Таъкид бояд намуд, ки хештгариву наздикии забонҳо ба ин мусоидат карда метавонад. Дар тарҷумаи матнҳо ва осори илмӣ тарҷумон, ки якчанд забонҳоро хуб мефаҳмаду дарк менамояд, чунин ҳодисаи дуршавии маъно аз маънои аслӣ ба миён меояд. [5, с. 22]. Ҳангоми тарзу тариқи таълими забонҳои гуногунсохтор интерференсия ҳамчун натиҷаи манфии дарк накардани таҷрибаи забоншиносӣ, ҳамчун таъсири мутақобилаи забонҳои миллӣ ба забони омӯхташаванда ба амал меояд.

Яке аз манбаъҳои асосии асосии интерференсия ин хусусиятҳои фарқкунандаи низоми мутақобилаи забонҳо ва таъсири байниҳамдигарии онҳо мебошад: таркиби феномии мухталиф. Тартибу низоми гуногуни дар амал татбиққунонии вазъии феном, ҳамоҳангии онҳо, талаффузи мухталифи овозии онҳо. Баҳамоии гуногуни нишонаҳои дифференсиалӣ, таркиби мухталифи дараҷаҳои дастурӣ ва воситаҳои мухталифибаёни фикру андеша.

Тавре меъёрҳои илмии истилоҳоти илмии тахассусӣ гувоҳӣ медиҳанд, ҳангоми тарҷумаи матнҳои тахассусӣ аз истифодаи муодил ё худ аз муродифоти онҳо қатъиян ҷоиз нест. Дар маҷмуъ, калима дар услуби илмӣ-техникӣ ба таври истисно ба маънои аслии худ мавриди истифода қарор дода мешавад. Ҷойи тасвир вуҷуд надорад. Усули чунин матн бо клишинги сатҳи баланд фарқ мекунад. Ҳамчунин тарҷумон ҳангоми тарҷумаи матн дар матнҳои техникӣ ба забон ва тамаддуни бисёре аз кишварҳои мухталиф бояд ошноӣ дошта бошад [6, с. 45-47].

Яке аз навъҳои дигари қолаби калимасозӣ, ки ҳангоми тарҷума душвориҳоро ба миён меорад – ин ихтисораҳо мебошад. Ихтисораи ифодаи ашёҳо ва омилҳо ҳамеша як меъёри нафақат забони илм ва соҳаҳои камистифода, балки онҳо ҳамчунин дар доираи робитаҳои ҳамарӯза истифода мешаванд. Нелюбин Л. Л. ва Улиткин И. А. таъкид менамояд, ки забони муосири илмӣ-техникӣ аз аккронимҳо ва аббревиатураҳо фаровон аст. Дар матни банди мазкур ин андеша аҳаммияти махсус дорад, гарчанде таҳқиқоти ин воҳидҳои луғавӣ ба бисёре аз соҳаҳои мушкилотдошта, истилоҳоти соҳаҳои марбут дар забонҳои муқоисашаванда равшанӣ меандозад. Як қатор муҳаққиқон –истилоҳшиносон дар тамоюли аббревиатсияи воҳидҳои луғавии техникӣ барои сифати матни шифоҳӣ ва хаттӣ саъюкӯшиш менамоянд, ки ин ба истифодаи фаъоли ихтисораҳо дар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва сарчашмаҳои илмӣ-техникӣ мусоидат менамояд [10, с. 133].

Улиткин И. А. ва Нелюбин Л. Л. як қатор таснифоти имконоти ихтисораҳоро таҳлилу баррасӣ намуда, ба чунин хулоса меоянд, ки дар муҳити забоншиносии муосири ватаниву хориҷӣ дар миёни муносибатҳои мухталиф ба таснифоти ихтисораҳо нисбатан фарогир ҷудо намудани онҳо ба ҳайси аббревиатураҳо ва аккронимҳо, ихтисораҳои хаттӣ ва бурриш қобили қабул дониста мешавад [15, с. 69].

Ин навъи гурӯҳро ба таври муфассал таҳлил менамоем. Намуди нисбатан паҳншудаи онҳо аббревиатураи номҳо номида мешавад. Ихтисораҳои мазкур дар худ фаро мегиранд:

а) Нишондиҳандаҳои ҳарфӣ, яъне маҷмуи ҳарфҳои аввали воҳидҳои луғавии буридашуда;

б) нишондиҳандаҳои ҳарфӣ-овозӣ, замоне, ки ҳам ҳарфҳои нахустин ва ҳам овозҳои нахустини лексемаҳои кутоҳшуда ба ҳам пайваст мешаванд.;

в) аббревиатураҳои овозӣ ба маънои ғояи овозҳои ибтидоии калимаҳои кутоҳшуда.

Ба навъи дуюм ихтисораҳои хаттие дохил мешаванд, ки як қисми калимаи кутоҳшуда ба таври фаъол дар воҳидҳои чен кардани бузургиҳои физикӣ дар ҳар ду забон мавриди истифода қарор дода мешавад. Масалан, дар забони англисӣ хатти каҷ ва нуқта, *«wattper steradian-W/sr -ватт на стерадиан -ватт ба стередиан; revolution per minute-r/min - число оборотов в минуту - шумораи гардиш дар як дақиқа; newton meter-N-m - ньютон метр - ниютон метр,* ифодаи градус *«degree Fahrenheit-eF»* ва ифодаҳои ададӣ *«cubic meter-mi, square inch-inl»,* ва ифодаҳои ададӣ-ҳамчунин истифодаи ҳамзамони хатти каҷ ва шумора«*candela per square foot -cd/ftl»*, аббревиатура *P- power - мощность – иқтидор ва тавоноӣ, F-force - сила -қувва, V- voltage - напряжение -шиддатнокӣ, R – resistance - сопротивление - муқовимат, E.M.F. – electro motive force - электродвижущая сила - қувваи барқии ҳаракаткунанда, D.C. – direct current - постоянный ток - ҷараёни доимӣ, A.C. – alternative current - переменный ток -ҷараёни тағйирёбанда* [10, с. 136-137].

Мехоҳам омилҳои падидаи тарҷума нашудани истилоҳотро дар тарҷумаи матнҳои техникӣ бевосита ва ба таври хосса қайд намоям. Баъзе ҳолатҳое мешавад, ки дар раванди тарҷума интихоби муодили тоҷикии истилоҳот номумкин аст. Бинобар ин, дар раванди тарҷума мавриди истифода қарор додани низоми муайяни тарҷумаи матнҳои техникӣ яке аз масоили муҳимми кори тарҷумон ба ҳисоб меравад. Дар ин масъала тарҷумон бояд таҷрибаи зиёди тарҷумонии матнҳои мухталифро дошта бошад, ки бо истилоҳоти гуногуни фаннӣ муҷаҳаз бошад. Зеро донистани усулҳои кори тарҷума ва доштани захираи бойи истилоҳоти илмии мухталиф дар кори тарҷумонӣ масъалаи меҳварӣ маҳсуб дониста мешавад [8, с. 123-125]. Чунин мураккабиҳо ба душвории дарки матлаби матни илмӣ оварда мерасонад. Ин пеш аз ҳама дар натиҷаи пайдо нагардидани истилоҳоти ифодакунандаи мафҳумҳои нав ба миён меояд. Масалан, *Special Systems Industry, accredited person.*

Барои он, ки намояндагӣ ҳангоми тарҷумаи матнҳои техникӣ таъмин карда шавад, лозим ва зарур аст, ки воридшавандагии матни тарҷума ва ҳама ҳолатҳои услуби техникии нутқ ба эътибор гирифта шавад. Дар тарҷума хусусиятҳои забони миллӣ бояд ба назари эътибор гирифта шавад. Зеро ҳангоми тарҷума пеш аз ҳама мо бояд аз захираҳои дохилизабонӣ истифода намоем, ки ба манфиати кор хоҳад буд, махсусан:

1.Ҳангоми тарҷумаи матни аслӣ ва ё осори илмӣ бояд таъкид карда шавад: «Тарҷума аз (забони асл)».

2.Матн ва осори илмӣ бояд дар асоси истилоҳоти илмӣ муфассал ва дақиқу равшан баргардон карда шаванд.

3.Тарҷумаи матни аслӣ ба таври муфассал бояд тахминан ба шаклу қолаби матни аслӣ мувофиқат намояд.

4.Банду басти мафҳумҳои фаслҳо бояд тавре ба ҳам алоқаманд карда шавад, ки ҳама гуна ҷудокуниҳо камбудии намоёнеро дар матн ба миён наорад.

5.Дар ҳолатҳое, ки номи дастгоҳ ва ё техника дар забони асл ифода мешавад, ё бо овонвисӣ навишта мешавад, ё тарҷумаи онҳо бояд дар қавсҳои порчагӣ баъди унвон ва ё дар шакли эзоҳ дода шавад.

6.Ҳангоми тарҷума тарҷумон бояд аз маҳорату малакаи тарҷумонӣ ва дониши итилоҳии хеш ба таври судманд истифода намояд.

7.Дар тарҷумаи матнҳо ва осори илмии тахассусӣ бояд меъёрҳои ягонагии истифодаи услуби истилоҳот риоя карда шавад. Дар сурати он ки забон ва ҷомеа ҳамеша дар ташаккулу таҳаввулот аст, аз ин рӯ, истилоҳоти илмӣ низ ҳамеша дар рушду такомул қарор дорад. Аз ин сабаб, истилоҳоти қаблан маълум метавонад, ки мафҳумҳои нав пайдо намонд, масалан, - таҳлил, вале на назария, таҳқиқоти назариявӣ, ихтисор намудани матн, табдилёбӣ (физ), барқароршавӣ (мат).

8.Ихтисораҳо (аббревиатураҳо) бояд аз рӯйи имкон шарҳ дода шаванд. Агар аббревиатураҳо шарҳи худро наёфтанд, пас, истилоҳот бояд дар шакли асл оварда шавад.

9.Ба хусусиятҳои грамматикӣ ва услубии матни тарҷумашаванда таваҷҷуҳи хосса дода шавад.

Хулоса. Дар натиҷаи таҳлилу баррасиҳо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки тарҷумаи матнҳои тахассусӣ аз тарафи забоншиносон, мутарҷимини истилоҳшинос бояд анҷом дода шавад, зеро донистани мафҳуму маънии истилоҳоти илмӣ дар тарҷумаи матнҳои тахассусӣ нақши муҳим дорад.

Забонҳои дунё бо роҳу воситаҳои мухталиф рушду инкишоф меёбанд, ки чунин роҳу воситаҳои ташаккули забонӣ на танҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ, балки дар забонҳои мақоми байналмилалидошта низ ба мушоҳида мерасад. Яке аз он роҳу воситаҳои рушду

инкишофи забон ин ташаккул додани истилоҳоти соҳавӣ ва илмӣ дар забон ба шумор меравад, ки дар ҳамаи забонҳои тараққикардаи ҷаҳон яке аз манбаҳои меҳвари ба қалам дода шудааст. Калимаҳои маъмулии забон бошанд дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа бо мурури замон мақоми истилоҳотиро касб менамоянд, ки ин ҳодисаи маъмулии забонӣ дар забонҳои гуногунсохтор бо сабку услубҳои пешрафта ба миён меоянд. Истилоҳоти илмии тахассусӣ агар аз як тараф боиси дақиқу равшан гаштани мафҳуми матнҳо бошанд ҳам, аз ҷониби дигар истилоҳоти илмии тахассусӣ боис мешавад, ки забон ва мутуни илмии марбут ба соҳаҳои мухталиф мураккабтару душворфаҳм гардад. Зеро ҳар як фан ва ё соҳа дар навбати худ забони тахассусии хешро доро мебошад, ки инро дар забони илм забони илмии соҳавӣ ном мебаранд, ки ҳар кадоме аз онҳо хусусиятҳои хоссаи худро дорад.

Адабиёт

1. *Анисимова, Ю. А. Сокращение технических терминов в лексической системе английского языка. дис....канд. филол. наук / Ю. А. Анисимова. - Германские языки. – Саратов, 2002. – 271 с.*
2. *Афзали, М. К. Английский для студентов по специальности «Электроэнергетика и электротехника» / М. К. Афзали, Г. Махмадбекова. – Душанбе: Сармад -Компания, 2018.- 300 с.*
3. *Ахманова, А. С. Социокультурные проблемы языка и коммуникации / А.С. Ахманова. – М., 2010. – 163 с.*
4. *Бархударов, Л. С. Пособие по переводу технической культуры / Л. С. Бархударов, И. В. Жукова. – М., Изд-во: Высшая школа, 1987. - 285 с.*
5. *Вайнрах, У. Языковые контакты (Состояние и проблемы исследования) пер. с англ / У. Вайнрах. – Киев: Виша школа. 1979. – 260 с.*
6. *Верщагин, Е. М. Язык и культура Лингвострановедение в преподавании рус. яз. как иностр.: учеб. пособие для студентов филол. специальностей и преподавателей рус. яз. и литературы иностранцам: МГУ. Науч.-метод. центр рус. яз. при Моск. гос. ун-те им. М. В. Ломоносова. Группа страноведения / Е. М. Верещагин, В. Г. Костомаров. – Москва, 1973. – 232 с.*
7. *Комиссаров, В. Н. Теория перевода (лингвистические аспекты): Учеб. для ин-тов и фак. иностр. яз. / В.Н. Комиссаров. – М.: Высш. шк., 1990. - 253 с.*
8. *Латышев, Л. К. Технология перевода / Л. К. Латышев. – М.: Академия, 2007. – М.: Academia, 2001. – С. 304-321.*
9. *Махмадбекова, Г. З. Способы интнрпретации терминологических синтаксических конструкций электротехнической терминологии / Г. З. Махмадбекова, М. К. Афзали, С. Я. Балхова // Вестник педагогической университет. - 2022. № 4 (99) – С. 84-88.*
10. *Махмадбекова, Г. З. Особенности структурно-семантической тождественности тнрминологических единиц в сфере электроэнергетики диссертация… канд. филол. наук / Г. З. Махмадбекова. – Душанбе, 2022. –222 с.*
11. *Мискинова, Т. Усулҳои мухталифи истилоҳсозии биологӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ / Т. Мискинова // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. –Душанбе, 2026, – №1 (120) С. 129-138.*
12. *Назарзода, С. Ташаккули истилоҳоти иҷтимоӣ-сиёсии забони тоҷикӣ дар садаи 20. /С. Назарзода. – Душанбе, 2004. –302 с.*
13. *Солганик, Г. Я. Стилистика технического текста / Г. Я. Солганик. – М., 1999. – 252 с.*
14. *Турахасанов, К. Ш. Истилоҳоти кандакорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ / Қ. Ш. Тӯраҳасанов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. - 2026. №1 (120). С. 120-129.*
15. *Улиткин, И. А. Использование и перевод сокращений в научно-техническом тексте / И. А. Улиткин, Л. Л. Нелюбин // Наука и человека: Гуманитарные исследования. Раздел 2. Филологические науки – Омск: Изд-во Омской гуман. Ак-и, 2014. №4 (18), –С. 222. - 227*
16. *Якобсон Р. Лингвистические аспекты перевода / Р. Якобсон. – Варшава, 1989.*

ВИЖАГИҲОИ УСЛУБИИ КОРБУРДИ ИСТИЛОҲОТИ ИЛМӢ ДАР НИЗОМИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТИ ЗАБОНШИНОСӢ

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои тарҷумаи матнҳои илмӣ-техникӣ таҳлилу баррасӣ карда мешавад. Душвории хосса ин бартараф намудани дахолати фарқияти байнизабониро ба даст меорад. Барои он ки дақиқият ва саҳеҳӣ ҳангоми тарҷумаи матнҳои техникӣ таъмин карда шавад, лозим ва зарур аст, ки воридшавандагии матни тарҷума ва ҳама ҳолатҳои услуби техникии нутқ ба эътибор гирифта шавад. Тарҷумаи мувофиқу муносиб бояд мафҳум ва мундариҷаи воқеиро дар истилоҳоти соҳаи мазкур ифода намояд, ки ба меъёрҳои забони тарҷума мувофиқ бошад. Муаллифи мақола усулҳои мухталифи тарҷумаи истилоҳот ва ихтисораҳоро таҳлилу баррасӣ намудааст. Ба ғайр аз ин, дар мақола як қатор тавсияҳо барои ифода намудани тарҷумаи муносиби матнҳои техникӣ оварда шудааст.

Калидвожаҳо: аккронимҳо, аббревиатура, тарҷумаи мувофиқ, тарҷумаи мутазодӣ, нусхабардорӣ, ивазкунии луғавӣ-маъноӣ, тафовути байнизабонӣ, транскрипсияи тағйирот.

СТИЛИСТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ФУНКЦИОНИРОВАНИЯ НАУЧНЫХ ТЕРМИНОВ В ОБЩЕЙ СИСТЕМЕ ЯЗЫКОВЫХ ИССЛЕДОВАНИЙ

В данной статье анализируются и глубоко рассматриваются проблемы перевода научно-технических текстов. Основные трудности прежде всего, связаны с устранением влияния межязыковых различый. Для обеспечения точности и адекватности при переводе технических текстов необходимо учитывать особенности исходного текста, а также все аспекты научно-технического стиля речи. Выпольненый перевод должен адекватно и корректно передавать смысл и фактические содержание оригинала, используя терминологию соответствующей отрасли и соблюдая нормы языка перевода. Автор статьи анализирует и рассматривает различные методы перевода терминов и аббревиатур. Кроме того, в статье представлен ряд рекомендации по обеспечению адекватного перевода специализированных текстов.

Ключевые слова: аккронимы, аббревиатура, адекватный перевод, антонимический перевод, калькирование, лексико-семантический замена, межязыковые замена, изменение транскрибции.

STYLISTIC FEATURES OF THE FUNCTIONING OF SCIENTIFIC TERMS IN THE GENERAL SYSTEM OF LANGUAGE RESEARCH

The present article deals with the issues of translation scientific technical texts. Special attention is given to the overcoming language interferation. In order to provide representation while translating technical texts one must take into consideration the recipients of the translating text. Adequate translation has to transfer the meaning of the original text in terms belonging to the specific field and correspond to the norms of standard language. The author analyses the various methods of translation terminology and abbreviations. In addition, some recommendations on adequate translation of technical texts are given as well.

Keywords: acronyms, abbreviations, adequate translation, antonymic translation, calking, lexica-semantic changing, interferation, representativeness.

Дар бораи муаллиф
Махмадбекова Гулсара Завқибековна
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои олмонӣ ва фаронсавӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
E-mail: gugamah@mail.ru

Об авторе
Махмадбекова Гульсара Завкибековна
Кандидат филологических наук, доцент общеуниверситетской кафедры немецкого и французского языков
Таджикский национальный университет
734025, Республики Таджикистан
г.Душанбе, пр. Рудаки, 17
E-mail: gugamah@mail.ru

About the author
Makhmadbekova Gulsara Zawkibekovna
Candidate of Philological Sciences, associate professor of the department of German and French languages
Tajik National University
734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki, Ave., 17
E-mail: gugamah@mail.ru

УДК 8.09.155.0+804.0

ТАДЖИКСКИЙ СОЧИНИТЕЛЬНЫЙ СОЮЗ «ВА» КАК СРЕДСТВО СВЯЗИ В СЛОЖНОСОЧИНЁННЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЯХ И ЕГО ФРАНЦУЗСКИЙ ЭКВИВАЛЕНТ

Ганиева М. А.
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни

Введение. В языковедение в зависимости от смысловой и грамматической сплочённости предикативных единиц сложные предложения подразделяются на сложносочинённые предложения (ССП) и сложноподчинённые предложения (СПП). В академической грамматике таджикского языка приводиться, что ССП – это сочетание двух или более грамматически равноправных предикативных групп, находящиеся в не зависимости друг от друга [7, с. 214]. Несколько иная точка зрения наблюдается в работах Ниёзи Ш. и Зикриёева Ф.К. ССП определяется им как сочетание двух или более взаимозависимых предикативных единиц, служащих для выражения единого смысла, одной ситуации, воспринимающий как целостной. Они рассматривают ССП как сложные единицы, выражающие единое смысловое целое посредством объединения структурно самостоятельных предложений [9, с. 216]. Если простое предложение описывает событие (ситуацию, отношение), то сложное отображает связь между событиями [4, с.363]. Именно единая смысловая целостность равнозначных предикативных единиц выступает первым признаком ССП. Второй признак в ССП является средство сочетаний, связывающих равноправных, но взаимообусловленных единиц. В сочетании данных единиц функционируют сочинительные союзы. Союзы как служебные слова функционируют для установления синтаксических и семантических связей между словами, группами слов и предложений. В синтаксической науке вопрос о квалификации синтаксических связей имеет длительную историю на протяжение которого значительно разработана и до сих пор остается актуальным и активно рассматриваемым.

Как уже определено синтаксической связью является формально-семантическая связь между компонентами синтаксической единицы. Изученная литература по традиционной грамматике показывает, что синтаксические связи делятся на сочинение и подчинение [5]. Связь между ПП в СП устанавливается или способом сочинения или подчинения. В «Забони адабии ҳозираи тоҷик» средствами семантической и грамматической связи и отношений между предложениями в ССП считается сочинительные союзы, интонация, согласования времен и разные лексические средства. Основным средством сочинения и выразитель синтаксических отношений простых предложений в ССП являются союзы [9, с.216]. Сочинение отражает самые общие логические отношения между процессами [4, с.363].

В настоящей статье будут анализироватся ССП соединенные с сочинительным союзом «ва» (и) как средство связи между ПП в ССП, и его эквивалент французского языка «et» (и). Как уже выше приведено определение ССП интерпретируется двояко. В рамках данной статьи предпринимается попытка изучения этой проблемы. Союзы «ва» и «et» реализуют координативную связь между элементами высказывания, однако не обладают собственным лексико-семантическим наполнением. Поэтому данные два союза были выбраны нами целенаправленно с учётом специфики исследования. Исследование языкового материала таджикского и французского языков свидетельствует о том, что в рамках ССП простые предложения отражают широкий спектр отношений между собой, выполняя функцию выражения человеческой мысли. Основная функция союзов «ва» и «et» соединительная [3, с. 166; 8, с. 415].

Материалы и методы. Материалом исследования послужили примеры, извлечённые из произведения С. Айни «Марги судхӯр» [1] и его французского перевода «La mort de l’usurier» [11].

При решение задач, определенных в работе, использовались сравнительно-сопоставительный метод, метод синтаксического анализа, семантический анализ, контекстуальный анализ и описательный метод.

Результаты. Союз «ва» исполняя свои функции проявляет универсальность так как соединяет простые предложения, имеющие разные логико-семантические отношения, такие как: 1) расположенность событий (ситуаций); 2) противительные отношения; 3) причинно-

следственные отношения; 4) присоединение двух или более явлений или фактов; 5) объяснительные отношения; 6) примыкательные отношения. Но этот союз как служебное слово, не обладая лексической семантикой, функционирует иссключительно как связующий элемент в структуре предложения. В ССП этот союз выполняет функцию связи между частями предложения, указывая на добавление информации или логическую связь между ними, которые часто равнозначны по значению. Проанализируем несколько предложений, в которых союзы, выполняя свою функциональную роль, указывают на различные типы отношений, при этом члены предложения, обладая собственными внутренними отношениями, могут демонстрировать различные смыслы в рамках данных конструкций**:**

1) расположенность событий (ситуаций**)**; в данных предложениях наблюдаются перечисление и наименование событий, явлений, которые имеют описательный и однородный характер, например: Қориишкамба аз даҳанаи тарафи растаи аттории тимча баромада ба пеши дӯкони як аттор истод ва ман ҳам аз паси ӯ рафта, худро харидор сохта дар паҳлӯи ӯ рост истодам [1, с. 20]. Структурно предложение делится на две простых предложений: 1) Қориишкамба аз даҳанаи тарафи растаи аттории тимча баромада ба пеши дӯкони як аттор истод - первое ПП; 2) ва ман ҳам аз паси ӯ рафта, худро харидор сохта дар паҳлӯи ӯ рост истодам. - второе ПП.

Таким образом, это сложносочинённое предложение с двумя частями, объединёнными союзам «ва» и действиями, описанными в разных частях.

Между частями предложения существуют следующие семантические отношения:

1) Последовательность действий: Первая часть первого предложения описывает действие, которое происходит первым: Қориишкамба аз даҳанаи тарафи растаи аттории тимча баромада. Во второй части второго предложения описывается, что происходит после этого: ба пеши дӯкони як аттор истод - он останавливается перед аптекой. Первая и вторая части второго предложения продолжают развивать ситуацию, описывая действия говорящего: ман ҳам аз паси ӯ рафта, худро харидор сохта дар паҳлӯи ӯ рост истодам.

2) Соподчинённость: Действия, описанные во второй и третьих частях предложения, зависят от действий, которые происходят в первой части первого предложения, т.е. выход Кориишкамбы из лавки (первая часть первого предложения) приводит к его остановке перед аптекой (вторая часть первого предложения) и к тому, что говорящий начинает следовать за ним (первая и вторая часть второго предложения).

3) Причинно-следственные отношения: В данном контексте можно сказать, что выход Кориишкамбы (первое предложение) является причиной, по которой говорящий решает действовать, следовать за ним, притворяться покупателем и стоять рядом с ним.

Таким образом, все части предложения связаны последовательностью действий и причинно-следственными отношениями.

Между предложениями можно выделить следующие синтаксические отношения:

1) Сложносочинённое предложение: Оба предложения соединены с помощью союза «ва», что означает сложносочинённую конструкцию, где каждое из предложений синтаксически связано с предыдущими через союз.

2) Соединение однородных предложений: Союз «ва» соединяет эти предложения, связывая их в одну более сложную конструкцию. Действия, описанные в этих предложениях, следуют одно за другим, создавая последовательность.

3) Синтаксические отношения в пределах простых предложений: В первом простом предложении Қориишкамба (подлежащее) выполняет действие, выраженное глаголом баромада (выходит). Этот глагол связан с дополнением аз даҳанаи тарафи растаи аттории тимча. Во втором предложении Кориишкамба (подлежащее) выполняет действие, выраженное глаголом истод (остановился), с дополнением ба пеши дӯкони як аттор. В последующих частях предложения ман (подлежащее) выполняет несколько действий: идет (рафта), притворяется покупателем (харидор сохта), стоит рядом с Кориишкамбой (истодам).

4) Отношения подчинения в части деепричастия: В последней части предложения «худро харидор сохта» действует деепричастие сохта, которое поясняет способ действия (притворяясь покупателем). Деепричастие добавляет дополнительную информацию о том, как именно говорящий действует в данной ситуации.

Таким образом, синтаксические отношения между предложениями включают использование сложносочинённой структуры с однородным соединением частей и подчинёнными действиями через деепричастия.

Французский перевод данного предложения передается двумя сложными предложениями: Kori-Ichkamba sortit du marché couvert, se dirigea vers les boutiques des droguistes et s'arrêta devant un marchand d'épices. Ayant utilisé l'expérience acquise chez le marchand de calottes, je lui emboîtai le pas et m'arrêtai à côté de lui, l'air indifférent [11, c.62]. – Эти предложения также являются СПП соединенные с помощью сочинительного союза «et» Рассмотрим структуру первого предложения:

1) «Kori-Ichkamba sortit du marché couvert, se dirigea vers les boutiques des droguistes – первое ПП; «et s'arrêta devant un marchand d'épices» - второе ПП. 2) «Ayant utilisé l'expérience acquise chez le marchand de calottes, je lui emboîtai le pas» - первое ПП «et m'arrêtai à côté de lui, l'air indifférent.» - второе ПП, в котором деепричастный оборотом объясняет причину или обстоятельства действия, описанного в главной части предложения.

Между этими двумя предложениями существуют несколько семантических отношений:

1) Причинно-следственные отношения: В первом предложении описывается последовательность действий героя Kori-Ichkamba (он выходит с рынка, направляется к магазинам и останавливается перед торговцем специями). Во втором предложении объясняется, почему я (рассказчик) последовал за Kori-Ichkamba: «Ayant utilisé l'expérience acquise chez le marchand de calottes» (Использовав опыт, приобретённый у торговца шляпами). Это может подразумевать, что действия рассказчика связаны с приобретённым опытом и решением следовать за Kori-Ichkamba.

2) Пространственные отношения: В первом предложении есть пространственные указания (выход с рынка, направление к магазинам и остановка перед торговцем). Во втором предложении также указано, что рассказчик остановился рядом с Kori-Ichkamba.

3) Хронологические отношения: Первое предложение описывает события, происходящие в хронологическом порядке, и затем даётся дополнительная информация о действиях рассказчика в прошлом, связанным с опытом. Деепричастный оборот «ayant utilisé» в начале второго предложения подразумевает, что эти действия происходят до тех, что описаны в основном предложении, и объясняют мотивацию дальнейших поступков.

4) Отношения следования: Оба предложения описывают последовательность действий: сначала Kori-Ichkamba совершает ряд действий, потом рассказчик следует за ним. Здесь есть отношение следования, поскольку действия рассказчика происходят после тех, что описаны в первом предложении, и в некотором смысле зависят от действий первого персонажа.

Между данными предложениями существуют следующие синтаксические отношения:

1) Сложносочинённое предложение; предложение является сложносочинённым, так как состоит из несколько простых предложений, соединённых сочинительными союзами "et". Части предложения соединены союзом "et", что указывает на перечисление действий, совершаемых одним и тем же субъектом. Эти части логически и временно последовательны.

2) Синтаксическое подчинение и зависимость: Деепричастный оборот «Ayant utilisé...» подчинён главной части второго предложения, объясняя, по какой причине рассказчик предпринял дальнейшие действия. Этот оборот зависит от глагола в главной части предложения - *emboîtai* (следовал), поскольку объясняет мотивацию действия.

3) Синтаксическая связь между предложениями: Между первым и вторым предложением существует параллельность действий: действия Kori-Ichkamba в первом предложении (выход с рынка, движение и остановка) создают контекст для последующего действия рассказчика во втором предложении (следование за ним и остановка рядом). Хотя эти два предложения не объединены союзами или более явными синтаксическими связями, между ними имеется параллельность субъектов и действий.

2) противительные отношения: Следующее ПП рассматриваемого ССП соединенное с союзом «ва» имеют противительные отношения: Қориишкамба баъд аз ин гуфтугузор ба сухани касе ҷавоб надод ва сарашро аз табақ барнадошт [1, с.43]. - Это ССП состоящая из двух частей, соединённых с помощью «ва» в котором обе части имеют свою грамматическую самостоятельность и связаны между собой союзом.

В данном предложении можно выделить следующие семантические отношения между частями:

1) Контраст: Отсутствие реакции на слова собеседника (не ответил на речь) и физическое действие (не поднял головы) могут отражать внутреннюю отрешённость или пассивность персонажа, что создаёт контраст между речевым и физическим поведением.

2) Последовательность действий: Первая часть предложения описывает действие, которое происходит после определённого события (гуфтугузор), а вторая часть (сарашро аз табақ барнадошт) продолжает действие, которое также связано с предыдущим.

Таким образом, оба действия следуют одно за другим, что указывает на временную последовательность.

3) Причинно-следственные отношения: Отсутствие ответа на речь другого человека может быть причиной того, что персонаж не поднял свою голову с тарелки, то есть это может быть связано с его эмоциональным состоянием или нежеланием вступать в диалог. Таким образом, между предложениями присутствуют отношения последовательности и контраста подчёркивающие психологическое или эмоциональное состояние персонажа.

Выделяются следующие синтаксические отношения:

1) Союзное соединение: Между двумя частями предложения используется союз «ва», который соединяет однородные действия, обе части предложения соединены в рамках ССП, которое выражает две связанные, но независимые действия.

2) Главная и дополнительная части: В первой части предложения («Қориишкамба баъд аз ин гуфтугузор ба сухани касе ҷавоб надод») выражено основное действие, а вторая часть («сарашро аз табақ барнадошт») уточняет или дополняет первое действие. Это выражение не является прямой зависимостью, но обе части синтаксически соединены для создания более полной картины действия.

Перевод французского передается двумя предложениями: Cependant Kori-Ichkamba, sans regarder personne, se pencha sur le plat et se mit à manger. Durant tout le repas, il ne dit mot à quiconque et ne répondit à aucune question [11, с.84]. - Оба ССП состоящее из нескольких частей:

1) «Cependant Kori-Ichkamba, sans regarder personne, se pencha sur le plat et se mit à manger.» - основное предложение, с деепричастным оборотом ("sans regarder personne"), который уточняет, как действовало подлежащее. Здесь два действия, соединённые союзом «et» («se pencha» и «se mit à manger»).

2) «Durant tout le repas, il ne dit mot à quiconque et ne répondit à aucune question.» – здесь тоже два действия соединены с помощью союза «et», а «Durant tout le repas» - временное обстоятельство. В целом это ССП, состоящее из двух частей, каждая из которых может быть разобрана как простое предложение. Между этими предложениями можно выделить несколько семантических отношений:

1) Контраст: Первое предложение описывает действия Кори-Ишкамбы, который сосредоточен на еде и игнорирует окружающих, не смотря на них. Второе предложение, в свою очередь, акцентирует внимание на его молчании и отказе отвечать на вопросы, что усиливает впечатление его изоляции и замкнутости во время всего трапезы. Это создает контраст между его физическим (поеданием пищи) и социальным поведением (отсутствие взаимодействия с другими людьми).

2) Последовательность (временная связь): Действия в обоих предложениях происходят в рамках одного времени - трапезы. Первое предложение описывает, как он начал есть, а второе уточняет, как он вёл себя в течение всего приёма пищи. Таким образом, второе предложение раскрывает продолжение его поведения, произошедшее после начального действия из первого предложения.

3) Причинно-следственная связь: Его молчание и нежелание общаться могут быть следствием его изолированного состояния, которое уже обозначено в первом предложении. Таким образом, между предложениями существуют контраст, последовательность и возможная причинно-следственная связь.

Существуют следующие синтаксические отношения:

1) Сочинение: Эти два предложения соединены неявно, то есть они не соединены с помощью сочинительного союза, но оба относятся к одному и тому же субъекту (Kori-Ichkamba) и описывают его действия в рамках одного события трапезы. Обе части вместе составляют цельную мысль, которая раскрывает поведение Кори-Ишкамбы во время еды.

2) Последовательность действий: В первом предложении описывается, как Kori-Ichkamba начинает есть, а во втором как он ведет себя в течение всего приема пищи. Второе предложение описывает продолжение или дальнейшее развитие ситуации, связанной с действиями, начатыми в первом предложении. Это последовательное развитие действий можно считать, как синтаксическую связь по принципу временной связи.

3) Партиципиальное дополнение: В первом предложении деепричастный оборот «sans regarder personne» уточняет, как именно Kori-Ichkamba выполняет действие (он делает это, не обращая внимания на окружающих). Это дополнение синтаксически связано с глаголом «se pencha», уточняя его обстановку. Данный оборот не является отдельным предложением, а представляет собой часть основного предложения.

4) Корреляция между частями предложения: В обоих предложениях присутствуют параллельные элементы: глаголы «se pencha» и «se mit à manger» в первом предложении и «ne dit mot» и «ne répondit» во втором. Эти глаголы в обоих предложениях составляют пары, соединенные с помощью «et», что также свидетельствует о синтаксической связи частей, подчеркивая однородность действий.

Таким образом, синтаксические отношения включают сочинение, последовательность действий, деепричастный оборот и корреляцию между частями предложения.

3) причинно-следственные отношения. Между ПП данного рассматриваемого ССП наблюдается причинно-следственные отношения: Дилам ором гирифт ва рост ба тарафи шимол нигоҳ карда аспро рондан гирифтам [1, с.69]. – предложение состоит из двух частей, соединённых с помощью союза «ва». В первой части говорящий описывает своё состояние («Дилам ором гирифт» - «моё сердце успокоилось»), во второй - описывает действие, которое он совершает («рост ба тарафи шимол нигоҳ карда аспро рондан гирифтам» - «посмотрев прямо на север, я начал гнать лошадь»). Между частями предложения выделяется следующие семантические отношения:

1) Причинно-следственные отношения: Успокоение (внутреннее состояние) в первой части может быть причиной того, что человек приступает к действиям во второй части. То есть, успокоение могло подготовить его к решению действовать, в частности, ронять лошадь.

2) Последовательность (временные отношения): Первая часть предложения («Дилам ором гирифт») описывает внутреннее состояние субъекта (он успокаивается), а вторая часть («рост ба тарафи шимол нигоҳ карда аспро рондан гирифтам») - действия, которые он начинает совершать (он смотрит на север и начинает гнать лошадь). Таким образом, эти действия происходят поочередно: сначала успокоение, затем переход к действиям.

3) Соединение действий и состояния: Вторая часть логически продолжает и развивает первую. Состояние успокоенности в первой части находит своё выражение в активных действиях во второй части, что создаёт гармоничное сочетание внутреннего состояния и внешней активности.

Таким образом, между предложениями существует причинно-следственная связь и последовательность действий.

Выделяются следующие синтаксические отношения:

1) Соединение простых: Это сложносочинённое предложение, состоящее из двух частей, первая часть – «Дилам ором гирифт» (простое предложение), вторая – «рост ба тарафи шимол нигоҳ карда аспро рондан гирифтам» (тоже простое предложение). Союз «ва» соединяет эти две части в одно сложное предложение.

2) Соотношение между главными членами предложения: В первой части, «Дилам ором гирифт», основной член - подлежащее «Дилам» и сказуемое «ором гирифт». Во второй части, «рост ба тарафи шимол нигоҳ карда аспро рондан гирифтам», подлежащее отсутствует, но подразумевается, что действующее лицо то же самое (в данном случае, субъект из первой части предложения, вероятно, сам говорящий). Здесь сказуемое состоит из двух частей: «рондан гирифтам» (начал гнать), с дополнением «аспро».

Таким образом, основное синтаксическое отношение - это связь простых предложений в сложносочинённое через союз «ва» и синтаксическое согласование в рамках каждой части.

Перевод во французском языке передается двумя предложениями: Mon cœur se calma. Donc, je ne m'étais pas écarté de la grande route et j'avais mené mon cheval droit au Nord [11, с.110]. – Первое из которых ПП, второе ССП. Между предложениями существуют причинно-следственные семантические отношения. В первом предложении речь идет о том, что сердце успокоилось - это состояние, которое наступило. Во втором предложении объясняется, что именно не отклонение от пути и движение по правильному направлению стали причиной этого успокоения. Союз «Donc» (следовательно) указывает на причинно-следственную связь между этими событиями, где действия во второй части служат объяснением или основанием для того, что происходит в первой части.

Таким образом, успокоение сердца является результатом того, что герой не отклонился от пути и продолжал двигаться на север, что воспринимается как правильное и уверенное действие. Между предложениями существуют следующие синтаксические отношения:

1) Согласование по смыслу: Первое предложение «Mon cœur se calma» является простым, состоящим из подлежащего («Mon cœur») и сказуемого («se calma»). Во втором предложении - «Donc, je ne m'étais pas écarté de la grande route et j'avais mené mon cheval droit au Nord» используются два глагола в форме плюсквамперфекта: «ne m'étais pas écarté» и «avais mené», которые соединены сочинительным союзом «et», создавая сложносочинённое предложение.

2) Структура второго предложения: Вторая часть предложения представляет собой ССП, состоящее из двух частей: «je ne m'étais pas écarté de la grande route» - отрицательное утверждение о том, что персонаж не отклонился от пути; «j'avais mené mon cheval droit au Nord» -утверждение о том, что персонаж направил своего коня на север. Эти две части связаны сочинительным союзом «et», который объединяет два действия, выполненных субъектом.

Таким образом, синтаксические отношения между предложениями сочинение.

Так как невыполнимо в одной статье рассмотреть все варианты, ниже приведем только несколько предложений с разными логическими отношениями:

1) присоединение двух или более явлений или фактов: Қорӣ аз зина фуромада рафт ва бойбача хандакунон ба хона даромад [1, с.55]. – Kori-lchkamba descendit, et mon ami rentra avec un petit sourire [11, с.96].

2) примыкательные отношения: Қорӣ рафта он лампаро оварда ба болохона дароварда монд ва баъд аз қадре пасттар кардани пилтааш шишаашро бо дасташ гирифта ба замин гузошт [1, с.51]. – Kori-Ichkamba enleva le verre de la lampe allumée, en protégeant sa main de sa longue manche, puis prit une paille d'une natte qui se trouvait par terre et alluma sa lampe à l'aide de cette paille. Enfin, il remit le verre sur la lampe de ses femmes et la posa à la porte. On la remporta [11, с.93].

3) объяснительные отношения: Дар асл ин Азизулло аз Балх буда, дар Бухоро таҳсили илм кардааст ва дар ҷанги амир Музаффар бо кӯҳистониён аскари ихтиёрӣ шуда аз ҷониби амир ба он ҷанг иштирок намудааст... [1, с.29]. - Azizoulla était natif de Balk, et il vint à Boukhara pour y faire ses études. Pendant la guerre de la Boukhara contre Kouliab et Guissar, il s'engagea comme volontaire dans l'armée de l'émir [11, с.71].

Обсуждение. Изучение отношения простых предложений в данных ССП вне союза «ва» и его аналога открывает несколько ключевых аспектов:

1) Типы логико-семантических отношений: В ССП простые предложения могут быть связаны различными логико-семантическими отношениями, например, такими как: последовательность событий или действий, противоположность или контраст, причинно-следственная связь, условие.

2) Грамматическая связь: Простые предложения в ССП могут быть связаны не только с помощью союзов, но и с использованием других средств связи, таких как интонация, порядок слов и контекст. Эти средства влияют на то, как воспринимаются отношения между предложениями и какую роль они играют в структуре высказывания.

3) Семантическая независимость: Каждое простое предложение в ССП сохраняет свою самостоятельность и может быть воспринято как отдельная единица. Это означает, что несмотря на наличие связи между предложениями, каждое из них может быть осмыслено независимо от других.

4) Типы связи: В некоторых случаях можно наблюдать более сложные формы отношений между предложениями, когда одно из предложений уточняет или дополняет смысл другого. В таких случаях возможно использование косвенных средств связи, таких как изменения в контексте, которые дают смысловое расширение или пояснение. Следовательно, отношения между простыми предложениями в ССП могут быть разнообразными и многогранными, и синтаксическая связь играет важную роль в структурировании высказывания. Эти отношения в значительной степени определяются не только союзами, но и другими языковыми средствами, которые помогают организовать информацию и создать логическое взаимодействие между частями высказывания.

Заключение. Таким образом, сопоставительный анализ показывает, что высказывания, формированные с союзом «ва» и с его французским аналогом «et» способны передать все богатства реальной действительности, а также способны передать субъективные отношения

говорящего к этим реалиям. Как видно из исследования синтаксические отношения в предложениях строятся на основе согласования членов предложения, использования однородных членов, деепричастных оборотов, относительных предложений и соединений через союзы. Это позволяет организовать повествование о последовательных действиях, уточняя каждое из них в контексте предыдущих. Анализ переводов ССП на французский язык, показывает, что несмотря на структурные различия, сохраняется основная семантика и функциональная связь между частями предложения. Это подчеркивает универсальность союза «ва», который в разных языках может выражать схожие синтаксические отношения, несмотря на отличия в грамматической структуре. Результаты исследования подтверждают важность союза «ва» в формировании сложных синтаксических конструкций в таджикском языке и его аналогов в других языках, что способствует лучшему пониманию и переводческому анализу сложносочинённых предложений в контексте межъязыкового взаимодействия. Союз «ва» служит для соединения равноправных предикативных единиц, создавая сложносочинённые предложения. Он не имеет лексической семантики, но выполняет ключевую роль в выражении логической связи между частями предложения, добавляя информацию или показывая взаимосвязь между событиями. Примеры французского перевода, показанные в статье, демонстрируют, как структура предложений сохраняется, но перевод может адаптировать союз в зависимости от контекста.

Литература

1. *Айнӣ С. Марги судхӯр / С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1953. – 180 с.*
2. *Виноградов В.В. Вопросы синтаксиса современного русского языка / В.В. Виноградов. – М.: Просвещение, 1950. – 411 с.*
3. *Гак В.Г. Сравнительная типология французского и русского языков / В.Г. Гак. – М.: Просвещение, 1989. – 290 с.*
4. *Гак В.Г. Теоритическая грамматика французского языка / В.Г. Гак. – М.: Добросвет, 2000. – 832 с.*
5. *Ганиева М.А. Типологические соответствия таджикскому примыканию во французском языке / Вестник педагогического университета / М.А. Ганиева. – 2023. - №5 (106). - С. 86-91.*
6. *Грамматикаи забони тоҷикӣ. Қ.2. Синтаксис. Барои студентони мактабҳои олӣ. – Душанбе, 1963. – 213 с.*
7. *Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ. 3. Ҷумлаҳои мураккаб. - Душанбе: Нашриёти «Дониш», 1989. - 245 с.*
8. *Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қ.1. Лексикология, фонетика, морфология. - Душанбе: Нашриёти «Маориф», 1982. – 465 с.*
9. *Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қ.2. Синтаксис. Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ. - Душанбе: Нашриёти «Маориф», 1984. – 330 с.*
10. *Мирзоев А. Хелҳои алоқаи синтаксисӣ дар ибораҳо // Масъалаҳои забоншиносӣ/ А. Мирзоев. – душанбе: Дониш, 1975. – 160 с.*
11. *Aini S. La mort de l'usurier. Traduites du tadjik et du russe par Borodin S. Et Voinot V. Les éditeurs français réunis 24, Rue Racine, Paris (VI), 1957. – 316 p.*

ТАДЖИКСКИЙ СОЧИНИТЕЛЬНЫЙ СОЮЗ «ВА» КАК СРЕДСТВО СВЯЗИ В СЛОЖНОСОЧИНЁННЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЯХ И ЕГО ФРАНЦУЗСКИЙ ЭКВИВАЛЕНТ

Статья анализирует роль таджикского союза «ва» (и) в ССП, а также его французского аналога «et». Автор рассматривает различные аспекты использования сочинительных союзов, их роль в установлении синтаксических и семантических связей между предложениями, а также их функции в выражении человеческой мысли. Основное внимание уделяется координации предикативных единиц в ССП, где союз «ва» соединяет предложения, отражающие различные логико-семантические отношения: последовательность действий, противительные отношения, причинно-следственные связи и другие. Статья также исследует, как в таджикском языке, при использовании союза «ва», простые предложения взаимодействуют и создают единую смысловую целостность, а французский союз «et» выполняет аналогичную роль в французских ССП. Сравнительный анализ двух языков позволяет выявить универсальность и разнообразие функций сочинительных союзов в синтаксисе и подчеркнуть важность их использования для формирования логических связей между частями высказывания. В работе приводятся примеры, иллюстрирующие использование союзов в различных контекстах, что позволяет более глубоко понять механизмы синтаксических и семантических отношений в ССП.

Ключевые слова: союз, сочинительный союз, сложносочиненные предложения, синтаксис, семантические отношения, синтаксические отношения, таджикский язык, французский язык.

ПАЙВАНДАКИ ПАЙВАСТКУНАНДАИ ТОҶИКИИ «ВА» ҲАМЧУН ВОСИТАИ АЛОҚА ДАР ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБИ ПАЙВАСТ ВА ЭКВИВАЛЕНТИ ФАРОНСАВИИ ОН

Дар мақола нақши пайвандаки пайвасткунандаи тоҷикии «ва» дар ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва инчунин аналоги фаронсавии он «et» таҳлил шудааст. Муаллиф ҷиҳатҳои гуногуни истифодаи пайвандакҳои пайвасткунанда, нақши онҳоро дар муқаррар намудани алоқаҳои синтаксисӣ ва семантикии байни ҷумлаҳо, инчунин вазифаҳои онҳоро дар ифодаи афкори инсон мавриди таҳқиқ қарор додааст. Диққати асосӣ ба пайвастшавии воҳидҳои предикативӣ дар ҷумлаҳои мураккаби пайваст дода мешавад, ки дар он пайвандаки пайвасткунандаи «ва» ҷумлаҳоеро ба ҳам мепайвандад, ки муносибатҳои гуногуни мантиқӣ-семантикиро инъикос мекунанд: пайдарҳамии амал, муносибатҳои хилофӣ, муносибатҳои сабабу натиҷа ва ғайра. Дар мақола чӣ гуна дар забони тоҷикӣ ҳангоми истифодабарии пайвандаки «ва» ҷумлаҳои сода ба ҳам таъсир расонда, якпорчагии маъноии ягонаро ба вуҷуд меоваранд баррасӣ шудааст. Пайвандаки фаронсавии «et» низ дар ҷумлаҳои фаронсавӣ ҳамин гуна нақшро мебозад. Таҳлили муқоисавии ду забон ба мо имкон медиҳад, ки универсалӣ ва гуногунии вазифаҳои ҳамоҳангсозии пайвандакҳоро дар синтаксис муайян кунем ва аҳаммияти истифодаи онҳоро барои ташаккули муносибатҳои мантиқии байни қисмҳои баён таъкид кунем. Дар мақола мисолҳое оварда шудаанд, ки истифодаи пайвандакҳоро дар контекстҳои гуногун нишон дода барои чуқуртар дарк намудани механизмҳои муносибатҳои синтаксисӣ ва маъноӣ дар ҷумлаҳои мураккаби пайвастро имкон медиҳад.

Калидвожаҳо: пайвандак, пайвандаки пайвасткунанда, ҷумлаҳои мураккаби пайваст, синтаксис, муносибатҳои синтаксисӣ, муносибатҳои семантикӣ, забони тоҷикӣ, забони франсавӣ.

THE TAJIK COORDINATING CONJUNCTION «ВА» AS A MEANS OF CONNECTION IN COMPOUND SENTENCES AND ITS FRENCH EQUIVALENT

The article analyzes the role of the Tajik conjunction «ва» (and) in compound sentences, as well as its French equivalent «et». The author examines various aspects of the use of coordinating conjunctions, their role in establishing syntactic and semantic connections between sentences, as well as their functions in expressing human thought. The main attention is paid to the coordination of predicative units in compound sentences, where the conjunction «ва» connects sentences reflecting various logical-semantic relations: sequence of actions, adversative relations, cause-and-effect relationships, and others. The article also examines how in the Tajik language, when using the conjunction «ва», simple sentences interact and create a single semantic integrity, and the French conjunction «et» plays a similar role in French compound sentences. A comparative analysis of the two languages reveals the universality and diversity of the functions of coordinating conjunctions in syntax and emphasizes the importance of their use for forming logical connections between parts of a statement. The work provides examples illustrating the use of conjunctions in various contexts, which allows for a deeper understanding of the mechanisms of syntactic and semantic relations in compound sentences.

Key words: conjunction, coordinating conjunction, compound sentences, syntax, semantic relations, syntactic relations, Tajik language, French language.

Об авторе
Ганиева Мохира Ахмаджоновна
Преподователь кафедры французского языка
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: gmohira719@gmail.com

Дар бораи муаллиф
Ғаниева Моҳира Аҳмадҷоновна
Омӯзгори кафедраи забони франсавӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: gmohira719@gmail.com

About the author
Ganieva Mohira Ahmadjonovna
Teacher in the Departement of French language
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini
734003, Republic of Tadjikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: gmohira719@gmail.com

ТДУ 811.222.8:811.133.1

НАЗАРЕ БА ИСТИЛОҲОТИ ДИЗАЙНЕРИИ АСЛӢ ВА БАХШҲОИ МУХТАЛИФИ ОН ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ФАРОНСАВӢ

Намозова Ш. Ҳ. , Тӯраҳасанов Қ. Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Истилоҳоти дизайнерӣ ва бахшҳои мухталифи он, аз қабили кандакорӣ, кулолӣ, заргарӣ, китобчопкунӣ ва ҳандасаи тасвириву нақшакашӣ, дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ дорои собиқаи тулонӣ мебошанд. Дар таҳқиқоти худ мекӯшем, то таъсири ин истилоҳот дар ғанигардонии истилоҳоти байналмилалии дизайнерӣ муайян карда шавад. Ҷамъоварии маводди таҳқиқ аз луғатномаву фарҳангномаҳои мухталиф бо усули таҳқиқи муқоисавӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ сурат мегирад.

Мавзуи истилоҳоти тахассусӣ ва мавриди баррасӣ қарор додани он тибқи сарчашмаҳои мавҷуда дар забоншиносии рус дар аввали солҳои 60-уми асри гузашта оғоз шуда буд [5, с. 9-32]. Тавре олимону донишмандон Қ. Ш. Тӯраҳасанов [11, с. 9-16; 12, с. 23-42] ва Т. Ҷумаев ишора менамоянд, ин раванд дар забони тоҷикӣ таърихи тулонӣ дошта бошад ҳам, донишмандони мо ба ин масъала нисбатан дертар таваҷҷуҳ зоҳир намуданд [15, с. 13-14]. Истилоҳоти дизайнерӣ дар низоми забон ва истилоҳоти забони тоҷикӣ мақоми хосса дошта, барои ғанӣ гардонидани захираи луғавии забон мусоидат менамоянд. Таъкид бояд намуд, ки теъдоди зиёди истилоҳоти дизайнерии забони тоҷикиро истилоҳот ва ё мафҳумҳое ташкил медиҳанд, ки аз рӯйи мансубияти забонӣ ба забони аслии тоҷикӣ тааллуқ доранд [8, с. 12-23]. Истилоҳоти кандакории аслӣ дар забони тоҷикӣ: ***оро-ara [10, с. 5], ширеш-shiresh [10, с. 5], тахта-takhta [10, с. 5], меъмор-meʼmar[10, с. 5], сутун-sutun [10, с. 5], ранг-rang [10, с. 6], фона-fana [10, с. 8], шона-shana [10, с. 11], бино-bino [10, с. 10].*** Истилоҳоти дизайнерии кулолгарии аслӣ дар забони тоҷикӣ: ***ранг – rang [9, с. 5], ҷом-jam [9, с. 6], об-ab [9, с. 6], чанбар-sanbar [9, с. 6], гил-gil [9, с. 7], санг-sang [9, с. 10], хурма-khurma [9, с. 11], сафол-safal [9, с. 12], корд-kard [9, с. 12], чӯб-chub [9, с. 12].*** Истилоҳоти дизайнерии заргарии аслӣ дар забони тоҷикӣ: ***садаф-sadaf [6, с. 5], хӯла-khula [6, с. 5], мис-mis [6, с. 5], сим-sim [6, с. 13], зар-zar [6, с. 5], сир-sir [6, с. 7], ҷило-jila [6, с. 20], зевар-zevar [6, с. 68], гудозиш-gudazish [6, с. 89], заргар-zargar [6, с. 43], заргарӣ-zargari [6, с. 44], гулдӯзӣ-gulduzi [6, с. 27], кафшеркунӣ-kafsherkuni [6, с. 17], ширранг-shirrang [6, с. 93], пайкарасоз-paikarasaz [6, с. 68].***

Истилоҳоти дизайнерии китобчопкунии аслӣ дар забони тоҷикӣ: ***чоп-sap [7, с. 13], рамз-ramz [7, с. 14], ришта-rishta [7, с. 19], сӯзан-suzan [7, с. 19], ширеш-shiresh [7, с. 21], часп-sasp [7, с. 21], сутун-sutun [7, с. 36], парда-parda [7, с. 40], дока-daka [7, с. 42], сангӣ-sangi [7, с. 13], беранг-berang [7, с. 17], часпак-saspak [7, с. 55], зеҳгирӣ-zehgiri [7, с. 60], лӯлапеч-lulapes [7, с. 14], шероза-sheraza [7, с. 17], шерозабандӣ-sherazabandi [7, с. 17], ширешгардида-shireshgardida [7, с. 24], рангкардашуда-rangkardashuda [7, с. 46].***

Истилоҳоти дизайнерии ҳандасаи тасвирӣ ва нақшакашӣ дар забони тоҷикӣ: ***поя-paia [3, с. 8], болор-balar [3, с. 8], навард-navard [3, с. 9], каҷ-kaj [3, с. 11], рӯя-ruia [3, с. 13], дароз-daraz [3, с. 15], камон-kaman [3, с. 15], парчин-parsin [3, с. 17], синҷ-sinj [3, с. 19], фона-fana [3, с. 19], чарх-sarkh [3, с. 20], тир-tir [3, с. 32], кунҷ-kunj [3, с. 58], каҷӣ-kaji [3, с. 22], ростӣ-rasti [3, с. 22], ченак-senak [3, с. 27], гумбаз-gumbaz [3, с. 36], тирӣ-tiri [3, с. 14], [3, с. 37], бисёррӯя-bisuarruia [3, с. 14], гуногунтирӣ-gunaguntiri [3, с. 29].***

Бештари истилоҳоти дизайнерӣ ва бахшҳои мухталифи он дар забони тоҷикӣ тибқи ахбори сарчашмаҳои идмӣ ва фарҳангномаҳои мавҷуда бо маънои имрӯза корбаст мешаванд.

Истилоҳи тоҷикии соҳаи дизайнерии кандакории ***оро-ara*** мафҳуми ороиш ва зебу зиннатро ифода намуда, ҳангоми орову торо ва зебу зиннат додани беруни биноҳо истифода бурда мешавад [13, с. 34]. Дар Фарҳанги форсӣ-русӣ низ истилоҳи ***оро-ara*** бо ҳамин маънӣ шарҳу тавзеҳ дода шудааст [14, с. 59].

Воқеан, тавре муҳаққиқ А. С. Герд қайд менамояд, истилоҳ бояд маънии хоси соҳавӣ ва доираи васеи истифода бояд дошта бошад [1, с. 12-32] Яке аз истилоҳоте, ки имрӯз дар соҳаи дизайнерии кандакорӣ доираи васеи истифода дорад, ин калимаи тоҷикиии ***ширеш-shiresh*** мебошад. Дар саноати кандакорӣ ҳангоми ба ҳам пайвастани чӯбҳо ва зерчӯбҳои бино ба хотири мустаҳкамию устувории хонаҳо дар баробари мехҳои оҳаниву чӯбӣ аз ширеш низ

истифода менамуданд, ки таърихи ҳазорсолаҳо дорад. Зеро ширеш устувории чӯбҳои часпонидашударо умри тулонӣ мебахшад. Ин матлаб дар сарчашмаҳои илмии тоҷикӣ низ ишора шудааст. Калимаи ***ширеш*** ҳамчун истилоҳи соҳаи дизайнерии кандакорӣ ба маънои моддаи часпдоре далолат менамояд, ки аз хушконида кӯфтани соқаи гиёҳе ҳосил мешавад, ки онро асосан дар саҳҳофӣ ва пойафзолдӯзӣ ва хоссатан ҳангоми кандакориву чӯбкорӣ васеъ истифода менамоянд [10, с. 5; 13, с. 644].

Калимаи дигаре, ки дар истилоҳсозии дизайнерии кандакорӣ истифода мешавад, ин истилоҳи ***сутун-sutun*** мебошад. Сутун дар санъати кандакорӣ мавқеи хосса дорад. Сутун гуфта чӯби ғафси дарозеро мегӯянд, ки онро рост мегузоранд ва ё ҳамчун такягоҳе, ки сақфро нигоҳ медорад. Сутунҳо сангӣ, хиштӣ ва оҳанӣ низ мешаванд. Мувофиқ ба тарзу усули сохтмонӣ аз сутунҳои мухталиф истифода мебаранд [13, с. 276]. Дар фарҳанги форсӣ-русӣ низ истилоҳи ***сутун*** чунин маъниро ифода намудааст: ***сутун***-колонна, столб, стойка, опора [14, с. 22].

Истилоҳи ***тир-tir*** низ дар соҳаи дизайнерии кандакорӣ дар сохтани биноҳо васеъ истифода мешавад. Истилоҳи ***тир-tir*** ба маънии чӯби рости борике далолат менамояд, ки ба як нӯгаш оҳани нӯгтезе шинонда, бо камон мепартофтанд. Яъне дар санъати кандакорӣ чӯби ғафси дарозеро мегӯянд, ки дар сохтани биноҳо ба кор меравад [13, с. 342]. Дар дигар сарчашмаҳо низ ба ҳамин мафҳум омадааст: ***тир***-бревно, балка; столб; ***тири оҳанӣ***-железная балка; ***тири сақф***-поперечная балка перекрытия дома [14, с. 415]. Дар санъати дизайнерии кандакорӣ барои кафондани чӯб, барои пайваст ва ё алоқаманд намудани як хона ба хонаи дигар, як бино ба бинои дигар аз фонаҳои бузург истифода менамуданд. Бинобар ин калимаи ***фона*** ҳамчун истилоҳи дизайнерии кандакорӣ аз қадим то ба имрӯз истифода мешавад. Вобаста ба шаклу қолаби биноҳо аз фонаҳои чӯбиву оҳанӣ истифода мебаранд. Яъне ***фона-fana*** оҳани нӯгтезе будааст, ки барои осонтар кафондани ҳезум ва ё ғӯлачӯб кор фармуда мешавад. Дар санъати кандакориву сохтани биноҳо чӯберо мегӯянд, ки барои устувории сутун ба зер ва ё байни онҳо зада мешавад [13, с. 406].

Дар сарчашмаҳои бостонӣ низ истилоҳи ***фона*** ҳамчун мафҳуми соҳаи кандакорӣ ҳамин маъниро ифода намудааст: ***фона***-деревянный клин [14, с. 220].

Олими рус Б. Н. Головин роҷеъ ба низоми истилоҳот андешаронӣ намуда, таъкид менамояд, ки истилоҳот дар мавриди ифодаи олоту афзори мухталиф низ ҷойгоҳи хосса дорад [2, 34-5]. Дар забон ва истилоҳоти дизайнерии кандакорӣ истилоҳотеро низ мушоҳида кардан мумкин аст, ки мансуб ба олоту афзори кандакориву дуредгарӣ мебошанд. Масалан, истилоҳи ***искана-iskana*** ҳамчун олоти фӯлодии дуредгарӣ барои кофтан ва ё сӯрох кардани чӯб ва нақш буридан дар он дар соҳаи дизайнерии кандакорӣ доираи васеи истифода дорад [13, с. 556].

Истилоҳи ***искана-iskana*** тавре луғатномаҳои форсии тоҷикӣ нишон медиҳанд, мафҳуми дақиқу равшани афзори кандакориро ифода намудааст: ***искана***-резец; долото; стамеска; зубило; исканаи чӯбтарошӣ-стамеска [14, с. 84].

Истилоҳи аслии тоҷикии ***парма-parma*** ҳамчун афзори соҳаи кандакорӣ имрӯз низ дар сохтмони биноҳо бештар истифода мешавад. Калимаи ***парма*** ҳамчун истилоҳи тахассусӣ ба маънии афзори оҳанинест, ки барои сӯрох кардани чӯбу тахта истифода мешавад [13, с. 76]. Дар баъзе луғатҳои соҳаи кандакорӣ низ бо чунин маънӣ шарҳ дода шудааст: ***парма***-асбоби буранда буда, онро ҳангоми сӯрохкунии чӯб истифода мебаранд [10, с. 8].

Истилоҳи дигари дизайнерии кандакорӣ, ки дар соҳаи мазкур хеле маъмул аст, ин калимаи ***болға-balға*** мебошад. Истилоҳи ***болға*** ҳамчун олоти дуредгарӣ бо номи путк ва ё чаккуш дар луғатномаҳо ёд карда мешавад [13, с. 224].

Болға ҳамчун истилоҳи кандакорӣ ба ҳайси олоҳоти харротӣ одатан аз чӯб ё резина сохта мешавад. Дар кандакории муосир болғаҳои сохташон оҳаниро низ дидан мумкин аст. Тибқи нишондоди фарҳангномаҳои дигари тоҷикӣ истилоҳи ***болға*** ба мафҳуме ишора карда мешавад, ки барои коркарди сатҳи биноҳо, пешайвони биноҳо ва корҳои калони ҳайкалтарошӣ пешбинӣ шудааст [10, с. 18].

Дар раванди таҳқиқ муайян гардид, ки истилоҳоти дизайнерии кулолгарӣ низ дар забони тоҷикӣ собиқаи тулонӣ доштааст. Истилоҳоти ***тарошидан-tarashidan [9, с. 4] гач-gas [9, с. 6], мино-mino [9, с. 6], гил-gil [9, с. 7], хурма-khurma [9, с. 11], хум-khum [9, с. 13], танӯр-tanur [9, с. 13], кӯра-kura [9, с. 22], сир-sir [9, с. 26], кулол-kulal [9, с. 27], кулолӣ-kulali [9, с. 12], кошинкорӣ-kashinkari [9, с. 4], оташгирак-atashgirak [9, с. 18], гулгаҷ-gulgaj [9, с. 34]*** аз ин қабил мебошанд.

Дар мавриди истилоҳоти кулолгарӣ ва заргарӣ муҳаққиқ Зарипов А. Н. дар фарҳанги осорхонашиносии тоҷикон ишораҳо доранд [4, с. 23-46] Истилоҳи дизайнерии кулолгарии ***хурма-khurma*** аз қадим то имрӯз дар санъати кулолгарии тоҷикон ҷойгоҳи хосса дорад. Истилоҳи ***хурма*** дар соҳаи кулолгарӣ ба маънии зарфи даҳонфарохи гӯшакдори сафолине ишора мекунад, ки одатан барои говдӯшӣ тавсия дода мешавад. Ин зарф аз қадим то ба имрӯз дар санъати кулолгарии тоҷикон ба ҳайси зарф, ки дар он ҳама гуна ашё, аз ҷумла зар, танга, тилло, равған, биринҷ, ордро нигоҳдорӣ мекарданд, истифода мешавад [13, с. 463]. Истилоҳоти дизайнерии кулолгарии ***кӯра-kura*** [9, с. 642], ***кӯрагар-kuragar кӯрагӣ-kuragi***, [9, с. 642] дар санъати кулолгарӣ доираи васеи истифода дорад. Истилоҳи ***кӯра*** ҳамчун истилоҳи илмӣ ба маънии оташдони оҳангарону мисгарон, иншооти махсус барои хиштпазӣ, яъне хумдон шарҳу тавзеҳ дода шудааст [13, с. 642]. Дар баъзе фарҳангҳои форсӣ низ маънои ин истилоҳ дақиқу равшан нишон дода шудааст: ***кӯра-печь,очаг; топка; горн; кӯра барои хиштпазӣ-печь для обжига кирпича, кирпичный горн; қураи оҳанпазӣ-печь для обжига извести; кӯраи оҳангудозии баланд-мартеновская печь; кӯраи оҳангарӣ-кузнечный; кӯраи барқӣ-электропечь; кӯраи сафолпазӣ-печь для обжига керамики [14, с. 368].*** Истилоҳи ***мино-mina*** ҳамчун истилоҳи соҳаи дизайнерии кулолгарӣ мафҳуми шиша ва ё обгинаи сафоливу кулолгариро ифода менамояд. Ба маънои шишаи рангин ва нақшин, ки ба ҳайси зарфи шишагин истифода мешавад, далолат менамояд [13, с. 804]. Дар фарҳангҳои форсӣ бошад истилоҳи ***мино*** чунин шарҳ дода шудааст: мино-эмал, глазур; графин для вина [14, с. 591].

Ҳамчунин истилоҳоти дизайнерии кулолгарии ***кулол-kulal, кулолӣ-kulali, кулолгарӣ-kulalgari, кулолхона-kulalkhana [13, с. 632]*** имрӯз дар санъати дизайнерии кулолгарӣ хеле маъмулу маъруфанд. Истилоҳи ***кулол-kulal*** нисбат ба шахсе ва ё ҳунарманде гуфта мешавад, ки кӯзаву коса ва дигар зарфҳои сафолӣ месозад. Ё худ истилоҳи маъмулии ***кулолгарӣ-kulalgari***, ки ба маънои коргоҳи кулолӣ омадааст. Ба ҳамин монанд истилоҳи ***кулолӣ-kulali*** , ки мафҳуми шуғл ва ё касбу ҳунари кулолӣ сохта ва дар кӯра пухтани зарфҳои сафолиро меноманд. Истилоҳи ***кулолхона-kulalkhana*** бошад, мафҳуми дӯкони кулол ва ё ҷойи кулолгариро дар назар дорад. Чунин мафҳумҳо ҳам дар фарҳангҳои тоҷикӣ ва ҳам дар луғатномаҳои соҳаи дизайнерии кулолгарӣ омадааст [13, с. 632; 9, с. 12, 27]. Истилоҳи ***хум-khum***, ки асосан ***хунб-khunb*** мебошад, тибқи нишондоди фарҳангномаҳо мафҳуми зарфи сафолини калонеро ифода менамояд, ки барои нигоҳ доштани об ва дигар моеот истифода мешавад [13, с. 459]. Дар фарҳангҳои форсӣ низ ба ҳамин мафҳум омадааст: ***хум-khum-большой глиняный сосуд для хранения вина, воды; khum-i sharab-большой глиняный сасуд вина [14, с. 566].***

Истилоҳоти дизайнерии кулолгарии ***кошикор-kashikar, кошикорӣ-kashikari, кошин-kashin, кошинкор-kashinkar,кошӣ-kashi*** низ аз намунаи истилоҳоте мебошанд, ки дар забони тоҷикӣ маъмул ва қобили истифода мебошанд. Истилоҳи ***кошӣ-kashi*** марбут ба мафҳуми хиштчаҳои тунуки рангоранги ба тариқи кулолӣ тайёркардашудае мебошад, ки барои зебу зиннат додани рӯйи девори хонаҳо истифода мебаранд. Истилоҳи ***кошикорӣ-kashikari*** бошад, бо кошӣ оро доданро мефаҳмонад, яъне бо кошӣ зиннат додани деворҳои биноҳоро мегӯянд [9, с. 631]. Истилоҳоти дизайнерии заргарӣ мафҳумҳоеро ифода менамоянд, ки ифодакунандаи зебу зиннат ва ороишоти бонувон мебошанд. Дар гурӯҳи аввал метавон истилоҳотеро ном бурд, ки дар санъати заргарии имрӯзаи тоҷикон то ҳол мавриди истифода қарор доранд: ***садаф-sadaf [6, с. 5], хӯла-khula [6, с. 5], мис-mis [6, с. 5], санг-sang [6, с. 6], сим-sim [6, с. 13], ҷило-jila [6, с. 20], часп-sasp [6, с. 5], зар-zar [6, с. 43], заргар-zargar [6, с. 44], зевар-zevar [6, с. 68], симин-simin [6, с. 13], осонгудоз-osangudaz [6, с. 74], гӯшвора-gushvara [6, с. 24], бозубанд-bozuband [6, с. 8], кафшеркунӣ-kafsherkuni [6, с. 17], суфтагардонӣ-suftagardani [6, с. 62], суфтасоз-suftasaz [6, с. 11].***

Истилоҳоти дизайнерии заргарие низ будаанд, ки дар санъати имрӯзаи заргарӣ чандон корбаст намешаванд: ***мино-mina [6, с. 21], иёр-iuar [6, с. 19], шустагарӣ-shustagari [6, с. 86], навард-navard [6, с. 18], тунукачин-tunukasin [6, с. 22], болиштак-balishtak [6, с. 47], часпониш-saspanish [6, с. 75], оташинранг-atashinrang [6, с. 9].***

Тавре мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, баъзе аз ин истилоҳот то имрӯз бо ҳамин мазмуну маънӣ баъзеи дигарашон маънии истилоҳии хешро аз даст додаанд. Бинобар ин, дар ин бахш низ то ҷое саъй менамоем, то решаи баромад ва мафҳуми баъзе аз ин истилоҳотро шарҳу тавзеҳ диҳем. Дар санъати заргарӣ, ки як бахши соҳаи дизайнерӣ ба шумор меравад, ҳам ба болои оҳанҳои мухталиф ва ҳам ба болои чӯбкориҳои биноҳо, махсусан дар дохили қасрҳо

барои зебу зинат ***зарҳалдавонӣ*** мекарданд. Аз ин рӯ, истилоҳи ***зар, заргар, заргарӣ, зарҳалдавонӣ, зарандуд, заргун*** дар соҳаи дизайнерии заргарӣ аз қадим маъмул будааст. Истилоҳи ***зарҳал-zarhal*** як мафҳуми асосии ифодакунандаи марбут ба заргарӣ маҳсуб мешавад. Истилоҳи зарҳал ҳамчун хокаи тиллоранги дар об ҳалкардашудае мебошад, ки барои нақшу нигор ба ҳайси ранг ва ё оби тилло мавриди истифода қарор медиҳанд. Дар баъзе мавридҳо аз истилоҳи зарҳалдавониву зарҳалкорӣ низ истифода мебаранд. Истилоҳи ***зарҳалкорӣ-zarhalkari*** дар санъати заргарӣ мафҳуми бо зарҳал зеб ва оро додани ашёро дорад, ки дар заргарӣ доираи васеи истифода дорад [13, с. 514]. Истилоҳи ***кафшер-kafsher, кафшергарӣ-kafshergari, кафшеркорӣ-kafsherkari ва кафшеркунӣ-kafsherkuni*** калимаҳои ифодакунандаи санъати дизайнерии заргарӣ буда, имрӯз ҳам бо ҳамин мафҳуму моҳияти аслиашон дар забон қобили истифода мебошанд. Истилоҳи ***кафшер-kafsher*** маънии тафсонда пайваст карданро дошта ба тариқи гудохтан ва ё бо роҳи дигар ба ҳам пайваст кардани филизотро дорад [13, с. 603].

Истилоҳи ***кафшергар-kafshergar*** бошад ба шахс ва ё касб мансуб буда, онеро мегӯянд, ки касбу шуғли ӯ ба тариқи кафшер пайваст кардани филизот ва ё банд кардани шикоф дар филизот аст, яъне ба маънои кафшеркунанда [13, с. 603].

Истилоҳи ***гӯшвор-gushvar*** ва ***гӯшвора-gushvara*** ки дар сарчашмаҳои илмӣ ба як маънӣ омадааст мафҳуми асбоби зебу зинат ва ороишиеро ифода менамояд, ки ба гӯш меовезанд, яъне ҳалқа [13, с. 359].

Истилоҳоти ***суфта-sufta, суфтагар-suftagar, суфтагарӣ-suftagari*** низ аз ҷумлаи он истилоҳоти дизайнерии заргарие мебошанд, ки имрӯз миёни заргарону санъати заргарӣ маъмул мебошанд.

Истилоҳи ***суфта-sufta*** ҳамчун сифати феълии замони ҳозира аз суфтан таркиб ёфта, ба маънои суфтаву сайқал , яъне ҳамвор кардан аст. Истилоҳи ***суфтагар-suftagar***, ки ба ҳайси истилоҳи сохта маълум аст, ба касе ва ё шахсе ишора карда мешавад, ки марворид, марҷон ва дигар сангҳои қиматбаҳоро суфтаву сайқал дода, сӯрох мекунад [13, с. 277].

Дар баробари дигар бахшҳои дизайнерӣ истилоҳи китобчопкунӣ низ ҷойгоҳи хосса дорад. Истилоҳоти аслии соҳаи дизайнерии каитобчопкунӣ: ***саҳифа-sahifa [7, с. 12], нусха-nuskha [7, с. 13], коғаз-kaғaz [7, с. 14], ришта-rishta [7, с. 19], сӯзан-suzan [7, с. 19], ранг-rang [7, с. 20], шероза-sheraza [7, с. 3], сутун-sutun [7, с. 36].***

Истилоҳоти дизайнерии китобчопкуние, ки имрӯзҳо дар санъати китобчопкунӣ аз сабаби рушду инкишофи соҳа кам истифода мешаванд: ***суроб-surab [7, с. 12], ширеш-shiresh [7, с. 21], парда-parda [7, с. 40], дока-daka [7, с. 42], тахта-takhta [7, с. 50], сангӣ-sangi [7, с. 13], пахтагин-pakhtagin [7, с. 34], пардача-pardasa [7, с. 40].***

Истилоҳоти ***шероза-sheraza, шерозабанд-sherazaband, шерозабандӣ-sherazabandi***-ро баррасӣ менамоем [13, с. 636]. Истилоҳи аслии тоҷикии ***шероза-sher***aza дар соҳаи саҳҳофии ҷузвабандии китобчопкунӣ ба маънии бахяи махсусе фаҳмида мешавад, ки саҳҳоф ба ду тарафи варақҳои дӯхташуда мезанад. Истилоҳи ***шерозабанд-sherazaband*** мансуб ба шахсе ва ё ҳунаре ишора менамояд, ки мафҳуми саҳҳоф ва ё муқовагарро ифода менамояд. Калимаи ***шерозабандӣ*** бошад, ҳамчун истилоҳи китобчопкунӣ ба маънои муқовабандӣ ё худ саҳҳофӣ далолат менамояд [13, с. 636].

Истилоҳи аслии тоҷикии ***бастабандӣ-bastabandi*** низ хоси соҳаи дизайнерии китобчопкунӣ буда, ба маънои баста-баста кардани китобҳо, печонидану бастабандии китобҳо омадааст, ки бо ҳамин мазмун имрӯз низ қобили истифода мебошад [13, с. 151].

Истилоҳоти аслии дизайнерии кандакорӣ, кулолгарӣ, заргарӣ, китобчопкунӣ ва ҳандасаи геометрӣ дар забони фаронсавӣ низ аз нигоҳи пайдоиш ва решаи баромади калимаҳо таърихи чандинасра дорад. Дар фасли мазкур мехоҳем якчанд истилоҳоти аслии фаронсавиро аз нигоҳи мансубияти забонӣ таҳлилу баррасӣ намоем: ***fourniture, entablement, baguette, balustrade, vitrage, griphon, grotesque, cabriole, cartouche, console, marquer, matoir, feston, frise.***

Истилоҳи фаронсавии ***frise*** ҳамчун истилоҳи кандакорӣ ҳангоми кандакории чӯбу тахтаҳо дар санъати кандакорӣ истифода мешавад. Истилоҳи ***frise*** ба маънои тахтаи кандакоришудае фаҳмида мешавад, ки дар девори хонаҳову бино насб мешавад [10, с. 34]. Истилоҳи аслии фаронсавии ***feston*** дар соҳаи кандакорӣ маъмул буда, яке аз унсурҳои асосии санъати кандакории ҳаҷмӣ дар шаклу қолаби силсилаи ҳар гуна меваҷот, гулу баргҳо мебошад. Дар забони тоҷики муодили тоҷикии он дар шакли ***гулгаҷ*** истифода мешавад [10, с. 33; 13, с. 337].

Тавре қайд намудем, баъзе аз истилоҳоти аслии фаронсавӣ имрӯз дар дигар забонҳо низ дар шакли аслӣ корбаст мешаванд. Масалан, калимаи аслии фаронсавии ***fourniture*** имрӯз дар соҳаи кандакории фаронсавӣ маъмул будааст. Калимаи ***фурнитура-fourniture*** ҳамчун истилоҳ ба маънои таъмин намудан, муҳайё намудани масолеҳ далолат менамояд, яъне масолеҳе, ки барои ороишоти иловагии маҳсулот истифода бурда мешавад [10, с. 35].

Калимаи ***антабламент-entablement*** аслан решаи итолиёӣ дошта, баъдан дар асри XV вориди забони фаронсавӣ шуда, имрӯз ҳамчун истилоҳи аслии фаронсавӣ ном бурда мешавад. Истилоҳи ***entablement*** ба маънои густурда, фарш, чизе ки рӯйи миз густарда шудааст, фаҳмида мешавад. Ба ибораи дигар, истилоҳи ***entablement*** мафҳуми қисми болоии иншоот ва ё одатан қисми таркибии сутуни меъморӣро ифода менамояд [10, с. 5].

Яке аз истилоҳоти аслии дизайнерии кандакорӣ ин калимаи ***baguette-багет*** мебошад, ки дар забонҳои дигари байналмилалӣ низ бо ҳамин ном ёд карда мешавад. Истилоҳи ***baguette*** имрӯз яке аз масолеҳи сохтмониву кандакорӣ дар зебу зинат ва оро додани намуди дохилӣ ва берунии биноҳову хонаҳо ба ҳайси зеҳчӯб, яъне зеҳи тахтагине мебошад, ки барои тайёр кардани чаҳорчӯбаҳо дар сохтани биноҳо қобили истифода мебошад [10, с. 6].

Истилоҳи аслии фаронсавии ***balustrade*** одатан аз забони юнонии асримиёнагӣ дар шакли ***balaustian*** ба забони фаронсавӣ ворид шуда, имрӯз ба ҳайси калимаи аслии фаронсавӣ ном бурда мешавад. Имрӯзҳо, ки дар санъати кандакории мо аз сутунчаҳои қатораки ба ҳам пайваст, ки дар атрофи ҳавлиҳо, зинапояҳо, пешайвонҳо, атрофи масҷиду мадрасаҳо истифода мебаранд, ин ҳамон панҷараи мунаққати сутунчаҳо аст, ки онро бо забони фаронсавӣ ***balustrade-балюстрада*** мегӯянд [10, с. 6]. Ин истилоҳро бо муодили фаронсавии он дар шакли ***балясина*** низ истифода менамоянд.

Солҳои охир дар соҳаи кандакорӣ пешравиҳои зиёде ба мушоҳида мерасад. Дар замони муосир тибқи рушду инкишофи соҳа анвои кандакориҳо дар шиша, дар тирезаҳо, оинаҳои дар, ки аз шиша ва ё дигар масолеҳи дурахшони рушноигузар коркард мешавад , ба миён омадааст, ки онро бо истилоҳи аслии фаронсавии ***vitrage*** ифода менамоянд. Истилоҳи ***vitrage-витраж*** дар соҳаи дизайнерии кандакорӣ бо маънои лавҳаҳои ороишии нақшдори шишагине далолат мекунад, ки дар оинаҳои дару тирезаҳо ва оинабандии пешайвони биноҳо ҳаккокӣ мешавад. Тавре мебинем витражҳои рангин дар санъати меъморӣву кандакории мо васеъ истифода мешаванд, ки усули ҳаккокӣ, зарҳалдавонӣ, гудозиш ва рангдавонӣ дохилу беруни биноҳоро назаррабо месозанд [10, с. 10].

Ба ҳамин монанд истилоҳи аслии дизайнерии кандакорӣ, ки имрӯз хеле маъмул аст, ин калимаи фаронсавии ***grotesque*** ба шумор меравад. Маънии аслии истилоҳ ғор, ақиб ва масхараомез аст. Вале дар соҳаи кандакорӣ ба маънои муболиға ва ё нақшу нигори ақиб омадааст, ки дар шакли тасвирҳои мухталиф ва ё таҳлилшудаи рӯйи набототу растаниҳо кашида мешавад [10, с. 12].

Дар соҳаи дизайнерии кулолгарӣ низ истилоҳоти аслии фаронсавиро мушоҳида намудан мумкин аст, ки теъдодашон хеле зиёд аст: ***chamotte [9, с. 37], feston [9, с. 34], barbotine [9, с. 5], engobe [9, с. 4], ajour [9, с. 4], abrasif [9, с. 4], biscuit [9, с. 6], reservage [9, с. 26], gravure [9, с. 8], grizaille [9, с. 9], decor [9, с. 9], cannellure [9, с. 10], cache-pot [9, с. 11], craquele [9, с. 13], craquelure [9, с. 13], pastillage [9, с. 22], eau-forte [9, с. 21], palmette [9, с. 21], panneau [9, с. 21], lustre [9, с. 14], medaillon [9, с. 16].***

Истилоҳи аслии фаронсавии ***panneau- панно*** дар соҳаи кулолгарии забони фаронсавӣ ҳамчун истилоҳи меҳварӣ мафҳуми лавҳаи бо нақшу нигор ва гаҷкоришудаи сақфу девори биноро ифода менамояд. Масалан, дар хонаҳо ва биноҳои бузург расмҳо ва ё мусаввараҳои калон, сурат ва асарҳои манзаравиву бо ранг ороишдодашудаи мунаққашро, ки дар дохил ва беруни бино махсус гардонида мешаванд, овезон менамоянд, ки онро ***panneau*** мегӯянд. Чунин расмҳо ва ё гузоштани мусаввараҳои мунаққаш дар толорҳо ва биноҳои бузург дар асрҳои XV дар Фаронса ба миён омада буданд [9, с. 21].

Калимаи аслии фаронсавии ***gravure-графюра***, ки дар санъати кулолгарӣ васеъ истифода мешавад, таърихи чандинасра дошта, дар Фаронса истифодаи он дар асри XV оғоз гардидааст. Калимаи ***gravure*** ҳамчун истилоҳ ба маънои тарошидан далолат менамояд. Ин навъи кулолгарӣ ва ё тарошидан, ҳаккокӣ кардан барои тасвир намудани навъи хат, сиёҳқаламӣ, ки доир ба ҳосил намудани нусхаи чопӣ осори рассомӣ ва наққошӣ дар дарахт, чӯб, тахта ва металлҳо имкон фароҳам меорад, истифода мешавад [9, с. 8].

Дар санъати кулолгарии фаронсавиҳо баъди пухтани маҳсулоти кулоливу сафолӣ барои зебу зинат додани он аз навъи гили сафеди ҷилодор, ки онро ***engobe*** меномиданд, истифода

менамуданд. Истилоҳи ***engobe*** ба маънои пӯшиши махсуси рӯйи маҳсулоти сафолӣ далолат менамояд, ки ранг ва ё шаклу намуди дурушти онро пинҳон намояд. Яъне ***ангоб***-рангест, ки онро аз гили сафед омода намуда, дар ороиш додани зарфҳои сафолӣ барои пинҳон намудани ноҳамвориҳо ва дуруштиҳои рӯйи зарф истифода менамоянд [9, с. 4-5].

Истилоҳи ***barbotine-барботин*** ҳамчун истилоҳи соҳавии кулолгарӣ мафҳуми пӯшиши расмҳо ва зарҳалдавонии онҳоро ифода менамояд, бо рангҳои махсус рӯйпӯш карда мешаванд. Яъне ангоби рангаест, ки барои пӯшиши қисме аз расмҳо тахсис дода мешавад. Барои мустаҳкамию устуворӣ ба он шираи қанд ё қандоб ва ширеши арабӣ низ илова менамоянд [9, с. 5].

Дар санъати кулолгарии Фаронса бисёре истилоҳот бо сохтан ва ё ба миён омадани ашёҳои мухталиф рӯйи кор омдаанд. Истилоҳи фаронсавии ***biscuit-бисквит*** мафҳуми чинии бесирро ифода намуда, дар забони фаронсавӣ дар асри XVII ба миён омад. Аз ин рӯ, бо сохта шудани ҳама гуна ҳайкалчаҳои рӯйимизӣ истилоҳи ***biscuit-бисквит*** ба миён омад [9, с. 6].

Истилоҳи аслии фаронсавии ***cache-pot*** тибқи шарҳи фарҳангномаҳо ба маънои пинҳон кардани кӯза ишорат менамояд. Ба ибораи дигар ***cache-pot-кашпо*** гуфта, гулдонҳои деворӣ ё овезонеро мегӯянд, ки унсурҳои ороишии зебу зинати хурдро ифода менамояд. Ин шаклу қолаби тасвир мухталиф буда, барои тахаюлоти эҷодии дизайнерон, кулолгарон имконоти васееро фароҳам меорад [9, с. 11].

Калимаи ***medaillon-медальон***, ки имрӯз дар санъати кулолгарӣ васеъ истифода мешавад, ҳамчун истилоҳи соҳа маънои манзараҳои мунаққаш ё тасвирҳои аҷоиби мухталиферо ифода менамоянд, ки бо шаклу намудҳои байзашакл ороиш дода шудаанд [9, с. 16].

Дар санъати кулолгарии фаронсавӣ ба пардоздиҳии расмҳо ва мусаввараҳо аҳаммияти ҷиддӣ медиҳанд. Баъзан дар рӯйи расмҳо ва манзараҳои кашидашуда барои ҷилову дурахшон шудани онҳо аз усули пошидани маҳлули рангҳои мухталиф истифода менамоянд, ки онро дар забони фаронсавӣ бо истилоҳи ***reservage-резерваж*** ном мебаранд. Яъне ҷилодиҳии маҳсулоти сафолин тариқи пошидани рангҳои равғании гудохташуда мебошад [9, с. 26-27].

Забони фаронсавӣ дар ифода намудани мафҳумҳои дизайнерӣ, аз ҷумла яке аз бахшҳои он истилоҳоти заргарӣ мавқеи муҳим дорад. Зеро дар забон ва истилоҳотии заргарии он калимаву ибораҳое низ ба мушоҳида мерасанд, ки таърихи тулонӣ доштаанд. Тавре таҳлилҳо нишон медиҳанд, дар захираи луғавии забони фаронсавӣ истилоҳоти аслии заргарии фаронсавӣ хеле маъмул мебошад: ***bijouterie-бижутерия [6, с. 3], agrafe-аграф [6, с. 5], ajour-ажур [6, с. 6], empire-ампир [6, с. 7], affinage-аффинаж [6, с. 11], baguette-багет [6, с. 11], bracelet-браслет [6, с. 15], breloque-брелок [6, с. 15], brilliant-бриллиант [6, с. 15], garniture-гарнитур [6, с. 24].***

Дар забони фаронсавӣ низ истилоҳоти соҳавие, ки дар авалли асрҳои XVI-XVII ба вуҷуд омадаанд, имрӯз низ бо ҳамон мафҳуму маънӣ дар миёни мутахассисони соҳа қобили истифода мебошанд. Истилоҳи аслии фаронсавии ***toreutique-торевтика*** ба маънои ҳаккокӣ кардан ва ё комакорӣ кардан дар санъати заргарӣ истифода мешавад. Истилоҳи ***toreutique-торевтика*** барои ифодаи мафҳуми умумии кӯфтабарории шаклҳои ҳаҷмдор аз тунукаҳои мисину биринҷӣ низ қобили истифода мебошад. Дар бештари забонҳои байналмилалӣ истилоҳи ***торевтика*** барои шарҳу тавзеҳи усулҳои коркарди гуногуни металл мавриди истифода қарор дода мешавад [6, с. 85-86].

Истилоҳи дигаре, ки дар санъати заргарӣ истифода мешавад, ин калимаи аслии фаронсавии ***fermer-фермуар*** мебошад, ки ба маънои пӯшондан, занҷирак, яъне занҷираки муайяни китоб ё дигар маҳсулоти заргарӣ далолат менамояд. Ба маънии дигар гарданбанди кӯтоҳеро мегӯянд, ки аз қисмати пеши гардан бо занҷираки арзишманде оро дода мешавад [6, с. 89].

Истилоҳи аслии фаронсавии соҳаи заргарӣ, ки имрӯз дар санъати ороишот васеъ истифода мешавад, ин ***ferronniere-фероньерка*** буда, мафҳуми ороишоти пешонаи занонро ифода менамояд. Ин ороиш одатан аз чанбарак ё занҷираки бо сангҳои қиматбаҳо ё марворид музайяншуда таркиб меёбад [6, с. 90].

Тавре таҳлилҳо нишон медиҳанд, дар забони фаронсавӣ низ калимаи ***repousse-чеканка*** ҳамчун истилоҳ хеле маъмул будааст. Калимаи ***чеканка*** ҳамчун истилоҳ ба маънои сикказанӣ, парчинкунӣ аз рӯйи қолаби оҳанин бо болға ва ҳам маънии дар тунукаҳои борики оҳанӣ тариқи сикказанӣ ва ба таври дастӣ ҳосил кардани тасвироти барҷастаро дорад. Ин

усул ҳамчун усули пешрафтаи коркарди сатҳи металл бо гунаҳои мухталифи сикказанӣ, ки дар натиҷа масолеҳ шакли хосташударо дар худ касб менамояд, истифода мегардад [6, с. 93]. Ҳамин тариқ, дар забони муосири фаронсавӣ имрӯз ҳамон истилоҳоте истифода мешаванд, ки асрҳои пешин низ бо ҳами маънӣ корбаст мегардиданд. Дар забон ва истилоҳоти соҳаи дизайнерии китобчопкунӣ низ теъдоди калимаҳои аслии забони фаронсавӣ ба мушоҳида мерасанд. Истилоҳоти зерин дар марҳилаҳои таърихии мухталифи ташаккули забони фаронсавӣ вориди соҳаи китобчопкунӣ гардидаааанд: ***abrege-абреже [7, с. 12], emballage-амбалаж [7, с. 14], approche-апрош [7, с. 15], blocnotes-блокнот [7, с. 18], brochure-брошюра [7, с. 19], vacant-ваката [7, с. 21], vignete-виньетка [7, с. 23], guilloche-гильош [7, с. 25], decalcomania-декалькомания [7, с. 25], doublure-дублюра [7, с. 27], interligne-интерлиняж [7, с. 30], colencar-коленкар [7, с. 35], collage-коллаж [7, с. 36], mignonne-миньон [7, с. 44], passepartout-паспарту [7, с. 48], tirage-тираж [7, с. 57].***

Дар забони фаронсавӣ калимаи аслии ***tirage-тираж*** яке аз истилоҳоти меҳварии соҳаи китобчопкунӣ ба шумор меравад. Калимаи ***tirage*** ҳамчун истилоҳи илмӣ мафҳуми адади нашрро дорад. Дар нашрияҳо мафҳуми тираж ба ҳайси миқдори умумии нусхаҳои ҳар дафъаи нашри китоб, асар ва дигар маводди чопӣ фаҳмида мешавад. Ба ибораи дигар, ***тираж*** гуфта, теъдоди нусхаҳои маводди чопшударо мегӯянд, ки тибқи талаботи фармоишгар нашр мешавад [7, с. 57].

Истилоҳи ***passepartout-паспарту*** аз калимаи аслии фаронсавӣ реша гирифта, ба маънои картон ё коғази ғафс, ки барои часпонда мондани суратҳо истифода мешавад, далолат менамояд. Масалан, пораи картон ё коғаз бо роғи чорчӯбаи дар мобайн қарордошта, ки барои гузоштани расм, мусаввара ё сурати ҳаккокишуда муқаррар шудааст. Андоза ва ҳаҷми сурат ва ё расмро мувофиқ ба паспарту интихоб менамоянд. Муфассалтар карда шарҳ диҳем, калимаи ***паспарту*** решаи аслии фаронсавӣ дошта, ҳамчун унсури сохтории нашр дар шакли коғаз ва ё картони тунук мебошад. Дар баъзе мавридҳо дар паспарту имзои шахси дар он тасвирёфта низ гузошта мешавад [7, с. 48].

Истилоҳи фаронсавии ***pagination-пагинатсия*** калимаи аслии фаронсавӣ буда, мафҳуми саҳифа, рақамгузорӣ ва ё бо рақам дарҷ намудани саҳифа ё сутунҳои китобро ифода менамояд [7, с. 47]. Дар замони муосир, ки нашри китобҳо тавассути ширешкунии замонавӣ сурат мегирад, бинобар ин, истилоҳи фаронсавии ***collage-коллаж*** мақоми хоссаро касб намудааст. Истилоҳи ***collage*** аз калимаи фаронсавӣ гирифта шуда, бо ширеш часпондани воситаҳои санъати тасвириро тариқи ширешкунӣ таҳия намудани мусаввараҳо ва расмҳои мухталифро дар назар дорад [7, с. 36].

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлилу баррасӣ дақиқу равшан гардид, ки дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ истилоҳоти аслии забонҳои гуногунсохтор дар низоми истилоҳотии онҳо мавқеи муҳимро касб намуда, истилоҳоти мазкур дар ҳарду забон таърихи тулониро доро мебошанд.

Адабиёт

1. *Герд, А. С. Ещё раз значении термина / А. С. Герд // Лингвистические аспекты терминологии. –Воронеж: Изд-во Воронеж, 1980. – С. 2-11.*
2. *Головин, Б. Н. Типы терминосистеми основания их различия термин и слово / Б. Н. Головин // Горький. –М: Изд-во Горьк. Ун-та., 1981. – С 3-17.*
3. *Джураев, Т. К. Русско-таджикский терминологический словарь по начертательной геометрии и черчению / Т. К. Джураев. –Душанбе, 1974. - 68 с.*
4. *Зарипов, А. Н. Нақши истилоҳоти осорхонашиносӣ дар забони тоҷикӣ / А. Н. Зарипов. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2016. № 4/3 (203). –С. 46-50.*
5. *Канделаки, Т. Л. Семантика и мотивированность терминов / Т. Л. Канделаки // АН СССР, Ком. Науч. –техн. Терминологии. –М: Наука, 1977. - 166 с.*
6. *Луғати русӣ-тоҷикии тасвирии истилоҳоти заргарӣ (мураттиб Т. Пиров). –Душанбе, 2021.-104 с.*
7. *Луғати русӣ-тоҷикии истилоҳоти китобчопкунӣ /мураттиб Т. Пиров.–Душанбе, 2025.-70 с.*
8. *Назарзода, С. Андешаҳо дар атрофи забони тоҷикӣ ва ташаккули истилоҳот / С. Назарзода. – Душанбе, 2003.-148 с.*
9. *Пиров, Т. Луғати русӣ-тоҷикии истилоҳоти кулолгарӣ / Т. Пиров. –Душанбе, 2019. - 51 с.*
10. *Пиров, Т. Луғати русӣ-тоҷикии тасвирии истилоҳоти кандакорӣ / Т. Пиров. –Душанбе, 2020. - 44 с.*

11. *Тӯрахасанов Қ. Ш. Некоторые теоретические вопросы изучениятаджикской медицинской терминологии / К. Ш. Турахасанов // Вестник Таджикский национальный университет Серия филологических наук. – Душанбе, 2016. № 4/3 (203). – С. 14-18.*
12. *Тӯраҳасанов, Қ. Ш. Нақши калимаҳои арабӣ дар истилоҳоти тиббӣ / Қ. Ш. Тӯраҳасанов. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филологӣ. –Душанбе, 2019. №8. –С. 30-35.*
13. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 1. - Душанбе, 2008. -950* ***с.***
14. *Фарҳанги форсӣ-русӣ. Ҷ.2.–Душанбе, 1985. - 804 с.*
15. *Ҷумаев, Т. Дар бораи иқтибосоти забони арабӣ дар забони тоҷикӣ дар асрҳои 18-19 ва ибтидои асри 20 / Т. Ҷумаев. –Душанбе, 2019 №8. –С. 107-111.*

НАЗАРЕ БА ИСТИЛОҲОТИ ДИЗАЙНЕРИИ АСЛӢ ВА БАХШҲОИ МУХТАЛИФИ ОН ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ФАРОНСАВӢ

Масъалаи истилоҳ, истилоҳшиносӣ ва истилоҳоти тахассусӣ дар забоншиносии умумӣ яке аз мавзуъҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Масъалаи мазкур таваҷҷуҳи олимону донишмандонро ба худ ҷалб намудааст. Аз ин рӯ, забоншиносон ва истилоҳшиносони ватаниву хориҷӣ доир ба ин масъала фикру андешаҳои ҷолиби хешро баён намудаанд. Солҳои охир баррасии истилоҳоти соҳаҳои мухталифи ҷомеа раванди махсусеро касб намудааст. Яке аз он бахшҳои муҳим истилоҳоти дизайнерӣ ва бахшҳои мухталифи он ба ҳисоб меравад, ки дар илми дизайнерӣ мавқеи махсус дорад. Бо дарназардошти муҳиммияти мавзуи мазкур дар мақола истилоҳоти дизайнерӣ ва бахшҳои гуногуни он мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар мақолаи мазкур истилоҳоти дизайнерӣ ва бахшҳои мухталифи он, аз қабили кулолӣ, заргарӣ, кандакорӣ, китобчопкунӣ ва ҳандасаи геометрӣ аз нигоҳи маъноиву мансубияти забонӣ таҳлилу баррасӣ гардидааст. Илова бар ин, муаллифи мақола қайд менамояд, ки истилоҳоти кандакории ширеш, тахта, меъмор, сутун, ранг, ороиш, фона, шона, бино; истилоҳоти кулолгарии ранг, чанбар, ҷом, гил, хок, об, чӯб, корд; истилоҳи заргарии садаф, сим, зар, хӯла, ҷило, зевар, гудоз, гудозиш, заргар, заргарӣ, ширранг, кафшер, кафшеркунӣ; истилоҳоти китобчопкунии ришта, сӯзан, рамз, чоп, часп, ширеш, дока, сангӣ, беранг, шероза, шерозабандӣ, зеҳгирӣ; истилоҳоти ҳандасаи тасвирии поя, болор, навард, кач, рӯя, дароз, камон, ченак, гунбаз, сутун ва тир дар замони муосир низ дар санъати дизайнерии тоҷикӣ доираи васеи истифода доранд.

Калидвожаҳо: истилоҳ, истилоҳшиносӣ, маъно, масъала, забоншинос, тазйин, таҳлил, соҳа, кулолгарӣ, заргарӣ, китобчопкунӣ, ҳандаса, ҳандасаи тасвирӣ, нақшакашӣ.

АНАЛИЗ ОРИГИНАЛЬНОЙ ДИЗАЙНЕРСКОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ И ЕЁ РАЗЛИЧНЫХ ОТРАСЛЕЙ В ТАДЖИКСКОМ И ФРАНЦУЗСКОМ ЯЗЫКАХ

Проблема термина, терминологии и специализированной лексики в общем языкознании считается одной из важных тем и привлекает внимания ученых исследователей. В связи с этим отечественные и зарубежные лингвисты и терминологи высказывали по данному вопросу различные интересные мнения и суждения. В последные годы изучение терминологии различных сфер общества приобрело особую актуальность и системный характер. Одной из таких значимых областей является дизайнерская терминология и её различные направления, которые занимают особое место в науке дизайна. Учитывая важность данной темы, в настоящей статье проведён анализ и исследование дизайнерской терминологии и её различных отраслей. В частности, исследуется такие направления, как керамика, ювелирное дело, резьба, книгоиздание, а также изобразительная геометрия и черчение, с точки зрение их семантики и языковой принадлежности. Кроме того, автор статьи отмечает, что термины отрасли резьбы: ширеш, тахта, меъмор, сутун, ранг, ороиш фона, шона; термины отрасли керамика: ранг, чанбар, ҷом, гил, хок, об, чӯб, корд; термины ювелирное дело садаф, сим, зар, хӯла, ҷило, зевар, гудоз, гудозиш, заргар, заргарӣширранг, кафшер, кафшеркунӣ. ; термины книгоиздание: ришта, сӯзан, рамз, чоп, часп, ширеш, дока, сангӣ, беранг, шероза, шерозабандӣ, зеҳгирӣ, парда; термины изобразительная геометрия и черчение: поя, болор, навард, кач, рӯя, дароз, дарозӣ, камон, кунҷ, ченак, бисёррӯя, гунбаз, чарх, сутун, тир в современную эпоху широко используется в таджикском дизайнерском искусстве.

Ключевые слова: термин, терминология, семантика, проблема, лингвист, дизайн, анализ, отрасл, керамика, ювелирное дело, книгоиздание, геометрия, изобразительная геометрия, черчение.

THE RESEARCH OF ORIGINAL DESIGN TERMINOLOGY IN VARIOUS FIELD IN TAJIK AND AND FRENCH LANGUAGES

The problem of the term, terminology, and specialized vocabulary in general linguistics is considered one of the important topics and attracts the attention of researchers. In this regard domestic linguists and terminologists have expressed various interesting opinions and judgements on this issue. In recent years, the study of terminology in various spheres of society has acquired particular relevance and a systemic character. One of such significant areas is design terminology and its various branches, which occupy a special place in design science. Considering the importance of this topic this article analyzes and studies design terminology and its various fields. In particular, such areas as ceramics, jewelery making, carring, publishing, as well as

descriptive geometry and technical drawing are examined from the point of view of their semantics and linguistic affiliation. In addition, the author of the article notes that the terms of the carving field, glue, trancher architect, post point decoration wedge, comb, the termins of carving sphere: paint, band, bowl, clay, soil, water, wood, knife, the termins of jewelery work, sapphire, treasure, allay melting, jeweler, welding. The termins of biblyology, thead needle code, printing, paste, glue, gauze, stone, colourlees, shiraz, infelligence, curtain, the termins of descriptive geometry and technical drawing, stem, base, beam pattee, curved, surface, long, length, arch, angle meacurement polygon, dome, wheel post, beam are widely used in Tajik modern design art.

Keywords: term, terminology semantics, problem, linguists design, research, field, ceramics, jewelry making, publishing, geometry, descriptive geometry, drafting.

Дар бораи муаллифон

Намозова Шахлохон Хамзаевна
Омӯзгори калони кафедраи умумидонишгоҳии забонҳои олмонӣ-фаронсавӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ. 17
E-mail: shahlo.namozova@mail.ru

Тӯраҳасанов Қодирқул Шодиқулович
Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷик
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ. 17
E-mail: kadirov556655@gmail.com

Об авторах

Намозова Шахлохон Хамзаевна
Старший преподаватель общий университетской кафедры немецко-французских языков
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17
E-mail: shahlo.namozova@mail.ru

Турахасанов Кодиркуль Шодикулович
Доктор филологических наук, профессор кафедры таджикского языка и методики преподавания таджикского языка и литературы
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17
E-mail: kadirov556655@gmail.com

About the authors

Namozova Shahlokhon Khamzaevna
Senior lecturer of the university, department of German-French languages
Tajik National University
734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave, 17
E-mail: shahlo.namozova@mail.ru

Turahasanov Qodirkul Shodikulovitch
Doctor of Philological Sciences, Professor, Department of Tajik Language and Methods of Teaching Tajik Language and Literature
Tajik National University
734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave, 17
E-mail: kadirov556655@gmail.com

ТДУ 809.155.0+804.0

ОМӮЗИШИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ФАРОНСАВӢ АЗ НУҚТАИ НАЗАРИ ҶАНБАҲОИ ЭТИМОЛОГӢ ВА ИҶТИМОӢ-ФАРҲАНГӢ

Бойматова Д. М.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Мо ҳар рӯз даҳҳо ва ҳатто садҳо ибораҳои фразеологии тайёрро истифода мебарем. Ибораҳои фразеологӣ аксар вақт ҳайратоваранд ва вақте ки мо ба пайдоиши онҳо назар мекунем, дар назари мо аҷиб менамоянд. Бояд қайд кард, ки ибораҳои фразеологие, ки мо ҳар рӯз дар нутқ истифода мекунем онҳо тасодуфан пайдо нашудаанд, балки онҳо аз тарафи забонҳо, лаҳҷаву жаргонҳои сершумор пайда шуда, ташаккул ёфтаанд. Онҳо вобаста ба тағйироти иҷтимоӣ, урфу анъанаҳо, рӯйдодҳои таърихӣ гуногун ҳастанд. Метавон гуфт, ки ибораҳои фразеологӣ ифодакунандаи ҳикмати халқ, расму оин, урфу анъанаҳои даврaҳои гуногун ҳастанд.

Дар мақолаи мазкур мо тасмим гирифтем, ки воҳидҳои фразеологии фаронсавиро аз нуқтаи назари ҷанбаҳои этимологӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, онҳоро бо забони тоҷикӣ муқоиса намоем. Қобили қайд аст, ки пайдоиши ибораҳои фразеологӣ таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба худ ҷалб кардааст ва ҷалб кардаистодааст. Ибораҳои фразеологии фаронсавие, ки мавриди таҳқиқ қарор дода мешаванд, таърихи иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии Фаронсаро инъикос мекунанд. Маълум аст, ки воҳиди асосии забонро калимаҳо ташкил медиҳанд. Маҳз дар калимаҳо таърихи инсоният, илм, фарҳанг, техника, ҳамаи тағйирот дар ҳаёти ҷомеа инъикос меёбад. Таркиби луғавии забон пайваста тағйир меёбад: баъзе калимаҳо аз сабаби қатъ шудани воқеа ё дигар вуҷуд надоштани чизе аз байн мераванд; баъзе калимаҳо барои ифода кардани ашё ҳодисаи нав ба вуҷуд меоянд. Воҳидҳои фразеологӣ ба воситаи калимаҳо ифода карда мешаванд ва калимаҳо дар таркиби воҳиди фразеологӣ гоҳе маънои асосии худро аз даст медиҳанд [3, с. 10].

Дар забоншиносӣ фразеология ҳамчун боби мустақили забон ба якчанд навъ ҷудо мешавад. Яке аз навъи илми фразеология ин фразеологияи таърихӣ мебошад, ки шароити таърихии ташаккули воҳидҳои фразеологӣ, манбаъҳои пайдоиш, ҷараёни тағироти таърихии онҳо ва масъалаҳои амсоли ин мавриди тадқиқ қарор мегиранд [3, с. 10]. Дар фразеологияи таърихӣ масъалаҳои асолати таърихии ҳар як забон омӯхта мешавад. Қайд кардан ба маврид аст, ки аксари ибораву ифодаҳое, ки имрӯз мустақиланд, ҳазор сол пеш аз ин дар ҳамин шаклу маъно ба кор мерафтаанд, вале дар баробари ин як миқдор воҳидҳои фразеологӣ аз ҷиҳати шакл ва маъно тағйир ёфтаанд ва қисми дигари онҳо тамоман аз истифода баромадаанд.

Тавре мебинем, дар қисмати фразеологияи таърихӣ этимология, яъне пайдоиши ибораҳои фразеологӣ низ мавриди таҳқиқ қарор дода мешавад. Дар забоншиносӣ бахше, ки пайдоиши калимаҳоро меомӯзад этимология номида мешавад. Калимаи **“этимология”** аз калимаи юнонӣ **“etymologia”** гирифта шуда, **etymon**-маънои аслии калима ва **logos** – таъриф, таълим мебошад. Дар илми забоншиносӣ бахши этимология пайдоиши калимаҳо ва маънои аслии онҳоро меомӯзад. Таҳқиқоти этимологӣ, чунон ки таърихи фразеологияи фаронсавӣ нишон медиҳад, асоси омӯзиши назариявии ин фанро гузошт. Таваҷҷуҳ ба чунин таҳқиқот то имрӯз идома дорад ва боиси пайдоиши як шохаи алоҳидаи фразеология, яъне этимологияи воҳидҳои фразеологӣ шудааст. Этимологияи ибораҳои фразеологии фаронсавӣ доираи гуногуни пайдоиш яъне забони лотинӣ, таърих, ҳунармандӣ, ҳаёти рӯзмарраро ошкор мекунад, ки тасвирҳои мушаххасро ба ибораҳои рамзӣ табдил медиҳад. Ибораҳои фразеологии фаронсавӣ аксар вақт унсурҳоро аз забонҳои лотинӣ, юнонӣ, франкӣ ва заминаҳои иҷтимоӣ-таърихӣ гирифта, таҳаввулоти фарҳангӣ ва забонии забонро нишон медиҳанд. Ҳамаи ибораҳои фразеологӣ маҷмуи донишҳоеро ташкил медиҳанд, ки дар ҷомеа мубодила мешаванд. Аз ин рӯ, омӯзиши онҳо муҳим аст ва он ба донандаи забони хориҷӣ аз ҷумла фаронсавӣ имкон медиҳад, ки малакаҳои забонии худро нишон диҳад, бо ҳамсуҳбати худ робита барқарор кунад.

Пайдоиши илми фразеологияро одатан бо номи забоншиноси фаронсавии швейтсаритабор, Ш. Балли алоқаманд медонанд. Истилоҳи "фразеология" соли 1905 бори нахуст аз ҷониби ин забоншиноси барҷаста ҷорӣ карда шуд, ки вай дар мулоҳизаҳои назариявии худ ба асоси фразеология ҳамчун соҳаи алоҳидаи илм наздик омад. Дар китоби

"Рисолаи услубшиносии фаронсавӣ" (Traité de stylistique française, 1909) Ш. Балли яке аз аввалинҳо шуда мақсад ва вазифаи услубшиносиро ҳамчун як соҳаи мустақили илми забоншиносӣ муайян кардааст. Дар ин китоб ибора дар категорияи забони ғайритабиӣ (алоқадории эҳсос бо эҳсоси ибора) ва далели нахустини гурӯҳбандии фразеологизм низ баррасӣ карда шудааст. Ин забоншинос бори нахуст дар заминаи муайян кардани аломатҳои воҳидҳои фразеологӣ таҳқиқ анҷом додааст.

Дар як мақолаи банда таҳти унвони "Сохт ва вижагиҳои воҳидҳои фразеологӣ дар забони фаронсавӣ" ки ба воҳидҳои фразеологии забони фаронсавӣ бахшида шудааст, оид ба омӯзиши илми фразеологияи забони фаронсавӣ чунин гуфта шудааст: "Дар забони фаронсавӣ дар заминаи фразеология ва махсусиятҳои он таҳқиқоти зиёд сурат гирифтааст. Баъдан дар соҳаи фразеология муҳаққиқони фаронсавӣ, аз ҷумла Морис Ра, Пиер Оиро, Ален Рей, Софи Шант, Ж.Марузо ва дигарон таҳқиқоти ҷиддӣ ва қобили мулоҳиза анҷом дода, ба таҳқиқоти минбаъда дар ин соҳа роҳ кушодаанд. Дар таҳқиқи фразеологияи забони фаронсавӣ забоншиносони рус низ саҳми сазовор гузоштаанд. Асарҳои илмии З.Н. Левит, Р.Л. Ляндо, А.Г. Назарян, Я.И. Ретскер, Г.Г. Соколова, И.Н. Тимескова ба масъалаҳои гуногуни фразеологияи забони фаронсавӣ, таҳқиқ ва коркарди масъалаҳои назарияи умумӣ ва хусусии онҳо бахшида шудааст. Олимони зиёд, аз ҷумла Л.И.Ройзензон, А.Г.Назарян, Казар, Китард ва Рей таъкид намудаанд, ки маҳз фразеология ҳамчун "падидаи ба худ хос" хусусияти хоси забони миллиро ифода мекунад" [1, с. 46].

Таърихи фразеологияи забони фаронсавиро муҳаққиқи арманитабори рус А.Г. Назарян ба се давра тақсим кардааст: "Давраи аз ҳама бармаҳал (аввал), ки аз вақти ба вуҷуд омадани забони фаронсавӣ то асри XVI-ро дар бар гирифта, ба давраи забони фаронсавии қадим ва асрҳои миёна мувофиқат мекунад. Давраи дуюм аз асри XVI то аввали асри XX идома ёфта, забони фаронсавии ибтидоӣ (асри XVI), забони нави фаронсавӣ (асрҳои XVII-XVIII) ва забони муосири фаронсавиро (асри XIX) дар бар мегирад. Давраи сеюм аз аввали асри XX то имрӯзи забони фаронсавии муосирро фаро мегирад [5, с. 19].

Бояд таъкид кард, ки ибораҳои фразеологиро ба маънои аслии худ, яъне калима ба калима фаҳмидан ё ба забони дигар тарҷума кардан ғайриимкон аст. Масалан, ибораи фразеологии фаронсавии хеле маъмулро гирем: **"jeter l'argent par les fenêtres".** Агар ибораи мазкур ба забони тоҷикӣ тарҷумаи таҳтуллафзӣ карда шавад, як амали аҷиберо тасвир мекунад, ки чунин аст ***"пулро аз тиреза партофтан".*** Аммо ин дар асл як истиора аст ва ибораро бояд ба таври маҷозӣ дарк кард, ки чунин маъноро дорад ***"баҳузур пули зиёд сарф кардан"***. Ҳамин тариқ, бисёре аз идиомаҳо аз истиора сохта мешаванд. Ибораҳои дигар пайдоиши адабӣ доранд ё бо сохторҳои грамматикӣ бозӣ мекунанд. Ибораи **"jeter l'argent par les fenêtres"**-ро метавон нисбатан шаффоф донист, зеро маънои аслии он ва симои равоние, ки аз он бармеояд, мафҳуми исрофкорӣ ва набудани худдориро дорад. Дар забони тоҷикӣ низ ибораи фразеологии **"пулро ба бод додан"** мавҷуд аст, ки айнан ба маънои беҳуда пули бисёр сарф карданро дорад.

Ибораи фразеологии фаронсавии дигар **"rouler sur l'or"** тавре дар фарҳангҳои ибораҳои фразеологии забони фаронсавӣ оварда шудааст пайдоиши он ба асри XVIII рост меояд. Ибораи фразеологии мазкур метавонад дар он рабт дошта бошад, ки тангаҳо ҳангоми афтидан ба замин ба осонӣ меғеланд. Дар ҳамон давра мардум мегуфтанд, ки агар дар хона танга ғелад маънои фаровониро дорад. Бо як мақоли дагар чунин гуфта мешуд **"l'argent est rond, il faut qu'il roule"**, яъне ***"танга гирд аст бояд ғелад"*** ва ин ба тилло низ дахл дорад. Дар аввал ибора дар шакли **"se rouler sur l'or et sur l'argent"** яъне ***"дар тилло ё ки нуқра ғелидан"*** истифода бурда мешуд ва эҳтимолан метавон гуфт, ки ибораи фразеологии **"rouler sur l'or"** аз ибораи **"se rouler sur l'or et sur l'argent"** пайдо шудааст. Дар он замон ибораи фразеологии зикргарда ба нисбати шахсони сарватманд гуфта мешуд ва маънои сарватманд бударро дорад. Ибораи фразеологии **"rouler sur l'or"** ба забони тоҷикӣ чунин тарҷумаи таҳтуллафзӣ дорад, яъне ***"дар тилло ғелонидан",*** ҳамон тавре, ки шахс дар алаф меғелад ва баданашро аз як тараф ба тарафи дигар мегардонад. Ибораи мазкур бештар дар шакли манфӣ барои тавсифи шахсе истифода мешавад, ки имконоти маҳдуди молиявӣ дошта, камбағал аст. Чунин мегӯянд ***"cette personne ne roule pas sur l'or."*** - *ин шахс дар тилло нағелидааст,* яъне камбағал аст.

Воҳиди фразеологии **"rouler sur l'or"** дар фарҳанги **"301 expressions pour parler comme les français"** *(301 ибора барои ба мисли фаронсавиҳо гап задан)*"-и Ҷоан Текфак чунин маънидод карда шудааст: "L'or est un métal rare et précieux. Il symbolise la richesse depuis des millénaires. Seul quelqu'un de riche roulerait avec sa voiture sur de l'or. "Rouler sur l'or

signifie" donc "avoir des moyens financiers très importants", "être extrêmement riche" [11, с. 348], яъне *"Тилло метали нодир ва қиматбаҳо аст. Он дар тули ҳазорсолаҳо сарватро нишон медод. Танҳо касе, ки воқеан сарватманд аст, мошини аз тилло сохташударо меронад. Аз ин рӯ, ибораи фразеологии* **"rouler sur l'or"** *маънои захираҳои молиявии хеле назаррас доштан, хеле бадавлат буданро дорад*"

Ибораи фразеологии фаронсавӣ дар забони тоҷикӣ бо ибораи фразеологии тоҷикӣ **"рӯзи касе ба подшоҳӣ гузаштан"** ҳаммаъно мебошад. Ба нисбати ибораи фразеологии **"рӯзи касе ба подшоҳӣ гузаштан"** дар "Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик"-и М. Фозилов чунин маънидод карда шудааст, яъне "*бо серию пурӣ ҳаёт гузаронидан, ба ҳеҷ чиз муҳточ набудан"* [8, с.913]**.** Тавре мебинем ибораҳои фразеологии фаронсавию тоҷикӣ маънои сарватманд будан ва бо серию пурӣ зиндагӣ карданро доранд.

Ибораи фразеологии дигар ***"être au bout du rouleau"*** *тарҷумаи таҳтуллафзии ибораи мазкур чунин* ***"дар охири ресмони худ будан"*** *аст. Тавре мебинем маънои ибораро бо тарҷумаи таҳтуллафзияш фаҳмидан мушкил аст. Пас ин ибора чӣ маънӣ дорад? Пеш аз ҳама ба пайдоиши ибораи мазкур назар афканем, ибораи зикргардида дар асри XVII дар ша кли каме дигар яъне дар шакли* **"être au bout de son rollet"** *пайдо шудааст.*

Тибқи луғати универсалии Антуан Фюретиер (1690), ибораи **"être au bout de son rollet"** *вақте "касе дар бораи ҳар сухани саркардааш ё ки дар бораи ҳар кори ба уҳда гирифтааш чӣ гуфтан ва чӣ кор карданро намедонист", гуфта мешуд. Калимаи "***rollet***" мухтасари калимаи* ***"rôle"*** *(нақш) буда, варақи хурди қоғазест, ки ҳунармандон сатрҳои худро мехонданд ва нақши худро меомӯхтанд. Аз ин рӯ, ибораи мазкур аз театр бармеояд, вақте ки ҳунарманд дар саҳна нақши хурд дошт ва сухани ҳунарманд зуд ба охири сатрҳо мерасид, аз ин рӯ чизе барои гуфтан надошт. Пас аз он гуфта мешуд* **"être au bout de son rollet"** ба *таври тарҷумаи таҳтуллафзӣ* ***"дар охири ресмони худ будан"****, яъне сухане барои гуфтан надоштан.*

Калимаи ***"rôle"*** аз калимаи лотинии ***"rota"*** гирифта шуда, маънои ***"чархи хурд"***-ро дорад, ба ин васила даврашаклро ба ёд меорад, вожаи дигар ***"rouleau"***-ро ба вуҷуд оварда, ки баъдтар аз соли 1809 дар ибораи ***"être au bout du rouleau*** ё ки ***être au bout de son rouleau"*** пайдо шудааст, ки маънои *"дар театр фаҳмиши ба охир расидани нақши ҳунарманд"*-ро дорад. Ибораи фразеологии мазкур ба забони тоҷикӣ чунин тарҷумаи таҳтуллафзӣ карда мешавад, яъне ***"дар охири лӯлапечи худ будан"***. Ин тасвир ба ибораи ***"être au bout du rouleau"*** *ду маъно додааст.* Маънои аввал ва машҳур ин ***"шикаста" ё "бе захира",*** маънои дуюмаш бошад ***"аз ҷиҳати ҳам ҷисмонӣ ва ҳам рӯҳӣ хаста будан, бо душворӣ мубориза бурдан"*** мебошад [11, с. 427]. Танҳо дар ибтидои асри XX ин ибора ба маънои ***"тамоми захираҳои худро тамом кардан"*** ва бахусус ***"дар охири қувваи худ будан"*** истифода шуд.

Дар баъзе сарчашмаҳо гуфта шудааст, ки ибораи фразеологии дар боло зикршуда сарчашмаи саноатӣ низ дорад. Дар фабрикаҳои куҳнаи бофандагӣ вақте ки ришта дар ҳолати ба охир расидан бошад сифати матои истеҳсолшуда паст, яъне бесифат мешуд. Тасвири ***"лӯлапеч"***-и холӣ ҳамин тавр шахсеро ба пеши назар меорад, ки он чизе ки дошт сарф кардааст ва ҳоло хаста шудааст. Тавре мебинем ибораи фразеологии ***"être au bout du rouleau"*** бо вуҷуди сарчашмаи гуногун доштан маънои якхела, яъне безахира монда ва хаста шуданро ифода мекунад.

Ибораи фразеологии ***"être au bout du rouleau"*** дар забони тоҷикӣ бо ибораи *"***аз по мондан***"* ҳаммаъно мебошад. Ибораи фразеологии тоҷикӣ **"аз по мондан"** маънои ***"хаста шудан, монда шудан, тоби роҳгардӣ надоштан; бемадору фартут шудан"***-ро дорад [8, с. 846]. Пас аз таҳлили ин ду ибораи фразеологии зикргардида маълум мегардад, ки ин ду ибора ҳаммаъно мебошанд.

Тавре дар китоби таҳти унвони "Фразеология современного французского языка"-и Назарян А.Г. қайд карда шудааст, ки "аксарияти воҳидҳои фразеологӣ дар заминаи миллӣ пайдо шудаанд. Манбаъҳои онҳо хеле гуногунанд ва ба даврaҳои гуногун бармегарданд. Тасвирҳои воҳидҳои фразеологии фаронсавӣ аз соҳаҳои гуногуни ҳаёти моддӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоию иқтисодии мардум гирифта шуда, таърих, тарзи зиндагӣ ва фарҳанги онҳо, рӯҳия ва тарзи тафаккури онҳоро инъикос мекунанд. Ин намуди воҳидҳои фразеологӣ як навъ синтези арзишҳои маънавӣ мебошанд. Онҳо тасвири боэътимоди гузаштаи худро аз нав эҷод мекунанд" [4, с. 261].

Ибораи фразеологии **"voir la vie en rose"** дар фарҳанги "Le Ropert dictionnaire des expressions et locutions" чунин маънидод карда шудааст: ***"tout considérer d'une manière***

optimiste, ne voir que le bon côté des choses”, [12, 810] яъне ба ҳама чиз бо хушбинӣ нигоҳ кардан, танҳо тарафи дурахшони чизҳоро дидан. Агар ибораи фразеологии мазкурро ба забони тоҷикӣ тарҷумаи таҳтуллафзӣ кунем, чунин тарҷума карда мешавад ***“зиндагиро бо ранги гулобӣ дидан”***. Ранги гулобӣ ранги шодӣ ва зиндагии хуб аст, дар муқоиса бо ранги сиёҳ, ки ранги ғам аст. Ҳамин тариқ, дар ибораи **“voir la vie en rose”** маънои нодида гирифтани ҷанбаҳои манфии вазъиятро дорад, яъне ба зиндагӣ хушбинона, умедворона ва некбинона назар кардан аст. Ин ибораи фразеологиро барои танқид кардани таҳлили аз ҳад содаи вазъият истифода бурдан мумкин аст. Он инчунин метавонад ҳамчун ёдрас кардани зарурати дурнамои воқеӣ ва нозукиҳо хизмат кунад.

Ибораи фразеологии дигаре, ки таърихи пайдоиши он дар мақолаи мазкур баррасӣ карда мешавад **“**с**’est la goutte d’eau qui fait déborder le vase”** аст, ки чунин тарҷумаи таҳтуллафзӣ дорад ***“ин қатраи об аст, ки гулдонро лабрез мекунад”.*** Албатта ин тасвири равшан аст, гулдоне, ки то лабаш пур аст ва як қатраи об барои лабрез кардани он кифоя аст. Пайдоиши ин ибора ба замонҳои қадим рост меояд, вақте ки кӯза барои ҷамъоварии об истифода мешуд. Ҳар як қатра об ба ҳисоб мерафт, ин нишон медиҳад, ки ҳатто рӯйдодҳои хурд метавонанд оқибатҳои калон дошта бошанд, агар вазъият аллакай муташанниҷ бошад. Ибораи фразеологии зикргардида дар фарҳанги “Le Ropert dictionnaire des expressions et locutions”-и Ален Рей чунин ***“le petit detail qui rend intolérable une situation globale et suscite une réaction violente”*** [10, с. 471], яъне *“ҷузъиёти хурде, ки вазъияти умумиро тоқатфарсо мекунад ва вокуниши шадидро ба вуҷуд меорад”,* маънидод карда шудааст. Ин тасвир дар асри XVII дар асарҳои Мари де Рабутан-Шантал, ки бо номи Маркиз маъруф аст, ё содатар, хонум де Севине ва дар аввали асри XIX дар асарҳои Стендал ба мушоҳида мерасад.

Дар фарҳанги **“301 expressions pour parler comme les français”** *(301 ибора барои ба мисли фаронсавиҳо гап задан)*”-и Ҷоан Текфак ибораи фразеологии **“**с**’est la goutte d’eau qui fait déborder le vase” чунин маънидод карда шудааст:** *“барои тавсифи ҳодисае истифода мешавад, ки аксуламали манфиро ба вуҷуд меорад. Оқибат ба ҷамъшавии ҳодисаҳо вобаста аст, аммо ин амали мушаххасе буд, ки онро ба вуҷуд оварда*” [11, с. 244-245]. Тавре мебинем шарҳи ибораи фразеологии зикргардида дар фарҳангҳои гуногун шарҳи ҳамранг дорад.

*Ибораи фразеологии фаронсавӣ **“être connu comme le loup blanc”** (тарҷумаи таҳтуллафзӣ **мисли гурги сафед машҳур будан**). Дар Фаронса гурги сафедро дидан мушкил аст. Ибораи фразеологии мазкур хеле ғайриоддӣ буда, маъруфияти васеи онро инъикос мекунад. Дар асрҳои миёна дар Фаронса гург тарс ва таҳдидро таҷассум мекард. Он ҳатто ҳамчун як тасвири шайтонӣ қабул карда шуд, ки ҳамаро метарсонд. Аз ин рӯ, бетаъсир мондани он ғайриимкон буд. Вақте ки дар наздикии деҳа гург дида мешуд, ҳама дар ин бора гап мезад ва ин хабар зуд дар тамоми деҳа паҳн мешуд. Дар баъзе минтақаҳо, гургҳо танҳо сиёҳ мебошанд. Дидани гурги сафед боз ҳам аҷибтар ва мавзуи баҳси зиёд мешуд. Ҳамин тавр гурги сафед дар деҳа хеле машҳур мешуд. Аз ин бар меояд, ки “**être connu comme le loup blanc**” маънои “бисёр маъруф будан”-ро дорад [8, с. 286]. Он ҳатман ғояи шуҳрати ҷаҳониро ифода намекунад, балки далели он аст, ки шахс дар маҳал, дар дохили як ҷомеа хеле маъруф аст. Ин ибора дар асрҳои XVII ва XVIII дар як шакли дигар дар Фаронса вуҷуд дошт. Дар баъзе фарҳангҳо шакли “**être connu comme le loup gris** – ба мисли гурги хокистарӣ машҳур будан”-ро пайдо кардан мумкин аст. Дар асрҳои миёна ибораи **“regarder comme le loup blanc** – ба гурги сафед монанд шудан” низ вуҷуд дошт. Ин ду ибораи фаронсавӣ дар ҳамон ибораи **“être connu comme le loup blanc”**, ки мо имрӯз истифода мебарем, боқӣ мондаанд.*

*Ибораи фразеологии **“avoir du pain sur la planche”** маънои **“кори бисёр доштан ё ки доштани вазифаҳое, ки бояд анҷом дода шаванд**-ро дорад [10, с. 670]. Дар охири асри XIX ин ибораи фразеологии фаронсавӣ маънои кори бисёр доштанро надошт, балки бештар аз он ки захираҳои кофӣ барои оянда ҳаст, яъне метавон бароҳат зиндагӣ кард. Ин тасвир аз нонпазҳо бармеояд, ки тамоми ҳафта нон мепухтанд ва пас аз пухтани багетҳо яъне нонҳои дарозрӯяро дар тахта қатор мекарданд. Ин маънои онро дошт, ки шумо ояндаи бехатар доред зеро кори хубе кардаед.*

Ибораи фразеологии **“promettre monts et merveilles”** таърихи пайдоиши қадима дорад. Дар охири асри XIII калимаи **“monts”** яъне ***кӯҳҳо*** миқдори зиёди ашёро ифода мекард. Аз асри XV сар карда, ибораи фразеологии дар шакли **“conter maux et merveilles”** ба вуҷуд омад, ки барои қисса кардани ҳикояҳои афсонавӣ истифода мешуд. Он баъдтар дар асри XVI ба шакли **“promettre monts et merveilles”** табдил ёфт, ки маънои ***“ба касе ваъда додани чизҳои арзишманд ба миқдори зиёд ва ба маънои рамзӣ ваъда додани афзалиятҳои назаррасро дар назар”*** -ро дорад [10, с. 606].

Дар маҷмуъ бояд қайд кард, ки ибораҳои фразеологии забони фаронсавӣ таърихи дуру дароз ва манбаъҳои пайдоиши гуногун доранд. Аксарияти ибораҳои фразеологӣ чанд аср пеш аз ин дар ҳамин шаклу маъно ба кор мерафтанд, дар баробари ин як миқдори онҳо аз ҷиҳати шакл ва маъно тағйир ёфтаанд. Ибораҳои фразеологии фаронсавӣ таърихи иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии Фаронсаро инъикос мекунанд.

Таърихи забон ин як тасвири ҷолиби урфу одатҳо, анъанаҳо ва фарҳангҳост. Ҳар як калима ва ибораи фразеологие, ки мо ҳар рӯз истифода мебарем, албатта сарчашмае дорад ва аксар вақт аз рӯйдодҳои таърихӣ ё таҷрибаҳои фарҳангӣ реша мегирад. Дар мақоли мазкур мо кӯшиш ба ҳарҷ дода, пайдоиши баъзе ибораҳои фразеологии забони фаронсавиро омӯхтем, то беҳтар фаҳмем, ки онҳо чӣ гуна ба луғати ҳаррӯза ворид шудаанд. Пас аз омӯхтани мавзуи пайдоиши ибораҳои фразеологии фаронсавӣ мо шоҳиди он гаштем, ки аксарияти ибораҳо таърихи тулонӣ доранд. Вале бо гузашти давру замон баъзеи онҳо ҳам ҷиҳати шакл ва ҳам аз ҷиҳати маъно тағйир ёфтаанд. Бо вуҷуди ин ибораҳои фразеологии таърихи қадима дошта, дар нутқи ҳаррӯзаи мардум ба назар мерасанд.

Адабиёт

1. *Бойматова, Д.М. Сохт ва вижагиҳои воҳидҳои фразеологӣ дар забони фаронсавӣ / М.Д. Бойматова // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2021. –№3 (92). - С. 46-51.*
2. *Ганиева, М. А. Согласование как тип синтаксической связи в словосочетаниях французского языка и способы его выражения в таджикских словосочетаниях / М.А. Ганиева // Вестник Педогогического университета. - 2024. № 4 (111). - С. 67-73.*
3. *Маҷидов, Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 1982. - 103 с.*
4. *Назарян, А.Г. Фразеология современного французкого языка / А.Г. Назарян. – Москва: Высшая школа, 1987. – 288 с.*
5. *Назарян, А.Г. История развития французской фразеологии / А.Г. Назарян. – М.: ВШ, 1981. – 190 с.*
6. *Назарян, А.Г. Об истоках французской фразеологии. Вопросы романо-германской фразеологии / / А.Г. Назарян. – М., 1981. – 256 с.*
7. *Соколова, Г.Г. Фразеология французского языка / Г.Г. Соколова. – М., 1986. – 91 с.*
8. *Фозилов, М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик (фарҳанги фразеологӣ) / М. Фозилов. Ҷилди I. / М. Фозилов. – Душанбе: 1963. - 952 с.*
9. *Фозилов, М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик (фарҳанги фразеологӣ) Ҷилди II / М. Фозилов. – Душанбе: Ирфон, 1964. - 804 с.*
10. *Alain, Rey Sophie Chantreau. Le Ropert dictionnaire des expressions et locutions / R. Alain , S.Chantreau / Rey Alain. – Paris: Danièle Morvan.2003. –1086 p.*
11. *Johan , Tekfak. 301 expressions pour parler comme les français / T. Johan. – Paris: 2021. – 263 p.*
12. *Robert, P. Le Robert méthodique: dictionnaire méthodique du français actuel / P. Robert, J. Rey-Debove. – Paris: Dictionnaires Le Robert, 1989. – 1617 p.*

ОМӮЗИШИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ФАРОНСАВӢ АЗ НУҚТАИ НАЗАРИ ҶАНБАҲОИ ЭТИМОЛОГӢ ВА ИҶТИМОӢ-ФАРҲАНГӢ

Дар мақолаи мазкур омӯзиши воҳидҳои фразеологии фаронсавӣ аз нуқтаи назари ҷанбаҳои этимологӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. Воҳидҳои фразеологие, мо ҳар рӯз дар нутқ истифода мекунем онҳо тасодуфан пайдо нашудаанд, балки онҳо аз тарафи забонҳо, лаҳҷаву жаргонҳои сершумор пайда шуда, ташаккул ёфтаанд. Онҳо вобаста ба тағироти иҷтимоӣ, урфу анъанаҳо, рӯйдодҳои таърихӣ гуногун ҳастанд. Метавон гуфт, ки ибораҳои фразеологӣ ифодакунандаи ҳикмати халқ, расму оин, урфу анъанаҳои даврaҳои гуногун ҳастанд. Дар ҳар як забон воҳидҳои фразеологӣ дар заминаи миллӣ пайдо шудаанд. Манбаъҳои онҳо хеле гуногунанд ва ба даврaҳои гуногун бармегарданд. Тасвирҳои воҳидҳои фразеологии фаронсавӣ аз соҳаҳои гуногуни ҳаёти моддӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоию иқтисодии мардум гирифта шуда, таърих, тарзи зиндагӣ ва фарҳанги онҳо, рӯҳия ва тарзи тафаккури онҳоро инъикос мекунанд. Бояд қайд кард, ки забони фаронсавӣ аз воҳидҳои фразеологӣ саршор аст, ки онҳо ба забонҳои дигар айнан тарҷума намешаванд. Дар сурати ба забонҳои дигар тарҷума кардани ин воҳидҳои фразеологӣ онҳо фасоҳатеро, ки дар забони фаронсавӣ доранд аз даст медиҳанд. Дар мақоли мазкур мо пайдоиши ибораҳои фразеологии маъмули забони фаронсавиро мавриди баррасӣ қарор додем, то беҳтар фаҳмем, ки онҳо чӣ гуна ба луғати ҳаррӯза ворид шудаанд. Пас аз баррасӣ намудани мавзуи пайдоиши ибораҳои фразеологии фаронсавӣ мо шоҳиди он гаштем, ки аксарияти ибораҳо таърихи тулонӣ дошта, бо гузашти давру замон баъзеи онҳо ҳам ҷиҳати шакл ва ҳам аз ҷиҳати маъно тағйир ёфтаанд, вале дар нутқи ҳаррӯзаи мардум ҳанӯз ба назар мерасанд.

Калидвожаҳо: воҳидҳои фразеологӣ, ибораҳо, воҳидҳои фразеологии забони фаронсавӣ, пайдоиш, этимология.

ИЗУЧЕНИЕ ФРАНЦУЗСКИХ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ЭТИМОЛОГИЧЕСКИХ И СОЦИОКУЛЬТУРНЫХ АСПЕКТОВ

В данной статье будет рассматривается изучение французских фразеологические единиц с точки зрения этимологии и социокультурных аспектов. Фразеологческие единицы, которые мы используем в повседневной речи, появились не случайно, а формировались и развивались в многочисленных языках, диалектах и сленге. Они варьируются в зависимости от социальных изменений, обычаев и традиций, а также исторических событий. Можно сказать что фразеологические единицы являются выражениями народной мудрости, обычаев, традиций разных эпох. В каждом языке фразеологические единицы возникли на национальном уровне. Их источники очень разнообразны и восходят к разным периодам. Образы французских фразеологических единиц заимствованы из различных областей материальной, культурной и социально-экономической жизни народа, отражая его историю, образ жизни и культуру, менталитет и образ мышления. Следует отметить, что французский язык полон фразеологических единиц, которые не переводятся дословно на другие языки. При переводе на другие языки эти фразеологические единицы теряют свою выразительность во французском языке. В этой статье мы исследовали происхождение распространенных французских фразеологических единиц, чтобы лучше понять как они вошли в повседневную лексику. Изучив тему происхождения французских фразеологических единиц мы обнаружили, что большинство из них имеют долгую историю, и со временем некоторые из них изменились как по форме, так и по значению, но все ещё присутствуют в повседневной речи.

Ключевые слова: фразеологические единицы, выражения, фразеологические единицы французского языка, происхождение, этимология.

STUDY OF FRENCH PHRASEOLOGICAL EXPRESSIONS FROM THE POINTS OF VIEW OF ETYMOLOGICAL AND SOCIO-CULTURAL ASPECTS

This article examines the study of French phraseological expressions from the perspective of etymology and sociocultural aspects. The phraseological units we use in everyday speech did not appear by chance, they have formed and developed across numerous languages, dialects and slang. They vary depending on social changes, customs and traditions and historical events. Phraseological units can be said to express the wisdom, customs, traditions of different eras. In every language, phraseological units arose at the national level. Their sources are very diverse and date back to different periods. The images of French phraseological units are borrowed from various regions of the material, cultural, and socioeconomic life of a people, reflecting their history, lifestyle and culture, mentality, and way of thinking. It should be noted that the French language contains phraseological elements that are not translated verbatim into other languages. When translated into other languages, these phraseological requirements require expressiveness of the spoken language. In this article, we explored the origins of common French phraseological units to better understand how they entered everyday vocabulary. By examining the origin of French phraseological units, we discovered that most have a long history, and some have changed in both form and meaning aver time, yet remain present in everyday speech.

Keywords: phraseological units, expressions, phraseological units of the French language, origin, etymology.

Дар бораи муаллиф
Бойматова Дилрабо Меликмуродовна
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони фаронсавӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: charmant.2011@mail.ru

About the author
Boimatova Dilrabo Melikmurodovna
Candidate of philological sciences, docent of the French language department
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: charmant.2011@mail.ru

Об авторе
Бойматова Дилрабо Меликмуродовна
Кандидат филологических наук, доцент кафедры французского языка
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: charmant.2011@mail.ru

УДК 81'373:159.9

ЛИНГВО-КОГНИТИВНЫЕ ПАРАМЕТРЫ КОНЦЕПТУАЛИЗАЦИИ ВНУТРЕННЕГО МИРА ЧЕЛОВЕКА В ТАДЖИКСКОМ И РУССКОМ ЯЗЫКАХ

Бобоева Г. И.
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни

Введение. Изучение ментальной сферы и внутреннего мира индивида относится к приоритетным направлениям современной лингвистической науки. Это обусловлено когнитивной и экспрессивной функциями языка: он служит не просто инструментом передачи информации, но и механизмом концептуализации субъективного опыта. Посредством языковых единиц человек вербализует эмоциональные состояния, ментальные акты, системы ценностей и личностные переживания, благодаря чему лингвистический анализ становится эффективным ключом к реконструкции внутренней реальности в сознании носителей языка. При этом субъект вербализует и осмысляет внутренний опыт, опираясь на готовые языковые модели и концепты, укорененные в его лингвокультуре. Данная зависимость от языковой картины мира наиболее ярко проявляется при репрезентации сложных, трудно поддающихся прямой номинации психоэмоциональных состояний, где ключевую роль начинают играть метафорические переносы и идиоматические конструкции.

Кроме того, языковое описание внутреннего мира не является полностью универсальным. В разных языках одни и те же переживания могут осмысляться и передаваться по-разному. Это связано не только с особенностями языковой системы, но и с культурными представлениями, которые закреплены в языке. Поэтому сопоставительное изучение языков позволяет лучше понять, какие стороны внутреннего опыта являются общими, а какие — отражают специфику конкретной культурной традиции.

Методы исследования. В работе не ограничивались каким-то одним методом, поскольку материал требует разностороннего подхода. В первую очередь рассматривались конкретные языковые примеры, связанные с описанием внутреннего состояния человека. Их отбор и описание позволили увидеть, какие именно средства используются для передачи эмоций, мыслей и оценок.

При сопоставлении русского и таджикского языков внимание уделялось не только сходствам, но и тем различиям, которые становятся заметны при более внимательном рассмотрении. Особенно это проявляется в том, какие образы выбираются для описания внутреннего мира.

Отдельные примеры анализировались с учётом того, в каком контексте они употребляются. В ряде случаев одно и то же слово или выражение может передавать разные оттенки значения, и без контекста это не всегда очевидно.

Также приходилось обращаться к значению самих слов и выражений, чтобы понять, какие смыслы в них заложены и как они соотносятся с внутренним опытом человека. При этом учитывались не только прямые значения, но и образные.

В целом анализ строился с учётом того, что язык тесно связан с культурой, поэтому отдельные наблюдения рассматривались шире — в связи с особенностями восприятия и мышления носителей языка.

Результаты исследования. В ходе анализа стало очевидно, что внутренний мир человека в русском и таджикском языках действительно получает достаточно разнообразное языковое выражение. При рассмотрении материала обращает на себя внимание то, что эмоции и мыслительные процессы в обоих языках нередко передаются через образные модели. Чаще всего они связаны с телесным опытом, пространственными представлениями или культурно значимыми ассоциациями.

Если говорить о русском языке, то здесь заметна склонность к более обобщённому описанию внутреннего состояния. Во многих случаях разные переживания объединяются через такие слова, как «душа» или «сердце». Через них могут передаваться и эмоции, и нравственные качества, и общее состояние человека. При этом сами переживания часто описываются как нечто подвижное, меняющееся, иногда даже физически ощутимое.

В таджикском языке картина выглядит несколько иначе. Здесь внутренняя жизнь человека, как правило, передаётся более расчленённо. Используются разные слова — ***дил,***

ҷон, ақл, — и каждое из них связано со своей областью. В одном случае речь идёт о чувствах, в другом — о душе или жизненной силе, в третьем — о разуме. Такое распределение делает описание внутреннего мира более детализированным.

Кроме того, при анализе стало заметно, что в таджикской языковой традиции большое значение придаётся состоянию внутреннего равновесия. Часто речь идёт не просто о переживаниях, а об их соотнесённости с представлениями о гармонии, чистоте, нравственности. В русском языке подобная связь тоже есть, но она выражена менее последовательно и чаще уступает месту индивидуальному переживанию.

В целом сопоставление показало, что при всех различиях оба языка опираются на сходные механизмы осмысления внутреннего опыта. Однако способы его выражения не совпадают полностью, поскольку зависят от культурных установок и привычных для носителей языка моделей описания. Это ещё раз подтверждает, что язык не просто передаёт внутренние состояния, но и в определённой степени формирует способы их понимания.

Обсуждение. Исследование внутреннего мира человека непосредственно связано с антропоцентрической парадигмой. В рамках этого подхода язык рассматривается не изолированно, а в соотнесении с мышлением, опытом и личностью говорящего. В центре внимания оказываются не только формальные характеристики языковой системы, но и её когнитивные, семантические и культурные функции. Как отмечает В. А. Маслова, «когнитивная лингвистика рассматривает язык как важнейший механизм познания и отражения человеческого опыта» [9, с. 9].

Такой подход позволяет рассматривать внутреннюю жизнь человека не как отвлечённую философскую категорию, а как систему переживаний, оценок и смыслов, получающих языковое оформление. При этом язык не просто фиксирует уже существующий внутренний опыт. Он в определённой степени организует его, задаёт способы интерпретации и делает доступным для общения.

Внутренний мир личности представляет собой сложное и многослойное образование. В него входят эмоции, интеллектуальные процессы, волевые импульсы, нравственные установки. Однако степень их языковой выраженности неодинакова. Одни состояния легко получают прямое наименование, другие передаются косвенно — через метафоры, символы и устойчивые образные конструкции. Это особенно важно учитывать при сопоставительном анализе разных языков.

Следует также разграничивать индивидуальный и коллективный опыт. Переживания всегда принадлежат конкретному субъекту, но выражаются они с помощью моделей, уже закреплённых в языке. Иначе говоря, человек говорит о своём внутреннем состоянии не вне языка, а через готовые семантические схемы, понятные его языковому сообществу. По мнению Караулова Ю.Д. «понимание концепции текста» соответствует «тезаурусному» уровню языковой личности [5, с. 130]. В этом смысле язык выступает посредником между личным переживанием и коллективной картиной мира. С позиций когнитивной лингвистики внутренний мир можно рассматривать как совокупность взаимосвязанных концептов. Эти концепты образуют особую концептосферу, в которой пересекаются эмоциональные, ментальные и ценностные значения. Они реализуются на разных уровнях языка — в лексике, фразеологии и устойчивых образных моделях. Как отмечает Е. С. Кубрякова, «язык служит важнейшим средством репрезентации знаний о мире и их организации в сознании человека» [6, с. 90]. Анализ таких единиц позволяет выявить закономерности концептуализации внутреннего опыта в конкретной языковой системе.

Когнитивный подход к языку позволяет рассматривать лексические и грамматические структуры как результат концептуализации человеческого опыта, включая внутренние переживания и ментальные процессы. В когнитивной лингвистике язык рассматривается не просто как система знаков, но и как средство структурирования знаний о мире и человеческом опыте. Он фиксирует способы осмысления действительности и одновременно участвует в их формировании.

Одним из центральных понятий когнитивной лингвистики является концепт. Под концептами понимаются ментальные образования, в которых объединяются знания, представления, эмоциональные оценки и культурные ассоциации. Они служат своеобразными узлами смыслов, через которые человек структурирует опыт и интерпретирует окружающую действительность. По словам Д. С. Лихачёва, «концептосфера языка — это совокупность концептов, отражающих культуру народа» [8, с. 281].

Особое значение при изучении внутреннего мира человека имеют метафорические модели. С их помощью язык передаёт переживания и психические состояния, которые трудно описать напрямую. Образные средства позволяют представить внутренние процессы более наглядно и тем самым делают их доступными для языкового выражения.

В таджикском и русском языках осмысление внутренней жизни человека основано на общих когнитивных механизмах. Вместе с тем способы языкового выражения этих представлений нередко отражают национально-культурные особенности. Различия обусловлены историческим развитием языков, системой ценностей и культурными традициями общества. Поэтому сходные психические состояния могут получать различные формы языкового выражения.

В русском языке эмоциональные переживания часто описываются через пространственные и телесные образы. Состояние человека может передаваться посредством метафор, связанных с ощущениями тяжести, движения или внутреннего напряжения. Нередко внутренние переживания соотносятся с состоянием сердца или души. Благодаря таким образам абстрактные психические процессы получают более конкретное и понятное языковое выражение.

Обращение к телесным и пространственным образам связано с особенностями когнитивной организации человеческого опыта. Осмысливая сложные внутренние состояния, человек нередко опирается на категории, сформированные в процессе взаимодействия с окружающим физическим миром. Исследователи Дж. Лакофф и М. Джонсон считают, что «концептуальная система человека во многом имеет метафорический характер» [7, с. 25]. Следовательно, метафоры выполняют не только выразительную, но и познавательную функцию, помогая структурировать и интерпретировать субъективный опыт.

Пространственные образы занимают заметное место в описании эмоциональных переживаний. В русском языке внутреннее состояние человека нередко воспринимается как особое «внутреннее пространство». Оно может ощущаться наполненным, опустошённым или напряжённым. Подобные языковые образы помогают передать изменение эмоционального состояния через представления о глубине, движении или внутреннем давлении.

Иногда внутренние переживания описываются через категории объёма и направления. Человек может говорить о «глубине» чувства, о «пустоте внутри» или, наоборот, о состоянии внутренней наполненности. Такие выражения демонстрируют, что эмоциональный опыт часто осмысляется через пространственные представления, сформированные в повседневном взаимодействии человека с окружающим миром.

Не менее распространены и метафоры, связанные с телесными ощущениями. Эмоциональные переживания могут передаваться через образы холода, тепла, тяжести или внутреннего напряжения. Эти слова первоначально относятся к физическому опыту, однако в языке они нередко используются для описания психического состояния. Благодаря этому внутренние переживания получают более конкретное и наглядное выражение.

Подобные образы встречаются не только в художественной литературе. Их можно услышать и в повседневной речи, и в публицистических текстах, и в разговорном общении.

Это говорит о том, что телесные и пространственные метафоры стали привычным способом описания внутреннего состояния человека.

Поэтому метафорические модели играют заметную роль в языковом представлении внутреннего мира. Через них эмоциональные и ментальные процессы получают более образную и понятную форму выражения. Анализ таких языковых средств позволяет лучше понять, каким образом в русской языковой картине мира осмысливается внутренний опыт личности.

В таджикском языке внутренняя жизнь человека также получает активное языковое выражение, однако её концептуализация имеет ряд особенностей, связанных с культурными и духовными традициями общества. Эмоциональные и ментальные состояния нередко описываются через категории нравственности, внутренней чистоты и гармонии. Это свидетельствует о тесной связи языка с системой ценностей, сформированной в рамках исторического и культурного развития народа.

Центральное место в репрезентации внутреннего мира в таджикской языковой картине мира занимает лексема *дил* («сердце»). В отличие от буквального физиологического

значения, в языке она часто используется для обозначения эмоционального и духовного состояния человека. Через этот образ выражаются переживания, чувства, намерения и моральные качества личности. Подобное использование демонстрирует, что в языковом сознании носителей таджикского языка сердце воспринимается как символ внутренней сущности человека.

С понятием *дил* связаны многочисленные устойчивые выражения, отражающие состояние внутреннего мира личности. Так, сочетания *дили пок* («чистое сердце») или *оромии дил* («душевный покой») передают представление о внутренней гармонии и нравственной чистоте.

Связь внутреннего состояния человека с нравственными качествами личности подчёркивается и в таджикской культурной традиции. Как отмечал Б. Н. Гафуров, «духовная культура таджикского народа тесно связана с нравственными представлениями и внутренним миром личности» [3, с. 210]. Это объясняет, почему в языке эмоциональные переживания часто интерпретируются через категории моральной оценки и духовной гармонии.

Следовательно, языковые средства таджикского языка формируют особую модель концептуализации внутреннего мира человека. В этой модели эмоциональные, духовные и рациональные компоненты тесно переплетены и образуют единую систему представлений о внутренней жизни личности. Анализ таких языковых структур позволяет выявить культурно обусловленные способы осмысления внутреннего опыта, характерные для таджикской языковой картины мира. В этой связи уместно обратиться к мнению Ю. С. Степанова, который отмечает, что «концепты культуры представляют собой основные единицы ментального мира человека» [11, с. 97].

При сопоставлении русского и таджикского языков становится заметно, что представления о внутреннем мире человека в обоих случаях формируются на сходной когнитивной основе. Человек в любой культуре стремится осмыслить чувства, внутренние импульсы, душевные состояния и работу разума. Однако языковые способы выражения этого опыта не совпадают полностью. Они зависят от того, какие образы и значения закрепились в языковой традиции, какие ценности оказались для сообщества особенно значимыми и каким образом в культуре осмыслялось соотношение эмоций, духовной жизни и рационального начала.

В русском языке одно из центральных мест в описании внутреннего состояния человека занимает слово *душа*. Его семантика отличается широтой и подвижностью. Шмелёв отмечал «душа в наивно-языковом представлении воспринимается как своего рода невидимый орган» [15, с. 81]. В разных контекстах оно может указывать на эмоциональное переживание, нравственный облик личности, внутреннюю отзывчивость, а иногда и на самую сокровенную часть человеческого существа. Именно поэтому слово *душа* оказывается особенно продуктивным при описании внутренней жизни человека. Через него в речи передаются тревога, радость, душевная боль, спокойствие, сочувствие и множество других состояний.

Показательно, что в русском языке образ души часто используется в выражениях, где внутреннее состояние описывается как переживаемое почти физически: *на душе тяжело*, *душа болит*, *душа радуется*, *душа не на месте*. В таких случаях внутренний мир представлен не отвлечённо, а как область непосредственного эмоционального опыта. С одной стороны, это делает переживание более наглядным. С другой — показывает, насколько тесно в русском языковом сознании переплетаются эмоциональное, нравственное и личностное.

В таджикском языке сходный круг значений распределяется иначе. Здесь для описания внутренней жизни используются несколько ключевых слов, среди которых особенно важны *дил, ҷон* и *ақл*. Такая система не сводит разные стороны внутреннего мира к одному доминирующему образу, а, напротив, разграничивает их. Лексема *дил* в большей степени связана с чувствами, душевным состоянием, сердечной отзывчивостью. Слово *ҷон* соотносится с душой, жизненной силой и глубинной сущностью человека. Понятие *ақл* связано с разумом, рассудительностью и способностью правильно оценивать происходящее.

Эта раздельность значений важна. Она показывает, что в таджикской языковой традиции эмоциональное, духовное и рациональное начала осмысляются как тесно связанные, но всё же не совпадающие стороны внутренней жизни. Если в русском языке

многие переживания могут быть выражены через слово *душа*, то в таджикском языке для этого чаще требуется более точный выбор лексемы. Отсюда возникает и различие в смысловых акцентах: русская модель тяготеет к обобщённому образу внутреннего мира, тогда как таджикская — к более расчленённому его описанию.

Различие проявляется и в характере оценки. В русском языке описание душевного состояния нередко связано прежде всего с личным переживанием человека. В таджикской языковой традиции внутреннее состояние чаще соотносится с нравственной нормой, внутренней чистотой, духовным равновесием. Поэтому сопоставление этих языков позволяет увидеть не только общие способы осмысления внутреннего мира, но и разные культурные модели его интерпретации. По мнению исследователя в области этнолингвистики, Н. И. Толстого, язык отражает традиционную культуру и мировоззрение народа [13, с. 60 - 85]. Именно в этом и заключается ценность такого анализа для когнитивной лингвистики и лингвокультурологии.

Эмоциональная сфера занимает особое место в языковом описании внутреннего мира человека. Именно эмоции чаще всего становятся объектом образного осмысления, поскольку они плохо поддаются строгому рациональному определению. По этой причине язык обращается к метафорам и образным моделям, которые помогают передать переживание через более наглядные представления. По мнению В. Н. Телия, фразеологические и образные средства языка отражают культурно значимые представления о внутреннем мире человека [12, с. 90-120].

Эмоциональное состояние человека часто связывается с сердцем — *дил*. В языковом сознании оно воспринимается как центр внутренней жизни личности.

Через этот образ передаются чувства, переживания и даже нравственные качества человека. Подобные выражения показывают, что внутренний мир рассматривается не только как область эмоций, но и как показатель духовного состояния личности. Наряду с этим важную роль играют слова *ҷон* и *ақл*. Первое связано с представлением о душе и жизненной силе человека, второе — со сферой разума и способности осмысливать происходящее. Вместе эти понятия образуют своеобразную систему, позволяющую языку описывать разные стороны внутренней жизни.

Следовательно, сопоставление русского и таджикского языков показывает, что внутренний мир человека может осмысляться по-разному. Тем не менее в обоих языках он занимает важное место в языковой картине мира. Через язык закрепляются представления о чувствах, мыслях и нравственных качествах личности. Именно поэтому изучение языковых средств, связанных с описанием внутреннего мира, представляет интерес не только для лингвистики. Оно также важно для когнитивной лингвистики и лингвокультурологии, поскольку помогает лучше понять связь языка, культуры и человеческого опыта.

Заключение. Язык в описании внутреннего мира человека оказывается не просто инструментом. Через него человек вообще учится говорить о своих переживаниях — и во многом даже понимать их. Без языковых средств многие состояния было бы сложно выразить или чётко осознать.

Когда сравниваешь русский и таджикский материал, довольно быстро становится заметно, что подход к описанию внутреннего состояния не совсем одинаковый. В русском языке часто всё как будто собирается в один общий образ — через «душу», «сердце», и уже через них передаются разные чувства. В таджикском языке такого объединения меньше: там, наоборот, есть разграничение, и разные стороны внутренней жизни называются по-разному.

Интересно и то, что сами оценки внутреннего состояния не совпадают. В таджикской традиции чаще звучит идея внутреннего равновесия, чистоты, правильного состояния. В русском языке это тоже есть, но не так последовательно — там больше внимания к самому переживанию, к его силе, изменчивости.

При этом нельзя сказать, что речь идёт о полностью разных картинах. Скорее, это разные способы описать примерно один и тот же опыт. Просто язык «подсказывает» человеку, как именно об этом говорить.

В итоге получается, что язык не только передаёт внутренние состояния, но и в каком-то смысле направляет их осмысление. И именно поэтому сравнение разных языков даёт возможность увидеть то, что внутри одного языка не всегда так заметно.

Литература

1. *Апресян Ю. Д. Избранные труды. Т. 1: Лексическая семантика. - М.: Языки русской культуры, 1995. - С. 140-170.*
2. *Виноградов В. В. Русский язык. Грамматическое учение о слове. - М.: Наука, 1986. -150 с.*
3. *Гафуров Б. Н. Таджики: древнейшая, древняя и средневековая история. — Душанбе: Ирфон, 1989. - С. 230.*
4. *Карасик В. И. Языковой круг: личность, концепты, дискурс. - М.: Гнозис, 2002. – 220 с.*
5. *Караулов Ю. Н. Русский язык и языковая личность. - М.: Наука, 2010. – 130 с.*
6. *Кубрякова Е. С. Язык и знание: На пути получения знаний о языке. - М.: Языки славянской культуры, 2004. - с. 560.*
7. *Лакофф Дж., Джонсон М. Метафоры, которыми мы живём. - М.: ЛКИ, 2008. - 257 с.*
8. *Лихачёв Д. С. Концептосфера русского языка // Избранные труды. Т. 3. - М.: Наука, 1993. - 287 с.*
9. *Маслова В. А. Когнитивная лингвистика. - М.: Академия, 2011. - 272 с.*
10. *Постовалова В. И. Картина мира в жизнедеятельности человека. - М.: Наука, 1988. – 55 с.*
11. *Степанов Ю. С. Константы: словарь русской культуры. - М.: Академический проект, 2004. - 120 с.*
12. *Телия В. Н. Русская фразеология: семантический, прагматический и лингвокультурологический аспекты. - М.: Языки русской культуры, 1996. - 120 с.*
13. *Толстой Н. И. Язык и народная культура: Очерки по славянской мифологии и этнолингвистике. - М.: Индрик, 1995. - С. 60–85.*
14. *Шарипова З. М. Функции советизмов в романе А. Самада «Гардиши девбод» («Вихревая воронка») // Вестник педагогического университета. Издание Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. 2022. № 5 (100). С. 120–125.*
15. *Шмелёв А. Д. Русская языковая модель мира. - М.: Языки славянской культуры, 2002. – 98 с.*

ЛИНГВО-КОГНИТИВНЫЕ ПАРАМЕТРЫ КОНЦЕПТУАЛИЗАЦИИ ВНУТРЕННЕГО МИРА ЧЕЛОВЕКА В ТАДЖИКСКОМ И РУССКОМ ЯЗЫКАХ

Статья посвящена исследованию лингво-когнитивных параметров концептуализации внутреннего мира человека в таджикском и русском языках. В центре внимания находятся языковые механизмы репрезентации эмоциональных, ментальных и ценностных состояний личности, отражённые в лексике, фразеологии и метафорических моделях. Работа выполнена в русле когнитивной лингвистики и лингвокультурологии, рассматривающих язык как инструмент осмысления и структурирования субъективного опыта. Особое внимание уделяется сопоставительному анализу, позволяющему выявить универсальные и национально-специфические способы языкового моделирования внутреннего мира в таджикской и русской языковых картинах мира. Показано, что различия в культурных традициях, ценностных ориентирах и когнитивных сценариях определяют особенности концептуализации эмоций, мышления и духовных состояний. Установлено, что метафорические структуры играют ключевую роль в формировании языковых представлений о внутреннем мире человека. Результаты исследования подтверждают значимость лингво-когнитивного подхода для анализа национально обусловленных способов языкового отражения внутренней реальности.

Ключевые слова: концептуализация, внутренний мир человека, когнитивная лингвистика, языковая картина мира, метафора, эмоции, таджикский язык, русский язык.

МЕЪЁРҲОИ ЛИНГВО-КОГНИТИВИИ КОНСЕПТУАЛИЗАТСИЯИ ОЛАМИ ДАРУНИИ ИНСОН ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА РУСӢ

Мақола ба таҳқиқи параметрҳои лингво-когнитивии консептуализатсияи олами дарунии инсон дар забонҳои тоҷикӣ ва русӣ бахшида шудааст. Дар маркази таваҷҷуҳ механизмҳои забонии репрезентатсияи ҳолатҳои эҳсосӣ, зеҳнӣ ва арзишии шахсият қарор доранд, ки дар луғат, фразеология ва моделҳои метафорӣ инъикос меёбанд. Таҳқиқот дар доираи лингвистикаи когнитивӣ ва лингвомаданиятшиносӣ анҷом ёфта, забон ҳамчун абзори дарк ва сохторбандии таҷрибаи субъективӣ баррасӣ мешавад. Таваҷҷуҳи махсус ба таҳлили муқоисавӣ равона гардидааст, ки имкон медиҳад усулҳои универсалӣ ва миллӣ-хоси моделсозии забонии олами дарунӣ дар тасвирҳои забонии ҷаҳон дар забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ошкор карда шаванд. Нишон дода мешавад, ки фарқиятҳо дар анъанаҳои фарҳангӣ, самтгирии арзишҳо ва сенарияҳои когнитивӣ хусусиятҳои консептуализатсияи эҳсосот, тафаккур ва ҳолатҳои маънавиро муайян менамоянд. Муайян гардидааст, ки сохторҳои метафорӣ дар ташаккули тасаввуроти забонӣ дар бораи олами дарунии инсон нақши калидӣ доранд. Натиҷаҳои таҳқиқот аҳаммияти равиши лингво-когнитивиро барои таҳлили усулҳои миллӣ-шартшудаи инъикоси забонии воқеияти дохилии инсон тасдиқ менамоянд.

Калидвожаҳо: консептуализатсия, олами дарунии инсон, лингвистикаи когнитивӣ, тасвири забонии ҷаҳон, метафора, эҳсосот, забони тоҷикӣ, забони русӣ.

LINGUO-COGNITIVE PARAMETERS OF CONCEPTUALIZING THE INNER WORLD OF A HUMAN BEING IN TAJIK AND RUSSIAN

The article is devoted to the study of linguo-cognitive parameters of conceptualizing the inner world of a human being in Tajik and Russian. The focus is placed on linguistic mechanisms used to represent emotional, mental, and value-related states of personality as reflected in vocabulary, phraseology, and metaphorical models. The study is conducted within the framework of cognitive linguistics and linguoculturology, which view language as a tool for comprehending and structuring subjective experience. Special attention is given to comparative analysis, making it possible to identify universal and culture-specific ways of linguistic modeling of the inner world in the Tajik and Russian linguistic worldviews. It is demonstrated that differences in cultural traditions, value orientations, and cognitive scenarios determine specific features of the conceptualization of emotions, thinking, and spiritual states. The research establishes that metaphorical structures play a key role in shaping linguistic representations of the human inner world. The results confirm the significance of the linguo-cognitive approach for analyzing nationally conditioned ways of linguistic reflection of inner reality.

Keywords: conceptualization, inner world of a human being, cognitive linguistics, linguistic worldview, metaphor, emotions, Tajik language, Russian language.

Об авторе
Бобоева Гулнора Исломовна
Доцент общеуниверситетской кафедры русского языка
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121
E-mail: boboeva64@mail.ru

About the author
Boboeva Gulnora Islomovna
Associate Professor, University-wide Department of the Russian Language
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: boboeva64@mail.ru

Дар бораи муаллиф
Бобоева Гулнора Исломовна
Дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии забони русӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айни
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
E-mail: boboeva64@mail.ru

ТДУ 821.222.8.09-1

ЗИКРИ РОБИАИ БАЛХӢ ДАР «ИЛОҲИНОМА»-И АТТОРИ НИШОПУРӢ

Элбоев В., Муборакиён С.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Адабиёти классикии форсии дарии тоҷикӣ, бидуни шак, дар давраи салтанати Сомониён таҳаввули бузургеро аз сар гузаронидаст. Дар ин марҳилаи таърихӣ қариб ҳамаи анвои шеърӣ, аз ҷумла рубоӣ, қитъа, қасида, ғазал, маснавӣ ва осори мансур низ эҷод шуда, давраи ташаккул ва таҳаввули худро ҳам оғоз бахшида ва ҳам комил гардонидааст. Шоирони давраи Сомониён, аз ҷумла Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ҳамасронаш ва шоирони пешгузашта дар ташаккул ва таҳаввули шеъри классикии форсии дарии тоҷикӣ саҳми беназир доранд, ки муҳаққиқони зиёд ин андешаро қоиланд. Ҳарчанд аз шоирони пешгузашта ва ҳамасри Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ то рӯзгори мо мероси адабии кам расида, ва осору девонҳои эшон аз миён рафтаанд, вале ҳамин мероси ками расида баёнгари пояи сухани баланд, тасвирҳои хеле зебои шоирона, корбурди қофияву радифҳои ҷолиби навоварона мебошанд, ки дар адабиёти мо камназиранд.

Яке аз чунин ситорагони тобандаву пурҷило ва суханвари мумтози забону адаби форсии дарии тоҷикӣ, ки аз умқи беш аз ҳазор сол садои қалби ошиқу сертапишаш ба гӯшу ҳуши мо мерасад – ин Робиаи Балхӣ ё Робиа бинти Каъби Қаздорӣ аст, ки имсол мо ҷашни 1150-солагияшро бо ҳидояти ЮНЕСКО ва тадбирҳои созандаи фарҳангии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҷлил мекунем.

Робиаи Балхӣ духтари Каъби Қаздорӣ ё Қуздорӣ дар рӯзгоре зиндагиву эҷод мекард, ки паҳнои азими сарзамини Хуросони бузургро, ки гаҳвораи файзбахши забони форсии дарии тоҷикӣ аст, воқеан шӯри шеъру шоирӣ фаро гирифта буд. Роҷеъ ба ному рӯзгори Робиаи Балхӣ аввалин сарчашмае, ки маълумот медиҳад, ин тазкираи «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ мебошад, ки муаллифи он дар бораи Робиа чунин гуфтааст: «Духтари Каъб агарчи зан буд, аммо ба фазл бар мардони ҷаҳон бихандидӣ. Фориси ҳар ду майдон ва волии (фармонравои)-и ҳар ду баён – ба назми тозӣ қодир ва дар шеъри порсӣ ба иноят моҳир моҳир ва бо ғояти закои хотир ва ҳиддати табъ пайваста ишқ бохтӣ ва ӯро магаси рӯйин хондандӣ ва сабаб низ он буд, ки вақте шеъре гуфта буд:

Хабар диҳанд, ки борид бар сари Айюб,
Зи осмон малахону сари ҳама заррин.
Агар биборад заррин малах бар ӯ аз сабр,
Сазад, ки борад бар ман яке магас рӯйин» [1, с. 70].

Сарчашмаи дувум, ки ба мо аз зиндагии пурошӯб ва нотамоми Робиаи Балхӣ хабар медиҳад, маснавии «Илоҳинома»-и Шайх Фаридуддини Аттор – шоир ва орифи номдори асри XII мебошад, ки роҷеъ ба ҷойгоҳи шахсият, шеъри Робиа ва вежагиҳои ин асар баъдтар андешаронӣ хоҳем кард.

Андешаи дигар аз орифи шоир Абусаиди Абулхайр аст, ки ӯ фармудааст: «Сухане, ки ӯ гуфтааст, на чунон аст, ки касеро дар махлуқ афтода бошад» [2, с. 92].

Шамси Қайси Розӣ дар китоби «Ал-муъҷам фи маъойири ашъорил Аҷам» ишора кардааст, ки: «Духтари Каъб – Робиа баҳреро дар буҳури форсӣ афзудааст. Мисоли он байт ин аст:

Турк аз дарам даромад хандонак,
Он хубрӯи чобук меҳмонак,

ки бар вазни музореъи мусаддаси ахраби муханнақ гуфта шудааст ва дар рукнҳои мафъӯлу фоъилотун мафъӯлун:

- - V / - V- - / - - -
- - V / - V- - / - - -

эҷод шудааст» [8, с. 125], зеро рукнҳои он аз зиҳофҳои ахраб – мафъӯлу, рукни солим – фоъилотун ва муханнақ – мафъӯлун иборатанд [8, с. 125].

Шамси Қайси Розӣ яке аз назариядонони машҳур ва барҷастаи адабиёти классикӣ мебошад, ки дар асараш мисолҳоро на аз ҳар шоир ё адиб овардааст, балки чида-чида зубдаи

ашъор ё навгӯиҳо дар баҳрҳои шеъриро ҷой додааст, ки мавқеъ гирифтани байте аз шеъри Робиаи Балхӣ аз шоирони муваффақ ба ҳисоб рафтани ӯст.

Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ дар «Нафаҳот-ул-унс» Робиаро «ҷузви арбоби сулук ва ирфон ва аз зумраи касоне, ки ба маслаки ирфон рафтаанд», меоварад. Духтари Каъб... Шайх Абусаиди Абулхайр гуфтааст, ки духтари Каъб ошиқ буд бар он ғулом, аммо пирон ҳама иттифоқ карданд, ки ин сухан, ки ӯ мегӯяд, на он сухан бошад, ки бар махлуқ тавон гуфт. Ӯро ҷои дигар кор афтода буд. Рӯзе он ғулом он духтарро ногоҳ дарёфт, сари остини вай гирифт. Духтар бонг бар ғулом зад, гуфт:

-Туро ин бас нест, ки ман бо Худовандам ва он ҷо мубталоям, бар ту берун додам, ки тамаъ мекунӣ?

- Шайх Абусаид гуфт:

- Сухане, ки ӯ гуфтааст, на чунон аст, ки касеро дар махлуқе афтода бошад, вай гуфтааст:

Ишқро боз андаровардам ба банд,
Кӯшиши бисёр н-омад судманд.
Ишқ дарёи каронанопадид,
Кай тавон кардан шино, эй мустаманд.
Ишқро хоҳӣ, ки то поён барӣ,
Баски бипсандид бояд нописанд.
Зишт бояд диду ангорид хуб,
Заҳр бояд хӯрду ангорид қанд.
Тавсанӣ кардам, надонистам ҳаме,
К-аз кашидан тангтар гардад каманд [11, с. 131-132].

Аз миёни ин иқтибосҳои овардашуда ба назар мерасад, ки гуфтаҳои Абусаиди Абулхайр ва Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ на ба Робиаи Балхӣ, балки ба он Робиаи Адвия, ки аз аввалин занони ориф будааст, тааллуқ дорад, чунки: «Нахустин гӯяндаи ирфон ин Робияи Адвия аст, ки ба забони арабӣ шеър суруда ва аз маҳбасу ишқ сухан гуфта ва барои изҳори андешаҳои худ ба шеър васл ҷустааст. Гӯянд Робия падару модарро дар кӯдакӣ аз даст дода, ба канизӣ фурӯхта шуд, вале зуҳду порсойии ӯ ба вай имкон дод, то дубора озод шавад, баъдан ба мутрибӣ рӯй овард ва тавассути Ҳасани Басрӣ тавба кард ва хилватнишин шуд, сафари ҳаҷ кард, баъд ба Басра омад ва ба иршод машғул шуд. Розу ниёзи орифонаи ӯ бисёр шӯрангез аст. Ӯ робитаи бандагӣ ва шӯридагии худро ба Худованд ба сурати ишқ ва муҳаббат баён мекунад, чунончи гуфтааст: «Муҳаббати Ҳақ чунон маро фаро гирифтааст, ки дӯстиву душмании ғайр намондааст. Ӯ ҳамин мафҳумро дар як пора шеъраш ба забони арабӣ чунин баён кардааст:

Ано ҷаъалтак филфавора маҳдаси,
Ва абҳас ҷисми мин ирода ҷулуси.
Фаалҷисма миналҷалиса тавонаси,
Ва Ҳабиба қалби филфавора аниси, ки агар ба забони тоҷикӣ тарҷума кунем, чунин мешавад:

Ман дили хешро ба ҳамдаме ва ҳамрозе ва махсус ба Ту қарор додам ва тани худро ба ҳамнишине вогузорам, оре тани ман бо ҳамнишинонам маънус аст ва дили ман бо маҳбубам» [9, с. 10-11].

Аммо, ба андешаи мо, яке аз аввалин сарчашмае, ки дар бораи шеъру шоирони замони Сомониён (асрҳои 1Х-Х) маълумот медиҳад, дар оғози асри Х1, яъне дар давраи Ғазнавиён иншо шудааст ва ин сарчашма қасидаи машҳури «Дар луғзи шамъу мадҳи Ҳаким Унсурӣ»-и Манучеҳри Домғонӣ ба ҳисоб меравад, ки ӯ шоирони маъруфи форсигӯй ва арабисарои гузашта ва ин даврро ёд мекунад, аз ҷумлаи Ҷарир, Фараздақ, Заҳир, Лабид, Башшор ибни Бурд ва ғайра. Ин қасида дар саҳифаи 70 то 78-и «Девон»-и Манучеҳрӣ омада, аз 70 байт (140 мисраъ) иборат аст. Манучеҳрӣ баъд аз он ки байтҳои зиёдро дар бораи шоирони қаблан ёдкардаамон меорад, байтҳои:

... Дар Хуросон Бӯшуайбу Бӯзар, он Турки Кишӣ,
В-он Сабури Порсӣ в-он Рӯдакии чангзан.
Он ду Гургонию ду Розию ду Валволиҷӣ,
Се Сарахсию се, к-андар Суғд буда мустакан... -ро меоварад ва тадриҷан байтҳои:
Ибни Ҳонӣ, Ибни Румӣ, Ибни Муътаз, Ибни Байз,
Даъбалу Бӯшису он Фозил, ки буд андар Қаран.
В-он хуҷаста панҷ шоир ку, куҷо бурдандашон,

Аззаву Афрову Ҳадду Мияву лайлисакан.
В-он ду Имрулқайсу он ду турфаву ду нобиға,
В-он ду Ҳассону се Аъшову се Ҳаммоду се зан.-ро овардааст.
Ва байтҳои минбаъдае, ки ба шоирони форсигӯй дахл доранд, меоварад:
Аз Бухоро панҷу панҷ аз Марву панҷ аз Балху боз,
Ҳафт Нишобурию се Тӯсию се Булҳасан.
Гӯ, фароз ояндуи шеъри устодам бишнаванд,
То ғаризи равза бинанду табиī настаран... , ки ин қасидаи Манучеҳриро метавон ба ҳукми як тазкира ёд кард, ки аз 70 шоири салаф ва ҳамзамони худ ёд мекунад ва таъкид медорад, ки «Гӯ, фароз ояндуи шеъри устодам бишнаванд», яъне дар шеър мартабаи баланд доштани Ҳаким Унсуриро бори дигар ёдрас мекунад [3, с. 73-74].

Яъне, ба таъкиди Манучеҳри Домғонӣ, гузашта аз шоирони салафи арабизабон дар охири асри 1Х ва ибтидои асри Х-и мелодӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ 40 шоири устод зиндагӣ ва фаъолият доштаанд, ки аз ифодаи «панҷ Балхӣ»-и гуфтаи ӯ дар қасидааш, яке Робиаи Балхӣ мебошад, дар қатори Шаҳиди Балхӣ, Абӯалии Балхӣ, Абӯшакури Балхӣ, Дақиқии Балхӣ, ки ин нукта бешубҳа ишора ба Робиаи Балхӣ дорад. Дар ин қасида Манучеҳрӣ шоирони арабро, инчунин аз шоирони порсигӯй Сабури Порсӣ ва Рӯдакиро низ бо номашон овардааст ва дигар шоирони порсигӯйро аз номи зодгоҳашон, ба мисли Гургонӣ, Сарахсӣ, Розӣ ва ғайра меорад.

Маснавии «Илоҳинома» Аттори Нишопурӣ дар ҳаҷми 6511 байт дар баҳри ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф, ки аз рукнҳои мафоъӣлун – мафоъӣлун – мафоъил иборат аст, эҷод шудааст:

V - - - / V - - - / V - -
V - - - / V - - - / V - -

«Илоҳинома» аз 22 мақолаву 282 ҳикоят ба риштаи назм кашида шуда, вобаста ба мавзуи ирфон, ки муҳтавои аслӣ ва мақсади асосии гӯяндаи он аст, нуҳ масъалаи калидӣ: талаб, тавба, ишқ, ҳайрат, таваккул, ризо, маърифат, тавҳид, факру фаноро фарогир аст. «Илоҳинома» бо ҳикоёти ҷолиб, ҳикмату андарзи фаровон ва сабки баён яке аз беҳтарин асарҳои Шайх Аттор аст, ки дар бораи ин асар муаллифи он гуфтааст:

Бузургоне, ки дар ҳафт осмонанд,
«Илоҳинома»-и Аттор хонанд.
Зи файзи ин китобам подшоҳист,
К-«Илоҳинома» аз файзи илоҳист [6, с. 136].

Аз матни умумии «Илоҳинома» 428 байти он ба қиссаи муҳаббати Робиа ва рӯзгори ӯ бахшида шудааст. Мазмуни нақли мухтасари рӯзгори Робиа чунин аст: «Робиа духтари амири Балх – Каъб аст, ки дар асри 1V-и ҳиҷрӣ (Х-и мелодӣ) зиндагӣ кардааст. Соли таваллуд ва вафоташ маълум нест. Баъзе аз сарчашмаҳо падари Робиа – Каъбро араб ном бурдаанд, ки асоси воқеӣ надорад. Робиа дар ҳусну ҷамол ва фазлу камол ягонаи даврон буда, ба форсӣ ва арабӣ шеър гуфта ва девон доштааст. Робиа дар ҷавонӣ ошиқ шуда ва ҳамин ишқ, ки аксар онро ишқи ҳақиқӣ – яъне ишқ ба Худованд номидаанд, боиси ҳалокати ӯ шудааст. Шарҳи ин қисса чунин буд, ки баъди марги ҳокими Балх – Каъб писари ӯ Ҳорис – бародари Робиа ҳокими Балх мегардад. Ҳорисро, ки парастории хоҳараш – Робиаро бар уҳда дошт, Бактош ном ғуломи хазинадоре буд, ки дар сурату сират дар ниҳояти хубӣ ва дар рубоб задану овоз хондан дар ниҳояти ҳунармандию чирадастӣ қарор дошт. Боре, иттифоқан Робиа ӯро дар базми ашрофон мебинад, ҳунарашро назора мекунад ва дил аз даст медиҳад. Дарди ишқ ӯро аз пой меафтонад. Ҳорис табибонро даъват мекунад, вале дар ташхиси дарди ӯ ҳама оҷиз мемонанд. Робиа дояе дошт, ки аз ин сир огоҳ мешавад ва аз пайи чораи дарди духтар мегардад. Номае аз Робиа бо нақши сурати ӯ ба Бактош мерасонад ва Бактош низ баробари хондани мактуб ва тамошои ҷамоли баркамоли духтар ошиқи беқарор мегардад. Аммо ишқи Робиа аз сарҳади маҷозӣ гузашта, ба ишқи ҳақиқӣ мерасад. Бактош барои Робиа фақат баҳонае барои дӯст доштан, парастидан ва ишқ варзидан мешавад. Дар роҳи ин ишқ Робиа устуворию мардонагӣ аз худ ба зуҳур меоварад. Дар майдони разм ба хотири озод намудани маҳбуби худ мисли шери жаён меҷангад ва Бактошро аз ҳалқаи душманон раҳо менамояд.

Шоири бузурги замон Рӯдакӣ бо Робиа ҳамсуҳбат шуда, аз ашъори ӯ огоҳ мешавад ва дар базми шоҳи Бухоро порае аз ин ашъор қироат мекунад ва аз хубию муассирии он ҳарф зада, болотар аз шеъри худ мегузорад. Ба пурсишҳои шоҳ дар бораи муаллифи шеър Рӯдакӣ, бехабар аз ҳузури Ҳорис дар базм, аз ишқи Робиа посух медиҳад. Ҳорис чун аз ин қисса огоҳ

мешавад, савори аспи ҷаҳл ба Балх баргашта, Бактошро ба чоҳ меандозад ва фармон медиҳад, ки дастони Робиаро раг зананд ва ба ҳаммоми тафсон дароварда, дари онро бо сангу гаҷ бубанданд. Робиа дар ҳаммом миёни оташу ашку хун марги анқариби худро эҳсос намуда, дар девор бо хун шеърҳои охирини худро менависад ва сипас ҷон медиҳад. Ин хабари ҷонгудоз ба гӯши Бактош мерасад ва ӯ аз зиндон мегурезад ва Ҳорисро кушта, дар сари қабри Робиа худро низ ба ҳалокат мерасонад». Чунин аст, мазмуни мухтасари рӯзгори Робиа, ки дар маснавии «Илоҳинома»-и Аттор омадааст.

Донишманди тоҷик, профессор Матлубаи Мирзоюнус, ки дар бораи Робиа китобе бо номи «Сиришке дар лола» навиштаанд (Хуҷанд, 1998) ва таъкид менамоянд, ки «қиссаи мазкур бештар аз он ки ҳақиқати ҳол бошад, ба афсона шабоҳат дорад. Бидуни тардид, бунёди ин нақл бар «Илоҳинома»-и Шайх Фаридуддини Аттор (1145-1221) аст» [4, с. 44].

Тавре медонем, «Илоҳинома» асари бадеии ирфонист, ки дар он баъд аз муқаддима сухан дар бораи шаш писари ҳакиме меравад, ки ҳар кадоми онҳо матлаби худро ба падар дар шакли мубоҳиса (саволу ҷавоб) баён медоранд. Дар таркиби «Илоҳинома» ҳикояти духтари Каъб дар саволи шашум – дар бораи ба даст овардани кимиё нақл шудааст. Падар баъд аз шунидани хоҳиши писар аз ишқи маҷозӣ ва ҳақиқӣ сухан мегӯяд ва камоли ошиқиро дар се ҳолат мебинад:

Агар дар ишқ мебояд камолат,
Бибояд гашт доим дар се ҳолат:
Яке ашку дувум оташ, севум хун,
Агар ойӣ аз ин се баҳр берун,
Даруни парда маъшуқат диҳад бор,
В-агарна бас, ки маъшуқат диҳад кор [6, с. 269].

Профессор Матлубаи Мирзоюнус дар ҷои дигари мақолаи худ «Духтари Каъб аз нигоҳи шайхи Меҳна», яъне Абусаиди Абулхайр мегӯяд, ки: «Ҳарчанд, ки «Илоҳинома» асари мустанад нест, ва Шайх Аттор дар осори мустанади худ аз Робиаи Балхӣ ёд намекунад, гумон меравад, ки ҳикояти духтари Каъб (яъне Робиа) газофу фасона нест» [5, с. 45].

«Илоҳинома»-и Аттор бо байтҳои зерин оғоз мешавад:

Амире сахт олирой будӣ,
Ки дар сарҳадди Балхаш ҷой будӣ.
Ба адлу дод амире покдин буд,
Ки ҳадди ӯ фалакро дар замин буд.
Ба мардию ба лашкар саъб будӣ,
Ба ном он каъбаи дин – Каъб будӣ.
Зи рояш файзу фар шамсу қамарро,
Зи ҷудаш ному нон аҳли ҳунарро [6, с. 186].

Робиа духтари зебо ва нозпарварди падар – фармонравои Балх аст, ки тарбияи хуб гирифтаву босавод ва ҳунарманду далер аст ва падар самимона духтарашро дӯст медорад ва ҳамин хислатҳои наҷиби Робиаро Аттор дар маснавии «Илоҳинома» бо як шавқу шӯри шоирона тасвир кардааст:

Яке духтар дар айвон буд, низаш,
Ки чун ҷон буд ширину азизаш.
Ба ном он симбар Зайнулараб буд,
Дилошӯбею дилбанде аҷаб буд.
Ҷамолаш мулки хубон дар ҷаҳон дошт,
Ба хубӣ дар ҷаҳон ӯ буд, к-он дошт.
Хирад дар пеши ӯ девона будӣ,
Ба хубӣ дар ҷаҳон афсона будӣ...
... Падар пайваста дил дар кори ӯ дошт,
Ба дилдорӣ басе темори ӯ дошт.
Чу вақти марг пеш омад падарро,
Ба пеши хеш биншонд он писарро.
Бад-ӯ биспурд духтарро, ки зинҳор,
Зи ман бипзирашу темор медор... [6, с. 187-188].

Аз ин байтҳо маълум мегардад, ки Робиа духтари соҳибэҳтиром ва бохирад аст ва назди падару бародар муҳаббати хосса дорад. Ва ин ҷо номи Зайнулараб ба нишондоди тазкиранигорон ва андешаи муҳаққиқон тахаллуси арабии Робиа аст, чунки аз ӯ ашъори арабӣ ва муламмаъҳо расидаанд. Падараш ҳангоми марг парастории ва рӯзгори Робиаро ба

бародараш Ҳорис месупорад ва бародар низ мувофиқи васияти падар рафтор мекунад ва ӯро гиромӣ медорад.

Симои Робиа дар тасвири Аттор пур аз шукуҳу зебоист, ки ҳар бинандаро маҳви худ месозад:

Ду наргис дошт наргисдон зи бодом,
Ҷу ду ҷоду ду зангибачча дар дом.
Ҷу тири ғамзаи ӯ сар ба зеҳ кард,
Дили ушшоқро омоҷгаҳ кард...
... Ҷамолашро сифат кардан маҳол аст,
Ки аз ман он сифат кардан хаёл аст.
Ба лутфи табъи ӯ мардум набудӣ,
Ки ҳар чизе, ки аз мардум шунидӣ... [6, с. 192].

Баъд, дар маснавии «Илоҳинома» масъалаҳои дидори Робиа бо Бактош, бемор шудани Робиа, муҳаббат варзидан, нақшу мақоми дояи ӯ дар идомабахшии ишқу ошиқии онҳо, ки дар асар то дараҷае аз ишқи ҳақиқӣ ба маҷозӣ мегузарад ва дар муҳорибае Ҳорисро аз марг наҷот додани Робиа ва хабар ёфтани бародари Робиа – Ҳорис аз ишқи ӯ, ки аз рӯйи ғараз ва бадбинӣ Робиаро дар ҳаммоми тафсон афкандан ва марги шоира дар андешаҳои Аттор бо суханҳои баланди шоирона ва тасвирҳои дилнишин ба қалам омадаанд. Дар ишораҳои Аттор, ки қаблан Робиа ва симоӣ ӯро ҷаззобу дилнишин ва пуршӯру муборизу кӯшову дар роҳи ишқи худ устувору содиқ аст, дар охир мисли як зани мазлум ва ба тақдир тандода мебинем, ки марги худро бо нигоҳи худ интизор аст, дигар чораеву тадбире карда наметавонад, фарёдаш ба гӯши касе намерасад ва чаҳорчӯбаи ҳаммом мисли девори зиндон ӯро ҳар лаҳза ба марг мекашонад. Дар ҳаммом Робиаи танҳо ва дар деворҳо ашъори бо хуни худ навиштаи ӯро тасаввур мекунем, ки дар охирин лаҳзаҳои ҳаёт орзуву омол ва садои ишқи ҷавонмурдаашро бо хуни дил ва қалби ҳассосаш навиштааст ва чизе, ки бар ҳоли ғамангезаш менигарад, ашъори ӯст.

Тавре ёдрас шудем, «Илоҳинома» асари бадеӣ аст, аммо дар осори бадеӣ дар радифи тахайюл санаду ҳақиқат низ мавҷуд аст. Ин ки Аттор дар «Илоҳинома» дар бораи саргузашт ва муошиқату фарҷоми фоҷиабори Робиаи Балхӣ сухан мегӯяд, ин нукта ҳаргиз безамина нест. Дар бораи ин лаҳзаҳои дардолуд ва асафноки рӯзгори фоҷиабори Робиаи Балхӣ донишманди афғонистонӣ Асадуллоҳи Ҳорис чунин таъкиде кардааст: «Тасвири марги Робиа тасвири дардангез ва андуҳоварест, ки эҳсосот ва авотифро бармеангезад ва равонро ошуфта месозад. Марги нобаҳангом ва зудраси Робиа, марги зани ороста ва огоҳест, ки бо ҷабру ситам омехтааст. Симои дардангези Робиа дар таркиби «Илоҳинома»-и Аттор, симои зани дардманди ошуфтаравонеро тарсим кардааст, ки бо фарҷоми зиндагӣ дар роҳи гузидаи худ устувор истода ва бебаргашт боқӣ мемонад. Дар ниҳоят марги ӯ обистани пирӯзии ӯст. Дар ин набарди номаҳсус, ки миёни Робиа ва Ҳорис ҷараён дорад, беҳрӯзӣ аз они Робиа аст, на аз они Ҳорис, зеро Робиа зинда ва ҷовид аст» [10, с. 112], ки бардошти ҷолиб ва омӯзанда аст.

Аз баррасии масъалаи инъикоси рӯзгору осори Робиаи Балхӣ дар сарчашмаҳо, маъхазҳои адабӣ ва «Илоҳинома»-и Аттор метавон ба хулоса расид, ки дар бораи симои ин шоираи бузург ва ашъори ӯ маводди хеле кам оварда шудааст, вале аз ҳамин маводди кам метавонем, ба натиҷа расем, ки воқеан ӯ шоираи бузург ва шеъраш дар пояи ашъори шоирони бузурги ҳамасраш Рӯдакӣ, Шаҳиди Балхӣ ва дигарон аст.

Роҷеъ ба пояи сухани Робиа аз ҳамин мероси хеле каммонда метавон натиҷагирӣ кард, ки воқеан пояи сухан, тасвирҳои шоирона, корбурди саноеи мухталифи шеърӣ ҳам дар забони форсии тоҷикӣ ва арабӣ ӯро устоди сухан дар радифи Устод Рӯдакӣ ва дигар шоирони асри Х ҳисобид. Дар шеъри боқимондаи Робиа аксари мавзуъҳои рӯзгори инсонӣ, аз ҷумла ишқу муҳаббат, зебоӣ, тасвири табиат, тасвири чаҳор унсури ҳаёт, баҳор ва зебоиҳои он ба ваҷҳи аҳсант баён гардидаанд.

Шеъри Робиаи Балхӣ аз нигоҳи сабк ба шеъри Рӯдакӣ шабоҳати зиёд дорад. Воқеан, шеъри Робиа на танҳо аз нигоҳи вожагони ҳамгун, мазмун, сувари хаёл ба шеъри Рӯдакӣ монанд аст, балки аз нигоҳи образофарӣ, корбурди талмеҳот ва зикри номҳову симоҳои диниву таърихиву ривоятӣ (аз қабили Кисро, Аржанг, Озар, Лайло, Монӣ ва ғайра) ба шеъри шоирони асри Х ва хосса Рӯдакӣ монандӣ дорад. Шеъри Робиаи Балхӣ намунаи беҳтарини сабки хуросонӣ аст.

Адабиёт

1. *Бухоро̄, Муҳаммад Авфо̄. Лубоб-ул-албоб. Ба тасҳеҳи Эдвард Браун. Таҳияи М.Солеҳов ва Н.Ширинзода. – Ҷилди 2. –Душанбе:Донишварон, 2020. – 536 с.*
2. *Домодо̄, Сайидмуҳаммад Абусаиднома. Таълифи. Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1374-и ҳ. (1973-и м). – 341 с.*
3. *Манучеҳри Домғоно̄. Девон. Бо ҳавошиву таълиқоти Муҳаммад Дабири Сиёқо̄. Чопи дувум. – Теҳрон:Интишороти «Заввор». –1338-и ҳичрӣ. – 440 с.*
4. *Матлубаи Мирзоюнус. Сиришке дар лола. -Хуҷанд, 1998. 176 с.*
5. *Матлубаи Мирзоюнус. Духтари Каъб аз нигоҳи шайхи Меҳна. /Нигоҳе ба рӯзгор ва осори Робиаи Балхӣ (маҷмуи мақолаҳо ба ифтихори бузургдошти Робиаи Балхӣ. - Душанбе: ТҶБ: Истиқбол, 2010.-227 с.*
6. *Нишопурӣ, Аттори. Илоҳинома. Тасҳеҳи Муҳаммад Ризо Шафеии Кадканӣ.-Теҳрон: Интишороти «Сухан», 1387.- 324 с.*
7. *Ноҳидӣ, Парвин. Ситораи пурҷилои Балх /Нигоҳе ба рӯзгор ва осори Робиаи Балхӣ (маҷмуи мақолаҳо ба ифтихори бузургдошти Робиаи Балхӣ.-Душанбе:ТҶБ:Истиқбол, 2010.-227 с.*
8. *Розӣ , Шамси Қайс. Ал-муъҷам. –Душанбе:Адиб, 1991. – 464 с.*
9. *Содот, Саид Нусратулло. Нақши Ҳаким Санои Ғазнавӣ дар инкишофи адабиёти ирфонӣ. – Душанбе, 2011. –194 с.*
10. *Ҳорис, Асадуллоҳ. Бозтоби симои Робиа дар «Илоҳинома»-и Аттор /Нигоҳе ба рӯзгор ва осори Робиаи Балхӣ (маҷмуи мақолаҳо ба ифтихори бузургдошти Робиаи Балхӣ.-Душанбе: ТҶБ:Истиқбол, 2010.-227 с.*
11. *Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Осор. Ҷилди 8. Нафаҳот-ул-унс. –Душанбе:Адиб, 1990. – 368 с.*

ЗИКРИ РОБИАИ БАЛХӢ ДАР «ИЛОҲИНОМА»-И АТТОРИ НИШОПУРӢ

Шоирони давраи Сомониён, аз ҷумла Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ҳамасронаш ва шоирони пешгузашта дар ташаккул ва таҳаввули шеъри классикии форсии дарии тоҷикӣ саҳми беназир доранд, ки муҳаққиқони зиёд ин андешаро қоиланд. Ҳарчанд аз шоирони пешгузашта ва ҳамасри Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ то рӯзгори мо мероси адабии кам расида, ва осору девонҳои эшон аз миён рафтаанд, вале ҳамин мероси ками расида баёнгари пояи сухани баланд, тасвирҳои хеле зебои шоирона, корбурди қофияву радифҳои ҷолиби навоварона мебошанд, ки дар адабиёти мо камназиранд. Яке аз чунин ситорагони тобандаву пурҷило ва суханвари мумтози забону адаби форсии дарии тоҷикӣ, ки аз умқи беш аз ҳазор сол садои қалби ошиқу сертапишаш ба гӯшу ҳуши мо мерасад – ин Робиаи Балхӣ ё Робиа бинти Каъби Қаздорӣ аст, ки имсол мо ҷашни 1150-солагияшро бо ҳидояти ЮНЕСКО ва тадбирҳои созандаи фарҳангии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҷлил мекунем.

Калидвожаҳо: Робиаи Балхӣ, Сомониён, шоира, шеър, адабиёти классикӣ, ташаккул, таҳаввул, мероси адабӣ, девони ашъор, маҳорати шоирӣ.

УПОМИНАНИЕ РОБИА БАЛХИ В «ИЛАХИНАМЕ» АТТОРА НИШАПУРИ

Поэты период Саманидов, в том числе Абуабдуллох Рудаки, его соратники и передидущих сыграли очен важную роль в возникновение и развитие персидско-таджикской классической поэзии в котором многие исследователи в одном мнение по этим вопросам. Хотя из передидущих и соратников Абуабдуллоха Рудаки до наших дней остались очен малочисленные литературные наследие и их диванов не сохранились, но от этих малочисленных произведение можно прийти к выводу, что их стихотворение, их изображение (описание), использование рифма и радифов несомненно свежие и новые, и в нашей литературе являются щедеврами. Одним из этих ярких звезд персидско-дари-таджикской классической литературе несомненно является Робиа Балхи или Робиа бинти Каъб Каздори, который в этом году мы празднуем ее 1150-летию юбилея, который проходить под эгидой ЮНЕСКО и предложением Основателя мира и единства – Лидера нации Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона.

Ключевые слова: Робиа Балхи, Саманиды, поэтесса, стихотворение, классическая литература, возникновение, развитие, литературное наследие, диван стихов, поэтическое мастерство.

THE MENTION OF RABIA AL-BALKHI IN ATTAR OF NISHAPUR'S "ILAHINAMA"

Poets of the Samanid era, including Abu Abdullah Rudaki, his contemporaries, and predecessor poets, made an unparalleled contribution to the formation and evolution of classical Persian-Dari-Tajik poetry, a view shared by numerous researchers. Although only a small literary heritage from Abu Abdullah Rudaki's predecessors and contemporaries has survived to our day, and their works and divans (collections of poetry) have been lost, even this remaining scant heritage reflects a high level of eloquence, profoundly beautiful poetic imagery, and the innovative use of captivating rhymes and radifs (refrains) that are rare in our literature. One such bright, shining star and distinguished master of Persian-Dari-Tajik language and literature, whose passionate and vibrant heart speaks to our minds and ears from a depth of over a thousand

years, is Rabia al-Balkhi (also known as Rabia bint Ka'b al-Quzdari). This year, we celebrate her 1,150th anniversary under the auspices of UNESCO and through the constructive cultural initiatives of the Founder of Peace and National Unity – Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, His Excellency Emomali Rahmon.

Keywords: Rabia al-Balkhi, Samanids, poetess, poetry, classical literature, formation, evolution, literary heritage, divan of poems, poetic skill.

Дар бораи муаллифон

Элбоев Вафо
Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: vafo_1965@mail.ru

Муборакиён Сиддиқ
Омӯзгори кафедраи назария ва таърихи адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: mseddiq@mail.ru

Об авторах

Элбоев Вафо
Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и истории литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: vafo_1965@mail.ru

Муборакиён Сиддик
Преподаватель кафедры теории и истории литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: mseddiq@mail.ru

About the authors

Elboev Vafo
Doctor of Philological Sciences, Professor of the Department of the Theory and History of Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: vafo_1965@mail.ru

Muborakiyon Siddiq
Teacher of the Department of the Theory and History of Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: mseddiq@mail.ru

ТДУ 821.222.1:82.091

ҶАРАЁНИ АМАЛИЁТ ВА КАТЕГОРИЯИ ЗАМОН ДАР ДОСТОНҲОИ «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ ВА ДРАМАҲОИ ШЕКСПИР

Хуррамова Б. Қ.
Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов

Муқаддима. Яке аз ҷанбаҳои назаррас ва маъруфияти асарҳои классикӣ қабл аз ҳама абадияти образҳои хотирнишин мебошанд, ки дар худ эҳсосу андешаҳои таъсирбахшро муҷассам намудаанд. Зеро асарҳои мазкур новобаста аз шакл ва жанрҳои гуногун масъалаҳои умумибашариро, ки саршори фалсафаи амиқ аст, дар маркази диққат қарор додаанд. Аз ин рӯ ин асарҳо барои тамоми давру замон офарида шудаанд ва оҳанги имрӯзӣ касб менамоянд.

Достонҳои «Шоҳнома» ҳодисаҳои рӯзгорро дар шакли мифологӣ, таърихӣ ва афсонавӣ муҷассам месозад. Таваҷҷуҳ ба ин манбае, ки солҳои зиёд сарчашмаи офариниши санъаткорони бузург дар даврaҳои гуногун аст, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки достонҳои «Шоҳнома» соҳиби сохтори драматикии қавӣ мебошанд. Дар асар баробари нигаҳдошти анъанаҳои шифоҳӣ, ҷанбаи тасвирии гуногун дар маҷмуъ ифодаи хешро соҳиб мешавад, ки ин махсусият асоси устувори комилияти сарчашмаест, ки солҳои зиёд пойдор аст. Зеро сарчашмаи асосии эпос ривоят аст, ки он танҳо хоси мардумест, ки таърихи бостонӣ дорад.

Аз лиҳози назарӣ дар драма бояд хонанда роҷеъ ба ҳодисаҳои гузашта тасаввурот дошта аз анҷоми воқеа огоҳ бошад, зеро драма бидуни ғолибияти як тараф анҷом надорад. Яъне дар он зиддияти байни ду шахсият ва ду ҷаҳонбинии мухталиф инъикос мешавад.

Дар назарияи адабиёти муосир масъалаи ташкили ҷараёни амалиёт ва категорияи замон аз муҳимтарин унсурҳои таҳлили поэтикаи асари бадеӣ ба ҳисоб меравад. Ин ду унсур сохтори дохилии асарро муайян намуда, тарзи ташаккули воқеаҳо, рушди конфликт ва муносибатҳои қаҳрамононро бо воқеияти бадеӣ инъикос менамоянд. Воқеан, ин қонуниятҳои умумии инкишофи жанри адабӣ, ки тадқиқи онҳо аз нуқтаи назари муқоисавист, дар осори Фирдавсӣ ва Шекспир муҷассам шудаанд, ки онҳо намунаи барҷастаи ду жанри анъанавӣ – эпос ва драма мебошанд.

Дар илми адабиётшиносӣ мафҳуми сюжет ҳамчун таркиби бадеии ташаккули воқеаҳо дар асари адабӣ муайян карда мешавад, ки он тарзи махсуси ташкил ва ҷойгиршавии воқеаҳо дар асар буда, чун воситаи асосии муносибати муаллиф ба воқеияти тасвиршаванда муайян мегардад. Яъне, сюжет на танҳо маҷмуи ҳодисаҳо, балки сохтори бадеии муташаккил аст. Аз ин нуқтаи назар сюжет на танҳо низоми воқеот, балки сохтори маъноии асар аст. Дар таҳқиқоти поэтикаи асари бадеӣ масъалаи замони бадеӣ низ мавқеи сазовор дорад. Масалан, ба андешаи адабиётшинос М.Бахтин «замони бадеӣ танҳо нишондиҳандаи ҳаракати воқеаҳо нест, балки воситаи ташаккули маънои асар мебошад» [1, с. 140].

Дар тадқиқоти семиотикии адабиёт Ю.Лотман масъалаи сохтори дохилии матни адабиро мавриди таҳлил қарор додааст. Ба фикри ӯ, матни адабӣ «низоми мураккаби аломатҳо мебошад, ки дар он муносибати замон, фазо ва амалиёт, таркиби ягонаи семиотикиро ташкил медиҳад» [3, с. 40].

Хусусиятҳои ҷараёни амалиёт дар эпоси Фирдавсӣ дар сохтори сюжети он, ки ба шакли силсилаи достонҳои алоҳида ташкил ёфтааст, ба таври ҷолиб зоҳир шудааст. Ҳар як достон давраи муайяни таърихӣ, мифологӣ ё қаҳрамонии Эронро таҷассум месозад. Ҷанбаи асосии ҷараёни амалиёт дар эпоси Фирдавсӣ васеъ будани доираи воқеаҳо мебошад. Дар асар саргузашти шоҳон, паҳлавонон ва шахсиятҳои гуногун ба таври пайдарпай тасвир шудааст. Масалан, дар достони «Зол ва Рудоба» на танҳо саргузашти шахсии қаҳрамонон, балки масъалаҳои ахлоқӣ ва фалсафии муносибатҳои инсонӣ низ баён шудааст.

Маводҳо ва усулҳои таҳқиқот. Дар эпоси Фирдавсӣ ҷараёни амалиёт мунтазам аст ва воқеаҳо дар доира як давраи таърихӣ оғоз ёфта, тадричан инкишоф меёбанд ва ба нуқтаи кулминационӣ мерасанд. Хусусияти муҳимми эпоси Фирдавсӣ нақши ровӣ мебошад. Ровӣ на танҳо воқеаҳоро баён мекунад, балки ба онҳо баҳои ахлоқӣ медиҳад. Ин хусусият ба асар характери таълимӣ ва фалсафӣ мебахшад.

Бар хилофи эпос, ки ба шакли нақлӣ инкишоф меёбад, драма ба амали мустақими қаҳрамонон асос меёбад, зеро сохтори сюжет аз талаботи жанри драмавӣ бармеояд. Масалан, дар драмаи «Ҳамлет»-и Шекспир тамоми ҷараёни амалиёт ба конфликти ботинии қаҳрамон

асос ёфтааст. Зиддияти байни эҳсоси интиқом ва меъёрҳои ахлоқии қаҳрамон ба рушди воқеаҳо таъсир мерасонад. Дар драмаи «Макбет» бошад, амалиёт дар асоси муборизаи ҳисси ҷоҳталабӣ ва оқибатҳои фоҷиавии он инкишоф меёбад. Асоси маводҳои таҳқиқро матнҳои аслии «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва фоҷиаҳои Вилям Шекспир ташкил медиҳад. Дар баробари матнҳои бадеӣ осори назариявӣ ва таҳқиқоти илмии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ оид ба назарияи драматургия, поэтика, адабиётшиносии муқоисавӣ мавриди истифода қарор гирифт.

Натиҷаҳо. Яке аз вижагиҳои муҳимми драматургияи Шекспир динамикаи назарраси воқеаҳо мебошад. Саҳнаҳо ба суръати муайян иваз шуда ҳар яке ба рушди конфликти асосӣ мусоидат менамояд. Илова бар ин дар драмаҳои Шекспир монологҳо нақши фалсафӣ доранд, ки тавассути он қаҳрамонон фикру эҳсосоти ботинии худро баён месозанд. Аз ҷумла, аз забони Ҳамлет чунин мисраъҳо ҳамчун монологи ботинӣ оварда шудаанд:

Савол ин аст: будан ё набудан?
Бимирам ё зиям? – Инак муаммо.
Чӣ бошад хулқи хуш? Оё таҳаммул
ба зарби теғи қисмат? Ё ки исён
Ба зидди сели бедоду ситамҳо?
Ба ҷанг оё бубандам роҳи ин сел?
Аҷал хоб аст. Оре, нест ҷуз хоб,
Ба хуфтан хатм мегардад ба як бор
ҳама дарду аламҳо, ранҷу озор.
Гузинам маргро? Хоби абадро?
Вале гӯянд, одам баъди мурдан.
Парешон хоб мебинад. Чӣ хобе?
Саволи бечавоб ин аст. Одам
ба ваҳм аст аз аҷал в-аз оқибатҳош [9, с. 93].

Дар эпоси Фирдавсӣ мафҳуми замон хусусияти эпикӣ ва таърихиро соҳиб аст. Ҳодисаҳо метавонанд даврaҳои тулонии таърихиро фаро гиранд. Замон дар ин ҷо на танҳо чаҳорчӯбаи воқеаҳо, балки воситаи нишон додани тағйироти таърихӣ аст. Шоҳон иваз мешаванд, давлатҳо барҳам мехӯранд, вале арзишҳои ҷовидонии ахлоқӣ боқӣ мемонанд. Ин хусусият ба эпос характери таърихию фалсафӣ мебахшад.

Дар муқоиса бо эпос, дар драмаҳои Шекспир мафҳуми замон бештар фишурда ва драмавӣ аст. Воқеаҳо одатан дар муддати нисбатан кӯтоҳ инкишоф меёбанд. Ин хусусият ба талаботи саҳнавии театр алоқаманд аст. Барои нигоҳ доштани шиддати драмавӣ ба муаллиф лозим аст, ки воқеаҳоро дар доираи вақти маҳдуд нишон диҳад. Бо вуҷуди ин, Шекспир тавассути истифодаи монологҳо ва ёдоварии воқеаҳои гузашта доираи замонии асарро васеъ менамояд. Таҳлили муқоисавии ҷараёни амалиёт ва категорияи замон дар осори Фирдавсӣ ва Шекспир нишон медиҳад, ки фарқиятҳои асосии онҳо аз хусусиятҳои жанрии эпос ва драма бармеояд. Яъне агар дар эпос замон доираи тулонии таърихиро фаро гирифта бошад, дар драма амалиёт динамикӣ ва фишурда, ба талаботи саҳна мувофиқ аст. Асари хамосавии Фирдавсӣ «Шоҳнома» ва драматургияи Шекспир ду шакли муҳимми инкишофи тафаккури бадеӣ дар адабиёти ҷаҳонӣ мебошанд. «Шоҳнома» ҳамчун намунаи классикии эпоси қаҳрамонӣ, равандҳои таърихӣ, устуравӣ ва ахлоқиро дар шакли достон таҷассум месозад, дар ҳоле ки драматургияи Шекспир воқеияти иҷтимоӣ, психологӣ ва фалсафии инсонро дар шакли саҳнавӣ инъикос менамояд.

Дар «Шоҳнома» замон характери эпикӣ ва таърихӣ дорад. Асар давраи хеле тулонии таърихи Эронро – аз давраи устуравӣ то замони Сосониён фаро гирифтааст. Хусусиятҳои асосии замони эпикии «Шоҳнома» чунин аст:

1. Ҷанбаи таърихӣ – достонҳо даврaҳои гуногуни таърихиро муттаҳид месозанд.

2. Замони пойдор – муборизаи абадии некӣ ва бадӣ такрор мешавад.

3. Замони қаҳрамонӣ – амалҳои персонажҳо бо арзишҳои ҷовидонӣ ва ормонҳои башарӣ пайваст аст. Дар «Шоҳнома» амалиёт чунин сохтор дорад: пайдоиши қаҳрамон, озмоиш ва мубориза, ғалаба ё фоҷиа, ивазшавии наслҳо. Ин сохтор дар бисёр достонҳо, мисли достони «Рустам ва Сӯҳроб» такрор мешавад. Хусусияти муҳимми ин амалиёт ҷанбаи эпикӣ аст: яъне ривоят метавонад ба таври муфассал шарҳ дода шавад ва нақли рӯйдодҳо бо тавсифҳои табиат, ахлоқ ва таърих мукаммал гардад. Дар ин маврид вақт ҳамчун раванд ва таърих аст.

Категорияи замон ва амалиёт дар драматургияи Шекспир соҳиби хусусияти саҳнавист. Дар бисёр драмаҳои Шекспир амалиёт дар муддати кӯтоҳ рух медиҳад. Масалан, дар фоҷиаи «Ромео ва Ҷулйетта» тамоми ҳодисаҳо дар давоми чанд рӯз сурат мегиранд. Ин хусусият имконият медиҳад, ки диққати асосии муаллиф ба тасвири равандҳои пурзӯри психологӣ, ҳаракати босуръати сюжет ва шиддати драмавӣ равона гардад. Баъзан драматург аз усули «замони дугона» истифода менамояд, ки дар он амал аз ҷиҳати мантиқӣ тулонист, вале дар саҳна дар муддати кӯтоҳ рух медиҳад. Масалан, дар фоҷиаи «Отелло» ин ҳолат назаррас аст.

Сохтори амалиёт дар драмаҳои Шекспир одатан ба принципи классикии драмавӣ мувофиқ аст: экспозиция – муаррифии персонажҳо ва вазъият, инкишофи конфликт, кулминация ва ҳалли конфликт. Дар баъзе асарҳо воҳидияти замон нисбатан риоя мешавад ва тамоми амал дар як муддати кӯтоҳ мегузарад. Аз ин рӯ дар драмаҳои Шекспир мафҳуми замон танҳо чаҳорчӯбаи сюжет нест, балки омили драмавист.

Яъне агар дар «Шоҳнома» замон сохтори бузурги таърихӣ бошад, дар драматургияи Шекспир он механизми драмавии сюжет, мутамарказ ва динамикӣ аст. Муқоисаи ин ду анъанаи бузурги адабӣ нишон медиҳад, ки ҳарчанд онҳо аз ҷиҳати жанр ва услуб фарқ мекунанд, вале ҳар ду муаллиф замонро ҳамчун унсури асосии ташаккули маъно ва ҳаракати сюжет истифода бурдаанд.

Категорияи замон дар сохтори бадеии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба сифати унсури бунёдӣ на танҳо матни мукаммали хамосӣ, балки манбаи муътамади таърихӣ – фарҳангист, ки ҷанбаи мураккаби фалсафӣ, эстетикӣ ва таърихиро соҳиб аст.

Аз ҷумла, дар поэтикаи Фирдавсӣ замон бо мафҳуми «қисмат» ёки «тақдир» робитаи назаррас дорад, зеро воқеаҳо дар асар на танҳо дар ҷараёни замон сурат гирифтаанд, балки гӯё аз ҷониби як қувваи олӣ – чарх, фалак, ё гардун танзим мешаванд. Ба ин маънӣ, қаҳрамонон новобаста аз қудрат ва иродаи худ дар доираи замони муайян ва қисмати қаблан муайяншуда амал менамоянд. Бо ин хусусиятҳои номбурда достонҳои машҳури «Шоҳнома» ба драматургияи муаллифони машҳури Юнони қадим – Эсхил, Софокл ва Еврипид шабоҳат дорад. Махсусан, дар «Достони Сиёвуш» ин хусусият назаррас аст [7, с. 183].

Замон натанҳо ҳамчун воситаи ифодаи комили арзишҳои ҷовидонӣ, балки ифодагари рӯйдодҳо, тасвири арзишҳои ахлоқӣ аст, зеро бо гузашти он арзишҳое чун адолат, хирад, шуҷоат ва садоқату хайрхоҳӣ ҳамчун меъёрҳои тағйирнопазир муаррифӣ мешаванд. Ҳамин тавр замон дар «Шоҳнома» на танҳо асоси тағйиротҳо, балки нишондиҳандаи асолати арзишҳои маънавист.

Дар «Шоҳнома» тасвири ду сатҳи замон мушоҳида мешавад: замони қаҳрамонӣ ва замони таърихӣ. Замони қаҳрамонӣ бештар ба қисматҳои афсонавӣ ва ривоятӣ мансуб аст ва дорои ҷанбаи шартист. Дар ин сатҳ вокеаҳо метавонанд берун аз меъёрҳои воқеии вақт сурат бигиранд, вале дар қисмати таърихӣ, ки ба давраи наздиктар ба воқеият марбутанд, замон дорои шакли мушаххас аст.

Категорияи замон дар «Шоҳнома» як падидаи мураккаб аст, ки ҷанбаҳои таърихӣ, фалсафӣ ва бадеиро фаро гирифтааст ва хусусияти даврӣ дошта бо мафҳуми «қисмат» ва «ахлоқ» пайваст аст. Тавассути чунин тасвири замон Абулқосим Фирдавсӣ на танҳо таърихи миллиро тасвир намудааст, балки як низоми комили ҷаҳонбинӣ ва тафаккури фарҳангиро баён намудааст, ки он рамзи абадияти таърихист.

Хусусияти даврии замон дар «Шоҳнома» аз вижагиҳои муҳимми ин асари арзишманд аст, ки моҳияти он тасвири абадияти муборизаи некӣ ва бадист. Масалан сарнавишти қаҳрамонҳое чун Рустам ва Сӯҳроб, Исфандиёру Сиёвуш намунаи аслии такрори қонунҳои умумии ҳастӣ мебошад.

Категорияи замон дар достони «Рустам ва Сӯҳроб» ҷанбаҳои эпикӣ, таърихӣ, сюжетӣ, фоҷиавӣ ва равониро соҳиб аст. Он ҳамчун унсури муҳимми бадеӣ ва маънавист. Дар асар воқеаҳо ба давраҳои бостонии Эронзамин мансубанд ва ҳамчун фазои гузашта сурат гирифтаанд. Тасвири замони воқеӣ ва пайдарпаии воқеаҳо нисбатан тулонӣ нест. Таваллуди Сӯҳроб, ба камол расидани ӯ, ҷустуҷӯи падар, разм бо Рустам ба тариқи пайдарпай муҷассам мешаванд. Замони фоҷиавӣ, ки ҷанбаи асосии достон маҳсуб мешавад, тасвири ҳақиқатест, ки мутаассифона дер ошкор мешавад ва имкони ислоҳи он мавҷуд нест. Пайвастагии замон бо мафҳумит қазо ва қадар, ҷанбаи фоҷиавии асарро афзун месозанд, ин махсусият ба замони равонӣ низ пайваст аст. Интизории Сӯҳроб дар орзуи дидори падар, изтироб ва шубҳаи Рустам ҳангоми набард, лаҳзаҳои шинохти дер пас аз захмӣ шудани Сӯҳроб аз ҷиҳатҳои назарраси равонии достон мебошанд, ки ифодагари эҳсосоти амиқ буда дорои нишонаҳои қавии драматургӣ ҳастанд.

Воқеан, театри муосир ҳамеша ба асарҳои барҷастаи соҳиби хусусиятҳои амиқи равонӣ, дорои тобиши дурахшони фоҷиавӣ эҳтиёҷ дорад.

Театршинос Э.Мухтаров зимни таҳлили анъанаҳо дар ҷараёни таҷассуми осори бадеии классикӣ ба хулосае омадааст, ки «хусусиятҳои дақиқи жанрӣ дар ин ҷараён фазои тоза касб менамоянд, ки исботи он тафсири саҳнавии драмаҳои Эсхил, Еврипид, Шекспир ва Чехов мебошад» [4, с. 43].

Дар асарҳои фоҷиавии Вилям Шекспир мафҳуми замон мисли қувваи ногузир аст, ки инсон қудрати боздоштани онро надорад. Дар тасвири Шекспир замон танҳо ифодагари ҷараёни воқеаҳо нест, балки он пайваста ба тақдири инсонист. Масалан, дар фоҷиаи Ҳамлет қаҳрамон эҳсос менамояд. ки низоми табиӣ ҷаҳон вайрон шудааст. Қаҳрамонҳо бо гузашти вақт тағйир меёбанд, бо шикасти руҳӣ дучор мешаванд ва шахсияти онҳо фурӯ мерезад. Дар фоҷиаи «Шоҳ Лир» шоҳ аз дараҷаи қудрат ба девонагӣ ва фоҷиа рӯ ба рӯ мешавад. Замони маҳдуд ва пуршиддат дар фоҷиаи «Отелло» боиси дар як муддати кӯтоҳ арзи ҳастӣ намудани қарорҳои нодуруст аст. Яъне дар фоҷиаҳои Шекспир мафҳуми замон чун қувваи ногузир, тағйирёбии шахсият ва аломати тақдиру марги фоҷиавист.

Дар асарҳои саҳнавии машҳуре, ки аз рӯи осори Шекспир дар саҳнаҳои ҷаҳонӣ таҳия гардиданд, ин ҷанбаҳои фалсафӣ ва драмавии сарчашма ифодаи хешро соҳиб гардидааст. Аз ҷумла, ғояи инсондӯстонаи драмаи «Ромео ва Ҷулйетта», ки тобиши амиқи фоҷиавӣ касб намудааст, дар тафсири таҳиягари амрикоӣ Мак Клинтик яке аз чунин асарҳои саҳнавие мебошад, ки фоҷиавияти асар дорои оҳанги инсондӯстона аст. Намоишномаи мазкур, ки аз ҷониби мунаққидон хеле мукаммал арзёбӣ гардида ҳамчун падидаи нодир дар эҷодиёти таҳиягар пазируфта шудааст, «фоҷиавияти талабгории сулҳ» ном гирифт [6, с. 210]. Рассом Милзинер – офарандаи ороиши бошукӯҳи романтикӣ бо равшанӣ ва фазои мутаносиб ва ҳамкории таҳиягар намоишномае офарид, ки дурахши рангҳои арғувонӣ, сабз ва нуқрагуну хокистарӣ маънии рамзӣ касб намудааст.

Ҷулйетта – Кэтрин Корнелл ба образҳои дигаре, ки ба таври анъанавӣ дар саҳнаҳои ҷаҳонӣ офарида шудааст, монанд нест. Дар тафсири нави ҳунарпеша ин симои марказӣ моҳият ва мазмуни тоза касб намудааст. Зарфияти образи Кэтрин Корнелл дар он аст, ки қаҳрамони ӯ соҳиби иродаи қавӣ, то андозае солору бохирад, ҳатто андаке калонсол ба назар мерасад. Аз рӯи таҳлили мунаққиди театр Ричард Локриж ҳунарпеша на ба шеърияти Шекспир, балки ба шеърияти хеш такя месозад, дар офариниши ӯ «зебоии нафисе ҷой дорад, ки бори гарони анъанаҳои осори Шекспирро, ки ҳамеша побарҷост, аз байн мебарад» [6, с. 210]. Драмаҳои фоҷиавии Шекспир, ки хамеша барои театр имконоти тафсири гуногунро фароҳам меоваранд, бо услуб ва нигориши муосир қобили таваҷҷуҳанд. Аз ҷумла, мутобиқшавӣ ба фарҳангҳои гуногун, таъсири қавӣ ба ҷараёни рушди театри ҷаҳонӣ, образҳои қаҳрамонии амиқ ва мураккаб, забони шеърии рамзӣ ва пурфасоҳат аз бартариҳои назарраси драматургияи Шекспир мебошад, ки новобаста аз замону макон барои тамошобин робитаи эҳсосӣ доранд. Шекспир офарандаи «характер»-ҳое нест, ки театр онҳоро ба таври алоҳида тафсир намояд, зеро маҷмуи характерҳои алоҳида ва ҷудошуда услуби одист. «Шекспир баръакс, шеърияти ансамблро дар маҷмуъ меофарад, ки дар он образ бидуни онҳое, ки ҷараёни зиндагии таърихиро ифода менамоянд, мукаммал нест» [2, с. 450-451].

Умумибашарӣ будани мавзуъҳои абадӣ – муҳаббат, қудрат, ҳасад, тақдир низ заминаи асосии маъруфияти осори Шекспир дар фарҳангҳои гуногун аст ва маҳз аз ҳамин сабаб театри ҷаҳонӣ дар даврaҳои мухталиф ба он муроҷиат намуда ба комёбиҳои эҷодӣ муваффақ мешавад. Аз ҷумла, дар театри ба номи Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ (Ӯзбекистон) низ дар даврaҳои гуногун як қатор асарҳои саҳнавӣ аз рӯи осори Шекспир тафсири хешро соҳиб гардидаанд. «Ҳамлет», «Отелло», Ромео ва Ҷулйетта», «Юлий Цезар», «Шоҳ Лир» аз асарҳои саҳнавие мебошанд, ки онҳо дар ҷараёни таҳияи осори классикӣ марҳилаи омӯзишу комёбиҳои эҷодӣ, бозёфтҳои эстетикии назаррас арзёбӣ мешаванд.

Таърихияти услуби таҳиягарӣ, офариниши ансамбли актёрии ягона, идроки поэтикаи офариниши Шекспир дар боби ҷараёни «зиндагии таърихӣ» дар тафсири асарҳои номбурда маҳаки асосӣ гардиданд, ки минбаъд ин бозёфтҳо ҳамчун таҷрибаи эстетикӣ барои театр ҳамчун дастур имкониятҳои нави эҷодиро фароҳам овард. Дар асари «Шоҳ Лир», ки дар саҳнаи театри Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ аз тарафи таҳиягар Н.Ладыгин баргузор гардид (1966), фалсафаи драмаи фоҷиавии Шекспир «Шоҳ Лир» дар шикасти ормонҳои қаҳрамони асосӣ – Лир ифода ёфтааст, ки он ҳамчун тарзи зиндагии худхоҳона, мунофиқӣ ва манфиатпарастона мебошад, ки зидди шарафу эътибори инсонист.

«Дар сохтори бисёркабатаи намоишнома тамоми персонажҳо на танҳо моҳияти инсонии хешро нишон медиҳанд, балки ифодагари ғояе ҳастанд, ки онро бо ҷанбаи фоҷиавии асар мепайвандад. Дар тасвири тақдири инсонии гуногун, ки қувваи пурзиддият мебошад, амиқии бадеӣ ва моҳияти ғоявии асари фоҷиавии машҳур ифшо мегардад. Қуввае, ки зиддиятҳои тарафайнро инъикос менамоянд, дар намоишнома чун гуруҳи алоҳида чун ансамбли ягона амал мекунанд» [4, с. 17].

Образи Лир аз тарафи А.Хоҷаев ифодагари бузургӣ ва шарофатмандист. Таҳлили ин образ имкон медиҳад, ки масъалаҳои ахлоқӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ ба таври возеҳ баррасӣ шавад. Оғози шикасти руҳии Лир нобоварӣ ба духтари садоқатпешааш Корделия аст. Раванди тағйирёбӣ ва таҳаввули образ дар силсилаи воқеаҳои минбаъдаи намоишнома идома меёбад. Ин ҳолат хиёнати шахсони наздик, маҳрум шудан аз қудрат ва дар ҳолати танҳоӣ ба девонагӣ гирифтор шудан аст. Зимнан, девонагии Лир танҳо ҳолати равонӣ нест, балки рамзи бедории маънавии ӯст, ки аз роҳи худписандӣ ба худшиносӣ рафтааст.

Дар образҳои Глостер – Н.Қосимов, Кент – Д.Тоҷиев эҳсоси масъулият ва адолат, дӯстии беғаразона нисбати Лир ифода ёфтааст, ки он ишора ба садоқати байниҳамдигарӣ мебошад, ки солиёни пешин барқарору устувор будааст.

Тасвири манзараи шикасти олами қаблӣ, ки зиндагии Лир, Кент ва Глостер сурат гирифтааст, бештар дар образи Глостер – Н.Қосимов ҷилвагар аст, зеро Глостер – Н.Қосимов сабабҳои шикасти арзишҳои ахлоқиро, ки бесарусомонии умумиро ба вуҷуд овардааст, мавриди андеша қарор медиҳад. «Бозии Н.Қосимов аз нишонаҳои сентименталӣ дур аст ва то дараҷаи оҳанги фоҷиавии олӣ инкишоф меёбад. Глостер ҳақиқатеро дарёфт месозад, ки то ҳол қобили идрок қарор нагирифтааст, аммо тавассути азияти руҳӣ бо возеҳият падидор мешавад. Яъне моҳияти инсонии шахсият дар олам на дар муқобили бадӣ ва вазъият сарҳаму мутеъ будан, балки бо он мубориза бурдан аст» [4, с. 22].

Дар раванди ташаккули театри тоҷик воридшавии драматургияи Шекспир низ намунаи ҳамбастагии қавии анъанаҳои пешқадами театри ҷаҳонӣ ва бозёфтҳои бадеии театри миллӣ мебошад. Арзиши фарҳангии осори Шекспир бо баробари гуногунии услубҳои саҳнасозӣ ва мактаби актёрӣ, хусусиятҳои мутобиқсозии миллӣ тафсири муосир аст, ки дар мавзуҳои умумибашарӣ муҷассам аст. Дар боби «Вилям Шекспир ва театри тоҷик» муаллифи китоби «Фирдавсӣ ва Шекспир» - Г.Шозиёева роҷеъ ба комёбиҳои осори Шекспир дар театри тоҷик ҳамчун шахсияти бузурги давраи Эҳё ёдовар шуда мақолаҳои гуногунеро, ки дар боби асарҳои саҳнавии драматург навишта шудааст, мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Дар ин ҷараён муаллиф ба ду мақолаи таҳлилии театршиноси маъруф Низом Нурҷонов – «Шекспир дар саҳнаи тоҷик» ва «Саҳна ва таҳияи классикон» муроҷиат намуда қайд намудааст, ки «муаллиф ба асарҳои Шекспир дар мақолаҳояш баҳои баланд додааст ва ҳар кадоми ин мақолаҳо ба мавзуъҳои амиқ ва дақиқ, хусусан ба театр бахшида шудаанд [10, с. 110]. Асари мукаммали «Мактаби актёрии тоҷик» (5, 2011) низ дар қатори тадқиқотҳои пуразиши илми шекспиршиносӣ қарор дорад, зеро тавассути ҳунари нақшофарии актёрони бузург образҳои саҳнавии асарҳои барҷастаи Шекспир мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтааст.

Аз ҷумла, зимни таҳлили образҳои саҳнавии нахустин актёри фоҷиавии тоҷик Миркарим Саидов муаллиф ҳунарнамоии комили ӯро дар образи Отелло (намоишномаи «Отелло» таҳияи Е.Мительман, 1939) ҳамчун қуллаи баланди санъати фоҷиавӣ арзёбӣ менамояд. «Отелло дар ичрои М.Саидов нисбатан ҷавон, дар ҳаёт бетаҷриба, сипаҳсолори диловар, инсони ҳассосқалб, соҳиби фитрати бузург буд. Мавзунии ҳаракати бадан, дастон, пойҳо ва қомати рости ӯ зебо буд. Актёр ҳангоми таҳияи ин нақш услуби нави корро ба даст овард. Ӯ матн ва маънои фалсафии онро на танҳо тавассути эҳсос (агарчанде он хеле ҳаяҷонбахшу хотирмон баён меёфт), балки бештар тавассути фикр, аниқ дарёфтани мавзунии ҳаракатҳо, шакли баркамоли зоҳирӣ, тавассути хеле эҳтиёткорона кор карда шудани тарҳи образ кушод» [5, с. 180]. Муаллиф симои Отеллоро дар тафсири ҳунарпешаи номӣ – Муҳаммадҷон Қосимов низ бозёфти арзандаи театри миллӣ шуморидааст ва таҷассуми шиддати руҳӣ, шаҳомат, набарди эҳсосотро чун зуҳуроти ҳунари волои фоҷиавии ҳунарманд эътироф намудааст. «Ҳунарпеша табъи оташбор, ҳаракатҳои бошукӯҳро истифода мебурд. Ӯ эҳсосоти баланд ва доираи васеъи қувваи эҳтиросҳоро, ки хоси асарҳои Шекспиранд, ифода намуда метавонист. Образи фоҷиавӣ тавсифи ғанӣ ва фароху ҳаматарафаи ҳолату руҳияи инсон, ифшои нерӯи изтиробу ҳаяҷони баланд, ихтилофоти мураккаби ботин ва тобишҳои фикрро дар назар дорад» [5, с. 189-190].

Бозёфти ҳунарии барҷастаи М.Қосимов аз эҷодиёти Шекспир образи Лир мебошад. («Шоҳ Лир», театри академии драмаи ба номи Лоҳутӣ, 1957, таҳияи Е.И.Мителман). Дар

тафсири актёр ҷанбаи инсондӯстонаи образ вобаста ба беадолатии муҳит инъикос меёбад. Изтиробу ҳаяҷони таъсирбахш, хирад, табъи шоирона аз махсусиятҳои офариниши образи Лир – М.Қосимов мебошад, ки арзиши ахлоқӣ касб намудааст. «Актёр Лирро табиӣ ҳамчун инсони муқаррарӣ нишон дода, аз ҳаракатҳои махсуси шоҳона ё пурдабдаба даст кашид. Актёр ролро озодона сар кард ва ҳамин тавр ба итмом расонид. Ӯ фоҷиаи гумроҳӣ ва бедории Лирро ба тарзи ба худ хос кушод» [5, с. 202].

Зимнан, образи Лир ҷанбаи қавии фалсафӣ, иҷтимоӣ ва психологиро соҳиб аст ва яке аз мураккабтарин образҳо дар эҷодиёти Шекспир ба шумор меравад, ки дар он равандҳои мураккаби тағйирёбии шахсият, бӯҳрони махнавӣ ва маърифати инсонӣ инъикос гардидааст. Дар ибтидои асар Лир ҳамчун шахсияти пуркудрат, бонуфуз ва соҳиби таҷрибаи сиёсӣ тасвир мешавад, кии дроки воқеият аз назари ӯ пурзиддият аст. Марҳилаи аз даст додани қудрат, хиёнати духтарони калонӣ, танҳоӣ ва саргардонӣ оғози фурӯпошии сохтори пешинаи арзишҳои Лир мебошанд.

Худшиносӣ ва азияти руҳии Лир, ки оғози назари амиқи ӯ ба воқеияти зиндагист, ҷанбаи худмеҳварӣ ва инсондӯстиро таҷассум месозад, ки марҳилаи асосии он муносибат бо духтари хурдӣ – Корделия аст. Яъне образи Лир дар асар таҷассуми роҳи мураккаби таҳаввули шахсият аст, ки он на танҳо ба сифати қаҳрамони фоҷиавӣ, балки ифодагари таҷрибаи зиндагист ва дар он ба таври боварибахш масъалаҳои қудрат, адолат, муҳаббат, маърифат матраҳ мегарданд.

Ба ин маънӣ, таназзули руҳӣ, «ҳалокати мафкураи бардурӯғи пешина ва пайдоиши ақидаи нав дар бораи зиндагӣ дар тасвири ҳолати девонагии Лир – М.Қосимов оғоз мешавад. «Девонагӣ ва ҷунунии Лир дар тасвири актёр рамзи шикасти рӯҳияву ҳолати кӯҳна аст». Қаҳрамони Қосимов дар либоси анъанавии сафеди шоҳона ва гулчанбаре аз гулҳои саҳроӣ дар сараш пайдо мешавад. Актёр бо тамошобин аз наздик рӯ ба рӯ мешавад. Лир ҳамчун кӯдаки калонҷуссаи сафедмӯй аз қафои паррандае метозад, дастпӯшакашро ба сӯи душмани хаёлиаш мепартояд, баъд бо оҳистагӣ ба пеши саҳна наздик шуда ба зону менишинад ва оҳиста бо дили пурдард, худ ба худ аз азобу укубаташ гап мезанад [5, с. 206].

Эҳсосоти олӣ, табъи саршор, изтироби ботинӣ, василаҳои ҳунарии муъҷаз, ҷӯшу хурӯш, ки ба ҳунари нақшофарии Муҳаммадҷон Қосимов хос аст, дар офариниши образҳои қаҳрамонони марказӣ мисли Отелло ва Шоҳ Лир низ зоҳир гардид, ки ин образҳо саҳифаи тозае дар боби тафсири саҳнавии осори Шекспир мебошанд.

Муҳокима. Теъдоди образҳои муқтадир, ки дар саҳнаи театри миллии тоҷик дар заминаи осори Шекспир офарида шудаанд, ба мисли Ҳамлет – Ҳ.Гадоев, Клавдий – А.Муҳаммадҷонов, Гертруда – М.Исоева (аз фоҷиаи «Ҳамлет»), Ромео – М.Воҳидов, Ҷулйетта – Х.Назарова (аз намоишномаи «Ромео ва Ҷулйетта»), Отелло – М.Қосимов, Дездемона – С.Тӯйбоева, Яго – А.Сулаймонов, А.Бурҳонов, Кассио – Ҳ.Раҳматуллоев аз фоҷиаи «Отелло» образҳои барҷастае буданд, ки бо маънии фалсафӣ, шакли дақиқи зоҳирӣ ва маҳорати хоси нақшофарӣ мазмуну моҳияти осори Шекспирро боварибахш муҷассам сохта тобишу ҷилои пуробуранги онро ба таври возеҳ ифода намуданд. Яъне осори Шекспир, ки дорои драматургияи пуркувват, таҳлили амиқи равонии инсон ва ифодагари арзишҳои умумибашарист, ба ташаккули санъати театрии тоҷик назаррас гузоштааст. Таъсири эҷодиёти Шекспир натанҳо дар рушди мактаби актёрӣ ва ҳунари режиссура, балки услуби драматургияи миллӣ мушоҳида мешавад. Омӯзиши сохтори асарҳои ӯ, истифодаи муколамаҳои пурмазмун, монологҳои фалсафӣ, услуби офариниши сюжет барои ғановати эстетикаи театр заминаи пуарзиш мебошанд, ки ин раванд ба ташаккули касбияти театр мусоидат намудааст.

Аз тарафи дигар, тафсири саҳнавии асарҳои Шекспир ба болоравии сатҳи ҳунари актёрӣ мусоидат намуд. Иҷрои нақшҳои мураккаби марказӣ мисли Лир, Ҳамлет, Отелло, Макбет аз ҳунарпешагон маҳорати олии касбиро талаб мекард. Рӯ овардан ба осори Шекспир боиси омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ ва ташаккули мактаби актёрии тоҷик гардид. Таъсири фарҳангии осори Шекспир ба ғановати ҷаҳонбинии тамошобинон низ назаррас аст, зеро он барои ҷомеа қобили идрок буда, ба арзишҳои ахлоқӣ ва эстетикӣ таъсиргузор мебошад. Осори Шекспир ҳамчун сарчашмаи муҳимми омӯзиш ва таҷриба барои ташаккули фарҳанги саҳнавӣ, аз ҷумла драматургия, ҳунари актёрӣ нақши назаррас дорад, ки таҳқиқи он барои дарки амиқи робитаҳои фарҳангии ҷаҳонӣ ва рушди театри миллӣ заминаи устувор фароҳам меоварад.

Хулоса. Агар Шекспир воқеан яке ҳамчун яке аз драматургони бузурги ҷаҳонӣ маъруфият дошта бошад ва асарҳои ӯ дар тамоми саҳнаҳои ҷаҳон тафсири мукаммали хешро

соҳиб шуда бошанд, пас чанд аср қабл дар шоҳасари Фирдавсӣ «Шоҳнома» низ унсурҳои пуркуввати драматургӣ ба мисли конфликт, диалог, сюжетҳои муташаккил, қаҳрамонони типологӣ назаррас мебошанд. Яъне эпоси манзум на танҳо як манбаи таърихию эпикӣ, балки сарчашмаи муҳимми драматургӣ ба шумор меравад, ки дар рушди тафаккури театрӣ ва саҳнасозӣ таъсири ҷудогона дорад. Дар сохтор, муҳтаво ва тарзи таъсири воқеаҳо унсурҳои равшани драмавӣ ба таври мукаммал мушоҳида мешавад. Ин хусусият онро ба матни драматургӣ табдил медиҳад, ки барои тафсири театрӣ қобили истифода аст.

Сюжетҳои шавқовар ва мутаносиб дар достонҳои «Шоҳнома» маводди ҷолиби драматургӣ мебошанд. «Достонҳои «Шоҳнома» аксаран дорои сохтори дақиқ мебошанд: оғози вазъият, рушди ҳодиса авҷ (кулминация) ва анҷом. Ин тарҳ ба модели классикии драмавӣ шабоҳат дорад» [8, с. 57]. Аз ҷумла, «Достони Сиёвуш» дорои махсусиятҳои номбурда аст ва метавонад ҳамчун драмаи мустақил тафсири саҳнавии хешро соҳиб гардад.

Конфликт (зиддият) ҳамчун муҳимтарин унсури драматургӣ аст, ки дар достонҳои «Шоҳнома» муҷассам аст. Зеро ҳамаи достонҳо бар зиддияти қувваҳо – некӣ ва бадӣ, адолат ва зулм асос ёфтаанд. Масалан, муборизаҳои Кова, Рустам, Исфандиёр бо неруҳои бадӣ рамзи назарраси конфликт мебошанд. Ин сохтори пурзиддият ба қонуни асосии драматургия – амалиёт ва низоъ ба дараҷаи авҷи он (кулминация) мувофиқат мекунад. Яъне – Қаҳрамонони «Шоҳнома» дорои хусусиятҳои барҷаста ва типологӣ мебошанд. Сиёвуш ҳамчун шахсияти хирадманду адолатпеша ҳамчун рамзи наҷобат, Афросиёб чун рамзи бадӣ ва разолат тасвир мешаванд. Ин ҷанбаи типологӣ ба драматургияи классикӣ хос буда барои идроки равшани характерҳо мусоидат мекунад.

Элементҳои фоҷиавӣ дар достонҳои «Шоҳнома» ба монанди сарнавишти Рустаму Сӯҳроб, Фаридун унсурҳои возеҳи жанри фоҷиаро инъикос менамоянд, зеро ногузирии фоҷиа ва масъалаи қазову қадар, сарнавишт дар маркази бисёр достонҳо қарор доранд.

Ҳаракати саҳнавӣ ва визуалӣ, ки барои саҳнасозӣ аз унсурҳои муҳим мебошанд низ ҷанбаи драматикии достонҳои «Шоҳнома»-ро тақвият мебахшанд. Тасвири воқеаҳо дар достонҳои Фирдавсӣ хеле образноку дурахшон аст. Саҳнаҳои муҳориба, дуэлҳо, мулоқотҳо ва маросимҳо дорои шукӯҳу шаҳомат ва динамикаи баланди визуалӣ мебошанд, ки барои саҳнасозӣ мувофиқанд.

Адабиёт

1. *Бахтин М. Творчество Франсуа Рабле и народная культура средневековья и Ренессанса. / М.Бахтин, Москва: - Худ. литература, 1990. -543 с.*
2. *Берковский Н. Литература и театр. / Н.Берковский. Москва: 1969. – 641 с.*
3. *Лотман Ю. Структура художественного текста. / Ю.Лотман. Москва, Искусство, 1970-387.*
4. *Мухтаров И. Театр и классика. / И.Мухтаров. Ташкент: Изд. лит. и искусства, 1988.–176 с.*
5. *Нурҷонов Н. Мактаби актёрии тоҷик. / Н.Нурҷонов. – Душанбе: 2011. – 495 с.*
6. *Ромм А. С. Театр США. В кн: История западноевропейского театра. т.8. Москва, Искусство, 1988. – 432 с.*
7. *Фирдавсӣ. Шоҳнома иборат аз 9 ҷилд. Ҷилди 3. / Фирдавсӣ – Душанбе: Адиб, 1988. – 524 с.*
8. *Хуррамова Б. Сценическая интерпретация исторической драмы. / Б.Хуррамова, Самарканд: 2017 – 124 с.*
9. *Шекспир В. Ҳамлет. Шоҳзодаи Дания. (Тарҷумаи С.Улуғзода). (В.Шекспир. Душанбе: Ирфон, 1978. – 221 с.*
10. *Шозиёева Г. Фирдавсӣ ва Шекспир. / Г.Шозиёева. – Душанбе: 2021. - 300 с.*

ҶАРАЁНИ АМАЛИЁТ ВА КАТЕГОРИЯИ ЗАМОН ДАР ДОСТОНҲОИ «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ ВА ДРАМАҲОИ ШЕКСПИР

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи ҷараёни амалиёт ва категорияи замон дар достонҳои «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва драмаҳои Вилям Шекспир бахшида шудааст. Дар он хусусиятҳои ташаккули воқеаҳо, сохтори амалиёт ва тарзҳои таҷассуми замони бадеӣ дар осори ду намояндаи бузурги адабиёти ҷаҳонӣ мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки дар «Шоҳнома» замон ҳамчун категорияи таърихию хамосӣ зуҳур намуда бо сарнавишти қаҳрамонон, хотираи миллӣ иртиботи қавӣ дорад ва дар асоси муборизаи ахлоқии неруҳои некӣ ва бадӣ ташаккул меёбад. Дар драмаҳои Шекспир, масалан дар асари «Шоҳ Лир» замон бештар чун унсури драматургӣ амал намуда, ба рушди низои саҳнавӣ, тағйири ҳолати равонии қаҳрамонон ва шиддати воқеаҳо мусоидат мекунад. Яъне бо вуҷуди фарқияти жанрӣ ва фарҳангӣ, Фирдавсӣ ва Шекспир замонро ҳамчун заминаи асосии моҳияти асар истифода бурдаанд.

Калидвожаҳо: замони бадеӣ, «Шоҳнома» ҷараёни амалиёт, Фирдавсӣ, Шекспир, «Шоҳ Лир», поэтика, достон, драма, фоҷиа, таҳлили муқоисавӣ.

ДИНАМИКА РАЗВИТИЯ ДЕЙСТВИЯ И КАТЕГОРИЯ ВРЕМЕНИ В ПОЭМАХ «ШАХНАМЕ» ФИРДОУСИ И ДРАМАХ ШЕКСПИРА

Настоящая статья посвящена исследованию сюжетного действия и категории времени в поэме «Шахнаме» Абулкасима Фирдоуси и драматических произведениях Уильяма Шекспира. В работе анализируются сравнительный анализ, особенностей формировании событий, структуры действия и способов художественного воплощения категории времени в произведениях двух выдающихся представителей мировой литературы. Автор показывает, что в «Шах-наме» категория времени выступает как историко-эпическая форма, тесно связанная с судьбой героев, национальной памятью и строится на противостоянии добра и зла. В драматургии Шекспира, например в трагедии «Король Лир» время преимущественно выполняет функцию драматического элемента, способствуя развитию сценического конфликта, раскрытию внутреннего мира персонажей и усилению динамики событий. Несмотря на жанровые и культурные различия Фирдоуси и Шекспир используют время как ключевой фактор формирования художественного смысла произведения.

Ключевые слова: художественное время, «Шахнаме», сюжетное действие, Фирдоуси, Шекспир, поэтика, поэма, драма, трагедия, сравнительный анализ.

THE DYNAMICS OF PLOT DEVELOPMENT AND THE CATEGORY OF TIME IN FERDOWSI'S SHAHNAMEH AND SHAKESPEARE'S PLAYS

This article examines plot development and the category of time in Abu al-Qasim Ferdowsi's epic poem "Shahnameh" and the dramatic works of William Shakespeare. The study provides a comparative analysis of the formation of events, the structure of action, and the artistic representation of the category of time in the works of these two outstanding figures of world literature. The author argues that in "Shahnameh" the category of time functions as a historical and epic framework closely connected with the destinies of the heroes, the collective national memory, and the enduring conflict between good and evil. In Shakespeare's drama, particularly in the tragedy King Lear, time primarily serves as a dramatic device, advancing the stage conflict, revealing the inner world of the characters, and intensifying the dynamics of the plot. Despite the differences in genre and cultural context, both Ferdowsi and Shakespeare employ time as a key factor in shaping the artistic meaning of their works.

Keywords: artistic time, Shahnameh, plot development, Ferdowsi, Shakespeare, poetics, epic poetry, drama, tragedy, comparative analysis.

Дар бораи муаллиф
Хуррамова Баҳора Қодировна
Номзади илмҳои санъатшиносӣ, дотсенти кафедраи санъатшиносӣ
Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов
140104, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ш. Самарқанд, хиёбони Университет, 15
E-mail: bahoraxuramzod@gmail.com

Об авторе
Хуррамова Бахора Кодировна
Кандидат искусствоведения, доцент кафедры искусствоведения
Самаркандский государственный университет имени Шарофа Рашидова
140104, Республика Узбекистан, г. Самарканд, Университетский бульвар, 15
E-mail: bahoraxuramzod@gmail.com

About the author
Khurramova Bahora Qodirovna
Candidate of Art History, Associate Professor at the Department of Art Studies
Samarkand State University named after Sharof Rashidov
140104, Republic of Uzbekistan, Samarkand, University Boulevard, 15
E-mail: bahoraxuramzod@gmail.com

ТДУ 821.222.1:398.11

НАЗАРЕ БА ВИЖАГИҲОИ ШЕЪРИ УСТОД МИРЗО ТУРСУНЗОДА

Ҳамроев Р. З.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Устод Мирзо Турсунзода дар таърихи адабиёти муосири тоҷик чун шоири тавоно ва улгӯи шоирони насли дуюм ва минбаъда шинохта шудааст. Низом Қосим мақоми устодро пеши назар оварда, таъкид менамояд, ки: “Бахусус, хидмати Турсунзода, ки бо гармии дидор симои халқи мо будааст, эҳтироми шоистаашро миёни аҳли ин сарзамин реша дар об медорад” [8, с. 97]. Ӯ замоне қадам ба майдони адабиёт ниҳод, ки шеъри тоҷик гирифтори шиорзадагӣ ва дарди умумигӯй шуда буд. Мирзо Турсунзода дар радифи Пайрав Сулаймонӣ, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Ҳабиб Юсуфӣ ва Муҳаммадҷон Раҳимӣ барин пешгомони адабиёти солҳои 30-юм 40-уми садаи ХХ рисолати пешгирифтаи устодон Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутиро дар боби навпардозӣ идома дода, дар ин ҷода комёбиҳои тоза касб кардааст ва гӯйи сабқат аз дигарон бурдааст. Шеъри ӯ бо сабку услуби баён ва ифодаҳои махсус аз шеъри ҳамсолонаш тафовут дорад. Аз ин ваҷҳ, таҳлилу баррасии ин паҳлуи шеъраш таваҷҷуҳи иддае аз муҳаққиқонро ба худ ҷалб кардааст. Адабиётшинос Юсуфи Акбарзода бар он назар аст, ки “Муҳимтарин хидмати устод Турсунзода на танҳо дар он аст, ки худаш яке аз сарварони равияи тозаи шеъри мо шуд, балки, қабл аз ҳама, дар он аст, ки сарвару пуштибон ва падари маънавии як зумра шоирони ҷавони хушзавқу навовар гардид ва ба онҳо имкон фароҳам овард, ки камбудиҳои ӯ ва ҳамсолонашро такрор накунанд, бо роҳҳои нави нопаймудаи эҷодӣ бираванд” [2, с. 20-21]. Мусаллам аст, ки Муъмин Қаноату Лоиқ Шералӣ, Қутбӣ Кирому Бозор Собир аз файзи суҳбатҳои устод Мирзо Турсунзода баҳраи комил бурдаанд ва дастуру тавсияҳои ӯро дар бобати эҷод чун эъломияи муҳим сармашқи кори эҷодии худ қарор додаанд. Ба ибораи дигар, устод Мирзо Турсунзода мактаби эҷодиеро таъсис дод, ки шоирони минбаъда аз он сабақҳои пурсамару муассири эҷодӣ гирифтаанд. Муҳаққиқи эронӣ Ҳасани Қарибӣ дар робита ба ҳамин мавзуъ дар пешгуфтори китоби “Чароғи сурхи танҳоӣ”-и Гулрухсор чунин қайд кардааст: “Суннатҳое, ки устод Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ поягузорӣ кардаанд, аз тарафи пайравони онҳо ва касоне чун Пайрав Сулаймонӣ ва Мирзо Турсунзода ва дигарон давом ёфт ва то имрӯз ҳамчунон ҷорӣ аст” [6, с. 4].

Ҷанбаҳои муҳимми шеъри устод Мирзо Турсунзода суннатгароӣ ва навпардозист, ки инъикоси ҳамин ду падида дар шеъри ӯ сароҳатан ба мушоҳида мерасад. Аввалаш ин ки устод ба анъанаҳои шеъри классикӣ содиқ мондааст, аммо садоқати ӯ дар пайравии холис маҳдуд намешавад. Шоир дар қолабҳои зиёди классикӣ шеър гуфтааст, аммо дар он қолабҳо дарди дили худ ва дарду ормонҳои замони худро бозтоб намудааст. Устод ба жанри классикии ғазал дилбастагии амиқ дошт ва бештар аз ҳама, ғазалиёти Бадриддин Ҳилолиро дӯст медошт. Ҳамин аст, ки таъсирпазирии ӯ дар раванди эҷоди шеърҳои ошиқона аз ғазалиёти Ҳилолӣ равшан ба мушоҳида мерасад. Мирзо Турсунзода дар вазни ғазали Ҳилолӣ “Агар чун хок помолам кунӣ, хоки дарат гардам” ғазали ошиқонаи зеринро сурудааст:

Даме ки дилбарам монанди гул хандида меояд,
Умеди тоза дар дил нури нав бар дида меояд...
Рақиби беадаб, зиштӣ макун бар рӯи ӯ дигар,
Ки аз ту нозанинам бо дили ранҷида меояд [12, с. 243].

Устод ғазали мавриди назари моро соли 1939 эҷод намудааст, ки дар он айём ҷавони 28-сола буд. Табиист, ки пайравии ӯ аз ғазали классикӣ чандон эҷодкорона набуд. Корбурди калимаҳои “рақиб” ва “рақибон”, ки дар адабиёти классикӣ хеле роиҷ буд, ғазали Турсунзодаро ба ғазалиёти классикон мушобеҳ кардааст. Аммо фарқи асосӣ дар он аст, ки ғазали Ҳилолӣ мавзуи ишқи ирфониро дар бар гирифта, ғазали Турсунзода фарогири ишқи заминист. Истифодаи ибораи “пироҳани абрешимин” низ ба ғазали устод Турсунзода тозагӣ эҳдо кардааст:

Танашро дода бо пироҳани абрешимин оро,
Гумон созӣ, ки гул дар барги гул печида меояд [12, с. 243].

Ғазалҳои дигари устод Турсунзода, аз қабили “Ман дар ҳаваси чеҳраи хандони ту бошам”, “Бе ту танҳоӣ кашидам, дарди ман боло гирифт” бо сабку услуби классикӣ эҷод шудаанд, аммо онҳо, тавре ки дар боло ишора шуд, ишқи реалии инсониро муҷассам

мекунанд. Яке аз ҳасаноти ғазалиёти ошиқонаи устод Турсунзода он аст, ки шоир дар онҳо радифҳои тоза ворид намуда, хушоҳангиву тароваташонро таъмин намудааст. Барои исботи фикр аз ду ғазали устод шоҳид овардани матлаъҳояшон кофист:

Гул миёни мову аммо бӯи гул ояд зи ту,
Рангу бӯи ин гули бишкуфта афзояд зи ту [12, с.270].
Майдабофӣ кард модар шуста тори кокулат,
Тахтапуштат парниёнпӯш аз қатори кокулат [12, с.271].

Дар ин ду ғазали зикршуда фазою ҳолу ҳавои тасвир нав буда, истифодаи вожаҳои “майдабофӣ” ва “кокул” ба онҳо тозагӣ ворид намудааст.

Аз мазмуну мундариҷаи баъзе ғазалиёти Мирзо Турсунзода бармеояд, ки ӯ аз равияи ғазалсароии Абулқосим Лоҳутӣ низ баҳравар шудааст. Тавре ки адабиётшинос Маҳмуд Давлатов қайд намудааст: “Муҳоҷирати шоири инқилобӣ ва устоди моҳири ғазал Абулқосим Лоҳутӣ ба мамлакати советӣ ва хусусан, омадани ӯ ба Тоҷикистон, дар ҳаёти адабии республика воқеаи муҳим буд. Чунон ки хислати барҷастаи Лоҳутист, ба тамоми ҳодисаю воқеаҳои давр ҳамовоз гардида ва дар ҳама гуна мавзуъ ғазал сурудааст [7, с.23]. Аз ҳамин сабаб, яке аз иқдомоти пешгирифтаи устод дар эҷоди ғазал он буд, ки мавзуи иҷтимоии замони худро огоҳона дар ин қолаби анъанавӣ ворид намуд ва руҳи замони худро дар он дамид. Зеро бузургтарин шоирони олам фарзандони замони худ будаанду ҳастанд ва бозгӯйи дарду ормонҳои замони зиндагиашон мавзуоти меҳварии осорашонро ташкил медиҳад. Юсуфи Акбарзода дар ин бора қайд менамояд, ки “Устод Турсунзода фарзанди замони худ буд ва ба ҳайси яке аз сиёсатмадорон ва идеологи замон рӯзгори хешро ташвиқу тарғиб мекард...” [2, с.15]. Шоҳид овардани порае аз ғазали зерин дар ин ҷо бамаврид аст:

Мамлакат аз ҳиммати меҳнакашон гул мекунад,
Сабзу хуррам гашта боғу бӯстон гул мекунад.
Лола мерӯяд ба дашту чӯлҳои босамар,
З-ин сабаб рухсораи колхозчиён гул мекунад...
Мерасад боди баҳори тоза аз оби канал,
Ҳар ниҳоли пахтаи мо қадкашон гул мекунад [12, с.97].

Фазои ин ғазали иҷтимоии устод Турсунзода наву тоза буда, он танҳо аз ҷиҳати шаклу намуд ба ғазалиёти классикон шабоҳат дорад. Радифи тозаи ғазал “гул мекунад” мазмуни онро кашон-кашон то охир мебарад ва маънии торафт обод шудани Ватанро зина ба зина таъкид менамояд. Забони он низ аз забони анъанавии жанри ғазал ба куллӣ фарқ мекунад. Калимаҳои “мамлакат”, “меҳнаткашон”, “чӯл”, “колхозчиён”, “пахта”, “канал” вожаҳоеанд, ки дар назми он солҳо, яъне солҳои 1930-1940 хеле мустаъмал буданд. Метавон гуфт, ки онҳо бо вуҷуди иқтибосӣ буданашон ба туфайли радифи зикршуда дар ғазали мавриди назар ҳазм шудаанд ва шинам афтодаанд. Омилҳои корбурди калимаҳои русию интернатсионалиро забоншинос Н.Шарофов дар он дидааст, ки “Дар мамлакати мо дар натиҷаи сиёсати оқилонаи миллии ленинӣ миллатҳои сотсиалистӣ торафт бештар ба якдигар наздик шуда, протсесси ба якдигар таъсиргузаронӣ ва забони якдигарро такмилдиҳӣ рӯз то рӯз афзуда истодааст” [14, с.9]. Дар ин ғазал калимаҳои “колхоз” ва “канал” русию интернатсионалӣ буда, калимаи “чӯл” туркист ва калимаҳои “мамлакат”, “меҳнат” арабӣ мебошанд. Калимаи “пахта” бошад, юнонист. Ҳамаи вожаҳои баррасишуда ба забони меъёрии назми он солҳо мувофиқанд. Тавре ки аз баррасии ғазал бармеояд, дар он ҳам раванди суннатгароӣ ва ҳам раванди навпардозӣ дар корбурди имконоти шакли зоҳирӣ ва забон ба назар мерасад.

Устод Мирзо Турсунзода ба жанри суннатии мухаммас ҳам баъзан таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Ӯ бо унвони “Дар сари тасвир” мухаммасе аз табъи худ эҷод намудааст, ки аз чор банд таркиб ёфтааст ва мазмуни ишқӣ дошта, дар тавсифи нафаре аз олимаҳои тоҷик суруда шудааст. Банди аввали ин мухаммас чунин аст:

Эй санам, акси туро бисёр зебо мекашам,
Нусхаи ҳуснат зи рӯи барги гулҳо мекашам,
Ранги рӯят дида, лаъл аз санги хоро мекашам,
Зеби дандонат садаф аз зери дарё мекашам,
Қомататро мисли сарви боғоро мекашам [12, с.245].

Тасвирҳои шоиронаи “аз рӯи барги гулҳо кашидани нусхаи ҳусни маъшуқа”, “чун зеби дандон кашидани садаф аз зери дарё”, “ҳангоми баромадани офтоб гурезон шудани деви шаб”, “рехтани сад чаман гул аз хандаи он нозанин” ин мухаммасро дилпазир намуда, мисраи “дар миёни олимон гардидаӣ болонишин” шахсияти қаҳрамони онро мушаххас кардааст. Ба ақидаи устод Гулназар: “...дар эҷодиёти Турсунзода метавон шеъру байту

мисраъҳои алоҳидаеро дарёфт кард, ки воқеан, ба камоли зебоӣ гуфта шудаанд. Бе шеъри Турсунзода тозакорони оянда–Аминҷон Шукӯҳӣ, Ғаффор Мирзо, Муъмин Қаноат, Қутбӣ Киром, Мастон Шералиро тасаввур кардан аз имкон берун аст” [5, с.22].

Дар адабиёти муосири форсӣ нахустин шоире, ки бо “Модарнома”-и худ шуҳрат ёфтааст, Эраҷ Мирзо мебошад. Устод Мирзо Турсунзода низ “Модарнома”-е эҷод намудааст, ки 11 шеъри ӯро фаро гирифтааст. Шеърҳои “Хайр, модари азиз”, “Дасти модар”, “Модарам”, “Дили модар” ба мавзуи тамҷиду гиромидошти модар ихтисос дошта, шеърҳои “Се нозанини Шарқ”, “Бигзор, зан бошад мудом”, “Дар ёди ҷавонӣ”, “Зан агар оташ намешуд”, “Зан, зан аст”, “Зан посбони оташ аст” ва “Чашми ман” ба мавзуи занону духтарон бахшида шудаанд. Ҳадаф аз ин таъкид он аст, ки устод Турсунзода мавзуи модар ва занро бо ҳам тавъам овардааст. Зеро зан низ модар аст, модари фарзандон ва духтарон модарони ояндаанд. Чунин иқдоми устод барои “Модарнома” эҷод намудани пасовандон роҳ кушод ва мавзуи гиромидошти модар ва зан ба қатори мавзуоти маъмули адабиёти муосири тоҷик шомил шуд. Лоиқ Шералӣ ин иқдоми устод Турсунзодаро дар эҷодиёти худ роҳандозӣ намуда, “Модарнома”-и худро эҷод кард, ки симои модари кӯҳистонии тоҷикро бо ҳамаи паҳлуҳо ва ҷанбаҳои миллиаш бозтоб намудааст.

Тавре ки аз мутолиа ва баррасии ашъораш бармеояд, шеъри устод Турсунзода содаву ҳамафаҳм аст, аммо одигиву маҳрумият аз санъатҳои бадеӣ дар он роҳ наёфтааст. С.Табаров содагии назми Мирзо Турсунзодаро на дар сустии поэтикаи ашъораш, балки дар хусусияти саҳли мумтанеъ доштани он арзёбӣ мекунад, ки шоир дар натиҷаи ҷустуҷӯ ва омӯзиши пайдарпай чунин равиши эҷодиро касб кардааст [13, с.68].

Мавзуъҳои сулҳ ва дӯстӣ дар меҳвари осори манзуми шоир қарор доранд ва бе ин ду мавзуъ осори манзуми ӯро ба сароҳат тасаввур кардан имкон надорад. Чунин шеърҳо дар силсилаҳои “Ба гузаштагону муосирони номвар”, “Қонуни бародарӣ” ва қисман дар силсилаи “Суруди ман” фароҳам омадаанд. Дар замони шуравӣ қабл аз мо дар адабиёти рус шоирон бештар ба чунин мавзуъҳо мутаваҷҷеҳ шудаанд. Таъсирпазирии Мирзо Турсунзода аз адабиёти муосири рус таваҷҷуҳи адабиётшиносонро ба худ ҷалб намудааст. Соҳиб Табаров дар ин бора чунин андеша дорад: “М.Турсунзода, пеш аз ҳама, бо назми “бомба ва тир”-и В.Маяковский, ки синаи душманони халқи меҳнаткашро сӯрох мекард, нағз шинос буд” [13, с.69]. Ҳамин аст, ки зарбу оҳанг, гирумони ифодаҳо ва баъзан шаклҳои шеърии Владимир Маяковский дар шеърҳои алоҳидаи Мирзо Турсунзода ба мушоҳида мерасад. Чунин вижагиро дар оғози шеъри “Суруди сулҳ”-и ӯ дида мебароем:

Менависам ман суруди сулҳро бо хуни дил,
Бо тапиданҳои беороми рӯзафзуни дил,
То яроқи тез гардида ба дасти дӯстон,
Ҷангҷӯёнро кунад шармандаи рӯи ҷаҳон;
Дӯстони сулҳро то бахшад он илҳоми нав,
Минбари нав, нутқи нав,
Аз фатҳи нав пайғоми нав [12, с.194].

Хуршеда Отахонова бар он назар аст, ки “...навпардозӣ дар шеър дар ҳамаи даврaҳо вуҷуд доштааст ва шоирони намоён ҳамеша ба тақозои ҳаёти иҷтимоӣ ва маънавӣ, барои ифодаи ҳаяҷону эҳсосоти худ шакли ҷомеътареро мекофтанд ва қолиби навтаре меёфтанд” [10, с.134]. Аммо ин ақидаи адабиёшиноси мазкур чандон қобили қабул нест. Зеро адабиёт, бавижа, адабиёти мо борҳо ба рукуд мувоҷеҳ шудааст. Тақлидкорӣ ва умумигӯӣ муддатҳои мадид дар он роҳ ёфтааст. Аммо марҳилаҳое ҳам будаанд, ки ба навпардозиҳои шоирон роҳ кушодаанд. Алалхусус, замони нав боиси тавлиди шеъри нав шудааст. Лекин ин таъкид маънои онро надорад, ки шеъри дар замони шуравӣ сурудаи ҳамаи шоирони тоҷик саропо нав буд. Ба анбӯҳи зиёди шеърҳое метавон дучор омад, ки онҳо аз ҷиҳати шаклу таркиб ва андешаҳо куҳнаву умумӣ ва гирифтори дарди шиорзадагӣ буданд. Аммо иддае аз шоирони навпардоз тавонистанд фазои наверо тибқи талабу дархости замони нав вориди шеър кунанд, ки Мирзо Турсунзода аз зумраи онҳост.

Ҳарчанд ки баррасии мавзуи “Ленинном” ва партияву коммунист аз нигоҳи имрӯз мубрам нест, аммо баъзе паҳлуҳои он чун ашъори таърихӣ дар таърихи адабиёт муҳим аст. Метавон таъкид намуд, ки навпардозиҳои Мирзо Турсунзода сараввал дар “Ленинном”-аш тазоҳур ёфтааст, ки он асосан аз 7 шеър иборат буда, инҳоянд: “Муҳаббати раҳбар”, “Ба В.И.Ленин”, “Сарчашмаи мардонагӣ”, “Ба партия”, “Шаби котиби райком”, “Вақт ва коммунист” ва “Роҳи мақбара”. Шеъри “Муҳаббати раҳбар”, ки соли 1937, дар замони авҷи шахспарастии сталинӣ (репрессия) эҷод шудааст, дар қолаби чаҳорпора буда, тарзи

қофияороияш ба чаҳорпораҳои шоирони рус шабеҳ аст. Зоҳиран оҳанги мутантан дорад. Ду банди аввалаш чунин аст:

Чу мавҷи баҳр омада
Ба ҷӯш ишқи ман чунон,
Ки пайкарам ба қаъри он
Зи хуррамӣ шуда ниҳон.
Чӣ ишқ?
Ишқи раҳбарам
Фитодааст бар сарам,
Чу мурғ дар ҳавои ӯ
Ба авҷҳо ҳамепарам [12, с.21].

Дар ин шеър, ки шомили даҳ банд аст, номи раҳбар наомадааст, аммо аз мазмуни ғоявии он дарк кардан мумкин аст, ки вай ба роҳбари ҳизби коммунистӣ эҳдо шудааст. Устод Турсунзода бо корбасти чунин қолабҳо тадриҷан навпардозиҳои худро дар шеъри солҳои сиюму чилуми асри гузашта идома додааст. Шеъри дуюми силсилаи мавриди назар “Ба В.И.Ленин” унвон дошта, соли 1940 эҷод шудааст. Зарурати баррасии ин шеър дар он аст, ки дар он ду шакли қофиябандӣ роҳ ёфтааст. Он аз 11 байт таркиб ёфтааст. Аҷибаш дар он аст, ки 7 байти аввалаш дар шакли ғазал ва 4 байти дигараш дар шакли маснавӣ қофиябандӣ шудааст. Албатта, чунин тарзи қофияороӣ дар назми он солҳо ҳодисаи нисбатан номаъмул буд ва навпардозӣ маҳсуб меёфт. Аз ин ваҷҳ, шоҳид овардани байти якуму ҳафтуми қисми ғазалгунаи ин шеърро лозим медонем:

Раҳ ёфтию дар шаби торик давидӣ,
Ҳангоми саҳар чун шафақи сурх дамидӣ...
...Авлоди башар чун ту фидокор надидаст,-
Ҷон додию ҷони ҳамаи халқ харидӣ [12, с.23].

Аз байти ҳаштум сар карда, то байти ёздаҳум қофиябандии шеъри мавриди баррасии мо дар шакли маснавӣ сурат гирифтааст, ки иқтибос овардани байти охирин кофист:

Меҳрат, ки бувад гармтар аз шуълаи хуршед,
Дар арсаи олам шудаӣ зиндаву ҷовид [12, с.23].

Мирзо Турсунзода эҷоди сурудҳои ошиқонаи замонавӣ ва нақароторо бештар аз Абулқосим Лоҳутӣ омӯхтааст, ки “Афсус, ки накардӣ имтиҳонам” аз ин гуна сурудҳост. Ҷолибияти ин суруд дар он аст, ки бандҳои асосиаш мухаммасгуна буда, тамоми мисраъҳо ба ҳамдигар ҳамқофияанд ва байтҳои восила онҳоро такмил ё шарҳу эзоҳ медиҳанд. Масалан:

Аз рӯзҳои аввал донӣ маро, азизам,
К-аз зиндагии осон мехостам гурезам,
Монанди раъду барқе бо абрҳо ситезам,
Чун буттаҳои сарсабз аз мағзи санг хезам,
Аз фарқи кӯҳсорон чун шаршара бирезам,
То ин ки дар диёри кӯҳӣ садо диҳам ман,
Аз хеш қатраҳоро ҳар сӯ ҳаво диҳам ман [12, с.265].

Пас аз банди сеюм ба ҷои байти восила ин чор мисраи кӯтоҳ омадаанд, ки вазифаи нақаротро ба дӯш доранд ва хеле шинаму зебоянд:

Ин он мароми ман буд,
Рабти низоми ман буд,
Хоби ҳароми ман буд,
Шӯру қиёми ман буд! [12, с.182].

Мирзо Турсунзода чанд муддат дар театри шаҳри Хуҷанд кор кардааст. Аз ҳамин ваҷҳ, таъсири он муҳит дар баъзе сурудҳояш ба назар мерасад. Ӯ барои кинофилми “Ман бо духтаре вохӯрдам” чанд суруд эҷод кардааст. Тозакориҳои зиёди шоир дар ин сурудҳо мавҷуданд. Агар ба вазъи адабиёти солҳои панҷоҳум назар кунем, тасвирҳои тару тоза ва баёни ҷолибу мушаххас дар он сурудҳо роҳ ёфтаанд. Аввалин суруд “Суруди Саид” ном дошта, банди аввал ва нақароташ чунин аст:

Дидам ҷамоле,
Абруҳилоле,
Дар зери чашмаш
Бинҳода холе.
Нақарот:

Ақлам рабуд
Холи сиёҳ,
Дил пора кард
Теғи нигоҳ [12, с.196].

Шоир ин сурудро барои оҳанги шӯх офаридааст. Аз ин ваҷҳ, мисраъҳо хеле кӯтоҳ буда, бандҳои асосии шеър панҷҳиҷоӣ ва нақарот чорҳиҷоӣ мебошад. “Суруди чойхоначӣ” ва сурудҳои дигар вобаста ба мазмуну мундариҷаи худ шакли дигар доранд. Масалан, бандҳои асосии “Суруди чойхоначӣ” аз 15 ҳиҷо, нақароташ аз 6 ҳиҷо таркиб ёфтааст.

Яке аз машҳуртарин сурудҳои устод Турсунзода “Ситораи ман” буда, дар он мавзуъҳои ишқию иҷтимоӣ ба ҳам омезиш ёфтаанд. Муаллиф дар шеър сараввал мавзуи ишқиро матраҳ мекунад (Гардани хобро шикастам ман, Дар вафо устувор ҳастам ман) ва баъдан ба тарҳрезии мавзуи меҳнат- пахтакорӣ мепардозад (Пахта дар интизори чидани туст). Тазвиҷи мавзуи ишқӣ ва иҷтимоӣ дар як шеър ҳодисаи муҳимми адабӣ маҳсуб меёфт, ки он аз таҷрибаҳои эҷодии Мирзо Турсунзода аст.

Шоирони дигар чунин масъалагузориҳо ва роҳу равиши эҷодии Мирзо Турсунзодаро омӯхта, ба гуфтани шеъри нави замони нав хӯ гирифтаанд. Тадриҷан чунин масъалагузориҳо дар ашъори бисёре аз шоирон ба ҳукми анъана даромад. Кӯшишҳо ва ҷустуҷӯҳои эҷодию навпардозиҳои устод Турсунзода дар силсилаи шеърҳои “Ошёни баланд”, “Суруди ман”, “Ҳалқаи заррин” “Бӯи замин” ва “Таронаи рӯду кӯҳ” бештар ба мушоҳида мерасанд. Устод дар шеъри “Шеъри ман” рисолати шоирии худ ва арзишу мақоми шеърашро чунин таъкид намудааст:

Шеъри ман!
Хуни ҷигар,
ё пораи дил гӯямат,
Ё шитоби корвон дар роҳи манзил гӯямат,
Ё хурӯҷи мавҷ дар домони соҳил гӯямат,
Роҳатат аз ҳад зиёду заҳматат з-он бештар,
Мухтасар, сар то ба по савдои мушкил гӯямат [12, с.183].

Устод нисбат ба худ ва эҷодиёти хеш хеле сахтгир буд. Ҳамин аст, ки пас аз вафоташ соли 1977 ашъореро аз хазинааш пайдо намудаанд, ки аз нуқтаи назари адабиётшиносӣ шеърҳои хуб ҳам буданд, аммо аз нашри онҳо шоир худдорӣ кардааст. Ин хислати ӯ дар шеъри “Гуфтугӯ бо худ” мунъакис шудааст:

Варна, гар шоирӣ, ҷунунат ку?
Дили ҳассосу гарм хунат ку? [12, с.182].

Матлаби шоир дар шеъри “Шоиро!” боз ҳам равшантар ифода ёфта, ӯ дар роҳи шеър сӯхтанҳои шоиронро сареҳ таъкид кардааст ва рисолати шеъру шоириро зимнан шарҳ додааст, ки ин шеър метавонад барномаи ҳар шоири воқеӣ бошад. Шоҳид овардани чанд байти шеър дар ин ҷо кофист:

Шоиро, аз сӯхтан дорӣ хабар,
Пас, макун аз оташи сӯзон ҳазар!
...Шеър ҳам бояд занад фавворае,
Аз танӯри дил чу оташпорае,
Сар занад аз дил, ба дил коре кунад,
Нармтар сангин дили ёре кунад... [12, с.171-172].

Бисёре аз абёти устод ба ҳукми зарбулмасал даромадаанд. Барои тақвияти фикр овардани ин байтҳо кофист:

Ошён гар мегузорӣ, дар баландиҳо гузор,
Дар баландиҳои кӯҳи сарбаланди мо гузор [12, с.180].
То тавонӣ, дӯстонро гум макун,
Дӯстони меҳрубонро гум макун...
Дӯст ояд, гарм дар оғӯш гир,
Расми хуби тоҷиконро гум макун [12, с.162].

Худойназар Асозода чеҳраи адабии устодро пеши назар оварда, чунин иброз доштааст: “Мирзо Турсунзода ба ҳайси як чеҳраи адабӣ каси одӣ набуд ва халлоқияти эҷодии ӯро чун рамзи миллати овозадори тоҷик мешинохтанд ва эҳтиромоте, ки нисбаташ дар дунёи бурунмарзӣ доштанд, дар айни замон маънии эътирофи миллати тоҷикро медод” [1, с.428]. Ба ин андешаҳои Асозода бояд ҳаминро афзуд, ки эҷоди силсилаи шеърҳои “Қиссаи Ҳиндустон” ба устод Турсунзода шуҳрати зиёд овард ва ӯ дар қатори бузургтарин шоирони

шуравӣ ва Шарқ мақом ёфта, ба туфайли ин асар соли 1948 сазовори Мукофоти давлатии СССР гардид.

Аз ин матолиб чунин хулоса бармеояд, ки устод Мирзо Турсунзода дар таърихи адабиёти муосири тоҷик мақоми вижаро касб кардааст. Забон ва муҳтавои шеъраш бо содагиву нафосат ва ҳусни баён аз ашъори шоирони дигар фарқ мекунад. Мавсуф дар асосу пояи сабки хуросонӣ шеърҳое сурудааст, ки метавон онҳоро чун саҳли мумтанеъ ба шумор оварда. Ӯ ҳам бо суннатгароӣ ва ҳам бо навпардозиҳои огоҳонаи худ на танҳо ба ғановати адабиёти муосири тоҷик мусоидат намуд, инчунин, барои шоирони пас аз худаш ба майдони адабиёт воридшуда роҳи васеъ кушод.

Адабиёт

1. *Асозода Худойназар. Таърихи адабиёти тоҷик (давраи нав). Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ.-Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014.-672 с.*
2. *Акбарзода Юсуф. Рисолати шоир ва шеър. Маҷмуаи мақолот.-Душанбе: Адиб, 2009.-376 с.*
3. *Асрорӣ Воҳид. Фолклор, халқият, нависанда.-Душанбе, 1982.-176 с.*
4. *Бобоев Юрий. Муқаддимаи адабиётшиносӣ.-Душанбе:Ирфон, 1974.-240 с.*
5. *Гулназар. Растохези сухан.-Хуҷанд: Нури маърифат, 2015.-300 с.*
6. *Гулрухсор. Чароғи сурхи танҳоӣ (маҷмуаи рубоӣ, дубайтӣ, байт).-Душанбе: Пажуҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикии Сафорати Ҷумҳурии исломии Эрон дар Тоҷикистон, 2017.-238 с.*
7. *Давлатов Маҳмуд. Ғазал ва анъанаи он дар эҷодиёти устод Абулқосим Лоҳутӣ.-Душанбе: Дониш, 1973.-192 с.*
8. *Қосим Низом. Меҳру сеҳри шеър.-Душанбе: Маориф, 2016.-336 с.*
9. *Мирзозода Холиқ. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ.-Душанбе: Маориф, 1992.-240 с.*
10. *Отахонова Хуршеда. Падидаҳои навҷӯӣ.-Душанбе: Ирфон, 1972.-176 с.*
11. *Самад Валӣ. Пайвандҳои адабӣ чун омили муҳимми инкишофи адабиёт.-Душанбе: Ирфон, 1976.-24 с.*
12. *Турсунзода Мирзо. Осори мунтахаб (иборат аз ду ҷилд). Ҷилди 1.-Душанбе: Ирфон, 1981.-320 с.*
13. *Табаров Соҳиб. Ҳаёт, адабиёт, реализм.-Душанбе: Ирфон, 1983.-208 с.*
14. *Шарофов Насриддин. Калимаҳои русию интернатсионалӣ дар забони адабии тоҷик.-Душанбе: Дониш, 1972.-170 с.*

НАЗАРЕ БА ВИЖАГИҲОИ ШЕЪРИ УСТОД МИРЗО ТУРСУНЗОДА

Мирзо Турсунзода дар таърихи адабиёти муосири тоҷик сараввал ба ҳайси шоири суннатгаро шинохта шуда, тадриҷан ҳамчун шоири навпардоз эътироф гардидааст. Ашъори дар айёми ҷавонӣ сурудаи ӯ дар пайравии классикон, асосан дар жанрҳои ғазалу мухаммас эҷод шудааст. Аммо дар он қолабҳои анъанавӣ низ кӯшишҳои навпардозии шоир ба мушоҳида мерасанд. Мирзо Турсунзода бо талаби давру замон ва дастурҳои ҳизби коммунист оҳиста-оҳиста бо таъсирпазирӣ аз шоирони маъруф даст ба навҷӯиву навпардозиҳо зада, дар ин ҷода муваффақ шудааст ва улгӯи шоирони минбаъда гардидааст, ки онҳо тариқи навпардозиро аз устод омӯхта ба қуллаҳои баландтар расидаанд. Навпардозиҳои устод бештар дар “Лениннома” ва лирикаи гражданиву сурудҳояш инъикос ёфтаанд. Аз таҳқиқи шеъри Турсунзода бармеояд, ки мавзуъҳои меҳварии ашъораш сулҳу дӯстӣ, ишқи поки инсонӣ ва васфи меҳнати бунёдкоронаи меҳнаткашон буда, онҳо намунаҳои беҳтарини назми солҳои 40-70-и асри бист маҳсуб меёбанд. Мирзо Турсунзода чун шоири пешқадам фарзанди замони худ буд. Аз ин рӯ, ашъораш бозтоби ҳамон замон аст. Аз ин ваҷҳ, қисме аз шеърҳояш чун моли таърих мавриди шинохт ва баррасӣ қарор гирифтаанд. Аз ҳамин нуқтаи назар таҳқиқ намудани ашъори Мирзо Турсунзода ба манфиати илми адабиётшиносии тоҷик аст.

Калидвожаҳо: Мирзо Турсунзода, суннатгароӣ ва навпардозӣ, пайравии эҷодкорона, анвои суннатӣ, ғазал, мухаммас, мавзуъҳои меҳварӣ, сулҳу дӯстӣ.

ВЗГЛЯД НА ОСОБЕННОСТИ ПОЭЗИИ МИРЗО ТУРСУН-ЗАДЕ

Мирзо Турсун-заде в истории современной таджикской литературы первоначально прославился как поэт-традиционалист, а со временем получил признание как новатор. Стихи, написанные им в юности, создавались в подражание классикам, главным образом в жанрах газели и мухаммаса. Однако даже в этих традиционных формах заметны поиски новаторства со стороны поэта. Отвечая требованиям эпохи и установкам коммунистической партии, под влиянием известных поэтов Мирзо Турсун-заде постепенно обратился к творческим поискам и новаторству, добился в этом успехов и стал примером для последующих поэтов, которые переняли у мастера новаторский подход и достигли еще больших высот. Новаторства мастера наиболее ярко отражены в «Лениннаме», гражданской лирике и песнях. Исследование поэзии Турсун-заде показывает, что главными темами его творчества являются мир и дружба, чистая человеческая любовь и восславление созидательного труда трудящихся, которые считаются лучшими образцами поэзии 40–

70-х годов XX века. Мирзо Турсун-заде, будучи передовым поэтом, являлся сыном своего времени. Поэтому его стихи служат отражением той эпохи. В связи с этим часть его стихотворений воспринимается и рассматривается как историческое достояние. С этой точки зрения исследование поэзии Мирзо Турсун-заде отвечает интересам таджикской литературоведческой науки.

Ключевые слова: Мирзо Турсун-заде, традиционализм и новаторство, творческое подражание, традиционные жанры, газель, мухаммас, основные темы, мир и дружба.

A PERSPECTIVE ON THE FEATURES OF MIRZO TURSUNZADEH'S POETRY

Mirzo Tursunzadeh initially gained recognition in the history of modern Tajik literature as a traditionalist poet and gradually came to be acknowledged as an innovator. The poems he wrote in his youth were composed in imitation of the classics, primarily in the genres of ghazal and mukhammas. However, even within these traditional frameworks, the poet's innovative endeavors are noticeable. Responding to the demands of the era and the directives of the Communist Party, and influenced by prominent poets, Mirzo Tursunzadeh gradually embarked on creative exploration and innovation, achieving success in this field and becoming a role model for subsequent poets who learned the art of innovation from the master and reached even greater heights. The master's innovations are most vividly reflected in "Leninname," civic lyric poetry, and his songs. An analysis of Tursunzadeh's poetry shows that its central themes are peace and friendship, pure human love, and the praise of the constructive labor of working people, which are considered the finest examples of poetry from the 1940s to the 1970s. As a progressive poet, Mirzo Tursunzadeh was a child of his time. Therefore, his poetry serves as a reflection of that era. Consequently, some of his poems have come to be recognized and examined as historical assets. From this perspective, studying Mirzo Tursunzadeh’s poetry is beneficial to the science of Tajik literary studies.

Keywords: Mirzo Tursunzadeh, traditionalism and innovation, creative imitation, traditional genres, ghazal, mukhammas, central themes, peace and friendship.

Дар бораи муаллиф
Ҳамроев Равшанқул Замонович
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷик
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: ravshan60@mail.ru

Об авторе
Хамроев Равшанкул Замонович
Кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: ravshan60@mail.ru

About the author
Hamroev Ravshanqul Zamonovich
Candidate of Philological Sciences, Associate Professor at the Department of Tajik Language and Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: ravshan60@mail.ru

ТДУ 821.222.8–1.09

ҶАНБАҲОИ ҒОЯВӢ, БАДЕӢ ВА УСЛУБИИ РУБОИЁТ ДАР АДАБИЁТИ ФОРСӢ-ТОҶИКӢ

Шарифзода Ё. Ш.
Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон

Рубоӣ дар тули таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ на танҳо як шакли зоҳирии назм, балки ифодаи тамоюли хосси тафаккури шарқӣ ба фишурдабаёнӣ, рамзпардозӣ ва маънноофаринии амиқ ба шумор меравад. Дар ин қолаби кӯтоҳ, ки ҳамагӣ аз чаҳор мисраъ иборат аст, инсон кӯшиш менамояд ҷавҳари андешаи худро баён созад, ки онро метавон як навъ мактаби фикр донист [17, с. 45]. Ин ҷиҳат рубоиро ба як навъ мактаби фикр табдил додааст, ки дар он ҳар сухан дорои арзиш ва вазни маънавист.

Адабиёти форсӣ тоҷикӣ дар тули асрҳо ҳамчун яке аз сарчашмаҳои асосии ташаккули андешаи бадеӣ ва фарҳанги маънавии халқҳои минтақа хизмат намудааст. Дар ин низоми густурдаи жанрӣ рубоӣ мавқеи вижа дорад, зеро маҳз дар қолаби кӯтоҳи он андешаҳои амиқи фалсафӣ, ҷаҳонбинии инсон, дарки ҳастӣ ва муносибати шахс ба замону макон бо шакли ниҳоят фишурда, вале пурмазмун таҷассум меёбанд. Рубоӣ аз ҷиҳати ҳаҷм кӯтоҳ аст, аммо аз лиҳози маъно ва борбардории ғоявӣ метавонад бо асарҳои калонҳаҷм баробар арзёбӣ гардад.

Таҳқиқи рубоӣ танҳо омӯзиши як шакли шеърӣ нест, балки баррасии як низоми тафаккур аст. Дар он шинохти инсон аз худ, аз ҷаҳон ва аз воқеияти иҷтимоӣ таҷассум меёбад. Маҳз ҳамин хусусияти фалсафӣ ва универсалии жанр боис шудааст, ки рубоӣ дар тамоми даврaҳои таърихӣ мавқеи худро нигоҳ дорад ва ҳамчун воситаи муассири баёни андеша хизмат намояд.

Дар замони муосир, ки масъалаи ҳифзи мероси адабӣ ва худшиносии миллӣ аҳаммияти хос пайдо кардааст, омӯзиши рубоӣ на танҳо як масъалаи таърихӣ – адабӣ, балки як масъалаи фарҳангшиносӣ ва маънавӣ низ ба ҳисоб меравад. Зеро рубоӣ дар худ на танҳо зебоии сухан, балки ҷаҳонбинии миллат, муносибати ӯ ба ҳаёт, марг, ишқ, адолат ва ҳастиро таҷассум мекунад.

Рубоӣ бо сохтори махсуси вазнӣ ва қофиявии худ имконият фароҳам меорад, ки андеша дар шакли ниҳоят фишурда ифода ёбад. Ин фишурдагӣ талаб мекунад, ки ҳар калима дорои бор ва вазифаи мушаххас бошад. Аз ин рӯ, дар рубоӣ интихоби вожа, таркиби ҷумла, истифодаи рамз ва киноя, инчунин ҳамоҳангии шакл ва мазмун аҳаммияти махсус касб менамояд.

Агар ба сохтори ботинии рубоӣ таваҷҷуҳ намоем, мебинем, ки он аксаран бар пояи зиддият, муқоиса, савол ва ҷавоби фалсафӣ ё хулосаи ногаҳонӣ бунёд меёбад. Се мисраи аввал заминаи маънавӣ ва мантиқии андешаро фароҳам месозанд ва мисраи чаҳорум ҳамчун натиҷаи ғоявӣ ё кашфи фикрӣ зуҳур мекунад. Маҳз ҳамин хусусияти драматизми ботинӣ рубоиро аз дигар жанрҳои лирикӣ фарқ мекунад.

Мақсади асосии мақола таҳқиқи ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои ғоявӣ, бадеӣ ва услубии жанри рубоӣ дар адабиёти форсӣ – тоҷикӣ мебошад. Дар ин замина муайян намудани хусусиятҳои сохторӣ ва поэтикии рубоӣ, инчунин ошкор сохтани механизми маъносозӣ ва рамзпардорзии он дар маркази таваҷҷуҳ қарор дорад Ҳамчунин мақсад ва таҳқиқ равшан намудани ҷойгоҳ ва аҳаммияти рубоӣ ҳамчун шакли мутамаркази баёни андешаи фалсафӣ ва эстетикӣ мебошад.

Мавзуъи таҳқиқи жанри рубоӣ дар адабиёти форсӣ- тоҷикӣ аз ҷумлаи масъалаҳои нисбатан хуб омӯхташуда дар адабиётшиносии классикӣ ва муосир ба ҳисоб меравад. Осори назариявӣ ва таҳқиқоти муҳаққиқони маъруф, аз ҷумла Умари Хайём(ҳамчун намояндаи барҷастас жанр), инчунин андешаҳои адабиётшиносони шарқиву ғарбӣ, ба омӯзиши хусусиятҳои мазмунӣ ва шаклии рубоӣ заминаи устувор фароҳам ованд [17, с. 45; 19, с. 78].

Дар адабиётшиносии тоҷик низ масъалаҳои поэтика, сохтор ва мазмуни рубоӣ дар доираи таҳқиқоти умумӣ ва махсус мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, аммо аксаран ин таҳқиқот ба ҷанбаҳои ҷудогонаи жанр равона шудаанд.

Бо вуҷуди ин, таҳқиқи маҷмуии ҷанбаҳои ғоявӣ, бадеӣ ва услубии рубоӣ ҳамчун як низоми ягонаи поэтикӣ ҳанӯз ҳам ниёз ба омӯзиши амиқтар дорад [9, с. 66; 7, с. 90]. Хусусан масъалаҳои драматургияи дохилии рубоӣ, механизми консентратсияи маъно ва таснифи мукаммали мавзуии он дар адабиётшиносии муосир то ҳол пурра таҳқиқ нашудаанд.

Таҳқиқи муосири рубоӣ бояд на танҳо ба тасвири таърихии он маҳдуд гардад, балки ба таҳлили сохторӣ, семантикӣ ва услубшиносӣ такя намояд. Танҳо дар ин сурат метавон моҳияти жанр ва нерӯи таъсиргузории онро ба шуури ҷамъиятӣ равшан сохт.

Дар шароити таҳаввули иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа рубоӣ ҳамеша ба масъалаҳои ҳастишиносӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва ишқӣ рӯй овардааст. Мавзуъҳои ҳаёт ва марг, адолат ва ноадаолатӣ, қудрати замон, арзиши инсон ва маънои ҳастӣ аз масъалаҳои меҳварии рубоиёт мебошанд. Ин мавзуъҳо на танҳо дар доираи замони муайян, балки дар тамоми марҳилаҳои таърихӣ аҳаммияти худро нигоҳ доштаанд, зеро онҳо ба саволҳои абадии инсон иртибот доранд.

Дар заминаи омӯзиши илмии рубоӣ зарур аст, ки ба масъалаҳои зерин диққати махсус дода шавад: муносибати шакл ва мазмун, нақши вазн ва қофия дар таҳкими маъно, рамз ва ишораҳои маънавӣ, инчунин таъсири муҳити иҷтимоӣ ба ташаккули андеша. Ин раванд имкон медиҳад, ки рубоӣ ҳамчун падидаи мукаммали адабӣ ва фарҳангӣ арзёбӣ гардад.

Ҳамин тариқ, муқаддимаи мазкур заминаи назариявӣ ва ғоявии таҳқиқро муайян намуда, зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи рубоиётро дар шароити муосир асоснок месозад. Дар бахшҳои минбаъда масъалаҳои назариявӣ, таърихӣ ва таҳлилӣ бо такя ба сарчашмаҳои илмӣ ва намунаҳои мушаххаси рубоиёт баррасӣ хоҳанд шуд.

Жанри рубоӣ дар низоми назми форсӣ тоҷикӣ яке аз шаклҳои мустақил ва устувори баёни лирикӣ ба шумор меравад. Ин жанр бо вуҷуди кӯтоҳии ҳаҷм дорои имкониятҳои фарохи маънавӣ ва фалсафист. Маҳз фишурдабаёнӣ ва тамаркузи ғоявӣ рубоиро ба як навъи махсуси тафаккури бадеӣ табдил додааст. Ба андешаи муҳаққиқон, рубоӣ на танҳо як қолаби шеърӣ, балки шакли ифодаи ҷаҳонбинӣ ва муносибати инсон ба ҳастӣ мебошад [1, с. 41; 20, с. 102]. Пайдоиши рубоӣ ба анъанаҳои назми шифоҳӣ ва рушди аруз вобаста аст [2, с. 31; 11, с. 210].

Таҳқиқи назариявии рубоӣ нишон медиҳад, ки он дар заминаи таҷрибаи ғании назми классикӣ ташаккул ёфта, тадриҷан ба як низоми мустақили жанрӣ табдил гардидааст. Дар ин раванд ҳам омилҳои дохилии рушди аруз ва ҳам анъанаҳои назми мардумӣ нақш доштаанд [2, с. 31].

Таҳқиқи назариявии рубоӣ пеш аз ҳама ба баррасии се масъала такя мекунад:

1. Пайдоиш ва заминаҳои таърихии жанр;
2. Сохтори вазнӣ ва қофиявӣ;
3. Хусусиятҳои маънавӣ ва фалсафии он.

Масъалаи пайдоиши рубоӣ дар илмҳои адабиётшиносӣ баҳсбарангез боқӣ мондааст. Бархе муҳаққиқон бар он назаранд, ки рубоӣ аз анъанаҳои назми шифоҳии мардумӣ сарчашма гирифтааст [2, с. 27]. Гурӯҳи дигар онро натиҷаи таҳаввули дохилии аруз ва таҷрибаи эҷодии шоирони асрҳои X – XI медонанд [3, с. 58]. Таҳаввули таърихии рубоӣ нишон медиҳад, ки жанр аз заминаҳои шифоҳӣ ба низоми хаттӣ гузаштааст [11, с. 210; 14, с. 88].

Дар марҳилаҳои аввали ташаккул рубоӣ бештар хусусияти ахлоқӣ ва пандомӯзӣ дошт. Бо мурури замон, бахусус дар давраи рушди адабиёти классикӣ, он ба василаи ифодаи андешаҳои амиқи фалсафӣ табдил ёфт. Дар осори Умари Хайём рубоӣ ба авҷи камол расид. Ӯ ин жанрро ба сатҳи баланди тафаккури ҳастишиносӣ бардошт ва масъалаҳои марбут ба замон, тақдир, озодии инсон ва арзиши лаҳзаро дар қолаби ниҳоят фишурда ифода намуд[12, с. 34].

Инкишофи рубоӣ дар адабиёти минбаъдаи форсӣ – тоҷикӣ низ идома ёфт. Дар осори шоирони асрҳои миёна ва даврaҳои баъдӣ он ҳамчун шакли муносиб барои баёни хулосаҳои ҳакимона ва андешаҳои иҷтимоӣ хизмат кард [4, с. 73; 12, с. 34].

Дар осори Умари Хайём рубоӣ ба авҷи фалсафӣ расидааст. Ӯ масъалаҳои ҳастишиносӣ, замон ва тақдирро ба шакли мухтасар баён намудааст [16, с. 34; 4, с. 73]. Масалан:

Аз дӣ, ки гузашт, ҳеҷ аз ӯ ёд макун,
Фардо, ки наёмадааст, фарёд макун.
Бар н-омадаву гузашта бунёд макун,
Ҳолӣ хуш бошу умр бар бод макун[12, с. 45].

Дар ин рубоӣ масъалаи гузарои замон ва арзиши лаҳза ба миён гузошта шудааст. Се мисраи аввал бо сохтори амрӣ (макун) тарзи пандомез доранд. Мисраи чаҳорум – “Ҳолӣ хуш бош.....” – хулосаи фалсафии андеша мебошад. Ин ҷо таносуби шакл ва мазмун ба таври комил зоҳир мегардад: такрори “макун” ритми ҳушдордиҳанда эҷод мекунад ва андешаи фалсафиро тақвият мебахшад [5, с. 88]. Муҳаққиқон таъкид менамоянд, ки рубоӣ шакли мухтасари фалсафаи шеърӣ мебошад [0, с. 118].

Яке аз хусусиятҳои муҳимми рубоӣ истифодаи рамз мебошад. Масалан:

Ин кӯза чу ман ошиқи зоре будаст,
Дар банди сари зулфи нигоре будаст.
Ин даста, ки бар гардани ӯ мебинӣ,
Дастест, ки бар гардани ёре будаст [12, с. 78].

“Кӯза” дар ин ҷо рамзи инсон аст [8, с. 134; 7, с. 90]. Маводди хокӣ будани кӯза ишора ба фанопазирии инсон дорад. Ташбеҳи “даста” ба “даст” ва табдили маъно аз ашё ба инсон рамзпардозии амиқро нишон медиҳад. Ин услуб рубоиро ба як шакли бисёрқабатаи маъно табдил медиҳад [8, с. 134; 9, с. 66]. Дар таҳқиқоти илмӣ низ таъкид шудааст, ки рамзпардозӣ асоси бисёрқабатии маъно дар рубоӣ мебошад [7, с. 90].

Дар адабиёти тоҷик низ рубоӣ мавқеи муҳим дорад. Намояндагони классикӣ онро барои баёни андешаҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ истифода бурдаанд. Масалан, дар осори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ унсурҳои фишурдабаёнӣ ва хулосабарорӣ дида мешавад:

Ҳар кӣ н – омӯхт аз гузашти рӯзгор,
Ҳеҷ н – омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор [8, с. 45].

Гарчанде ин намуна рубоӣ нест, аммо хусусияти хулосавии андеша дар шакли кӯтоҳ заминаи рушди рубоиро нишон медиҳад [7, с. 25].

Сохтори рубоӣ аксаран бар пояи зиддият бунёд мешавад. Масалан:

Чун абри баҳор бар сари сабза гирист,
Бе бода гули рангиранг натвони зист.
Ин сабза, ки имрӯз тамошогаҳи мост,
То сабзаи хоки мо тамошогаҳи кист? [12, с. 92]

Дар ин ҷо гузарои ҳаёт тавассути рамзи “сабза” ва “хок” ифода ёфтааст. Се мисраи аввал заминаи тасвирӣ эҷод мекунанд, вале мисраи чаҳорум саволт фалсафӣ матраҳ мекунад. Ин гузариш аз тасвир ба андеша драматизми ботиниро ба вуҷуд меорад [15, с. 101].

Дар рубоӣ ҳеҷ вожа тасодуфӣ нест. Ҳар калима борбардори маъно мебошад. Ба гуфтаи муҳаққиқон, “рубоиёт намунаи олии иқтисоди сухан аст” [16, с. 63]. Ин хусусият талаб мекунад, ки шоир дар интихоби вожаҳо дақиқ бошад ва аз такрори зиёдатӣ парҳез намояд.

Муҳаққиқон таъкид менамоянд, ки дар рубоӣ вазн танҳо унсури шаклӣ нест, балки омили ташаккули маъно мебошад. Ҳамоҳангии оҳанг ва мазмун таъсири эстетикиро афзун мекунад ва андешаро пурқувват месозад [13, с. 94].

Яке аз масъалаҳои меҳварии назарияи рубоӣ муносибати шакл ва мазмун аст. Кӯтоҳии ҳаҷм талаб мекунад, ки мазмун ба таври фишурда ва мутамарказ ифода ёбад. Ин ҳолат боиси пайдоиши хусусияте мегардад, ки онро метавон «иқтисоди бадеӣ» номид. Дар чунин шароит ҳар вожа дорои вазифаи мушаххас аст ва ҳеҷ унсури зиёдатӣ роҳ намеёбад [15, с. 51].

Рубоӣ бештар ба масъалаҳои ҳастишиносӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоӣ рӯй меорад. Мавзуъҳои гузаро будани ҳаёт, муносибати инсон ба замон, адолат ва маънои ҳастӣ дар маркази таваҷҷуҳи шоирон қарор доранд. Ба гуфтаи муҳаққиқон, рубоӣ шакли мухтасари фалсафаи шеърӣ мебошад [16, с. 118].

Дар ин жанр андеша бо тасвир ва рамз ҳамоҳанг мегардад. Рамзпардозӣ яке аз вижагиҳои асосии рубоӣ аст, зеро кӯтоҳии ҳаҷм истифодаи ишора ва маъноҳои пинҳониро тақозо мекунад. Ин хусусият ба жанр амиқӣ ва бисёрқабатӣ мебахшад.

Дар муқоиса бо ғазал, қасида ва маснавӣ, рубоӣ бо тамаркузи хосси худ фарқ мекунад. Агар ғазал бештар ба ифодаи эҳсосот ва ҳолати рӯҳӣ равона бошад, рубоӣ ба хулосабарорӣ ва фикри мутамарказ тамоюл дорад [18, с. 62]. Маҳз ҳамин хусусият онро ба жанри андешамеҳвар табдил медиҳад.

Баррасии назариявии жанри рубоӣ нишон медиҳад, ки он дорои:

- *сохтори устувори вазнӣ ва қофиявӣ;*
- *низоми махсуси хулосабарорӣ;*
- *тамаркузи баланди маънавӣ;*
- *рамзпардозӣ ва бисёрқабатии маъно;*

- иқтисоди бадеӣ ва фишурдабаёнӣ мебошад.

Рубоӣ ҳамчун шакли тафаккури фалсафӣ дар адабиёти форсӣ – тоҷикӣ ҷойгоҳи устувор дошта, дар осори шоирон ба сатҳи баланди камол расидааст.

Ҳамин тариқ, рубоӣ ҳамчун жанри мустақили назми форсӣ – тоҷикӣ дорои заминаҳои мустаҳками назарияӣ, сохтори мушаххаси вазнӣ ва имкониятҳои фарохи фалсафӣ мебошад. Таҳаввули таърихии он гувоҳи он аст, ки ин жанр дар тамоми марҳилаҳои рушди адабиёт мавқеи устувор доштааст.

Ташаккули рубоӣ на танҳо як падидаи шаклии адабӣ, балки натиҷаи таҳаввули ҷаҳонбинии инсон дар муҳити иҷтимоӣ ва фарҳангии асрҳои IX – XI мебошад. Дар ин марҳила адабиёти форсӣ – тоҷикӣ аз марҳилаи ташаккули ибтидоӣ ба низоми муназзами жанрӣ мегузарад. Шаклҳои кӯтоҳи назм, ки қаблан бештар хусусияти шифоҳӣ доштанд, тадриҷан ба қолаби хаттӣ ва устувори жанрӣ табдил меёбанд [1, с. 42].

Рубоӣ дар ҳамин раванд ҳамчун шакли мутаносиби баёни андеша зуҳур мекунад. Муҳити шаҳрӣ, рушди илму фалсафа ва густариши баҳсҳои ақлгароёна заминаи маънавии ташаккули жанро фароҳам оварданд. Ба таъкиди муҳаққиқон, фишурдабаёнӣ ва хулосабарорӣ ба тафаккури зеҳни ин давра мувофиқ буд [2, с. 58].

Дар осори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ унсурҳои жанрии рубоӣ ҳанӯз ба шаклии классикии худ нарасидаанд, аммо тамоюл ба баёни фишурда ва ҳикматомез мушоҳида мешавад. Гарчанде рубоии мукаммал дар девонибоқимонда кам аст, хусусияти хулосабарорӣ дар шеърҳои кӯтоҳ дида мешавад [3, с. 23]. Ин даврараро метавон марҳилаи заминасозӣ номид, ки дар он пояҳои фикрӣ ва услубии жанр ташаккул меёбанд.

Асрҳои XI – XII давраи шукуфоии рубоӣ ба ҳисоб мераванд. Дар ин марҳила жанр аз ҷиҳати вазн, қофия ва сохтори маънавӣ устувор мегардад. Дар асрҳои баъдӣ рубоӣ бештар хусусияти ирфонӣ касб мекунад. Дар ин давра масъалаҳои худшиносӣ, фано ва бақо, ишқи илоҳӣ ва маърифати ботинӣ дар маркази таваҷҷуҳ қарор мегиранд [8, с. 61]. Дар рубоиҳои ирфонӣ масъалаҳои худшиносӣ ва камоли рӯҳонӣ матраҳ мегарданд. Ин раванд махсусан дар осори Румӣ диди мешавад [17, с.120]. Таҳқиқоти муҳаққиқони ғарбӣ низ ирфониятро яке аз хусусиятҳои асосии адабиёти шарқ медонанд [19, с. 78; 20, с.102].

Масалан:

Дар ҳар нафасе ду бор мемираму зист,
Бо ҳар қадамам ҳазор роҳам ба шикаст.
Гар марг бувад расидан аз худ ба Худо,
Пас зиндагиям ҳазор марг асту нишаст [10, с. 56].

Ин рубоӣ бар пояи мафҳумҳои ирфонӣ бунёд шудааст. Истифодаи “марг” ҳамчун рамзи гузариш ба маърифати олӣ аз хусусиятҳои маъмули рубоии ирфонӣ мебошад. Мисраи чаҳорум натиҷаи мантиқии андеша аст.

Дар марҳилаҳои минбаъда рубоӣ хусусияти иҷтимоӣ ва пандомезеро нигоҳ дошт. Он ҳамчун шакли муносиб барои баёни андешаҳои танқидӣ ва ахлоқӣ истифода гардид. Ба гуфтаи муҳаққиқон, рубоӣ дар тамоми давраҳо қобилияти мутобиқшавӣ ба шароити иҷтимоиро нишон додааст [13, с. 95].

Таҳаввули таърихии рубоӣ нишон медиҳад, ки:

1. *Жанр аз заминаҳои шифоҳӣ ба низоми хаттӣ гузашт.*
2. *Аз шакли ахлоқӣ ба сатҳи фалсафӣ ва ирфонӣ расид.*
3. *Сохтори вазнӣ ва қофиявии худро нигоҳ дошт.*
4. *Хусусияти хулосабарорӣ ва драматизми ботиниро ҳифз намуд.*

Ин устуворӣ ва ҳамзамон мутобиқшавӣ далели қобилияти баланди жанр дар низоми адабиёти форсӣ тоҷикӣ мебошад.

Рубоӣ жанрест, ки бар пояи фишурдабаёнӣ ва сохтори мантиқии зинавӣ устувор аст. Одатан се мисраи аввал заминаи фикриро фароҳам меоранд ва мисраи чаҳорум ҳамчун нуқтаи кулминатсионӣ баромад мекунад. Ин хусусият дар назарияи адабиёт ҳамчун “сохтори драматургии микрожанр” тавсиф мешавад [1, с. 64].

Дар рубоии зерин:

Дар коргаҳи кӯзагарӣ рафтам дӯш,
Дидам ду ҳазор кӯза гӯёву хамӯш.
Ногоҳ яке кӯза баровард хурӯш:
Ку кӯзафарину кӯзахару кӯзафурӯш? [12, с. 67].

Се мисраи аввал фазои рамзиро месозанд. Мисраи чаҳорум саволи фалсафӣ матраҳ

мекунад, ки тамоми сохторро ба сатҳи ҳастишиносӣ мебарад. Ин усул – гузариш аз тасвир ба таамули фалсафӣ – яке аз пояҳои асосии рубоӣ маҳсуб мешавад [2, с. 91].

Муҳаққиқон бар онанд, ки рубоӣ аз лиҳози композитсионӣ “жанри нуқтагӯ” аст, зеро нуқтаи асосӣ дар мисраи охир мутамарказ мешавад [3, с. 118].

Рубоӣ бинобар кӯтоҳии ҳаҷм маҷбур аст мафҳумҳои мураккабро таввасути рамз ифода намояд. Рамз дар рубоӣ на танҳо ороиш, балки механизми асосии маъносозист.

Дар осори Умари Хайём рамзҳои “май”, “соқӣ”, “кӯза”, “гул” ва “наврӯз” басо фаровонанд. Масалан:

Ин қофилаи умр аҷаб мегузарад,
Дарёб даме, ки бо тараб мегузарад.
Соқӣ, ғами фардои ҳарифон чӣ хурӣ?
Пеш ор қадаҳ, ки шаб ба шаб мегузарад [16, с. 120].

Дар ин ҷо “қофила” рамзи ҳаракати замон аст, “қадаҳ” рамзи лаззати лаҳза, ва “соқӣ” неруи тақдир ё замонро ифода мекунад. Таҳлили семантикӣ нишон медиҳад, ки рубоӣ дорои ду сатҳи маъност: зоҳирӣ (даъват ба шодӣ) ва ботинӣ (огоҳӣ аз гузарои ҳастӣ) [4, с. 77].

Яке аз усулҳои асосии рубоӣ истифодаи зиддият мебошад. Зиддият ба матн шиддати фикрӣ ва драматизми ботинӣ мебахшад.

Моем, ки асли шодию кони ғамем,
Сармояи додему нафиъе набурем.
Чун бода ба даст орем, масти накунем,
Чун маст шавем, бода зи даст афканем [12, с. 134].

Дар ин рубоӣ ду ҷуфти зиддият – “шодӣ / ғам” ва “бода / мастӣ” – сохтори маънавиро ташкил медиҳанд. Ин тарзи баён ҳолати парадоксалии инсонро инъикос мекунад. Парадокс дар рубоӣ воситаи ифодаи ноустувории ҳастист [5, с. 103].

Саволи риторикӣ дар рубоӣ нақши марказӣ дорад. Он на барои гирифтани ҷавоб, балки барои бедор кардани тафаккури хонанда истифода мешавад.

Дар рубоии “коргаҳи кӯзагарӣ” саволи охирин (“Ку кӯзафарин.....?”) хонандаро ба андешаи амиқ мебарад. Ин тарзи баён дар адабиёти классикӣ ба таври густурда истифода шудааст ва махсусан дар осори Ҷалолуддини Румӣ низ мушоҳида мегардад [6, с. 58].

Саволи риторикӣ дар рубоӣ одатан дорои хусусияти ҳастишиносӣ мебошад ва масъалаҳои офариниш, сарнавишт ва маргро матраҳ мекунад.

Рубоӣ жанри максималии ихтисор аст. Ҳар калима дорои борбардории маъно мебошад. Муҳаққиқон ин хусусиятро “консентратсияи семантикӣ” меноманд [13, с. 49].

Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,
Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ.
Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фидодае бигирӣ, мардӣ [8, с. 145].

Такрори “мардӣ” на танҳо таъкид, балки сохтори маънавии рубоиро месозад. Ин ҷо ахлоқи иҷтимоӣ тавассути такрор ба шакли шиор табдил меёбад.

Илова бар вазни аруз, рубоӣ дорои мусиқияти дохилӣ мебошад. Такрори ҳамсадоҳо (аллитератсия) ва ҳамсадоии овозҳо (ассонанс) фазои эстетикиро пурқувват месозанд.

Масалан, такрори овози “к” ва “қ” дар рубоии “кӯза” шиддати фикриро меафзояд. Такрори “ш” ва “с” дар рубоиҳои лирикӣ фазои нарм эҷод мекунад. Ин унсурҳо рубоиро ба жанри дорои энергияи дохилӣ табдил медиҳанд [15, с. 112].

Мафҳуми замон дар рубоӣ нақши меҳварӣ дорад. Замон ҳамчун неруи гузаро ва тағйирнопазир тасвир мешавад. Ин андеша махсусан дар рубоиёти Умари Хайём ба авҷи худ мерасад.

Замон дар рубоӣ се шакл дорад:

1. *Замони гузашта (пушаймонӣ)*
2. *Замони оянда (номуайянӣ)*
3. *Замони ҳозира (лаҳзаи шодӣ)*

Ин тақсимот нишон медиҳад, ки рубоӣ бештар ба фалсафаи “дарёфти лаҳза” такя мекунад [16, с. 134]. Масъалаи мазкур дар таҳқиқоти муосир низ баррасӣ шудааст [14, с. 20].

Таҳлили мукаммали бадеӣ ва семантикӣ нишон медиҳад, ки рубоӣ:

- Дорои сохтори композитсионии зиравӣ ва драматизми ботинӣ мебошад;
- Рамзпардозӣ ва парадокс воситаи асосии маъносозӣ ҳастанд;
- Саволи риторикӣ ва зиддият шиддати фикриро меафзоянд;

- Иқтисоди бадеӣ жанрро ба шакли мутамаркази тафаккур табдил медиҳанд;
- Мусиқияти дохилӣ ва сохтори овозӣ таъсири эстетикиро пурқувват месозанд;
- Фалсафаи замон ва лаҳза меҳвари андешаи рубоӣ мебошад.

Гурӯҳбандии рубоиёт бар пояи се меъёри асосӣ сурат мегирад:

1. Меъёри мавзуӣ (тематика) – масъалаҳои фалсафӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ, ирфонӣ ва ишқӣ.
2. Меъёри ғоявӣ муносибати шоир ба замон, инсон ва ҳастӣ.
3. Меъёри услубӣ дараҷаи рамзпардозӣ, истифодаи парадокс, саволи риторикӣ ва кулминатсияи маъно.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки рубоӣ, новобаста аз кӯтоҳии ҳаҷм, дорои имконияти фарогири маъносозист [1, с. 72]. Ҳамин фишурдабаёнӣ имкон медиҳад, ки дар чор мисраъ як низоми мукаммали фикрӣ ҷой гирад.

Рубоиёти фалсафӣ: замон, сарнавишт ва ҳастӣ – ин гурӯҳ меҳвари асосии жанрро ташкил медиҳад. Дар ин навъ рубоӣ масъалаи гузарои ҳаёт, номуайянии сарнавишт ва маънии ҳастӣ баррасӣ мешавад.

Дар марҳилаҳои баъдӣ рубоӣ хусусияти иҷтимоӣ ва ахлоқиро низ касб кардааст [13, с. 95; 14, с. 88]. Рубоиёти иҷтимоӣ, танқиди нобаробарӣ – ин гурӯҳ ба мушкилоти ҷомеа ишора мекунад. Шоир ҳолати мутазоди инсонро дар муҳити иҷтимоӣ тасвир менамояд.

Моем, ки асли шодию кони ғамем,
Сармояи додему нафиъе набурем.
Чун бода ба даст орем, масти накунем,
Чун маст шавем, бода зи даст афканем [12, с. 134].

Ин рубоӣ бо истифода аз парадокс ва антонимҳо сохта шудааст. “Шодӣ” ва “ғам” ду қутби зиддиро ташкил медиҳанд. Ин услуб ҳолати мураккаби инсонро дар ҷомеа инъикос мекунад [6, с. 104].

Рубоиёти ишқӣ ва лирикӣ – ин навъ ба эҳсосоти шахсӣ бахшида шудааст.

Бар чеҳраи гул насими наврӯз хуш аст.....[8, с. 145].

- “Гул” рамзи ҷавонӣ ва латофат аст.
- Такрори “хуш” фазои лирикиро меафзояд.
- Сохтори овозӣ (ҳуш/ хуш) мусиқияти дохилиро тақвият медиҳад.

Ин рубоӣ намунаи эстетикаи табиӣ ва лиризми фишурда мебошад [7, с. 79].

Бо вуҷуди гуногунии мавзуӣ, рубоиёт дорои хусусиятҳои муштараканд:

- кулминатсияи маъно дар мисраи чаҳорум;
- истифодаи рамз ва парадокс;
- саволи риторикӣ;
- фишурдабаёнӣ;
- мусиқияти дохилӣ.

Ин омилҳо рубоиро ба жанри мутамаркази тафаккур табдил медиҳанд [15, с. 132].

Гурӯҳбандии мавзуии рубоиёт нишон медиҳад, ки жанри рубоӣ дорои имконияти фарогири баёни андешаи инсонӣ мебошад. Он метавонад:

- масъалаҳои фалсафии ҳастиро матраҳ намояд;
- роҳи камоли ирфониро нишон диҳад;
- арзишҳои ахлоқиро таблиғ кунад;
- мушкилоти иҷтимоиро инъикос намояд;
- эҳсосоти лирикиро таҷассум созад.

Ҳамин гуногунҷанбагӣ рубоиро ба яке аз шаклҳои комилтарини тафаккури адабӣ табдил додааст.

Дар ҷараёни таҳлил чанд натиҷаи муҳимми илмӣ ба даст омад:

1. Рубоӣ ҳамчун микрожанри дорои сохтори драматургии дохилӣ.

Яке аз дастовардҳои асосии таҳқиқот исботи он аст, ки рубоӣ дорои сохтори драматургии дохилӣ мебошад. Муҳаққиқони муосир низ сохтори рубоиро ҳамчун “микрожанри драматургӣ” арзёбӣ намудаанд [1, с. 64; 6, с. 59]. Се мисраи аввал ҳамчун марҳилаи ташаккули андеша баромад карда, мисраи чаҳорум нуқтаи кулминатсионӣ ва хулосаи ғоявиро пешниҳод мекунад. Ин хусусият рубоиро аз дигар шаклҳои лирикӣ фарқ мекунад [6, с. 65].

Сохтори мазкурро метавон ҳамчун модели зинавии фикр муайян намуд:

- зинаи аввал – пешниҳоди вазъият ё тасвир;
- зинаи дуюм – густариши андеша;

- зинаи сеюм – афзоиши шиддати маънавӣ;
- зинаи чорум – ҳаллу фасли фикр ва натиҷаи фалсафӣ.

Ҳамин кулминатсия дар мисраи охир рубоиро ба шакли мутамаркази тафаккур табдил медиҳад.

2. Иқтисоди бадеӣ ва консентратсияи семантикӣ

Рубои намунаи барҷастаи иқтисоди максималии бадеӣ мебошад [20, с. 63; 9, с. 66]. Дар он ҳар як воҳиди луғавӣ дорои борбардории маъно буда, калимаҳои изофӣ ҷой надоранд. Фишурдабаёнӣ на танҳо хусусияти зоҳирӣ, балки механизми асосии таъсиррасонӣ мебошад.

Таҳлил нишон дод, ки рубоӣ дар чор мисраъ метавонад як низоми пурраи фалсафиро таҷассум намояд. Ин хусусият ба жанр имконият медиҳад, ки масъалаҳои мураккаби ҳамтишиносӣ, замон, сарнавишт ва худшиносиро дар шакли ихтисоршуда пешниҳод намояд.

3. Рамзпардозӣ ҳамчун механизми асосии маъносозӣ

Яку аз натиҷаҳои муҳим исботи он аст, ки рубоӣ жанри рамзист. Рамзҳо дар рубоӣ танҳо ороиши бадеӣ немтанд, балки низоми маъносозиро ташкил медиҳанд.

Мафҳумҳои чун:

- “кӯза” – инсон ё ҷисми моддӣ;
- “кӯзагар” – офаридгор ё неруи космикӣ;
- “май” – лаззати ҳаёт ё маърифати рӯҳонӣ;
- “соқӣ” – замон ё тақдир;
- “гул” – ҷавонӣ ва зебоӣ;

дорои маъноҳои гуногунқабата мебошанд. Ин гуногунқабатӣ рубоиро ба матни тафсирпазир табдил медиҳад.

4. Таснифи мавзуӣ ва гуногунҷанба будани жанр

Дар асоси таҳлил рубоиёт ба панҷ гурӯҳи асосӣ ҷудо гардиданд:

1. рубоиёти фалсафӣ;
2. рубоиёти ирфонӣ;
3. рубоиёти ахлоқӣ;
4. рубоиёти иҷтимоӣ;
5. рубоиёти лирикӣ – ишқӣ.

Ин тасниф нишон медиҳад, ки рубоӣ жанри универсалӣ мебошад. Он метавонад ҳам масъалаҳои космологӣ ва ҳам эҳсосоти шахсиро фаро гирад [7, с. 110].

5. Драматизми ботинӣ ва саволи риторикӣ.

Таҳқиқот нишон дод, ки саволи риторикӣ яке аз унсурҳои меҳварии рубоӣ мебошад. Ин савол на барои гирифтани ҷавоб, балки барои бедор сохтани андеша истифода мешавад. Ҳамин хусусият ба рубоӣ шиддати фикрӣ ва драматизми ботинӣ мебахшад.

Драматизми ботинӣ дар гузариш аз тасвир ба хулоса ва аз эҳсос ба фалсафа зоҳир мегардад.

6. Мафҳуми замон ҳамчун меҳвари фалсафии рубоӣ

Мафҳуми замон дар рубоӣ нақши марказӣ дорад. Замон ҳамчун неруи бебозгашт ва тағйирнопазир тасвир мешавад. Рубоӣ бештар ба дарёфти “лаҳза” ва ҳузури фаъол дар замони ҳозира даъват мекунад.

Хулоса. Таҳқиқоти анҷомёфта нишон медиҳад, ки жанри рубоӣ дар низоми адабиёти форсӣ – тоҷикӣ на танҳо як шакли кӯтоҳи лирикӣ, балки як воҳиди мукаммали тафаккури фалсафӣ ва бадеӣ мебошад. Гарчанде аз лиҳози ҳаҷм рубоӣ ба чор мисраъ маҳдуд аст, аз ҷиҳати мазмун ва сохтор он дорои иқтидори баланди маъносозӣ ва имконияти фарогири ифодаи андешаи инсонӣ мебошад. Дар маҷмуъ метавон гуфт, ки рубоӣ яке аз шаклҳои олитарини мутамарказсозии тафаккури инсонӣ мебошад. Он дар чор мисраъ низоми мукаммали фалсафӣ ва эстетикиро таҷассум мекунад.

Адабиёт

1. *Абдуллоев, С. Назарияи адабиёт / С. Абдуллоев. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 312 с.*
2. *Айнӣ, С. Намунаи адабиёти тоҷик / С. Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 1989. – 432 с.*
3. *Асрорӣ, В. Жанрҳои лирикӣ дар адабиёти классикӣ / В. Асрорӣ. – Душанбе: Дониш, 2005. – 276 с.*
4. *Бердиев, Б. Масъалаҳои поэтикаи классикӣ / Б. Бердиев. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 240 с.*
5. *Брагинский, И. С. Очерки истории персидской литературы / И. С. Брагинский. – Москва: Наука, 1972. – 518 с.*
6. *Каримов, И. Услуб ва сохтори рубоӣ / И. Каримов. – Душанбе: ДМТ, 2020. – 178 с.*

7. *Никитина, В. Б. Рубаи в персидской поэзии / В. Б. Никитина. – Москва: Восточная литература, 1980. – 210 с.*
8. *Раҳмонов, А. Поэтикаи рубоӣ / А. Раҳмонов. – Душанбе: Дониш, 2015. – 198 с.*
9. *Розенфельд, А. З. Поэтика востояной лирики / А. З. Розенфельд. – Москва: Наука, 1983. – 298 с.*
10. *Румӣ Ҷ. Куллиёт Ҷилд 5 / Ҷ. Румӣ. – Теҳрон: Амир Кабир, 2001.*
11. *Сафо З. Таърихи адабиёти Эрон Ҷилд 6 / З. Сафо. – Теҳрон: Фирдавсӣ, 1991.*
12. *Хайём, У. Рубоиёт / У. Хайём. – Теҳрон: Сухан, 1998. – 256 с.*
13. *Халилов, Н. Семантика ва рамз дар адабиёти форсӣ / Н. Халилов. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 224 с.*
14. *Хусравонӣ, М. Жанри рубоӣ ва таҳаввули он / М. Хусравонӣ. – Душанбе: Ирфон, 2019.–214 с.*
15. *Шамсиев, П. Таърихи адабиёти форсӣ – тоҷикӣ. – Душанбе: Маориф, 2008. – 356 с.*
16. *Юсуфов, Р. Фалсафаи замон дар рубоиёт. – Душанбе: Дониш, 2017. – 186 с.*
17. *Arberry, A. J. Classical Persian Literature / A. J. Arberry. – London: Allen &Unwin, 1958.–304 p.*
18. *Browne, E.G. F Literary History of Persia / E.G. Browne. - Cambridge: Cambridge University Press, 1956. – 4 vols.*
19. *Ritter, H. Das Meer der Seele / H. Ritter. – Leiden: Brill, 1955. – 640 s.*
20. *Schimmel, A. Mystical Dimensions of islam / A. Schimmel. – Chapel Hill: University of North Carolina Press, 1975. – 514 p.*

ҶАНБАҲОИ ҒОЯВӢ, БАДЕӢ ВА УСЛУБИИ РУБОИЁТ ДАР АДАБИЁТИ ФОРСӢ-ТОҶИКӢ

Дар мақолаи мазкур таҳқиқи мукаммали илмии жанри рубоӣ дар низоми адабиёти классикии форсӣ тоҷикӣ анҷом дода шудааст. Ҳадафи асосии таҳқиқ муайян намудани хусусиятҳои сохторӣ композитсионӣ, семантикӣ ва услубии рубоӣ ҳамчун микрожанри мустақили лирикӣ мебошад. Дар раванди таҳқиқот ба масъалаҳои драматургияи дохилии рубоӣ, қонунияти кулминатсияи маъно дар мисраи чаҳорум, инчунин механизмҳои консентратсияи маъно ва фишурдабаёнии бадеӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст. Бо такя ба усулҳои таҳлили матншиносӣ, поэтикӣ ва муқоисавӣ низоми рамзии рубоӣ баррасӣ гардида, маъноҳои гуногунқабатаи образҳои “замон”, “кӯза”, “кӯзагар”, “май”, “соқӣ”, “гул” ва “наврӯз” мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар асоси таснифи мавзуӣ рубоиёт ба панҷ гурӯҳи асосӣ ҷудо карда мешаванд: фалсафӣ, ирфонӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва лирикӣ ишқӣ. Нишон дода шудааст, ки рубоиёти фалсафӣ масъалаҳои ҳастишиносӣ, гузарои замон ва сарнавишти инсонро матраҳ месозанд; рубоиёти ирфонӣ мафҳумҳои фано ва бақо, худшиносӣ ва камоли рӯҳониро инъикос менамоянд; рубоиёти ахлоқӣ арзишҳои инсонгароӣ ва масъулияти иҷтимоиро тарғиб мекунанд; рубоиёти иҷтимоӣ унсурҳои танқиди воқеият ва нобаробариро таҷассум месозанд; рубоиёти лирикӣ бошад, эҳсосоти шахсӣ ва зебоии табиатро ифода менамоянд.

Калидвожаҳо: рубоӣ, жанршиносӣ, поэтика, рамз, семантика, лирикаи фалсафӣ, ирфон, фишурдабаёнӣ, кулминатсия, адабиёти форсӣ – тоҷикӣ.

ИДЕЙННЫЕ, ХУДОЖЕСТВЕННЫЕ И СТИЛИСТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ РУБАИ В ПЕРСИДСКО – ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ

В статье проводится комплексное научное исследование жанра рубаи в системе персидско таджикской классической поэзии. Цель работы заключается в выявлении структурно композиционных, семантических и поэтико – стилистических особенностей рубаи как самостоятельного микрожанра лирической поэзии. В иссдедовании рассматриваются вопросы внутренней драматургии рубаи, принципы смысловой кульминации в четвёртой строке, а также механизмы художественной концентрации и семантической компресии. Особое внимание уделяется символической системе рубаи, включая анализ образов “время”, “кувшин”, “вино”, “саки”, “сад”, “весна” и их многослойной иртерпретации. На основе тематической классификации рубаи подразделяются на философские, мистические, нравственные, социальные и лирические. Показано, что философские рубаи отражают экзистенциальную проблематику времени и судьбы; мистические - идеи духовного совершенствования и категории “бытия” и “небытия”; нравственные – принципы гуманизма и социальной ответственности; социальные – элементы критического осмысления действительности; лирические – эмоциально – эстетические восприятие мира.

Ключевые слова: рубаи, жанр, поэтика, символ, семантика, философская лирика, мистицизм, художественная концентрация, композиция, персидско – таджикская литература.

IDEOLOGICAL, ARTISTIC, AND STYLISTIC FEATURES OF RUBAI POETRY IN PERSIAN – TAJIK LITERATURE

The article presents a comprehensive scholarly study of the ruboi genre with in the system of classical Persian – Tajik poetry. The primary objective of the research is to identify the structural, semantic, and stylistic characteristics of the Rubbia as an independent micro – genre of lyrical expression. The study analyzes the internal dramaturgy of the quatrain, particularly the principle of semantic culmination in the

fourth line, as well as mechanisms of artistic concentration and semantic compression. Special attention is devoted to the rube, including key images such as time, the potter and the clay jar, wine, the cupbearer, the garden, and spring, and their multilayered interpretations. Based on thematic classification, ruboi poetry is divided into philosophical, mystical, ethical, social, and lyrical categories. It is demonstrated that philosophical quatrains address existential issues of temporality and destiny; mystical ones reflect spiritual transformation and the concepts of annihilation (fano) and subsistence (baqo); ethical quatrains promote humanistic valyes and moral responsibility; social rubai contain elements of critical reflection on society; lyrical examples express emotional and aesthetic perception of reality.

Keywords: ruboi, genre theory, poetics, symbolism, semantic density, philosophical lyric, mysticism, artistic compression, classical Persian – Tajik literature.

Дар бораи муаллиф
Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф
Номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва рушди неруи инсонӣ
Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон
735162, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Кӯшониён, ҷамоати деҳоти Бохтариён, кӯчаи Носири Хусрав 73
E-mail: sharifzoda121974@mail.ru

Об авторе
Шарифзода Ёрмухаммад Шариф
Кандидат филологических наук, заведующей кафедрой гуманитарных наук и развития человеческого интелекта
Институт энергетики Таджикистана
735162, Республика Таджикистан, Кушаниянский район, село Бахтариён, улица Носира Хусрава 73
E-mail: sharifzoda121974@mail.ru

About the author
Sharifzoda Yormukhammad Sharif
Candidate of Philological Sciences, Head of the Department of Humanities and Human Intelligence Development
Institute of Energy of Tajikistan
735162, Republic of Tajikistan, Kushanian district, Bakhtariyon village, Nosir Khusrav street 73
E-mail: sharifzoda121974@mail.ru

ТДУ 821.221.1.09

АДИБ, ВОҚЕИЯТИ ЗАМОН ВА РАВАНДҲОИ МАФКУРАВӢ

Саидов А. Т.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқаддима. Доираву уфуқҳои таъсир ба марзи афкор дар шароити имруза тобишу хусусиятҳои нав пайдо карда бошад ҳам, унсурҳои классикии таъсирбахшӣ ба олами равонӣ моҳияту рисолати азалии худро аз даст надодаанд, ки равандҳои идеологиву сиёсии муосир ин ҷиҳатро бештар аз дигар вақт собит менамоянд. Ба ибораи дигар адибони публитсист аз доираи таъсири муҳиту фазои сиёсӣ дар канор намонда, дар шаклгирии авзои иҷтимоӣ нақши амиқ мегузоранд. Робитаи сиёсат ва публитсистика падидаву зуҳуроти тоза набуда, он аз замони пайдоиши ҳокимияти сухан вуҷуд дорад. Ҳануз садсолаҳо қабл аз нашри китобу матбуот зери мафҳуми “адабиёту публитсистикаи шифоҳӣ” ва “журналистикаи то журналистӣ” идеяҳои муайян дар партави сурудаву эълон ва хитобу даъват ба назар мерасид, ки марбут ба идеологияҳои салтанатҳои муайян буданд. Тавре ишора гардид, ин вазифаву рисолат бо гузашти вақт тобишҳову сурати нав пазируфта, дар аксар шохаҳои худ ба муаррифгари идеологияҳои муайян табдил ёфтаанд.

Мавод ва методи таҳқиқ. Доир ба ҷанбаҳои зиёди ин масъала дар баробари муҳаққиқони хориҷӣ дар таҳқиқоти олимони ватанӣ чун А. Маниёзов, (Маниёзов, А. Публитсистика ва назми устод С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашр.дав. Тоҷикистон, 1958. - 152 с.), А. Сайфуллоев (Сайфуллоев А. Мактаби Айнӣ. - Душанбе: Ирфон,1978. - 350 с.), Л. Демидчик (Демидчик Л. Н. Таърихи адабиёти советии тоҷик, ҷилди 2. - Душанбе: Дониш, 1929. - 308 с.), Х. Мирзозода (Мирзозода Х. Афкори рангин. – Душанбе, 1982. - 348 с.), М. Шакурӣ (Шукуров М. Пайванди замонҳо ва халқҳо. – Душанбе: Ирфон,1982. - 222 с.), Ю. Бобоев (Бобоев Ю. Эстетика ва қадамҳои назму насри тоҷик. - Душанбе: Адиб, 1988. - 184 с.), Ҷ. Бақозода (Бақозода Ҷ.Нависанда ва идеали замон. – Душанбе: Адиб, 1987. - 92 с.), А. Саъдуллоев (Саъдуллоев А. Хосияти адабиёт. – Душанбе, 2000. – 256 с.), И.Усмонов (Усмонов И. К. Жанрҳои публитсистика. – Душанбе, 2009. – 138 с.), Н. Солеҳов (Солеҳов Н., Саъдуллоев А. Муаммои назария публитсистика. – Душанбе, 2015. – 182 с.), М. Муродов (Муродов М. Аз замон то замон. – Душанбе: Шуҷоъ, 2010. – 248 с.), А. Азимов (Азимов А Воқеияти зиндагӣ ва матбуоти тоҷик. – Душанбе: Сино, 2000. - 186 с.), М. Абдуллоев (Абдуллаев М.А. Идеи национального самозначение в таджикской публицистики XX века. – Душанбе: РТСУ, 2011. – 111 с.), А. Қутбиддинов (Қутбиддинов А (Хосияти публитсистика. – Душанбе, 2018. – 164 с.) ба таври муайян фикру андешаҳо иброз гардидаанд.

Вобаста ба мафҳуми “мазрааи афкору андеша” [4, с.294] дар тарғибу ташвиқи сиёсати давлатӣ адибону публитсистон ҳамеша дар саргаҳ қарор гирифта, дар доираи садоқату самимият ва омилҳои гуногун дар муаррифӣ кардани идеяҳои зиёд ҳиссаи сазовор мегузоранд. Раванди мазкур дар замони шуравӣ бо хосияти фармоишӣ дар дараҷаи хосу баланд қарор гирифта, ин ҷараён дар доираи рақобату садоқат низ шакл пайдо мекард. Сиёсати ягонаи ҳизбӣ ин равандро назорат менамуд ва барномаву нақшаҳои зиёде роҳандозӣ гашта буданд, ки дар натиҷаи онҳо маҳсули эҷодӣ низ кам набуд. Дар асрҳои гузашта (қабл аз инқилоби Октябр) низ ин падида вуҷуд дошт, аммо дар оғози бист ба майдон омадани матбуоти милливу давлатӣ раванди мазкурро тобишу мазмунҳои хосе бахшид, ки дар ин ҷода публитсистикаи сиёсӣ нақш ва рисолати бештареро ба душ гирифт.

Мубрамияти мавзуъ низ дар он зоҳир мешавад, ки дар радифи принсипу вазифаҳои журналистикаву публитсистика сиёсат ҳамеша ба сифати мавзуи меҳварӣ бокӣ мемонад ва ҳатто гуфтан месазад, ки ҳеҷ ягон адиб дар ин ё он доира дур аз сиёсати замон қарор намегирад. Дар мақолаи мазкур низ як андоза муайян карда мешавад, ки адибони алоҳида дар тараннуми оҳангҳои сиёсӣ аз кадом шеваю василаи баён истифода мебаранд ва чи гуна таърихи сиёсии замонро меофаранд, ки дар ин радиф Н. Розиқ яке аз фаъолтарин мубаллиғони сиёсати давлатӣ ба шумор мерафт. Дар робита ба ин масъала дар ин мақола дар мисоли нигоштаҳои муайян баъзе аҷзои ҳунарӣ ва унсурҳои вобаста ба он низ мавриди баҳогузорӣ қарор дода шуд. Мавриди зикр аст, ки масъалаи инъикоси воқеияти руз ва тарғиби идеологияи замон, махсусан дар мисоли осори публитсистони тоҷик, аз ҷумла Нуъмон Розиқ, то имруз дар доираи мукаммал таҳқиқ нагардидааст.

Мақсад аз ин таҳқиқ муайян намудани имкониятҳои публитсистика чун як соҳаи мустақили эҷод дар инъикоси воқеоти замон ва сатҳи тарғибу ташвиқи идеологӣ ба ҳисоб меравад. Барои расидан ба ин ҳадаф мавзуъ ва мундариҷаи осор, баррасии образҳо, тараннуми воқеият, ҷанбаҳои иҷтимоиву идеологӣ, баҳогузории маҳорати эҷодии муаллиф дар раванди тарғиби идеологӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Дар ин мақола ба методологияи асосёфтаи принсипҳои илмии омузиши публитсистика ва равиши таҳлиливу баҳогузорӣ ру оварда шуд. Дар доираи ин методология мо баъзе намунаи осори Нуъмон Розиқро ҳамчун як адиби фаъоли иҷтимоӣ баррасӣ карда, робитаи уро бо воқеияти замон, идеология ва муҳити сиёсиву иҷтимоӣ дар як низоми мушаххас таҳлил намудем.

Аз руйи қолаби анъанавӣ дар раванди таҳқиқот аз як қатор методҳои мушаххаси илмӣ, аз ҷумла, методи таҳлил ва таҳқиқ барои баррасии маводди назариявӣ ва ҷамъбасти андешаҳо, методи муқоисавӣ – барои муайян намудани хусусиятҳои жанрии навиштаҳо, методи таърихӣ – барои омузиши заминаҳои иҷтимоӣ ва идеологии даврони гузашта (шуравӣ), методи таҳлили муҳтавоӣ (контент-анализ) – барои баррасии доираи мазмунии очерку лавҳаҳои Нуъмон Розиқ, методи тасвирӣ-тафсирӣ – барои шарҳи ҷузъиёти бадеӣ ва образҳои публитсистӣ истифода гардид. Бояд гуфт, ки истифодаи ҳамгирои чунин усулҳо имкон медиҳад, ки мавзуъ ба таври мукаммал, пайдарпай ва аз нигоҳи илмӣ асоснок таҳқиқ гардад.

Қисми асосӣ. Мавқеи сиёсии адиб дар ҳама давру замонҳо муайянкунандаи нуфузи иҷтимоии у ба шумор рафта, баъзе ҷанбаҳои воқеии ҳаводисро дар саҳифаҳои таърих сабт менамояд. Албатта, дар робита ба мавзуъ қонуниятҳое чун “уфуқҳои маънавиёту ахлоқ” [2, с. 39] ва “шинохти иҷтимоии муаллиф” [4, с.292] низ барои ин соҳа бегона набуданд ва ин масъалаҳо низ дар иртибот ба тарбияи сохти нав шакл пайдо мекарданд. Натиҷаи чунин сиёсат буд, ки аксари адибон ба сангари мубориза равона мегардиданд ва дар бедор кардани эҳсоси ватандустӣ қадамҳои устувор мегузоштанд. Ин масъаларо адибони шинохта низ таъкид кардаанд, ки «нависандаи очерку мақола ҳам ба кори бузурги идеологӣ, ба кори муқаддас ва дар айни замон басо нозуки тарбияи инсон шарик мегардад» [7, с. 315]. Дар чунин майдони эҷод Нуъмон Розиқ дар замони шуравӣ яке аз адибони фаъол ба шумор мерафт ва дар доираи матолиби матбуотиву дар китобҳо нашршуда бо шеваҳои гуногун аз сиёсати замон пуштибонӣ мекард. Ҳам ашъори назмӣ ва ҳам осори насрии адиб “бо воқеият печидагии амиқ дорад” [4, с. 293] ва ин омил мавқеи иҷтимоии уро бештар равшан сохтааст. Нуъмон Розиқ адиби публисисте мебошад, ки бо шакли баён ва сабку услуби содаву фаҳмо лавҳаву очерк ва ҳикояву эссеҳои публитсистиро офарида, бо таҷзияи назарраси воқеияту бадеият осори мондагорро аз худ боқӣ гузоштааст. Эссеҳои офаридаи адиб мазмунан фарох мебошанд ва баёни ҷолиби ҳадафу маром дар онҳо қабл аз ҳама нишон додани «мавқеи фардии муаллиф» [10, с. 83] мебошанд. Маводди зиёди матбуотии адиб бозгуи он мебошанд, ки Н. Розиқ дар ҷодаи насри публитсистӣ маҳорати комиле дошта, бо ташхиси набзи замон мавқеи мушаххаси худро соҳиб аст. Нуъмон Розиқро ҳамеша дар назари аввал чун як шоири назмсарои мувaффақ мешиносанд. Барои хонандаи умум китобҳои «Телефони гунҷишк» (соли 1968), «Гулмоҳӣ» (соли 1971), «Бузғолача» (соли 1974), «Лона» (соли 1977), «Чароғҳои гуногун» (соли 1977), «Гулистон» (соли 1981) ва чанде дигар бештар аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки Н. Розиқ гуё танҳо барои кудакону наврасон эҷод кардааст. Шеърҳои навиштааш, низ чун мақолаву навиштаҳои зиёдаш, ки дар матбуот ба табъ расидаанд, берун аз тараннуми оҳанги руз нестанд. Дар алоқамандӣ ба сиёсати идеологии ҳизбӣ “...дар шеъри у садои замона танин дорад ва садои қалбаш бо он ҳамоҳанг мегардад” [4, с. 293]. Аммо истиснои комил он аст, ки баъзе навиштаҳои адиб дар пояи наср низ аз унсурҳои зиёди фарҳангиву тарбиявӣ иборатанд. Махсусан, матолиби гуногуни насрии адиб дар саҳифаҳои маҷаллаи “Машъал” далели соҳиби эҷоди назарраси публитсистӣ будани уст, ки то ҳол қимати худро аз даст надодаанд. Гум накардани арзиши ҳар як асар дар соҳаи эҷод ин маънии онро дорад, ки муаллиф бо назардошти ҷаҳонбиниву идроки комил барои таърих менависад. Мазмун ва моҳияти иҷтимоӣ доштани чунин эҷод бешубҳа мушаххас гаштани мавқеи фард ва мусоидат кардан ба инкишофи равандҳои таърихӣ мебошад: “Нуқтаи назари публисист – нуқтаи назари ҷамъият аст, ба ибораи дигар “вазифаи публисист чун қувваи иҷтимоию сотсиалӣ” он аст, ки ба ҳар як одам вазъияти реалии муҳити атрофро фаҳмонда диҳад, мавқеи шахс аз роли онро дар ҷамъият муайан кунад, то ки ба раванди инкишофи таърихӣ мусоидат намояд” [12, с. 7].

Аз нигоҳи фарогирии мазмуну муҳтаво маҷаллаи “Машъал” дар замони худ барои пионерону октябрятҳо (ташкилотҳо барои насли навраси замони шуравӣ) нигаронида шуда буд ва дар саҳифаҳои ин нашрия очерку лавҳаву ҳикояҳои Нуъмон Розиқ кам нестанд. Маҷалла хосияти пурраи адабӣ надошта бошад ҳам, вале бо фарогирии унсурҳои маҳдуд ва бо назардошти “иқтидори хубу чашмраси эҷодӣ” [6, с. 172] ба олами мафкураи қишри муайяни ҷомеа таъсири мушаххас мегузошт. Яъне насли наврасу хеле ҷавоне, ки бояд барои онҳо ҳама чиз фаҳмо бошад ва табиист, ки дар натиҷаи ба инобат гирифтани табъу завқи онҳо дар ин роҳ адиби кудакон бештар муваффақ буда метавонад. Аз ин лиҳоз маҷалла бо назардошти табъу завқи чунин хонандагон аз матолиби ҳаҷман хурд истифода мекард ва табиист, ки “...хосияти ҷамъиятӣ доштан ва ба воқеияте ишора кардан” [3, с. 170] ҳамеша дар мадди назар қарор мегирифт. Нуқтаи муҳимми дигар он аст, ки дар асри гузашта «матбуоти партиявӣ мактаби обутоб ва инкишофи истеъдоди эҷодии аҳли илму адаб гардид»[18], ки адабиёти бачагона дар ин самт қатъи назар нест. Мафҳуми “адиби кудакон” дар имрузу гузашта низ ба ҳамин ҳадаф аст, ки шоиру нависанда бояд барои хонандаи хурдсол маҳорати эҷодии махсусро ба кор барад. Ҳамин аст, ки Нуъмон Розиқ низ дар қатори бузургтарин адибони бачагона - М. Миршакар ва У. Раҷаб дар фазои назму наср ҷойгоҳи муносиби худро соҳиб гардида буд. Бо ибораи дигар Н. Розиқ бо теъдоди зиёди навштаҳояш дар “боло бурдани ҳисси ватанпарастиву ватандустӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва дар ниҳоят тарғибу ташвиқи куллии сохти нав нақши устувор мегузошт [6, с. 169].

Ҷойи инкор нест, ки дар баробари ин адибони замони шуравӣ аз таъсири гуногуни идеологияи замона берун эҷод карда наметавонистанд, ки ин махсусият барои ҳар як давлату ҷомеа падидаву зуҳуроти наву бегона нест. Аз нигоҳи журналистикаву публитсистика идеология ин “...ба вуҷуд овардани афкори омма ва бо ин васила амалгардонидани мақсадҳои пешгузоштаи худ дар тарғиби ақидаи муайян” [20, с. 38] ба ҳисоб меравад. Табиист, ки ҳеҷ як адиби публитсист дар фаъолияти эҷодии худ берун аз сиёсат қарор намегирад ва ин пайроҳа тавъам ба мафкураи иҷтимоӣ мебошад. Аз ин ҷиҳат дар тарғиби идеологӣ Н. Розиқ аз адибони фаъоли замони худ ба шумор мерафт, ки бо матолиби зиёди насриву назмӣ ба олами мафкураи наврасону кудакон сару кор мегирифт ва “...бедор кардани муҳаббати ватан ва ҳисси нафратро ба душман зиёд кардан” [6, с. 170] дар ниҳоду ботини у аз ҷумлаи вазифаҳои муҳим эътироф мегашт. Дар чунин осор оҳанги замона бо назардошти даричаи фаҳму идроки хонандаи ҷавон хеле амиқ баён гардида, мазмунҳои иҷтимоӣ ба эҳсоси хонанда бетаъсир намебошанд. Чунончи очерки сафарии “Дар байни гулҳо” [9, с. 3-4], ки дар саҳифаҳои маҷаллаи “Машъал” соли 1972 ба табъ расидааст, арзишу моҳияте дорад, ки то имруз онро нигоҳ доштааст. Ин очерк дарвоқеъ “...аз ҳаёти ҳаррузаи одамон қаҳрамониро ҷустуҷу намудан” [17, с. 91] мебошад, ки адиб дар анҷоми ин вазифа муваффақ ҳам гардидааст. Зеро он чизе баён гардидааст, ки шакли пешниҳоди он аз чанд ҷониб набзи замонро нишон медиҳад. Ба таври мисол мавзуи дустии халқҳо, нафрат ба ҷанг, сулҳу иттиҳод, муносибати адибон, сафарҳои эҷодӣ, фазову муҳит ва амсоли ин тараннуми оҳанги замон мебошанд. Дар муносибату робита ба сиёсати идеологии мушаххас дар он «…унсурҳои шахс, проблема ва хулоса»[16, с. 41] аз дидгоҳу равзанаи маълум ташаккул ёфтаанд. Дустиву рафоқат, қаҳрамониву ватандустӣ ва маънавиёту фарҳанг аз мавзуъҳои асосие мебошанд, ки дар ин очерк бо ҳам дар иртибот қарор гирифтаанд.

Аз ҷониби дигар дар партави ҳадафҳои идеологӣ Н. Розиқ ва умуман доираи васеи адибон “...бо нишондоду таълимоти ҳизб оммаро барои бунёди ҳаёти шукуфон даъват менамуданд.” [6, с. 171] Барои инҷрои ин мақсад ва амалӣ намудани ҳадафҳо дар пешниҳоди матлаб адибон аз усулҳои гуногун (дизайн, сабк, услуб ва ғ.) истифода мекарданд. Аз ҷумла дар ин навишта истифодаи аксе, ки аз манзараҳои шаҳрҳои Вилнюс ва Жижмарайи Ҷумҳурии Литва гирифта шудааст, аз нигоҳи дизайну ороиш диққати хонандаро ҷалб сохта метавонад. Баёни муаллиф дар ин очерк хеле муъҷазу дилчасп мебошад ва доираи сафардидаи муаллифро ҳамаҷониба фаро мегирад. Н. Розиқ чун адиби насрнавис “дар заминаи нақлҳои тасвирӣ ҳадафу маромро дар шакли ҷолиб” [2, с. 39] пешниҳод карда метавонад ва хонандаро ба олами тасаввурот мебарад. Ҳамин аст, ки муқаддимаи очерк аз нақли тасвирӣ ва саҳнаи воқеӣ оғоз мегардад, ки он беҳтарин равзанаи вуруди хонанда ба олами андешаҳои адиб аст: “Мо шаш нафар будем. Се руз аз манзараҳои шаҳри зебо ва дилфиреби Вилнюс дидан кардем. Рузи аввал дидани қабри Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Сафар Амиршоевро ихтиёр кардем. Вай аз шаҳр берун дар деҳаи Жижмарай будааст. Ба бозори гулфурушон рафтем. Ҳар кадомамон якдастагӣ гулҳои рангоранг харидем.” [9, с. 3-4] Дар иқтибоси боло ибораҳои “шаш нафар будем”, “манзараҳои шаҳри Вилнюс”, “қабри

қаҳрамон”, “деҳаи Жижмарай”, “бозори гулфурушон”, “якдастагӣ гулҳои рангоранг” ва “аз шаҳр берун” ҷузъиёти созандаи бадеӣ мебошанд. Н. Розиқ шакли ифодаи матлабро дар домани саҳнаҳо хеле дилчасп ба роҳ гузошта, аз тафсилу шарҳҳои ночаспон худдорӣ менамояд, ки ин ҷиҳатро метавон “масъалаи халқияти адабиёт” [5, с. 241] низ номид. Ҷиҳати ҷолиби дигар он аст, ки дар ин очерк дар як эпизоди хурд ба донишу ҷаҳонбиниҳои адабиётшиноси маъруф Соҳиб Табаров ишора менамояд. Махсусан, ибораи “Сафар гули садбаргро дуст медошт” бо шакли содаи баён андешапарварона мебошад ва ҳар як хонанда ҳануз кадом Сафар будани қаҳрамонро надониста ба фикр фуру меравад. Муаллиф дар як саҳнаи кутоҳ симои олими шинохта аз чандин паҳлуҳо равшан менамояд. Агар аз як ҷониб роҳбари гуруҳ будани С. Табаров маълум гардад, аз ҷониби дигар бо қаҳрамони Иттифоқи советӣ бевосита наздику ошно будани С. Табаров маълум мегардад: “- Ин кам аст, - гуфт роҳбарамон, доктори фанҳои филологӣ Соҳиб Шуҳратович Табаров, - аз гулҳои садбарги сурх боз як гулдастае бандед. Сафар гули садбаргро дуст медошт. Аз гулҳои садбарги сурх гулчанбаре бастем. Гулдастаҳо дар даст ба машинаҳое, ки дустони литовии мо оварда буданд, нишастем ва роҳи деҳаи Жижмарайро пеш гирифтем”. [9, с. 3-4].

Таҷрибаву назарияҳои зиёд нишон медиҳанд, ки дар публитсистика “...руйдод ва фактҳои воқеиро бе шеваи адабӣ таҳлил, баррасӣ ва натиҷагирӣ” [14, с. 17] намудан вазифаи очерк ба ҳисоб меравад. Дар ин маврид ба сатҳи маҳорати мушоҳидаҳои адибони мусаввир вобаста аст, ки руйдоду фактҳои муҳимро то кадом дараҷа дар қолаби бадеӣ матраҳ карда метавонанд. Танҳо ҳамин ҳунар “...фароҳамоваранда ва мусоидаткунанда барои каломи воқеъбинона”-и [4, с. 293] адиб гардида, рисолати таърихнависии публитсистикаро таъмин менамояд. Ҳарчанд муаллиф дар ин навиштаи худ дар натиҷаи сафардидаҳо хулосаҳояшро ҷамъбаст намояд ҳам, вале боз ҳам ҳунари тасвиргароии адиб боис мешаванд, ки дар заминаи “…таҳлилу таҷзияи муҳимтарин проблемаҳои ҳаёт” [12, с. 26] унсурҳои муҳим дар як занҷираи мантиқӣ қарор дода шаванд. Муҳаққиқон баъзан аз «завқи коҳида дар саҳнасозиҳои очеркҳо» [8, с. 142] таъкид кардаанд, ки ҳамчун унсури муҳимми бадеият дар сохтори очерк холигаҳро ба миён меоварад. Аммо ин навишта бо пеш овардани саҳнаҳои зиндаву воқеӣ ҳақиқати замонро равшан нишон додааст ва бо ҳама уфуқҳои ҷолиб хонандаро ҳамсафари худ гардонида метавонад. Ин саҳнаҳо бо «тасвирҳои шоиронаву ҳунармандона ба василаи истифодаи масоили иҷтимоъ» [19, с. 137] набзи замонро бозгу менамоянд. Н. Розиқ дар баёни ҳадаф назари умумӣ надорад ва дар доираи тасвирҳояш хурдтарин ҷузъиёт чандин ҷиҳатҳои дигарро фаро гирифта метавонанд. Ба таври мисол дар ибораҳои “машинаҳо пасу пеш”, “роҳи мумфарши васеи нав”, “роҳ мисли тасмаи сиёҳ”, “ба чархҳои машина печид”, “худро ба пас ҳаво медод”, “ҷангалзорҳои анбуҳ”, “манзараҳои дилрабои ду тарафи роҳ” ва чанде дигар табиати зебову роҳи пешгирифтаи гуруҳи адибони тоҷикро ба суйи деҳаи Жижмарай хеле хуб нишон дода тавонистаанд. Хусусияти дигар он аст, ки шарҳҳои муаллиф (ремаркаҳо) дар навишта хеле мухтасар ва маҳдуддоман мебошанд. Дар ин матлаб «риояи муколамаву нақл (ремарка) ва ҷонибдории муаллиф аз мавзую объект» [1, с. 31] саҳнаи рузро нишон дода, номи онҳоеро зинда намудан мехоҳад, ки барои ҳимояи ватан қурбон гаштаанд. Яъне муаллиф на дар асоси таассуроту маълумот, балки дар такя ба мушоҳидаҳои воқеии ҳазорон фарсах дур аз ватан ёди ҳаммилати худро менамояд. Қаноатмандиву хотири болидаи муаллиф он аст, ки адибони тоҷикро дар деҳаи литвонӣ хуб пешвоз гирифтаанд. Аз боғи мактаб гул чида овардани пионерони ҷавон ва хайра мақдам гуфтани онҳо дар тасвирҳои кутоҳ, вале ифодакунандаи возеҳ хеле хуб манзараро бозгу менамоянд. Дар иқтибоси дигар ибораҳои “қабри бародарӣ” ва “фарзанди халқи тоҷик” аз ҷиҳати мазмуну мантиқ мавқеи меҳварӣ доранд ва бо ишораҳои таҳтонӣ ҳасрати адибро низ дарк намудан мумкин аст: “Қабри бародарӣ қатор сохта шудаанд. Дар байни қабрҳо ҳайкалест, ки дар даст яроқ дорад. Хотираи Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ, фарзанди халқи тоҷик Сафар Амиршоевро ёд кардем. Дар назди ҳайкал ба хотири ҷоннисории ин марди некном сар фуруд овардем” [9, с. 3-4]

Дар замони шуравӣ интернатсионализм шохаи бузурги идеологияи давлатӣ эътироф мегардид ва дар робита ба ин Н. Розиқ аз баррасии мавзуи дустии халқҳо қатъи назар накардааст. Талабот ва махсусияти замони шуравӣ ҳамин буд, ки бояд дустиву бародарии халқу миллатҳои 15 ҷумҳурии бародарӣ дар маркази эҷоди адибону публитсистон қарор мегирифт. Н. Розиқ низ дар ин очерки худ ба масъалаи руз муносибати амиқу фарогир дорад ва саропои навишта дар ҳамин руҳия шакл пайдо кардааст. Аз ҷумла дар чанд нуқта аз отряди пионерони ба номи Сафар Амиршоев дар мактаби деҳаи Жижмарай ишора менамояд, ки ҳамчун нишони эҳтиром ба қаҳрамонии фарзанди миллати тоҷик ба ҳисоб меравад. Сужаи мухтасари навишта дар асоси “руйдодҳои дилчасп, ҳаводис ва шахсиятҳои шинохта

сурат гирифта” [5, с. 239] ҷанбаи воқеяти онро дар алоқамандӣ ба сиёсати руз мазмунан таъмин кардааст. Услубу нигориш ва забони баёни муаллиф содаву фаҳмост. Дар баробари он ки муколамаҳо, саҳнаҳои воқеӣ, нақлҳои ташреҳӣ ва нуқтаи назари сокинони деҳа пеш оварда шудаанд, муаллиф дар нуқтаҳои хулосакунанда мавқеи фардии худро мушаххас мегардонад. Сарлавҳаи навишта низ бо мазмуни мантиқӣ ифодагари дустии халқҳои ин давлати паҳновар гаштааст: “Гирду атрофи мазор гулкорӣ карда шудааст. Гулҳои тару тоза ва озодагии мазор меҳру муҳаббати халқи Литваро нисбат ба дигар халқҳои бародар нишон медиҳад”. [9, с. 3-4] Бо назардошти он ки «...воқеияти ҳаёт образи публитсистиро бунёд месозад» [13, с. 39] Н. Розиқ гузаштаи таърихиро дар мисолҳои возеҳ собит менамояд. Аз ҷумла, муаллиф дар такя ба нақли Адамас ва лавҳаи болои қабрҳо маълум менамояд, ки дар ин мазор аз Осиёи Миёна турбати И. Раҳмонқулов, М. Ниёзов, Н. Раҳматуллоев, К. Бобиев, Б. Юлдошев, Т. Урозбеков, Б. Латифов ва бисёр дигарон низ қарор дорад. Ин ифода ноадолативу даҳшати ҷанги хонумонсузро нишон медиҳад, ки чӣ қадар ҷавонмардон дур аз хоки аҷдодӣ қурбони ҷанги фашизм гардидаанд. Аз паҳлуи дигар зикри номи ин қаҳрамонон далели он аст, ки дар солҳои ҳафтодуми асри гузашта тараннуми дустиву бародарии халқҳои ИҶШС дар пояи баланд қарор дошт. Дар қисмати ташреҳии дигар меҳри модари литвонӣ нисбат ба қурбониёни ин ҷанг дар ватани у хеле таъсирбахш пеш оварда шудааст. Муаллиф ба ин модари тозакор сано мехонад. Зеро у худро модари ин шаҳидони роҳи ҳифзи ватан гуфтааст: “Оромгоҳи ҷанговарони шаҳидро зани хоксору модари мушфиқ Уршуле Лейкастайте нигоҳубин мекунад. У тахминан 50-55 сол дорад. Вай наемонад, ки ба болои қабри шаҳидон ҳатто аз дарахтони болои қабри онҳо барги зарде афтад. Вай ҳар як шаҳиди дар ин ҷо хуфтаро чун писари худ медонад. Мо ба ин модари мушфиқ таҳсину офаринҳо гуфтем” [9, с. 3-4].

Дар қисматҳои дигар ин очерк нақли муаллиф нисбат ба қабулу пешвозгирии онҳо дар мактаб ҷараён меёбад. Н. Розиқ “...дар пайроҳаи худшиносиву ватанпарастӣ” [4, с. 293] сухани худро гуфта тавонистааст, ки он дар навбати аввал боз ҳам дустиву бародарии халқҳои собиқ шуравист. Боиси ифтихори он замон аст, ки дар як мактаби литвонӣ утоқи алоҳида ба номи Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Сафар Амиршоев гузошта шудааст ва дар бораи осорхонае сухан меравад, ки дар ин утоқ ташкил гардидааст. Ин мушоҳидаи муаллиф низ қобили зикр аст, ки дар даврони шуравӣ дар бораи Тоҷикистон дар як ҷумҳурии дар қитъаи Аврупо ҷойдошта осорхона ташкил гардидааст. Албатта, агар осорхонаи мукаммал набошад ҳам вале маводҳо дар бораи қаҳрамон, мактубҳо, мақолаҳои газетаҳо, ифтихорномаҳо, ҳуҷҷатҳои гуногун, ҳикояҳо аз ҳаёти колхозчиёни колхози ба номи Сафар Амиршоеви ноҳияи Кулоб, акси манзара ва тунелҳои шаҳри Норак ва амсоли ин муаррифие нисбати ҶШС Тоҷикистони онвақта ба ҳисоб мерафт. Муаллиф аз сафар ба ҷумҳурии Литва, махсусан ба шаҳрҳои Вилнюс ва деҳаи Жижмарай бардошти муҳимме ҳосил кардааст ва бо назардошти «…унсурҳои шахс, проблема ва хулоса» [16, с. 41], ки навъҳои жанрҳои гуруҳи сеюмро ташкил медиҳанд, як навиштаи хуби мустанадро бунёд кардааст. Мазур он аст, ки тахайюл ва бадеият дар ин навишта дар доираи махсус факту рақаму аснодро хотирмон гардонидааст. Дар навишта таблиғу ташвиқ шакли урён надошта, мақсаду ҳадаф дар домани мантиқ қарор мегирад. Муаллиф бо ифодаи “тоҷикписари кулобӣ” бо ифтихор аз қаҳрамонии ҷавонмардони тоҷик ишора кардааст. Бо зикри номи ҷавонони литвонӣ ба монанди Регина Бальните, Регина Рендикевичута, Владимир Яковлев, Рамуне Гените, Ковас Владас ва Каулакита Егидия бори дигар аз дустии халқҳо ва қаҳрамонони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ёдрас мегардад. Дар саҳнаи дигари ин очерк муаллиф нуқтаи муассири ҳаяҷонбахшро пеш овардааст, ки аз ҳунару муҳаббати ҷавондухтари литвагӣ дарак медиҳад. Аз миёни хонандагони ин мактаб Р. Петраускайте дар васфи Сафар Амиршоев ҳикояи лирикӣ эҷод намудааст. Вақте ки у ҳикояи худро мехонад, ҳамаи ҳозирин ба ваҷд омада, кафкубӣ менамоянд. Ин эпизод низ аҳаммияти меҳварӣ дорад ва робитаҳои дустонаи онрузаи ҷумҳуриҳои шуравиро нишон медиҳад: “Ин духтараки литвагӣ ҳикояро чунон равону оҳангдор мехонд, ки овози ҷозибанокаш касро ба ҳаяҷон меовард. Духтарак албомеро, ки дар он ҳикояи у бо хати зебои забони русӣ навишта шуда буд, ба мо дод, ки онро ба редаксияи журнали «Машъал» супорем” [9, с.3-4].

Дуруст аст, ки «асоси асари публитсистӣ на тахайюл, балки воқеияти зиндагист» [15, с. 3-4] ва бо назардошти чунин қонуният ба соҳаи мазкур аз ҷониби идеологияҳои гуногун таваҷҷуҳи доимӣ аз байн намеравад. Ба ин шева ба зиндагии воқеӣ пайванд додани идеологияи ҳукмрон аз ҷониби нависанда таъсирбахш сурат мегирад.

Хулоса. Дар робита ба як очерки сафарии Н. Розиқ дар маҷмуъ ба чунин натиҷагириҳо расидан мумкин аст:

- Пешниҳоди воқеияти замон дар доираи публитсистика бештар мувофиқ аст ва бо назардошти тарғибу ташвиқи падидаву зуҳуроти нав аз он бештар кор гирифта мешавад.

- Вазифаву уҳдадориҳо ва як андоза масъулияту садоқати адиб барои нишон додани авзои сиёсии замон мусоидат карда, муносибат ва шиноъти адиб бештар аз равзанаи мусбат сурат мегирад.

- Адабиёту публитсистика дар ҳама шохаҳои худ аз руҳияи идеологӣ дар фосила қарор надорад ва сиёсати руз дар аксар осори адибон мавқеи муҳимро касб менамояд, дар ин маврид ҳамагуна эҷоди публитсистӣ (назм ва наср) қатъи назар аст.

- Маҳорат ва завқи адибон боис мегардад, ки масъалаи муҳимми руз дар сатҳи баланд дар шууру афкори ҷомеа дарк, муҳаббат ва эътимоди навро ба вуҷуд оварад.

- Эҷоди чунин навиштаҳо симои Н. Розиқро аз равзанаи дигар муаррифӣ карда метавонад, ки он аз олами сиёсат дур набудани уст. Ҳамчунин равандҳои идеологӣ низ дар он солҳо барои адибон вазифаҳову уҳдадориҳоро мушаххас менамуд, ки намунаи возеҳи онро дар мисоли “Дар байни гулҳо” дидан мумкин аст.

- Н. Розиқ аз ҷумлаи адибони ботаҷрибаву соҳибмаҳоратест, ки масъаларо ҳеҷ гоҳ таъкид наменамояд, балки воқеияти эҳсосбарангезро хеле марғуб нишон медиҳад.

- Барои адиб натанҳо саҳнаҳову ифодаҳо ва тафсилу хулосаҳо, балки мавқеи фаъоли образҳо масъалаи ватандустиву садоқатро нишонрас баррасӣ кардаанд.

- Очерки сафарии мазкур ба маънии том ҷанбаҳои идеологиро ба таври марғубу дилчасп пешниҳоди хонанда гардонидааст ва усули пешниҳоди ҳадаф хеле нишонрас мебошад. Дар он чунин як оҳанге ба назар мерасад, ки адиб бо самимияту садоқат сиёсати идеологии шуравиро ҷонибдорӣ менамояд.

Адабиёт

1. *Гулов С. Дар ҳошияи як очерк //Журналистика ва ҷомеа (маҷмуаи мақолаҳо).-Душанбе, 1999. – 33 с.*
2. *Имомзода М.С., Ҳошимзода Б. Воқеияти зиндагӣ аз дидгоҳи бадеият / Имомзода М.С., Ҳошимзода Б. // Паёми ДМТ.(бахши илмҳои филологӣ) №10, 2024. – С.336-339.*
3. *Қутбиддинов А.Ҳ. Унсурҳои публитсистии жанри латифа . / Қутбиддинов А.Ҳ. // Паёми ДМТ.(бахши илмҳои филологӣ) №9, 2022. – С.168-171.*
4. *Қутбиддинов А. Нигоҳе ба мавзуи ватандустӣ дар шеъри иҷтимоии Бозор Собир А. Қутбиддинов / //Паёми ДМТ.(бахши илмҳои филологӣ) № 4/1 (159), 2015.- С.292-296. – С.293.*
5. *Қутбиддинов А., Собирова З. Насри мустанад дар таҳқиқи А. Саъдуллоев / //Паёми ДМТ.(бахши илмҳои филологӣ) № 6, 2022.- С.239-245.*
6. *Қутбиддинов, А. Ҳ. Назаре ба таърихи ташаккули нашрияи “Шаҳриёр” / А. Ҳ. Қутбиддинов // Паёми Донишгоҳи омузгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2020. – №2 (85). – С.168-174.*
7. *Муҳаммадиев, Ф. Асарҳои мунтахаб: Иборат аз 2 ҷилд./ Ф. Муҳаммадиев. – Душанбе: Ирфон. Ҷ. 1. – Очеркҳо, ҳикояҳо, қиссаҳо. – 1978. – 555 с.*
8. *Муродов, М. Истиқлолият ва рушди матбуоти даврӣ / М. Муродов. – Душанбе: Аржанг, 2017. – 320 с.*
9. *Розиқ Н. Дар байни гулҳо // Машъал 1972, №2, саҳ. 3-4.*
10. *Садуллаев, А. Эссе. Размышление о некоторых аспектах жанра и его эволюции / А.Саъдуллоев. – Душанбе: Адиб, 2010. – 116 с.*
11. *Саъдуллоев А. Хосияти адабиёт. – Душанбе: Адиб, 2000.- 256 с.*
12. *Саъдуллоев, А. Истеъдод парвариш мехоҳад //Наҷвои наҷотофарин (маҷмуаи мақолаҳо) / А.Саъдуллоев. – Душанбе, 2008. – С.24-30.*
13. *Садуллаев А, Аминов А. Очерк: генисиз, развитие и современное состояние. А. Садуллаев, А. Аминов.– Душанбе: Ирфон, 2012. – 216 с.*
14. *Саъдуллоев, А, Гулмуродозода, П. Ҳамосаи инсони кор / А.Саъдуллоев, П.Гулмуродзода. – Душанбе, 1994. – 64 с.*
15. *Усмон И. Таҳкими сулҳ ва таҳаввулоти Тоҷикистон (маҷмуаи мақолаҳо ва мусоҳибаҳо) / Усмон И.-Душанбе, 2016.-672 с.*
16. *Усмонов И. Мулк бе сиёсат / И. Усмонов. – Душанбе: Маориф, 1986. – 56 с.*
17. *Усмонов, И.К. Жанрҳои публитсистика / И. К. Усмонов. – Душанбе, 2009. – 138 с.*
18. *Ҳайдаров Ғ, Абдуллоев С. Аз таърихи матбуоти маҳаллӣ / Ғ.Ҳайдаров, С.Абдуллоев // Ҳақиқати Ленинобод. – 1974. – 11 сентябр.*

19. *Ҳакимова С. Ҷустуҷуе аз мисраи руъё то раҳгузари ҳақиқат// Шарофати «Бухорои шариф» (маҷмуаи мақолаҳо). – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2012.– С.134-143.*
20. *Шарифзода Қ. Газета (рузнома) аз таърих, вазифаҳои иҷтимоӣ, таснифот ва сохтори редаксияи он (Дастури таълимӣ). – Душанбе: Ирфон, 2016.-104 с.*

АДИБ, ВОҚЕИЯТИ ЗАМОН ВА РАВАНДҲОИ МАФКУРАВӢ

Дар мақолаи мазкур дар бораи робитаи адиб бо мавзуъҳои сиёсӣ сухан рафта, нақши он дар шаклгирии сиёсати замон бозгӯ мегардад. Ба ин масъала бо баъзе ишораҳо аз таърихи вазифаҳои публитсистика дар гузашта низ равшанӣ андохта мешавад. Дар ҳақиқат ин вазифаву рисолат бо гузашти вақт тобишҳову сурати нав пайдо намуда, дар аксар шохаҳои худ ба муаррифгари идеологияҳои муайян табдил ёфтааст. Эътироф бояд кард, ки дар тарғибу ташвиқи сиёсати давлатӣ адибону публитсистон ҳамеша дар саргаҳ қарор гирифта, дар доираи садоқату самимият ва омилҳои гуногуни дигар идеологияҳоро тарғиб менамоянд шакл мебахшанд. Масъалаи мазкур дар замони шуравӣ бо хосияти фармоишӣ дар сатҳи хос қарор дошт ва сиёсати ягонаи ҳизбӣ ин равандро назорат менамуд. Натиҷаи чунин сиёсат буд, ки аксари адибон ба сангари мубориза равона мегардиданд ва дар бедор кардани эҳсоси ватандустӣ саҳми зиёд мегузоштанд. Дар ин раванд Нуъмон Розиқ дар замони шуравӣ яке аз адибони фаъол ба шумор мерафт ва дар доираи матолиби матбуотиву асарҳои дигари назмиву насрӣ бо шеваҳои гуногун аз сиёсати замон ҷонибдорӣ менамуд. Ба андешаи муҳаққиқ Нуъмон Розиқ адиби публитсисте мебошад, ки бо шакли баён ва сабку услуби содаву фаҳмо очерку лавҳа ва ҳикояву эссеҳои публитсистиро офарида, бо таҷзияи назарраси воқеияту бадеият осори мондагорро аз худ боқӣ гузоштааст. Масъалаи мазкур дар очерки сафарии “Дар байни гулҳо” аз чанд дидгоҳ мавриди баррасӣ қарор дода мешавад, ки он солҳои ҳафтодуми асри гузашта дар маҷаллаи “Машъал” ба табъ расидааст. Муаллиф бештар тараннуми дустиву бародарии халқҳои шуравиро мавриди баррасӣ қарор дода, қадрдонии қаҳрамонии диловарони тоҷикро таъкид менамояд, ки дар ҷанг дур аз зодгоҳи худ ҳалок гардидаанд.

Калидвожаҳо: публитсистика, мавзуъ, сиёсат, ҷомеа, адабиёт, иттиҳод, таҳқиқ, фазо, замон, матбуот.

ПИСАТЕЛЬ, РЕАЛИИ ВРЕМЕНИ И ИДЕОЛОГИЧЕСКИЕ ПРОЦЕССЫ

В данной статье рассматривается связь писателя с политической тематикой, а также раскрывается роль литератора в формировании политики своего времени. Освещению данной проблемы способствуют и отдельные обращения к истории функций публицистики. Действительно, с течением времени эта миссия и предназначение приобретали новые формы и оттенки, а во многих своих проявлениях публицистика превратилась в средство представления и продвижения определённых идеологий. Следует признать, что в пропаганде и популяризации государственной политики писатели и публицисты всегда находились в авангарде, распространяя и формируя идеологические установки в рамках преданности своим убеждениям, искренности и под воздействием различных факторов. В советский период данная проблема носила особенно выраженный директивный характер, а единая партийная политика строго контролировала этот процесс. Результатом подобной политики стало то, что большинство писателей оказывались на передовой идеологической борьбы и вносили значительный вклад в пробуждение патриотических чувств. В этом контексте Нумон Розик в советское время считался одним из наиболее активных литераторов, который в своих публицистических материалах, а также в поэтических и прозаических произведениях различных художественных средств поддерживал политику своего времени. По мнению исследователей, Нумон Розик является писателем-публицистом, который благодаря простоте и доступности языка, своеобразию стиля и манеры изложения создавал очерки, зарисовки, публицистические рассказы и эссе, оставив после себя значительное литературное наследие, основанное на глубоком соединении реальности и художественности. Данная проблема рассматривается с нескольких точек зрения в его путевом очерке «Среди цветов», опубликованном в 1970-х годах в журнале «Машал». Автор в основном воспевает дружбу и братство народов Советского Союза, подчёркивает уважение к героизму таджикских воинов, погибших вдали от Родины во время антигитлеровской войны.

Ключевые слова: публицистика, тема, политика, общество, литература, единство, исследование, пространство, время, печать.

THE WRITER, THE REALITIES OF THE TIME, AND IDEOLOGICAL PROCESSES

This article examines the connection between the writer and political themes, while also exploring the role of the man of letters in shaping the politics of their period. The exploration of this issue is further supported by specific references to the historical functions of publicism (socio-political writing). Indeed, over time, this mission and purpose have taken on new forms and nuances; in many of its manifestations, publicism has evolved into a tool for representing and promoting specific ideologies. It must be acknowledged that in the propagation and popularization of state policy, writers and publicists have always been at the vanguard—disseminating and shaping ideological frameworks through a combination of personal

conviction, sincerity, and the influence of various external factors. During the Soviet period, this issue was characterized by a particularly directive nature, as a unified party policy strictly controlled the process. As a result of such a policy, the majority of writers found themselves at the forefront of the ideological struggle, making a significant contribution to the awakening of patriotic sentiment. In this context, Numon Roziq was regarded as one of the most active literary figures of the Soviet era; through his publicistic materials, as well as his poetic and prose works, he utilized various artistic means to support the politics of his time. According to researchers, Numon Roziq is a writer-publicist who—owing to the simplicity and accessibility of his language, as well as his distinctive style and manner of presentation—produced sketches, vignettes, publicistic stories, and essays. He left behind a substantial literary legacy built upon a profound fusion of reality and artistry. This issue is examined from several perspectives in his travel sketch "Among the Flowers", published in the 1970s in the journal "Mash'al". The author primarily celebrates the friendship and brotherhood of the peoples of the Soviet Union, emphasizing respect for the heroism of Tajik soldiers who died far from their homeland during the war against Nazi Germany.

Keywords: publicism, theme, politics, society, literature, unity, research, space, time, the press.

Дар бораи муаллиф
Саидов Алишер Тагоевич
Унвончӯи кафедраи матбуот
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рудаки, 17
E-mail: alishersaidov191@gmail.com

About the author
Saidov Alisher Tagoevich
Applicant for the Department of Printing
Tajik National University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17
E-mail: alishersaidov191@gmail.com

Об авторе
Саидов Алишер Тагоевич
Соискатель кафедры печати
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17
E-mail: alishersaidov191@gmail.com

ТДУ 891.550

БОЗТОБИ МУҚАДДАСОТ ДАР ЭҶОДИЁТИ РУСТАМ ВАҲҲОБЗОДА

Миралиева С. Т.
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов

Муқаддима. Рустам Ваҳҳобзодаро ба ҳайси як шоири эҷодкор ва ба сурати дигар ҳамчун як пайрави шоири ориф ё солики ориф, ҷонфидои роҳи Ҳақ тариқат метавон шинохт, зеро ашъори ӯ моломоли ишқи Илоҳӣ аст. Шоир Офаридагорро сарвари тамоми мавҷудоти оламу коинот медонад ва ин симои покро аз ҳар мавҷуде боарзишу болотар медонад. Зикри номи Офаридагор, ки дар сарчашмаҳои ирфонӣ бо мафҳумҳои гуногун ёд мешавад, аз он ҷумла Худо, Парвардигор, Илоҳӣ, Дӯст, Шоҳ, Раб(б), Ёр, Ҳақ, Холиқ, Маъбуд, Оллоҳ, Якто, Кирдгор, Мутлақ, Воҳид, Яқин, Бечун, Борӣ, Соҳиб, Аҳад, Зот, Ломакон, Халлоқ ва ғайраҳо ном бурда мешавад, дар ашъори шоир низ бо ин номҳо ба таври васеъ истифода бурда шудааст.

Номи Офаридагорро, ки офарандаи тамоми мавҷудоти олами ҳастӣ аст, шоир Рустам Ваҳҳобзода ба як муҳаббат ва садоқати бепоёни инсонӣ дар аксари шеърҳои гуногунжанри худ ном мебарад.

Маводҳо ва предмети тадқиқот. Сарчашмаи асосии дар мавод истифодашуда аз шеърҳои ирфонию афкори тасаввуфии шоир Рустам Ваҳҳобзода, ки дар маҷмуаҳои “Шаҳри Хуршед”, “Салом”, “Ҳазор байт”, “Сарводаи Ватан”, “Қаламрарави меҳр” ва аз баъзе ашъори назмие, ки дар рӯзномаю маҷаллаҳои даврӣ рӯи чоп омадаанд, баррасӣ гардидаанд. Инчунин андешаи чанде аз шоирони ҳамсангу ҳамасри шоир ва пажӯҳандагон оиди ин қисмати ашъори шоир оварда шудаанд.

Шоир вассофу тасвиргари ишқи он ёри Яктост. Ин аст, ки гоҳо аз карами ӯ меситояду гоҳе аз фироқаш менолад. Масалан дар шеъри “Рӯҳи қалам” шоир аз он савганд мехӯрад, ки ҳар сухане, ки Худо мамнуъ медонад, нахоҳам гуфт ва ҳар чӣ аз рӯи адолату вафо ҳаст, ҳамонро мегӯям ва бо ин бовафою содиқ будани худро дар роҳи Ҳақ нишон медиҳад:

Қасам ба рӯҳи қалам, нораво нахоҳам гуфт,
Ҳар он сухан, ки нахоҳад Худо, нахоҳам гуфт... [3, с.93].

Натиҷаҳо. Камол Насрулло ақидаи хешро дар хусуси ин шеър чунин баён намудааст: «Рустам Ваҳҳобзода дар ғазалиёт андешарониҳо ва тасвирҷӯиҳои тозаву шоиронаи худро комёбона идома медиҳад. Дар ғазали «Рӯҳи қалам» кредои шоирии худро, ки чун қасам садо медиҳад, хеле қатъӣ ва бо бовар изҳор медорад ва бо ин масъулияти хеле баландро ба зимма мегирад” [13, с. 10-11].

Ё ин ки ба ҳамин маъно дар шеъри “Меҳан” ба тарзи дигар мегӯяд:

Лавҳи паймони мо дорад муҳри сабзи Худо, Меҳан,
Санги кӯят ба сар бодам, гар бипӯям хато, Меҳан.
Пок ойинаи ойин реша дар хоки ту дорад,
Меҳр бо хоки поки туст суннати Мустафо, Меҳан [18, с.68] .

Ё ин ки дар шеъри “Гавҳари имон” аз эътиқоду боварии худ ба ин зоти пок, ки дар тамоми нафасҳову оҳҳо, дар нимашабу вақти саҳар ҳам, мӯ ба мӯ дар тамоми ҳастӣ, дар таги дору дар таҳи чоҳ ҳам ҳамнафасу ҳамроҳ будани худро бо ӯ медонад:

Бо манӣ, эй гавҳари поку муназзаҳ, бо манӣ,
Дар шаби андешаҳо чун партави маҳ бо манӣ.
Дасти дунёи данӣ аз доманат кӯтоҳ бод,
Дар хаёли дуру дар ҳар оҳи кӯтаҳ бо манӣ.
Бо тулӯъи субҳ дар тори навои булбулон,
Дар қиёми шаб ба зикри Аллаҳ-Аллаҳ бо манӣ... [2, с.80]

Ба ҳамин тариқ, дар шеъри “Тилисм” чунин мегӯяд:

Даст барнамедорам як дам аз гиребонат,
То бурун намеорам аз тилисми шайтонат.
Эй дил, эй дили бебок, то каям кашӣ дар хок?
Кош он ки бирбудат, карда буд қурбонат...
То ба кай ғамин бошӣ аз вуҷуди мо, эй дӯст?
Дасти марг бифшонад гарди мо зи домонат...
На маҳи шаби Нахшаб, на ситора, на кавкаб,

Кош будамӣ, ё Раб, нуқтае зи Қуръонат.
Хандаҳои ту, шоир, гиряҳои пинҳонист,
Аз фиреби мо бигзар, дидаем девонат [7, с 156].

Дар ин шеъри орифона даъвои шоир бо дили худаш ҳаст, ки мегӯяд, то он даме, ки аз тилисми иблис наҷотат надиҳам дастбардор нестам, то кай ту маро ба хок мекашӣ, кошки ҳамоне, ки ошиқу шефтаи худ кард туро, дар роҳи худо қурбонат (садақа кардан дар роҳи худо монанди гову гусфанд ва шутур, ки ба ин васила ба худованд қаробат меҷӯянд. С. М) мекард, то ба кай ту ғамгин мегардӣ аз ба дунё омадани мо, аҷал ҷони моро мерабуду чун як гарде, як зарраи ночизе аз канори ту раҳо мешудем, то ки туро наёзорем. На маҳи шаби Нахшаб (Қамарулмуқанаъ – моҳи нахшаб, моҳи сунъие, ки бо ёрии оинаву нури моҳ Муқаннаъ гӯё барои даъвои пайғамбарӣ дар Нахшаб (наздики Бухоро) сохта будааст. С. М), на ситора (маҷ. шахси мумтоз дар соҳае, бештар дар соҳаи илм ва санъат) ситораи илм, ситораи санъат, ситораи раҳнамо, на кавкаб (ҷирми осмоние, ки дар осмон шабона чун нуқтаи дурахшоне дида мешавад) мешудам, кошки эй Раб (Худованд, Худо) як нуқтае (изи бисёр хурде, ки бо як бор расонидани нӯги қалам ё ягон чизи нугтез пайдо мешавад; нуқтаи ҳарфҳои арабӣ аломати холчамонанде, ки дар боло ва зери ҳарфҳои арабӣ гузошта мешавад. С. М) аз Қуръонат (Қуръон номи китоби муқаддаси мусулмонон, ки тибқи таълимоти дини ислом бар ҳазрати Муҳаммади пайғамбар(с) нозил гардидааст ва дар он аҳкоми дини ислом ва шариати он дарҷ ёфтааст. С. М) мебудам. Дар ин шеър Худовандро бо номи “Раб” ёд кардааст.

Дар шеъри “Худо бо шумо аст” шоир макону нишони Худовандро, ки Ӯ дар вуҷуду аъмол ва рафтори худи одамон мебинад, чунин тасвир намудааст. Худоро на аз осмонҳо ва ахтарону каҳкашон(маҷмуи ситораҳо) ҷӯед, баръакс пеш аз ҳама аз дилу тинати худ, аз мағзи ҷону андеши худ ӯро меёбед. Инчунин аз чашми камнури пирону лафзи ширини тифлон, дар ҳузури беморону нотавонон меёбед Ӯро, на аз кушку қасрҳои боҳашамат, балки назди хаймаи чӯпонҳо ёфтану соҳибмакону ломакон будани ӯро бо як хулосаи мантиқӣ ташбеҳу тасвир намуда, одамонро ба инсондӯстиву меҳрубонӣ, садоқату хоксорӣ ва ғамхорӣ ҳам будан, ки Худо бо чунин меҳрубонҳост ҳидоят намудааст:

Худоро маҷӯед аз осмонҳо,
На аз ахтарону на аз каҳкашонҳо.
Худоро биҷӯед аз тинати хеш,
Зи дилҳо, равонҳову аз мағзи ҷонҳо.
Худоро биҷӯед аз чашми пирон,
Ки ҷӯянд аз одамийят нишонҳо.
Худоро биҷӯед аз лафзи тифлон,
Ки афришташон мениҳад бар забонҳо.
Худоро биҷӯед, аз меҳр, аз сидқ,
Не аз кинаварзию не аз гумонҳо.
Маҷӯедаш аз кохҳои забаоҷад,
Ки хӯш оядаш хаймагоҳи шубонҳо.
Куҷо ҳаст бемор, бемордор ӯст,
Биҷӯедаш аз маҳзари нотавонҳо.
Нишонӣ чӣ пурсед, ӯ бенишон аст,
Агарчи ҳам аз ӯст ҷумла нишонҳо.
Маконашчӣ пурсед, ӯ ломакон аст,
Ҳам аз ӯст гарчи макинҳо, маконҳо.
Худо меҳрубон аст, агар меҳрубонед,
Худо бо шумояст, эй меҳрубонҳо [7, с.202].

Ба ҳамин маъно дар шеъри “Бехазонӣ” дар радифи мисраи “Қадри одам ҳам баланд аз хоксорӣ мешавад” андешаи хешро аз хоксорию меҳрубонӣ баланд гаштани қадри инсон баён намуда ва натиҷааш аз Худои халқ меҳрубонӣ диданро зикр намудааст:

Он ки қадри хок донад, осмонӣ мешавад,
Он ки қадри халқ донад, ҷовидонӣ мешавад.
Он ки умре рӯй дорад ҷониби Хизри мурод,
Обрӯяш беҳ зи оби зиндагонӣ мешавад...
Он ки бо халқи Худояш меҳрубонӣ расм буд.
Аз Худовандаш нисори меҳрубонӣ мешавад... [7, с.118]

Шоири донишманд Рустам Ваҳҳобзода аз донишҳои замони муосир ва китоби муқаддаси “Қуръон” ба хубӣ огоҳӣ дорад. Дар ин мавриd метавон шеъри “Дастури зиндагӣ”-и шоирро тарҷеҳ дод, ки дар ин шеър андешаи хешро шоир оиди китоби муқаддаси мусулмонон, ки қисме аз одамон онро кӯр – кӯркурона мехонанду ба маънои аслии он сарфаҳм намераванд, чунин шарҳ дода, ба риштаи назм кашидааст:

Қуръон паёми марг на, дастури зиндагист,
Раҳнамои саодату маншури зиндагист.
На хуфтагию яъсу ғаму номуродӣ аст,
Қуръон нишоту саъю дами сури зиндагист.
Омад зи осмон, ки туро осмон барад,
Авҷи шукӯҳу тантанаву шӯри зиндагист.
Созандагиву сулҳу сафову самимият,
Зояндарӯди маърифату нури зиндагист.
Барномаи бақои башар, радди шар бувад,
Пайки расулу барҳақу маъмури зиндагтст.
Дарҳои худ барои ҷаҳон боз кардааст,
Мақсудаш иттиҳод ба манзури зиндагист.
Озодӣ аст, бандагие хост ӯ зи мо,
Мастури сатр – сатр варо ҳури зиндагист.
На марги худ биҷӯиву на марги касе аз он,
Қуръон паёми марг на, дастури зиндагист [7, с.124].

Воқеан дар ин ғазали худ шоир бо як тасвири нозукона, нарму хеле ҳам зебо мақсаду маънои аслии китоби “Қуръон”-ро мухтасаран ба риштаи назм кашида, ин муқаддасотро, на паёми марг, яъсу ғаму ноумедӣ, балки роҳнамою дастури зиндагии босаодат, созандаи сулҳу сафо, маърифату нури зиндагӣ, барномаи зиндагии башар, иттиҳоду озодӣ номида, марги худу каси дигарро аз ӯ наҷӯста, роҳнамояму ҳидоятгари зиндагии хеш қарор додани он ибрози ақида намудааст. Хосса, дар мисраи ин шеър “Омад зи осмон, ки туро осмон барад”, гуфтаи шоир “воқеаи аз осмон омадани Қуръон”-ро тавзеҳ медиҳад ва “туро ба осмон барад”, яъне бо дуруст дарк кардани маънои Қуръон метавон шавкату шуҳрати туро боло барад, яъне хулосаи шоир Қуръон на барои мурдану ғам хурдану он дунё аст, балки башоратест дар ин дунё ба роҳи росту зиндагии босаодат ҳидоят намудани инсон аст.

Эҷодкорон хосса, шоирон бо табъи худододи худ ва шабзиндадорию бедорхобӣ аз сухан кох месозанд, нур меофаранд ва билохира, ба сухан ҷон мебахшанд. Шоир Рустам Ваҳҳобзода асли сухан ва сарчашмаи онро аз қудрати яздонӣ ва каломи илоҳӣ медонад. Ба ақидаи Абдурраҳмони Ҷомӣ, «табъи сухангузор ва истеъдоди шеър қудрати илоҳист...», яъне ҳам шеър ва ҳам табъи шоирӣ маншаи улвӣ доранд. Чунонки аз тавзеҳи А. Сатторзода бармеояд, Ҷомӣ «натанҳо сарчашмаи эҷоди бадеӣ ва истеъдоди шеърро ба илоҳӣ нисбат дода, назми шоирро «туҳфаи ғайбӣ» номидааст, балки муроди шеъру шоириро низ аз «мутолиаи ҳусну ҷамоли Ӯ ва «мушоҳидаи ҷоҳу ҷалоли Ӯ», яъне Худованд медонад [19, с. 21].

Чунин ақида ва эҳтиром ба каломи манзумро, ки дар суханони Абдурраҳмони Ҷомӣ ва дигар шоирони асримиёнагӣ ба таври фаровон дучор мешавем, адабиётшинос Мисбоҳиддини Нарзиқул низ ба мушоҳида гирифта, оид ба ин нукот чунин андешаронӣ намудааст: «Таъсири Қуръон ва ҳадис дар адабиёти форсӣ ҳодисаи инкорнопазир буда, дар ин бора аз ҷониби донишмандони ватаниву хориҷӣ даҳҳо китобу рисолаҳо таълиф гардидаанд, ки ба аҳли басират ошноянд. Аммо дар аксари чунин таълифот, бештар таҷаллии Қуръон ва ҳадис дар каломи шоирон мавриди баррасӣ қарор гирифтаву шеваҳои гуногуни асарпазирӣ ва каломи раббониву аҳодиси набавӣ дар шеър тасдиқ гардидаанд» [12, с. 216].

МУҲОКИМА. Дар ҳақиқат, таъсири ин ақидаро мо дар ашъори пурҳикмати Рустам Ваҳҳобзода низ чуноне ки дар боло зикр кардем, инчунин дар давоми баҳсҳои баъдӣ вомехӯрем.

Дар ғазали “Каломи шаҳодат” илҳом аз шеъри Хусрав “Карам кун як сухан, ҷоно, ки то з-он як сухан мирам” гирифта, шоир шукӯҳу шавкати худро дар “сухан” мебинад, дар гардани худ руъёи суханро аз тавқи зару гулчанбар воло дониста, аз ҳама мушкилоти зиндагӣ ворастану ба мақсад расидани хешро бо маҷрои “сухан” рафтан мебинад.

Шукӯҳи осмон ёбам, чу дар пойи сухан мирам,
Суруди ку ба лаб бар мавҷи дарёи сухан мирам.
На тавқи зар ҳавас дорам. На гулчанбар. Чу як рӯзе,

Ба гардан чанбари симини руъёи сухан мирам.
Бипаймоям раҳи паймони ҷовиди Бухороро,
Зарафшонвор дар паҳнои дунёи сухан мирам...
Миёни моҷароҳое, ки аз раҳаждаҳо созад,
Ба мақсад мерасам, охир, ба маҷрои сухан мирам [7, с.126].

Пайванди ногусастании хешро шоир дар каломи вопасин бо “сухан” медонад ва аз Худованд илтиҷо дорад, ки умре сухангӯ буду каломи охиринаш ҳам бо сухан бошад. Дар ин байт орзуи охирини ҳар як инсонро, бавежа мусулмононро, ки бо забони гӯё падруди ин дунёро хоҳонанд, бо як ташбеҳи пӯшидае овардааст, ки хеле таъсирбахшу самимӣ омадааст:

Каломи охиринамро, Худовандо, шаҳодат кун,
Чу ман умре сухан гуфтам, ба аснои сухан мирам [7, с.126].

Дар ин маврид О. Бухорӣ оиди эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода чунин овардааст: “Шеър дар ниҳояти кор як паёми огаҳист, ки аз сарчашмаи шуури шоир сар мекашад...” [1, с. 4].

Дар шеъри “ Ҷарида”(Ба паямбарситезон) бошад, бо номи “Худо”ва бо ҳамин ном дар ғазалҳои “Қадр”, “Мавҷи ҳасрат”, “Ғазали равон”, “Чи оташе”, “Намози дил”, “Як ҳарф”, “Бародар”, “Масдар”, “Порсӣ Фирдавсӣ мардони Худост”, “Рӯзе”, “Чӣ мегӯйӣ?”, “Рӯҳи қалам”, “Меҳан” Офаридагорро ном бурда, бо Ӯ дар гуфтугӯ аст. Дар шеъри “Тӯфони ҳасрат”, “Ниёиш”, “Хуршед аст” бо номи Дӯст ёдовар шудааст. Дар шеъри “Пос”, “Зи ҷои дигар”, “Равони бегуноҳон”, “Тилисм” бо исми “Раб” ном бурда шудааст. Дар шеъри “Суруди марзбон”, “Оҳани дил”, “Сангари хунин” бо исми “Ҳақ” ном бурда шудааст. Бо номи “Ёр” дар шеъри “Муноҷот”, “Додхост”, “Ба чашм” ин Зоти Поки Парвардигорро шоир бо як ихлосу меҳри бепоён ном бурдааст.

Дар рубоиёт ҳам Офаридагорро бо номҳои гуногун шоир ёдовар шудааст:

Чун нури Ҳақ аз қалби гумон бояд рафт,
Чун андеша миёни ҷон бояд рафт.
Пӯидани ту то ба самар роҳ барад,
Чун об ба решаҳо ниҳон бояд рафт [3, с. 196].
Ё Раб, ё Раб, он дари мафтӯҳ куҷост?
Меъроҷи дуъову шаҳпари рӯҳ куҷост?
Ҳар қалб сафинаест бишкаста ба баҳр,
Тӯфон бигирифта оламу Нуҳ куҷост? [7, с.311]
Ё Раб, Ту ҳама ниҳони ман медонӣ,
Андешаи ман, гумони ман медонӣ.
Ҳарчанд, ки муддао бисӯзад ба забон,
Сад шукр забони ҷони ман медонӣ [7, с. 311].
Ё Раб, Ё Раб, қути маро нур бидеҳ,
Аз нур маро шамъи шаби гӯр бидеҳ.
Он лаҳза, ки дил тиҳӣ шавад аз нурат,
Хоҳеш ба мору хоҳ бар мӯр бидеҳ [7, с. 312].

Худованд, ки фақат нурашро нишон медиҳад, мехоҳад, ки қути рӯҳу равонашро аз ҳамон рӯшноӣ бидиҳад ва аз ҳамон рӯшноӣ (шамъ яке аз манбаъҳои равшанидиҳанда, ки аз мум ё чарбу тайёр карда ба дарунаш пилта монда мегиронанд. С. М) барои шаби гӯр, ин ҷо шоир ба маъноӣ роҳгум задан, вақте ки дил аз рӯшноии ту заиф шавад, беҳтар аст, ки хоҳӣ ба мор ё мурчагон бидеҳӣ. Ҳамин маъниро дар шеъри “Пос” бо чунин андеша баён намудааст:

...Эй нури чашм, гарчи туро ҳеҷ кас надид,
Ғайри ту ошкори дигар нест, нест, нест... [2, с. 121]

Ҳамин тавр, шоир дар китоби “Салом” дар 18 рубоӣ зикри номи Худовандро намудааст. Дар фардбайтҳо низ исми Офаридагор бо номҳои гуногун зикр гардидааст.:

Чун диёри мо яке, Парвардигори мо якест,
Дар миёни мо ҳазорон фарқи дигар андакест [4, с. 122] .
Камоли раҳмати Парвардигор аст:
Ба ҷони худ на моро ихтиёр аст [3, с. 229].
Бинам чу бар рухсорае ранги ҳаё гул мекунад,
Он лаҳза дар пиндори ман боғи Худо гул мекунад [3, с.233] .
Ту чунон бош ба олам, ки Худо мехоҳад,
На чунон бош, ки ҳар бесарупо мехоҳад [3, с. 233].
Ҷаҳон моли Худост, эй ҳушёрро,
Махоҳ аз дигарон моли Худоро [3, с. 242] .

Аз меҳру ихлоси бепоён доштааш ба Офаридагор ҳатто дар як мисраъе исми онро чанд бор такрор намудааст:

Ало Якто, ало Танҳо, ало Ёр,

Маро танҳо даме бо хеш магзор! [3, с. 230].

Хулоса. Рустам Ваҳҳобзода шоири муҷазбаёнест, ки тавонистааст, маънии як достону асарро дар як байташ ифода кунад. Дар баёни мавзуи мавриди назар шоир бо қудрати тахаюл, отифа ва бо истифода аз дигар маҳорати адабӣ номи Офаридагорро лаззатбахш ва таъсиргузор тавсифу тасвир намудааст. Ҳамин тавр, шоир дар 12 фардбайти китоби "Салом", чанде дигар илова дар маҷмуаи "Қаламрави меҳр" ва зиёда аз 30 фарди китоби "Ҳазор байт" исми Худовандро бо номҳои гуногун зикр намуда, дар ҳар кадоме панду андарзҳои гуногуни худшиносиву худогоҳӣ ва ҳувияти миллию меҳанпарварӣ нуҳуфтааст.

Адабиёт

1. *Бухорӣ, О. Шеър пайки огаҳист / О. Бухорӣ // Адабиёт ва санъат. – 2009. – 4 июн. – №23 (1474). – С. 4.*
2. *Ваҳҳоб, Р. Шаҳри хуршед / Р. Ваҳҳоб : муҳаррир ва муаллифи сарсухан Гулрухсор. – Душанбе: Фарҳангистони байналмилалии Шеъри Ҷаҳон, 2008. – 167 с.*
3. *Ваҳҳоб, Р. Салом / Р. Ваҳҳоб. – Душанбе: Адиб, 2015. – 256 с.*
4. *Ваҳҳобзода, Р. Ҳазор байт (муфрадоти бадеҳа) / Р. Ваҳҳобзода. – Душанбе: Адиб, 2020. – 160 с.*
5. *Ваҳҳобзода, Р. Назм / Р. Ваҳҳобзода // Адабиёт ва санъат. – Душанбе, 2020. – №26(2049). – С.8.*
6. *Ваҳҳобзода, Р. Қасам / Р. Ваҳҳобзода // Садои Шарқ. – 2020. – №11. – С. 13-14.*
7. *Ваҳҳобзода,Р. Қаламрави меҳр / Р. Ваҳҳобзода. – Душанбе:Нашриёти Адиб, 2022. – 368 с.*
8. *Қосим, Н. Бозгашти шоир / Н. Қосим // Адабиёт ва санъат. – 2009. – 12 март. – №10 (184). – С. 14.*
9. *Лоиқ. Модарнома / Аввалу охири ишқ / Лоиқ. – Душанбе: Маркази фарҳангии арабӣ, 1994. С.44-86.*
10. *Миралиева, С. Т. Баъзе мулоҳизаҳо оид ба ашъори ватандӯстонаи Рустам Ваҳҳобзода / С. Т. Миралиева // Паёми Донишгоҳи милли Тоҷикистон. –2020. – С. 199-206.*
11. *Мирзо Э. Модарнома / Э. Мирзо // Занони Тоҷикистон. – Душанбе, 1961. –№12. – С. 16-17.*
12. *Нарзиқул, М. Калиди эъҷоз ("Эъҷози хусравӣ"-и Амир Хусрави Деҳлавӣ ва масъалаи равишҳои нависандагӣ) / М. Нарзиқул. – Душанбе: Адиб, 2014. – 308 с.*
13. *Насрулло, К. Ҳарфе ба лаб як пора ҷон... (ваалайка бар "Салом"-и Рустам Ваҳҳобзода) / К. Насрулло // Адабиёт ва санъат. – 2017. – 13 июл. – № 28 (1895). – С. 10-11.*
14. *Р. Раҳмонӣ. Пажӯҳиши ашъори ватандӯстонаи Рӯстам Ваҳҳобзода / Р. Раҳмонӣ // Ба қуллаҳои Дониш. –2018. – 20 декабр. – № 20 (1446). – С. 10.*
15. *Раҳмон, Ҳ. На ҷон гуфтам, на тан гуфтам.../ Ҳ. Раҳмон // Адабиёт ва санъат. – 2018. – 1 ноябр. – №44 (1963). – С. 10-11.*
16. *Раҳмон, Ҳ. Кашфи зеботи сухан / Ҳ. Раҳмон // Адабиёт ва санъат. – 2020. – 2 апрел. – №13-14 (2036-2037). – С. 15.*
17. *Раҳмон, Ҳ. Шеъри дарунафрӯз / Ҳ. Раҳмон // Адабиёт ва санъат. –2020. 15 октябр. – №42 (2065). – С. 3.*
18. *Сарводаи ватан. Мунтахаби ашъори ватанияи Рустам Ваҳҳобзода : бо таҳқиқот, тавзеҳот ва интихоби Ҳафиз Раҳмон. – Душанбе: Паёми ошно, 2019. – 88 с.*
19. *Сатторов, А. Афкори адабӣ ва эстетикии Абдурраҳмони Ҷомӣ / А. Сатторов. – Душанбе: Ирфон, 1975. – 102 с.*

БОЗТОБИ МУҚАДДАСОТ ДАР ЭҶОДИЁТИ РУСТАМ ВАҲҲОБЗОДА

Муаллиф шоир Рустам Ваҳҳобзодаро ба ҳайси як шоири эҷодкор ва ба сурати дигар ҳамчун як пайрави шоири ориф ё солики ориф, ҷонфидои роҳи Ҳақу тариқат ном бурда, ашъори ӯро пуропур аз ишқи илоҳӣ медонад. Шоир Офаридагорро сарвари тамоми мавҷудоти оламу коинот медонад ва зикри номи Офаридагор, ки дар сарчашмаҳои ирфонӣ бо мафҳумҳои гуногун ёд мешавад, дар ашъори шоир низ бо ин номҳо ба таври васеъ истифода бурда шудааст. Ба ақидаи муаллиф шоир вассофу тасвиргари ишқи он ёри Яктост ва аз ин рӯ номи Офаридагорро, ки офарандаи тамоми мавҷудоти олами ҳастӣ аст, ба як муҳаббат ва садоқати бепоёни инсонӣ дар аксари шеърҳои гуногунжанри худ ном мебарад.

Калидвожаҳо: Рустам Ваҳҳобзода, шеър, шоир, ирфонӣ, ишқи поки илоҳӣ, Офаридагор, Худованд, қалам, арзишҳо, муқаддасот.

ОТРАЖЕНИЕ СВЯЩЕННОГО В ТВОРЧЕСТВЕ РУСТАМА ВАХХОБЗОДА

Автор называет поэта Рустама Ваххобзода творческим поэтом, а также последователем мистического поэта или мистического путника, преданного пути Истины и Тариката, и считает его стихи полными Божественной любви. Поэт считает Творца владыкой всех существ мира и вселенной, и упоминание имени Творца, которое в мистических источниках встречается под разными понятиями, в стихах поэта также широко используется под этими именами. По мнению автора, поэт является восхваляющим и изображающим любовь к Единому Возлюбленному, и поэтому имя Творца, создателя всех существ мироздания, он упоминает в большинстве своих разножанровых стихов как бесконечную человеческую любовь и преданность.

Ключевые слова: Рустам Ваххобзода, стихи, поэт, мистический, чистая божественная любовь, Творец, Господь, перо, ценности, священное.

THE REFLECTION OF THE SACRED IN THE WORKS OF RUSTAM VAHHOBZODA

The author describes the poet Rustam Vahhobzoda as a creative poet, as well as a follower of a mystical poet or a mystical traveler, devoted to the path of Truth and Tariqat, and considers his verses to be full of Divine love. The poet views the Creator as the Lord of all beings in the world and the universe, and the mention of the Creator's name, which appears under various concepts in mystical sources, is also widely used in the poet's verses under these names. In the author's opinion, the poet is one who praises and depicts love for the One Beloved, and therefore, he mentions the name of the Creator, the maker of all beings in creation, in most of his diverse poems as an infinite human love and devotion.

Keywords: Rustam Vahhobzoda, verses, poet, mystical, pure divine love, Creator, Lord, pen, values, sacred.

Дар бораи муаллиф
Миралиева Сарварбӣ Толибовна
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳо
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов
734053, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, мах. Лучоб, 53
E-mail: sano00475@gmail.com

Об авторе
Миралиева Сарварби Толибовна
Кандидат филологических наук, доцент кафедры языков
Таджикский институт физической культуры имени С. Рахимова
734053, Республика Таджикистан, г. Душанбе, Лучоб, 53
E-mail: sano00475@gmail.com

About the author
Miralieva Sarvarbi Tolibovna
Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Languages
Tajik Institute of Physical Culture named after S. Rahimov
734053, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Luchob, 53
E-mail: sano00475@gmail.com

ТДУ 821.222.1(55)-3.09

НАЗАРИ СИМИН ДОНИШВАР БА ИНСОН ВА ФАРҲАНГ

Тоҳирзода С. Т.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Адабиёти бадеӣ аз муҳимтарин василаҳои шинохти инсон ва ҷомеа ба шумор меравад. Нависанда тавассути офаридани шахсиятҳо, тасвири муносибатҳои иҷтимоӣ ва бозтоби арзишҳои фарҳангӣ ҷаҳони ботинӣ ва зоҳирии инсонро ба намоиш мегузорад. Аз ҳамин ҷиҳат, омӯзиши инсон дар адабиёт танҳо ба таҳлили симои қаҳрамон маҳдуд намешавад, балки баррасии муҳити иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ахлоқиро низ дар бар мегирад. Дар илми муосир чунин равишро бештар дар доираи инсоншиносии фарҳангӣ (cultural anthropology) [12; 78] шарҳ медиҳанд.

Дар адабиёти муосири Эрон Симин Донишвар аз ҷумлаи он нависандагонест, ки масъалаи инсон ва ҷойгоҳи ӯро дар ҷомеа ба меҳвари асосии эҷодиёти худ табдил додааст. Осори ӯ на танҳо бозгӯкунандаи мушкилоти занони эронӣ, балки инъикосгари масъалаҳои умумии инсонӣ, аз қабили озодӣ, адолат, ҳувият, масъулияти иҷтимоӣ ва маънавият мебошанд. Аз ин рӯ, омӯзиши ҷаҳонбинии инсоншиносии Донишвар метавонад барои дарки амиқтари ҷойгоҳи инсон дар адабиёти муосири форсӣ мусоидат намояд [9, с. 684–686; 3, с. 21–24].

Симин Донишвар (1921–2012) дар таърихи адабиёти муосири Эрон ҳамчун нахустин романнависи муваффақи зан шинохта мешавад. Романҳои «Савушун», «Ҷазираи саргардонӣ» ва «Сорбони саргардон» муҳимтарин намунаҳои эҷодиёти ӯ ба шумор мераванд, ки дар онҳо инсон дар баробари ҷомеа, таърих ва фарҳанг қарор мегирад. Нависанда бо истифода аз таҷрибаи зиндагии воқеӣ, унсурҳои фарҳанги миллӣ ва шеваҳои муосири достоннависӣ масъалаҳои муҳимми замони худро мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Қобили зикр аст, ки дар солҳои охир масъалаҳои гуногуни эҷодиёти Симин Донишвар аз ҷониби муҳаққиқони эронӣ ва хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд [10; 11; 14]. Аксари пажӯҳишҳо ба масъалаҳои зан, феминизм, ҳувияти миллӣ ва сохтори бадеии осори ӯ бахшида шудаанд. Бо вуҷуди ин, масъалаи инсоншиносӣ ва иртиботи он бо фарҳанг дар осори Донишвар ҳанӯз ба таври мустақил ва фарогир таҳқиқ нашудааст [3; 9; 14].

Аз ин рӯ, ҳадафи мақолаи мазкур омӯзиши ҷойгоҳи инсон дар ҷаҳонбинии Симин Донишвар ва муайян намудани нақши фарҳанг дар ташаккули шахсиятҳои осори ӯ мебошад.

Инсон ҳамчун арзиши маънавӣ дар осори Симин Донишвар. Яке аз муҳимтарин ҷанбаҳои ҷаҳонбинии Симин Донишвар таваҷҷуҳ ба арзишҳои маънавии инсон аст. Дар аксари осори ӯ инсон на ҳамчун мавҷуди танҳо иҷтимоӣ, балки ҳамчун шахсияте тасвир мешавад, ки дар баробари рӯйдодҳои зиндагӣ мавқеи ахлоқӣ ва маънавии худро нигоҳ медорад. Аз ҳамин нигоҳ, инсоншиносии Донишвар бештар хусусияти ахлоқӣ ва фарҳангӣ дорад.

Ин равиш пеш аз ҳама дар романи «Савушун» таҷассум ёфтааст [5]. Қаҳрамони марказии роман — Зарӣ — дар оғози асар ҳамчун зане тасвир мешавад, ки бештар дар доираи зиндагии хонаводагӣ қарор дорад. Ӯ кӯшиш мекунад оромии оиларо нигоҳ дорад ва аз рӯйдодҳои сиёсиву иҷтимоӣ канора бигирад. Аммо ҷараёни воқеаҳо тадриҷан ҷаҳонбинии ӯро дигаргун месозад.

Чунон ки мушоҳида мешавад, таҳаввули шахсияти Зарӣ на дар натиҷаи таълимоти назарӣ, балки дар натиҷаи таҷрибаи зиндагӣ сурат мегирад. Марги Юсуф, ноадолатиҳои иҷтимоӣ ва фишорҳои муҳити сиёсӣ ӯро водор месозанд, ки ба воқеиятҳои ҷомеа бо назари дигар нигарад. Аз ҳамин ҷо ҷанбаи инсоншиносии роман оғоз мегардад. Нависанда нишон медиҳад, ки инсон маҳз дар лаҳзаҳои душвори зиндагӣ моҳияти воқеии худро ошкор менамояд.

Ба андешаи мо, муҳимтарин хусусияти инсоншиносии Донишвар дар ҳамин аст, ки ӯ инсонро мавҷуди тағйирпазир медонад. Қаҳрамонони ӯ дар ҷараёни зиндагӣ рушд мекунанд, таҷриба меомӯзанд ва ба сатҳи нави худшиносӣ мерасанд. Зарӣ низ аз як зани нигарон аз тақдири оила ба шахсияте мубаддал мегардад, ки масъулияти иҷтимоии худро дарк мекунад.

Ҳамин тавр, дар «Савушун» инсон ҳамчун арзиши маънавӣ ва ахлоқӣ тасвир мешавад. Донишвар нишон медиҳад, ки озодии воқеии инсон пеш аз ҳама аз озодии ботинӣ ва шуури

маънавии ӯ сарчашма мегирад. Маҳз ҳамин шуури маънавӣ ба инсон имконият медиҳад, ки дар муқобили зулм, ноадолатӣ ва ҷаҳолат мавқеи устувор дошта бошад [5; 245–260].

Фарҳанг ва ҳувияти миллӣ дар ҷаҳонбинии Симин Донишвар. Яке аз меҳварҳои асосии эҷодиёти Симин Донишвар масъалаи фарҳанг ва нақши он дар ташаккули ҳувияти инсон мебошад. Дар осори ӯ фарҳанг танҳо маҷмуи расму ойинҳо ва суннатҳои миллӣ нест, балки неруи маънавиест, ки инсонро бо гузашта, ҷомеа ва арзишҳои ахлоқии ӯ пайванд медиҳад. Аз ҳамин нигоҳ, масъалаи инсоншиносӣ дар ҷаҳонбинии Донишвар аз фарҳанг ҷудо нест ва ҳар ду мафҳум дар иртиботи зич қарор доранд.

Дар романи «Савушун» ин масъала ба шакли возеҳ инъикос ёфтааст. Нависанда бо истифода аз унсурҳои фарҳанги миллӣ, устураҳои куҳан ва анъанаҳои мардумӣ ҷаҳони ботинии қаҳрамонҳоро ташаккул медиҳад. Ҳатто номи роман низ хонандаро ба достони Сиёвуш дар «Шоҳнома» раҳнамун месозад. Чунонки маълум аст, дар фарҳанги эронӣ Сиёвуш рамзи покӣ, адолат ва мазлумият мебошад. Донишвар аз ҳамин устура баҳра гирифта, сарнавишти Юсуфро ба сарнавишти Сиёвуш наздик месозад [5; 9; 10].

Қобили зикр аст, ки Юсуф дар роман танҳо як шахсият нест. Ӯ бештар намояндаи он гурӯҳи инсонҳоест, ки барои ҳифзи арзишҳои миллӣ ва инсонии худ мубориза мебаранд. Мавқеи ӯ дар баробари зулм ва бегонапарастӣ нишон медиҳад, ки фарҳанг барои Донишвар падидаи ғайрифаъол нест, балки неруи муқовимат ва худогоҳии миллӣ мебошад.

Ба андешаи мо, яке аз муҳимтарин ҷанбаҳои ҷаҳонбинии Донишвар дар он ифода меёбад, ки ӯ фарҳангро танҳо ба гузашта маҳдуд намекунад. Баръакс, фарҳанг дар осори ӯ падидаи зинда ва фаъол аст, ки дар рафтор, андеша ва интихоби қаҳрамонҳо таҷассум меёбад. Зарӣ низ маҳз дар ҳамин фазои фарҳангӣ ташаккул меёбад. Ӯ тадриҷан дарк мекунад, ки инсон наметавонад худро аз сарнавишти ҷомеа ва миллат ҷудо намояд.

Ҳамон гуна ки хотирнишон гардид, масъалаи ҳувият дар маркази андешаи Донишвар қарор дорад. Аммо ин ҳувият хусусияти яксон ва тағйирнопазир надорад. Нависанда онро ҳамчун падидаи зинда ва дар ҳоли ташаккул нишон медиҳад. Қаҳрамонҳои ӯ дар ҷараёни зиндагӣ ҳувияти худро бозмеёбанд ва мавқеи худро дар ҷомеа муайян мекунанд. Ин раванд махсусан дар симои Зарӣ равшан ба назар мерасад.

Аз ин ҷиҳат, «Савушун»-ро метавон на танҳо романи иҷтимоӣ, балки романи ҳувият донист. Дар он масъалаҳои ишғоли кишвар, дахолати неруҳои хориҷӣ, буҳрони арзишҳо ва таназзули муносибатҳои иҷтимоӣ ба миён гузошта мешаванд. Аммо дар маркази ҳамаи ин масъалаҳо инсон қарор дорад, ки барои ҳифзи арзишҳои фарҳангии худ талош мекунад.

Дар идомаи ҳамин андеша метавон гуфт, ки фарҳанг дар ҷаҳонбинии Донишвар ду вазифаи муҳимро иҷро менамояд. Аввал, ҳифзи хотираи таърихии миллат ва дувум, ташаккули шуури иҷтимоии инсон. Аз ҳамин сабаб, дар осори ӯ устураҳо, ойинҳо, забони мардумӣ ва анъанаҳои миллӣ ҷойгоҳи махсус доранд. Ин унсурҳо танҳо воситаи ороиши матн нестанд, балки дар шинохти шахсиятҳо ва дарки маънои зиндагӣ нақши муҳим мебозанд.

Дар романи «Ҷазираи саргардонӣ» низ масъалаи фарҳанг аз мавқеи дигар матраҳ мешавад. Агар дар «Савушун» фарҳанг бештар ҳамчун неруи ҳифзкунандаи ҳувияти миллӣ зуҳур кунад, дар ин роман фарҳанг ба воситаи буҳрони ҳувият мавриди баррасӣ қарор мегирад. Қаҳрамонҳои асар дар миёни арзишҳои суннатӣ ва талаботи ҷаҳони муосир қарор гирифтаанд. Аз ҳамин сабаб, масъалаи саргардонӣ танҳо як ҳолати равонӣ нест, балки бозтоби буҳрони фарҳангӣ ва маънавии ҷомеа мебошад.

Ба таври куллӣ метавон гуфт, ки фарҳанг дар ҷаҳонбинии Симин Донишвар воситаи пайванди инсон бо ҷомеа ва таърих аст. Инсон дар осори ӯ танҳо дар доираи муносибатҳои шахсӣ маънӣ пайдо намекунад, балки дар иртибот бо фарҳанг, хотираи миллӣ ва масъулияти иҷтимоии худ шинохта мешавад. Маҳз ҳамин масъала ба инсоншиносии Донишвар хусусияти фарҳангӣ мебахшад ва онро аз бисёр навиштаҳои дигари адабиёти муосир фарқ мекунад.

Инсон ва ҷомеа дар романҳои «Ҷазираи саргардонӣ» ва «Сорбони саргардон». Яке аз масъалаҳои меҳварӣ дар эҷодиёти Симин Донишвар муносибати инсон бо ҷомеа мебошад. Агар дар романи «Савушун» масъалаи инсон бештар дар иртибот бо воқеаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии замони ишғоли Эрон баррасӣ шуда бошад, дар романҳои «Ҷазираи саргардонӣ» ва «Сорбони саргардон» таваҷҷуҳи нависанда бештар ба буҳронҳои маънавӣ ва фарҳангии инсони муосир равона гардидааст.

Қобили зикр аст, ки дар ин ду роман ҷомеаи Эрон дар давраи дигаргуниҳои амиқи сиёсӣ ва фарҳангӣ қарор дорад. Нависанда мекӯшад нишон диҳад, ки тағйироти босуръати иҷтимоӣ то чӣ андоза ба ҷаҳони ботинии инсон таъсир мерасонанд. Аз ҳамин ҷиҳат, инсоншиносии Донишвар дар ин асарҳо нисбат ба «Савушун» хусусияти мураккабтар пайдо мекунад.

Қаҳрамони марказии «Ҷазираи саргардонӣ» — Ҳастӣ — намояндаи насли нав мебошад [4; 7; 14].Ӯ дар муҳите зиндагӣ мекунад, ки дар он арзишҳои анъанавӣ тадриҷан ҷойгоҳи пешини худро аз даст медиҳанд ва арзишҳои нав ҳанӯз ба таври комил шакл нагирифтаанд. Дар натиҷа инсон худро миёни ду ҷаҳон мебинад: ҷаҳони гузашта ва ҷаҳони имрӯз.

Ба андешаи мо, мафҳуми «саргардонӣ», ки дар унвони роман низ таҷассум ёфтааст, танҳо ҳолати равонии як қаҳрамон нест. Ин саргардонӣ бозтоби вазъи маънавии ҷомеаест, ки дар марҳилаи гузар қарор дорад. Ҳастӣ дар ҷустуҷӯи ҳақиқат, муҳаббат, озодӣ ва ҳувияти шахсии худ аст, аммо роҳи расидан ба онҳоро ба осонӣ намеёбад.

Чунон ки мушоҳида мешавад, Донишвар дар ин роман аз тасвири рӯйдодҳои сиёсӣ бештар ба таҳлили ҳолатҳои равонӣ ва маънавии инсон рӯ меорад. Аз ҳамин сабаб, шахсиятҳои асар бештар дар ҷустуҷӯи худ қарор доранд. Онҳо на танҳо бо ҷомеа, балки бо ботини худ низ дар мубориза мебошанд.

Ҳамон гуна ки дар «Савушун» Зарӣ тадриҷан ба худшиносӣ мерасад, дар «Ҷазираи саргардонӣ» низ Ҳастӣ роҳи душвори худшиносиро тай мекунад. Аммо фарқ дар он аст, ки мушкилоти Зарӣ бештар хусусияти иҷтимоӣ доранд, дар ҳоле ки буҳрони Ҳастӣ хусусияти фарҳангӣ ва маънавӣ касб мекунад.

Дар ҳамин замина метавон гуфт, ки яке аз масъалаҳои муҳимми инсоншиносии Донишвар буҳрони ҳувият мебошад. Нависанда нишон медиҳад, ки инсон дар ҷомеаи муосир на танҳо аз мушкилоти иқтисодӣ ва сиёсӣ, балки аз бегонагӣ бо худ низ ранҷ мебарад. Аз ин рӯ, роҳи наҷот пеш аз ҳама аз худшиносӣ ва бозгашт ба арзишҳои маънавӣ мегузарад.

Дар романи «Сорбони саргардон» ин масъала боз ҳам равшантар мегардад. Дар ин асар низ инсон дар маркази таваҷҷуҳи нависанда қарор дорад. Қаҳрамонҳо дар ҷустуҷӯи маънои зиндагӣ, муҳаббат ва оромиши рӯҳӣ мебошанд. Аммо ҳар қадар бештар мекӯшанд ба ин ормонҳо бирасанд, ҳамон андоза бо мушкилоти нави иҷтимоӣ ва фарҳангӣ рӯ ба рӯ мешаванд [7; 95–112].

Аз дидгоҳи инсоншиносӣ, Донишвар дар ин романҳо инсонро мавҷуде нишон медиҳад, ки ҳамеша дар ҳоли ҷустуҷӯст. Ӯ ҳеҷ гоҳ ба ҳолати ором ва тағйирнопазир намерасад. Баръакс, зиндагӣ барои инсон раванди доимии шинохти худ ва ҷаҳони атроф мебошад.

Дар ҳамин радиф масъалаи ҷойгоҳи зан низ аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Аммо зан дар осори Донишвар танҳо ҳамчун намояндаи як ҷинс тасвир намешавад. Ӯ пеш аз ҳама инсон аст. Нависанда тавассути симои зан масъалаҳои умумии инсониро ба миён мегузорад. Аз ин ҷиҳат, қаҳрамонҳои занонаи Донишвар аз доираи маҳдуди масъалаҳои хонаводагӣ берун мераванд ва ба масъалаҳои бузурги иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ахлоқӣ рӯ ба рӯ мешаванд [4; 215–240; 7; 95–112; 14; 28–31].

Ба таври куллӣ метавон гуфт, ки дар романҳои «Ҷазираи саргардонӣ» ва «Сорбони саргардон» инсон ҳамчун мавҷуде тасвир мешавад, ки дар шароити буҳрони арзишҳо барои ҳифзи ҳувият ва маънавияти худ мубориза мебарад. Нависанда бар ин назар аст, ки ҷомеаи муосир ҳарчанд инсонро ба саргардонӣ гирифтор месозад, аммо ҳамзамон имкони худшиносӣ ва такомули маънавиро низ фароҳам меорад.

Ҳамин аст, ки инсоншиносии Симин Донишвар аз доираи таҳлили шахсиятҳои алоҳида берун рафта, ба масъалаи сарнавишти инсон дар ҷомеаи муосир табдил меёбад. Ӯ инсонро мавҷуди фаъол, андешаманд ва масъул медонад, ки метавонад дар баробари мушкилоти замони худ мавқеи ахлоқӣ ва фарҳангии худро нигоҳ дорад [6; 280–310; 7; 130–145].

Таҳқиқи масъалаи инсоншиносӣ ва фарҳанг дар осори Симин Донишвар нишон медиҳад, ки ин мафҳумҳо аз меҳварҳои асосии ҷаҳонбинии адабии нависанда ба шумор мераванд. Донишвар дар тамоми осори худ инсонро дар маркази таваҷҷуҳ қарор дода, кӯшидааст муносибати ӯро бо ҷомеа, таърих, фарҳанг ва арзишҳои маънавӣ ба тасвир кашад. Аз ҳамин ҷиҳат, инсон дар осори ӯ танҳо як шахсияти достонӣ нест, балки намояндаи муҳити иҷтимоӣ ва фарҳангии худ мебошад.

Баъд аз баррасии романҳои «Савушун», «Ҷазираи саргардонӣ» ва «Сорбони саргардон» метавон ба чунин натиҷа расид, ки инсоншиносии Донишвар бар пояи арзишҳои ахлоқӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ устувор мебошад. Нависанда инсонро мавҷуде медонад, ки қобилияти худшиносӣ, интихоби ахлоқӣ ва тағйир додани муҳити атрофро дорад. Қаҳрамонҳои ӯ дар ҷараёни зиндагӣ аз марҳилаҳои гуногуни маънавӣ гузашта, тадриҷан ба дарки амиқтари худ ва ҷомеа мерасанд.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар романи «Савушун» масъалаи инсоншиносӣ бештар тавассути симои Зарӣ ва Юсуф таҷассум ёфтааст. Ин шахсиятҳо дар баробари воқеаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии замони худ мавқеи ахлоқии худро нигоҳ дошта, барои ҳифзи арзишҳои инсонӣ талош мекунанд. Дар ин асар инсон ҳамчун мавҷуди дорои масъулияти иҷтимоӣ ва маънавӣ муаррифӣ мегардад.

Ҳамзамон муайян гардид, ки фарҳанг дар ҷаҳонбинии Донишвар танҳо маҷмуи расму ойинҳо нест, балки яке аз пояҳои асосии ташаккули ҳувияти инсон мебошад. Нависанда тавассути истифода аз унсурҳои фарҳанги миллӣ, устураҳо, анъанаҳо ва хотираи таърихӣ нишон медиҳад, ки инсон бидуни пайванд бо фарҳанги худ наметавонад ҳувияти воқеии худро ҳифз намояд. Аз ҳамин сабаб, фарҳанг дар осори ӯ ҳамчун воситаи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ зуҳур мекунад.

Дар романҳои «Ҷазираи саргардонӣ» ва «Сорбони саргардон» бошад, масъалаи инсоншиносӣ дар заминаи буҳрони ҳувият ва саргардонии инсони муосир баррасӣ шудааст. Қаҳрамонҳои ин асарҳо дар ҷустуҷӯи маънои зиндагӣ, озодӣ ва оромиши маънавӣ қарор доранд. Донишвар нишон медиҳад, ки инсон дар шароити тағйироти босуръати иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бо мушкилоти нав рӯ ба рӯ мешавад, вале маҳз дар ҳамин муборизa имкони худшиносӣ ва такомули маънавии худро пайдо мекунад.

Қобили зикр аст, ки дар тамоми осори Донишвар масъалаи зан аз масъалаи умумии инсон ҷудо нест. Ӯ занро пеш аз ҳама ҳамчун инсон тасвир мекунад. Аз ин рӯ, қаҳрамонҳои занонаи ӯ на танҳо намояндагони як ҷинс, балки ҳомилони арзишҳои фарҳангӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоӣ мебошанд. Нависанда тавассути онҳо масъалаҳои муҳимми ҷомеаро матраҳ намуда, ҷойгоҳи инсонро дар ҷаҳони муосир мавриди таҳлил қарор медиҳад.

Ба таври куллӣ метавон гуфт, ки инсоншиносии Симин Донишвар хусусияти фарҳангӣ ва гуманистӣ дорад. Ӯ инсонро мавҷуде медонад, ки дар иртибот бо ҷомеа ва фарҳанг маъно пайдо мекунад ва тавассути ахлоқ, маънавият ва худшиносӣ ба камол мерасад. Аз ҳамин ҷиҳат, осори Донишвар на танҳо арзиши адабӣ, балки аҳаммияти муҳимми фарҳангӣ ва инсоншиносӣ низ доранд.

Дар натиҷа, метавон хулоса кард, ки ҷаҳонбинии инсоншиносии Симин Донишвар бар се пояи асосӣ — инсон, фарҳанг ва маънавият — устувор буда, ҳадафи ниҳоии он таҳкими арзишҳои инсонӣ ва бедории шуури иҷтимоӣ дар ҷомеа мебошад. Маҳз ҳамин вижагӣ осори ӯро ба яке аз намунаҳои барҷастаи адабиёти муосири форсӣ табдил додааст ва сабаб гардидааст, ки андешаҳои ӯ то имрӯз аҳаммияти илмӣ ва фарҳангии худро нигоҳ доранд.

Адабиёт

1. *Барҳаманд, Наргис. Симои зан дар осори се нависандаи зан: Симин Донишвар, Ғазола Ализода ва Зоя Пирзод. – Теҳрон: Донишгоҳи озоди исломӣ, 1393. – 88 с.*
2. *Боқирӣ, Наргис. Қаҳрамонҳои зан дар достонҳои занони нависандаи Эрон. – Теҳрон: Марворид, 1393. – 300 с.*
3. *Давудниё, Насрин. Ҷойгоҳи зан дар адабиёти достонии муосири Эрон бо такя бар осори Симин Донишвар. – Дезфул: Донишгоҳи озоди исломӣ, 1393. – 165 с.*
4. *Донишвар, Симин. Ҷазираи саргардонӣ. – Теҳрон: Хоразмӣ, 1395. – 420 с.*
5. *Донишвар, Симин. Савушун. – Теҳрон: Хоразмӣ, 1353. – 307 с.*
6. *Донишвар, Симин. Сорбони саргардон. – Теҳрон: Хоразмӣ, 1380. – 395 с.*
7. *Исҳоқиён, Ҷавод. Диранге бар саргардониҳои Шаҳрзоди пасомодерни Симин Донишвар. – Теҳрон: Гулозин, 1385. – 192 с.*

8. *Каҳдовӣ, Муҳаммадкозим; Ширвонӣ, Марям. Шахсиятипардозии қаҳрамони зан дар романҳои «Шавҳари Оҳухонум» ва «Савушун» // Номаи порсӣ. – 1384. – №4. – С. 30–55.*
9. *Миробиддинӣ, Ҳасан. Сад соли достоннависӣ дар Эрон. Ҷ. 2. – Теҳрон: Чашма, 1387. – 960 с.*
10. *Оташсавдо, Муҳаммадалӣ. Дигардисии зан ва устура аз романи «Савушун» то «Мор ва мард» // Моҳномаи адабиёт ва фалсафаи Меҳр. – 1392. – №7. – С. 102–118.*
11. *Сармашқӣ, Фотима. Савушун ва рӯйкарди асолати зан // Фаслномаи Ҳунар. – 1395. – №1. – С. 22–33.*
12. *Танг, Розмари. Даромаде бар назарияҳои феминистӣ. Тарҷ. Манижа Наҷмироқӣ. – Теҳрон: Най, 1383. – 420 с.*
13. *Фатҳӣ, Маҳмуд. Оини навиштани мақолаи илмӣ-пажӯҳишӣ. – Теҳрон: Сухан, 1391. – 240 с.*
14. *Ҳасанлӣ, Ковус; Соллорӣ, Қосим. Нишонаҳои феминизм дар осори Симин Донишвар // Пажӯҳишҳои занон. – 1392. – №2. – С. 5–50.*
15. *Ҳушанг Гулширӣ. Ҷидоли нақш бо нақққош (дар бораи осори Симин Донишвар). – Теҳрон: Нилуфар, 1372. – 214 с.*

НАЗАРИ СИМИН ДОНИШВАР БА ИНСОН ВА ФАРҲАНГ

Инсоншиносӣ дар таҳқиқоти муосир ба омӯзиши инсон ҳамчун мавҷуди иҷтимоӣ ва фарҳангӣ равона гардида, муносибати ӯро бо муҳит, арзишҳо ва суннатҳои ҷомеа баррасӣ менамояд. Дар адабиёт ин мафҳум бештар ба тарзи бозтоби ҷаҳони ботинӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҷойгоҳи шахс дар сохтори фарҳангии ҷомеа иртибот мегирад. Аз ин нигоҳ, осори Симини Донишвар, бахусус романи «Савушун», сарчашмаи муҳим барои шинохти инсон ва фарҳанги ҷомеаи Эрон ба шумор меравад. Нависанда тавассути тасвири ҳаёти рӯзмарра, муносибатҳои хонаводагӣ ва рӯёрӯии шахсият бо суннату истибдод, ҷаҳони маънавии инсонро дар заминаи фарҳанги миллӣ бозофарӣ намудааст. Дар маркази ин тасвир пеш аз ҳама зан қарор дорад, ки барои ҳифзи ҳувият, арзишҳои ахлоқӣ ва истиқлоли фикрии худ мубориза мебарад. Аз таҳлили романҳои «Савушун», «Ҷазираи саргардонӣ» ва «Сорбони саргардон», инчунин мақолаҳо ва мактубҳои ӯ, бармеояд, ки инсоншиносии Донишвар се пояи асосӣ дорад: инсон ҳамчун мавҷуди маънавӣ ва ахлоқӣ; инсон ҳамчун зода ва нигаҳдорандаи фарҳанг; инсон ҳамчун фаъоли иҷтимоӣ ва ахлоқӣ. Дар ҳамин асос, метавон гуфт, ки Донишвар як инсоншиноси фарҳангӣ ва ҳамзамон як феминисти гуманист аст. Ӯ ба зан аз дидгоҳи инсони комил менигарад - инсоне, ки қудрати тағйири ҷомеа ва эҳёи маънавиятро дорад. Ин дидгоҳ ӯро ба яке аз чеҳраҳои барҷастаи адабиёти муосири форсӣ табдил додааст - нависандае, ки бо каломаш арзиши инсон, фарҳанг ва ахлоқро эҳё намуд.

Калидвожаҳо: Симини Донишвар, нависанда, инсон, зан, инсоншиносӣ, фарҳанг, мавҷуди маънавӣ, мавҷуди ахлоқӣ, фаъоли иҷтимоӣ, фаъоли ахлоқӣ.

ВЗГЛЯД СИМИН ДАНЕШВАР НА ЧЕЛОВЕКА И КУЛЬТУРУ

Антропология в современных исследованиях направлена на изучение человека как социального и культурного существа, а также на рассмотрение его взаимоотношений со средой, ценностями и традициями общества. В литературоведении данное понятие связано прежде всего с отражением внутреннего мира личности, социальных отношений и места человека в культурной структуре общества. С этой точки зрения произведения Симин Данешвар, особенно роман «Савушун», являются важным источником для изучения человека и культуры иранского общества. Посредством изображения повседневной жизни, семейных отношений и противостояния личности традициям и деспотизму писательница воссоздаёт духовный мир человека в контексте национальной культуры. В центре этого художественного мира находится женщина, которая борется за сохранение своей идентичности, нравственных ценностей и интеллектуальной независимости. Анализ романов «Плач по Сиявушу», «Странствующий остров» и «Странствующий погонщик верблюдов», а также её статей и писем показывает, что антропологическая концепция Данешвар основывается на трёх ключевых принципах: человек как духовное и нравственное существо; человек как носитель и хранитель культуры; человек как активный социальный и нравственный субъект. На этом основании можно утверждать, что Данешвар является представителем культурной антропологии и одновременно гуманистического феминизма. Она рассматривает женщину как полноценную личность, обладающую способностью изменять общество и возрождать духовные ценности. Именно такой взгляд сделал её одной из выдающихся фигур современной персидской литературы — писательницей, которая своим творчеством способствовала утверждению ценности человека, культуры и нравственности.

Ключевые слова: Симин Данешвар, писательница, человек, женщина, антропология, культура, духовное существо, нравственное существо, социальный субъект, нравственный субъект.

SIMIN DANESHVAR'S VIEW ON HUMAN AND CULTURE

Anthropology in contemporary scholarship focuses on the study of human beings as social and cultural entities and examines their relationship with the environment, values, and traditions of society. In literary studies, this concept is primarily associated with the representation of the inner world of individuals, social relations, and the position of human beings within the cultural structure of society. From this perspective, the

works of Simin Daneshvar, particularly the novel Savushun, constitute an important source for understanding both the individual and the culture of Iranian society. Through the depiction of everyday life, family relationships, and the confrontation between individuals, tradition, and oppression, Daneshvar reconstructs the spiritual world of human beings within the framework of national culture. At the center of this portrayal stands a woman striving to preserve her identity, moral values, and intellectual independence. An analysis of the novels «Savushun», «Wandering Island» and «Wandering Cameleer», as well as Daneshvar's essays and letters, demonstrates that her anthropological vision is based on three fundamental principles: the human being as a spiritual and moral entity; the human being as the creator and guardian of culture; and the human being as an active social and ethical agent. Therefore, Daneshvar may be regarded as both a cultural anthropologist and a humanistic feminist. She views women as complete human beings possessing the power to transform society and revive moral and spiritual values. This perspective has established her as one of the most distinguished figures of modern Persian literature-a writer whose works reaffirm the significance of humanity, culture, and ethics.

Keywords: Simin Daneshvar, writer, human being, woman, anthropology, culture, spiritual being, moral being, social agent, ethical agent.

Дар бораи муаллиф
Тоҳирзода Сурайёхон Тоҳирӣ
Номзади илми филология, дотсенти кафедраи филологияи Эрон
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
E-mail: surayo2008@mail.ru

About the author
Tokhirzoda Sorayyakhon Tokhiri
Candidate of philological Sciences, docent at the Department of Iranian Philology
Tajik National University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki Avenue
E-mail: surayo2008@mail.ru

Об авторе
Тохирзода Сурайёхон Тохири
Кандидат филологических наук, доцент кафедры иранской филологии
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17
E-mail: surayo2008@mail.ru

ТДУ 821.222.1-3.09

ТАШАККУЛ ВА РУШДИ НАСРИ ЗАНОНИ ТОҶИК ДАР НИМАИ ДУВУМИ САДАИ ХХ

Аҳмадзода М. А.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Таваҷҷуҳ ба адабиёти беш аз ҳазорсолаи тоҷик нишон медиҳад, ки аз замонҳои қадим дар адабиёт ба симои модар ва маъшуқа эътибори хос зоҳир мешуд. Образҳои занонро асосан мардон офаридаанд. Қаҳрамонон бештар меҳрубон, итоаткор, хислатҳои ҳалимӣ бештар хоси онҳо буда, омода буданд, ки барои мардон ҳама чизро қурбон кунанд. Гузашта аз ин, дар адабиёти классикии тоҷик як навъи занситезӣ вуҷуд дошта, аксаран кӯшишҳои бевафо ва дар аҳду муҳаббат ноустувор нишон додани занон низ пай дошт. Китоби “Синдбоднома”, ки дар сарчашмаҳо бо номи “Макр-ун-нисо” низ маъруф аст, намунаи чунин осор ба ҳисоб меравад, ки дар он бештар хислатҳои бади занон ба тасвир гирифта шудааст. Вале дар баробари ин, дар осори мансури тоҷикӣ хонанда бо образи заноне вомехӯрад, ки дар вафодорӣ, қаҳрамонӣ, зиракӣ ва шуҷоату мардонагӣ аз мардон кам нестанд. Образҳои Рӯзафзуну Мардондухт аз “Самаки айёр”, Гурдофариду Таҳмина ва Манижа аз “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ, Вис (аз достони “Вис ва Ромин”-и Гургонӣ), Ширин (аз “Хусрав ва Ширин”-и Низомӣ), Зуҳро (аз достонҳои халқии “Тоҳир ва Зуҳро”) намунаи занони қаҳрамону далеранд, ки бо бисёр хислатҳои худ камтар аз мардон нестанд ва симои занонро дар адабиёти тоҷик муаррифӣ мекунанд.

Дар адабиёти классикии форсу тоҷик суханвароне мисли Робиаи Балхӣ, Маҳастии Хуҷандӣ, Оишаи Самарқандӣ, Ҷаҳонмаликхотун, Зебуннисо, Нодира, Дилшоди Барно ва дигарон тимсоли бонувоне ҳастанд, ки даст ба кори таълифу тасниф зада, бархе аз онон на танҳо дар офаридани осори бадеӣ, балки дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ низ таъсиргузор будаанд.

Осори мансури бархе аз бонувон дар шакли ёддошт таълиф гардидааст, ки имрӯз ҳамчун таърихнома баёнгари вазъи замони муайян мебошад. Сабаби таълифи он, пеш аз ҳама, гирифторию маҳрумиятҳо ва зиндагии пурмашаққату пуразоби занон буда, маҳз тавассути ҳамин навиштаҳо ҳукми таърихро гирифтааст.

Яке аз чунин асарҳо “Ҳумоюннома”-и шоир ва муаррихи форсизабони Ҳиндустон Гулбаданбегим (1522, Кобул-1603, Деҳлӣ) мебошад, ки ба иттилои асари муҳимми бадеиву таърихӣ буда, таърихи хонаводаи Темуриёни Ҳиндро аз замони поёни зиндагии Бобур-подшоҳ ва салтанати писари ӯ Ҳумоюн сар карда то ба дунё омадани писари ӯ Ҷалолиддин Муҳаммад Акбар подшоҳ фаро гирифтааст. Чунонки адабиётшинос Матлубаи Мирзоюнус бо истинод ба Луқмон Бойматов ва Холида Офтоб таъкид мекунад [11, с. 145-150].

“Ҳумоюннома” ё “Аҳволи Ҳумоюн” шояд аввалин ва дар айни ҳол охирин асари таърихие бошад, ки дар тули чандин садсолаи адабиёти форсӣ тавассути як зани муаррих ба арсаи вуҷуд омадааст ва агар бигӯем, ки ин гуна шоҳкори адабӣ ва таърихӣ, ки падидоварандаи он як нафар зан бошад, дар адабиёти соири забонҳои ҷаҳон монандӣ надорад, шояд ин ҳам ғалат набошад” ва дар посух ба нуктае, ки арз шудааст, менависад, ки “Гуфтаҳои хонум... дар мавриди аҳаммияти “Ҳумоюннома”-и Гулбаданбегим дуруст аст. Вале дар мавриди беназирии он дар адабиёти ҷаҳон бояд тасҳеҳ намуд. Адабиёти ҷаҳон то замони тасҳеҳи «Ҳумоюннома» бо муаллифи зан ошно буд. Чунончи, Анна Комнена (1080-1148 м.), духтари императори Руми шарқӣ аз силсилаи Комненҳо роҷеъ ба даврони ҳукмронии падараш китоби бисёр муҳиммеро таҳти унвони «Алексиёд», яъне «Китоби Алексимис» таълиф намуда буд” [4, с. 18-21].

Баррасиҳои адабиётшиноси мазкур, ки дар идомаи ин баҳс баён гардидааст, ҷойгоҳи осори таърихиро дар таълифоти бонувон боз ҳам мушаххастар намудааст. Муҳаққиқ менависад: «Воқеан, ин санад хеле ҷолиб аст ва дар идомаи ин баҳс бояд тавзеҳ дод, ки пас аз «Ҳумоюннома» низ ба забони форсии тоҷикӣ ду асари дигари адабиву таърихӣ аз ҷониби суханварони зан таълиф шудааст, ки яке «Таърихномаи Ардалон»-и шоир ва олими тавоно Мастураи Курдистонӣ (1805-1852) ва дигар, «Таърихи муҳоҷирон»- и бонуи суханвар Дилшоди Барно (1800-1907) мебошад ва ҳарду низ осори хеле ҷолибу муҳиманд» [11, с. 145-147].

«Таърихи муҳоҷирон»-и шоир ва суханвари асри Х1Х тоҷик Дилшоди Барно дар мақолаи алоҳидаи ин муаҳаққиқ бо номи “Таърихи муҳоҷирон”-и Дилшоди Барно ва ҷойгоҳи он дар миёни таърихномаҳои бонувон” ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ гардидааст [11, с. 420]. Дар ин асар Дилшоди Барно дар мавриди аз ҷониби Умархон (1810-1822) истило гардидани Уротеппа (Истаравшан) ҳикоят карда, саргузашти аҷоибу ғароиб, пур аз дарду алам ва азобу машаққати асирии худро баён намудааст. Чунонки, академик Аҳрор Мухторов таъкид мекунад, асар воқеоти аз ҷониби Умархон ғорат гардидани Уротеппа ва ба асирӣ гирифтор шуда ба Хуқанд бурдани беш аз 13 ҳазор занону духтарон ва тақдири минбаъдаи зиндагии Дилшоди 17-соларо дар Хӯқанд дарбар мегирад [7, с. 420]. Махсусияти «Таърихи муҳоҷирон» аз он иборат аст, ки нависанда ҳуҷуми хони Хӯқанд, рӯҳияи аҳолии муҳоҷиршуда ва воқеоти дар он айём рухдодаро бо забони оммафаҳм хеле хуб ба қалам дода, “дар он ҷузъиёти ҷолиб дар бораи рӯзгори муҳоҷирон ва воқеаҳои таърихиву мадании ду шаҳри бостонӣ – Истаравшан ва Хӯқанд ба тасвир омадаанд” [11, с. 420].

Таърихномаи дигари мансур ба қалами шоираи маъруф Моҳшарифхонум Мастураи Курдистонӣ тааллуқ дошта, ёдномаи хонаводагӣ мебошад, ки дар он нокомию азобҳои руҳию равонии шоира инъикос ёфтааст [7, с. 18-21].

Арзишу аҳаммияти ин осор дар муайян кардани вазъияти он даврон ва аз дидгоҳи як нафар зан нигаристан ба авзои замон муҳим мебошад. Ба ин маънӣ, қаҳрамонҳои зан дар адабиёти тоҷик роҳи дарозеро тай кардаанд: аз зани одии хонадон, маҳбуба, ҳарамнишин то мустақил будан дар ҳаёт ва талошу кӯшиш дар муайян кардани сарнавишти худ.

Дар адабиёти тоҷик аз муҳимтарин падидаҳои насри тоҷикӣ дар солҳои ҳаштодуми асри бист даст задани теъдоде аз занон ба эҷоди насри бадеӣ ба ҳисоб рафта, насрнависии касбӣ аз байни занон ба номи Муаззама Аҳмадова иртиботи бевосита дорад [9, с. 257-264].

Муаззама дар қатори чандин нафар носирони ҷавон ба адабиёти солҳои ҳаштодуми асри бист бо сабку услуби хосе ворид шуда, ба он рӯҳу нафаси тозае бахшид. Муҳаққиқон ин давраи адабиётро бар асари озодандешиҳо ва истиқлоли афкори дар ҷомеа ба вуҷудомада «марҳалаи тозаи сифатӣ» [9, с. 257-264] дар инкишофи адабиёт зикр кардаанд, ки ба истеъдод ва ҳунари суханварии Муаззама барин носирони ҷавон вобаста мебошад. Аз ҷумла, адабиётшинос Абдухолиқи Набавӣ чунин таъкид мекунад: «…Бисёре аз ин навпардозиҳо, пеш аз ҳама, натиҷаи тозаназарӣ, кӯшишу ҷадалҳои пуршиддат ва истеъдоди хосаи як ришта аз адибони дар он солҳо ҷавон, мисли Баҳманёр, Сайф Раҳим, Муҳаммадзамони Солеҳ, Муаззама, Маҳмадраҳими Сайдар, Ҷонибек Акобиров ва дигарон будааст, ки тарзу усули тозаи нигориш баробари ҳунари нависандагии онҳо пайваста ташаккул меёбад ва насру нависандагии тоҷик ба рӯҳу равон ва сабку равишҳои насрнависии ҷаҳон пайванд мехӯрад» [9, с. 257-264].

Сафар Абдулло ба ковиш ва бозёфтҳои шоирону нависандагони ҷавони солҳои 80-уми асри бист, ки эҷодиёташон дар оянда метавонад барои худшиносии мардум нақши муҳим бозад ва ба падид омадани теъдоди зиёди ҳунармандони худогоҳ замина гузорад, баҳо дода, аз ҷумла менависад: «Фарзона, Баҳманёр, Сайф Раҳим, Низом Қосим, Муҳаммадзамони Солеҳ, Муаззама ва чанд тани дигар тавоноии онро доранд, ки адабиёти моро рушд диҳанд. Нерӯи халлоқии онҳо аён аст. Ҳар кадоми онҳо бо биниши хоса ва услуби фардии хеш вориди адабиёт шудаанд» [1, с. 96]. Муҳаққиқ ба махсусиятҳои эҷодкорони дар боло зикршуда ишора мекунад, ки аз ин миён андешаҳои ӯ дар мавриди ҳунар ва эҷодиёти Муаззама қобили таваҷҷуҳ аст: «Муаззама ба насри кунунии тоҷик нозуктарин эҳсосҳои поки занонаро ворид кард, ки мушаххасоти миллӣ доранд ва бузургтарин руъёи ҳастӣ – ишқро суруд» [1, с. 97]. Маҳз ҳамин нукта – соҳиби сабки фардӣ будани Муаззама ва ба масъалаи ишқ нигоҳи хос доштани ӯ аз ҷониби аксари муҳаққиқоне, ки ба эҷодиёти ӯ таваҷҷуҳ намудаанд, зикр гардидааст.

Муаззама Аҳмадова солҳои ҳаштодуми асри бист ба таълифи осори мансур даст зад, вале, мутаассифона, дар авҷи ҳунар вафот кард. Ошноӣ бо зиндагиномаи Муаззама нишон медиҳад, ки марҳалаи аввали эҷодии ӯ пас аз хатми факултети географияи Институти давлатии педагогии шаҳри Ленинобод (ҳоло ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров) бо фаъолияти омӯзгорӣ дар мактабҳои шаҳри Исфара ҷараён гирифта, сипас дар муҳити адабии шаҳри Душанбе идома ёфтааст. Дар ибтидо ӯ ба сифати хабарнигори рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» ва минбаъд ҳамчун ходими адабии бахши насри ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» фаъолият намуда, тадриҷан ба ҷаҳони адабиёт гомҳои устувор гузошт. Оҳиста-оҳиста ҳикояҳои Муаззама дар рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ ба нашр мерасиданд ва шахсияти

ҳунарии ӯ низ такомул меёфт.

Муаззама аз нахустин бонувони суханвари тоҷик аст, ки даст ба эҷоди насри бадеӣ зад ва бо ҳузури хеш ин холигоҳро пур намуд. Шоир Зиё Абдулло дар маросими гузоштани лавҳаи ёдгорӣ ба хотири Муаззама Аҳмадова таъкид карда буд: «Дар адабиёти бисёрасраи мо як назокати хосе намерасид, ин ҳам бошад набудани нависанда аз байни занон. Муаззама назокати хосаи чандинасра буд, фариштае буд, ки дар адабиёт як боли нозуке ба сари онҳое, ки дили нозук доранду доштанд, афшонд» [6, с. 96]. Дар ин чорабинӣ нависандаи боистеъдоди тоҷик Муҳаммадзамони Солеҳ бо ишора ба истеъдоди нотакрори Муаззама қайд карда буд: «Дар бораи оне, ки истеъдоди баланди худодод дорад, сухан гуфтан басо гарон аст. Месазад, ки барои Муаззама ҳайкале гузорем. Муборизаҳо зидди бевиҷдонҳо, беномусҳо, нокасҳо Муаззамаро дилхун намуда, ба марг расониданд» [6, с. 96].

Боиси таъкид аст, ки тарҳи аксари андешаҳои илмии марбут ба махсусиятҳои насри Муаззама дар мақолаи пуразриши адабиётшиноси шодравон Абдувалӣ Давронов зикр гардидааст, зеро мавсуф аз нахустин муҳаққиқонест, ки ҷанбаҳои гуногуни ҳунарии осори Муаззамаро ҳамаҷониба ва муфассал ба риштаи таҳқиқ кашидааст [5, с. 131-136]. Ба ишораи ин муҳаққиқ Муаззама аз нахустин бонувони суханварест, ки неруи хешро дар эҷоди насри бадеӣ таҷриба намуда, «нахустин нависандаи адабиёти нави тоҷик» мебошад, ки бо фаъолияти эҷодии хеш саҳифаҳои тозаеро дар адабиёт боз намудааст [5, с. 131-136]. Субҳони Аъзамзод низ Муаззамаро «нахустин нависандазани тоҷик» муаррифӣ кардааст [3, с. 167-168]. Ӯ осори бозмондаи Муаззамаро «падидаи нодири адабиёти солҳои 80-уми асри бист» [3, с. 168] ҳисобида, арзишҳои фаровони онро дар марҳалаи дигаргуниҳои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии кишвар, ки бо истилоҳи «бозсозии горбачёвӣ» шинохта шудааст, маҳз дар бозҷусту баёни амиқи ҷаҳони маънавии инсон ва тасвири эҳсоси поки одамӣ арзёбӣ намудааст.

Ҳамин тариқ, дар таърихи эҷоди осори мансур номи Муаззама дар силки нахустин бонувони суханвар сабт гардидааст. Бинобар ин ҳам, чунонки адабиётшинос Абдухолиқи Набавӣ таъкид мекунад, «насрнависии ҳирфаӣ аз байни занон ба номи Муаззама иртиботи бевосита дорад» [9, с. 264].

Адиби дигаре, ки пас аз Муаззама бо ҷуръат ба кори насрнависӣ даст зад, Шоири халқии Тоҷикистон Гулрухсор Сафиева буд. Гулрухсор дар адабиёти тоҷик пеш аз ҳама ҳамчун шоир шинохта шуда, номи ӯ дар қатори номи шоирони барӯманди тоҷик – Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулназар ва дигарон дар як саф гузошта мешавад. Дастоварду навовариҳои Гулрухсор дар шеъри муосири тоҷик назаррас буда, адабиёти нимаи дуюми садаи бист ва ибтидои садаи бисту якумро бидуни номи ӯ тасаввур кардан имкон надорад [7, с. 256]. Ӯ бо тобишу ҷилои тозаи сухан ба адабиёт ворид гардида, мавзуъҳоеро мавриди истифода қарор дод, ки барои бедории фикрии хонандагон, тарбияи ватандӯстӣ, худшиносию хештаншиносӣ, ифтихор аз гузаштагон ва тарбияи зебоишиносии онҳо мусоидат намуд. Дар ин замина, ҳанӯз дар замони шуравӣ ба унвони баланди «Шоири халқии Тоҷикистон» сарфароз гардидани Гулрухсор баёнгари дар адабиёти тоҷик ба дараҷаҳои баланди ҳунарӣ расидани ӯ мебошад. Дар баробари таълифи осори манзум солҳои навадуми асри бист Гулрухсор ба таълифи осори мансур низ таваҷҷуҳ намуд, ки ҷолиби диққат мебошад. Воқеан ҳам кӯшишҳои даст ба таълифи осори мансур задани шоирон дар адабиёти мо собиқаи дерина дошта, дар замони имрӯз, ки эҷодкорон танҳо бо пеш бурдани як паҳлӯи эҷод - «шоирӣ» ё «нависандагӣ» фаъолият мекунанд, ба истилоҳ баъзе шоирони касбӣ ба таълифи осори мансур даст задаанд, ки таҳқиқ дар сари ин мавзуъ метавонад, махсусияти чунин асарҳоро бештар рӯнамо созад. Профессор Матлубаи Мирзоюнус, ки дар мавриди осори мансури Гулрухсор соли 2007 мақолаи илмии муфассалеро бо номи “Насри Гулрухсор” таълиф намуда, махсусиятҳои ҳунарии ӯро ҳамаҷониба таҳлил намудааст,ба наср рӯй овардани Гулрухсорро ба омили дигар, яъне “тазйиқи қофия ба шеър” марбут дониста, аз ҷумла менависад: “Баъди он ки ӯ дар шеър ҷойгоҳ ва пойгоҳи шоистае пайдо кард ва гоҳе такрори худро эҳсос намуд, ҳамоно хилқати оштинопазираш ангезае бубахшид, ки дар ҷинсҳо ва анвои дигари адабӣ низ ҳунар озмояд” [7, с. 257].

Гулрухсор дар айни камолоти шоирӣ низ даст ба таълифи осори мансур зад.

Асарҳои ӯ «Занони Сабзбаҳор», «Зан ва ҷанг», «Сакарот» ва “Рӯзномаи берӯз” дар фосилаи солҳои гуногун ба нашр расида бошанд ҳам, аз ин миён романи нахустини ӯ «Занони Сабзбаҳор» дар байни хонандагон маъруфияти зиёд пайдо кард.

Дар байни бонувони суханвар, ки ба унвони Шоири халқии Тоҷикистонро соҳиб

шудааст, номи Зулфияи Атоӣ ҳам қарор дорад, аммо хонандаи тоҷик Зулфияро на бо осори мансур, балки бо ашъори баландмазмуну ватандӯстонааш хуб мешиносад. Ҳарчанд ӯ мисли дигар бонувон ба таври хоса ба эҷоди осори мансур даст назадааст, вале маҷмуаи навиштаҳои хешро, ки аз як қисса, ёдномаҳо ва мақолоти публисистӣ иборат аст, бо номи «Зулфи парешон» дар соли 2002 тавассути нашриёти «Адиб» ба табъ расонидааст. Ин навиштаҳо дар байни солҳои 1970-2000-ум таълиф гардида, аксаран дар рӯзномаву маҷаллаҳо ба нашр расидаанд. Худи муаллиф дар сарсухани китоби мазкур сабаби даст заданаш ба насрро чунин баён намудааст: “Андешаи тартиб додани китобе иборат аз таълифоти насрӣ пештар низ ба сари камина омада буд. Вале бо сабаби сар задани ҳодисаҳои маълум дар ҷумҳурӣ (ҷанги шаҳрвандӣ дар назар аст) тақдири китоб номаълум монд. Чанде пеш дастхати он китоби кӯҳнашударо аз нав ба даст гирифтам ва ҳоло бо каме дигаргунӣ ба ҳукми хонандаи сахтгир пешниҳодаш мекунам” [2, с. 3]. Дар ин китоб қиссаи бадеии “Ғамро намефурӯшанд”, ёддоштҳои кӯтоҳ аз рӯзгори гузаштаи нависанда таҳти номи “Лаҳзаҳои умр”, 10 таронаи хурд ва як силсила мақолаҳои публисистӣ ҷой дода шудаанд. Рӯзноманигор, нависанда ва шоир Марямбонуи Фарғонӣ (Марям Эшонҷонова) низ ҳамнасли Муаззамаву Гулрухсор ва Зулфия Атоӣ аст. Ӯ зодаи сарзамини шоирхез ва илму адабпарвари Фарғона буда, дар наср, назм ва публисистика осори ҷолибе офарида ва сазовори чандин ҷоизаҳо шудааст. Асарҳои ӯ бо номҳои «Ҳадиси Риштон», «Хуморшикан», «Чаҳор қисса» (Душанбе: Деваштич, 2006.-157 с.), «Шаҳболи хаёл» (Душанбе: Адиб, 2011.-216 с.), «Таманно», маҷмуаи ашъор бо номҳои «Исои ман шав», «Нури ахтарпораҳо», «Табъи гуҳаррез» (Душанбе: Ирфон, 2016.) ба чоп мерасанд, ки аз инҳо панҷ китоб иборат аз осори мансур ва се маҷмуаи шеър мебошанд.

Марямбонуи Фарғонӣ навиштани асарҳои бадеиро аз ҳикоя оғоз намудааст. Аввалин асаре, ки ба қалами Марямбонуи Фарғонӣ мансуб аст, маҷмуи қисса ва ҳикоёти ӯст, ки соли 1995 бо номи «Афсонаи тамаддун» тариқи нашриёти «Пайк» дар шаҳри Душанбе ба нашр расида, фарогири даҳ қиссаю ҳикоя, аз ҷумла ҳикояҳои «Нақши бад», «Ману ишқи лӯлидухтар», «Ихлос», «Баъди борон», «Ситораи саҳарӣ», «Субҳи умед», «Азоб», «Эҳё», «Шикасти қасри сукут» ва «Озарм» мебошад. Ба маҷмуаи «Афсонаи тамаддун»-и Марямбону - Нозирҷон Боҳирӣ пешгуфтори ниҳоят кӯтоҳ, вале самимию мушаххас навишта, бо ишора ба муҳимтарин хусусиятҳои эҷоди ӯ аз ҷумла менависад: «Мазмуну мавзуи қиссаву ҳикояҳояш заминӣ, қаҳрамонҳояш ҳаётӣ, суханонаш обдор ва забонаш ширину шевост. Бештар воқеаҳои давраи бачагӣ, дидаву шунидаҳояшро ба қалам медиҳад, урфу одат ва анъанаҳои тоҷикони водии Фарғонаро ба риштаи тасвир мекашад, мекӯшад, ки дарди миллатро баён созад. Аз ин рӯ, навиштаҳояш зуд ба дили ҳаводорони эҷодиёташ роҳ меёбанд. Шояд дар навиштаҳои ӯ ба назари аҳли адаб ва хонандагони борикбин баъзе нуқсонҳои кӯчак вохӯранд, ки ин табиист. Зеро китобе, ки дар даст доред, аввалин маҷмуаи эҷодиёти ӯст ва оби ҷӯйи нав одатан оҳиста-оҳиста софу зулол мегардад [10, с. 3].

Дар ин навишта ба чанд хусусияти эҷодиёти Марямбону ишора шудааст, аз ҷумла:

1. Дар заминаи ҳодисаю воқеоти реалӣ ба қалам омадани қиссаю ҳикоёти Марямбону;

2. Бо забони равону шево таълиф шудани ҳикоёту қиссаҳои ӯ;

3. Урфу одат ва анъанаҳои неки тоҷикони водии Фарғонаро ба риштаи тасвир кашидани нависанда.

Бояд гуфт, ки дар маркази ҳамаи қиссаю ҳикоёти Марямбону тақдири инсон меистад, инсонҳое, ки ҳамарӯза дар канори ӯ кору зиндагӣ мекунанд, дард мекашанд, ишқ меварзанд, шодию хурсандӣ мекунанд, ба мусибату бало гирифторанд.

Чунонки дар пешгуфтори аввалин маҷмуаи осори насрии нависанда низ таъкид мегардад, Марямбону қаламкашест, ки ба зодгоҳи худ, падару модар, гузаштагон, ҳамдеҳон ва ҳамаи он чизҳое, ки бо зодгоҳаш иртибот доранд, дилбастагии том дорад. Ба андешаи ӯ дӯст доштани ватан маҳз аз дӯст доштани зодгоҳ оғоз мегардад. Аз ин лиҳоз, дар меҳвари бештари навиштаҳои ӯ масъалаҳое тасвир шудаанд, ки бо хотирот ва ҳаёти шахсии ӯ робитаи қавӣ доранд. Намунаи чунин навиштаҳо қиссаи «Хумор» мебошад, ки хотироти лаҳзаҳои зебои умри муаллиф дар он тасвир гардидааст [10, с. 4].

Сужети бештари ҳикоёти Марямбону аз ҳаёти воқеӣ гирифта шуда, воқеаҳо бо даврони кудакӣ ва навҷавонии нависанда, ки дар Сӯх сипарӣ гардидааст, иртиботи қавӣ доранд. Аз ҳамин лиҳоз, бархе аз иштироккунандагони асарҳои Марямбону ва макони баргузории воқеаю ҳодисаҳо бо номҳои худ зикр гардидаанд. Осори Марямбону ҳамчун намунаи насри ёддоштӣ, бадеӣ ва публисистикаи бадеӣ буда, дар байни осори мансури бонувон ҷойгоҳи

хоса дорад. Гузашта аз ин, бо назардошти он ки аксари сужети воқеаҳо бо зиндагӣ, тафаккур ва муҳити зисти тоҷикони водии Фарғона иртиботи бештар дорад, осори Марямбонуи Фарғонӣ дар таҳкими пайвандҳо, робитаҳои маънавии байни тоҷикони кишварҳои ба ҳам дӯсту бародари Тоҷикистону Ӯзбекистон нақши муҳим мегузорад.

То асри XX таълифи осори адабӣ қариб пурра имтиёзи мардон ба ҳисоб мерафт, вале аз солҳои 30-юми асри XX аввалин бор занҳои нависанда бо мардон рақобатро оғоз карданд ва дар охири солҳои 80-уми асри XX, аввалин маҷмуаҳои сирф занон пайдо шуданд ва ин як пешрафт ва як рӯйдоди муҳим дар таърихи насри занон буд.

Адабиёт

1. *Абдулло Сафар. Нури сухан. – Олмотӣ: Дайк-Пресс, 2005. - 232 с.*
2. *Атоӣ, З. Зулфи парешон (қисса, ҳикояҳо, таронаҳо, ёдном ва хотироти сафар), Душанбе, 2002. – 188 с.*
3. *Аъзамзод, С. Нависандае дар остонаи фасли сард. Дар китоби "Посдорони насри муосири тоҷик. Маҷмуаи мақолаҳо / Мураттибон С. Аъзамзод, Б. Мирсаидов. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2009. – С. 167-178.*
4. *Бойматов Л. «Ҳумоюннома»-и Гулбаданбегим // Китоби сол. Торих ва ҷуғрофиё. – Теҳрон: Озар, 1377. - С. 18-21.*
5. *Давронов, А. Сарнавишти духтари орзуҳо // Садои шарқ. - 2000. - № 4-6. - С. 131-136.*
6. *Муаззама. Афсонаи танҳоӣ (ҳикоя, очерк,тарҷума, нақди адабӣ, ёднома). - Душанбе: Адиб, 2010. - 224 с.*
7. *Мирзоюнус М. Адабиёти миллӣ ва муколамаи фарҳангҳо / М. Мирзоюнус. - Хуҷанд: Ношир, 2016. - 514 с.*
8. *Мирзоюнус М. Аз таърихи адабиёти тоҷик дар садаи XIX-нимаи аввали асри XX. - Хуҷанд: Ношир, 2023. – 418 с. .*
9. *Набавӣ А. Ҷусторҳо ва ибтикорот дар наср. Маҷмуаи мақолаҳо / А. Набавӣ. - Душанбе: Адиб, 2009. - 324 с.*
10. *Фарғонӣ, М. Афсонаи тамаддун. - Душанбе: Пайк, 1995. - 85 с.*
11. *Хоҷаева М. "Ҳумоюннома" ва арзиши адабию бадеии он / М. Хоҷаева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2019. - № 4. - С.145-150.*

ТАШАККУЛ ВА РУШДИ НАСРИ ЗАНОНИ ТОҶИК ДАР НИМАИ ДУВУМИ САДАИ XX

Дар мақола раванди таърихӣ, хусусиятҳои эҷодӣ ва саҳми бонувони суханвар дар рушди насри бадеӣ ва таърихии тоҷик баррасӣ карда шудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки марҳалаи тозаи сифатӣ ва пайдоиши насри касбии бадеӣ дар байни занон бо номи Муаззама Аҳмадова дар солҳои 1980-уми асри XX пайванд аст. Эҷодиёти ӯ бо ворид кардани нозуктарин эҳсосоти поки занона ва нигоҳи хос ба мавзуи ишқ ба насри тоҷик рӯҳу нафаси тоза бахшид. Инчунин фаъолияти адабии Шоири халқии Тоҷикистон Гулрухсор Сафиева, Зулфияи Атоӣ ва Марямбонуи Фарғонӣ таҳлил шудааст. Таъкид мегардад, ки осори ин адибон бар пояи воқеиёти зиндагӣ, ҳифзи урфу одатҳои мардумӣ ва бо забони равону шево таълиф шудаанд. Дар маҷмуъ, мақола нишон медиҳад, ки чӣ тавр занони нависанда аз охири солҳои 80-уми асри XX бо эҷоди маҷмуаҳо ва асарҳои алоҳида дар пешрафти насри муосири тоҷик саҳми арзанда гузоштаанд.

Калидвожаҳо: насри занони тоҷик, садаи XX, ташаккул ва рушд, адабиёти муосир, насри таърихӣ ва ёддоштӣ, эҳсосоти занона, ишқ, урфу одат.

СТАНОВЛЕНИЕ И РАЗВИТИЕ ПРОЗЫ ТАДЖИКСКИХ ЖЕНЩИН ВО ВТОРОЙ ПОЛОВИНЕ XX ВЕКА

В статье рассматриваются исторический процесс, творческие особенности и вклад женщин-литераторов в развитие таджикской художественной и исторической прозы. Автор отмечает, что новый качественный этап и зарождение профессиональной художественной прозы среди женщин связаны с именем Муаззамы Ахмедовой в 1980-х годах XX века. Ее творчество вдохнуло свежую струю в таджикскую прозу, привнеся в нее тончайшие чистые женские чувства и особый взгляд на тему любви. Также проанализирована литературная деятельность Народной поэтессы Таджикистана Гулрухсор Сафиевой, Зулфии Атои и Марямбонуи Фаргони. Подчеркивается, что произведения этих литераторов написаны на основе жизненных реалий, сохранения народных традиций и обычаев, плавным и изящным языком. В целом статья показывает, как женщины-писательницы с конца 1980-х годов XX века внесли достойный вклад в прогресс современной таджикской прозы путем создания сборников и отдельных произведений.

Ключевые слова: проза таджикских женщин, XX век, становление и развитие, современная литература, историческая и мемуарная проза, женские чувства, любовь, традиции и обычаи.

FORMATION AND DEVELOPMENT OF TAJIK WOMEN'S PROSE IN THE SECOND HALF OF THE 20TH CENTURY

The article examines the historical process, creative features, and the contribution of female writers to the development of Tajik fiction and historical prose. The author notes that a new qualitative phase and the emergence of professional artistic prose among women are associated with the name of Muazzama Akhmedova in the 1980s of the 20th century. Her work breathed a fresh breath of life into Tajik prose by introducing the subtlest pure feminine emotions and a unique perspective on the theme of love. Furthermore, the literary activities of the People's Poet of Tajikistan Gulrukhsor Safieva, Zulfiya Atoi, and Maryambonui Fargoni are analyzed. It is emphasized that the works of these authors are based on life realities, the preservation of folk customs and traditions, and are written in a fluent and eloquent language. Overall, the article demonstrates how female writers, starting from the late 1980s of the 20th century, have made a valuable contribution to the progress of modern Tajik prose through the creation of collections and individual works.

Keywords: Tajik women's prose, 20th century, formation and development, modern literature, historical and memoir prose, feminine emotions, love, traditions and customs.

Дар бораи муаллиф
Аҳмадзода Муаззама Аюб
Унвончӯи кафедраи адабиёти муосири тоҷик
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1
E-mail: muazzamausmonova@gmail.com

About the author
Ahmadzoda Muazzama Ayub
Applicant for the Department of Modern Tajik Literature
Khujand State University named after academician B. Ghafurov
735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 1 Mavlonbekov
E-mail: muazzamausmonova@gmail.com

Об авторе
Ахмадзода Муаззама Аюб
Соискатель кафедры современной таджикской литературы
Худжандский государственный университета имени академика Б. Гафурова
735700, Республика Таджикистан,
г. Худжанд, проезд Мавлонбеков, 1
E-mail: muazzamausmonova@gmail.com

ТДУ 398.2(470+584)(84-11)

МАВҚЕИ ЖАНРИ НӮШБОД ВА ШУГУН ДАР ЭҶОДИЁТИ ГУЛРУХСОР

Зайдуллозода С. З.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Яке аз мавзуъҳое, ки дар илми адабиётшиносӣ, хусусан, адабиёти гуфторӣ хеле камтаҳқиқ маҳсуб меёбад, пажуҳиши сохтору вазифаҳои нӯшбоду шугун ва инъикоси он дар осори адибон мебошад, ки солҳои охир таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ҷалб намудааст.

Аслан, дар мавриди маънои вожаи “шугун” назари муқаққиқон гуногун аст. Муҳаққиқу фолклоршиноси тоҷик Д.Раҳмонӣ дар таҳқиқоти худ “Шугун ва боварҳои мардуми тоҷик” роҷеъ ба масъалаи истилоҳи “шугун” ақоиди гуногуни мардумшиносону забоншиносонро рамзкушоӣ карда, билохира чунин арз медорад: “Хулоса дар асоси мисолҳои овардашуда чунин натиҷа гирифтан мумкин аст, ки вожаи шугун аз забони санскрит (шукуна, шакуна) гирифта шуда, маъноияш «мурғ, парранда» некфол ё бадфол» будааст. Сипас ин калима ба гӯишҳои забони форсӣ ворид шуда дар шаклҳои гуногун то ба имрӯз омада расидааст...” [7, с. 17].

Ба ин маънӣ калимаҳои “шогун” ва “шавгун”-и помирӣ низ бо мафҳуми “шугун” ҳамтаборанд. Дар байни тоҷикони Осиёи Миёна шугун чандон маъруф нест, аммо дар байни ҳамзабонони Эрону Афғонистон моҳияту мафҳуми шугун хеле серистеъмол мебошад. Аслан, шугун маҳсули тафаккури халқ буда, маҳз дар байни мардум тавлид шудааст ва аз замони бостон то имрӯз бахшҳои алоҳидаи ҳаёти халқро дар заминаи боварҳои хурофотӣ инъикос менамояд. Дар асоси таҳқиқоти фолклоршиносон матнҳои гуногуни хурофотӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифта, дар ин миён “шугун” ҳамчун жанри алоҳида дар адабиёти гуфторӣ мавқеи муайян пайдо намудааст. Метавон гуфт, ки “Шугун яке аз чунин жанрҳои марбути хурофот мебошад, ки то ба имрӯз дар рӯзгори мардум нақши худро дошта, вале аз ҷониби мардумшиносону мутахассисони фолклори тоҷик он хеле кам гирдоварӣ ва таҳқиқ шудааст” [7, с. 18].

Мутобиқи хулосаҳои илмии то кунун ҳосилгардида шугунҳо вазифаҳои пешгӯӣ, тарбиявӣ, таърихӣ, ифодаи орзу, ороишӣ ва танзими рафторро доранд ва чун шугун жанри камтаҳқиқ аст, шояд, дар оянда вазифаҳои дигари ин навъ боварҳо муайян карда шаванд. Ҳамзамон, бояд гуфт, ки мафҳуми “шугун” ҳамчун як навъи бовари мардумӣ дар байни халқ гоҳо бо калимоте чун: “боварӣ”, “эътиқод”, “қарина”, “ақида”, “фол”, “пешгуӣ”, “мамнуъ”, “ирим”, “ирим-ҷирим”, “ақида”, “мақол”, “ирим-сирим”, “имримчӣ”, “иримкун”, “иримдон” мушоҳида мешавад. Аз лиҳози сохтор шугун ҳамчун жанр бо як ҷумлаи мураккаб ифода меёбад ва хусусияти пешгӯӣ намуданро дорад. Яъне, дар қисмати аввали ҷумлаи шугун нишона ва дар қисмати дуюми он ҳолати ҳамон нишона оварда мешавад: “Гурба пеши роҳатро бурида гузарад, корат барор намегирад, агар аз қафояш санг партоӣ, зиёнаш таъсир намекунад” [7, с. 19]. Аммо “Шугунҳое ҳам ҳастанд, ки аз як ҷумлаи сода иборат мебошанд, яъне дар ин гуна шугунҳо ҳам нишона ва ҳам пайомад бо як ҷумла гуфта мешаванд. Намуна: Хонаи норуфта меҳмон мия” [7, с. 20]. Ҳарчанд дар фолклоршиносии тоҷик вобаста ба муайян намудани хусусиятҳои бадеиву назариявии шугунҳо каму беш пажуҳишҳо ба роҳ монда шудаанд, аммо ҷойгоҳи шугунҳо дар осори адибон қариб, ки таҳқиқ нагардидааст. Бозтоби шугун ва боварҳои мардумӣ дар осори шоирону нависандагон яке аз самтҳои муҳимтарини илми адабиётшиносӣ, хусусан, адабиёти гуфторӣ ба шумор рафта, барои омӯзишу инъикоси маънавиёти мардумӣ хеле муҳим арзёбӣ мешавад.

Дар ин росто шоири халқии тоҷик - Гулрухсор дар осори худ шугун ё худ боварҳои мардумиро хеле пажуҳишкорона таҷассум намуда, ба ин васила ҳикмату фазилатҳои мардумиро ба риштаи тасвир кашидааст. Инъикоси шугун дар эҷодиёти шоир бо ду роҳ ба назар мерасад:

1. Бозтоби шугуну боварҳои мардумӣ дар шеъри шоир
2. Инъикоси шугуну боварҳои мардумӣ дар насри адиб (аз забони персонажҳои романи “Занони Сабзбаҳор”)

Гулрухсор чун шоири халқӣ дар партави ҳикматҳои халқ ба камол расида, кӯшиш кардааст, ки фазилату боварҳои мардумиро содиқона дар ашъораш тасвир намояд. Ҳарчанд истифодаи шугунҳо дар шеъри шоир зиёд ба назар намерасад, аммо маҳорати шугунпардозии Гулрухсор дар шеър хеле устодона мушоҳида мешавад. Аз ҷумла, шоир дар рубоие моҳияту мазмуни шугунҳои “Агар дил зиқӣ биёрад, ягон ҳодисаи нохуше мешавад” ва ё “Агар дил сих занад, бо азизе ҳодисаи нохуш рух медиҳад”-ро хеле отифона инъикос намуда, ба ин васила мавзуи ишқу ҷудоиро бисёр муассир тасвир кардааст. Чунончи:

Ало, эй заҳри ҳичрон ночашида,
Ало, эй хандаи гирён надида,
Дилам аз ҳашт ҷояш мезанад сих,
Ба ангуштат магар хоре халида?! [3, с. 361]

Гулрухсор дар ҷои дигар шугуни мардумиеро дар робита бо “паридани чашм” ба таври хоса истифода кардааст. Бояд гуфт, ки яке аз хусусиятҳои муҳимтарини шугунҳо ҳамчун жанри фолклорӣ вариантнокии онҳо мебошад. Масалан, вобаста ба “паридани чашм” дар байни халқ чунин шугун ё боварҳое мавҷуданд: “Агар чашми чапи зан парад, хурсандӣ мешавад”, “Агар чашми чапи мард парад, зиқӣ мешавад”, “Агар чашми рости зан парад, зиқӣ мешавад”, “Агар чашми рости мард парад, хурсандӣ мешавад”. Дар баробари ин, дар байни халқ боварҳое бо чунин мазмун мавҷуданд: “Агар чашми чапи одаме, ки солаш ҳалол аст, парад, хуб нест”, “Агар чашми рости одаме, ки солаш ҳалол аст, парад, хуб аст”. Вобаста ба варианти дигари ин шугун Дилшод Раҳимӣ чунин овардааст: “Агар чашми чап бупара, хурсандӣ мешава” [7, с. 111]. Ва аммо дар шеъри Гулрухсор ин шугун дар шаклу мазмуни “Агар чашми “интизорӣ”(номаълум кадом чашм аст) парад, касе меояд” истифода шудааст. Чунончи:

Кӣ меояд, ки чашми интизориям,
Парад андар паранди мижжаҳоям нарму беово?
Мани афсурдаро аз дарди ман дуздад,
Мани гумгаштаро аз ман кунад пайдо?! [2, с. 9]

Дар ашъори шоир шугунҳоеро вохӯрдан мумкин аст, ки дар заминаи боварҳои мардумӣ боварҳои нав тавлид шудаанд. Масалан, дар байни халқ чунин бовар вуҷуд дорад: “Агар шамол ё бод дарро кӯбад, касе бе даъват меояд”. Гулрухсор дар заминаи шугуни мазкур маъно ё худ бовари тоза эҷод кардааст, ки аз маҳорати баланди эҷодии шоир дарак медиҳад. Аз ҷумла, дар бовари шоир: “Агар дарро бод кӯбаду дар кушода шавад ва хасу хошок ворид хона шавад, ишқ меҳмони инсон мешавад”. Чунончи:

Дарамро бод мекӯбад,
Ҳамеорад пари коҳе,
Паёми бахти гумроҳе,
Дилам дар дидагонам метапад,
Эй ишқ, дар роҳӣ?! [2, с. 784]

Маҳорати шугунпардозии Гулрухсор натанҳо дар шеъраш устодона мушоҳида мешавад, балки насри нависанда низ бо шугуну боварҳои рангоранг ҷолиби диққат аст. Тасвири шугунҳои мардумӣ дар “Занони Сабзбаҳор”-и адиб, ки саршор аз ҳикмату фазилатҳои бонувони деҳаи Сабзбаҳор аст, хонандаро ба олами рангину беолоиши занони муборизу хирадманди як деҳаи тоҷикнишин мебарад. Аз ҷумла, адиб ҳангоми тасвири хонадони як модаре, ки фарзандаш ба ҷанг рафтааст, аз шугуни мардумии “Агар чашми чап парад, зиқӣ мешавад” истифода кардааст. Чунончи: “Аз рӯзе, ки китобҳо ба савдо рафту Карим ба ҷанг, ӯ орому қарорашро гум кард. Дилашро ғам мегирифт, гулӯяшро чанги ғусса пахш мекард, дар чашмонаш беихтиёр ашки сӯзон меҷӯшид. Чашми чапаш мепариду мепарид [11, с. 10]. Ва ё дар ҷои дигар Гулрухсор зимни тасвири дилсӯзии персонажи асар - Нуқра нисбати шавҳари ояндааш - Тош, ки ӯро дар ҳоли гиряву руҳафтодагӣ дида моил шуда буд, аз шугуни мардумии “Агар зарфе нохост афтида шиканад, хосияти хуб надорад” моҳирона истифода кардааст. Чунончи: “Кӯзаи духтар худ аз худ ғалтида, ба санг бархӯрду дастааш шикаст. Ин фоли нохуб буд, аммо вақти фолкушоӣ набуд...” [11, с. 181]. Дар романи “Занони Сабзбаҳор” маргу зиндагӣ канори ҳам тасвир шудаанд. Персонажҳои асар пайваста аз маргҳои ногаҳониву “Хатҳои сиёҳ” дар ҳарос буданд. Ҳар лаҳза метавонист, хабари марги азизе аз майдони ҷанг биёяд. Гулрухсор бо тасвири умедворонаи ба осмон нигаристани

персонажҳои асар - Ҳасан Ризо ва Зебо, ки ҳар ду азизони дур аз хона доштанд, манзараи канда шудани ситораеро дар осмон ба қалам дода, шугуни “Агар дар осмон ситорае канда шавад, касе вафот мекунад”-ро истифода кардааст. Чунончи: “Ситораҳо дар осмон ноаён гум мешуданд. Чанд ситора гӯё касеро интизор бошад, ба тамкин чашмак зада сӯйи замин менигарист. Ситорае бо суръат канда шуда, ҳамон дам сӯхт. Ҳар ду онро дида, худро ба нодонӣ заданд. Дили онҳоро нохуни ҳаросе харошид: “Ситораи кӣ канда шуд? Паймонаи кӣ пур шуд?” [11, с. 245]. Дар романи мазкур тасвири самимияту садоқати мардуми деҳа, хусусан, занону модарони он новобаста аз ҷангу хунрезиҳо хеле отифона таҷассум ёфтааст. Хусусан, инъикоси зеботарин анъанаҳои мардумӣ, аз қабили меҳмондориву меҳмоннавозӣ арзиши воқеии асарро хубтар муаррифӣ менамояд. Масалан, дар ҷое зимни тасвири ба хонаи кампири Асал меҳмон шудани Зебову Суман (хати сиёҳи писари Асалро бо худ доштанд) адиб бо истифода аз шугуни “Ба хонаи норӯфта меҳмон меояд” меҳмоннавозии соҳибхона ва келинаш - Тобонро хеле муассир инъикос кардааст: “Ку, биёен, ҷонам садқаи хоки поятон, ку биёен, ҳай - ҳай! Дидӣ, Тобон беҳуда нагуфтаанд, ки ба хонаи нарӯфта меҳмон омадааст” [11, с. 276]. Истифодаи шугун дар “Занони Сабзбаҳор” зиёд ба назар намерасад, аммо адиб бо овардани якчанд намуна аз боварҳои мардумӣ пеш аз ҳама тафаккури пешгӯикунандаи халқро инъикос намуда, умедвориву ҳикматофарии мардуми одиро ба риштаи тасвир кашидааст. Гулрухсор воқеан, тавонистааст тавассути истифодаи шугунҳои мардумӣ дар партави ҳикмату фазилатҳои халқӣ ғояҳои садоқату вафодорӣ, инсондӯстиву интизорӣ, меҳмондориву меҳмоннавозӣ, сабуриву дурандешӣ ва хештаншиносиву ватандӯстиро талқин намояд. Ҳамзамон, адиб дар заминаи шугунҳои мардумӣ мазмунҳои нави боварҳои худро офаридааст, ки бешубҳа аз маҳорати баланди эҷодии ӯ дарак медиҳад.

Дар ин росто яке аз матнҳои камтаҳқиқи адабиёти гуфториву навишторӣ жанри нӯшбод низ мебошад, ки дар байни халқ гоҳо бо номи “тост” ёд мешавад. Мафҳуми “тост” калимаи русӣ буда, дар адабиёти гуфтории рус махсусияти алоҳидаи жанрӣ надорад. “Тост”-ро дар адабиёти гуфтории рус ҳамчун жанри гуфторӣ (речевой жанр) мешиносанд. Муҳаққиқони рус матнҳои “тост”-гунаро мавриди таҳқиқ қарор дода, дар маҷмуаҳои алоҳида ба нашр расонидаанд [12]. Дар адабиёти классикии форс-тоҷик мафҳуми “дӯстгонӣ”-ро чун муродифи нӯшбод истифода мекарданд. Сардафтари адабиёти классикии форс-тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, маҳз, ба ҳамин маъно чунин ишора дорад:

Касеро чун ман дӯстгон ме чӣ бояд,
Ки дил шод дорад ба ҳар дӯстгонӣ? [8, с. 78]

Ҳамчунин, Анварӣ овардааст:

Рав дӯстгонӣ ор, алорағми душманон,
К-он дӯстро, ки май нахӯрад, ақл душман аст [10, с. 409].

Аз ишораҳои боло бармеояд, ки дар ашъори адибони классикии форс-тоҷик дӯстгонӣ ё худ нӯшбод суханест, ки зимни нӯшидани шароб гуфта мешавад. Ҳамчунин, дар адабиёти муосири тоҷик шоирони зиёде нӯшбодро сухани табрикии бо шароб гуфташаванда муаррифӣ кардаанд. Аз ҷумла, Лоиқ Шералӣ чунин овардааст:

Ба дастам ҷоми хайёмӣ,
Лаболаб ҷоми гулфоме.
Дар ӯ ёди ниёгон аст, ҳам ашки бузургон аст,
Дар ӯ шаҳди замину шуълаи хуршеди тобон аст.
Дар ӯ ҳам ахтари афтода аз гардун,
Дар ӯ ҳам ахтари хомӯши ёрон аст.
Дар ӯ ҳам гиряҳои хандаолуд аст,
Дар ӯ ҳам хандаҳои гиряолуд аст.
Дар ӯ ҳам гармии оташ,
Дар ӯ ҳам талхии дуд аст... [13, с. 42-43].

Ба ин маънӣ, нӯшбод сухани хушҳолкунандаест, ки дар таърихи фарҳангу адаби тоҷик ҷойгоҳи махсус дорад. Нӯшбод матни мардумиест, ки дар ҷашнвораҳои арӯсӣ, хатнасӯр, зодрӯз, гаштак, ҳарифона ва маҳфилҳои дигар гуфта мешавад. Дар ин росто, бояд гуфт, ки на ҳамеша нӯшбодҳо ҳамҷоя бо шароб гуфта мешаванд. Дар баъзе аз минтақаҳои тоҷикнишин ба ҷои шароб аз чой ва ё шарбат истифода мекунанд. Муҳаққиқи фолклоршинос Зеҳниева Ф., маҳз, ба ҳамин маънӣ чунин ишора намудааст: “Дар ҷашни тоҷикони Нурато ва Фориши

Ҷумҳурии Ӯзбекистон оини ҷолибе аст, ки ҳамин нӯшбоду дӯстгониро ба ёд меорад. Занҳо пеш аз арӯсро ба хонаи домод овардан, дар хонаи домод ҷамъ шуда байтхонӣ ва ё мухаммасхонӣ (яъне рубоисароӣ) мекунанд. Ин оин чунин аст, ки яке аз занҳо, аз хешовандони домод дар даст шарбат ба хона медарояду ба ҳар кадоме аз ҳозирин косаи шарбатро дароз карда як рубоӣ мехонад [5, с. 50-52]. Ин оин, албатта баъзе тафовутҳо дорад, аммо дар ҳар сурат нӯшбодро ба хотир меорад. Дар байни мардум нӯшбодро “табрикнома”, “табрик кардан”, “табриккунӣ”, “сухани табрикӣ”, “сухан гуфтан”, “гап задан” ва ғайра низ мегӯянд. Гоҳо дар баъзе ҷамъомадҳои дӯстона ҳангоми нӯшидани шароб суханҳое чун: “канӣ як ширин кунед”, “якта аз ҳамон гапҳои ширин шавад”, “барои саломатии аком як чиз гӯед”, “сухан аз даҳони Луқмон хуш аст, канӣ навбат ба шумо”, “Гапи шумоя ёд кардем, як чиз гӯед” ва ғайра мушоҳида мешавад, ки гуфторҳои пеш аз нӯшбодшунавӣ аст.

Нӯшбодҳои мардумӣ (табрикномаҳо) дар тӯйҳои арӯсиву домодӣ ва хатнасур бештар аз ҷониби раиси ҷашнвора идора карда мешаванд. Яъне, оне, ки дар маърака раиси маҷлис аст, ба меҳмонону хешовандон сухан дода, суханрониҳоро назорат мекунад. Муҳаққиқи тоҷик Равшан Раҳмонӣ дар китоби “Фолклори тоҷикон: дарсҳо аз адабиёти гуфторӣ” матни нӯшбодеро (табрикнома) чунин овардааст: “Салому паёму дуруди фаровон ба аҳли маҷлиси имрӯз! Имрӯз чӣ хушбахтӣ аст, ки ин ду ҷавони дилдода ба муроди дили худ мерасанд. Шоири ширинбаёни мо зиндаёд Лоиқ Шералӣ гуфтааст:

Домоду арӯс ҷон ба ҷонанд имшаб,
Дар даҳр ду кас ҷавонанд имшаб.
Гар зиндагӣ қасди дурии онҳо дошт,
Аз зиндагӣ қасди худ ситонанд имшаб [13, с. 109].

Бале имшаб шодмонтарин, босуруртарин шаби ин ду ҷавони навхонадор аст. Шумо оила бунёд менамоед, ки ин худ як давлати хурде аст. Дар сохтани ин давлати неруманд, пойдор ва зебою пур аз шодиву нишот барои шумо пирӯзиҳо таманно дорам! Арӯсу домоди азиз! Шумо бояд бидонед, ки зиндагӣ мушкилот ва пастию баландиҳои зиёд дорад, барои тай намудани он сабру таҳаммул ва ақлу идрок лозим аст. Ба мисли падарон ва модароне, ки ин роҳро аз сар гузаронидаанд, имрӯз Шумо низ дар оғози ин роҳ ҳастед. Бояд бидонед, ки ҳаёт бе камбудӣ намешавад, ҳар нуқсоне, ки ба пеши роҳи Шумо пайдо мешавад, онро бо ақлу хирад паси сар намоед. Ба бобою бибӣ, ба падару модар, барои ба вуҷуд овардан ва ба камол расонидани фарзандони содиқу вафодори ин хоку Ватан аз сидқи дил хидмат намоед. Худоё, ҳамаи дар ҳамин ҷашн будадагон низ ба муроди дилашон бирасанд. Табрику муборак, домоду арӯси нозанин!” [6, с. 257]. Матни нӯшбодҳо, агарчи хоси адабиёти гуфторӣ буда, бештар дар байни халқ ташаккул ёфтаанд, аммо дар адабиёти навишторӣ низ адибони тоҷик ёдгориҳои зиёде боқӣ гузоштаанд.

Шоири халқии тоҷик - Гулрухсор, агарчи нӯшбодҳои зиёд надорад, аммо бо риояи махсусиятҳои ин жанри гуфторӣ абёти гуворое таълиф намудааст. Шоир дар шеъре бо номи “Қарни бист”, ки дар шакли шеъри сафед офарида шудааст, дар партави мавзуи шарҳиҳоливу иҷтимоӣ ғояҳои шарафмандиву иззатбаландӣ ва умедовориву шикастнопазириро хеле зебо тарғиб кардааст. Дар шеъри мавриди назар санъатҳои бадеии тавсиву истиора (...Барои ҳеҷ кас дар ошёни ғурбату ҳичрон, ба ҳар як қатраи талхаш хумори лаззати заҳр аст... ...ҳамчун сайди захмин метапад дар панҷаи торихи хунолуд... Шаҳиди охирини иззати моро, Ягона шоҳиди даҳр аст...) хеле устодона корбаст шудаанд.

Ман ин ҷоме, ки менӯшам
Барои ҳеҷ кас
дар ошёни ғурбату ҳичрон,
Ба ҳар як қатраи талхаш
хумори лаззати заҳр аст.
Ва ин соле, ки
ҳамчун сайди захмин
метапад дар панҷаи торих хунолуд,
Шаҳиди охирини иззати моро,
Ягона шоҳиди даҳр аст... [2, с. 38]

Дар шеъри “Худсоз” шоир дар муҳтавои нӯшбодӣ маҳфилеро таҷассум кардааст, ки он ҷо “дӯстон, ҳамқадаҳон, ҳамқадамон, ҳамнафасон”-и шоир ширкат дошдаанд. Дар матни

нӯшбодии мазкур мавзуи иҷтимоӣ тараннум гардида, муаллиф ба “дӯстон”-у “ҳамқадаҳон”-у “ҳамқадмон”-у “ҳамнафасон” чун онҳое, ки “паи дона”, яъне, дар роҳи пайдо намудани ризқу рӯзӣ бандаи “банду қафасон” ҳастанд, муроҷиат намудааст. Дар мисраи дуюми байти аввал санъати истиора (Эй паи дона ҳама бандаи банду қафасон...) хеле моҳирона истифода гардидааст. Дар байти дуюм шоир тавассути санъати тавсиф (Бе шумо будани ман иззати худсозист, Бо шумо будани ман миннати худбозист) киноямез “набудан”-и “Дӯстон, ҳамқадаҳон, ҳамқадамон, ҳамнафасон”-ро “иззати худсозӣ” ва “будан”-и онҳоро “миннати худбозӣ” донистааст. Чунончи:

Дӯстон, ҳамқадаҳон, ҳамқадамон, ҳамнафасон,
Эй паи дона ҳама бандаи банду қафасон,
Бе шумо будани ман иззати худсозист,
Бо шумо будани ман миннати худбозист... [2, с. 72]

Гулрухсор дар матни нӯшбодии рубоие ба “як ҷуръа шароб” “хӯрдан”-аш ишора намуда, оҳангҳои иҷтимоӣ ва ғуссаҳои бепоёни худро тараннум кардааст. Шакли қофиябандии рубоии мазкур аз рубоиҳои дигари шоир куллан фарқ дорад. Дар ду мисраи аввал калимаҳои “шароб” ва “кабоб” ҳамқофия буда, ҷузъи “бо дами ғам” ҳамчун радиф корбаст шудааст. Мисраи сеюми рубоӣ аз қофия озод буда, дар мисраи чорум калимаи “нами” бо калимаи “дами”-и мисраъҳои байти аввал (ҷузъи радифи байти аввал) ҳамқофия омадааст. Чунончи:

Як ҷуръа шароб мехӯрам бо дами ғам,
Як сих кабоб мехӯрам бо дами ғам.
Умре назадам як дами беғам, э вой,
Дил сер намешавад зи сӯзу нами ғам [2, с. 915].

Дар рубоии дигари нӯшбодӣ шоир бо тараннуми “рақси шароб” дар ҷашни “гулхани наврӯзӣ” ба ҷамъомади дӯстонаи базми наврӯзӣ ишора кардааст. Дар мисраъҳои мазкур истифодаи моҳиронаи санъати бадеии тавсифу истиора (Фасли тараби рақси шароб омадааст... Бо дастаи гул зи гулхани наврӯзӣ) мушоҳида мешавад:

Фасли тараби рақси шароб омадааст,
Бар номаи ишқи ман ҷавоб омадааст.
Бо дастаи гул зи гулхани наврӯзӣ,
Зардушт ба базми офтоб омадааст [2, с. 818].

Ҳамчунин, шоири халқӣ дар шеъри “Бахт мехоҳам”, ки оҳанги дуогуна дорад, хеле ошиқонаву самимона роҳравони роҳи бахтро табрик намудааст. Шеъри мавриди назар солиёнисол аст, ки дар тӯйҳои арӯсиву домодӣ ҳамчун “табрикнома” аз ҷониби таҳниятгӯяндагон тараннум карда мешавад. Шоир дар шеъри мавриди назар объекти муборакбодиро таманнои бахтёрӣ карда, суханашро тавассути санъатҳои бадеии тавсиву таззоду муқобала (Бароят бахт мехоҳам, ки дар бозори дунёй... Дар ин ҷо нарх дорад, ишқ ҳам, пастиву ҳиммат ҳам...) зиннати бадеӣ бахшидааст.

Бароят бахт мехоҳам, ки дар бозори дунёй,
Ҳама чӣ нарх дорад, нарх дорад, қиммату арзон.
Дар ин ҷо нарх дорад ишқ ҳам, пастиву ҳиммат ҳам,
Ба ҷуз бахте, ки нархашро надонад ҳеҷ бозаргон [2, с. 505].

Гулрухсор Сафиева воқеан, бо офаридаҳои мардумӣ шоири халқӣ будани худро борҳо ба исбот расонидааст. Дар эҷодиёти ӯ ашъори нӯшбодӣ бо инъикоси нӯшидани шароб ва ҳам дар шакли табрикномаи суннатии бидуни шароб мушоҳида мешавад. Метавон гуфт, ки шоир тавассути нӯшбодҳои худ дар партави мавзуъҳои ошиқонаву иҷтимоӣ, ғояҳоеро чун ғанимат донистани умр, расидан ба қадри ҳамдигар, пос доштани эҳтирому эътибори инсон ва амсоли ин тарғиб намудааст. Дар маҷмуъ, дар осори пурғановати адиб жанри нӯшбоду шугун мавқеи алоҳида дошта, дар онҳо махсусияти мардумиву ахлоқӣ ба таври пажӯҳишкорона мушоҳида мешавад.

Адабиёт

1. *Актуальные проблемы полевой фольклористики: Сборник научных трудов [Текст] / Отв. ред. А. А. Иванова - М.: Изд-во Московского университета, 2002. - 214 с.*
2. *Гулрухсор. Девон: Девони ишқу ханда. - Душанбе: Пайванд, 2006. - 958 с.*
3. *Гулрухсор. Шуъла дар санг. Душанбе: Адиб, 2011. - 384 с.*

4. *Лялина Н.Большая книга тамады. М.: Сталкер, 2010. – 429 с.*
5. *Зеҳниева, Ф. Сурудҳои маросими тӯи тоҷикон [Матн] / Ф. Зеҳниева. - Душанбе, 1978. -162 с.*
6. *Раҳмонӣ, Р. Фолклори тоҷикон: дарсҳо аз адабиёти гуфторӣ [Матн] / Р.Раҳмонӣ. - Душанбе: ДМТ, 2021. - 544 с.*
7. *Раҳмонӣ Р., Қосимӣ С. Адабиёти гуфтории тоҷикон (Фоклори тоҷик, Дастури таълимӣ) [Матн] / Р. Раҳмонӣ, С. Қосимӣ. - Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2020. - 352 с.*
8. *Рӯдакӣ. Шеърҳо / Бо муқаддима, тартиб ва тавзеҳи У. Каримов ва С. Саъдиев. – Душанбеф: Ирфон, 1974. – 303.*
9. *Фарҳанги забони тоҷикӣ [Матн] / Зери таҳрири М. Ш. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Ҳошим, Н. А. Маъсумӣ. Нашриёти Советская энциклопедия. - Ҷилди 1. 1969. - 951 с.*
10. *Фарҳанги забони тоҷикӣ [Матн] / Зери таҳрири М. Ш. Шукуров, В. А. Капранов, Р Ҳошим, Н. А. Маъсумӣ. Нашриёти Советская энциклопедия. - Ҷилди 2. - Москва, 1969. - 951 с.*
11. *Фолклори водии Қаротегин (Барои бачаҳои синни калони мактабӣ) [Матн] / Гирдоваранда ва муаллифи сарсухан Г. Сафиева. - Душанбе: Маориф, 1986. – 192 с.*
12. *Харковер В.И. Тосты. - М.: Вихрь, 1993. - 276с.*
13. *Шералӣ Л. Куллиёт. Ҷ.1. Ашъор. Душанбе: Адиб, 2008. – 978с.*

МАВҚЕИ ЖАНРИ НӮШБОД ВА ШУГУН ДАР ЭҶОДИЁТИ ГУЛРУХСОР

Дар мақола инъикоси жанри нӯшбод ва шугун дар эҷодиёти Гулрухсор мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, қайд карда шудааст, ки яке аз мавзуъҳои камтаҳқиқ дар илми адабиётшиносӣ хусусан, адабиёти гуфторӣ пажуҳиши сохтору вазифаҳои нӯшбоду шугун ва бозтоби он дар осори адибон мебошад, ки солҳои охир таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ҷалб намудааст. Дар мақола гуфта мешавад, ки Гулрухсор воқеан, тавонистааст тавассути истифодаи шугунҳои мардумӣ дар партави ҳикмату фазилатҳои халқӣ ғояҳои садоқату вафодорӣ, инсондӯстиву интизорӣ, меҳмондориву меҳмоннавозӣ, сабуриву дурандешӣ ва хештаншиносиву ватандӯстиро талқин намояд. Ҳамзамон, адиб дар заминаи шугунҳои мардумӣ мазмунҳои нави боварҳои худро офаридааст, ки бешубҳа аз маҳорати баланди эҷодии ӯ дарак медиҳад. Дар эҷодиёти ӯ ашъори нӯшбодӣ бо инъикоси нӯшидани шароб ва ҳам дар шакли табрикномаи суннатии бидуни шароб мушоҳида мешавад. Метавон гуфт, ки шоир тавассути нӯшбодҳои худ дар партави мавзуъҳои ошиқонаву иҷтимоӣ, ғояҳоеро чун ғанимат донистани умр, расидан ба қадри ҳамдигар, пос доштани эҳтирому эътибори инсон ва амсоли ин тарғиб намудааст. Дар маҷмуъ, дар осори пургановати адиб жанри нӯшбоду шугун мавқеи алоҳида дошта, дар онҳо махсусияти мардумиву ахлоқӣ ба таври пажӯҳишкорона мушоҳида мешавад.

Калидвожаҳо: адабиёти гуфторӣ, адабиёти навиштворӣ, шоир, адиб, тафаккур, шугун, нӯшбод, эҷодиёт, адабиётшиносӣ, таҳқиқ, муҳаққиқ.

МЕСТО ЖАНРА ПРИМЕТЫ И ТОСТА В ТВОРЧЕСТВЕ ГУЛРУХСОР

В статье рассматривается отражение жанров приметы и тоста в творчестве Гулрухсор. Отмечается, что одной из недостаточно разработанных проблем современного литературоведения, в частности в области устной народной словесности, является исследование структуры и функций приметы и тоста, а также их художественного воплощения в произведениях писателей, что в последние годы привлекает всё большее внимание исследователей. В статье подчёркивается, что Гулрухсор посредством использования народных примет, восходящих к традиционным верованиям и системе народной мудрости, сумела художественно выразить идеи верности и преданности, гуманизма и ожидания, гостеприимства и радушия, терпения и дальновидности, самопознания и патриотизма. При этом автор, опираясь на традиционные народные приметы, создаёт новые смысловые интерпретации и индивидуальные художественные образы, что, несомненно, свидетельствует о высоком уровне её творческого мастерства. В творчестве поэтессы жанр тоста представлен как в форме, связанной с мотивом употребления вина, так и в виде традиционных поздравительных высказываний, не предполагающих его употребления. Можно утверждать, что посредством тостов, развёрнутых в контексте любовной и социальной тематики, Гулрухсор пропагандирует такие идеи, как осознание ценности человеческой жизни, умение ценить друг друга, уважение личности, человеческого достоинства и другие нравственно-этические ориентиры. В целом в богатом и многогранном творческом наследии автора жанры приметы и тоста занимают особое место. В них отчётливо проявляются народные и нравственно-этические особенности, что позволяет рассматривать данные жанры как значимый объект научного литературоведческого исследования.

Ключевые слова: устная литература, письменная литература, поэт, писатель, мышление, примета, тост, творчество, литературоведение, исследование, исследователь.

THE PLACE OF THE GENRES OF OMENS AND TOASTS IN THE WORKS OF GULRUKHSOR

The article examines the reflection of the genres of omens and toasts in the works of Gulrukhsor. It is noted that one of the insufficiently developed problems in modern literary criticism, particularly in the field of oral folk literature, is the study of the structure and functions of omens and toasts, as well as their artistic

embodiment in the works of writers—a subject that has attracted increasing scholarly attention in recent years. The article emphasizes that by employing folk omens rooted in traditional beliefs and the system of folk wisdom, Gulrukhsor has succeeded in artistically expressing the ideas of loyalty and devotion, humanism and anticipation, hospitality and warmth, patience and foresight, self-knowledge, and patriotism. Furthermore, the author draws upon traditional folk omens to create new semantic interpretations and individual artistic images, which undoubtedly testifies to the high level of her creative mastery. In the poetess's work, the toast genre is presented both in forms associated with the motif of wine consumption and in the form of traditional celebratory utterances that do not involve its consumption. It can be argued that through toasts developed within the context of love and social themes, Gulrukhsor promotes ideas such as realizing the value of human life, the ability to appreciate one another, respect for the individual, human dignity, and other moral and ethical guidelines. Overall, the genres of the omen and the toast hold a special place in the author's rich and multifaceted creative heritage. Folk and moral/ethical characteristics are clearly manifested in them, which allows these genres to be considered a significant object of scholarly literary research.

Keywords: Oral literature, written literature, poet, writer, thinking, omen, toast, creative works, literary criticism, research, researcher.

Дар бораи муаллиф
Зайдуллозода Саида Зайдулло
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: zikaeva_1982@mail.ru

About the author
Zaydullozoda Saida Zaydullo
PhD in Philology, Associate Professor of the Department of methods of teaching tajik language and literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: zikaeva_1982@mail.ru

Об авторе
Зайдуллозода Саида Зайдулло
Кандидат филологических наук, доцент кафедры методики преподавания таджикского языка и литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: zikaeva_1982@mail.ru

ТДУ 821-95(575.3)

САРЧАШМАҲОИ «ФАРҲАНГИ АШЪОРИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ»

Маҳмудова Ш. А.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Муқаддима. Лексикографияи тоҷикӣ (форсӣ) аз асрҳои X сар шуда, бо мурури замон рӯ ба тараққӣ ниҳодааст. Агар мо ба сад соли охир назар афканем, мебинем, ки дар бахши луғатнигории забони тоҷикӣ шоҳкориҳо ба сомон расидаанд, ки на ҳар қавму миллат ин гуна ғановати маънавиро молик аст. Аз «Фарҳанги Онандроҷ»-и Муҳаммад Подшоҳ, «Фарҳанги форсӣ»-и Муҳаммад Муин ва «Луғатнома»-и Алиакбари Деҳхудо сар карда, то «Фарҳанги забони тоҷикӣ», «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ», «Фарҳанги Доро»-и Доро Наҷот ва фарҳангҳои муаллифии «Фарҳанги осори Ҷомӣ», «Фарҳанги ашъори Рӯдакӣ»-и Амон Нуров, «Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома»-и Иброҳим Ализода ва «Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ»-и Абдуҷаббори Суруш намунаи барҷастаи фарҳангнигории форсии тоҷикӣ дар ин давр мебошанд.

Маводҳо ва усулҳои таҳқиқот. Маводди мақолаи мазкур аз «Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ» гузида шуда, дар ҷараёни таълифи мақола аз усулҳои муқоисавӣ, басомад ва тасвирӣ ба кор гирифтаем.

Натиҷаҳо. Таҷрибаи фарҳангнигорон собит месозад, ки онҳо дар ҷараёни мураттаб намудани луғатномаҳо ҳамеша ба осори лексикографии пешин муроҷиат намуда, шарҳу эзоҳи калимаҳо ва маънои моддаҳои луғавиро аз онҳо баҳрабардорӣ ва, дар баробари ин, назари интиқодии хешро нисбат ба онҳо иброз медоштанд.

«Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ» [14] низ аз қабили асарҳоест, ки сарчашмаҳои бой ва муътамад дошта, мураттиби он ҳангоми шарҳ ба луғатҳои пешина, асарҳои илмию бадеӣ ва динию таърихӣ такя кардааст. Лозим ба ёдоварист, ки доир ба муҳтавои фарҳангҳои ҷудогона аз ҷониби муҳаққиқон таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст. Масалан, забоншинос Х. Ҷӯраев ҳини ба доираи таҳқиқ кашидани фарҳангҳои дузабона бар он андеша аст, ки «Фарҳангҳои фавқуззикр (фарҳангҳои дузабона-Ш.М.) аз нигоҳи мазмун, муҳтаво, сохтор ва тартиби мураттабнамудани қомусноманигории форсӣ-тоҷикӣ ҷавобгӯ буда, бар асоси фарҳангҳои тафсирӣ тадвин карда шудааст» [13, с. 58].

Омӯзиш ва таҳлили «Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ»-и Абдуҷаббори Суруш маълум сохт, ки мусанниф ҳангоми таълифи луғатномаи хеш аз сарчашмаҳои мухталиф фаровон истифода бурдааст ва дар фаъолияти луғатсозии худ ба таҷриба ва дониши хеле арзишманд соҳиб шудааст.

Муҳаққиқ О.Шукурзода бар он аст, ки «... муаллифи фарҳанг беш аз 20 маъхаз, аз ҷумла, аз ҳашт девони Камоли Хуҷандӣ, чопҳои Тоҷикистону Эрон, дастнависҳо, фарҳангҳои муътамади форсӣ ва чанд асари дигар баҳра бурдааст ва зимни тафсиру ташреҳ саросари куллиёти Шайх Камолро (ҳудуди 8150 байт) ғавр кардааст» [15, с. 165].

«Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ» аз зумраи луғатномаҳоест, ки дар такя ба луғоти муътамад ва осори мухталифи илмӣ-адабӣ иншо гардидааст. Қайд кардан бамаврид аст, мусаннифи луғатномаи мазкур дар баробари зикри маълумоти фарҳангҳои пешин дар шарҳи моддаҳои луғавӣ, назари хешро низ баён кардааст. Дар фарҳанги мазкур қаблан вожаҳо тафсир карда мешаванд ва сипас, барои исботи фикр аз фарҳангҳои пешин шоҳид оварда шудааст.

Сарчашмаҳои «Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ»-ро ба чунин қисматҳо ҷудо кардан мумкин аст: силсилаи шарҳу тафсирҳо, осори илмиву адабӣ, луғатномаҳо, ки дар мавридҳои зарурат ба онҳо ишорат рафта.

Вақте сухан дар бораи сарчашмаи фарҳанги мазкур меравад, табиист, ки аввалин асаре, ки ба назар ҳувайдо мегардад, асарҳои лексикографӣ мебошанд. Дар воқеъ, аксари сарчашмаҳои луғатнома фарҳангҳои тафсирӣ мебошанд, ки дар гӯшаву канори мухталифи олам навишта шудаанд. Аз ҷумла, фарҳанги «Бурҳони қотеъ» [2] дар таърихи луғатнигории форс-тоҷик яке аз мукаммалтарин, маъруфу машҳуртарин ва мақбултарин фарҳанг буда, соли 1652 (асри XVII) аз тарафи Муҳаммадҳусайн ибни Халафи Табрезии мутахаллис ба Бурҳон таълиф шудааст. Аз ҷиҳати фарогирии миқдори калимаву таркибот ва ибораҳо, ҳаҷми «Бурҳони қотеъ» аз тамоми фарҳангҳои қабл аз он таълифгардида бартарӣ дорад.

Соҳиби фарҳанг калимоту таркиботи аксари фарҳангҳои қабл аз замони худ таълифгардидаро ба фарҳанги худ дохил карда, яке аз ҷомеътарин луғатҳои тафсирии забони форсӣ-тоҷикиро офарид. Фарҳанги мазкур, ки соли 1993 аз тарафи луғатшинос Амон Нуров таҳия ва дар се ҷилд аз чоп баромад, ба инкишофи лексикографияи минбаъда чун сарчашмаи боэътимод таъсири бузург расонид.

Такя ба фарҳанги беназири «Бурҳони қотеъ» Абдуҷаббори Шоҳаҳмад ҳини ташреҳи вожаи *ранг*, ки дар луғатнома онро ба даҳ маънӣ шарҳ додааст, бо овардани байти мазкур онро *ҷон, руҳ* маънидод кардааст:

Ҳар киро аз мақоми берангӣ
Ҳаст ранге, зи **ранг**и ӯ пайдост.

Мусанниф шарҳи байтро ба «Бурҳони қотеъ» ҳавола кардааст: Мақоми берангӣ - «… назди муҳаққиқон зуҳури аҳадият аст ва ишора ба олами ваҳдат, ки иборат аз мартаба бувад, ки он исқоти зоти муарро аз либоси асмо ва сифот аст таоло ва тақаддус» [14, с. 464][1].

Фарҳанги дигаре, ки Абдуҷаббори Суруш дар «Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ» аз он суд ҷустааст, «Чароғи ҳидоят» мебошад. «Чароғи ҳидоят» яке аз луғатномаи мондагору беназир буда, ҳамвора диққати фарҳангнигоронро ба худ ҷалб намудааст. «Чароғи ҳидоят» [9] ба қалами Сироҷиддин Алихони Орзу тааллуқ дошта, миёнаи асри XVIII таълиф шудааст. Дар фарҳанги мазкур шарҳу тафсири калимаҳо, таркибҳо, воҳидҳои гуногуни фразеологӣ, идиомаҳо, маҷозот ва киноёт аз асарҳои назмии шоирони машҳур оварда шудаанд. Минбаъд аз тарафи луғатнигорон он ба ҳайси сарчашмаи муътамад истифода бурда шудааст. «Чароғи ҳидоят» соли 1962 аз тарафи Муҳаммад Дабири Сиёқӣ дар Теҳрон омодаи нашр гардида, соли 1992 дар ҳаҷми 288 саҳифа бо эҳтимоми Амон Нуров дар Тоҷикистон мунташир ёфт.

Абдуҷаббори Суруш дар мавриди ташреҳи вожаи *тосбоз* ба фарҳанги мазкур ҳавола кардааст: касе, ки бо ташт бозӣ мекунад ва он шахсе бошад, ки тосеро бар ҳаво андохта бар сари чӯбе бигирад ва бигардонад:

Тосбозе бидидам аз Бағдод,
Чун Ҷунайд аз сулукаш огоҳӣ.
Рафт дар ҷубба вақти бозӣ, гуфт:
Лайса фи ҷуббати сива-л-лоҳӣ [14, с. 574].

Воқеан, дар таърихи фарҳангнигорӣ «Ғиёс-ул-луғот»-и Муҳаммад Ғиёсуддин Ромпурӣ яке аз фарҳангҳои муътамад ба ҳисоб рафта, Абдуҷаббори Суруш дар ҷараёни танзими асари хеш чанд маротиба ба он руҷуъ ва то андозае аз вай фоида бардоштааст.

«Ғиёс-ул-луғот»-и Ромпурӣ [4] аз фарҳангҳои муҳимтарини форсу тоҷик буда, соли 1827 дар Ҳиндустон таълиф шудааст. Бо эҳтимоми луғатнигор Амон Нуров соли 1987 дар Тоҷикистон «Ғиёс-ул-луғот» дар се ҷилд мунташир гашта, дар даврaҳои минбаъда фарҳанги мазкур ба ҳайси сарчашмаи боэътимод хизмат кардааст.

Муаллифи «Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ» аз ин фарҳанг дар шарҳи калимаҳои *ман-язид* [14, с. 303]*, ақли кул (л)* [14, с. 30]*, афсун* [14, с. 47]*, аҳл* [14, с. 50]*, водӣ* [14, с. 113]*, кунфакон* [14, с. 259]*, курсӣ* [14, с. 259]*, оби сиёҳ* [14, с. 399]*, хати райҳон* [14, с. 608] баҳра бардоштааст. Аз ҷумла, зимни ташреҳи вожаи *водӣ* муаллифи фарҳанг чунин нигоштааст: дара, кушодагии миёни ду кӯҳ, селроҳа, «замини нишеби ҳамвори камдарахт, ки ҷойи гузаштани оби сайл (сел) бошад; ва ба маънии саҳрои мутлақ низ омада.

Камол, аз худ бибур, он гаҳ рав ин роҳ,
Ки қатъи инчунин **водӣ** ҳамин аст [14, с. 113].

«Фарҳанги Амид» [1] таълифи Ҳасани Амид, луғатномаи тафсириест, ки зиёда аз бисту панҷ ҳазор калимаро дар бар мегирад. Тарзи дуруст хондани баъзе калимаҳо бо ҳаракатҳои замма, фатҳа ва касра нишон дода шуда, овонавишти лотинии калимаҳои иқтибосии аврупоӣ низ оварда шудааст.

Муаллифи «Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ» дар зимни ташреҳи вожаҳо аз «Фарҳанги Амид» низ истифода намуда, дар шаш маврид ба он ишора кардааст. Чунончи, ҳангоми шарҳу маънидод намудани калимаҳои *висоқ* [14, с. 113], *меҳргиёҳ* [14, с. 321], *мураккаб* [14, с. 338], *навбат* [14, с. 353], *Суҳайл* [14, с. 544], *таҷаллӣ* [14, с. 563] ташреҳи «Фарҳанги Амид»-ро зикр намудааст, ки барои намуна унсури луғавии «*меҳргиёҳ*»-ро ба

[1] Маводди фактологии мо дар асоси “ФАКХ” (2015) фароҳам омадааст. Аз ин рӯ, минбаъд танҳо ба саҳифаи он ҳавола карда мешавад.

мақсад созгор медонем: гиёҳи меҳру муҳаббат мегӯянд, гиёҳе, ки ҳар кас ба худ дошта бошад, мардум ӯро дӯст медоранд; ба маънии истаранг ва гиёҳи болодона ва шобезак ва гиёҳе, ки баргҳои он ҳамеша рӯ ба офтоб аст, низ гуфта шуда.

Хат чу дамид бар рухат, меҳри дилам зиёда шуд,
Номи хатат бар он нишон **меҳргиёҳ** кардаам [14, с. 321].

Яке аз шоҳкориҳое, ки дар луғатнигории муосири форсӣ арзи ҳастӣ намуд, «Фарҳанги форсӣ»-и Муин [8] мебошад, ки дар зоти худ беназир аст ва таъсири онро ба лексикографияи давраи баъдӣ ба хубӣ метавонем мушоҳида намоем. «Фарҳанги Муин» луғати тафсирии таълифи доктор Муҳаммади Муин буда, солҳои 1963-1973 дар шаш ҷилд ба табъ расидааст. Дар ин миён «Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ» низ истисно набуда, мураттиб дар мавридҳои зарурӣ аз он дар фарҳангномааш суд ҷустааст. Шореҳ дар мавриди шарҳи вожаи *форид* ба фарҳанги мавриди назар такя намудааст: яке аз бозиҳои ҳафтгонаи нард, даври аввал аз бозиҳои нард (дар қадим).

Ба нарди ишқи ту нақше зи каъбатайни мурод
Варои ошиқи **форид** наметавонад дид [14, с. 597].

Яке аз ҳодисаҳои муҳимме, ки дар таърихи фарҳангсозии забони тоҷикии асри ХХ ба вуқуъ пайваст, дар ду ҷилд бо фаргирии 45000 калима ва таркибот дар соли 1969 ба зевари табъ ороста гардидидани «Фарҳанги забони тоҷикӣ» мебошад. Ин нахустин фарҳанге буд, ки дар қарни гузашта нашр шуда, вожагони забони тоҷикиро (албатта, дар ҳудуди имконоти ин ду ҷилд) аз асри Х то ибтидои садаи ХХ дар бар мегирад. Дар таҳияи ин луғат фарҳангҳои маъруф ва серистеъмоли забони тоҷикӣ, чун «Бурҳони қотеъ», «Ғиёс-ул-луғот» ва мисли инҳо истифода шуда, маводди фаровон ва мисолу иқтибосоти зиёд аз осори шоиру нависандагони классикӣ, истилоҳоти асраҳои илмӣ ва соҳавӣ дар он ҷой дода шудааст. Қайд кардан бамаврид аст, ки «Фарҳанги забони тоҷикӣ» бо баргардон аз хати кириллӣ ба форсӣ ва бо баъзе шарҳҳои Муҳсини Шуҷоӣ аз тарафи муассисаи «Фарҳанги муосир»-и Эрон дар 2 ҷилд (Теҳрон, 2006) ба табъ расидааст.

Бидуни шак, «Фарҳанги забони тоҷикӣ» [12] яке аз сарчашмаҳои муҳимми «Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ» маҳсуб ёфта, Абдуҷаббори Суруш дар мавридҳои зарурӣ аз он истифода намудааст. Муаллифи «Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ» дар ҳашт маврид аз ин фарҳанг истиқбол кардааст. Аз ҷумла, зимни шарҳу маънидоди калимаву ибораҳои *дар аснои* [14, с. 43]*, гандумнамои ҷавфурӯш* [14, с. 117]*, ба ёди касе ҷом гирифтан* [14 с. 206]*, Исми аъзам* [14, с. 239]*, дуздида* [14, с. 196]*, лавҳ* [14, с. 281]*, охир* [14, с. 421]*, саҷда* [14, с. 518] ва ғ.

Вожаи *дуздида*, ки дар фарҳангномаи Суруш дучор омадем, аз «Фарҳанги забони тоҷикӣ» сарчашма мегирад ва мураттиб онро *пинҳонӣ* шарҳ додааст:

Даст зад дар расани зулфи ту **дуздида** Камол,
Ёфтӣ дузд, ду дасташ ҳам аз он ҷо овез [14, с. 196].

Миқдори зиёди ишораҳо шаҳодат медиҳанд, ки мураттиби «Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ» Абдуҷаббори Суруш ба китоби «Миръоти ушшоқ» [8] таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Мусаннифи «Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ» ҳини ташреҳи вожаҳо аз қабили *карашма* [14, с. 249]*, қибла* [14, с. 273]*, лаб* [14, с. 279]*, мижа* [14, с. 322]*, ҳиҷоб* [14, с. 653] ва ғайра дар маҷмуъ дар дусаду ҳафтод маврид аз китоби мазкур суд ҷустааст. Барои собит намудани гуфтаҳои худ вожаи «*ҳиҷоб*»-ро, ки Суруш онро бо такя ба ин асар ташреҳ намудааст, зикр менамоем: дар истилоҳи сӯфия «мавонеъро гӯянд, ки аз ҷониби ошиқ ҳувайдо гардад ва он бар ду қисм бошад; ҳиҷоби нуронӣ - чун илму амали солеҳ, ки соликро дар мақоми аҷаб дорад; ва ҳиҷоби зулмонӣ - чун аъмоли сияҳ ва ақоиди фосида ва орзуҳои нописандида…».

В-он кас, ки бувад ошиқу бебоку қаландар
Мақсуди ҳақиқиш зи май рафъи **ҳиҷоб** аст [14, с. 653].

Муаллифи «Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ» аз «Шарҳи истилоҳоти тасаввуф» [3] дар чор маврид зимни ташреҳи вожаю иборҳои *бало* [14, с. 60]*, тири бало* [14, с. 567]*, гум шудан* [14, с. 131]*, иродат* [14, с. 238] баҳра бардоштааст. Ин ҷо овардани шарҳи ибораи *тири бало* аз фарҳанги мазкур ба мақсад мувофиқ мебуд: дар истилоҳи сӯфиён «зуҳури имтиҳони Ҳақ аст бандаро дар таҳқиқи ҳолаш ҳангоми ибтило (мубталоӣ) ва он ибтило иборат аст аз таъзиб (азоб кардан), ки бар ӯ нозил шавад».

Гар накунад дил нишона **тири бало**ро,
Кофири ишқаш шумар, ки кеш надорад [14, с. 567].

Абдуҷаббори Суруш дар феҳристи луғатҳои истифодашудаи асараш китобҳои «Кашф-ул-луғот», «Туҳфат-ул-аҳбоб», «Шарҳи «Гулшани роз» ва «Қасас-ул-анбиё»-ро зикр накардааст, вале дар фарҳанги мазкур бо овардани мисолҳо аз онҳо истифода бурдааст.

«Туҳфат-ул-аҳбоб» [10] соли 1530 аз тарафи луғатнигор Ҳофизи Ӯбаҳӣ таълиф гардида, он асосан фарогири калимаҳои куҳнашуда ва шевагӣ мебошад. Дар он мавриди шоҳид бештар ва аз ашъори Фирдавсию Унсурӣ ва дигар шоирон оварда шудааст. Аз тарафи забоншинос Ҳ. Рауфзода «Туҳфат-ул-аҳбоб» соли 1992 дар ҳаҷми 288 саҳифа таҳия ва интишор гардид, ки аз луғатномаҳои боэътибор маҳсуб меёбад. Суруш дар луғатномааш зимни шарҳу тавзеҳи моддаи луғавии *палосидан* ба ин фарҳанг такя кардааст: помол кардан, зери пошнаи пой касе ё чизеро лат додан; ... ва решаи асли палос пал - пошнаи пой дар луғоти қадима ба назар расид... .

Гуфта будӣ дӣ: Палосат з-атласи мо беҳ, Камол,

Бо ҳама олам **палос**у бо мани дарвеш ҳам [11, с. 432].

«Кашф-ул-луғот» дар охири асри XVI ва аввалҳои асри XVII аз тарафи Абдурраҳим ибни Аҳмад Сури Биҳорӣ таълиф ёфтааст. Луғати мазкур калимаю ибораҳои душворфаҳми арабиро шарҳу тавзеҳ дода, мусанниф ҳини тадвини он аз 7 луғати арабӣ, 15 луғати тоҷикӣ ва 4 ибораҳои идиоматикӣ суд ҷустааст. Қисми асосии лексикаи «Кашф-ул-луғот»-ро калимаю ибораҳои арабӣ ва истилоҳоти сӯфиёна ташкил медиҳад.

Муаллифи фарҳанги ашъори Камол дар мавриди шарҳи ибораи *ихлоси дарун* [14, с. 240] аз луғати мазкур истифода бурдааст: ихлоси дил, сафои дил, зеро дар истилоҳи мутасаввифа «ихлос он аст, ки аз ғайр мубарро ояд ва рӯйи дил бо Ҳақ дошта бошад ва ҳар коре, ки кунад ва ҳар сухане, ки гӯяд қатъи назар аз халқ кунад ва ба мадҳу захми эшон илтифот нанамояд».

Мани бедил чу зарам бо ту зи **ихлоси дарун**,

Қалб чун нест маро, ин ҳама магдоз чунин [14, с. 240].

Суруш ҳини тадвини фарҳангаш зимни ташреҳи таъбирот дар панҷ маврид, аз ҷумла унсурҳои *сари ду зулф буридан* [14, с. 505], *чини зулф* [14, с. 675], *зулфи дароз* [14, с. 299], *зулфи парешон* [14, с. 230], *расанҳои бурида* [14, с. 467] аз «Шарҳи «Гулшани роз» баҳрабардорӣ кардааст. Аз ҷумла, ибораи «*расанҳои бурид*»-ро дар истилоҳи сӯфия «бурида шудани зулф» нисбат ба арбоби истидлол, ки уламоянд, фано ва тағйироти олами мурод аст, ки сабаби ҳудусаш мегардад ва аз муҳдас истидлол ба воҷиб менамояд ва нисбат ба арбоби ҳол, ки соҳиби кашфу шуҳуданд, бурида шудани зулф ишорат ба маҷмуъ ва интимоси (нопадид шудани) таъйинот ва касрот аст».

Дил дарафтод дар он чоҳи зақан, чашм ба зулф,

Ба **расанҳои бурида** кӣ барорад зи чаҳаш? [14, с. 467]

Омӯзиши мероси ниёгон ва пажуҳишгарони забону адабиёти тоҷикӣ ошкор месозад, ки дар радифи фарҳангҳо асарҳои дигаре низ ҳастанд, ки дар тавзеҳу ташреҳи воҳидҳои луғавӣ аз луғатҳои тафсирӣ монандӣ надоранд. Ин намунаро дар мисоли «Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ» метавон дид, ки мусанниф ҳини мураттаб сохтани асараш ба онҳо руҷуъ кардааст. Далели ин гуфтаҳо «Қасас-ул-анбиё» [6] маҳсуб меёбад, ки он хонотарин ва ҷолибтарин китоб буда, аз рӯзгори пайғамбарон ҳикояту ривоят мекунад. Ашъори шоир дар баробари мазомини панду андарз доштан, саршор аз қиссаву ривоятҳо аз рӯзгори паёмбарону ёронашон аст. Мураттиби «Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ» низ ҳини шарҳи ибораҳои *бо нигин мулк рондани Сулаймон* ва *нори халил* аз ин китоб баҳра бардошта, такя ба тавзеҳ таъкид мекунад, ки «барои огоҳии муфассал ба «Қасас-ул-анбиё» руҷуъ шавад» [14, с. 389]. Чунончи, **бо нигин мулк рондани Сулаймон** ишора ба қиссаи ҳазрати Сулаймон, ки салтанати ӯ тавассути муъҷизаи ангуштарие буда:

Ба он лаб мулки дилҳо шуд мусаллам,

Сулаймон мулк ронад бо нигине [14, с. 467].

нори халил оташи Намруд, ки Худованд бар Иброҳими Халилуллоҳ бӯстон гардонид:

Чӣ илтифот муҳибро ба бӯстони наим,

Ки дил зи рӯи ту боғест, пур зи **нори Халил**? [14, с. 389].

Мусаллам аст, ки зимни тадвини фарҳанги мазкур мураттиб дар радифи луғатҳои дигар аз асарҳои бадеӣ канорачӯйӣ накардааст. Луғатнигор зимни ташреҳи вожаҳо аз достони безаволи «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, асарҳои «Маснавӣ», «Девони Шамс», «Фиҳи-мо-фиҳи»-и Ҷалолиддини Балхӣ ва «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдураҳмони Ҷомӣ суд

ҷустааст, вале дар феҳрасти асараш оид ба ин адабиётҳо ишорае нашудааст. Масалан: шореҳи луғатнома вожаи «Дақла»-ро номи рӯд шарҳ дода, дар заминаи ин вожа «Дақлаи Бағдод»-ро дарёи Дақла, ки аз Бағдоди Ироқ мегузарад ва номи қадимии он ба забони паҳлавӣ Арванд будааст, маънидод кардааст:

Агар паҳлавонӣ надонӣ забон,

Ба тозӣ ту Арвандро **Дақла** хон («Шоҳнома») [14, с. 172].

Ҳини шарҳу тавзеҳи вожаву иборот Абдуқаббори Суруш дар фарҳанги мазкур аз «Маснавии маънавӣ» дар 3 маврид зимни ташреҳи ибораҳои *нағмаи най* [14, с. 356]*, насими сабо* [14, с. 367]*, ба васфи даҳонат Камол мӯй шикофт* [14, с. 110]*,* аз «Девони Шамс» *дур аз Худо* [14, с. 198], *Каъба* [14, с. 252] ва *лофи аналҳақ задан* [14, с. 288] аз «Фиҳи-мо-фиҳи»-и Ҷалолиддини Балхӣ истифода кардааст. Масалан, зимни ташреҳи вожаи *мӯй* ибораи «*ба васфи даҳонат Камол мӯй шикофт*»-ро дар ситоиши беҳарфии каломат Камол маънигустарӣ кард гӯён, онро чунин шарҳу тавзеҳ дода, барои тақвияти фикр аз «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ байте меорад: дар истилоҳи сӯфия аз «даҳон» сифати мутакаллимии Худо мурод аст ва ба хурдӣ, зарра, нуқта, мӯй ва борикӣ таъбир кардани он киноя аз дақоиқ ва асрори калом аст, зеро дар Қуръон ишорати фаровон меравад, ки Худованд безабону беҳарф сухан мегӯяд:

Эй Худо, бахшой моро он мақом,

К-андар ӯ бе ҳарф мерӯяд калом [14, с. 110].

Ё ки дар мавриди вожаи *Каъба*, ки онро сувайдои дил, андаруни дил, даруни дил; ба ақидаи шоирони ориф мақоми Худои бузург даруни дили инсон аст маънидод карда, аз «Девони Шамс» байти намуна овардааст:

Худои аззаву ҷал гуфт: Ман нағунҷидам

Даруни арзу само, ҷуз ки дар **дили инсон** [14, с. 252].

Дар мавриди шарҳи вожаи *лоф* Суруш ибораи феълии «*лофи аналҳақ задан*»-ро даъвои худоӣ кардан маънидод карда, аз «Фиҳи-мо-фиҳи»-и Ҷалолиддини Балхӣ иқтибос овардааст: аммо дар истилоҳи аҳли ирфон «аналҳақ, яъне ман фано гаштам, Ҳақ монду бас ва ин ба ғояти тавозуъ аст ва ниҳояти бандагист».

Лофи аналҳақ бизан, Камол, ки вақт аст,

Ҳар сари мӯи ту чун аз дӯст нишон ёфт [14, с. 288].

Дар мавриди дигар муаллифи «Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ» барои тафсири вожаи *абрӯ,* ки онро ба ду маъно шарҳ додааст, дар маънои дуюм менигорад: ҳамчун истилоҳи ирфонӣ «*абрӯ*»-ро Хоҷа Камоли Хуҷандӣ ба Муҳаммад Ширини Мағрибӣ чунин тавзеҳ дода ва аз асари «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдураҳмони Ҷомӣ овардааст: «…абрӯ ҳоҷиб аст, пас метавонад буд, ки онро ишорат ба сифот, ки ҳиҷоби зот аст, доранд».

Чашм агар ин асту **абрӯ** ину нозу шева ин,

Алвидоъ, эй зуҳду тақво, алфироқ, эй ақлу дин! [14, с. 21].

Хулоса, омӯзиши сарчашмаҳои «Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ» нишон медиҳад, ки мураттиби он дар вақти шарҳу маънидод намудани вожаҳо ба луғатҳои мухталиф такя намуда, ба офаридани чунин асари лексикографии муҳимму мондагор даст ёфтааст. Дар баробари ин дар дохили фарҳанг, зимни маънидоди унсурҳои луғавӣ ба асарҳое ишорат мекунад, ки дар рӯйхати сарчашмаҳо зикр нашудаанд. Баррасии сарчашмаҳо нишон дод, ки як қисми онҳо ба ҳайси такягоҳ аз ҷониби мураттиб ба касрат мавриди истифода қарор гирифта бошанд, баъзеи онҳо танҳо як маротиба корбаст шудаанду бас. Бояд зикр намуд, ки истифодаи сарчашмаҳои муътамад барои баланд шудани мазмуну моҳияти луғат аҳаммияти аввалиндараҷа дошта, ҷанбаҳои маъноиву луғавии он боз дақиқтар мегардад.

Ба ҳар сурат, ба сарчашмаҳои гуногун такя намудани мураттиби фарҳанги мавриди назар боис шудааст, ки бунёди назариявии он қавӣ гардида, дар шакл ва мундариҷаи хуб манзур гардад.

Ниҳоят, таҳқиқ ва омӯзиши сарчашмаҳои «Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ» баёнгари он аст, ки мусаннифи он барои ба ҳадафи асосии худ расидан дар сохтани фарҳанги ҷомеи ашъори шоири хуҷандӣ муттасил кор карда, аз сарчашмаҳои фаровон истифода ва ҳангоми зарурат дар асар ба онҳо ишораҳо кардааст, ки дар натиҷа қимати илмию филологии асар афзудааст.

Адабиёт

1. *Амид, Ҳ. Фарҳанги форсӣ. /Ҳ. Амид. - Теҳрон: Роҳи рушд, 1389. - 1088 с.*
2. *Бурҳон, М. Бурҳони қотеъ. Иборат аз се ҷилд. Таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳакот, тавзеҳот ва феҳристи А.Нуров / М.Бурҳон.-Душанбе: Адиб, 1993-2004. Ҷ.1.- 416 с.; Ҷ.2. – 424 с.*
3. *Гавҳарин, С.С. Шарҳи истилоҳоти тасаввуф. - Теҳрон: Заввор, 1368.*
4. *Ғиёсиддин, М. Ғиёс-ул-луғот. Иборат аз се ҷилд. Таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳакот, тавзеҳот ва феҳристи А.Нуров /М.Ромпурӣ.- Душанбе: Адиб, 1987-1989. Ҷ.1.-480 с.; Ҷ.2.-416 с.; Ҷ.3.-304 с.*
5. *Деҳхудо, А. Луғатнома. / А.Деҳхудо. Ҷ.1 - 50.-Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи Донишгоҳи Теҳрон: 1373. - 1328 с.*
6. *Қиссаҳои қуръонӣ. Қасас-ул-анбиё. /Таълифи Ҳақназаров Тоҳир. - Душанбе: Паёми ошно. - 2010.-536 с.*
7. *Миръоти ушшоқ (бо хати арабӣ) дар китоби Е.Э.Бертельс: Суфизм и суфийская литература; Москва: Наука, 1965.*
8. *Муин, М. Фарҳанги форсӣ. Ҷ.1. / М.Муин. - Теҳрон: Чопхонаи сипеҳр, 1371.-1472 с.*
9. *Орзу, С. Чароғи ҳидоят. / С. Орзу. - Душанбе: Ирфон, 1992. -288 с.*
10. *Ӯбаҳӣ, Ҳ. Туҳфат-ул-аҳбоб. / Ҳ. Ӯбаҳӣ.- Душанбе: Ирфон, 1992.-187 с.*
11. *Тӯсӣ, А. Луғати фурс. Муқаддима, таҳия, таълиқот, ҳошия, луғат ва феҳристи Н.Ғиёсов. / А. Тӯсӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2015.-492 с.*
12. *Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ). Дар 2 ҷилд. (дар зери таҳрири М.Ш.Шукуров, В.А.Капранов, Р.Ҳошим, Н.А.Маъсумӣ). – М.: Советская энсиклопедия, 1969. Ҷ. 1.- 951 с.; Ҷ. 2.- 949 с.*
13. *Ҷӯраев Х.А. Сарчашмаҳои ташаккул ва такомули истилоҳоти адабиётшиносии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (силсилаи илмҳои гуманитарӣ) / Х.А.Ҷӯраев.- Душанбе, 2026. - №1 (120).- С.55-62.*
14. *Шоҳаҳмад, А. Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ. /А.Шоҳаҳмад. – Хуҷанд: Хуросон, 2015. - 736 с.*
15. *Шукурзода, О. Суруши Хоҷа Камолуддин дар фарҳанги Абдуҷаббори Суруш // Анвори дониш. Маҷмуи илмӣ (№1).- Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2020. С.163-165 с.*

САРЧАШМАҲОИ «ФАРҲАНГИ АШЪОРИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ»

Дар мақола масъалаи сарчашмаҳои «Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ» мавриди арзёбӣ қарор гирифта, мавридҳое, ки мураттаб ба фарҳангҳои дигар мурочиат кардааст, баррасӣ шудаанд. Муаллифи мақола қайд менамояд, ки як даста сарчашмаҳо аз ҷониби мураттиби ин луғатномаи муаллифӣ дар оғози он нишон дода шудаанд, вале дар дохил номи як қатор сарчашмаҳои дигарро метавон дучор омад, ки аз зикри онҳо худдорӣ шудааст. Ҳамчунин қайд гардидааст, ки истифодаи ин сарчашмаҳо яксон набуда, баъзе аз онҳо ниҳоят зиёд зикр шуда бошанд, вале иддае танҳо як маротиба истифода шудаасту бас. Баррасиҳои соҳиби мақола нишон медиҳад, ки ба ғайр аз асарҳои лексикографӣ Абдуҷаббори Суруш ба ашъори шоирон, мисоли Саъдиву Фирдавсӣ ва сарчашмаҳои дигар, аз ҷумла «Қасас-ул-анбиё», «Миръоти ушшоқ» ва ғайра ишорат нашудааст.

Калидвожаҳо: фарҳанги ашъор, луғатҳои тафсирӣ, сарчашмаҳои шарҳ, тамоюли мавзуии назми Камол, маъхазҳои ёвари шарҳнигорӣ, методҳои тафсири вожаҳо ва зикри манобеи лексикографӣ.

ИСТОЧНИКИ «СЛОВАРЬ ПОЭЗИИ КАМОЛА ХУДЖАНДИ»

В статье рассмотрены вопросы, связанные с источниками «Словаря поэзии Камоли Худжанди», а также случаи обращения автора к другим словарям. Автор статьи отмечает, что ряд источников указан составителем этого авторского словаря на первых страницах, однако в тексте можно найти названия ряда других источников, которые не были им упомянуты. Также отмечается, что названые этих источники не использованы автором неодинаково, некоторые из них упоминаются достаточно часто, а другие всего один раз. Исследования автора статьи удостоверяют в том что, помимо лексикографических произведений в словаре А. Суруша, упоминаются стихотворения таких поэтов как Саади и Фирдавси, а также другие источники, в том числе «Касас-уль-анбия», «Миръат-уш-шак» и т. д.

Ключевые слова: словарь поэзии, толковые словари, источники толкования, тематическое направление поэзии Камола, источники вспомогательного толкования, способы толкования слов и упоминание лексикографических источников.

SOURCES «DICTIONARU OF POETRU KAMOLA KHUJANDI»

The article discusses issues related to the sources of the “Dictionary of Kamoli Khujandi Poetry”, as well as cases of the author turning to other dictionaries. The author of the article notes that a number of sources are indicated by the compiler of this author’s dictionary on the first pages, however, in the text you can find the names of a number of others sources that were not mentioned by him. It is also noted that the names of these The sources are not used equally by the author; some of them are mentioned quite often, while others are mentioned only once. Research by the author of the article certify that, in addition to lexicographic works in the dictionary of A. Surush, poems by such poets as Saadi and Firdavsi are mentioned, as well as other sources, including “Kasasul-anbiya”, “Miraat ush-shak” etc.

Key-words: Dictionary of poetry, explanatory dictionaries, sources of interpretation, thematic direction of Kamol’s poetry, additional sources of interpretation, ways of interpreting words and mention of lexicographical sources.

Дар бораи муаллиф
Маҳмудова Шарофат Абдурасуловна
Унвончӯйи кафедраи забони тоҷикӣ
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Б. Ғафуров
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд,
гузаргоҳи Мавлонбеков, 1
E-mail: zabonitojik@mail.ru

Об авторе
Махмудова Шарофат Абдурасуловна
Соискатель кафедры таджикского языка
Худжандский государственный
университета имени академика Б. Гафурова
735700, Республика Таджикистан,
г. Худжанд, проезд Мавлонбеков, 1
E-mail: zabonitojik@mail.ru

About the author
Makhmudova Sharofat Abdurasulovna
Applicant at the Department of Tajik Language
Khujand State University named after
academician B. Ghafurov
735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 1
Mavlonbekov
E-mail: zabonitojik@mail.ru

ТДУ 891.550+089.3

АФОРИЗМ ҲАМЧУН ЖАНРИ АДАБӢ ВА МАВҚЕИ ОН ДАР АДАБИЁТШИНОСӢ

Арбобова М. М.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода

Бо гузашти асрҳо адабиёти классикии тоҷик ҷойгоҳи хоси худро аз даст надодааст, зеро мероси гаронбаҳои шоирону донишмандон дар ташаккули ҷомеаи бофарҳанг ва рушди маънавии инсон нақши муҳим дорад. Агар ба реша ва маънои вожаи «адабиёт» таваҷҷуҳ намоем, маълум мегардад, ки он бо мафҳуми «адаб» иртиботи маънавию ахлоқӣ дорад. Аз ин рӯ, адабиётро метавон на танҳо воситаи таълиму маърифат, балки яке аз муҳимтарин василаҳои тарбияи инсон низ донист. Ҳамаи жанрҳои адабӣ, новобаста ба мансубият ба назм ё наср, дар ташаккули ҷаҳонбинии маънавию ахлоқии инсон саҳми назаррас мегузоранд. Адабиёт ҳамчун соҳаи муҳимми маърифати инсонӣ дар ташаккули шахсияти комил ва рушди арзишҳои маънавӣ нақши муассир дорад. Адабиёти тоҷик яке аз адабиёти пурғановати ҷаҳон ба шумор меравад. Осори классикони форсу тоҷик бештар ба масъалаҳои панду ҳикмат, ахлоқ, маърифат ва тарбияи инсон бахшида шудааст. Дар ин маврид чунин андеша қобили таваҷҷуҳ аст: «Дар таъриху фарҳанги инсоният ягон миллат инқадар ба таҳқиқи масъалаҳои ахлоқӣ даст назадаанд, чунон ки дар ҳикмат ва эҷодиёти қавмҳои форсизабон ба назар мерасанд» [9, с. 53]. Тавре маълум аст, шахс дар раванди ташаккули маънавии худ аз адабиёт ғизои маънавӣ мегирад. Ҳикояҳо, байтҳо ва суханони пурмазмуни классикон, ки таҷрибаи зиндагӣ, ҳақиқати рӯзгор ва сабақҳои ахлоқиро инъикос менамоянд, худ як мактаби бузурги тарбиявӣ ба ҳисоб мераванд. Панду андарз аз замонҳои қадим то имрӯз мавқеи устувори худро ҳамчун воситаи муҳимми тарбия нигоҳ доштааст ва дар ташаккули ҷаҳонбинии насли наврас нақши муҳим мебозад. Афоризм низ ҳамчун шакли кӯтоҳу пурмаънои ифодаи андешаи муаллиф доираи васеи масъалаҳои ҳаётиро фаро мегирад. Ин хусусияти он имкон медиҳад, ки хонанда тавассути андешаи фишурдаву ҳикматомези муаллиф ба арзёбии дурусти воқеият ва интихоби роҳи муносиб дар зиндагӣ раҳнамоӣ шавад. Бузургони илму адаб дар ҳар давру замон андешаҳои пандомез ва арзишманд баён кардаанд, ки бо гузашти солҳо ва асрҳо аҳаммияти худро аз даст надода, ҳамчун сабақи зиндагӣ ба наслҳои минбаъда хизмат мекунанд. Халқи тоҷик аз ҷумлаи халққоест, ки бо таърихи тулонӣ, адабиёти оламшумул, эҷодкорӣ, фарзонагӣ, бунёдкорӣ ва фарҳанги ғании худ дар тамаддуни ҷаҳонӣ мақоми арзанда дорад. Барои тасдиқи ин андеша метавон афоризмҳои академик Бобоҷон Ғафуровро мисол овард: «Бурди зиёд хатар дорад, зеро ки одамро аз оянда бепарво мекунад» [8, с. 24]; «Онҳое, ки хизмати худро барои хурдон таҳқир мешуморанд, бузург нестанд» [8, с. 61]; «Он, ки натавонад бар ҳар чи дорад, қонеъ бошад, ба ҳеҷ чиз қонеъ нахоҳад шуд» [8, с. 60].

Афоризми аввал андешаи муҳимми ахлоқиро ифода мекунад: комёбии пайваста метавонад инсонро аз эҳтиёткорӣ ва худназоратӣ дур созад. Вақте шахс пайваста ба муваффақият ноил мегардад, эҳтимол аст, ки ҳисси худбоварӣ ва ғурури ӯ афзоиш ёфта, ниёз ба такмил ва омӯзиши пайвастаро камтар эҳсос кунад. Дар натиҷа, чунин ҳолат метавонад ба заъфи иродаи худтакмилдиҳӣ ва нокомӣ дар оянда оварда расонад. Афоризми дуюм инсонро ба хоксорӣ, меҳрубонӣ ва эҳтироми ҳама гуна табақаҳои иҷтимоӣ даъват мекунад. Мазмуни он ба он ишора менамояд, ки бузургии инсон пеш аз ҳама дар муносибати неку эҳтиромомези ӯ ба дигарон зоҳир мешавад. Шахс дар сурате метавонад соҳиби эҳтиром гардад, ки нисбат ба дигарон, новобаста аз мақому мартаба ва синну солашон, бо хоксорӣ ва инсондӯстӣ муносибат намояд. Афоризми сеюм, ки ба Саъдии Шерозӣ нисбат дода мешавад, инсонро ба қаноатпешагӣ ва қадршиносии неъматҳои мавҷуда ҳидоят менамояд. Мазмуни он бар ин андеша асос меёбад, ки шахсе, ки аз дороиҳои худ қаноатманд нест, бо дастёбӣ ба чизҳои бештар низ эҳтимолан ба қаноат нахоҳад расид. Аз ин гуна андешаҳои ҳикматомез хонанда сабақҳои муҳимми ахлоқӣ гирифта, аз анҷоми амалҳои нодуруст бозмонда мешавад ва ба некиву накӯкорӣ, инсондӯстӣ ва соҳиб шудан ба дигар хислатҳои неки инсонӣ ҳидоят мегардад. Беҳуда нест, ки мегӯянд: «Суханвар бо таъсир гузоштан ба ҳисси зебоипарастии хонанда ва ба интихоби роҳи дурусти зиндагии ӯ раҳнамоӣ мекунад» [1, с. 77]. Аз ин ҷост, ки адабиёти пурғановати классикии форсу тоҷик ганҷинаи бебаҳои маънавӣ маҳсуб мешавад. Ҳар як сухани ҳикматомези бузургон то имрӯз аҳаммияти маърифатӣ ва тарбиявии худро

нигоҳ доштааст. Қайд кардан бамаврид аст, ки афоризм ҳамчун шакли кӯтоҳу фишурдаи баёни андешаи муаллиф дорои хусусиятҳои муҳимми бадеӣ буда, метавонад ҳамчун объекти таҳқиқи адабиётшиносӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирад. Афоризм ба як қатор талаботи жанрҳои адабиёти бадеӣ ҷавобгӯ буда, аз имкониятҳои гуногуни тасвири бадеӣ ва воситаҳои ифодаи маънавию эстетикӣ истифода мебарад.

Мавзуи афоризм хеле доманадор буда, то имрӯз дар илми адабиётшиносӣ оид ба мавқеи жанрии он андешаи ягона ва ниҳоӣ ташаккул наёфтааст. Сабаби асосии ин ҳолат, пеш аз ҳама, дар гуногунҷанба ва серсоҳа будани афоризм ҳамчун шакли баёни андешаи ҳикматомез мебошад. Дар ин маврид андешаи Е. Е. Иванов қобили таваҷҷуҳ аст: «Афоризмҳо ҳам дар забони фолклор, ҳам бадеӣ, осори динӣ ва фалсафӣ, дар соҳаи иртиботи илмию техникӣ, матнҳои ҳуқуқӣ ва публитсистӣ, инчунин дар суханварӣ ва ҳаёти рӯзмарраи мо вомехӯранд» [3, с. 3]. Мо бо андешаи Е. Е. Иванов мувофиқ ҳастем, зеро афоризм воқеан хусусияти бисёрҷанба дошта, доираи васеи масъалаҳои ҳаёти инсонро фаро мегирад. Дар он масъалаҳои рӯзгордорӣ, муносибатҳои оилавӣ, муҳаббат, эҳтироми калонсолон, тарбия, некӣ ва накӯкорӣ, ахлоқ, маърифат ва дигар ҷанбаҳои ҳаёти иҷтимоиву маънавии инсон инъикос меёбанд.

Афоризм, бо вуҷуди он ки натиҷа ва хулосаи фишурдаи андешаи муаллиф буда, таҷрибаи бузурги зиндагӣ, дарду дилмондагӣ, ҳақиқати рӯзгор, иштибоҳҳои ҳаётӣ ва умеду дилгармиро ба ояндаи нек дар худ таҷассум менамояд, то имрӯз дар адабиёт мавқеи комилан муайян ва устувори худро пайдо накардааст. Он ҳамчун жанри мустақили адабӣ ҳанӯз ба таври яксон пазируфта нашуда, дар илми адабиётшиносӣ бештар ба қатори осори дорои хусусияти панду насиҳатӣ дохил карда мешавад. Афоризмро метавон хулосаи фишурда ва пурмаънои таҷрибаи муаллиф донист, ки хонандаро аз натиҷаи талхи таҷрибаи андӯхта огоҳ месозад ва ӯро аз такрори хатогиҳои эҳтимолӣ ҳушдор медиҳад. Аз ин ҷиҳат, афоризм хусусияти тавсиявӣ ва пандомез дошта, ҳамчун маслиҳати беғаразона ба хонанда пешниҳод мешавад. Муаллифи афоризм, ҳатто агар хонандаро шахсан нашиносад, метавонад тавассути чанд калимаи дақиқу пурмаъно хулосаи як таҷрибаи нек ё бад, падидаи иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва дигар масъалаҳои муҳимми ҳаётиро баён намояд. Ба ин маъно, афоризм метавонад ҳамчун як навъ паёми маънавии муаллиф ба наслҳои оянда арзёбӣ гардад.

Кузнетсов А. В. дар кори илмии худ «Афоризм и роман Гете И. “Годы странствий Вильгельма Мейстера, или Отрекающиеся” қайд мекунад: «Афоризм ҳамчун падидаи адабиёт аз ҳудуди он берун намервад» [5, с. 16]. Афоризм ҳамчун порчаи насрӣ муаллифи муайян дошта, дар доираи низоми мушаххаси санъати бадеӣ, услуб, сохтор ва маъно офарида мешавад. Он дорои сохтори нисбатан муайян буда, дар ташаккули он интихоби дақиқи калимаҳо ва воситаҳои ифодаи бадеӣ аҳаммияти муҳим дорад. Калима ва таркибҳои истифодашуда бояд ба мақсади муаллиф ва мазмуни умумии афоризм мувофиқат намоянд. Н. А. Музычук афоризмро «жанри адабии насрӣ» таъриф мекунад [5, с. 17].

Адабиёти дидактикӣ Адабиёти дидактикӣ (аз калимаи юнонии *didaktikos* — таълимӣ, насиҳатӣ) маҷмуи анвои адабиест, ки дар онҳо шакли бадеӣ барои ифодаи мазмунҳои ахлоқӣ, ҳикмати амалӣ, фалсафӣ, динӣ ва илмӣ истифода мешавад. Сарчашмаҳои адабиёти дидактикӣ ба эҷодиёти шифоҳии халқ (фолклор) ва жанрҳои он, аз ҷумла зарбулмасалу мақолҳо, масалу насиҳатномаҳо, шеърҳо, ҳикоятҳо ва ривоятҳо, инчунин ба навъҳои адабиёти бадеии хаттӣ, аз қабили повест, роман, ҳикоя, новелла, маснавӣ ва дигар осор иртибот доранд [11, с. 169].

Ба ақидаи Федоренко Н. Т., «Афоризмро албатта бояд як жанри адабӣ ҳисоб кунем, аммо онҳо ба илм наздиканд» [10, с. 6]. Бо такя ба натиҷаҳои таҳқиқу баррасиҳои анҷомдода метавон бо андешаи муҳаққиқоне, ки афоризмро жанри бадеӣ медонанд, мувофиқ шуд. Бо вуҷуди ин, бояд таъкид кард, ки доираи истифодаи афоризм танҳо бо адабиёти бадеӣ маҳдуд намешавад. Афоризм дар баъзе мавридҳо ба масъалаҳои фалсафӣ низ дахл намуда, барои баёни андешаҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ, маънавӣ ва ҷаҳонбинӣ истифода мешавад. Аз ин рӯ, наздикии афоризм ба дигар соҳаҳои дониш ва фаъолияти маънавии инсон ба таври равшан мушоҳида мегардад.

Ваганова Е. Ю. дар таҳқиқоти худ «Афоризм как тип текста интертекстуальности. На материале немецкого языка» низ таъкид менамояд, ки «афоризм жанри бадеӣ» мебошад [2, с. 27]. Дар ин маврид зикри андешаи Е. Е. Иванов низ бамаврид аст: «Тавре ки ба мо маълум аст, илме, ки барои омӯзиши зарбулмасалҳо вуҷуд дорад, паремиология мебошад. Дар айни замон илме, ки дар бораи афоризмҳо низ ба вуҷуд омадааст ва дар мавҷи рушд аст, афористика мебошад» [3, с. 5]. Дар мавриди муайян намудани мақоми жанрии афоризм

андешаҳои гуногун ва ҳатто ба ҳам мухолиф вуҷуд доранд ва то имрӯз дар ин масъала мавқеи ягонаи илмӣ ташаккул наёфтааст. Дар адабиётшиносии тоҷик мафҳумҳои «панд», «андарз», «ҳикмат», «панди бузургон» ва дигар истилоҳҳои ҳаммаъно васеъ истифода мешаванд ва бештар ба панду андарзи классикони гузашта таваҷҷуҳ зоҳир мегардад.

Дар адабиёти муосири тоҷик низ ба афоризм ҳамчун шакли мустақили баёни андешаи ҳикматомез таваҷҷуҳ зоҳир мешавад. Аз ҷумла, китобҳои Ҷумъаев Рустам «Чакидаҳои хирад» ва Дӯстбоев Шодимурод «Андарзнома», ки бо истифода аз муқоисаҳои русӣ ва англисӣ низ нашр гардидаанд, метавонанд ҳамчун намунаҳои маҷмуаҳои муосири афоризмӣ мавриди баррасӣ қарор гиранд. Ин гуна осор барои таҳқиқи хусусиятҳои жанрӣ, мавзуӣ ва услубии афоризм дар адабиёти муосири тоҷик заминаи муносиб фароҳам меоранд.

«Замони Сосониён дар таърихи адабиёт яке аз даврaҳои ташаккул ва густариши жанри андарз дониста мешавад. Маҳз дар ҳамин давра танзими андарзҳо дар шакли рисолаҳои ҷудогона оғоз мегардад» [7, с. 117]. Аз ин андеша бармеояд, ки андарзнависӣ ҳамчун яке аз шаклҳои муҳимми адабиёти панду ахлоқӣ дар давраи Сосониён рушду густариши назаррас пайдо намуда, таъсири он то имрӯз идома дорад. Дар муқоиса бо дигар даврaҳои таърихӣ саҳми давраи Сосониён дар ташаккул ва рушди андарзномаҳо махсусан муҳим арзёбӣ мешавад. Мавлонова М. Ҷ. дар мақолаи худ «“Панднома”-и Мотурдӣ — нахустин андарзномаи форсӣ» дар бораи аҳаммияти ин давра чунин менависад: «Асри тиллои панду андарзи форсӣ» меноманд ин даврaро, зеро ин давра марҳилае мебошад, ки дар он тамоми андарзномаҳои машҳур ба вуҷуд омадаанд. Агар оғози ташаккули панду андарзнависиро дар адабиёти тоҷик ба давраи Сосониён нисбат диҳем, метавон ба чунин хулоса омад, ки анъанаи панду андарз дар адабиёти форсу тоҷик дорои таърихи хеле қадима буда, дар заминаи фарҳанги маънавию ахлоқии даврaҳои пешин рушд кардааст. Дар давраи Сосониён қисми зиёди ин гуна осор ба забони паҳлавӣ таълиф мешуданд. Аз ин рӯ, осори паҳлавӣ яке аз сарчашмаҳои муҳимми омӯзиши таърихи панду андарз дар фарҳанги эронинажод ба шумор меравад.

Қобили зикр аст, ки панду насиҳат дар адабиёти қадим бештар дар шакли порчаҳои манзум ва осори назмӣ низ таҷассум ёфтааст. Ин анъана дар адабиёти классикии форсу тоҷик идома пайдо намуда, дар эҷодиёти намояндагони барҷастаи адабиёт, аз ҷумла Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон, ба таври равшан инъикос ёфтааст. Дар манбаъҳои илмӣ таъкид мешавад: «Замони Сосониён дар таърихи адабиёт яке аз даврaҳои ташаккул ва густариши жанри андарз дониста мешавад. Маҳз дар ҳамин давра танзими андарзҳо дар шакли рисолаҳои ҷудогона оғоз мегардад. Чанде аз андарзҳо бунёди авестоӣ дошта, онҳо дар осори дигари паҳлавӣ ҳамчун пораҳои ҷудогона аз матни Авесто баргардон шудаанд» [7, с. 117].

Андарзномаҳои паҳлавие, ки то замони мо расидаанд, аз ҷумла инҳоянд:

«Андарзи доноён ба маздопарастон»;

«Андарзи Хусрави Каводон»;

«Андарзҳои пешиниён»;

«Барчидан андарзи пурйуткешон»;

«Ёдгори Бузургмеҳр»;

«Андарзи Озарбади Маҳраспандон»;

«Андарзи марди доно ба писари хеш»;

«Достони менуи хирад»;

«Бисту ду вожа аз Озарбади Маҳраспандон»;

«Чанд вожаи Озарбади Маҳраспандон»;

«Рисолаи рӯзҳо» [7, с. 119].

Чунон ки зикр гардид, ин андарзномаҳо ба забони паҳлавӣ таълиф шудаанд ва матни чанде аз онҳо то замони мо расидааст. Аз номгузории баъзе аз ин осор метавон пай бурд, ки онҳо ба муҳити сиёсӣ, фарҳангӣ ва маънавии давраи Сосониён иртибот доштаанд. Бузургмеҳри Бухтагон, ки дар сарчашмаҳои таърихӣ ҳамчун вазири Хусрави Анӯшервон маъруф аст, низ ба анъанаи андарзнависӣ иртибот дошта, «Ёдгори Бузургмеҳр» ба номи ӯ мансуб дониста мешавад.

Аз таҳлили ин осор бармеояд, ки панду андарз дар фарҳанги гузашта ҷойгоҳи устувор дошта, ин анъана дар даврaҳои баъдӣ низ идома ёфтааст. Дар тамоми давру замон тарғиби некӣ ва накӯкорӣ, рафтори шоистаи инсонӣ, эҳтироми арзишҳои ахлоқӣ ва ташаккули шахсияти дорои ахлоқи намунавӣ аз масъалаҳои меҳварии адабиёти пандомез ба шумор мерафтааст. Дар ин маврид андешаи муҳаққиқон низ қобили таваҷҷуҳ аст: «Бояд қайд кард,

ки то давраи салтанати Сосониён осори хаттии пуразриш, ки масъалаи меҳварии онро ахлоқ ва тавсифи категорияҳои ахлоқӣ ташкил медод, китоби “Авесто” ба ҳисоб мерафт. Махсусан, ахлоқи зардуштия, ки дар пояи се рукни асосӣ: рафтори нек, гуфтори нек ва пиндори нек ташаккул ёфтааст, дар он марҳилаи низоми ҷомеадорӣ аз меъёрҳои муҳимми танзимкунандаи рафтору кирдори одамон ба ҳисоб мерафтанд» [4, с. 47]. Бо ин андеша метавон мувофиқ шуд, зеро таҳлили осори ахлоқию пандомези давраҳои гуногуни таърихӣ нишон медиҳад, ки панду насиҳат ҳамеша ҳамчун воситаи муҳимми тарбияи маънавии инсон ва танзими муносибатҳои иҷтимоӣ хизмат кардааст. Ин анъана аз насл ба насл гузашта, ҳамчун ҷузъи муҳимми мероси маънавии ҷомеа ҳифз гардидааст. Ҷолиби диққат аст, ки бо вуҷуди гузашти ҳазорсолаҳо афкори пандомези давраҳои қадим аҳаммияти маънавию ахлоқии худро аз даст надодааст. Бисёре аз андешаҳои ахлоқии дар осори қадим баёншуда имрӯз низ барои инсон қобили дарк ва истифода мебошанд. Ҳамин хусусият панду андарзро ба яке аз шаклҳои устувори баёни таҷрибаи иҷтимоӣ, маънавӣ ва ахлоқии инсоният табдил додааст.

Дар адабиёти муосири тоҷик афоризм ҳамчун шакли мустақили адабӣ ҳанӯз мақоми комилан муайян ва устувори худро пайдо накардааст. Он бештар дар таркиби асарҳои панду ахлоқӣ ва дигар осори адабӣ ба назар мерасад ва рушди он ҳамчун шакли мустақили баёни андешаи ҳикматомез ба таври равшан мушоҳида намешавад. Дар адабиёти тоҷик таваҷҷуҳи бештар ба осори классикони гузашта, панду насиҳат ва мисраъҳои шеърие зоҳир мегардад, ки дорои мазмуни пандомезу ахлоқӣ мебошанд. Бисёре аз ин мисраъҳо ба дараҷаи суханони машҳур ва забонзад расида, ба як ҷузъи фарҳанги маънавии ҷомеа табдил ёфтаанд. Арзиши чунин осор дар он зоҳир мешавад, ки андешаҳои классикони гузашта бо гузашти садсолаҳо тозагӣ ва аҳаммияти маънавию ахлоқии худро нигоҳ медоранд. Дар ин маврид чунин андешаи муҳаққиқон қобили таваҷҷуҳ аст: «Андарз дар адабиёти паҳлавӣ ба ҳайси як жанри ҷудогона ташаккул намуда, баъдан дар адабиёти порсии дарӣ тавсеъаи бештар пайдо кардааст» [7, с. 118]. Агар ба адабиёти англис таваҷҷуҳ намоем, маълум мегардад, ки анъанаи эҷоди осори панду ахлоқӣ дар он нисбат ба адабиёти Шарқ дертар ташаккул ёфтааст. Бо вуҷуди ин, дар давраи муосир афоризм ҳамчун шакли баёни андешаи фишурда ва ҳикматомез рушди назаррас пайдо намуда, мақоми устувори худро дар адабиёти англисзабон соҳиб шудааст. Дар ин замина, осори драматургон ва нависандагони маъруф, аз ҷумла Б. Шоу, Г. К. Честертон, О. Уайлд, Г. Уэллс, С. Моэм, М. Твен ва дигарон, аҳаммияти махсус дорад. Афоризмҳои ин адибон бо кӯтоҳӣ, маънои амиқ, хусусияти танқидӣ ва иҷтимоӣ, инчунин бо истифодаи воситаҳои гуногуни ифодаи бадеӣ фарқ мекунанд.

Смит Л. П. дар китоби худ «A Treasury of English Aphorisms» («Хазинаи афоризмҳои англисӣ») таъкид мекунад, ки эҷоди афоризм дар асри XVIII ба авҷи рушди худ расида, дар асри XIX мавқеи пешинаи худро то андозае аз даст дода, рушди он суст гардидааст [11, с. 44].

Қобили зикр аст, ки дар адабиёти англисзабон низ китобҳое, ки танҳо ба афоризмҳои як муаллиф бахшида шудаанд, нисбатан кам ба назар мерасанд. Бештар маҷмуаҳои афоризмҳо, ки суханони ҳикматомези муаллифони гуногунро дар бар мегиранд, мавриди истифода қарор доранд. Аз ҷумла, Ҷеймс Гири — нависандаи амрикоӣ ва ҷамъоварандаи маъруфи афоризмҳо — дар осори худ на танҳо афоризмҳои муаллифони англисзабон, балки суханони ҳикматомези намояндагони фарҳангҳои русӣ ва форсизабонро низ гирд овардааст. Дар маҷмуаҳои ӯ аз осори классикони форсу тоҷик, аз ҷумла гуфтаҳои Умари Хайём, низ намунаҳо оварда шудаанд. Китобҳои Ҷеймс Гири бо номҳои «Geary’s Guide to the World’s Great Aphorists» ва «The World in a Phrase: A Brief History of Aphorism» ба нашр расидаанд. Дар ин маҷмуаҳо афоризмҳои муаллифони гуногун аз кишварҳо ва фарҳангҳои мухталиф гирд оварда шудаанд.

Барои намуна, аз афоризмҳои Марк Твен чунин мисол овардан мумкин аст:

«The truth is the most valuable thing we have. Let us economize it» [13, p. 86].

Тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ чунин аст: «Ростӣ дороии ноёб аст, онро сарфа бояд кард» [11, с. 85].

Афоризми дигари Марк Твен чунин аст:

«The lack of money is the root of all evil» [13, p. 87].

Тарҷумаи муаллиф: «Камбизоатӣ сарчашмаи ҳамаи бадбахтиҳост».

Аз таҳлили ин намунаҳо маълум мегардад, ки афоризм, сарфи назар аз фарқиятҳои забонӣ ва фарҳангӣ, дорои хусусиятҳои умумии жанрӣ мебошад. Кӯтоҳӣ, фишурдагии маъно, ҷамъбасти таҷрибаи зиндагӣ ва таъсирнокии андеша аз муҳимтарин хусусиятҳои он

ба шумор мераванд. Аз ин рӯ, омӯзиши муқоисавии афоризм дар адабиёти тоҷик ва адабиёти англис метавонад барои муайян намудани хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи ин шакли адабӣ заминаи илмӣ фароҳам оварад.

Дар мавриди афоризм то имрӯз рисолаҳо, монографияҳои илмӣ, китобҳо ва мақолаҳои зиёде таълиф ва нашр гардидаанд ва таҳқиқи ин шакли адабӣ ҳанӯз ҳам идома дорад. Афоризм бо вуҷуди кӯтоҳӣ ва ҳаҷми хурди худ дорои мазмуни васеъ буда, метавонад масъалаҳои гуногуни ҳаёти инсон, ахлоқ, маърифат, муносибатҳои иҷтимоӣ ва фалсафиро дар шакли фишурда инъикос намояд. Бо вуҷуди ин хусусиятҳо, афоризм дар таҳқиқоти бархе аз олимону донишмандон то андозае мавқеи дуюмдараҷа дошта, масъалаи мақоми жанрии он ҳанӯз баҳсбарангез боқӣ мондааст. Дар ин масъала андешаҳои дигари муҳаққиқон низ қобили таваҷҷуҳанд. Нависандаи маъруф Ҳермон, ҳангоми баррасии эҷодиёти Лихтенберг, чунин андеша баён мекунад, ки ӯ «бо таваҷҷуҳ ба ҷузъиёти хурд ҳеҷ гоҳ асари бузурге эҷод накард». Ҳамчунин Курт Бессер дар асари худ «Проблемы афористического Лихтенберга, Шмелинга, Новалиса и Нише» (1935) таъкид мекунад, ки мутафаккири воқеӣ аз афоризм истифода намекунад, зеро он ба андешаи ӯ «патологияи рӯҳ»-ро ифода мекунад. Бо вуҷуди чунин андешаҳои интиқодӣ, афоризм ҳамчун шакли кӯтоҳи баёни андешаи бадеӣ ва фалсафӣ дорои хусусиятҳои хоси сохторӣ, маъноӣ ва услубӣ мебошад. Аз ин рӯ, онро танҳо ба далели кӯтоҳӣ ва хусусияти пандомез доштанаш аз доираи адабиёти бадеӣ хориҷ кардан дуруст нест.

Қайд кардан зарур аст, ки афоризм ҳамчун порчаи насрӣ то имрӯз дар адабиётшиносӣ мақоми комилан устувор ва ягона пайдо накардааст. Бархе аз муҳаққиқон онро ба қатори зарбулмасалу мақола дохил намуда, пешниҳод мекунанд, ки афоризм дар доираи паремиология мавриди омӯзиш қарор гирад. Аз нуқтаи назари забоншиносӣ чунин равиш то андозае асоснок аст, зеро афоризм дар баъзе таҳқиқоти паремиологӣ дар баробари зарбулмасалу мақол ва дигар воҳидҳои ҳикматомези забон омӯхта мешавад. Аммо аз нигоҳи адабиётшиносӣ, бо назардошти хусусиятҳои муаллифӣ, сохторӣ, услубӣ ва бадеии он, афоризм бояд ҳамчун шакл ё жанри мустақили адабӣ мавриди таҳқиқ қарор гирад. Дар ин маврид чунин андешаи Н. Т. Федоренко қобили таваҷҷуҳ аст: «Дар адабиёти хориҷӣ то имрӯз назарияи на ба адабиёт, балки ба илм, бахусус фалсафа, тааллуқ доштани афоризмҳо тарафдорони зиёди худро дорад ва дар атрофи ин мавзуъ баҳсу мунозираҳо зиёданд» [10, с. 6]. Ин масъала нишон медиҳад, ки афоризм падидаи байнисоҳаӣ буда, дар марзи адабиёт, фалсафа, забоншиносӣ ва фарҳанги маънавӣ қарор мегирад.

Дар муқаддимаи китоби «The Aphorism and Other Short Forms» («Афоризм ва дигар шаклҳои кӯтоҳ»), ки муаллифи он Бен Грант мебошад, чунин андеша баён шудааст: «Афоризмҳо ба суҳбатҳои мо хушбӯй мебахшанд, тафаккури моро пухтаву комил сохта, ба ҳаёти мо маъно мебахшанд. Адабиёт махсусан барои афоризмҳо заминаи мусоид аст» [12, с. 1]. Ин андеша аҳаммияти афоризмро ҳамчун воситаи ифодаи кӯтоҳу таъсирбахши андеша нишон медиҳад.

Афоризмҳо дар нутқ бештар барои пуртаъсир ва хотирмон гардидани баён истифода мешаванд. Онҳо ба сухан кӯтоҳӣ, маънои фишурда ва таъсирнокии бештар мебахшанд. Дар замони муосир истифодаи афоризмҳо дар филмҳо, воситаҳои ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоӣ низ густариш ёфтааст. Ба ин васила, суханони ҳикматомез ба доираи васеи хонандагону корбарон дастрас гардида, метавонанд дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои ахлоқии насли ҷавон нақши муайян дошта бошанд. Тавре дар яке аз сарчашмаҳо омадааст: «Нутқи бе афоризм мисли хӯроки бенамак аст» [6, с. 8]. Афоризмро метавон натиҷаи фишурдаи як таҷрибаи зиндагӣ, мушоҳидаи иҷтимоӣ ё хулосаи ахлоқию фалсафӣ донист. Бархе афоризмҳо бо оҳанги ҳазломез, баъзеи дигар бо лаҳни танқидӣ, тунд ва таъсирбахш баён мешаванд. Аммо дар ҳамаи ҳолатҳо ҳадафи асосӣ ба андеша водор намудани хонанда ва расонидани маънои муайяни ахлоқӣ, иҷтимоӣ ё фалсафӣ мебошад.

Аз ин ҷиҳат, афоризм метавонад ҳамчун воситаи муассири бедор намудани тафаккури инсон хизмат кунад. Баъзе афоризмҳо дар шакли муаммо ё андешаи ғайримустақим баён мешаванд ва хонандаро водор месозанд, ки барои дарки маънои аслии онҳо андеша намояд. Хусусан афоризмҳои марбут ба масъалаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ баъзан ба таври рамзӣ ва пӯшида ифода мешаванд, ки ин хусусият ба хонанда имкони тафсири гуногуни маънои онҳоро фароҳам меорад. Дар маҷмуъ, таъсири сухан ба ҷаҳонбинӣ ва ҳолати маънавии инсон хеле бузург аст. Сухани нек метавонад инсонро рӯҳбаланд созад, дар ҳоле ки сухани носоз метавонад эҳсоси ранҷиш ва нороҳатиро ба вуҷуд оварад. Аз ҳамин ҷост, ки сухан дар

адабиёт на танҳо воситаи ифодаи андеша, балки муҳимтарин воситаи таъсир ба шуури хонанда низ мебошад.

Адабиёти классикии тоҷик саршор аз суханони пурҳикмат, тарбиявӣ, рӯҳбаландкунанда ва маслиҳатомез аст. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки сухан яке аз муҳимтарин воситаҳои таъсиргузори адабиёт мебошад. На танҳо афоризмҳо, балки мисраъҳои шеърӣ, байтҳо ва порчаҳои насрии дорои мазмуни пандомез низ метавонанд ба маънавияти инсон таъсири амиқ расонанд. Маҳз ҳамин хусусияти таъсиргузорӣ ва қобилияти дар шакли кӯтоҳ ифода намудани андешаи амиқ афоризмро ба яке аз шаклҳои ҷолиби баёни таҷрибаи маънавию ахлоқии инсон табдил медиҳад.

Ҳамин тавр афоризм гуфтаҳои адибону донишмандон, сиёсатмадор ва файласуфони ҳар давру замон, ки аз таҷрибаи зиндагии худ моро тавассути ин гуфтаҳо огоҳ месозанд. Ичунин хуб ва ё бад будани воқеаҳои ҳаётиро ба мо ошно сохта, тарафи дурусти масъаларо ба мо пешниҳод мекунанд. Афоризмҳо аз таҷрибаи зиндагӣ бою ғанӣ буда ҳамеша моро аз ҳақиқатҳои олами атрофамон бохабар менамоянд. Хусусияти хоси афоризм дар он аст, ки бо вуҷуди гузаштани қарнҳо афоризмҳои гуфташуда қиммати худро аз даст надода, аз онҳо буйи хуши суханони тозаэҷодшудае ба машоми кас мерасад. Аз дониши андӯхтаи бузургон дар ҳама гуна мавзуҳои ҳаётӣ афоризмҳо моро хабардор месозанд, афоризмҳо манбаи дониш, хирад ва ҳикмати муаллифон аст, ки мо беминнат аз он дар зиндагии рӯзмарраи худ истифода менамоем. Панду андарз махзани илму хирад буда, ҳар як миллат дорои ин ганҷинаи илму дониш буда, онро ҳифз ва ба дигарон мерос мегузорад. Панду андарз, зарбулмасалу мақол ва дигар ҳикояву мисраҳои ҳикматноке, ки адабиёти ҳар як миллат доро мебошад, ганҷинаи бебаҳои он халқ аст, ки дар он забон, фарҳанг, таърих ва анъанаҳои миллии он таҷассум ёфтааст.

Адабиёт

1. *Бобоев, Ю. Назарияи адабиёт. Қисми II. Муқаддимаи адабиётшиносӣ: Китоби дарсӣ / Ю. Бобоев. - Душанбе: Мориф. 1987. − 320 с.*
2. *Ванагова, Е. Ю. Афоризм как тип в аспекте интертекстуальности. На материале немецкого языка / Е. Ю. Ванагова // Дис. ... канд. филол. Наук. Калининград, 2002. - 261 с.*
3. *Иванов, Е. Е. Лингвистика афоризма / Е. Е. Иванов. – Могилев, 2016. − 156 с.*
4. *Каримов, Қ. С. Таҳлили баъзе аз масоили ахлоқӣ дар осори хатии аҳди Сосониён / Қ. С. Каримов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. −2025. −№ 2 (18).− С. 47.- 52*
5. *Королькова А. В. Русская афористика Монография / А. В. Королькова. - Москва Флинта: Наука, 2005. − 351с.*
6. *Меткость слова: (афористика как жанр словесного искусства). Н. Т. Федеренко. Современник, 1975. − 254с.*
7. *Саймиддинов, Д. Адабиёти паҳлавӣ (Пажӯҳиш, тарҷума ва ташреҳ) Д. Саймиддинов. - Душанбе, 2003. – 287 с.*
8. *Сулаймонов, Б. Ҳазор ҳикмати ҳакимон / Б. Сулаймонов. - Душанбе, 2019. – 192 с.*
9. *Султонзода, М. О Фазилати саодат дар ҳикмати амалии Насриддини Тусӣ / Султонзода, М.О // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. −2025. −№ 2 (18).−С. 53.*
10. *Федеренко Н. Т., Сокольская Л. И. Афористика / Н. Т. Федеренко, Л. И. Сокольская.−М.: Наука, 1990. −419 с.*
11. *A Treasure Of English Aphorisms. L. P. Smith. Boston and New York 1928. - 276 p.*
12. *Ben, Gran. The Aphorism and Other Short Forms / Gran. Ben - New York, 2016.-165 p.*
13. *Geary's Guide to the world's great aphorists J. Geary Bloosmbury 2007.-579 p.*

АФОРИЗМ ҲАМЧУН ЖАНРИ АДАБӢ ВА МАВҚЕИ ОН ДАР АДАБИЁТШИНОСӢ

Дар мақолаи мазкур масъалаи жанри афоризм ва ҷойгоҳи он дар адабиётшиносӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд менамояд, ки афоризм ҳамчун порчаи насрӣ дорои ҳама гуна санъатҳои бадеӣ буда, бояд ҳамчун ҳамчун жанри алоҳидаи бадеӣ мавқеи худро соҳиб шавад. Афоризм суханони хирадмандонаи муаллифест, ки доир ба мавзуҳои муҳимми ҳаётӣ хулосаи амиқеро ба мо ошкор месозад. Афоризмҳо низ ба монанди зарбулмасалу мақол кӯтоҳ ва дорои мазмуни баланд буда, вазифаи панду ахлоқиро дар ҷомеаи имрӯзаи ҷаҳонӣ иҷро мекунанд. Афоризм бо вуҷуди жанри бадеӣ буданаш ба дигар илмҳо низ наздикӣ дорад. Афоризм дар қатори асарҳои панду андарзӣ омӯхта мешавад. Дар нутқи гуфтгӯӣ низ афоризмҳо ҷойгоҳи махсуси худро дошта нутқро пуробуранг намуда таъсирнокии суханони гӯяндаро бештар мегардонанд. Муаллиф мавҷудияти афоризмро дар адабиёти бадеӣ эътироф намуда ичунин таъкид менамояд, ки аксари нависандагон ва шоирон муҳиммияти афоризмро ба назар намегиранд. Вале ба ҳамаи ин мухолифатҳои фикри нигоҳ накарда, муаллиф далелҳои амиқе овардааст, ки дар ҳақиқат афоризм суханро зебу ороиш медиҳад.

Калидвожаҳо: афоризм, адабиётшиносӣ, адабиёти бадеӣ, жанр, панд, ҳикмат, порчаи насрӣ, фолклор, осори динӣ.

АФОРИЗМ КАК ХУДОЖЕСТВЕННЫЙ ЖАНР И ЕГО МЕСТО В ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИИ

В данной статье рассматривается вопрос о том, что такое жанр афоризма и его места в литературводении. Автор отмечает, что афризм, как прозаический фрагмент, обладающий всеми художественными приёмами, должен занять своё место как самостоятельный художесвенный жанр. Афоризм это мудрые слова автора, которые раскрывают глубокие выводы о важных жизненных темах. Афоризмы подобно пословицам и поговоркам, короткие и имеют глубокое содержание, выполняют воспитательную и нравственную функцию в современном мировом обществе. Афоризм, несмотря на то что является художественным жанром, близок и к другим наукам. Афоризм изучается наряду с произведениями назидательного характера. В разговорной речи афоризмы также занимают особое место, делая речь более выразительной и усиливая воздействие слов говорящего. Автор признаёт существование афоризма в художественной литературе и отмечает, подчёркивает, что большинство писателей и поэтов не учитывают важность афоризма. Несмотря на все эти противоположные мнения, автор привёл глубокие доказательство того что афоризм действительно украшает речь.

Ключевые слова: афоризм, литературоведение, художественная литература, жанр, совет, мудрость, прозаический фрагмент, фолкьлор, религиозные произведения.

APHORISM AS A LITRARY GENRE AND ITS PLACE IN LITRETURE STUDIES

This article examines the issue related to the nature of the aphorism genre and its place in literary studies. The author notes that the aphorism, as a prose fragment, contains all types of artistic device and should be recognized as an independent literary genre. An aphorism is wise saying by author that reveals to us profound conclusion about important aspects of life. Like proverbs and sayings, aphorisms are brief and rich in meaning, and they fulfill a moral and ethical function in today's global society. An aphorism, despite being a literary genre, is also closely related to other fields of knowledge. Aphorisms are studied alongside didactic works. In spoken place, aphorisms also hold a special place, making speech more vivid and increasing the impact of the speaker's words. The author acknowledges the presented of aphorisms in artistic literature and also emphasizes that many writers and poets fail to recognize their significance. Despite all these opposing opinions, the author has presented profound arguments showing that aphorisms truly beautify speech.

Keywords: aphorism, literary studies, artistic literature, genre, moral counsel, wisdom, prose fragment, folklore, religious texts.

Дар бораи муаллиф
Арбобова Мисқолой Муродиллоевна
Ассисенти кафедраи филологияи англисӣ
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Муҳаммадиева 17/6
E-mail: bibijon.arbobova@mail.ru

About the author
Arbobova Misqoloy Murodilloevna
Assistant of English philology
Tajik international university of foreign
Languages named after Sotim Uluqhzoda
734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6
Muhammadiev street.
E-mail: bibijon.arbobova@mail.ru

Об авторе
Арбобова Мисқолой Муродиллоевна
Ассистент кафедры английского языка
Таджикский международный университет
иностранных языков имени Сотима
Улугзода
734019, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6
E-mail: bibijon.arbobova@mail.ru

ТДУ 891.550

ҶАРАЁНИ ЗИНДАГӢ ВА ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДИИ ШАМСӢ СОБИР

Қурбонова З. Б.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқаддима. Шамсӣ Собир яке аз чеҳраҳои мондагори таърихи адабиёт ва фарҳанги тоҷик буда, ҳамчун тарҷумон, муҳаррир ва луғатшиноси асил дар роҳи ташаккул ва таҳаввули тарҷумаи бадеӣ, нашри осори адибон ва соҳаи луғатшиносӣ саҳми намоён гузоштааст. Ин марди пуркору заҳматкаш, хоксору бетамаъ тамоми умри бобаракати хешро сарфи тарҷумаи намунаҳои беҳтарини адабиёти ҷаҳон, таҳриру такмили осори бадеӣ ва таҳияи луғати русӣ-тоҷикӣ карда, ба ин васила дар пешрафти адабиёт ва фарҳанги миллӣ таъсири судманд гузоштааст. Мутаассифона, зиндагӣ ва эҷодиёти пурбор ва ҳадафманди ин мутарҷиму муҳаррир ва луғатшинос то ба имрӯз ба дараҷае, ки лозим аст, таҳқиқ ва баррасӣ нашудааст.Ба ин далел, дар ин мақола мо талош кардем, ки баъзе паҳлуҳои зиндагинома ва фаъолияти адабии ӯро таҳқиқ ва арзёбӣ намуда, моҳияти хидматҳояшро дар ин самт ба қадри тавон муайян ва мушаххас намоем.

Маводҳо ва усулҳои таҳқиқот. Санадҳои воқеӣ ва бар кору пайкори Шамсӣ Собир алоқаманд, ҳамчуниин андешаву орои алоқамандони фаъолияти эҷодии ӯ асоси мақолаи таҳқиқӣ буда, дар ин замина усули таҳқиқи муқоисавию таърихӣ ва таърихии типологӣ ба кор гирифта шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот ва муҳокимаҳои ҷамъбастӣ дар охири мақола закр шуда, моҳияти ҷустуҷӯҳои муаллифро муайян ва мушаххас месозанд.

Натиҷаҳо ва муҳокима. Шамсӣ Собир 26-уми декабри соли 1926 дар шаҳри Хуҷанд дар оилаи коргар ба дунё омада, мактаби миёнаро низ дар ҳамин шаҳр бомуваффақият хатм кардааст. Дар солҳои наврасӣ ба сабаби марги нобаҳангоми падар бо азоб ва ташвишҳои зиёд рӯ ба рӯ шуда, зери сарпарастии модари мушфиқ ба камол расидааст. Бо вуҷуди мушкилоти солҳои Ҷанги ҷаҳонии дувум модар ӯро нигаҳбонӣ ва раҳнамоӣ карда, худ, ки адабиётдӯст ва шеърписанд буд, муҳаббати фарзандро низ ба адабиёту фарҳанг афзун сохт.

Солҳои ҷанг ёдвораҳои тазйиқоварро дар зеҳни ӯ бедор кардаанд. Дар ин солҳо “ҳамроҳи модар ба саҳрои атрофи шаҳри Хуҷанд баромада хӯшачинӣ мекард. Сипас хӯшаҳои чидаро кӯфта, ғалла мекарду дар осиёби деҳа орд мекашиданд. Орд гар маҳин шавад, яъне ғалла нағз майда гардад, нони хӯшаҳои чида дар гулу дарнамемонд, басе гуворою лазиз мешуд. Баъзан ин тавр ҳам воқеъ мегашт, ки модару писар бо машаққат даста-даста хӯша мечиданд, онро кӯфта ғалла таҳия менамуданд, вале осиёбон ғалларо аз таҳти дил орд намекард. Дар чунин ҳолатҳо модар ордро бехта мегуфт:

- Ҳайфи хӯшаҳои чидаамон, ин орд не, далда.

Ҳамин ранг ғалла саҳеҳ кӯфта нашавад, гандум ё ҷав дукафон монад, “далда” мегӯянд. Нони далда ҳатман гулӯро мехарошад. Ва кас лаззати ғалларо аз чунин нон саҳеҳ ҳис намекунад” [7].

Он чи иқтибос шуд, ифодакунандаи як лаҳзаи зиндагии овони наврасии Шамсӣ Собир аст, ки онро дар айёми камолоти хеш ба ёд оварда, борҳо ба дӯстону ҳамкоронаш нақл кардааст [8].

Санади дигари муҳимми овони наврасӣ ва мактабхонии ӯ ин мутолиа ва ошноӣ бо намунаҳои беҳтарини осори бадеии адибони ҷаҳон аст, ки дар шаклгирии чеҳраи инсонӣ ва ҳунариаш нақши созанда гузошттааст. Маҳз дар ҳамин солҳо, ки мамлакат гирифтори ҷанг ва нооромӣ буд, Шамсӣ Собир муҳимтарин осори бадеии ба тоҷикӣ тарҷумашударо қироат мекард ва аз он баҳраи маънавӣ мебардошт. Дар ҳамин давра вай “Ҳикояҳои Белкин”-и Пушкин (тарҷумаи Ҳабиб Аҳрорӣ), романи “Модар”-и Максим Горкий (тарҷумаи Раҳим Ҳошим), “Бачаҳои капитан”-и Жюл Верн (тарҷумаи Ҳасан Ирфон) ва даҳҳо осори бадеии дигарро аз адабиёти ҷаҳон хонда аз онҳо баҳраи маънавӣ бардоштааст [7].

Омили дигаре, ки дар ин давра меҳри адабиётро дар дили Шамсӣ Собир ҷой карда буд, пайванди маънавии модараш бо адабиёт, бахусус осори шоирони классики адабиёти тоҷик аст. Зери раҳнамоии модар вай ғазалиёти Ҳофиз, Камол, Соиб, Бедил ва шоирони дигарро пайваста мутолиаву аз ёд мекард ва дар маҳфилҳои адабӣ қироат менамуд, ки яке аз омилҳои дилгармии ӯ ба адабиёт ва раҳҷӯияш ба сӯйи дарёфтҳои маънавию ҳунарӣ дар солҳои баъд буд.

Дар мактаби миёна таълиму тарбияи вай асосан ба ду забон-ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ сурат гирифтааст. Таҳкурсии забони тоҷикӣ, албатта, забони модариаш буд. Вале забони русиро низ аз солҳои наврасӣ бо шавқу ҳаваси тамом омӯхт ва нозукиҳои сохтори наҳвии онро аз худ намуд. Ба ифодаи сареҳтар, дар донистани ҳар ду забон аз ибтидо ҷиддан талош варзидааст.

Омилҳое, ки зикр шуд, ишқи адабиёт ва ҳунарро дар дилу рӯҳи ӯ ҷой карда, заминаи таҳсил дар шуъбаи тарҷумонии факултети таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) барои ӯ фароҳам оварданд. Ҳамин тавр, Шамсӣ Собир баъди панҷ соли таҳсил донишгоҳро соли 1956 бомуваффақият хатм карда, заминаро барои пешрафтҳои баъдии эҷодиаш муҳайё месозад ва аввалин қадамҳояшро дар соҳаи тарҷумаи бадеӣ маҳз дар давраи дар донишгоҳ таҳсил карданаш мегузорад.

Вай дар муҳити созгори донишгоҳ зери таъсири раҳнамоиҳои устодони донишгоҳиаш Шарифҷон Ҳусейнзода, Воҳид Асрорӣ, Додоҷон Тоҷиев ва баъзеи дигар ба тарҷумаи бадеӣ ва сиёсӣ шавқ пайдо кард. Дар ҳамон солҳо вай ба ҳалқаи таълим ва таъсири устодони тарҷумаи бадеӣ Раҳим Ҳошим, Ҳасан Ирфон, Ҳабиб Аҳрорӣ даромад ва аз равиши фаъолияти тарҷумонии онҳо огоҳ шуда, аввалин қадамашро дар ин соҳа дар солҳои донишҷӯӣ гузошт, ки натиҷаи он тарҷумаи ҳикояи нависандаи рус И. С. Тургенев “Бедона” буд. Ин ҳикояи И. С. Тургеневро ӯ ҳануз соли 1953 дар замони донишҷӯии курси аввали донишгоҳ буданаш тарҷума карда ба чоп расонд, ки дар ҳамон рӯзгор мавриди таваҷҷуҳи алоқамандони адабиёт қарор гирифт ва борҳо ба нашр расид.

Он солҳо, ки тарҷумони номӣ Ҳабиб Аҳрорӣ Сармуҳаррири нашриёти “Ирфон” буд, тарҷумаи Шамсӣ Собирро хонда, таҳрир карда, ба ӯ маслиҳатҳо дод ва ба чоп тавсия кард. Аз ҳамон солҳо ҳамкории тарҷумон бо мутарҷимони таҷрибадор ва нашрияҳои ҷумҳурӣ оғоз гардида, ҳамчун мутарҷими донишҷӯ дар кори тарҷума ва таҳрир фаъолона иштирок менамуд. Ошноӣ бо фаъолияти ӯ сабаб шуд, ки баъди хатми донишгоҳ ӯро барои кор ба нашриёти “Ирфон” даъват менамоянд ва фаъолияти корӣ ва тарҷумониашро дар он ҷо ҳамроҳ бо Ҳабиб Аҳроӣ барин шахсиятҳои таъсиргузор идома медиҳад.

Агар Шамсӣ Собир ҳикояи зикршудаи И. С. Тургенев “Бедона”-ро ҳангоми муҳассили соли аввали шуъбаи тарҷумонии факултети таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон буданаш тарҷума ва нашр карда бошад, романи нависандаи машҳури турк Сабоҳиддин Алӣ “Васвасаи шайтон”-ро ҳангоми дар курси чаҳорум таҳсил карданаш ба тоҷикӣ баргардон ва нашр намудааст, ки ҳар ду тарҷумаро алоқамандони адабиёт хуш пазируфтаанд ва дар солҳои баъдӣ ин ду асар ба такрор чоп шудааст. Аз ҷумла ҳикояи И. С. Тургенев “Бедона” дар ҳамон нусхаи аввал дар “Асарҳои мунтахаб”-и нависанда соли 1988 аз нав чоп шуд [14, с. 241-297]. Ба ин тартиб, тарҷумаи ҳикояи “Бедона”, романҳои Сабоҳиддин Алӣ “Васвасаи шайтон” ва Н. Островский “Пулод чи тавр обутоб ёфтааст”, ки аз нахустин тарҷумаҳои ӯ буданд, мавқеияташро ҳамчун тарҷумон муайян ва ба “силки беҳтарин тарҷумонҳои тоҷик шомил” [7] гардонданд.

Барои таъйиди ин андеша ҳамчун намуна аз асари Н. Островский “Пулод чӣ тавр обутоб ёфтааст” ёд меоварем, ки қаблан тарҷума шуда камбудиҳои зиёди онро муҳаққиқон зикр карда буданд. Шамсӣ Собир ин асарро дубора ба тоҷикӣ баргардон кард, ки мақбули алоқамандони адабиёт гардид. Аз ҷумла, Ҳабиб Аҳрорӣ дар як мақолааш баъзе осори тарҷумашударо нақд карда, дар ин замина дар муқоиса бо тарҷумаи нахустини асари Н. Островский “Пулод чӣ тавр обутоб ёфтааст” бартариҳои тарҷумаи Шамсӣ Собирро ба таври мушаххас нишон додааст. Масалан, Ҳабиб Аҳрорӣ барои афзалияти тарҷумаи Шамсӣ Собирро аз тарҷумаи нахустин нишон додан ҷумлаи-“Ребби Борух дар дилаш хуки хоҷагиро...лагад мезад”-ро иқтибос карда, сипас “Аслаш: “Ребби Борух всердцах пинает хозяйственную свинью”-ро меоварад ва менависад: “Всердцах”-бо хашму ғазаб гуфтан аст, на ин ки дар дил. Ин ҷои китоб дар тарҷумаи дубораи Шамсӣ Собир ислоҳ карда шудааст” [1, с. 116].

Чунонки ишора шуд, Шамсӣ Собир фаъолияти тарҷумониашро дар замони донишҷӯии шуъбаи тарҷумонии донишгоҳ буданаш оғоз карда, дар ин солҳо ӯ на фақат баъзе намунаҳои осори бадеии адабиёти ҷаҳон, балки баъзе осори сиёсӣ, аз ҷумла асарҳои В. И. Ленинро низ ба тоҷикӣ баргардон намудааст. Ба шаҳодати ӯ мавзуи кори дипломиаш низ “Тарҷумаи асарҳои В. И. Ленин” буда, дар ин замина китоби “Марксизм ва ревизионизм” ва чандин мақолаҳои Ленинро ҳамон солҳо ба тоҷикӣ тарҷума намудааст, ки онҳо дар ҷилди понздаҳуми нашри тоҷикии осори Ленин ба чоп расидаанд.

Тарҷумаҳои зикршуда ва таҳқиқи онҳоро ӯ ба сифати рисолаи дипломӣ дифоъ кардааст, ки роҳбари илмиаш рӯноманигори пуртаҷриба Почоҷонов будааст ва ӯ ба корҳои анҷомдодаи Шамсӣ Собир баҳо дода, аз ҷумла таъкид кардааст, ки “Муаллифи рисолаи дипломӣ Шамсӣ Собир минбаъд тарҷумони бомаҳорат хоҳад шуд” [7; 8]. Ин пешгӯии раҳбари илмии Шамсӣ Собирро воқеияти минбаъдаи сарнавишти ҳунарии ӯ таъйид ва тасдиқ намуд.

Шамсӣ Собир пас аз хатми донишгоҳ, яъне аз соли 1956 фаъолияти меҳнатиашро ҳамчун муҳаррир аввал дар нашриёти “Ирфон” ва “Маориф” оғоз карда, ҳамвора бо таҳриру такмили асарҳои дигар ба кори тарҷумаи намунаҳои насри адабиёти ҷаҳон низ ҷиддан машғул шудааст. Ба ифодаи дигар, ин солҳо давраи пурҷӯшу хурӯши фаъолияти тарҷумони ӯ буда, яке пайи дигар намунаҳои насри адабиёти ҷаҳон ва халқҳои шуравии собиқро ба тоҷикӣ тарҷума ва нашр намудааст. Яке аз омилҳое, ки ӯро ҷоннисори ин соҳа сохт, “ошноии дерин ва жарфаш бо забони мабдаъ” [10, с. 16], яъне русӣ буд, ки ҳануз дар матаби имёна ба омӯхтану донистани он талош варзида буд.

Ҳарчанд дар ин давра низ мисли солҳои пеш усули интихоби осори тарҷумавӣ тобеи хостаҳои сиёсӣ ва таълимии сиёсати шуравӣ буд, бо вуҷуди ин, Шамсӣ Собир дар ин равиш роҳи мустақилонаи интихоб ва тарҷумаи насри бадеӣ, аз ҷумла осори нависандагони ҷаҳон ва ҷумҳуриҳои шуравии собиқро пеш гирифта, беҳтарин намунаҳои онро ба тоҷикӣ баргардон намуд. Вай барои тарҷума асарҳои барҷастатарин нависандагон, падидаҳои олии адабиётро интихоб ва тарҷума кардааст, ки “дар ҷараёни инкишофи адабиёти тоҷик ба сӯйи реализм, маҳорати реалистии тадқиқи бадеии зиндагиро омӯхтани нависандагони советии тоҷик, дар роҳи сар фурӯ бурдани нависандагон ба мафкураи характери миллӣ намунаи ибрат шуда тавонанд” [3, с. 120].

Ба ин далел, дар ибтидои фаъолияти мутарҷимиаш асарҳои Н. Бирюков “Чайка” (1959), В. Каверин “Ду капитан” (1961), Р. Ролан “Пер и Люс(1961), О. Гончар “Қиссаи як муҳаббат”, ки бо номи “Тронка” низ машҳур аст (1964), М. Шолохов “Замини корамшуда” ва А. Зегерс “Мусофир”- ро (1965) ба забони тоҷикӣ тарҷума намуд, ки мувофиқи табъ ва хостҳои маънавии алоқамандони насри бадеӣ дар он солҳо буданд.

Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки вай равиши зикршудаи интихобӣ ва мутобиқатиро идома дода, минбаъд осори Л. Толстой “Ҳикояҳо” (1970), Ф. Достоевский “Ҳикояҳо” (1971), “Ҷиноят ва ҷазо” (1984), Н. Островский “Пӯлод чӣ тавр обутоб ёфтааст”(1973), И. Тунгенев “Ошёни дворянинҳо” (1975), Э. Золя “Оташи хунин” (1988), песаҳои М. Горкий “Мӯйсафед”, К. Яшин “Ситораи раҳнамо” ва драмнависи поляк “Повести шабона” ва ғайраро [5, с. 375-376] тарҷума кардааст, ки ифодагари ҷустуҷӯҳои бадеӣ ва амонатнигаҳдорию ҳифзи асолати матни асл дар тарҷумаи тоҷикӣ мебошанд. Вай дар тамоми солҳои фаъолияти эҷодиаш бо “Тоҷикфилм” ҳамкорӣ ва ба тарҷумаи филмҳои бадеӣ низ машғул шуда, як силсила чунин осорро ба тоҷикӣ бозгардон намудааст, ки дар байни тамошобинон ҳануз ҳам шуҳрат доранд.

Он солҳо филмҳоро ӯ аксаран аз забонҳои русӣ ва ӯзбекӣ ба тоҷикӣ тарҷума мекард. Коргардонҳои дубляж Қутбиддин Олимӣ, Абдулҳамид Нурматов, Абдулло Ҷӯраев, Ҳадиса Маҳмудова, Абдусалом Раҳимов, Дилбар Қосимова, Темур Зайналпур, ки дар “Тоҷикфилм” фаъолият доштанд, дар тарҷумаи филмҳо бо ӯ ҳамкорӣ мекарданд. Вай ҳамчун тарҷумон ва шахсияти масъулиятшинос ҳар бегоҳ ҳамроҳи Ҳабиб Аҳрорӣ ба “Тоҷикфилм” меомад, ҳар як филми барои тарҷума пешниҳодшударо ҳамроҳи масъулон медид ва дар баробари коргардонҳо ҳунарпешаҳоро низ барои иштирок дар дубляж санҷида, беҳтаринҳоро интихоб мекард, то садову талафӯзи онҳо мукаммал, ҳадафрас ва фаҳмо бошад. Хатоҳояшонро ислоҳ мекард ва барои талаффӯзи дурусти вожаву калимот ва ҷумлаҳо маслиҳат медод. Инсони ҳалиму меҳрубон, суҳбаторову хушбаён буд [11].

Дар солҳое, ки Шамсӣ Собир ба тарҷумонӣ оғоз намуд, тарҷумаи тоҷикӣ аз ҷиҳати миқдор ва сифат хеле пеш рафта, зинаҳои нави инкишофро тай карда буд. Яке аз хусусиятҳои раванди инкишофи тарҷумаро дар ин давра, пеш аз ҳама, ҳифзи асолат ва амонати нусхаи асл [9, с. 3-14] муайян мекард, ки Шамсӣ Собир аз ҷумлаи поядорони он буд. Вай аз аввалин қадамҳои эҷодиаш аз тарҷумаи “озод” (вольность) ва “ҳарф ба ҳарф” (буквальность) [2, с. 103] фосила гирифта, дар тарҷумаҳояш ба яке аз муҳимтарин шартҳои тарҷума “риояти амонат”, ки “онро ба баёни дигар ҳифзи сабк низ мегӯянд” [9, с. 6-7] содиқ будааст.

Фақат мақоисаи тарҷумаи тоҷикии романи И. С. Тургенев “Ошёни дворянҳо” бо нусхаи асл нишон медиҳад, ки Шамсӣ Собир барои ҳифзи асолати матни аслӣ, ба мушоҳидаи Ҳабиб

Аҳрорӣ, “дигар хел рафтор мекунад”. Ӯ дар ҳама ҳолатҳо кӯшиш кардааст, ки маънии хостаи нусхаи асл, аз ҷумла И. С. Тургеневро “бо ибораҳои фасеҳи тоҷикӣ ифода кунад” [1, с. 124].

Масалан, дар романи “Ошёни дворянҳо” И. С. Тургенев менависад, ки як мусиқачии камбағали немис Христофор Лемм ба Русия омада, дар арзи бист сол шаҳр ба шаҳр гашта бахтозмоӣ карда, дар даргоҳи ҳар гуна ҷанобони аъёну ашроф хизмат мекунад, лекин кулфати зиёде мебинад, хору зор мешавад, азоби сахти қашшоқӣ мекашад. Ҳоли табоҳи ин марди сарсахтро тасвир карда, нависанда менависад, ки: “Он узнал нищету, бился как рыба об лёд”. Охири ин ҷумларо тарҷумон ин тавр тарҷума кардааст: “Барои як лаб нон худро ба сад теғу табар мезад”. Агар тарҷумон ин ҷумларо ба усули таҳтуллафзӣ “монанди моҳӣ сари худро ба ях мезад” тарҷума мекард хонанда чӣ гуна қабул мекард? Албатта, маънии хостаи нависанда аз байн мерафт.

Тарҷумон дар вақти тарҷума, пеш аз ҳама, ба маънии амалу гуфтори шахсиятҳои асар диққат дода, ба ҳадафи ниҳоии худ расидааст. Аз ҷумла дар романи зикршуда И. С. Тургенев сарнашти Леммро ба тасвир гирифта, менависад, ки як мухлис ва дӯсти Лемм, вай ҳам немиси камбағал, ба пули худ ду сонатаи Леммро нашр мекунад, аммо ин сонатаҳо талабгоре наёфта, дар таҳхонаҳои магазинҳои асарҳои мусиқӣ беному нишон гум шуда мераванд. Ин ҳолро тасвир карда, И. С. Тургенев менависад: “Лемм, наконец махнул рукой на всё; притом и годы брали своё: он зачерствел, олереневел, как пальцы его одеревенели». Шамсӣ Собир ин ҷумларо ба тариқи зайл тарҷума кардааст: “Лемм ниҳоят аз ҳама чиз дасту дилашро шуст; ғайр аз ин, синну солаш ҳам ба як ҷо расида буд: ӯ сангдил, монанди ангуштони худ карахт шуда монд”.

Ҳабиб Аҳрорӣ ба ин тарҷума баҳо дода, аз ҷумла ба хулоса омадааст, ки “Дар ин ҷо “ба ҳама чиз даст афшонд” ё ки “аз баҳри ҳама чиз гузашт” гӯем ҳам мешавад, лекин бе обу ранг, камтаъсир мебарояд. Вале ибораи тоҷикии “аз ҳама чиз дасту дилашро шуст”-ин чизи дигар аст. “Синну солаш ҳам ба як ҷо расида буд”-ин ҳам айнан ибораи мувофиқ аст” [1, с. 125].

Чунонки ба мушоҳида мерасад, тарҷума барои Шамсӣ Собир, қабл аз ҳама, кори эҷодӣ буда, вале, ба таъбири Ӯрун Кӯҳзод, “кори эҷодиест, ки рӯҳ ва афкор ва гуфтори шахси дигареро ифода мекунад. Дидаву шунида ва таҷрибаи ҳаётӣ ва тафаккури худи касро фаро намегирад” [4]. Дар ин замина таҷрибаи Шамсӣ Собир аз баъзе ҷиҳатҳо имтиёз дорад, ки тасаллут бар забонҳои мабдаъ (забоне, ки аз он тарҷума мешавад) ва мақсад (забоне, ки ба он тарҷума мешавад) ва мавзуи мавриди баҳси китоби тарҷумашаванда бунмояи онро ташкил медиҳад. Аз ин ҷиҳат, тарҷумаҳои Шамсӣ Собирро аз назар гузаронида ба хулоса меоем, ки тарҷума барои ӯ фақат аз “баргардондани навишта ё гуфтае аз забоне (аз забони мабдаъ) ба забони дигар (забони мақсад)” иборат набуда, балки вай ҳамеша саъй ва талош кардааст, ки “ҳеҷ бахше аз сурат ва маънӣ дар тарҷумаи анҷомдодааш аз аз миён наравад” [13, с. 37].

Вай беҳтарин асарҳои насрии адабиёти ҷаҳон, аз ҷумла романҳои Ф. М. Достоевский “Ҷиноят ва ҷазо”, Э. Золя “Оташи хунин”, А. Зегерс “Мусофир” ва ғайраро бо усули зикршуда тарҷума карда, хусусиятҳои мундариҷавӣ ва бадеии онҳоро дар тоҷикӣ ҳифз намудааст. Ҳамчунин бояд иқрор шуд, ки тарҷумаҳои Шамсӣ Собир бо корбурди забони муосири зинда ва фасоҳати баён аз тарҷумаҳои ҳамсони худ тафовут дошта, ба тарҷумаи такрорӣ эҳтиёҷ надоранд.

Шамсӣ Собир, ки чунин таҷрибаро соҳиб буд, ин амалро ҳангоми таҳрири асарҳои тарҷумашуда, ки зери назари ӯ ба чоп расидаанд, низ анҷом додааст. Солҳои дар нашриётҳои “Ирфон” ва “Маориф” фаъолият намуданаш даҳҳо осори тарҷумавӣ зери назари ӯ чоп шудаанд, ки хидматаш дар таҳриру такмили онҳо бузург мебошад. Масалан, вай нашри дувуми романи “Дони ором”-и М. Шолоховро соли 1978 бо ислоҳ, таҳрир ва такмил ба чоп расонд, ки аз бисёр ҷиҳат арзишманд аст ва дар ин бора баъзе муҳаққиқони соҳаи тарҷумаи бадеӣ ҳамон солҳо андешаҳояшонро баён карда буданд, ки якеи онҳо Ҳабиб Аҳрорӣ мебошад [1, с. 123-124].

Баъди солҳои зиёди кор дар нашриётҳои “Ирфон” ва “Маориф” Шамсӣ Собир чанд сол дар Институти забон ва адабиёти Академияи илмҳои Тоҷикистон низ фаъолият намуда, маҳз дар ҳамин давра дар таҳия ва нашри “Луғати русӣ-тоҷикӣ” саҳми арзанда гузоштааст. Бо ибтикор ва талошҳои пайгиронаи ӯ ва донишмандони дигар, монанди С. Ҷ. Арзуманов, Ҳ. Аҳрорӣ, Н. Беҳбудӣ, М. Беҳбудӣ, Ф. Б. Брауде, Н. Н. Ершов, Х. Муллоқандов ва дигарон ин луғат бо фарогирии беш аз ҳафтоду ду ҳазор калима дар соли 1985 ба чоп расид. Шамсӣ Собир ҳамчун пешкор ва яке аз муаллифони асосӣ ҷиҳати бунёди ин луғат талошҳо варзида, дар шаклгирӣ ва нашри саривақтии он саҳми худро гузоштааст, ки далели тавоноии ӯ дар ин соҳаи луғатсозӣ мебошад.

Шамсӣ Собир яке аз муаллифоне буд, ки ҷонибдори вожаҳои иқтибосӣ аз забонҳои дигар набуд. Ҳамеша талош меварзид ва ба ҳамкорон нишон медод, ки хазинаи луғавии забони тоҷикӣ ғанӣ аст ва имкони ифодаи ҳама гуна андешаву ororo дорад. Таъкиди вай бар он буд, ки забони тоҷикӣ барои ифодаи ҳар таъбири забонҳои дигар қодир аст, бинобар ин дар таҳияи луғат ва интихоби вожаҳо дақиққориро шарти асосӣ медонист. Дар такя ба ҳамин усул вай қаринаҳои вожаҳои заслонять, затронуть, звонкий, зять, надоедливый, пофартить, погрев ва ғайраро дарёфта ба луғат ворид месозад, ки интихоби саҳеҳ ва барҷо буд. Масалан, луғатшинос вожаи русии “заслонять»-ро дар заминаи қаринаи он-заслонить ба тариқи зер шарҳ додааст, ки табиӣ ва ба тақозои забони тоҷикӣ мувофиқ мебошад: “1. Пӯшондан, пӯшидан, панаҳ кардан, пеши чизеро гирифтан; 2. Аз байн бурдан” [6, с. 304].

Ба ҳамин дастур вай қаринаи тоҷикии садҳо вожаҳои русиро ёфта, бо шарҳу тавзеҳ ва зикри мисолҳо дар “Луғати русӣ-тоҷикӣ” забт кардааст, ки хидмати мондагор ва арзишманди ӯ дар ин соҳа мебошад [6, с. 304; с. 311; с. 320; с. 332; с. 516; с. 874].

Шамсӣ Собир чанд сол ба ҳайси мудири шуъбаи насри маҷаллаи “Садои Шарқ” низ адои вазифа намуда, дар таҳрир ва такмили насри бадеӣ ва нашри он дар саҳифаҳои маҷалла саҳм гузоштааст. Дар давраи фаъолияти ӯ дар маҷалла повесту роман ва ҳикояҳои нависандагони ботаҷриба ва ҷавонон, аз ҷумла Ҷалол Икромӣ, Фотеҳ Ниёзӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Ӯрун Кӯҳзод, Сорбон, Қурбон Алӣ ва дигарон зери назари ӯ ба чоп расидааст, ки баёнгари саҳми ӯ дар пешрафти насри муосир мебошад.

Дар солҳое, ки Шамсӣ Собир дар маҷаллаи “Садои Шарқ” ифои вазифа менамуд, бо ташабуси бевоситаи вай дар маҷалла рубрикаи “Солномаи адабиёт” таъсис ёфта буд. Дар ин рубрика асосан осори тарҷумавӣ ба чоп мерасид, ки намунаи он тарҷумаҳои худи ӯ низ буд. Мутарҷим дар пешгуфтори баъзе тарҷумаҳояш, аз ҷумла тарҷумаи “Саргузашти Карамолников”-и М. Е. Салтиков-Шедрин, тавзеҳотеро доир ба асари тарҷумакардааш овардааст, ки намунаи нақди дақиқи ӯ аз осори мавриди тарҷумааш мебошад. Дар ин пешгуфтор Шамсӣ Собир моҳияти ҷустуҷӯҳои иҷтимоӣ ва бадеии нависандаро шарҳ дода, хонандаро ба хондан ва дарку фаҳми ин асари тарҷумакардааш раҳнамоӣ мекунад, ки аз бисёр ҷиҳат арзишманд мебошад. Аз ҷумла, мутарҷим дар такя ба арзёбиҳои Ленин, Гогол ва Белинский “Диди ғоявӣ ва эстетикии Салтиков-Шедрин”-ро [12, с. 94] мушаххас намуда, доир ба асарҳои қаблан ба тоҷикӣ тарҷумашудаи нависанда-“Ҷанобони Головлёвҳо” ва “Таърихи як шаҳр”, ки аввалиро Ҳасан Ирфон ва дувумиро Эм. Муллоқандов тарҷума кардаанд, назарашро баён менамояд. Аз диди воқеъбинонаи ӯ дар “Сагузашти Карамолников” Салтиков-Шедрин “ҳама василаҳои фошсозиро моҳирона ба кор бурда нисбат ба арбоби ҳокимияти мутлақа нафрату кароҳати хонандаро меоварад. Ин нависандаи демократ мардумони беҳуқуқро аз золимони бешафқат мардонавор муҳофизат мекунад” [12, с. 94-95]. Ин гуфта аввалин арзёбии саҳеҳ ва моҳиятҷӯ аз осори Салтиков-Шедрин, аз ҷумла “афсонаи ҳузновар”-и ӯ “Сагузаштти Карамолников” мебошад, ки Шамсӣ Собир соли 1976 онро тарҷума ва дар маҷаллаи “Садои Шарқ” ба чоп расонидааст.

Ин мутарҷим ва донишманди соҳа дар баробари фаъолияти тарҷумониашро идома додан, чанд сол вазифаи мудири қисмати адабии Театри давлатии ҷавонони Тоҷикистон ба номи Маҳмудҷон Воҳидовро низ ба уҳда дошта, дар интихоб, тарҷума ва ба намоиш гузоштани осори дарамавии худиву бегона нақши таъсиргузор гузоштааст. Аз ҷумла, ӯ дар ҳамин давра песаҳои Максим Горкий “Мӯсафед” ва Комил Яшин “Ситораи раҳнамо”-ро тарҷума кардааст, ки театри ҷавонон ба саҳна гузошта ва солҳо мавриди писанди тамошобинон қарор гирифтааст.

Бояд зикр намуд, ки чандин сол дар назди Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мактаби тарҷумонҳо фаъолият мекард. Устодони забардасти ин соҳа Ҳабиб Аҳрорӣ, Эммануил Муллоқандов, Шариф Шараф, Нусур Холмуҳаммадов ва дигарон ҷамъ омада, асарҳои тарҷумонҳои ҷавонро муҳокима менамуданд ва ба онҳо маслиҳати бағаразона медоданд. Дар он солҳо Шамсӣ Собир яке аз фаъолони мактаби мазкур буд ва бисёр тарҷумонҳои навкор аз маслиҳату раҳнамоиҳои беғаразонаи ӯ баҳра бурдаанд.

Мо намедонем, ки Шамсӣ Собир мисли Ҳасан Ирфон ва Ҳабиб Аҳрорӣ дар фикри навиштани асарҳои бадеӣ низ будааст ё не! Вале ҳақиқат ин аст, ки вай ҳастиашро фидои тарҷумаи бадеӣ намуда, худро ҳамчун устоди ин соҳа ба муосирону баъдиниён шиносондааст. Бо назардошти маҳорати ӯ дар тарҷума меарзад, ки ӯро дар ин соҳа соҳибмактаб ба шумор оварем, ки муболиға намешавад.

Вай дар тули умри сипардааш ҳамаи орзуву армонашро ҳаволаи фардо карда, ба василаи тарҷумаҳояш ҷомеаи тоҷиконро вориди олами пуррангу пурмаънӣ сохт, ки вусъаташ

маҳдудияте надорад. Ба воситаи осори халқҳои гуногун, ки ба тоҷикӣ тарҷума кардааст, халқи тоҷикро бо ҳаёту мамоти халқҳои мухталифи Аврупову Осиё ва Африқо ошно намуд. Ба ин васила ӯ тавонист, ки фазои маърифатии миллатро пурвусъат ва фарогири сарвати адабӣ ва маънавии сатҳи ҷаҳонӣ гардонад.

Дарвоқеъ, Шамсӣ Собир чунин шахси эҷодкор буд, ки бо чашми миллати худ ба таърих ва адабиёту фарҳанги миллатҳои дигар нигариста, адабиёту фарҳанги миллатҳоро мувофиқи талаботи зебоишиносӣ ва суннатҳои ҳунарӣ мефаҳмид ва дар навбати худ ба миллати худаш мефаҳмонд. Ӯ ҳамчун тарҷумон дар назди дигар милллатҳо намояндаи халқи худ ва дар назди халқи худ намояндаи адабиёт ва фарҳанги дигар миллатҳо буд ва ба воситаи хидматҳои пайвандгаронааш миёни миллатҳо ва адабиёту фарҳангҳо робитаи ҳамешагӣ барқарор кард, ки ин санад мондагории хидматҳо ва мавқеияти инсонию ҳунарии ӯро дар таърихи адабиёту фарҳанги тоҷикии асри бист ба сароҳат таъйид менамояд.

Адабиёт

1. *Аҳрорӣ, Ҳ. Суҳбат аз санъати тарҷума / Ҳ. Аҳрорӣ // Садои Шарқ. – 1984. - № 5. – С. 115-128.*
2. *Гачечиладзе, Г. Художественный перевод и литературные взаимосвязы. Издание второе / Г. Гачечиладзе. – Москва: Советский писатель, 1980. – 255 с.*
3. *Демидчик, Л. Н. Таҳаввули таррҷумаи реалистӣ дар адабиёти тоҷик / Л. Н. Демидчик // Садои Шарқ. – 1985. - № 10. – С. 118-125.*
4. *Кӯҳзод, Ӯ. Рӯи гарм ва сухани нарм / Ӯ. Кӯҳзод // Адабиёт ва санъат. – 2013. – 11-уми сентябр.*
5. *Левин, М., Маниязов, А. Писатели Таджикистана. Краткие библиографические справки, новое издание, исправленное и дополненное / М. Левин, А. Маниязов. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 512 с.*
6. *Луғати русӣ-тоҷикӣ. Зери таҳрири аъзо-корреспонденти АФ Тоҷикистон М. Осимӣ / - Москва: "Руский язык", 1985. – 1279 с.*
7. *Муртазо, Б. Хӯшачин ва орди маҳин / Б. Муртазо // Адабиёт ва санъат. – 2016. – 8-уми декабр.*
8. *Мусоҳиба бо Шамсӣ Собир / Ҳақиқати Ленинобод. – 1993. – 9-10-уми ноябр.*
9. *Наҷафӣ, А. Масъалаи амонат дар тарҷума / А. Наҷафӣ // Нашри дониш. – Соли 6. – Шумораи 4. – Хурдод ва тири 1365. – С. 3-14.*
10. *Нойдо, Ю. Нақши мутарҷим. Тарҷумаи Саид Бостонӣ / Ю, Нойдо // Нашри дониш. – Соли 6. – Шумораи 4. – Хурдод ва тири 1365. – С. 15-29.*
11. *Расулӣ, Х. Аз табори оташ / Х. Расулӣ // Ҷумҳурият. – 2013. – 8-уми июн.*
12. *Салтиков- Шедрин. Сагузашти Крамолников. Афсонаи ҳузновар. Тарҷумаи Шамсӣ Собир / Садои Шарқ. – 1976. - № 1. – С. 94-101.*
13. *Сулҳҷӯ, А. Баҳсе дар мабнои тарҷума / Нашри дониш. – Соли 5. – Шумораи 1. – Озар ва дайи 1363. – С. 36-53.*
14. *Тургенев, И. С. Бедона / И. С. Тургенев. Асарҳои мунтахаб. Иборат аз чор ҷилд (ҷилди 11) / И. С. Тургенев. – Душанбе: Адиб, 1988. – С. 291-297.*

ҶАРАЁНИ ЗИНДАГӢ ВА ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДИИ ШАМСӢ СОБИР

Дар мақола раванди зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии Шамсӣ Собир ҳамчун тарҷумон, муҳаррир ва луғатшинос таҳқиқ ва баррасӣ шуда, дар ин замина моҳияти рӯзгори сипарда ва ҷустуҷӯҳои ҳунарии ӯ дар соҳаҳои гуногун ба таври мушаххас арзёбӣ шудааст. Ҳангоми таҳқиқ нахуст омилҳои адабию фарҳангии таъсирбахш ба ҷараёни зиндагии ӯ, аз ҷумла нақши хонавода, бахусус модараш, мактаби миёна ва шуъбаи тарҷумонии факултети таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дар майл ва гароиши ӯ ба донистани забони русӣ, ки равиши минбаъдаи фаъолияти ӯро муайян кардааст, мушаххас гардида, сипас фаъолияти ӯ дар нашрияҳои "Ирфон", "Маориф", Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, маҷаллаи "Садои Шарқ", шуъбаи тарҷумаи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва ғайра баррасӣ ва баҳогузорӣ шудааст. Муаллифи мақола фаъолияти тарҷумонӣ, муҳаррирӣ ва луғатшиносии Шамсӣ Собир ва ҷустуҷӯҳои ӯро дар ин замина ба таври мушаххас баррасӣ карда, нақши ӯро дар ташаккули ҷараёни тарҷумаи бадеӣ, таҳриру такмили осори ба чоп расида ва луғатшиносии тоҷик муайян ва арзёбӣ намудааст.

Калидвожаҳо: аҳвол, осор, наср, бадеӣ, тарҷума, робита, пайвандгар, миллатҳо, Шамсӣ Собир.

ЖИЗНЕННЫЙ ПУТЬ И ТВОРЧЕСКАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ШАМСИ СОБИРА

В статье исследуются и рассматриваются жизненный путь и творческая деятельность Шамси Собира как переводчика, редактора и лексикографа, на фоне чего дается конкретная оценка сути его прошедших дней и творческих поисков в различных сферах. В ходе исследования сначала определяются литературные и культурные факторы, повлиявшие на его жизнь, в частности роль

семьи, особенно матери, средней школы и переводческого отделения историко-филологического факультета Таджикского государственного университета в формировании его склонности к изучению русского языка, что предопределило дальнейшее направление его деятельности; затем анализируются и оцениваются его работа в издательствах «Ирфон», «Маориф», Институте языка и литературы имени Рудаки, журнале «Садои Шарк» («Голос Востока»), переводческом отделе Союза писателей Таджикистана и др. Автор статьи детально рассматривает переводческую, редакторскую и лексикографическую деятельность Шамси Собира и его творческие поиски в этих направлениях, определяя и оценивая его роль в становлении процесса художественного перевода, редактировании и совершенствовании изданных произведений, а также в таджикской лексикографии.

Ключевые слова: биография, труды, проза, художественный, перевод, связи, связующее звено, нации, Шамси Собир.

THE LIFE AND CREATIVE ACTIVITY OF SHAMSI SOBIR

The article investigates and reviews the life and creative activity of Shamsi Sobir as a translator, editor, and lexicographer, specifically assessing the essence of his past life and artistic endeavors in various fields. The study first identifies the literary and cultural factors that influenced his life, including the role of his family—especially his mother—his secondary school, and the translation department of the Faculty of History and Philology at the Tajik State University in shaping his inclination toward learning the Russian language, which determined the future course of his career. It then analyzes and evaluates his work in the "Irfon" and "Maorif" publishing houses, the Rudaki Institute of Language and Literature, the "Sadoi Sharq" magazine, the translation department of the Writers' Union of Tajikistan, and others. The author of the article thoroughly examines Shamsi Sobir's activities in translation, editing, and lexicography, as well as his creative pursuits in these areas, determining and evaluating his role in the development of artistic translation, the editing and refinement of published works, and Tajik lexicography.

Keywords: biography, works, prose, fiction, translation, relations, connective link, nations, Shamsi Sobir.

Дар бораи муаллиф
Курбонова Зерогул Бобомуродовна
Муаллими калони кафедраи
умумидонишгоҳии забонҳои хориҷӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: zarina1469@gmail.com

Об авторе
Курбонова Зерогул Бобомуродовна
Старший преподаватель
общеуниверситетской кафедры
иностранных языков
Таджикский государственный
педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: zarina1469@gmail.com

About the author
Qurbonova Zerogul Bobomurodovna
Senior Lecturer at the University Department
of Foreign Languages
Tajik State Pedagogical University named
after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe,
Rudaki Ave., 121
E-mail: zarina1469@gmail.com

ТДУ 821.222.1(55)-1.09

БАРРАСИИ САБКИ АШЪОРИ УРФИИ ШЕРОЗӢ

Қосимов Ҷ. С., Ҷобиров Д. Ю.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Урфии Шерозӣ яке аз шоирони авоили аҳди сафавист, ки дар таквини ғазали сабки ҳиндӣ нақши муҳим доштааст. Ҳаҷми аслии девони вайро ғазалиёти ӯ ташкил медиҳад. Дар ин гуфтор нависандагон ба баррасии муҳтаво ва забони ғазалиёти вай пардохтаанд. Баррасии маводди ирфониву қаландарӣ дар шеъри ӯ, вожаҳои пурбасомади девонаш, таобиру тасовири аслии хаёлӣ дар ғазалиёти ӯ ва санҷиши навъи авзону қавомӣ, мавзуоти аслии ин мақоларо ташкил медиҳад.

Яке аз давраҳои таҳаввул ва тата ввури шеъри форсӣ, ки аз авоили қарни ёздаҳум то авосити қарни дувоздаҳум ба муддати яксаду панҷоҳ сол ривоҷ дошта, сабки ҳиндӣ аст. Дар ин давра шоирони бузурге зуҳур карданд, ки бархе чун Калими Кошонӣ, Соиби Табрезӣ ва Бедили Деҳлавӣ аз шуҳрати басазое бархӯрдор шудаанд ва баъзе аз бузургони ин давра чунон ки шоиста аст, ба онҳо пардохта нашуда, аз ҷумлаи ин шоирон бояд Урфии Шерозиро ном бурд. Дар бораи Урфӣ чунин гуфта шудааст: Ӯ (Урфӣ) ва Ҳусайни Саноӣ дар шеър аҷаб толеъе доранд, ки ҳеҷ кӯчаву бозоре нест, ки китобфурӯшон девони ин ду касро дар сари роҳ нагирифта наистанд ва ироқиёну ҳиндувон ба табаррук мехаранд» [7, с. 120]. Бо вуҷуди истиқболи қобили таваҷҷуҳе, ки дар Эрону Ҳинд аз шеъри вай мешуда, чунон ки сазовор аст ба шеъри ӯ таваҷҷуҳе нашудааст. Бояд ишора намуд, ки Урфӣ дар бистсолагӣ ба обила дучор шуд ва сурати зебояш муҷаддар гашт. Аз ин рӯй ва шояд ба далоили дигар ба Ҳинд сафар кард ва то ҳангоми марг дар он ҷо буд. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки, Урфӣ аз шоирони аҳди сафавӣ ва сабки вуқуъ-ҳиндӣ аст, дар ин навиштор бар онем, то ба мухтасоти сабкии шеъри Урфӣ бипардозем ва нишон диҳем, ки мухтасоти ибтидоии сабки ҳиндӣ чӣ гуна дар шеъри вай бозтоб ёфтааст. Урфиро бояд аз шоирони муҳимми форсигӯи Ҳинд ба шумор оварад. Ҳавзаи асари ӯ, на фақат дар шоирони сабки ҳиндии асри сафавӣ, ки ҳатто бар мутаахирон машҳуд аст. Аз ин мутаахирон бояд аз Ғолиби Деҳлавӣ ва Иқболи Лоҳурӣ ном бурд. Ғолиб беш аз ҳар шоири дигар дар адаби форсӣ аз Урфӣ мутаассир аст ва дарвоқеъ метавон шеъри ӯро шабеҳтарин шеър ба шеъри Урфӣ донист. Ҳуди ӯ мегӯяд:

کیفیت عرفی طلب از طینت غالب، جام دگران باده شیراز ندارد. [11, с. 182]

Шабоҳати шеъри Урфиро на фақат дар зоҳир, ки дар маъно, яъне навъи гароиши ботиниву шайъии қавӣ мушоҳида кард. Ба ҷуз Ғолиб бояд аз Иқбол низ сухан гуфт, ки дар таҳти асари Урфӣ қарор дошта, ончи аз шахсияти Урфӣ беш аз ҳарчи дар зеҳни Иқбол ҷилва дорад, маниши қаландарона ва баландҳимматии ӯст. Иқбол то онҷо пеш меравад, ки аз ин рӯй, Урфиро ҳатто бар Ҳофиз бартарӣ медиҳад. Байти зер дар чопҳои баъдии девони вай ҳазф шуд ва акнун аз девони ӯ мафқуд аст:

حافظ جادو بیان شیرازی است، عرفی آتش زبان شیرازی است.[6, с. 576]

Бархе бар онанд, ки дар шеъри сабки ҳиндӣ на ҷаҳонбинии тозае пайдо мешавад, ки маҳсули омили ҷамъӣ бошад ва на таҷрибаҳои амиқу гурӯҳӣ дар ҳавзаи тафаккуру андеша, аз ин рӯ бо ҷаҳоне маҳдуду ҷузъӣ мувоҷеҳ мешавем, ки дар дунёи як байт хулоса мешавад. Шоири ин аср инсоне фоҷеавӣ аст, ки миёни тавоноӣ ва аҷз шиновар аст ва дар миёни умеду ноумедӣ мутараддид аст, ҳам ба худ меболад ва ҳам изҳори аҷз мекунад. Ин назар дар бораи Урфӣ низ то ҳадди зиёде содиқ аст. Шояд битавон мухтасоти аслии биниши Урфиро ба таври зер баршумурд:

1. Ҷаҳоннигарии Урфӣ, ҷаҳоннигарии шабеҳи ирфонӣ аст. Ин нигариш дар так-так ашъори Урфӣ намуд дорад. Дар ҳамон ғазали нахусти девони вай мехонем:

ز خوان نطق چو دادی غذای جان مرا، حلاوتی بده از حمد خود زبان مرا.
عنانم از ره باطل به سوی خویش بتاب،به من دراز مهل بیش از این زیان مرا.
هنوز طفل رهم کز نگاه عشوه گری، سر بهشت شود رهزن عنان مرا.
خوش آنکه عشق بپرسد نشان هستی من،ز خون بجویی و بگویی به او نشان مرا.[6, с. 29]

Ба иқтизои ҳамин ҷаҳоннигарии ирфонӣ аст, ки дар шеъри Урфӣ, басомади луғоте монанди ишқ, раҳмат, намоз, дуо, дил ва ҳатто руҳулқуддус ва фариштa зиёд аст.

2. Урфӣ дорои навъи маниши қаландарӣ аст. Аз хусусиёти ин маниши қаландарӣ, камтаваҷҷуҳӣ ба аҳкому одоби шаръӣ аст:

مو به مویم رشته ای زنار شد وز ناکسی، در خرابات مغان بدنام اسلامم هنوز.[6, с. 584]

رفتم به بت شکستن و هنگام بازگشت، با برهمن گذاشتم از ننگ دین خویش.[6, с. 549]
میان دیر شنیدم ز زائران صنم،همان که بر در بیت الحرام میگفتند،
رموز آتش موسی که برهمن بشکافت،ز اهل دین بشنیدم که خام میگفتند.[6, с. 236]

Дар асри Урфӣ бозори қаландариён ва маломатиён дар Ҳинд гарм буд. Дар воқеъ хостгоҳи ин фирқа дар Ҳиндустон буда, маломат, фақр, таҷарруд ва риёзат аз мухтасоти муҳимми ин тоифа будааст. Онҳо маломату ҷаври халқро бар худ писандида ва некиву тооти худро изҳор намекарданд, то мабодо дар он риёе набошад. Урфӣ гироиши ошкори қаландариву маломатӣ дорад ва дар ҷое мегӯяд:

من که با یاصنم است آمد و رفت نفسم، گر بگویند که بیمذهب و دینم چه شود.[6, с. 460]

Аз сӯи дигар бояд донист, ки камтаваҷҷуҳӣ нисбат ба масъалаи шариат аз натоиҷи сиёсии асри ӯ низ будааст. Вай дар давраи Акбаршоҳ мезист ва ин Акбаршоҳ кӯшид бо мамониат аз анҷому иҷрои шаоири исломӣ, роҳро барои адёни дигар боз намояд. Акбаршоҳ чандон рӯи хуше ба ислом ва ё дасти кам навъе аз исломи марсум дар аср, нишон намедод. Аз ҳамин рӯй, то онҷо пеш рафт, ки даст ба ибдои дине ҷадид, мавсум ба «Дини Илоҳӣ» зад. Вай барои ин дин навъе иқрорнома танзим кард, ки воридшавандагон ба ин дин лозим ба пазириши он буданд.

Урфӣ дар чанд қасида Акбаршоҳро мадҳ карда, бо ин ҳол, ҳамон тавр ки аз ашъори Урфӣ бармеояд, бетаваҷҷуҳӣ ба шариат дар назди Урфӣ ба бетаваҷҷуҳӣ ба асли ислом ва ё хуруҷ аз дин мунҷар намешавад, балки ҳамон гуна, ки хоҳем гуфт, иттифоқан яке аз хусусиёти аслии тафаккури Урфӣ, навъе гироиши ботинӣ ба мазҳаб аст. Ӯ шояд ба аҳкому шариати динӣ чандон дилбаста набошад ва ҳатто нисбат ба ин оинҳо навъе бадбинӣ дошта бошад, аммо дар айни ҳол, дорои навъе гироиши ботинӣ ва шабеҳи ирфонии қавӣ аст:

تن در لباس عصمت و دل در پلاس کفر، از غازه لاله گون شده روی سیاه ما. [6, с. 14]

Бо назаре ба ғазалиёти Урфӣ, изҳори шикастагиву номуродиву яъсу ғаму андуҳ беш аз ҳама ба чашм меояд. Албатта шеър қариб ба иттифоқи шоирони сабки ҳиндӣ мамлӯ аз ёсу навмедӣ аст ва аз ин назар шабоҳати зиёде ба шеъри румонтикҳои Аврупо дорад. Шеъри румонтикҳо низ пур аз нокомиву ранҷу шикаст аст ва иллати ин шабоҳат, шабоҳати зиндагии ин ду гурӯҳ аз шоирони ҷаҳон аст, ки ҳар ду зоидаи нахустин марҳилаи шаҳрнишинии ҷомеаи бозаргонӣ ва мутамарказ буданд ва гироишҳои фардгароёна доштанд. Бо ин ҳол бояд донист, ки қарор додани мактабҳои адабии мо зери титрҳои аврупоӣ чандон мантиқӣ нест. Ба заъми нигорандагон яке аз илали чирагии ғам дар девони Урфӣ шояд дар тардидҳои мазҳабии вай бошад:

نه عندلیب چمن زادم از بهشت مگوی، ز گلخن آمده ام، گشت باغ من غلطست.[6, с. 334]

Дар ҳар сурат аз ҳамон ғазали аввал дар девони Урфӣ нишонаҳои ғаму андуҳ ошкор аст. Шоир аз худаш норозӣ аст ва худро гаронмоя медонад ва зиёни худро низ дар ин гаронмоя будан медонад.

همه زیان گرانمایگی خویشتنم، مگر به سود مبدل کنی زیان مرا. [5, с. 1]

Ӯ чунон ба ғам хӯ дорад, ки мегӯяд:

چشمم نه بهر خویش دم نزع تر شود، ترسم که من بمیرم و غم در به در شود![6, с. 483]

Қисмати муҳимме аз ғами мавҷуд дар ғазалиёти Урфӣ, ғами ишқ аст. Чун вай муътақид аст, ки ҷои меҳру вафо дар дили ғамгин аст:

دل که به غم شاد زیست مهر و وفا زو طلب، غم چو گوارا فتاد برگ و نوا زو طلب.[6, с.65]

Басомади калимаи ғам ва таркиботе, ки бо ин калима сохта шудааст дар ғазалиёти Урфӣ бисёр болост ва ба назар мерасад, ки ин ғам поёне надорад:

آنکس که مرا با دل غمناک برآورد، نتواندم از بوته غم پاک برآورد.[6, с. 546]
کی دلم شاد از می ناب و نوای نی شود، آنکه از غم شاد گردد، شاد از اینها کی شود. [6, с. 551]

Вай бештар хоҳони сахтӣ дидану ранҷ кашидан аст, то хушӣ:

حوض کوثر یارب ازآتش لبالب کن نه آب، گر نصیبی هست فردا زان قدح نوشی مرا. [6, с. 19]
ما خار و گل به چشمه زهر آب میدهیم، کوثر حلاوتی نرساند به باغ ما.[6, с. 12]

Басомади калимаи заҳр низ дар девонаш болост. Аз қафасе, ки дар он зиндонӣ аст розист ва аз он таъриф мекунад ва хасу хошок барояш хушояндтар аз гул аст:

گل روید و خندد به گلستان و به گلشن، در باغ ارم نیست هوای قفس ما. [6, с. 15]

Дар девони Урфӣ чанд байте низ дар майл ба худкушӣ дида мешавад ва ин матлабест, ки дар осори қудамо бисёр кам дида мешавад:

روم درگوشه ای تنها که ریزم خون خود عرفی، مبادا وقت مردن ناشناسی دست من گیرد.[6, с. 540]
اگر یارت نکشت از آرزو، خود را بکش باری. که چون آیی به محشر در شمارکشتگان باشی. [6, с. 877]

Ошиқи ҳусн асту «ҳусн», «ишва» ва «карашма» яке аз таобири пурбасомади девони ӯст:

آمدی جلوه کنان با دو جهان عشوه و ناز، وه که پامال جفا کرد سپاه تو مرا [6, c. 2]
در خواب غفلتیم ولی زان چراغ حسن، دود کرشمه چرخ زند در دماغ ما [6, c. 12]

Урфӣ илова бар он ки марди фозилу аҳли мутолиа буд, дар муҳите зиставу шеър суруда, ки улуми ақлӣ пояи мутолиот будааст ва озодандешӣ на танҳо мамнуъ буда, балки марсум будааст. Осори шуарои он давра лабрез аз руҳи фалсафа аст ва дар он миён ба қавли Шиблии Нуъмонӣ: «Урфӣ беш аз ҳама ба фалсафа пардохтааст» [3, с. 102].

Урфӣ алоқаманд ба фалсафа, аммо мункири тавоноии ниҳоии ӯст. Урфӣ мепиндорад, ки ҷавҳари ҳарфҳои фалосифа ҳамон чизҳост, ки дар фарҳанги тӯда ва зарбулмасалҳо омадааст:

یکی است نقد حکیمان و جنس نادانان، هرآنچه درکتب حکمت است در مثل است.[6, c. 82]

Дар андешаи Урфӣ фалсафа шояд ақлро розӣ кунад, аммо ҷону хеши худро розӣ намекунад ва дар ҷое мегӯяд:

گر فلاطون را دهم الزام نادانم ولی، کوس دانایی زنم گر خویش را ملزم کنم.[6, c. 715]

Мухтасоти адабиву тасвирии шеъри Урфӣ- шояд яке аз аслитарин хусусиёти шеъри Урфӣ, ки дар ибтидои назар ҷалби таваҷҷуҳ мекунад, омехтагии фаровони абёти хубу қавӣ бо абёти баду заиф аст. Дар бисёре аз ғазалиёти вай танҳо як ё ду байти хуб ёфт мешавад ва дигар абёт дар ҳадди мутаваситанд. Барои мисол метавон ба девони ғазалиёти шоир мурочиат кард ва ғазале, ки ба матлаи зер аст ҷавоби ҳамин гуфтаҳост:

تشنه لب رفتم به جنت، چشمه کوثر نبود، شعله جو رفتم به دوزخ مشت خاکستر نبود.[6, c. 87]

Забони Урфӣ дар маҷмуъ забоне нарм, ҳамвор ва тару тоза аст. Ин нармиву ҳамворӣ ба иқтизои забони ғазалгӯ ва дарунмояву муҳтавои маҳзуну ғамноки ашъори ӯст:

دلم ز شوق جمالِ ندیده لبریز است، صراحیم ز می ناچکیده لبریز است. [5, c. 455]

Забони Урфӣ агарчи аз суннати адабии шоирони пеш аз худ дар забони форсӣ мутаассир аст, аммо дар кул фоқиди бостонгароии ҷиддӣ аст ва бештар ба забони аҳли аср монанда аст, яъне забоне, ки дар имтидоди таърихӣ забони шоирони сабки ироқӣ ва пас аз он, таҳти таъсири шоироне монанди Аҳливу Бобофиғонии Шерозӣ ба вуҷуд омадааст. Шояд забони Урфӣ дар миёни пешиниён беш аз ҳама аз ҳамшаҳрии худ Бобофиғонӣ асар пазируфта бошад. Забони ин ду, чи дар навъи каламот, чи дар бофти сухан, чи дар навъи вазну зарби оҳанг ва чи дар дарунмоя, мушобеҳатҳои дархӯри таваҷҷуҳе доранд. Ба иқтизои дарунмояи шеъри Урфӣ метавон мушоҳида кард, ки пурбасомадтарин вожаҳо ва каламоти калидии зеҳни вай иборатанд аз каламоте монанди:

حسن، عشق، حجاب، سوختن، زخم، شهادت، می، جذبه، شوق، آوارگی، دیوانگی، تلخی، غم، یأس و نومیدی، غیرت، حسرت و زهر. [6, c. 341, 211, 404, 224, 265, 458, 524, 782, 26, 57]

Мавриди зикр аст, ки ашъори сабки ҳиндӣ дорои мазомини эъҷобангезу робитаҳои ғариб аст ва ингуна ашъор эҳтиёҷе ба пероҳаҳои адабӣ надоранд, аммо истифода аз таобири нав дар ин аҳд бисёр аст. Урфӣ, ки дар нахустин ҳалқаҳои занҷираи сабки ҳиндӣ воқеъ аст ва дар эҷоди ҷараёни тозагӯӣ дар шеъри форсӣ таъсири ба сазое дошта аст. Муваффақтарин шоирест, ки дар ҷараёни хаёлбандӣ ва тозагӯӣ рух менамояд. Урфӣ саромади шоироне аст, ки дар қарни нуҳум ва даҳум шуруъ ба навоварӣ карданд. Вай бо сохтани истиораҳои феълӣ ва исмӣ умуман дар пайи ғофилгир кардани хонанда ва эҷоди шигифтӣ дар ӯст. Урфӣ бо гузар аз маонии мутаорифи афъолу кашфи робитаи каламот дар меҳвари ҷонишиниву ҳамнишинии калом ба хулқи маонӣ ва мазомини тоза даст ёзидааст. Албатта вай ҳаммонанди дигар шоирон дар пайи печидагиву муаммогуна кардани мафоҳими шеърӣ нест, аз ҳамин рӯ вай дар таъбири мутаноқизнамо сухани худро «ихтирои сухани ошно» меномад:

دلیل جوهر عرفی همین دقیقه بس است، که اختراع سخنهای آشنا کردست.[6, c. 161]

Мазмунсозӣ бо истилоҳоти адабӣ ва сабкшиносӣ низ аз мухтасоти сабки ҳиндист, ки Урфӣ ҳам аз ин истилоҳот истифода кардааст:

چه شد کز زهر چشمت زود جان دادم، بحمدا، کزآن لبهای شیرین شیوه ایجاد میآید.[6, c. 451]
اگر اجازت عرفی اشاره فرماید، تهی کنم ز گهر گنج رمز و ایما را.[6, c. 16]

Дар сабки ҳиндӣ масъалаи боло будани басомади таркиб, худ як омили сабкшиносӣ аст. Дар зайл ба теъдоде аз таркибҳои мавриди истифодаи Урфӣ ишора мешавад, ки ҷолиби таваҷҷуҳанд:

سرمای عافیت نشناسیم کز ازل، در گرمسیر عشق به سر برده ایم ما. [6, c. 45]
گر راه به مرهمکده عشق بیابی، الماس بنه بر دل افگار و دگر هیچ. [6, c. 263]

Ин таркибот шояд иллати ғамузу печидагии бархе абёт бошад, аммо дар канори инҳо истилоҳоте ҳам вуҷуд доранд, ки бисёр имрӯзӣ аст ва мо дар забони муҳовараи худамон онҳоро мебинем масалан:

Доштани нохуни тез барои боз кардани гиреҳҳо:

مرحبا ای چاره آسان میگشایی کار خلق، ناخنی بس تیز داری رخنه ای در کار ما. [5, c. 5]

Хотирҷамъ будан:

خاطرم از پرسش روز جزا هم جمع نیست، بسکه می بینند مردم در میان روی تو را. [6, c. 23]

Дами гарм:

هنگام دم گرم و خروش نفس است این، این حالت نزعست و دلم را هوس است این. [6, c. 809]

Ва услуби муодила, ки мухтаси сабки ҳиндӣ аст дар бисёре аз ғазалиёти Урфӣ ба чашм мерасад, ҳарчанд, ки дар истифода аз услуби муодила ҳаммонанди ҳамсабкони худ зиёдаравӣ накардааст. Услуби муодила барои равшан кардани маънии мисраи маъқул тавассути мисраи маҳсус ба кор меравад, чун маъмулан дар сабки ҳиндӣ робитаи ду мисра дар асоси ташбеҳ аст. Теъдоде аз услуби муодилаҳо дар абёти зер дида мешаванд:

ما دل بـه جـان خریـده و بـر بـاد داده ایـم، مرغ حرم گرفته به صیاد داده ایم.[6, c. 678]

خار راه من مشو ای بوالهـوس، مـن عاشـقم، آتش سوزنده را اندیشه ازخاشاک نیست. [6, c. 222]

Албатта таззодгӯй навъе тасвирсозӣ аст ва дар инҷо мо теъдоде аз абёти мутаноқизи Урфиро баён мекунем, ки иборатанд аз:

بیـا بنـوش همـه شـعله هـای دوزخ عشـق، زیان تست گر از یک شرار میگذری. [5, c. 882]

میا در باغ ما رضوان که نخل آرای این گلشن، به هرجانب که روی آرد نسیمش رو بسوزاند. [6, c. 325]

Яке аз шабоҳатҳои аслии шеъри Урфӣ бо дигар шоирон дар вазну қофияи он аст. Натиҷаи баррасии авзони ғазалиёти вай моро ба ин натиҷаҳо расонидааст, яъне бо баррасии бештаре аз ғазалиёти Урфӣ, ки дар девони ӯ оварда шудааст ва дар заминаи авзони арӯзӣ пай мебарем, ки тамоми ғазалҳо фақат дар бист вазн суруда шудааст ва аз он миён танҳо чанд ғазал дар баҳри рамали мусаддаси махбуни маҳзуф суруда шудааст. Бояд гуфт, ки Урфӣ дар ғазалиёташ бештар ба баёни ғаму андӯҳи худ ва шикоят аз замона мепардозад. Аз сӯи дигар, бо таваҷҷуҳ ба ин ки ғазали суннатиро метавон тибқи се ҳолат таъриф кард, яъне нахуст вазъияти қофия, дувум тули шеър ва билохира мазмуни шеър. Қофия дар ғазал метавонад зерсохтҳои сабкиро ошкор созад. Шоирони сабки ҳиндӣ бар хилофи суннати роиҷи устодони сабки хуросонӣ ва озарбойҷониву ироқӣ, ки такрори қофияро айб мешумурданд, онро айб намедонанд. Камтар ғазале аз Урфӣ вуҷуд дорад, ки дар он такрори қофия набошад, дар воқеъ такрори қофия вижагии шеъри Урфӣ аст ва дар ашъораш ба хусус ғазалҳои ӯ намунаи фаровон дорад. Ин вижагӣ баъдҳо дар сабки ҳиндӣ бисёр ошкор шуд. Гоҳе як ё чанд байт аз як ғазал дар ғазали дигар низ ёфт мешаванд, ки ёфтани маҳали муносибе барои онҳо фардро бо мушкил рӯ ба рӯ месозад. Дар ғазалҳои шоирони сабки ҳиндӣ ончи бештар мояи ваҳдати абёт аст, вазну радиф аст. Урфӣ аксари ҷоҳо пайвастагии абётро на танҳо бо радиф, балки дар мазмуну маъно низ риоият кардааст, вале ӯ ҳам аз ин амр мустасно нест, масалан дар ғазалҳои ӯ ин адами иртибот дида мешавад:

دل ما را به فسون جادوی بابل نبرد، هرکه از بهر وفا جان ندهد، دل نبرد. [6, c. 330]

Аз лиҳози вазнӣ ва ё ҷобаҷойи калимаҳо низ дар бархе аз абёт мушкилоту шикастҳое вуҷуд дорад. Дар сабкшиносӣ аз мавридҳое, ки мавриди баррасӣ қарор мегирад ашъорест, ки ба иқтизои дигарон суруда шудааст. Дар сабки ҳиндӣ низ бисёре аз шеърҳо ба тақлид аз якдигар суруда шудааст. Дар асри сафавия ва ривоҷи сабки ҳиндӣ ба далели равобити густурдаи адабиву яксонии иттилооти шоирону маҳдудияти манобеи огоҳӣ, ташбеҳот дар мазмун ва муҳтавои ашъор аз ҳар даврае бештар буд, ки ё бар асоси таворед ва ё ба навъе сирқати адабӣ сурат мегирифт. Аз вижагиҳои шеъри Урфӣ, ки мавриди таваҷҷуҳи бисёриҳо буда, тазмин ва ба иқтизо рафтан аз шуарои пешин ё муосири худ буда, ин истиқбол гоҳе ошкор ва гоҳ ба сурати пинҳон будааст. Ҳамон гуна, ки Урфӣ дар ғазалиёташ бештар аз Ҳофиз, Саъдӣ ва Бобофиғонӣ тақлид кардааст ва ин эҳтимол меравад, ки ашъори вай низ мавриди иқтизои дигар шоирони муосир ё баъд аз худ қарор гирифта бошад. Ба қавли ӯ:

دزدیدن حرف و نگه از جیب لب و چشم، در شرع مروت نه حلالست، حرامست. [5, c. 228]

Илова бар бархе авзон, қофия ва радифе, ки Урфӣ аз Ҳофиз вом гирифтааст, бо хондани бисёре аз абёти Урфӣ ва лаҳни истеҳзоомези вай дар робита бо зоҳидони риёкор ва суфиёни солус, нохудогоҳ абёте аз Ҳофиз дар зеҳн мутадобир мешавад. Ҳофиз бо ринд, суфӣ, зоҳиду ориф сару кор дорад, Урфӣ бинобар муҳити иҷтимоиву сиёсии замони худ ба Бараҳман, муғ, ноқусу зунор ва ғайра таваҷҷуҳи вижае дорад. Вай ҳаммонанди Ҳофиз аз таваҷҷуҳ мегурезад ва маломати халқро ба ҷон мехарад:

جمـاعتی کـه ز نـاموس و نـام میگفتنـد، بـه دیـر دوش ز مسـتی و جـام مـی گفتنـد.

بیا، ببین کـه چـه فتـوی دهنـد در مسـتی، همان گروه که می را حرام میگفتند. [6, c. 453]

بهشت خاص شما هست زاهدان نماز کنید، درون روید به فردوس و در فراز کنید. [5, c. 373]

هـردم از دیرمغـان دردرسـی می آیـد، قفل اسرار و کلید نفسی می آید. [6, c. 418]

Ӯ танҳо таъсирпазир набуда, балки бар ҳамасрону шуарои баъдинаи худ аз ҷумла Иқболу Ҳотиф таъсиргузор будааст. Вай дар сурудани ғазали зер мутаассир аз Ҳофиз ва асаргузор бар Ҳотиф будааст:

دوش در صومعه آمد صنم باده فروش، جام می بر کف و زنارحمایل بردوش...[590 ,c .6]

ва аз ин гуна абёт фаровон аст. Ҳамон гуна, ки баён шуд эъҷозгӯй дар сабки ҳиндӣ ҷойгоҳи хосе дорад. Урфӣ дар мавориде бо эъҷозу ихтисор, маонии бисёреро баён мекунад:

از باغ جهان دیده ببستیم و گذشتیم، شاخی ز درختی نشکستیم و گذشتیم...

هرگاه که چشم من و عرفی به هم افتاد، در هم نگرستیم و گرستیم و گذشتیم. [716 .c .6]

Хулоса, шеъри Урфӣ аз назари сабкӣ дар маҳдудаи сабки ҳиндӣ қарор мегирад, аммо наметавон ӯро як шоири тамому камол мутааллиқ ба сабки ҳиндӣ ба шумор овард. Вай дар ғазалиёташ бештар таҳти таъсири сабки ҳиндӣ буда ва аз мазомину муҳтавои он сабк бисёр истифода намудааст, ҳарчанд, ки нишонаҳои ғолиби давраи ҳиндӣ низ дар ғазалиёташ фаровон вуҷуд дорад. Ӯ аз ҷумлаи шоиронест, ки аз мазмуну гуфтори пешиниён даст кашида ва тарзи тозаро оғоз кардааст. Дар воқеъ ҷараёни тозагӯй ё ҳамон ҷараёни маъруф ба сабки ҳиндӣ баду устуворӣ ёфтааст ва дар миёни мутақаддимони асри сафавӣ, ӯ муваффақтарин шоире аст, ки ба ин шева расмият бахшида, ба гунае, ки метавон вайро аз мухтареони тарзи тоза донист. Истифода аз истиороти зебову ташбеҳоти бадеъ аз ихтисосоти сабки вай аст. Девони Урфӣ оканда аз мазомину таркибҳои ҷадидест, ки то замони вай касе ба ин сурат ба он напардохта буд. Ҳусномезӣ, муаммогӯӣ, услуби муодила, ташбеҳоти дур аз зеҳн, ки аз хусусиёти сабки ҳиндӣ аст, дар ғазалиёти вай басомади болое надорад, аммо дигар хусусиёти ин сабк, яъне истифода аз қофияҳои такрорӣ дар як ғазал, радифҳои тулонӣ, эъҷози байтҳои мурадиф, иҷнитоб аз авзони нодир, дар шеъри Урфӣ дида мешавад.

Адабиёт

1. بهار، ملک الشعرا محمدتقی. سبک شناسی یا تاریخ تطور نثر فارسی.- تهران**:** 1367.-267 ص.
2. زرینکوب، عبدالحسین. با کاروان حله. مجموعه نقد ادبی.- تهران: 1374.- 475 ص.
3. شبلی نعمانی. شعر العجم. جلد 3. تهران: 1368. – 471 ص.
4. شمیسا سیروس. سبکشناسی شعر. تهران: 1386.- 420 ص.
5. عرفیشیرازی. دیوان، به کوشش محمد ولی الحق انصاری، تهران: 1378.-*925* **ص.**
6. عرفی شیرازی. کلیات -.ج. 2- 3. مشتمل بر قصیدهها، ترکیببندها، ترجیح بندها، قطعات. به مقدمه، کوشش و تصحیح محمد ولی الحقی انصاری.- تهران: 1378.- 929 ص.
7. عرفی شیرازی. کلیات.- کوشش و تصحیح محمد ولی الحقی انساری.- تهران:1378- 929 ص.
8. عرفی شیرازی. دیوان اشعار. شامل رساله «نفسیه»، قصاید، ترجیح بند، ترکیببند، غزلیات، رباعیات، ساقینامه، مثنویات. به کوشش جواهر.- تهران: 1369.- 503 ص.
9. عظیم آبادی، حسین قلیخان. نشتر عشق. به تصحیح اصغر جانفدا.- دوشنبه، 1983.-1179ص.
10. علی اصغر حکمت. سرزمین هند.- تهران: 1337- 547 ص.
11. غالب دهلوی. دیوان اشعار ، دهلی: 1856. -182ص.
12. لطف علی بیک ابن آقاخان بیگدلی شاملو. آتشکده.- ج. 1.- بمبی: 1299.- 454 ص.

13.Асозода Х. Адабиёти форсӣ ва се шохаи он. Душанбе: 1991. - 127 с.

14. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан. Душанбе: Ирфон, 1978. - 327 с.

15. Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт. Душанбе: Маориф, 1990. - 334 с.

БАРРАСИИ САБКИ АШЪОРИ УРФИИ ШЕРОЗӢ

Дар мақолаи мавриди назар, муаллифон ба баррасии муҳтаво ва забони ашъори Урфии Шерозӣ, аз нигоҳи сабкшиносона пардохтаанд. Баррасии сабкшиносонаи шеъри Урфӣ, маводди ирфонӣ дар шеъри шоир, вожаҳои пурбасомади девонаш, таобиру тасвири аслии хаёлӣ дар ғазалиёти ӯ ва санҷиши навъи авзону қавомӣ, мавзуоти аслии ин мақоларо ташкил медиҳанд. Ҳамчунин дар мақолаи мазкур ашъори шоир аз дидгоҳҳои мухталиф баррасӣ шуда, намунаҳои зиёде аз ашъори шоир зикр шудаанд. Бояд гуфт, ки Урфӣ дар ғазалиёташ бештар ба баёни ғаму андӯҳи худ ва шикоят аз замона мепардозад, ки ин масъала низ, дар ин мақола таҳқиқ шудааст. Яке аз даврaҳои таҳаввул ва татаввури шеъри форсӣ, ки аз авоили қарни ёздаҳум то авосити қарни дувоздаҳум ба муддати яксаду панҷоҳ сол ривоҷ дошта, сабки ҳиндӣ аст ва дар ин мақола ишораҳое ба вижагиҳои ин сабк шудааст. Яке аз масъалаҳои дигаре, ки дар мақолаи мазкур баррасӣ шудааст, мадҳу ситоиши шоҳони замони шоир ба шумор меравад. Яъне, Урфӣ дар чанд қасидаи худ, Акбаршоҳ ва дигар ҳокимонро мадҳу таъриф кардааст.

Калидвожаҳо: адабиёт, шеър, шоир, ғазал, сабк, сабкшиносӣ, Урфӣ, сабки ҳиндӣ.

АНАЛИЗ ПОЭТИЧЕСКОГО СТИЛЯ УРФИ ШИРАЗИ

В рассматриваемой статье авторы исследовали содержание и язык поэзии Урфи Ширази с стилистической точки зрения. Стилистический анализ поэзии Урфи Ширази, мистический материал в стихах поэта, часто встречающиеся слова в его стихотворениях, оригинальные образы и выражения в

его газелях, а также исследование типов авзан и кавами составляют основные темы данной статьи. В статье также рассматривается поэзия поэта с разных точек зрения, и приводится множество примеров его стихов. Следует отметить, что Урфи в своих газелях чаще обращается к выражению собственной печали и скорби, а также к жалобам на судьбу, что также рассматривается в данной статье. Одним из этапов развития и эволюции персидской поэзии является индийский стиль, который существовал с начала XI века до середины XII века и процветал на протяжении примерно ста пятидесяти лет; в статье также делаются ссылки на особенности этого стиля. Ещё одним вопросом, рассмотренным в данной статье, является восхваление правителей эпохи поэта. Так, Урфи в нескольких своих касыдах восхвалял Акбара-шаха и других правителей.

Ключевые слова: литература, поэзия, поэт, газель, стиль, стилистика, Урфи, индийский стиль.

A STUDY OF THE POETIC STYLE OF URFI SHIRAZI

In the article in question, the authors has examined the content and language of Urfi Shirazi's poetry from a stylistic perspective. The stylistic analysis of Urfi Shirazi's poetry, the mystical material in the poet's poetry, the frequent words of his poems, the original imaginative imagery and expression in his ghazals, and the examination of the types of weights and qawami constitute the main topics of this article. The article also examines the poet's poetry from different perspectives, and many examples of the poet's poetry are cited. It should be noted that Urfi, in his ghazals, mostly turns to expressing his own sorrow and grief, as well as complaining about the times, this issue is also examined in the present article. One of the stages in the development and evolution of Persian poetry is the Indian style, which flourished from the early 11th century to the mid-12th century for about one hundred and fifty years, the article also refers to the characteristics of this style. Another issue discussed in the article is the praise and glorification of the rulers of the poet's time. That is, in several of his qasidas, Urfi praised Akbarshah and other rulers.

Keywords: literature, poetry, poet, ghazal, style, stylistics, Urfi, Indian style.

Дар бораи муаллифон

Қосимов Ҷумъахон Салимович
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи Эрон
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
E-mail: salimzoda_0113@mail.ru

Ҷобиров Давлатҷон Юсуфович
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи Эрон
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
E-mail: davlatjobirov@hotmail.com

Об авторах

Косимов Джумахон Салимович
Кандидат филологических наук, доцент кафедры иранской филологии
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17
E-mail: salimzoda_0113@mail.ru

Джобиров Давлатджон Юсуфович
Кандидат филологических наук, доцент кафедры иранской филологии
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17
E-mail: davlatjobirov@hotmail.com

About the authors

Qosimov Jumakhon Salimovich
Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of Iranian Philology Department
Tajik National University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave 17
E-mail: salimzoda_0113@mail.ru

Jobirov Davlatjon Yusufovich
Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of Iranian Philology Department
Tajik National University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave 17
E-mail: davlatjobirov@hotmail.com

ТДУ 891.550(09)

САҲМИ ЗИЁИЁНИ ЭРОНИТАБОР ДАР РУШДИ АДАБИЁТШИНОСИИ ТОҶИК (СОЛҲОИ 20-50-УМИ АСРИ ХХ)

Саидов М. С.
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Муқаддима. Яке аз масъалаҳои муҳимми таърихнигории муосири ватанӣ ин мавриди тадқиқ қарор додани фаъолияти зиёиёни эронӣ дар рушди илми адабиётшиносии тоҷик дар солҳои 20-50-уми асри ХХ мебошад. Яке аз равшанфикрони барҷастаи илму фарҳанги эронитабор, ки дар ташаккул ва рушди адабиёти тоҷик дар ин давра саҳми бузург гузоштааст, Абулқосим Лоҳутӣ ба ҳисоб меравад. Лоҳутӣ на фақат дар рушди адабиёт, балки ташаккули матбуот ва инкишофи забони тоҷикӣ нақши муассире дорад. Абулқосим Лоҳутӣ дар як давраи ҳассоси таърихӣ, яъне таъқиботи сталинӣ тавонист сардафтари адабиёти муосири тоҷик устод Садриддин Айниро ҳимоя намояд. Ҳамзамон, Абулқосим Лоҳутӣ намояндаи барҷастаи адабиёти муосири тоҷик, яке аз поягузорони назми муосири адабиёти форсизабонони ҷаҳон маҳсуб меёбад. Шахси дигари машҳури эроние, ки дар инкишофи адабиёт, махсусан матбуот ва сарфу наҳви забони тоҷикӣ нақши муассир гузоштааст, ин Саидризо Ализода мебошад. Воқеан, Саидризо Ализода аз ҷумлаи равшанфикрону маорифпарварони оғози садаи ХХ мебошад, ки дар инкишофи матбуоту соҳаи маориф ва дар маҷмуъ фарҳанги муосири тоҷик самимиву дилсӯзона хидмат кардааст. Бояд қайд намуд, ки масъалаи набудани нашрия бо забони тоҷикӣ Саидризо Ализодаро ором гузошта натавонист. Бинобар ин, ӯ на танҳо пайваста роҳҳои таъсиси матбуоти тоҷикиро меҷӯст, балки ба ин кор камари ҳиммат ҳам баст. Маҳз бо ташаббуси Саидризо Ализода в устод С. Айнӣ, Ҳоҷӣ Мӯин, Ғ. Қосимзода, Ф. Роҷӣ ва дигарон нашри аввалин маҷаллаи тоҷик «Шуълаи инқилоб» 10-уми апрели 1919 ба роҳ монда шуд, ки муҳарририи онро худи Саидризо Ализода ба уҳда дошт.

Дар баробари Абулқосим Лоҳутӣ, Саидризо Ализода зиёии дигари эронӣ, ки дар рушди соҳаҳои гуногуни илму маориф, махсусан дар самти адабиётшиносӣ ва назмшиносӣ дар Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон хизматҳои шоёне намудааст, Баҳром Сирус ба ҳисоб меравад. Ӯ соли 1930 бо дастури ҳизби коммунист ба Тоҷикистон омада, дар амалӣ сохтани нақшаҳои инқилоби маданӣ фаъолона ширкат меварзад ва тақдири минбаъдаи худро бо ҳаёти мардуми заҳматкаши тоҷик тавъам месозад.

Мавод ва усулҳои тадқиқот. Дар раванди гузаронидани таҳқиқот якчанд гурӯҳи сарчашмаҳои илмию иттилоотӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтаанд. Якум дар асоси ҳуҷҷатҳои маводди бойгонӣ, дуюм дар асоси адабиёти илмии марбут ба мавзуъ, сеюм маводди матбуоти даврӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо, чорум осори тадқиқоти олимони соҳаи матбуот ҳамчун манбаҳои арзишманд дар таҳияи мақолаи мазкур мавриди истифода қарор дода шуданд.

Таърихи ташаккул ва таҳаввули адабиёти тоҷик, ҳамрадифи рушди тамаддуни муосири миллӣ, дорои саҳифаҳои дурахшон ва ибратомӯз мебошад, ки муҳаққиқон ва муаррихони эронӣ дар он саҳми худро гузоштаанд. Яке аз намояндагони аҳли зиё ва донишманди бузурги эронӣ, ки дар рушду инкишофи илму маорифи Тоҷикистони Шуравӣ махсусан адабиёти тоҷик саҳми беназир гузоштааст, Абулқосим Лоҳутӣ (1887- 1957) мебошад. Абулқосим Лоҳутӣ аз зумраи намояндагони барҷастаи адабиёти муосири тоҷик, яке аз поягузорони назми муосир дар адабиёти кулли форсизабонони ҷаҳон маҳсуб меёбад. Маврид ба зикри хос аст, ки эҷодиёти Абулқосим Лоҳутӣ як марҳилаи муҳимме дар шаклгирии тамоюлҳои асосии ғоявию эстетикии адабиёти тоҷик, хосса шеъри он дар тули зиёда аз ним аср шинохта шудааст. Ӯ шеъри ноби тоҷикиро то як андоза ба пояи шеъри муосир боло бурд ва барои ба он ворид намудани тамоюлҳои асосии шеъри ҷаҳонӣ мусоидат намуд [1, с. 75 - 76].

Мазмун ва муҳтавои шеъри Лоҳутӣ бештар аз ҳама фарогири озодӣ, истиқлол, бузургдошти инсон, хосса инсони одӣ ва меҳнаткашу созанда мебошад. Ба ин маънӣ эҷодиёти Лоҳутӣ мазмунҳои баланди инсондӯстона (гуманистӣ) дорад ва ба муҳимтарин масъалаҳои ҳамзистии инсоният ва гуфтугӯйи фарҳангу маънавиёти мардуми гуногуни ҷаҳон ҳамоҳанг мебошад. Устод Лоҳутӣ ба воқеаҳои байналхалқӣ, зуҳури истибдод, фашизм, хавфи бар сари тамаддуни башарият пеш омада, ҷабру зулме, ки ба одамони одӣ, миллатҳои

гирифтори асорат раво дида мешуд, сарнавишти сахту сангини ашхоси озодандешу истиқлолхоҳ бетафовут набудааст, балки сулҳу ваҳдат ва ҳусни тафоҳуми тамоми инсониятро талқин менамуд.

Бояд қайд намуд, ки осори Абулқосим Лоҳутӣ дар шаклу жанрҳои мухталиф эҷод шудаанд: ашъори тасаввуфӣ, шеърҳои сиёсии тамсилӣ, ғазали инқилобӣ, достонҳои иҷтимоӣ ва рамзиву киноӣ, сурудҳои мардумӣ, намоишномаҳо, тарҷумаву мақолот ҳама аз истеъдоди гуногунҷабҳаи ӯ шаҳодат медиҳанд, ки адабиёти тоҷикро рангин ва имконоти бадеии онро афзудаанд. Эҷодиёти мондагори устод Лоҳутӣ имрӯз ҳамчун хазинаи адабӣ-бадеии кулли форсизабонон маҳсуб шуда, ба рушду нумӯи минбаъда на танҳо адабиёти форсу тоҷик, балки адабиёти ҷаҳон мусоидат менамояд. Дар ин росто яке аз муҳаққиқони барҷастаи эронӣ Аҳмади Баширӣ ҳангоми таҳқиқотҳои худ дар атрофи эҷодиёти шоири барҷастаи форсу тоҷик Абулқосим Лоҳутӣ чунин менависад: “баъд аз ин ки Лоҳутӣ дар Боку танҳоӣ мекашад ва умеди худашро барои анҷоми кори дигаре дар Эрон аз даст дода буд ва дубора хоҳиши бозгашт ба Эронро ҳам надошт, пас аз чанде ҳаммаслаконаш ба ӯ Ҷумҳурии Тоҷикистонро, тавсия доданд, зеро Лоҳутӣ нисбат ба ин миллати порсизабон огоҳӣ дошт, рафт ва дар он ҷо монд» [2, с. 56] .

Дар баробари, ин як нуктаи дигарро бояд қайд намуд, ки қабл аз ҳама Абулқосим Лоҳутиро табрикномаи И.В. Сталин нисбат ба Тоҷикистон илҳом бахшидааст. Исботи ин суханон дар зиндагиномаи Лоҳутӣ, ки худ ба қалам додааст: «Рӯзе аз рӯзҳои соли 1925, ки соли аввали ба Маскав омаданам буд, ба ман бо телефон хабар доданд, ки раиси Кумитаи инқилобӣ ва саркотиби Бюрои ташкилотии Партияи Коммунистии Тоҷикистон мехоҳанд маро бубинанд» [3, с. 234].

Дар ҳамин росто як нуқтаи дигарро бояд иброз намуд, ки Абулқосим Лоҳутӣ аз давлате бо номи Аморати Бухоро маълумот дошт ва медонист, ки он маркази тамаддуни форсӣ дар Осиёи Марказӣ мебошад. Гузашта аз ин, Лоҳутӣ соли 1920 дар Истамбул, истиқомат доштанаш аз табаддулоти сиёсии дар Аморати Бухоро ба амал омада, инчунин таъсис ёфтани Ҷумҳурии Халқи Шуравии Бухоро огоҳӣ дошт.

Баъд аз гузаронидани тақсимоти миллӣ-марзии Осиёи Миёна ва таъсисёбии ҶМШС Тоҷикистон дар моҳи октябри соли 1924, ҳангоми шунидани калимаи «Тоҷикистон» устод Лоҳутиро як хурсандие фаро мегирад, ки маънии сиёсиву таърихӣ дорад, зеро ӯ медонист, ки давлати Сомониён зиёда аз 100 сол барқарор буд, аммо бо номи Тоҷикистон ёд намешуд ва ҳамчунин Аморати Бухоро, ки дар заминаи аз байн рафтани давлати Сомониён баъд аз 750-сол дар ин сарзамин арзи вуҷуд карда буд, забони давлатиаш форсӣ буд, боз ҳам бо номи тоҷик иртибот намегирифт.

Ҳамчунин, дар пайравӣ ба инқилоби болшевикон, ки давлати Аморати Бухоро ба Ҷумҳури Халқи Шуравии Бухоро табдил дода шуд, боз ҳам бо номи тоҷик мансуб дониста намешуд. Маҳз, дар заминаи тақсимоти миллӣ-марзии Осиёи Миёна дар соли 1924 Ҷумҳурияти Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон таъсис ёфт ва тоҷик бори нахуст бо номи худ соҳибдавлат гардид. Лоҳутии инқилобгар маънии сиёсатро хуб дарк менамуд. Вақте мефаҳмад, ки тоҷикон дар тобеияти Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Ӯзбекистон қарор доранд, тақрибан мегӯяд: «Тоҷикон пой ба зинаи инкишоф мениҳанд». Ин иқрори Лоҳутӣ як навъ сиёсат буд, ки он айём дигар хел гуфта наметавонист. Ҳол он ки Лоҳутӣ бисёр хуб мефаҳмид, ки тоҷик он вақт пой ба зинаҳои инкишоф мемонад, ки худ мустақил бошад. Ҳатто вақте, ки Абулқосим Лоҳутӣ ба Тоҷикистон меояд, огоҳ менамоянд, ки аз фаъолияти ӯ дар Ӯзбакистон доштааш таҳти назорати ОГПУ (Раёсати муттаҳидаи давлатии сиёсӣ) ва табиист, ки ба шуъба ахборот хоҳад дод ва ҳамчунин Лоҳутиро ҳушдор менамоянд, ки шуъбаро ҳифз намояд. [4, с. 134].

Дар ин марҳила, Лоҳутӣ тахминан охирҳои моҳи майи соли 1925 ба ҷониби Тошканд сафари хидматӣ анҷом медиҳад. Лоҳутӣ, ки ду сол қабл ин дар ин ҷо буд, то андозае тағйиротеро дар ободии Тошканд ба мушоҳида мегирад. Маҳаллаи ҷадиде бунёд ёфта буд. Баъд аз ин, ки Лоҳутӣ худро ба идораи марбута муаррифӣ менамояд, ба ӯ иттилоъ медиҳанд, ки фавран ба Тоҷикистон бояд равад. Ин супориши ногаҳонӣ Лоҳутиро ба ҳайрат меандозад ва ниҳоят ҳамин тавр мешавад. Ҳангоми мутолиаи асарҳои устод Лоҳутӣ аз ҷумла, номаҳои ӯ ба устод Садриддин Айнӣ, махсусан ҳамон иқрори Лоҳутӣ, ки соли 1954 вобаста ба масъалаи чӣ тавр ба Душанбе омаданаш иброз доштааст, ҳамеша такрор менамоянд, ки ин аст: «Сахт аст ҳоли шоире, ки аз диёри худ, аз халқи ҳамзабони худ дур афтода бошад. Чун

шунидам, кишваре бо номи Тоҷикистони Советӣ ҳаст, ки дар он ҷо осори Фирдавсӣ ва Саъдиро халқ ҳамчун дар Эрони ман мехонанд ва азиз медоранд, аз партия хоҳиш намудам, маро ба он ҷо фиристад». Чунонки гуфтем, дар ин иқрор ҳам ҳақиқат шубҳаовар аст, зеро ҷойи дигар гуфтем, ки Лоҳутиро соли 1925, барои таъсиси Нашриёти давлатии Тоҷикистон, Нашриёти Марказӣ ба Душанбе мефиристад [5, с. 134].

Мавриди ба зикр аст, ки профессор. Х. Мирзозода дар натиҷаи таҳқиқотҳои худ роҷеъ ба ҳаёт ва зиндагиномаи устод Лоҳутӣ чунин дарҷ наамудааст: «Дар соли 1924 ҳангоми тақсимоти ҳудуди миллӣ дар Осиёи Миёна КМ ВКП(б) Лоҳутиро барои ёрӣ расондан ба корҳои маорифу маданият ба Ҷумҳурии Мухтори Советии Сотсиалистии Тоҷикистон фиристод». Ба Душанбе омадани Абулқосим Лоҳутӣ ба соли 1925 рост меояд, зеро, чунонки гуфтем, нахустин шеъре, ки бо номи «Саройи тамаддун» эҷод гардидааст ва ба таърихи Душанбе бахшида шудааст, моҳи июни соли 1925 мебошад. Ҳамин тавр Абулқосим Лоҳутӣ баъдтар ба вазифаи ҷонишини Комиссари халқии маорифи ҶМШС Тоҷикистон шуда, хидмат намуд ва аъзои Комитети Иҷроияи Марказӣ интихоб гардид» [6, с. 45-46].

Ҳамчунин Ҳигматулло Неъматуллоев, ки худ, директори Нашриёти давлатии Тоҷикистон буд, қайд менамояд, ки маҳз бо супориши Комитети инқилобии Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар моҳи октябри соли 1925 Абулқосим Лоҳутиро ба вазифаи директори Нашриёти давлатии Тоҷикистон таъин намуданд.

Мавриди ба зикр мебошад, ки фаъолияти адабии Абулқосим Лоҳутӣ бо устод Садриддин Айнӣ дар соли 1934 ҳангоми анҷумани аввалини адибони Тоҷикистонро роҳбарӣ карда, баъдтар раиси Иттифоқи нависандагонро ба зимма мегирад. Ҳамзамон, дар ҳамон марҳила 30-юмин солгарди фаъолияти адабии ӯ ҷашн гирифта мешавад. Ин нуқтаро Садриддин Айнӣ дар “Намунаи адабиёти тоҷик” чунин шарҳу тафсир додааст: «Ба меҳнаткашони мамлакати бузурги мо ва оммаи мазлумони Шарқи мустамликавӣ номи Шумо, шоири болшевик, санъаткори революътсионер маълуму машҳур аст. Шумо бо асарҳои худ ба кори тантанаи таълимоти муаллимони бузург Маркс ва Ленин, муборизаи қаҳрамононаи партияи ленинӣ ва миллионҳо оммаи меҳнаткашон баҳри сохтмони сотсиализм хизмат мекунед». Дар тамоми гӯшаву канори Тоҷикистон ҷамъомадҳо сурат мегирифт ва дар қисме аз онҳо худи Лоҳутӣ иштирок менамуд. Дар яке аз рӯзҳои ҷашни устод Садриддин Айнӣ дар мавриди шахсияти Лоҳутӣ чунин андешаро иброз доштааст: «Агар адабиёти классикии форсу тоҷикро ба занҷире нисбат диҳем, он гоҳ як сари он дар дасти Абулқосим Фирдавсӣ ва сари дигараш дар дасти Абулқосим Лоҳутӣ мебошад».[8, с. 60].

Ҳамчунин бояд зикр намуд, ки Абулқосим Лоҳутӣ аз мухлисон ва мубаллиғони адабиёти классикии шуҳратёри форсӣ-тоҷикӣ буда, худ аз ворисони арзандаи он маҳсуб меёфт ва барои нигоҳ доштани асолати шеъри суннатии мо хизматҳои шоиста кардааст. Бахусус, вай ба Фирдавсӣ ва ҳамосаи оламгири ӯ «Шоҳнома» эҳтироми беандоза дошт. Бо ташаббус ва машваратҳои вай ин асари бузург аз тарафи хонуми ӯ Ситсилия Бону ба забони русӣ баргардонида шуд. Лоҳутӣ намунаҳои барҷастаи адабиёти ҷаҳонӣ, аз ҷумла асарҳои В. Шекспир «Отелло», «Ромео ва Ҷулетта», «Шоҳ Лир», Лопе де Вега «Чашмаи гӯсфандон» ва А.С. Грибоедов «Дод аз дасти ақл» ва ҳамчунин осори А.С. Пушкин, М. Горкий ва бисёр дигар адибони ҷаҳонро ба тоҷикӣ баргардон кардааст, ки дар театри тоҷикӣ саҳнавӣ шуда, ба он шуҳрат оварданд ва ба рушду нумуи адабиёт, бахусус ҳунари дастнависии тоҷикӣ мусоидат намуданд. Эҷодиёти Лоҳутӣ шуҳрати ҷаҳонӣ дошта, осораш ба забонҳои зиёди мардуми дунё тарҷума ва нашр шудаанд, ки имрӯз дар ҷомеи муосир хонандаи худро дошта ҳамчунин мавриди пажуҳиши муҳаққиқон қарор дорад [9, с. 60].

Бояд тазаккур дод, ки дар баробари Абулқосим Лоҳутӣ, зиёиёни дигари эронитаборе, ки дар рушду инкишофи соҳаҳои гуногуни илму маориф, махсусан дар самти адабиётшиносӣ ва назмшиносӣ дар Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон хизматҳои шоёне намудаанд, кам нестанд ва яке аз чунин шахсиятҳо Баҳром Сирус буда, ӯ соли 1930 бо дастури ҳизб ба Тоҷикистон омада, дар амалӣ сохтани нақшаҳои инқилоби маданӣ фаъолона ширкат меварзад ва тақдири минбаъдаи худро бо ҳаёти мардуми заҳматкаши тоҷик тавъам месозад. Ӯ дар солҳои сиюм ва ибтидои солҳои чилуми асри ХХ дар соҳаҳои гуногуни маориф, матбуот ва нашриёт адои вазифа менамояд. Аз ҷумла, устод дар вазифаҳои мудири шуъбаи Главлити Комиссарати халқии маорифи ҶШС Тоҷикистон ва масъулияти нашриёти ин комиссариатро бар уҳда мегирад. Тақрибан дар аввалҳои ниммаи дуюми соли 1933 Баҳром Сирус ба вазифаи муҳаррири масъули газетаи “Барои маорифи коммунистӣ” (органи

Комиссариати маорифи Тоҷикистон), таъйин гардида, муддати чандин сол масъулияти онро ба уҳда доштааст [10, с. 70].

Ин рӯзнома, ки таҳти роҳбарии Баҳром Сирус интишор меёфт, гузашта аз оне, ки масоил ва матолиби зиёде дар мавриди маориф ва маданият ва таълиму тарбияти насли ҷавон дар саҳифаҳои худ нашр месохт, худ низ яке аз ширкаткунандагони фаъоли иҷрои барномаи панҷсолаи якум дар чаҳор сол, муҳаррири масъули рӯзномаи "Барои маорифи коммунистӣ", маҷаллаи "Барои мактаби советӣ", корманди масъули Комиссарияти маорифи халқии ҷумҳурӣ ва раиси шурои илмии он, директори Институти тадқиқотии илмҳои педагогӣ ва инчунин сарпарасти Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии ба номи Фирдавсӣ бо камоли масъулиятшиносӣ ва кордонӣ кор мекунад. Устод Баҳром Сирус муддате дар мактаби ҳизбӣ ба тадрису таълими кормандони ҳизбии ҷавонон машғул шуда, масъулияти кафедраи забоншиносии онро ҳам ба уҳда доштааст.

Ҳамин тавр, бояд зикр намуд, ки фаъолияти адабӣ ва шеъргӯии Баҳром Сирус дар соли 1930 оғоз гардида, нахустин шеърҳояш соли 1931 дар саҳифаи матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Маҷмуаи "Атака" яке аз аввалин ва калонҳаҷмтарин достонҳои Баҳром Сирус мебошад, ки ба мавзуи сохтмони нахустин электростансияи Тоҷикистон – нерӯгоҳи обии барқии Варзоб бахшида шуда, нахустин бор дар рӯзномаи "Тоҷикистони Сурх" чоп гардидааст. Дар маркази ин маҷмуа муборизаи шадиди коргарони матинирода бо дарёи шӯху саркаши Варзоб ва онро мутеъ сохтану барои беҳбудии ҳаёти ҷомеа истифода бурдан қарор гирифтааст. Ҷолиби диққат ва шоистаи зикр аст, ки ин достони Баҳром Сирус аз ҷумлаи аввалин асарҳои адабиёти давраи шуравии тоҷик дониста мешавад, ки дар баёни мавзуи синфи коргари тоҷик бахшида шудааст.

Ӯ ҳангоми анҷом додани чунин корҳо доир ба адабиёт, махсусан бахши назми он дар ҳамон рӯзгор ба чунин натиҷа меояд, ки масъалаҳои бисёр муҳимму асосии назмшиносӣ ва назмфаҳмию назмдонӣ, монанди вазни арӯзу қофияи шеър ба омӯхтану муаррифии бештар ниёз доранд ва бинобар ин ба таҳқиқу таҳлили ин риштаҳо машғул мегардад. Дар ин росто ҳамчунин як нуқтаи дигарро бояд илова намуд, ки Баҳром Сирус олими матинирода ва нуктасанҷ дар баробари навиштани мақолаҳои илмӣ "роҷеъ ба паҳлӯҳои гуногуни масъалаҳои мазкур дар солҳои 1951 ва 1964 ду таҳқиқоти мукаммалу арзишманд бо унвонҳои "Қофия дар назми тоҷик"ва "Арӯзи тоҷикӣ" таълиф менамояд, ки онҳо ҳаллу фасли мавзуъҳои муҳимму асосии назариявию амалии қофияву арӯз ва шеърияти назми тоҷикро дар бар гирифтаанд" [11, с. 28].

Бояд ёдовар гардид, ки устод Баҳром Сирус бо ин асарҳои пураразиши илмии худ сазовори дарёфти унвонҳои баланди илмӣ аз қобили номзад дар соли 1966 ва доктори илмҳои филологӣ дар соли 1977 гардида, дар ташаккул ва такомули илми матншиносии тоҷик саҳми намоён гузошта, ҳамчунин дар таҳия сохтани матнҳои мунтахабу мукаммали "Шоҳнома"- Фирдавсӣ (дар ду ҷилд ва нӯҳ ҷилд), куллиёти Абулқосим Лоҳутӣ ва инчунин мунтахаби осори Рӯдакӣ, Низомии Ганҷавӣ, Ҳоқонӣ, Хусрави Деҳлавӣ ва Мавлоно Ҷомӣ ширкат варзидааст. Ҳамзамон, бояд гуфт, ки Баҳром Сирус дар баробари мавриди пажуҳиш қарор додани осори шоирони тоҷик ҳамчунин ӯ ҳанӯз дар давраҳои аввали фаъолияти илмиву адабияш дар омӯхтани осори саромадони таълимоти марксистӣ ба тарҷумаи баъзе аз он асарҳо шуғл варзида, аз ҷумла китоби Ленин В.И. "Касалии бачагонаи чаправӣ дар коммунизм"-ро ба забони тоҷикӣ тарҷума кардааст.

Минбаъд маҳорати шоирӣ ва суханварии Баҳром Сирус торафт такмилу тавсеа меёбад ва доираи таваҷҷуҳи ӯ ва мавзуоти ашъораш васеътар мегардад. Ин ҳолат махсусан дар эҷодиёти давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва даврони баъдиҷангии ӯ ба назар мерасад. Ин навъ шеърҳои устод Б. Сирус корнамоиҳои халқи шуравӣ дар ҷангу ақибгоҳҳоро таҷассум ва ситоиш менамоянд. Шеърҳои "Ҷанг бо фашистҳо дар Сталинград", "Фатҳи Берлин", "Зинда бод Армияи Сурх", достони "Хол ва Зӯҳро", манзумаҳои "Шаҳри Дилкушо", "Оқибат шавад таслим", "Иди Саид", "Муборак бод", "Гагарини мо" ва амсоли инҳо аз ҳамин қабил ашъори пураразишу ватандӯстонаи ӯ мебошанд. "Бояд хотирнишон сохт, ки шеърҳои Баҳром Сирус баёну тасвири масоили муҳимми иҷтимоию сиёсӣ ва воқеаю рӯйдодҳои рӯзмарраи ҳаётиро дар бар гирифта, бештар ҷанбаи публитсистӣ ва тарғиботӣ доранд" [12, с. 18 - 19].

Дар шеърҳои ин марди хушзавқу зиндадилу ҳаётдӯст, ки аксари онҳо дар шакли маснавию ғазал суруда шудаанд, бештар ба содаю мафҳум ва мақбулу нишонрас баён намудани мазмуну матлабҳои баланди инсонгароию ватандӯстӣ, барандохтани бунёди зулму

ситам, ҳимояи мардуми заҳматкаш ва ҳидоят ба фарогирии донишу маърифат эътибор дода шудааст. Худи ӯ ба ҳамин хусусияти ашъораш ишора намуда, ба таври хеле хоксорона гуфтааст:

Ман агар ҳазлкунон байт-ду пайванд кунам,
Борҳо зӯр зада ба ҳамдигар банд кунам.
Натавон гуфт, ки ман гаштаам устоди сухан,
Ё ки оянд, бигиранд зи ман ёди сухан....
Беҳтар аст ин, ки ҳаваскор шуда кор кунам,
Нашавад хуб агар кор, дуюмбор кунам.

Қисмате аз шеърҳои дар тайи солҳои зиёд эҷоднамудаи устод Баҳром Сирус дар маҷмуае бо номи "Ҳадя" ва "Ҷашнияи Баҳром Сирус" ба табъ расидаанд. Тавре, қайд гардидааст: "то ҷое, ки ман огоҳӣ дорам ва солҳои зиёд мушоҳида намудам, Б. Сирус дар баробари ба таҳқиқи масъалаҳои гуногуни таърихи адабиёти тоҷик ва таҳияю мураттаб сохтани матнҳои осори намояндагони машҳури даврaҳои мухталифи ин адабиёт машғул гардидан сари ҳар чанд вақт ба ин ё он муносибат шеъре иншо менамуд ва ҳатто бо садо ва кӯфтани панҷаҳояш ба китоби дар наздаш қарордошта ва ё мизи корӣ онро ба оҳанг ҳам медароварда. Устод Баҳром Сирус аз соли 1944 ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон пазируфта шуда, барои хизматҳои шоистаи таҷдиду таҳсинаш бо унвони баланд дар соҳаи маорифу маданият мерасад" [13, с. 68].

Яке аз чеҳраҳои намоён ва хидматнишондодаи зиёиёни эронитабор, ки дар рушду инкишофи адабиёт ва публитсистикаи тоҷик саҳми бориз доштанд, Саидризо Ализода мебошад. С. Ализода дар рушду инкишофи илму адабии Тоҷикистони шуравии солҳои 20-ум ва 50-уми асри XX хизматҳои бузурге намудааст.

Бояд зикр намуд, ки Саидризо Ализода соли 1887 дар ноҳияи Боғишамоли шаҳри Самарқанд дар оилаи косиби шоҳибоф марди босавод ва илмдӯст Мирмуҳсин чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Фаъолияти публистикии ӯ асосан аз таъсиси нашрияҳои Маҳмудхуҷа Беҳбудӣ оғоз гардидааст. Саидризо Ализода аз рӯзҳои аввали таъсиси нашрияҳои маорифпарвари машҳури тоҷик Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ – рӯзномаи се забонаи "Самарқанд" соли 1913 ва маҷаллаи дузабонаи "Оина" дар соли 1914 ҳамчун масъули бахши тоҷикӣ адои вазифа намудааст. Маврид ба ёдоварист, ки Саидризо Ализода ҳангоми иҷрои кор дар ин маҷаллаҳо бештар мақолаҳоро доир ба масъалаи мактабу маорифи форсизабонон дар Самарқанд ва атрофи он мавриди баррасӣ қарор дод. Дар ин росто як нуқтаро бояд зикр намуд, ки масъалаи набудани нашрия бо забони тоҷикӣ Саидризо Ализодаро ором гузошта наметавонист.

Бинобар ин, ӯ пайваста роҳҳои таъсиси матбуоти тоҷикро меҷӯст, балки ба ин кор камари ҳиммат ҳам баст. Ҳамин тавр бо ташаббуси С. Ализода ва ҳамаслаконаш устод Айнӣ, Ҳоҷӣ Муин, Ғ. Қосимзода, Ф. Роҷӣ ва дигарон аввалин нашрияи шуравии тоҷик "Шуълаи инқилоб" моҳи апрели соли 1919 таъсис дода шуд ва аввалин муҳаррири ӯ худи Ализода буд. Бояд гуфт, ки Садриддин Айнӣ дар асари худ "Намунаи адабиёти тоҷик", роҷеъ ба фаъолияти Саидризо Ализода чунин овардааст: "чун рӯзноманигор ва воқеанигор корманди нашрияҳои Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, омӯзгори аввалин мактабҳои усули нав дар Самарқанд, муассис ва муҳаррири нахустин нашрияи даврони шуравии тоҷик "Шуълаи инқилоб"(1919 - 1921), котиби нахустин рӯзномаи ҳамин айём "Овози тоҷик"(1924), муҳаррири Нашриёти давлатии Тоҷикистон дар соли 1925 ва мутарҷим дар пешрафти фарҳанги тоҷик хидмати шоистаеро ба сомон расондааст" [14, с. 15].

Бояд қайд намуд, ки ин донишманди бузурги эронӣ натанҳо дар бунёди матбуоти тоҷик саҳми назарраси худро гузоштааст, ҳамчунин дар як соҳаи илми забоншиносии тоҷик "Сарфу наҳви забони тоҷикӣ" хизмати арзанда анҷом додааст. Ӯ якҷо бо олимони даврони худ Вадуд Маҳмудӣ, Турақул Зеҳнӣ ба таълифи алифбо ва китобҳои дарсӣ низ машғул мешаванд ва билохира бо кӯшишу талошҳои худ соли 1926 Сайидризо Ализода китоби худ "Сарфу наҳви тоҷикӣ"-ро менависад ва соли 1927 дар шаҳри Москва ин асари донишманди эронӣ чоп мегардад, ки як навгонӣ дар илми забоншиносии тоҷик маҳсуб меёфт, зеро тибқи сарчашмаҳои таърихӣ то Инқилоби Октябр дар мадрасаҳои шаҳри Бухорро ва гирду атрофи он бештар дар раванди таълим ба толибилмон сарфу наҳв ва ҳатто луғатномаҳоро ба забони арабӣ дарс мегуфтанд.

Бояд хотирасон намуд, ки китоби Сайидризо Ализода “Сарфу наҳви тоҷикӣ” инқилобе буд дар илми забоншиносии давраи нави тоҷик, чунки то ин вақт пас аз ташкили мактабҳои усули нав то Инқилоби Октябр дар Осиёи Миёна дар синфҳои тоҷикии мактабҳои русии маҳаллӣ ва дар синфҳои узбекии он аз рӯйи китоби Муҳаммадрасул Расулӣ “Роҳбари форсӣ, ки соли 1911навишта шуда, то соли 1917 се маротиба аз нашр баромадааст, таълим дода мешуд. Дар ҳақиқат Сайидризо Ализода бо таълифи «Сарфу наҳви тоҷикӣ» чун забоншиноси беҳамто бунёди грамматикаи нормативии тоҷикиро барои мактабҳои таҳсилоти ибтидоию миёна асос гузоштааст. Ҳарчанд, ки ин асари Саидризо Ализода китоби дарсии меъёрӣ ба шумор меравад, қиммату арзиши баланди илмӣ дошта, аз диди имрӯзаи забоншиносӣ низ баъзе қойидаву тавзеҳи грамматикӣ, корбасти истилоҳоту таркибот шоистаи таҳсин ба ҳисоб меравад. “Сарфу наҳви тоҷикӣ” аз дебочаи мухтасар ва се фасл мураттаб гардидааст. Дар дебоча муаллиф аз хусуси зарурат, ҳадаф ва ҳангоми иншои «Сарфу наҳви тоҷикӣ» истифода аз грамматикаҳои нормативии забони арабӣ, форсӣ, туркӣ, фаронсавӣ, русиро таъкид кардааст. Дар фасли аввали «Сарфу наҳви тоҷикӣ» таърифи сарф, наҳв, ҳарф, калима, ҷумла, алиффбо, ҳуруфи мунфасила ва муттасила, ҳуруфи мусаввата ва сомита, ҳиҷо, ҳаракат, сакун ва ташдид, ҳамза ва алиф, вови маъдула ва ё-и алифия матраҳ шудаанд. Дигар хидмати муҳимме, ки муаллифи «Сарфу наҳви тоҷикӣ» Сайидризо Ализода дар таълиму омӯзиши наҳв кардааст, муқаррароти аломатҳои китобат мебошад, яъне то таълифи «Сарфу наҳви тоҷикӣ»-и ӯ аломатҳои китобат дар нигориши тоҷикӣ бо истиснои баъзе аломатҳои шартӣ гузошта намешуданд. Ҳамин тавр, Сайидризо Ализода дар маҷмуъ 9 аломати китобатро ба ин тариқа ҷудо кардааст: сакта (вергул), нуқта, нуқта бо сакта (нуқта вергул), ду нуқта, ишорати истифҳом (аломати савол), ишорати нидо (аломати хитоб), фориқа (аломати тире) , аломати муътариза (қавс), муаййиза (нохунак) [15, с. 20].

Ҳамин тавр Сайидризо Ализода донишманди бузурги эронӣ мебошад, ки дар солҳои 20 - 50 уми асри ХХ барои илми тоҷик махсусан соҳаҳои матбуот ва сарфу наҳви тоҷик хизмати шоёне намудааст. Махсусан таълифи «Сарфу наҳви тоҷикӣ» дар маърифатнокии мардуми тоҷик, устувории асосҳои дастури забони тоҷикӣ хидмати шоиста ва таърихиро анҷом додааст, ки имрӯз ҳам мо бояд ҳангоми таълифи китобу дастурҳои таълимӣ аз асосҳои дастури забони тоҷикӣ ба «Сарфу наҳви тоҷикӣ»-и ӯ такя намоем. Зеро маълум мешавад, ки аз ҳамон солҳо ҷидду ҷаҳд ва талоши забоншиносони тоҷик ба ривоҷу равнақи забони адабии тоҷик, масъалаҳои асосии грамматикаи забони тоҷикӣ, ҷузъҳои таркибии он, морфология ва масъалаи таснифоти ҳиссаҳои нутқ ва ғайра равона гардидааст.

Хулоса. Ҳамин тавр, метавон ба чунин хулоса расид, ки саҳми зиёиёни эронитабори Осиёи Миёна дар рушду инкишофи илмҳои адабиётшиносии солҳои 20-50-уми асри ХХ ниҳоят калон мебошад. Зиёиёни эронӣ чун машъалбардорони илму фарҳанг ва адабиётшиносӣ дар давраҳои ниҳоят ҳассос ва тақдирсоз ба пойтахти тоҷикон шаҳри Душанбе омада, баҳри пойдории илму адаб заҳматҳои шабонарӯзӣ кашидаанд. Чуноне, ки аз муҳтавои мақолаи мазкур пайдост, устодон Абулқосим Лоҳутӣ, Баҳром Сирус ва Саидризо Ализода ҳанӯз аз солҳои 20-уми асри ХХ пайи рушду инкишофи адабиёт ва фарҳанги Тоҷикистони Шуравӣ камари ҳиммат баста, дар ин ҷода хизмати арзишманд анҷом додаанд, ки мо бояд хизматҳои шоёни онҳоро қадр намуда, номашонро гиромӣ дорем.

Адабиёт

1. *Азимов, А. Воқеияти зиндагӣ ва матбуоти тоҷик / А. Азимов. – Душанбе: Сино.– С. 75-90.*
2. *Айнӣ С. Дар бораи адабиёт ва китобҳои мактаби Тоҷикистон // Овози тоҷик -1925. -12 феврал.*
3. *Айнӣ С. Дар бораи китобҳои мактабии тоҷикон // Овози тоҷик - 1924. - 12 сентябр.*
4. *Айнӣ С. Дар бораи мактаб ва маорифи тоҷик // Овози тоҷик -1924. - 4 сентябр.*
5. *Айнӣ С. Матбуоти тоҷик // Шуълаи инқилоб -1926. - 6 сентябр.*
6. *Айнӣ, С. Намунаи адабиёти тоҷик / С. Айнӣ. – Москва, 1925. – 200 с.*
7. *Ализода, С. Маслаки мо ҳақ (Баргардон ва таҳияи Маҳвашхон Ҳодизода) / С. Ализода. - Душанбе: Эҷод, 2007. – 400 с.*
8. *Алимуҳаммади, Х. Шарқшиносии тоҷик / Х. Алимуҳаммади, Н. Амиршоҳӣ. - Душанбе, Маориф ва фарҳанг, 2009. – 485 с.*
9. *Аминзода А. Рӯзнома лозим аст// Тоҷикистони Советӣ -1927.-16 март.*
10. *Асозода, Х. Адабиёти тоҷик дар саддаи асри ХХ. Ҷилди 3 / Х. Асозода. – Душанбе: Маориф, 2010. – 300 с.*
11. *Баҳроми С. Ҳадя / С. Баҳроми. – Душанбе: Ирфон, 1974.*

12. *Гулмуродзода, П. Адиби маорифпарвар ва публисисти оташинсухан // Маслаки мо ҳақ аст / П. Гулмуродзода. - Душанбе: Эҷод, 2007. - С. 3-15.*
13. *Исмоилова, Б. И. Фидоиёни ҳаёти нав ва поягузоарони маърифат дар Тоҷикистони Шуравӣ / Б. И. Исмоилова. – Хуҷанд: Ношир, 2013.-152 с.*
14. *Лоҳутӣ, А. Номаҳо / А. Лоҳутӣ. – Душанбе : Адиб, 2004. – 150 с.*
15. *Усмонов Ҷ. Тараққиёти матбуоти советӣ дар Тоҷикистон. -Сталинобод, 1958.*
16. *Ниҳмонова, Р. Муродифоти луғавию фразелогӣ дар публитсистикаи Садриддин Айнӣ / Р. Ниҳмонова // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. - 2018 № 5 - 1 (77) С. 145-153.*
17. *Нурализода, Н. Матбуоти соҳаи маориф дар шинохти муҳаққиқони тоҷик / Н. Нурализода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. 2019. № 2 (79) С. 169-174.*
18. *Солеҳбоев, Ҳ. Ситораи тобони назм. – Ёдбоди устод Лоҳутӣ / Ҳ. Солеҳбоев. – Душанбе, 1978. – 212 с.*
19. *Усмонов, И. Нахустин рӯзноманигори тоҷик // Журналистика, Қисми 1. / И. Усмонов. – Душанбе, 2005.*
20. *Усмонов, И. Таърихи журналистикаи тоҷик / И. Усмонов., Д. Давронов. - Душанбе, 2008. – 280 с.*
21. *Худойдодов, А. Пажуҳиши назми тоҷики солҳои бистуми асри ХХ / А. Худойдодов // Паёми Донишгоҳи омузгорӣ. 2019.-№3 (80) С. 100-103.*

САҲМИ ЗИЁИЁНИ ЭРОНИТАБОР ДАР РУШДИ АДАБИЁТШИНОСИИ ТОҶИК (СОЛҲОИ 20-50-УМИ АСРИ ХХ)

Дар мақолаи мазкур саҳми зиёиёни эронӣ дар рушди илми адабиётшиносӣ дар солҳои 20-50-уми асри ХХ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Қайд гардидааст, ки саҳми зиёиёни эронӣ дар солҳои аввали таъсисёбии Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ташаккул ва рушди илму адаб бузург мебошад. Онҳо барои густаришу равнақ додани илми адабиётшиносӣ, аз ҷумла муаррифӣ намудани осори шоирони классики тоҷик, таълиф намудани китобҳо дар риштаи илми забоншиносӣ саҳми назаррас гузоштанд. Ҳамчунин бояд тазаккур дод, ки ин шахсиятҳои барҷастаи эронитабор дар баробари фаъолият доштан дар рушди адабу фарҳанг, ҳамзамон дар корҳои давлатию ҷамъиятӣ низ саҳми худро гузоштаанд. Исботи гуфта фаъолияти шоири тавонои ин давра Абулқосим Лоҳутӣ мебошад. Яке аз чеҳраҳои маъруфи дигари зиёиёни эронӣ дар Тоҷикистони Шуравӣ, ки хизматҳои босазое кардааст, Баҳром Сирус мебошад. Баҳром Сирус соли 1930 бо дастури ҳизб ба Тоҷикистон омада, дар амалӣ сохтани нақшаҳои инқилоби маданӣ фаъолона ширкат меварзад ва тақдири минбаъдаи худро бо ҳаёти мардуми заҳматкаши тоҷик тавъам месозад. Дигар чеҳраҳои намоён ва хизматнишондодаи зиёиёни эронитабор, ки дар рушду адабиёт ва публитсистикаи тоҷик саҳми бориз гузоштааст, Саидризо Ализода мебошад. С. Ализода дар рушду инкишофи илму адабии Тоҷикистони Шуравии солҳои 20- ум -50 -уми асри ХХ хизмати арзанда намудаст.

Калидвожаҳо: Тоҷикистони Шуравӣ, Лоҳутӣ, Сирус, Ализода, адабиёт, сарфу наҳв, назмшиносӣ, зиёӣ, шоир, донишманд, эронӣ.

ВКЛАД ИНТЕЛЛИГЕНЦИИ ИРАНСКОГО ПРОИСХОЖДЕНИЯ В РАЗВИТИЕ ТАДЖИКСКОГО ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЯ (20-50-е ГОДЫ XX ВЕКА)

В данной статье рассматривается вклад иранской интеллегенции в развитие литературоведения - в частности, исследований в области поэзии и таджикской грамматики - в период с 1920-х по 1950-е годы. Следует отметить, что иранская интеллегенция сыграли значительную роль в начальный период становления Таджикской Автономной Советской Социалистической Республики. Их вклад включал развитие различных направлений литературоведения, знакомство мировой аудитории с творчеством классиков таджикской поэзии, создание основ таджикской прессы и, прежде всего, написание трудов по лингвистике. Следует также отметить, что эти видные иранские деятели, помимо научной работы, вносили вклад в государственную и общественную жизнь. Ярким примером тому служит выдающийся поэт той эпохи Абулкасим Лахути. Другой видный фигурой среди иранских деятелей, внесшей значительный вклад в развитие Советского Таджикистана, является Бахром Сирус. Бахром Сирус прибыл в Таджикистан в 1930 году по поручению партии, активно участвовал в реализации планов культурной революции и связал свою дальнейшую судьбу с жизнью трудолюбивого таджикского народа. Другой видный и выдающейся фигурой иранской интеллигенции, внесшей значительный вклад в развитие и становление таджикской литературы и журналистики, является Сайдризо Ализода, который внес большой вклад в развитие науки и литературы в Советском Таджикистане в 20-50-е годы XXв.

Ключевые слова: Советский Таджикистан, Лахутӣ, Сирус, Ализода, литература, грамматика, поэтика, интеллегенция, поэты, ученые, иранцы.

THE CONTRIBUTION OF IRANIAN-BORN INTELLIGENTSIA TO THE DEVELOPMENT OF TAJIK LITERARY STUDIES (1920s–1950s)

This article discusses the contribution of Iranian intellectuals to the development of literary sciences (poetry, grammar and rhetoric of the Tajik language) in the 20s - 50s of the 20th century. It is worth noting that the contribution of Iranian intellectuals in the early years of the establishment of the Tajik Autonomous Soviet Socialist Republic was very large. They contributed to the development and development of various branches of literary studies, including introducing the world to the works of classical Tajik poets, laying the foundation for the Tajik press, and, above all, writing books in the field of linguistics. Thus, this powerful and knowledgeable Persian-Tajik scholar was able to make a significant contribution to the development of various sectors of the national economy of Soviet Tajikistan. Another prominent figure among Iranian intellectuals who made distinguished contributions to Soviet Tajikistan is Bahrom Sirus. Bahrom Sirus came to Tajikistan in 1930 on the instructions of the party, actively participated in the implementation of the plans of the cultural revolution, and linked his future fate with the life of the hardworking Tajik people. Another prominent and distinguished figure of the Iranian-born intellectuals who made a significant contribution to the development and growth of Tajik literature and journalism is Saidrizo Alizoda. S. Alizoda made great contributions to the development and growth of science and literature in Soviet Tajikistan in the 1920s and 1950s.

Keywords: Soviet Tajikistan, Lohuti, Sirus, Alizoda, literature, grammar, poetics, intellectuals, poets, scholars, Iranians.

Дар бораи муаллиф
Саидов Маъруф Султонмуродвич
Унвончӯйи кафедраи фалсафа ва фанҳои гуманитарӣ
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Саид Носир, 33
E-mail: saidovmaruf9494@gmail.com

About the author
Saidov Maruf Sultanmurodovich
Applicant, Department of Philosophy and Humanities
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33 Said Nosir Street
E-mail: saidovmaruf9494@gmail.com

Об авторе
Саидов Маруф Султанмуродович
Соискатель кафедры философии и гуманитарных наук
Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе ул. Саид Носира, 33
E-mail: saidovmaruf9494@gmail.com

ТДУ 821.222.1.09

ТАЪСИРПАЗИРИИ САИД ХОЛЗОДА АЗ “ҶАВОМЕЪ-УЛ-ҲИКОЁТ ВА ЛАВОМЕЪ-УР-РИВОЁТ”-И МУҲАММАД АВФИИ БУХОРОӢ

Самизода Н. Ш.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқаддима. Таъсирпазирии адабӣ ва фикрии Саид Холзода аз осори классикии адабиёти форсу тоҷик, махсусан аз асари машҳури Муҳаммад Авфии Бухороӣ – “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт” яке аз масъалаҳои муҳим дар омӯзиши равобити адабиёти классикӣ ва эҷодиёти муосир ба шумор меравад. Ин асар ҳамчун маҷмӯаи бузурги ҳикоёт ва ривоятҳои ахлоқӣ-фалсафӣ дар ташаккули завқи бадеӣ, ҷаҳонбинии ахлоқӣ ва усули баён дар адабиёти баъдӣ нақши назаррас гузоштааст. Дар эҷодиёти Саид Холзода низ метавон нишонаҳои равшани истифодаи унсурҳои ҳикоятнависии анъанавӣ, сохтмони сюжети пандомӯз ва такя ба маъхазҳои классикӣ, аз ҷумла ҳамин асарро мушоҳида кард. Ин таъсир бештар дар тарзи баён, интихоби мавзуъҳои ахлоқӣ ва равиши ифодаи андешаҳои иҷтимоӣ зоҳир мегардад. Аз ин рӯ, таҳлили пайванди миёни осори Муҳаммад Авфӣ ва эҷодиёти Саид Холзода имкон медиҳад, ки манбаъҳои ғоявӣ ва бадеии рушди адабиёти муосир амиқтар дарк шаванд.

Мавзуи таҳқиқи таъсирпазирии Саид Холзода аз осори классикии форсу тоҷик, бахусус аз “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт”-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим ва рӯзмарраи адабиётшиносии муосир маҳсуб ёфта,омӯзиши робитаи миёни адабиёти классикӣ ва эҷодиёти муосир имкон медиҳад, ки раванди идомаи анъанаҳои ҳикоятнависӣ, таҳаввули шаклҳои баён ва тағйири мазмунҳои ахлоқию иҷтимоӣ амиқтар таҳлил гардад.Ин мавзуъ инчунин барои равшан сохтани сарчашмаҳои фикрӣ ва бадеии эҷодиёти Саид Холзода аҳамияти махсус дорад, чунки дар осори ӯ унсурҳои ҳикояҳои пандомӯз, образофарӣ ва истифодаи мотивҳои классикӣ ба таври возеҳ ба назар мерасанд. Аз ин рӯ, таҳқиқи мазкур на танҳо барои шинохти вижагиҳои услубии Саид Холзода, балки барои дарки пайванди суннат ва навоварӣ дар адабиёти тоҷик низ муҳим мебошад.

Маводҳо ва усули таҳқиқот: Дар таҳқиқи масъалаи таъсирпазирии Саид Холзода аз осори классикӣ, махсусан аз “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт”-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ, маводҳои гуногуни илмӣ ва адабӣ истифода бурда шуданд.Дар раванди таҳқиқ як қатор усули таҳлили матнӣ барои баррасии мазмун, услуб ва хусусиятҳои бадеии осор, усули муқоисавӣ ва усули таърихӣ-адабиётшиносӣ барои ошкор намудани заминаҳои пайдоиш ва инкишофи анъанаҳои ҳикоятнависӣ истифода шудааст.

Ҳадафи мақола омӯзиши таъсирпазирии эҷодиёти Саид Холзода аз анъанаҳои адабиёти классикии форсу тоҷик, махсусан аз “Ҷавомеъ-ул ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт”-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ мебошад. Ҳадафи муаллиф манбаъҳои фикрӣ ва бадеии эҷодиёти муаллифро муайян намуда, роҳу равишҳои истифодаи мотивҳо, ҳикоятҳои пандомӯз ва унсурҳои услубии адабиёти классикиро дар осори ӯ таҳлил намуда, нишон додани пайванди суннат ва навоварӣ дар адабиёти тоҷик ва равшан сохтани нақши мероси адабии классикӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии бадеии нависанда мебошад.

Мавзуи таъсирпазирии Саид Холзода аз осори классикии форсу тоҷик, аз ҷумла аз “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт”-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ то имрӯз дар адабиётшиносии тоҷик ба таври ҷудогона ва мукаммал мавриди таҳқиқи махсус қарор нагирифтааст. Бо вуҷуди ин, дар доираи таҳқиқоти умумӣ оид ба таърихи адабиёти форсу тоҷик, ҳикоятнависии классикӣ ва анъанаҳои насри пандомӯз, як қатор пажӯҳишҳо анҷом ёфтаанд, ки ба таври ғайримустақим ба ин масъала равшанӣ меандозанд. Дар осори муҳаққиқон масъалаи ҷойгоҳи “Ҷавомеъ-ул ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт” дар рушди насри ахлоқӣ ва таъсири он ба адабиёти баъдӣ баррасӣ шудааст, аммо робитаи мустақими он бо эҷодиёти Саид Холзода ҳанӯз ба таври алоҳида ва амиқ таҳлил нагардидааст. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки мавзуи мазкур то ҳол ниёз ба омӯзиши муфассал дошта, баррасии он барои пур кардани як холигии илмӣ дар адабиётшиносии муосир аҳамияти муҳим дорад.

Муҳаммад Авфии Бухороӣ тазкиранигор ва муаллифи асари “Ҷавомеъ-ул ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт” буда, ҳамзамон тазкираи “Лубоб-ул-албоб” ба қалами ӯ мансуб аст. Тазкираи “Лубоб-ул-албоб” муҳимтарин сарчашмаи адабӣ барои омӯзиши таърихи адабиёти форсу тоҷик мебошад. “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт” дар бораи муъҷизоти анбиё, каромоти авлиё, подшоҳони одил, сиёсат, таърихи подшоҳони Аҷам, ҳикояҳо аз

рӯзгори дабирон, надимон, табибу мунаҷҷиму шоирон, шоирону муғанниён ва зиракони тезфаҳм мебошад. Инчунин дар ин асар ҳикоёти зиёди ахлоқӣ оварда шудааст, ки фарогири мавзуъҳои ҳаё, хоксорӣ, авф, ҳилм, адаб, шафқату саховат, лутфу карам, шуҷоату аҳду вафо ва ғайра мебошад. Дар маҷмуъ ин асари Муҳаммад Авфии Бухоройӣ аз 2113 ҳикоя иборат аст, ки мавзуъҳои гуногуни ахлоқию тарбиявиро фаро мегирад.

Таъсирпазирӣ аз осори шоири классик ва муосир дар ҳама давру замон боиси рангоранг гардидани осори шоирони баъдина мегардад.Ба андешаи муҳаққиқ Мадизода У.М. таъсирпазирӣ “хоси шоирони навкор набуда, балки василаи санҷиши нерӯи ҳунарӣ ва такмили маҳорати эҷодӣ барои шоирони ботаҷриба ва эътирофгардида низ будааст” [6, с.214]. Саид Холзода низ аз осори гузаштагон баҳравар гардидааст. Достон аз жанрҳои маъмули инкишофёфтаи адабиёти классикӣ ва адабиёти муосири тоҷик ба ҳисоб меравад [7, с.24], вале дар бораи достони халқӣ ва марҳилаҳои инкишофи он дар адабиётшиносӣ ва фолклоршиносии тоҷик асари махсусе таълиф нашудааст. Фолклоршиносон зимни баррасии рӯзгор ва осори шоирони мардумӣ баъзан, ба эҷодиёти шоирони алоҳида таваҷҷуҳ намуда, достонҳои офаридаи ин ё он шоирро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додаанд.

Дар сафи шоирони мардумӣ Карим Девона, Ҳикмат Ризо, Бобоюнус Худойдодзода, Қурбоналӣ Раҷаб - шоир ва гуруғлисаро, Қурбон Ҷалил – шоир ва гуруғлисаро, Одина Шакар – гуруғлисаро, Сайдалӣ Вализода-шоир ва гуруғлисаро, Ҳақназар Кабуд- ғуруғлисаро, Юсуф Вафо, Ҳомид Саид, Саид Холзода низ ном бурда мешаванд.

Саид Холзода мадрасаву мактаб надидааст, аммо аз осори гаронбаҳои классикӣ ба хубӣ огоҳ буда, аз он таъсир пазируфта, тавонистааст асарҳои хонданбоб офарад. Дар миёни достонҳои Саид Холзода достони тамсилии “Чоҳкан зери чоҳ” аз нигоҳи мавзуъ ва мундариҷа, таъсири он ба хонандаи соҳибзавқ ҷойгоҳи хоса дорад. Достони тамсилии «Чоҳкан зери чоҳ», аз 123 байт иборат аст. Ба андешаи мо дар навиштани ин достон шоир аз ҳикоёти «Чоҳ макан ба ҳар касе»-и Муҳаммад Авфии Бухоройӣ таъсир гирифтааст. Дар адабиёти классикии форсу тоҷик таъсирбардорӣ аз байт, ғазал, қасида, достон зиёд ба назар мерасад. Саид Холзода ҳамчун донандаи хуби адабиёти классикӣ тавонистааст, дар асоси як ҳикояи «Ҷомеъ-ул ҳикоёт ва лавомеъ-ул-ривоёт» як достони хонданбоб офарад.

Оғози достони Саид Холзода бо суханҳои ҳикматомез ифода мегардад:

Зи обу зи оташ ҳам аз боду хок,
Биёмад вуҷуди яке марди пок.
Шараф дар ҷаҳон аз туфайлаш фузуд,
Замини заррин то самои кабуд... [10, с.156].

Агар дар ҳикояи «Чоҳ макан ба ҳар касе» сухан дар бораи воиз, марди ҳасуд, марди накӯкор равад, шоир дар достон доманаи андешаро фарохтар карда, образҳоро зиёдтар дар шакли як хонавода – падар ва се писар офаридааст. Дар достони Саид Холзода сухан дар бораи марде меравад, ки се писар дорад. Сулҳ, Фитна ва Ҷанг, номҳои интихобкардаи шоир рамзӣ буда, фаъолияташон ҳам ба номашон мувофиқ аст. Ин навъи баён таърихи дурудароз дорад. Умумияти достони Саид Холзода бо ҳикояи «Чоҳ макан ба ҳар касе» дар ягонагии мавзуъ ва сюжет аст, аммо дар хотимаи достони шоир масъалаи байналмиллӣ- ҷанги байни Ироқу Исроил матраҳ мешавад.

Ин достон давоми мантиқии достонҳои тамсилии адабиёти классикӣ аст. Дар ҳикоя нависанда аз шакли ривоятии қисса оғоз мекунад: “Овардаанд, ки яке аз мулуки Акосира бори ом дода буд ва вазеъу шариф ба боргоҳ ҳозир шуда. Дар он миён марде бархост ва подшоҳро сано гуфт...” [4, с.202].

Саид Холзода қиссаро муфассал ва ба низом нақл мекунад:

Табиат бидода ба ӯ се писар,
Шудан ҳар кадоме ба фикри дигар.
Нахустинашон Сулҳ, Фитна дуюм,
Ба олам шуда Ҷанг номи сеюм [10, с. 156].

Номи фарзандон ба хулқу хӯяшон мувофиқ афтода буд ва падар боре хост фарзандонашро имтиҳон кунад:

Буди пайрави ном ботинашон,
Намегаштан аз расму оинашон.
Яке мақсади қалби ҳар сеашон,
Падар ҷумла санҷид дар имтиҳон [10, с.156].

Дар достони Саид Холзода имтиҳон кардани фарзандон аз ҷониби падар ба мақсади ошкор кардани садоқати онҳо амалӣ мегардад. Дар чашми падар хулқу атвори Сулҳ писандидатар буд:

Зи симу зару моли дунёи низ,

Фузунтар шуморид Сулҳро азиз.
Ки аз вай ҳамеша амонӣ будаш,
Амон бари зиндагонӣ будаш.
Зи Фитна дусад ранҷ будаш ба пеш,
Ки ҳар ранҷ зи заҳри сад мор беш.
Аз ин ҳам зиёда ситамҳои Ҷанг
Биовард ҳоли падарро ба танг [10, с.156].

Падар Сулҳро аз ду бародари дигар боло медонад, зеро ба Сулҳ эътимод бештар дорад, аммо аз Фитна дусад ранҷ, ки аз заҳри мор бадтар аст, мерасад. Аз ҷабри Фитна ситамҳои Ҷанг бадтар аст. Аммо падар роҳи халосиро намеёбад, зеро бо Ҷангу Фитна робитаи хунӣ дорад, яъне Ҷангу Фитна бародарони Сулҳанд. Падар пайваста бо Сулҳ машварат мекунад, аз маслиҳатҳои Сулҳ истифода мекунад. Аммо аз Фитна канора меҷӯяд. Ҷанг мағруру ҳавобаланд буда, бо миёнаравии Фитна гоҳ ёри ин гоҳ ёри он мешавад. Фитна дар ғазаб мешавад, ки Сулҳ назди падар азиз аст, аз ин рӯ роҳи нобуд сохтани ӯро меҷӯяд. Ин ҳолат дар ҳикояти “Чоҳ макан баҳри касе” дида намешавад. Ин масъала дар “Шоҳнома”-и Ҳаким Фирдавсӣ зимни нақли қиссаи Фаридун ва тақсим намудани олам ба писаронаш – Салму Туру Эраҷ ба назар мерасад. Нафрату бадбинӣ ба бародари хунии худ ва аз пайи нобуд кардани он дар ин достони “Шоҳнома” равшан ба назар мерасад.

Дар ҳикояти “Чоҳ макан баҳри касе” нависанда лаҳзаи бадгӯии ҳасуд пеши шоҳ бо он ифода меёбад, ки ҳасуд ба муваффақияти воизи накӯкор ҳасад бурда ба шоҳ мегӯянд: “ Ин марди воиз, ки подшоҳ бар шарафи қабул мушарраф гардонида, подшоҳро ба иллате ба хар нисбат мекунад ва мегӯяд, ки аз даҳони подшоҳ бӯи ганда меояд ва ин калима ба ҳар ҷой мунташир мегардонад...” [4, с.203]. Саид Холзода ҳамин лаҳзаро дар муносибати ҳасудонаи Ҷанг ва Фитна баён намудааст. Дар достони Саид Холзода Фитна бо нобуд кардани Сулҳ қонеъ нашуда, мехоҳад, ки ӯ бо дасти падар нобуд карда шавад. Фитна дар бораи Сулҳ бадгӯй карда, ӯро туҳмат менамояд, ки дар миёни аҳли деҳ дар бораи падар суханҳои ношоиста мегӯяд:

«Даҳони падар мекунад бӯи бад,
Ба ҷон омадам ман аз он бӯ зи ҳад.
Нишинам замоне ба паҳлӯи ӯ,
Надорад дилам тоқати бӯи ӯ» [10, с. 157].

Аммо падар ба гуфтаи Фитна бовар намекунад. Ҳамин лаҳза дар ҳикоёти Муҳаммад Авфии Бухорой низ оварда шудааст. Подшоҳ ба гуфтаи ҳасуд бовар намекунад ва далел талаб мекунад. Дар ҳикоёт марди ҳасуд барои исботи гуфтааш таъкид мекунад, ки “Бурҳони ин сухан он аст, ки подшоҳ ӯро бихонад ва наздики худ бишонад ва бо ӯ муфовиза дарпайвандад ва ӯ ҳар оина даст бар бинӣ ниҳад, он гоҳ зоҳир шавад (4, 203).

Саид Холзода ин лаҳзаро чунин тасвир мекунад, ки Фитна ба хотири бадном кардани Сулҳ роҳи ҳиларо пеш мегирад. Ба бозор меравад ва саримсоқ мехарад ва шурбо омода намуда, бародарашро даъват мекунад:

Бишуд Фитна берун зи назди падар,
Равон гашта бар фитнагоҳи дигар.
Пас аз он дохил ба бозор шуд,
Ба якбора чизе харидор шуд.
Харидаш будӣ Фитнаро сармисоқ,
Ки будӣ вай афзалтар аз ду қадоқ.
Ба гушти бара бурда якҷоя кард,
Ба дегаш ниҳода сари поя кард.
Ҳалим карда шӯрбо саҳаргоҳ пухт,
Худаш дидаро бар сари роҳ дӯхт.
Даме буд, ки Сулҳаш намоён бигашт,
Расид ӯ наздик, ба Фитна нагашт.
Зи ҷо хест Фитна саломаш намуд,
Муроот ба обу таомаш намуд [10, с.158].

миқдори ду қадоқ (воҳиди ченаки вазн ба 409, 5 г. баробар аст - С.Н.) сармисоқ (сирпиёз - С.Н.) харида, бо гӯшти барра якҷоя мепазад ва роҳи Сулҳро интизор мешавад:

Зи нон рӯ натобиду гардид равон,
Даромад ба хона, бишуд гирди хон.
Чу Фитна ба ҷону ҳолаш намонд,
Зи шӯрбои сирин ду косаш хӯронд.
Дили Сулҳ гардид аз ин малол,

Ки бӯи даҳонаш ба мисли камол.
Хиҷил буд чи сон ӯ ба пеши падар,
Салом медиҳад, медарояд зи дар [10, с.158].

Фитна хуб медонист, ки Сулҳ ҳатман ба назди падар меравад. Аз ин рӯ, ӯро маҷбур мекунад, ки аз ин шӯрбо бихӯрад. Сулҳ бо хӯрдани ин шӯрбо даҳонаш бадбӯ шуд, ҳангоми ба назди падараш рафтан даҳонашро бо дасташ баст, зеро меандешид, ки:

Мабодо ки табъи падар лат хӯрад,
Зи ман риштаи меҳрубонӣ бурад.
Чунин шубҳа бар устухонаш фитод,
Кафи дастро бар даҳонаш ниҳод [10, с. 158].

Дар ҳикояти “Чоҳ макан баҳри касе” нависанда ин ҳолатро чунин овардааст: “... рӯзи дигар пеш аз он ки марди воиз ба боргоҳ омадӣ, он марди ҳосид бархост ва ӯро ба хонаи худ бурд ва тутмоҷе (угро, як навъи хуроки хамирӣ- С.Н) пурсир сохт ва илҳоҳи (илтимос, исрор- С.Н) бисёр намуд, то воиз онро ба ифрот тановул кард.... Воиз аз бими он ки набояд он бӯй ба машоми подшоҳ расад, даст бар даҳону бинии худ ниҳод. Пас подшоҳ мутаяққин гашт, ки он сухан рост будааст...” [4, с.203].

Чунон ки мебинем, дар достони Саид Холзода ин ҳолат қариб монанд тасвир шудааст. Фақат шоир барои ҳалли муаммо ба воситаи навиштани мактуби ҳукм масъаларо ҳал мекунад. Падар бо дидани ин ҳол гуфтаҳои Фитна ба ёдаш омад, сахт аламаш кард ва дар хашм шуд. Он гоҳ мактубе навишт ва ба дасти Сулҳ дод, то онро ба Ҷанг расонад:

Бипечонд хатро, сари ӯ бибаст,
Набикшой гуфту бидодаш ба даст.
Бибар, бехиёнат расон, деҳ ба Ҷанг,
Ҷавобаш биёвар, маро деҳ ба чанг [10, с. 159].

Агар Саид Холзода Муҳаммад мактуб навишта бошад, Муҳаммад Авфии Бухороӣ низ дар ҳикоят навиштани руқъа барои воиз тасвир кардааст. Агар дар ҳикоят руқъаро аз дасти воиз марди ҳасуд гирад , дар асари Саид Холзода ин корро Фитна анҷом медиҳад. Сулҳ ба аспаш нишаста, мехост раҳсипор шавад, ки Фитна ногаҳон пайдо шуда, аз ӯ сабаби саросемагиашро пурсид. Сулҳ мақсади сафарро баён кард, Фитна баҳона намуда, мактубро аз дасти Сулҳ гирифт ва роҳи макони Ҷангро пеш гирифт. Дар хаёлаш Сулҳро бо Ҷанг шӯр андохта, ба ҳамин васила роҳи халосӣ аз Сулҳро ҷуст. Айнан ҳамин ҳолат дар ҳикоёти “Чоҳ макан баҳри касе” оварда шудааст: “... Пас подшоҳ мутаяққин гашт, ки он сухан рост будааст. Руқъае навишт ба наздики марзбон, ки чун орандаи руқъа ба ту расад дарҳол ӯро сиёсат кун. ...” [4, с.203]. Ҳосид аз ин руқъа бохабар шуда, зуд назди марди воиз омад ва гуфт:

- Чӣ бошад, агар аз роҳи карам ба ман диҳӣ ва миннат бар ман ниҳӣ? Марди воиз чун бомдод таоми ӯ хӯрда буд, музоқа накард ва он руқъаро ба вай дод. Ҳосид он руқъа назди марзбон бурд ва дарҳол ӯро ҳалок кард ва ҳарчанд фарёд кард, ки: Подшоҳ ин руқъаро дар ҳаққи касе дигар навиштааст, муфид набуд” [4, с.204].

Идомаи ин ҳикояро Саид Холзода чунин тасвир кардааст:

Чу омад даме Сулҳ бегоҳитар,
Даромад ҳамоно ба назди падар.
Падар дидааш дар тааҷҷуб бимонд,
Ягон ҷумла бар ӯ сухан ҳам наронд [10, с.160].

Бегоҳӣ, Сулҳ ба назди падар ҳозир мешавад. Падар аз дидани Сулҳ дар тааҷҷуб меафтад.

Замоне ба дарёи андеша банд,
Шуду боз сарро намуда баланд.
Ишорат намудаш ба наздики миз,
Ба пеши падар Сулҳ биншаст низ.
Вале дасти худро ҳанӯз бар даҳон,
Ба вақти такаллум ҳаме дошт он [10, с.160].

Баъд аз Сулҳ сабаби даҳонашро бо дасташ бастанро мепурсад:

Пагоҳӣ гузаштам, ба ҳолам намонд,
Саримсоқи шурбои Фитна хӯронд [10, с.160].

Дар ҷавоб Сулҳ ҳодисаи ба хонаи Фитна рафтану шӯрбои саримсоқӣ хурданаш ва бадбӯ шудани даҳонашро нақл карда мегӯяд:

Мабодо ба табъи зарифи шумо,
Ҳамин бӯ занад гуфтам, эй қиблагоҳ [10, с. 160].

Сипас, падар аз дурӯғи Фитна огоҳ мешавад ва номаеро, ки ба Сулҳ дода буд, пурсон мешавад.

Бигуфто ки: «Ҷонам фидои падар
Будам ҳамчу қосид ба Ҷанг номабар,
Зи назди шумо, ки ба дар омадам.
Ба Фитна ба роҳ сар ба сар омадам.
Вай он нома аз ман ба зурӣ ситонд,
Ба иҷрои хизмат таковар биронд [10, с.161]».

Сулҳ мегӯяд, ки онро ба зӯрӣ Фитна гирифта худ барои фиристоданаш камар баст.

Шоир суҳбати падару писарро анҷом надода, ба тасвири ҳолати Фитна мепардозад. Фитна бо нома давон ба назди Ҷанг меравад. Дарвозабонон Фитнаро ворид шудан ба қасри Ҷанг нагузоштанд. Фитна номаро пешниҳод кард. Дар он лаҳза Фитна чунон маст буд, ки оламу одамро намедид:

Чунон маст будӣ дар он лаҳза Ҷанг,
Ба чашмаш паланг гашта буд муши ланг.
Чу кайфу сафояш басе ҷӯр буд,
Ба назди вай одам кам аз мӯр буд… [10, с. 161].

Ҷанг номаро хонд ва амр дод, ки зуд анҷомаш диҳанд:

Сари нома бикшоду мастона хонд,
Саросар, ки фаҳмид, фармон биронд:
“Ба ҷо оваред матлаби номаро,
Нафаҳманд мардум чунин моҷаро!”
Чунин басту мазмуни он нома буд,
Ки ашк аз ду чашми тари хома буд.
Касе мерасонад ба ту номаро,
Напурсу сар аз тан ҷудо кун варо.
Пур аз коҳ намо пӯсташро фирист,
Наҷӯ номи ӯро, напурсаш ки кист”.

Фармони Ҷангро ҷаллодон зуд аз пайи иҷро шуданд:

Давиданду рафтанд ҷаллодҳо,
Бибастанд то Фитнаро дасту по.
Тани Фитна аз хун намуданд ранг,
Ба ҷо ovариданд фармони Ҷанг [10, с. 162].

Вақте Ҷанг ҳушёр шуд, сари буридаи Фитнаро дида, як лахт хун партофту ҷон дод.

Шоир баъд аз тасвири ин ҳолат ба тасвири нишасти Сулҳу падар мепардозад. Падар ба Сулҳ аз марги Фитнаву Ҷанг хабар дода, аз мақоли халқии «Чоҳкан зери чоҳ»-ро истифода намуда, хулоса мекунад, ки ҳар касе барои дигарон бадӣ мекунад, билохира дар чоҳи бало худаш гирифтор мешавад.

Хотимаи ҳикояти Муҳаммад Авфии Бухороӣ он аст, ки чун подшоҳ аз дурусткории воиз мутмаин гардид, хушнуд шуд.

Дар хотимаи достони Саид Холзода низ мантиқан ба ҳикоёти «Чоҳ макан баҳри касе» якранг аст, аммо шоир онро ба вазъияти сиёсии ҷаҳон марбут месозанд. Шоир ба мардуми Араб муроҷиат мекунад, ки рӯзе Фитна миёни Исроил ва Араб барҳам мехӯрад ва мардум аз балои фитнаву ҷанг раҳо шуда, ба Сулҳ мерасанд:

Ба мулки шумо кафтари бахт боз,
Кушояд қаноту занад бол соз.
Араббача озоду хандон шавад,
Насибаш чу мо боғу бӯстон шавад [10, с. 163].

Аз таҳлилу баррасии жанри достон дар эҷодиёти Саид Холзода ба чунин натиҷа расидем, ки шоир на танҳо дар эҷоди жанрҳои хурди лирикӣ ҳунар аз маҳорати баланд нишон додааст. Ҳамзамон чун шоири тавонои достонсарои халқӣ на танҳо аз адабиёти шифоҳӣ, инчунин аз адабиёти пурғановати классикӣ ва муосир огаҳ дар эҷоди жанри достон ҳунару маҳорати вижа доштанашро нишон додааст.

Забон, устухонбандӣ ва тарзу усули баёни хатти сужети воқеаҳо ва тасвири симои образу персонажҳои достонҳо хеле огоҳона ба риштаи тасвир кашида шудааст. Илова ба ин, барои ҳар достон тарзу усули хоси тасвир ва вазни мувофиқ интихоб ва мавриди баррасӣ қарор додааст. Ин гувоҳи он аст, ки шоир бо ин асарҳояш анъанаи достонсароии классикию муосири тоҷикро ба ҳам пайваста, ин анъанаи достонсароиро ривоҷу равнақ бахшидааст.

Хулоса. Саид Холзода аз осори классикон хуб огоҳ будааст. Ҳунари шоирии Саид Холзода то ҳаддест, ки аз як ҳикоя тавонистааст як достон офарад. Агар Муҳаммад Авфии

Бухороӣ образҳои подшоҳ, марди воиз, ҳосидро офарида бошад, Саид Холзода образҳои Сулҳ, Ҷанг ва Финаро офаридааст, ки барои равшану образнок тасвир шудани сюжети достон кӯмак кардаанд. Образҳои Ҷангу Сулҳ муқобили ҳамдигар ва Фитна миёнарав дар миёни онҳост. Саид Холзода мазмунро аз ҳикоёт гирифта, бо завки баланди эҷодӣ ва ҷаҳонбинии хоси худ тавонистааст як достони мукаммали иҷтимоӣ- ахлоқӣ ва маърифатӣ офарад. Бахусус, дар шароити кунунии ҷаҳонӣ таваҷҷуҳ ба Сулҳ ва маҳкум кардани Ҷангу Фитна ба мубрамии мавзуи достон далолат мекунад.

Адабиёт

1. *Асрорӣ, В., Амонов Р. Эҷодиёти даҳонакии халқи тоҷик [Матн] / В. Асрорӣ, Р. Амонов. – Душанбе: Маориф, 1980. – 303 с.*
2. *Асрорӣ, В. Адабиёт ва фолклор [Матн] / В. Асрорӣ. –Душанбе: Ирфон, 1967. – 276 с.*
3. *Асрорӣ, В. Жанрҳои хурди фолклори тоҷик. Қисми 2 [Матн] / В. Асрорӣ. –Душанбе, 1985. – 131 с.*
4. *Бухороӣ, М.А. Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ул-ривоёт. [Матн] / М. А. Бухороӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 320 с.*
5. *Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан [Матн] / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 400 с.*
6. *Мадизода У.М. Шеъри сармашқ ва равишҳои таъсирпазирӣ аз он (дар мисоли татаббуъоти Рашиди Ватвот, Саноӣ ва Саид Ҳасани Ғазнавӣ). Паёми ДДОТ ба номи С.Айнӣ. №5.(118) Душанбе, 2025. Саҳ. 214-221.*
7. *Мусулмонқулов, Р. Назарияи ҷинсҳо ва жанрҳои адабӣ [Матн] / Р. Мусулмонқулов. – Душанбе: Маориф, 1987. – 88 с.*
8. *Мусулмонқулов, Р. Назарияи адабиёт [Матн] / Р. Мусулмонқулов. – Душанбе: Маориф, 1989. – 24 с.*
9. *Мусулмонқулов, Р. Аз таърихи афкори адабӣ-эстетикии форсу тоҷик [Матн] / Р. Мусулмонқулов. – Душанбе: 1972. – 364 с.*
10. *Саидов, С. Холзода ва мероси адабии ӯ // Куллиёти ашъор [Матн] / С. Саидов. – Душанбе: Бухоро, 2013. – 383 с.*
11. *Раҳмонӣ, Р. Қосимӣ, С.А. Адабиёти гуфтории тоҷикон [Матн] / Р. Раҳмонӣ, С.А.Қосимӣ. – Душанбе: 2020. – 352 с.*
12. *Раҳмонӣ, Р. Фолклори тоҷикон: Дарсҳо аз адабиёти гуфторӣ [Матн] / Р. Раҳмонӣ. – Душанбе: МДМТ, 2021. – 534 с.*
13. *Раҳмонов, Р. Эҷодиёти гуфтории мардуми тоҷик [Матн] / Р. Раҳмонов. – Душанбе: Сино, 2008. – 112 с.*
14. *Рахмони, Р. (Рахмонов Р.). Простонародная литература современного Афганистана (Устная авторская поэзия на языке дари). Часть I, II [Текст] / Р. Рахмони. – М.: Квадрат, 1994. – 170 с.*
15. *Холзода, С. Куллиёти ашъор [Матн] / С. Холзода. Мураттиб ва муаллифи сарсухан ва тавзеҳот С. Саидов. – Душанбе: Бухоро, 2013. – 383 с.*

ТАЪСИРПАЗИРИИ САИД ХОЛЗОДА АЗ “ҶАВОМЕЪ-УЛ-ҲИКОЁТ ВА ЛАВОМЕЪ-УР-РИВОЁТ”-И МУҲАММАД АВФИИ БУХОРОӢ

Мақолаи мазкур ба омӯзиш ва таҳлили робитаҳои адабӣ миёни эҷодиёти шоири мардумӣ Саид Холзода ва асари машҳури Муҳаммад Авфии Бухороӣ «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт» бахшида шудааст. Дар он масъалаи таъсирпазирии адабиёти мардумӣ аз мероси классикии форсу тоҷик ҳамчун яке аз самтҳои муҳими ташаккули тафаккури бадеӣ ва ғоявии шоир мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтааст.Муаллифи мақола кӯшиш намудааст, ки манбаъҳои ғоявӣ, мазмунӣ ва бадеии эҷодиёти Саид Холзодаро муайян намуда, дараҷаи таъсири асари Муҳаммад Авфиро ба услуб, сохтор ва муҳтавои ҳикоятҳои ӯ таҳлил намояд. Дар ин раванд, робитаи анъанаҳои ҳикоятнависии классикӣ бо шаклгирии ҷаҳонбинӣ ва услуби инфиродии шоир бо истифода аз усули таҳлили муқоисавӣ баррасӣ гардидааст.Ҳамчунин дар мақола ҷанбаҳои бадеӣ, образофарӣ ва истифодаи мотивҳои анъанавӣ, ки аз «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт» сарчашма мегиранд, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки ин асар на танҳо манбаи ҳикоятҳои ахлоқӣ ва таълимӣ, балки сарчашмаи муҳими ташаккули услуби бадеии Саид Холзода мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқ собит месозанд, ки мероси Муҳаммад Авфӣ дар рушди тафаккури эҷодӣ ва услуби ҳикоятнависии Саид Холзода таъсири назаррас гузоштааст.

Калидвожаҳо: Саид Холзода, ривоят, ҳикоят, Ҷомеъ, Авфӣ, адабиёт, ашъор, осор.

ВЛИЯНИЕ «ДЖАВАМЕЪ-УЛ-ХИКОЁТ ВА ЛАВОМЕЪ-УР-РИВОЁТ» МУҲАММАДА АВФИ И БУХАРИ НА ТВОРЧЕСТВО САИДА ХОЛЗОДЫ

Данная статья посвящена изучению и анализу литературных связей между творчеством народного поэта Саида Холзода и известным произведением Муҳаммада Авфи из Бухары «Джавамеъ-ул хикоёт ва лавомеъ-ул ривоёт». В ней рассматривается проблема влияния классического наследия персидско-таджикской литературы на народную литературу как одно из

важных направлений формирования художественного мышления и идейного содержания поэта. Автор статьи стремится определить идейные, содержательные и художественные источники творчества Саида Холзода, а также проанализировать степень влияния произведения Муҳаммада Авфи на стиль, структуру и содержание его рассказов. В этом процессе с использованием сравнительно-аналитического метода рассматривается связь традиций классического повествования с формированием мировоззрения и индивидуального стиля поэта. Также в статье анализируются художественные особенности, образность и использование традиционных мотивов, восходящих к «Джавамеъ-ул хикоёт ва лавомеъ- ул ривоёт». Автор показывает, что данное произведение является не только источником нравоучительных и дидактических рассказов, но и важным фактором формирования художественного стиля Саида Холзода. Результаты исследования подтверждают, что наследие Муҳаммада Авфи оказало значительное влияние на развитие творческого мышления и повествовательного стиля Саида Холзода.

Ключевые слова: Саид Холзода, предание, рассказ, «Джамеъ», Авфи, литература, поэзия, проза.

INFLUENCE OF "JAVAME' AL-HIKAYAT WA LAWAMI' AL-RIWAYAT" BY MUHAMMAD AVFI OF BUKHARA ON THE CREATIVE WORK OF SAID KHOLZODA

This article is devoted to the study and analysis of literary relations between the creative work of the folk poet Said Kholzoda and the well-known work of Muhammad Avfi of Bukhara, "Javame' al-Hikayat wa Lawami' al-Riwayat." It examines the influence of the classical heritage of Persian-Tajik literature on folk literature as one of the important directions in the formation of the poet's artistic thinking and ideological content.The author aims to identify the ideological, thematic, and artistic sources of Said Kholzoda's творчество, as well as to analyze the degree of influence of Muhammad Avfi's work on the style, structure, and content of his narratives. In this process, using a comparative-analytical method, the relationship between classical narrative traditions and the formation of the poet's worldview and individual style is examined.The article also analyzes artistic features, imagery, and the use of traditional motifs originating from "Javame' al-Hikayat wa Lawami' al-Riwayat." The author shows that this work is not only a source of moral and didactic stories but also an important factor in shaping the artistic style of Said Kholzoda.The results of the study confirm that Muhammad Avfi's heritage had a significant influence on the development of Said Kholzoda's creative thinking and narrative style.

Keywords: Said Kholzoda, legend, story, "Jame'," Avfi, literature, poetry, prose.

Дар бораи муаллиф
Самизода Нисо Шарбат
Ассистенти кафедраи назария ва таърихи адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-maiI: samievan.1977@mail.ru

About the author
Samizoda Niso Sharbat
Assistant of the department of theory and history of literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-maiI: samievan.1977@mail.ru

Об авторе
Самизода Нисо Шарбат
Ассистент кафедры теории и истории литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-maiI: samievan.1977@mail.ru

ТДУ 070.195:791.44 (575.3)

НАҚШИ ШОУМЕН, МОДЕРАТОР ВА ИНТЕРВЮЕР ДАР ТАҲИЯИ ТОК-ШОУ

Азизов Ф. Ш., Хоҷазод С.
Муассисаи давлатии "Телевизиони Сафина"
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Журналистикаи телевизион яке аз бахшҳое ба ҳисоб меравад, ки нисбат ба он таваҷҷуҳи олимони соҳа кам сурат гирифтааст. Вобаста ба бахшҳои фаъолияти эҷодӣ, мушкилоти кадрӣ, жанрҳои телевизионӣ, техника ва технологияи телевизион китобу дастурамалҳо нисбатан кам рӯи чоп омадаанд. Доир ба жанрҳои телевизион низ дар таҳқиқҳои олимони тоҷик маълумоти лозима пайдо намудан мушкил аст. Ба ин хотир бештар ба адабиёти хориҷӣ мутахассисон руй меоранд. Фазои фаъолияти корманди телевизион нисбат ба чанд даҳсолаи пеш дигаргун гардидааст. Уҳдадориҳои нав, корсозиҳои тоза ва шаклгирии барномаҳо низ дигар шудааст. Пеш аз ҳама ин дигаргуни ба рушди бемайлони техника вобастагӣ дорад. Пайдо гардидани жанрҳои нисбатан тоза низ бозёфти вақт ба ҳисоб меравад. Зеро телевизион имрӯз дар баробари интернет бояд тавонад то бинандаи худро қонеъ намояд. Муҳаққиқ Е. Прохоров навиштааст, ки «вазифаи журналистика аз маҷмуи масъулиятҳои он, аз хусусияти иҷро карда шудани онҳо иборат аст. Вазифаи журналистика чи тавре, ки бошад нақши он дар иҷтимоъ ба он вобаста мешавад ва хусусияти фаъолияти журналистон низ аз он сарчашма мегирад» [13, с. 87].

Ток-шоу барои ҷомеъаи ҷаҳон жанри нав нест вале барои ҷомеаи Тоҷикистон нисбатан нав ба ҳисоб меравад. Зеро тақрибан дар фаъолияти 70 солаи Телевизиони Тоҷикистон барномаи мукаммале дар жанри ток-шоу рӯи кор наомад то муҳимияти ин жанрро муаррифи карда тавонад. Барномаҳои бисёре дар чаҳорчубаи ток-шоу омода мешаванд вале ба таври бояду шояд дар фазои иттилоотӣ нақш бозида наметавонанд. Ин коргузорӣ чанд мушкилоти хосаро дар фаъолияти корманди телевизион ба миён меорад.

1. Дар Тоҷикистон шоумен омода карда намешавад.
2. Онҳое,ки имрӯз муаллифи ток-шоу дониста мешаванд жанри мазкурро хуб намедонанд.
3. Миёни телевизион ва тамошобин ҳануз фосилаҳо мавҷуд мебошанд.
4. Телевизионҳои Тоҷикистон барои сохтани ток-шоу сарпарастони беруна надоранд.

Ток-шоу майдони ифодаи фикру мулоҳиза мебошад, зеро ин шакли барномасозӣ ба як мавзуи хоса пойбанд набуда, дар он чандин мавзуъҳои дигари ба мавзуи асосӣ алоқаманд матраҳ мегарданд. Ток-шоу аз дигар жанрҳои телевизион фарқ мекунад. Саҳнаи ток-шоу, қаҳрамон ва ҳатто аудиторияи ин намуди барномаҳо фарққунанда мебошанд. Гоҳо мешавад, ки аудитория ба ровӣ итоат намекунад. Дар студия ҳатто муштзанӣ низ ба миён меояд. Барои баъзеҳо имконияти изҳори андеша кардан фаро намерасад. Ин ҳолатҳо аз намунаҳои диққатҷалбкунии барнома ба ҳисоб мераванд. Дар аксари барномаҳо пешниҳоди як андеша сабаби идеяи нав барои барномаи дигар мегардад ва аз баҳси ба миён омада м авзуи барномаи оянда интихоб мегардад. Занҷирбанд баррасӣ шудани мавзуъ бинандаро ба барнома наздик месозад. Муҳаққиқ тоҷик А. Қутбиддинов навиштааст, ки «воқеият ин ҷиддияти мавзуъро ошкоро изҳор кардан аст, ки дар навбати аввал ба мавқеи муаллиф ва маърифати ӯ вобастагии амиқ дорад» [7, с.59].

Шоумен имрӯз дар телевизион нақшу ҷойгоҳи махсус пайдо карда истодааст. Як шоумени муваффақу донишманду кордон метавонад, ки ҳатто маҳбубияту нуфузи як телевизионро баланд гардонад. Шоумен дар шароити имрӯза дар ҳаллу фасли масъалаҳои фарҳангӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ болотар аз чандин шореҳ мақом дошта метавонад. Ин ба ҳунари ӯ вобастагӣ дорад, ки барномаи худро чӣ тавр ба роҳ мемонад. Ин ҳолатро метавон дар дилхоҳ барномаҳои шабакаҳои ватанӣ мушоҳида кард. Ба андешаи муҳаққиқон Давронов Д. ва Раҳмонова Ҷ. дар ҳошияи фаъолияти шоумен чанд ҳунари дигар илова мешавад: «Ровӣ– журналист бояд донишҳои сиёсиву ҳуқуқӣ, фалсафию психологӣ ва журналистию актёрӣ дошта бошад» [4, 156]. Шоуменро аксар муҳаққиқон чун корманди театр ва кино (актёр) мешиносанд ва аз ин ҷиҳат омодагиву намои зебои зоҳирии ӯро дар саҳнаи телевизион муҳим арзёбӣ мекунанд: Шоумен актёри саҳнаи телевизион аст. Хеле зиёд мушоҳида менамоем, ки барандагони шоуҳо ғайримуқаррарӣ ба назар мерасанд. Аммо дар ҳама ҳолат

барои онҳо талаботи махсус роиҷ аст. Шоумен ҳамчун истилоҳ барои илми журналистика нисбатан нав буда, аксари шоуменҳо низ ҷавонон мебошанд. Дар ток-шоу агар дар робита ба завқу эҷодкорӣ бештар журналистони ботаҷриба муваффақ бошанд ҳам, аммо дар телевизионҳои ватанӣ майли ҷавонон ба он бештар мушоҳида мешавад. То кадом андоза мусбат будани ин ҷараёнро баҳогузорӣ кардан мушкил аст, зеро шоумен дар заминаи донишҳову ҷаҳонбиниву таҷрибаҳо барномаи хубро таҳия карда метавонад. Аз ҳамин лиҳоз дар баъзе ҳолатҳо ихтилофи назари муҳаққиқон низ дар ин масъала мушоҳида мегардад. «Аксари барандагони барномаҳои ток-шоу ҷавонон мебошанд ва гумон доранд, ки ин кор осон аст. Аз ҷониби дигар бояд гуфт, ки ҷавонон барномаи ток-шоу сохта наметавонанд» [22, 196]. Андешаи болоро публитсист И. Мирзоев ҷонибдорӣ намуда, ҳамчун корманди собиқадори соҳа чунин меандешад: «...барандаҳо бояд чеҳраи зебо, саводи баланд, садои фораму ширадор, сару либоси шинаму фарҳанги волои муошират дошта бошанд» [10, с. 87].

Шоумен публитсисти фаъоли ҳамабинест, ки бо назардошти уфуқҳои мавзуъ интихоби дурусти иштирокдоронро таъмин менамояд. Ба ин хотир, даъват намудани шахсони маъруф ва аз нигоҳи равониву сиёсӣ дида баромадани мушкилот ба чӣ гуна муносибат намудани ӯ ба мавзуъ вобаста мебошад. Дар кадом ҳолате набошад, шоумен бояд маълумоти барояш лозимаро аз мутахассисон бигирад. Дар он ҳолат меҳмонон ва бинандагон ба ӯ бовар менамоянд. "Ба бинандагон асли воқеаро расонидан, образҳои ҳақиқиро офаридаву паҳлуҳои аҷиби ҳаёти мардумро тасвир намуда тавонистан талаботи онҳост". Хулосабарориву ҳукми шоумен дар барнома нақши калон дорад. Ӯ бояд ҷумлаҳои обшустаро ба забон наорад. Мураккабгаёниву суханбозиҳои печида муваффақияти кори ӯ нест. Маҳз аз суханони хулосавӣ муайян кардан мумкин аст, ки то чӣ андоза мавзуи барнома матраҳ гардидааст. Агар ровии барнома дар охир иброз дорад, ки дар барномаҳои дигар ба ин мавзуъ бармегардем, маълум мешавад, ки ӯ маълумоти лозимаро пайдо накардааст ва ё ҳанӯз дар атрофи воқеаи руйдода хулосагирӣ нашудааст. Дар шабакаҳои Тоҷикистон тамоми коргузорӣ ба дӯши муаллифи барнома аст, аз даъват намудани одамон то ба эфир супоридани барномаро барандаи намоиш худ иҷро мекунад.

Дар шабакаи НТВ-и Русия соли 1999, вақте ки нахустин ток-шоу ташкил карда мешавад, шуъбаи махсусе баҳри даъвати меҳмонон ташкил меёбад. Дар шуъбаи мазкур ҳуқуқшиносон, сиёсатмадорон ва забондонҳо ба кор ҷалб карда мешаванд, ки ҳар як нафар тарзи кори худро дорад. Барои интихоби шоумен дар Русия аз 3 то 9 моҳ озмун доир карда мешавад. Дар барномаҳои ток-шоу журналист танҳо журналист нест, зеро дар рафти барнома нақшаи пешакӣ тағйир меёбад ва ё ягон мушкилоти пешниҳодшударо омӯхтаву миёни аудитория матраҳ кардан лозим меояд. Гоҳ-гоҳ мавзуъ низ дар рафти барнома метавонад дигар самт бигирад, танҳо шоумен қудрат дорад дар ин ҳангом аудиторияро муттаҳид созад. Рағбатангезу шавқовар пешниҳод кардани матлаб дарки ҳақиқатро барои бинандаи студия ва аудиторияи телевизион осон менамояд. Дар ин маврид «…ба бинанда дар шакли марғуб пешниҳод кардани ҳақиқати зиндагӣ» [12, с. 58]-ро ба касбияту таҷрибаи журналисти телевизион вобаста медонанд. Муаллиф ва ё муҳаррире, ки дар ин самт, яъне барои омода намудани барномаҳои ток-шоу кор мекунад, миёни мардум маҳбубият пайдо менамояд.

Як рукни муҳим дар фаъолияти шоумен барандаи хуби суҳбат будани ӯст. Бояд забони ӯ оммафаҳм бошад, вале кӯшиши забондонияшро нишон додани ӯ ҳеҷ гоҳ ба фоидаи кор нест. Дурудароз ва дилбазан баён кардани матлаб барои муаррифӣ кардани як нафар натиҷаи баръакс медиҳад; нуфузи барномаро мекоҳонад. Мураккабгаёнӣ ва печидагӯйӣ барои барномаи шоу монеа дар баёни ҳадаф аст. «…аз ҷумлаҳои печида ва таркибии мураккаб бояд ҳазар кард. Ҷумла бояд содаву фаҳмо бошад. Факту далелҳои муҳимро такрор кардан мумкин аст. Аз нигоҳи дигар, дар гирди як чеҳраи телевизион ҷамъ омадани аудитория боз ҳам ба он боис мешавад, ки ровии барнома мақоми дигар бигирад, яъне нуфузаш бештар гардад. Саҳнаи аслӣ ва ё диққатбахши ток-шоу аслан дар саволу ҷавоби рӯ ба рӯ бо аудитория мебошад. Агар ба ин жанри хосса мо хоҳем, то рамзи (символ) махсус дода бошем, ягона чизе, ки метавонад онро муаррифӣ намояд, ҳамин саволу ҷавоб аст.

Муҳаққиқони тоҷик дар ин ҳолат Познери машҳурро намунаи ибрат медонанд: «Владимир Познер дар аксар барномаҳои худ бо сиёсатмадорони дохиливу хориҷӣ мунозара мекунад. Новобаста ба хоҳиши мусоҳиб, ба мусоҳиби худ саволҳои ногувор медиҳад ва мехоҳад ба он ҷавоби мушаххас гирад. Ӯ озод аст. Мундариҷаи матнро пурра омӯхтааст. Дар бораи мусоҳибаш маълумоти кофӣ дорад» [19, с. 87]. Ин коргузори муҳаббати ӯро ба

бинанда бештар менамояд.Ширкати одамон дар аудитория танҳо ба хотири сухан гуфтан нест, гоҳе кафкӯбӣ намудану ханда кардан ва ё таваҷҷуҳи онҳо метавонад нақши хоссае дошта бошад. Шоумен фаъолияти хоссаест, ки на дар ҳама намуди барномаҳо нақш дошта метавонад. Шоумен идоракунандаи барномаҳои шоу аст. Агар ба маънои аслии он диққат диҳем, аз ду калимаи англисии «шоу» ва «мен» иборат аст ва маънои «шоу»-намоиш ва «мен»-инсонро дорад. Яке аз мутахассисони соҳа Комлов Н. дар асари худ «Луғати калимаҳои хориҷӣ» менависад, ки «шоумен-ровӣ ва ё иштирокчии фаъоли барномаҳои мусиқӣ, консертҳо, ва ё викторинаҳо мебошад» [6, с. 125].

Дар адабиёти дигар шоумен бо синонимҳои артист, ровӣ, пешниҳодкунанда, ҷамъкунанда, корманди театр, ҳаҷвнигорва ғайра ёд мешавад. Муҳаққиқ Г. Кузнетсов суҳбати содаву фаҳмо ва ба сифати ҳунарманди саҳнаи театр баромад кардани барандаро [9, с. 117] нишонаи аслии ток-шоу медонад.

Ин масъаларо муҳаққиқони тоҷик низ махсус қайд кардаанд, ки шоумен ҳунарманди зирак аст. Мушоҳидаву таҳқиқҳои онҳо нишон медиҳанд, ки шоумен аз як ҷониб ба масхарабозу ҳунарманди театр монанд аст. «Фил (нахустин офарандаи ток-шоу) ба иштирокчиён мегуфт: «Аз саволҳои аблаҳона ҳазар накунед. Ман худам аблаҳтарини аблаҳон ҳастам. Ҳар тарзе, ки мехоҳед, ҳиссиётатонро баён кардан гиред». Барои он ки онҳо худро озодтар ҳис кунанд, масхарабоз Эни Шаллеро ба намоиш даъват кард» [16, с. 78].

Дар ин ҷо бояд изҳор намуд, ки фаъолияти шоумен берун аз телезион низ сурат гирифта метавонад, яъне ӯ метавонад барпокунандаи барномаҳои консертӣ, барномаҳои театрӣ дар театр, бозор ва ё дигар маконҳо бошад, зеро дар он ҷо низ ӯ миёни мардум аст ва ҳар он чизе мегӯяд, барои ҷалби одамон аст. Аксари шоуменҳо фаъолияти худро дар шабакаҳои телевизионӣ ва ё радио оғоз намудаанд ва маҳз ҳамин фаъолият тавонистааст онҳоро миёни ҷомеа маъруф намояд, зеро шоумен мутахассисест, ки қудрати ташкил намудани барномаҳои ғайричашмдоштро дорад. Ӯ метавонад барномае пешниҳод намояд, ки диққатҷалкунанда бошад ва дар хотирҳо монад. Фаросат ва идроки васеи шоумен дар пуробуранг гардидани барнома нақш дорад.

Бо пайдо гардидани ток-шоу дар телевизион фаъолияти хосае пайдо шуд. Шахсе, ки пеш аз барнома рафти онро нақшакашӣ мекунад, ӯро аслан «модератор» меноманд. Дар ин маврид тафовути комил гузоштан дар миёни ин истилоҳҳо аз рӯйи мантиқ нест. Миёни кормандони телевизион чеҳраҳое ҳастанд, ки ҳар як барнома аз нигоҳи онҳо сурат мегирад. Инҳо муаллиф, муҳаррир, коргардон, наворбардор мебошанд. Модератор дар ток-шоу яке аз чеҳраҳое ба ҳисоб меравад, ки тақрибан аз замони ба миён омадани ток-шоу пайдо шудааст. Ин шахс дар барномаҳои ток-шоу бештар аз ширкаткунандагон нақш дорад. Ба вазифаҳои асосии модератор дохил мешавад:

а) андешаҳои бегонагонро инкор кардан;

б) қироати як қисми мавод ва ё ба инобат нагирифтани қисми дигар;

в) аз баҳри муроҷиаткунандагон (тариқи телефон ва ё интернет) гузаштан;

г) манъ намудани дилхоҳ муштарӣ барои тамошои мавод дар интернет»

д) ҷавоб додан ба саволҳои муроҷиаткунандагон тариқи нома ва ё телефон.

Модератор дар ток-шоу ба ғайр аз назорати сайти интернетии барнома боз вазифаҳои дигар дорад. Ӯ яке аз идоракунандагони аудитория ба ҳисоб меравад, зеро бештари кори ӯ бо меҳмонон сурат мегирад. Ӯ аудиторияро ҷо ба ҷо менишинонад, муайян мекунад ки, кӣ бояд сухан гӯяд ва ё пас аз кӣ сухан гӯяд. Пеш аз барнома нақши ӯ барои омода намудани меҳмонон калон аст. Бо асабҳои меҳмонон бозӣ намудану онҳоро ба сухан даровардан кори осон нест. Ӯ меҳмононро, ҳатто чӣ гуна нигоҳ доштани микрофон ва ё бо пулт чӣ гуна кор карданро меомӯзонад. Ин намуди коргузорӣ ҳанӯз аз оғози ток-шоу дар барномаҳои телевизионҳои Амрико пайдо шуда буд. Имрӯзҳо бештар дар барномаҳои ток-шоуи телевизионҳои Русия ва Украина аз хизмати модератор истифода мешавад.

Дар барномаҳои ток-шоуи ватанӣ ин вазифа вуҷуд надорад ва онро як омили рушд накардани жанри ток-шоу дар баробари чанд омили дигаре, ки аз ҷониби муҳаққиқи соҳа М. Орипова зикр шудааст, донистан мумкин аст. «Надонистани асосҳои журналистӣ, тақрибаи нокифоя, маоши ночиз ва дигар омилҳо монеаи рушди жанр дар телевизион аст» [12, с. 52]. На танҳо дар Тоҷикистон, балки дар кишварҳои ҳамсояи мо, ба мисли Қирғизистону Авғонистон ва ҳатто Ӯзбекистон истифода аз жанри ток-шоу на он қадар фаъол аст, яъне дар

ин кишварҳо низ то ҳол дар барномаҳое, ки хусусияти ток-шоуро доранд, танҳо муаллиф ва коргардон бори заҳмати барномаро мекашанд.

Модератор дар ток-шоу вазифаи ёрирасонро мебозад. Масалан, дар қатори меҳмонон нишаста, ба кӣ сухан додани ровиро муайян мекунад. Дар ҷое, ки бояд мардум бихандад, аввалин шуда механдад ва ё чаппак мезанад, яъне яке аз ширкаткунандагонест, ки меҳмононро роҳ нишон медиҳад. Маълум аст, ки сохтори ток-шоу аз саволу ҷавоб иборат аст ва на ҳама саволҳо дар барнома ба мақсад наздик ҳастанду на ҳама ҷавобҳо ба хости барномасоз мувофиқанд. Ба ин хотир яке аз вазифаҳои модератор он аст, ки аудиторияро ба мақсад наздик намояд. Ин коркард сабаби ба миён омадани хати сужа дар ток-шоу ва мақсаднок истифода намудани вақти барнома мешавад. Дар барномаҳои ток-шоу мушоҳида мешавад, ки ба саҳна бештар шахсони маъруфи ҷомеа даъват шудаанд. Маъруфияти меҳмонон то андозае кори шоумен ва модераторро мушкил менамояд, зеро сенария тағйир меёбад. Дар баъзе мавридҳо ин гуна меҳмонон метавонанд ба шоумен кумак намоянд, зеро сенарияи суҳбати онҳо ҳамеша тайёр аст. Ҳар як шабакае, ки дар он ток-шоу омода мешавад, бояд як зумра модераторҳои «штатӣ» дошта бошад, зеро нақши модератор, махсусан барои барномаҳои шифоҳӣ калон аст.

Баъзе навъҳои коргузории модератор ба корсоз монанд аст. Корсоз аслан хоси телевизионҳои ватанӣ мебошад. Ҳарчанд дар барномаҳои шабакаҳои ватанӣ кам дида мешавад, ки корсоз дар барнома иштирок намояд, вале хусусиятҳои даъвати меҳмонон, даъвати онҳо ба студия, таъмин бо ҷойи нишаст ва омода намудани онҳо ҳамон қисми коре мебошад, ки ба вазифаи модератор дохил мешавад. Вале бояд гуфт, ки миёни фаъолияти корсоз ва модератор фарқи хоса ҷой дорад. Аввал, ин ки корсоз танҳо дар як барнома нест, ӯ фаъолияти худро дар фазои як идора ба роҳ мемонад ва ҳамеша кӯшиш менамояд, то ба тамоми барномаҳои идора расидагӣ намояд, аммо дар барномаҳои ток-шоуи дигар давлатҳо (Русия, Украина, Амрико ва ғайра) модератор танҳо барои як барнома фаъолият менамояд, ки гувоҳи аз нигоҳи молиявӣ иқтидор доштани барнома аст.

Ин коргузорӣ дар чорчӯбаи пахши эфири барнома муайян карда мешавад. Дар шабакаҳои телевизионии ватанӣ пахши барномаҳо аслан дар ҳафта як маротиба ба нақша гирифта мешаванд. Дар бештари шабакаҳое, ки ток-шоу омодаву пахш мешавад, як барнома тамоми рӯзҳои ҳафта сабт ва пешниҳод мегардад. Хусусияти дигари амали модератор дар он аст, ки ӯ метавонад дар шаклҳои гуногуни фаъолият нақш дошта бошад. Масалан, фаъолияти наворбардории модератор, ки ҳамчун ёвари наворбардор фаъолият карда метавонад. Фаъолияти ин корманд аз он иборат аст, ки таҷҳизоти наворбардориро омода месозад ва ё баъд аз кор таҷҳизотро соҳибӣ мекунад, сабти барномаро ба танзимгар бурда мерасонад. Ҳамзамон, дар фаъолияти коргардон низ ба ҳамин монанд модератор метавонад бошад. Ӯ пеш аз коргардон саҳнаро омода месозад, рафти фаъолияти наворбардоронро назорат мекунад ва ба сифати сабт ҷавоб мегӯяд. Модератор метавонад дар фаъолияти танзимгарон низ бошад.

Ин ҷо масъалаи меҳнати сарҷамъонаи ҳайати барнома ба вуҷуд меояд, ки дар телевизионҳои мо хеле ҳақиронаву ночиз мебошад. «Дар таҳияи барномаҳои телевизион кам андар кам намояндагони 40 касбу кор аз ҷумла сармуҳаррир, муҳаррири калон, муҳаррири хурд, саркоргардон, коргардонҳои дараҷаи гуногун, ёварони коргардон, корсозҳо, наворбардорони дараҷаҳои гуногун, тасвирбардорон, садобардорон, рӯшноидиҳандагон, рассомон ва ғайра ширкат мекунанд» [2, с. 212].

Табиист, ки дар ифшои ин ҳақиқат дар ток-шоуи имрӯза танҳо оператор нақш надорад, балки дар ҳошияи кори ӯ саҳми дигарон низ вуҷуд дорад. Ин омил аз назари муҳаққиқони хориҷӣ низ дур намондааст. «Унсурҳои бунёдии тавлид дар системаи густурдаи телевизион аз дурбин, таҷҳизоти наворпардозӣ, таҷҳизоти садо, дастгоҳи сабти видео, мизи фармонӣ, тадвин ва воҳиди эҷодӣ, ҷилваҳои вижа иборат аст» [14, с. 277].

Ин ҳолатҳо вобаста ба шаклҳои ток-шоу гуногун мешаванд. Масалан, дар сурате, ки ток-шоу сабт мешавад, бештар фаъолияти модератор ба назар мерасад, аммо вақте ток-шоу мустақиман пахш мешавад, он ҷо кори модератор танҳо омода намудани студия ва аудитория аст.

Дар фестивали «В месте медиа–2016» муассиси кулли ширкати «Коммерсантъ FM» Анатолий Кузичов андешаҳои худро перомуни жанри ток-шоу баён дошта гуфт, ки ток-шоу

яке аз мушкилтарин ва баҳсомезтарин жанр ба ҳисоб меравад. Ток-шоу, пеш аз ҳама, машғулияти интелектуалӣ аст.

Дар барномаи ток-шоу дар баробари шоумен ва модератор чеҳраи дигаре низ ҳаст, ки нақши хосае дорад. Ин чеҳраро "интервюер" меноманд. «Интервюер, модератор ва шоумен дар рафти барнома аз баёни таҳлилҳову ҳукмҳои инфиродӣ худдорӣ мекунанд. Ҳамин ҷиҳат хосияти фарқкунандаи онҳоро бо шореҳ ба вуҷуд меоварад» [20, с. 198].

Фаъолияти ӯ вобаста ба пешниҳоди барномаҳо гуногун аст. Шоумен, модератор ва интервюер се фаъолиятест, ки дар ҳолати аввал аз ҳамдигар фарқкунанда ба ҳисоб мераванд, вале дар якҷоягӣ ин се нафар метавонанд ба барномаи ток-шоу ҳусни нав зам намоянд. Фаъолияти ин се нафар ба ҳам монанданд, ки дар муошират бо аудитория ифода меёбад. Ин кор аз фаъолияти мухбирон болотар аст, зеро агар мухбир танҳо барои гирифтани як сужа талош кунад, интервюер ва шоумен то охири ток-шоу ба он талош мекунанд, ки барнома диданӣ омода шавад. Дорои ҳадафи ҷамъиятӣ будан хоси барномаҳои ток-шоу мебошад, зеро аудиторияе, ки дар барнома ҷамъ мешавад, худ камтарин ҷамъият ба ҳисоб меравад ва пешниҳод гардидани андешаҳо аз намояндагони табақаҳои гуногун маънои онро дорад, ки мавзуъ ҳадафи ҷамъиятӣ мегирад. Фаъолияти мусоҳиб дар ток-шоу нисбат ба дигар жанрҳо фарқ мекунад, зеро ин ҷо ӯ на танҳо барои гирифтани мусоҳиба аз як нафар, балки барои ба даст овардани андешаҳои гуногун ва зиёд кӯшиш мекунад. Интервюер (мусоҳиб) бояд инсони зирак ва доно бошад, то одамонро зуд ва хуб дарк карда тавонад. Дар ток-шоу дар баробари он ки сужа омода менамояд, боз дар студия ширкат намуда, дар рафти барнома микрофонро барои изҳори назар ба назди ин ва ё он меҳмон мебарад.

Шоистаи тазаккур аст, ки шоумен, модератор ва интервюер дар ҳамбастагии фаъолият метавонанд сабабгори муваффақона ҷараён гирифтани барнома гарданд. Аз ин рӯ, муҳаққиқон низ алоқамандии бевоситаи фаъолияти онҳоро таъкид намудаанд, ки дар ҳақиқат ҳам, ниҳоят муҳим аст. Набудани яке аз ин шахсон сабаби хуб набаромадани ток-шоу мешавад. Зеро дар кори телевизион фаъолияти колективӣ мавқеъи хоса дорад. Мушкилоти асоси дар фаъолияти барномаҳои шифоҳии ватанӣ он аст, ки кори баъзе аз шахсон (интервюер ва модератор) дар барномасозӣ нодида гирифта мешавад. Ин вазифа ба дӯши муаллифи барнома ҳавола карда мешавад, ки гоҳо пурра иҷро намегардад. Ба ин хотир на ҳама барномаҳо диданиянду мондагор.

Адабиёт

1. *Азимов А. Маҳорати таҳлилгарии журналисти телевизионӣ. - Душанбе, 2013. – 70 с.*
2. *Абдусаломова, Р. Наттоқ чеҳраи телевизион / Р.Абдусаломова.–Д.: Девештич, 2008–226 с.*
3. *Гулов С, Раҳмонова Ҷ. Воситаҳои ахбори омма оё оина буданд// Меваи истиқлол (маҷмуаи мақолаҳо).-Душанбе: Озар, 2006. 54 с.*
4. *Давронов Д, Раҳмонова Ҷ. Ҷаҳони муосир: мавқеи садо ва симо.-Душанбе, 2012.-156 с.*
5. *Журналистикаи байналхалқӣ – № Х (маҷмӯи мақолаҳо).- Душанбе, 2019. - 204 с.*
6. *Комлов, Н.Г. Словарь иностранных слов [Текст] / Н.Г Комлов. – М., 2006. –125 с.*
7. *Қутбиддинов, А., Раҳмонова, Ҷ. Хосияти публитсистика [Матн] / А. Қутбиддинов, Ҷ.Раҳмонова. – Душанбе, 2018. – 164 с.*
8. *Қутбиддинов, А. Роҳ ба сӯи эҷод / А. Қутбиддинов. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 108 с.*
9. *Кузнецов, М, Цыкунов И. Практическая психология PR и журналистики.– М.: «РИП-холдинг», 2004.–148 с.*
10. *Мирзоев И. Рукни чорум. - Душанбе: Матбуот, 2012.*
11. *Неъматова С. Назаре ба фаъолияти воситаҳои электронии ахбори умум// Матбуоти муосири тоҷик: пешомад ва проблемаҳо (маҷмӯаи мақолаҳо).-Душанбе, 1998. 64 с.*
12. *Орипова, М.З. Жанровая мозаика на ТВ [Текст] (по материалам независимих телекомпаний РТ). –Душанбе: Хумо, 2008. –72 с.*
13. *Прохоров, Е.П. Публицист и действительность [Текст] / Е.П. Прохоров. – М., 1973.*
14. *Ризоӣ, Муҳсин. Тавлиди барномаҳои телевизион чи гуна аст? [Матн] / М. Ризоӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2013. – №4/3 (113). – С. 86-91.*
15. *Саъдуллоев, А. Наҷвои наҷотофарин / А.Саъдуллоев. – Душанбе, 2008. – 112 с.*
16. *Саъдуллоев А., Шоев М. Асосҳои журналистикаи телевизион. Бахши дуввум бо таѓйиру иловаҳо.-Душанбе, 2010.-112 с.*
17. *Сафарова М. Телевидение и аудитория.-Душанбе: Кайҳон, 2016.-102 с.*
18. *Сафарова М. Таъсири телевизион ба афкори умум.- Душанбе, 2018. - 170 с.*
19. *Соҳибова, Б. Мусоҳиба дар телевизион: мақсад ва савол дар он [Матн]/ Б. Соҳибова // Илм ва фановарӣ. – 2013. – №4/1 (105).*

20. *Телевизионная журналистика. Учебник. 4-е издание [Текст] / Редколлегия: Г.В. Кузнецов, В.Л. Цвик, А.Я. Юровский. – М.: Изд-во МГУ, 2002. – 304 с.*
21. *Умарова Г., Бекзод Х. Ток шоу дар Телевизиони Тоҷикистон. - Душанбе, 2009.*
22. *Хамидиён И, Абдурахим Б. Содержательное и жанровое многообразие на таджикском телевидение.-Душанбе, 2018.-256 с.*
23. *Эшматов З. Таъсис ва ташаккули телевизиони Тоҷикистон.-Душанбе, 2016.-130 с.*

НАҚШИ ШОУМЕН, МОДЕРАТОР ВА ИНТЕРВЮЕР ДАР ТАҲИЯИ ТОК-ШОУ

Дар мақола бобати фаъолияти шоумен, модератор ва интервюер дар омода намудани ток-шоуи телевизионӣ сухан меравад. Вобаста ба махсусияти коргузорӣ дар фазои телевизион ва ҷиҳатҳои фарқкунандаи фаъолияти онҳо изҳори назар шуда умдатарин коргузорӣ вобаста ба фазои эҷодӣ омӯхта шудааст. Яке аз муваффақияти барномаҳои ток-шоу дар кишварҳои бузург фаъолияти шоумен, модератор ва интервюер дониста мешавад. Зеро дар кишварҳои гуногуни олам фаъолияти кормандони телевизион вобаста ба касбу корашон муаян карда шудааст. Мушкилоти ин коргузорӣ дар шабакаҳои ватанӣ пеш аз ҳама ба дӯши муаллифи барнома вогузор мешавад. Мушкилоти дигарро муаллиф дар набудани мактаб ваё семинарҳо бобати омода намудани шоумен мебинад. Ҳамзамон муаллифон бар он андешаанд, ки дар фаъолияти кормандони телевизиони ватанӣ дар омода намудани ток-шоу модератор ва интервюер нақш надорад, ба ин хотир на ҳамаи барномаҳо ҷолиб ҳастанд. Дар бештаре аз кишварҳои бузург вобаста ба шароити мусоиди озодбаёниву гуногунфикрӣ ин гуна барномаҳо диданианд. Дар кишварҳои пасошӯравӣ худсензураҳо монеаи аслии рушд наёфтани жанри мазкур аст, ки дар навбати аввали харобии мавзуъ дар онҳо нигаронкунанда мебошанд. Мақола бо он хулоса карда мешавад, ки фаъолияти модератор ва интервюер имкони хуб барои ҷолибияти ток-шоу дода метавонад. Телевизионҳои ватанӣ иқтидори роҳандозӣ намудани барномаҳои бузургро доранд, вале касбияти кормандон дар ин самт мушкилӣ эҷод мекунад.

Калидвожаҳо: ток-шоу, шоумен, модератор, интервюер, афкор, ҷомеа, аудитория, баҳс, ҳадаф, телевизион.

РОЛЬ ШОУМЕНА, МОДЕРАТОРА И ИНТЕРВЬЮЕРА В СОЗДАНИИ ТОК-ШОУ

В данной статье речь идет о деятельности шоумена, модератора и интервьюера в создании телевизионного ток-шоу. В связи со спецификой работы на телевидении и отличительными особенностями их деятельности изучается основная работа, связанная с креативным пространством. Одним из залогов успеха ток-шоу в ведущих странах является работа шоумена, модератора и интервьюера. Ведь в разных странах мира деятельность телевизионных работников определяется их профессией и выполняемой работой в рамках этой профессии. Проблема реализации этого на отечественных каналах лежит, прежде всего, на плечах автора программы. Ещё одну проблему автор видит в отсутствии школ или же семинаров по подготовке шоуменов. В то же время авторы считают, что в деятельности отечественных телевизионных работников модераторы и интервьюеры не играют существенной роли в подготовке ток-шоу, из-за чего не все программы интересны. Неоспоримо, что в большинстве крупных стран, благодаря благоприятным условиям для свободы слова, подобные программы довольно интересны. В постсоветских странах главным препятствием для развития этого жанра является самоцензура, что, в первую очередь, связано с разрушением сути ток-шоу. Статья приходит к выводу, что работа модератора и интервьюера может обеспечить хорошую возможность для повышения увлекательности ток-шоу. Отечественные телеканалы обладают потенциалом для запуска отличных программ, но профессионализм персонала в этой области создаёт препятствия.

Ключевые слова: ток-шоу, шоумен, модератор, интервьюер, мнение, общество, аудитория, дебаты, цель, телевидение.

THE ROLE OF THE SHOWMAN, MODERATOR, AND INTERVIEWER IN THE CREATION OF A TALK SHOW

This article discusses the activities of the showman, moderator, and interviewer in the creation of television talk shows. Due to the specific nature of television work and the distinctive features of these roles, the study focuses on their primary tasks within the creative production process. One of the key factors behind the success of talk shows in leading countries is the professional work of the showman, moderator, and interviewer. In different countries around the world, the activities of television professionals are defined by their profession and the responsibilities performed within that profession.The problem of implementing this practice on domestic television channels primarily falls on the shoulders of the program’s author. Another issue identified by the author is the absence of schools or seminars dedicated to training professional showmen. At the same time, the authors believes that in the activities of domestic television professionals, moderators and interviewers do not play a significant role in the preparation of talk shows, which is why not all programs are engaging. It is undeniable that in most major countries, thanks to favorable conditions for freedom of speech, such programs are quite interesting. In post-Soviet countries, the main obstacle to the development of this genre is self-censorship, which primarily leads to the erosion of the essence of talk

shows. The article concludes that the work of moderators and interviewers can provide a strong opportunity to increase the attractiveness and effectiveness of talk shows. Domestic television channels have the potential to launch excellent programs; however, the level of professional expertise in this field remains an obstacle.

Keywords: talk show, showman, moderator, interviewer, opinion, society, audience, debates, purpose, television.

Дар бораи муаллифон

Азизов Фирӯз Шарифович
Номзади илмҳои филологӣ, муҳаррир
Муассисаи давлатии "Телевизиони Сафина"
734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Беҳзод, 25
E-mail. f.aziz@bk.ru

Хоҷазод Саидмурод
Доктори илмҳои филологӣ, профессор
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: saidmurod1970@bk.ru

Об авторах

Азизов Фируз Шарифович
Кандидат филологических наук, редактор
Государственное учреждение «Телевидение Сафина»
734000, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Бехзод, 25
E-mail. f.aziz@bk.ru

Ходжазод Саидмурод
Доктор филологических наук, профессор
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: saidmurod1970@bk.ru

About the authors

Azizov Firuz Sharifovich
Candidate of Philological Sciences, Editor
State Institution "Safina Television"
734000, Republic of Tajikistan , Dushanbe, Behzod St., 25
E-mail. f.aziz@bk.ru

Khodzhazod Saidmurod
Doctor of Philological Sciences, Professor
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: saidmurod1970@bk.ru

УДК 94(57):070(575):327

ИСТОРИЧЕСКОЕ НАСЛЕДИЕ СИБИРИ И ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ В ПРЕССЕ РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ КАК ФАКТОР КОНСТРУИРОВАНИЯ МЕЖГОСУДАРСТВЕННОГО СОТРУДНИЧЕСТВА

Новиков С. В., Турсунов Т. Х.
Омский государственный аграрный университет имени П.А. Столыпина
Центр востоковедения и письменного наследия НАНТ

Предисловие. Изучение и объективное отражение исторического наследия народов Центральной Азии и Сибири в современную эпоху является одним из важнейших факторов укрепления геполитических отношений. Национальная и религиозная пресса Российской Федерации играет ключевую роль как ценный источник в реконструкции исторической памяти о Тюменском и Сибирском ханствах, а также их средневековых связях с государствами Центральной Азии. В нынешних условиях отношение к этому общему прошлому должно оцениваться не с консервативных и ограниченных позиций, а с точки зрения модернистского и созидательного подходов. Такой ракурс позволяет позиционировать трансграничные регионы не как линии разделения, а как современное пространство межкультурного и межгосударственного взаимодействия. Публикация в периодической печати материалов об общей истории и исламских ценностях формирует прочную основу для культурных связей молодого поколения. В результате данный информационный процесс служит конструированию новой идеологии стратегического сотрудничества и безопасности России и Центральной Азии. Именно этот исторический фундамент, насчитывающий более 750 лет, сегодня находит свое устойчивое продолжение в формате современных геополитических альянсов, включая ОДКБ.

Материалы и методы. Методологическую основу исследования составил комплекс научных принципов и методов исторической науки, политологии и медианализа. Источниковую базу работы сформировал массив публикаций российской национально – религиозной периодической печати за 2014-2020 гг., включая газеты «Татар доньясы», «Хакыйкат» и «Муслиминфо». В качестве нормативно-правовой основы и дополнительных источников использовались Федеральный закон Российской Федерации «О национально-культурной автономии» и официальные документы ОДКБ. Метод контент-анализа медиатекстов применялся для выявления тематической структуры публикаций и направленности авторов прессы при отражении общего прошлого. Историко-генетический метод позволил проследить эволюцию подходов к историческому наследию от неоконсервативных дискуссий 1990-х гг. до современных модернистских трактовок.

Концепция «фронтира» (пограничной зоны) использовалась для анализа трансграничных регионов как пространства активного межкультурного и межгосударственного взаимодействия. Историко-компаративный метод применялся при изучении этногенетических, экономических и религиозных связей Сибирского ханства со средневековыми государствами Центральной Азии. Модернистский подход выступил ключевым инструментом интерпретации материалов СМИ как фундамента для конструирования современной идеологии стратегического сотрудничества и безопасности.

Целью исследования стало отображению истории тюркских народов на страницах национально-религиозных изданий современной Российской Федерации. Попытка подобного анализа применительно региональной печати имела место в исследовании С.В. Новикова и М.С. Новикова. При этом следует отметить, что исследования затрагивали историко-правовую «дискуссию», имевшую место в конце 1980-х – первой половине 1990-х гг. относящеюся к постановке рядом татарских общественных объединений вопроса о признании за сибирскими татарами статуса коренного населения края с фиксацией национальности «сибирский татарин» в графе «национальность» паспорта. Так же высказывалась идеи создания территориальной автономии сибирских татар на севере Омской и юге Тюменской областей Российской Федерации [13, с. 132-133; 2, с.39-40].

Эта идея, на наш взгляд, отражают неоконсервативный взгляд в прошлое – территориальная автономия, как формы воссоздания Сибирского ханства. Принятие в 1996 г

Федерального закона «О национально-культурной автономии» стало базой для изменения подходов к решению проблемы [20].

Однако консерватизм, даже при взгляде в прошлое, не содержит созидательной перспективы. Будущее – это новые формы международного сотрудничество на территориях переходной пограничной зоны (фронтира), где происходит взаимодействие между двумя или более различными культурами, цивилизациями и конечно государственными образованиями эти культуры и цивилизации представляющими. Как следствие необходимость модернистских подходов к оценке исторического прошлого с целью конструирования будущего того или иного региона.

Однако вернемся к заявленной теме. С целью выявления публикаций о древней истории тюркских народов на страницах мусульманской печати автором проанализировано содержание издания Омской городской татарской национально-культурной автономии «Татар доньясы» (Татарский мир), издаваемых в г. Тюмень духовной, культурно-просветительской, историко-публицистической газеты мусульман Урала и Сибири «Хакыйкат» (Истина) и информационной культурно-просветительской газеты «Муслиминфо».

Анализ публикаций позволяет выделить несколько разноплановых и в тоже время взаимодополняющих друг друга тем относящихся к древней истории Сибири и сопредельных территорий, это: тема тюркского за заселения края; история Сибирского ханства и его место в геополитической картине региона в XV-XVI вв.; тема среднеазиатского влияния и роли бухарцев в становлении сибирского татарского этноса; образ хана Кучума в ряду центральноазиатских правителей.

Размещение в периодических изданиях материалов о татарских поселениях переплетается с информацией о воссоздании или постройки мечети с её последующим открытием.

Так, газета «Татар доньясы» на одной из своих полос в рубрике «Малая родина» разместила статью «Юрт-Уйску – 390», рассказывающею об истории, основанной на территории современного Седельниковского района Омской области татарской деревне. Автор статьи, Зульфия Мунасиповапишет: «В некоторых источниках датой основания называют 1654 г, в других 1628 г., а доктор исторических наук А.Д. Колесников считает, что данное поселение появилось в 1626 г., и именно от этой даты ведется отчет. В одной из татарских легенд говорится о том, что хан Кучум спрятал свои сокровища в крепости, что находилась на горе. Описание территории, где находилась эта крепость совпадает с описанием местной деревни». Историей возникновения поселения статья не заканчивается. Статья рассказывает о жизни и быте населения в течении более чем трехсотлетней истории Юрт-Уйска и его жителей [9, с.4]. На соседней полосе рассказ под рубрикой «Благое дело» рассказ об открытии в старинном селе сибирских татар Оллы Куль, носящем официальное название Большие Мурлы, в Большереченском районе Омской области мечети [17, с. 5].

Историко-публицистическая направленность газеты «Истина» позволяларедакции публикуя материалы о населении Сибириописыватьеё присоединение к Русскому царству. В газете размещены такие статьи, как:

- «Кипо-Кулары – город сибирско-татарской славы» рассказывает об образованном в 1646 г. татарском поселении. Время образования носит дискуссионный характер, о чем сообщает читателям автор публикации Р. Уразалеев. Со ссылкой на результаты работы в 1970-е – 1980-е гг. омских археологов под руководством Б.А. Коникова он повествует о значительных артефактах, связанных с историей заселения местности – железных и костяных наконечниках, панцирных пластинах, украшениях и фрагментах «нескольких тысяч глиняных сосудов, среди которых нет и двух одинаковых». В статье, со ссылкой на мнение авторитетного краеведа Д.Н. Фиалкова обнародован факт неудачной пятидневной осады крепости казаками Ермака в 1585 г. Статья иллюстрирована реконструкцией изображением крепости, а также фотографиями строящейся в 2012 г. деревянной мечети и её строителей. Небезынтересны упоминания в устных преданиях относящихся к 1980 г. легенд о захоронении на местном кладбище святого Бохреддина [19, с. 6].;

- «В старинной крепости Сибири открылась новая мечеть», рассказывающая об открытии в августе 2014 г. Кипо-Куларах – «бывшей крепости Сибирского ханства»известной из летописей как «опасный крайний Кучумовский городок» мечети,закрытой в 1968 г. [10, с. 2].

Строительству и открытию мечетей в сельских населенных пунктах Омской и Тюменской областей посвящены публикации газетыМуслиминфо:

- в марте 2020 г. газета опубликовала статью «Над Искерской мечетью засияли полумесяцы» в которой сообщила, что «на двух башнях мемориальной мечети Историко-архитектурного комплекса «Искер», выстроенного в память о столице Сибирского ханства на автотрассе «Тобольск-Байгара»«взвились шпили минаретов с полумесяцами, установлен купол с сияющим символом суннитского ислама» [11, с. 2];

- в августе 2020 г. издание описало открытие мечети в деревне Ашеваны Усть-Ишимского района Омской области. Указывалось, что она существует с 1296 г. являясь самым древним поселением Сибири, старше Тюменского и Сибирского ханств, старше Тюмени и всех городов края [6, с. 4-5].

В завершении отметим, что материалы о населенном пункте практически очерчивают имевший место ранее ореол проживания татар в Сибири.

Следующей составляющей в содержании изданий можно назвать упоминания об истории Сибирского ханства. Каких-либо объемных, полностью посвященных истории указанного государственного образования публикаций нет. Однако сама тема присутствует на страницах газеты Муслиминфо:

- в марте 2018 г. издание размещает на своих страницахматериал Земфиры Шариповой «Монеты с Искера», повествующий об археологических находках ученых из Тобольской комплексной научной станции Уральского отделения РАН под руководством А.А. Адамова. В материале указывается, что на 3% территории оставшихся от столицы ханства обнаружены многочисленные предметы материальной культуры сибирских татар, а также монеты. Автор указывает, что «среди них есть как восточные серебряные и медные, так и серебряные монеты Ивана Грозного», при этом обращается внимание и на факт «широкого хождения русской монеты в Сибирском ханстве до похода Ермака». Приведем вывод автора статьи: «Найденные монеты свидетельствуют о существенном денежном обращении на ранних этапах становления государственности в Западной Сибири» [22, с. 10];

- в октябре 2018 г. тема,связанная с чеканкой монеты и денежным обращением в Западной Сибири обозначена статьей «В Тюменском районе найдены монеты Ибрагим-хана». Речь о находке XV в. в районе основанной в 1718 г. деревни Муллаши, что в современном Тюменском районе Тюменской области. Материал рассказывает, что Тюменское ханствотрижды чеканила собственные монеты: два выпуска монет в 1429 г. и один в 1431 г. [7, с. 3].;

- в ноябре 2020 г. издание публикует материал «Шелковый путь в Тюмень мог пролегать через Кызылоба». Материал, без обозначения авторства, со ссылками на мнения историков, что в урочище Кызылоба рядом с аулом Береке Уалихановского района Северо-Казахстанской области Республики Казахстан обнаружен неизвестный ранее исторической науке культурно-политический центр Золотой орды. В статье высказывается предположение, о наличии в данном месте «одного из крупных торговых центров, через который пролегал шелковый путь из Средней Азии в Сибирь». Здесь же утверждается, что «в период Тюменского ханства велась торговля между Сибирью и Бухарой.Из Средней Азии в город Искер прибывали торговые караваны и духовные миссии». Далее в статье указывается, что «караваны из Маверонахра (XIV в. контроль за Мавераннахром перешел к Империи Тимуридов с центром в г. Самарканд а, в XVI в. здесь находилось Бухарское ханство.и Туркестана следовали в Тюмень не через Алтай или Сарай-Джадит, делая большой крюк. Караванщики выбирали наиболее короткий и прямой путь, и такой путь пролегал как раз через ставку джучидов на Кызылоба» [23, с. 13].

Этот перечень можно продолжить. Найденные в ходе археологических раскопок артефакты, нумизматика и фольклордают основания для продолжения дискуссии как о народах, населявших край в средневековье, и ихучастии в «международной» торговле, так и о том, что обозначается сегодня как геополитическая карта региона, но это применительно к XIV-XVI вв.

К этому же периоду относится тема среднеазиатского влияния и роли бухарцев в становлении сибирского татарского этноса. Следует отметить, что издания, рассказывающие о поселениях сибирских татар, периодически указывают на «бухарский след» в их истории. Так в уже упомянутой статье «Юрт-Уйску 390», ссылаясь на исследования А.Д. Колесникова, пишет: «В XIV-XV вв. в Прииртышье появляются татарские племена. Наиболее известна заимка Уйская, основана как зимовье в 1626 г. бухарцами …боясь, что их

заимки будут заняты, в 1626 г. основали деревню Юрт-Уйск. Это мнение Мунасипова высказала с опорой на исследования Колесникова. Первоначально в ней поселились две семьи бухарцев Тимомеевых Кармышаковых, затем приехали еще четыре семьи. Основным занятием была охота. Добытую пушнину отвозили в Тару». [9, с. 4]. «По следам предков в Ембаево» - так называется заметка в газете «Муслим инфо», рассказывающая о визите в Музей татарской культуры поселения делегации Генерального консульства Узбекистана в Екатеринбурге и съемочной группы канала «Узбекистан 24». Интерес к Ембаевосвязан с тем, что «Юрты Ямбаевские были центром Бухарской инородческой волости. Бухарцами являлись подавляющее большинство зажиточных и успешных магометан Тобольской губернии» [18, с. 2]. Тема бухарцев в Сибири в газете «Татар доньясы» обретает историко-краеведческие характеристики благодаря публикации материала А.К. Бустанова (профессор компании ТАИФ по истории исламских народов в составе России) и С.Н. Корусенко (к. и. н., ведущий научный сотрудник Омского филиала Института археологии и этнографии СО РАН) «Родословная сибирских бухарцев: Шиховы». Внушительный материал раскрывает тему повествуя о генеалогическом древе рода, местах расселения его представителей на территории Тарского Прииртышья и в г. Тара [2, с. 6; 3, с.6; 4, с.6; 5, с.6].

Еще одна тема, это образ хана Кучума в ряду центральноазиатских правителей. Отметим, что тема получила прописку на страницах тюменской мусульманской информационной культурно-просветительской газеты «Муслиминфо». В издании отсутствует обобщенный образ правителя Сибирского ханства. Информация о нем подается фрагментарно, какобращение к какому-либо событию текущего времени, например:

- в мае 2018 г. редакция в собственной интерпретации в статье «О шлеме и короне хана Кучума» публикует отрывок из работы Л. Коншиной «Символы Сибирского Царства», повествование о возможных символах присоединенного государства в «Оружейной палате». Речь идет о «шапке», преподнесенной в дар царю Алексею Михайловичу Б.П. Шереметьевым. Этот предмет, традиционно, связывали с именем хана Кучума. Действительно ли это была истинной и как шлем попал к царедворцу неизвестно. Но, при Алексее Михайловиче шлем однозначно воспринимался как военный головной убор Кучума, что стало причиной его выдачи потомку Кучума сибирскому царевичу Алексею Алексеевичу, служившему при дворе русских царей [14, с. 13];

- в июле 2018 г. газета со ссылкой на Ремезовскую летопись в статье «Кучум хан возможно похоронен в тургайской степи» указывает, что последний правитель Сибирского ханства после поражения в 1598 г. в сражении с отрядом воеводы Воейкова у реки Ирмень на территории современной Новосибирской области ушел к озеру Зайсан, что ныне в восточной части Республики Казахстан. А после похищения «у калмыков коней многое число» был последними настигнут. Калмыки как следует из текста не только забрали обратно коней, но и ограбили хана, забрали все его имущество. При этом статья допускает две версии дальнейшей судьбы правителя. По одной он, не достигнув ногайских земель был убит и похоронен в землях Казакской орды. По альтернативной версии, хивинского историка Абульгази Кучум «затерялся среди племени мангутов (мангуты, мангыты – другое название ногайцев), обитавшего вблизи Бухары» [8, с. 13].

- в июле 2020 г. газета рассказывает об обнаружении в Кургальджинском районе Акмолинской области Республики Казахстан мавзолея принадлежащего, предположительно одному из основателей Казахского ханства Жанибек-хану (Абу Саиду). Название статьи полемично «Чей мавзолей найден возле Кургальджино: Жанибека или Кучума?». В завершении не обозначивший себя автор статьи пишет «Женибек и Кучум – родственники, оба восходят к старшему сыну Чингизхана Джучи» [21, с. 12].

Перечень публикаций можно продолжить. Обращает внимание их ориентация на «клиповое» восприятие молодежью тех или иных фактов и личностей. Несомненно, подобные публикации не только поддерживают интерес к истории тюркских народов на огромной территории, но и являются стимулом к дальнейшим изысканиям.

Анализ содержания изданий позволяет сделать вывод, что они формируют восприятие мусульманами, проживающими в РФ и Центральной Азии к как к далекому прошлому, так и настоящему. На своих страницах они:

- представляют историю прошлого Сибири и сопредельных регионов;
- рассматривают ислам в как религию большинства народов края;
- рисуют хана Кучума как признанного в мусульманском мире правителя:

- характеризуют Сибирское ханство, как могучее государство – составную часть исламского мира, протянувшегося от Поволжья до Ишима через оренбургские степи и территории современной Республики Казахстан.

Приводимые газетами интерпретации истории небесспорны и подвергались критике. Но, мы уже указывали на наличие и возможность реализации двух подходов: консервативного – не содержащего созидательной перспективы и стоящего у истоков конфликтов различного рода. Этот подход ранее подвергнут критики авторам [13, с. 134-135; 14, с.106-108].

Однако, будущее – это новые формы международного сотрудничество на территориях переходной пограничной зоны (фронтира), где имеет место взаимодействие между культурами/цивилизациями и конечно государствами созданными представителями этих культур/цивилизаций.

Сегодня необходимы модернистские подходы к оценке исторического прошлого с целью конструирования будущего того или иного региона.

В качестве возможной модернистской интерпретации обратимся к историческому сюжету из «Муслиминфо», статье «750 лет Золотой орде-Улусу Джучи». Издание дает следующие интерпретацию распада Золотой орды на ханства: Астраханское ханство, Большая Орда, Казанское ханство, Касимовское ханство, Ногайская орда, Сибирское ханство, Узбекское ханство [1, с.8-9].

В рамках подхода, не конкретизируя некоторые дискуссионные сюжеты многовековой историю взаимоотношений внешнеполитических и внутригосударственных Русского царства/Российской империи/СССР с территориями Казахстана и Средней Азии/Центральной Азии обратим внимание на геополитическую современность – подписание получившими независимость после распада СССР государствами в 1992 г., договора о создании Организация Договора о коллективной безопасности (ОДКБ). Эта организация реже называемая «Ташкентский пакт», «Ташкентский договор» - гарантирует международное военно-политическое сотрудничество в области коллективной безопасности с участием таких государств как Российская Федерация, Республика Казахстан, Республика Армения, Кыргызская Республика, Республика Таджикистан, Республика Узбекистан [16].

О чем, собственно, идет речь. О сохранении геополитического единства, которому сегодня более 750 лет. В рамках этого «единства» менялись центры управления, претерпевали изменения векторы развития народов, но бесценным оставалось их сотрудничество, сотрудничество, которое необходимо сохранить, опыт которого необходимо передать созданием скоординированных образовательных программ в области истории и культуры наших народов.

Результаты исследования: - анализ публикаций в газетах «Татар доньясы», «Хакыйкат» и «Муслиминфо» позволил выявить устойчивый массив материалов, реконструирующих общую историю материальную культуру и этапы заселения Сибирского региона тюркскими народами. Периодические издания системно увязывают историческую память о татарских поселениях, сибирских крепостях и Сибирском ханстве с текущими процессами духовного возрождения, строительством и торжественным открытием новых сельских мечетей.

- Обнаруженные в ходе археологических раскопок материальные артефакты, нумизматические находки (включая монеты Ивана Грозного и Ибрагимхана) и фольклорные данные служат в прессе основой для научных дискуссий об активном участии региона в международной караванной торговле по Шелковому пути.

- В исследуемых изданиях детально прослеживается «бухарский след» в этногенезе сибирских татар и подчеркивается ключевая роль среднеазиатских духовных миссий, караванов из Мавераннахра и Бухары в становлении государственности и культуры Западной Сибири.

- Освещение на страницах мусульманской печати образа хана Кучума, истории Золотой Орды и ее последующего распада формирует у современных читателей созидательное восприятие исторического прошлого как прочного фундамента для конструирования межгосударственного сотрудничества и укрепления безопасности в рамках евразийских альянсов (ОДКБ).

Заключение. Анализ публикаций в российской национально-религиозной прессе за 2014-2020 годы позволил реконструировать целостный массив материалов об общем историко-культурном наследии Сибири и Центральной Азии. Системное освещение прессой

истории тюркских поселений, Сибирского ханства и роли среднеазиатских духовных миссий в этногенезе сибирских татар прочно связывает историческую память с современными процессами религиозного возрождения. Публикация археологических и нумизматических данных на страницах изданий научно доказывает вековую включенность трансграничных регионов в систему международной караванной торговли по Шелковому пути. В исследовании обоснованно, что консервативный взгляд на общее прошлое, ориентированный на автаркию и территориальную обособленность, не имеет созидательной перспективы в эпоху глобализации. Напротив, модернистский подход позволяет интерпретировать исторический фронтир не как разделительную линию, а как уникальное трансграничное пространство активного межцивилизационного диалога. «Клиповый» характер подачи фактов и образов исторических деятелей, включая хана Кучума, эффективно адаптирует сложное научное знание под восприятие современного молодого поколения. В результате формируемый мусульманской печатью созидательный образ евразийского единства выступает важным ментальным фундаментом для конструирования межгосударственного диалога. Находя свое логическое продолжение в формате современных геополитических альянсов, таких как ОЖКБ, этот глубокий исторический фундамент эффективно служит укреплению стратегического сотрудничества и коллективной безопасности России и государств Центральной Азии.

Литература

1. *750 лет Золотой орде-Улусу Джучи // Муслиминфо. - 2019. - №7 (91).*
2. *Бустанов А.К. Корусенко С.Н. Родословные сибирских бухарцев. // Татар доньясы (Татарский мир). - 2016. № 4 (129).*
3. *Бустанов А.К. Корусенко С.Н. Родословные сибирских бухарцев. // Татар доньясы (Татарский мир). - 2016. № 5 (130).*
4. *Бустанов А.К. Корусенко С.Н. Родословные сибирских бухарцев. // Татар доньясы (Татарский мир). - 2016. № 6 (131).*
5. *Бустанов А.К. Корусенко С.Н. Родословные сибирских бухарцев. // Татар доньясы (Татарский мир). - 2016. № 7 (132).*
6. *В самой древней деревне Сибири открыли мечеть // Муслиминфо. - 2020. - №6 (99).*
7. *В Тюменском районе найдены монеты Ибрагим-хана // Муслиминфо. - 2018. - №8 (83).*
8. *Кучум хан возможно похоронен в тургайской степи // Муслиминфо. - 2018. - №5 (80).*
9. *Мунасипова З. Юрт-Уйску – 390 //Татар доньясы (Татарский мир). - 2016. -№6 (131).*
10. *Муслим А. В старинной крепости Сибири открылась новая мечеть // Истина. - 2014. - №8 (134).*
11. *Над Искерской мечетью засияли полумесяцы // Муслиминфо. - 2020. - №2 (95).*
12. *Новиков М.С. Деятельность органов власти и общественно-политических организаций по вопросам создания территориальной автономии сибирских татар (1989-1997) //Омский научный вестник. Серия «Общество. История. Современность». - 2023. - № 4. Том 8. - С.36-45.*
13. *Новиков С.В. Государство и право в представлении сторонников исламских организаций Западной Сибири. Первая половина 1990-х гг. // X юбилейные Лужские научные чтения. Современное научное знание: теория и практика: материалы междунар. науч. конф. 23 мая 2023 г. / отв. ред. Т.В. Седлецкая. СПб.: ЛГУ им. А.С. Пушкина, 2022. – 420 с.*
14. *Новиков С.В. Ермак-Кучум: взгляд в настоящее и будущее через оценки прошлого /С.В. Новиков //XI Лужские научные чтения. Современное научное знание: теория и практика: материалы международной научной конференции, 22 мая 2023 г. / отв. ред. Т. В. Седлецкая. – Санкт-Петербург: ЛГУ им. А.С. Пушкина, 2023. - С. 104-109.*
15. *О шлеме и короне хана Кучума // Муслиминфо. - 2018. - №4 (79).*
16. *Организация Договора о коллективной безопасности (справка). URL: https://www.mid.ru/ru/foreign_policy/integracionnye-struktury-prostranstva-sng/ 1710399/ (дата обращения: 04.02.2025).*
17. *Оспанов Ж. Открытие мечети в дер. Большие Мурлы //Татар доньясы (Татарский мир). - 2016. - №6 (131).*
18. *По следам предков в Ембаево // Муслиминфо. - 2019. - №9 (93).*
19. *Уразолиев Р. Кипо-Кулары – город сибирско-татарской славы // Истина. - 2014. - №8 (134).*
20. *Федеральный закон от 17 июня 1996 г. N 74-ФЗ «О национально-культурной автономии» (с изменениями и дополнениями). URL: https://base.garant.ru/135765/ (дата обращения: 04.02.2025).*
21. *Чей мавзолей найден возле Кургальджино: Жанибека или Кучума // Муслиминфо. - 2020. - №5 (98).*
22. *Шарипова З. Монеты с Искера // Муслиминфо. - 2018. - №2 (77).*
23. *Шелковый путь в Тюмень мог пролегать через Кызылоба // Муслиминфо. - 2020. - №9 (102).*

ИСТОРИЧЕСКОЕ НАСЛЕДИЕ СИБИРИ И ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ В ПРЕССЕ РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ КАК ФАКТОР КОНСТРУИРОВАНИЯ МЕЖГОСУДАРСТВЕННОГО СОТРУДНИЧЕСТВА

Статья посвящена комплексному анализу роли национально-религиозной прессы Российской Федерации в объективном отражении и конструировании общего исторического наследия народов Сибири и Центральной Азии. Актуальность темы обусловлена необходимостью выработки новых созидательных ориентиров для укрепления геополитических отношений и стратегического партнерства в трансграничных регионах. В качестве эмпирической базы исследования авторами привлечен массив публикаций газет «Татар доньясы», «Хакыйкат» и «Муслиминфо» за 2014-2020 гг., прошедших качественный контент-анализ. В рамках концепции «фронтира» исследуемые территории рассматриваются не как линии гелполитического разделения, а как исторически сложившееся пространство активного межкультурного и цивилизационного взаимодействия. Методология работы опирается на сочетание модернистского, историко-генетического и историко-компаративного подходов, что позволило преодолеть консервативные ограничения в оценке общего прошлого чреватые потенциальными региональными конфликтами. Авторы приходят в выводу, что публикации о древней истории тюркских народов и исламских ценностях, переплетающиеся с сообщениями о возрождении сельских мечетей, эффективно поддерживают интерес молодежи к краеведению и противодействуют фрагментарному восприятию исторических фактов. Доказано, что целенаправленный информационный процесс в региональных СМИ реконструирует прочную историческую память, насчитывающую более 750 лет геополитического единства. В конечном итоге данный медийный дискурс выступает действенным фактором формирования новой межгосударственной идеологии, находящей свое устойчивое практическое продолжение в формате современных военно-политических альянсов, таких как ОДКБ.

Ключевые слова: Тюменское ханство, Сибирское ханство, хан Кучум, сибирские татары, бухарцы, национально-религиозные издания, геополитическая история Центральной Азии, фронтир, ОДКБ.

МЕРОСИ ТАЪРИХИИ СИБИР ВА ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР МАТБУОТИ ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ ҲАМЧУН ОМИЛИ ШАКЛДИҲИИ ҲАМКОРИҲОИ БАЙНИДАВЛАТӢ

Мақола ба таҳлили ҳамаҷонибаи нақши матбуоти миллию динии Федератсияи Россия дар инъикоси воқеъбин ва шаклдиҳии мероси таърихии муштараки халқҳои Сибир ва Осиёи Марказӣ бахшида шудааст. Мубрамияти мавзуъ бо зарурати таҳияи самтҳои нави созанда барои тақвияти муносибатҳои геополитикӣ ва шарикии стратегӣ дар минтақаҳои фаромарзӣ вобаста аст. Ҳамчун заминаи эмпирикии тадқиқот, муаллифон маҷмуи нашрияҳои рӯзномаҳои «Татар доньясы», «Хакыйкат» ва «Муслиминфо»-ро барои солҳои 2014-2020 ҷалб намудаанд, ки онҳо аз таҳлили сифатии муҳтаво (контент-анализ) гузаштаанд. Дар доираи консепсияи «фронтир», ҳудудҳои мавриди омӯзиш на ҳамчун хатҳои тақсимоти геополитикӣ, балки ҳамчун фазои таърихан ташаккулёфтаи ҳамкории фаъоли байнифарҳангӣ ва тамаддунӣ баррасӣ мешаванд. Методологияи кор ба омезиши равишҳои модернистӣ, таърихию генетикӣ ва таърихию муқоисавӣ такя мекунад, ки ин имкон дод маҳдудиятҳои консервативӣ дар арзёбии гузаштаи муштарак, ки метавонанд боиси низоъҳои эҳтимолии минтақавӣ гарданд, бартараф карда шаванд. Муаллифон ба хулосае меоянд, ки нашрияҳо дар бораи таърихи бостонии халқҳои туркзабон ва арзишҳои исломӣ, ки бо гузоришҳо дар бораи эҳёи масҷидҳои деҳот омезиш ёфтаанд, таваҷҷуҳи ҷавононро ба кишваршиносӣ ба таври муассир дастгирӣ намуда, ба дарки пора-пораи далелҳои таърихӣ муқовимат мекунанд. Иддао шудааст, ки раванди мақсадноки иттилоотӣ дар ВАО-и минтақавӣ хотираи мустаҳками таърихиро, ки беш аз 750 соли ягонагии геополитикиро дар бар мегирад, барқарор месозад. Дар ниҳоят, ин дискурси расонаӣ ҳамчун омили таъсирбахши шаклгирии идеологияи нави байнидавлатӣ баромад мекунад, ки идомаи устувори амалии худро дар қолаби паймонҳои муосири ҳарбӣ-сиёсӣ, аз қабили САҲА пайдо менамояд.

Калидвожаҳо: Хонии Тюмен, Хонии Сибир, хон Кӯчум, тоторҳои Сибир, бухороиён, нашрияҳои миллию динӣ, таърихи геополитикии Осиёи Марказӣ, фронтир, САҲА.

THE HISTORICAL HERITAGE OF SIBERIA AND CENTRAL ASIA IN THE PRESS OF THE RUSSIAN FEDERATION AS A FACTOR IN CONSTRUCTING INTERSTATE COOPERATION

The article is devoted to a comprehensive analysis of the role of the national-religious press of the Russian Federation in objectively reflecting and constructing the shared historical heritage of the peoples of Siberia and Central Asia. The relevance of the topic is driven by the need to develop new constructive guidelines for strengthening geopolitical relations and strategic partnerships in transboundary regions. As the empirical basis of the study, the authors utilized a body of publications from the newspapers Tatar Donyasy, Khakykat, and Musliminfo spanning the years 2014–2020, which underwent qualitative content analysis. Within the framework of the "frontier" concept, the studied territories are viewed not as lines of geopolitical

division, but as a historically established space of active intercultural and civilizational interaction. The methodology relies on a combination of modernist, historical-genetic, and historical-comparative approaches, which made it possible to overcome conservative limitations in assessing the shared past that are fraught with potential regional conflicts. The authors conclude that publications on the ancient history of Turkic peoples and Islamic values, intertwined with reports on the revival of rural mosques, effectively sustain the interest of youth in local history and counteract a fragmented perception of historical facts. It is demonstrated that a purposeful information process in regional media reconstructs a solid historical memory spanning more than 750 years of geopolitical unity. Ultimately, this media discourse serves as an effective factor in shaping a new interstate ideology, which finds its sustainable practical continuation in the format of modern military-political alliances, such as the CSTO.

Keywords: Tyumen Khanate, Siberian Khanate, Khan Kuchum, Siberian Tatars, Bukharans, national-religious publications, geopolitical history of Central Asia, frontier, CSTO.

Об авторах

Новиков Сергей Валентинович
Доктор исторических наук, профессор кафедры философии, истории, экономической теории и права
Омский государственный аграрный университет имени П.А. Столыпина
644000, Российская Федерация, г. Омск, Институтская площадь, 1
E-mail: sv.novikov@omgau.org

Турсунов Турсунмурод Худоймуродович
Доктор исторических наук, профессор, главный научный сотрудник
Центр востоковедения и письменного наследия НАНТ
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Ш. Хусейнзаде, 35
E-mail: tursunov-murod@mail.ru

Дар бораи муаллифон

Новиков Сергей Валентинович
Доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи фалсафа, таърих, назарияи иқтисодӣ ва ҳуқуқ
Донишгоҳи давлатии аграрии Омск ба номи П.А. Столипин
644000, Федератсияи Русия, ш. Омск, майдони Институтская, 1
E-mail: sv.novikov@omgau.org

Турсунов Турсунмурод Худоймуродович
Доктори илмҳои таърих, профессор, сарходими илмӣ
Маркази шарқшиносӣ ва мероси хаттии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Ш. Ҳусейнзода, 35
E-mail: tursunov-murod@mail.ru

About the authors

Novikov Sergey Valentinovich
Doctor of Historical Sciences, Professor of the Department of Philosophy, History, Economic Theory, and Law
Omsk State Agrarian University named after P.A. Stolypin
644000, Russian Federation, Omsk, 1 Institutskaya Square
E-mail: sv.novikov@omgau.org

Tursunov Tursunmurod Khudoymurodovich
Doctor of Historical Sciences, Professor, Chief Researcher
Center for Oriental Studies and Written Heritage of the National Academy of Sciences of Tajikistan
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 35 Sh. Khuseynzade St.
E-mail: tursunov-murod@mail.ru

ТДУ 338.4(091)(575.34)

РУШДИ ИҚТИСОДИИ ВИЛОЯТИ ҚЎРҒОНТЕППА ДАР СОЛҲОИ 1924-1960

Мусоев А. Қ.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқаддима. Таърихи ташаккул ва рушди вилояти Қӯрғонтеппа, ҳамчун субъекти маъмурӣ, идоракунӣ ва иқтисодии ҶШС Тоҷикистон, яке аз қисматҳои муҳимми таърихи Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Омӯзиши он хеле ҷолиб буда, дорои як қатор хусусиятҳои ба худ хос мебошад. Вилояти Қурғонтеппа дар замони шуравӣ ба минтақаи асосии истеҳсоли пахтаи маҳиннах табдил ёфта буд. Дар мақола вазъи рушди иқтисодии вилояти Қурғонтеппа дар солҳои 1924-1960 мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шудааст.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Масъалаи мавриди омӯзиш дар ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, нашрияҳои даврӣ ва асарҳо, махсусан дар “История таджикского народа” (ҷилдҳои V ва VI) [10] ва осори А. Қосимов ва М. Ҳамроев [11], А.Қ. Ҳусайнов [15], Р. Абдулҳаев [1], Ф. Муҳаммадалӣ [12], А. Ҳақназаров, А. Ҳусайнов ва А.Мусоев [29], Ш. Юсупов [31] ва дигарон инъикос ёфтааст. Дар навиштани мақола аз ҳуҷҷатҳои бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои КМ ҲКИШ ва ҲК ҶШС Тоҷикистон, ки ба масъалаҳои иқтисодӣ ва рушди хоҷагии деҳот бахшида шуданд, китобу ҳуҷҷатҳои оморӣ васеъ истифода шудааст. Аз принсипу усулҳои маъмули маърифатӣ дар илми муосири таърих – таърихият, системанокӣ, илмӣ, масъалагузорӣ, объективияти илмӣ, таърихӣ-муқоисавӣ ва монанди онҳо истифода шудааст.

Натиҷаҳо ва муҳокима. Ибтидои ташаккулёбии хоҷагии халқи водии Вахш, ки асоси иқтисодиёти ҶМШС Тоҷикистонро ташкил медод, аз нутқи Нусратулло Махсум дар Анҷумани III Шуроҳои ИҶШС дар моҳи майи соли 1925 «Дар бораи аҳаммияти барқароркунии Ҳокимияти Шуравӣ барои халқи тоҷик» сарчашма мегирад. Суханронии Нусратулло Махсум роҳбарияти КМ ИҶШС ва ҶШС Узбекистонро бетараф нагузошт. Пас аз суханрониҳои Нусратулло Махсум Бюрои Сиёсии КМ РКП (б) 4-уми июни соли 1925 «Дар бораи сохтмони роҳи оҳани Тирмиз-Душанбе» [19, с.28] қарор қабул кард. Сохтмони роҳи оҳани мазкур дар соли 1929 ба анҷом расонида шуд, ки барои пешрафти иқтисодиёти ҶМШС Тоҷикистон аҳаммияти назаррас дошт.

КМ ИҶШС барои рушду пешрафти иқтисодиёти ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла ҶМШС Тоҷикистон тамоми чораҳои зарурирро андешида, маблағгузорирро аз рӯи меъёрҳои он давра, бо миқдори хеле калон оғоз кард. Масалан, агар дар соли 1926 80% хароҷот аз ҳисоби маблағҳои умумииттифоқи бошад, дар соли 1927 - 92,2%, соли 1928 - 79,7% ва дар соли 1929 - 72,6%-ро ташкил додааст [11, с.44]. Дар маҷмуъ, дар соли 1926 -1927 барои рушди иқтисодии ҶМШС Тоҷикистон 4,2 млн рубл, дар солҳои 1929-1930 баъди таъсисёбии ҶШС Тоҷикистон ин маблағҳо 9,5 млн рублро ташкил додааст [13, с.193].

Қайд намудан ба мавриди аст, ки дар баробари кумаки пулӣ роҳбарияти Иттиҳоди Шуравӣ ва ҶМШС Тоҷикистон солҳои 1927-1928 35% хоҷагиҳои деҳқонӣ ва оилаҳои Артиши Сурхро аз андози хоҷагӣ қишлоқ озод карда, ба хоҷагиҳои муҳоҷиршуда бошад кумаки бепули агрономӣ мерасониданд, пардохтҳои иҷора аз заминҳои давлатиро то 25% кам карданд [27, с.64].

Ҳамин ёрии амалии роҳбарияти ҷумҳурӣ буд, ки иқтисодиёти кишвар бо суръат пеш мерафт. Масалан, гурӯҳи агроном Артемов, ки онро "Кумитаи пахта" -и Осиёи Марказӣ ба Сарой - Камар фиристода буд, маълум кард, ки иқлими водии Вахш барои кишти пахтаи навъи мисрӣ мувофиқ мебошад. Дар соли 1929, КМ ҲКУ (б) якбора ду қарори муҳимми ба ҳам алоқамандро қабул кард: «Дар бораи ҳолат ва дурнамои рушди саноати бофандагӣ» аз 3 май ва «Дар бораи кори Главхлопком» аз 18 июл. [24, с.45, 85-91] Дар асоси ин қарорҳо диққати ҳукумат ва ташкилотҳои ҳизбии ҷумҳуриҳои пахтакор барои мустаҳкам намудани базаи моддӣ-техникии пахтакорӣ ва равнақи минбаъдаи он равона карда шуд.

Бо назардошти дастурҳои КМ ҲК (б) Узбекистон, Ҳукумати Ҷумҳурӣ Тоҷикистон ба кумитаи пахтакорӣ супориш дод, ки дар вилояти Қурғонтеппа корхонаҳои пахтатозакунӣ ташкил диҳад. Ҳамин тариқ, дар солҳои 1929-1932 заводҳои пахта дар Қурғонтеппа, Кировобод, Ҷилликӯл Шаҳритӯс ва дар шаҳри Қурғонтеппа комбинати равған сохта шуданд .[30, с.20]. Заводи пахтатозакунии Қурғонтеппа дар ҳамин солҳо бо технологияи ба ҳамон

вақт мувофиқ азнавсозӣ карда шуда, моҳи марти соли 1930 ба кор шуруъ кард. Завод барои коркарди 10 000 пуд пахтаи хом дар як шабонарӯз пешбинӣ шуда буд. [12 с.15]

Бояд қайд кард, ки ягона вазифаи заводҳои пахтатозакунӣ тоза кардани пахта ва интихоби тухмӣ буд. Нахи пахта, ки 100% аз маводди кимиёвӣ ва тухмӣ тоза карда мешуд ба Русия фиристода мешуд. Ҳамин тариқ, заводҳои пахтатозакунии № 6-и Ҷилликӯл, № 97-и Қӯрғонтеппа ва № 102-и Шаҳритус дар солҳои 1928 - 1929, 1929 - 1930 ва 1930 - 1931 32,453 тонна пахтаи хомро тоза карда, 9,970 тонна нах ва 22,224 тонна тухмӣ ба даст оварданд. Дар маҷмуъ, дар саросари ҷумҳурӣ заводҳои пахтатозакуни 78,867 тонна пахтаро тоза карда, 24,231 тонна нах истеҳсол карданд. Аз пахтаи истеҳсолшуда, танҳо тухмӣ ва боқимондаҳои истеҳсоли равғани пахта дар ихтиёри хоҷагиҳо боқӣ монданд. Дар ин давра, дар Қурғонтеппа як корхонаи коркарди тухмии пахта бо номи “Семзавод” сохта шуд. [7, с.26]

Дар партави Қарорҳои Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Умумииттифоқӣ (Большевикон) ва Кумитаи Умумирусиягии ИҶШС дар ноҳияи Қурғонтеппа сохтмони иншооти гидротехникӣ бо каналҳои дарозии 13 ҳазор км оғоз ёфт, ки обёрии 92 ҳазор гектар замини холиро барои парвариши пахта мувофиқ буд, таъмин мекард. Барои идораи майдони сохтмон дар ҷумҳурӣ кумитаи махсуси "Вахшсохтмон" таъсис дода шуд. 4-уми августи соли 1930 ҷаласаи кумита баргузор гардид, ки дар он ҳисоботи роҳбари ҳизб, лоиҳакаш - муҳандис Башилов ва раиси хоҷагии оби Осиёи Миёна муҳандис Янчев шунида шуд.

Моҳи феврали соли 1931 масъалаи "Вахшсохтмон" дар Анҷумани IV Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон ҳамаҷониба муҳокима гардид ва қарори муфассал қабул карда шуд. Дар он қайд карда шудааст: «... бо назардошти он, ки сохтмони Вахш бо як қатор мушкилотҳо рӯ ба рӯ шудааст ва бартараф кардани онҳо саъйи зиёди коргарон ва деҳқонони Тоҷикистонро талаб мекунад, Анҷумани IV Шуроҳо ҳамаи коргаронро даъват менамояд, ки сарпарастии “Вахшсохтмон” – ро ба зиммаи худ мегирад, ҳамзамон ба Кумитаи Иҷроияи Марказӣ супориш медиҳад, ки ин сохтмонро зери назорати махсуси худ қарор диҳанд.

Бо назардошти аҳаммияти бузурги иқтисодӣ ва сиёсӣ доштани “Вахшсохтмон” на танҳо барои ҷумҳурӣ, балки барои тамоми ИҶШС, Анҷумани Шуроҳо ба матбуот дастур медиҳад, ки маъракаи васеъеро барои сафарбар кардани таваҷҷуҳ ва кумаки мардум дар атрофи сохтмони Вахш, ки қодир ба таъмини ҷараёни муқаррарӣ ва бефосилаи сохтмон аст, оғоз кунанд.

Бо назардошти он, ки “Вахшсохтмон” барои рушди соҳаҳои асосии иқтисодии ҷумҳурӣ дурнамои бузурге фароҳам меорад, Анҷумани Шуроҳо ба Ҳукумати ҶШС Тоҷикистон супориш дод масъалаи сохтмони роҳи оҳан ба Қурғонтеппаро баррасӣ кунад ва дархости дахлдорро барои татбиқи босуръати он ба ҳукумати ИҶШС дубора пешниҳод намояд. Ҳамзамон, пешниҳод карда шуд, ки ба сохтмони роҳи хокии Қӯрғонтеппа-Ҷилликӯл суръат бахшида шавад. Аз Ҳукумати ИҶШС хоҳиш карда шавад, ки, ки барои ҳамин сол ба таври иловагӣ ба маблағи на камтар аз 20 миллион рубл, илова бар 15 миллион рубли ҷудокардаи буҷети ИҶШС, барои сохтмон маблағгузорӣ кунад [13, с.15].

Анҷуман ба оммаи васеи меҳнаткашони Тоҷикистон мурочиат намуда, даъват менамояд, ки тамоми воситаҳо ва қувваи меҳнатиро ба иҷрои корҳое, ки бо сохтмони “Вахшсохтмон” алоқаманданд, сафарбар намуда, ба вусъат додани мусобиқаи сотсиалистӣ, зарбадорӣ ва дигар шаклҳои меҳнати сотсиалистиро ба роҳ монад». [13, с.176]

6 – уми майи соли 1931 ШКХ ИҶШС «Дар бораи сохтмони обёрии Вахш» қарори махсусро қабул кард ва онро ба шумори иншоотҳои умумииттифоқии зарбдор дохил намуд, чунки саривақт ба итмом расонидани он ба қатъ гардидани содироти пахта аз хориҷи кишвар мусоидат мекард. Дар Қарори ШКХ ИҶШС дар бораи “Вахшсохтмон” қайд карда шуда буд, ки «мушкилоти пахтаи навъи мисрӣ, то андозае, мушкили Вахш аст». Дар ҳақиқат, дар он солҳо аз 48,800 гектар пахтаи маҳиннах, ки дар саросари Осиёи Марказӣ парвариш мешуд, 60% - и он ба Тоҷикистон рост меомад [12, с.3].

Бар асоси қарори Анҷумани IV Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон ва қарори ШКХ ИҶШС, дар моҳи октябри соли 1931 идораи банақшагирии давлатии ҶШС Тоҷикистон барои сохтмони ду корхона бо иқтидори 12 миллион хишт бе механизатсия 1200 рубл ва барои сохтмони корхонаи оҳак дар Қурғонтеппа 360 000 рубл ҷудо кард. Ин корхонаҳо барои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ барои “Вахшсохтмон” бениҳоят зарур буданд. Дар моҳи октябри соли 1932 бошад дар ноҳияи Сарой-Камар боз як корхонаи пахтатозакунӣ сохта шуд [13, с.176].

Дар ҳамин давра «Вахшсохтмон» ба яке аз калонтарин сохтмонҳои ИҶШС дохил шуда буд. Дар сохтмони он қариб тамоми ҷумҳуриҳои умумиттифоқӣ ширкат варзида, аз бисёр ҷумҳуриҳои умумииттифоқӣ мутахассисони баландихтисос ба кор ҷалб шуданд. Дар майдони сохтмон таҷҳизоти муосир, аз ҷумла 500 трактор ва 200 мошини тамғаҳои гуногун истифода мешуд.[12, с.3] Аҳаммияти "Вахшсохтмон" барои Иттиҳоди Шуравӣ ба дараҷае бузург буд, ки агар, масалан, дар сохтмони НБО «Днепр» 14 ва дар сохтмони канали Панама 17 экскаватор, кор карда бошанд, дар "Вахшсохтмон" шумораи онҳо ба 22 адад мерасид [12, с.4].

Ҳамин тавр, моҳи январи соли 1935, КМ ҲК ва Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон ба КМ ҲК (б) ва ШКХ ИҶШС дар бораи ба итмом расонидани марҳилаи якуми сохтмони системаи обёрии Вахш гузориш доданд. Дар Иттиҳоди Шуравӣ калонтарин иншооти обёрӣ сохта шуда буд, ки қобилияти интиқол додани 154 м3 обро дар як сония дошт.[28, с.159] Пас аз ин, аз тараққиёти босуръати иқтисодии водии Вахш оғоз ёфт.

Масалан, нақшаи панҷсолаи дуюми тараққиёти хоҷагии халқи ИҶШС барои солҳои 1933-1937 дар Анҷумани XVII -уми ҲК ИҶШС дар соли 1934 муҳокима ва тасдиқ карда шуд. [8, с.222]. Азбаски дар Тоҷикистон коллективикунонии хоҷагии қишлоқ ҳанӯз ба анҷом нарасида буд, дар нақшаи панҷсолаи дуюм ҳадафҳои истеҳсолӣ барои ҳамаи соҳаҳои иқтисоди ҷумҳурӣ муайян карда шуданд. Барои татбиқи онҳо танҳо 98,7 миллион рубл ҷудо карда шуд, ки аз он 19,8 миллион рубл барои сохтмони саноатӣ, асосан барои корҳои сохтмонӣ ва васлкунӣ, [16, с.206] барои сохтмон ва барқарорсозии иншооти обёрӣ дар водии Вахш ҷудо карда шуд. Маблағҳои боқимонда барои рушди дигар соҳаҳо, асосан кишоварзӣ, ҷудо карда шуданд. Ҳадафи ҳалкунандаи рушди соҳаи иқтисодии кишвар - пахтакорӣ буд. Рушди дигар соҳаҳои кишоварзӣ - чорводорӣ, кирмакпарварӣ, боғдорӣ, токпарварӣ ва ғайра - ҳамчун маҳсулоти ёрирасон ба бахши асосӣ пешбинӣ шуда буд. Мувофиқи дастурҳои Анҷумани XVII-уми ҲК ИҶШС, дастгирии техникии истеҳсолот дар хоҷагиҳои коллективӣ аз ҷониби Стансияҳои мошинӣ-тракторӣ (МТС), муассисаҳои алоҳидаи шуравӣ, ки ба хоҷагиҳои коллективӣ кумаки техникӣ ва сиёсӣ мерасонданд, таъмин карда мешуд. Чаҳор МТС-и аввал дар ҷумҳурӣ соли 1930 дар асоси отрядҳои тракторӣ дар бузургтарин хоҷагиҳои пахтакории ноҳияҳои Арал, Шаҳритус, Сарой-Камар ва Чептура, ки 300 трактор доштанд, ташкил карда шуданд [3, с.118]. Таҳти таъсири МТС, аз 49 то 95% хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ин хоҷагиҳо то 1-уми октябри соли 1930 коллективонида шуданд. Бо назардошти таъсири мусбати МТС дар давраи коллективонӣ, КМ ҲК Иттиҳоди Шуравӣ ва ШКХ ИҶШС ба тақвияти пойгоҳи техникии онҳо таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карданд. Аммо баъдтар, бо афзоиши шумораи онҳо ва васеъ шудани парки мошину тракторҳо, бисёр хоҷагиҳои коллективии Тоҷикистон аз хидматҳои онҳо танҳо ҳангоми киштукор истифода мебурданд, дар ҳоле ки боқимондаи равандҳои корро деҳқонон бо истифода аз асбобҳои одӣ ва дастӣ анҷом медоданд.

Ҳатто пеш аз оғози нақшаи панҷсолаи дуюм КМ ҲК (б) ва ШКХ ИҶШС дар қарори худ аз 29-уми сентябри соли 1932 оид ба рушди хоҷагии халқ чунин вазифаҳоро тарҳрезӣ карда буданд: «аз васеъшавии хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки асосан аз ҳисоби афзоиши майдонҳои кишт ба амал омадааст, зарур аст, ки ба мубориза барои васеъ намудани маҳсулоти кишоварзӣ гузарем[17, с.200] Ин маънои мустаҳкам кардани пойгоҳи моддию техникии колхозу совхозҳоро дошт. Мутаассифона, дар ҳамон вақт дар Тоҷикистон шумораи онҳо хеле кам буд. Умуман, дар Тоҷикистон ҷузъҳои зарурӣ барои истифодаи босуръати замин, ба монанди: илм, химия, технология, мутахассисони соҳибихтисос ва аз ҳама муҳимтар, тачриба дар кишоварзӣ ва ташкили истеҳсолот мувофиқи принсипҳои сотсиалистӣ надоштанд.

Дар солҳои панҷсолаи дуюм, Кумитаи иҷроияи ноҳияи Қурғонтеппа мебоист кӯшишҳои асосии худро ба сохтмони хоҷагии об ва системаи обёрӣ, ташаккули як қатор соҳаҳои зарурии саноати сабук, хусусан пахтатозакунӣ, хӯрокворӣ, равғанбарорӣ ва саноати бофандагӣ равона мекард. Пеш аз ҳама, роҳбарияти Тоҷикистон ва вилояти Қурғонтеппа тамоми қувваи худро барои азхудкунӣ ва обёрикунонии водии Вахш сафарбар мекарданд. Сохтмони канали Вахш яке аъ объектҳои муҳим маҳсуб меёфт. Сохтмони канал тоза кардани 26 миллион метри мукааб хок, аз ҷумла 200 000 метри мукааб сангро талаб мекард. Дар ин кор даҳ ҳазор нафар ва техникаҳои гуногун ҷалб карда шуда, арзиши умумии сохтмон тақрибан 155,7 миллион рублро ташкил дод [24, с.208].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки меҳнаткашон ба мушкилиҳои водии Вахш нигоҳ накарда, дар охири соли дуюми панҷсола, муваффақиятҳои назаррас ба даст оварданд. Дар ин солҳо роҳи оҳани 102-километрии Қурғонтеппа – Термиз ба истифода дода шуд, ки ба востиаи он масолеҳ ва таҷҳизоти зарурии сохтмонӣ саривақт расонида мешуд. Сохтмони роҳи мошингарди Сталинобод – Қурғонтеппа давом дошт. Чоҳҳо барои иншооти обёрӣ канда шуда, баровардани қуму шағал дар канали магистралӣ ва кор дар ташкили шабакаи обёрӣ оғоз ёфтанд.

Сохтмони канал асосан дастӣ, бо каланду бел ва зоғнул иҷро гардида, қуму сангу кандашуда ба воситаи аспу аробаҳо бароварда мешуданд. Экскаватор танҳо қитъаҳои санглох ва сангфарши каналро мекофтанд. Ин мошинҳо бевосита роҳи оҳан ба Тирмиз интиқол дода шуданд. Сипас онҳо тавассути Амударё бо киштиҳои боркаш ба бандаргоҳи Панҷи поён интиқол дода мешуданд. Ва роҳи боқимонда дар масофаи 120 км ба майдони сохтмон бо аробаҳои махсус кашонда, ба ҳар як ароба ду трактор баста мешуд. Тракторҳо аксар вақт вайрон мешуданд ва аз кор мемонданд, барои таъмири онҳо дар ҷойи дигар вақти зиёд сарф мешуд.

Сипас, интиқолдиҳандагони таҷҳизот ба васл кардани экскаваторҳо дар бандари Панҷи поён машғул шуда, тракторҳоро таъмир ва боз ба майдони сохтмон мебурданд.

Соли 1933 дар сохтмони канал 28 экскаватор, дар моҳи апрели соли 1934 бошад 220 скрепер ва 17 фресно (бели чархзанандаи трактор) сафарбар шуда буданд. Тамоми шабакаи обёрии Кофирқалъа аз ҷониби ҷӯйканҳо ва грейдерҳо сохта шуда, шумораи мошинҳо 350 ва шумораи тракторҳо 500 ададро ташкил медод [11, с. 42].

Аз соли 1932 сар карда, дар тамоми майдонҳои сохтмон низоми музди меҳнат мукофотпулӣ барои коргароне, ки супоришҳоро барзиёд иҷро мекунанд, ҷорӣ карда шуд. Шояд ин руҳия ва шавқу рағбати коргарон ва мутахассисонро баланд бардошт. Мувофиқи анъанаҳои ҳизбӣ ҳамаи чунин падидаҳо ба монанди ҳавасмандӣ, руҳбаландӣ, зарбдорӣ ва кори ташкилотчигӣ ба ташкилотҳои ҷамъиятию ҳизбӣ мансуб дониста мешуданд. Барои баланд бардоштани руҳияи коргарон ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ дар сохтмони ин иншооти бузурги обёрӣ маҷлисҳои ҳизбӣ даъват намуда, мусобиқаҳои гуногунро байни бригадаҳои сохтмонӣ роҳандозӣ менамуданд.

Бояд қайд намоем, ки баъзе муаррихон, ки таърихи азхудкунии водии Вахшро омӯхтаанд, онро қисман яктарафа инъикос кардаанд, ки гӯё тамоми корҳои сохтмониро коргарон ва мутахассисони аз берун омада анҷом дода бошнд. Дар бораи иштирок ва саҳми тоҷикон дар ин сохтмони бузурги аср кам қайд намуда, фақат иштироки онҳоро дар иҷрои баъзе корҳои ночиз баррасӣ намудаанд. Масалан, муаррихон Б. А. Антоненко ва А. Я. Вышневский менависанд, ки «корҳои ҷустуҷӯӣ ва таҳқиқотӣ дар сохтмони Вахш аз ҷониби «Средазводпроиз» анҷом дода шудааст [8, с. 574].

Масъалаҳои марбут ба сохтмони канали Вахш мунтазам дар ҷаласаҳои ҳукуматӣ ва ҳизбӣ, ташкилотҳои ибтидоӣ муҳокима карда мешуданд. Натиҷаҳои кори сохтмон бошад. дар матбуоти даврии ҷумҳуриявӣ, махсусан дар рӯзномаҳои онвақта: «Колхозчӣ», «Комсомоли Тоҷикистон», «Тоҷикистони Сурх», «Барои маорифи коммунистӣ», «Коммунисти Тоҷикистон» ва «Қизил Тоҷикистон» инъикос ёфтаанд. Ҳамзамон, “Вахшсохтмон” дар рӯзномаҳои худ «Ударник Вахшстрой, ки бо забони русӣ ва «Зарбдори сахтмони Вахш», ки бо забони тоҷикӣ нашр мешуданд, тамоми рафти сохтмони канали Вахшро инъикос мекарданд. Шоири тоҷик Мирсаид Миршакар корманди адабӣ ва сипас муҳаррири рӯзномаи «Зарбдори сохтмони Вахш» буд.

Бо мақсади таъмини қувваи корӣ дар сохтмон, ба ғайр аз кӯчонидани деҳқонон аз минтақаҳои кӯҳӣ ба водиҳо, аз ҷумла ба водии Вахш, ҳукумати ҷумҳурӣ инчунин ба ҳамаи Шуроҳои вилоятҳо, ноҳияҳо ва ҷамоатҳо супориш дода буд, ки майдони сохтмонро бо захираҳои меҳнатӣ таъмин намоянд. Шуроҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятии вилояти Қурғонтеппа, тибқи анъанаи онвақта, аксар вақт шанбегӣ, ҳашарҳои умумӣ ва монанди ин чорабиниҳоро дар майдони сохтмон ташкил намуда, ба сохтмончиён ёрии худро мерасониданд.

Ҳукумат ва коргарони Тоҷикистон хуб медонистанд, ки "Вахшсохтмон" иншооти умумииттифоқӣ ба шумор рафта, пеш аз ҳама, аҳаммияти маҳаллӣ ва миллӣ дорад. Онҳо на танҳо барои ҳар чи зудтар ба анҷом расонидани сохтмон, балки ба хотири идораи он дар оянда низ талош мекарданд. Барои ин, ҷавонони аз деҳот сафарбаршуда, дар сохтмон

фаъолона ширкат варзида, касбҳои гуногунро аз худ мекарданд. Масалан, танҳо дар солҳои 1931-1933 дар курсҳои дар майдони сохтмон ташкил кардашуда 55 нафар ҷавонони деҳотӣ соҳиби ихтисоси ронандагӣ ва трактрчӣ шуданд. Дар курсҳои дигар, бисёр шунавандагон ихтисосҳои андовачӣ, бетонрез, арматурчӣ, механикҳо, электромонтёрҳо ва ғайраро аз худ карданд.

Дар марҳилаи дуюми сохтмони системаи обёрии Вахш, ки то соли 1938 идома ёфт, корҳои анҷомдиҳӣ ба охир расиданд ва бисёр иншооти манзилӣ, фарҳангӣ, маишӣ ва ёрирасон, роҳҳои дохилии мошингард ва аробагард сохта шуданд [8, с.63].

Дар баробари ин, Кумитаи иҷроияи вилояти Қурғонтеппа дар пайи раванди саноатикунонӣ аз соли 1932 дар конҳои тиллои ноҳияҳои Вахш, Қурғонтеппа ва Кировобод барои истихроҷи тилло корҳои ҷустуҷӯиро ташкил намуд. Дар соли 1933, бо мақсади баланд бардоштани даромаднокии истеҳсоли тилло, гидромониторҳо, транспортёр ва аз соли 1934 обкашакҳо, ғарғараи борбардорӣ, сангмайдакунакҳо, пармаҳо, мошинҳо ва ғайра харидорӣ шуданд [25, с. 92-93]. Аммо дар солҳои баъдӣ, дар пайи афзоиши истеҳсоли пахта истихроҷи тилло қатъ шуд. Ҳукумати марказӣ ба истихроҷи тилло на он қадар таваҷҷуҳ дошт, зеро барои онҳо, пеш аза ҳама, истеҳсоли «тиллои сафед» фоидаовартар буд ва бо ҳамин сабаб ба соҳаи пахтакорӣ диққати бештар дода мешуд. Дар солҳои 1932-1937 заводҳои равғанкашӣ дар заводҳои пахтаи минтақа насб карда шуданд. Пас аз навсозии корхонаи Қурғонтеппа, 39% маҳсулоти умумии саноати пахтатозакунии ҷумҳуриро истеҳсол менамуд. 14-уми марти 1939 Агентии ТоҷикТАС махсус хабар дод, ки дар рӯзи кушодашавии Анҷумани XVIII ҲК ИҶШС (б) 54,4 тонна нах ба ҷои 39,8 тонна дар рӯзҳои муқаррарӣ ва истеҳсоли равған дар корхонаҳои равғанбарорӣ тақрибан як тоннаро ташкил медод [4, с. 124], ки ин нисбат ба истихроҷи тилло хеле фоидаовартар буд.

Истгоҳҳои мошину тракторӣ (МТС) фишанги асосии пешрафти технологӣ дар барқарорсозии кишоварзӣ гардиданд. То охири панҷсолаи дуюм, шумораи онҳо дар Тоҷикистон ба 45 ва шумораи тракторҳое, ки онҳоро идора мекарданд, ба 3217 расид. Онҳо инчунин 44 комбайн, 1692 плуги тракторӣ, 158 майдонҳои нигаҳдории тракторӣ, 49 тухмипошаки ғалладона, 759 тухмипошаки пахта, 142 хирман ва 386 мошини боркаш доштанд. Дар соли 1937, истгоҳҳои МТС дар вилояти Қурғонтеппа қариб 50% майдони умумии киштро хидмат мерасонданд. Ба колхозҳо ёрии калони техникӣ совхозҳо мерасонданд. Ҳангоми кишти баҳорӣ дар соли 1936 совхозҳои Вахш ва ба номи Киров ба саҳроҳои колхозии Қурғонтеппа ва Кировобод 69 тракторро кумак намуд. [6, с.253] Ҳиссаи коркарди трактории ноҳияҳои пахтакори ҷумҳурӣ аз 56 фоизи соли 1935 то соли 1937 ба 85 фоиз расид. СТМ дар соли 1937 ба 32,3 фоизи ғалла аз тамоми майдони корам хизмат мерасонд [8, с. 572] Дар ин солҳо раванди механикунонии истеҳсолот дар хоҷагиҳои вилояти Қурғонтеппа боз ҳам баландтар шуд.

Ҳамин тариқ, дар солҳои нақшаҳои панҷсолаи якум ва дуюм барои таъмини рушди устувори пахтакорӣ дар водии Вахш заминаи зарурии моддию техникӣ омода карда шуд. Тавре ки маълум аст, аз рӯзҳои аввали азхудкунии водии Вахш, ҳадафи асосӣ ба вуҷуд овардани заминаи асосии истеҳсоли пахта, асосан навъҳои маҳиннахи пахтаи хом буд. Дар моҳи июни соли 1931, бо қарори КМ ҲК (б) ҶШС Тоҷикистон, минтақаи Сарой-Камар пойгаҳи тухмипарвариии пахтаи маҳиннах эълон карда шуд. Дар соли 1932 дар 28 ҳазор гектар тухмии навъи пахтаи маҳинах кошта шуда буд ва истеҳсоли он 4,2 ҳазор тоннаро ташкил медод [16, с.131]. Дар солҳои 1932-1937 майдони кишти пахтаи маҳиннах каме афзоиш ёфта, аз 22,6 ҳазор гектар ба 26,6 ҳазор гектар, аммо аз ҳисоби афзоиши ҳосилнокӣ маҳсулоти умумии он аз 4200 то 34 ҳазор тонна, яъне беш аз 8 маротиба афзуд. Дар ин давра ноҳияҳои пахтакори минтақаи Қурғонтеппа Шаҳритӯс, Микоянобод ва Октябр нақшаи истеҳсоли пахтаро 152 ва 143% иҷро карданд [8, с. 601].

Соли 1939 барои кишоварзӣ соли номусоид буд, аммо бисёр хоҷагихои вилояти Қурғонтеппа ҳосили баланди пахта , аз ҳар гектар то 45-50 сентнер ҳосил гирифтанд. Дар соли 1940 дар тамоми ҷумҳурӣ хосили умумии пахта ва дигар зироатҳои хоҷагии қишлок афзуд. Аммо ин ҳама бо меҳнати хеле вазнини деҳқонон ба даст оварда шуд. Дар ин раванд як қатор мушкилиҳои то ҳанӯз ҳалношуда, ба монанди норасоии барқ, истифодаи дизелҳо, ки наметавонистанд кори муназзами истгоҳҳои обкаширо таъмин кунанд. Инчунин, норасоии таҷҳизот барои тоза кардани каналҳо ва барқарор кардани системаҳои нави обёрӣ, масолеҳи

сохтмонӣ, таҷҳизоти мошину трактороҳо ба наззар мерасид. Дар бисёр минтақаҳо, ҳамоно замин бо иншооти кӯҳна, муваққатӣ ва майда обёрӣ карда мешуд.

Ҳамин тавр, дар солҳои баъдиҷангӣ, дар минтақаи поёноби дарёи Кофирниҳон дар Микоянобод (Қубодиён) зарурати бунёди иншооти нави доимӣ канали Ката ба миён омад. Дар лоиҳаи иншоот бо обёрикунии минтақаҳои Шаҳритус ва Микоянобод пешбинӣ шуда буд. Барои сохтмон танҳо масолеҳи сохтмонӣ, ба монанди чӯбу тахта, семент, оҳан ва монанди инҳо ҷудо карда шуда, 200 нафар колхозчиёни маҳаллӣ ба кори ройгон ҷалб карда шуданд [7, с.123]. Аз сабаби набудани таҷҳизоти зарурӣ, масолеҳи сохтмонӣ ва мутахассисони касбӣ сохтмон хеле суст пеш мерафт.

30-юми августи соли 1946 масъалаи “Дар бораи вазъи кори Вазорати хоҷагии оби ҶШС Тоҷикистон” дар Бюрои КМ ҲК (б) ҶШС Тоҷикистон муҳокима карда шуд. Бюрои Вазорати хоҷагии оби ҷумҳурӣ мақомоти хоҷагии об ва Кумитаи иҷроияи ноҳияҳоро вазифадор гардиданд, ки камбудӣ ва мушкилоти ҷойдоштаро дар соҳаи обёрӣ дар ояндаи наздик бартараф созанд [20, с.32-34]. Роҳбарони ноҳия ва хоҷагиҳои деҳқонӣ ба ҳар чи тезтар анҷом додани сохтмони ин иншооти муҳим шавқманд буданд, чунки бо ба истифода додани канали Ката боз 32 ҳазор га заминҳои бекорхобида обёрӣ шуда, ба гардиши кишоварзӣ ворид карда мешуданд [10, с.2]. Аз чумла, Кумитаи иҷроияи вилояти Микоянобод (Қабодиён) гурӯҳи нав бо шумораи 100 нафар колхозчиёнро ба сохтмон фиристод. [7, с.116] Ҳамин тавр, 86,8 фоизи кори сохтмонро деҳқонон, техникаи мавҷуда бошад хамагӣ 13% кори сохтмонро ба охир расонд.

Дар хусуси дар дарёи Вахш сохтани неругоҳои калони барқии обӣ бошад, дар солхои 1956-1965 бо бунёди нерӯгоҳҳои барқи обии Асосӣ, Шаршара ва Марказӣ ва хатҳои интиқоли барқ (ХИБ), ки онҳо мебоист хоҷагиҳои минтақаро бо нерӯи барқ таъмин мекард, имконпазир гардид [15, с.26-28].

Хулоса. Ба ҳамин тариқ, таҳлили масъала нишон медиҳад, ки дар солҳои 1924 – 1960 хоҷагии халқи вилояти Қурғонтеппа рушду пешрафт намуда, пешравиҳои назаррасро дар соҳаи кишоварзӣ, махсусан кишти пахтаи маҳинах соҳиб гардидааст. Ҳамзамон, дар ин солҳо дар вилояти Қурғонтеппа корхонаҳои саноатии нав, ба монанди заводҳои пахтатозакунӣ, равғанкашӣ ва монанди инҳо бунёд гардидаанд, ки дар рушди иқтисодии водии Вахш, беҳтар гардидани шароти моддиву маишии аҳолӣ нақши назаррас доштанд. Дар вилоят роҳи оҳан, роҳҳои мошингард ва пайвасти онҳо бо маркази ҷумҳурӣ ва берун аз он сохта ба истифода дода шуданд, ки дар воридот ва содироти маҳсулоти гуногун хизмат мекарданд. Яке аз масъалаҳои муҳимми ин давра муҳоҷиркунии аҳолии минтақаҳои кӯҳӣ ба водии Вахш буд, ки онҳо низ дар рушду пешрафти иқтисоди вилоят, азхудкунии заминҳои бекорхобида, сохтмони канали Вахш ва корхонааҳои нав саҳмгузор буданд.

Адабиёт

1. *Абулхаев, Р.А. Развитие ирригации и освоение новых земель в Таджикистане (1946-1960 гг.). – Душанбе, 1988. – 285 с.*
2. *БМДҶТ. - Ф. 11. - Оп. 3. - Д. 2750. - Л. 124.*
3. *БМДҶТ. - Ф. 20. - Оп. 2. - Д. 1415. - Л. 176.*
4. *БМДҶТ.. - Ф. 19. - Оп. 1. - Д. 248. - Л. 118.*
5. *БМДҶТ.. - Ф. 288. - Оп. 3. - Д. 110. - Л. 253.*
6. *БМДҶТ.. - Ф. 288. - Оп. 9. - Д. 21. - Л. 122-123.*
7. *БМДҶТ.. - Ф. 288. - Оп. 9. - Д. 22. - Л. 116.*
8. *Истории таджикского народа. Т.V, 752с.*
9. *История рабочего класса Таджикистана (1917-1970 гг.). Т.1: 1917-1945гг. – Душанбе, 1972. – 303с.*
10. *История таджикского народа. – Душанбе: Дониш, 2010. – Т. IV. – С. 782-936; История таджикского народа / под ред. Р. Масова. – Душанбе, 2004. – Т. V. – 752 с.; История таджикского народа / под ред. Р. Масова. – Душанбе: Империал-Групп, 2011. – Т.VI. –688 с.*
11. *Косымов А., Хамроев М. Развитие орошения земель Советского Таджикистана. - Душанбе, 1965. – 199 с.*
12. *Муҳаммадалӣ, Ф. Қурғонтеппа нигини Вахшонзамин. – Душанбе: Матбуот, 2007. – 192 с.*
13. *Нусратулло Махсум. Речи и доклады, статьи и материалы о его жизни и деятельности. – [Текст] / сост. Р.А. Абулхаев, Н.Б. Хотамов, Х.М. Мухаббатов. – Душанбе: Дониш, 2000. – 228 с.*
14. *Нусратулло Махсум. Речи и доклады, статьи и материалы о его жизни и деятельности. – [Текст] / сост. Р.А. Абулхаев, Н.Б. Хотамов, Х.М. Мухаббатов. – Душанбе: Дониш, 2000. – 228 с.*

15. *Ҳусайнов А. Формирование и развитие топливно-энергетического комплекса Таджикистана (1929-2010гг). – Душанбе, 2020. 326 с.*
16. *Очерк истории колхозного строительства в Таджикистане (1917-1965 гг.), 434с.*
17. *Очерки истории народного хозяйства Таджикистана (1917- 1965 гг.). – 496с.*
18. *Очерки истории народного хозяйства Таджикистана. (1917- 1965 гг.). – 496с.*
19. *Подсчитано автором из данных отчета Госплана ТССР об очистке хлопка-сырца и выходе волокна и семян по хлопкоочистительным заводам ТССР за сезон 1928/29-1930/31 гг. 12 января 1931 г. // ЦГА РТ. -Ф. 20. - Оп. 2. - Д. 1204. - Л.12. Но в отчете весь объем не указан.*
20. *Постановление Бюро ЦК КП(б) Таджикистана «О состоянии работы Министерства водного хозяйства Таджикской ССР» // АЦИПИ КП РТ. – Ф. 3. - Оп. 4. - Д. 988. - Л. 32-34.*
21. *Протокол № 2 заседания Президиума Госплана ТаджССР от 1 октября 1931 г. // АЦПИ КПТ. - Ф. 3. -Оп. 1. - Д. 111. - Л. 317-318.*
22. *Резолюция IV съезду Советов ТССР по докладу Председателя ЦИК Таджикистана «О Вахшском строительстве» // ЦГА РТ. - Ф. 20. - Оп. 2. - Д. 1415. - Л. 176.*
23. *Решения партии и правительства по хозяйственным вопросам (1917-1967 гг.). Т.2: 1929-1940гг. - М.: Политиздат, 1967. – Т. 2. – 798 с.*
24. *Саидов М.С. Трудящиеся Таджикистана в борьбе за освоение Вахшской долины и создание в ней базы по выращиванию тонковолокнистого хлопка. – Душанбе, 1956. – 208с.*
25. *Сучков А.В. Социалистическая индустриализация в Таджикской ССР. – Душанбе, 1965. 164с.*
26. *Таджикская АССР. Отчет правительства за период с декабря 1926 г. по март 1929 г.- Душанбе: Изд-во ЦМК ТАССР, 1929. – 64с.*
27. *Таджикская ССР за 20 лет. – 20с.*
28. *Тезисы отчетного доклада Правительства ТССР IV съезду Советов // Там же. - Л. 26.*
29. *Хакназаров, А., Хусайнов, А., Мусоев, А. Вахшская долина - жемчужина Советского Союза (1924-1991 гг.). – Душанбе: Ирфон, 2017. – 312 с.*
30. *Хусайнов А., Наджмуддинов Т. Исторические аспекты изучения и освоения топливно-энергетических ресурсов Таджикистана (до периода независимости). – Душанбе: Ирфон, 2015. – 199с.*
31. *Юсупов, Ш. Вахшская долина накануне установления Советской власти [Текст] / Ш. Юсупов. – Душанбе: Дониш, 1975. – 31 с.*

РУШДИ ИҚТИСОДИИ ВИЛОЯТИ ҚӮРҒОНТЕППА ДАР СОЛҲОИ 1924-1960

Дар мақола масъалаҳои ташаккул ва рушди хоҷагии халқи водии Вахш дар солҳои 1924–1960 мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф сиёсати иқтисодии Иттиҳоди Шуравӣ нисбат ба Тоҷикистон, махсусан раванди азхудкунии водии Вахш, сохтмони шабакаҳои обёрӣ, рушди пахтакорӣ ва таъсиси корхонаҳои саноатиро таҳлил намудааст. Нақши сохтмони “Вахшсохтмон”, роҳҳои оҳан, истгоҳҳои мошину трактории ва муҳоҷиркунии аҳолӣ аз минтақаҳои кӯҳӣ дар пешрафти иқтисодии вилояти Қурғонтеппа нишон дода шудааст. Ҳамчунин, масъалаҳои механикунонии кишоварзӣ, рушди пахтакории маҳиннах, сохтмони заводҳои пахтатозакунӣ ва равғанбарорӣ, инчунин саҳми аҳолии маҳаллӣ дар корҳои сохтмонӣ ва обёрӣ баррасӣ гардидааст. Хулоса шудааст, ки дар натиҷаи сиёсати иқтисодии давраи шуравӣ водии Вахш ба яке аз минтақаҳои муҳимми агросаноатии Тоҷикистон табдил ёфт.

Калидвожаҳо: водии Вахш, Қӯрғонтеппа, Вахшсохтмон, пахтакорӣ, обёрӣ, саноатикунонӣ, муҳоҷиркунӣ, кишоварзӣ, пахтаи маҳиннах, заводи пахтатозакунӣ.

ЭКОНОМИЧЕСКОЕ СОСТОЯНИЕ КУРГАН-ТЮБИНСКОЙ ОБЛАСТИ В 1924–1960 ГОДАХ

В статье исследуются вопросы формирования и развития народного хозяйства Вахшской долины в 1924–1960 годах. Автор анализирует экономическую политику Советского Союза в отношении Таджикистана, в частности процесс освоения Вахшской долины, строительство ирригационных сетей, развитие хлопководства и создание промышленных предприятий. Показана роль строительства «Вахшстроя», железных дорог, машинно-тракторных станций и переселения населения из горных районов в экономическом развитии Курган-Тюбинской области. Также рассматриваются вопросы механизации сельского хозяйства, развития тонковолокнистого хлопководства, строительства хлопкоочистительных и маслобойных заводов, а также вклад местного населения в строительные и ирригационные работы. Сделан вывод о том, что в результате экономической политики советского периода Вахшская долина превратилась в один из важнейших агропромышленных регионов Таджикистана.

Ключевые слова: Вахшская долина, Курган-Тюбе, Вахшстрой, хлопководство, ирригация, индустриализация, переселение населения, сельское хозяйство, тонковолокнистый хлопок, хлопкоочистительный завод.

THE ECONOMIC CONDITION OF KURGAN-TYUBE REGION IN 1924–1960

The article examines the formation and development of the national economy of the Vakhsh Valley during the period from 1924 to 1960. The author analyzes the economic policy of the Soviet Union toward Tajikistan, particularly the development of the Vakhsh Valley, the construction of irrigation networks, the expansion of cotton cultivation, and the establishment of industrial enterprises. The study highlights the role of the Vakhshstroy construction project, railways, machine and tractor stations (MTS), and the resettlement of populations from mountainous areas in the economic development of the Kurgan-Tyube Region. It also discusses the mechanization of agriculture, the development of fine-fiber cotton production, the construction of cotton-processing and oil-extraction plants, as well as the contribution of the local population to construction and irrigation works. The article concludes that, as a result of Soviet economic policies, the Vakhsh Valley became one of the most important agro-industrial regions of Tajikistan.

Keywords: Vakhsh Valley, Kurgan-Tyube, Vakhshstroy, cotton cultivation, irrigation, industrialization, resettlement, agriculture, fine-fiber cotton, cotton-processing plant.

Дар бораи муаллиф
Мусоев Алишер Қорабоевич
Номзади илмҳои таърих, и.в., дотсенти кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: alisermusoev162@gmail.com

About the author
Alisher Qoraboevich Musoev
Candidate of Historical Sciences, Acting Associate Professor of the Department of Methods of Teaching History and Law
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: alisermusoev162@gmail.com

Об авторе
Мусоев Алишер Корабоевич
Кандидат исторических наук, и.о. доцента кафедры методики преподавания истории и права
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: alisermusoev162@gmail.com

ТДУ 391/395

ОМӮЗИШИ ЭТНОГРАФИЯИ ВМКБ ДАР ЗАМОНИ ШУРАВӢ

Ғуломшоев С. А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқаддима. Яке аз масъалаҳои мубрами таърихнигории муосири тоҷик ин мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додани фаъолияти мардумшиносӣ дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон ба шумор меравад. Мақсади таҳқиқот мавриди омӯзиши қарор додани мардумшиносии тоҷик мебошад, ки он таърихи тулонӣ дошта, асосан баъди аз тарафи Россия ишғол гардидани Осиёи Миёна ва таъсисёбии Генерал-губернатории Туркистон (1867) оғоз гардидааст. Аз ин давра сиёсатмадорону донишмандон, сайёҳону шарқшиносон намоёни рус А.А.Бобринский, А.А.Семёнов, М.С. Андреев, И.И.Зарубин ва дигарон ба омӯзиши тарзи зиндагӣ, урфу одат, сару либос, маданият, забон ва маросиму анъанаи тоҷикони Бухорои Шарқӣ ва Кӯҳистони Бадахшон машғул гардиданд.

Дар ҳамин росто бояд қайд намоем, ки шарқшиносон ва мардумшиносони рус бо вуҷуди мушкилиҳои зиёд, аз ҷумла мавҷуд набунани роҳ, масофаи дури байни водиҳо ва мушкилии иқтисодӣ ба омӯзиши мардумшиносии ВМКБ асос гузоштанд.

Маводҳо ва усулҳо. Дар раванди гузаронидани таҳлили якчанд гуруҳи сарчашмаҳои иттилоотӣ мавриди омӯзиш ва истифодабарӣ қарор гирифтанд. Якум сарчашмаҳо ва китобҳои нодир, дуюм маводҳхои адабиёти илмӣ ва осори мардумшиносон, сеюм маҷмуаҳо ва маҷаллаҳо, чорум тадқиқотҳои олимони соҳаи Этнография мавриди истифода қарор гирифтанд.

Яке аз асосгузорони мардумшиносии Бухорои Шарқӣ ва Бадахшон Алексей Алексеевич Бобринской (1861 - 1938) буда, аз ҳисоби маблағи шахсии хеш, се маротиба солҳои 1895, 1897 ва 1901 ба Осиёи Миёна сафар намуданд. Дар натиҷа доир ба таърих, мардумшиносӣ, дину ойин, урфу одат ва ҳунарҳои мардумии сокинони водии Зарафшон, Қаротегин ва Дарвоз, Рушон, Шуғнон, Вахону Ишкошим дар асарҳояш «Нақшу нигори тоҷикони кӯҳистони Дарвоз» («Орнамент горных таджиков Дарвоза») (1900), «Мазҳаби исмоилия» («Секта исмаилья») (1902) ва «Куҳистониёни болооби Панҷ (вахониён ва ишкошимиён): очерки маишӣ» («Горцы верховое Пянджа (вананцы и ишкашимцы)» (1908) маълумот додааст [2].

Дар ин сафар яке донишҷуи факултети забонҳои Шарқ Донишкадаи забонҳои Лазерови шаҳри Москва Александр Александрович Семёнов, ки аъзоёни фаъоли Ҷамъияти ҳаваскорони табиатшинос, қиёфашинос ва мардумшиносии шуъбаи Императорӣ буд, ширкат намуд.

Соли 1898 Александр Александрович Семёнов бо мақсади омӯхтани урфу одат ва тарзи зиндагии мардуми Шарқ бо ҳамроҳии шарқшиноси намоёни рус А.А.Бобринской ба Осиёи Марказӣ сафар намуда, дар зарфи чор моҳ аз кӯҳистони Зарафшон, Қаротегин, Дарвоз ва Бухоро маводҳои зиёдро дастрас намуданд. Дар натиҷаи тадқиқотҳои саҳроӣ китоби «Материалҳо оид ба омӯхтани шеваи тоҷикони Осиёи Миёна» нашр намуд. Он аз ду қисм иборат буда, қисми якум соли 1900 таҳти унвони «Баъзе хусусиятҳои фонетика ва грамматикаи шеваи тоҷикони кӯҳистон» чоп шуд, ки он дар 13 қисса ё афсона. 5 аз Қаротегин, 8 аз Дарвоз (водии Оби Хингов) ва 9 расм иборат мебошад [12].

Қисми дуюми китоб соли 1901 чоп шуд, ки аз 17 қисса (ё афсона), 4 расм ва луғати шеваи тоҷикони кӯҳистон иборат мебошад. Аз онҳо 13 қисса ба мардуми Дарвоз ва 4 қиссаи дигар Ях- су мансуб мебошанд.

Академик А.А.Семёнов соли 1903 дар асоси маводҳои гирдовардаи соли 1898 асари пуразриши илмиро таҳти унвони «Очеркҳои этнографии кӯҳистони Зарафшон, Қаротегин ва Дарвоз» [13] нашр намуд. Ин асар дар асоси маводҳои фаровон интишор ёфта, доир ба таъриху маданият, урфу одат ва дину мазҳаби сокинони Тоҷикистон маълумот медиҳад.

Мақсад тадқиқот. Аз таҳлили асарҳои муҳаққиқони рус ва сатҳи омӯзиши этнографии ВМКБ аз ҷониби мардумшиносони тоҷик дар XX ва ибитидои асри XXI иборат мебошад, ки он ба ҳалли муваффақонаи вазифаҳои мушаххаси зерин вобастагӣ дорад:

- муайян намудани сабабҳои омӯзиши этнографии Бухорои Шарқӣ ва Бадахшон аз ҷониби мутахассисон ва мардумшиносони рус;

- нишон додани дараҷаи омӯзиши ва дараҷаи ҷамъоварии маълумоти этнографии ВМКБ аз ҷониби муҳаққиқони рус;

- муайян кардани давраҳои асосии омӯзиши этнографии ВМКБ ва таҳлили маълумоти бисёрҷанбаи этнографии муҳаққиқон;

- нақши донишмандон ва мардумшиносон дар омӯзиш ва баҳогузории этногафиии водиҳои кӯҳистони Бадахшон.

Дар ибтидои асри XX сарзамини Осиёи Марказӣ ва Бадахшон яке аз минтақаҳои дурдасту касногузар ва камомӯхташудаи Россияи подшоҳӣ ба шумор мерафт. Баъди таъсисёбии Осорхонаи мардумшиносии халқҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон дар Россия, аз соли 1903 Кумитаи омӯзиши Осиёи Миёна барои омӯзиши минтақаҳои Россия дар осорхона бахшҳои махсус таъсис дода, дар он ҷо нигораҳои этнографии ҳар як минтақа ба номоиш гузошта мешуданд. Аз соли 1918 бахши мустақили як шуъбаи осорхона ба Осиёи Миёна бахшида шуда, яке аз муассисони он шарқшиноси намоёни рус Иван Иванович Зарубин ба шумор меравад [3, 180 -221].

Аз ибтидои асри XX омӯзиши пурраи мардумшиносии ВМКБ оғоз гардида, мардумшиносони рус М.С.Андреев ва И.И.Зарубин пойдевори онро гузоштанд. Дар солҳои 20-уми асри гузашта И.И.Зарубин ва шарқшиноси фаронсиявӣ Роберт Гото ба Бадахшон сафар намуда, маводҳои фаровони мардумшиносиро дастрас намуданд, ки як қисми онро И.И.Зарубин Осорхонаи марказии Россия интиқол доданд.

9 январи соли 1925 дар Тошканд ҷаласаи муассисони «Ҷамъияти омӯзиши Тоҷикистон ва халқиятҳои эронии берун аз ҳудуди он» баргузор гардид, ки ба ҳайати он мардумшиинос М.С. Андреев, муаррих А.А. Семёнов ва академик В.В. Бартолд интихоб шуданд.

Ҷамъияти мазкур аз ду шуъба иборат буда, роҳбари шуъбаи мардумшиносӣ М.С.Андреев таъин гардида, соли 1927 эъзомияи Яғноб ва соли 1929 Бадахшонро ташкил намуд. Мақсади эъзомия аз омӯзишу муайян намудани таркиби этникии аҳолии Туркистону Бухоро ва тартиб додани харита этникии ин сарзамин иборат буд.

Соли 1932 бахши таъриху забоншиносӣ дар ҳайати Пойгоҳи Тоҷикистонии Академияи илмҳои ИҶШС таъсис ёфта, аъзоёни он Н.А.Кисляков ба водии Ванҷ (ВМБК), Е.М.Пешеров ба Сталинободу Қаратоғ (1940) бо мақсади омӯхтани анъанаҳои мардумшиносӣ сафар намуданд.

Яке аз асосгузорони омузиши этнографии Тоҷикистон ва ВМКБ Михаил Степановия Андреев ба шумор меравад, ки дар давраи пеш аз инқилобӣ се бор (солҳои 1902, 1903, 1907) ба Бадахшон сафар карда, томӯзиши саҳроиро дар Вахон, Ишкошим, Язгулом, Хоруғ ва деҳаи Хуф ноҳия Рӯшон оғоз намуданд. Вай аввалин аврупоие буд, ки бори нахуст соли 1907 ба водии Хуф омада, оид ба лаҳҷа, урфу одат ва тарзи ҳаёти сокинони хуфи ноҳияи Рушон маводро ҷамъоварӣ намуданд. Андреев М.С. соли 1901 дар аввалин мулоқот бо як сокини ин водии Хуф дар Тошканд ба омӯзиши лаҳҷаи хуфӣ оғоз карда буд. Соли 1910, М.С.Андреев ҳангоми сафар ба Афғонистон «бо мулло Бекмаҳмад аз Дарвоз вохӯрд» ва аз ӯ дар бораи зиндагии оилавии мардуми Дарвоз» маълумот мегирад» [4].

Андреев М.С. яке аз бунёдгузори илми мардумшиносии тоҷик ва муҳақиқони барҷастаи тоҷикони кӯҳистон буда, доир ба тарзи зиндагӣ, забон ва урфу одати сокинони Яғноб, Язгулом ва водии Хуфи ноҳияи Рушони ВМКБ маълумот додааст.

Дар байни таълифоти М.С.Андреев, асари мондагори ӯ “Тоҷикони водии Хуф” мақоми хосро ишғол менамояд, ки он соли 1953, 1958 ва маротибаи дуюм соли 2019 нашр гардид. Ин асар бо маълумоти фаровон ва доираи фарогирии масъалаву мавзуъ ва таҳлили мушаххас яке аз беназиртарин тадқиқоти этнографӣ маҳсуб меёбад.

Пас аз ҳама маълумоти таърихии М. С. Андреев оид ба Бадахшон ба хусус водии Хуф исбот менамоянд, ки дар ин сарзамин аҷдодони тоҷикон аз замонҳои қадим сукунат дошта, дар рушду нумӯи фарҳанги эронитаборон бевосита ширкат намудаанд.

Доир ба таҳқиқу расму русум, анъанаҳои мардумии водии Хуф ва давраҳои асосии он муаллиф ба хулосае меояд, ки аксарияти онҳо дар водии Хуф ҳифз монда, айни замон ба ҷо оварда мешаванд. Ҳамчунин онҳо барои рушди туризм, эҳё намудани анъаноти халқи тоҷик заминаи муътамад ба шумор мераванд [1].

Азбаски минтақаи Бадахшон дар бунбасти табии қарор дошта, фарҳанги ин мардуми аз ҳуҷуми аҷнабиён камтар зарар дидааст, расму русум ва суннатҳои ин минтақа пурра то ба замони муосир расиданд.

Масъалаи дигаре, ки метавонад мутахассисонро ба тарафи худ ҷалб намояд, ин тӯи арӯсӣ, рақсу сурудҳои мардуми водии Хуф мебошад, ки он низ дар ин асар М. С. Андреев ба тарзи муфассал шарҳ ёфтааст.

Соли 1943 таҳти роҳбарии М.С.Андреев аз тарафи Институти таърих, забон ва адабиёт гурӯҳи калони корӣ ба ВМКБ ва Панҷакент сафар намуда, маводҳои зиёдро гирд оварданд.

Дар натиҷа дар асоси маводҳои гирдоварда экспедитсияҳо соли 1948 бо ташаббуси М.С.Андреев дар назди Институти таърих кабинет ва осорхонаи мардумшиносӣ ташкил ёфтанд. Пас аз вафоти М.С.Андреев (1948) мудири кабинети мардумшиносӣ А.К.Писарчик таъин карда шуд.

Соли 1951 дар баробари ташкилёбии Академияи илмҳои Тоҷикистон ва Институти таърих, бахши мардумшиносӣ таъсис ёфта, яке аз мардумшиносони намоён, академик А.А.Семёнов роҳбари институти таъин шуд. Институт аз шуъбаи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ иборат буд. Вазифаи шуъбаи мардумшиносӣ асосан, аз ҷамъоварию омӯзиши боқимондаи фарҳанги моддӣ ва маънавӣ, тарзи зиндагӣ, сару либос, намудаҳои ҳунармандӣ, оину суннат ва гуруҳҳои этникӣ иборат буд.

Дар баробари кушодашавии шуъбаи мардумшиносӣ ба фаъолияти он мардумшиносон А.К.Писарчик (солҳои 1951-1965), Н.Н. Ершов (солҳои 1965-1971), М.А. Ҳомидҷонова (солҳои 1971-1985), И.Муҳиддинов (солҳои 1985-1990), З. Юсуфбекова (солҳои 1990-1998), З. Мадамиҷонова (солҳои 1998-2007) ва Л. Додхудоева (аз соли 2008 то кунун) роҳбарӣ намуданд [10].

Бо ташаббуси шуъбаи мазкур дар солҳои 1951-1957 яке аз калонтарин экспедитсияҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ ташкил гардид, ки ба фаъолияти он Н.А.Кисляков, Н.Н. Ершов, А.К. Писарчик ва Н.Х.Нурҷонов роҳбарии менамуданд. Дар натиҷаи тадқиқот маводҳои фаровон гирд оварда, асарҳои бунёдии «Тоҷикони Қаротегин ва Дарвоз» (1966, 1970, 1976) дар се бароориш нашр карда шуданд [15].

Инчунин дар натиҷаи сафарҳои илмӣ ин давра тадқиқотҳои бунёдии И.Муҳиддинов доир ба соҳаи обёрӣ ва кишоварзӣ дар ноҳияи Ишкошими ВМКБ нашр гардиданд [8].

Ҳадафи асосии фаъолияти шуъбаи мардумшиносӣ рушди илми мардумшиносӣ дар Тоҷикистон, гирдоварии мавод дар маҳалҳо ва эҷоди бойгонии маводи экспедитсияҳои мухталиф, интишори тадқиқот буд. Вазифаҳои асосӣ дар он давра омӯзиши фолклор, расму русум, масъалаи ҷинсият, саноати дастӣ ва этнологияи халқҳои маскуни дар ҳудуди он ба шумор мерафт.

Соли 1958 бо мақсади омӯзиши ВМКБ гурӯҳи бостоншиносон бо роҳбарии Б.А.Литвинский ба Помири шарқӣ сафар намуда, қабристонҳои сакоиҳоро мавриди тадқиқ қарор доданд.

Дар баробари маводҳои бостоншиносӣ маводи мардумшиносӣ низ дарёфт намуда, академик Б.А.Литвинский доир ба «Семантикаи ақоидҳои динӣ дар Помир» [6] маълумот додаанд. Аз ҷумла қайд мекунад, ки баъзе аломатҳои ақоиди динии мардум хеле қадим буда, ба давраи пеш аз зардуштӣ, яъне ба эрониёни қадим рост меояд.

Литвинский Б.А. дар масъалаи омӯзиши баъзе масъалаҳои забоншиносӣ такя намуда, қайд мекунад, ки калимаи «Офтоб» дар забонҳои помирӣ аз ҷумла забони ишкошимӣ - ремузд, ремуз, сангелеҷӣ - ормозд, мунҷонӣ - ормозд ва забони хутанӣ-сакоӣ урмаязрде аз талаффузи сакоии эрони қадим Аҳура Маздо гирифта шудааст. Муқаддас доштани офтоб, об, замин ва осмон дар ВМКБ низ решаи ҳиндуаврупоӣ дорад.

Дар мақолаи «Семантикаи ақоидҳои динӣ дар Помир» академик Б.А.Литвинский ба маводҳои мардумшиносии гурӯҳои этникии ВМКБ ва сокинони кишварҳои ҳамсарҳади он Гилгит, Бадахшони Афғонистон ва Ҳиндустон такя карда, ба чунин хулоса омад: «паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти мардуми Помир нишон медиҳанд, ки баъзе бовариҳои мардумӣ, урфу одат аз ҷиҳати генезис бо Ислом рабт надошта, дар асл ба фарҳанги ҳиндуэрониҳо (дар ибтидо ба ҳиндуаврупоӣ) мерасад [6].

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар солҳои 50 - 60 асри XX муассисаҳои илмии Шуравӣ як гурӯҳи олимони боистеъдодро барои омӯхтани ВМКБ сафарбар намуданд. Ҳамин тариқ, дар соли 1959 барои ҷамъоварӣ ва омӯзиши дасхатҳои гуногун бо супориши Академияи илмҳои ИҶШС ба ВМКБ экспедитсияи илмӣ фиристонида шуд.

Дар вақти гирдоварии маводи мардумшиносӣ аксбардории объектҳои мухталифи меъмории моҳияти дунявӣ ва мазҳабӣ (қалъаҳо, мазорҳо, масҷидҳо, манзилгоҳҳо), топонимӣ ва топографидошта, дар бар мегирад. Дар заминаи фарҳанги моддӣ шаклҳои манзилгоҳҳо, сару либос, қаннодии мардумӣ сабт карда шуданд.

Дар омӯзиши этнографияи тоҷикон аз солҳои 50-ум то пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ чунин муҳаққиқони машҳури рус ба мисли Н.Н.Ершов, Н.А. Кисляков, О. А. Сухарева, Л.Ф. Моногарова, туркшинос Л.П. Потапов мусоидат намуданд.

Дар омӯзиши мардумшиносии шуравии тоҷик Н.Н.Ершов (1904-1980) нақши калон бозид. Вай соли 1930 ба Тоҷикистон омада, солҳои 1965 - 1972 ба сифати мудири шуъбаи мардумшиносии Институти таърихи Академияи илмҳои Тоҷикистон фаъолият намуданд.

Дар ин давра ба омӯзиши ҳаёти оилавию иҷтимоӣ, суннату анъанаҳои гуногуни халқи тоҷик машғул гардида, ба Истравшан, Чоркӯҳ, Конибодом, Қаратоғ, Ғарм ва ВМКБ сафар намуданд.

Соли 1954 Н.Н.Ершов ба экпедисияи Дарвоз роҳбарӣ намуда, аз он ҷо 264 нигораҳои гуногун ҷамъоварӣ намуданд, ки як қисми онҳо то кунун дар осорхонаи мардумшиносии АМИТ маҳфуз мебошанд. Аз ҷумла дар байни онҳо маҳсулоти кулолии зани Дарвозӣ Сайлонбӣ Саҳобшоева хеле ҷоллиб мебошанд.

Соли 1969 Н.Н.Ершов бо ҳамкории З.А.Широкова «Албоми либоси тоҷикон» [5], соли 1977 «Албоми санъати амалии халқи тоҷик» ва маҷмуаи аксҳои «Санъати халқии Тоҷикистон»-ро аз нашр намуданд.

Мардумшиноси дигар Анна Зиновевна Розенфелд (1910-1990) мебошад, ки солҳои 1951 -1955 дар Институти забон ва адабиёти АИ ҶШС Тоҷикистон фаъолият намуд. Ӯ ҳанӯз аз соли 1932 дар экспедитсияи муштаркаи АИ ИҶШС иштирок намуда, доир ба эътиқодоти пеш аз исломии сокинони водии Бартанг маводҳои зиёдро ҷамъ намудааст. Инчунин дар Розенфелд А.З. дар омӯзиши фолклори форсу тоҷик, топонимика (номҳои ҷуғрофӣ), мардумшиносӣ ва асотиршинсӣ саҳми босазо дошта, муаллифи асарҳои «Лаҳҷаҳои бадахшонии забони тоҷикӣ», «Лаҳҷаҳои ванҷии забони тоҷикӣ» [11] ва ғайраҳо мебошад.

Инчунин мардумшиносӣ рус Л.Ф.Моногарова доир ба муносибатҳои оиладорӣ, урфу одат ва боварию эътиқоди сокинони ВМКБ маълумот додааст. Яке аз асарҳои пуразриши ӯ «Маводҳо доир ба мардумшиносии Язгулом» мебошад, ки доир ба фарҳанги моддӣ ва хоҷагидорӣ, либос, хонаи истиқоматӣ, ҳаёти ҷамиятию оилавӣ, бовариҳо ва эътиқоду урфу одатҳо, маросими таваллуди кӯдак, машғулият ва эҷодиёти даҳонии халқ (фолклор) маълумот додааст. Дар тадқиқоти ӯ маросимҳои динӣ, рақси мотам, аъзодорӣ ва дигар аломатҳои динҳои ибтидоӣ хеле ҷолиб омӯхта шудаанд [7].

Доир ба масъалаи омӯзиши мардумшиносӣ ва забоншиносии Помири Ғарбӣ забоншиносони намоёни шуравӣ М.Н. Боголюбов, Б. Соколова, Т.Н. Пахалина, И.М. Стеблин-Каменский, Д.И. Эдельман ва дигарон маълумот доданд.

Соли 1967 дар Институти забон ва адабиёти Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон (феълан АМИТ) бахши забонҳои бадахшониро ташкил намуда, аз соли 1974 онро ба шуъбаи помиршиносӣ табдил доданд.

Дар омӯзиши забон ва эҷодиёти даҳонии халқ Бадахшон забоншиноси шуравӣ рус Иван Михайлович Стеблин-Каменский (1945-2018) нақши бузург дорад. Аз солҳои 70-уми асри XX ба ВМКБ сафар карда, маводҳои зиёдро оиди фолклори мардуми Вахон ҷамъоварӣ намуд. Ӯ муаллифи асарҳои «Фарҳанги растаниҳо дар забонҳои Помирӣ», «Афсонаҳои мардуми Помир» ва «Луғати этимологии забони вахонӣ» мебошад. Дар асоси маводҳои гирдовардаи доир ба рӯзгор ва маросими мотами вахониён маълумот додааст [14].

Инчунин дар омӯзиши мардумшиносӣ ва забоншиносии ВМКБ забоншиносӣ барҷастаи рус Татяна Николаевна Пахалина (1928-1995) хизмати калон намуданд. Ӯ аз солҳои 1951-1954 бо роҳбарии И.И.Зарубин ба омӯхтани забонҳои бадахшонӣ оғоз намуда, соли 1955 рисолаи номзадиро дар мавзуи «Забони Ишкошимӣ» дифоъ намуданд. Асарҳои бунёдии ӯ доир ба омӯзиши забонҳои Бадахшонӣ «Забони Ишкошимӣ», «Забони Сариқулӣ», «Забонҳои Помирӣ», «Забони Вахонӣ», «Морфологияи таърихӣ муқоисавии забонҳои Помирӣ» [8] ва ғайраҳо мебошанд.

Муҳаққиқи барҷастаи забонҳои шарқиэронӣ эроншинос ва ҳиндшинос Ҷой Иосифна Эделман мебошад, ки аз солҳои 60 –ум ба омӯзиши забонҳои бадахшонӣ оғоз намуданд. Соли 1964 дар мавзуи «Забони Язгуломӣ» [16] рисолаи номзадиро дифоъ намуд. Муҳаққиқ дар солҳои Ҳокимияти Шуравӣ ба водии Язгулом сафар карда, маводи зиёди забоншиносиро гирд оварда. Соли 1966 монографияи «Забони язгуломӣ» ва соли 1971 луғати «Забони русӣ-язгуломӣ» -ро [17] нашр намуданд.

Хулоса, муҳаққиқони тоинқилобӣ ва Шуравии рус дар омӯзиши этногафияи водиҳои дурдасти ВМКБ - Ванҷ, Язгулом, Дарвоз, Рӯшон, Шуғнон ва Вахон пешсаф буда, доир ба урфу одат, анъанаҳои кишоварзӣ, чорводорӣ ва ҳунармандӣ асарҳои бунёдиро фарҳангӣ корҳои дар пайравии онҳо мактаби мардумшиносии тоҷик ташкалпойдевори омӯзиши мардумшиносӣ ва бузурги илмиро анҷом доданд. Муҳаққиқон бо вуҷуди мушкилиҳои зиёд ба сафар намуда, анъанаҳои этнографии ин минтақаи кӯҳистонро ба ҷаҳониён муаррифӣ намуданд.

Яке аз дастовардҳои бузуртарини шуъбаи мардумшиносии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониш нашри асарҳои бунёдии М.С.Андреев «Тоҷикони водии Хуф» (1953, 1956, 2019), «Тоҷикони Қаротегин ва Дарвоз» (1966, 1970,

1976), Н.Нурҷонов, К.Файзуллоев, Б.Қобилова «Ҳунари мусиқии Помир» (1978, 1986, 2010, 2014, 2015) доир ба санъати рақс ва овозхонии Бадахшон мебошанд.

Марҳилаи омӯзиши пурраи этнографии ВМКБ солҳои 1960-1990-ро дарбар гирифта, маҳз дар ҳамин давраи мактаби мардумшиносии тоҷик рушд намуда аввалин мутахассисони маҳаллӣ ба камол расиданд.

Адабиёт

1. *Андреев М.С. Таджики долины Хуф. – Вып. 1. - Сталинабад, 1953. - 248 с.; Вып. 2. - Сталинабад, 1958. - 526 с.*
2. *Бобринской А.А. Орнамент горных таджиков Дарвоза (Нагорная Бухара). - М., 1900; Секта исмаилья. - М., 1902; Очерк быта. - М., 1908. - 150с.*
3. *Бронникова О.М., Вишневецкая В.А. Каталог коллекций отдела Средней Азии и Казахстана МАЭ // Памятники традиционно- бытовой культуры народов Средней Азии, Казахстана и Кавказа. – Л., 1989. – 300 с.*
4. *Додхудоева Лариса. Научное наследие А. А. Семенова и М. С. Андреева (архивные документы). – Душанбе, 2013. – 266 с.*
5. *Ершов Н.Н., Широкова З.А. Альбом одежды таджиков /АН ТаджССР, Ин-т истории им. А. Дониша. - Душанбе, 1969. – 34 с.*
6. *Литвинский Б.А.Семантика древних верований и обрядов памирцев // Средняя Азия и ее соседи в древности и средневековье. - М., 1981. - С. 90 -121.*
7. *Моногарова Л.Ф. Материалы по этнографии Язгулемцев // СЭС. - Т. 47. - С.3-94.*
8. *Мухиддинов И. Особенности традиционного земледельческого хозяйства припамирских народностей в XIX - начало XX века. - Душанбе, 1984. – 194 с.*
9. *Пахалаина Т. Н. Ваханский язык. - М., 1975; Ишкашимский язык. - М.: Наука, 1959; Памирские языки. - М., 1969; Сарыкольский язык. - М., 1966; Сравнительно-историческая морфология памирских языков. - М., 1989.*
10. *Писарчик А.К. Этнографические работы в Таджикистане (1920-1990г.г.). - Душанбе, 2002. – 169 с.*
11. *Розенфелд А.З. Бадахшанские говоры таджикского языка. - Л.,1971. -191с.; Ванджские говоры таджикского языка. - Л.,1964; Материалы по этнографии пережиткам верований таджикоязычного населения Советского Бадахшаном // СЭ. - 1970. - №3. - С.114-119.*
12. *Ғуломшоев С. Академик А.А.Семёнов - китобшинос // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ (Нашрияи ДДОТ ба номи С.Айнӣ). – Душанбе, 2024. - № 2 (109). – С. 208 - 212.*
13. *Семёнов А. Материалы для изучения наречия горных таджиков Центральной Азии. – Ч.1. - М., 1900, Ч.2. – 1901; Этнографические очерки Зарафшанских гор, Каратегина и Дарваза. - М., 1903.*
14. *Стеблин-Каменский И.М. Культурные растения в памирских языках. Очерки по истории лексики памирских языков. Названия культурных растений. - М., 1982.-168с.; Сказки народов Памира. Перевод с памирских языков. - М., 1976. -536с.; Этимологический словарь ваханского языка. - СПб., 1999. - 480с.; Повседневная и ритуальная пища ваханцев // Страны и народы Востока. - Вып. XVI. - Памир. - М., 1975. - С.192-209.*
15. *Таджики Каратегина и Дарваза. - Душанбе. - Вып.1. -1966. Вып. 2. - 1970. Вып. 3. - 1976. (конец XIX-начало XXв.). – Душанб, 2001.*
16. *Эдельман Д. И. Язгулямский язык: Автореферат дисс. ... канд. филол. наук. - М., 1964. - 25 с.*
17. *Эдельман Д. И. Язгулямский язык. - М.: Наука, 1966. - 219 с.; Язгулямско-русский словарь. - М.: Наука, 1971. - 354 с.*

ОМӮЗИШИ ЭТНОГРАФИЯИ ВМКБ ДАР ЗАМОНИ ШУРАВӢ

Мақолаи мазкур доир ба нақши мардумшиносони намоёни рус А.А.Бобринский, В.В. Бартолд, А.А.Семёнов, И.И.Зарубин дар омӯзиши этнографияи ВМКБ маълумот медиҳад. Ин мактаби дар замони собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ташаккул ёфта, ба омӯзиши этнографии ВМКБ олимони барҷаста М.С. Андреев, Н.А.Кисляков, Н.Н. Ершов, А.К. Писарчик, Л.Ф. Моногарова, З.А. Широкова, А.З. Розенфелд, И.Муҳиддинов, Х.Нурҷонов, Т.Н. Пахалина, Д.И.Эдельман, И.М.Стеблин-Каменский ва дигарон машғул гардиданд. Бузуртарини дастоварди мактаби мардумшиносии Шуравии тоҷик нашри асарҳои бунёдии М.С.Андреев «Тоҷикони водии Хуф» (1953, 1956, 2019), «Тоҷикони Қаротегин ва Дарвоз» (1966, 1970, 1976), китобҳои Н.Нурҷонов, К.Файзуллоев, Б.Қобилова «Ҳунари мусиқии Помир» (1978, 1986, 2010, 2014, 2015) «Албоми либоси тоҷикон» Н.Ершов, «Маводҳо доир ба мардумшиносии Язгулом»-и Л.Ф.Моногарова ва ғайраҳо мебошанд, ки доир ба муносибатҳои оиладорӣ, хоҷагидорӣ, хонаю либос, боварию эътиқод ва маросими таваллуди кӯдак, урфу одат ва санъати мусиқии сокинони водиҳои дурдасти Ванҷ, Язгулом, Рӯшон, Шуғнон ва Вахони ВМКБ маълумот медиҳанд.

Калидвожаҳо: мардумшиносӣ, урфу одат, ҳунарҳои мардумӣ, бофандагӣ, эътиқод, нақшу нигор, рақсу мусиқӣ.

ИЗУЧЕНИЕ ЭТНОГРАФИИ ГБАО В СОВЕТСКИЙ ПЕРИОД

Данная статья посвящена роли выдающихся русских этнографов, таких как А.А. Бобринский, В.В. Бартольд, А.А. Семёнов и И.И. Зарубина, в изучении этнографии Горно-Бадахшанской автономной области (ГБАО). Именно их научная деятельность заложила основу советской школы этнографии. В период существования Советского Союза эта школа получила дальнейшее развитие, и к изучению этнографии ГБАО были привлечены видные учёные, М.С. Андреев, Н.А. Кисляков, Н.Н. Ершов, А.К. Писарчик, Л.Ф. Моногарова, З.А. Широкова, А.З. Розенфельд, И. Мухиддинов, Х. Нурджонов, Т.Н. Пахалина, Д.И. Эдельман, И.М. Стеблин-Каменский и другие. К числу важнейших достижений советской таджикской этнографической школы относится издание фундаментальных трудов: М.С. Андреева «Таджики долины Хуф» (1953, 1956, 2019) и «Таджики Каратегина и Дарваза» (1966, 1970, 1976), а также книги Н. Нурджонова, К. Файзуллоева и Б. Кобиловой «Музыкальное искусство Памира» (1978, 1986, 2010, 2014, 2015), «Альбом таджикской одежды» Н.Н. Ершова и «Материалы по этнографии Язгулема» Л.Ф. Моногаровой. Выше названные труды содержат ценные сведения о семейных отношениях, хозяйственной деятельности, жилище, одежде, религиозных верованиях и обрядах, традициях, связанных с рождением ребёнка, обычаях и музыкальном искусстве жителей отдалённых долин Ванджа, Язгуляма, Рушана, Шугнана и Вахана ГБАО.

Ключевые слова: этнография, обычаи и традиции, народные ремёсла, ткачество, религия, орнамент, танец и музыка.

STUDY OF THE ETHNOGRAPHY OF GBAO DURING THE SOVIET PERIOD

This article is devoted to the role of prominent Russian ethnographers such as A.A. Bobrinsky, V.V. Bartold, A.A. Semyonov, and I.I. Zarubina in the study of the ethnography of the Gorno-Badakhshan Autonomous Region (GBAO). Their scientific activity laid the foundation for the Soviet school of ethnography. During the existence of the Soviet Union, this school further developed, attracting leading scholars to the study of GBAO, including M.S. Andreev, N.A. Kislyakov, N.N. Ershov, A.K. Pisarchik, L.F. Monogarova, Z.A. Shirokova, A.Z. Rozenfeld, I. Mukhiddinov, Kh. Nurdzhonov, T.N. Pakhalina, D.I. Edelman, I.M. Steblin-Kamensky, and others. Among the most important achievements of the Soviet Tajik ethnographic school are the publication of the fundamental works such by M.S. Andreev, “Tajiks of the Khuf Valley” (1953, 1956, 2019) and “Tajiks of Karategin and Darvaz” (1966, 1970, 1976), as well as the book by N. Nurdzhonov, K. Faizulloev, and B. Kobilova, “Musical Art of the Pamirs” (1978, 1986, 2010, 2014, 2015), “Album of Tajik Clothing” by N.N. Ershov, and “Materials on the Ethnography of Yazgulem” by L.F. Monogarova. The above-mentioned works contain valuable information on family relations, economic activities, food and clothing, beliefs and rituals, traditions associated with childbirth, customs, and musical art of the inhabitants of remote valleys such as Vanj, Yazgulom, Rushan, Shugnan, and Wakhan in GBAO.

Keywords: ethnography, customs and traditions, folk crafts, weaving, beliefs, religion, ornament, dance, and music.

Дар бораи муаллиф
Гуломшоев Силемоншо Акимшоевич
Номзади илмҳои таърих, дотсенти
кафедраи таърихи халқи тоҷик
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: gulomshoev@mail.ru

Об авторе
Гуломшоев Силемоншо Акимшоевич
Кандидат исторических наук, доцент
кафедры истории таджикского народа
Таджикский государственный
педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: gulomshoev@mail.ru

About the author
Ghulomshoev Silemonsho Akimshoevich
Candidate of Historical Sciences, Docent of the
department History of the Tajik people
Tajik State Pedagogical University named
after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe,
Rudaki Ave., 121
E-mail: gulomshoev@mail.ru

ТДУ 069.01:930.85(575.3)

ТАҲАВВУЛОТ ВА РУШДИ НИЗОМИ ОСОРХОНАҲО ДАР ШАРОИТИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ

Эмомов М.
Осорхонаи адабии Садриддин Айнӣ

Баъди соҳибистиқлол гардидан Ҷумҳурии Тоҷикистон ба марҳалаи сифатан нави рушди таърихӣ ворид гардид, ки он тағйироти сиёсӣ ва иқтисодӣ ва таҳаввулоти фарҳангию маънавиро дар пай дошт. Дар баробари ин масъалаҳои эҳёву ҳифз ва муаррифии мероси таърихию фарҳангӣ ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфт. Осорхонаҳо ҳамчун ниҳодҳои ҷамъиятӣ ва илмӣ, ки вазифаи ҳифз, таҳқиқ ва таблиғи осори моддӣ ва маънавии миллатро бар дӯш доранд, дар ин раванд нақши калидӣ мебозанд.

Дар давраи пеш аз соҳибистиқлолӣ фаъолияти осорхонаҳо асосан дар доираи низоми марказонидашудаи идеологӣ сурат мегирифт ва мазмуну муҳтавои экспозитсияҳо бештар ба талаботи сиёсати умумии давлати шуравӣ мутобиқ карда мешуд. Бо фаро расидани истиқлолият зарурати бознигарии консептуалии фаъолияти осорхонаҳо, тағдиди сохтор, таҳияи барномаҳои нави илмӣ-назариявӣ ва мутобиқ намудани фаъолияти онҳо ба манфиатҳои давлатдории миллӣ ба миён омад. Ин раванд масъалаи ташаккули модели миллии осорхонадорӣ, таҳкими заминаҳои ҳуқуқӣ ва такмили низоми идоракунии соҳаро ба миён гузошт.

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки масъалаи осорхона ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ, падидаи фарҳангӣ ва фазои муошират маънавӣ дар илми муосири осорхонашиносӣ ва фарҳангшиносӣ ба таври густурда мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Бо вуҷуди ин, баррасии ҳамаҷонибаи он дар заминаи воқеияти иҷтимоию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз ҳам ба таҳқиқоти низомманд ниёз дорад.

Осорхонаҳо дигар танҳо махзани нигоҳдории ашёи қадима нестанд. Олимон Е. М. Акулич ва М. А. Лаптева собит кардаанд, ки осорхона як ниҳоди муҳимми иҷтимоӣ буда, вазифаҳои муошират ва маърифатро иҷро мекунад [1; 2]. Имрӯз дар шароити глобализатсия, чуноне ки пажуҳишгарон Е. А. Антипова ва Петрунинаҳо таъкид менамоянд, осорхонаҳо аз шакли анъанавии худ баромада, ба иштирокчии фаъоли равандҳои фарҳангӣ табдил ёфтаанд [12; 13].

Ин падида ҷанбаи амиқи фалсафӣ низ дорад. Муҳаққиқон Г. И. ва О. В. Герасимовҳо осорхонаро ҳамчун «фазои идеалӣ» ва махзани хотираи таърихӣ арзёбӣ мекунанд [3; 4; 5], А. И. Фофин бошад, онро майдони муколамаи фарҳангҳо меномад [15]. Албатта, асосҳои низомиву амалии ин соҳа ҳанӯз дар асарҳои классикии К. Г. Левикин, Н. И. Рубан ва А. И. Михайловская тарҳрезӣ шуда буданд [10; 11].

Вале бо вуҷуди ин ҳама таҳқиқоти ҷаҳонӣ, нақши осорхонаҳо дар шароити кунунии Тоҷикистон ҳанӯз ба таври комил омӯхта нашудааст.

Барои расидан ба ин ҳадаф ва дақиқ омӯхтани соҳа, мо аз усулҳои гуногуни илмӣ истифода бурдем. Мо таърихи осорхонаҳоро муқоиса кардем, сохтору вазифаҳои иҷтимоии онҳоро таҳлил намудем ва фаъолияти имрӯзаи осорхонаҳои муосири Тоҷикистонро аз наздик мушоҳида кардем.

Дар маркази ин таҳқиқот раванди рушди тамоми низоми осорхонаҳои кишвар дар давраи Истиқлолияти давлатӣ меистад. Мо кӯшиш кардем нишон диҳем, ки сиёсати фарҳангии давлат чӣ гуна ба фаъолияти осорхонаҳо таъсир мерасонад ва онҳо дар шароити нави ҷомеа бо чӣ гуна хусусиятҳову тамоюлҳо рушд мекунанд.

Осорхонадорӣ на танҳо зерсохтори соҳаи фарҳанг, балки омили асосии ҳифзи мероси таърихӣ ва ташаккули ҳувияти миллист. Тоҷикистон бо гуногунрангии этникӣ ва анъанаҳои нодири худ фазои беҳтарин барои рушди ин соҳа мебошад. Истиқлолияти давлатӣ дар соли 1991 соҳаи фарҳанги кишварро ба куллӣ дигаргун сохт ва зарурати тағдиди равишҳои кӯҳнаву такмили қонунгузории осорхонаҳоро ба миён оварад.

Таърихи осорхонадории мо даҳсолаҳоро дар бар гирад ҳам, маҳз дар давраи пасошуравӣ он ба тағйироти ҷиддӣ рӯ ба рӯ шуд. Осорхонаҳо тадриҷан аз маҳалли одии нигоҳдории осори қадима ба марказҳои фаъоли иҷтимоӣ табдил ёфтанд. Имрӯз дар ин ҷо намоишгоҳҳо, лексияҳо, машғулиятҳои омӯзишӣ ва маҳфилҳои фарҳангӣ баргузор мешаванд, ки қишрҳои гуногуни ҷомеаро ба муколама мекашанд. Вале бо вуҷуди ин

дастовардҳо, соҳаи осорхонадорӣ дар Тоҷикистон ҳанӯз ҳам бо як қатор мушкилоти сохториву ташкилӣ рӯ ба рӯ аст, ки ҳалли фарогирро талаб мекунанд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи осорхонаҳо ва фонди осорхонаҳо», ки 3 июли соли 2012 таҳти №838 қабул гардидааст, ҳамчун санади бунёдии соҳа дар марҳилаи соҳибистиқлолӣ, заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии фаъолияти осорхонаҳоро дар шароити давлатдории навин муайян намуд. Қабули ин Қонун дар заминаи татбиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифта, ифодаи равшани ислоҳоти сохторӣ ва ҳуқуқӣ дар соҳаи фарҳанг ба шумор меравад.

Пеш аз ҳама, моддаи 2, ки заминаҳои қонунгузории соҳаи осорхонаҳоро муайян мекунад, нишон медиҳад, ки фаъолияти осорхонаҳо дар низоми ягонаи ҳуқуқии миллӣ ҷойгир буда, ба Конститутсия, қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ такя мекунад. Ин муқаррарот дар давраи истиқлол аҳаммияти хоса пайдо намуд, зеро бори аввал соҳаи осорхонашиносӣ ҳамчун бахши мустақили сиёсати фарҳангии давлатӣ дар чаҳорчӯби ягонаи ҳуқуқӣ танзим гардид. Ҳамзамон, эътирофи санадҳои байналмилалӣ ҳамчун ҷузъи низоми ҳуқуқӣ, заминаи ҳамгироии фаъолияти осорхонаҳои кишварро бо меъёрҳои ҷаҳонӣ фароҳам овард. Ин равандро метавон ҷузъи муҳимми ислоҳоти сохторӣ арзёбӣ кард, зеро он ба мутобиқсозии фаъолияти осорхонаҳо ба стандартҳои байналмилалӣ ва густариши ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангӣ мусоидат намуд.

Тибқи моддаи 3-и қонуни соҳавӣ, назорати давлатии осорхонаҳо ва Фонди осорхонаҳо ба зиммаи мақоми ваколатдори соҳаи фарҳанг гузошта шуд, ки ин ба таъсиси як низоми ягона ва идораи мутамарказ замина гузошт. Ин иқдом масъулияти муассисаҳоро беҳтар кард, ба нигоҳдории босифати ашёи таърихӣ мусоидат намуд ва ваколатҳои ҳар як ниҳодро равшан сохт.

Ҳамзамон, талаботи моддаи 4, ки ба таъсис ва фаъолияти осорхонаҳо бахшида шудааст, барои кушодани муассисаҳои нав шартҳои ҷиддӣ ва касбиро пешбинӣ мекунад. Акнун барои таъсиси осорхона мавҷудияти бинои махсус, маблағгузории устувор ва ашёе, ки аз ташхиси илмӣ гузаштаанд, шарт ва зарур аст. Ин меъёрҳо барои гузаштан ба принсипҳои идораи муосир кӯмак карда, пеши роҳи ташкили муассисаҳои ғайристандартиро мегиранд.

Дар заминаи ислоҳоти сохтории давраи истиқлол, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ» нақши калидӣ дорад. Маҳз моддаҳои 6, 7 ва 8-и ин қонун пояи низоми муосири ҳифз ва идораи мероси таърихиро ташкил медиҳанд.

Аз ҷумла, моддаи 6 вазъи ҳуқуқии ин ёдгориҳоро муайян карда, механизми расмии ба Феҳристи давлатӣ ворид намудани онҳоро муқаррар мекунад. Ин яке аз дастовардҳои муҳимми давраи истиқлол аст, зеро то ин вақт низоми ягона ва ҳатмии бақайдгирӣ ба таври мукаммал вуҷуд надошт. Таъсиси Феҳристи давлатӣ ба шаффофияти соҳа ва муайян шудани мақоми ҳуқуқии ҳар як объект замина гузошт. Ин раванд на танҳо ҳифзи ёдгориҳоро таъмин месозад, балки барои осорхонаҳо низ сарчашмаи боэътимоди бойгардонии фонд ва таҳқиқоти илмӣ мегардад.

Аҳаммияти моддаи 7 дар он аст, ки идораи давлатиро дар ин соҳа мушаххас карда, ваколатҳоро миёни Ҳукумати кишвар, Вазорати фарҳанг ва мақомоти маҳаллӣ тақсим менамояд. Ин усул идораи марказиро бо сохторҳои маҳаллӣ ҳамоҳанг сохта, масъулияти ниҳодҳоро беҳтар мекунад ва намегузорад, ки вазифаҳои онҳо ба ҳам такрор шаванд. Барои осорхонаҳо чунин низом заминаи устувори ҳамкориро бо давлат фароҳам меорад.

Моддаи 8 бошад, салоҳиятҳои Ҳукумати кишварро дар ин самт муфассал муайян намуда, масъалаҳои маблағгузорӣ, таҳқиқ, ҳифз, тармим ва истифодаи ёдгориҳоро дар бар мегирад. Ин муқаррарот нишон медиҳад, ки давлат дар давраи истиқлол ҳифзи мероси таърихиро ба сатҳи афзалияти стратегӣ бардоштааст. Тартиби пешбурди Феҳристи давлатӣ, тасдиқи барномаҳои соҳавӣ ва ҳифзи ёдгориҳои сатҳи ҷаҳонӣ гувоҳи он аст, ки низоми миллии мо ба меъёрҳои байналмилалӣ комилан мутобиқ гардидааст.

Агар ба таърих назар андозем, оғози фаъолияти муташаккили осорхонаҳо дар кишвари мо ба нимаи аввали асри XX рост меояд. Маҳз дар ҳамин давра аввалин муассисаҳои фарҳангиву илмие таъсис ёфтанд, ки таъриху фарҳанги ғании халқи тоҷикро инъикос менамуданд. Аз ҷумла, соли 1925 дар шаҳри Душанбе Осорхонаи давлатии Тоҷикистон таъсис ёфт, ки нахустин муассисаи махсуси соҳавӣ буд ва заминаро барои ҷамъовариву ҳифзи фондҳои осорхонавии ҷумҳурӣ фароҳам сохт.

Марҳилаи навбатии рушди соҳа ба соли 1932 ва тавсеаи фаъолияти ин Осорхонаи давлатӣ дар пойтахт алоқаманд аст, ки он ба маркази ҳаёти фарҳангӣ ва таҳқиқоти илмии

кишвар табдил ёфт. Дар ин давра, ба шарофати дастгирии ҷиддии давлат, инфрасохтори соҳа устувор гардид. Аллакай дар солҳои 1930-юм дар гӯшаҳои гуногуни ҷумҳурӣ осорхонаҳои кишваршиносӣ ва бадеӣ кушода шуданд, ки гуногунрангии фарҳангии Тоҷикистонро боз ҳам комилтар ба намоиш гузоштанд.

Албатта, сиёсати фарҳангии давраи шуравӣ ба осорхонаҳо бештар ҳамчун воситаи тарбияи идеологӣ ва таблиғи арзишҳои сотсиалистӣ нигоҳ мекард. Аз ин рӯ, дар намоишгоҳҳо бештар дастовардҳои ҳокимият ва равандҳои саноаткунонӣ инъикос меёфтанд. Бо вуҷуди ин, таваҷҷуҳи давлат имкон дод, ки осорхонаҳо ҳатто дар шароити маҳдудиятҳои сахти мафкуравӣ арзишҳои фарҳангӣ ва таърихи халқи тоҷикро ҳифз кунанд.

Дар солҳои 1950–1960 соҳа боз ҳам рушд карда, филиалҳои нави осорхонаҳо ва намоишгоҳҳои мавзуӣ кушода шуданд. Муассисаҳои соҳа ба макони баргузории конфронсҳои илмиву лексияҳо табдил ёфта, сатҳи маърифати ҷомеаро баланд бардоштанд. Маҳз дар ҳамин давра ҳамкории зичи осорхонаҳо бо сохторҳои илмӣ шакл гирифт ва таҳқиқоти амиқи таърихию фарҳангӣ вусъат ёфт.

Рӯйдоди муҳимми дигари таърихӣ ифтитоҳи бинои нави Осорхонаи давлатии Тоҷикистон дар соли 1980 буд, ки рамзи эҳёи фарҳангии ҷумҳурӣ гардид. Ин макони муҷаҳҳаз ба маркази калони ҷалби муҳаққиқону донишҷӯён табдил ёфта, таваҷҷуҳро ба омӯзиши таърихи маҳаллӣ ва таҳкими худшиносии миллӣ бештар кард. Албатта, назорати қатъии сиёсӣ ҳанӯз ҳам вуҷуд дошт ва қисме аз маводҳо бинобар мулоҳизаҳои мафкуравӣ пинҳон мемонданд, вале кормандони соҳа тамоми талошро барои ҳифзи ин мерос мекарданд.

Бо фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ дар соли 1991 ва ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ, дар таърихи осорхонашиносии Тоҷикистон марҳилаи сифатан нав оғоз ёфт. Ҳарчанд шароити нави сиёсиву иқтисодӣ мушкилоти зиёде пеш овард, пояҳои устувори гузашта заминаи рушди минбаъда гардиданд. Дар ин давраи нав осорхонаҳо аз нигаҳдорандаи одии хотира ба марказҳои фаъоли маърифатӣ ва такягоҳи асосии ташаккули ҳувияти миллии мо табдил ёфтанд.

Қуллаи баланди ин пешрафтҳо, бешак, таъсиси Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар заминаи Фармони Президенти кишвар аз 27-уми июли соли 2011 мебошад. Ин муассисаи боҳашамат дар сохтори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда, бо масоҳати умумии 24 ҳазор метри мураббаъ (ки 15 ҳазор метри он фазои намоишгоҳ аст) яке аз калонтарин маҷмааҳои осорхонавӣ дар минтақа ба шумор меравад. Осорхона дорои 22 толори муосир буда, дар онҳо намунаҳои нодири тамаддуни моддӣ ва маънавии халқи тоҷик ба таври илмӣ ҷойгир шудаанд.

Агар ба сайри толорҳо бароем, дар зербинои осорхона шуъбаи табиатро мебинем, ки манзараи мукаммали олами набототу ҳайвонот, иқлим ва мамнуъгоҳҳои Тоҷикистонро инъикос мекунад. Дар ин ҷо толори геологӣ бо сангҳои қиматбаҳо ва диорамаҳои воқеии «Помир», «Чилдухтарон» ё «Бешаи Палангон» бинандаро мафтун месозанд. Аммо рамзи асосии ин бахш дарахти сунъиест, ки аз сангҳои қиматбаҳои маҳаллӣ сохта шуда, бо баландии 3,4 метр ва вазни 600 килограмм ғановати табиати кишваро нишон медиҳад.

Дар ошёнаҳои якум ва дуюм шуъбаи таърихи бостон ва асрҳои миёна ҷойгир аст. Саёҳат аз харитаи ёдгориҳои таърихии кишвар оғоз ёфта, бозёфтҳои асри санг, тамаддуни бостонии Саразм, фарҳанги зардуштӣ ва мероси давлати Ҳахоманишиёнро пешкаши тамошобин мекунад. Инчунин, толори махсуси нумизматика бо сиккаҳои қадимаи худ равандҳои иқтисодӣ ва давлатдории гузаштаи моро ба таври зинда равшан месозад.

Маҳз дар ҳамин бахш бозёфтҳои нодири Панҷакенти қадим, ки дар илм бо номи «Помпеи Шарқ» машҳур аст, нигоҳдорӣ мешаванд. Деворнигораҳо ва ашёи рӯзгори ин шаҳри суғдӣ, дар баробари нусхаи дайри буддоии Аҷинатеппа ва ёдгориҳои Бунҷикату Қалъаи Муғ, аз фарҳангу мазҳабҳои гуногуни ниёгони мо нақл мекунанд.

Саёҳат дар ошёнаи дуюм бо даврони тиллоии Сомониён оғоз меёбад, ки дар он ҷо намунаҳои кандакории чӯб, сафолони мунаққаш ва бозёфтҳои қалъаи Ҳулбук ба намоиш гузошта шудаанд. Ин ашёҳо гувоҳи зиндаи эҳёи суннатҳо ва ташаккули давлатдории миллии мо дар асрҳои IX–X мебошанд.

Шуъбаи таърихи нав ва навтарин бошад, таҳаввулоти асри XX ва XXI-ро фаро мегирад. Дар ин ҷо хонанда метавонад саҳми арзандаи Тоҷикистонро дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва дастовардҳои бузурги даврони Истиқлолият, аз ҷумла бунёди иншооти стратегии кишварро тамошо кунад.

Дар сохтори осорхона толори махсуси тӯҳфаҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи аҳаммиятнок дорад. Дар ин ҷо ҳадяҳои расмии саронӣ давлатҳо ва намояндагони

кишварҳои гуногун ба намоиш гузошта шудаанд, ки нишонаи эътирофи байналмилалии Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ мебошанд.

Ошёнаи сеюм ба санъати тасвирӣ ва амалӣ бахшида шуда, рушди рассомӣ, ҳайкалтарошӣ ва санъати ороиширо аз солҳои 1930 то замони муосир нишон медиҳад. Ин экспозитсия пайванди устувори суннатҳои қадима ва навовариҳои муосири эҷодкорони тоҷикро таҷассум мекунад.

Имрӯз осорхонаҳо дигар танҳо як бинои одии нигоҳдории ашёи қадима нестанд, балки ба ниҳоди фаъоли иҷтимоиву фарҳангӣ ва майдони муколамаи тамаддунҳо табдил ёфтаанд. Рушди ин соҳа бо ҳифзи мерос, ҷалби сайёҳон ва таҳкими худшиносии миллӣ пайванди мустақим дорад. Дар ин замина, Осорхонаи миллии Тоҷикистон намунаи барҷастаи муассисаест, ки рисолати илмӣ, фарҳангӣ ва дипломатияи фарҳангиро дар худ муттаҳид кардааст.

Яке аз дастовардҳои муҳимми солҳои охир фаъол гардидани Осорхонаи миллӣ ҳамчун минбари муаррифии фарҳанги мо дар сатҳи байналмилалӣ мебошад. Намунаи равшани ин раванд ифтитоҳи намоишгоҳи суратгирӣ таҳти унвони «Инъикоси маконҳои сайёҳии шаҳри Душанбе дар эҷодиёти аккосон» буд, ки 19 марти соли 2025 дар доираи Форуми IV байналмилалии сайёҳӣ баргузор гардид [7].

Ин форум бо ташаббуси Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе доир шуда, ҳадафи он тарғиби арзишҳои Наврӯз ва рушди сайёҳӣ буд. Намоишгоҳ дар сатҳи баланд гузашта, меҳмонони хориҷӣ, дипломатҳо ва намояндагони ширкатҳои сайёҳиро ба ҳам овард. Ин падида нишон медиҳад, ки осорхонаи марказии мо имрӯз дар муаррифии сиёсати фарҳангӣ ва боло бурдани обрӯю эътибори пойтахт дар арсаи ҷаҳонӣ саҳми муассир мегузорад.

Намунаи барҷастаи дигари иҷрои рисолати тарбиявиву иҷтимоии муассиса ин ифтитоҳи намоишгоҳи ҷашнӣ ба ифтихори 80-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ таҳти унвони «Ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз фаромӯш нашудааст» (6 майи соли 2025) ба шумор меравад [9]. Дар ин маросим собиқадорон, намояндагони Вазорати мудофиа ва сафирони Русияву Беларус иштирок карданд, ки ин аз аҳаммияти калони сиёсиву байналмилалии чорабинӣ шаҳодат медиҳад. Ин ташаббус на танҳо арҷгузорӣ ба қаҳрамониҳои гузаштагон, балки воситаи муассири тарбияи ватандӯстии ҷавонон ва ташаккули хотираи таърихии ҷомеа гардид.

Ҳамзамон, ифтитоҳи намоишгоҳи «Мероси миллӣ, дурдонаҳои имрӯзи санъати Озарбойҷон» (20 майи соли 2025), ки дар доираи Рӯзҳои фарҳанги ин кишвар дар Тоҷикистон доир шуд, далели боз ҳам густариш ёфтани робитаҳои байналмилалии осорхона мебошад [6].

Ин иқдом ба таҳкими ҳамкориҳои Тоҷикистону Озарбойҷон мусоидат карда, фазои муколамаи байнифарҳангиро тақвият бахшид. Намоиши мусаввараҳо ва ҳунарҳои мардумии Озарбойҷон дар Осорхонаи миллӣ имкон дод, ки тамошобинон бо арзишҳои кишвари дӯст шинос шаванд ва ин нишон медиҳад, ки осорхона метавонад ҳамчун пули иртиботи тамаддунҳо ва маркази дипломатияи фарҳангӣ амал кунад.

Умуман, таҳлили дастовардҳои Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар соли 2025 гувоҳи он аст, ки ин муассиса ба сатҳи нави байналмилалӣ ва нуфузи фарҳангӣ ворид мегардад. Силсилаи намоишгоҳҳои дорои аҳаммияти ҷаҳонӣ, ки бо иштироки созмонҳои байналмилалӣ баргузор шуданд, далели таҳкими мавқеи осорхона дар фазои дипломатияи оммавӣ мебошанд.

Яке аз рӯйдодҳои барҷастаи байналмилалӣ ифтитоҳи намоишгоҳи ҷашнӣ ба ифтихори 700-солагии Ҳофизи Шерозӣ дар қароргоҳи ЮНЕСКО дар шаҳри Париж (11 июни соли 2025) ба шумор меравад. Ин иқдом, ки дар ҳошияи Конфронси илмии байналмилалии “700 сол бо Ҳофиз” сурат гирифт, аҳаммияти баланди илмиву фарҳангии кишвари моро дар сатҳи ҷаҳонӣ бори дигар собит намуд [8].

Дар идомаи сиёсати арҷгузорӣ ба шахсиятҳои барҷастаи миллӣ, 14 августи соли 2025 дар Осорхонаи миллӣ ба ифтихори 1045-солагии Абуалӣ ибни Сино намоишгоҳи ҷумҳуриявӣ кушода шуд. Ин чорабинӣ дар заминаи Амри Президенти кишвар доир гардида, таваҷҷуҳи хоссаи давлатро ба эҳёи арзишҳои илмиву адабӣ нишон дод. Дар маросими ифтитоҳ намояндагони мақомоти давлатӣ, олимони Академияи миллии илмҳо ва устодони донишгоҳҳо иштирок намуданд. Дар намоишгоҳ зиёда аз 80 ашёи нодир, аз ҷумла нусхаҳои дастнавис, китобҳои чопи сангӣ, абзорҳои тиббӣ ва муҷассамаҳо аз фонди тиллоии осорхона

ба маъраз гузошта шуданд. Ин иқдом Осорхонаи миллиро ба як маркази бузурги муаррифии мероси фалсафӣ, тиббӣ ва ахлоқии тамаддуни тоҷик табдил дод.

Иштироки фаъол дар ташаббусҳои минтақавӣ низ аз самтҳои муҳимми стратегии рушди осорхона ба шумор меравад. Масалан, 27 августи соли 2025 дар Осорхонаи миллии Хитой намоишгоҳи байналмилалии “Мероси фарҳангии осорхонаҳои миллии давлатҳои узви Созмони Ҳамкории Шанхай” баргузор гардид. Ҳузури директори Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар қатори намояндагони Чин, Русия, Қазоқистон, Қирғизистон, Беларус, Ӯзбекистон ва Покистон нишон медиҳад, ки муассисаи мо ҳамчун шарики баробарҳуқуқ дар муколамаи фарҳангии минтақа эътироф шудааст. Ин намоишгоҳ барои табодули таҷриба ва ташкили лоиҳаҳои муштараки илмиву сайёр заминаи нав гузошт. Он исбот кард, ки осорхонаҳо имрӯз на танҳо ниҳодҳои фарҳангӣ, балки платформаи муҳимми ҳамгироии минтақавӣ ва таҳкими эътимоди байни давлатҳо мебошанд.

Силсилаи намоишгоҳҳои солҳои 2025–2026 бозгӯи он аст, ки Осорхонаи миллии Тоҷикистон тадриҷан ба майдони муколамаи фарҳанг, санъат ва сиёсати давлатӣ табдил меёбад. Намунаи равшани ин раванд 16 сентябри соли 2025 баргузор гардидани намоиш ва ҳамоиши ҷашнӣ таҳти унвони “Атои саҳна” ба ифтихори 85-солагии Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Ато Муҳаммадҷонов мебошад. Дар ин чорабинии хотирмон намояндагони Вазорати фарҳанг, аҳли театру синамо ва ҳамсафони эҷодии ҳунарманд ширкат варзида, саҳми нотакрори ӯро дар рушди санъати миллӣ таъкид намуданд. Ин иқдом собит сохт, ки осорхона доираи фаъолияташро фаротар аз таърихи бостон бурда, ба ҳифзу муаррифии мероси фарҳанги муосири мо низ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамояд.

Маърифати насли наврас ва дастгирии ҷавонони бомаҳорат низ дар маркази таваҷҷуҳи ин ниҳод қарор дорад. Масалан, 27 январи соли 2026 дар осорхона намоишгоҳи “Инъикоси дастовардҳои ғолибони озмуни ҷумҳуриявии “Тоҷикистон – Ватани азизи ман” ифтитоҳ ёфт. Ин чорабинӣ нишон дод, ки Осорхонаи миллӣ ба як платформаи калони дастгирии ҷавонони эҷодкор ва пайванди фарҳанг бо сиёсати давлатии ҷавонон табдил ёфтааст.

Ҳамзамон, осорхона ба масъалаҳои мубрами рӯзи ҷомеа низ бетараф нест. Санаи 4 феврали соли 2026 бо ташаббуси Прокуратураи генералӣ ва Вазорати фарҳанг намоишгоҳи “Ҷавонон зидди терроризм” баргузор гардид. Дар маросими кушодашавии он, дар қатори мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар, намояндагони сохторҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Кумитаи зиддитеррористии Шурои амнияти СММ иштирок карданд, ки ин аз нақши калони иҷтимоиву шаҳрвандии осорхона гувоҳӣ медиҳад.

Дар ин намоишгоҳ асарҳои рассомони ҷавон гирд оварда шуданд, ки масъалаи муборизаи бар зидди терроризм ва ифротгароиро аз нигоҳи бадеӣ ва шаҳрвандӣ инъикос намуданд. Бо ин иқдом Осорхонаи миллӣ рисолати нави иҷтимоиро иҷро кард: истифодаи санъат ҳамчун воситаи муқовимат ба таҳдидҳои мафкуравӣ ва таҳкими фарҳанги сулҳу амнияти идеологӣ дар ҷомеа.

Ҳамчунин, 20 феврали соли 2026 ба ифтихори 33-юмин солгарди таъсисёбии Қуввахои Мусаллаҳи кишвар намоишгоҳи “Тасвири шуҷоат ва мардонагии фарзандони тоҷик дар нигораҳои Осорхонаи миллӣ” баргузор гардид. Дар ин чорабинӣ афсарону сарбозони ниҳодҳои низомии кишвар иштирок намуда, тавассути осори рассомӣ ва маводди таърихӣ бо корнамоиҳои ҳомиёни Ватан шинос шуданд. Ин ташаббус дар заминаи сиёсати давлатӣ оид ба тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии ҷавонон аҳаммияти муҳим дошта, нақши муассири осорхонаро дар таҳкими арзишҳои давлативу миллӣ бори дигар собит намуд.

Ҳамин тариқ, таҳаввулот ва рушди низоми осорхонаҳо дар шароити Истиқлоли давлатӣ собит месозад, ки ин муассисаҳо аз доираи классикии нигаҳдории ашёи таърихӣ комилан фаротар рафтаанд. Осорхонаҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол, маҳз ба шарофати сиёсати ҳадафманди фарҳангии давлат, имрӯз ба марказҳои бисёрсамтаи фарҳангиву иҷтимоӣ табдил ёфтаанд. Дар фазои ягонаи онҳо гиромидошти мероси ниёгон, муаррифии ҷаҳонии кишвар, дастгирии истеъдодҳои ҷавон ва тарбияи ватандӯстии насли нав ба ҳам меоянд. Ин раванд нишон медиҳад, ки низоми осорхонадории кишвар дар замони Истиқлол ба як рукни калидии сиёсати идеологӣ, платформаи муассири муқовимат ба таҳдидҳои муосир ва такягоҳи асосии таҳкими ҳувияти миллии мо мубаддал гаштааст.

Адабиёт

1. *Акулич Е. М. Музей как социальный институт: автореф. дис. ... д-ра социол. наук. - Тюмень, 2004. - 52 с.*
2. *Антипова Е. А. Музей как социальный феномен: структура и динамика / под ред. Е. В. Листвиной. - Саратов: Сарат. источник, 2022. - 195 с.*

3. *Герасимов Г. И. Музей как идеальное явление // Вопросы музеологии. - 2020. Т. 11, вып. 1. - С. 119-132.*
4. *Герасимов Г. И. Музеология как гуманитарная наука // Философия и культура. 2022. - № 4. - С. 113-125.*
5. *Герасимов О. В. К онтологии музея: история, память, репрезентация прошлого // Сфера культуры. 2022. № 1 (7). С. 20-28.*
6. *Ифтитоҳи намоишии "Мероси миллӣ, дурдонаҳои имрӯзи санъати Озарбойҷон" дар Осорхонаи миллӣ. [Манобеи электронӣ] // https://osorkhonaimilliidip.tj/exhibitions/iftito-i-namoishi-merosi-mill-durdona-oi-imr-zi-sanati-ozarboj-on-dar-osorhonai-mill/ (Санаи мурочиат: 10.06.2026).*
7. *Ифтитоҳи намоишии Осорхонаи миллӣ дар доираи форуми IV байналмилалии "Наврӯзи Душанбе – меҳвари робитаҳои фарҳангию сайёҳӣ" [Манобеи электронӣ] // https://osorkhonaimilliidip.tj/exhibitions/iftito-i-namoishi-osorhonai-mill-dar-doirai-forumi-iv-bajnalmilalii-navr-zi-dushanbe-me-vari-robita-oi-far-angiyu-sajyo/ (Санаи мурочиат: 10.06.2026).*
8. *Ифтитоҳи намоишии ҷашнӣ ба ифтихори 700-солагии Ҳофизи Шерозӣ дар қароргоҳи ЮНЕСКО. [Манобеи электронӣ] // https://osorkhonaimilliidip.tj/exhibitions/iftito-i-namoishi-ashn-ba-iftihori-700-solagii-ofizi-sheroz-dar-arorgo-i-yunesko/ (Санаи мурочиат: 10.06.2026).*
9. *Ифтитоҳи намоишии ҷашнӣ ба ифтихори 80-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ. [Манобеи электронӣ] // https://osorkhonaimilliidip.tj/exhibitions/iftito-i-namoishi-ashn-ba-iftihori-80-solagii-alaba-dar-angi-buzurgi-vatan/ (Санаи мурочиат: 10.06.2026).*
10. *Михайловская А.И. Музейная экспозиция / А.И. Михайловская Москва: Сов. Россия, 1964. - 518 с.*
11. *Музееведение / Под ред. К. Г. Левыкина и В Хербета. - Москва, 1988. – 431 с.*
12. *Петрунина Е. А. Падида музея в современных трансформационных социокультурных процессах: социально-философский анализ: автореф. дис. ... канд. филос. наук. - Саратов, 2021. - 28 с.*
13. *Петрунина Л. Я. От традиционного музея к социальному институту // Вопросы музеологии. 2020. Т. 11, вып. 1. С. 133-140.*
14. *Рубан Н. И. Музеология. История музейного дела. Основные направления музейной деятельности / НИ Рубан. Учебное пособие. Хабаровск, 2007. – 320 с.*
15. *Фофин, А. И. Музей как медиативное пространство диалога культур: парижский «Музей на набережной Бранли» [Электронный ресурс] / А. И. Фофин // Magister Dixit : научно-педагогический журнал Восточной Сибири. - 2011. - № 1 (03). - URL :http://md.islu.ru/sites/md.islu.ru/files/rar/fofina.i..pdf (дата обращения: 10.06.2026).*

ТАҲАВВУЛОТ ВА РУШДИ НИЗОМИ ОСОРХОНАҲО ДАР ШАРОИТИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ

Мақола ба баррасии ҳамаҷонибаи раванди ташаккул, ислоҳоти сохторӣ ва таҳаввулоти низоми осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи Истиқлоли давлатӣ бахшида шудааст. Муаллиф нақши осорхонаҳоро ҳамчун ниҳодҳои муҳимми иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва илмӣ, ки дар ҳифзи мероси таърихӣ, ташаккули ҳувияти миллӣ ва тарбияи маънавию ватандӯстии ҷомеа саҳми калидӣ мегузоранд, мавриди таҳлил қарор додааст. Дар кор тағйироти консептуалии фаъолияти осорхонаҳо аз давраи шуравӣ то марҳилаи соҳибистиқлолӣ нишон дода шуда, заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳа, аз ҷумла аҳаммияти қонунҳои марбутаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ мегарданд. Таваҷҷуҳи хосса ба фаъолияти Осорхонаи миллии Тоҷикистон ва нақши он дар пешбурди дипломатияи фарҳангӣ, ташкили намоишгоҳҳои сатҳи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ (дар ҳамкорӣ бо ЮНЕСКО, ШОС ва дигар ниҳодҳои байналмилалӣ), инчунин ҷалби ҷавонон ва муқовимат ба таҳдидҳои мафкуравии муосир дода шудааст.

Калидвожаҳо: Истиқлоли давлатӣ, низоми осорхонаҳо, Осорхонаи миллӣ, мероси таърихию фарҳангӣ, ҳувияти миллӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, дипломатияи фарҳангӣ, намоишгоҳҳо.

ЭВОЛЮЦИЯ И РАЗВИТИЕ МУЗЕЙНОЙ СИСТЕМЫ В УСЛОВИЯХ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ

Статья посвящена всестороннему рассмотрению процесса формирования, структурных реформ и эволюции музейной системы Республики Таджикистан в период государственной независимости. Автор анализирует роль музеев как важных социальных, культурных и научных институтов, играющих ключевую роль в сохранении исторического наследия, формировании национального самосознания и духовно-патриотическом воспитании общества. В работе показаны концептуальные изменения в деятельности музеев от советского периода до этапа независимости, исследованы нормативно-правовые основы сферы, включая значение профильных законов Республики Таджикистан. Особое внимание уделено деятельности Национального музея Таджикистана и его роли в продвижении культурной дипломатии, организации выставок мирового и регионального

уровня (в сотрудничестве с ЮНЕСКО, ШОС и другими международными структурами), а также привлечению молодежи и противодействию современным идеологическим угрозам.

Ключевые слова: государственная независимость, музейная система, Национальный музей, историко-культурное наследие, национальное самосознание, нормативно-правовые акты, культурная дипломатия, выставки.

EVOLUTION AND DEVELOPMENT OF THE MUSEUM SYSTEM UNDER THE CONDITIONS OF STATE INDEPENDENCE

The article is devoted to a comprehensive review of the formation process, structural reforms, and evolution of the museum system of the Republic of Tajikistan during the period of state independence. The author analyzes the role of museums as important social, cultural, and scientific institutions that play a key role in preserving historical heritage, shaping national identity, and fostering the spiritual and patriotic education of society. The paper highlights the conceptual changes in museum activities from the Soviet period to the independent era, and examines the regulatory and legal framework of the field, including the significance of relevant laws of the Republic of Tajikistan. Special attention is paid to the activities of the National Museum of Tajikistan and its role in promoting cultural diplomacy, organizing global and regional exhibitions (in cooperation with UNESCO, the SCO, and other international organizations), as well as engaging youth and countering modern ideological threats.

Keywords: state independence, museum system, National Museum, historical and cultural heritage, national identity, regulatory legal acts, cultural diplomacy, exhibitions.

Дар бораи муаллиф
Эмомов Манучеҳр
Сардори шуъба
Осорхонаи адабии Садриддин Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Ҳ. Ҳакимзода, 1
E-mail: emomovmanuchehr87@gmail.com

About the author
Emomov Manuchehr
Head of Department
Sadriddin Ayni Literary Museum
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, H. Hakimzoda, 1
E-mail: emomovmanuchehr87@gmail.com

Об авторе
Эмомов Манучехр
Заведующий отделом
Литературный музей Садриддина Айни
7734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Х. Хакимзода, 1
E-mail: emomovmanuchehr87@gmail.com

ТДУ 32(091)(575.3)+950

ТАЪРИХИ СИЁСӢ ВА СОХТИ ДАВЛАТДОРИИ АМОРАТИ БУХОРО ДАР ОХИРИ АСРИ XVI – НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XVIII

Раҳимзода Д. М.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистонӣ ба номи Садриддин Айнӣ

Охири асрҳои XV ва аввали асрҳои XVI узбекҳое, ки кӯчманчӣ буданд, зери роҳбарии Муҳаммад Шайбонихон Мовароуннаҳр ва дертар қисми дигари давлати Темуриёнро ғасб карданд. Мамлакат ва хонадони ҷадид ба тахаллуси бунёдгузори онҳо Шайбонӣ маъруф шуд. Шайбонихон асосан аз авлоди Чингизхон буд. Бобокалони ӯ Абулхайрхон дар оғози қарни XV мамлакати боазамати саҳронишин аз қабилаҳои туркро иттифоқ намуд. Вале ин иттиҳодияҳои ташкилдодаи ӯ манбаи иқтисодӣ надошта, баъди вафоти Абулхайрхон аз маҳв шуданд. Шайбонихон мехост фаъолияти бобои худро такрор кунад, аммо комёб нагардид. Шайбонихон дар ин набардҳо борҳо аз кумаки Темуриён баҳравар шуда ӯ дар яке аз низоъҳо шикаст хурда тули ду сол дар Бухоро зиндагонӣ кард ва ба омузиши илм машғул гардид. Рақиби асосии Темуриён дар минтақаи шимолии кишвар муғулҳо ҳисоб меёфтанд, ки Тошкентро пойтахти худ интихоб карда буданд. Темуриён Шайбонихонро бар зидди Муғулҳо равона кардан, аммо Шайбонихон шарики нағз нашуд.

Ӯ гоҳ тарафи темуриён гоҳ хилофи онҳо амал мекард. Ниҳоят ӯ шаҳрҳои монанди Утрор, Сайрам ва Яссаро ба даст оварда ҳаммаслакони худашро ташвиқ намуда сипоҳи пурқуввате гирд оварда, бо муғулҳо созишнома имзо намуда соли 1499 ба ишғоли Мовароуннаҳр шитофт [2, с. 5]. Умуман, муборизаҳои Шайбонихон барои ташкил намудани давлати Шайбониён 4 марҳиларо дар бар мегирад: 1-Истилоҳи Самарқанд. Дар соли 1500 Шайбонихон бо ёрии ҳукумати Тошкент Маҳмудхон ва аз ӯ ба шумораи 5000 ҷанговар гирифта бо мақсади Самарқандро фатҳ намудан ва ӯро ба даст овардан равон шуд. Дар ин вақт водии Бухоро Муҳаммад Ботурхон бо 10-ҳазор қушун барои муҳосираи Самарқанд хост, ки ба ӯ ёри расонад. Мувофиқи манбаъҳо вобаста ба маълумотҳо шоири Темуриён Муҳаммад Солеҳ, ки тарафи Шайбонихон гурехта буд нақшаҳоро ба Муҳаммад Ботурхон дод. Дар натиҷа қушунҳои Шайбонихон ба муҳосираи Самарқандро озод намудан ва ба воҳурии бо Муҳаммад Ботурхон равона шуданд. Дар қалъаи Дабусия ҷанг байни қушунҳои Ботурхон ва Шайбонихон сар зад. Дар натиҷаи ин муҳорибаҳо қушунҳои Муҳаммад Ботурхон шикаст хӯрданд. Шайбонихон ин ғалабаро ба даст гирифта ба тарафи забти пойтахти дуюми Темуриён – Бухоро равона шуда бо қушунҳои худ шаҳрро муҳосира намуданд. Шайбонихон бидуни ҷанг шаҳрро забт намуда ва намояндаи худ Муҳаммад Солеҳ шоири Темуриёнро дар Бухоро таъин намуд. Дар бораи муқобилиятҳо дар байни шахсони болоии Самарқанд Шайбонихон фаҳмида аз Бухоро бо қушунҳояш ба Самарқанд равона гашт. Вақте ки ӯ ба деҳаи Тошканд омада расид ба ӯ хабар доданд, ки баъзе шахсони ин минтақа мехоҳанд, ки волии пешинаи Темуриён Амирмуҳаммад Ботурхонро дастгирӣ намоянд, ки дар Қаршӣ паноҳ бурда, боз ба Бухоро меояд. Шайбонихон ба Бухоро баргашта бо онҳое, ки ба ӯ хиёнат ва қушунҳояшро ғорат намуданд ҳисоби худро мусовӣ намуд. Вай ба аҳли мардуми шаҳр товони ҷангро гузошт ва амр дод, ки деворҳои шаҳрро вайрон намоянд ва бародари худ Султон Маҳмудро ҳокими Бухоро таъин кард. Дар ингуна шароит, ки давлатро хавфи бузург таҳдид мекард аъёну ашрофони Самарқанд ва хонадони Темурӣ куллан бо низоъ ва баҳсҳои худ машғул буданд. Қавмҳои Темуриёни Осиёи Миёна асосан Султон Алиро ташфиқ менамуданд, ҷамъи боқимонда аз авлоди ӯ – Бобурро ба Самарқанд таклиф намуда ишғоли ин шаҳрро ба ӯ ваъда медоданд. Султон Алӣ волии Самарқанд аз душманҳои дохилӣ хавф бурда, махсусан бо Шайбонихон дар бораи додани шаҳр ба ӯ мактуб менависад. Ҳамин тавр дар соли 1500 шаҳри қадимии Самарқанд бе чуну чаро ба дасти Шайбонихон даромад.

Тибқи сарчашмаҳо ва манбаъҳои боэътимод Бобур тирамоҳи ҳамон сол бо отряди 240-нафара ба воситаи кӯҳҳои Фону Кишту ба Самарқанд гузашта бо мақсади ёрӣ ба аҳолии шаҳр омада шабона ба девори қалъаи шаҳр наздик шуда ва ба қушунҳои Самарқандии Шайбонӣ зарба зад. Бобур мустақиман барои мардуми муҳосира шудаи аз тарафи Узбекон барои ёри омад. Дар ин замон рақиби яккуми Шайбонихон шоҳзодаи хурдсоли Темурӣ, бунёдгузори давлати Темуриёни Ҳинд Бобур таъин шуд. Ашрофоне, ки махфӣ бо Бобур гуфтушунид мекарданд ӯро хуб пешвоз гирифта, ӯро подшоҳ эълон намуданд. Шайбониён

бо Бобур муқобила карда натавониста ба тарафи Бухоро қафо нишастанд. Самарқанд боз ба дасти Бобур гузашт.

Ҳангоми муҳосира гуруснагии зиёде дар шаҳр ҳукумфармо буд. Апрели соли 1501 дар задухурди калони болооби Зарафшон, ки қарор гирифта буд Бобур муваффақ нашуда ба Самарқанд ақибнишинӣ мекунад. Бобур дар ин лаҳзахои душвор ба иттифоқчии худ муроҷиат мекунад. Султон Маҳмудхон бозхости Бобурро намуда ва соли 1500 қушунҳои муғулӣ тахти роҳбари Мирзомуҳаммад Давлат ба Самарқанд равон шуданд, вале қушунҳои муғулӣ ба ҷои оне, ки ба ҳифзи шаҳри Самарқанд ва ёрӣ додан ба Бобур равона шаванд аз лаҳза истифода бурда бо қушуҳои Шайбонӣ ба тороҷ машғул шуданд баъд аз муҳорибаи наздикии Сари Пул Шайбонихон қушунҳои Бобурро шикаст дода ва шаҳрро иҳота намуданд. Бобур бо қушунҳои на он қадар зиёд дар деворҳои Самарқанд паноҳ бурд ва ин муҳосира 4-моҳ давом кард, ки дар шаҳр боз гуруснагии сахт ҳукмфармо шуд. [6, с. 346] Бобур бо мақсади кӯмак ба ҳокимони Хуросон, Ҳисори Шодмон, Қундуз, Баглан муроҷиат намуд ва ҷавобе нагирифта, дигар чорае наёфта дар нимаи дуюми соли 1501 бо ҳамроҳии отряди 100-нафара шабона шаҳрро тарк намуданд. Барои мустаҳкам намудани пойтахти Мовароуннаҳр ва бехатарии худ Шайбонихон як қушуни худро ба шаҳри Шоҳрухия равон намуда худаш ба самти болоӣ ба Сайхун равона шуда барои зарба задан ба Қалпоққо ва Муғулҳо дар қисми Шимолу Шарқии сарҳадаш дар муҳорибаи шадид ҳокими Тошкант Маҳмудхон ва наздикони вай дар муҳосира афтода, лекин ба наздикӣ озод шуда, Бобур бошад ба минтақаи Шимолу Шарқии Муғулистон фирор намуданд. Ҳамин хел Шоҳрухия Тошкант ба Шайбониён дода шуд ва онҳо Самарқандро пойтахти худ намуда ва волии Бухоро Маҳмуд Султонро таин баъди зарба задан ба Муғулҳо, Тошканд ва вилояти Тошкандро ба ду амакҳояш – Кучкунчи Султон ва Суюнчхоҷахон медиҳад [3, с. 190].

Гузариши шаҳрҳои Бухоро ва Самарқанд ба дасти Шайбонихон ҳокими Хуросон Султон Ҳусейн Мирзоро дар ташвиши зиёд андохта ҳокимони Ҳисор, Хатлон, Кӯлоб, Қундуз ва Бадахшон, ки ба ҳайати давлати Темуриёни Хуросонӣ дохил мешуданд хатарро дида аз узбекҳои дашти Қипчоқ ба изтироб омада қарор доданд, ки бо писари Хусейн Мирзо муттаҳид шуда муқобили Шайбонихон амал намоянд. Бо мақсади ба даст овардани ҳудуди тобеи Хуросони Темуриён Шайбонихон на фақат юриш кард, балки шахсоне, ки дар назди давлати Темуриён мақоми баланди ҷамъиятӣ дошт истифода намуданд. Бо ин мақсад у ҷосусҳои худ ва иғвогаронро истифода бурд, ки яке аз охирини онҳо Ҷаъфар Хоҷа, ки дар байни саидони Дашти Қипчоқ ва бо рағбати ба хонигариҳои узбек буд, истифода бурд. Соли 1507 вақте, ки Шайбонихон ба Ҳирот меояд, ҳамаи қушунҳои темуриён аз инҷо фирор мекунанд ва бе чуну чаро Ҳирот ба дасти Шайбонихон мегузарад [13, с. 215].

Дар охири соли 1508 тоифаҳои Шайбонихон бо роҳбарии Аҳмад-султон – писари Чанишсултон ба минтақаҳои сарҳадии Мовароуннаҳр ҳучум намуданд. "Шумораи мусулмононе, ки онҳо ҳангоми ҳуҷум аз инҷо ронда буданд ба чандин ҳазор мерасиданд".Ҷанг байни Шайбонихон ва ҳокимони Дашти-Қипчоқ ду сабаби асосӣ дошта, аввалин Шайбонихон заминҳои ин минтақаро заминҳои меросии худ меҳисобид, дуввум бошад Шайбонихон дарк менамуд, ки Дашти-Қипчоқро давлати Саффориёни Эронӣ мехоҳанд забт намоянд. Рӯзбихони Исфаҳонӣ маълумот медиҳад, ки ҳуҷум ва ҷазо додани ҳамқабилаҳои худ аз тарафи Шайбонихон дар навоҳии сарҳади Мовароуннаҳр сабаби асосии дигар дорад. Ба Шайбонихон чорае пеш омад, ки "кӯшиш намояд то қазоқҳоро дар давлати худ роҳ надихад, чункӣ онҳо бо чашмони худашон хушбахтию некӯаҳолӣ ва моликияту дороии узбеконро медиданд".

27-уми январи соли 1509 Шайбонихон ҷангро муқобили қазоқон шуруъ намуд. Баъди ин юриш ба Дашти- Қипчоқ байни Шайбонихон ва ҳамтоифаҳояш чунин хусумате пайдо шуд, ки дигар ягон вақт чизе натавонист хусумати онҳоро рафъ намояд. Хонҳои Дашти-Қипчоқ нуқтаи таҳдидоваре буд барои Шайбониён мисле, ки худи онҳо барои Темуриён буданд [4, с. 97-102].

Дар сохти давлатдории худ Шайбониён бештар тарзи давлатдории то феодалиро нигоҳ медоштанд. Мамлакат хоси хонаводаи хонҳо маҳсуб ёфта, ки аъзоёнро султон ном бурда, интихоб намудаи болоияшонро «хон» меномиданд. Бо вазъи мураккаби ин давр розӣ шуда, султон ва амирон дар интихоби хон ширкат менамуданд. Вобаста ба вазъи зикршуда, ин иштирокот доим нақши ҳалкунандаро мебозид. Мувофиқи анъанаҳои онҳо аз ҳама бузурги хонавода метавонист дар тахт нишинад. Мувофиқи қонуниятҳои расмӣ хутбаи панҷвақта ва сиккаҳоро бо номи хон оғоз менамуданд. Шайбонихон пеш аз ҳама худро паҳнкунанда ва муҳофизи дини ислом мешуморид, аз ин сабаб ӯ номи "имамуззамон ва халифатуррахмон"-

ро касб намуда буд. Аз ин ақидаҳо бармеояд, ки идора намудани ҳукумат аз рӯи қонуни шариат ва бисёртар наздик шудани подшоҳ бо мардум бо намояндагони идеявии вай шайхон ва дарвешон назар ба табақаи болоии ҷаъмият пеш мерафт.

Сохти давлатдории онҳо тарзи ҳукумати бодиянишинӣ буда, лекин дар он роҳбарони бодиянишинон кори эътимоднокеро иҷро намуда намояндаи дин ба шумор мерафтанд. Дар хидмати дарбор бошад, Шайбонихон баъзе расмиятҳоро аз ҳаёти гузашта ҷорӣ намуда буд. Вобаста ба ин мувофиқи сарчашмаҳо дар асри XVI роҳбарӣ намудани апарати давлатӣ хело душвор буд. Хон ҳокимият карданро тавассути баъзе идораҳои давлатӣ амалӣ менамуд. Нақши асосиро дар идора намудани кишвар, ки ба хонҳо тааллуқ дошт ин – маҷлиси олӣ буд, ки дар он пешвоёнаш аз қабилаҳои бодиянишин, руҳониён, низомиён ва султонҳо таркиб меёфтанд муқовимати Шайбониён бо Бобур дар атрофи давлати Шайбониён давоми якчанд сол сулҳ осоиштагӣ барқарор гардид ва ингуна давлат рӯ ба тараққӣ овард. Аммо соли 1510 ҳамзамон аз ду тараф-ҳам аз Шимоли Шарқӣ ва ҳам аз Ҷанубу Ғарбӣ ин осоиштагӣ аз байн рафт. Кучманчиёни қазоқ, ки як даврае аз ҷониби Шайбонихон мағлуб шуда буданд, бо муғулҳо муттаҳид шуда ба давлати Шайбонихон дар соҳили дарёи Сир зарбаи ниҳоӣ расониданд. Дар ин замон шоҳи Эрон, Исмоили I аз Ғарб ба ҷониби Хуросон ҳамла кард. Исмоили I аз оилаи суфияи шаҳри Ардабил маҳсуб меёфт [4, с. 97-102].

Бо мақсади амалӣ намудани нақшаҳои муҳорибавии худ Шайбонихон боварӣ дошт, ки ҳангоми ҳуҷум ба Эрон, ки яке аз шохаҳои исломӣ шиа аст, ки ин тарзи динӣ ба эрониён бегона аст. Барои ҳамин вай чунин ҳисобид, ки агар ба Эрон ҳуҷум кунад, аҳолӣ бошад дарҳол бо ӯ як шуда, муқобили шоҳ Исмоил мебароянд. Ба шарофати дарвешони шоҳ Исмоили Сафавӣ вобаста ба кору ҳаводиси ба амал омада дар Хуросон шоҳ хабардор буд. Хонакоҳ-хилватгоҳи дарвешияи Сафавиён дар Хуросон-яке аз марказҳои муҳимми ташфиқотӣ буда, таблиғ кардан, ҷамъоварӣ ва паҳн намудани ҳамаи имконоти хабарҳо, расонидани маълумотҳои гуногунро ба уҳда дошт. Дарвешони ин марказ хабар доданд, ки Шайбониён аз Марв ба Шарқи Туркистон барои ба даст овардани Кашгар, навоҳии сарҳади Хитой ва васеъ намудани ҳудуди худ бо қушуни бузург равона мегардад. Дар бораи ин маълумот пайдо намуда, шоҳ Исмоил дар нимаи дуюми октябри соли 1510 ба Харакон омада, қушунҳоро аз Ироқиҳо, Форсҳо, Кармина, Курдистон, Лаҳуристон ва Озарбойҷон бо мақсади юриш ба Хуросон ҷамъоварӣ намуд. Ҳангоми ба Хуросон омадани шоҳи Сафавӣ Исмоил ва наздикшавии ӯ ба Машҳад маълум гардид, ки узбекон дар назди дарёи Сир аз қувваҳои якҷояи қазоқону муғулҳо мағлуб гардиданд. Хабари ворид шудани шоҳ Исмоил ба Хурсон ва бо муваффақият наздикшавии ӯ ба Машҳад Шайбонихонро безобита месохт. Қушуну артиши ӯ хаста ва рӯҳафтода буданд ва ҳатто дар бораи рӯ ба рӯ шудан бо аскарони Исмоили Сафавӣ ҷои сухан ҳам набуд. Шайбонихон барои бо Исмоил муқовимат кардан қалъаи Марвро такягоҳи худ интихоб намуда буд. Барои он ки ба минтақаи асосӣ баргарданд, Шайбонихон бо қушуни худ ба тарафи Марв равон шуд ва дар шаҳр паноҳ бурд. Аз Машҳад шоҳ Исмоил ба Марв харакат намуд ва бо қувваи асосии худ, Марвро муҳосира намуда, аз қафои гурезагони чанг шитофт. Таърихи сиюми ноябри соли 1510 ӯ ногаҳон муҳосираро қатъ намуда, ба артиши худ амр дод, ки ҳуҷумро нигоҳ доранд ва тақрибан се километр аз Марв қушуни У дар деҳаи Маҳмудӣ қарор доштанд [12, с. 85].

Шоҳ Исмоил ба Амирбек Мавсулу амр дод, ки бо 300 ҳазор аскарони савора дар купруки Мурғоб карор гиранд ва худаш бо қувваи асосӣ ба самти қалъаи Талхатан равон гашт. Қушуни дар купруки Мурғоб гузошта гурезагони ҷангро назорат бурда, дигар узбекон ягон имкони гурехтанро надоштанд ва Шайбонихон дарк намуд, ки макри хуби ҷангиро онҳо истифода бурдаанд, ҳол он ки купруки Мурғоб, ки 24 километр дар қафо мондааст вайрон карда шудааст ва қушуни 17-ҳазораи эронӣ Шайбонихонро иҳота намудааст. Нақшаҳои низомӣ-стратегии шоҳ Исмоил оғоз шуданд [14, с. 105].

Шайбонихон бо 500 ҷанговарони содиқаш чорае наёфта аз сафавиён халосӣ ҷуста аспонашонро ба тарафи чордеворе барои паноҳ бурдан роҳсипор намуд.

Дар ин ҷанг зиёда аз 10-ҳазор тарафдорони шайбониён, бинобар маълумоти "Аламараи Сафавӣ" 28-ҳазор аз ҷумла «400 султонҳои чингиз»-ӣ ба қатл расиданд. Ҳамин тавр Исмоили Сафавӣ ба ҳукмронии даҳсолаи Муҳаммад Шайбонихон дар Мовароуннаҳр хотима бахшид. Акнун тамоми ҳудуди Хуросон то паҳнои Амударё дар дасти Сафавиён қарор дошт. Иттиҳод бастани Бобур бо шоҳ Исмоили Сафавӣ бар зидди Шайбониён барои Мовароуннаҳр. Баъди ғалабаи шоҳ Исмоил ба Хуросон ва аввалин шахсе, ки дар байни Шайбониён ҳузур надошт инро истифода намуд ин Бобур буд. Баъди аз даст додани Самарқанд дар Кобул, Бобур ба шоҳ Исмоил муроҷиат намуд, ки муқобили ӯ муқовимат накарда, муқобили узбекони

Мовароуннаҳр меҷангад. Бо розигӣ ва дастгирии шоҳ Исмоил дар соли 1512 бо қушунҳояш аз Кобул ба самти Бадахшон ҳаракат намуд. Бобур акнун қувваи басандаи ҳарбӣ аз муттаҳидии қувваҳои Чағатой, муғулҳо ва ҷанговарони шоҳ Исмоил ғун дошта, ба воситаи Амударё гузашта ба самти Ҳисор равон гаштанд. Сарварони узбекон, ки дар Ҳисор-Ҳамза Султон ва Маҳдӣ Султон - писарони Суюнчхоҷа, Темур-султон писари Шайбонихон ва дигар ҳокимони минтақаҳои сарҳадӣ қувваҳои худро якҷоя намуда барои шикаст додани Бобур камар бастанд [12, с. 85].

Муҳорибаи ниҳоии Пули Сангин дар соҳили дарёи Вахш (дар он ҷое, ки айни ҳол НБО Норак ҷойгир аст) январи соли 1512 бо ғолибияти Бобур ба итмом расид. Ӯ дар бораи ғалабаи худ аз болои узбекон ба шоҳ Исмоил хабар дода, ба ӯ ҳамчунин дар бораи ба ихтиёри ӯ гузаштани Қундуз, Бағлан, Хатлон, Ҳисор маълумот пешниҳод карда, дар айни ҳол аз ӯ қувваи иловагӣ барои забти минтақаҳои дигари Мовароуннаҳр талаб намуд. Бо амри шоҳ Исмоил ба ёрии Бобур Аҳмадбек-суфӣ ва Шоҳрухбеки Афшар бо ҷанговаронашон ба Ҳисор омаданд. Бобур ба Ҳисор гузашта, бо қушуни худ ба Қаршӣ - онҷое, ки Убайдулло-султон ҳоким буд омад, аммо онҳо ба Бобур муқовимате нишон надода аз ин хотир Бобур ба самти Бухоро равон гашт. Ҳамаи ҳокимони шайбонӣ муноқиша накарда марказҳои муҳимми Мовароуннаҳр, Самарканд, Бухоро, Қаршӣ ва ғайраҳоро ба Бобур вогузор карданд. Ғолибияти зуд Бобурро шавқманд гардонд. Тибқи баъзе сарчашмаҳо, Бобур бо ҳаммаслакон ва қушунҳояш ба базму хурсандӣ овора буданд. Ба шароб алоқамандии Бобур ва худнамоиҳои ӯ ба онҳо писанд наомад. Хондонҳои Бухоро ва Самарқанд ба сари қудрат омадани Бобур ва муваффақиятҳои ӯро ба хушҳолӣ пешвоз мегирифтанд. Аммо дар як муддати кӯтоҳ, Бобур аз чунин дастгирӣ маҳрум шуд ва танҳо ба қушунҳои гуногунтабори худ такя мекард. «Пешвоён ва бузургони Самарқанду Бухоро, ки ба Бобур итоат менамуданд, акнун аз ӯ рӯ гардониданд».

Баҳори соли 1512 яке аз наздикони Шайбонихон ҷавони ҷасур ва далер Убайдулло-султон бо намояндаҳои дигари авлоди шайбонҳо аз зарурати шуруъ намудани ҷанги ҷадид барои Мовароуннаҳр оромона интизор шуда,бо лашкари на он қадар бузург ба Бухоро ҳамла карданд. Ва ба ҳайрати ҳамзамонони худ ба қушуни панҷҳазораи Бобур ғалабаи катъӣ ба даст оварда. Мувофиқи навишти муаррихон ба ёрии ӯ ба Мовароуннаҳр шоҳ Исмоил бино ба маълумоти Хондемир 10-12 ҳазор, бо гуфтаи Мирзо Муҳаммад Ҳайдар 60-ҳазор, бо Рӯзбихони Хунчӣ 70-ҳазор, бо гуфтаи Восифӣ 80-ҳазор қушун бо роҳбарии яке аз сарлашкари моҳир амир Ёрмуҳаммади Исфаҳонӣ бо тахаллуси Наҷми Сонӣ фиристода шуд. Сарбозони Бобур акнун дар заминҳои Мовароуннаҳр хеле фаъол ҳаракат менамуданд, мисли оне, ки ба ин давлат офати табиие рух дода бошад. Онҳ ҳар ҷое, ки ҳаракат мекарданд, сокинони он ҷойро хеле шиканҷа медоданд ва ба қатл мерасонданд. Махсусан қатли омм дар Қаршӣ хеле манзарае буд даҳшатангез. Наҷми Сонӣ, ки ба тарафи Бухоро босуръат ҳаракат менамуд, аз ҷониби Убайдулло-султон ва Ҷонибек-султон бо қушунҳояш дар Бухоро асир меафтад ва бо амри Убайдуллохон қатл карда мешавад. Таърихи 13-уми ноябри соли 1512 задухӯрди ҳалкунанда дар наздикии Ғиждувон гузашт, ки ба Шайбониён имконият дод то, ки сокинони қавми қизилбоширо куллан аз байн бурданд.

Дар ғалабаи ғиждувонӣ Шайбониён аз болои Сафавиён дар соли 1512 комилан таҳдиди ғасби сафавиён дар Мовароуннаҳр хотима гузошта шуд. Дар як муддати кӯтоҳ Шайбониён вилоят ва минтақаҳои Осиёи Миёна: Тошкент, Фарғона, Ҳисор ва дигарҳоро дубора зери тобеъияти худ даровардан. Вале минтақаи Осиёи Миёна аз ҳамлаи қизилбошиҳо ва амалҳои ғоратгаронаи муғулҳо, қатли ом ба зиндагии мардум ва ҳаёти хоҷагии мамлакат таъсири манфӣ расонида, рӯ ба харобӣ ниҳода буд. Амалиёти ҳарбии Шайбониён бар зидди Сафавиён барои Хуросон дар қарни XVI. Қувваҳои низомии Шайбониён боз барои ҳуҷум намудан бар зидди қушунҳои Эрониро оғоз намуда, ба самти Хуросон юришро равона карданд. Убайдулло-хон баъди фатҳи Балх ба Ҳирот ҳаракат намуда, дар Мурғоб бо Темур-султон иттиҳод баста, ҳарду якҷоя ба самти Машҳад равона гаштанд. Ҳамаи минтақаҳои Марв то ноҳияи Сабзвор зери тасарруфи Шайбониён қарор дошт [6, с. 69-75].

Фавти шоҳ Исмоил дар соли 1524 ва муборизаи байни роҳбарони қизилбошиҳо барои ҳукумат дар кишвар барои Шайбониён замина фароҳам овард, ки ба Эрон ва Хуросон боз аз сари нав ҳуҷум кунанд. Аз соли 1560 Бухоро мустақиман пойтахти давлати Шайбониён гардид. Баъди ҷангҳо барои Ҷом (дар соли 1528) ва то охири ҳукмронии шоҳ Тахмасба (соли 1576) ҳуҷумҳо ва муҳорибаҳои шадид байни Шайбониён ва Сафавиён ба вуқӯъ пайвастаанд. Хронологияи ғолиб ва мағлубиятро то марги худи Убайдуллохон дар Хуросон маъхазҳо чунин маълумот медиҳанд: соли 938 ҳиҷрӣ 1531 -ним сол зери муҳосира қарор гирифтани

Ҳирот ва тамоми шаҳрҳои калон то Астаробод ба зери тасарруфи Убайдуллохон қарор гирифтанд; аввали соли 939 ҳичрӣ яъне 15-уми октябри соли 1532-баргаштани Ҳирот ба Сафавиён; соли 1535 забт намудани Машҳад аз ҷониби Убайдуллохон; 7-уми моҳи сафари соли 943-и ҳичрӣ 27-июли соли 1535 -баъди муҳосираи панҷмоҳа, забти Хуросон аз тарафи Убайдуллохон ва идора намудани 14-моҳаи ӯ, 30-юми январи соли 1536 берун кардани Шайбониён аз Хуросон [1, с. 165].

Баъди марги Убайдуллохон (соли 1539) то соли 1550, яъне дар муддати ёздаҳ сол аз тарафи ягон хони Мовароуннаҳр ба Хуросон ҳуҷум нашудааст. Охирини онҳо дар ин муддати таърихӣ танҳо ҳуҷуми дар соли 1547 бо роҳбарии қушуни Буракхон сурат гирифтааст. Баъди чунин муносиботи хусумати байни Шайбониён ва Сафавиён хомуш нагашт [9, с. 125].

Гурӯҳи Абдуллосултон узви хонадонаш Пирмуҳаммадро саркори давлат эълон намуда, дар воқеъ ин аввалин ғалабаи сиёсии Абдуллосултонро нишон медод. Дар соли 1584 Абдуллохони II Бадахшонро забт кард. Ҳангоми забт намудани Хуросон Абдуллохон кушиш намуд бо кишвари нақши муҳим дошта дар тиҷорати хориҷии Мовароуннаҳр давлати Руссия робитаи хубро нигоҳ дорад. Абдуллохони II таваҷҷуҳашро махсус барои барқарор намудани муносибатҳо бо императори Ҳиндустон Акбар равона сохта буд. Акбар ҳеч гоҳ наметавонист узбеконро бубахшад, ки махсусан дар даврони ҳукмронии Шайбониён бобои ӯ Бобурро аз Фарғона пеш намуда, бераҳмона одамони ӯро қатл карданд. Абдуллохон баъди кӯшишҳо тавонист, ки ғалабаи калони дипломатиро дар масоили барқарории муносибатҳо бо Акбар сазовор гардад. Бастани шартномаҳо миёни ин ду давлат оиди муборизаи зидди Сафавиёнро дар бар мегирифт. Тобистони соли 1587 қушунҳои Бухоро ба тарафи Ғарб пойтахти Хуросон шаҳри Ҳирот ҳаракат намуданд. Моҳи феврали соли 1588 Ҳирот ба зери тасарруфи Абдуллохони II қарор гирифт. Абдуллохон баъди забти Хуросон аз шартномаи махфии байни Акбар кушиш намуд фаромуш кунад. Вақте ки қушунҳои алоҳидаи узбек ба деворҳои Қандаҳор наздик шуданд, Абдуллохони II ба ҳокими Қандаҳор Музаффар Ҳусейн мактуб ирсол намуд, ки ба ӯ пешниҳод намуда буд, ки шаҳрро зуд тарк намояд ва онҷоеро, ки ихтиёр мекунад биравад. Ин мактуб охирин омиле буд, ки Ҳусейн Музаффарро маҷбур сохт то аз императори Ҳиндустон Акбар кумак дархост намояд. Акбар аллакай бо норозигиҳои қаблӣ ба муваффақиятҳои узбекон дар Хуросонро назорат мебурд. То он даме, ки Абдуллохони II ба амалиёт оғоз накарда буд, шартномае, ки соли 1587 баста шуда буд оиди мудохила накардан ба муборизаи узбекӣ-эронӣ, ба Акбар лозим омад, ки зуд амал намояд. Бо фармони ӯ қушунҳои зиёди ҳиндустонӣ ва армиянӣ ба Қандаҳор фиристода шуданд, ки бе ягон монеа ишғол намуданд. Доир ба ин ҳамчунин тобистони соли 1595 қушунҳои Акбар отрядҳои узбеконро аз ҳамин давра ва Гармсира равон намуда ва онҳоро ба давлати ҳиндии бобурӣ ҳамроҳ намуданд. Аз ҳамин давра муносибатҳои дипломатии байни Ҳиндустон ва давлати Шайбониён, Абдуллохони II бад мешуд, ки шоҳ Аббосро хушнуд месохт [10, с. 175].

Дар ин вақт муносибатҳои дипломатии аморати Бухоро бо Руссия пуршиддат шудан гирифт. Ҳукумати Борис Годунов аз дахолат кардани Абдуллохони II ба корҳои Сибир норозӣ буд. Охирин ҳолате, ки дар навбати худ, дар солҳои охири асри XVI бо наздикшавии муносибатҳои дипломатии Эрон бо Руссия оварда расонид, ки ин қариб ба катъ гардидани тиҷорати русӣ-бухороӣ буд. Рузи 1-уми моҳи рачаби соли 995, 7-уми июли соли 1587 пойтахти Хуросон аз тарафи қушунҳои Абдуллохони II муҳосира шуда буд. Дар натиҷаи юриш дар солҳои 1587- 1588 Ҳирот ва минтақаҳои он ба давлати Шайбониён ҳамроҳ карда шуд. Юриши навбатии Шайбониён ба Хуросон бо роҳбарии писари Абдуллохон, волии Балх - Абдул-Муъмин сурат гирифтааст. Аз Балх, Шибиргон якҷоя лашкар ҷамъ намуда бо отряди волии Ҳирот Мир Бобо Кукалтош ва бародарзодаи Абдуллохон -Пирмуҳаммадхон дар моҳи марти соли 1589 Машҳадро муҳосира намуданд. Дар Машҳад ба дасти Шайбониён -Тус, Нишопур, Сабзвор ва дигар шаҳрҳои ғарби Хуросон гузаштанд. Дар соли 1590 бошад, Абдул-Муъмин тавонист Чом, Хоф, Гурианро ба даст орад. Ҳамин тавр то соли 1593 таҳти ҳукумати Абдуллохони II қисми зиёди Хуросон шомил шуд [11, с. 45].

Дар ин солҳо қушунҳои Сафавиён се маротиб (солҳои 1590, 1592, 1595) ба Хуросон ҳамлавар шуданд. Бори сеюм шоҳ Аббос худаш амалиёти ҷангиро дар соли 1595 роҳбарӣ намуд ва шаҳри Исфаҳонро - онҷое, ки дар он вақт Абдул-Муъмин қарор дошт, озод намуд. Дар тули се соли охир қушунҳои сафавӣ марзи Хуросонро, ки то шаҳри Симнон таҳти идораи Абдуллохони II буд, гузаранд. Дар охири соли 1597 ва ибтидои 1598 давлати Шайбониён аз тарафи душманҳои муттаҳидшуда муҳ осира карда шуд. Шоҳ Аббос дар бораи бад шудани давлати Абдуллохони II фаҳмида ва барои ташкил намудани юриши бузург ба

Хуросон омода шуд [10, с. 8-35]. 6-уми моҳи муҳаррамаи сол 1007\10-уми августи соли 1598 дар деҳаи Пули Салар, 24 километр дуртар аз шарқи Ҳирот охирин муҳориба байни Шайбониён ва Сафавиён барои Хуросон сурат гирифта ва ҳамаи ҷанговарони Шайбониён торумор карда шуданд. Хуросон барои Мовароуннаҳр хело муҳим хамчун маркази савдо маҳсуб ёфта, барои мустаҳкам намудани мавқеи давлати худ дар соҳили Ҷайхун буд. Аммо аз оғоз намудани аввалин робитаҳои сиёсӣ байни Шайбониён ва Сафавиён характери ҷангии сафавӣ- шайбонӣ барои Хуросон гардида ва ин ҳолат садсолаҳо идома ёфта, муносибатҳои хоҷагидорӣ, сиёсӣ ва фарҳангии Хуросон бо Мовароуннаҳр назар ба вилоятҳои Ғарби Эрони хеле тезутунд буданд.Маҳз барои ҳамин Шайбониён Хуросонро минтақаи меросии худ меҳисобиданд. Дар миёнаи асри XVI давлати Шайбониён аз хонигариҳои алоҳида таркиб ёфта буданд, ки наслҳои Абулхайрхон ҳукумат менамуданд. Дар Бухоро Абдулазизхон (солҳои 1540- 1552)- писари Убайдулло, хон интихоб шуда буд, дар Самарқанд бошад, аз ҷониби хони болоии узбекон Абдулатиф идора менамуд (солҳои 1540-1552) - писари сеюми Кучкунчихон, дар Тошканд ва Туркистон бошад, Барак-хон (Навруз Ахмадхон) писари Суюнч Хоча- хон ҳокимӣ менамуд [8, с. 55].

Ин аввалин таназзули давлати Шайбониён дар Мовароуннаҳр буд, ки на Абдулазизхон ва на Абдулатиф натавонистанд ин равандро пешгирӣ намоянд. Дар сохти сиёсӣ, буҳрони иҷтимоӣ ва ҷангҳо байни хонҳои Самарқанд, ҳокими Бухоро ва Тошканд, мулкҳои мустақил бо хусусиятҳои хоси сулолавӣ ташкил ёфтанд [11, с. 45].

Дар соли 1550 Абдулазизхон вафот мекунад ва байни султонҳои шайбонӣ муборизаи шадид барои Бухоро оғоз мешавад. Дар ин вазъият дар саҳнаи сиёсат Абдуллоғсултон, ҷавони 17- сола (1533 - 8-уми феврали соли 1598) писари ҳокими Кармина ва Миёнкол-Искандар- султон, ворид мегардад [8, с. 228-334].

Убайдуллохон дар бобати инкишофи тиҷорати байналхалқӣ низ чораҳое меҷуст. Ин тиҷорат он қадар барои манфиатҳои савдогарони маҳалли набуд. Савдогарони Бухоро молҳои хориҷиро якбора мехариданд ва пулашро баъдтар, пас аз фурухта шудани мол мепардохтанд [9, с. 20]. Ислоҳоти дигаре, ки Убайдуллохон умеди калон дошт ин ислоҳоти пулӣ буд, вале ба манфиати кор нашуд. Дар натиҷаи муборизаҳои хусуматпарастӣ ҳангоми яке аз суиқасдҳо дар соли 1711 Убайдуллохон кушта ва дарбори хонӣ тороҷ карда шуд. Пас аз ҳалокати Убайдуллохон бародараш Абулфайзхон (1711-1747) ба тахт нишаст. Дар замони хукумронии ин охирин намояндаи асосии сулолаи Ҷониён ҳукумати марказӣ иқтидори худро тамоман аз даст дода, давлати хонӣ ба қисмҳои мустақили ҷудогона тақсим мегардад. Корҳои мамлакатдорӣ тақрибан ба куллӣ ба ихтиёри Муҳаммадҳакимбий атолиқ мегузарад, ки ӯро саркардагони тоифаи манғит пуштибонӣ мекарданд. Баъдҳо дар натиҷаи норозияти аъёну ашроф Муҳаммадҳакимбий аз мансабҳои баланди дарбор дур карда, ба Қаршӣ фиристода мешавад. Ҷониёнро ҳатто расман ду пойтахт буд: Бухоро ва Балх. Дар Бухоро худи хон нишаста, дар Балх валиаҳдаш ва ё атолиқ ҳукмронӣ мекард.

Адабиёт

1. *Антонова, К. А. Очерки общественных отношений и политического строя Монгольской Индии времен Акбара (1556–1605 гг.) / К.А. Антонова.- Москва: Акад. наук СССР, Ин-т востоковедения: Изд-во АН СССР, 1952. — 380 с.*
2. *Ғафуров, Б. Тоҷикон. Охирҳои асри миёна ва давраи нав. Китоби дуюм точикон китоби дуюм. / Б. Ғафуров. - Душанбе: Ирфон, 1985.-350 с.*
3. *Иванов, П.П. Очерки по истории Средней Азии (XVI- средине XIX). / П.П. Иванов.-Москва: Издательство восточной литературы,1958.-251 с.*
4. *Ильминский, Н.И. Бабур-наме. Записки Бабура. / Н.И. Ильминский.-Казан:- 1857.-С. 97-102.*
5. *Лунин, Б.В. История Узбекистана в источниках. Известия путешественников, географов и ученых в XVI- первой половины XIXв. / Б.В.Лунин. - Ташкент: Фан,-1988.-140 с.*
6. *Муминзода, Н.А. "Масъалаи Ӯротеппа" дар таърихи Аморати Бухоро ва хонии Қуқанд дар асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX / Н.А. Муминзода // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ.-2025.-№1(120).-С. 346-352.*
7. *Мухаммад, С. Таварихи гузида – Нусратнаме // Иссл.,критич.текст А. М. Акрамова. - Ташкент: Фан, 1967.-121 с.*
8. *Неъматов, Б.З. Инъикоси вазъи кишоварзии Бухорои Шарқии охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ / Б.З. Неъматов, Давлатзода Ф.С. // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ.-2026.-№1(120).-С. 328-334.*
9. *Низамутдинов, И. Из истории среднеазиатско-индийских отношений: (IX- XVIII вв) / И.Низамутдинов.-Ташкент: Uzbekistan, 1969.-143с.*

10. *Новосельцев, А.П. Русско-иранские политические отношения во второй половине XVI века / А.П.Новосельцев. - Москва: ГПИБ, 1961. -570 с.*
11. *Панков, А.В. К истории торговли Средней Азии с Россией в 1675-1725 гг.Торговля с Бухарой / А.В.Панков.-Ташкент: Известия Средне-Азиатского географического общества,1929-200 с.*
12. *Семёнов, А.А. Материалы по истории таджиков и узбеков Средней Азии / А.А. Семёнов.- Сталинабад: Издалеьство Академии наук Таджикской ССР, 1954.-240с.*
13. *Уляницкий, В.А.Сношения России с Средней Азией и Индией в XVI- XVII вв./ В.А. Уляницкий - Москва: Университетская типография, 1889.-62 с.*
14. *Хасанбек Румлу Ахсану-т-таворих.-т.III.-Тегеран,1384 г.ш. с-134*
15. *Хондемир. Хабибу-с-сияр.-Т.IV.- Тегеран, 1380 г.ш.-277 с.*
16. *Юлдошев, М. К истории торговых и посольских связей Средней Азии с России в XVI- XVII вв./ М.Юлдошев.- Ташкент: Наука, 1964. - 230 с.*

ТАЪРИХИ СИЁСӢ ВА СОХТИ ДАВЛАТДОРИИ АМОРАТИ БУХОРО ДАР ОХИРИ АСРИ XVI – НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XVIII

Муаллиф дар мақолаи худ таърихи сиёсӣ ва сохтори давлатдории Аморати Бухороро дар охири асри XV ва асри XVII мавриди омӯзиш қарор дода аст. Ӯ дар тадқиқоти худ равандҳои ташаккул ва таҳкими ҳокимияти сулолаи Шайбониён ва Аштархониён, муборизаҳои сиёсӣ барои ба даст овардани қудрат, муносибатҳои байниқабилавӣ ва сиёсати дохилию хориҷии аморатро мавриди таҳлил қарор додааст. Инчунин дар мақола сохтори идории давлат, мақоми амир, фаъолияти девон, низоми ҳарбӣ ва нақши уламову ашроф дар идоракунии давлат баррасӣ мешавад. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки бо такя ба сарчашмаҳои таърихӣ ва адабиёти илмӣ хусусиятҳои асосии давлатдории Аморати Бухоро ва таъсири он ба рушди сиёсиву иҷтимоии Осиёи Миёнаро нишон диҳад. Дар давраи ҳукмронии Абдуллоҳони II давлати Шайбониён тавонист қисми зиёди Мовароуннаҳр ва Хуросонро муттаҳид намояд. Ӯ баъди муборизаҳои зиёд бар рақибонаш ғолиб омада, Балх, Ҳисор, Самарқанд, Тошканд ва Бадахшонро ба тасарруфи худ даровард. Абдуллохони II барои мустаҳкам намудани давлати мутамарказ, рушди тиҷорат ва барқарор кардани муносибатҳои дипломатӣ бо Руссия ва Ҳиндустон кӯшиш кард. Ҳамзамон байни Шайбониён ва Сафавиён барои Хуросон ҷангҳои зиёд ба амал омаданд. Дар охири асри XVI, бар асари ҷангҳои дохилӣ ва ҳамлаҳои Сафавиён, давлати Шайбониён заиф гардида, ба таназзул рӯ ба рӯ шуд.

Калидвожаҳо: Аморати Бухоро, Шайбониён, Осиёи Миёна, Аштархониён, девон, Темуриён, Тошканд, Самарқанд, Бобур.

ПОЛИТИЧЕСКАЯ ИСТОРИЯ И ГОСУДАРСТВЕННАЯ СТРУКТУРА БУХАРСКОГО ЭМИРАТА В КОНЦЕ XVI – ПЕРВОЙ ПОЛОВИНЕ XVIII ВЕКОВ

В своей статье автор исследует политическую историю и государственную структуру Бухарского эмирата в конце XV и XVII веков. В ходе исследования он анализирует процессы формирования и укрепления власти династий Шайбанидов и Аштарханидов, политическую борьбу за власть, межплеменные отношения, а также внутреннюю и внешнюю политику эмирата. В статье также рассматривается административная структура государства, положение эмира, деятельность дивана, военная система и роль ученых и знати в государственном управлении. Автор, опираясь на исторические источники и научную литературу, попытался показать основные черты государственности Бухарского эмирата и его влияние на политическое и социальное развитие Центральной Азии. В период правления Абдуллы II государство Шайбанидов смогло объединить большую часть Трансоксианы и Хорасана. После многочисленных сражений он разгромил своих соперников и взял под контроль Балх, Гиссар, Самарканд, Ташкент и Бадахшан. Абдулла II стремился укрепить централизованное государство, развивать торговлю и устанавливать дипломатические отношения с Россией и Индией. В то же время между Шайбанидами и Сефевидами велись многочисленные войны за Хорасан. В конце XVI века, из-за внутренних войн и нападений Сефевидов, государство Шайбанидов ослабло и начало приходить в упадок.

Ключевые слова: Бухарский эмират, Шейбаниды, Средняя Азия, Аштарханиды, Диван, Тимуриды, Ташкент, Самарканд, Бабур.

POLITICAL HISTORY AND STATE STRUCTURE OF THE BUKHARA EMIRATE IN THE LATE 16th – FIRST HALF OF THE 18th CENTURY

In this article, the author examines the political history and state structure of the Emirate of Bukhara in the late XVth and XVIIIth centuries. In this study, he analyzes the formation and consolidation of power of the Shaybanid and Ashtarkhanid dynasties, the political struggle for power, intertribal relations, and the emirate's domestic and foreign policies. The article also examines the administrative structure of the state, the position of the Emir, the activities of the divan, the military system, and the role of scholars and nobility in public administration. Drawing on historical sources and scholarly literature, the author attempts to demonstrate the main features of the statehood of the Emirate of Bukhara and its influence on the political

and social development of Central Asia. During the reign of Abdullah II, the Shaybanid state succeeded in uniting most of Transoxiana and Khorasan. After numerous battles, he defeated his rivals and took control of Balkh, Hissar, Samarkand, Tashkent, and Badakhshan. Abdullah II sought to strengthen the centralized state, develop trade, and establish diplomatic relations with Russia and India. At the same time, numerous wars were waged between the Shaybanids and Safavids over Khorasan. By the late 16th century, due to internal wars and Safavid attacks, the Shaybanid state weakened and began to decline.

Keywords: Bukhara Emirate, Sheybanids, Central Asia, Ashtarkhanids, Divan, Timurids, Tashkent, Samarkand, Babur.

Дар бораи муаллиф
Раҳимзода Дилнозаи Мирзораҳим
Номзади илмҳои таърих, муаллими калони кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ,
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 121
E-mail: drahimzoda@internet.ru

Об авторе
Рахимзода Дилнозаи Мирзорахим
Кандидат исторических наук, старший преподаватель кафедры всеобщей истории и международных отношений
Таджикский государственный педагогический университет имени С.Айни
734003, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: drahimzoda@internet.ru

About the author
Rahimzoda Dilnozai Mirzorahim
Candidate of Historical Sciences, Head teacher of the Department of general history and international relations
Tajik State Pedagogical University named after S.Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: drahimzoda@internet.ru

ТДУ 94(575.3)+911.373

ҲОЛАТИ СОҲАИ РОҲУ АЛОҚАИ НОҲИЯИ МОСКВА ДАР СОЛҲОИ 50-60-УМИ АСРИ ХХ

Одинаев С. Г.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқаддима. Аз рӯзҳои аввали таъсисисёбии худ ноҳияи Москва бинобар сабаби бад будани роҳҳо ба мушкилиҳои зиёд рӯ ба рӯ гардид. Вазъияти роҳу нақлёт ва алоқа, ки соли 1950 асосан аз ҳисоби ҳудудҳои маъмурии ноҳияи Фархор таъсис ёфта буд, дар солҳои баъдиҷангӣ дар ҳолати хеле мураккаб қарор дошт. Ба сифати ноҳияи мустақил таъсис ёфтани ноҳияи Москва барои рушди бисёр соҳаҳои хоҷагии халқ мусоидат намуд. Роҳҳо асосан хокӣ буданд, миёни маркази ноҳия ва колхозу маҳаллаҳои аҳолинишин, роҳҳои нисбатан калон умуман мавҷуд набуданд. Омӯзиши масъалаи мазкур ба таҳқиқи вазъи роҳу нақлёт ва таъмини алоқа дар ноҳияи Москва бахшида шудааст. Бунёди роҳҳои нав, саҳми нақлёт ва пешрафти соҳаи алоқа дар рушди хоҷагии халқи ноҳия ва таъмини алоқа байни минтақаҳо мавзуи баҳси мақоларо ташкил медиҳад. Таҳқиқи ин масъала аз он ҷиҳат муҳим аст, ки он оид ба мушкилоти бунёди роҳҳо, бо нақлёти боркашон таъмин намудани хоҷагии халқ, таъмини ноҳия бо хатти алоқа, ки дар солҳои баъдиҷангӣ барои ҳар як гӯшаи канори Иттиҳоди Шуравӣ аҳаммияти стратегӣ дошт, бахшида шудааст. Бинобар ин баррасии он аз нигоҳи илмӣ зарур дониста мешавад.

Мавод ва усули таҳқиқ. Дар таҳияи мақола мо аз ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, нашрияҳои даврӣ ва асарҳои муҳаққиқон Айнуллозода Н.А [1], С. Назруллоев, А. Назруллоев [16] , китобҳои ҷашни [17; 18] ва дигар осоре, ки таърихи рушди роҳу алоқаи Тоҷикистонро инъикос намудаанд, истифода намудем.

Ҳадафи навишти мақолаи мазкур таҳқиқи васеъи вазъи соҳаи роҳу алоқаи ноҳияи Москва дар солҳои 50-60-ум асри ХХ ва ҷойгоҳи он дар рушду тараққии хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ба шумор меравад.

Дар навишти мақола мо аз принсипу усулҳои маъмули илми муосири таърих – таърихият, ситеманокӣ, таърихӣ - муқоисавӣ, илмӣ, масъалагузорӣ, объективӣ, таҳлили оморӣ ва монанди инҳо истифода намудем.

Дар баррасии масъала мо, пеш аз ҳама, аз ҳуҷҷатҳои Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар шаҳри Кӯлоб, Қарорҳои КМ ҲК ИШ ва ҲК ҶШС Тоҷикистон, Қарорҳои Кумитаи иҷроияи Шурои депутатҳои меҳнаткашони ноҳияи Москва, ки фарогири масъалаҳои рушди фарҳанги ҷумҳурӣ, аз ҷумла ноҳияи Москваро дар бар мегиранд, китобу асноди оморӣ васеъ истифода намудем.

Таҳлил ва натиҷаҳо. Қайд намудан ба маврид аст, ки дар солҳои пеш аз барпошавии Ҳокимияти Шуравӣ дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза, аз ҷумла ҳудуди ҳозираи ноҳияи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ роҳҳо дар рушду пешрафти хоҷагии халқ ва тиҷорат аҳаммияти бештар доштанд. Дар гузашта “деҳаи Чӯбак, ки дар соҳили дарёи Панҷ воқеъ гардида буд, гузаргоҳи муҳим аз дарёи Панҷ ба Афғонистон ва баръакс маҳсуб меёфт. Ба воситаи гузаргоҳи “Чубак” корвониёну, лашакариён, тоҷирон рафту омад мекарданд. Баъдан дар ин мавзеъ сарҳадбонони Россияи подшоҳӣ маскан гирифтанд. Ҳамзамон, аз Тирмиз тариқи қайиқҳо ба воситаи дарёи Панҷ ба деҳаи Чубак молу маҳсулотҳои гуногун ворид ва содир карда мешуданд. Аз рӯйи баъзе маълумотҳо дар деҳаи Чубак бозори калон вуҷуд доштааст” [19, с. 321-322]. Дар бораи мавҷуд будани роҳу гузаргоҳҳо дар мавзеъи Чубак Бурҳонидини Кушкакӣ, сайёҳи анлис Вуд, сайёҳи итолиявӣ Марко Поло, сайёҳи рус Покотило ва дигарон низ маълумот додаанд [19, с. 322 - 324].

Пас аз барпо шудани Ҳукумати Шуравӣ ва таъсиёбии ҶМШС Тоҷикистон, махсусан баъд аз таъсисёбии ҶШС Тоҷикистон роҳбарияти ҳукумати умумииттифоқӣ ва ҷумҳурӣ ба сохтмони роҳҳои нав ва таҷдиду барқарорсозии роҳҳои кӯҳна таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекарданд. Чунки роҳҳо дар рушду пешрафти хоҷагии халқи мамлакат, махсусан соҳаи пахтакорӣ нақши калон доштанд.

Оғоз аз солҳои 50-уми асри ХХ сохтмони роҳҳо дар ҶШС Тоҷикистон яке аз самтҳои муҳимми рушди хоҷагии халқи ҷумҳурӣ маҳсуб меёфт. Дар ин давра сохтмони роҳҳо ба пайванди деҳот ба марказҳои кохозу совхозҳо, ноҳия, вилоят ва ҷумҳурӣ аҳаммияти стратегӣ пайдо кард. Чунки маҳз ба воситаи роҳҳо маҳсулоти истеҳсолкардаи меҳнаткашон ба маркази ноҳия, вилоят ва ҷумҳурӣ бароварда мешуданд.

Деҳу деҳкадаҳо, колхозу совхозҳои ноҳияи Москва, ки дар солҳои 50-уми асри XX асосан аз ҳисоби оилаҳо ва хоҷагиҳои муҳоҷиршуда дар заминҳои туғайзору қамишзор ва бекорхобида ташкил меёфт, сохтмони роҳҳо дар бунёди онҳо ва рушди хоҷагии халқи ноҳия нақши назаррас гузоштааст. Сохтмон ва барқарорсозии роҳҳо на танҳо ҳудуди ноҳияро ба ҳам мепайваст, инчунин робитаи байни ноҳияҳои гуногун, маркази вилоят ва ҷумҳуриро таъмин мекард. Дар баробари сохтмон ва барқарорсозии роҳҳо инфрасохтори он низ таъмиру таҷдид карда шуда, инчунин рушди шабакаи алоқа дар пайвасти маҳаллаҳои аҳолинишин бо маркази ноҳия, вилоят ва ҷумҳурӣ аҳаммияти бештарро касб карда буд.

Моҳи сентябри соли 1952 дар шаҳри Душанбе Анҷумани VIII-уми ҲК ҶШС Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар он масъалаи сохтмони роҳҳо нақши калидӣ дошт. Ноҳияи Москва низ Қарорҳои Анҷумани VIII-уми ҲК ҶШС Тоҷикистонро дар амал татбиқ карданӣ шуда, дар ин самт корҳои зиёдеро амалӣ намудааст.

Бо таъсисёбии ноҳияи Москва, дар як давраи кӯтоҳ барои ташкили сохтори идории он корҳои зиёд ба анҷом расонида шуданд. Масалан, дар асоси Қарори Кумитаи иҷроияи ноҳияи Чубек аз 26-уми феврали соли 1951, №35 Леонид Дмитревич Чеснов директори хоҷагии роҳҳои ноҳияи Чубек тайин карда шуд [9, л. 60]. Дар асоси гузориши мудири шуъбаи хоҷагии роҳи ноҳияи Чубек Леонид Дмитревич Чеснов, Кумитаи иҷроияи ноҳия шурои депутатҳои меҳнаткашони ноҳия аз 29-уми августи соли 1951, №216 қайд кардааст, ки то таъсисёбии ноҳия шабакаи роҳҳои ноҳия дар ҳолати хеле бад қарор дошта, онҳо тамоман таъмир карда нашудаанд. Шуъбаи хоҷагиҳои роҳи ноҳияи Фархор трактори “НАТИ”-ро, ки соли истеҳсолаш 1937 мебошад, таъмири капиталӣ накарда, дар ҳолати ғайрикорношоям ва автомашинаи ЗИС-5-ро низ дар ҳамин ҳолат ба ноҳия супоридааст. Дар зимистон ва тирамоҳи соли 1951 корҳои асосии сохтмони роҳҳо ба роҳи Бешкаппа – Сайёд равона карда шуда, 18 км роҳҳои хокӣ сохта шуда, 4,1 км роҳҳо шағалпӯш карда шуданд. 4 купруки нав сохта шуда, 15 купруки дигар таъмиру азнавсозӣ карда шуданд.

Инчунин, дар ҷаласаи мазкур қайд гардидааст, ки айни замон роҳҳои ноҳия дар ҳолати корношоям қарор доранд ва пешниҳод гардидааст, ки барои рафъи камбудиҳои ҷойдошта корҳои зерин бояд анҷом дода шаванд: роҳи Фархор – Чубек бо дарозии 16 км бо маблағи 400 000 рубл ва роҳи колхози ба номи Сталин - Бешкаппа бо дарозии 6 км бо маблағи 96 000 рубл шағалпӯш карда шаванд. Дар маҷмуъ, барои дар ҳама фаслҳои сол дар ҳолати хуб нигоҳ доштании роҳҳо 640 000 рубл лозим мебошад [10, л. 102 -103].

Аз маълумотҳои дастрасгардида маълум мегардад, ки агар дар ноҳияи Чубек дар соли 1951 165 км роҳҳо сохта ба истифода дода шуда бошанд, дар соли 1952 дарозии роҳҳои ноҳия ба 197 км, яъне 32 км роҳҳои нав сохта ба истифода дода шудааст [10, л. 102-107]. Дар маҷмуъ, дар соли 1952 барои рушди соҳаи роҳсозӣ ба хоҷагии роҳ аз буҷаи маҳаллии ноҳия 239,6 ҳазор рубл [7, л. 40] ва соли 1953 184,5 ҳазор рубл [8, л. 75] ҷудо карда шудааст.

Дар ҳуҷҷати дигари бойгонӣ омадааст, ки барои сохтмони роҳҳои нав ва таъмири роҳҳои куҳна бо ҷалби аҳолӣ дар соли 1952 534 ҳазор рубл, аз ҷумла аз ҳисоби аҳолии меҳнаткаш 290 ҳазор рубл, аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ 244 ҳазор рубл, барои сохтмони роҳи Самончӣ – Чубек аз ҳисоби аҳолӣ 90 ҳазор рубл ҷудо карда шавад. Дар ҳамин асос нақшаи ҷалби меҳнаткашони ноҳия дар сохтмон ва таъмири роҳҳо, аз ҷумла сохтмони роҳи Самончӣ - Чубек чунин муайян карда мешавад. Барои сохтмони роҳҳои нав ва таъмири роҳҳои куҳна дар соли 1952 дар ноҳияи Чубек маблағи умумии 207795 ҳазор рубл ҷудо карда шуда, 2285 нафар аҳоли қобили меҳнат, 16 мошинҳои тамғаҳои гуногун, 39 ароба, 181 асп, 87 хар, 406 барзагов сафарбар карда мешавад. Инчунин, 3961 м^3 сангреза масраф мегардад. Дар ҳамин замина дар колхози 20 - солагии Тоҷикистон 6 км роҳҳои нав сохта шуда, дар маҷмуъ дар ноҳия 1 км роҳ ва 3 купрук таъмири капиталӣ ва 37,5 км роҳҳо аз таъмири ҷорӣ бароварда мешаванд, ки 444300 ҳазор рубл, аз ҷумла 200000 рубл аз ҳисоби аҳолии маҳаллӣ ва 244300 ҳазор рубл аз ҳисоби буҷаи ноҳиявӣ ташкил доданд [15, л. 115-117].

Соли 1953 ба вазифаи мудири шуъбаи хоҷагии роҳҳоии ноҳияи Москва Усмон Ғуломов таъйин карда мешавад [7, л. 21].

Аз таҳлили вазъи роҳҳои ноҳияи Москва дар солҳои 1950-1953 бармеояд, ки дар ин давра вазъи онҳо на он қадар хуб будааст. Ноҳия, ки ба роҳи асосии ҷумҳуриявӣ, яъне ба пойтахт пайваст набуд ҳамоно дар ҳолати на он қадар хуб нигоҳдорӣ шуда, роҳҳои байниколхозӣ пурра сохта нашуда буданд. Ҳамоно дар ноҳия роҳҳои одии хокӣ ва роҳҳои шағалпӯш афзалият доштанд. Масалан, мувофиқи нақшаи сохтмони роҳҳои ноҳия дар соли 1953, бояд роҳи нав аз колхози ба номи Ленин то колхози ба номи Калинин бо дарозии 8 км ва се купрук сохта мешуд. Ҳамзамон роҳи колхози Булганин бояд сангфарш (шағалпӯш) карда мешуданд. Дар колхози ба номи Энгелс бояд 2,5 км роҳи нав сохта мешуду дигар

роҳҳо бояд бо сангреза пӯшонида мешуданд. Дар атрофи роҳҳо бояд 1000 бех ниҳол мешиниоианд, вале ин корҳо иҷро нагрдидааст. Дар колхози ба номи Ленин низ бояд 3 км роҳи нав сохта, 1200 ниҳол мешиниоиданд ва дигар роҳҳо шағалпӯш карда мешуданд, аммо аз бесалоҳиятӣ ва бепарвогии роҳбарони колхоз сохтмони роҳҳои ба нақша гирифташуда иҷро нагардидаанд [7, л. 58-59]. Вале, аз таҳлили вазъ маълум мегардад, ки камбудии асосӣ иҷро нагардидани сохтмони роҳҳо норасоии техника ва дигар механизмҳои роҳсозӣ, беаҳаммиятии роҳбарони колхозу шуроҳои деҳот, инчунин норасоии қувваи корӣ будааст.

Вазъ ва ҳолати шабакаи роҳҳои маҳаллӣ дар соли 1956 дар ноҳияи Москва ҳамоно ба талабот ҷавобгӯй набуданд. Дар як қатор колхозҳои ноҳия, ақалан роҳҳое набуданд, ки ҳаракати муқаррарии нақлётро таъмин кунанд. Масалан, ҳолати нигаҳдории роҳҳо дар колхозҳои ба номи Ленин, Маленков, Калинин, Молотов ва Булганин бисёр ташвишовар буда, дар ин колхозҳо роҳҳои пайвасткунанда ба маркази ноҳия ва баромад ба роҳи ҷумҳуриявӣ дар ҳолати хеле бад қарор доштанд. Роҳбарони колхозҳои ба номи Булганин ва Молотов ба нигоҳдории роҳу пулҳо беаҳаммияти зоҳир намуда, нақшаҳои муқаррарии нигоҳдории роҳҳоро иҷро намекарданд. Дар ҳамин сол сохтмони 64 км роҳҳои хокӣ, 21 км роҳҳои шағалпӯш ба нақша гирифта шуда, дар сохтмони онҳо 29 680 нафар аҳолии маҳаллӣ ҷалб карда шуданд. Дар атрофи роҳҳо шинонидани дарахтон, махсусан дарахти тут, ки барои хӯроки пилла истифода мегардид, бештар ба назар мерасид. Ҳамзамон, мудири Шуъбаи хоҷагии роҳҳои ноҳия Усмон Ғуломов вазифадор карда мешавад, ки роҳҳоро аломатгузорӣ намояд [2, л. 78].

20-уми майи соли 1956, бо қарори №138 Усмон Ғуломов аз вазифаи мудири Шуъбаи хоҷагии роҳҳои ноҳия бинобар ба кори дигар гузаштан озод карда шуда, ба ҷойи ӯ аз 25-уми майи соли 1956 Ҳамроқул Ашуров таъйин карда мешавад [3, л. 105].

Аз нимаи дуюми солҳои 1950 дар ҳудуди ҷумҳури ҳаракати нақлёти ҳавоӣ аҳаммияти бештар пайдо карда буд. Дар ин давра ноҳияҳои гуногуни ҷумҳурӣ, махсусан минтақаҳои кӯҳӣ ба воситаи роҳи ҳавоӣ бо маркази ҷумҳурӣ пайваст гардида буданд. Барои анҷом додани хатсайрҳои ҳавоӣ ба ноҳияи Москва, пеш аз ҳама майдони фурудгоҳ лозим меомад. Барои амали гардиднаи ин чорабинӣ роҳбарияти ноҳия тамоми чораҳои заруриро меандешиданд. Дар ҳамин замина, 26-уми майи соли 1956, №145 Қарори Кумитаи иҷроияи ноҳияи Москва “Дар бораи ҷудо кардани қитъаи замин барои ташкили майдони ҳавоӣ дар қаламрави ноҳияи Москва” ба тавсиб мерасад [3, л. 120]. Тибқи қарори мазкур, ба муносибати қушода шудани ҳаракати мунтазамим ҳавопаймоҳои авиатсияи граждани дар масири Сталинобод - ноҳияи Москва ва омода кардани майдончаи фуруд дар қаламрави ноҳияи Москва аз Фонди замини давлатии ноҳияи Москва қитъаи замин бо масоҳати 3 га ҷудо карда мешавад.

17-уми октябри соли 1957, №226 Қарори Кумитаи иҷроияи ноҳия дар бораи озод кардани Ҳамроқул Ашуров аз вазифаи мудири Шуъбаи хоҷагии роҳҳои ноҳия, бинобар сабаби ба вазифаи дигар гузаштан ва ба ҷойи он таъйин намудани Раҳмонқулов ба тавсиб расидааст [4, л. 255].

Бо ташаббус ва дастгирии ҳамешагии роҳбарияти ноҳия ҳолати роҳҳои байниколхозӣ сол аз сол хуб мешуданд. Масалан, дар соли 1959 аз тарафи шуъбаи роҳсозии ноҳия 15 км роҳ бо маблағи 18 ҳазор рубл дар колхози ба номи Киров, дар колхози ба номи Ленин 13 км, дар хоҷагии боғу токпарварии Чубек (садвинсовхоз) 7 км ва дар совхози Митен – Туғай 8 км роҳҳои сохта ва таъмиру навсозӣ шудаанд [5, л. 58].

Дар солҳои 60-уми асри XX дар ноҳияи Москва рушди соҳаи хоҷагии роҳ ва таъмини ноҳия бо паркҳои автомобилӣ бештар ба назар мерасид. Маҳз дар ҳамин сол бо дастгирӣ ва кумаки роҳбарияти ноҳия дар ноҳия парки автомобилӣ, ки пештар ба парки автомобилии ноҳияи Фарҳор тааллуқ дошт, таъсис дода шуд. 29-уми феврали соли 1960 Кумитаи иҷроияи ноҳияи Москва маълумотномаи муовини раиси Комиҷроияи ноҳия Бобокаловро, дар хусуси ташкили парки автомобилӣ (автоколона) дар маркази ноҳия, ки то ҳанӯз дар ихтиёри парки автомобилии Фарҳор ва Вазорати нақлёт ва хоҷагиҳои роҳи ҶШС Тоҷикистон қарор дошт, шунида, қайд кардааст, ки барои таъмини аҳолӣ ва ташкилотҳои сохтмонии ноҳия бо нақлиёти автомобилӣ, бо назардошти идомаи сохтмонҳо дар ноҳия, ташкили парки автомобилӣ дар марказӣ ноҳия зурӯр мебошад. Бобокалов дар баромади худ қайд намудааст, ки парки автомобилии Фарҳор аз сабаби набудани таваққуфгоҳи воситаҳои нақлёт наметавонад барои эҳтиёҷоти ҳаррӯзаи ташкилотҳои сохтмонӣ нақлиётро таъмин кунад ва инчунин бо назардошти вазъияти душвор, имкони бо хобгоҳ таъмин намудани ронандагонро низ надорад. Гуфтаҳои болоро асос карда, Кумитаи иҷроияи ноҳияи Москва қарор кардааст, ки: “ташкили парки автомобилӣ дар маркази ноҳияи Масква, ки дар ихтиёри парки

автомобилии Фархор қарор дорад, мувофиқи мақсад дониста шуда, барои ташкили парки автомобилӣ дар ҳудуди собиқ Ҷутзавод, ки бо тамоми таҷҳизоти зарурӣ, устохонаҳо, клуб, чойхона ва хобгоҳ муҷаҳҳаз аст, қитъаи замини ҷудо карда шавад. Ҳамзамон, аз Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон хоҳиш карда шудааст, ки ҳудуди Ҷутзаводро барои истифодаи парки автомобилии Фархор иҷозат диҳад [6, л. 132].

Роҳбарияти ноҳия барои беҳтар кардани ҳолати роҳҳои маҳаллӣ диққати бештар медоданд. Ҳамин буд, ки дар нақшаи сохтмони роҳҳои маҳаллии ноҳия барои соли 1960 1 млн 600 ҳазор рубл, аз ҷумла аз ҳисоби буҷаи давлатӣ 400 ҳазор рубл ҷудо гардидааст. Тибқи нақшаи мазкур дар ин сол роҳсозони ноҳия 30 км роҳҳои маҳаллиро аз таъмири капиталӣ баровардаанд, аз ҷумла 10 км роҳҳои шағалпӯш ва 20 км роҳҳои хокӣ таъмир карда шуданд [6, л. 287]. Дар баробари ин роҳбарияти ноҳия кӯшиш бар он дошт, ки роҳи давлатии байни маркази ноҳияи Москва ва пойтахти ҷкмҳурӣ шаҳри Сталинободро (ҳозира Душанбе) ҳар чӣ тезтар ба нақша гирифта, амалӣ намояд. Корҳои сохтмонии роҳи давлатии Сталинобод – Москва солҳои 60-ум оғоз гардидаанд.

Ноҳияи Москва аз замонҳои қадим ҳамчун роҳи алоқа ба Афғонистону Чин, Ҳиндустон ва дигар кишварҳо будааст. Дар деҳаи Чубак гузаргоҳе будааст, ки корвониёну тоҷирон дарёи Панҷро убур карда, ба самти Афғонистон ва дигар кишварҳо тиҷорат мекардаанд. Инчунин, тавассути Деҳаи Сайёд як қисми Роҳи бузурги Абрешим мегузаштааст, ки ин алоқаи байни кишварҳои ҳамсояро таъмин мекардааст.

Ҳануз дар соли 1930 ба воситаи Сарой – Камар, Фархор, Чубак хатти телефони кашида мешавад. Хатти алоқа ба воситаи дастгоҳҳои телеграфии “Мороз” ва “Клонфер” амалӣ карда мешуд.

Тибқи баъзе маълумотҳо аввалин шахсе, ки аз тарафи Вазорати алоқаи ҷумҳурӣ ба ноҳияи Москва равон карда шудааст С.Т. Здесов мебошад [3, с. 201]

Қайд намудан ба маврид аст, ки ҳанӯз то таъсисёбии ноҳия, дар соли 1948 бо Қарори Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон аз 23-юми майи соли 1948, №2793 ва Қарори Кумитаи иҷроияи вилоят ба мавзеи Чубек, бояд 9 нафар барои иҷрои расонидани хабарҳо – почталйонҳо ҷудо карда шуда буд. Аммо, қарори мазкур иҷро нагардида, ҳатто шартнома ҳам баста нашуд, ки ин барои расонидани хабарҳои муҳим ба колхозҳо монеа эҷод мекард. Дар ҳамин асос Кумитаи иҷроияи ноҳияи Чубек 14-уми июни соли 1951, №139 қарор дар бораи дар колхозҳои Маленков, 20-солагии Тоҷикистон ва Сарҳади Сурх сохтани стансияҳои радиоиро ба нақша мегирад. Ҳамзамон ба Шуъбаи алоқаи ноҳия супориш дода мешавад, ки бо дигар колхозҳои ноҳия то 1-уми июли ҳамин сол шартнома ба имзо расонад [9, л. 211].

Аз рӯзҳои аввали таъсисёбӣ дар ноҳия Шуъбаи алоқа фаъолият мекард. Дар ин солҳо барои беҳтар намудани кори шуъбаи алоқа, саривақт расонидани хабарҳо ба маркази ноҳия як қатор чорабиниҳои муҳим анҷом дода мешуданд. Аз 1-уми январи соли 1951, ки шумораи телефонҳо 7 адад буд, то моҳи августи ҳамин сол ба 17 адад расонида шуд [10, л. 110]. Дар ин давра кори расонидани почта ба ноҳияи Фархор беҳтар гардид. Новобаста аз пешравиҳо дар соҳаи алоқа, ҳамоно мушкилиҳое ҷой доштанд, ки барои сари вақт расонидани рӯзномаву маҷалла ва маоши нафақахӯрону меҳнаткашон аз маркази ноҳия ба маркази колхозу совхозҳо монеа мешуданд. 29-уми марти соли 1952 Кумитаи иҷроияи ноҳия сардори идораи алоқа Кузминро вазифадор мекунад, ки то 1-уми майи соли 1952 ҷиҳати беҳтар намудани хатти алоқаи телефон ва пайвасти хатти дуюми алоқа аз Чубеки куҳна ба Чубеки навро ба анҷом расонад.

Дар соли 1952 хизматрасонии алоқа дар ноҳия ҳанӯз ба талабот ҷавобгӯй набуда, он танҳо ба раисони колхозу шуроҳои деҳот расонида мешуданд, ки дар натиҷа обуначиён рӯзномаву маҷаллаҳои худро сари вақт гирифта наметавонистанд. Роҳбарони колхозу шуроҳои деҳот, инчунин идораи алоқаи ноҳиявӣ Қарори №759-и Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон аз 29-уми январи соли 1951 ва Қарори № 35-и Кумитаи иҷроияи вилоят аз 24-уми январи соли 1951 дар бораи ҷудо кардани хаткашонҳои колхозҳоро иҷро накарда, хаткашонҳо ва воситаҳои нақлиёти заруриро таъмин накарданд. Вазъияти ба кор қабул намудани хаткашонҳои колхозҳо, хеле бад буда, ба ҷойи 12 нафар хаткашонҳо, танҳо 4 нафар ба кор қабул шудааст. Дар баробари ин аксари хаткашонҳо, камсавод ё аз ҳисоби шахсони маъюб ба кор қабул шудаанд. Аз ин рӯ, онҳо наметавонистанд сари вақт рӯзномаву маҷалла, инчунин музди маоши шахсони дар нафақа буда ва кумакпулиҳои дигарро ба аҳоли расонанд. Мушкилиҳои ҷойдоштаро ба инобат гирифта, роҳбарияти ноҳия барои бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта, ҷадвали ҳаракати почтаро байни маркази ноҳия ва колхозҳо дар моҳе ду маротиба, тартиб медиҳад.

Бо қарори Кумитаи иҷроияи шуроҳои депутатҳои меҳнаткашони ноҳияи Москва аз 19-уми октябри соли 1953 аз маркази ноҳия ба совхози Митен – Туғай – 2 хатти телефон ва телеграф кашида шуда, барои амлаӣ гардидани лоиҳа дар маҷмуъ 14 230 ҳазор рубл (12347 ҳазор рубл аз 25 октябр то 20 ноябр; 1883 ҳазор рубл аз 16 октябр то 25 октябр) ҷудо карда мешавад [8, л. 85-87].

Соли 1956 мудири Шуъбаи алоқаро Булбулов ба уҳда дошт [11, л. 16]. Аз гузориши мудири Шуъбаи алоқаи ноҳия Булбулов “Дар бораи вазъи кори адори алоқа дар 10 моҳи соли 1956” бармеояд, ки идораи алоқаи ноҳия дар ин давра барои беҳтар ва васеъ кардани алоқа аз маркази ноҳия то маҳалҳои дурдаст корҳои зиёдеро анҷом додааст. Хатти нави телефон то колхози ба номи Калинин бо дарозии 18 км ва то совхози Митин – Туғай бо дарозии 8 км кашида шуд. Нақшаи таъминоти аҳолӣ бо радио барои соли 1956 иҷро шудааст. Аммо дар кори шуъбаи алоқа дар 10 моҳи ҳисоботӣ баъзе камбудиҳо ҷой доштанд. Масалан, расонидани мукотибаҳои почта ва хатти телефон ба хонаҳо то ҳол ташкил нашудааст. Маъмурияти колхозҳо шуъбаи алоқаро бо хаткашонҳои пурмасъулият таъмин накарда, дар натиҷа расонидани телеграмма ва рӯзномаву маҷаллаҳо сари вақт ба аҳолӣ расонида намешаванд

Дар соли 1960 вазъи расонидани почта нисбат ба солҳои пешин дар колхозу совхозҳои ноҳия хеле беҳтар мегардад. Беҳтар шудани кори почта, махсусан дар колхозҳои ба номи Жданов, “Москва”, Садвинсовхоз ва Чубек мушоҳида мегардад. Дар колхозҳои ба номи Ленин, Димитров, Сталин ва Калинин расонидани почта мушкилиҳои зиёд ҷой доштанд. Дар ин колхозҳо ба ҷойи 3 нафар хаткашон 1 нафар хаткашон фаъолият мекард, ки дар натиҷа почта дар маркази колхозҳо то ду се руз нигаҳдорӣ мешуд. Вазъи душвори расонидани почта дар совхози Митин – Туғай боз ҳам бештар нигаронкунанда буд. Рӯзномаву маҷаллаҳо сари вақт ба аҳолӣ ва ҷойҳои лозимӣ расонида нашуда, дар шуъбаи алоқа мемонданд.

Соли 1960 Кумитаи иҷроияи ноҳияи Москва дар бораи сохтмони бинои алоқа дар маркази ноҳия, дар кӯчаи “Колхозная” дар ҳаҷми 35 метри мукааб, барои сохтмони бинои 8 ҳуҷрагӣ қарор қабул мекунад [6, л. 293]. Дар оянда дар ин мавзеъ бинои алоқаи ноҳия ба кори худ шуруъ мекунад.

Қайд намудан бамаврид аст, ки Шуъбаи алоқаи ноҳия дар соли 1961 корҳои назаррасеро ба анҷом расонидааст. Аз гузориши сардори шуъбаи алоқаи ноҳия В.Р. Циганов маълум мегардад, ки дар ин сол соҳаи мазкур рӯ ба пешравӣ ниҳода, нисбат ба солҳои пешин рушд намудааст. Тибқи гузориши сардори шуъбаи алоқа дар ноҳия 20 адад таҷҳизоти алоқа ва 39 дастгоҳи телефонӣ насб карда шудааст, ки 190%-ро ташкил медиҳад. Тибқи нақша дар маркази ноҳия бояд 50 нуқтаи радио ба истифода дода мешуд, аммо кормандони соҳаи алоқа дар маркази ноҳия 67 нуқтаи радиоро ба истифода доданд, ки 132% нақшаро ташкил медиҳад. Дар колхозу совхозҳо бошад, ба ҷойи 500 нуқта 845 нуқтаи радио кушода шудааст, ки 167%-ро ташкил медиҳад. Нақшаи даромади соҳаи алоқа барои соли 1961 ба маблағи 46220 рубл ба нақша гирифта шуда, иҷроиш 45100 рубл ё 98%-ро ташкил додааст. Нақшаи обуна ба рӯзномаву маҷаллаҳо барои соли 1961 53 000 рублро ташкил дода, 57 000 рубл ё 108% иҷро гардидааст. Ҳамин нишондод, яъне обуна барои соли 1962 55 000 рублро ташкил дода, 56284 рубл ҷамъоварӣ гардид, ки 103%-ро ташкил медиҳад. Аммо дар баробари пешравиҳои кори соҳа, камбудиҳо низ ҷой доштанд. Масалан, роҳбарияти колхозҳои “Създи XXII партия”, ба номи Киров ва Правда ба ин масъала кам таваҷҷуҳ намуда, насби радио то ба охир ба анҷом расонида нашудааст. Дар колхозҳои ба номи Ленин, Киров. Дружба ва Правда рӯзномаву маҷаллаҳо пас аз 5-6 рӯз ба обуначиён расонида мешуданд. Шуроҳои деҳот ва роҳбарони колхозҳо ба кори алоқа ва хаткашонҳо он қадар диққат намедиҳад. Расонидани пардохти нафақа ба нафақахӯрон низ мушкил буда, онҳо сари вақт нафақаи худро гирифта наметавонанд. Хизматрасонии муқаррарии телефон низ он қадар хуб ба роҳ монда нашуда, кормандони он (операторон) вазифаҳои худро хуб иҷро намекунанд [12, л. 233].

Дар ҷаласаи Кумитаи иҷроияи Шурои депутатҳои меҳнаткашони ноҳияи Москва аз 28-уми феврали соли 1961, №55 масъалаи “Дар бораи бо радио таъмин намудани маҳаллаҳои аҳолинишини ноҳияи Москва” мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар ҷаласа қайд гардидааст, ки Кумитаи иҷроияи ноҳия Қарори ҷласаи бюрои Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистонро аз 29 то 17-уми декабри соли 1960 "Дар бораи бо ради таъмин намудани маҳаллаҳои аҳолинишини ҶШС Тоҷикистон” баррасӣ карда, маълум намудааст, ки дар ноҳияи Москва бо радио таъмин намудани колхозу совхозҳои ноҳия суст ба роҳ монда шудааст. Аз 11 колхоз танҳо 2 колхоз ва аз 3 совхоз танҳо як совхоз бо радио таъмин карда

шудааст. Дар ҷаласа нақшаи ҳафтсолаи тараққиёти хоҷагии халқ аз ҷиҳати насби радио ғайриқаноатбахш арзёбӣ гардидааст.

Соли 1960 дар ноҳияи Москва колхозҳои ба номи Калинин ва Правда бо насби радио пурра муҷаҳҳаз карда шуданд. Дар ин колхозҳо ба ҷойи 250 нуқтаи радио ба нақша гирифта шуда, 448 нуқта ё 200% насби онҳо анҷом дода шуд. Ҳанӯз ҳам корҳои муҷаҳҳазкунӣ бо радио дар колхозҳои номбурда идома мекард.

Барои соли 1961 бошад, насби 550 нуқтаи радио, аз ҷумла 500 нуқта дар колхозҳо ба нақша гирифта шудааст. Тибқи нақшаи мазкур, пеш аз ҳама, бояд колхози ба номи Ленин бо радио таъмин карда шавад. Бо саҳлангории раиси колхоз Раҳимов корҳои насб намудани радио дар маҳаллаҳои аҳолинишини ин колхоз ҳамоно ба анҷом расонида нашудааст.

Дар маҷмуъ, то 1-уми январи соли 1961 дар ноҳия 1278 нуқтаи радио мавҷуд буд, ки аз ин шумора 438–тоаш дар колхозҳо, 105–тоаш дар совхозҳо ва 735–тоаш дар маркази ноҳия насб шуда буданд [13, л. 13].

Таҳлили вазъи алоқаи ноҳия дар солҳои 50 -уми ва аввалҳои солҳои 60-уми асри XX нишон медиҳад, ки сарфи назар аз иҷрои назарраси нақшаи насби радио, колхозҳо ва маҳаллаҳои аҳолинишин низ буданд, ки бо хизматрасонии радио таъмин нагардидаанд. Колхозҳои ба номи Киров, ба номи Фрунзе, “XX11 съезди партия”, ҳамзамон маҳаллаи “Москва”-и колхози “Правда”-ро дар ин самт ном бурдан мумкин аст.

Ҳукумати ноҳияи Москва барои таъмини колхозу совхозҳо бо хизматрасонии радио ва беҳтар намудани вазъи алоқа дар Шурои деҳоти Сари – Чашма 19-уми майи соли 1961, таҳти №140 қарор “Дар бораи интиқол додани бинои меҳмонхонаи деҳоти Сари – Чашма барои истифодабарии шуъбаи алоқа” ба тасвиб расонидааст. Тибқи қарори мазкур сардори шуъбаи алоқаи ноҳия В.Р. Сиганов вазифадор карда шудааст, ки то 1-уми июни соли 1961 истгоҳи телефонӣ ва маркази радиоро ба бинои собиқ меҳмонхонаи Шурои деҳоти Сари – Чашма интиқол диҳад [14, л. 391]. Инчунин дар ҳамин сол роҳбарияти ноҳия барои дастрасӣ доштани аҳолии колхози Шурообод ба воситаҳои алоқа, бинои собиқ ошхонаи Интернати давлатии Шуроободро ба баланси Шуъбаи алоқаи ноҳия интиқол дода, барои дар маркази колхоз кушодани Шуъбаи алоқа қарори махсус ба тасвиб расонидааст (Қарори Кумитаи иҷроияи Шурои депутатҳои меҳнаткашони ноҳияи Москва аз 2-уми августи соли 1961, №195) [14, л. 194].

Ҳамин тавр, кори Шуъбаи алоқаи ноҳия сол то сол беҳтару хубтар гардида, камбудиҳои ҷойдошта сари вақт бартараф карда мешуданд. Аз гузориши сардори Шуъбаи алоқаи ноҳия В.Р. Циганов бармеояд, ки кори хаткашонҳои колхозӣ, аз ҷумла колхози Сари – Чашма дар соли 1960 хеле беҳтар гардидааст. Аз ин рӯ, Кумитаи иҷроияи ноҳияи Москва (раис Х.Ф.) Фатҳуллоев аз Вазорати алоқаи ҶШС Тоҷикистон хоҳиш кардааст, ки меҳнати софдилона ва кори хуби хаткашонҳои колхози Сари – Чашма Насимов Носир, Шарипов Насриддин, Шарипов Борон ва Амрохонов Мирзоро дар соли 1960 ба инобат гирифта, онҳоро бо Грамотаҳои Фахрӣ қадрдонӣ намоянд [14, л. 195].

Дар маҷмуъ дар ноҳияи Москва ҳамагӣ 17 шуъбаи алоқа фаъолият мекардааст. Шуъбаҳои алоқа чунин ном доштаанд: Москва – 1, Москва – 2, Дараи Калот, Файзобод, Меҳнатобод, Метин – Туғай, Давлатобод, Чапаев, Чубек, Сайробод, Тагинамак, Сафедоб, Советобод, Тагноб, Дашти Гуло, Оқмазор, Гулобод [3, с. 201-202]

Ҳамин тариқ, дар солҳои 50 - 60-уми асри XX дар ноҳияи Москва соҳаи роҳу роҳсозӣ ва алоқа, ба мушкилоти ҷойдошта нигоҳ накарда рушд намуда, натиҷаҳои сазоворро комёб гардидааст.

Дар давраи таҳқиқшаванда сохтмону таъмир ва барқарорсозии роҳу бунёди хатҳои алоқа асосан ба рушди хоҷагии қишлоқ, махсусан соҳаи пахтакорӣ алоқаи зич дошт. Маҳз дар ҳамин солҳо бо дастгирӣ ва кумаки роҳбарияти ҷумҳурӣ, вилоят ва ноҳия сохтмону барқарорсозии роҳҳо идома ёфта, дар рушди хоҷагии халқи ноҳия ва ҷумҳурӣ саҳми арзанда гузоштааст. Дар ҳамин давра дар ноҳия парки автомобилӣ, фурудгоҳи ҳавоӣ, шуъбаҳои алоқа, хатҳои телефонӣ, нуқтаҳои радиошунавонии нав сохта шуда, ҳолати роҳҳо ва кори почта нисбат ба солҳои гузашта хеле беҳтар гардидааст. Дар маҷмуъ, аз таҳлили масъалаи баррасишаванда бармеояд, ки дар солҳои таҳқиқшаванда соҳаи роҳу алоқаи ноҳия Москва рушду пешрафт карда, хизматрасониро ба аҳолии маҳаллӣ беҳтар гардидааст. Сохтмону таъмири роҳҳо ва барқарорсозии роҳҳои куҳна барои рушди соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳияи Москва имконияти васеъ фароҳам оварда, ҳаракати мунтазами нақлиётро миёни маркази ноҳия ва деҳот, сари вақт кашонидани маҳсулоти истеҳсолшудаи хоҷагиҳои ноҳия, махсусан пахта, таъмин намуд. Ҳамзамон, роҳ аз ноҳияи Москва ба шаҳри Қурғон-Теппа (ҳозира Бохтар), ноҳияи Москва - шаҳри Кӯлоб сохта шуда, маркази ноҳияро ба вилоят ва шаҳри

Қурғон-Теппа пайваст намуданд, ҳолати роҳҳо беҳтар гардида, як қатор купрукҳо низ сохта шуданд, роҳҳои дохилиноҳиявӣ оҳиста-оҳиста шағалпӯш ва асвалтпӯш карда шуданд.

Таҳлили масъалаи соҳаи алоқа дар солҳои 50-60-уми асри XX нишон медиҳад, ки соҳаи мазкур низ дар баробари роҳу нақлёт рушду нашъунамо кардааст. Дар давраи таҳқиқ, дар маркази ноҳия шуъбаи алоқа фаъолият дошт, ки ба аҳолӣ хизматҳои гуногун, аз ҷумла расонидани почта, мактубҳо, рӯзномаву маҷалла ва пулгузарониро анҷом медод. Дар бештари ҷамоатҳои деҳот шумораи кормандони почта (хаткашонҳо) зиёд гардида, шуъбаҳои алоқа кушода шуданд. Шабакаҳои телефонӣ васеъ гардида, бештари муассаҳои давлатӣ, колхозу совхозҳо бо телефон таъмин гардида, алоқаи телеграфӣ низ барои расонидани хабарҳои расмӣ ва фаврӣ бештар истифода мешуд. Шумораи насби нуқтаҳои радио низ дар ин давра зиёд гардида буд. Сохтмони роҳ ва рушди инфрасохтори нақлётӣ ба рушди фаъолияти соҳаи алоқа бештар таъсир мерасонд. Ҳамагӣ, дар солҳои 1960 сатҳи хизматрасонии алоқа нисбат ба солҳои панҷсолаи баъдиҷангӣ хеле беҳтар гардидааст.

Аҳаммияти илмӣ ва амалии мавзуъ аз он иборат аст, ки маводди ҷамъовардашуда, барои навиштани асарҳои нав оид ба таърихнигории ватанӣ, асарҳои характери оморидошта, таърихӣ, махсусан муҳаққиқоне, ки таҳқиқотҳои худро доир ба навоҳии қисмати ҷанубии ҷумҳурӣ анҷом дода истодаанд, муфид хоҳад буд. Мақолаи мазкурро, инчунин метавон дар дарсҳои лексионӣ, амалӣ, семинарӣ ва курсҳои махсус оид ба “Таърихи муосири Тоҷикистон” истифода намуд. Дар раванди таҳлили масъала, диққати асосӣ ба сохтмони роҳҳои нав, ки рафту омади бемайлонро дар ҳудуди маъмурии ноҳия таъмин намуда, онро бо роҳҳои ҷумҳуриявӣ пайваст менамояд, инчунин таъмини колхозу совхозҳои ноҳия бо хизматрасонии радио ва телефон, кушодашавии нуқтаҳои нави хизматрасонии радио дар солҳои 50 – 60-уми асри XX нигаронида шуда, рӯйдодҳо ва дастовардҳои ин соҳаҳои муҳимми хоҷагии халқи ноҳияи Москва ҳамаҷониба таҳлил карда шуда, хулосаҳо ва мазмуни воқеӣ, одилона ва илмӣ бошанд. Чунин як мақолаи фарогири вазъи роҳу алоқаи ноҳияи Москва дар солҳои 50-60-уми асри XX дар илми таърихнигории тоҷик бори аввал нашр мешавад.

Адабиёт

1. *Айнуллозода Н.А. Таърихи рушди роҳсозӣ ва инфрасохтори нақлётӣ дар Тоҷикистон дар замони шуравӣ. – Душанбе, 2025. – 306 с.*
2. *Назруллоев С., Назруллоев А. Из истории транспорта и дорожного хозяйства Таджикистана (1917-2013 гг.). – Душанбе: “Олами дониш”, 2014. 184 с.*
3. *Ноҳияи Москва: 50 сол. Таърих, тараққиёт, одамон ва имрӯзу фардои ноҳия. – Душанбе: “Афсона”, 1999. – 240 с.*
4. *Советский Таджикистан за 60 лет. – Душанбе: “Ирфон”, 1984. – 292 с. (-352с).*
5. *Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар шаҳри Кӯлоб. Ф.14. Оп.1. Д.2. – Л. 60, 211.*
6. *Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар шаҳри Кӯлоб. Ф.14. Оп.1. Д.3. – ЛЛ. 102,103,107,110.*
7. *Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар шаҳри Кӯлоб. Ф.14. Оп.1. Д.10. – Л. 21, 40, 58,59.*
8. *Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар шаҳри Кӯлоб. Ф.14. Оп.1. Д.12. – Л. 75, 85,86,87..*
9. *Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар шаҳри Кӯлоб. Ф.14. Оп.1. Д.7. – ЛЛ. 115,116,117.*
10. *Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар шаҳри Кӯлоб. Ф.14. Оп.1. Д. 23. – Л. 78.*
11. *Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар шаҳри Кӯлоб. Ф.14. Оп.1. Д. 29. – Л. 105, 120.*
12. *Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар шаҳри Кӯлоб. Ф.14. Оп.1. Д. 37. – Л. 255.*
13. *Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар шаҳри Кӯлоб. Ф.14. Оп.1. Д. 53. – Л. 58.*
14. *Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар шаҳри Кӯлоб. Ф.14. Оп.1. Д. 56. – Л. 132, 287, 293.*
15. *Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар шаҳри Кӯлоб. Ф.14. Оп.1. Д.30. – Л.16.*
16. *Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар шаҳри Кӯлоб. Ф.14. Оп.1. Д.69. – Л.233.*
17. *Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар шаҳри Кӯлоб. Ф.14. Оп.1. Д.66. – Л.13.*
18. *Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар шаҳри Кӯлоб. Ф.14. Оп.1. Д.68. – Л.194, 195, 391.*
19. *Ҳусайнов А.Қ., Одинаев С.Г. “Чубек” дар маъхазҳо ва сарчашмаҳои таърихӣ//Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. - №1 (120), 2026. – С.320-328.*

ҲОЛАТИ СОҲАИ РОҲУ АЛОҚАИ НОҲИЯИ МОСКВА ДАР СОЛҲОИ 50-60-УМИ АСРИ XX

Дар мақолаи пешниҳодгардида вазъи соҳаи роҳу алоқаи ноҳияи Москва дар солҳои 50-60-уми асри XX мариди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, қайд гардидааст, ки дар ҳудуди имрӯзаи ноҳия Мир Саид Алии Ҳамадонӣ то барпо шудани Ҳокимияти Шуравӣ роҳҳои корвонӣ мавҷуд будааст, ки аз он тоҷирону савдогарон васеъ истифода менамуданд. Мавзеъи Чубак, ки дар соҳили дарёи Панҷ воқеъ гардидааст гузаргоҳ ба Афғонистон буда, дар он ҷо бозори калон низ фаъолият мекардааст. Бо барпо шудани Ҳокимияти Шуравӣ дар минтақаҳои ҷануби Тоҷикистон ва ташкили воҳидҳои

маъмурӣ, аз ҷумла ноҳияи Чубек (баъдан Москва) Шуъбаи хоҷагии роҳу алоқа ташкил ёфта, дар сохтмону барқарорсозии роҳҳо саҳми беназир гузоштаанд. Дар ҳамин давра дар ноҳия парки автомобилӣ, фурудгоҳи ҳавоӣ, шуъбаҳои алоқа, хатҳои телефонӣ, нуқтаҳои радиошунавонии нав сохта шуда, ҳолати кори почта беҳтар гардидааст.

Калидвожаҳо: Чубек, ноҳияи Москва, роҳ, фурудгоҳи ҳавоӣ, Шуъбаи алоқа, шуъбаи хоҷагии роҳ, роҳҳои хокӣ, шағалпӯш, сангфарш, асфалтпӯш.

СОСТОЯНИЕ ДОРОЖНО-КОММУНИКАЦИОННОГО СЕКТОРА МОСКВСКОГО РАЙОНА В 50-60-Х ГОДАХ XX ВЕКА

В данной статье анализируется и обсуждается состояние дорожно-коммуникационного сектора Московского района в 50-60-х годах XX века, отмечается, что до установления советской власти на территории современного Хамадонийского района существовали караванные пути, широко используемые купцами и торговцами. Чубекский район, расположенный на берегах реки Пандж, был перевалочным пунктом в Афганистан, и там же действовал крупный рынок. С установлением советской власти в южных регионах Таджикистана и организацией административных единиц, включая Чубекский район (позже Московский), было создано Управление дорожно-коммуникационного хозяйства, которое внесло уникальный вклад в строительство и реконструкцию дорог. В этот период в районе были построены новый автопарк, аэропорт, центры связи, телефонные линии и радиостанции, а также улучшена работа почтовой службы.

Ключевые слова: Чубек, Московская область, дорога, аэродром, Отдел связи, дорожное управление, грунтовые дороги, гравийные дороги, асфальтированные дороги.

THE STATE OF THE ROAD AND COMMUNICATION SECTOR OF THE MOSCOW DISTRICT IN THE 50-60S OF THE 20TH CENTURY

This article analyzes and discusses the state of the road and communications sector in the Moskovsky District in the 1950s and 1960s. It notes that prior to the establishment of Soviet power, caravan routes existed in the territory of today's Hamadon District, widely used by merchants and traders. The Chubek District, located on the banks of the Panj River, was a transit point to Afghanistan and also had a large market. With the establishment of Soviet power in the southern regions of Tajikistan and the organization of administrative units, including the Chubek District (later Moskovsky District), the Road and Communications Department was established, making a unique contribution to the construction and reconstruction of roads. During this period, a new bus depot, airport, communication centers, telephone lines, and radio stations were built in the district, and postal service was improved.

Keywords: Chubek, Moscow region, road, airfield, Communications Department, road administration, dirt roads, gravel roads, paved roads.

Дар бораи муаллиф
Одинаев Суҳробҷон Грезович
Унвончӯи кафедраи таърихи халқи тоҷик
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: odinaevsuhrob1987@gmail.com

Об авторе
Одинаев Сухробжон Грезович
Соискатель кафедры истории таджикского народа
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: odinaevsuhrob1987@gmail.com

About the author
Odinaev Sukhrobjon Grezovich
Applicant at the Department of Tajik History
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: odinaevsuhrob1987@gmail.com

ТДУ 336.2:94(575.3)

ТАЪРИХИ МОЛИЁТ ДАР ОХИРИ АСРИ XIX ВА АВВАЛИ АСРИ XX ДАР БУХОРОИ ШАРҚӢ

Ҳомидова Қ. Ҳ.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Муқаддима. Дар аморати Бухоро дар охири асри XIX – ибтидои асри XX андозу боҷу хироҷ «аз рӯи шариати исломӣ» аз аҳолӣ рӯёнида мешуданд. Аморати Бухоро давлати феодалӣ буда, дар давраи охири асри XIX ва ибтидои асри XX ягон қонун ё қароре, ки низоми андозситониро муайян намояд, қабул карда нашуда буд. Бинобар ҳамин дар рафти ситонидани андоз муттасадиёни андозғундор чӣ хеле, ки барои худи онҳо мувофиқ буд, ҳамон хел рафтор мекарданд. Мардуми заҳматкаш бошад аз якчанд тараф ва чандин маротиба талаву тороҷ карда мешуд [3, с. 75].

Меъёрҳои шариат асосан аз ушр ва закот иборат буд, вале аёну ашроф ба он шумораи зиёди андозҳои дигарро ҳамроҳ намуда, мардумро хонахароб менамуданд.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Таҳқиқот ба омӯзиши муқоисавӣ ва таърихии адабиёти илмӣ, санадҳои ҳуқуқӣ, маводди оморӣ ва сарчашмаҳои дар мақола истифодашуда такя мекунад.Таҳлили нишондодаҳои молиявӣ ва санадҳою сарчашмаҳои таърихие, ки дар бораи низоми андози аморати Бухоро ва Бухорои Шарқӣ дар охири асри XIX ва аввали асри XX маълумот медиҳанд, дар матнҳои минбаъда оварда шудааст.

Маълумоти ба даст омада нишон медиҳад, ки ҳукумати аморати Бухоро барои ҷамъ намудани андозу уҳдадориҳо рӯйхати муайян тартиб дода буд, ки он бевосита аз мардум ситонида мешуд [8, с. 53].

Номгӯи хироҷу андозҳо:

1.Алафпулӣ -андоз аз чарогоҳҳо, алафзорҳо.
2.Боғпулӣ-андоз аз токзорҳо.
3.Чорбоғпулӣ-андоз аз дарахтони мевадор.
4.Аҷноспулӣ-андоз аз полезиҳо.
5.Қовунпулӣ- андоз аз полези харбуза ва тарбуз.
6.Ускунапулӣ- андоз аз қаламчакунӣ ва пайвандкунии ниҳолҳо
7.Санҷидпулӣ- андоз аз дарахтони санҷид.
8.Чубпулӣ- андоз аз масолеҳи сохмонӣ ва ҳезуми захирашуда.
9.Баргпулӣ- андоз аз пиллакорӣ.
10.Қӯшпулӣ- андоз аз ҷуфти гов.
11.Яксарапулӣ-андоз аз як гови ҷуфтӣ.
12.Закот- андоз аз ҳайвоноти корӣ.
13.Ҳавлипулӣ-андоз аз ҳавлиҳо.
14.Аминона-андоз аз истифодаи об ва аз маҳсулоти дар бозор фурӯхташуда.
15.Тагиҷойпулӣ- андоз аз чое, ки маҳсулотҳои худро дар бозор мефурӯхтанд.
16.Ҷуил- андоз барои корҳои ҳарбӣ
17.Бақияпулӣ-андоз барои об.
18.Шох ва мехпулӣ - андоз барои масолеҳи сохтмонӣ (қамиш) ва мех.
19.Лабакипулӣ-андоз барои тоза кардани ҷуйҳо.
20.Ҷӯйчапулӣ-андоз аз ҷуйборҳо, ки аз канали калон ба замини худ бурдагӣ аст.
21.Ҷигирпулӣ-андоз аз чархи оббарор
22.Осиёпулӣ- андоз аз осиёбҳо.
23.Обҷувозпулӣ-андоз аз осиёби шолитозакунӣ.
24.Кемапулӣ- андоз барои бо қаиқ дар об шино кардан.
25.Фарсахпулӣ-андози роҳ, барои аз роҳҳои умумӣ гузаштан.
26.Ҷизяпулӣ- андоз аз яҳудиҳо.
27.Арабпулӣ - андоз аз арабҳо.
28.Мерганпулӣ-андоз аз шикор.
29.Аворизот - андози таъҷилии ҳарбӣ.
30.Қарачилик-андоз барои нигоҳдории посбонон дар шаҳр.
31.Ҳашар- андози баршина, яъне кори умумӣ, касе иштирок карда наметавонист, бо пул адо мекард.
32.Улавгирӣ- андоз аробапулӣ, касе, ки ароба надошт, пул месупорид [10, с. 75].

Боз якчанд андозҳои дигар низ мавҷуд буданд:

1. Хидматона – андоз барои корҳои гуногуне, ки амир барои мардум супориш медод ва аз тарафи намояндагони амир иҷро карда мешуданд;

2. Аз фурӯши маҳсулоти хунармандӣ дар бозор; закоти чакана – андоз аз моле, ки аз 40 сар кам аст;

3. Котибона – андози пулӣ барои котибони амир ё бек;

4. Миробона – андоз – барои мироб;

Махсусан, барои ҳукумати амирӣ аз ҳамаи бекигариҳои тобеъ бераҳмона маблағҳо аз ҳисоби андоз ва дигар уҳдадориҳои маҷбурӣ, ба даст оварда мешуданд. Нишондодҳои зерин низ, аз андозҳои ба воситаи пул- танга (як тангаи бухороӣ = ба 15 тин) аз қисматҳои бекигариҳо ҷамъ карда шуда маълумот медиҳад: [2, с. 199].

1. Амал (андоз аз корҳои хоҷагии деҳқонӣ, ки ба воситаи пул пардохт мешуд, инчунин хироҷ) - аз қисмати поёнии бекигарӣ -100; аз қисмати миёнаи бекигарӣ -120; аз қисмати болоии бекигарӣ -150;

2. Хасуна (андоз барои истифода бурдан аз ҷангалҳо) - аз қисмати поёнии бекигарӣ – 30; аз қисмати миёнаи бекигарӣ -20;аз қисмати болоии бекигарӣ - 50;

3. Обпулӣ (андоз барои истифодаи об) - аз қисмати поёнии бекигарӣ - 10; аз қисмати миёнаи бекигарӣ – 25; аз қисмати болоии бекигарӣ- 35;

4. Танобпулӣ (андоз барои дарахтони мевадор) -аз қисмати поёнии бекигарӣ - 10-15; аз қисмати миёнаи бекигарӣ-15; аз қисмати болоии бекигарӣ – 20;

5. Раҳпулӣ (андоз барои ҳамбарои истифода бурдани роҳ, ҳам барои таъмири роҳ) - аз қисмати поёнии бекигарӣ - 10-15; аз қисмати миёнаи бекигарӣ -10; аз қисмати болоии бекигарӣ - 10-15;

6. Закоти чакана (андоз барои моли хунармандон, ки ба бозор бароварда мешавад) аз қисмати поёнии бекигарӣ - 20 ; аз қисмати миёнаи бекигарӣ – 25;аз қисмати болоии бекигарӣ - 30;

7. Дудона (андоз барои аз ҳавлиҳо дуд баровардан) -аз қисмати поёнии бекигарӣ - 10; аз қисмати миёнаи бекигарӣ – 15; аз қисмати болоии бекигарӣ- 20;

8. Дарона (андоз аз ҳавлию ҷой)- аз қисмати поёнии бекигарӣ- 10; аз қисмати миёнаи бекигарӣ – 15; аз қисмати болоии бекигарӣ - 20;

9. Ҷуфтона (Аз як ҷуфт гови ҷуфтӣ, аз як гови ҷуфтӣ – як пой гов) - аз қисмати поёнии бекигарӣ – 20; аз қисмати миёнаи бекигарӣ - 15; аз қисмати болоии бекигарӣ – 25;

10. Саруна (барои ба деҳа омадани амир, бек, қозӣ, девонбегӣ ва дигар ҳукуматдорон ҳар як деҳқон вазифадор буд, ки 2-3 танга супоранд.

Азбаски онҳо ба ҳамаи деҳаҳо рафта наметавонистанд, бинобар ҳамин мир - Абдулмумин аз ҳар хоҷагӣ гирифтани 10-20 тангаро муайян намуда буд. Аз қисмати поёнии бекигарӣ - 10-20; аз қисмати миёнаи бекигарӣ – 20; аз қисмати болоии бекигарӣ - 25;

11. Котибона (андоз барои котибони амир ё амлокдор)- аз қисмати поёнии бекигарӣ- 10; аз қисмати миёнаи бекигарӣ – 5; аз қисмати болоии бекигарӣ - 15;

12. Алафпулӣ (барои ҷамъоварии хуроки чорво, ки аз чарогоҳҳо ҷамоварӣ карда мешуданд) - аз қисмати поёнии бекигарӣ - 10-15; аз қисмати миёнаи бекигарӣ - 5-10; аз қисмати болоии бекигарӣ - 20;

13. Осиёбпулӣ (андоз аз ҳар як осиёб аз рӯи даромади вай)- аз қисмати поёнии бекигарӣ - 150; аз қисмати миёнаи бекигарӣ -150-200;аз қисмати болоии бекигарӣ - 200;

Аз ин ҷо маълум мегардад, ки вазъияти вазнини пулӣ, асосан ва бештар ба зиммаи бекигариҳои поёнӣ ва бекигариҳои болоии аморати Бухоро, ки ба мулкҳои Ҳисору Фарғона наздик буданд, афтода буд. Зеро ин мулкҳо метавонистанд, маҳсулоти худро дар бозорҳои наздик бо пули нақд фурӯшанд.(Аз сарчашмаҳои таърихӣ бармеоянд, ки дар бекигариҳои дурдасти Қаротегин, пардохти андоз ба воситаи пул, танҳо дар давраи ҳукмронии бекҳои охирон: Абдулмумин (1903-1907), Авлиёқул (1908- 1910), Неъматуллобек (1910-1914), Раҳмонқулбек (1914- 1917) ва Абдулҳафизбек (1918- 1920) сар шуда буд [6, с. 189].

Агар як бор чорвои хонагии деҳқон ба дафтари «закот»-и амлокдор меафтид, солҳои оянда ин деҳқон тамоман чорво надошта бошад, ҳам закоти мол месупорид. Дар тамоми бекигариҳо дафтари «хироҷ» ва «закот» мавҷуд буд, ки дар дасти девонбегӣ нигоҳ дошта мешуд. Дар он номи амлокдор, номи деҳаҳо, номи ҳар як андозсупоранда ва андози ҳар навъе, ки месупорид бо қиммати он навишта шуда буд. Лекин ҳамаи амлокдорон боз, дафтари алоҳидаи андозситонии худро низ доштанд, ки ин ба дигар бекигариҳо низ маъмул буд. Маблағи аз ҳама бештар, аз фурӯши чорво ва аз савдои маҳсулотҳои хунармандӣ, ба дасти амлокдорон медаромад.

Махсусан, боигарии баъзе бекигариҳо ба монанди, вилояти Кашқадарё асосан, чорводорӣ буд. Дар вилоятҳои Ҳисор, Деҳнав, Юрчӣ ва Бойсун низ гӯсфанд, асп, ҳайвони калони шохдор парвариш меёфтанд, ки инҳо ҳам имконияти дар шаҳрҳои Самарқанд, Тошканд ва дигар шаҳрҳои Туркистон фурӯхтани онро доштанд. Дар ҳудуди Бухорои Шарқӣ, гардишу гузаргоҳ ва купрукҳои калон мавҷуд буд, ки аз он ҷо, рамаҳои калони бузу гӯсфанд ва дигар чорво гузаронида мешуд [9, с.164].

Баъзеи ин гуна купрукҳоро, ҳукумати амирӣ ба иҷора, ба шахсони алоҳида дода буд, ки онҳо ба хазинаи давлат, пул месупориданд. Ба ин гуна купрукҳо, купруки «Пули сангин» (ҳоло купруки замонавии «Норак», дар дарёи Вахш, ки қисмати мулкҳои Ҳисор, Кӯлоб ва Дарвозро бо ҳам мепайваст; «Пули Пунбачӣ» - дар поёноби дарёи Сурхоб ҷойгир буд, ин купрук Қаротегину Ҳисорро ба ҳам мепайваст.

Инчунин, ба воситаи ин купрук, галлаи гӯсфандонро тобистон ба доманаҳои Алай бурда, тирамоҳ барои фурӯхтан ба шаҳрҳои Туркистон меоварданд [11, с. 104].

Натиҷаҳо. Натиҷаи омӯзиши мавзуъ нишон медиҳад, ки бо вуҷуди ягон қонуни муайяни ситонидани андоз ва дигар уҳдадориҳо вуҷуд надошта бошад хам, аз аҳолӣ рӯёнидани он бомаром ва хеле ҷиддӣ ба роҳ монда шуда буд, ки ин низ, яке аз хусусиятҳои хоси замони феодализм мебошад. Амири Бухоро аз гардиши молҳои бозор, ки ҳар кадоми он якчанд млн.-ро дарбар мегирифт, даромади калон ба даст медароварда. Яке аз сарчашмаҳо, дар ин бора маълумот додааст. [15.89]

Се бозори вилояти Қаротегин дар як сол – 35 000 сум; 12 бозори Душанбе 690 000 сӯм; 11 бозори Кӯлоб 2455000 сум; 7 бозори Қурғонтеппа 12098 ҳазор сум пулро гардиш медоданд. Дар маълумотномаи дигар дар бораи даромади амири Бухоро омадааст: Танҳо, дар давоми ним сол ба хазинаи амир чунин маблағҳои пулӣ ворид гашта буданд: Аз Душанбе ва Янгибозор- 390360 танга, аз Қаротегин – 240270 танга, аз Кофарниҳон – 94670 танга, аз Кӯлоб – 172413 танга ва аз Қурғонтеппа - 254 000 танга.

Дар маълумотномаи бойгонии дигар омадааст: “Вақте, ки соли 1906, амир Абулаҳадхон ба Россия роҳсипор шуд, аз ҳисоби шахсии худ қозиҳо ва раисон барои сарфи роҳ ба амир пешкаш намуданд” [2, с. 83]

1. Аз қозии Балҷувон - Исомиддин- 300 сӯм
2.Аз қозии Кӯлоб- Муҳаммад Амин- 500 сӯм
3.Аз қозии Деҳнав- Назрулло - 200 сӯм
4.Аз қозии шаҳри Китоб- Хайрулло - 600 сӯм
5.Аз қозии Зандон- Бақия - 300 сӯм
6.Аз қозии Якабоғ- Бурҳониддин- 200 сӯм
7.Аз қозии Шаҳрисабз- раис Абдулқодир- 200 сӯм
8.Аз қозии Чорҷӯ- раис Саид Муҳаммад- 200 сӯм
9.Аз Зиёвуддин - 500 сӯм
10.Аз Хузар- 400 сӯм
11.Аз Хатарчӣ - 400 сӯм
12.Аз Ромитан - 600 сӯм
13.Аз Ҳисор- 600 сӯм
14.Аз Вибкент- 600 сӯм
15.Аз Кармина - 400 сӯм
16.Аз ҳоҷӣ Шариф - 400 сӯм
17.Аз раиси Қаршӣ - 200 сӯм
18.Аз қозии Қаршӣ - 500 сӯм
19.Аз раиси Чорҷӯ - 200 сӯм
20.Аз қозии Хайробод- 400 сӯм
21.Аз Ганҷуна- 600 сӯм
22.Аз Пирмаста- 400 сӯм

Ҳамин гуна «буғчаҳо»-ро инчунин ба хотири баргаштани амир аз сафари Россия амлокдорону бекҳо низ пешкаш намуда буданд [5, с. 67].

1.Аз Кармина- 4000 танга
2.Аз Чорҷӯй- 4000 танга
3.Аз Хиторчӣ- 1500 танга
4.Аз Ҳисор - 4000 танга
5.Аз Деҳнав - 4000 танга
6.Аз Қабодиён -1400 танга
7.Аз Нурато- 1500 танга
8.Аз Юрталика-1500 танга

9.Аз Кӯлоб - 1000 танга
10. Аз Яккабоғ -1500 танга
11. Аз Балҷувон -1500 танга
12. Аз 8 амлокдорони гирду атрофи Бухоро, аз ҳар кадом 200 тангагӣ,
ҳамагӣ: 1600 танга.

Муҳокима. Аз ин маълумотҳо бармеояд, ки феодалони калон ба ғайри андозе, ки аҳолии заҳматкаш ба уҳда дошт, боз барои даромади худ, ба дӯши онҳо уҳдадориҳои гуногунашунид ва дандоншиканро бор мекарданд, то ин ки ба ин васила, мавқеъ ва мансаби худро нигоҳ доранд.

Ин мансабдорон, чи қадаре, ки сарф мекарданд, ҳамон қадар тезтар барои пур кардани ҷои сарфкардаашон, кӯшиш менамуданд. Аз ин нишондодҳо хулоса баровардан мумкин аст, ки мардуми аморати Бухоро, на танҳо аз тарафи амир, инчунин, аз тарафи намояндагони ӯ низ, бераҳмона ғорат карда мешуданд [12, с. 78].

Баъди шикаст хурдани амир, вилоятҳо ва шаҳрҳои калони дар ихтиёри ӯ буда, ба дасти генерал- губернатории Туркистон гузашт. Ҳукумати подшоҳӣ қарор дод, ки ба амири Бухоро ёрӣ расонад, яъне ба ивази мулкҳои аздастрафтааш, бекигариҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистони ҳозира ва Бадахшони ғарбиро ба тариқи мукофот, ба ихтиёри ӯ диҳад. Ин бекигариҳо давлатҳои ниммустақил буда, танҳо ба ном ба ҳайати мулкҳои амир (Ҳисор, Қубодиён, Кӯлоб, Қаротегин, Дарвоз ва ғайра) дохил мешуданд. Дар рафти ҳуҷум ба мулкҳои кӯҳӣ ва барқарор гардидани ҳокимияти амир дар Ҳисор, Кӯлоб, Дарвоз ва Қаротегин сарбозони амири Бухоро, бисёр деҳаҳои аҳолинишинро хароб карда, сокинони ин маҳалҳоро бераҳмона ҷазо медоданд. Аз аҳолӣ, ба маблағи зиёд товони ҷанг ситонида, як қисми мардумро асир мегирифтанд [3, с. 72].

Баъди пурра ҳамроҳ карда шудани ноҳияҳои шарқӣ, аморати Бухоро ба сарзамини бузурги аҳолиаш зиёда аз семиллионаро соҳиб шуд. Водиҳои ҳосилхези Зарафшон, Қашқадарё, Кофарниҳон, Сурхондарё ва Вахш ба зери ҳокимияти вай афтоданд. Шаҳри Бухоро бо нӯҳ тумани атрофаш, воҳиди махсуси маъмуриро ташкил медод, ки аз тарафи нахуствазири аморат- қушбегӣ идора карда мешуд.

Аморати Бухоро ба 280 бекигарӣ ё вилоят, аз ҷумла, Деҳнав, Ҳисор, Қурғонтеппа, Қубодиён, Дарвоз, Балувон, Кӯлоб, Шуғнон, Рӯшон ва ғайраҳо ҷудо мешуд. Бекро ҳоким интихоб менамуд. Ҳар як бек амалдорони зиёд (дар бекигарии Ҳисор зиёда аз 2120 нафар амалдорон буданд) ва сарбозони худро дошт. Дараҷаи дигари маъмурӣ, амлокдорҳо (сардори андозчинон) буданд, ки онҳоро бекҳо таъин мекарданд [7, с.114].

Аз онҳо поёнтар гурӯҳи махсуси амалдорон, бо номи «доруғаҳо» буданд, ки андозро ба рӯйхат мегирифтанд ва хироҷ ҷамъ мекарданд. Амлокдорон «навкар» ҳам доштанд. Ба онҳо мансабҳои «баҳодур» то «қаровулбегӣ» дода мешуд. Мансабҳои баландтарро худи амир бо пул мефурӯхт. Дар қаламрави аморат фурӯхтани мансабҳо ва вазифаҳо, ҳамаҷониба ҷорӣ шуда буд ва аз он амирон ва бекҳо даромади калон мегирифтанд. Дар қишлоқҷойҳо, амлокдорон «арбобон» ва «оқсақолон»-ро таъин мекарданд [7, с. 114].

Дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX, дар аморати Бухоро, шаклҳои гуногуни заминдорӣ вуҷуд дошт. Заминҳои амлокӣ (давлатӣ), ки ба амир тааллуқ доштанд ва амир ба амалдорон ва навкаронаш аз ҳамин замин танхоҳ медод. Дар Бухорои Шарқӣ заминҳои амлокӣ, қисми зиёди заминҳои корамро ташкил медод. Деҳқонони дар ин заминҳо кишкунанда, хироҷ медоданд. Хироҷ аз заминҳои лалмӣ, аз 10/1 қисм (ушр) ва аз заминҳои обӣ аз 5/1 қисми ҳосилро ташкил мекард [10,с. 106].

Дар Бухорои Шарқӣ, заминҳои хусусӣ (заминҳои мулкӣ), кам буданд. Соҳибони чунин заминҳо, онҳоро ҳамчун моликияти хусусӣ, истифода мебурданд ва аз ҳар гуна хироҷу андозҳо ба нафъи давлат барои ин ё он хизматашон озод буданд. Чунин заминҳо хеле кам буд, амири Бухоро кӯшиш менамуд, ки миқдори заминҳои «мулки»-ро кам намояд [10, с. 98].

Заминҳои вақф дар аморати Бухоро аз рӯи миқдор мавқеи дуюмро ишғол менамуд. Дар Бухорои Шарқӣ, хусусан, дар ноҳияҳои кӯҳӣ, заминҳои вақф хеле кам ё тамоман набуданд [2, с. 205].

1.Вилояти Кулоб - 500.000 р
2.Вилояти Қаротегин - 600.000 р
3.Вилояти Балҷувон - 500.000 р
4.Вилояти Ҳисор - 600.000 р
5.Вилояти Чорҷӯй - 400.000 р
6.Вилояти Нурато - 250.000 р
7.Вилояти Шаҳрисабз - 700.000 р
8.Вилояти Ғузор - 250.000 р

9.Вилояти Қаршӣ - 700.000 р
10.Вилояти Бойсун - 150.000 р
11.Вилояти Қабодиён - 250.000 р
12.Вилояти Қурғонтеппа - 30.000 р
13.Вилояти Бухоро-1.000.000 р

Чарогоҳҳо (девлохҳо ё айлоқҳо) вобаста ба масоҳаташон дар байни чорводорони калон тақсим карда мешуданд. Қисми зиёди деҳқонон аз сабаби камзаминӣ ё безаминӣ маҷбур буданд, ки бо шартҳои асоратовар барои заминдорон кор кунанд. Камбағали чоряккор ё панҷяккор шуда, аз 4/1 қисм ё аз 5/1 қисми ҳосилро мегирифтанд.

Хулоса. Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳқиқот ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар аморати Бухоро, деҳқонон маҷбур буданд, ки хироҷҳои гуногун супоранд. Аз онҳо хироҷи замин асосӣ буд, ки дар баъзе ноҳияҳои Бухорои Шарқӣ, ба ҷои аз 10/1 қисми ҳосили муқаррарӣ, аз 3/1 қисм ва аз 7 /1 қисми замин, муқаррар шуда буд. Ҳар сол, аввали баҳор «дорғаҳо» (амалдорони майдаи андозғундор) ба сари замини деҳқон омада, ҳисобу китоби пешакӣ мекарданд. Вақти ҳосилғундорӣ бошад, дорғаҳо қариб ба тамоми ҳосили деҳқон соҳиб мешуданд [3, с. 139]. Чи тавре ки зикр гардид, ҳам дар аморати Бухоро, ҳам дар Бухорои Шарқӣ деҳқонон аз маҷбуриятҳо ва андозу боҷу хироҷи зиёд хонахароб шуда буданд.

Адабиёт

1. *Аҳмад Махдуми Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития. – Душанбе: Нашриёти Сарват, 1992. – 180 с.*
2. *Бокиев О. Б. Таджикистан в русской дореволюционной историографии. Дисс. док. ист. наук. (на правах рукописи) / О. Б.Бокиев. – Душанбе, 1991. – 523 с.*
3. *Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадим, асрҳои миёна ва давраи нав . Китоби 2. – Душанбе, 1985. – 720 с.*
4. *Ёров А. Ш. Бухарский эмират на миравом рынке: Вторая половина XIX - начало XX столетия: Диссертация на соискание уч. звания кандидата исторических наук: 07.00.02 / А. Ш. Ёров. – Душанбе, 2005. – 153 с.*
5. *Исмоилова Б. И. Социальная структура и классовая борьба в Бухарском эмирате. (1868-1917гг.): Дисс. канд. ист. наук. / Б.И. Исмоилова. – Душанбе - Алма-Ата, 1985. - 334 с.*
6. *Искандаров Б. Восточний Бухара и Памир в период соединения Средней Азии к России / Б.И. Искандаров. – Душанбе: Изд-во АН Тадж. ССР., 1962. – Ч. 1. -356.; Ч. 2. 1963. – 352 с.*
7. *Литвинский Б.А., Мухторов А. Таърихи халқи тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1977. - 114 с.*
8. *Латыпов Н. К. К вопросу о земельных отношениях в Дарвозском бекстве в конце XIX-начало XX вв. – Дисс. канд. ист. наук / Н. К. Латыпов. – Сталинабад, 1955. – 363 с.*
9. *Мухторов А. Ҳисор (очерки таърихӣ, охири асри XV - аввали асри XX). - Душанбе: Нашриёти Адиб, 1995. - 305 с.*
10. *Маҷлисов А. Аграрное отношения в восточной Бухаре в X1X – начале XX века. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 207 с.*
11. *Мейендорф Е. К. Путешествия из Оренбурга в Бухару / Е. К. Майендорф, под редакции и со вступл. статьей Н. А. Халфина. –М.: Наука, 1975. - 180 с.*
12. *Наврӯзов Т.С. Социально – экономическая и культурная жизнь Восточной Бухары второй половины XIX в. (по материалам русских исследователей (Н. А. Маева, Г. А. Арандаренко и Н. Н. Покотило). - Дисс. канд. ист. наук / Т. С. Наврузов. – Душанбе, 1985. – 380 с.*
13. *Пирумшоев, Х. Памир в первой половине XIX - начале XX вв. // История Горно-Бадахшанской автономной области. Т. Г С древнейших времен до новейшего периода. - Душанбе: Пайванд, 2005. – 378 с.*
14. *Тухтаметов Т. Т. Русско-Бухарское отношенияв конце в конца XIX – начала XX-го века / Т. Т. Тухтаметов. - Тошкент: Изд. Фан, 1966. – 200 с.*
15. *Ҳотамов Н. Б. Таърихи халқи тоҷик (Аз солҳои 60-уми асри XIX то соли 1921) / Н. Б. Ҳотамов. – Душанбе: Ирфон, 2000. – 260 с.*

ТАЪРИХИ МОЛИЁТ ДАР ОХИРИ АСРИ XIX ВА АВВАЛИ АСРИ XX ДАР БУХОРОИ ШАРҚӢ

Дар мақола дар бораи таърихи низоми андозситонӣ дар охири асри XIX ва аввали асри XX дар Бухорои Шарқӣ, дар асоси сарчашмаву дастхатҳо ва нишондодҳои олимони ватаниву хориҷӣ маълумотҳои нав ва хеле нодир оварда шудааст. Аз маълумотномаҳои овардашуда маълум мегардад, ки дар асри XIX дар аморати Бухоро тамоми андозу уҳдадориҳое, ки аз аҳолӣ рӯёнида мешуданд, «аз рӯи шариати исломӣ» ё «аз рӯи қоидаҳои шариат» амалӣ мегаштанд. Азбаски то ин муддат ягон қонун ё қароре, ки низоми андозситониро муайян намояд, аз тарафи давлатдорон пешниҳод нагардида буд, бинобар ҳамин ҳам, дар рафти ситонидани андоз муттасадиёни андозғундор ба рибокорӣ ва изофахурӣ роҳ медоданд. Чӣ хеле, ки барои худи онҳо мувофиқ буд, ҳамон хел рафтор мекарданд. Бинобар ҳамин ҳам, мардуми заҳматкаш аз якчанд тараф ва чандин маротиба талаву тороҷ карда мешуд. Дар мақола нишон дода шудааст, ки бо иловаи андозҳои мавҷуда аз аҳолӣ боз

андозҳои дигар низ ситонида мешуданд, ба монанди закоти чакана – андоз аз моле, ки аз 40 сар кам аст; аз фурӯши маҳсулоти хунармандӣ дар бозор; котибона – андози пулӣ барои котибони амир ё бек; миробона – андоз – барои мироб; хидматона – андоз барои корҳои гуногуне, ки амир барои мардум супориш медод ва аз тарафи намояндагони амир иҷро карда мешуданд.

Калидвожаҳо: андоз, андози пулӣ, андози молӣ, пардохти андоз, бекигариҳо, Бухорои Шарқӣ, андозғундор, хироҷ, таноб, закот.

ИСТОРИЯ ФИНАНСОВ ВОСТОЧНОЙ БУХАРЫ В КОНЦЕ XIX И НАЧАЛЕ XX ВЕКА

В статье представлены новые и очень редкие сведения об истории налоговой системы конца XIX и начала XX веков в Восточной Бухаре, основанные на источниках, рукописях и свидетельствах отечественных и зарубежных ученых. Из приведенных выше ссылок видно, что в XIX веке в Бухарском эмирате все налоги и сборы, взимаемые с населения, осуществлялись «по исламским законам» или «по правилам шариата». Поскольку до сих пор правительство не предложило закона или постановления, определяющего налоговую систему, налогоплательщики прибегли к ростовщичеству и чрезмерным расходам в процессе сбора налогов. Они вели себя так, как считали нужным. Поэтому трудящихся грабили с нескольких сторон и многократно. В статье говорится, что помимо существующих налогов с населения взимались и другие налоги, такие как розничный закят - налог на товары менее 40 голов; от продажи поделок на рынке; секретариат - денежный налог для секретарей эмиров или беков; мирабона - налог для мирабона; служба - налог на выполнение различных задач, возложенных эмиром на людей и выполняемых представителями эмира.

Ключевые слова: налог, денежный налог, налог на имущество, уплата налога, нищие, Восточная Бухара, сборщик налогов, дань, веревка, закят.

THE HISTORY OF FINFNCE IN ASTERN BUKHARA IN THE LATE XIX AND BEGINNING OF THE XX CENTURIES

The article presents new and very rare information about the history of the tax system of the late 19th and early 20th centuries in Eastern Bukhara, based on sources, manuscripts and testimonies of domestic and foreign scientists. From the above references, it can be seen that in the 19th century in the Bukhara Emirate, all taxes and duties levied on the population were carried out "according to Islamic laws" or "according to the rules of Sharia". Since so far the government has not proposed a law or regulation defining the tax system, taxpayers have resorted to usury and excessive spending in the process of collecting taxes. They behaved as they saw fit. Therefore, workers were robbed from several sides and many times. The article says that in addition to the existing taxes, other taxes were levied on the population, such as retail zakat - a tax on goods less than 40 heads; from the sale of crafts in the market; secretariat - monetary tax for the secretaries of the emirs or beks; mirabona - tax for mirabona; service - a tax on the performance of various tasks assigned by the emir to the people and performed by the emir's representatives.

Keywords: tax, cash tax, property tax, tax payment, beggars, Eastern Bukhara, tax collector, tribute, rope, zakat.

Дар бораи муаллиф
Ҳамидова Қутбия Ҳалимхоновна
Номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш. Душанбе, кӯчаи Нахимова, 64/14

Об авторе
Хамидова Кутбия Халимхановна
Кандидат исторических наук, доцент кафедры гуманитарных дисциплин
Таджикский государственный финансово-экономический университет
734025, Республика Таджикистан г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14

About the author
Khamidova Kutbiya Halimkhanovna
Candidate of historical sciences, associate professor of the department of humanitarian disciplines
Tajik State University of Finance and Economics
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/14 Nakhimova Street

ТДУ 94(540):004.9(091)

ҶАНБАИ ИҶТИМОИВУ ТАЪРИХИИ ИНҚИЛОБИ РАҚАМӢ ДАР ҲИНДУСТОН

Музаффарова Б. Х.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ

Пешгуфтор. Таърихи рушди телекоммуникатсия дар Ҳиндустон аз давраи мустамликадорӣ оғоз меёбад. Аввалин хатҳои телеграфӣ дар солҳои 1850 аз ҷониби маъмурияти Британия барои назорати маъмурӣ ва эҳтиёҷоти низомӣ кашида шуда буданд. То соли 1901 аввалин пойгоҳи телеграфии бесим байни ҷазираи Сагар ва Сандхед пайдо шуд. Алоқаи телефонӣ суст рушд мекард. Соли 1907 аввалин батареяи марказии телефонҳо насб карда шуд. То соли 1947 инфрасохтори телекоммуникатсионӣ хеле маҳдуд буд ва танҳо дар шаҳрҳои бузург тамаркуз дошт. Монополияи давлатӣ ба алоқа даҳсолаҳо боқӣ монд, ки ин боиси сатҳи пасти дастрасӣ ба хидматрасониҳо мегашт. То соли 1971 дар кишвар ҳамагӣ ҳудуди 980 ҳазор пайвасти телефонӣ, то соли 1981 - 2,15 миллион ва то соли 1991 - танҳо 5,07 миллион мавҷуд буд [13]. Интизории тулонии насби телефон ва арзиши баланди хидматрасониҳо алоқаро ба имтиёзи гурӯҳҳои элита табдил дода буд.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Дар раванди таҳқиқи ҷанбаҳои иҷтимоиву таърихии инқилоби рақамӣ дар Ҳиндустон маҷмуи усулҳои илмӣ-таҳқиқотӣ истифода шудаанд, ки барои таъмини воқеият ва амиқии хулосаҳо хидмат мекунанд. Усули таърихӣ-қиёсӣ барои омӯзиши таҳаввули соҳаи телекоммуникатсия аз давраи мустамликадории Британия то марҳилаи муосири «Ҳиндустони рақамӣ» истифода шудааст. Тавассути ин усул тафовути байни монополияи давлатии давраи пас аз истиқлолият ва низоми либералии пас аз соли 1991 муайян карда шуд. Таҳлили оморӣ ва миқдорӣ барои арзёбии суръати рушди интернет ва алоқаи мобилӣ маълумоти омории созмонҳои бонуфуз, аз ҷумла TRAI (Мақомоти танзими телекоммуникатсияи Ҳиндустон), IAMAI ва гузоришҳои солонаи «Digital 2026: India» мавриди истифода қарор гирифтанд. Усули таҳлили сифатӣ ҳангоми омӯзиши таъсири медиаи нав ба равандҳои сиёсӣ ва арзишҳои фарҳангӣ истифода шуд. Махсусан, нақши шабакаҳои иҷтимоӣ дар маъракаҳои интихоботии солҳои 2014 ва 2019 таҳлил карда шуд. Усули индуктивӣ ва дедуктивӣ тавассути омӯзиши ҳолатҳои мушаххас хулосаҳои умумӣ дар бораи дигаргуниҳои сохтории иқтисоди рақамӣ ва коҳиши фосилаи рақамӣ байни шаҳру деҳот бароварда шуданд.

Барои омӯзиши ҷузъҳои «Инфрасохтори рақамии ҷамъиятӣ», аз ҷумла низомҳои Адҳар ва ЮПАЙ ва нақши онҳо дар таъмини адолати иҷтимоӣ ва фарогирии молиявии аҳолӣ таҳлили сохторӣ-функсионалӣ истифода гардид. Асоси маводди таҳқиқотро ҳуҷҷатҳои стратегии давлатии Ҳиндустон, барномаҳои миллӣ, мақолаҳои илмии муҳаққиқони соҳа ва гузоришҳои байналмилалии институтҳои таҳлилӣ ташкил медиҳанд.

Таърихи ташаккули низоми телекоммуникатсия дар Ҳиндустон яке аз ҷолибтарин саҳифаҳои муосирсозии ин кишварро ташкил медиҳад, ки решаҳои он ба умқи асри XIX ва сиёсати мустамликадории Британия мепайвандад. Ин раванд на танҳо бо воридшавии технология, балки бо кӯшишҳои Ҳиндустон барои дастёбӣ ба истиқлолияти технологӣ ва иҷтимоӣ тавсиф мешавад. Профессор С.П. Чакраварти, ки дар доираҳои илмӣ ҳамчун асосгузори муҳандисии электроника ва алоқа дар Ҳиндустон эътироф шудааст, дар ибтидои асри XX заминаҳои назариявӣ ва таълимии ин соҳаро гузошт, ки баъдан барои ҷаҳиши технологии кишвар заминаи мусоид фароҳам оварда. Оғози воқеии ин масир соли 1950 бо кашидани аввалин хати таҷрибавии телеграфи электрикӣ байни Калкута ва Даймонд-Харбор сурат гирифт, ки ҳадафи аслии он на беҳбуди зиндагии мардум, балки таъмини назорати фаврии низомӣ ва маъмурии Ширкати Ост-Индия дар сарзаминҳои забтшуда буд.

Дар нимаи асри XIX, бо ташаббуси Уилям О'Шонесси, ки пешрави соҳаи телеграф ва телефон дар ин минтақа маҳсуб меёбад, сохтмони густурдаи зиёда аз 6 ҳазор километр хатҳои телеграфӣ оғоз ёфт. Ин шабака марказҳои муҳимми стратегӣ мисли Пешовар, Мумбай, Ченнай ва Калкуттаро бо ҳам пайваст намуда, боиси таъсиси Департаменти алоҳидаи почта ва телеграф дар соли 1954 гардид. Бо гузашти вақт ва пайдоиши технологияи телефон дар соли 1881, ҳукумати мустамликавӣ маҷбур шуд монополияи худро қисман коҳиш дода, ба ширкатҳои хусусии инглисӣ барои таъсиси истгоҳҳои телефонӣ дар шаҳрҳои калон иҷозат диҳад. Бо вуҷуди ин, то соли 1947, инфрасохтори алоқа ниҳоят маҳдуд ва танҳо

дар марказҳои маъмурии шаҳрӣ мутамарказ буд, ки ин боиси ба вуҷуд омадани фосилаи амиқи иҷтимоӣ ва технологӣ байни шаҳрҳои имтиёзнок ва деҳоти канормонда гардид.

Дар давраи пас аз истиқлолият, Ҳиндустон низоми монополияи давлатиро ба алоқа нигоҳ дошт, ки ин боиси сустии рушди соҳа дар давоми чанд даҳсола шуд. Омори таърихӣ нишон медиҳад, ки дар соли 1971 дар тамоми кишвар танҳо камтар аз як миллион пайвасти телефонӣ мавҷуд буд ва барои насби як дастгоҳи телефонӣ шаҳрвандон маҷбур буданд солҳои тулонӣ дар навбат истанд. Ин вазъият танҳо дар соли 1991 бо ҷорӣ шудани ислоҳоти куллии иқтисодӣ ва сиёсати либерализатсия тағйир ёфт. Ҳукумат бо дарки зарурати ворид шудан ба бозори ҷаҳонӣ, соҳаи телекоммуникатсияро барои сармоягузорони хусусӣ боз намуд. Сиёсати миллии солҳои 90-ум ва қабули Қонун дар бораи технологияҳои иттилоотӣ дар соли 2000 -ум заминаи ҳуқуқиро барои пайдоиши интернет ва алоқаи мобилӣ устувор кард, ки ин оғози давраи нави иқтисоди рақамӣ дар нимҷазираи Ҳиндустон гардид.

Марҳилаи муосири инқилоби рақамӣ, ки бо номи Ҳиндустони рақамӣ ё Digital India маъруф аст, соли 2015 бо ҳадафи стратегии табдил додани кишвар ба як ҷомеаи дорои имкониятҳои рақамӣ оғоз ёфт. Ин барнома бар се рукни асосӣ, яъне таъсиси инфрасохтори рақамӣ ҳамчун хидмати коммуналӣ, рақамикунонии идоракунии давлатӣ ва тавонмандсозии шаҳрвандон такя мекунад. Лоиҳаҳои азиме мисли БҳаратНет, ки барои пайваст кардани зиёда аз 200 ҳазор шуроҳои деҳот бо нахи оптикӣ нигаронида шудаанд, ҷузъи муҳимтарини ин стратегия мебошанд. Ин иқдомҳо боиси он гаштанд, ки фосилаи таърихии рақамӣ байни шаҳр ва деҳот ба таври назаррас коҳиш ёбад. Зуҳури операторӣ Релианс Ҷио дар соли 2015 ва пешниҳоди интернети ниҳоят арзон ин равандро суръат бахшида, Ҳиндустонро ба пешвои ҷаҳонӣ аз рӯйи шумораи корбарони фаъоли интернет ва ҳаҷми истеъмоли маълумоти мобилӣ табдил дод.

Дар замони муосир, муваффақияти Ҳиндустон дар эҷоди инфрасохтори рақамии ҷамъиятӣ, аз ҷумла низоми Адҳар ва шабакаи пардохтҳои фаврии Ю-Пи-Ай, намунаи беҳтарини истифодаи технология барои адолати иҷтимоӣ ва фарогирии молиявӣ ба шумор меравад. Ин таҳаввулот собит сохт, ки роҳи паймудаи кишвар аз телеграфҳои содаи асри XIX то технологияҳои пешрафтаи насли панҷум ва зеҳни сунъӣ, на танҳо як ҷаҳиши техникӣ, балки як раванди амиқи таърихӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Имрӯз сокинони деҳот қисми асосии корбарони интернетро ташкил медиҳанд, ки ин нишонаи гузариш аз низоми мутамаркази шаҳрӣ ба иқтисоди фарогири миллӣ аст. Ин таҷрибаи таърихии Ҳиндустон нишон медиҳад, ки чӣ тавр стратегияи дурусти давлатӣ ва рақобати солим дар бозор метавонад ҳаёти миллионҳо нафарро дигаргун сохта, кишварро дар сафи пеши тамаддуни рақамии ҷаҳонӣ қарор диҳад.

Либерализатсияи иқтисодии соли 1991 барои бахши телекоммуникатсия нуқтаи гардиш гардид. Ҳукумат дар доираи сиёсати либерализатсия, хусусигардонӣ ва ҷаҳонишавӣ соҳаро барои сармоягузории хусусӣ боз кард. Соли 1994 Сиёсати миллии телекоммуникатсионӣ (NTP-94) қабул шуд, ки рақобатро дар хидматрасониҳои асосӣ ва алоқаи мобилӣ ҷорӣ намуд. Соли 1999 Сиёсати нави телекоммуникатсионӣ (NTP-99) баромад, ки иҷозатномаҳоро ба алоқаи собит ва мобилӣ тақсим карда, дастрасии универсалиро ҷорӣ намуд ва сармоягузориро ҳавасманд кард. Ин ислоҳот боиси рушди босуръати телефонияи мобилӣ гаштанд. То аввали солҳои 2000-ум операторони хусусӣ (Эйртел, Водафон ва ғайра) ба рушди фаъоли шабакаҳо шуруъ карданд. Интернет дар Ҳиндустон соли 1995 тавассути VSNL дар чанд шаҳр пайдо шуд, аммо нуфузи он ночиз ва камтар аз 0,1 % аҳолӣ буд.

Қонуни соли 2000 дар бораи технологияҳои иттилоотӣ заминаи ҳуқуқиро барои тиҷорати электронӣ, имзоҳои рақамӣ ва амнияти киберӣ гузошт. Аммо, ҷаҳиши воқеӣ дар солҳои 2010-ум рух дод. Соли 2010 Шабакаи миллии дониш ба кор андохта шуд, ки муассисаҳои таълимӣ ва таҳқиқотиро бо шабакаҳои баландсуръат пайваст намуд. Ҳукумат тамаркузро ба дастрасии фарохбандӣ равона кард. Лоиҳаи калидӣ БҳаратНет гардид, ки соли 2011 бо ҳадафи пайваст кардани тамоми грам-панчаятҳо (шуроҳои деҳот) бо нахи оптикӣ оғоз ёфт. Лоиҳа бо сабаби мушкилоти логистикӣ ва ҳамоҳангсозӣ бо таъхирҳо рӯ ба рӯ шуд, вале асоси инфрасохтори рақамии деҳот гардид. То солҳои 2024–2025 ҳудуди 2,2 лак (220 ҳазор) грам-панчаятҳо пайваст шуданд ё ба истифодаи хидматрасониҳо омода буданд [3].

1 июли соли 2015 Сарвазир Нарендра Моди барномаи стратегии «Ҳиндустони рақамӣ»-ро оғоз кард. Дурнамои он табдил додани Ҳиндустон ба ҷомеаи дорои имкониятҳои рақамӣ ва иқтисодиёти дониш мебошад. Барнома ба се соҳаи асосӣ такя мекунад: инфрасохтори рақамӣ ҳамчун воситаи коммуналӣ барои ҳар як шаҳрванд, пешниҳоди хидматҳои давлатӣ тибқи дархост ва тавонмандсозии рақамии шаҳрвандон. «Нуҳ сутун»-и барнома шохроҳҳои

фарохбандӣ, дастрасии универсалӣ ба алоқаи мобилӣ, барномаи дастрасии оммавӣ ба интернет, ҳукумати электронӣ, e-Kranti, ТИ барои ҷойҳои корӣ ва ғайраро дар бар мегиранд. «Ҳиндустони рақамӣ» ташаббусҳои мавҷударо муттаҳид кард. То соли 2025 ин барнома даҳсолагии худро бо дастовардҳои назаррас дар рақамикунонии идоракунӣ ва дастрасӣ ба хидматҳо таҷлил кард.

Яке аз рӯйдодҳои инқилобӣ ба кор андохтани Релайанс Ҷио дар сентябри соли 2016 буд. Мукеш Амбани шабакаи комилан 4G-ро бо сиёсати нархгузорӣ, маълумот ва алоқаи овозии ройгон дар моҳҳои аввал ва сипас тарофаҳои ниҳоят арзон (коҳиши арзиши интернет то 98 %) муаррифӣ кард. Ҷио дар давоми 170 рӯз зуд 100 миллион корбар ҷамъ овард. Ин боиси «ҷанги нархҳо» дар соҳа гашта, рақибонро маҷбур кард, ки нархҳоро паст кунанд. Ҳиндустон аз ҷойи 155-ум дар ҷаҳон аз рӯйи истеъмоли маълумоти мобилӣ ба ҷойи аввал баромад. Истеъмоли маълумот ба ҳар сари аҳолӣ садҳо маротиба афзоиш ёфт. Ҷио инчунин смартфонҳои дастраси 4G-ро (JioPhone) тарғиб намуда, ба гузариш аз 2G ба 4G ҳатто дар минтақаҳои деҳот кумак кард.

Рушди инфрасохтор бо афзоиши корбарони интернет ҳамроҳ буд. Соли 2000 шумораи онҳо ҳудуди 800 ҳазор нафар, то соли 2015 - қариб 250 миллион буд. То марти соли 2024 шумораи муштариёни интернет ба 954,4 миллион расид ва то солҳои 2025–2026 аз 950–1000 миллион (тақрибан 70 % аҳолӣ) гузашт. Муҳим он аст, ки корбарони деҳот ҳоло ҳиссаи назаррасро ташкил медиҳанд. Тибқи маълумоти солҳои 2025–2026, ҳудуди 57% корбарони фаъоли интернет (тақрибан 548 миллион нафар) ба минтақаҳои деҳот рост меоянд. Рушд дар деҳот нисбат ба шаҳр 2–4 маротиба тезтар аст. Мувофиқи маълумоти TRAI ва IAMAI, нуфузи интернет дар деҳот аз нишондиҳандаҳои пасти соли 2016 то 40–45 % дар соли 2025 афзоиш ёфтааст [1].

Бартараф кардани фосилаи рақамӣ байни шаҳр ва деҳот вазифаи марказӣ боқӣ мемонад. То соли 2016 фосила бузург буд: дар шаҳрҳо нуфузи интернет аз 60 % зиёд ва дар деҳот тақрибан 15%-ро ташкил медод. БҳаратНет ва Ҷио ва дигар операторон ин фосиларо ба таври назаррас коҳиш доданд. То апрели соли 2024, 95,15 %-и деҳаҳо ба алоқаи мобилии 3G/4G дастрасӣ пайдо карданд. Бо вуҷуди ин, мушкилот боқӣ мемонанд: нуфузи мобилӣ дар деҳот ҳанӯз пасттар аст (тақрибан 58–60 % муқобили 125 % дар шаҳрҳо), дастрасии нахи оптикӣ дар минтақаҳои дурдаст маҳдуд аст ва сатҳи пасти саводи рақамӣ ҳамчунин фосилаи гендерӣ ба мушоҳида мерасад. Ҳукумат барои пайвасти «қадами охирин» аз интернети фарохбандии моҳворавӣ ва роутерҳои 5G истифода мебарад.

«Ҳиндустони рақамӣ» инфрасохтори рақамиро бо хидматҳои давлатӣ муттаҳид намуд. Aadhaar беш аз 1,3 миллиард нафарро фаро гирифт ва асоси India Stack гардид. Интерфейси ягонаи пардохтҳо дар пардохтҳои рақамӣ инқилоб ба амал овард ва Ҳиндустонро ба пешвои ҷаҳонӣ дар транзаксияҳои вақти воқеӣ табдил дод. Платформаҳое ба монанди DIKSHA (маориф), ABDM (тандурустӣ) ва Agri-stack (инфрасохтори рақамии кишоварзӣ) дастрасӣ ба хидматҳоро дар деҳот васеъ карданд. Марказҳои хидматрасонии умумӣ ва шуъбаҳои алоқа ба нуқтаҳои дастрасии рақамӣ дар деҳаҳо табдил ёфтанд. То соли 2025 саҳми иқтисодии Инфрасохтори рақамии ҷамъиятӣ 0,9 %-и ММД-ро ташкил дода, бо иқтидори афзоиш то 2,9–4,2 % то соли 2030 арзёбӣ мешавад [7].

Ҷаҳиши технологӣ дигаргуниҳои иҷтимоиро ба бор овард. Дар минтақаҳои деҳот интернет дастрасиро ба таҳсилот, тандурустӣ, бозорҳо ва хидматҳои молиявӣ боз кард. Занон ва ҷавонон имкониятҳои нав пайдо карданд, гарчанде ки нобаробарии гендерӣ боқӣ мемонад. Иқтисоди рақамӣ ба рушди стартапҳо, бахши ТИ ва иқтисоди «гиг» такони ҷиддӣ дод. Бо вуҷуди ин, мушкилот ба монанди амнияти киберӣ, ҳифзи додаҳо, нобаробарӣ дар дастгоҳҳо ва малакаҳо, инчунин вобастагӣ аз интернети мобилӣ (беш аз 90 % корбарон) боқӣ мемонанд. Ҳукумат сармоягузориро ба 5G, нахи оптикӣ ва саводи рақамӣ тавассути барномаи «Маъракаи саоднокии рақамии сарвазир» идома медиҳад [1].

WhatsApp, Facebook, Instagram, YouTube ва X (собиқ Twitter) ба каналҳои асосии муошират табдил ёфта, аз ВАО-и суннатӣ аз рӯйи суръати паҳнкунии иттилоот пеш гузаштанд. Вақти миёнае, ки ҳиндуҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ мегузаронанд, тақрибан 2 соату 28 дақиқа дар як рӯзро ташкил медиҳад. Ин платформаҳо дастрасӣ ба иттилоотро демократизатсия карданд, вале ҳамзамон чолишҳои нав: паҳншавии хабарҳои ҷаълӣ (фейк), қутбият дар ҷомеа ва тағйири роҳҳои суннатии муоширатро ба вуҷуд оварданд [2].

Шабакаҳои иҷтимоӣ муоширати сиёсиро дар Ҳиндустон ба куллӣ дигаргун сохтанд. То солҳои 2010-ум абзорҳои асосӣ мубоҳисаҳои телевизионӣ, рӯзномаҳо ва гирдиҳамоиҳои пешазинтихоботӣ буданд. Бо пайдоиши Facebook ва Twitter (махсусан пас аз соли 2014)

сиёсатмадорон канали мустақими алоқа бо интихобкунандагонро пайдо карданд, ки аз ВАО-и суннатӣ канор мегузашт. Сарвазир Нарендра Моди ба яке аз фаъолтарин пешвоёни ҷаҳон дар шабакаҳои иҷтимоӣ табдил ёфт: саҳифаҳои ӯ дар Facebook, Twitter/X ва Instagram даҳҳо миллион муштарӣ доранд. Дар интихоботҳои солҳои 2014, 2019 ва маъракаҳои баъдӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҳизбҳо имкон доданд, ки микро-таргетинг гузаронанд, видеоҳо, мемҳо ва пахши зиндаро паҳн кунанд. WhatsApp ба абзори калидии «қадами охирин» табдил ёфт. Тавассути чатҳои гурӯҳӣ ҳизбҳо волонтёрҳоро ҳамоҳанг мекарданд, маводди ташвиқотиро паҳн менамуданд ва овоздиҳиро ёдрас мешуданд. Интихоботи соли 2019-ро бо сабаби бартарияти ин платформа зуд-зуд «интихоботи WhatsApp» меноманд [5].

WhatsApp бо беш аз 400–500 миллион корбар дар Ҳиндустон дар сафарбаркунии сиёсӣ ва паҳнкунии иттилоот нақши махсус бозид. Гурӯҳҳои пӯшида (то 256 иштирокчӣ) ба ҳизбҳо имкон медоданд, ки шабакаҳои мақсаднокро аз рӯи кастаҳо, динҳо ё минтақаҳо таъсис диҳанд. Ин таъсири «ҳуҷраҳои акси садо»-ро пурзӯр кард, ки дар он корбарон асосан иттилоотеро мегирифтанд, ки дидгоҳҳои онҳоро тасдиқ мекард. Ҳизбҳои сиёсӣ ҳазорон чунин гурӯҳҳоро таъсис доданд. Шабакаҳои иҷтимоӣ иштироки ҷавонон ва шаҳриёни таҳсилкардаро дар сиёсат афзоиш дода, ба мубоҳисаҳо ва эътирозҳо (масалан, ҷунбишҳо бар зидди CAA/NRC ё эътирозҳои фермерон дар солҳои 2020–2021) такон доданд. Аммо, маҳз ҳамин ҳолат боиси афзоиши троллинг, суханронии адоватбор ва маъракаҳои муташаккил барои бадном кардани рақибон гардид [6].

Медиаи нав ба мубоҳисаҳои ҷамъиятӣ ва ташаккули афкори омма таъсири назаррас расонд. Платформаҳо ба шаҳрвандони одӣ имкон доданд, ки ба «журналистони шаҳрвандӣ» табдил ёбанд: видеоҳо аз макони рӯйдодҳо (эътирозҳо, коррупсия, мушкилоти иҷтимоӣ) зуд паҳн мешаванд ва ба рӯзномаи рӯз таъсир мерасонанд. YouTube ва Instagram ба сарчашмаҳои ривоятҳои алтернативӣ, махсусан бо забонҳои минтақавӣ, табдил ёфтанд. Ин монополияи ВАО-и суннатӣ ва каналҳои давлатиро заиф кард. Ҳамзамон, мушкили хабарҳои ҷаълӣ хусусияти шадид гирифт. Ҳангоми интихобот ва низоъҳои иҷтимоӣ шабакаҳои иҷтимоӣ барои паҳнкунии босуръати дезинформатсия истифода мешуд. Ҳукумат ва платформаҳо вокуниш нишон доданд: WhatsApp фиристодани паёмҳоро маҳдуд кард, санҷиши фактҳоро ҷорӣ намуд ва Ҳиндустон танзимро тавассути IT Rules 2021 пурзӯр кард, ки аз миёнаравҳо нест кардани фаврии муҳтавои зарароварро талаб мекунад. Бо вуҷуди ин, чолишҳо боқӣ мемонанд: алгоритмҳо муҳтавои сенсатсионӣ ва қутбияткунандаро пурзӯр мекунанд [9].

Таъсири медиаи нав ба арзишҳои суннатии ҳиндуҳо хусусияти духӯра дорад. Аз як тараф, шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҳифз ва тарғиби мероси фарҳангӣ мусоидат мекунанд. Корбарон видеоҳои фестивалҳо (Дивали, Холи, Навратри), расму оинҳо, рақсҳои мардумӣ ва дорухатҳои таомҳои суннатиро ба иштирок мегузоранд. Instagram ва YouTube барои маъмул гардонидани йога, аюрведа, мусиқии классикӣ ва забонҳои минтақавӣ дар байни ҷавонон ва диаспора кумак карданд. Бисёр анъанаҳо дар шакли рақамӣ ҳаёти нав пайдо карданд: пахши зиндаи ҷашнҳои маъбадҳо, курсҳои онлайни санскрит ё катҳак, турҳои виртуалӣ дар ёдгориҳои таърихӣ. Шабакаҳои иҷтимоӣ ба насли ҷавон имкон медиҳанд, ки анъанаҳоро дар заминаи муосир бознигарӣ кунанд — масалан, омезиши сари (сарулибос) бо трендҳои мӯд ё баррасии нақшҳои гендерӣ дар доираи оилаи ҳинду. Ташаббусҳои ҳукуматӣ ва саҳифаҳои хусусӣ ба рақамикунонии мерос мусоидат мекунанд [12].

Аз тарафи дигар, медиаи нав арзишҳои суннатиро ба чолиш мекашанд. Трендҳои глобалӣ (мӯди ғарбӣ, индивидуализм, фарҳанги истеъмолӣ) тавассути Instagram Reels ва YouTube, махсусан дар байни ҷавонони шаҳрӣ, фаъолона нуфуз мекунанд. Инфлюенсерҳо зуд-зуд ба авторитетҳои нав табдил ёфта, пирони суннатии оила ё пешвоёни диниро ба канор мезананд. Мавзуъҳое баррасӣ мешаванд, ки қаблан мамнуъ буданд: муносибатҳои то издивоҷ, ЛГБТК+, саломатии равонӣ, феминизм. Ин боиси низоъҳои наслҳо ва иттиҳомоти «ғарбишавӣ» ё «таназзули фарҳангӣ» мегардад. Дар ҷомеаҳои консервативӣ шабакаҳои иҷтимоиро дар халалдор кардани арзишҳои оилавӣ, меъёрҳои каставӣ ва ортодоксии динӣ гунаҳкор мекунанд. Ҳамзамон, платформаҳо миллатгароии фарҳангиро пурзӯр мекунанд: ҳэштегҳое мисли #VocalForLocal ё муҳтаво дар бораи «санатана дҳарма» дастгирии анъанаҳоро дар муқобили ҷаҳонишавӣ сафарбар мекунанд [8].

Тағйири роҳҳои муошират махсусан дар Ҳиндустони деҳот назаррас аст. Қаблан муошират дар асоси вохӯриҳои шахсӣ, мактубҳо, радио ва телевизион сурат мегирифт. Ҳоло WhatsApp ва Facebook ба каналҳои асосии алоқа бо хешовандони муҳоҷир, мубодилаи хабарҳо ва ҳатто тиҷорат табдил ёфтаанд. Дар деҳаҳо истифодаи паёмҳои овози бо забонҳои минтақавӣ афзоиш ёфт, ки ин платформаҳоро барои аҳолии камсавод дастрас кард. Ин

вобастагии иҷтимоиро пурзӯр намуд, вале инчунин ба паҳншавии овозаҳо ва воҳима мусоидат кард. Шаклҳои суннатии муошират (сурудҳои мардумӣ, театр, ҷамъомадҳо дар маъбад) қисман ба фазои рақамӣ кӯчиданд, вале қисме аз ҳамкории зиндаро гум карданд [10].

Медиаи нав ҳифзи хотираи таърихиро ба куллӣ дигаргун сохтанд. Шабакаҳои иҷтимоӣ ва бойгониҳои рақамӣ, ҳуҷҷатҳои таърихӣ, аксҳо, сабтҳои аудиоӣ ва видеоиро барои аудиторияи васеъ дастрас карданд. Корбарон фаъолона достонҳои оилавӣ, хотираҳо дар бораи тақсимоти соли 1947, мубориза барои истиқлолият ё анъанаҳои минтақавиро ба иштирок мегузоранд. Каналҳои YouTube ва саҳифаҳои Instagram «хотираи зинда»-ро эҷод мекунанд, ки дар он гузашта бо ҳозира тавассути шарҳҳо ва мубоҳисаҳо печида мешавад. Ин ба ташаккули ҳувияти дастҷамъӣ, махсусан дар байни диаспора мусоидат мекунад. Аммо, хотираи рақамӣ осебпазир аст: алгоритмҳо муайян мекунанд, ки маҳз чӣ «дар хотир мемонад» ва ривоятҳои ҷаълӣ ё бойгонии селективӣ метавонанд таърихро таҳриф кунанд. Шабакаҳои иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои маҳдудкардашуда (далитҳо, қабилаҳо, занон) имкон медиҳанд, ки версияҳои ҳудро аз рӯйдодҳое, ки қаблан аз ҷониби таърихнигории расмӣ сарфи назар мешуданд, сабт кунанд [4].

Духӯрагии таъсири медиаи нав дар соҳаи иҷтимоӣ низ зоҳир мешавад. Аз як тараф, платформаҳо ба ҳаракати иҷтимоӣ, таҳсилот (курсҳои онлайнӣ) ва эмпауэрмент (занон тавассути Instagram тиҷорат мебаранд, ҷавонон ҳуқуқҳоро баррасӣ мекунанд) мусоидат мекунанд. Аз тарафи дигар - мушкили вобастагӣ, изтироб, коҳиши таваҷҷуҳ ва фишори конформизм меафзояд. Дар ҷомеаи суннатии ҳинду, ки дастҷамъӣ ва зинапояи иерархӣ қадр карда мешаванд, таҷрибаҳои индивидуалистии «лайкҳо» ва худмуаррифӣ таниш эҷод мекунанд. Фосилаи гендерӣ боқӣ мемонад: ҳарчанд занон шабакаҳои иҷтимоиро фаъолона истифода мебаранд, онҳо бештар бо таъқиби онлайнӣ (харрасмент) рӯ ба рӯ мешаванд. Ҳукумат бо барномаҳои саводи рақамӣ ва чораҳои танзимкунанда вокуниш нишон медиҳад, вале мувозинат байни озодии баён ва ҳифзи арзишҳои суннатӣ вазифаи душвор боқӣ мемонад [11].

Ҳамин тариқ, медиаи нав ба катализатори тавонои тағйирот дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ва соҳаи фарҳангии Ҳиндустон табдил ёфтанд. Онҳо муоширатро демократӣ карда, сафарбаркунии сиёсиро пурзӯр намуданд ва роҳҳои нави ҳифзи хотираи таърихиро боз карданд, ҳамзамон ба арзишҳои суннатии оила, иерархия ва пайвастагии фарҳангӣ чолиш оварданд. Дар шароити идомаи рақамикунонӣ ин таъсир танҳо пурзӯр хоҳад шуд. Ҳиндустон дар назди зарурати таҳияи равиши мутавозин қарор дорад: истифодаи бартариҳои платформаҳои рақамӣ барои инклюзия ва тарғиби фарҳангӣ ҳангоми кам кардани хатарҳои қутбият, дезинформатсия ва эрозияи анъанаҳо. Рушди минбаъдаи инқилоби рақамӣ муайян хоҳад кард, ки кишвар то чӣ андоза муваффақ мешавад технологияҳои глобалиро бо ҳувияти беназири иҷтимоию фарҳангӣ ҳамоҳанг созад.

Натиҷаҳо. Пас аз таҳқиқ ба чунин натиҷа расидем, ки:

- Ислоҳоти иқтисодии соли 1991 ва сиёсати либерализатсия тавонистанд рукуди чандинсолаи соҳаи телекоммуникатсияро аз байн баранд. Ин боиси коҳиши нархи хидматрасониҳо ва аз имтиёзи элита ба ниёзи оммавӣ табдил ёфтани воситаҳои алоқа гардид.

- Зуҳури операторони азим, махсусан Reliance Jio дар соли 2016, дар бозори интернет инқилоб ба амал овард. Ин боиси 98% арзон шудани арзиши маълумоти мобилӣ ва ба ҷойи аввал дар ҷаҳон баромадани Ҳиндустон аз рӯйи истеъмоли трафики интернетӣ шуд.

- Эҷоди низомҳои беназири миллӣ ба монанди Aadhaar (айниятсозии биометрӣ) ва UPI (пардохтҳои фаврӣ) заминаи иқтисоди рақамиро устувор кард. Ин инфрасохтор имкон дод, ки хидматҳои давлатӣ ва молиявӣ ба таври шаффоф ва мустақим ба дасти шаҳрвандон расанд.

- Тавассути лоиҳаҳои стратегӣ ба монанди БҳаратНетт, деҳоти Ҳиндустон ба қисми фаъол ва зуд рушдёбандаи иқтисоди рақамӣ табдил ёфтанд. Имрӯз беш аз 57%-и корбарони интернети кишвар ба минтақаҳои деҳот рост меоянд, ки ин нишонаи фарогирии иҷтимоии технология мебошад.

- Шабакаҳои иҷтимоӣ (хусусан Х ва Facebook) монополияи ВАО-и суннатиро дар соҳаи сиёсат аз байн бурданд. Сиёсатмадорон имкон пайдо карданд, ки бидуни миёнарав бо интихобкунандагон робитаи мустақим барқарор кунанд, ки ин боиси рақамикунонии маъракаҳои интихоботӣ ва истифодаи «микро-таргетинг» гардид.

- Платформаи WhatsApp ба абзори асосии ҳамоҳангсозии сиёсӣ дар сатҳи маҳаллӣ ва деҳот табдил ёфт. Ин платформа аз як тараф иштироки ҷавононро дар сиёсат афзоиш дод,

вале аз тарафи дигар, ба паҳншавии босуръати дезинформатсия ва афзоиши қутбияти ҷомеа замина гузошт.

- Медиаи нав ба воситаи муҳимми ҳифзи анъанаҳо ва хотираи таърихӣ табдил ёфтанд. Платформаҳое чун Instagram ва YouTube ба насли ҷавон ва диаспора имкон доданд, ки бо ҳувияти фарҳангии худ (йога, мусиқии классикӣ, ҷашнҳои динӣ) дар шакли муосир робита барқарор кунанд ва бойгониҳои рақамиро дастраси омма гардонанд.

- Нуфузи трендҳои глобалӣ тавассути медиаи нав боиси тағйири рафтори иҷтимоӣ ва ба миён омадани низоъҳои наслҳо гардид. Мавзуъҳои қаблан мамнуъ (феминизм, ЛГБТК+, саломатии равонӣ) ба фазои баҳсҳои оммавӣ ворид шуданд, ки ин боиси вокуниши ҷомеаи консервативӣ ва тақвияти миллатгароии фарҳангӣ шуд.

Хулоса. Таҷрибаи Ҳиндустон собит намуд, ки рақамикунонӣ танҳо раванди техникӣ нест, балки воситаи муҳимми баробарсозии имкониятҳои иҷтимоӣ мебошад. Он ба табақаҳои осебпазир ва сокинони деҳот имкон дод, ки баробари шаҳриён ба маориф, тиб ва бозори меҳнат дастрасӣ пайдо кунанд. Рушди босуръати соҳа натиҷаи ҳамоҳангии дурусти стратегияҳои давлатӣ ва ташаббусҳои ҷасуронаи соҳибкории хусусӣ мебошад. Ин модел имкон дод, ки инфрасохтори муосир дар муддати кӯтоҳтарин дар тамоми қаламрави кишвар паҳн карда шавад.

Инқилоби рақамӣ Ҳиндустонро аз як кишвари дорои низоми сусти алоқа ба пешвои глобалии технологияҳои иттилоотӣ ва транзаксияҳои рақамӣ табдил дод. Ин раванд саҳми соҳаи телекоммуникатсияро дар ММД-и кишвар ба таври назаррас афзоиш дода, миллионҳо ҷойи кории нав эҷод кард. Бо вуҷуди дастовардҳои азим, ҳифзи додаҳои шахсӣ, амнияти киберӣ ва бартараф кардани нобаробарии гендерӣ дар истифодаи технологияҳо ҳамчун вазифаҳои афзалиятнок боқӣ мемонанд. Барои нигоҳ доштани суръати рушд, кишварро лозим аст, ки ба технологияҳои насли нав (5G ва 6G) ва тақвияти саводи рақамии шаҳрвандон тамаркузи бештар кунад.

Медиаи нав дастрасӣ ба иттилоотро барои миллионҳо ҳиндуҳо осон ва озод намуд, вале ҳамзамон амнияти иҷтимоиро бо хатарҳои нав, аз қабили «хабарҳои ҷаълӣ» ва суханронии адоватбор рӯ ба рӯ сохт. Ин зарурати такмили қонунгузории ТИ ва саводи рақамиро пеш меорад. Рақамикунонӣ роҳҳои муоширатро дар деҳоти Ҳиндустон куллан тағйир дода, вобастагии иҷтимоиро пурзӯр ва имкониятҳои тиҷоратиро васеъ кард. Бо вуҷуди ин, он боиси коҳиши ҳамкориҳои зиндаи суннатӣ ва паҳншавии овозаҳои беасос дар минтақаҳои камсавод гардид.

Шабакаҳои иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои маҳдудкардашуда имкон доданд, ки таърихи худро сабт кунанд ва дар ташаккули ҳувияти миллӣ саҳм гузоранд. Аммо, осебпазирии алгоритмҳо ва хатари таҳрифи таърих тақозо мекунад, ки манбаъҳои рақамӣ бо эҳтиёт ва таҳлили илмӣ истифода шаванд. Муваффақияти ояндаи Ҳиндустон аз он вобаста аст, ки то чӣ андоза кишвар метавонад технологияҳои глобалиро бо арзишҳои беназири фарҳангии худ ҳамоҳанг созад. Барои ҳифзи суботи ҷомеа, истифодаи платформаҳои рақамӣ бояд на ба таҳриби анъанаҳо, балки ба инклюзия ва рушди маънавии инсон нигаронида шавад.

Тадқиқоти мазкур тибқи нақшаи Барномаи дурнамои фаъолияти илмӣ-тадқиқотии факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ барои солҳои 2024-2028 амалӣ карда шудааст.

Адабиёт

1. *A Decade of 'Digital India Mission': Achievements, Gaps, and the Way Forward [Электронный ресурс]. URL: https://www.orfonline.org/research/a-decade-of-digital-india-mission-achievements-gaps-and-the-way-forward (санаи истифодабарӣ: 11.01.2026).*
2. *Digital 2026: India [Электронный ресурс]. URL: https://datareportal.com/reports/digital-2026-india (санаи истифодабарӣ: 12.01.2026).*
3. *Digital India: Power to Empower [Электронный ресурс]. URL: https://www.digitalindia.gov.in/about-us/ (санаи истифодабарӣ: 16.01.2026).*
4. *Digital preservation of cultural heritage in India: A digital age [Электронный ресурс]. URL: https://www.humanitiesjournal.net/archives/2025/vol7issue1/PartC/7-1-38-821.pdf (санаи истифодабарӣ: 17.01.2026).*
5. *How much influence does social media have on India's ongoing elections? [Электронный ресурс]. URL: https://news.umich.edu/how-much-influence-does-social-media-have-on-indias-ongoing-elections/ (санаи истифодабарӣ: 10.01.2026).*

6. *In India, Facebook's WhatsApp Plays Central Role in Elections [Электронный ресурс]. URL: https://www.nytimes.com/2018/05/14/technology/whatsapp-india-elections.html (санаи истифодабарӣ: 18.01.2026).*
7. *India's Digital Public Infrastructure: a Success Story for the World? [Электронный ресурс]. URL: https://www.institutmontaigne.org/en/expressions/indias-digital-public-infrastructure-success-story-world (санаи истифодабарӣ: 12.03.2026).*
8. *Media Influence on Societal Norms and Values in Indian Culture [Электронный ресурс]. URL: https://www.ijrar.org/papers/IJRAR19D4909.pdf (санаи истифодабарӣ: 10.01.2026).*
9. *News and Information over Facebook and WhatsApp during the Indian Election Campaign [Электронный ресурс]. URL: https://demtech.oii.ox.ac.uk/research/posts/news-and-information-over-facebook-and-whatsapp-during-the-indian-election-campaign/ (санаи истифодабарӣ: 10.01.2026).*
10. *Rural vs Urban Social Media Usage in India [Электронный ресурс]. URL: https://journalism.university/social-media-and-society/rural-urban-social-media-india/#google_vignette (санаи истифодабарӣ: 3.04.2026).*
11. *Social Media and its Impact on Indian Society [Электронный ресурс]. URL: https://journals.sagepub.com/doi/10.18329/09757597/2022/15103 (санаи истифодабарӣ: 13.03.2026).*
12. *Social media influence on Indian cultural values [Электронный ресурс]. URL: https://reflections.live/articles/23627/social-media-influence-on-indian-cultural-values-by-pratik-khodke-24000-mduh93lu.html (санаи истифодабарӣ: 13.03.2026).*
13. *Telecommunications in India [Электронный ресурс]. URL: https://en.wikipedia.org/wiki/Telecommunications_in_India (санаи истифодабарӣ: 3.04.2026).*

ҶАНБАИ ИҶТИМОИВУ ТАЪРИХИИ ИНҚИЛОБИ РАҚАМӢ ДАР ҲИНДУСТОН

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои иҷтимоиву таърихии инқилоби рақамӣ дар Ҳиндустон, аз давраи мустамликадорӣ то марҳилаи муосири «Ҳиндустони рақамӣ» бахшида шудааст. Муаллиф таҳаввули соҳаи телекоммуникатсияро мавриди баррасӣ қарор дода, гузариш аз монополияи давлатӣ ба бозори либералиро ҳамчун нуқтаи гардиши стратегӣ арзёбӣ мекунад. Дар таҳқиқот нақши калидии операторони хусусӣ ва коҳиши якбораи нархи интернет дар дастрас намудани технологияҳо барои табақаҳои васеи аҳолӣ нишон дода шудааст. Таваҷҷуҳи махсус ба эҷоди инфрасохтори рақамии ҷамъиятӣ, аз ҷумла низомҳои Aadhaar ва UPI, ҳамчун воситаҳои таъмини адолати иҷтимоӣ ва фарогирии молиявӣ равона мегардад. Муаллиф духӯрагии таъсири медиаи навро ба арзишҳои суннатӣ, аз ҷумла низоъҳои наслҳо ва тағйири роҳҳои муошират, баррасӣ менамояд. Дар мақола нақши платформаҳои рақамӣ дар ҳифзи мероси фарҳангӣ ва эҷоди хотираи таърихии ҷамоаҳои маҳдудкардашуда таъкид мешавад. Чолишҳои муосир, аз қабили паҳншавии хабарҳои ҷаълӣ (фейк), амнияти киберӣ ва нобаробарии гендерӣ дар фазои рақамӣ мавриди таҳлил қарор мегиранд. Хулоса мешавад, ки инқилоби рақамӣ дар Ҳиндустон на танҳо ҷаҳиши техникӣ, балки воситаи муҳимми тавонмандсозии иҷтимоии миллионҳо нафар гардидааст.

Калидвожаҳо: инқилоби рақамӣ, Ҳиндустон, телекоммуникатсия, инфрасохтори рақамии ҷамъиятӣ, UPI, Aadhaar, шабакаҳои иҷтимоӣ, фосилаи рақамӣ, деҳот, медиаи нав.

СОЦИАЛЬНО-ИСТОРИЧЕСКИЙ АСПЕКТ ЦИФРОВОЙ РЕВОЛЮЦИИ В ИНДИИ

Данная статья посвящена всестороннему исследованию социально-исторических аспектов цифровой революции в Индии, охватывающему период от колониальной эпохи до современного этапа программы «Digital India». Автор рассматривает эволюцию сектора телекоммуникаций, характеризуя переход от государственной монополии к либерализованному рынку как стратегический поворотный момент. В исследовании подчеркивается ключевая роль частных операторов и резкого снижения стоимости интернет-услуг в обеспечении доступности технологий для широких слоев населения. Особое внимание уделяется формированию цифровой общественной инфраструктуры, в частности систем Aadhaar и UPI, как инструментов обеспечения социальной справедливости и финансовой инклюзии. Автор исследует амбивалентность воздействия новых медиа на традиционные ценности, включая межпоколенческие конфликты и изменения в моделях коммуникации. Подчеркивается роль цифровых платформ в сохранении культурного наследия и формировании исторической памяти маргинализированных сообществ. Также анализируются современные вызовы, такие как распространение фейковых новостей, вопросы кибербезопасности и гендерное неравенство в цифровом пространстве. В заключении делается вывод о том, что цифровая революция в Индии стала не только техническим рывком, но и жизненно важным инструментом расширения социальных возможностей миллионов граждан.

Ключевые слова: цифровая революция, Индия, телекоммуникации, цифровая общественная инфраструктура, UPI, Aadhaar, социальные сети, цифровой разрыв, сельская местность, новые медиа.

SOCIO-HISTORICAL ASPECTS OF THE DIGITAL REVOLUTION IN INDIA

This article provides a comprehensive study of the socio-historical dimensions of the digital revolution in India, spanning from the colonial era to the contemporary implementation of the "Digital India" program. The author examines the evolution of the telecommunications sector, characterizing the transition from a state monopoly to a liberalized market as a strategic turning point. The research highlights the pivotal role of private operators and the drastic reduction in internet service costs in ensuring technological accessibility for broad segments of the population. Particular attention is devoted to the formation of Digital Public Infrastructure (DPI), specifically the Aadhaar and UPI systems, viewed as instruments for promoting social justice and financial inclusion. The author explores the ambivalence of new media's influence on traditional values, including intergenerational conflicts and shifts in communication paradigms. The role of digital platforms in preserving cultural heritage and constructing the historical memory of marginalized communities is emphasized. Additionally, the study addresses contemporary challenges, such as the proliferation of fake news, cybersecurity concerns, and gender inequality within the digital space. It is concluded that the digital revolution in India represents not merely a technological leap, but a vital mechanism for the social empowerment of millions of citizens. India's experience is evaluated as a successful model of synergy between state strategies and private initiatives, highly relevant for developing nations.

Keywords: digital revolution, India, telecommunications, digital public infrastructure, UPI, Aadhaar, social media, digital divide, rural areas, new media.

Дар бораи муаллиф
Музаффарова Бону Холмуродовна
Докторант (PhD)
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, к. С.Сафаров, 16
E-mail: bonumuzafarzoda@gmail.com

Об авторе
Музаффарова Бону Холмуродовна
Докторант (PhD)
Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки
734025, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С. Сафаров, 16
E-mail: bonumuzafarzoda@gmail.com

About the author
Muzaffarova Bonu Kholmurodovna
PhD candidate
Kulob State University named after A. Rudaki
734025, Republic of Tajikistan, Kulyab, st. S. Safarov, 16
E-mail: bonumuzafarzoda@gmail.com

ТДУ 930.2:316 (575.3)

ТАЪРИХНИГОРИИ НАХУСТИН НАШРИЯҲОИ ҲАРАКАТИ ҶАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 1930–1955: ТАҲЛИЛИ СОХТОРИЮ МУНДАРИҶАВӢ ВА ТАҲАВВУЛИ ДОИРАИ МАВЗУӢ

Азаматзода Ғ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқаддима. Ҳаракати ҷавонон дар Тоҷикистон дар давраи ташаккул ва таҳкими сохтори шӯравӣ на танҳо ҳамчун зуҳуроти муҳими сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ташкилӣ, балки ҳамчун мавзуи тадриҷан ташаккулёбандаи адабиёти сиёсию таърихӣ низ аҳаммият пайдо кард. Нашрияҳои солҳои 1930-1955 дар ин раванд нақши назаррас дошта, аз як ҷониб, фаъолияти амалии ташкилотҳои комсомолиро инъикос менамуданд ва аз ҷониби дигар, барои ташаккули тасаввуроти расмӣ оид ба таърих, вазифа ва нақши ҳаракати ҷавонон замина фароҳам меоварданд. Омӯзиши ҳамаҷонибаи ин нашрияҳо имкон медиҳад, ки на танҳо хусусиятҳои ташаккули адабиёти марбут ба ҳаракати ҷавонон, балки тағйироти мундариҷавӣ, самтҳои асосии мавзуӣ ва нақши муаллифони марказию маҳаллӣ дар ташаккули донишҳои таърихӣ муайян карда шаванд.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқшаванда дар он ифода меёбад, ки нашрияҳои солҳои 1930-1955 яке аз марҳилаҳои ибтидоии ташаккули адабиёти таърихию сиёсӣ оид ба ҳаракати ҷавонон дар Тоҷикистонро инъикос мекунанд. Дар ин давра матнҳои сиёсӣ, маърӯзаҳо, қарорҳои ташкилӣ, дастурҳои тарғиботӣ ва маводи соҳавию таърихӣ ба забони тоҷикӣ интишор гардида, тадриҷан заминаи ташаккули хотираи таърихии комсомоли ҷумҳуриро ба вуҷуд оварданд. Бо вуҷуди ин, хусусиятҳои навъӣ, мундариҷавӣ, муаллифӣ ва таҳаввули мавзӯии ин маҷмуаи нашрияҳо то ҳол ба таври муназзам мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд. Аз ин рӯ, омӯзиши ҳамаҷонибаи онҳо барои муайян намудани хусусиятҳои ташаккули таърихнигории ҳаракати ҷавонон ва ошкор сохтани робитаи байни сиёсати нашриявӣ, фаъолияти комсомолӣ ва инъикоси таърихии он аҳаммияти илмӣ дорад.

Дараҷаи омӯзиши масъала нишон медиҳад, ки дар таҳқиқоти марбут ба таърихи ҳаракати ҷавонони Тоҷикистон нашрияҳои солҳои 1930-1955 асосан ҳамчун сарчашмаҳои ёрирасон, далелҳои ҷудогона ё маводи библиографӣ истифода шудаанд. Муаллифони таҳқиқоти солҳои 1957-1988, аз ҷумла К. Я. Лагунов, А. Турсунов ва Ф. Зикриёев, ба ин нашрияҳо таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд, аммо хусусиятҳои дохилии онҳо, таснифи навъӣ, доираи мавзуӣ ва саҳми муаллифони алоҳида дар ташаккули адабиёти мазкур ба таври мустақил ва мукаммал таҳлил нашудааст. Ҳамин ҳолат зарурати омӯзиши маҷмӯии нашрияҳои давраи баррасишавандаро ба миён меорад.

Мақсади асосии омӯзиш муайян намудани вижагиҳои ташаккул, мундариҷа, навъҳо ва ҳайати муаллифии нахустин нашрияҳо оид ба ҳаракати ҷавонон дар Тоҷикистон дар солҳои 1930-1955, инчунин таҳлили доираи мавзуӣ ва равандҳои асосии таҳаввули онҳо мебошад.

Объекти таҳқиқро маҷмуаи нашрияҳои чопии солҳои 1930-1955, ки ба таърих, фаъолияти ташкилӣ, сиёсӣ, тарбиявӣ ва истеҳсолии ҳаракати ҷавонон дар Тоҷикистон бахшида шудаанд, ташкил медиҳад.

Предмети таҳқиқ хусусиятҳои мундариҷавӣ, навъӣ, муаллифӣ ва мавзуии ин нашрияҳо, инчунин тағйироти сохторӣ ва маъноии онҳо дар робита бо шароити сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давраи баррасишаванда мебошад.

Асоси сарчашмавии таҳқиқро нашрияҳои алоҳидаи солҳои 1930-1955, аз ҷумла нутқҳо ва маърузаҳои роҳбарони ҳизбу комсомол, қарорҳо ва дастурҳои ташкилӣ, рисолаҳои тарғиботию соҳавӣ, мақолаҳои матбуоти даврӣ, маводи ҷашнӣ ва рӯйхатҳои тавсиявии адабиёт ташкил медиҳанд. Дар баробари ин, маълумоти библиографӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти муаллифони даврaҳои баъдӣ барои муайян намудани дараҷаи омӯзиши масъала ва муқоисаи маълумоти таърихӣ истифода шудаанд. Ҳангоми баррасии маводи мазкур ба шароити нашр, муаллифият, хусусияти тарҷума, мақсади таҳияи матн ва имкониятҳои маъхазии ҳар як асар таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад.

Натиҷаҳои таҳлили ибтидоӣ нишон медиҳанд, ки адабиёти фосилаи солҳои 1930-1955 аз ҷиҳати пайдоиш, вазифа ва доираи мавзуъ яксон нест. Қисми асосии матнҳои бевосита омӯхташуда аз нутқҳо ва маърӯзаҳои роҳбарони марказии ҳизб ва комсомол, қарорҳои ташкилӣ, дастурҳои тарғиботӣ ва рисолаҳои маъракавӣ иборат мебошад. Дар ин давра

матнҳое, ки аз ҷониби муҳаққиоқони маҳаллӣ интишоргардида хеле каманд ва мавқеи онҳо асосан дар мақолаҳои давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва нашрияҳои ҷашнии соли 1955 намоён мегардад. Ин таносуб нишон медиҳад, ки дар давраи баррасишаванда ташаккули адабиёт оид ба ҳаракати ҷавонон дар Тоҷикистон бештар тавассути қабул ва мутобиқсозии матнҳои умумииттифоқӣ сурат гирифта, таҷрибаи маҳаллӣ танҳо тадриҷан ба мавзуи мустақили баёни таърихӣ табдил ёфтааст.

Маълумоти нашр ҳамчунин суръати интиқоли матнҳои марказиро ба забони тоҷикӣ нишон медиҳад. Нутқи А. А. Андреев 15 апрели соли 1936 ироа шудааст. Дар нутқи А. А. Андреев масъалаи тағйир додани сохтор ва принсипҳои фаъолияти комсомол дар робита бо дастурҳои роҳбарияти ҳизб баррасӣ мешавад [12]. Муаллиф ислоҳоти ташкилотро ҳамчун натиҷаи сиёсати роҳбарияти марказӣ шарҳ дода, ба нақши И. В. Сталин таъкид мекунад. А. В. Косарев низ зарурати азнавсозии фаъолияти дастгоҳи комсомолиро бо истинод ба таҷрибаи роҳбарияти марказӣ асоснок менамояд [13]. Дар баробари ин, ӯ нусхабардории сохтори кумитаҳои ҳизбиро танқид карда, зарурати ба назар гирифтани хусусиятҳои кори ҷавононро таъкид мекунад. Ин матнҳо нишон медиҳанд, ки ҳатто масъалаҳои дохилии ташкили комсомол дар доираи меъёрҳои умумии сиёсӣ шарҳ дода мешуданд.

Нутқи М. И. Калинин «Роҳи пуршаъни комсомол», ки ба бистсолагии Иттифоқи ленинии коммунистии ҷавонони умумииттифоқӣ бахшида шудааст, аз ҷумлаи матнҳое мебошад, ки хусусияти меъёриро бо бознигарии таърихӣ пайваст мекунад.[8] Дар он гузаштаи ҳаракати ҷавонон аз мавқеи сиёсати расмии давр шарҳ дода шуда, нақши роҳбарони ҳизбӣ дар ташаккули ташкилот таъкид мегардад. Аз ин ҷиҳат, матн на танҳо барои муайян кардани вазифаҳои ҷорӣ, балки барои ташаккули тарзи муайяни фаҳмиши таърихи комсомол низ аҳамият дошт. Он намунаи пайванди байни нутқи сиёсӣ ва нақли ҷашнии таърихӣ мебошад, ки баъдтар дар нашрияҳои ҷумҳуриявӣ низ идома ёфт.

Дар ин замина мақоми нутқи В. И. Ленин «Вазифаҳои иттифоққҳои ҷавонон», ки соли 1920 ироа шудааст, махсусан муҳим мебошад [3]. Нусхаи тоҷикии дастрас ба солҳои баъдӣ тааллуқ дорад ва бинобар ин ба маҷмуаи хронологии солҳои 1930-1955 ҳамчун нашрияи мустақил дохил карда намешавад. Бо вуҷуди ин, ишораҳо ба он дар адабиёти давра нишон медиҳанд, ки нутқи мазкур ҳамчун матни бунёдӣ барои шарҳи вазифаҳои сиёсӣ ва тарбиявии ҷавонон истифода мешуд. Дар он вазифаҳои умумии таърихӣ бо масъалаҳои тарбия, омӯзиш, меҳнат ва ташкили фаъолияти насли ҷавон пайваст карда мешаванд. Ин тарзи баён ба қолаби мантиқии бисёре аз матнҳои минбаъдаи комсомолӣ таъсир расонида, робитаи байни идеология, тарбия ва вазифаҳои ташкилотиро устувор мекард.

Гурӯҳи дуюми адабиёти баррасишавандаро ҳуҷҷатҳои ташкилӣ ва дастурӣ ташкил медиҳанд. Ин ҳуҷҷатҳоро бештар аз номи ниҳодҳои расмӣ нашр шуда, вазифаи онҳо на тавсифи воқеият, балки муайян кардани тартиби фаъолият, тақсими масъулият ва танзими кори ташкилотҳои комсомолӣ буд. Қарори Кумитаи Марказии Иттифоқи ленинии коммунистии ҷавонони умумииттифоқӣ дар бораи ташкили тарғибот дар комсомол, ки соли 1939 нашр шудааст, намунаи чунин мавод мебошад. Он тартиби ташкили маҳфилҳои сиёсӣ ва низоми омӯзиши маводи идеологиро муайян намуда, ҳамзамон нишон медиҳад, ки фаъолияти тарғиботӣ дар ҷумҳуриҳои миллӣ низ ба талаботи ягонаи марказӣ мутобиқ карда мешуд.

Қарори ҷаласаи пурраи XV Кумитаи Марказии комсомоли умумииттифоқӣ дар соли 1946 бошад, иштироки ташкилотҳои комсомолиро дар иҷрои нақшаҳои истеҳсолӣ ва хоҷагӣ ба яке аз меъёрҳои асосии баҳодиҳии фаъолияти онҳо табдил медиҳад. Ҳамин тавр, вазифаҳои сафарбаркунандаи матнҳои маъракавӣ дар ҳуҷҷатҳои ташкилӣ шакли меъёрӣ мегирифтанд. Дар ин навъи адабиёт муаллифияти фардӣ аксаран аҳамияти дуюмдараҷа дошт, зеро матн аз номи ниҳод сухан мегуфт. Бенамӣ дар чунин ҳолат на нишонаи набудани муаллиф дар маънои техникӣ, балки хусусияти фаъолияти дастаҷамъии мақомоти таҳиякунанда ва манбаи расмии эътибори ҳуҷҷат ба шумор мерафт.

Намунаи нисбатан мукаммали ин гурӯҳ «Маълумотномаи пропагандисти комсомол» мебошад, ки соли 1953 нашр шудааст [8]. Ин асар шарҳи мухтасари таърихи комсомолро бо дастурҳои амалии ташкили машғулиятҳои сиёсӣ муттаҳид мекунад. Дар он суҳбат ҳамчун яке аз шаклҳои асосии гузаронидани машғулиятҳои маҳфилҳои ибтидоии сиёсӣ тавсия шудааст. Аз ин рӯ, таърихи комсомол дар ин нашрия на ҳамчун соҳаи мустақили таҳқиқи илмӣ, балки ҳамчун маводи таълимӣ ва тарбиявӣ истифода мешавад. Ин хусусият нишон медиҳад, ки дар солҳои аввали баъдиҷангӣ дониш дар бораи гузашта ҳамоно ба талаботи тарбияи сиёсӣ ва ташкили фаъолияти ҳаррӯзаи ҷавонон мутобиқ карда мешуд [6].

Гурӯҳи сеюмро матнҳои маъракавӣ ва соҳавӣ ташкил медиҳанд, ки ба масъалаҳои муайяни хоҷагӣ, меҳнат, кишоварзӣ, фаъолияти мактабӣ ва сафарбарии ҷавонон бахшида шудаанд. Дар муқоиса бо нутқҳои умумии сиёсӣ, ин нашрияҳо бештар ба рақамҳо, мисолҳои мушаххас, натиҷаҳои истеҳсолӣ ва таҷрибаи гурӯҳҳои алоҳидаи ҷавонон такя мекунанд. Бо вуҷуди ин, интихоби далелҳо дар онҳо низ ба вазифаи сиёсӣ ва мақсади сафарбарӣ вобаста буд. Муваффақиятҳои истеҳсолӣ ҳамчун намунаи ибрат пешниҳод мешуданд, дар ҳоле ки мушкилот ва нокомиҳо одатан дар доираи вазифаҳои ислоҳӣ ё танқиди фаъолияти ташкилот шарҳ дода мешуданд.

Рисолачаи П. С. Шадрин «Комсомол ва мубориза барои ҳосили пахта», ки соли 1933 нашр шудааст, аз ҷумлаи чунин мавод мебошад [15]. Муаллиф масъалаи баланд бардоштани истеҳсоли пахтаро ҳамчун вазифаи муҳими ҷавонон муаррифӣ намуда, фаъолияти комсомолонро бо мубориза барои иҷрои нақшаҳои кишоварзӣ мепайвандад. Дар ин матн пахтакорӣ на танҳо соҳаи истеҳсолот, балки майдони иштироки сиёсӣ ва ташкилӣ низ ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, мисолҳои овардашуда аз минтақаҳои гуногуни Осиёи Миёна гирифта шудаанд. Аз ин рӯ, Тоҷикистон дар чунин матнҳо бештар ҳамчун ҷузъи низоми ягонаи пахтакории минтақавӣ инъикос ёфта, хусусиятҳои иҷтимоӣ ва таърихии маҳаллии он дар маркази таваҷҷуҳ қарор намегиранд.

Мавқеи Тоҷикистон дар ин навъи адабиёт то оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ нисбатан маҳдуд буд. Маърӯзаҳои роҳбарони марказӣ дар бораи кори комсомол дар деҳот ва фаъолияти ҷавонони мактабӣ асосан аз рақамҳои умумии умумииттифоқӣ ва мисолҳои минтақаҳои дигар истифода мебурданд. Дар онҳо масъалаҳои иштироки духтарон дар истеҳсолот, тайёр кардани кадрҳо ва ҷалби ҷавонон ба кори хоҷагӣ баррасӣ мешуданд, аммо вазъи мушаххаси ҷумҳурӣ аксаран бо далелҳои мустақил нишон дода намешуд. Ин ҳолат боз як бор бартарии матнҳои марказӣ ва маҳдудияти инъикоси таҷрибаи маҳаллиро дар маҷмуаи мавриди омӯзиш тасдиқ мекунад [14].

Тағйироти муҳим дар соли 1942 ба назар мерасад, вақте ки мақолаи А. Назаров «Комсомольцы Таджикистана в борьбе за военный урожай» ба табъ расид [9]. Ин матн аз ҷумлаи аввалин маводи бевосита омӯхташуда мебошад, ки аз ҷониби корманди маҳаллии дастгоҳи комсомолӣ таҳия шуда, фаъолияти ҷавонони ҷумҳуриро дар шароити ҷанг инъикос мекунад. Мундариҷаи мақола асосан аз рақамҳои марбут ба таъмири техникаи кишоварзӣ, ҷамъоварии қисмҳои эҳтиётӣ, истифодаи нуриҳои маҳаллӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокӣ иборат аст. Ҳамин тарзи баён фаъолияти комсомолонро ҳамчун қисми сафарбарии умумимиллӣ ва таъмини эҳтиёҷоти ҷабҳа муаррифӣ менамояд.

Дар мақолаи А. Назаров бори аввал дар маҷмуаи бевосита омӯхташуда номҳои ҷавонони мушаххаси ҷумҳурӣ, ҳамчун намунаҳои фаъолияти меҳнатӣ оварда мешаванд. Бо вуҷуди ин, нақши онҳо асосан дар доираи натиҷаҳои маъракаи истеҳсолӣ шарҳ дода мешавад. Ҷавонон дар ин матн бештар ҳамчун иштирокчиёни сафарбарии сиёсӣ ва меҳнатӣ муаррифӣ мешаванд, на ҳамчун субъектҳои мустақили таҷрибаи иҷтимоӣ. Мақола бо таъкиди садоқат ба ҳизб ва роҳбарияти он анҷом меёбад, ки робитаи байни натиҷаҳои истеҳсолӣ ва ҳадафҳои идеологиро боз ҳам равшантар месозад.

Аҳамияти мақолаи А. Назаров танҳо бо мундариҷаи он маҳдуд намешавад. Ин мавод барои муайян кардани марҳилаи гузариш аз матнҳои комилан марказӣ ба инъикоси нисбатан мустақими таҷрибаи ҷумҳурӣ низ муҳим аст. Дар ин ҷо Тоҷикистон дигар танҳо ҳамчун минтақаи иҷрои нақшаҳои умумӣ зоҳир намешавад, балки дорои рақамҳо, номҳо ва таҷрибаи мушаххаси худ мебошад. Бо вуҷуди ин, хусусияти ҳисоботӣ ва сафарбаркунандаи мақола имкон намедиҳад, ки онро ҳамчун таҳқиқоти мустақили таърихӣ арзёбӣ кунем. Он бештар намунаи васеъ шудани заминаи маҳаллии маводи комсомолӣ дар шароити ҷанг мебошад.

Масъалаи худтанқид дар матнҳои меъёрӣ ва соҳавӣ мавқеи махсус дошт. Дар нутқи А. Андреев номувофиқии байни шумораи аъзои комсомол ва теъдоди ҷавонони синни мувофиқ нишон дода мешавад. Дар маърӯзаҳои соҳавӣ низ иҷро нашудани нақшаҳо ва камбудиҳои ташкилии ҷавонон мавриди интиқод қарор мегиранд. Аммо ин гуна танқид одатан дар миқёси умумииттифоқӣ сурат гирифта, ба воқеияти мушаххаси Тоҷикистон камтар пайванд дода мешавад. Аз ин рӯ, хонандаи тоҷик бештар бо намунаи умумии мушкилот ва роҳҳои ислоҳи онҳо шинос мешуд, на бо таҳлили муфассали вазъи маҳаллии ташкилотҳои комсомолӣ.

Ин хусусиятро бояд бо назардошти вазифаи матнҳо шарҳ дод. Нутқҳо ва маърӯзаҳои меъёрӣ барои муайян кардани камбудиҳо ва сафарбар кардани ташкилотҳо ба ислоҳи онҳо пешбинӣ шуда буданд. Аз ин рӯ, худтанқид дар онҳо воситаи идоракунӣ ва таъсиррасонӣ ба

фаъолияти ҷорӣ ба ҳисоб мерафт. Аммо дар матнҳои таърихӣ ва ҷашнӣ, ки баъдтар пайдо шуданд, вазифаи асосӣ на ислоҳи камбудиҳо, балки сохтани тасвири пайвастаи дастовардҳо ва қонунӣ гардонидани нақши ташкилот буд. Ин тафовути вазифавӣ барои фаҳмидани он муҳим аст, ки чаро баъзе масъалаҳое, ки дар матбуоти ҷорӣ ошкоро баррасӣ мешуданд, дар нақлҳои расмии таърихӣ инъикос намеёфтанд.

Дар солҳои ҷанг ва баъдиҷангӣ доираи вазифаҳои адабиёти комсомолӣ васеъ гардид. Дар баробари матнҳои соҳавӣ ва дастурӣ нашрияҳое пайдо шуданд, ки таърихи ташкилотро ҳамчун сарчашмаи тарбияи сиёсӣ ва воситаи сафарбарии ҷавонон истифода мебурданд. Рисолачаи «Анъанаҳои ҷангии комсомол», ки тақрибан соли 1942 ба забони тоҷикӣ нашр шудааст, намунаи равшани ин раванд мебошад. Дар он воқеаҳои таърихи комсомол аз давраи ҷанги шаҳрвандӣ то Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳамчун силсилаи пайвастаи корнамоиҳои ташкилот муаррифӣ мешаванд. Сохтори китоб, ки аз оғози анъанаҳои ҷангӣ то фаъолияти ҷавонон дар ақибгоҳи душманро фаро мегирад, ба хонанда тасаввуроте пешниҳод менамояд, ки гӯё таҷрибаи гузашта бевосита вазифаҳои ҷории ҷавононро асоснок мекунад.

Дар ин навъи матн таърих пеш аз ҳама вазифаи тарбиявӣ ва сафарбаркунанда дошт. Рӯйдодҳои гузашта на барои таҳлили сабабҳо, муқоисаи мавқеъҳои гуногун ё муайян кардани зиддиятҳои иҷтимоӣ, балки барои ташаккули намунаҳои рафтори сиёсӣ интихоб мешуданд. Қаҳрамонони гузашта ҳамчун намунаи садоқат, ҷасорат ва иҷрои вазифаҳои ташкилӣ муаррифӣ мегардиданд. Дар натиҷа, таърихи комсомол ба захираи рамзҳо ва далелҳое табдил меёфт, ки барои ташвиқи иштироки ҷавонон дар маъракаҳои ҷангӣ ва истеҳсолӣ истифода мешуд.

Ин тарзи истифодаи гузашта дар адабиёти оммавӣ ва педагогӣ низ идома ёфт. Китоби В. Губарев «Дар бораи комсомол: суҳбатҳо дар атрофи гулхан», ки ба забони тоҷикӣ тарҷума шудааст, дар шакли ҳафт суҳбати атрофи гулхани пионерӣ сохта шудааст [1]. Муаллиф ғояҳои сиёсӣ ва таърихиро тавассути муколама, шарҳи содаи мафҳумҳо ва мисолҳои қаҳрамонӣ ба хонандагони наврас пешниҳод мекунад. Ин шакли баён имкон медод, ки маводи идеологӣ аз доираи маърӯзаҳои расмӣ берун рафта, ба муҳити тарбияи мактабӣ ва фаъолияти пионерӣ ворид гардад. Ҳамин тавр, адабиёти комсомолӣ на танҳо барои роҳбарон ва фаъолон, балки барои насли наврас низ маҳсулоти махсуси маърифатӣ таҳия мекард.

Гурӯҳи панҷуми нашрияҳо матнҳои таърихӣ ва ҷашниро дар бар мегирад. Ин навъи адабиёт махсусан дар солҳои 1948-1955 аҳамияти бештар пайдо кард. Дар доираи он ду самти асосӣ фарқ карда мешавад. Самти аввал ба бознигарии таърихи умумииттифоқии комсомол бахшида шуда, бештар хусусияти тарҷумавӣ дошт. Самти дуюм ба таҳияи нахустин нақлҳо дар бораи гузаштаи худи комсомоли Тоҷикистон равона гардида буд. Ин ду самт аз ҷиҳати вазифа ва заминаи маъхазӣ фарқ мекарданд, аммо ҳар ду таърихро ҳамчун василаи шарҳи қонуният ва пайдарҳамии фаъолияти ташкилот истифода мебурданд.

Рисолачаи соли 1949 дар бораи нақши комсомол ҳамчун ёрдамчии ҳизб дар бунёди сотсиализм намунаи самти аввал мебошад [4]. Дар он таърихи ҳаракати ҷавонон ба марҳилаҳои асосии ҳаёти сиёсию иқтисодии давлати шӯравӣ тақсим шуда, ҳар марҳила бо қарорҳо ва дастурҳои роҳбарияти ҳизб алоқаманд карда мешавад. Чунин сохтор таърихро ҳамчун раванди пайдарпайи иҷрои вазифаҳои сиёсӣ шарҳ медиҳад. Ҳарчанд асар бевосита ба Тоҷикистон бахшида нашудааст, он барои матнҳои ҷумҳуриявии баъдӣ қолаби муайяни баёнро пешниҳод мекард. Дар ин қолаб таърихи ташкилот аз рӯи анҷуманҳо, маъракаҳо ва марҳилаҳои расман эътирофшудаи сиёсӣ тартиб дода мешуд.

Масъалаи нақши муаллифон дар ташаккули адабиёти мазкур низ аҳамияти ҷиддӣ дорад. Аз рӯи мақоми иҷтимоӣ ва фаъолияти касбӣ панҷ гурӯҳи муаллифонро фарқ кардан мумкин аст. Гурӯҳи аввал роҳбарони марказии ҳизб, давлат ва комсомолро дар бар мегирад, ки нутқҳо ва маърӯзаҳои онҳо ба забони тоҷикӣ тарҷума мешуданд. Гурӯҳи дуюм аз муаллифони дастаҷамъӣ ва ниҳодҳои расмӣ иборат аст, ки қарорҳо ва дастурҳои ташкилӣ таҳия мекарданд. Гурӯҳи сеюм тарҷумонҳо ва муҳаррирони матнҳои тарҷумашударо фаро мегирад. Гурӯҳи чорум кормандони маҳаллии дастгоҳи комсомолӣ ва ҳизбӣ мебошанд, ки мақолаҳои соҳавӣ ва ҷашнӣ менавиштанд. Гурӯҳи панҷумро иштирокчиёни бевоситаи ҳаракат, ки баъдтар хотираҳо ва нақлҳои худро пешниҳод кардаанд, ташкил медиҳанд.

Нақши гурӯҳи аввал дар ташаккули маҷмуа махсусан муҳим буд, зеро эътибори матнҳои онҳо аз мақоми расмии муаллифон бармеомад. Гурӯҳи дуюм бошад, донишро дар шакли меъёрҳои ташкилӣ ва тартиби фаъолияти комсомолӣ ба низом медароварда. Аммо дар маҷмуае, ки қисми зиёди он тарҷумавӣ буд, нақши тарҷумонҳо ва муҳаррирон низ аҳамияти махсус дошт. Маълумоти нашри баъзе рисолаҳои соли 1936 номи шахсонеро нигоҳ

доштааст, ки дар таҳрир ва омодасозии тарҷумаҳо иштирок кардаанд. Масалан, дар нашри нутқи А. Андреев номи Баҳромӣ ҳамчун муҳаррири тарҷума ва дар нашри маърӯзаи В. Чемоданов [10] номи Абдуллоев зикр шудааст. «Анъанаҳои ҷангии комсомол» бошад, аз ҷониби И. Абрамов тарҷума ва аз ҷониби А. Деҳотӣ таҳрир шудааст.

Иштироки намояндагони муҳити адабии маҳаллӣ дар таҳияи чунин нашрияҳо нишон медиҳад, ки тарҷума танҳо амали техникии иваз кардани забон набуд. Тарҷумон ва муҳаррир бояд истилоҳоти сиёсӣ, мафҳумҳои ташкилӣ ва тарзи баёни ғояҳоро ба муҳити забонии тоҷикӣ мутобиқ мекарданд. Аз ин ҷиҳат, фаъолияти онҳо дар ташаккули забони сиёсию ҷамъиятии тоҷикӣ саҳм дошт. Бо вуҷуди ин, набудани маълумоти мукаммал дар бораи тарҷумонҳои бисёр нашрияҳои баъдиҷангӣ имкон намедиҳад, ки саҳми инфиродии онҳо пурра муайян карда шавад.

Кормандони маҳаллии дастгоҳи комсомолӣ дар марҳилаи баъдӣ нақши бештар пайдо карданд. А. Назаров, К.Лагунов ва А. Бобоҷонов намунаи муаллифоне мебошанд, ки таҷрибаи идоракунии ташкилотиро бо навиштани матнҳои ҷамъиятӣ ва таърихӣ пайваст мекарданд. Дар чунин ҳолат мақоми маъмурӣ ба муаллиф имконият медод, ки ба маълумоти ҳисоботӣ, рақамҳои ташкилӣ ва таҷрибаи фаъолияти комсомолӣ дастрасӣ дошта бошад. Ҳамзамон, ҳамин мақом ба интихоби далелҳо ва тарзи тафсири онҳо таъсир мерасонд. Аз ин рӯ, фаъолияти чунин муаллифонро бояд дар доираи робитаи байни таҷрибаи сиёсӣ ва ташаккули донишҳои таърихӣ таҳлил кард.

Намунаи Я.К. Лагунов ин хусусиятро равшан нишон медиҳад. Ӯ ҳамчун корманди роҳбарикунандаи комсомол дар баррасии масъалаҳои ҷории ташкилот иштирок карда, ҳамзамон дар таҳияи нақли таърихӣ дар бораи гузаштаи он саҳм гузоштааст. Баъдтар, дар охири солҳои 1950, чунин таҷрибаи ташкилӣ бо фаъолияти тадқиқотӣ пайваст гардида, ба ташаккули таърихнигории нисбатан касбӣ мусоидат кард. Бо вуҷуди ин, мақоми маъмурии муаллиф ва эътибори илмии асари ӯро аз ҳам ҷудо кардан зарур аст. Дастрасӣ ба маълумоти ташкилӣ худ аз худ дурустии ҳамаи хулосаҳои таърихиро кафолат намедиҳад, зеро арзёбии илмӣ муқоисаи манбаъҳо, санҷиши санаҳо ва баррасии тафсирҳои эҳтимолии дигарро талаб мекунад [5].

Гурӯҳи иштирокчиёни бевосита ва ёддоштнависон барои омӯзиши таҷрибаи маҳаллӣ аҳамияти хос дорад. Ёддоштҳои шахсоне, ки дар ташкили нахустин ҳуҷайраҳои комсомолӣ дар минтақаҳои ҷанубии ҷумҳурӣ иштирок кардаанд, дар адабиёти солҳои баъдӣ ҳамчун сарчашмаи нақли таҷрибаи шахсӣ истифода шудаанд. Бо вуҷуди ин, муайян кардани робитаи мустақими баъзе ёддоштҳо бо мақолаҳои ҷашнии соли 1948 ҳанӯз ба санҷиши нусхаҳои аслии рӯзнома ниёз дорад. Агар чунин робита тасдиқ шавад, метавон хулоса кард, ки нахустин нақлҳои таърихии маҳаллӣ на танҳо аз ҷониби кормандони расмии комсомол, балки аз ҷониби иштирокчиёни бевоситаи ташаккули ташкилот низ таҳия шудаанд.

Аз рӯи асоси маъхазӣ байни гурӯҳҳои муаллифон фарқияти равшан ба назар мерасад. Матнҳои меъёрӣ ва дастурӣ асосан ба асарҳои роҳбарони ҳизб, қарорҳои расмӣ ва меъёрҳои ташкилию сиёсӣ такя мекарданд. Маърӯзаҳои соҳавӣ бештар маълумоти ҳисоботӣ, рақамҳои истеҳсолӣ ва натиҷаҳои маъракаҳоро истифода мебурданд. Мақолаҳои ҷашнӣ бошанд, хотираҳои иштирокчиён, ҳисоботи ташкилотӣ ва хронологияи қаблан қабулшударо ба ҳам мепайвастанд. Дар аксари маводи баррасишуда истинод ба ҳуҷҷатҳои бойгонӣ бо нишон додани рақами фонд, рӯйхат ва парванда вуҷуд надорад. Ин ҳолат яке аз фарқиятҳои асосии байни адабиёти пеш аз ташаккули таърихнигории касбӣ ва таҳқиқоти илмии баъдӣ мебошад.

Таҳлили умумии мундариҷаи маҷмуа нишон медиҳад, ки мавзӯъҳои хоҷагӣ ва сафарбарии меҳнатӣ, тарбия ва ташкили фаъолияти ҷавонон, таърихи комсомол ва анъанаҳои он, инчунин масъалаҳои байналмилалии ҳаракати коммунистии ҷавонон самтҳои асосии адабиёти даврараро ташкил медоданд. Аз рӯи мавзӯи бартаридошта ҳафт мавқеъ ба масъалаҳои хоҷагӣ ва сафарбарии меҳнатӣ, шаш мавқеъ ба тарбия, ташкилот ва тарғибот, шаш мавқеъ ба таърих ва анъанаҳо, ду мавқеъ ба масъалаҳои байналмилалӣ ва ду мавқеъ ба мавзӯъҳои омехта ё номаълум мансубанд. Ин тақсимот тахминӣ мебошад, зеро қисми мавод танҳо аз рӯи маълумоти библиографӣ ва истинодҳои муаллифони баъдӣ муайян карда шудааст.

Адабиёт

1. *Губарев В. Дар бораи комсомол: суҳбатҳо дар атрофи гулхан / В. Губарев. -Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1950. - 151 с.*
2. *Ершова, Т. И. Дар бораи кори комсомол дар мактаб : маърӯза дар анҷумани XI ИЛКҶ, 2 апрели 1949 / Т. И. Ершова. -Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1950. - 37 с.*

3. *Калинин, М. И. Роҳи пуршаъни комсомол /М. И. Калинин.-Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1940. - 64 с.*
4. *Комсомол ёрдамчии ВКП(б) дар мубориза барои бунёд намудани содсиализм дар мамлакати мо мебошад. - Сталинобод : Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1949. -34 с.*
5. *Лагунов, К. Я. Комсомол Таджикистана - активный помощник Коммунистической партии в борьбе за послевоенный подъём хлопководства республики (1945–1954 годы): автореф. дис. канд. ист. наук / К. Я. Лагунов. - Сталинабад, 1957. - 20 с.*
6. *«Комсомоли Тоҷикистон» 50 лет /А. Ходжаев, И. Усманов, М. Мирзошоев. - Душанбе: Ирфон, 1980. - 36 с.*
7. *Ленин, В. И. Вазифаҳои иттифоққои ҷавонон: нутқ дар анҷумани III Умумироссиягии Иттифоқи коммунистии ҷавонони Россия, 2 октябри 1920 / В. И. Ленин. -Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. -23 с.*
8. *Маълумотномаи пропагандисти комсомол.-Душанбе: Нашрёти давлатии Тоҷикистон.- 1953. – 97 с.*
9. *Назаров А. Комсомольцы Таджикистана вборьбе за военный урожой// Тоҷикистони Сурх. 1943, 8 июн.*
10. *Cemandonov B. Hisoboti delegatsijaji VLKSM dar Komiteti Içroijaji Internatsionali Kommunistiji Çavonon / В. Чемоданов. -Stalinobod: Naşrijoti davlatiji Toçikiston, Sektori adabijoti komsomolī, 1936. – 41 с.*
11. *Турсунов, А. К истории комсомола Таджикистана (1930–1940 гг.) / А. Турсунов // Учёные записки Ленинабадского государственного педагогического института им. С. М. Кирова. - 1957. - Вып. IV. - С. 85-111.*
12. *Andrejev A. A. Tarbijaji kommunistiji çavonon va vazifahoji komsomol / A. A. Andrejev. - Stalinobod : Naşrijoti davlatiji Toçikiston, Sektori adabijoti komsomolī, 1936. -47с.*
13. *Kosarjev, A. V. Dar boraji aznavsoziji korhoji komsomol/ A. B. Косарев. - Stalinobod: Naşrijoti davlatiji Toçikiston, Sektor partijagī, 1936. - 51 с.*
14. *Kuusinen O. B. Harakati çavonon va muboraza bar ziddi faşizm va xavfi çang / O. B. Kuusinen. - Stalinobod: Naşrijoti davlatiji Toçikiston, Sektori partijagī, 1936. – 37 с.*
15. *Shadrin, P. S. Komsomol va muboraza baroji hosili paxta / P. S. Shadrin. -Stalinobod: Naşrijoti davlatiji Toçikiston, 1933. -С. 3-4.*

ТАЪРИХНИГОРИИ НАХУСТИН НАШРИЯҲОИ ҲАРАКАТИ ҶАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 1930–1955: ТАҲЛИЛИ СОХТОРИЮ МУНДАРИҶАВӢ ВА ТАҲАВВУЛИ ДОИРАИ МАВЗӮӢ

Дар мақола масъалаҳои ташаккул ва рушди таърихнигории нахустин нашрияҳои марбут ба ҳаракати ҷавонони Тоҷикистон дар солҳои 1930–1955 мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтаанд. Дар асоси омӯзиши нашрияҳои давраи мазкур хусусиятҳои сохторию мундариҷавӣ, навъҳои асосии адабиёт, ҳайати муаллифон ва таҳаввули доираи мавзӯии он муайян карда шудаанд. Муаллиф нақши нутқҳо ва маърӯзаҳои роҳбарони ҳизбу комсомол, қарорҳои ташкилӣ, дастурҳои тарғиботӣ, рисолаҳои соҳавию маъракавӣ ва маводи таърихию ҷашниро дар ташаккули тасаввуроти расмӣ оид ба таърих ва фаъолияти ҳаракати ҷавонон баррасӣ намудааст. Таваҷҷуҳи махсус ба таносуби матнҳои тарҷумавии умумииттифоқӣ ва маводи таҳияшуда аз ҷониби муаллифони маҳаллӣ, инчунин ба саҳми тарҷумонҳо ва муҳаррирон дар мутобиқсозии муҳтавои сиёсӣ ба муҳити забонии тоҷикӣ зоҳир гардидааст. Дар мақола раванди тадриҷии гузариш аз инъикоси масъалаҳои умумии сиёсӣ ва ташкилӣ ба тасвири таҷрибаи мушаххаси комсомоли Тоҷикистон дар давраи ҷанг ва баъдиҷангӣ нишон дода шудааст. Муайян гардидааст, ки адабиёти солҳои 1930–1955 асосан хусусияти сиёсӣ, тарғиботӣ, ташкилӣ ва тарбиявӣ дошта, барои ташаккули заминаҳои ибтидоии таърихнигории ҳаракати ҷавонони ҷумҳурӣ мусоидат намудааст.

Калидвожаҳо: таърихнигорӣ, ҳаракати ҷавонон, Тоҷикистон, комсомол, нашрияҳои таърихӣ, адабиёти сиёсӣ, нашрияҳои тарҷумавӣ, фаъолияти ташкилӣ, тарғибот, доираи мавзуӣ.

ИСТОРИОГРАФИЯ ПЕРВЫХ ИЗДАНИЙ МОЛОДЕЖНОГО ДВИЖЕНИЯ ТАДЖИКИСТАНА В 1930–1955 ГОДАХ: СТРУКТУРНО-СОДЕРЖАТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ И ЭВОЛЮЦИЯ ТЕМАТИЧЕСКОГО КРУГА

В статье рассматриваются вопросы становления и развития историографии первых изданий, посвящённых молодёжному движению Таджикистана в 1930–1955 годах. На основе изучения публикаций данного периода выявляются их структурно-содержательные особенности, основные типологические группы, авторский состав и эволюция тематического диапазона. Особое внимание уделяется роли выступлений и докладов партийных и комсомольских руководителей, организационных постановлений, агитационно-пропагандистских инструкций, отраслевых и кампанийных брошюр, а также историко-юбилейных материалов в формировании официальных представлений об истории и деятельности молодёжного движения. Анализируется соотношение общесоюзных переводных текстов и материалов, подготовленных местными авторами, а также вклад

переводчиков и редакторов в адаптацию политического содержания к таджикской языковой среде. Показан постепенный переход от освещения общеполитических и организационных вопросов к отражению конкретного опыта комсомольских организаций Таджикистана в военный и послевоенный периоды. Установлено, что издания 1930–1955 годов преимущественно носили политический, агитационно-пропагандистский, организационный и воспитательный характер и способствовали формированию первоначальных основ историографии молодёжного движения республики.

Ключевые слова: историография, молодёжное движение, Таджикистан, комсомол, исторические издания, политическая литература, переводные издания, организационная деятельность, пропаганда, тематический диапазон.

HISTORIOGRAPHY OF THE EARLY PUBLICATIONS OF THE TAJIKISTAN YOUTH MOVEMENT (1930–1955): STRUCTURAL AND CONTENT ANALYSIS AND THE EVOLUTION OF THEMATIC SCOPE

The article examines the formation and development of the historiography of the earliest publications devoted to the youth movement in Tajikistan during 1930–1955. Based on an analysis of publications from this period, the study identifies their structural and substantive characteristics, major publication types, authorial composition, and the evolution of their thematic scope. Particular attention is paid to the role of speeches and reports by party and Komsomol leaders, organizational resolutions, propaganda guidelines, specialized and campaign-related brochures, as well as historical and commemorative publications in shaping official perceptions of the history and activities of the youth movement. The article analyzes the relationship between translated all-Union publications and materials produced by local authors, as well as the contribution of translators and editors to adapting political content to the Tajik linguistic environment. It demonstrates the gradual transition from the coverage of general political and organizational issues to the representation of the specific experience of Komsomol organizations in Tajikistan during the wartime and postwar periods. The study establishes that publications issued between 1930 and 1955 were predominantly political, propagandistic, organizational, and educational in nature and contributed to the formation of the initial foundations of the historiography of the republic's youth movement.

Keywords: historiography, youth movement, Tajikistan, Komsomol, historical publications, political literature, translated publications, organizational activities, propaganda, thematic scope.

Дар бораи муаллиф
Азаматзода Ғайратшо
Докторанти кафедраи таърихи халқи тоҷик
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
E-mail shohzoda2017@mail.ru

About the author
Azamatzoda Gayratsho
Doctoral candidate at the Department of History of the Tajik People
Tajik National University
734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17
E-mail shohzoda2017@mail.ru

Об авторе
Азаматзода Гайратшо
Докторант кафедры истории таджикского народа
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17
E-mail shohzoda2017@mail.ru

ТДУ 930.1:94(575)"18/19"

ТАҲАВВУЛИ КОНСЕПСИЯҲОИ ҲАМРОҲШАВИИ ОСИЁИ МИЁНА БА ИМПЕРИЯИ РУСИЯ ДАР ТАЪРИХНИГОРӢ: АЗ «РИСОЛАТИ ТАМАДДУНСОЗ» ТО АРЗЁБИҲОИ ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛ

Фаттоҳзода С.
Донишкадаи байналмилалии Хуҷанди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Муқаддима. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асари «Тоҷикон дар оинаи таърих» омӯзиши ростқавлонаи гузаштаро асоси худшиносии миллӣ ва омили ваҳдати ҷомеа муаррифӣ намудаанд [1] ва дар сиву панҷ соли истиқлоли давлатӣ ҳамин равиш илми таърихи Тоҷикистонро ба марҳилаи сифатан нав ворид кард. Ин равиш ба муаррихони тоҷик имкон дод, ки саҳифаҳои мураккаби асри XIX-ро бидуни қолабҳои идеологӣ ва бидуни ҳиссиёти яктарафа аз нав баррасӣ кунанд. Масъалаи забт ва ҳамгироии Осиёи Миёна ба ҳайати Империяи Русия маҳз аз ҳамин гурӯҳи саҳифаҳост, ва омӯзиши холисонаи он барои муносибатҳои шарикии стратегии Тоҷикистон ва Русия низ аҳамият дорад, зеро шинохти дурусти таърихи муштарак ба эътимоди мутақобила мусоидат мекунад.

Масъалаи илмии мақола аз ихтилофи арзёбиҳо дар худи адабиёт бармеояд, ки М. Ҳ. Пирумшоев онро чунин тавсиф мекунад: «Следует заметить, что в существующей дореволюционной и советской научной литературе завоевание и присоединение Средней Азии к России получило неоднозначную оценку, а иногда точки зрения носили противоречивый и взаимоисключающий характер» [2] (тарҷума аз мо: «Бояд қайд кард, ки дар адабиёти илмии мавҷудаи пеш аз инқилоб ва шӯравӣ забт ва ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Русия баҳои дуҷониба гирифтааст, ва баъзан нуқтаи назарҳо хусусияти зиддиятнок ва якдигарро истиснокунанда доштанд»). Ду равиши асосӣ дар ин масъала то имрӯз ҳамзистӣ доранд: тибқи равиши аввал, дохилшавии минтақа ба ҳайати Русия зарурати таърихӣ буд ва оқибатҳои прогрессивӣ дошт, тибқи равиши дуюм бошад, ин раванд пеш аз ҳама забти ҳарбӣ ва ташкили идораи мустамликавӣ буд. Дар солҳои охир равиши сеюм низ пайдо шуд, ки ба хароҷоту зиёнҳои худи империя аз ин густариш диққат медиҳад [3]. Таҳлили махсуси он, ки ин равишҳо чӣ гуна пайдо шуданд ва чаро иваз гардиданд, дар таърихнигории Тоҷикистон мавзӯи таҳқиқи махсус қарор нагирифтааст.

Мақсади таҳқиқ муайян кардани қонуниятҳои таҳаввули консепсияҳои ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Русия дар таърихнигории пеш аз инқилоб, шӯравӣ ва давраи истиқлол мебошад. Вазифаҳои таҳқиқ инҳоянд: ҷудо кардани консепсияҳои асосӣ ва муайян кардани заминаҳои идеологии онҳо; муқоисаи таърихнигории Тоҷикистон бо таърихнигории Қазоқистон ва Қирғизистон; арзёбии модели ташаккулёфтаи таърихнигории ватанӣ. Фарзияи корӣ чунин аст: иваз шудани консепсияҳо на ба пайдоиши далелҳои нав, балки ба тағйири чаҳорчӯбаи идеологию сиёсии ҳар давра вобаста буд. Агар фарзия дуруст бошад, бояд нишон дода шавад, ки як далел дар давраҳои гуногун тафсирҳои муқобил гирифтааст.

Мавод ва усулҳо. Заминаи манбаии таҳқиқро осори муаррихони Тоҷикистон, Русия, Қазоқистон ва Қирғизистон, ки ба таърихнигории масъала бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Барои гурӯҳбандии адабиёт мо ба таснифе такя кардем, ки Н.Н. Усмонов пешниҳод намуда, онро чунин асоснок кардааст: «Исходя из содержания концептуально-методологических подходов и специфики научных оценок, имеющуюся по данной теме литературу можно разделить на следующие группы: 1) общая литература по колониальному периоду; 2) историческая литература советского периода; 3) историческая литература периода независимости» [4, с. 268] (тарҷума аз мо: «Бо назардошти мазмуни равишҳои консептуалию методологӣ ва хусусияти арзёбиҳои илмӣ, адабиёти мавҷудаи ин мавзӯъро ба гурӯҳҳои зерин тақсим кардан мумкин аст: 1) адабиёти умумӣ оид ба давраи мустамликавӣ; 2) адабиёти таърихии давраи шӯравӣ; 3) адабиёти таърихии давраи истиқлол»). Ин таснифи бо даврабандии мо мувофиқат мекунад, аммо мо дар дохили давраи шӯравӣ марҳилаҳои алоҳидаро низ ҷудо намудем. Дар таҳқиқ усулҳои таърихию генетикӣ, таърихию муқоисавӣ ва таҳлили мантиқии консепсияҳо истифода шуда, далелҳо, мавқеи муҳаққиқон ва хулосаҳои худи мо дар матн пайваста аз ҳам ҷудо карда шудаанд.

Натиҷаҳо:

1. Таърихнигории пеш аз инқилоб: «ҳаракати таърихӣ» ва «рисолати тамаддунсоз»

Асарҳои аввалини таърихнигорӣ оид ба забти Осиёи Миёна аз ҷониби иштирокчиёни бевоситаи ҳодисаҳо, аз ҷумла М.А. Терентев, А.И. Макшеев ва Д.Н. Логофет, навишта шуданд [5; 6; 7]. Консепсияи умумии онҳоро Н.В. Терентева дар таҳқиқоти таърихнигории худ чунин ҷамъбаст кардааст: «В дореволюционной отечественной историографии движение России в Центральную Азию оценивалось как «исторический импульс», вызванный задачей «самосохранения» русской государственности, стремлением достичь «естественных границ» и «цивилизаторской миссией» России на Востоке» [8, с. 134] (тарҷума аз мо: «Дар таърихнигории ватании пеш аз инқилоб ҳаракати Русия ба Осиёи Марказӣ ҳамчун «такони таърихӣ» арзёбӣ мешуд, ки бо вазифаи «худнигаҳдорӣ»-и давлатдории рус, кӯшиши расидан ба «сарҳадҳои табиӣ» ва «рисолати тамаддунсоз»-и Русия дар Шарқ ба вуҷуд омада буд») Ин консепсия бо ҷаҳонбинии замони худ комилан мувофиқ буд. Барои империяҳои аврупоии асри XIX забти қаламравҳои нав амали муқаррарии давлат ба шумор мерафт ва эҳтиёҷ ба пинҳон кардани он вуҷуд надошт. Аз ин рӯ, муаллифони ҳарбӣ калимаи «забт»-ро бе ягон эҳтиёт истифода мебурданд, ва ҳамин ростгӯии истилоҳӣ имрӯз ба муаррих барои фаҳмиши ниятҳои воқеии тарафи ҳамлакунанда кумак мекунад. Ғайр аз ин, адабиёти мазкур маълумоти фаровони воқеиро дар бораи амалиёти ҳарбӣ, сохтори идорӣ ва ҳаёти аҳолии минтақа нигоҳ доштааст. С.Н. Брежнева низ муроҷиат ба андешаи муаррихони рус, ки шоҳидони зиндаи рӯйдодҳо буданд, барои ҷавоби беғаразона ба масъалаи оқибатҳои ҳамроҳшавӣ муфид медонад [9]. Ба андешаи мо, арзиши ин шоҳидон дар он аст, ки онҳо ҳамчун манбаъ, на ҳамчун меъёри арзёбӣ, истифода шаванд. Худи Д.Н. Логофет, масалан, вазъи амирии Бухороро барои асоснок кардани ҳамроҳшавии пурраи он ба Русия бо рангҳои торик тасвир мекард [7; 9]. Тасвири ӯ на ҳамчун ҳисобот, балки ҳамчун далели сиёсӣ навишта шуда буд. Муаррихи имрӯза бояд ин ҳадафро ба назар гирад. Дар акси ҳол, маводи воқеӣ бо баҳои ғаразнок омехта мешавад. Ҳамин тавр, таърихнигории пеш аз инқилоб барои мо пеш аз ҳама манбаи далел аст, на манбаи арзёбӣ.

2. Таърихнигории шӯравӣ: аз «бадии мутлақ» то «аҳамияти прогрессивӣ»

Таърихнигории шӯравӣ бо даст кашидани қатъӣ аз консепсияҳои пешин оғоз ёфт, ва асосгузори ин равиш М.Н. Покровский буд, ки забтҳои подшоҳиро ҳамчун ифодаи манфиатҳои сармояи тиҷоратӣ шарҳ медод [10]. Н.В. Терентева ин гардишро чунин тасвир мекунад: «Историки-марксисты решительно отвергли концепцию о «цивилизующей» роли Российской империи в Средней Азии, выдвинутую дореволюционными исследователями, и стали рассматривать завоевание Средней Азии как один из эпизодов захвата колоний во второй половине XIX в» [8, с. 135] (тарҷума аз мо: «Муаррихони марксист консепсияи нақши «тамаддунсоз»-и Империяи Русия дар Осиёи Миёнаро, ки муҳаққиқони пеш аз инқилоб пешниҳод карда буданд, қатъиян инкор карданд ва забти Осиёи Миёнаро ҳамчун яке аз лаҳзаҳои забти мустамликаҳо дар нимаи дуюми асри XIX баррасӣ карданд») Ин баҳо дар солҳои 1920 бартарӣ дошт, вале дер давом накард, зеро аз миёнаи солҳои 1930 дар назди илми таърих вазифаҳои сиёсии нав гузошта шуданд. А.А. Алинов ва М.А. Демин, ки таърихнигории Қазоқистонро омӯхтаанд, ин тағйиротро чунин шарҳ медиҳанд: «С середины 1930-х гг. задачи укрепления многонационального государства СССР потребовали иных политических оценок прошлого, в результате чего родилась теория «наименьшего зла», согласно которой присоединение к России в ХУ1-Х1Х вв. азиатских народов рассматривалось как наименьшее зло по сравнению с их завоеванием другими государствами» [11, с. 40] (тарҷума аз мо: «Аз миёнаи солҳои 1930 вазифаҳои мустаҳкам кардани давлати бисёрмиллати ИҶШС баҳоҳои дигари сиёсиро ба гузашта талаб карданд, ки дар натиҷа назарияи «бадии камтарин» ба вуҷуд омад; тибқи он ҳамроҳшавии халқҳои осиёӣ ба Русия дар асрҳои XVI-XIX дар муқоиса бо забти онҳо аз ҷониби давлатҳои дигар ҳамчун бадии камтарин баррасӣ мешуд») Ҳамин тариқ, як ҳодисаи таърихӣ дар давоми даҳ сол ду тафсири комилан гуногун гирифт.

Марҳилаи навбатӣ ба солҳои баъдиҷангӣ рост меояд, ки дар он, ба гуфтаи Н.В. Терентева, асоснок кардани оқибатҳои прогрессивии дохилшавии халқҳои Осиёи Миёна ба ҳайати Русия ба самти афзалиятноки таърихнигории муносибатҳои Русия ва Осиёи Миёна табдил ёфт [8]. Дар ин консепсия мавзӯи англису рус низ ҷойгоҳи махсус гирифт, зеро ҳамроҳшавӣ бо Русия бо хатари мустамликаи Британияи Кабир муқоиса карда мешуд [8]. Н.Н. Усмонов фишори идеологиро дар ин раванд ошкоро қайд намуда, менависад, ки дар шароити ҳукмронии идеологии ҳизби коммунистӣ олимон маҷбур буданд консепсияҳои «ҳамроҳшавӣ» ва «аҳамияти прогрессивӣ»-ро қабул кунанд, ва ин консепсияҳо амалан то

пош хӯрдани Иттиҳод бартарӣ доштанд [4, с. 268]. Ин суханон як хусусияти муҳимро нишон медиҳанд. Олимоне мисли Б.Ғ. Ғафуров дар доираи ҳамин чаҳорчӯба кор мекарданд, вале мундариҷаи асарҳояшон аксар вақт аз номи бобҳо холисонатар буд [12; 13].

И.А. Мамадалиев ва Р.А. Мирмаматова сабабҳои умумии чунин тағйиротро дар табиати худи таърихнигории ҳар як сохти нав мебинанд. Ба ақидаи онҳо, «Надо отметить, что в период становления историографии и исторических взглядов нового строя или нового типа государственности всегда появляется новые тенденциозные моменты: во-первых, классовость; во-вторых, идеологическая расположенность; в-третьих, политическая направленность» [14, с. 113] (тарҷума аз мо: «бояд қайд кард, ки дар давраи ташаккули таърихнигорӣ ва ақидаҳои таърихии сохти нав ё навъи нави давлатдорӣ ҳамеша лаҳзаҳои нави ғаразнок пайдо мешаванд: якум, синфият; дуюм, моилияти идеологӣ; сеюм, самти сиёсӣ»). Ин мушоҳида барои фаҳмиши мантиқи таърихнигории шӯравӣ калидист, вале онро ба давраҳои дигар низ татбиқ кардан мумкин аст. Р.Ю. Почекаев дар мисоли баҳодиҳӣ ба К.П. фон Кауфман нишон медиҳад, ки таърихнигории шӯравӣ дар баъзе ҷиҳатҳо равиши пешгузаштагони худро такрор мекард: «Любопытно, но в используемом ими подходе при оценке этого деятеля можно увидеть много общего с подходом их дореволюционных предшественников: ранние советские историки также видели в Кауфмане всего лишь представителя «колониальной» и «империалистической» системы, перенося на него многие ее недостатки и ошибки и прибегая при этом порой к довольно грубым инсинуациям» [15, с. 168] (тарҷума аз мо: «Ҷолиб аст, ки дар равише, ки онҳо ҳангоми арзёбии ин шахсият истифода мебаранд, бисёр умумиятро бо равиши пешгузаштагони пеш аз инқилобии онҳо дидан мумкин аст: муаррихони аввали шӯравӣ низ дар Кауфман танҳо намояндаи низоми «мустамликавӣ» ва «империалистӣ»-ро медиданд, бисёр камбудиҳо ва хатоҳои онро ба ӯ нисбат дода, баъзан ба тӯҳматҳои хеле дағал муроҷиат мекарданд») Аз ин мисол бармеояд, ки баҳо ба шахсиятҳо низ на аз ҳуҷҷатҳо, балки аз чаҳорчӯбаи умумӣ вобаста буд.

Хусусияти адабиёти солҳои охири шӯравиро С.Н. Брежнева чунин ҷамъбаст мекунад: «Для работ тех лет характерно затушевывание негативных моментов российской политики и развитие формулы прогрессивных последствий присоединения Туркестана к России, выразившихся «в великой дружбе с русским пролетариатом», оказавшим огромное влияние на среднеазиатские народы» [9, с. 104] (тарҷума аз мо: «Барои корҳои он солҳо пинҳон кардани лаҳзаҳои манфии сиёсати Русия ва инкишофи формулаи оқибатҳои прогрессивии ҳамроҳшавии Туркистон ба Русия хос буд, ки дар «дӯстии бузург бо пролетариати рус» ифода ёфта, ба халқҳои Осиёи Миёна таъсири бузург расонидааст») Ин формула дар китобҳои дарсӣ то охири солҳои 1980 боқӣ монд. Дар таърихнигории Тоҷикистони шӯравӣ низ он ҳукмрон буд. Бо вуҷуди ин, олимони тоҷик дар доираи ҳамин формула маводи зиёдеро дар бораи муқовимати аҳолӣ ва вазъи иқтисодии минтақа ҷамъ оварданд. Ин мавод баъдтар барои бознигарии консепсияҳо заминаи боэътимод гардид.

3. Таърихнигории давраи истиқлол: модели тоҷикӣ дар муқоиса бо таҷрибаи ҳамсоягон

Пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ барои ҳамаи таърихнигориҳои миллии минтақа нуқтаи гардиш буд, ва Ф.А. Назаров вазъи илми таърихи Тоҷикистонро дар ин давра чунин тавсиф мекунад: «С приобретением независимости, со снятием идеологического табу, раскрепощенные историки Таджикистана, на фоне новых доступных материалов провели более широкие научные исследования» [16] (тарҷума аз мо: «Бо ба даст овардани истиқлолият, бо бардошта шудани мамнӯъияти идеологӣ, муаррихони озодшудаи Тоҷикистон дар заминаи маводи нави дастрас таҳқиқоти илмии васеътар анҷом доданд»). Яке аз намунаҳои равшани ин таҳқиқот корҳои профессор Ҳайдаршо Пирумшоев мебошанд, ки дар бораи усули ӯ Ф.А. Назаров менависад: «Описывая торгово-дипломатические отношения, он приводит общую картину отношений россии и средней азии, а в освещении отношений россии со средней азии накануне завоевания применяет новую концепцию исследований без использования советской методологии» [17, с. 108] (тарҷума аз мо: «Ҳангоми тасвири муносибатҳои тиҷоратию дипломатӣ ӯ манзараи умумии муносибатҳои Русия ва Осиёи Миёнаро меорад, ва дар инъикоси муносибатҳои Русия бо Осиёи Миёна дар арафаи забт консепсияи нави таҳқиқотро бидуни истифодаи методологияи шӯравӣ татбиқ мекунад»). Ба андешаи мо, хусусияти асосии ин равиш на дар инкори мероси шӯравӣ, балки дар озод кардани таҳлил аз хулосаҳои пешакӣ муайяншуда мебошад. Муаррихони тоҷик маводи бойгонии навро ба муомилот ворид карда, ба фаъолияти мустақили амирии Бухоро ва хонигарии Қӯқанд, ба муқовимати шаҳрҳо ва ба оқибатҳои гуногунҷабҳаи ҳамгироӣ баробар таваҷҷуҳ зоҳир намуданд [17; 18].

Таҷрибаи кишварҳои ҳамсоя манзараи дигарро нишон медиҳад, зеро дар Қазоқистон тағйироти солҳои 1990 хусусияти радикалӣ доштанд. А.А. Алинов ва М.А. Демин менависанд: «В 1990-е гг. в казахстанской историографии кардинальному пересмотру была подвергнута концепция «добровольного вхождения» Казахстана в состав России с акцентом на разоблачение колониальной сущности российских преобразований в регионе» [11, с. 40] (тарҷума аз мо: «Дар солҳои 1990 дар таърихнигории Қазоқистон консепсияи «дохилшавии ихтиёрӣ»-и Қазоқистон ба ҳайати Русия ба бознигарии куллӣ дучор гардид, ва диққати асосӣ ба фош кардани моҳияти мустамликавии ислоҳоти Русия дар минтақа равона шуд») Баъдтар ин тамоюл мулоим гардид. Ҳамон муаллифон қайд мекунанд: «В последние два десятилетия в казахстанской исторической науке происходит постепенный отход от односторонних радикальных оценок и политической конъюнктуры, появляются более взвешенные и обоснованные характеристики присоединения Казахской степи к Российскому государству» [11, с. 40] (тарҷума аз мо: «Дар ду даҳсолаи охир дар илми таърихи Қазоқистон аз баҳоҳои радикалии яктарафа ва вазъияти сиёсӣ тадриҷан дур шудан ба амал меояд, ва тавсифҳои мутавозинтар ва асосноктари ҳамроҳшавии Дашти Қазоқ ба давлати Русия пайдо мешаванд»). Чунин таҳаввул нишон медиҳад, ки бознигарии радикалӣ дар ниҳоят ба ҷустуҷӯи баҳоҳои мутавозин оварда мерасонад, ва ин роҳ барои илми таърихи Қазоқистон тақрибан бист сол давом кард.

Дар Қирғизистон низ ҳамин гуна таҳаввул мушоҳида мешавад, ва А.Т. Ҷанакеева ҷамъбасти баҳсҳои муаррихони қирғизро чунин меорад: «Следует отметить, что большинство современных ученых склонны считать, что понятие «присоединение Кыргызстана к России» включает в себя как завоевательный аспект проблемы, так и аспект добровольного принятия кыргызами российского подданства» [19] (тарҷума аз мо: «Қайд кардан бамаврид аст, ки аксари олимони муосир ба он моиланд, ки мафҳуми «ҳамроҳшавии Қирғизистон ба Русия» ҳам ҷанбаи забткоронаи масъала ва ҳам ҷанбаи қабули ихтиёрии табаияти Русия аз ҷониби қирғизҳоро дар бар мегирад») Мафҳуми дугонае, ки муаррихони қирғиз ба он расидаанд, аз ҷиҳати мазмун ба модели ҳамгироёнаи таърихнигории тоҷик наздик аст, вале роҳи расидан ба он гуногун буд. Аз муқоисаи ин таҷрибаҳо бармеояд, ки таърихнигории Тоҷикистон давраи бознигарии радикалиро бо шиддати камтар аз сар гузаронд ва зудтар ба модели ҳамгироёна расид. Сабаби ин, ба назари мо, ба он вобаста аст, ки илми таърихи тоҷик дар даврони шӯравӣ низ бо асарҳои Б.Ғ. Ғафуров ва шогирдонаш анъанаи кор бо манбаъҳоро нигоҳ дошта буд, ва дар соли 1991 ба инкори куллии мероси худ ниёз надошт [12].

Дар баробари дастовардҳо, муаррихони тоҷик ба хатарҳои давраи нав низ диққат дода, онҳоро ошкоро ном бурданд, ва И.А. Мамадалиев ва Р.А. Мирмаматова ҳушдор медиҳанд: «Помимо этого зачастую в работах, посвященных, этому периоду эмоционально-патриотические чувства авторов подавляет возможность всестороннего и объективного освещения проблемы со всеми «за» и «против»» [14, с. 112] (тарҷума аз мо: «Ғайр аз ин, аксар вақт дар корҳое, ки ба ин давра бахшида шудаанд, ҳиссиёти эҳсосию ватандӯстонаи муаллифон имконияти инъикоси ҳамаҷониба ва холисонаи масъаларо бо ҳамаи «тарафдор» ва «муқобил»-ҳо пахш мекунад») Ин ҳушдор худ далели баркамолии таърихнигории ватанист. Илме, ки хатари ғаразнокии худро мебинад ва онро ошкоро ном мебарад, аз ғаразнокӣ ҳимоя ёфтааст. Маҷаллаҳои илмии ватанӣ, аз ҷумла «Муаррих» ва «Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ», ба майдони асосии ин баҳсҳо табдил ёфтанд. Дар саҳифаҳои онҳо мавқеъҳои гуногун озодона муқоиса мешаванд. Худи ҳамин озодии баҳс нишонаи сифати нави илми таърихи кишвар мебошад. Натиҷаҳои муқоисаи консепсияҳо дар ҷадвали 1 ҷамъбаст шудаанд.

Ҷадвали 1. Консепсияҳои асосии ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Русия дар таърихнигорӣ

Давра	Консепсияи бартаридошта	Тезиси асосӣ	Намояндагон	Заминаи идеологӣ
Пеш аз инқилоб (охири асри XIX - 1917)	«Ҳаракати таърихӣ», «рисолати тамаддунсоз»	Забт ҳамчун амали қонунии давлат ва густариши тамаддун	М.А. Терентев, А.И. Макшеев, Д.Н. Логофет	Ҷаҳонбинии империявӣ
Солҳои 1920	«Бадии мутлақ»	Забт ҳамчун лаҳзаи забти мустамликаҳо	М.Н. Покровский ва пайравонаш	Назарияи сармояи тиҷоратӣ
Солҳои 1930-1940	«Бадии камтарин»	Ҳамроҳшавӣ ба Русия беҳтар аз забти давлатҳои дигар	Муаррихони шӯравии Осиёи Миёна ва Қазоқистон	Мустаҳкам кардани давлати бисёрмиллат

Солҳои 1950-1980	«Аҳамияти прогрессивӣ», «дохилшавии ихтиёрӣ»	Оқибатҳои прогрессивӣ ва дӯстии халқҳо	Б.Ғ. Ғафуров, Н.А. Халфин	Ғояи дӯстии халқҳои ИҶШС
Давраи истиқлол (аз соли 1991)	Модели ҳамгироёна (Тоҷикистон)	Забт, муқовимат ва оқибатҳои гуногунҷабҳа дар як вақт	Ҳ. Пирумшоев, М.Ҳ. Пирумшоев, И.А. Мамадалиев, Ф.А. Назаров	Таърихнигории миллии мустақил

Манбаъ: *тартиб додаи муаллиф дар асоси [4; 8; 11; 12; 14; 16; 20].*

Ҷадвал фарзияи кориро тасдиқ мекунад, зеро як далел, яъне дохилшавии Осиёи Миёна ба ҳайати Русия, дар давоми як аср панҷ тафсири гуногун гирифт. Тағйири тафсирҳо ҳар дафъа бо тағйири чаҳорчӯбаи идеологӣ ҳамзамон буд, ва маводи нави ҳуҷҷатӣ дар даврaҳои пешин на сабаби бознигарӣ, балки воситаи асоснок кардани консепсияи аллакай қабулшуда ба шумор мерафт. Танҳо дар давраи истиқлол ҳуҷҷат ба омили ҳалкунандаи бознигарӣ табдил ёфт, ва ин гардиш дар таърихнигории Тоҷикистон аз ҳама равшантар зоҳир гардид. Хусусияти дигари ҷадвал низ қобили тавaҷҷуҳ аст: консепсияҳои шӯравӣ ҳамеша барои тамоми минтақа ягона буданд, дар ҳоле ки дар давраи истиқлол ҳар як таърихнигории миллӣ роҳи худро интихоб кард.

Муҳокима. Дар таърихнигории муосир ду мавқеи муқобил дар бораи моҳият ва оқибатҳои ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба назар мерасад, ва мавқеи аввалро М.Ҳ. Пирумшоев ифода мекунад, ки хусусияти забткоронаи ҳодисаҳоро эътироф намуда, ҳамзамон бар зидди тасвири яктарафаи онҳо баромад мекунад: «Тем не менее, сузить все параметры этого, по своей сути, завоевательного акта и практической реализации колониальной политики русского царизма в регионе лишь в рамках понятий ничем неоправданной трагедией для местных народов было бы совершенно неверно и ненаучно с точки зрения исторических реалий того периода» [2] (тарҷума аз мо: «Бо вуҷуди ин, танг кардани ҳамаи параметрҳои ин амали ба моҳияти худ забткорона ва татбиқи амалии сиёсати мустамликавии подшоҳии рус дар минтақа танҳо дар доираи мафҳуми фоҷиаи ҳеҷ чиз асоснокнашуда барои халқҳои маҳаллӣ аз нуқтаи назари воқеиятҳои таърихии он давра комилан нодуруст ва ғайриилмӣ мебуд»). Мавқеи дуюм дар таърихнигории навтарини Русия пайдо шуда, масъаларо аз ҷониби дигар мебинад: А.Е. Виноградов бар асоси маълумоти иқтисодӣ ба хулосае меояд, ки ба тасаввуроти маъмул мухолиф аст: «Сумма финансовых, экономических показателей, итоги военных операций и дипломатических переговоров свидетельствуют о том, что завоевание региона принесло России скорее расходы и усиление внутренней и внешней нестабильности» [3, с. 36] (тарҷума аз мо: «Маҷмӯи нишондиҳандаҳои молиявӣ ва иқтисодӣ, натиҷаҳои амалиёти ҳарбӣ ва гуфтушунидҳои дипломатӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки забти минтақа ба Русия бештар хароҷот ва афзоиши ноустувории дохилӣ ва берунӣ овардааст»). Ин муаллиф сабаби пойдории баҳоҳои пешинро дар мероси методологии шӯравӣ мебинад [3]. Мавқеи аввал ба далели воқеӣ, яъне вазъи пароканда ва ноустувори хонигариҳои асри XIX, такя мекунад, аммо аз он хулосае мебарорад, ки ба таври мантиқӣ ҳатмӣ нест. Аз бӯҳрони дохилии давлатҳои маҳаллӣ ногузир будани маҳз ҳамин роҳи таърихӣ барнамеояд, зеро бӯҳрон метавонист бо роҳҳои дигар, аз ҷумла бо ислоҳоти дохилӣ ё бо муттаҳидшавии худи давлатҳои минтақа, ҳал шавад. Чунин тарзи истидлол, ки дар он аз пайдарпаии ҳодисаҳо зарурати онҳо хулоса бароварда мешавад, дар таърихнигории шӯравӣ хусусияти умумӣ дошт. Мавқеи дуюм бошад, бо ҳисоби фоида ва зиён барои империя, ба таври бавосита ҳамон мантиқи «объективӣ»-ро такрор мекунад, вале бо аломати муқобил. Илова бар ин, натиҷаи ҳисоби иқтисодӣ аз давраи интихобшуда ва аз нишондиҳандаҳое, ки муҳаққиқ ба назар мегирад, вобаста аст, ва барои таърихи халқҳои минтақа он танҳо як ҷанбаи масъаларо ифода мекунад. Барои таърихи халқи тоҷик оқибатҳои ҳамроҳшавӣ дар ҷанбаҳои дигар бештар зоҳир гардиданд. Сарзаминҳои тоҷикнишин байни генерал-губернатории Туркистон ва амирии Бухоро тақсим шуданд, ва ин тақсимот ба тақдири минбаъдаи давлатдории миллӣ таъсир расонд. Ҳамзамон бо ин, сохтмони роҳи оҳан, рушди тиҷорат ва пайдоиши мактабҳои нав дар Хуҷанд ва дигар шаҳрҳои шимол унсурҳои навсозиро ба ҳаёти минтақа ворид карданд [2]. Ҳар ду мавқеъ як камбудии умумӣ доранд: онҳо халқҳо ва давлатҳои Осиёи Миёнаро на ҳамчун субъекти таърих, балки ҳамчун объекти сиёсати империя баррасӣ мекунанд. Чунин равиш, новобаста аз он ки баҳо мусбат аст ё манфӣ, ба таърихи минтақа аз берун менигарад. Таърихнигории миллӣ бошад вазифаи худро дар он мебинад, ки ин таърихро аз дарун, аз нигоҳи худи ҷомеаҳои маҳаллӣ ва бо такя ба манбаъҳои онҳо, барқарор созад. Маҳз дар ҳамин самт таърихнигории Тоҷикистон дар солҳои охир натиҷаҳои назаррас ва аз ҷониби ҳамкорони хориҷӣ эътирофшуда ба даст овардааст.

Ф.А. Назаров ба андешаи муҳаққиқе ишора мекунад, ки маҳз ҳамин камбудиро танқид кардааст: «Подобный узкий подход к проблеме вреден тем, что он неизбежно сводит всю сложную картину среднеазиатской истории XIX в. к соперничеству двух держав, совершенно игнорируя тот факт, что до русского завоевания Средней Азии существовали, по крайней мере, две региональные державы, Бухара и Коканд, которые вели активную и независимую внешнюю политику во всех географических направлениях»» [16] (тарҷума аз мо: «Чунин равиши танг аз он ҷиҳат зарарнок аст, ки он ногузир тамоми манзараи мураккаби таърихи Осиёи Миёнаи асри XIX-ро ба рақобати ду давлат меорад ва ин далелро комилан нодида мегирад, ки то забти Осиёи Миёна аз ҷониби Русия ҳадди ақал ду давлати минтақавӣ, Бухоро ва Қӯқанд, вуҷуд доштанд, ки дар ҳамаи самтҳои ҷуғрофӣ сиёсати хориҷии фаъол ва мустақил пеш мебурданд»). Ба андешаи мо, маҳз ҳамин нуқта модели таърихнигории тоҷикро аз ҳар ду мавқеъ фарқ мекунад. Амирии Бухоро ва хонигарии Қӯқанд сиёсати хориҷии худро доштанд. Онҳо бо Русия, Афғонистон ва Чин муносибатҳои мустақил барқарор мекарданд. Шаҳрҳои алоҳида, мисли Хуҷанд, худидоракунии деринаи худро нигоҳ медоштанд. Таърихнигории Тоҷикистони соҳибистиқлол давлатдории маҳаллиро ҳамчун омили мустақил ба назар мегирад, ва аз ин рӯ ҳамроҳшавӣ на ҳамчун тақдири ногузир, балки ҳамчун натиҷаи муносибатҳои мураккаби якчанд давлат ва ҷомеа тасвир мешавад.

Чунин модел талаботи методологии махсусро ба миён мегузорад. Р.Ю. Почекаев дар мисоли омӯзиши шахсиятҳои таърихӣ роҳи ҳалли масъаларо дар равиши комплексӣ ва байнифаннӣ мебинад, ки консепсияҳо ва мавқеъҳои гуногуни муаллифонро ба назар гирифта, гурӯҳҳои гуногуни манбаъҳоро ҷалб мекунад [15, с. 173]. Ин талабот ба масъалаи мо низ пурра татбиқ мешавад. Таърихи ҳамроҳшавиро наметавон танҳо бар асоси ҳуҷҷатҳои маъмурияти рус ё танҳо бар асоси таърихномаҳои маҳаллӣ навишт. Муқоисаи ин манбаъҳо, ки дар корҳои И.А. Мамадалиев оид ба маводи бойгонии Оренбург оғоз ёфтааст, роҳи асосии таҳқиқоти минбаъда мебошад [18]. Барои татбиқи ин роҳ ҳамкории муаррихони Тоҷикистон ва Русия дар нашри маҷмӯаҳои муштараки ҳуҷҷатҳо аҳамияти калон дорад. Бойгониҳои Москва, Санкт-Петербург, Оренбург ва Тошкент ҳанӯз маводи зиёди таҳқиқнашуда доранд. Таърихномаҳои форсизабони Бухоро ва Қӯқанд низ бояд бо тарҷумаи илмӣ нашр шаванд. Танҳо муқоисаи ин ду гурӯҳи манбаъ манзараи пурраи ҳодисаҳоро медиҳад.

Хулоса. Сиёсати илмии давлат, ки бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти омӯзиши холисонаи таърихи миллат пеш бурда мешавад, ба таърихнигории ватанӣ имкон дод, ки дар масъалаҳои мураккаби асри XIX мавқеи мустақил ва асосноки худро ташаккул диҳад [1]. Таҷлили сиву панҷумин солгарди истиқлолияти давлатӣ дар соли 2026 барои ҷамъбасти дастовардҳои ин давра заминаи шоиста фароҳам овард. Ин мавқеъ ба ҳуҷҷатҳо такя мекунад ва ба эҳтиром ба таърихи муштараки халқҳои Тоҷикистон ва Русия асос ёфтааст, ки имрӯз дар доираи шарикии стратегии ду давлат густариш меёбад. Илми таърихи Тоҷикистон дар ин замина ҳамчун шарики баробарҳуқуқи илми ҷаҳонӣ баромад мекунад.

Таҳқиқ нишон дод, ки консепсияҳои ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Русия дар давоми як аср панҷ маротиба иваз шуданд. Ғояи «рисолати тамаддунсоз» ба консепсияи «бадии мутлақ» ҷой холӣ кард, ки баъдтар бо назарияи «бадии камтарин» ва консепсияи «аҳамияти прогрессивӣ» иваз гардид. Фарзияи корӣ тасдиқ ёфт: тағйири консепсияҳо бо тағйири чаҳорчӯбаи идеологию сиёсӣ ҳамзамон буд, на бо пайдоиши далелҳои нав. Ҳатто як ҳуҷҷат дар давраҳои гуногун барои асоснок кардани хулосаҳои муқобил истифода мешуд.

Таърихнигории Тоҷикистон дар давраи истиқлол модели ҳамгироёнаеро ташаккул дод, ки хусусияти забткоронаи ҳодисаҳо, муқовимати аҳолӣ, оқибатҳои гуногунҷабҳа ва фаъолияти мустақили давлатҳои маҳаллиро дар як вақт ба назар мегирад. Дар муқоиса бо таърихнигории Қазоқистон ва Қирғизистон ин модел давраи бознигарии радикалиро бо шиддати камтар аз сар гузаронд. Барои рушди минбаъдаи он нашри маҷмӯаҳои муштараки ҳуҷҷатҳои бойгонӣ бо иштироки муаррихони Тоҷикистон ва Русия ва ворид кардани натиҷаҳои таҳқиқот ба китобҳои дарсии таърихи халқи тоҷик пешниҳод мегардад.

Адабиёт

1. *Раҳмон Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби 1: Аз Ориён то Сомониён. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 160 с.*
2. *Пирумшоев М.Х. К вопросу о последствиях присоединения Средней Азии к России // Вестник Педагогического университета. – 2019. – № 5 (82).*
3. *Виноградов А.Е. Российская империя в Средней Азии: причины и последствия // Вестник Московского городского педагогического университета. Серия: Исторические науки. –*

2024. – № 1 (53). – С. 36–48. – DOI: 10.25688/20-76-9105.2024.53.1.03.
4. *Усмонов Н.Н. Россия и Средняя Азия: к вопросу образу империи (историографический аспект) // Вестник Педагогического университета. – 2019. – № 1 (78). – С. 267–274.*
5. *Терентьев М.А. История завоевания Средней Азии: в 3 т. Т. 1. – СПб.: Типо-литография В.В. Комарова, 1906. – 361 с.*
6. *Макшеев А.И. Исторический обзор Туркестана и наступательного движения в него русских. – СПб.: Военная типография, 1890. – 386 с.*
7. *Логофет Д.Н. Бухарское ханство под русским протекторатом: в 2 т. – СПб.: Березовский, 1911.*
8. *Терентьева Н.В. Англо-русское соперничество и движение России в Среднюю Азию в XIX в. (к историографии вопроса) // Вестник Тамбовского университета. Серия: Гуманитарные науки. – 2009. – № 2 (70). – С. 134–142.*
9. *Брежнева С.Н. Отражение национальной политики Российской империи на среднеазиатских окраинах в трудах русских востоковедов (конец XIX – начало XX в.) // История повседневности. – 2022. – № 3 (23). – С. 103–123.*
10. *Покровский М.Н. Русская история с древнейших времён: в 4 т. Т. 4. – М.: Мир, 1911. – 336 с.*
11. *Алинов А.А., Демин М.А. Причины и характер присоединения Казахстана к Российской империи: историография проблемы // Известия Алтайского государственного университета. – 2021. – № 3 (119). – С. 39–45.*
12. *Гафуров Б.Г. История таджикского народа в кратком изложении. Т. 1. – 3-е изд., испр. и доп. – М.: Госполитиздат, 1955. – 520 с.*
13. *Назаров Ф.А. Освещение завоевательных походов Российской империи в Среднюю Азию в трудах советских исследователей // Историк (Муаррих). – 2021. – № 3 (27). – С. 94–103.*
14. *Мамадалиев И.А., Мирмаматова Р.А. Становление новых исторических концепций и взглядов в историографии // Вестник Педагогического университета. – 2014. – № 4 (59). – С. 111–119.*
15. *Почекаев Р.Ю. Эволюция взглядов на личность и деятельность первого туркестанского генерал-губернатора К.П. фон Кауфмана в отечественной историографии // Кунсткамера. – 2019. – № 2 (4). – С. 164–176.*
16. *Назаров Ф.А. Отражение англо-русского соперничества по вопросу «Памира» в историографии Таджикистана // Вестник Педагогического университета. – 2021. – № 5 (94).*
17. *Назаров Ф.А. Вклад Хайдаршо Пирумшоева в изучение истории завоевания и присоединения Средней Азии к России во второй половине XIX – начале XX вв. // Историк (Муаррих). – 2022. – № 2 (30). – С. 107–115.*
18. *Мамадалиев И.А. Героизм защитников крепости Ходжент глазами русского офицерства (на материалах Оренбургского архива) // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия гуманитарных наук. – 2011. – № 3 (47). – С. 152–163.*
19. *Жанакеева А.Т. Современная историография о присоединении Кыргызстана к России в 50–70-е годы XIX века // The Newman in Foreign Policy. – 2017. – № 38 (82).*
20. *Халфин Н.А. Присоединение Средней Азии к России (60–90-е годы XIX в.). – М.: Наука, 1965. – 468 с.*

ТАҲАВВУЛИ КОНСЕПСИЯҲОИ ҲАМРОҲШАВИИ ОСИЁИ МИЁНА БА ИМПЕРИЯИ РУСИЯ ДАР ТАЪРИХНИГОРӢ: АЗ «РИСОЛАТИ ТАМАДДУНСОЗ» ТО АРЗЁБИҲОИ ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛ

Дар мақола таҳаввули консепсияҳое баррасӣ мешавад, ки бо онҳо забт ва ҳамгироии Осиёи Миёна ба ҳайати Империяи Русия дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX шарҳ дода шудааст. Се марҳилаи таърихнигорӣ ҷудо карда мешавад: таърихнигории пеш аз инқилоб бо ғояи «рисолати тамаддунсоз», таърихнигории шӯравӣ бо гузариш аз консепсияи «бадии мутлақ» ба назарияҳои «бадии камтарин» ва «аҳамияти прогрессивӣ», ва таърихнигории давраи истиқлол. Дар асоси корҳои М.Ҳ. Пирумшоев, И.А. Мамадалиев, Ф.А. Назаров, Н.Н. Усмонов, инчунин муҳаққиқони Русия, Қазоқистон ва Қирғизистон нишон дода мешавад, ки тағйири консепсияҳо бештар аз чаҳорчӯбаи идеологию сиёсии ҳар давра вобаста буд, на аз пайдоиши далелҳои нав. Муаллиф асоснок мекунад, ки таърихнигории Тоҷикистони соҳибистиқлол аз инкори яктарафаи мероси шӯравӣ худдорӣ намуда, модели ҳамгироёнаеро ташаккул дод, ки дар он хусусияти забткоронаи ҳодисаҳо, оқибатҳои гуногунҷабҳаи онҳо ва фаъолияти мустақили давлатҳои маҳаллӣ дар як вақт ба назар гирифта мешаванд. Дар хулоса самтҳои ҳамкории муаррихони Тоҷикистон ва Русия дар нашри манбаъҳо пешниҳод мегарданд.

Калидвожаҳо: таърихнигорӣ, Осиёи Миёна, Империяи Русия, забт, ҳамроҳшавӣ, консепсияи «бадии камтарин», аҳамияти прогрессивӣ, таърихнигории шӯравӣ, давраи истиқлол, Тоҷикистон.

ЭВОЛЮЦИЯ КОНЦЕПЦИЙ ПРИСОЕДИНЕНИЯ СРЕДНЕЙ АЗИИ К РОССИЙСКОЙ ИМПЕРИИ В ИСТОРИОГРАФИИ: ОТ «ЦИВИЛИЗАТОРСКОЙ МИССИИ» К ОЦЕНКАМ ПЕРИОДА НЕЗАВИСИМОСТИ

В статье рассматривается эволюция концепций, которыми объяснялись завоевание и интеграция Средней Азии в состав Российской империи во второй половине XIX – начале XX в. Выделены три этапа историографии: дореволюционная историография с идеей «цивилизаторской миссии», советская историография с переходом от концепции «абсолютного зла» к теориям «наименьшего зла» и «прогрессивного значения», историография периода независимости. На основе трудов М.Х. Пирумшоева, И.А. Мамадалиева, Ф.А. Назарова, Н.Н. Усмонова, а также исследователей России, Казахстана и Кыргызстана показано, что смена концепций в большей мере зависела от идейно-политических рамок каждого периода, чем от появления новых фактов. Обосновано, что историография суверенного Таджикистана, избегая одностороннего отрицания советского наследия, сформировала интегративную модель, в которой одновременно учитываются завоевательный характер событий, их многоплановые последствия и самостоятельная деятельность местных государств. Предложены направления сотрудничества историков Таджикистана и России в публикации источников.

Ключевые слова: историография, Средняя Азия, Российская империя, завоевание, присоединение, концепция «наименьшего зла», прогрессивное значение, советская историография, период независимости, Таджикистан.

THE EVOLUTION OF CONCEPTS OF CENTRAL ASIA'S INCORPORATION INTO THE RUSSIAN EMPIRE IN HISTORIOGRAPHY: FROM THE "CIVILISING MISSION" TO ASSESSMENTS OF THE INDEPENDENCE PERIOD

The article examines the evolution of the concepts used to explain the conquest and integration of Central Asia into the Russian Empire in the second half of the nineteenth and the early twentieth century. Three stages of historiography are distinguished: pre-revolutionary historiography with its idea of a "civilising mission", Soviet historiography with its shift from the concept of "absolute evil" to the theories of the "lesser evil" and "progressive significance", and the historiography of the independence period. Drawing on the works of M.Kh. Pirumshoev, I.A. Mamadaliev, F.A. Nazarov, N.N. Usmonov and scholars from Russia, Kazakhstan and Kyrgyzstan, it shows that changes of concept depended more on the ideological and political framework of each period than on the emergence of new facts. The article argues that the historiography of sovereign Tajikistan, avoiding one-sided rejection of the Soviet legacy, has formed an integrative model that takes into account at once the conquering character of the events, their many-sided consequences and the independent agency of local states. Directions for cooperation between historians of Tajikistan and Russia in publishing sources are proposed.

Keywords: historiography, Central Asia, Russian Empire, conquest, incorporation, "lesser evil" concept, progressive significance, Soviet historiography, independence period, Tajikistan.

Дар бораи муаллиф
Фаттоҳзода Сарфароз
Номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқ
Донишкадаи байналмилалии Хуҷанди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
E-mail: vip.sarfaroz@mail.ru

Об авторе
Фаттохзода Сарфароз
Кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры права
Худжандский международный институт Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана
E-mail: vip.sarfaroz@mail.ru

About the author
Fattohzoda Sarfaroz
Candidate of Philological Sciences, Senior Lecturer at the Department of Law
Khujand International Institute of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan
E-mail: vip.sarfaroz@mail.ru

ҚОИДАҲОИ ТАҲИЯИ МАҚОЛАҲО

Идораи маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» мақолаҳои илмиро дар доираи самтҳои дар мавзуи нашрия мавҷудбуда барои чоп қабул мекунад. Муаллифон ҳангоми таҳия ва пешниҳоди мақолаҳо бояд ба нуктаҳои зерин таваҷҷуҳ дошта бошанд:

1. Мақолаҳо ба идораи маҷалла дар шакли электронӣ ва чопӣ пешниҳод карда мешаванд.
2. Мақола дар вироишгари матни WinWord (формати A4) бо ҳуруфи Times New Roman чоп шуда, бояд ҳошияҳои саҳифаҳо 2 см, ҳаҷми ҳарфҳо 14 ва фосилаи байни сатрҳо 1,0 бошад.
3. Ҳаҷми матлуби мақола якҷо бо аннотатсия ва рӯйхати адабиёт аз 10 то 16 саҳифа мебошад.
4. Дар аввали мақола индекси ТДУ (УДК) дар тарафи чапи саҳифа гузошта мешавад.
5. Маълумот дар бораи муаллиф(он), номи мақола, матни аннотатсия ва калидвожаҳо бо 3 забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешаванд.
6. Насаб, ном ва номи падар (пурра), унвон, дараҷаи илмӣ, вазифа, ҷои кор ва суроғаи он, почтаи электронӣ ва шумораи телефони муаллиф(он) дар сатрҳои алоҳида зери ҳам навишта мешаванд.
7. Аннотатсия бояд 100 - 200 вожаро фаро гирифта, дар он хулосаи муҳтавои мақола ва натиҷаҳои таҳқиқот дарҷ гардад. Истифодаи ибораҳои умумӣ ва ҷузъиёти беаҳаммияти мавзуъ зарурат надорад.
8. Калидвожаҳо аз ҳамдигар бо аломати вергул ҷудо карда шуда, бояд фарогири 5-10 калима ва ибораҳои зарурии мавзуъ бошанд.
9. Дар матни мақола овардани истинод ба манбаи истифодашуда ҳатмӣ мебошад. Истинод ба манбаъ пас аз матни иқтибосшуда бо нишон додани рақами тартибии манбаи иқтибос ва саҳифаи мавриди назари он дар дохили қавсайни чоркунҷа оварда мешавад, масалан: [5, с. 24].
10. Рӯйхати адабиёт пас аз матни мақола ба тартиби алифбо дар шакли феҳристи библиографӣ оварда мешавад. Феҳристи библиографӣ мутобиқи талаботи ГОСТ таҳия карда шуда, дар он нахуст номгӯи адабиёти кириллӣ ва сипас адабиёти хориҷӣ меояд.
11. Дар рӯйхати адабиёт ҳангоми овардани монография, луғатнома, автореферат ва дигар намуди китобҳо овардани ҷой (шаҳр, нашриёт) ва соли нашр, шумораи умумии саҳифаҳо ва барои мақола, фишурда, боб ё фасли китоб ва монанди ин қайд намудани саҳифаҳои онҳо ҳатмист.
12. Рӯйхати адабиёт бояд на кам аз 10 манбаи илмӣ-таҳқиқотӣ, аз ҷумла на кам аз 30% таҳқиқоти илмии дар дохили кишвар ба нашр расидаро фаро гирад. Номгӯи адабиёти мансуб ба муаллиф набояд беш аз 25%-и рӯйхати адабиётро ташкил диҳад.
13. Тавсия дода мешавад, ки аз таҳқиқотҳои доир ба мавзуи мақола қаблан дар нашрияҳои илмии тақризшаванда, хусусан дар маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» нашргардида истифода бурда шавад. Инчунин ба нашри мақолаҳое, ки дар онҳо ба таҳқиқотҳои анҷомёфтаи солҳои охир ва манбаъҳои муътамад истинод сурат гирифтааст, бартарӣ дода мешавад.
14. Маҷалла мақолаҳои илмиеро, ки дорои зиёда аз ду ҳаммуаллиф мебошанд (ба истиснои таҳқиқотҳои таҷрибавӣ), нашр намекунад.
15. Мақолаҳои аспирантон, унвонҷӯён ва докторантон аз рӯи ихтисос (PhD) бо тавсияи роҳбари илмӣ ва мақолаҳои магистрантон дар ҳаммуаллифӣ бо номзади илм ё доктори илм қабул карда мешаванд.
16. Мақолаҳое, ки қаблан дар дигар нашрияҳо ба нашр расидаанд ё барои чоп супорида шудаанд, қабул карда намешаванд. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаи илмиро ихтисор ва ё ислоҳ намояд.
17. Матни маводди пешниҳодшаванда нусхаи ниҳоӣ маҳсуб шуда, бояд таҳриршуда ва беғалат бошад. Масъулияти боэътимодии аснод, рақамҳо ва муҳтавои мақолот бар дӯши муаллиф(он) мебошад.
18. Дар ҳолати риоя нашудани талаботҳои дар боло зикршуда идораи маҷалла ҳақ дорад, ки чунин мақолаҳоро баррасӣ нанамояд.

ПРАВИЛА ОФОРМЛЕНИЯ СТАТЕЙ

Редакция журнала «Вестник Педагогического университета» принимает к печати научные статьи по тематике, соответствующей профилю журнала. При подготовке и представлении статей авторы должны обратить внимание на следующее:

1. Статьи предоставляются в редакцию журнала в электронном и печатном виде.

2. Статья должна быть напечатана в текстовом редакторе WinWord (формат А4) шрифтом Times New Roman, с полями 2 см, кеглем 14 и межстрочным интервалом 1,0.

3. Оптимальный объем статьи вместе с аннотацией и списком литературы составляет от 10 до 16 страниц.

4. В начале статьи слева на странице размещается индекс УДК.

5. Информация об авторе(ах), название статьи, текст аннотации и ключевые слова приводятся на 3 языках - таджикском, русском и английском.

6. Фамилия, имя и отчество (полностью), ученое звание, ученая степень, должность, место работы и его адрес, электронная почта и номер телефона автора(ов) пишутся на отдельных строках.

7. Аннотация должна содержать 100-200 слов, в ней должны быть изложены краткое содержание статьи и результаты исследования. Использование общих фраз и несущественных деталей темы нецелесообразно.

8. Ключевые слова, отделенные друг от друга запятой, должны содержать 5-10 слов и основных фраз темы.

9. В тексте статьи обязательно должны быть ссылки на использованные источники. Ссылка на источник дается после цитируемого текста с указанием порядкового номера источника и страницы в квадратных скобках, например: [5, с. 24].

10. Список литературы приводится после текста статьи в алфавитном порядке в виде библиографического списка. Библиографический список оформляется в соответствии с требованиями ГОСТа, в нем сначала дается литература на кириллице, затем - на латинице.

11. В списке литературы, при описании монографии, словаря, автореферата и других видов книг, необходимо указать место (город, издательство) и год издания, общее количество страниц, а для статьи, тезисов, глав или раздела книги и т.п. - их страницы.

12. Список литературы должен содержать не менее 10 научно-исследовательских источников, из них не менее 30% - научных работ, опубликованных в стране. Библиография автора не должна составлять более 25% списка литературы статьи.

13. Рекомендуется использовать исследования по теме статьи, ранее опубликованные в рецензируемых научных журналах, особенно в журнале «Вестник Педагогического университета». Приоритет отдается статьям, в которых ссылаются на исследования последних лет и авторитетные источники.

14. Журнал не публикует научные статьи, имеющие более двух соавторов (за исключением экспериментальных исследований).

15. Статьи аспирантов, соискателей и докторантов PhD принимаются к публикации по рекомендации научного руководителя, а статьи магистрантов - в соавторстве с кандидатом наук или доктором наук.

16. Статьи, ранее опубликованные в других изданиях или переданные в печать, не принимаются. Редакционная коллегия имеет право сокращать или редактировать научную статью.

17. Текст представленного материала является окончательной версией, должен быть вычитанным и без ошибок. Ответственность за достоверность фактов, цифр и содержания статей несет автор(ы).

18. В случае несоблюдения вышеуказанных требований редакция журнала имеет право не рецензировать такие статьи.

RULES FOR THE DESIGN OF ARTICLES

The editorial board of the journal of «Herald of the Pedagogical University» accepts scientific articles on topics corresponding to the journal's for publication profile. During preparing and submitting articles, authors should pay attention to the following:

1. Articles are submitted to the editorial board of the journal in electronic and printed form.
2. The article should be typed in the text editor WinWord (A4 format) in Times New Roman font, with margins of 2 cm, font size 14 and line spacing 1.0.
3. The optimal volume of the article jointly with the abstract and list of references is from 10 to 16 pages.
4. The UDC index is placed on the left side of the page at the beginning of the article.
5. Information about the author(s), the title of the article, the abstract text and keywords are given in 3 languages - Tajik, Russian and English.
6. The author's(s) surname, first name and patronymic (in full), academic title, academic degree, position, place of work and its address, e-mail and phone number are written on separate lines.
7. The abstract should contain 100-200 words and should outline the content of the article and the results of the research. The use of general phrases and insignificant details of the topic is not advisable.
8. Keywords, separated by commas, should contain 5-10 words and main phrases of the topic.
9. The text of the article must contain references to the used sources. The reference to the source is given after the quoted text with the indication of the serial number of the source and the page in square brackets, for example: [5, p. 24].
10. The list of references is given after the text of the article in alphabetical order in the form of a bibliographic list. The bibliographic list is drawn up in accordance with the requirements of GOST; it first lists literature in Cyrillic, then in Latin.
11. During describing a monograph, dictionary, abstract and other types of books in the list of references, it is necessary to indicate the place (city, publisher) and year of publication, the total number of pages, and for an article, abstract, chapter or section of a book, etc. - their pages.
12. The list of references should contain at least 10 scientific research sources, at least 30% of them should be scientific papers published in the country. The author's bibliography should not exceed 25% of the list of references in the article.
13. It is recommended to use research on the topic of the article, previously published in peer-reviewed scientific journals, especially in the journal «Herald of the Pedagogical University». Priority is given to articles that refer to research from recent years and authoritative sources.
14. Scientific articles with more than two co-authors (except for experimental research) will not be published in the journal.
15. Articles of postgraduate students, applicants and PhD students are accepted for publication on the recommendation of the scientific supervisor, and articles of master's students - in co-authorship with a candidate of sciences or doctor of sciences.
16. Articles previously published in other publications or submitted for publication are not accepted. The editorial board has the right to shorten or edit the scientific article.
17. The text of the submitted material is the final version, it must be proofread and free of errors. The author(s) is responsible for the accuracy of the facts, figures and content of the articles.
18. In case of non-observance of the above requirements, the editorial board of the journal has the right not to review such articles.

ВЕСТНИК
ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА

2026, № 5 (124)

Издательский центр
Таджикского государственного педагогического
университета им. С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Сайт журнала: www.vestnik.tgpu.tj
E-mail: vestnik.tgpu@gmail.com
Тел.: (+992 37) 224-36-91

Формат 60x80/8. Бумага офсетная.
Печать офсетная. Тираж 100 экз. П.л.30.
Подписано в печать 30.10.2026 г. Заказ № 139
Отпечатано в типографии ТГПУ им. С. Айни